Канзи шифо. Муқаддима 1-3 Аз муаллиф Муқаддима Фасли якум.

Дар баёни баъзе ҳолатҳо доир ба ситора ва сайёраҳо ва табиият Фасли дуюм. Дар баёни ғизо, давои зулхосията, аз подзаҳр ва заҳр, давои мусҳил ва мулайин ва қисмҳои ҳар як аз онҳо Фасли сеюм. Дар баёни мураккаб-ул-қуво, зулхосията ва таъсири ҳар яки онҳо АЗ МУАЛЛИФ Дар навиштани «Канзи шифо» асосан аз китобҳои тибби қадими «Тӯҳфат-ул-мӯъминин», «Ихтиёроти ба- деӣ», «Махзан-ул-адвия», «Қарободини кабир», «Муҳи- ти аъзам», «Илоҷ-ул-ғурабо» истифода бурдем. Низ ҳамчун унсурҳои иловагӣ ва мададрасон аз «Кашф-ул- луғот», «Бурҳони қотеъ», «Баҳр-ул-ҷавоҳир», «Ғиёс-ул- луғот», «Суроҳ ва қуроҳ», «Фарҳанги форсӣ ба русӣ», «Қомуси арабӣ-русӣ», «Энциклопедический словарь ле- карственных и ядовитых растений» ва дигар манбаъ- ҳои тиббии қадим ва даврони мо баҳра бардоштем, ки хонандаҳои ин китоб ҳангоми истифода аз равиши матн дармеёбанд, вале як қисмашонро на, бинобар номбар нагаштани унвони онҳо. Аз ҳама душвортарини амалиёт он буд, ки шаш ки- тоби беҳад калонро дар рӯйи миз кушода дошта, аз са- ҳифаҳои онҳо маъно ва мазмун чидан ба ҳеҷ ваҷҳ им- конпазир нест, зеро ҳамаи онҳо ба саҳни корӣ намеғун- ҷид. Барои хайрият аз ҳар яки китобҳои мазкур дар- ҳои алоҳидаро шарҳан ба рӯйи варақ овардему баъд аз ҳар шаши онҳо ҷамъбандӣ намуда, ба услуби тоҷикӣ даровардем. Инак, навиштаҷот дар ҳафтдаҳ соли пурмашаққат ба поён расид. Дар китоб маҳз он давоҳое гирд оварда шуданд, ки дар диёрҳои мо мавҷуданд, мерӯянд, сохта мешаванд, ки мо онҳоро мешиносем, инчунин он дармонҳои хоричӣ дар бозорҳои мо ёфта мешаванд ва дар айни ҳол ҳамаи онҳо дар китобҳои тибби қадимаи номбурда дарҷ гардидаанд, низ ин ҷо ба қайд расиданд. Ҳангоми шарҳ додани баъзе давоҳо низ як миқдор аз мушоҳидаҳои худро, ки хислатҳои онҳо бо карроти таҷриба собит гашта буданд, ба матн илова намудем. Дар моҳияти ин китоб ҳаминро гуфтан кифоя аст, ки дар ин асар давоҳои мундариҷ гардида ба 98 фоизи иллат ва бемориҳои мавҷуда бо муваффақият шифо мебахшанд. 3 МУҚАДДИМА Мо инро аз рӯйи мазмун ба фаслҳо тақсим намуда баён месозем. Фасли якум. Дар баёни баъзе ҳолатҳо доир ба ситора ва сайёраҳо ва табиият Тамоми мавҷудоти сегонаи Замин, ки иборат аз ҷа- мод (ҷисмҳои беҷон), набот (растанӣ) ва ҳайвон ҳас- танд— ҳама аз унсурҳои чоргона, ки оташ, ҳаво, об ва хок мебошанд, бо ҳам таркиб ёфта ва омехта гашта- анд. (Ин унсурҳои чоргонаро аркон ҳам меноманд). Ин ҳама ҳастӣ аз таъсири ситораҳо ва сайёраҳои ҳафтго- на: 1. Зуҳал (Сатурн); 2. Муштарӣ (Юпитер); 3. Мир- рих (Марс); 4. Шамс (Офтоб); 5. Зӯҳра (Венера); 6. Уторид (Меркурий); 7. Қамар (Моҳ) бо мадади сито- рагони собит пайдо шудаанд, инкишоф меёбанд ва ин-

қироз мегиранд. Ҳар яки ин ҷирмҳои фалаки ба ҳамди- гар назорат, яъне муносибатҳои хоси табиӣ доранд. (Ин рӯйхат аз рӯйи ҷойгиршавии онҳо нисбат ба Офтоб набуда, балки мавқеъҳои онҳо аз ҷиҳати таъсирнокӣ ба Замин мебошад). Барои равшан гардонидани моҳияти мавзӯамон каме тавзеҳ медиҳем. «Даври Қамар—аз замони Одам то ин замон — ҳама даври Қамар аст. Даври ҳар як кавкаби сайёра ҳафт ҳазор сол мебошад. Даври Қамар даври охир аз ҷумлаи адвори ҳафт ситорагон. Одам алайҳиссалом дар ибтидои даври Қамар пайдо шудаанд. Аз «Бурҳон» ва «Сироҷ-ул-луғот». Муаллиф гӯяд: чун аз «Оини акбарӣ» дарёфта мешавад, ки то имсол, ки соли 1242 ҳичрии қамарист (тақрибан 1825 милодист), Одам алайҳиссаломро 7170 соли шамсӣ гузашта. Аз ин маълум мешавад, ки билфеъл (ҳоло) даври Қамар нест, балки даври Зуҳал бошад ва аз он то ҳол 170 соли шамсӣ гузаштааст» («Ғиёс-ул-луғот»). Мо ҳоло тартиби шартии кавкабҳои сайёраро, ки дар боло рӯйхаташонро додем, медонем. Ҳар яке аз онҳо дар фазои кайҳон ба худ муайян мақом ва мадо- ри ҳаракат доранд. Ҳар яки онҳо нисбат ба Замин дав- раи муайяни ҳокимӣ доранд, ки ҳар як аз он даврҳо 7000 солро дарбар мекардааст. Инро гузаштагони бос- тони мо муайян кардаанд. Ҳар як аз ин ҷирмҳои фала- 4 кӣ дар даври худ бо хосиятҳои хеш ба мавҷудоти ҷис- монӣ, ҳаёт, ҳодисоти қаъри замини ва ҳаво таъсири худро додаанд ва медиҳанд. Ҳар як сайёра ба худ хос қуввати мизоҷбахш до- рад. Қуввати Зуҳал сард ва хушки бисёр, қуввати Муштарӣ гарм ва тари мӯътадил, қуввати Миррих гарм ва хушки бисёр, қуввати Офтоб гарм ва хушки мӯъ- тадил, қуввати Зӯҳра сард ва тари мӯътадил, қуввати Уторид иборат аз сардӣ ва хушкии бо ҳам омехта, ва- ле хушкиаш зиёдтар аст; инчунин ӯ ба ҳар як сайёра, ки наздик шавад, мизоҷи онро ба худ қабул мекунад; қуввати Моҳ сард ва тар, тариаш мӯътадил аст. Аркон, яъне чор унсурҳои заминӣ ҳар яке ду таби- атро (мизоҷро) дорост монанди Офтоб ва ҳаммартаба- ҳои он, ки онҳо ҳам ду қувват доранд: яке қуввати фоила, ки қуввати таъсирбахшанда ва дигаре қувва- ти мунфаила, ки таъсирро ба худ қабулкунанда мебо- шад. Қуввати фоила (таъсиркунанда) ҳарорат (гармӣ) ва бурудат (сардӣ), вале қуввати мунфаила (таъсирги- ранда) рутубат (тарӣ) ва юбусат (хушкӣ) аст. Се сайёра тобеъ ва ҳамамали се сайёраи дигари бо- лоӣ мебошанд: Зӯҳра ҳамамали Муштарӣ, Уторид ҳам- амали Зуҳал, Моҳ ҳамамали Офтоб ҳастанд. Ва ҳар он чӣ дар назари ҷаҳониён намоён ва воқеъ мегарданд, аз таъсири ҳамон ҷирмҳои осмонӣ ба амал меоянд хоҳ дар қаъри Замин, хоҳ дар рӯйи Замин. Кӯҳҳо, соҳилҳо, уқёнусу баҳрҳо, хоҳ дар қабатҳои ҳаво бошанд, хоҳ хислати сабукӣ, вазнинӣ, риққат (суюқӣ), ғафсӣ, сах- тӣ, софӣ, тирагӣ ва ғайра сохт, намуд, ҳолат дошта бо- шанд, дар натиҷаи омезиши аркон (об, ҳаво, оташ, хок) сурат мегиранд. Ҳамаи ҳодисот ва рӯйдодҳои мағз ва рӯйи Замин ба

ихтиёри инсон вобаста нестанд, балки аз иродаи он брл # рун мебошанд. Масалан, агар борон набораду об на- бошад ва таъсири ҷирмҳои фалакӣ, аз ҷумла асари нурҳои Офтоб набошад, ҳеҷ гиёҳе дар Замин намерӯяд; инчунин таъсири ҷирмҳои осмонӣ амал накунанд, пас- тию баландиҳо, чуқурию таркиш, баҳру бар ва ғайра- ҳо пайдо намегарданд. Истиқрори ҳамаи он ҷирмҳои кайҳонӣ аз қувватҳои ҷозиб-ул-марказ (кашиш ба мар- каз) ва ториқ-ул-марказ (аз марказ гурезиш) устувор мебошад, на аз сабабҳои дигар. Инчунин ҷонварони гу- ногун ва набототи рангбарангро бо ҳамҷинси онҳо ҷуф- тӣ дода, насли навашонро ҳосил гардонидани инсон 5 ҳам бидуни таъсири ҷирмҳои фалакӣ ба зуҳур наме- пайванданд. Аз ҳамин боис калон ва хурд омадани ҳаҷм ва ҷуссаи насли ҷонварону самарҳои наботот низ холӣ аз ин гуна таъсирот нестанд. Аз ин амалиёти таъ- сири боло ва ҳодисоти замини хулосаи мантиқӣ зоҳир мегардад, ки ин ва он намудҳои наботот ва ҷонварони дигар барои қувватҳои ҳафтгона, ки ҷозиба (кашиш), мосика (нигоҳдорандагӣ), ҳозима (ҳазмкунӣ), дофиа (дафъкунанда), ғозия (ғизогирӣ), номия (нашъунамоё- бӣ) ва муваллида (ҷинси худро офаридан) мебошанд, аз саховати ҷирмҳои осмонӣ баҳра мегиранд. Азбаски ин гуна қувватҳо дар ҷисмҳои беҷон бисёр заифанд ва ба қадри кофӣ ба назар намоён намегар- данд, мо онҳоро ҳамчун қувваи мавҷуда намеписандем. Вале дар наботот он ҳафт қувват мавҷуданд ва ба шу- ури мо мерасанд, ки инро қувваи наботия меноманд. Ғизои наботот аз қисмҳои обӣ ва хокӣ иборат буда, он- ро аз замин бо воситаи об ва ҳаво азхуд мегардонанд. Инашро ҳам бигӯем, ки чор дараҷаи ҳазми ғизо дар наботот бисёр заиф аст, бинобар ҳамин ба онҳо аз ин ҷиҳат кам эътибор дода мешавад, вале онҳо низ дорои ин чор марҳалаи ҳазм мебошанд. Инро як андоза таф- силот диҳем, ки ғуддаҳо (гиреҳҳо) дар тана ва решаи дарахтон пайдо шуда зиёдатиҳои (нодаркориҳои) ҳаз- ми якум ва дуввуми ҷисми онҳо мебошанд; шилм ва ширҳои баъзе растаниҳои ширдор, кафке, ки дар бехи баргҳо ва баргҳои баъзе наботот ба ҳам мерасанд — ин чизҳои зиёдатиест, ки аз ҳазми дараҷаи саввуми онҳо ба амал меоянд, чунонки дар бадани ҳайвонот пешоб, саргин ва арақ чизҳои зиёдатӣ мебошанд, зоҳир ме- гарданд. Ин ҳодиса, яъне ба амал омадани чизҳои зиё- датӣ дар наботот монанди моддаҳои зиёдатии бадани инсон аст, ки вақте аз ҳад зиёда гаштани хун бо воси- таи хун қай кардан, дар пешоб хун омадан, бавосир, ҳайз, ҷамра (карбункул), варамҳо, доначаҳои дар пӯст дамида, пучакҳо, қӯтур ва ғайраҳо; хуни мур- дор, сафро, савдо, балғам ҳангоми ҳодис гаштани бе- мориҳои ба ин моддаҳо хос моддаҳои зиёдатӣ, яъне моддаҳои нодаркор дафъ мегарданд. Дар ҳамаи ин рӯй- додҳо дахли ҷирмҳои осмонӣ иштирок дорад. Сахтӣ, сабукӣ, ковокӣ, риққат (нармӣ), ғафсӣ, вазнинӣ ва ҳамчунин хусусиятҳои қисмҳои Замин аз таъсири сай- ёра ва

ситораҳо берун нестанд, хоҳ он чизҳои соҳиби ҳаёт дар об бошанд, хоҳ берун аз об дар хок ва ё дар 6 сангистон рӯянд. Инчунин шакли набототро гирифтани ҳайвонот ва шакли ҳайвонот доштани наботот — хул- лас, тамоми намудҳо ва сохти чизҳои ҷондор аз таъ- сири ҷирмҳои осмонӣ сурат мегиранд. Ҳамаи узвҳои ҳайвонот, ки вазифаи хоси ҳаётии худро иҷро менамоянд, ин қабил узвҳо дар наботот ҳам мавҷуданд, вале дар сохт ва намудҳои дигар офа- риниш ёфтаанд. Тафсилоти онро бинобар ба илми рас- танишиносӣ мансуб буданаш мо ин ҷо зикр намекунем. Инак, дар пайдо шудани ҷисмҳои гуногуни беҷон, наботот ва ҷондор, инчунин дар гуногунии офариниши хислатҳои шифобахш, заҳрнокӣ ва ғайраҳо таъсири мухталифи ҷирмҳои осмонӣ бечунучаро мерасанд ва ранг, хислат, бӯ, хусусиятҳои гуногуни ҷисмонӣ, кай- фият ва мизоҷи хоси онҳоро ба амал меоваранд. Маса- лан, пиёз аз ҷиҳати гармии мизоҷи худ ва тезии таъм ба сайёраи Миррих мансуб аст ва бинобар рутубат доштанаш ба Зӯҳра тааллуқ мебошад. Афюн бинобар сардии мизоҷи худ ба Зуҳал ва дар хушкии мизоҷ ҳам ба Зуҳалу Уторид мансуб аст. Ё он ки як даво дорои чанд кайфият буда, ба якчанд кавкабони сайёра та- аллуқ аст ва ё пӯсташ ба як сайёра, гулаш ба сайёраи дигар ва ғайра, қисмҳои дигараш, мумкин аст, ба ди- гар сайёраҳо мансуб бошанд. 1. Давоҳои мансуб ба Зуҳал мухтасаран: Давоҳои ғайри хокистарранг ё сиёҳи хорнок, аҷзои даҳанро ба- ҳамкашанда (даҳанро бурмакунанда) ва бадбӯ, ки дар ҷоҳои ноҳамвор ва сахтзамини кишварҳои ҷанубӣ би- рӯянд ва он чи дар вақти некии ҳоли Зуҳал, яъне бар- гаштан ва дар мақоми баландӣ будани он пайдо ша- ванд, накухислатанд ва аз он ҷумла барои бемориҳои сипурз нафъ доранд. Он чӣ дар бадии ҳоли ин сайёра, яъне ҳангоми бозгашт аз мақоми баланди худ ва поён фуромаданаш давоҳое, ки пайдо мешаванд, шум ва за- рарнок мегарданд. Аз ҳамин ҳолат ва мавқеъҳои фа- лакии ин сайёра кайфият, хосият ва таъсирнокии гу- ногуни давоҳоро муайян мекунанд. 2. Давоҳои мансуб ба Муштарӣ мухтасаран: Даво- ҳое, ки равғанноки хушбӯй ва некутаъм буда, гулашон сурх ё осмониранг ва баргҳояшон софф (сафкашида) бошанду дар мавзеъҳои баланд ва талу теппаҳо бирӯ- янд, аз ҷумла ба ҷигар фоида доранд, хунро соф ме- гардонанд ва ҷароҳатҳоро ба ҳам меоваранд. 3. Давоҳои мансуб ба Миррих мухтасаран: Даво- 7 ҳое, ки ба сурхӣ моил, шахшӯл, хорнок ва он чи сӯзо- нанда, агар ҷоҳои рӯйидаи онҳо заминҳои хушк бошанд, ба ин сайёра тааллуқ доранд. 4. Давоҳои мансуб ба Офтоб мухтасаран: Ҳар як давои расидаи хушбӯй, лазиз, ширин ва гулу баргҳоя- шон сурх, хусусан дар мавзеъҳои кушода, ки шуои Офтоб ба онҳо бирасад, қувватбахши дил, рӯҳ ва чашм мебошанд. 5. Давоҳои мансуб ба Зӯҳра мухтасаран: Давоҳое, ки таъмашон ширин, бӯяшон форам ва гулу баргҳоя- шон мулоим бошанд, қувватҳои шаҳвонӣ, бемориҳои занонаву

бачадон ва иллатҳои мардонаро, инчунин бе- мориҳои хунукмизоҷ ва тармизоҷи начандон шадидро нафъ доранд; илова бар ин равған, чарбии бадан ва маниро зиёда мегардонанд. 6. Давоҳои мансуб ба Уторид мухтасаран: Давоҳое, ки баргашон ғафс, мулоим ва обдор буда, дар заминҳои пурнам, обдор ва дар миёни об бирӯянд, ба ин сайёра мансуб мебошанд. 7. Давоҳои мансуб ба Моҳ мухтасаран: Ҳар он чӣ дар мизоҷ сард ва тар бошаду дар ҷоҳои обдор ва дар об бирӯяд, мансуб ба Моҳ аст. Маълум бод растаниҳое, ки ҳосилашон дар мағзи хок ба камол расад, варамҳо, обила ва донаҳои дар пӯст пайдошуда, инчунин мӯйрехтаи болои сарро даво мебошанд, монанди: ширеш, сир (чеснок), пиёз; он чӣ решаҳои онҳо сӯрох ва ковокӣ дошта бошанд, ҷароҳат- ҳоро нафъ мебахшанд; он чӣ дар онҳо луобият ва час- пандагӣ мавҷуд бошад, монанди: гулихайрӣ, анзарут, ширеш, сабир (алоэ); агар баргҳояшон сӯрохҳо ва ду- рушгӣ дошта бошанд, хориш, қӯтур, шукуфаи пӯст ва монанди инҳоро нафъ доранд. Акнун рӯйхати як қатор давоҳоро дар мансубият ба сайёраҳои осмони ба таври мушаххас номбар меку- нем. 1. Ба Зуҳал мансубанд инҳо: мурд (мирт), сурб (қӯрғошим), самари арча, гази калони кӯҳӣ, олу, зирк, сунбул, балут, балила, банг, хурмои ҳиндӣ, чинор, ғӯ- раи ангур, туршак (щавель), ҳино, сагкучула, сафедор, ҷувории сафед, ревоч (чукрӣ), дӯлона, равғани зайтун, пиёзаки сафеди саломалек, биҳӣ, татум, савсан, рай- ҳон, шоҳбалут (кастона), шавкарон, газ, наск, мозу, мармиҷон, сагангур, санҷид, занбӯруғ, панҷангушт, олуболу, гелос, карафс, най (қамиш), кабӯтар, сарв, 8 сано, пахта, ток, кашниз, печак, ришибузӣ, зуф, лиму, мош, бомус (овёс), ҳалила ва инчунин ҳар чӣ мизоҷи сард ва хушк дошта бошад, мансуб ба Зуҳал аст. 2. Ба Муштарӣ инҳо мансубанд: мурд, зарпечак, юнучқаи зардак (говришқа), бобуна, бӯймодарони ду- рушгбарг, харбуза, баласон, шакари янтоқ, себ, хурмо, тут, анҷир, чормағз, ҳулба, гандум, ғӯраи сарв, нахӯд, ҳандалак, решаи ревоч, ревоч (чукрӣ), сагпистон, кун- чид, савсан, шоҳитара, сабзии саҳроӣ, шалғам, шилм, ангур, сагангур, ғор (лавр), писта, рӯян, матинҷ, пахта, қанд, пардаарӯсак, пиёзи гандано, кишмиш, печак, говзабон, лӯбиё, мухаллас, садбарги сафед, гулисурх, морчӯба (спаржа), ёсамин. 3. Ба Миррих инҳо мансубанд: пойизоғ, офтобпараст, ишлон, зарпечак, юнучқаи зардак (говришқа), болдир- ғон, бодён, анзарут, пиёз, биш, сир (чеснок), ҷадвор, ҷавзи бавво, испанд, индов, ҳилтит, ҳанзал (тарбузи абӯҷаҳл), хардал (горчица), бедгул, арпабодиён, заъ- фарон, занҷабил, сарахс (мужской папоротник), пиёза- ки сафеди саломалек, ҷамилак, лоласурхак, сиёҳдона, кокутӣ, оқирқирҳо, пиёзи ансул, авсаҷ, ғор (лавр), турб, мурч, қаламфур, рӯян, пудина, қаранфули гардан, дил, ишқор, бӯймодарони маҳинбарг, ҷигар, пиёзи ган- дано, зира, райҳони гӯши муш, чойкаҳак. 4. Ба Офтоб инҳо

мансубанд: газна, парпӣ, савсани кӯҳӣ, бодрангбӯя (лимонная мята ё ки мелисса), бӯйи- модарони дуруштбарг, панҷангушт, тӯдарӣ, ҷавзи бав- во, беданҷир, дорчинӣ, решаи ревоч, заъфарон, заҳра, сагпистон, шибит, сабир (алоэ), зардчӯба, занбӯруғи сафеди танаи дарахт, писта, ҳил, харбузаи сагак, тух- ми маҳсар, шунг, норанҷ, чойкаҳак, ёсамин. 5. Ба Зӯҳра инҳо мансубанд: анҷир, беданҷир, сав- сани сафед, нилуфар, садбарги сафед. 6. Ба Уторид инҳо мансубанд: бобуна, чормағз, ар- ча, елими пӯсти ҳайвонот. 7. Ба Моҳ инҳо мансубанд: исфанох, боқило, пиёз, чилмангӯштак (семизӯт), харбуза, бунафша, себ, туг- мачагул, коҳу, кӯкнор, бед, шафтолу, нилуфар, анор, обсабз, каду, тарра, зардолу, коснӣ ва инчунин ҳар чи- зе, ки хунукмизоҷ бошаду дар об бирӯяд, ба Моҳ ман- суб аст. Мо ин маълумотро аз муқаддимаи «Махзан-ул-ад- вия» овардем. Акнун мушоҳадаҳои худро зикр мекунем. 9 Инро тасаввур кардан душвор нест, ки он ҳафт ҷирмҳои осмони ҳар яке якборӣ ҳафт ҳазор сол даври худро тай карда, дар як доираи навбат 49000 солро дарбар мекарда бошанд, пас ин хусусияти онҳоро, ал- батта, дар якборӣ гузаштани даври онҳо муайян на- кардаанд, балки баъди озмойиш ва мушоҳидаҳои такрор ба такрор ба хулоса омада, муқаррар намудаанд. Ин миқдор мурури вақтҳо даврaҳои геологӣ ва астрономи- ро ташкил медиҳанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки гузаштагони мо бо илми нуҷум аз замонҳои хеле қади- ми барои мо ҳанӯз номаълум машғул будаанд, ҳатто ранг ва мизоҷҳои сайёраҳоро муайян кардаанд. Олим ва мутафаккири барҷастаи рус Александр Леонидович Чижевский ба тадқиқоти таъсири Офтоб аз соли 1915 машғул шуда, доир ба ин соҳа китобчаи «Солнце и мы» (Москва, 1938) ва асари «Земное эхо солнечных бур»-ро чоп кунонидааст. Ӯ ба ҳодисаҳои вулканӣ, офатҳои гуногуни табиӣ, ҳодис гаштани ҳо- латҳои мухталиф дар бадани инсон, дар техника ва ғайра таъсир бахшидани Офтобро бо воситаи афка- нишҳои худ дар ҳолатҳои гуногуни он баён намудааст. Вале мутаассифона мавҷуд будани таъсири сайёраҳои Офтобро ба Замин қайд накардааст. Агар ӯ бо илмҳои қадимаи мо сарукор медошт, аз тадқиқотҳои пурсама- ри олимони намоёни форс-тоҷик илҳом гирифта ва ба онҳо такя намуда, кашфиёти барҷаста ва пурқимати илмии нав ба навро ба майдон меовард. Наомӯхтани андӯхтаҳои қадимаи мо танҳо гуноҳи Чижевский нест, балки нуқсонҳои интеллигентсияи аврупоиасл, ки аз қув- ваҳои империалистонаи давлати худ мағрур гашта, илмҳои мардуми Шарқро сарфи назар карда буданд ва худашон гӯё «илми нави олӣ таъсис дода» роҳи ди- гарро пеш гирифтанд. Ҳатто барои ин тадқиқот ва кашфиёти Чижевский, ки барои олимони аврупоӣ навӣ буд, ӯро хору залил доштанд ва таҳқир карданд. Ҳол он ки кашфиётҳои барҷастатарин оид ба таъсири ҷирмҳои фалакӣ ба Замин, аз қадимтарин замонҳо маълум буданд. Барои да- лели ин фикрамон як

мафҳуми кӯтоҳро аз «Қонунча»-и Абӯалӣ ибни Сино меоварем: «Хоб дар офтоб мамнӯъ ва дар камар нофеъ». (Ин ҷо саҳифаи китобро' зикр намекунем, зеро саҳифаҳо дар дастнависҳои гуногун дар як низом набуда, балки дар саҳифа ва ҳаҷмҳои гуногун қайд гардидааст.) 10 Мо аз таҷрибаҳои худ медонем, ки ҳар кас дар зе- ри шуои Офтоб хоб кунад, баъд аз бедор шудан гиҷ гаштани майнаи худро пай мебарад, вале агар дар моҳтоб бихобад, бедор шуда, худро сабук ҳис мекунад. Маълум мешавад, ки дар офтоб хоб кардан барои са- ломатӣ зарар ва дар моҳтоб хобидан фоида доштааст. Ва ё чанд нафар одами гирифтори ин ё он беморӣ вақ- ти шаб дар зери осмон бихобад, баъди аз уфуқ боло хестани сайёраи Зуҳал то ғуруби он ё ҳангоми дар ос- мон тобон будани сайёраи Муштарӣ ё Миррих ва ғай- раҳо, ҳолати бемор ё ба хубӣ ё ба бадӣ дигаргун меё- бад. Инҳо нишон медиҳанд, ки сайёраҳо ҳам ба мав- ҷудоти Замин таъсир мебахшидаанд. Боз як факти дигар дар аксари газетаҳои ватана- мон, ба ҳолати Офтоб такя карда, ҳар моҳ пешакӣ огоҳ менамоянд, ки фалон рӯзҳо ҳолати фалон гириф- торони бемориҳо вазнин мегардад, барои ин фалон-фа- лон тадбирро ба амал оваранд. Инаш ҳам пинҳон нест ва дар матбуот зикр ёфт, инчунин бо далелҳои қатъӣ собит гашт, ки ба Замини мо сайёраҳои дигари низоми Офтоб наздик оянд, дар Замин боришот бисёр мегардад. Ё ки дутор ё танбӯрнавоз ва ғайра навоҳоро дуру дароз замзама кунад, масалан, вақти саҳар оҳанги то- раш ё садои асбоби дигари мусиқӣ хуштар ва форам- тар ё ин, ки рӯҳафзотар мегардад, Ё ин ҳодиса дар ди- гар соатҳои шабонарӯзӣ рӯй медиҳад. Шунавандагон мегӯянд, ки «асбобаш гап зад». Ин ҳеҷ як чизи ғаро- бат надорад. Фақат ҳамин, ки он машқи ба мардум пи- сандгашта дар соати сайёраи хос, ки ин мақом ба он мансуб аст, замзама карда шуд, яъне он порчаи муси- қӣ дар соати худаш навохта шуд. Инаш ҳам ба мо маълум аст, ки мақомҳои мусиқии лаҳни Борбад ва Шашмақом ҳар яке вақти муайяни навохтан доранд ва агар ин ё он оҳанг дар вақти ху- даш иҷро шавад, комилан таъсирбахш мегардад, ҳам барои роҳат, ҳам барои табобат. Акнун доир ба таъсири ҷирмҳои кайҳонӣ ба Замин. Як чизи оддиро ба мадди назар биёварем. Ҳангоми сар баровардан сари ҷуворимаккаро аз растании сабзаш ҷудо кунему дони аз он ҳосилшударо дар замин бико- рем—намерӯяд. Ин ҷо чӣ ҳодиса рӯй дод? Вақте ки мо онро бесар мегардонем, аз он сар, ки яке аз узв- ҳои насл аст ва барои қабул кардани таъсири ҷирм- 11 ҳои осмонӣ баҳра бурдану ба амал овардани ҳуҷайраи насл хизмат мекард, маҳрум гардонидем ва бо ҳамин сабаб наслаш қатъ гашт. Ин гуна ҳодисаҳо дар инсон ҳам рӯй медиҳад. Масалан, шоири туркнажод Машраб- ро ба хотир биёварем. Ҳангоми дар Кошғар дар дар- гоҳи пешвои дини ислом Офоқхоҷа буданаш, Офоқхо- ҷаи солхӯрда ба яке аз занҳои ҷавони худ рашк карда, ҳамчун ҷазо,

мӯҳри фулузиро ба дарачаи сурхӣ таф- сонида, ба пушти гардани Машраби ҷавон зер кард ва аз ин амал шоири мазкур аз хислати мардии худ маҳ- рум гашта буд. Ё бигирем, баъзе одамҳо хушрӯ набошанд ҳам, ва- ле дилкаш ва дидадаро ҳастанд, онҳоро тоҷикони мо «ситорааш гарм» мегӯянд ё баъзе одамон, ки ҳатто агарчи хушрӯ бошанд ҳам, дилкаш нестанд ва марду- ми мо ин қабил одамонро «ситорааш хунук» мегӯянд. Охир, намуди рӯйи одам ба ситора ва ё ба сайёра ҳеҷ монандӣ надорад, вале барои чӣ писанд ё нописандии онҳоро ба ситора нисбат додаанд? Ҷони гап ҳам дар ҳамин аст, ки таъсири ситора ва сайёраҳоро одамони мо ҳанӯз аз даврaҳои қадим пай бурда буданд. Касо- неро, ки «ситорааш гарм» мехонанд, албатта хислатҳои маҳмуда ва корҳои писандида дар онҳо зиёданд ва шахсонеро, ки «ситорааш хунук» медонанд, ҳамон тавр хислатҳои номарғуб ва кирдорҳои номатлуб аз онҳо бештар зоҳир мегарданд. Аз инаш ҳам огоҳ кунем, ки онони «ситорахунук» ҳам барои худ одамони мувофиқи табъро меёбанд, бо онҳо унс мегиранд ва ғайра. Инак, ҳамаи сайёраҳои номбаршуда ҳар шабонарӯ- зӣ бо навбати худ яксоатӣ бар мавҷудоти Замин ҳоки- мӣ мекунанд. Ин мафҳум дар як қатор китобҳои қа- дима дарҷ гардидааст, ки вақтеро «соати Зуҳал» ва вақти дигарро «соати Муштарӣ» ва ғайра медонанд. Фасли дуюм. Дар баёни ғизо, давои зулхосията, аз подзаҳр ва заҳр, давои мусҳил ва мулайин ва қисмҳои ҳар як аз онҳо Бояд донист, ки ғизо ва даво ҳар яке аз модда ибо- ратанд, кайфият ва сурат низ доранд. Модда ва су- рат — ин ҳар ду ҷавҳар мебошанд, вале кайфият (гар- 12 мӣ, сардӣ, тарӣ, хушкӣ) — ин хусусияти онҳост, ба тав- ри дигар гӯем, сифат аст. Сифати гармӣ ва сардӣ — инҳо кайфияти фоила, яъне таъсиркунанда мебошанд, вале тарӣ ва хушкӣ — ин ҳар ду ҳодисшавандагии мод- да, яъне кайфияти ҷавҳар аст, ки мунфаила, яъне таъ- сирро қабулкунанда мебошанд. Ғизо аз модда ҳосил мешавад ва даво дар аксар ҳолатҳо бо воситаи кай- фият таъсир мекунад; ин таъсир гоҳ бо сурат ва гоҳ бо кайфият — ҳар ду асар мекунад. Хосияти даво, ал- батта, аз сурат (симо) ба вуҷуд меояд, ки инро сурати навъия меноманд — ин чигунагии он аст. Ғалаба ва таъсири даво ё ғизо фақат бо яктои аз он ва ё бо ду- тои онҳо ё ин ки бо ҳар се хосиятҳои бо ҳам мусовӣ дар якборагӣ ё дар ғайримусовӣ фароҳам гашта, таъ- сир мерасонад. Масалан, дар давои мутлақ кайфият қавӣ, ғолиб ва зоид мебошад. Вале ду амри дигар, яъне сурат ва модда дар ин мағлуб ва заиф, ба ибо- раи дигар гӯем, аз ҷиҳати миқдор каманд. Вале дар давои зулхосията сурат қавӣ, ғолиб ва зоид аст. Ана ҳамин тавр нисбат дар ғизои давоӣ ва ғизои зулхо- сията ва ғайраҳо, яъне дар ғизои давоӣ кайфият қавӣ, ғолиб ва зоид аст, аммо дар ғизои зулхосията сурат ва модда дар ин мағлуб ва заифанд ва ғайра. Бинобар мавҷуд будани ҳамин маънӣ, яъне ҳамин таносуб ҳам- чунин чизи содиршуда намудҳои онҳоро

ғизои давоӣ, давои ғизоӣ, давои подзаҳрӣ, давои саммӣ (заҳрнок) ва монанди инҳо мемонанд. Зулхосията (хосиятдор) ё мувофиқ, муқаввӣ (қув- ватбахш), мунаққӣ (поккунанда) ва ҳифзкунанда (ни- гоҳдоранда) -и мизоҷи аслӣ, ҳарорати табиии бадан ва қувватҳои он бошад, тарёқ мемонанд. Агар зулхосия- та акси ин хислатҳоро дошта бошад, яъне мизоҷи аслӣ, ҳарорати табиии бадан ва қувватҳои онро мурдор, вай- рон ва маҳвкунанда бошад, онро самм (заҳр) мено- манд. Пас, ҳар чиро, ки инсон ба дарун истеъмол на- мояд, вай агар фақат бо модда таъсир кунад, онро ғи- зои мутлақ мегӯянд ва агар фақат бо кайфияти худ таъсир бахшад, онро давои мутлақ мемонанд, вале агар бо кайфият ва модда—ҳар ду таъсир расонад, онро давои ғизоӣ, агар танҳо бо сурати худ таъсир на- мояд, онро зулхосият мемонанд. Ин ё мувофиқ, писанд ва дафъкунандаи нохушиҳо аст, ё мухолиф, нописанд ва баамаловарандаи зарарҳо ва вайронкунандаи ни- зоми мӯътадили бадан аст. Ҳар яке аз инҳо чанд қис- 13 мат мешаванд: 1. Аммо он чӣ мувофиқ ва писанди ба- дан аст, пас фақат бо сурат таъсир мекунад, ки онро подзаҳр, яъне аз заҳр наҷотдиҳанда мемонанд. 2. Агар таъсираш бо модда ва сурат, яъне бо ҳар ду бошад, онро ғизои подзаҳрӣ мемонанд. 3. Агар чизи ба дарун истеъмолшуда бо кайфият ва сурат — ҳар ду таъсир бахшад, онро давои подзаҳрӣ мехонанд. 4. Агар бо ҳар се, яъне бо модда, кайфият ва сурат асар зоҳир намо- яд, онро давои ғизоии подзаҳрӣ мемонанд. Агар таъсири он чизи ба бадани инсон дохилшуда бо мухолафат ва зиддият бошад, низ ба чанд навъ қисмат меёбад: 1. Агар фақат бо сурат таъсир кунад, онро самми мутлақ мемонанд. 2. Агар бо кайфият ва сурат — ҳар ду таъсир дошта бошад, ин ҳам мартаба- ҳои худро дорад: а) Агар он чизи ба дарун истеъмол- шаванда дар камоли қувват бошад, онро давон саммӣ мегӯянд ва б) агар дар камоли қувват набошад, он ҳам ба ду қисмат мешавад: ё он қуввати исҳоловарандагӣ дорад, ки ин ба се навъ ҷудо мешавад — ё қавӣ аст ё миёнаҳол ва ё заиф. Аммо қисми қавии он бо су- рат ва кайфият бо ҳам якҷо таъсир мекунад, онро да- вои мусҳили зулхосията мемонанд; аммо қисми миёна- ҳол бо кайфият ва сурат — ҳар ду таъсир мебахшад, инро давои мусҳил мегӯянд; вале навъи заиф аксар ҳол бо кайфият, модда ва сурат — бо ҳар се таъсир мекунад, вале ҳамаи қисмҳои таъсиркунанда заиф ва ноқис, ки мебошанд, хусусан сурати он дар ин ҳолат бошад, инро давои мулайин (сабук ва мулоимкунан- да) мемонанд. Маъно ва тафсилоти гуфтаҳои боло мухтасаран он аст, ки: ғизои мутлақ онро мегӯянд, ки таъсир ва таъ- сирнокии он дар бадан фақат бо модда мебошад, на бо кайфият ва сурат, ба ин тариқ, ки чун дар бадан во- рид шуда, дар он бо воситаи кайфияти худ таъсир на- мояд, вале бадан аз он дар худ дигаргуние наёбад, аз мизоҷи аслии худ нагардад, балки бар он чизи ворид- шуда дастболо гашта, қобилияти онро ба феъл

овараду онро аз сурати ғизоӣ ба сурати хилтӣ табдил диҳад ва ба узви бадан ҳамроҳ гардонад ва он чиз ақтори (ҷи- ҳатҳои) сегонаи баданро, яъне ба бар, ба қад ва ба ғафсӣ биафзояд ва фоидабахш гардонад, онро ғизои мутлақ меноманд. Масалан инҳо: обгӯштҳои сабуки форам (шӯрбои гӯштдори бо нахӯд, лӯбиё, наск ва ғай- ра пухташуда), тухми мурғи нимпухта, гандум ва ди- 14 гар тухмии зироатҳо, ки кайфияти ҳосилшуда аз онҳо хилти бефоида буда ва ба кайфияти аслии бадан ва аъзо ғолиб намебошанд, — балки бадан онҳоро ба осонӣ азхуд менамояд. Давои мутлақ он аст, ки дар вақти ворид шудан фақат бо кайфияти худ таъсир мерасонад ва моддаи он ғизо ва қобилияти ҷузъи бадан шудан надорад. Ҳангоми ба дарун истеъмол карда шуданаш, ҳарорати табиии (модарзодии) бадан ба он таъсир кунад, аз он хислаташ дигаргун намегардад, балки сониян он дар бадан амал намуда, бо кайфияти худ гарми, сардӣ, тарӣ ва хушкиаш баданро дигаргун месозад ба танҳоӣ ё дар ҳолати мураккаб будани худ. Як қисм аз даво- ҳои мутлақ инҳоанд: мурч, занҷабил, нилуфар, кофур, арпабодиён ва монанди инҳо. Ғизои давоӣ он аст, ки дар бадан бо модда ва кай- фияти худ — бо ҳар ду таъсир мекунад ва бо ҳамон та- лабаи модда, ки баъди таъсир бахшидан аз он ягон хилт ҳосил менамояд ва он хилт ҷузъи бадан шуда та- вонад. Дар он андак кайфият ва мизоҷе мебошад, ки он ҳар ду ба кайфият ва мизоҷи аслии бадан ғолиб меояд ва бо кайфияти худ дар бадан қисми обиятро тағйир медиҳад, монанди коҳу, оби ҷав, ангур, боди- ринг, каду, тарбуз, чилмангӯштак (семизут), исфанох, бобуна, шибит, шалғам, сабзи, лаблабу, карам, мош, наск, нахӯд, лӯбиё ва ғайраҳо. Давои ғизоӣ он аст, ки баъд аз истеъмол кардан дар бадан бо кайфият ва модда—ҳар ду таъсир ме- кунад, вале бо кайфият зиёдтар асар менамояд; қисми обияти баданро дигаргун месозад, баъд аз он бадан ба он ғолиб омада, онро азхуд мекунад ва аз он хилти бисёр кам ҳосил мегардад, ки он хилти баамаломада қобилияти ғизо шудан ва ҷавҳари бадан гаштан дорад, инчунин мувофиқи хислати худ кайфияти баданро ғо- либ менамояд, монанди гандано, наъно, барги коснӣ, сагангур, сир (чеснок), пиёз, тут, олу ва аксари мева- ҳо, тухмиҳо, монанди тухми бодиринг, тухми харбуза, тухми тарбуз ва ғайра. Маълум бод, ки давоҳо ва ғизоҳо феълҳои умумӣ доранд, монанди: тасхин (гарм кардан), тафриқи ҳорр (гармиро ҷудо кардан), табрид (хунук кардан), такси- фи борид (ғафскунандаи хунукӣ), талйин ва саялони ратб (мулоим ва равон кардани чизи тар), тайбис (хушк кардан). Хар яке аз ин давоҳо сифатҳои хосе 15 доранд ки монанди феълҳои умумии онҳо мебошанд, масалан: тафтеҳ (кушодани гиреҳҳо), тасдид (банд кардани маҷроҳо), радд (манъ кардан аз равиш), таҳ- лил (ҳал кардан, гардонидани варамҳо) ва монанди инҳо. Ҳар давоҳо хислати махсусро соҳибанд, ки ҳаждаҳ қисмро дарбар мегиранд: ба

ин тариқ, ки ғизо гоҳ дар ҷигар хуб ҳазм меёбад —инро солеҳ-ул-каймус мено- манд ва гоҳ ҳазмаш дар ин узв бад мебошад, ки ин навъашро фосид-ул-каймус мехонанд. Ғизои солеҳ-ул- каймус он аст, ки аз он хуни софи табиӣ пайдо меша- вад ва дар он ахлоти дигар омехта намебошад, вале ба қадри ҳоҷат омехта гардад, низ равост. Ғизои фо- сид-ул-каймус он аст, ки аз он хуни ғайри соф пайдо мешавад, яъне дар он ахлоти дигар ҳам омехта мебо- шанд— ин бар хилофи ғизои солеҳ-ул-каймус аст. Ҳар як аз ин ду намуди ғизо ба се тақсим мешавад: ғизои сараи хушҳазм, бадҳазм ва мӯътадили байни ин ҳар ду. Боз се қисми дигар дорад: касир-ул-ғизо, яъне ғи- зоияташ зиёд; қалил-ул-ғизо, яъне ғизоияташ кам ва мӯътадили байни ин ҳар ду. Касир-ул-ғизо он аст, ки баъд аз хӯрдан аз он хуни бисёр пайдо мешавад, ва- ле қалил-ул-ғизо он аст, ки аз он хун камтар ҳосил ме- гардад, аммо миёнаҳоли байни ин ҳар ду бошад, аз он миқдори хун ба андозаи мӯътадил ба амал меояд. Инак, ғизоҳо аз ҳаждаҳ қисм иборат аст, се зарби шаш (3Х6) ва ба ибораи дигар он аст, ки ғизо ё ла- тифи сабук аст, монанди исфанох, ё ғализ аст монан- ди панир ва ё мӯътадил, монанди обгӯшти бузғола. Ҳар воҳиди аз он ҳар се ё сара аст, монанди обгӯшти чӯҷаи мурғ, тухми мурғ, моҳии реза ё мӯътадил аст, монанди обгӯшти бузғола, нахӯд, нони нав пухташу- да, ва ё носара аст, монанди хардал (горчица), сир (чеснок) ва пиёз. Ҳар яки аз инҳо ё касир-ул-ғизо аст, монанди зардаи тухми мурғи нимпухта (нимбирён), ё дар ғизоят мӯътадил, монанди нахӯдшӯрбо бо асал, ё қалил-ул-ғизо, монанди дигар давоҳо чунончи дар ин ҷадвал қайд мегарданд: 1а. Хуби солеҳ-ул-каймуси касир-ул-ғизо, монанди зардаи тухми нимбирён ё бирён кардашуда, гӯшти кабк, шароб. 1б. Вазнини солеҳ-ул-каймуси касир-ул-ғизо, мо- нанди зардаи тухми мурғи дар равған бирён карда- шуда. 1б 1в. Мӯътадили солеҳ-ул-каймуси касир-ул-ғизо, мо- нанди гӯшти барраи яксола. 2а. Сабуки солеҳ-ул-каймуси калил-ул-ғизо, монан- ди анор ва себ. 2б. Сахти солеҳ-ул-каймуси қалил-ул-ғизо, монан- ди панири нави ғайри кӯҳна. 2в. Мӯътадили солеҳ-ул-каймуси қалил-ул-ғизо, мо- нанди шалғам. 3а. Сабуки солеҳ-ул-каймуси ғизоияташ миёнасол, монанди нони гандуми покиза. 3б. Сахти солеҳ-ул-каймуси дар ғизоият миёнаҳол, монанди гӯшти бачаи гов. 3в. Мӯътадили солеҳ-ул-каймуси дар ғизоият миё- наҳол, монанди гӯшти шутурбача. 4а. Сабуки дар ҷигар бадҳазм, яъне фосид-ул-кай- муси касир-ул-ғизо, монанди шуши ҳайвон. 4б. Вазнини дар ҷигар бадҳазм, яъне радди-ул-каймуси касир-ул-ғизо, монанди гӯшти гов. 4 в. Мӯътадили дар ҷигар бадҳазм, яъне радди-ул- каймуси касир-ул-ғизо, монанди карами имрӯза, яъне каллакарам. 5а. Сабуки дар ҷигар бадҳазм, яъне фосид-ул-кай- муси қалил-ул-ғизо, монанди турб, пиёз ва ҳар чӣ тез ва тунд бошад. 5б. Сахти дар ҷигар бадҳазм, яъне радди-ул-кай- муси қалил-ул-ғизо, монанди гӯшти хушк.

5в. Мӯътадили дар ҷигар бадҳазм, яъне радди-ул- каймуси қалил-ул-ғизо, монанди зардак (сабзӣ). 6а. Сахти дар ҷигар бадҳазм, яъне радди-ул-кай- муси ҳамчун ғизо миёнаҳол, монанди нони фатири пуш- таш носара. 6б. Сахти дар ҷигар бадҳазм, яъне радди-ул-кай- муси мӯътадил-ул-ғизо, монанди каллакарам. 6в. Мӯътадили дар ҷигар бадҳазм, яъне радди-ул-каймуси мӯътадил-ул-ғизо, монанди моҳии хушк кар- дашуда. Подзаҳр ва тарёқ он аст, ки таъсираш дар бадан, ҳарорати ғаризӣ (табиӣ), қувватҳо ва арвоҳ (рӯҳҳо) ба тариқи мувофақат, муҳофазат аст ва моддаи онҳо ба ҳадде бошад, ки дар амали дафъ ва дур кардани газанд ва азияти заҳри ғизобахш ёрӣ ва муқобалат на- мояд, ки инро батафсил зикр мекунем. Он, ки афюн- ро низ тарёқ меноманд, ба таври маҷоз аст ва дар ин амр вай ба тарёқи ҳақиқӣ шарик мебошад. 17 Ғизои зулхосията он аст, ки бо модда ва сурат — ҳар ду таъсир мекунад, монанди равғани гӯсфанд, гов, шир, мағзи чормағз ва монанди инҳо, ки бо вуҷуди ғи- зо шудан ва фараҳ бахшидан боз заҳрнокшавиро дафъ менамоянд. Давои зулхосията он аст, ки бо кайфият ва сурат — бо ҳар ду таъсир мекунад, монанди подзаҳри ҳайвонӣ, ҷадвор, самғи дарахти ғор (боҳиштон), ки бо вуҷуди тарёқият доштан заҳр ва азияти онро аз бадан дафъ карданашон боз дар мизоҷи аслии бадан ҳарорате пай- до менамояд. Ғизои давоии зулхосията он аст, ки бо модда, кай- фият ва сурат —бо ҳар се таъсир менамояд, монанди себ ва май, ки бо вуҷуди ғизо шудан ва андак кайфия- те бар бадан бахшидан, боз фараҳ ва сурур ҳам ме- оваранд. Самми (заҳри) мутлақ он аст, ки он дар бадан зид- ди таъсири подзаҳрро эҳдос менамояд, ба зудӣ ва мӯҳ- лат надода, узвҳои баданро фаро мегирад ва амалиёт- ҳои табиатро муаттал (манъ) мекунад, ҳарорати ғари- зӣ (модарзодӣ), арвоҳ ва қуввaҳоро фосид ва нобуд месозад, инчунин барои барқарор гаштани онҳо фурсат намедиҳад, монанди биш, хӯрдани заҳраи афъӣ ва мор- ҳои пурқувват, инчунин газидани онҳо, ки дарҳол ме- кушад. Давои саммӣ (заҳрнок) он аст, ки бо кайфият ва сурати навъия — ҳар ду таъсир мекунад ва баъди таъ- сир заҳролуд сохта, ба кайфияти аслии бадан ғолиб меояд, монанди банги сиёҳ. Ғизои саммӣ он аст, ки бо модда ва сурат — ҳар ду таъсир мекунад ва баъди таъсир кардан ва ғизо шудан бо хислати заҳри номбурда заҳролуд мегардонад, Ин навъ ғизо дар табиат камтар—кам ёфт мешавад. Ғизои давон саммӣ он аст, ки бо модда, кайфият ва сурат — ҳар се таъсир мекунад ва баъди таъсир кар- дан бо вуҷуди ғизо шудан ва кайфияти афзуни заҳро- луд мегардонад, монанди гӯштҳои афъӣ, дигар гӯшт-ҳои заҳрнок ва гиёҳҳои заҳрнок. Давон мусҳили зулхосията он аст, ки бо кайфият ва сурат — ҳар ду таъсир мекунад ва баробари ин дар он қуввати зиёда ва шиддати таъсири исҳоловаранда вуҷуд дорад, ки барои шикастани ин қуввати номарғуб ба ташвия ва ғайраҳо мӯҳтоҷ мебошад. Баъди ислоҳ

ёфтанаш дар бадан ворид гашта, дар фазоҳо ва сатҳ- 18 ҳои рагҳои ҷоҳои дур ва чуқури узвҳо таъсир, нуфуз ва сироят менамояду ба хилтҳо ва рутубатҳои рақиқи бадан даромехта, аксари онҳоро бо воситаи бухор гар- донидан, рақиқ сохтан, гудохтан ва аз ҷо баркандан ва ғайраҳо дафъ мекунад, баъзеро ба таҳлил мебарад, монанди сақмуниё, ки бо кайфияти ҳарорат пайдо кар- дан ва сурати навъияи худ сафро ва балғамро дафъ менамояд. Ҳамчунинанд дигар давоҳои пуркуввати ис- ҳоловар: мозариюн, данд, харбақ ва ғайра. Давои мусҳил (исҳоловар) он аст, ки таъсираш ба давои мусҳили зулхосията монанд нест, балки дар ама- лиёт аз он заифтар аст ва ба ислоҳи бисёр ҳам мӯҳ- тоҷ намебошад, монанди сано, турбуд, навъҳои гуно- гуни ҳалилаҳо ва монанди инҳо, ки ҳангоми саноро бо гулисурх якҷо истеъмол кардан, турбуд ва ҳалилаҳо- ро бо равғани бодоми ширин чарб намудан кифоя аст, ки ислоҳ ёбанд. Давои мулайин (нармкунанда) он аст, ки таъси- раш аз давои мусҳил ҳам заифтар мебошад ва ба ах- лот (хилтҳо), инчунин ба рутубати дар меъда, рӯда- ҳо ва атрофи онҳо мавҷудбуда дарафтода, онҳоро аз он ҷоҳо дафъ мегардонад. Вале дар давои мулайин, монанди давои мусҳил чандон қуввате мавҷуд намебо- шад, монанди фулуси хиёри шанбар, шакари янтоқ, шакари сурх, хурмои ҳиндӣ, олуи сиёҳ ва монанди ин- ҳо; аммо ин гуна давоҳо аз қуввати поккунандагӣ холӣ нестанд. Аз ин давоҳо ҳам баъзеашон барои ислоҳ кар- дан мӯҳтоҷ мебошанд, масалан: фулуси хиёри шанбар, ки бояд бо равғани бодоми ширин ё равғани гулисурх чарб карда шавад барои дафъ кардани дарафтандагӣ ва часпандагии он ба сатҳи даруни рӯдаҳо, то ки онро нахарошад, захм пайдо накунад ва дарунрав нагардо- над. Вале баъзе аз онҳо ба ин гуна ислоҳ мӯҳтоҷ нес- танд, монанди шакари янтоқ, олуи сиёҳ ва дигарҳо. Бояд донист, ки ҳар як фарде аз инсон дар вақти ҳоҷат ва зоҳир гаштани беморӣ ба одамони баланд ва доно муроҷаат, яъне ба табибони ҳозиқ ва пухта ра- ванд ва аз рӯйи фармудаи онҳо ба парҳез, истеъмоли даво ва ғизо майл намоянд, пеши худ табобат карда, худро ба ҳалокат нарасонанд. Ба табибон низ лозим аст, ки ба он беморони муроҷиаткунанда камоли ҳусни хулқ, муҳаббат ва шафқатро бедареғ харҷ намоянд, онҳоро ба ҷойи соҳибҳуқуқ, бародарон, хоҳарон, фар- зандон ва иёли худ донанд, аммо аз онҳо барои муола- 19 ҷа кардани худ пул, молу мулк тамаъ нанамоянд ва барои амали худ миннат накунанд, балки ба худ мин- нат доранд, яъне аз расидани фоидаи худ хушҳол бо- шанд, ки он беморон боиси ба камол расидан воситаи мавзӯъ ва санъати худи табиб гаштаанд. Низ бояд, ки дар вақти муолаҷаи бемори маъюс-ул-илоҷ дар тахтаи машқи табибон ва таҷрибакорон кушта нагарданд. Ва ҳар як табиб ва таҷрибакор худро дар ин амал бадном нагардонад ва ба хатари нохостӣ роҳ надиҳанд. Хул- лас, барои табобати бемор таваҷҷӯҳ варзидан хоҳанд, муддати кам ё беш мудаво

намоянд, агар дардманд рӯ ба саломат наоварад, бояд ки бо камоли шафқат ва меҳрубонӣ аз ӯ узр хоҳанд ва бо зории бисёр бигӯ- янд, ки ба табиби дигар муроҷаат кунад, шояд он ба илоҷи ин беморӣ қодир бошад. Низ бояд, ки аз илм ва амали худ мағрур нагарданд ва ҳамеша хоҳандаи ба- рор ва илоҷи бемори пешомада бошанд, инчунин ҳеҷ вақт аз барори муолаҷа умедро накананд. Дар ҳар ҳолат худро аз дигар табибон боло напиндоранд, бал- ки камина бишуморанд, низ дигар табибонро аз худ паст надонанд ва сарзанишу таҳқир накунанд, ҳар до- им аз аҳволу кирдорҳои онҳо бохабар истанд, яъне дар амалияи донистани фоида ва зарари даво ва ғизоҳо, илоҷи бемориҳо, инчунин илоҷи бемориҳо ҳамаи онҳоро мададгор ва ёвари худ донанд ва бинанд. Ин ҳама беҳ- тарин одоби шахсияти табиб мебошанд. Фасли сеюм. Дар баёни мураккаб-ул-қуво, зулхосията ва таъсири ҳар яки онҳо Маълум бод, ки қувватҳои давоҳо аз се мартаба иборатанд: Мартабаи якум ҳолати маҳсус шудани да- воҳо мебошад, ки бинобар ба ҳам мушобаҳат доштани таъсири онҳо аз таркиби унсурҳои чоргона (об, оташ, бод ва хок) ва ба якдигар омезиш ёфтани онҳо иборат аст. Инро мизоҷи якум меноманд. Мартабаи дуввум феъли махсусшавии дигари ашёи соҳибмизоҷи дуюм- индараҷа, яъне дарк ёфтани мизоҷи дуввум ҳангоми ба ҳам вохӯрдани чизҳои мизоҷи дуввуминдараҷа дош- та, ки аз омезиши мизоҷи мартабаи якум ба амал ме- ояд. Он чӣ ашёи дорои мизоҷи дуюминдараҷа аз чанд 20 чизҳое, ки ҳар якеро кайфият ва мизоҷи хос буда, ба таври гуногун таъсир кунад, онҳо мураккаб мебошанд, монанди гарм кардани баъзе ва хунук кардани баъзеи дигар. Аз муттаҳид шудани таъсири кайфиятҳои ав- вал кайфияти дуввумин ҳосил мегардад ва таъсири он ба асарҳои чизҳои пешина монанд нест, монанди рад (манъ кардан), қабз (банд кардан) ва масалан, аз ин ҷумла: тасхин (гарм кардан) ва табрид (хунук кар-, дан). Ва ҳар чӣ мизоҷи дуввумини табиӣ дошта бо- шад, мураккаб-ул-қуво меноманд. Он чиз, ки дорои мизоҷи сунъӣ бошад, агар мизоҷи дуввум ба қисмҳои танҳои ӯ мувофақат кунад, он чизи мураккабро мута- вофиқат-ул-қувват (қувватҳои бо ҳам мос) мегӯянд. Агар мухолифи инҳо бошад, масалан, ҳам гарм кунад, ҳам хунук гардонад, онро мутазоддат-ул-қувват (қув- вати зиддиятнокдошта) мегӯянд. Ҳар як даворо агар ба он ҳеҷ як монеа набошад, дар ҷойи муносибаш ис- теъмол менамоянд. Мартабаи саввум аз ҳамон марта- баҳои якум ва дуввум таркиб меёбад, ки бо воситаи феълҳои сурати навъия зоҳир мешавад, монанди ҳа- ҷар-ул-яҳуд (санги яҳудӣ) дар амали реза кардани сангҳои гурда ва хичак (пешобдон), ки ин таъсир аз кайфияти мизоҷи ин даво сурат мегирад, ки он ахлот- ро пора-пора мегардонад. Ва хусусияти таъсири давои устухудус ба майна бошад, аз гармии хоси мизоҷи он ба амал меояд, ки ахлоти дар майна бударо бо сурати навъияти худ рақиқ (суюқ) мегардонад.

Инчунин тар- ёқ ҳам заҳрро бо ҳамин таъсир аз бадан дафъ меку- над бо мизоҷи дуввумин ва бо воситаи сурати навъияи худ ин амал ба судур мерасад. Маълум бод, бинобар қавл ва тариқи Абӯалӣ ибни Сино, ки ӯ пешвои ҳакимон аст ва дигарон ба он, ки пойдории суратҳои унсурия аз мураккабот иборат ме- бошанд, қоиланд, ки мартабаҳои қувватҳо чор намуд дорад. Онҳо равшан гардониданд, ки мизоҷи аввали аз кайфиятҳои ба унсурҳо ва аз он, ки бо ҳам сойида ме- шаванд, ҳосил мегардад. Таъсири аввалии онҳо марта- баи якум аз мартабаҳо мебошад, ҳамчунин таъсири мизоҷи дуввумин низ дигар аст, монанди шир, ки аз обият, равған ва панир таркиб ёфтааст. Яъне шир аз мартабаҳо бо мартабаи дигари худ таъсир мекунад ва ба ин қиёс карда мешавад, сурати навъии таркибиро асараш аз таъсирҳои зикрёфта дигархела мебошад. Таъсири қисмҳои чизҳои мураккабро, ки феъл надош- 21 та бошанд, мартабае аз мартабаҳо ҳисоб намекарда- анд. Инро ҳам бояд гӯем, ки баъзе чизҳои мураккаб су- рати навъия надоранд, монанди хоки бо об омехташу- да ва кафке, ки мураккаб аст аз обу ҳаво, инчунин бу- хоре, ки аз обу оташ ҷамъ омадааст. Вале ҳар он чи сурати навъия дошта бошад, ё маҳкам-ут-таркиб (тар- кибаш мустаҳкам) аст ё ғайри он. Мураккаб-ул-қуво давоест, ки ҷавҳари он аз чанд чиз таркиб ёфтааст, ки ҳар як қисми он ҳангоми бо дигарон таркиб ёфтан ба мизоҷи хос соҳиб мегардад. Агар давоҳое, ки дар сурати унсурҳои чоргона таркиб ёфта бошанду пурра омезиши ягона наёфта бошанд ва баъд аз дар бадан ворид шудан аз ҳамдигар ҷудо гашта, яклухт таъсир бахшида наметавонанд ва хар яке ба таври танҳоӣ таъсир менамоянд, ки ҳар яке аз онҳо ба як мизоҷ ва як сурат соҳиб мебошанд ва онҳо замони дуру дароз сурати навъияи худро нигоҳ медо- ранд— инҳоро том-ут-таркиб меноманд. Агар баъд аз ворид шудан дар бадан қисмҳои онҳо аз ҳамдигар чу- до гашта, ҳар яке ба таври ҷудогона таъсир ва кай- фият зоҳир намояд, онҳоро давоҳои ноқис-ут-таркиб мегӯянд. Зеро ҳар яки онҳо ба якдигар зид ва гуногун буда, мувофиқи хислати худ баъзе ба зудӣ, баъзе ба дерӣ таъсир мебахшанд, монанди ҳаҷар-ул-яҳуд, ҷад- вор, чӯби чинӣ, гулисурх, гулоб ва аксари давоҳои под- заҳрияву тарёқия, инчунин ҳамаи давоҳои боҳафзо, мисли сабзии саҳроӣ, ҷавзи бавво, баҳманҳо, занҷабил ва монанди инҳо. Дар ин гуна давоҳои растанигӣ ак- сар рутубати фузлия ба рутубати аслияи он ғолиб ме- бошад. Бояд дар ин ҷо равшантар баён намоем, ки рутуба- ти фузлия аз рутубати аслия дигар буда, ин иборат аз он, ки дар қисмҳои тамоми он чиз омезиш наёфта ва дар андак замоне баъзе қисми он ба таҳлил мераваду ҷирми онро тарқида месозад, ки баъзе бо воситаи бад- бӯ шудан дар худ кирм пайдо карда, ҷирмашро мехӯ- рад ва рафта-рафта тамоми онро нобуд мегардонад. Ё ки давои зулхосията. Дар ин ҷо аввал маънои ка- лимаи хосиятро

бифаҳмонем, ки хосият бо табдилёбии феълҳо якҷоя таъсирҳои дуввумини давоҳоро мено- манд. Инак, кайфияти аввалии давоҳо аз гармӣ, сардӣ, тарӣ ва хушкӣ иборат буда, аз инҳо латофат (нозуки), суръати таъсир, кушодани гиреҳҳо, рақиқ гардонидан, 22 гудохтан, таҳлил додан ва монанди инҳо зоҳир мегар- данд: инчунин таъсирҳои сеюминдараҷаро низ ҳамчу- нин меноманд, монанди реза-реза кардани сангҳои гур- да ва хичак, кушодани гиреҳҳо, қувват бахшидан ба рӯҳҳо, ба бадан, инчунин дафъ кардани заҳрнокшавӣ. Агар ин даво ба мизоҷи бадан, рӯҳҳо ва ҳаёти одами мувофақат кунад, подзаҳр ё тарёқ меноманд. Вале агар ба онҳо зид ва муносабат надошта бошад, онро заҳр меноманд, зеро аз он мухолифи феълҳои қувват- ҳо, арвоҳ ва мизоҷи бадан зоҳир мегардад. Бо ифодаи дигар гӯем, зулхосията он аст, ки таъсираш на бо кай- фият, балки бо сурат мебошад. Аз ин ҷиҳат ин суратро сурати навъия меноманд, ки аз он ба навъҳои гуногун аз якдигар ҷудо гаштаанд ва ҳар яке ба худаш хос таъсир мебахшад. Хуллас, таъсири давои соддаи бо- кайфият нисбатан ҷузъист, вале таъсири давои мурак- каб-ул-қуво аз он зиёда буда соҳиби ҷиҳатҳои бисёр аст. Таъсири подзаҳр ва тарёқ. Пас, бояд донист, ки таъсири подзаҳр бинобар мураккаб-ул-қуво будани он пойдор аст ва ҳам аз ҷиҳати муносабат ва ба сӯйи худ кашидани он заҳрро мебошад, инчунин заҳр ҳам дар навбати худ ба сӯйи подзаҳр майл мекунад, агар ҳар дуи инҳо бо ҳам вохӯранд. Дар ин амал подзаҳр ба- робари муҳофизат кардани арвоҳ, мизоҷ ва қувватҳои бадан, боз маҷроҳои баданро мекушояд, босуръат ну- фуз мекунад ва ба ҷоҳои чуқури бадан фурӯ мераваду заҳрро ба худ мекашад. Ҳангоми он навъ —навъҳо, та- рӣ, қувватҳо ва арвоҳи бадан ҳама бо ҳам алоқадор, инчунин муттаҳиданд ва иттиҳоди ягона ва табиати парваришдиҳандаи бадан, инчунин нафси ҳайвонии зуд ҳаракаткунандаю нигоҳдоранда—ҳама муттаҳид бо- шанд, инак, дар бадан ворид гаштани даво таъсири он ба тамоми бадан мерасад. Чунончи, ҳангоми сустӣ ва гуруснагии шадид баробари дар бадан дохил шу- дани давои қувватбахш ва ғизои сара (хусусан агар сабук бошад), ҳамон замон бадан қувват мегирад. Ам- мо таъсири ғизо баробари дар меъда ворид гаштан ба ду сабаб молик мегардад: 1. Он ки қисмҳои латифи (нозуки) он бо воситаи рутубати аввала, ҳарорат, қув- ватҳо, рӯҳҳо ва пайвасташавии онҳо бо ҳам дафъатан ба тамоми бадан мерасаду боиси афзойиш ёфтани қув- ватҳо ва рӯҳҳо мегардад. 2. Он ки табиати парвариш- диҳанда ва ҳомии бадан он чи аз ғизои омада захира 23 нигоҳ доштааст, дар вақти тамом харҷ шудани он ан- дак-андак дар бадан сарф менамояд. Таъсири подзаҳр ва тарёқҳо ҳам дар сурат ҳамин тариқ аст. Аммо тарёқи аз морҳои афъӣ тайёр кардашуда хислатҳои дигар ҳам дорад. Он чӣ дар он гӯштҳои морҳои афъӣ ҳаст, шояд ба ғайр аз он хислати ном- баршуда хосияти дигар низ дошта бошад, ки он

гӯшти мори афъӣ заҳрҳоро ба худ мекашад. Бинобар ҳамин ҳакимон таъкид намудаанд, ки ҳангоми гирифтани мо- ри афъӣ ва дар вақти буридани сару думи он бояд, ки азият ба он нарасад, захмин ва лоғар нашавад. Онро дар давраи баркамол будани қувваташ ба ғазаб ова- ранд, то он, ки тамоми заҳри баданаш ба сар ва ду- ми он ояд. Ана ҳамон лаҳза ҳар чӣ зудтар сару думи онро якҷо оварда, бо як зарби табар ё дигар олат қатъ намоянд, яъне бибурранд, ки сару думи он дафъатан ҷудо гарданд ва заҳр мутлақан дар баданаш боқӣ на- монад. Инак, гӯшти он кашандаи заҳрҳо ба худ ме- гардад монанди он, ки агар давоҳоро дар об ҷӯшо- нанд, ҳангоми ҷӯш хӯрдан қисми шифобахши худро ба об медиҳанд ва агар дар гармии он он обро аз он да- вои дар он ҷӯшонидашуда ҷудо карда нагиранд ва ҷирми он дар об монаду он об хунук шавад, он ҷирм қисми даворо аз нав аз об ба худ .мекашад. Низ ба- рои зиёд гаштани таъсир, қувватбахшӣ ва мадад ба амалҳои номбурда ҳамаи тарёқҳо (хусусан тарёқи морҳои афъӣ)-ро дар хамр (шароб) меандозанд, то он, ки бо суръати тамом ба ҷоҳои дур ва чуқури бадан нуфуз намуда ва фурӯ рафта, заҳрро ба худ бикашад ва аз бадан дафъ гардонад. Ҳамин тариқ баъди онро тановул кардан аввал бадан гарм мегардад ва баъди он арақи часпаки бадбӯ дафъ мешавад. Дар аксари ҳолат аз ин пешоб ва саргин ҳам ҳамон тавр бадбӯ мегарданд. Бинобар ҳамин бе ҳоҷат истеъмол кардани ҳамаи подзаҳр, тарёқҳо ва давоҳои дигари пурзӯрро манъ намудаанд, зеро зарар меоварад. Аммо агар ба онҳо ҳоҷат афтад, истеъмоли онҳоро аз меъёри муай- ян зиёд нагардонанд. Инчунин таъсири заҳр бо воситаи асари дар боло зикрёфта бо зиддият ва болодастии худ ба табиат ва пурра фарогир гаштани бадан, вайрон ва нобуд кар- дани ҳарорати ғаризия (модарзодӣ), қувватҳо, рӯҳҳо ба рутубатҳо мебошад. Заҳр, ки маҷроҳои бадан ва фазоҳои онро қабз мекунад ва ҳамаи воситаҳои ҳаёти- 24 ро ба чанг мегираду хомӯш мегардонад, дар ин вақт ранги башара ва ҷоҳои дигари бадан зард ва рафта- рафта кабуду сиёҳ тофта, ҳарорати бадан ба сардӣ табдил меёбад. Муаллифи китоби «Ихвон-ус-сафо» (яъне «Дӯстони поктинат») навиштааст, ки заҳрҳо ду навъанд: гарм-мизоҷ ва сардмизоҷ. Таъсири заҳрҳои гарммизоҷ дар бадан бо воситаи гудохта нобуд кардани рутубатҳо ме- бошад. Давидани онҳо монанди давидани заъфарон дар об аст, ки дар як лаҳза тамоми онро рангин ме-гардонад ва дигаргун месозад. Аммо заҳрҳои сардми- зоҷ бо воситаи шах кардан ва баста гардонидани хун, рутубатҳо ва рӯҳҳои нозуки аъзо, ки устувории ҳаёт ба онҳо вобаста аст, дар бадан таъсир менамоянд. Ҳа- ракати онҳо монанди панирмоя ва мояи ҷурғот аст, ки дар шир мезананд ва онро дар андак замон баста ва ғафс мегардонад. Аммо феъл ва таъсири давоҳои мус-бӣ ва тарёқҳо баръакси он мебошад, яъне модда, ар- воҳ, қувват ва рутубатҳои бадан дар ҳоли табоҳ бо- шанд, қисм бар қисм пойдории онҳоро

барқарор ме- гардонад, инчунин бемориҳоро низ аз ҳар ҷойи бадан дафъ мекунанд. Ба мундариҷа
Фасли дуюм. Дар баёни ғизо, давои зулхосията, аз подзаҳр ва заҳр, давои мусҳил ва мулайин ва қисмҳои ҳар як аз онҳо Бояд донист, ки ғизо ва даво ҳар яке аз модда ибо- ратанд, кайфият ва сурат низ доранд. Модда ва су- рат — ин ҳар ду ҷавҳар мебошанд, вале кайфият (гар- 12 мӣ, сардӣ, тарӣ, хушкӣ) — ин хусусияти онҳост, ба тав- ри дигар гӯем, сифат аст. Сифати гармӣ ва сардӣ — инҳо кайфияти фоила, яъне таъсиркунанда мебошанд, вале тарӣ ва хушкӣ — ин ҳар ду ҳодисшавандагии мод- да, яъне кайфияти ҷавҳар аст, ки мунфаила, яъне таъ- сирро қабулкунанда мебошанд. Ғизо аз модда ҳосил мешавад ва даво дар аксар ҳолатҳо бо воситаи кай- фият таъсир мекунад; ин таъсир гоҳ бо сурат ва гоҳ бо кайфият — ҳар ду асар мекунад. Хосияти даво, ал- батта, аз сурат (симо) ба вуҷуд меояд, ки инро сурати навъия меноманд — ин чигунагии он аст. Ғалаба ва таъсири даво ё ғизо фақат бо яктои аз он ва ё бо ду- тои онҳо ё ин ки бо ҳар се хосиятҳои бо ҳам мусовӣ дар якборагӣ ё дар ғайримусовӣ фароҳам гашта, таъ- сир мерасонад. Масалан, дар давои мутлақ кайфият қавӣ, ғолиб ва зоид мебошад. Вале ду амри дигар, яъне сурат ва модда дар ин мағлуб ва заиф, ба ибо- раи дигар гӯем, аз ҷиҳати миқдор каманд. Вале дар давои зулхосията сурат қавӣ, ғолиб ва зоид аст. Ана ҳамин тавр нисбат дар ғизои давоӣ ва ғизои зулхо- сията ва ғайраҳо, яъне дар ғизои давоӣ кайфият қавӣ, ғолиб ва зоид аст, аммо дар ғизои зулхосията сурат ва модда дар ин мағлуб ва заифанд ва ғайра. Бинобар мавҷуд будани ҳамин маънӣ, яъне ҳамин таносуб ҳам- чунин чизи содиршуда намудҳои онҳоро ғизои давоӣ, давои ғизоӣ, давои подзаҳрӣ, давои саммӣ (заҳрнок) ва монанди инҳо меноманд. Зулхосията (хосиятдор) ё мувофиқ, муқаввӣ (қув- ватбахш), мунаққӣ (поккунанда) ва ҳифзкунанда (ни- гоҳдоранда) -и мизоҷи аслӣ, ҳарорати табиии бадан ва қувватҳои он бошад, тарёқ меноманд. Агар зулхосия- та акси ин хислатҳоро дошта бошад, яъне мизоҷи аслӣ, ҳарорати табиии бадан ва қувватҳои онро мурдор, вай- рон ва маҳвкунанда бошад, онро самм (заҳр) мено- манд. Пас, ҳар чиро, ки инсон ба дарун истеъмол на- мояд, вай агар фақат бо модда таъсир кунад, онро ғи- зои мутлақ мегӯянд ва агар фақат бо кайфияти худ таъсир бахшад, онро давои мутлақ меноманд, вале агар бо кайфият ва модда—ҳар ду таъсир расонад, онро давои ғизоӣ, агар танҳо бо сурати худ таъсир на- мояд, онро зулхосият меноманд. Ин ё мувофиқ, писанд ва дафъкунандаи нохушиҳо аст, ё мухолиф, нописанд ва баамаловарандаи зарарҳо ва вайронкунандаи ни- зоми мӯътадили бадан аст. Ҳар яке аз инҳо чанд қис- 13 мат мешаванд: 1. Аммо он чӣ мувофиқ ва писанди ба- дан аст, пас фақат бо сурат таъсир мекунад, ки онро подзаҳр, яъне аз заҳр наҷотдиҳанда меноманд. 2. Агар таъсираш бо модда ва сурат,

яъне бо ҳар ду бошад, онро ғизои подзаҳрӣ меноманд. 3. Агар чизи ба дарун истеъмолшуда бо кайфият ва сурат — ҳар ду таъсир бахшад, онро давои подзаҳрӣ мехонанд. 4. Агар бо ҳар се, яъне бо модда, кайфият ва сурат асар зоҳир намо- яд, онро давои ғизоии подзаҳрӣ меноманд. Агар таъсири он чизи ба бадани инсон дохилшуда бо мухолафат ва зиддият бошад, низ ба чанд навъ қисмат меёбад: 1. Агар фақат бо сурат таъсир кунад, онро самми мутлақ меноманд. 2. Агар бо кайфият ва сурат — ҳар ду таъсир дошта бошад, ин ҳам мартаба- ҳои худро дорад: а) Агар он чизи ба дарун истеъмол- шаванда дар камоли қувват бошад, онро давон саммӣ мегӯянд ва б) агар дар камоли қувват набошад, он ҳам ба ду қисмат мешавад: ё он қуввати исҳоловарандагӣ дорад, ки ин ба се навъ ҷудо мешавад — ё қавӣ аст ё миёнаҳол ва ё заиф. Аммо қисми қавии он бо су- рат ва кайфият бо ҳам якҷо таъсир мекунад, онро да- вои мусҳили зулхосията меноманд; аммо қисми миёна- ҳол бо кайфият ва сурат — ҳар ду таъсир мебахшад, инро давои мусҳил мегӯянд; вале навъи заиф аксар ҳол бо кайфият, модда ва сурат — бо ҳар се таъсир мекунад, вале ҳамаи қисмҳои таъсиркунанда заиф ва ноқис, ки мебошанд, хусусан сурати он дар ин ҳолат бошад, инро давои мулайин (сабук ва мулоимкунан- да) меноманд. Маъно ва тафсилоти гуфтаҳои боло мухтасаран он аст, ки: ғизои мутлақ онро мегӯянд, ки таъсир ва таъ- сирнокии он дар бадан фақат бо модда мебошад, на бо кайфият ва сурат, ба ин тариқ, ки чун дар бадан во- рид шуда, дар он бо воситаи кайфияти худ таъсир на- мояд, вале бадан аз он дар худ дигаргуние наёбад, аз мизоҷи аслии худ нагардад, балки бар он чизи ворид- шуда дастболо гашта, қобилияти онро ба феъл овараду онро аз сурати ғизоӣ ба сурати хилтӣ табдил диҳад ва ба узви бадан ҳамроҳ гардонад ва он чиз ақтори (ҷи- ҳатҳои) сегонаи баданро, яъне ба бар, ба қад ва ба ғафсӣ биафзояд ва фоидабахш гардонад, онро ғизои мутлақ меноманд. Масалан инҳо: обгӯштҳои сабуки форам (шӯрбои гӯштдори бо нахӯд, лӯбиё, наск ва ғай- ра пухташуда), тухми мурғи нимпухта, гандум ва ди- 14 гар тухмии зироатҳо, ки кайфияти ҳосилшуда аз онҳо хилти бефоида буда ва ба кайфияти аслии бадан ва аъзо ғолиб намебошанд, — балки бадан онҳоро ба осонӣ азхуд менамояд. Давои мутлақ он аст, ки дар вақти ворид шудан фақат бо кайфияти худ таъсир мерасонад ва моддаи он ғизо ва қобилияти ҷузъи бадан шудан надорад. Ҳангоми ба дарун истеъмол карда шуданаш, ҳарорати табиии (модарзодии) бадан ба он таъсир кунад, аз он хислаташ дигаргун намегардад, балки сониян он дар бадан амал намуда, бо кайфияти худ гарми, сардӣ, тарӣ ва хушкиаш баданро дигаргун месозад ба танҳоӣ ё дар ҳолати мураккаб будани худ. Як қисм аз даво- ҳои мутлақ инҳоанд: мурч, занҷабил, нилуфар, кофур, арпабодиён ва монанди инҳо. Ғизои давоӣ он аст, ки дар бадан бо модда ва кай- фияти худ — бо ҳар ду

таъсир мекунад ва бо ҳамон та- лабаи модда, ки баъди таъсир бахшидан аз он ягон хилт ҳосил менамояд ва он хилт ҷузъи бадан шуда та- вонад. Дар он андак кайфият ва мизоҷе мебошад, ки он ҳар ду ба кайфият ва мизоҷи аслии бадан ғолиб меояд ва бо кайфияти худ дар бадан қисми обиятро тағйир медиҳад, монанди коҳу, оби ҷав, ангур, боди- ринг, каду, тарбуз, чилмангӯштак (семизут), исфанох, бобуна, шибит, шалғам, сабзи, лаблабу, карам, мош, наск, нахӯд, лӯбиё ва ғайраҳо. Давои ғизоӣ он аст, ки баъд аз истеъмол кардан дар бадан бо кайфият ва модда—ҳар ду таъсир ме- кунад, вале бо кайфият зиёдтар асар менамояд; қисми обияти баданро дигаргун месозад, баъд аз он бадан ба он ғолиб омада, онро азхуд мекунад ва аз он хилти бисёр кам ҳосил мегардад, ки он хилти баамаломада қобилияти ғизо шудан ва ҷавҳари бадан гаштан дорад, инчунин мувофиқи хислати худ кайфияти баданро ғо- либ менамояд, монанди гандано, наъно, барги коснӣ, сагангур, сир (чеснок), пиёз, тут, олу ва аксари мева- ҳо, тухмиҳо, монанди тухми бодиринг, тухми харбуза, тухми тарбуз ва ғайра. Маълум бод, ки давоҳо ва ғизоҳо феълҳои умумӣ доранд, монанди: тасхин (гарм кардан), тафриқи ҳорр (гармиро ҷудо кардан), табрид (хунук кардан), такси- фи борид (ғафскунандаи хунукӣ), талйин ва саялони ратб (мулоим ва равон кардани чизи тар), тайбис (хушк кардан). Хар яке аз ин давоҳо сифатҳои хосе 15 доранд ки монанди феълҳои умумии онҳо мебошанд, масалан: тафтеҳ (кушодани гиреҳҳо), тасдид (банд кардани маҷроҳо), радд (манъ кардан аз равиш), таҳ- лил (ҳал кардан, гардонидани варамҳо) ва монанди инҳо. Ҳар давоҳо хислати махсусро соҳибанд, ки ҳаждаҳ қисмро дарбар мегиранд: ба ин тариқ, ки ғизо гоҳ дар ҷигар хуб ҳазм меёбад —инро солеҳ-ул-каймус мено- манд ва гоҳ ҳазмаш дар ин узв бад мебошад, ки ин навъашро фосид-ул-каймус мехонанд. Ғизои солеҳ-ул- каймус он аст, ки аз он хуни софи табиӣ пайдо меша- вад ва дар он ахлоти дигар омехта намебошад, вале ба қадри ҳоҷат омехта гардад, низ равост. Ғизои фо- сид-ул-каймус он аст, ки аз он хуни ғайри соф пайдо мешавад, яъне дар он ахлоти дигар ҳам омехта мебо- шанд— ин бар хилофи ғизои солеҳ-ул-каймус аст. Ҳар як аз ин ду намуди ғизо ба се тақсим мешавад: ғизои сараи хушҳазм, бадҳазм ва мӯътадили байни ин ҳар ду. Боз се қисми дигар дорад: касир-ул-ғизо, яъне ғи- зоияташ зиёд; қалил-ул-ғизо, яъне ғизоияташ кам ва мӯътадили байни ин ҳар ду. Касир-ул-ғизо он аст, ки баъд аз хӯрдан аз он хуни бисёр пайдо мешавад, ва- ле қалил-ул-ғизо он аст, ки аз он хун камтар ҳосил ме- гардад, аммо миёнаҳоли байни ин ҳар ду бошад, аз он миқдори хун ба андозаи мӯътадил ба амал меояд. Инак, ғизоҳо аз ҳаждаҳ қисм иборат аст, се зарби шаш (3Х6) ва ба ибораи дигар он аст, ки ғизо ё ла- тифи сабук аст, монанди исфанох, ё ғализ аст монан- ди панир ва ё мӯътадил, монанди обгӯшти бузғола. Ҳар

воҳиди аз он ҳар се ё сара аст, монанди обгӯшти чӯҷаи мурғ, тухми мурғ, моҳии реза ё мӯътадил аст, монанди обгӯшти бузғола, нахӯд, нони нав пухташу- да, ва ё носара аст, монанди хардал (горчица), сир (чеснок) ва пиёз. Ҳар яки аз инҳо ё касир-ул-ғизо аст, монанди зардаи тухми мурғи нимпухта (нимбирён), ё дар ғизоят мӯътадил, монанди нахӯдшӯрбо бо асал, ё қалил-ул-ғизо, монанди дигар давоҳо чунончи дар ин ҷадвал қайд мегарданд: 1а. Хуби солеҳ-ул-каймуси касир-ул-ғизо, монанди зардаи тухми нимбирён ё бирён кардашуда, гӯшти кабк, шароб. 1б. Вазнини солеҳ-ул-каймуси касир-ул-ғизо, мо- нанди зардаи тухми мурғи дар равған бирён карда- шуда. 16 1в. Мӯътадили солеҳ-ул-каймуси касир-ул-ғизо, мо- нанди гӯшти барраи яксола. 2а. Сабуки солеҳ-ул-каймуси калил-ул-ғизо, монан- ди анор ва себ. 2б. Сахти солеҳ-ул-каймуси қалил-ул-ғизо, монан- ди панири нави ғайри кӯҳна. 2в. Мӯътадили солеҳ-ул-каймуси қалил-ул-ғизо, мо- нанди шалғам. 3а. Сабуки солеҳ-ул-каймуси ғизоияташ миёнасол, монанди нони гандуми покиза. 3б. Сахти солеҳ-ул-каймуси дар ғизоият миёнаҳол, монанди гӯшти бачаи гов. 3в. Мӯътадили солеҳ-ул-каймуси дар ғизоият миё- наҳол, монанди гӯшти шутурбача. 4а. Сабуки дар ҷигар бадҳазм, яъне фосид-ул-кай- муси касир-ул-ғизо, монанди шуши ҳайвон. 4б. Вазнини дар ҷигар бадҳазм, яъне радди-ул-каймуси касир-ул-ғизо, монанди гӯшти гов. 4 в. Мӯътадили дар ҷигар бадҳазм, яъне радди-ул- каймуси касир-ул-ғизо, монанди карами имрӯза, яъне каллакарам. 5а. Сабуки дар ҷигар бадҳазм, яъне фосид-ул-кай- муси қалил-ул-ғизо, монанди турб, пиёз ва ҳар чӣ тез ва тунд бошад. 5б. Сахти дар ҷигар бадҳазм, яъне радди-ул-кай- муси қалил-ул-ғизо, монанди гӯшти хушк. 5в. Мӯътадили дар ҷигар бадҳазм, яъне радди-ул- каймуси қалил-ул-ғизо, монанди зардак (сабзӣ). 6а. Сахти дар ҷигар бадҳазм, яъне радди-ул-кай-муси ҳамчун ғизо миёнаҳол, монанди нони фатири пуш- таш носара. 6б. Сахти дар ҷигар бадҳазм, яъне радди-ул-кай- муси мӯътадил-ул-ғизо, монанди каллакарам. 6в. Мӯътадили дар ҷигар бадҳазм, яъне радди-ул-каймуси мӯътадил-ул-ғизо, монанди моҳии хушк кар- дашуда. Подзаҳр ва тарёқ он аст, ки таъсираш дар бадан, ҳарорати ғаризӣ (табиӣ), қувватҳо ва арвоҳ (рӯҳҳо) ба тариқи мувофақат, муҳофазат аст ва моддаи онҳо ба ҳадде бошад, ки дар амали дафъ ва дур кардани газанд ва азияти заҳри ғизобахш ёрӣ ва муқобалат на- мояд, ки инро батафсил зикр мекунем. Он, ки афюн- ро низ тарёқ меноманд, ба таври маҷоз аст ва дар ин амр вай ба тарёқи ҳақиқӣ шарик мебошад. 17 Ғизои зулхосията он аст, ки бо модда ва сурат — ҳар ду таъсир мекунад, монанди равғани гӯсфанд, гов, шир, мағзи чормағз ва монанди инҳо, ки бо вуҷуди ғи- зо шудан ва фараҳ бахшидан боз заҳрнокшавиро дафъ менамоянд. Давои зулхосията он аст, ки бо кайфият ва сурат — бо ҳар ду таъсир мекунад, монанди подзаҳри ҳайвонӣ, ҷадвор, самғи

дарахти ғор (боҳиштон), ки бо вуҷуди тарёқият доштан заҳр ва азияти онро аз бадан дафъ карданашон боз дар мизоҷи аслии бадан ҳарорате пай- до менамояд. Ғизои давоии зулхосията он аст, ки бо модда, кай- фият ва сурат —бо ҳар се таъсир менамояд, монанди себ ва май, ки бо вуҷуди ғизо шудан ва андак кайфия- те бар бадан бахшидан, боз фараҳ ва сурур ҳам ме- оваранд. Самми (заҳри) мутлақ он аст, ки он дар бадан зид- ди таъсири подзаҳрро эҳдос менамояд, ба зудӣ ва мӯҳ- лат надода, узвҳои баданро фаро мегирад ва амалиёт- ҳои табиатро муаттал (манъ) мекунад, ҳарорати ғари- зӣ (модарзодӣ), арвоҳ ва қуввaҳоро фосид ва нобуд месозад, инчунин барои барқарор гаштани онҳо фурсат намедиҳад, монанди биш, хӯрдани заҳраи афъӣ ва мор- ҳои пурқувват, инчунин газидани онҳо, ки дарҳол ме- кушад. Давои саммӣ (заҳрнок) он аст, ки бо кайфият ва сурати навъия — ҳар ду таъсир мекунад ва баъди таъ- сир заҳролуд сохта, ба кайфияти аслии бадан ғолиб меояд, монанди банги сиёҳ. Ғизои саммӣ он аст, ки бо модда ва сурат — ҳар ду таъсир мекунад ва баъди таъсир кардан ва ғизо шудан бо хислати заҳри номбурда заҳролуд мегардонад, Ин навъ ғизо дар табиат камтар—кам ёфт мешавад. Ғизои давон саммӣ он аст, ки бо модда, кайфият ва сурат — ҳар се таъсир мекунад ва баъди таъсир кар- дан бо вуҷуди ғизо шудан ва кайфияти афзуни заҳро- луд мегардонад, монанди гӯштҳои афъӣ, дигар гӯшт- ҳои заҳрнок ва гиёҳҳои заҳрнок. Давон мусҳили зулхосията он аст, ки бо кайфият ва сурат — ҳар ду таъсир мекунад ва баробари ин дар он қуввати зиёда ва шиддати таъсири исҳоловаранда вуҷуд дорад, ки барои шикастани ин қуввати номарғуб ба ташвия ва ғайраҳо мӯҳтоҷ мебошад. Баъди ислоҳ ёфтанаш дар бадан ворид гашта, дар фазоҳо ва сатҳ- 18 ҳои рагҳои ҷоҳои дур ва чуқури узвҳо таъсир, нуфуз ва сироят менамояду ба хилтҳо ва рутубатҳои рақиқи бадан даромехта, аксари онҳоро бо воситаи бухор гар- донидан, рақиқ сохтан, гудохтан ва аз ҷо баркандан ва ғайраҳо дафъ мекунад, баъзеро ба таҳлил мебарад, монанди сақмуниё, ки бо кайфияти ҳарорат пайдо кар- дан ва сурати навъияи худ сафро ва балғамро дафъ менамояд. Ҳамчунинанд дигар давоҳои пурқуввати ис- ҳоловар: мозариюн, данд, харбақ ва ғайра. Давои мусҳил (исҳоловар) он аст, ки таъсираш ба давои мусҳили зулхосията монанд нест, балки дар ама- лиёт аз он заифтар аст ва ба ислоҳи бисёр ҳам мӯҳ- тоҷ намебошад, монанди сано, турбуд, навъҳои гуно- гуни ҳалилаҳо ва монанди инҳо, ки ҳангоми саноро бо гулисурх якҷо истеъмол кардан, турбуд ва ҳалилаҳо- ро бо равғани бодоми ширин чарб намудан кифоя аст, ки ислоҳ ёбанд. Давои мулайин (нармкунанда) он аст, ки таъси- раш аз давои мусҳил ҳам заифтар мебошад ва ба ах- лот (хилтҳо), инчунин ба рутубати дар меъда, рӯда- ҳо ва атрофи онҳо мавҷудбуда дарафтода, онҳоро аз он ҷоҳо дафъ мегардонад. Вале дар давои мулайин, монанди давои мусҳил чандон қуввате

мавҷуд намебо- шад, монанди фулуси хиёри шанбар, шакари янтоқ, шакари сурх, хурмои ҳиндӣ, олуи сиёҳ ва монанди ин- ҳо; аммо ин гуна давоҳо аз қуввати поккунандагӣ холӣ нестанд. Аз ин давоҳо ҳам баъзеашон барои ислоҳ кар- дан мӯҳтоҷ мебошанд, масалан: фулуси хиёри шанбар, ки бояд бо равғани бодоми ширин ё равғани гулисурх чарб карда шавад барои дафъ кардани дарафтандагӣ ва часпандагии он ба сатҳи даруни рӯдаҳо, то ки онро нахарошад, захм пайдо накунад ва дарунрав нагардо- над. Вале баъзе аз онҳо ба ин гуна ислоҳ мӯҳтоҷ нес- танд, монанди шакари янтоқ, олуи сиёҳ ва дигарҳо. Бояд донист, ки ҳар як фарде аз инсон дар вақти ҳоҷат ва зоҳир гаштани беморӣ ба одамони баланд ва доно муроҷаат, яъне ба табибони ҳозиқ ва пухта ра- ванд ва аз рӯйи фармудаи онҳо ба парҳез, истеъмоли даво ва ғизо майл намоянд, пеши худ табобат карда, худро ба ҳалокат нарасонанд. Ба табибон низ лозим аст, ки ба он беморони муроҷиаткунанда камоли ҳусни хулқ, муҳаббат ва шафқатро бедареғ харҷ намоянд, онҳоро ба ҷойи соҳибҳуқуқ, бародарон, хоҳарон, фар- зандон ва иёли худ донанд, аммо аз онҳо барои муола- 19 ҷа кардани худ пул, молу мулк тамаъ нанамоянд ва барои амали худ миннат накунанд, балки ба худ мин- нат доранд, яъне аз расидани фоидаи худ хушҳол бо- шанд, ки он беморон боиси ба камол расидан воситаи мавзӯъ ва санъати худи табиб гаштаанд. Низ бояд, ки дар вақти муолаҷаи бемори маъюс-ул-илоҷ дар тахтаи машқи табибон ва таҷрибакорон кушта нагарданд. Ва ҳар як табиб ва таҷрибакор худро дар ин амал бадном нагардонад ва ба хатари нохостӣ роҳ надиҳанд. Хул- лас, барои табобати бемор таваҷҷӯҳ варзидан хоҳанд, муддати кам ё беш мудаво намоянд, агар дардманд рӯ ба саломат наоварад, бояд ки бо камоли шафқат ва меҳрубонӣ аз ӯ узр хоҳанд ва бо зории бисёр бигӯ- янд, ки ба табиби дигар муроҷаат кунад, шояд он ба илоҷи ин беморӣ қодир бошад. Низ бояд, ки аз илм ва амали худ мағрур нагарданд ва ҳамеша хоҳандаи ба- рор ва илоҷи бемори пешомада бошанд, инчунин ҳеҷ вақт аз барори муолаҷа умедро накананд. Дар ҳар ҳолат худро аз дигар табибон боло напиндоранд, бал- ки камина бишуморанд, низ дигар табибонро аз худ паст надонанд ва сарзанишу таҳқир накунанд, ҳар до- им аз аҳволу кирдорҳои онҳо бохабар истанд, яъне дар амалияи донистани фоида ва зарари даво ва ғизоҳо, илоҷи бемориҳо, инчунин илоҷи бемориҳо ҳамаи онҳоро мададгор ва ёвари худ донанд ва бинанд. Ин ҳама беҳ- тарин одоби шахсияти табиб мебошанд. Фасли сеюм. Дар баёни мураккаб-ул-қуво, зулхосията ва таъсири ҳар яки онҳо Маълум бод, ки қувватҳои давоҳо аз се мартаба иборатанд: Мартабаи якум ҳолати маҳсус шудани да- воҳо мебошад, ки бинобар ба ҳам мушобаҳат доштани таъсири онҳо аз таркиби унсурҳои чоргона (об, оташ, бод ва хок) ва ба якдигар омезиш ёфтани онҳо иборат аст. Инро мизоҷи якум меноманд.

Мартабаи дуввум феъли махсусшавии дигари ашёи соҳибмизоҷи дуюм-индараҷа, яъне дарк ёфтани мизоҷи дуввум ҳангоми ба ҳам вохӯрдани чизҳои мизоҷи дуввуминдараҷа дош- та, ки аз омезиши мизоҷи мартабаи якум ба амал ме- ояд. Он чӣ ашёи дорои мизоҷи дуюминдараҷа аз чанд 20 чизҳое, ки ҳар якеро кайфият ва мизоҷи хос буда, ба таври гуногун таъсир кунад, онҳо мураккаб мебошанд, монанди гарм кардани баъзе ва хунук кардани баъзеи дигар. Аз муттаҳид шудани таъсири кайфиятҳои ав- вал кайфияти дуввумин ҳосил мегардад ва таъсири он ба асарҳои чизҳои пешина монанд нест, монанди рад (манъ кардан), қабз (банд кардан) ва масалан, аз ин ҷумла: тасхин (гарм кардан) ва табрид (хунук кар-, дан). Ва ҳар чӣ мизоҷи дуввумини табиӣ дошта бо- шад, мураккаб-ул-қуво мемонанд. Он чиз, ки дорои мизоҷи сунъӣ бошад, агар мизоҷи дуввум ба қисмҳои танҳои ӯ мувофақат кунад, он чизи мураккабро мута- вофиқат-ул-қувват (қувватҳои бо ҳам мос) мегӯянд. Агар мухолифи инҳо бошад, масалан, ҳам гарм кунад, ҳам хунук гардонад, онро мутазоддат-ул-қувват (қув- вати зиддиятнокдошта) мегӯянд. Ҳар як даворо агар ба он ҳеҷ як монеа набошад, дар ҷойи муносибаш ис- теъмол менамоянд. Мартабаи саввум аз ҳамон марта- баҳои якум ва дуввум таркиб меёбад, ки бо воситаи феълҳои сурати навъия зоҳир мешавад, монанди ҳа- ҷар-ул-яҳуд (санги яҳудӣ) дар амали реза кардани сангҳои гурда ва хичак (пешобдон), ки ин таъсир аз кайфияти мизоҷи ин даво сурат мегирад, ки он ахлот- ро пора-пора мегардонад. Ва хусусияти таъсири давои устухудус ба майна бошад, аз гармии хоси мизоҷи он ба амал меояд, ки ахлоти дар майна бударо бо сурати навъияти худ рақиқ (суюқ) мегардонад. Инчунин тар- ёқ ҳам заҳрро бо ҳамин таъсир аз бадан дафъ меку- над бо мизоҷи дуввумин ва бо воситаи сурати навъияи худ ин амал ба судур мерасад. Маълум бод, бинобар қавл ва тариқи Абӯалӣ ибни Сино, ки ӯ пешвои ҳакимон аст ва дигарон ба он, ки пойдории суратҳои унсурия аз мураккабот иборат ме- бошанд, қоиланд, ки мартабаҳои қувватҳо чор намуд дорад. Онҳо равшан гардониданд, ки мизоҷи аввали аз кайфиятҳои ба унсурҳо ва аз он, ки бо ҳам сойида ме- шаванд, ҳосил мегардад. Таъсири аввалии онҳо марта- баи якум аз мартабаҳо мебошад, ҳамчунин таъсири мизоҷи дуввумин низ дигар аст, монанди шир, ки аз обият, равған ва панир таркиб ёфтааст. Яъне шир аз мартабаҳо бо мартабаи дигари худ таъсир мекунад ва ба ин қиёс карда мешавад, сурати навъии таркибиро асараш аз таъсирҳои зикрёфта дигархела мебошад. Таъсири қисмҳои чизҳои мураккабро, ки феъл надош- 21 та бошанд, мартабае аз мартабаҳо ҳисоб намекарда- анд. Инро ҳам бояд гӯем, ки баъзе чизҳои мураккаб су- рати навъия надоранд, монанди хоки бо об омехташу- да ва кафке, ки мураккаб аст аз обу ҳаво, инчунин бу- хоре, ки аз обу оташ ҷамъ омадааст. Вале ҳар он

чи сурати навъия дошта бошад, ё маҳкам-ут-таркиб (тар- кибаш мустаҳкам) аст ё ғайри он. Мураккаб-ул-қуво давоест, ки ҷавҳари он аз чанд чиз таркиб ёфтааст, ки ҳар як қисми он ҳангоми бо дигарон таркиб ёфтан ба мизоҷи хос соҳиб мегардад. Агар давоҳое, ки дар сурати унсурҳои чоргона таркиб ёфта бошанду пурра омезиши ягона наёфта бошанд ва баъд аз дар бадан ворид шудан аз ҳамдигар ҷудо гашта, яклухт таъсир бахшида наметавонанд ва хар яке ба таври танҳоӣ таъсир менамоянд, ки ҳар яке аз онҳо ба як мизоҷ ва як сурат соҳиб мебошанд ва онҳо замони дуру дароз сурати навъияи худро нигоҳ медо- ранд— инҳоро том-ут-таркиб меноманд. Агар баъд аз ворид шудан дар бадан қисмҳои онҳо аз ҳамдигар чу- до гашта, ҳар яке ба таври ҷудогона таъсир ва кай- фият зоҳир намояд, онҳоро давоҳои ноқис-ут-таркиб мегӯянд. Зеро ҳар яки онҳо ба якдигар зид ва гуногун буда, мувофиқи хислати худ баъзе ба зудӣ, баъзе ба дерӣ таъсир мебахшанд, монанди ҳаҷар-ул-яҳуд, ҷад- вор, чӯби чинӣ, гулисурх, гулоб ва аксари давоҳои под-заҳрияву тарёқия, инчунин ҳамаи давоҳои боҳафзо, мисли сабзии саҳроӣ, ҷавзи бавво, баҳманҳо, занҷабил ва монанди инҳо. Дар ин гуна давоҳои растанигӣ ак- сар рутубати фузлия ба рутубати аслияи он ғолиб ме- бошад. Бояд дар ин ҷо равшантар баён намоем, ки рутуба- ти фузлия аз рутубати аслия дигар буда, ин иборат аз он, ки дар қисмҳои тамоми он чиз омезиш наёфта ва дар андак замоне баъзе қисми он ба таҳлил мераваду ҷирми онро тарқида месозад, ки баъзе бо воситаи бад- бӯ шудан дар худ кирм пайдо карда, ҷирмашро мехӯ- рад ва рафта-рафта тамоми онро нобуд мегардонад. Ё ки давои зулхосията. Дар ин ҷо аввал маънои ка- лимаи хосиятро бифаҳмонем, ки хосият бо табдилёбии феълҳо якҷоя таъсирҳои дуввумини давоҳоро мено- манд. Инак, кайфияти аввалии давоҳо аз гармӣ, сардӣ, тарӣ ва хушкӣ иборат буда, аз инҳо латофат (нозуки), суръати таъсир, кушодани гиреххо, рақиқ гардонидан, 22 гудохтан, таҳлил додан ва монанди инҳо зоҳир мегар- данд: инчунин таъсирҳои сеюминдараҷаро низ ҳамчу- нин меноманд, монанди реза-реза кардани сангҳои гур- да ва хичак, кушодани гиреххо, қувват бахшидан ба рӯххо, ба бадан, инчунин дафъ кардани заҳрнокшавӣ. Агар ин даво ба мизоҷи бадан, рӯххо ва ҳаёти одами мувофақат кунад, подзаҳр ё тарёқ меноманд. Вале агар ба онҳо зид ва муносабат надошта бошад, онро заҳр меноманд, зеро аз он мухолифи феълҳои қувват- ҳо, арвоҳ ва мизоҷи бадан зоҳир мегардад. Бо ифодаи дигар гӯем, зулхосията он аст, ки таъсираш на бо кай- фият, балки бо сурат мебошад. Аз ин ҷиҳат ин суратро сурати навъия меноманд, ки аз он ба навъҳои гуногун аз якдигар ҷудо гаштаанд ва ҳар яке ба худаш хос таъсир мебахшад. Хуллас, таъсири давои соддаи бо- кайфият нисбатан ҷузъист, вале таъсири давои мурак- каб-ул-қуво аз он зиёда буда соҳиби ҷиҳатҳои бисёр аст. Таъсири подзаҳр ва тарёқ. Пас,

бояд донист, ки таъсири подзаҳр бинобар мураккаб-ул-қуво будани он пойдор аст ва ҳам аз ҷиҳати муносабат ва ба сӯйи худ кашидани он заҳрро мебошад, инчунин заҳр ҳам дар навбати худ ба сӯйи подзаҳр майл мекунад, агар ҳар дуи инҳо бо ҳам вохӯранд. Дар ин амал подзаҳр ба- робари муҳофизат кардани арвоҳ, мизоҷ ва қувватҳои бадан, боз маҷроҳои баданро мекушояд, босуръат ну- фуз мекунад ва ба ҷоҳои чуқури бадан фурӯ мераваду заҳрро ба худ мекашад. Ҳангоми он навъ —навъҳо, та- рӣ, қувватҳо ва арвоҳи бадан ҳама бо ҳам алоқадор, инчунин муттаҳиданд ва иттиҳоди ягона ва табиати парваришдиҳандаи бадан, инчунин нафси ҳайвонии зуд ҳаракаткунандаю нигоҳдоранда—ҳама муттаҳид бо- шанд, инак, дар бадан ворид гаштани даво таъсири он ба тамоми бадан мерасад. Чунончи, ҳангоми сустӣ ва гуруснагии шадид баробари дар бадан дохил шу- дани давои қувватбахш ва ғизои сара (хусусан агар сабук бошад), ҳамон замон бадан қувват мегирад. Ам- мо таъсири ғизо баробари дар меъда ворид гаштан ба ду сабаб молик мегардад: 1. Он ки қисмҳои латифи (нозуки) он бо воситаи рутубати аввала, ҳарорат, қув- ватҳо, рӯҳҳо ва пайвасташавии онҳо бо ҳам дафъатан ба тамоми бадан мерасаду боиси афзойиш ёфтани қув- ватҳо ва рӯҳҳо мегардад. 2. Он ки табиати парвариш- диҳанда ва ҳомии бадан он чи аз ғизои омада захира 23 нигоҳ доштааст, дар вақти тамом харҷ шудани он ан- дак-андак дар бадан сарф менамояд. Таъсири подзаҳр ва тарёқҳо ҳам дар сурат ҳамин тариқ аст. Аммо тарёқи аз морҳои афъӣ тайёр кардашуда хислатҳои дигар ҳам дорад. Он чӣ дар он гӯштҳои морҳои афъӣ ҳаст, шояд ба ғайр аз он хислати ном- баршуда хосияти дигар низ дошта бошад, ки он гӯшти мори афъӣ заҳрҳоро ба худ мекашад. Бинобар ҳамин ҳакимон таъкид намудаанд, ки ҳангоми гирифтани мо- ри афъӣ ва дар вақти буридани сару думи он бояд, ки азият ба он нарасад, захмин ва лоғар нашавад. Онро дар давраи баркамол будани қувваташ ба ғазаб ова- ранд, то он, ки тамоми заҳри баданаш ба сар ва ду- ми он ояд. Ана ҳамон лаҳза ҳар чӣ зудтар сару думи онро якҷо оварда, бо як зарби табар ё дигар олат қатъ намоянд, яъне бибурранд, ки сару думи он дафъатан ҷудо гарданд ва заҳр мутлақан дар баданаш боқӣ на- монад. Инак, гӯшти он кашандаи заҳрҳо ба худ ме- гардад монанди он, ки агар давоҳоро дар об ҷӯшо- нанд, ҳангоми ҷӯш хӯрдан қисми шифобахши худро ба об медиҳанд ва агар дар гармии он он обро аз он да- вои дар он ҷӯшонидашуда ҷудо карда нагиранд ва ҷирми он дар об монаду он об хунук шавад, он ҷирм қисми даворо аз нав аз об ба худ .мекашад. Низ ба- рои зиёд гаштани таъсир, қувватбахшӣ ва мадад ба амалҳои номбурда ҳамаи тарёқҳо (хусусан тарёқи морҳои афъӣ)-ро дар хамр (шароб) меандозанд, то он, ки бо суръати тамом ба ҷоҳои дур ва чуқури бадан нуфуз намуда ва фурӯ рафта, заҳрро ба худ бикашад ва аз бадан дафъ гардонад. Ҳамин тариқ баъди

онро тановул кардан аввал бадан гарм мегардад ва баъди он арақи часпаки бадбӯ дафъ мешавад. Дар аксари ҳолат аз ин пешоб ва саргин ҳам ҳамон тавр бадбӯ мегарданд. Бинобар ҳамин бе ҳоҷат истеъмол кардани ҳамаи подзаҳр, тарёқҳо ва давоҳои дигари пурзӯрро манъ намудаанд, зеро зарар меоварад. Аммо агар ба онҳо ҳоҷат афтад, истеъмоли онҳоро аз меъёри муай- ян зиёд нагардонанд. Инчунин таъсири заҳр бо воситаи асари дар боло зикрёфта бо зиддият ва болодастии худ ба табиат ва пурра фарогир гаштани бадан, вайрон ва нобуд кар- дани ҳарорати ғаризия (модарзодӣ), қувватҳо, рӯҳҳо ба рутубатҳо мебошад. Заҳр, ки маҷроҳои бадан ва фазоҳои онро қабз мекунад ва ҳамаи воситаҳои ҳаёти- 24 ро ба чанг мегираду хомӯш мегардонад, дар ин вақт ранги башара ва ҷоҳои дигари бадан зард ва рафта- рафта кабуду сиёҳ тофта, ҳарорати бадан ба сардӣ табдил меёбад. Муаллифи китоби «Ихвон-ус-сафо» (яъне «Дӯстони поктинат») навиштааст, ки заҳрҳо ду навъанд: гарм-мизоҷ ва сардмизоҷ. Таъсири заҳрҳои гарммизоҷ дар бадан бо воситаи гудохта нобуд кардани рутубатҳо ме- бошад. Давидани онҳо монанди давидани заъфарон дар об аст, ки дар як лаҳза тамоми онро рангин ме-гардонад ва дигаргун месозад. Аммо заҳрҳои сардми- зоҷ бо воситаи шах кардан ва баста гардонидани хун, рутубатҳо ва рӯҳҳои нозуки аъзо, ки устувории ҳаёт ба онҳо вобаста аст, дар бадан таъсир менамоянд. Ҳа- ракати онҳо монанди панирмоя ва мояи ҷурғот аст, ки дар шир мезананд ва онро дар андак замон баста ва ғафс мегардонад. Аммо феъл ва таъсири давоҳои мус-бӣ ва тарёқҳо баръакси он мебошад, яъне модда, ар- воҳ, қувват ва рутубатҳои бадан дар ҳоли табоҳ бо- шанд, қисм бар қисм пойдории онҳоро барқарор ме- гардонад, инчунин бемориҳоро низ аз ҳар ҷойи бадан дафъ мекунанд. Ба мундариҷа

Фасли сеюм. Дар баёни мураккаб-ул-қуво, зулхосията ва таъсири ҳар яки онҳо Маълум бод, ки қувватҳои давоҳо аз се мартаба иборатанд: Мартабаи якум ҳолати маҳсус шудани да- воҳо мебошад, ки бинобар ба ҳам мушобаҳат доштани таъсири онҳо аз таркиби унсурҳои чоргона (об, оташ, бод ва хок) ва ба якдигар омезиш ёфтани онҳо иборат аст. Инро мизоҷи якум меноманд. Мартабаи дуввум феъли махсусшавии дигари ашёи соҳибмизоҷи дуюм-индараҷа, яъне дарк ёфтани мизоҷи дуввум ҳангоми ба ҳам вохӯрдани чизҳои мизоҷи дуввуминдараҷа дош- та, ки аз омезиши мизоҷи мартабаи якум ба амал ме- ояд. Он чӣ ашёи дорои мизоҷи дуюминдараҷа аз чанд 20 чизҳое, ки ҳар якеро кайфият ва мизоҷи хос буда, ба таври гуногун таъсир кунад, онҳо мураккаб мебошанд, монанди гарм кардани баъзе ва хунук кардани баъзеи дигар. Аз муттаҳид шудани таъсири кайфиятҳои ав- вал кайфияти дуввумин ҳосил мегардад ва таъсири он ба асарҳои чизҳои пешина монанд нест, монанди рад (манъ кардан), қабз (банд кардан) ва масалан, аз ин ҷумла:

тасхин (гарм кардан) ва табрид (хунук кар-, дан). Ва ҳар чӣ мизоҷи дуввумини табиӣ дошта бо- шад, мураккаб-ул-қуво мемонанд. Он чиз, ки дорои мизоҷи сунъӣ бошад, агар мизоҷи дуввум ба қисмҳои танҳои ӯ мувофақат кунад, он чизи мураккабро мута- вофиқат-ул-қувват (қувватҳои бо ҳам мос) мегӯянд. Агар мухолифи инҳо бошад, масалан, ҳам гарм кунад, ҳам хунук гардонад, онро мутазоддат-ул-қувват (қув- вати зиддиятнокдошта) мегӯянд. Ҳар як даворо агар ба он ҳеҷ як монеа набошад, дар ҷойи муносибаш ис- теъмол менамоянд. Мартабаи саввум аз ҳамон марта- баҳои якум ва дуввум таркиб меёбад, ки бо воситаи феълҳои сурати навъия зоҳир мешавад, монанди ҳа- ҷар-ул-яҳуд (санги яҳудӣ) дар амали реза кардани сангҳои гурда ва хичак (пешобдон), ки ин таъсир аз кайфияти мизоҷи ин даво сурат мегирад, ки он ахлот- ро пора-пора мегардонад. Ва хусусияти таъсири давои устухудус ба майна бошад, аз гармии хоси мизоҷи он ба амал меояд, ки ахлоти дар майна бударо бо сурати навъияти худ рақиқ (суюқ) мегардонад. Инчунин тар- ёқ ҳам заҳрро бо ҳамин таъсир аз бадан дафъ меку- над бо мизоҷи дуввумин ва бо воситаи сурати навъияи худ ин амал ба судур мерасад. Маълум бод, бинобар қавл ва тариқи Абӯалӣ ибни Сино, ки ӯ пешвои ҳакимон аст ва дигарон ба он, ки пойдории суратҳои унсурия аз мураккабот иборат ме- бошанд, қоиланд, ки мартабаҳои қувватҳо чор намуд дорад. Онҳо равшан гардониданд, ки мизоҷи аввали аз кайфиятҳои ба унсурҳо ва аз он, ки бо ҳам сойида ме- шаванд, ҳосил мегардад. Таъсири аввалии онҳо марта- баи якум аз мартабаҳо мебошад, ҳамчунин таъсири мизоҷи дуввумин низ дигар аст, монанди шир, ки аз обият, равған ва панир таркиб ёфтааст. Яъне шир аз мартабаҳо бо мартабаи дигари худ таъсир мекунад ва ба ин қиёс карда мешавад, сурати навъии таркибиро асараш аз таъсирҳои зикрёфта дигархела мебошад. Таъсири қисмҳои чизҳои мураккабро, ки феъл надош- 21 та бошанд, мартабае аз мартабаҳо ҳисоб намекарда- анд. Инро ҳам бояд гӯем, ки баъзе чизҳои мураккаб су- рати навъия надоранд, монанди хоки бо об омехташу- да ва кафке, ки мураккаб аст аз обу ҳаво, инчунин бу- хоре, ки аз обу оташ ҷамъ омадааст. Вале ҳар он чи сурати навъия дошта бошад, ё маҳкам-ут-таркиб (тар- кибаш мустаҳкам) аст ё ғайри он. Мураккаб-ул-қуво давоест, ки ҷавҳари он аз чанд чиз таркиб ёфтааст, ки ҳар як қисми он ҳангоми бо дигарон таркиб ёфтан ба мизоҷи хос соҳиб мегардад. Агар давоҳое, ки дар сурати унсурҳои чоргона таркиб ёфта бошанду пурра омезиши ягона наёфта бошанд ва баъд аз дар бадан ворид шудан аз ҳамдигар ҷудо гашта, яклухт таъсир бахшида наметавонанд ва хар яке ба таври танҳоӣ таъсир менамоянд, ки ҳар яке аз онҳо ба як мизоҷ ва як сурат соҳиб мебошанд ва онҳо замони дуру дароз сурати навъияи худро нигоҳ медо- ранд— инҳоро том-ут-таркиб мемонанд. Агар баъд аз ворид

шудан дар бадан қисмҳои онҳо аз ҳамдигар чу- до гашта, ҳар яке ба таври ҷудогона таъсир ва кай- фият зоҳир намояд, онҳоро давоҳои ноқис-ут-таркиб мегӯянд. Зеро ҳар яки онҳо ба якдигар зид ва гуногун буда, мувофиқи хислати худ баъзе ба зудӣ, баъзе ба дерӣ таъсир мебахшанд, монанди ҳаҷар-ул-яҳуд, ҷад- вор, чӯби чинӣ, гулисурх, гулоб ва аксари давоҳои под-заҳрияву тарёқия, инчунин ҳамаи давоҳои боҳафзо, мисли сабзии саҳроӣ, ҷавзи бавво, баҳманҳо, занҷабил ва монанди инҳо. Дар ин гуна давоҳои растанигӣ ак- сар рутубати фузлия ба рутубати аслияи он ғолиб ме- бошад. Бояд дар ин ҷо равшантар баён намоем, ки рутуба- ти фузлия аз рутубати аслия дигар буда, ин иборат аз он, ки дар қисмҳои тамоми он чиз омезиш наёфта ва дар андак замоне баъзе қисми он ба таҳлил мераваду ҷирми онро тарқида месозад, ки баъзе бо воситаи бад- бӯ шудан дар худ кирм пайдо карда, ҷирмашро мехӯ- рад ва рафта-рафта тамоми онро нобуд мегардонад. Ё ки давои зулхосията. Дар ин ҷо аввал маънои ка- лимаи хосиятро бифаҳмонем, ки хосият бо табдилёбии феълҳо якҷоя таъсирҳои дуввумини давоҳоро мено- манд. Инак, кайфияти аввалии давоҳо аз гармӣ, сардӣ, тарӣ ва хушкӣ иборат буда, аз инҳо латофат (нозуки), суръати таъсир, кушодани гиреҳҳо, рақиқ гардонидан, 22 гудохтан, таҳлил додан ва монанди инҳо зоҳир мегар- данд: инчунин таъсирҳои сеюминдараҷаро низ ҳамчу- нин меноманд, монанди реза-реза кардани сангҳои гур- да ва хичак, кушодани гиреҳҳо, қувват бахшидан ба рӯҳҳо, ба бадан, инчунин дафъ кардани заҳрнокшавӣ. Агар ин даво ба мизоҷи бадан, рӯҳҳо ва ҳаёти одами мувофақат кунад, подзаҳр ё тарёқ меноманд. Вале агар ба онҳо зид ва муносабат надошта бошад, онро заҳр меноманд, зеро аз он мухолифи феълҳои қувват- ҳо, арвоҳ ва мизоҷи бадан зоҳир мегардад. Бо ифодаи дигар гӯем, зулхосията он аст, ки таъсираш на бо кай- фият, балки бо сурат мебошад. Аз ин ҷиҳат ин суратро сурати навъия меноманд, ки аз он ба навъҳои гуногун аз якдигар ҷудо гаштаанд ва ҳар яке ба худаш хос таъсир мебахшад. Хуллас, таъсири давои соддаи бо- кайфият нисбатан ҷузъист, вале таъсири давои мурак- каб-ул-қуво аз он зиёда буда соҳиби ҷиҳатҳои бисёр аст. Таъсири подзаҳр ва тарёқ. Пас, бояд донист, ки таъсири подзаҳр бинобар мураккаб-ул-қуво будани он пойдор аст ва ҳам аз ҷиҳати муносабат ва ба сӯйи худ кашидани он заҳрро мебошад, инчунин заҳр ҳам дар навбати худ ба сӯйи подзаҳр майл мекунад, агар ҳар дуи инҳо бо ҳам вохӯранд. Дар ин амал подзаҳр ба- робари муҳофизат кардани арвоҳ, мизоҷ ва қувватҳои бадан, боз маҷроҳои баданро мекушояд, босуръат ну- фуз мекунад ва ба ҷоҳои чуқури бадан фурӯ мераваду заҳрро ба худ мекашад. Ҳангоми он навъ —навъҳо, та- рӣ, қувватҳо ва арвоҳи бадан ҳама бо ҳам алоқадор, инчунин муттаҳиданд ва иттиҳоди ягона ва табиати парваришдиҳандаи бадан, инчунин нафси ҳайвонии зуд

ҳаракаткунандаю нигоҳдоранда—ҳама муттаҳид бо- шанд, инак, дар бадан ворид гаштани даво таъсири он ба тамоми бадан мерасад. Чунончи, ҳангоми сустӣ ва гуруснагии шадид баробари дар бадан дохил шу- дани давои қувватбахш ва ғизои сара (хусусан агар сабук бошад), ҳамон замон бадан қувват мегирад. Ам- мо таъсири ғизо баробари дар меъда ворид гаштан ба ду сабаб молик мегардад: 1. Он ки қисмҳои латифи (нозуки) он бо воситаи рутубати аввала, ҳарорат, қув- ватҳо, рӯҳҳо ва пайвасташавии онҳо бо ҳам дафъатан ба тамоми бадан мерасаду боиси афзойиш ёфтани қув- ватҳо ва рӯҳҳо мегардад. 2. Он ки табиати парвариш- диҳанда ва ҳомии бадан он чи аз ғизои омада захира 23 нигоҳ доштааст, дар вақти тамом харҷ шудани он ан- дак-андак дар бадан сарф менамояд. Таъсири подзаҳр ва тарёқҳо ҳам дар сурат ҳамин тариқ аст. Аммо тарёқи аз морҳои афъӣ тайёр кардашуда хислатҳои дигар ҳам дорад. Он чӣ дар он гӯштҳои морҳои афъӣ ҳаст, шояд ба ғайр аз он хислати ном- баршуда хосияти дигар низ дошта бошад, ки он гӯшти мори афъӣ заҳрҳоро ба худ мекашад. Бинобар ҳамин ҳакимон таъкид намудаанд, ки ҳангоми гирифтани мо- ри афъӣ ва дар вақти буридани сару думи он бояд, ки азият ба он нарасад, захмин ва лоғар нашавад. Онро дар давраи баркамол будани қувваташ ба ғазаб ова- ранд, то он, ки тамоми заҳри баданаш ба сар ва ду- ми он ояд. Ана ҳамон лаҳза ҳар чӣ зудтар сару думи онро якҷо оварда, бо як зарби табар ё дигар олат қатъ намоянд, яъне бибурранд, ки сару думи он дафъатан ҷудо гарданд ва заҳр мутлақан дар баданаш боқӣ на- монад. Инак, гӯшти он кашандаи заҳрҳо ба худ ме- гардад монанди он, ки агар давоҳоро дар об ҷӯшо- нанд, ҳангоми ҷӯш хӯрдан қисми шифобахши худро ба об медиҳанд ва агар дар гармии он он обро аз он да- вои дар он ҷӯшонидашуда ҷудо карда нагиранд ва ҷирми он дар об монаду он об хунук шавад, он ҷирм қисми даворо аз нав аз об ба худ .мекашад. Низ ба- рои зиёд гаштани таъсир, қувватбахшӣ ва мадад ба амалҳои номбурда ҳамаи тарёқҳо (хусусан тарёқи морҳои афъӣ)-ро дар хамр (шароб) меандозанд, то он, ки бо суръати тамом ба ҷоҳои дур ва чуқури бадан нуфуз намуда ва фурӯ рафта, заҳрро ба худ бикашад ва аз бадан дафъ гардонад. Ҳамин тариқ баъди онро тановул кардан аввал бадан гарм мегардад ва баъди он арақи часпаки бадбӯ дафъ мешавад. Дар аксари ҳолат аз ин пешоб ва саргин ҳам ҳамон тавр бадбӯ мегарданд. Бинобар ҳамин бе ҳоҷат истеъмол кардани ҳамаи подзаҳр, тарёқҳо ва давоҳои дигари пурзӯрро манъ намудаанд, зеро зарар меоварад. Аммо агар ба онҳо ҳоҷат афтад, истеъмоли онҳоро аз меъёри муай- ян зиёд нагардонанд. Инчунин таъсири заҳр бо воситаи асари дар боло зикрёфта бо зиддият ва болодастии худ ба табиат ва пурра фарогир гаштани бадан, вайрон ва нобуд кар- дани ҳарорати ғаризия (модарзодӣ), қувватҳо, рӯҳҳо ба рутубатҳо мебошад. Заҳр, ки маҷроҳои бадан ва фазоҳои онро қабз мекунад

ва ҳамаи воситаҳои ҳаёти- 24 ро ба чанг мегираду хомӯш мегардонад, дар ин вақт ранги башара ва ҷоҳои дигари бадан зард ва рафта- рафта кабуду сиёҳ тофта, ҳарорати бадан ба сардӣ табдил меёбад. Муаллифи китоби «Ихвон-ус-сафо» (яъне «Дӯстони поктинат») навиштааст, ки заҳрҳо ду навъанд: гарм-мизоҷ ва сардмизоҷ. Таъсири заҳрҳои гарммизоҷ дар бадан бо воситаи гудохта нобуд кардани рутубатҳо ме- бошад. Давидани онҳо монанди давидани заъфарон дар об аст, ки дар як лаҳза тамоми онро рангин ме-гардонад ва дигаргун месозад. Аммо заҳрҳои сардми- зоҷ бо воситаи шах кардан ва баста гардонидани хун, рутубатҳо ва рӯҳҳои нозуки аъзо, ки устувории ҳаёт ба онҳо вобаста аст, дар бадан таъсир менамоянд. Ҳа- ракати онҳо монанди панирмоя ва мояи ҷурғот аст, ки дар шир мезананд ва онро дар андак замон баста ва ғафс мегардонад. Аммо феъл ва таъсири давоҳои мус-бӣ ва тарёқҳо баръакси он мебошад, яъне модда, ар- воҳ, қувват ва рутубатҳои бадан дар ҳоли табоҳ бо- шанд, қисм бар қисм пойдории онҳоро барқарор ме- гардонад, инчунин бемориҳоро низ аз ҳар ҷойи бадан дафъ мекунанд. Ба мундарича Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-muqaddima-1-3#se

Фасли чорум. Дар баёни мизоҷ, қисмҳои он ва шинохтани дараҷаҳои он Маънои калимаи «мизоҷ» омезишёфта мебошад. Он, яъне мизоҷ кайфиятест, ки бо воситаи бо ҳам омезиш ёфтани кайфиятҳои унсурҳои чоргона (оташ, об, хок, бод), ки кайфиятҳои соддаи ба ҳам зид мебошанд, ҳо- сил мешавад. Ҷараёни ин ҳосилшавӣ чунин аст, ки қисмҳои он унсурҳои чоргона реза-реза гашта, ба ҳам омезиш меёбанд ба он тариқ, ки сурати ҳар як воҳид сурат ва тезии дигареро мешиканаду баъд сурати ваҳ- донӣ (ягона) пайдо мешавад, ки акнун инҳо аз ҳам ҷу- до намегарданд. Кайфиятҳо низ чор навъанд: ҳарорат (гармӣ), бурудат (сардӣ), рутубат (тарӣ), юбусат (хушкӣ). Ду кайфият аз он, ки ҳарорат ва бурудат — фоил, яъне таъсиркунандаанд, вале рутубат ва юбусат бошанд, мунфаил, яъне — таъсирро қабулкунандаанд. Ҳар як аз аркон ду кайфият дорад: яке фоила ва 25 дигаре мутафоила. Масалан, оташ-гарм ва хушк аст, ҳаво — гарм ва тар, об — сард ва тар, хок — сард за хушк. Ҳар яки аз инҳо бо якдигар ҳамнисбат бо они дар бо- лобудаи худ ва ҳамнисбат бо они дар поёни худ исто- да муносабат ва монандӣ доранд. Масалан, ҳаво бо оташ ба эътибори кайфияти гармии худ бо ҳам муно- сабат ва монандӣ дорад, вале ба эътибори тарии ҳаво ва хушкии оташ ба ҳам зид мебошанд. Ҳаво бо об бо воситаи кайфияти тарии худ муносабат дорад, вале ба эътибори гармӣ зиддиятро молик аст, чунки об кай- фияти хунук дорад ва ҳамчунинанд аркони дигар. Ана ҳамин сабаби дигаргуншавӣ ва бо якдигар омезиши онҳо буда, таъсир ва таъсирнокиашонро ба зуҳур ме- оварад. Бояд

донист, ки ҳамаи мизоҷҳо дар асоси хулосаи тадқиқот ба нӯҳ қисмат меёбанд: яке аз онҳо мӯъта- дил ва ҳашти онҳо ғайримӯътадил. Мизоҷи мӯътадил — ин ғайриҳақиқӣ, яъне дар ҳақиқат вуҷуд надорад, бал- ки фарзии тиббӣ мебошад, ки шартан кабул шудааст. По воситаи ин дигар мизоҷҳо санҷида ва муайян карда мешаванд. Бинобар зоҳир шудани кайфияти чоргона нисбат ба андозаи мизоҷи мӯътадил чор навъ мизоҷи содда мавҷуд аст: 1. Агар дар ҳар як кайфият нисбат ба мизоҷи мӯътадил гармӣ бисёр бошад, пас он гарм- тар аст, инро мизоҷи гарм меноманд. 2. Агар нисбатан ба мӯътадил сардӣ бисёр бошад, он сардтар буда, ми- зоҷи хунук аст. 3. Агар нисбат ба мизоҷи мӯътадил тарӣ зиёд бошад, он мизоҷи тар аст. 4. Вале агар на- зар ба мизоҷи мӯътадил хушкиаш зиёда бошад, бино- бар хушктар буданаш онро мизоҷи хушк меноманд. Инчунин аз ду кайфият ҳам мизоҷ ҳосил мешавад. 5. Дар як мизоҷ гармӣ ва хушкӣ зиёда бошад, пас он гармтар ва хушктар аст нисбат ба мизоҷи мӯътадил, ин ҳар ду кайфиятҳоро мизоҷи гарму хушк меноманд. 6. Ҳамин тариқ агар дар мизоҷ гармӣ ва тарӣ ғолиб бошанд, он мизоҷ гармтар ва тартар аст, ки инро ми- зоҷи гарму тар мегӯянд. 7. Агар дар мизоҷ сардӣ ва тарӣ ғолиб бошанд, бинобар сардтар ва тартар буда- наш он мизоҷро сарду тар мегӯянд. 8. Агар дар мизоҷ сардӣ ва хушкӣ бисёр бошанд, азбаски он мизоҷ нис- бат ба мӯътадил сардтар ва хушктар аст, онро мизоҷи сарду хушк мехонанд. Мо дар боло ҳашт мизоҷи ғайримӯътадилро зикр кардем. 26 Кайфият иборат аз маҷмӯи ҳайати қисмҳои дар ҷисм ҷойгирифта мебошад, ки тасаввури дарёфтани он берун аз он ҷисм вуҷуд надорад. Ин кайфият ба аҷзои дигар тақсим намешавад. Акнун дар бораи кайфият ва дараҷаҳои мизоҷи да- воҳо ва мартабаҳои онҳо сухан меронем. Бояд ба на- зари эътибор гирифт, ки он чӣ аз даво ё ғизо ба дару- ни бадани инсони мӯътадилмизоҷ ворид гардад ё онро ҷавони тезҳуши боидрок бихӯраду ҳарорати табиии он ба чизи воридгашта таъсир намояд ва кайфияти қув- вати онро ошкор карда, феъли онро маълум гардонад ва агар ин кайфияти ғизо ё давои аз берун воридшуда мувофиқи бадани он бошад, агарчи такрор ба такрор ва низ миқдорашро зиёд ҳам карда бихӯрад, ба мизо- ҷи аслии бадани вай таъсири он кайфияти ғолибро ба амал наоварад ва феъли мизоҷи онро кам ё зиёд на- гардонад, онро кайфияти мӯътадил меноманд. Ва агар истеъмоли миқдори ками он чизи хӯрдашуда дар бадан як миқдор кайфиятеро ба амал оварад ва миқдори бисёр ва такрори истеъмоли он дар бадан дигаргунии камеро зоҳир намояд, хоҳ дар гармӣ, хоҳ дар сардӣ, хоҳ дар тарӣ ва хоҳ дар хушкӣ бошад, онро дараҷаи якуми ҳамон кайфият меноманд. Агар миқдори ками он даво ё ғизо баъд аз хӯрда шудан кайфияти зоид ва ғолиб пайдо намояд, инчунин он зиёд ва бисёр маро- тиба истеъмол карда шавад ҳам, таъсир ва кайфияти зоҳиркардааш дар бадан зарар накунад

ва мизоҷро вайрон нагардонад, онро дараҷаи дуввум мегӯянд. Агар он дар бадан ворид шуда, мизоҷро ба сарҳадди зарар, вайрони, нуқсон ва халалнокӣ расонад, вале кушанда набошад, онро дараҷаи саввум меноманд. Агар дар арвоҳ ва қувватҳо зарари азим расонаду ба сарҳади ҳа- локат барад ва кушанда бошад, онро дараҷаи чорум меноманд сарфи назар аз он, ки хоҳ бо гармӣ, хоҳ бо сардӣ, хоҳ бо тарӣ ва хоҳ бо хушкии худ бошад. Муайян кардани дараҷаҳоро ин тавр ҳам баён на- мудаанд, ки агар таъсири даво ё ғизои воридшуда ба фазоҳои бадан монанди меъда, ба маҷроҳо монанди рагҳо ва ба ахлоти иҳотакардаи рагҳо, ба узвҳо ва рӯҳ, агарчи бисёр истеъмол карда шавад, таъсир набахшад, он даво ё ғизои дорои дараҷаи мӯътадил аст. Агар аз он таъсире ба он ахлот, узвҳо ва рӯҳҳо маълум гар- дад ва аз он кайфияти зиёда аз мӯътадил эҳдос ша- вад, он кайфияти дараҷаи якум аст. Агар фақат дар 27 рӯҳ ва ахлот таъсир намояд, он кайфияти дараҷаи дув- вум дорад. Ва агар дар рӯҳҳо, ахлот ва рутубат таъ- сир намояд, онро дараҷаи саввум донистаанд. Вале агар таъсири он ба ҳама ҷиҳатҳо бошад ва ҳамаи қувватҳо, рӯҳҳо, ахлот ва узвҳоро фаро гирад, дараҷаи чорумро доро мебошад, ки ин баландтарини таъсир- ҳост. Акнун ба гуфтаи боло илова намоем, ки ҳар як аз ин чор дараҷаро ба се маротиба тақсим намудаанд: мартабаи аввал, мартабаи миёна ва мартабаи охир. Мазмуни ин тақсимот чунин аст, ки кайфияти ғолиб агар ба нисбати миёна камтар махсус шавад, онро мартабаи аввали дараҷаи мизоҷ ҳисоб мекунанд, ки ин кайфият дар мартабаи миёна аз мартабаи аввал зиёдтар маҳсус мегардад ва дар мартабаи охир аз ҳа- ма зиёда ҳис карда мешавад. Мо дар боло гуфтем, ки мизоҷи давоҳо ба чор да- раҷа муайян шудааст ва дараҷаи чоруми мизоҷ дар меъёри заҳрнокӣ мебошад ва он даворо заҳрнок мешу- моранд. Агар азият ва заҳрнокии он чиз дар мартабаи аввали дараҷаи чоруми мизоҷ бошад, таъсири бади он- ро ислоҳ метавон кард, вале дар охири дараҷаи чорум бошад, ислоҳпазир нест. Бояд таъкид кунем, ки ин тақсимоти мартабаҳо ва дараҷаҳо чандон аслӣ намебошад ва куллӣ нест, балки аксарӣ аст. Ин тақсимот ва таъсири мартабаҳо назар ба кайфият хулосаи инфиро- дӣ мебошад, на тадқиқӣ. Огоҳӣ. Бояд донист, дар назди ҳакимон муқаррар шудааст, ки аз ҷиҳати мизоҷ ҷисм гарми тар бошад, гармии мизоҷи он аз дараҷаи якум боло намешавад. Зеро гармиаш аз ин афзун гардад, рутубати (тарии) онро барҳам медиҳад. Пас ҳеҷ вақт давои гарммизоҷ дар дараҷаи дуввум ва саввум тар намешавад дар ак- сар, вале гарму хушк буданаш дар ин дараҷа мумкин аст ва ин аз рӯйи мантиқ мебошад ва ҳар чиз, ки дар дараҷаи саввум ва чорум гарм бошад, албатта, он дар ҳамон дараҷа хушкмизоҷ низ аст. Таъсири заҳрнокӣ аксар бо сурати навъияи худ ме- бошад, ки онро хосият меноманд. Аксари давоҳои подзаҳрияи қавӣ гарммизоҷ ва хушкмизоҷ ё сард ва хушкмизоҷ мебошанд,

низ ҳамчу- нинанд заҳрҳои ҷонварони заҳрнок. Зеро ки таъсири ҳар як аз давоҳои подзаҳрия ва заҳрҳо бо гармӣ ва сардӣ бошанд ё бо хушкии бисёр ва пурзӯр мебошад, 28 аммо рутубатнокаш кам вомехӯрад ва заиф аст. Ҳамин тариқ, гармии гӯшт ва санги тафсон қавитар мебошад аз гармии ҳаво ва оби гарм. Сардии замин зиёда аз сардии об мебошад монанди санги хунукшуда аз об. Мизоҷро низ ба ду қисмати аввали муқаррар кар- даанд. Яке аввали аслии табиӣ, ки дар натиҷаи бо ҳамдигар омезиш ёфтани унсурҳои чоргона ҳосил гаш- тааст. Дигаре дуввуминдараҷаи сунъӣ, ки дар нати- ҷаи бо ҳам таркиб ёфтани давоҳои содда ва мураккаб, инчунин дар мураккаботи сунъӣ ҳосил мешавад. Ин таркиб кайфият ва сурат — ҳар дуро дарбар мегирад, яъне чунонки кайфияти аввалии аслӣ мебошад. Ҳамчу- нин аз рӯйи сурат (намуд) низ ба ду навъ ҷудо мегар- дад: яке аслӣ ва дуввум сунъӣ. Мизоҷи таркибӣ низ ду навъ аст: том-ут-таркиб (таркибаш комилан сахт) ва ғайри том-ут-таркиб, ки ноқиси заифи ғайри мустаҳкам. Том-ут-таркиб он аст, ки омезиши қисмҳои соддаи унсурӣ бисёр осонак ва софе буда, бо ҳам таъсир намуда, кайфият ва сурати ваҳдонӣ пайдо мекунанд ба дараҷае, ки ҳангоми во- рид шудани онҳо ҳарорати табиии бадан ва ҳатто ҳа- рорати берунии оташи низ қисмҳои нозуки онро аз ҷузъҳои сохти ягонааш ҷудо карда наметавонанд. Бал- ки кайфият ва хосияти танҳои он, сарфи назар аз он ки мӯътадил аст ё ғайримӯътадил, аз он ба амал ме- ояд, масалан: тиллоро ба қисмҳо ҷудо кардан имкон надорад ва ё хеле ба душворӣ ба қисмҳо ҷудо меша- вад монанди дигар фулузоти маълум. Аммо ҷисмҳои ғайри том-ут-таркиб бонуқсони заиф, ковок ва ғайри- мустаҳкам ҳам мартабаҳои худро соҳибанд. Зеро баъ- зеи онро аз ҳам ба қисмҳо ҷудо кардан хеле осон мебошад, масалан: гӯгирд, намак, вале баъзе чунин нестанд. Ба ибораи дигар баён кунем он, ки ноқис-ут- таркиб бисёр заиф аст ва ба ғусл додан ва шустан тоб намеоварад, монанди коснӣ ва аксари гиёҳҳо ё ин ки дар вақти ҷӯш додан хислати давогияш барҳам мехӯрад, масалан: зарпечак, наск ва ҳамчунинҳо. Ин- чунин агар ҳалиларо ҷӯши бисёр диҳанд, қисмҳои гарммизоҷи нозуки нофиза ва хусусияти кушояндагии гиреҳҳояш аз онҳо ҷудо шуда, нест мегарданду ҷирм- ҳои ғализи сардмизоҷи зиёдаи пайдокунандаи гиреҳ- ҳою ҷузъи вазнини ғафси онҳо боқӣ мемонанд. Бино- бар ҳамин табибон шустани косниро манъ кардаанд ва феъли хоси монанди ин давоҳоро, масалан: гӯшти 29 мурғ, наск, турб ва каллакарам, ки дар вақти шустан ҷавҳари нозуки поккунандаи исҳолбахши онҳо парида мераванд ва иборат аз моддаи хокӣ ва сахти қабзку- нанда дар вақти ҷӯшонидан ҷудо мегардаду ба об ме- гузарад, моддаи хокияи қабзиятовари онҳо боқӣ ме- монад. Аз ин ҷо хулоса сар мезанад, ки хӯрдани шӯр- бои онҳо дарунро мулоим мекунад бар хилофи ҷирми онҳо, ки дар бадан гиреҳҳо пайдо менамояд ва дарун- ро мебандад.

Истеъмоли баъзеи онҳо аз хориҷ, низ монанди каллакарам, турб ва наск таҳлилдиҳанда ва пазонандаи варам ва пучакҳо мебошанд, хусусан пиё- зи пухтагӣ ва сири (чесноки) хом чунин хислат доранд. Боиси таъсири сир ва пиёзи хом дар хориҷи бадан, ки ҳангоми гузошта бастан захмин ва реш мегардонанд, рутубати сӯзандаи поккунандаи онҳо ба ҳамон ҷо таъ- сир мерасонад, яъне он ҷоро мехӯрад, бинобар ҳамин боиси пухта шудани варам ва захмин шудани пӯсти бадан мегардад. Аммо дар вақти хӯрдан ин хислатҳо аз онҳо зоҳир намешаванд. Зеро ки табиати парва- ришдиҳандаи бадан онҳоро дар як ҷо қарор намонда, балки доим дар ҳаракат медораду сурати аслия ва те- зии онҳоро мешиканад ва аз таъсир кардан манъ ме- созад. Ҳамин тариқ, онҳо ба узвҳои даруни бадан таъ- сир карда наметавонанд, хусусан, ки пухтагӣ бошанд. Дуюм он, ки дар аксар вақт сатҳи даруни меъда ан- дуда аз балғамҳо ва рутубатҳо мебошад ва ин андуда- ҳо таъсири онҳоро монеъ мегарданд. Низ он чизҳои ба меъда воридшуда бо онҳо омезиш ёфта, инчунин ҳа- рорати бадани ба онҳо таъсир намуда, тезии онҳоро мешиканад. Вале агар одамони гарму хушкмизоҷон онҳоро бихӯранд, азбаски дар меъдаи онҳо балғаму рутубат нестанд, хусусан хоми он чизҳоро бихӯранд, бо тезии худ меъда ва рӯдаҳои ононро мехарошад ва захмин мекунад. Ҳамчунин аст дар як ғизо ва давои гарммизоҷи тезтаъм, ки дар ноҳияҳои обу ҳавояш сарди тар ва одамони сарду тармизоҷ ва балғам дар бадани онҳо зиёд бошад, бихӯранд, аз он ҷиҳат ба мизоҷҳои онҳо мувофиқ меояд. Вале дар сарзаминҳои гарм одамони гарми хунмизоҷ ва сафровимизоҷ ғизоҳои сарду тар- мизоҷро тановул намоянд, албатта ба онҳо мефоранд ва он одамон аз ин қабил хӯрокҳо нафъ меёбанд. Агар мардум он ғизоҳоеро, ки мизоҷашон монанди мизоҷи онҳо бошад ва обу ҳавои он маҳал ҳам ҳамон мизоҷро 30 дошта бошад, бихӯранд, албатта зарар мекунад. Бояд ҳар як шахс ғизоеро бихӯрад, ки мизоҷаш муқобили мизоҷи худ бошад, вагарна, яъне мизоҷи он одам гарм бошаду ғизои гарммизоҷро бихӯрад, ду мизоҷи якранг ба ҳам омада ва зиёд гашта, ноҷӯрии ҳолати баданро ба амал меоварад. Давоҳои бисёре мавҷуданд, ки агар истеъмол кар- да шаванд, хунукӣ меоваранд, вале агар онҳоро кӯфта гузошта банданд, варамҳоро таҳлил медиҳанд, дардҳо- ро сокин месозанд, масалан: кашниз ва орди ҷав (ху- сусан ҳар дуи инро бо ҳам даромехта гузошта бан- данд), хислатҳои мазкури онҳо зиёдтар зоҳир мегар- данд. Зеро ки ҷирми онҳо мураккаб аст аз ҷавҳари хокии обии башиддат сардкунанда ва аз ҷавҳари но- зуки таҳлилдиҳанда, ки баъди ба даруни меъда ворид гаштан ҳарорати табиии бадан ба онҳо амал карда, қисми нозуки онҳоро батаҳлил мебарад ва ҷавҳари хо- кии башиддат сардкунандааш боқӣ мемонад. Ин хис- лати таъсирнокии он нисбат ба натиҷаи таъсираш, ки ҳангоми аз берун гузошта бастан зоҳир мегардад, зид аст. Ҳамин тариқ,

варамҳои сахти хунукро монанди, ханозер (хукгардан) ва варамҳои гармро низ таҳлил медиҳад. Таркиби баъзе аз давоҳо нисбатан мустаҳкамтар аст, масалан, шибит ва монанди он, ки аз шустан ва ҷӯшонидан қисмҳои нозуки онҳо аз ҷузъҳои сахта шон ҷудо намегарданд ва таҳлил намеёбанд. Баъзе аз да- воҳои дар худ ду ҷавҳари гуногундошта ва кайфияти қисмҳояшон ба якдигар зид мебошанд, ки таркибашон комилан мустаҳкам нест, вале дар баъзеи онҳо баръ- акс, ин хислатҳо зоҳир мебошанд ва махсусанд, мо- нанди турунҷ, ки мизоҷи тухм ва пӯсти зарди он гарм аст ва таъми туршиву гӯшташ дар мизоҷ сард мебо- шанд. Пас, онро батамом бихӯранд, шарбати ғафсгашта- таи сардмизоҷи он дар бадан мизоҷи хунукӣ меоварад, вале пӯст ва тухми он таҳлил намеёбанд, бинобар ҳа- мин аз он ҳеҷ асаре зоҳир намегардад. Чун онро кӯф- та бихӯранд, ба сатҳҳои узвҳои ботинӣ часпида, он ҷо- ҳоро захмин месозад. Бинобар ин кӯфтаи онро ба та~ риқи зимод бар варамҳо ва пучаку чиртакҳо гузошта мебанданд, ки онҳоро таҳлил медиҳад ва мепазонаду мекафонад. Аммо давоҳои мураккаби сунъи монанди тарёқи фо- рук, масрудитус ва дигар маъҷунҳои баландмақом, гу- 31 воришот, ҳабҳо ва аксари давоҳои подзаҳрия, тарё- қия ва ғайраҳо, монанди ҷадвор, ҷинтиёно, зарованд, сабзии саҳроӣ ва монанди инҳо аз қабили дуввум ва ғайри том-ут- таркиб мебошанд, ки баъди дохил шудан табиати бадан ба онҳо таъсир намояд, онҳо ба қисм- ҳо ҷудо гашта, аз ҳар якеи онҳо асари алоҳида, як феъл, як кайфият ва хосияте зоҳир мегарданд. Чунон- чи, дар давоҳои мураккаб-ул-қуво ва зулхосията, ки ба онҳо ишора шуда буд. Фасли панҷум. Дар баёни усули шинохтани мизоҷҳои давоҳо ва ғизоҳо бо воситаи таҷриба ва қиёс Мизоҷҳои давоҳо ва ғизоҳо бо воситаи таҷриба ва ё бо қиёс маълум карда мешаванд. Дар усули таҷри- ба якчанд шартҳоро риоя кардан даркор аст, то ки ба онҳо эътимод дошта шавад: 1. Бояд ки он даво аз кай- фияти таъсири берунӣ, яъне аз он кайфият, ки аз бе- рун медарояд, холӣ бошад, яъне дар таъсири гармӣ, сардӣ, тарӣ ё хушкии беруна намонда бошад, маса- лан: об гарм карда шавад, ба мизоҷи он гармӣ дохил мегардад ва чун ҳарорати он барҳам хӯрад, ба мизоҷи аслии худ, ки хунук аст, бармегардад ва мизоҷаш ху- нук мешавад. Ҳамчунин аст ҳаво ва дигар ашёи сод- да ва мураккаб. 2. Бояд таҷрибаро дар шахси мӯъ- тадил-ул-мизоҷи ҷавони хубу боидрок, солимтани ди- ли наҳордошта гузаронида шавад ва хӯронидани да- воро аз миқдори кам ва зиёди он оғоз намуда, дар бе- мориҳои гуногун истифода ва санҷида шавад; инчунин вақт, замон, фаслҳои гуногуни сол ва синну соли ҳар- хелаи одамонро риоя карда шавад. Вақте ки аз он даво кайфияти хоҳ гармӣ, хоҳ сардӣ, хоҳ тарӣ ва хоҳ хушкӣ зоҳир гардад, баъд ҳукм кунанд, ки он даво ё ғизо чунин кайфият дорад. 3. Бояд қуввати он даво ба қуввати иллат муқовамат намуда тавонад, яъне миқ- дори он дар кайфият,

андоза, шиддат ва заифӣ му- совии беморӣ бошад, на каму на зиёд аз он. Зеро ки баъзе давоҳо гоҳ аз муқовамат ба иллат оҷиз меоянд ва ба он пурра таъсир карда наметавонанд. Бинобар- ҳамин беҳтар он аст агар тачрибакор хоҳад, ки кораш осон гардад, бояд аввал ба иллати сабук даворо аз 32 миқдори кам дода, тачриба гузаронад ва батадриҷ дар бемориҳои шадид миқдори даворо афзуда, қуввати он- ро муайян намояд, ҳам батанҳоӣ, ҳам бо давои ёри- диҳандаву ба ҷоҳои даркорӣ барандаи он якҷоя. 4. Бо- яд муддати табобатро, ки феъл ва таъсири даво ва ғизо дар он зоҳир мегардад, муайян намояд. Маса- лан, агар дар аввали истеъмол аз он ягон феъл ва асаре маълум нагардаду дар охир зоҳир шавад, он даворо бояд қавӣ ва мураккаб-ул-қуво донад. Ё он, ки дар аввали истеъмол аз он ягон феъл ва асаре маълум гардад ва дар охир асаре ва феъле дигар зо- ҳир шавад, масалан, ҳангоми истеъмоли афюн дар аввал бинобар карахт кардани бадан ва баста гардо- нидани масомҳо аз он гармӣ маҳсус мешавад, вале дар охири истеъмол аз он кайфияти сардӣ, пажмур- дагӣ, миронданикувват ва рӯҳҳои бадан, хомӯш кар- дани ҳарорати табиӣ, шах ва хушк гардонидани ру- тубатҳои аслӣ пай бурда мешавад. Пас, дар ин ҳолат феъли дар аввал зоҳиргаштаро зоҳирӣ ва сониро хо- си асосӣ донад. Низ дар баъзе давоҳо ва ғизоҳо дар аввали истеъмол аз онҳо хусусияти асосӣ зоҳир мегар- даду баъдтар хислати иловагиашон маҳсус мегардад. 5. Бояд равиши феъл ва нест шудани онро дар мадди назар дорад, яъне бояд феъли онро мулоҳаза намояд, агар он феъл доимӣ ва ё аксарӣ бошад, онро хосияти ҳақиқӣ донад, вагарна дуввуминдараҷа ва зоҳирӣ. 6. Бояд ба ҳамон бадани инсоне, ки даво ё ғизоро хӯро- нидааст, қиёс кунад, на ба дигар баданҳо. Масалан, баъд аз истеъмоли он ба дарун баданро гарм гардо- над, ҳукм кунанд, ки ин даво гарммизоҷ аст маҳз ба- рои бадани инсон, вале дар дигар ҳайвонот ин тавр ҳукм нанамоянд. Зеро давоҳое мавҷуданд, ки агар ин- сон онро бихӯрад, як кайфиятро зоҳир менамояд ва худи ҳамон даворо ба ҳайвоноти дигар диҳанд, таъси- раш тамоман ба таври дигар маълум мегардад. Маса- лан, агар ба асп як донаи хурморо бихӯронанд, дар бадани он гармии бисёрро ба амал меоварад ва вай хеле арақ мекунад. Ҳамчунин аст аксари гиёҳҳои хушк ва давоҳои заҳрноки мизоҷи гармиашону сардиашон башиддат, ки ғизои аксари ҳайвонот мебошанд, мо- нанди шавкарон ғизои соч (сор) аст, харбақ (мороз- ник) ғизои бедона аст, биш ғизои муши биш аст, то- вус ва ҳамчунин ҳамаи онҳо барои инсон зарарнок ва заҳри қотиланд. 33 Бояд дар хотир дошт, ки дар корҳои тачриба ха- тарҳои бисёр мавҷуданд, чунонки ҳакими бузург устод Буқрот ба ин ишора кардааст. Инчунин табибҳои ди- гари қадим дар ин бобат васият кардаанд, ки агар ягон давои омӯхтанагаштаро тачриба карданӣ шаванд, пеш аз ҳама ба бӯй ва таъми он аҳамият диҳанд. Агар он бӯйи бисёр нохуш ва

таъми карех дошта бо- шад, бидонанд, ки он даво безарар нест ва бидуни озмойиш набояд истеъмол фармоянд. Дар ин маврид ба- рои таҷриба аввал ба ҳайвоноте, ки мизоҷашон ба ми- зоҷи одам наздик бошад, монанди маймун ва ғайри он, ки хӯрокашон даво ва гиёҳҳои заҳрнок набошанд, он чизи озмудашавандаро бихӯронанду то се рӯз таом ва нӯшоки лоиқи онро дода, назди худ нигоҳ доранд,— ин усули беҳтарин аст. Агар дар ин амал зарари он мушоҳада нагардад, баъд ба инсон аз миқ- дори кам сар карда, батадриҷ ба зиёдтар хӯрони- дани он баранд. Агар онро ба шахсони қавибунёди табиаташ ғализи балғамимизоҷи калонсол, ки ба аф- юн хӯрдан одат карда бошад ва монанди он одамон диҳанд, ё аввалан ба одамони ҳукми қатл доштагон бихӯронанд, ки марги онҳо таассуфангез набошад, хӯро- нида, дараҷаи кайфият, хосият ва миқдори хӯрдани онро маълум гардонанд. Низ тариқи дигари шинохтани хусусият ва манфа- атҳои давоҳо мавҷуд аст. Масалан, каси бемор ба ҷое равад ё он, ки аз барои ӯ ғизое ё давое биёваранд, ки он кас ва ованда кайфияти онро надонанду он бемор аз хӯрдани он шифо ёбад ва сиҳат гардад. Баъд табибон аз ин воқеа огоҳ гашта, худашон низ он да- воро аз имтиҳон гузаронида, кайфият, хусусият ва миқдори хӯрдани онро муайян мегардонанд. Инчунин ҳодисот бисёр рӯй медиҳанд. Масалан, ба хонаи собиқ раиси комитети иҷроияи шаҳри Исфара марҳума Азимова меҳмон меояд. Ба хотири он палов мепазанд, оби онро бо сатилча аз ҷ¬ӯй оварда дохил мекунанд. Баъди пухтани ош ҳангоми ба табақ кашидан Азимо- ва дар палов мори пухтагиро дида, бо об оварда шу- дани он пай мебарад, вале ба меҳмон ин ҳодисаро из- ҳор намекунад. Баъд аз мурури муддате он меҳмон бо табъи чоқ аз мизбон мепурсад, ки дар он палов чӣ дохил карда буданд, реши ғадуди бехи манаҳи ӯ, ки инро сили ғадуд ҳам меноманд, сиҳат ёфт? Азимова аз ин ҳолат хушҳол гашта, қиссаи мори пухтагиро 6а- 34 ён менамояд. Тариқи дигар он, ки майлу хоҳиш ва табиати бемор барои тановули давое ё ғизое, ки кай- фияти онро намедонад, равона мегардаду мехӯрад ва аз он боиси шифо ва сиҳат ёфтани он мегардад. Дар вақти қадим касе ба иллати истисқо (водянка) гирифтор буд ва табибони сершумор аз илоҷи он оҷиз гаштанд. Бемор тамоман аз шифо ёфтан ноумед шуда, аз шиддати яъс қарор дод, ки чизеро, ки табъ- аш хоҳад, хоҳад хӯрд. Иттифоқан бозор даромада, аз малахфурӯш малахи ҷӯшонидаи намакинро харида ме- хӯрад ва баъд аз он аз дарунаш оби бисёре хориҷ гашта, ӯ сиҳат меёбад. Ё ки шахсе ба иллати махав, ки илоҷпазир набуд, гирифтор шуда, шири афъӣ қай- кардаро хӯрда ё он, ки шароберо, ки дар хум ё кӯзаи он мор афтода мурдааст, ин ҳолатро нофаҳмида, он чизҳоро хӯрданду шифо ёфтанд. Баъд табибон аз ин ҳодиса огоҳ гаштанд. Тариқи саввуми шинохтани кай- фият ва хусусияти даво ё ғизо он аст, ки шахсе бо ро- ҳи зӯрӣ ва маҷбуран ё касе аз рӯйи адоват ва кина ба

касе бо мақсади куштани он чизе зарарнок ва кушан- даро бихӯронад, вале он шахс иттифоқан бемории кӯҳ- наи илоҷнопазир дошта бошаду баъд аз хӯрдани он сиҳат ёбад. Масалан: хӯронидани зарних, маргимуш ва биш ба беморони иллати тар ва савдои сӯхта, чу- нончи, зиқ-ун-нафас (бронхиальная астма), сурфаи кӯҳна, махав ва ғайра шифо мебахшад. Тариқи чору- ми таҷриба он аст, ки бинобар қаҳтсолӣ ва қиматӣ ё дар сайру саёҳат ва ғайраҳо иттифоқан давое ё ғизое- ро бихӯрад, ки ҳеҷ гоҳ онро надида ва боре ҳам на- хӯрда бошад, масалан, гиёҳҳо, гулҳо, меваҳо ва реша- ҳоро ва аз ин боиси шифо ёфтан ва қувват гирифтани ӯ гардад, чунончи ин ҳодиса дар ёфта шудани ҷойи, чӯ- би чинӣ ва мумиё аввалин бор рӯй додааст. Баъд аз ин ҳақиқат, кайфият ва миқдори хӯрдани онро муайян намуданд. 7. Он ки бо илҳом ва илқо дар вақти мӯҳ- тоҷ гаштан, ҳангоми дар бало афтодан, ночорӣ, но- умедӣ ва дармондагӣ бемор намедонад, ки чӣ тадбир ба амал оварад ва ё чиро бихӯрад. Ногоҳ дар дилаш фикре пайдо мегардад, ки фалон тадбир бояд кард ё фалон даво ва ғизоро ба танҳоӣ ё бо чизи дигаре ҳам- роҳ намуда, истеъмол бояд намуд. Чун ӯ инро ба амал оварад, шифо меёбад. Ё он ки дар ҳамон ҳол хоб ку- наду тадбири худро дар хоб бинад ва чун бедор шуда, онро ба амал оварад, ҳамчунин гардад, ки дида буд. 35 Ин ду-се нақлҳо дар китоби «Таърих-ул-ҳукамо»-и Мулло Аҳмади Таҳтӣ зикр ёфтаанд. 8. Он ки аз му- шоҳада ба кирдори ҳайвонот ҳангоми худро муолаҷа кардани онҳо ёд мегиранд. Масалан, амали ҳуқнаро (клизмаро) аз парандае омӯхта буд. Рӯзе дар канори баҳр парандае моҳии бисёр хӯрда, ҳолати бад ба вай рӯй медиҳад, то ҳадде, ки ба парвоз намудаи ҳам қо- дир намегардад. Аз ночорӣ вай бо нӯлаш оби баҳрро гирифта, дар мақъади худ меандозад ва бо мурури дақиқае он моҳиҳо аз шиками вай бо исҳол дафъ ме- гарданд. Инак, ӯ сабук парвоз мекунад. Аз ин мушо- ҳадаи худ Ҷолинус илҳом гирифта, ҳуқнаро дар асри 1-уми милод ӯ кашф кард. Аммо тариқи донистани мизоҷҳои давоҳо ва ғизоҳо бо усули қиёс кардан, ки аз як амал бо воситаи кир- дори дигар пай бурдан ва сабаби амалеро ба амали дигар зам кардан ва ҳамин тариқ ҳукм баровардан аст, ки ӯ низ чунин аст. Он аз якчанд намуд ва навъ- ҳо иборат аст, аз он ҷумла суръати табдилёбӣ ё сус- тии он даво мебошад. Масалан, агар он чиро дар оташ андозанд, он зуд гарм гардад ё ба оташ табдил ёбад, мизоҷаш назар ба он чиз, ки дертар гарм мешавад ва оташ мегардад, гармтар мебошад ба шарте, ки ҷирми он ҳар ду чиз, ки дар оташ андохта мешаванд, дар ковокӣ, зичӣ, сустӣ, сахтӣ, риққат ва ғилзат ба ҳам- дигар баробарқимат бошанд. Аммо дар ин хислатҳо баробари якдигар набошанд, ягон ҳукм. баровардан мумкин нест. Он чиз, ки аз сардӣ зудтар мутаассир гардаду шах шавад, сардмизоҷ аст, вале агар дертар сахт гардад, дараҷаи сардии мизоҷи он ҷисм нисбатан камтар мебошад. Чунки таҳлил додан, гудохтан ва

сӯхтан—ин феъли гармӣ мебошад, вале баамалова- рандаи басташавӣ, шахшавӣ, қабзият овардан, ғафс гардонидан—ин аломати сардӣ мебошад. Дар ҳар яки он агар таъсир қавитар зоҳир гардад, боиси шиддати ба амал омадани ҳолат, пойдори бошад, он чиз хушк- мизоҷ аст, вале агар таъсир зидди инҳо зоҳир шавад, он чиз сардмизоҷ аст. Яъне ҳар чиро, ки ҳарорataш ва сардиаш қавӣ бошад ё сахти гузаро бошад, он хушк- мизоҷ аст, монанди сангҳо, вале он чӣ бар хилофи инҳо бошад, тармизоҷ аст. Аммо таъм, ки қивоми аввала ва мазаи даво ва гиёҳ аст, ба тариқи тадқиқот муайян шудааст, ба нӯҳ қисмат мешавад: ҳарофат (тезтаъмӣ), марорат (тал- 36 хӣ), мулуҳат (шӯрӣ), ҳумузат (туршӣ), уфусат (тун- чӣ), қубузат (гирандагии сатҳи забон ва даруни да- ҳан), дусумат (чарбнокӣ), ҳаловат (ширинӣ) ва та- фоҳат (бетаъмӣ), ки охиринро масих низ меноманд. (Баъзеҳо тафоҳатро ба қатори таъмҳо дохил накарда- анд). Ва тамоми таъмҳои дигари мавҷуда аз ин нӯҳ таъм мураккаб гаштаанд, ки ададҳои он ҳадду канор надорад, яъне шумораш нӯҳ дараҷаи нӯҳ (99) мера- сад. Гуногун гаштани таъмҳо ба рангбарангии моддаҳо, қувватҳо, мизоҷҳо ва феълҳои онҳо вобаста мебошад. Зеро ки ҷавҳари таъмноки аз ҷисмҳо ҳосилшуда ё ла- тиф (сабук, нозук) ё касифи (сахти) хокиасл, ё ҳо- латаш миёнаи ин ҳар ду мебошад. Қувват ва мизоҷи он ё гарм аст, ё сард ва ё мӯътадил дар миёни он ҳар ду мебошад. Ҷавҳари нозукаш (сабукаш), агар гарм бошад, тезтаъм мешавад ва агар сард бошад, турш, вале агар миёнаҳоли мобайни гарміву сардӣ бошад, чарб мегардад. Ҷавҳари сахти хокӣ агар гарм бошад—талх, агар сард бошад — тунҷ, вале агар миёнаҳоли мобайни гар- ми ва сардӣ бошад — ширин мегардад. Ҷавҳари миё- наҳои ҷисм дар нозукӣ ва сахтӣ агар гарммизоҷ бо- шад— шӯр ва агар сардмизоҷ бошад — гиранда (қо- биз) ва агар мӯътадил бошад, бетаъм мегардад. Феълҳои даво ва ғизо ё гармианд, ё сардӣ, ё кай- фияти мӯътадили байни ин ҳар дуро доранд. Ҳамин тариқ ҳосили се зарби се нӯҳ мешавад (3Х3 = 9). Масалан, ҳарорати қавӣ агар дар моддаи латиф (но- зук) таъсир намояд, дар он модда тезтаъмӣ ҳосил шу- да, мазааш тез мегардад, агар дар моддаи сахт таъ- сир намояд, дар он модда талхӣ ба амал омада, таъ- маш талх мегардад, вале агар дар моддаи латиф таъ- сир намояд, дар он турширо ба амал оварда, таъми онро турш мегардонад, аммо дар моддаи сахт тунҷиро ба амал оварда, онро тунҷтаъм месозад, агар дар мод- даи мӯътадили миёнаҳол таъсир намояд, дар он қаб- зият (гирандагӣ) ба амал оварда, онро гиранда (қо- биз) мегардонад. Гармии мӯътадил чун дар моддаи латиф таъсир намояд, дар он таъми чарбнокиро пайдо карда, онро чарб месозад; дар моддаи сахт таъсир кунад, дар он таъми ширинӣ пайдо намуда, онро ширин мегардонад, 37 на агар дар моддаи мӯътадилҳол таъсир намояд, дар он бетаъмӣ ба амал оварда, онро бетаъм месозад. Пас, чизҳои тезтаъм дар мизоҷ гармтарин буда,

моддаи танҳо чизҳои гарммизоҷ аст; баъд аз он талх- таъм мавқеъ дорад, баъд аз он —ширин; турш — сард- тарин навъи таъмҳои моддаи танҳои чизҳои сардмизоҷ аст; баъд аз он таъми тунҷ ва баъд аз он қобиз мав- қеъ доранд; бетаъм — мӯътадилтарини навъи чизҳои мӯътадилмизоҷ аст. Ин ҷадвали ҳамаи навъҳои таъмҳо мувофиқи феълҳо ва моддаҳо мебошад. феълҳо моддаҳо гармӣ сардӣ қуввати мӯътадил латиф (нозук) тезтаъм туруш чарбнок касиф (сахт) талх тунҷ ширин мӯътадил шӯр қобиз (гиранда) бетаъм Аксари ин мартабаҳо дар аксари самарҳо, агар дар моддаи онҳо тарӣ ва нармӣ ғолиб бошад, хусусан дар ширини онҳо ошкор ва зоҳир мегардад, масалан: ан- гур, анба (самари манго) ва монанди ин ҳар ду, ки дар аввали вақт бемаза, баъд ба эътибори сахтии мод- даашон қобиз мебошад. Баъд аз он, ки андак нармӣ меёбанд ва дар онҳо гармӣ зиёдтар таъсир намояд, обият дар худ пайдо мекунанд ва баъди он, ки ҳаро- рат дар он боз ҳам зиёдтар таъсир намояд, тунҷи тур- шидор мегарданд. Рафта-рафта туршӣ афзун гашта, тунҷӣ мекоҳад, вале чун ба ҳолати мӯътадил бирасанд, ба ширинӣ моил мегарданд. Оҳиста-оҳиста ширInиА- шон меафзояду туршӣ дар онҳо мекоҳад ба дараҷае, ки ширин мегарданд. Ва агар дар онҳо рутубат бисёр бошад, баъд аз тамоман пухта шудан чун ҳарорати (?) ноқис гардаду ҳарорати берунӣ дар онҳо асар кунад, аз нав турш мегарданд. Агар моддаи онҳо чандон но- зукӣ надошта бошад, вале ҳарорати аз берун дохил- шаванда қавӣ бошад, онҳоро ё тезтаъм мегардонад ё талх месозад. 38 Ҳарорат ва сардӣ, ки феълҳо, яъне таъсиркунанда ме- бошанд, дар натиҷаи дигаргун ва фарқият пайдо кар- дани таъсир асари онҳо ҳам гуногун мегардад. Бояд донист, ки баъзе таъмҳо ба ҳам наздиканд, лекин дар шиддат, заифӣ ва номувофиқии модда таъ- сирашон гуногун мегарданд, чунончи, таъми тез ба талх наздик мебошад. Вале он, ки дар чизҳои тезтаъм бинобар нозук будани моддааш таъсири он зиёда зо- ҳир мегардад, вале дар моддаи таъми талхдошта таъ- сир аз он камтар мебошад. Низ таъмҳои талх ва шӯр ба ҳам наздик мебошанд, фақат он, ки таъсирнокӣ дар таъми талх назар ба таъми ширин зиёда аст. Ҳамин тариқ чун ҳарорат дар намак аз ҳадди лоиқ зиёда таъсир кунаду нозукӣ ва рутубати онро барҳам ди- ҳад ва моддаи онро сахт созад, онро талх ҳам мегар- донад, монанди: намаки талх ба хилофи намаки таом. Ҳамчунинанд таъмҳои қобиз, тунҷ ва тунд (тез) бо турш ва турш бо бетаъм дар хислат наздики якдига- ранд. Ва зуҳури таъсир ва амали ҳар яки онҳо низ ба ҳамон мартабаҳои худ вобаста мебошанд. Акнун гуфтаҳои болоро равшантар ва муфассалтар баён менамоем. Чизи тезтаъм он аст, ки ҳангоми ча- шидан забонро мегазад ва қисмҳои вай дар забон ну- фуз мекунад. Агар он истеъмол карда шавад, аз як қатор моддаҳои нодаркор баданро пок месозад, гирех- ҳои дохили узвҳои баданро мекушояд, моддаҳои

ғафс- ро рақиқ ва нарм мегардонад, инчунин онҳоро таҳлил медиҳад ва намегузорад, ки он моддаҳо бӯйи бад пай- до намоянд, баданро гарм мекунад, ҳатто баъзе мод- даҳоро дар бадан месӯзад, ҳам бинобар шиддати гар- мии мизоҷи худ ва нозукие, ки дар ҷавҳари он мав- ҷуд аст, монанди: мурч, хардал (горчица) ва ҳар он чӣ тезтаъм ва тези дар он мавҷуд бошад, бо мартабаҳои худ таъсир мерасонад. Е ки талх он аст, ки ба сатҳи беруни забон нуфуз мекунад, дар он фурӯ меравад ва сатҳи онро дурушт месозад, табиати бадан ба ин таъм нафрат меоварад. Феълҳои ин гуна таъмдошта: пок гардонидани бадан аз моддаҳои нодаркор, нарм сохтан, рақиқ гардонидан, аз ҷойи худ кандани моддаҳои бегона, шахшӯл гардо- нидани аъзо, хушк кардани рутубатҳо, гарм сохтани узвҳои бадан ва манъ кардан аз бадбӯйӣ мебошад, ам- мо дар ин қабил хислатҳо нисбат ба чизҳои тезтаъм камтар мебошад, бинобар мавҷуд будани гармӣ ва ар- 39 зияте (тарие), ки дар ҷавҳари он аст, монанди сабир (алоэ), ҷадвор ва ҳар чизе, ки талх ва талхӣ дошта бошад, мувофиқи мартабаҳояш таъсир мебахшад. Ё ки таъми шӯр он аст, ки нагазида, ба сатҳи за- бон нуфуз мекунад ва сатҳи онро ҷило медиҳад. Аз феълҳои он, яъне аз хислатҳои таъсирнокии он инҳо- анд: кушодани гиреҳҳо, нарм гардонидани моддаҳои ғализ ва таҳлил додани онҳо, пок кардан аз моддаҳои нодаркор, канда ҷудо сохтани моддаҳои бегона, шуст- тушӯ додан, манъ гардонидан аз бадбӯйӣ ва дар меъё- ри мӯътадил гарм кардани бадан аст бинобар мӯъта- дил будани сохти ҷавҳари худ. Дар дигар хислатҳо ба таъми талх наздик аст ва ҳатто аз он заифтар мебо- шад, монанди намакҳо ва ҳар он чӣ дар он шӯрӣ мав- чуд бошад, ба мартабаҳои худ. Ё ки таъми турш он аст, ки сатҳи забонро андак мегазад ва дар он нуфуз мекунад на танҳо аз чаши- данаш, балки ҳатто аз тасаввури он оби даҳан меояд. Аз феълҳои он: нарм гардонидан, канда ҷудо гардо- нидани моддаҳои нодаркор аз ҷойи худ дар бадан, суст гардонидан, кушодани маҷроҳо ва гиреҳҳои узвҳо, пок сохтани даруни бадан, инчунин сардӣ ва рутубат пай- до мекунад бинобар сардмизоҷӣ, обоварӣ ва нозукӣ доштани ҷавҳари худ, монанди: сирко, оби меваҳои турш, оби ҷуғрот ва ғайра, ки дар он туршӣ мавҷуд бошад, бо мартабаҳои худ таъсир мебахшад. Ё ки таъми тунҷ он аст, ки қисмҳои забонро ба ҳам кашида, ҷамъ, дағал ва сахт месозад. Аз феълҳои он: ғафс гардонидани моддаҳо, сахт сохтан, фишурда- ни узвҳо, нигоҳ доштани таркиби аслӣ, дурушт кардан ва хунук гардонидан аст бинобар сардӣ, тарӣ овардан ва бо сахтии ҷавҳари худ таъсир бахшидан, монанди: мозу, ҷуфти балут (самари балут) ва ғайра, ки дар он тунҷӣ мавҷуд бошад, бо мартабаҳои худ таъсир мебах- шад. Ё ки таъми қобиз (гиранда) он аст, ки қисмҳои за- бонро ба ҳам меоварад, вале монанди таъми тунҷ чан- дин дурушт намесозад. Аз феълҳои он: ғафс гардони- дани моддаҳои рақиқ, қабз (банд кардани

дарун ва манъ гардонидани ҳаракати моддаҳои рақиқ), хушк гардонидан, ба иштиҳо қувват бахшидан ва сардӣ бах- шидан аст бинобар сардӣ ва тарии мизоҷ ва хушкми- зоҷӣ доштани ҷавҳараш бо мартабаҳои худ таъсир ме- бахшад. 40 Ё ки таъми чарб он аст, ки сатҳи забонро мулоим ва ҳамвор мегардонад. Аз феълҳои он: тарӣ бахшидаи, мулоим сохтан, сустӣ овардан, лағзонидани моддаҳо, пазонидан ва табдил ёфтан аст ба хилти (моддаи) бисёри дар бадан мавҷудбуда, инчунин каме гарм ҳам мегардонад бинобар сабукӣ, ҳавоият ва обдории ҷавҳараш бо мартабаҳои худ таъсир мебахшад. Ё ки таъми ширин он аст, ки сатҳи забонро нарм, суфта ва ҳамвор месозад, табиати парваришдиҳандаи бадан онро дӯст медорад ва ҷигар бо воситаи қуввати ҷозибаи худ онро зуд ба худ мекашад, Инчунин ҳаме- ша ба он муштоқ мебошад. Аз феълҳои он: ҷило до- дан (пок кардан), суст гардонидани моддаҳои нодар- кор, пазонидан, мулоим кардан, рақиқ сохтан, гудох- тан, ба хилти ғолиби бадан табдил ёфтан ва хун шу- дан аст, инчунин баданро каме гарм ҳам мекунад би- нобар мӯътадил будани мизоҷи гармӣ дар ҷавҳари худ ва бо мартабаҳои хосаш таъсир мебахшад. Мо- нанди: шакар, асал, оби ангур ва тут, шарбати хурмо ва анҷир, хуллас, ҳар он чӣ дар он ширинӣ мавҷуд ва худаш ширин бошад. Вале ширини бад сахттафсонан- да буда, аз ин мустасно мебошад, ки он сатҳи забон- ро дурушт месозад ва ташнагӣ меоварад, монанди: шакари сурх ва баъзе намудҳои асали тунд ва кӯҳна- шуда. Ё ки бетаъм он аст, ки сатҳи забонро бисёр муло- им, ҳамвор ва суфта месозад, вале табиати бадан он- ро дӯст намедорад. Аз феълҳои он: паст кардани гар- мии бадан, шикастани ташнагӣ, нест гардонидани да- ғалӣ ва қабзиятҳо ва монанди инҳо, агар чизи бетаъ- ми тар бошад. Хуллас, шиддат ва тезии таъм ба мизоҷи гарми он даво ё ғизо далолат мекунад. Таъми мӯътадил ва му- лоимати он ба мӯътадил, дуруштӣ, гирандагӣ, тунҷӣ, инчунин ба хушкии он, сустӣ, нармӣ ва мулоимкунан- дагии худаш ба тар будани мизоҷи он далолат меку- над. Ба ҳамин хислатҳо ва нисбатҳо қиёс намуда, кай- фияти давоҳои мураккабро муайян метавон кард. Го- ҳо як ҷисм аз ду чиз бо ҳам таркиб меёбад: яке аз сардмизоҷи бетаъм ва дигараш гарммизоҷи ботаъм буда, сардмизоҷ бинобар бисёр будани миқдори ҷав- ҳари худ ба ҷавҳари гарммизоҷ бартарӣ дорад. Пас дар ин навъ чизҳо таъми ашёи мураккаб ғолиб аст бинобар кам иштирок доштани ҷавҳари моддаи гарм- 41 мизоҷ вале феъли он таркиб дар мизоҷ сардии бартар дорад бинобар зиёд будани моддаи ҷавҳари сардмизоҷ, монанди: афюн, ки талхии он аз ҷавҳари моддаи гарммизоҷ аст ва таъсири сардии он аз мизоҷи хунук доштани ҷавҳари он аст — ин қабил чизҳоро мурак- каб-ул-қувват меноманд. Монанди инро ба таври сунъӣ ҳам сохтан мумкин аст, ки чун камтар сабирро (алоэ- ро) дар дӯғи туршии миқдораш бисёр ҳал кунанд, ал- батта онро талх

месозад, вале мизоҷашро гарм наме- гардонад. Пас ин тавр бо роҳи сунъӣ гарчанде мумкин бошад, чизе таъми ашёи дигарро вайрон ҳам намояд, вале мизоҷашро дигар намесозад. Аз ин хулосае бар- меояд, ки муайян кардани мизоҷи давоҳо ва ғизоҳо ҳангоми бо якдигар даромехтан қоидаи қатъӣ наме- бошад. Зеро ки гоҳо мувофиқи хоҳиш ду чизи гуногун- таъмро бо ҳам меомезанд ва гоҳ дар як чиз ду таъм бо ҳам ҷамъ мегарданд, ки инро бадмаза ё бадтаъм меноманд, монанди: ба ҳам омехта гаштани таъмҳои талх бо қобиз дар ҳузаз ном давое; монандие талх бо ширин—ин гуна чизҳо дар шӯразаминҳо мерӯянд ва инчунин оби баҳр ва уқёнусҳо аз ҳамин қабил аст. Ё ки таъми талх ва таъми тез бо ҳам якҷо мегарданд, ки ин гуна таъм дар асали аз ҳад берун пухташуда ва кӯҳнаи худ аз худ дарҷӯшомада мавҷуд аст, ё дар баъзе меваҳои ширинаш аз ҳад берун, ки таъмҳои туршӣ бо талхӣ якҷо омадаанд, Ё ки бодинҷонро ги- рем, дар он талхӣ, тезӣ ва қабз мавҷуд аст; дар коснӣ талхӣ ва бетаъмӣ бо ҳам мураккаб гаштаанд ва мо- нанди инҳо, ки чизҳои се, чор ва панҷ таъмҳои якҷо- гаштаро доранд. Масъалаи шинохтани кайфият ва мизоҷи як қатор давоҳо ва ғизоҳо бо воситаи бӯйи онҳо низ мумкин аст. Зеро бӯйи тези қавӣ ба кайфияти гармии он далолат мекунад; бӯйи сусти заиф ба сустии мизоҷ долл аст ва бӯйи мулоим ба кайфияти мӯътадили он ишорат аст. Вале ин усули муайянкунӣ нисбат ба дарёфтани кай- фияти онҳо бо воситаи таъм, заифтар аст ва қатъӣ нест. Зеро бисёр воқеъ мешавад, ки бӯйи чизе ба таъ- ми он мухолафат дорад, монанди: баъзе гулҳои хуш- бӯй, ки таъми онҳо аз талхӣ ва тунҷӣ холӣ нест, ки кайфияти онро нишон диҳад. Баъзе табибон гуфтаанд, ки бӯйҳои онҳо як қисми сабукашон мебошанд, ки аз онҳо ҷудо гашта, ба ҳаво дохил мешаванд ва инак ба машоми мо мерасанд, Ва 42 баъзеи дигар гуфтаанд, ки бӯйи чизҳо бухори сабуки аз онҳо ҷудогашта мебошад, ки ба ҳаво омехта шуда, ба машоми мо мерасад. Дар ҳақиқат шояд бӯйи баъзе ашё чунон мебошад ва баъзе чунин аст. Баъзе ашё- ро ҷавҳарашон сабук ва ҷирми онҳо сусти ковокдор бошад, ду намуд доранд, ки ҳам заррачаҳои онҳо ва қисми сабукашон аз худ ҷудо гашта, ба ҳаво омезиш ёфта, ба машоми мо мерасанд ва мо онҳоро дарк ме- намоем. Аз ин ҳукм чизҳои сахт мустасноанд ва би- нобар зич будани заррaҳои ҷирмашон бӯй намедиҳанд, монанди: сангҳое, ки дар иморатҳо, хонаҳо ва ғайраҳо ба кор мераванд, инчунин ёқут, алмос, зумуррад ва ғайраҳо бӯй намедиҳанд. Ҳамин тариқ муайян карда- ни кайфият ва мизоҷи ашё бо воситаи бӯй маҳдуд мебошад. Маълум бод, ки бӯйҳо ба се гурӯҳ тақсим меша- ванд: 1. Бӯйи ҳар як таом ба он нисбат карда меша- вад ҳангоми дарк кардан дар машом, чунонки мегӯ- янд: бӯйи дӯшоб, бӯйи шакар, бӯйи асал, бӯйи сирко. Ин- чунин мегӯянд, ки фалон чиз ё фалон мева бӯйи ширин дорад, вале сирко, ҷуғрот ва фалон мева бӯйи турш до- рад ва

ҳамчунин таомҳои дигар, ки аз бӯяшон шинох- та мешаванд. 2. Бӯйҳо форамӣ ва манфурияти ашёро ифода мекунанд, ки он бӯйҳо ба чизҳои бӯйдиҳанда вобаста мебошанд, чунончи гуфта мешавад: ин бӯйи форам ва мувофиқи табиат, ҳазиз ва писанд аст мо- нанди: бӯйи анбар, бӯйи гулоб, бӯйи гулҳои хушбӯе аз гулисурх, наргис ва монанди инҳо. Ин бӯйҳо дар аксар ҳолат ба мӯътадил будани гармӣ ва сабукии (нозу- кии) ҷавҳари он моддаҳо далолат мекунанд. Е он, ки фалон бӯй манфур, номарғуб ва мухолифи табиат аст, монанди: сир, гӯшти мурдор ва монанди инҳо. Хуллас, бо воситаи ин гуна бӯйҳо ба тезии кайфияти таркиби ҷавҳари баъзе ашё далолат мекунанд. 3. Баъзе бӯй- ҳои чизҳоро дар машом ҳис карда, мо гуногун будани таъсири онро мефаҳмем, чунончи мегӯянд, ки фалон бӯй тафси майнаро таскин медиҳад ва ба он тароват мебахшад, монанди: нилуфари тару тоза, себ, бодирин- ги тар; инчунин мегӯянд, ки фалон бӯй мағзи сарро ба тафс меоварад ва онро хушк мекунад, монанди: мушк, хояи сагобӣ, мурч, занҷабил, сиёҳдона ва монанди ин- ҳо. Бӯйҳои дар аввал гуфташуда ба сардӣ ва тарии мизоҷ, кайфият ва сабукии он соҳиби бӯй далолат ме- кунад, вале мафҳуми дуввум гармӣ ва хушкии мизоҷи 43 он моддаро мефаҳмонад. Ҳамин тариқ ҳар як бӯйи му- лоими таскиндиҳанда гармӣ ва ба дилу рӯҳ фараҳ ме- бахшад, барои майна тароватовар ва оварандаи хуб мебошад, баробари ин ба мӯътадил будани гармии ми- зон, бисёрии тарӣ ва сабукии ҷавҳари он модда да- лолат мекунад ва баъзеи аз онҳо ба сардӣ ва тарии мизоҷи онон долл аст. Боз як воситаи муайян кардани мизоҷ ва кайфияти даво мавҷуд аст, ки он шаҳодати рангҳои ашё мебо- шанд. Локин ба ин тариқ муайян намудани кайфият ва мизоҷи давоҳо нисбат ба дигар усулҳо хеле заиф аст (ҳатто аз усули бӯйфаҳмӣ ҳам сусттар мебошад). Ав- вал ҳаминро гӯем, ки ҳамаи рангҳо аз ду ранги асосӣ, ки сафед ва сиёҳ мебошанд, мураккаб гаштаанд, ки бо камӣ ва зиёдии яке ва дигаре ҳангоми омезиш, гуно- гуннамо мебошанд. Хуллас, бигӯем, ки ранги ҳар як ҷисм сиёҳ бошад, мизоҷаш гарм аст ва ҳар ранги са- фед аломати сардии мизоҷи он аст; ҳар сурх аломати мизоҷи мӯътадил, ҳар сабзро аломати сардӣ ва хуш- кии мизоҷ ва зардро аломати гармӣ ва хушкии мизоҷи он донистаанд. Мо дар боло гуфтем, ки бо воситаи ранг муайян кардани мизоҷ, ва кайфияти давоҳо хеле заиф мебошад. Барои далели ин фикр мисол меоварем, масалан: ранги афюн сиёҳ ва бӯяш тез аст, аз ин рӯ бояд мизоҷаш гарм бошад, вале ин тавр нест, балки сард аст. Ҳамин тавр ҳукм аст дар муайян кардани мизоҷ ва кайфияти давоҳо бо воситаи таъми онҳо, яъне ин ҳам қатъӣ нест гуфта будем. Боз ҳамон чизҳоро барои да- лел меоварем. Афюн бисёр талх аст, вале аз рӯйи ҳукми бо воситаи таъм муайян кардан мизоҷи он гарм нест, балки сард аст. Инчунин агар бо воситаи бӯяшон мизоҷ меёфта бошем, мизоҷи афюн ва

кофур бисёр сард аст, аммо таъмашон талх ва тунд мебошад, ҳатто аз бӯйҳои давоҳои гарммизоҷи мурч, заъфарон, хояи сагобӣ, анбар ва мушк ҳам баландтар аст, ки аз ин ҷиҳат ҳукм баровардан мумкин аст гӯё онҳо гарммизоҷанд. Вале дар ҳақиқат ҳар дуи ин даво мураккаб- ул-қуво мебошанд, ки дар онҳо ду қисми мизоҷ мав- ҷуд аст: яке қисми сабуки бӯйдор, ки боиси содир шу- дан кайфияти гармӣ гаштааст ва дигаре сахти асосии сардмизоҷ, ки боиси ранг ва содир шудани таъсири сардӣ гаштааст. Баъд аз дар бадан ворид гаштани қисми сабуки гарммизоҷи он ба табиати бадан таъси- 44 ри худро расонида, ба зудӣ ба таҳлил меравад ва бар- ҳам мехӯрад, вале қисми сахти сардмизоҷи асосии он муддати дароз боқӣ мемонад ва таъсири сардӣ ме- оварад. Аммо аз рӯйи таъсири давоҳо чунон муайян карда шудааст, ки агар он давое, ки хислати кушодани ги- реҳҳо ва банд кардани ҳаракати моддаҳои рақиқ дош- та бошад, мизоҷаш гарм ва хушк аст бо хислати сар- дӣ — яъне он даво мураккаб-ул-қуво мебошад бо зиё- датии гармии мизоҷ. Он чӣ дар он таҳлилдиҳандагӣ ва часпандагӣ мавҷуд бошад, дар он даво гармӣ ва тарӣ бисёр аст. Он чиро қувваташ бисёр нозук ва суст бошад, монанди: сақмуниё ва ё шустанаш ҷоиз набошад, монанди: коснӣ, ба он далолат мекунад, ки қисми гарммизоҷи он бисёр кам ва заиф аст, вале қис- ми хокии сардмизоҷи ғафсаш бисёр аст. Ҳамин тариқ монанди инҳо аҳволи дигар давоҳоро муқояса кардан даркор аст. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-muqaddima-4-5#chor

Фасли шашум. Дар баёни эҳтиёҷ ба мураккаб сохтани давоҳо Аввалан бояд донист, ки давои муфрад (содда) ҳеҷ вақт бар зидди бемории дигари дар шафати иллате мавҷудбуда ба қадри кофӣ муқовамат карда намета- вонад, яъне дар кайфият ва хосияти худ ба ин кор кифоятбахш нест, ки дар аксар ҳолат хусусан бемори- ҳои мураккаби зиддиятнокро дафъ ва нест гардонад. Бинобар ҳамин давои мураккабро сохтан беҳтар ва мувофиқтар аст, ки ба он бемориҳо муқовамат намояд ва таркиби ин давои мураккаб чӣ қадар сабуктар ва камтар бошад, беҳтар аст. Зеро ки давои содда ба та- биати бадан нисбат ба давои мураккаб сабуктар ва сусттар таъсир мебахшад. Камии миқдори таркиб ва бисёрии қисмҳои он ё барои қавӣ гаштани даво мебошад, ё барои ҳифзи (пойдории) қуввати он, ё барои дафъ кардани хусу- сияти бад, яъне озор ва газанди он, ё барои ба мав- зеи иллат рафта расидан ва нуфуз кардан ба он, ё барои дафъ гардонидани кароҳият ва нохушии таъм ва бӯйи он ва ё монанди ин фоидаҳо ва нест кардани 45 бемориҳои бисёр. Пас, ҳарчанд ин амрҳо зиёд гар- данд, қисмҳои таркибдиҳанда ҳам афзун мешаванд. Тафсилоташ он аст, ки сабабҳои умумӣ ва мақсади таркиб додани давоҳо миқдоран кам ё зиёд гаштани он барои дафъ кардани бемориҳои матлуб аз ду

ҷи- ҳат кифоятбахш аст: 1. Он ки дар он ягон кайфият ва сифат пурзӯр ва зиёд бошад аз миқдори матлуб ё ин, ки заиф ва ноқис бошад ва ё зиддият дошта ва аз ҳам ҷудо шуда, ба баъзеи узвҳои бадан, қувватҳо ва рӯҳҳо ё ба баъзе бемориҳо расад. 2. Он ки бемории бадан аз чанд иллат мураккаб гашта бошад, он даво батанҳоӣ ба он нуқсони бадан муқобалат нишон дода ва онро дафъ карда наметавонад. Пас, дар ин мавридҳо ба да- воро мураккаб кардан зарур надорад, зеро ки бо давое ё ғизои муолаҷа кардан мумкин бошад, бояд ба давои ғизоӣ руҷӯъ намуд, ки то ҳоли мизоҷ ва дафъи беморӣ бо он ислоҳ шавад, инчунин ба даво ихтиёр набояд кард, агар аз давои камқувват ва осони судбахш ҳо- ҷат раво гардад, давои қавӣ ва душворро истеъмол набояд кард. Ҳамчунин бо давои арақовар ва пешоб- рон мурод ҳосил гардад ва бадан аз таъсири он аз олойишҳо пок мегашта бошад, давои мулайинро набо- яд тавсия намуд ва агар бо истеъмоли давои мулайин бадан аз азият халос мешуда бошад, давои мусҳил (исҳоловар) додан ҷоиз нест, хусусан давои мусҳили қавиро бидуни ҳамроҳии давои пазонандаи моддаи нодаркор набояд фармуд. Зеро давои пазонанда қиво- ми моддаҳои нодаркорро ба эътидол меоварад ва бои- си қобилияти дафъ шудани онҳо мегардад. Инчунин табиб бояд ва ҳатман давоҳои дар таҷрибаҳои худ оз- мудагаштаро ба кор барад ва инчунин бояд ӯ вуҷуди шахси шифохоҳ, мизоҷҳои табобат, синну солҳои гуно- гуни беморонро ба эътибор гирад. Бояд донист, ки ин ҷо мақсад аз бемории танҳо гуфтан он аст, ки табиб онро бо як амал, на бо як- чанд тадбир муолаҷа намояд, масалан, бо хунук гар- донидан ё таҳлил додани модда, ё бо исҳоловарандаи сафро ё балғам, ё савдо ва ғайра машғул бояд шавад. Агар иллат мураккаб аз чанд бемориҳо бошад, муво- фиқи он чанд навъ усули муолаҷаро ба кор бояд ба- рад. Масалан: захмҳои гӯшт, ки аз ҷумлаи даридан ва чок шудан аст, барои дафъ кардани онҳо табиб ба давои мураккаб ба қувват ва кайфияти иллат дастболо ба хушккунандаи он мӯҳтоҷ мегардад. Ва агар захми 46 гӯшти бадан мурдор гашта ва бӯйи бад гирифта бошад, ба давои хӯранда эҳтиёҷ меафтад. Аммо агар иллатҳо ба давои мураккаб мӯҳтоҷ бошанд, ки он даво кай- фияте ва сифати қавӣ ва зиёда дошта бошад, пас он аз шаш қисм иборат аст: 1. Он ки қувват ва кайфияти давои мураккаб ба қувват ва кайфияти иллат дастболо бошад ё аз он зоид ва ноқис бошад, масалан, ҳоҷат ба давое афтад, ки кайфият ва ҳарорати он аз се қисм иборат бошад ва он давои мувофиқи матлубе, ки ҳа- рорataш аз чор қисм иборат бошад, пас ночор давои мураккаб сохта мешавад. Ва ё давое, ки аз чор ҷузъ иборат бошад, баъди кофӣ гаштани феъл ва таъсир дар он се ҷузъ аз гармӣ ҳосил шавад, монанди: дар вақти даромехтани оби бисёр гарм бо оби хунук ва ҳамчунин аст таркиби давои сардмизоҷ бо давои ху- нукмизоҷи дигар ё давои сард бо давои гарммизоҷ ва тармизоҷ; тармизоҷ бо тармизоҷ ё

хушкмизоҷ бо давои мизоҷи хушкдошта, ё хушк бо тар ва ғайра, 2. Он ки дар он даво сифате ва ҳолате ғолиб бошад, ки зид- дият ва мухолафат дошта бошад, масалан, қувваташ бисёр шадид бошад, монанди: афюн, фарфюн, кофур ва монанди инҳо ва ё зуд нуфузкунанда, ки кам- таре аз он кифоят кунад, монанди: зангор, гӯгирд, зар- них, оҳак ва монанди инҳо, ки бинобар қувват ва те- зии баркамол доштанашон ба таркиб кардан бо даво- ҳои исҳоловари часпандаи шиканандаи қувват ва те- зии онҳо эҳтиёҷ афтад, монанди: заъфарон ва хояи са- гобӣ бо афюн ё заъфарон бо кофур; катиро ва шилмҳои дигар бо фарфюн, равғанҳо бо муми занбӯри асал, сафедаи тухми мурғ бо зангор, гӯгирд ва бо оҳак. Аз ҳамин қабил аст даромехтани катиро бо марҷони сӯхтагӣ ва монанди он: биҳӣ, мустако, табошир ва уди ҳиндӣ дар бемориҳои меъда, ҷигар, рагҳо ва атрофи ин узвҳо бо сақмуниё ва бо занбӯруғи сафеди танаи дарахт даромехта мекунанд то он, ки он ҳар ду даво дар меъда, ҷигар ва рагҳо ва атрофи онҳо нигоҳ дошта шавад то он, ки онҳо таъсири худро дар он узвҳо гузаронида тавонанд, ки он таъсир иборат аз кашида берун кардани моддаи сафро ва гудохтани бал- ғам мебошад, ки аз хосиятҳои сақмуниё ва занбӯруғи сафеди танаи дарахт аст, ҳамин тариқ ба зудӣ он мод- даҳои нодаркорро ба рӯдаҳо ва аз рӯдаҳо ба берун меронанд. Низ ин ҳар ду давоҳо се қувватҳои баданӣ (нафсонӣ, ҳайвонӣ ва табиӣ) ва се рӯҳи баданӣ ва 47 қувватҳои узвҳои асосӣ ва шарифро маҳфуз медоранд, ба онҳо манфаатҳои умумӣ мебахшанд, инчунин дил, ҷигар, меъда ва майнаро аз зарар ёфтан ва офатҳои дигар нигоҳ медоранд. Зеро ки давоҳои исҳоловари қавӣ безарар нестанд. Низ бо ҳам омехта кардан ва таркиб додани давоҳои часпаки тезиро манъкунанда буда ва суръат» гузариш ва таъсирнокиро маҳдуд ме- гардонанд, монанди: катиро, шилми бодомҳо ва афюн бо давоҳои тези қавии зуд нуфузкунанда ва гузаран- да, монанди: зарнихҳо, танакор, навшодир, шӯра ва монанди инҳо, то он, ки муддати дароз дар хичак би- монанду амал ва таъсири худро бибахшанд, вале за- рар ва газанде ба ин узв нарасонанд. Низ аз ҳамин ҷумла аст омехтани давоҳои башиддат исҳоловари пурқувват бо давоҳои исҳоловари дигар ва чарб намулани онҳо бо равғани бодоми ширин, равғани гов ва монанди инҳо бо турбуд, ҳалилаҳо. Инчунин парвар- дан ва ташвия додани баъзеи онҳо, монанди: ҳабус- салотин (тухми беданҷири хитойӣ), ҳаб-ул-мулук (мо- ҳудона), мозариюн, сақмуниё, анзарут ва дигар даво- ҳои исҳоловари пурзӯр. Аз ҳамин ҷумла аст даромех- тани сирко бо шакар ё сиркоро бо асал сиканҷабин сохтан барои шикастани тези ва суръати нуфузи сир- ко ва шикастани ҷӯшиш ва ҳаяҷони сафро ва савдо, барои он, ки туршии тез маҳз баҷӯшоварандаи сафро ва савдо мебошад. Низ шакар бо асал бинобар хис- лати часпандагӣ доштанаш шиддати нуфузи сиркоро манъ мекунад ва тезии онро мешиканад. Табиат ва

қуввати ҷигар ба сабаби камоли рағбат ба ширинихо доштанаш онро ба зудӣ ба худ мекашад. Хислатҳои гуворои ширинихо: тезии сафроро мешикананд ва дар ҳамаи роҳ ва маҷроҳои бадан нуфуз мекунанд, гиреҳ- ҳоро мекушоянд ва ғайраҳоро ба амал меоваранд. Ин- чунин омехтани равған бо сирко дар он барои фоида ва манфаатҳои онҳо ба кор меравад. Ва омехтани ши- ринӣ бо занҷабил, ҳалилаҳо, омула ва мураббо сохтан аз онҳо бо шакар ва асал ҳамин гуна фоида мебах- шад. Инчунин аз ҳамин қабил аст таркиб додани да- воҳои сабуки таъсирбахшанда бо давоҳои зуд нуфуз- кунанда, монанди: тухми бодиён, карафс, арпабодиён, равғани баласон ва монанди инҳо, ки бинобар камоли қуввати нуфузи худ дар ҷигар ва узви махсус қарор намегиранд ва аз ин рӯ таъсири матлуб, ки кушодани гиреххо, таҳлил додани моддаҳо ва ғайра аз онҳо ме- 48 бошад, ба амал омада наметавонад. Аз ин ҷиҳат ба омехта карданашон ба давоҳои онҳоро ба тарафи ҷи- гар кашанда эҳтиёҷ пайдо мешавад, то он, ки дар ҷи- гар қарор гиранду ба тарафи дигар нуфуз намоянд, монанди: тухми турб, ки ба тарафи сари меъда каши- да мешавад. 3. Он, ки он даво нуфузи суст ва қуввати заифу таъсираш кам бошад ва амали он бекора, но- буд ва суст гардад; ё он, ки он даво ба сабаби заиф будани қуввати худ ва бинобар дурии масофа то узви иллатгирифта ё ба сабаби хосият надоштанаш ба он узв дар роҳ пароканда ва парешон гардад ва аз ин сабабҳо ҳамаи қувватҳои он ба узви матлуб расида наравад; ё аз он, ки бо он узв мувофиқ бошаду бино- бар танҳоӣ расида натавонад. Пас дар ин суратҳо ба давои мураккаби ба он узв зуд нуфузкунанда мӯҳтоҷ буда, давое лозим аст, ки боиси қувват бахшидан ва монеи пароканда шудан гашта, таъсир ва қуввати он- ро ба узви матлуб бирасонад, монанди: дохилшавии заъфарон дар қурсҳои кофур ва давоҳои дил. Низ яке аз хосиятҳои заъфарон он аст, ки баъд аз расонидани таъсири даво ба дил, ҳам бо қуввати гарммизоҷи худ ва ҳам бо хосият ва асари заъфарон барҳам мехӯраду таъсир ва қуввати даво боқӣ мемонад. Аз ҳамин ҷи- ҳат ҳангоми таркиб кардан миқдори заъфаронро дар қурсҳои кофурӣ аз вазни кофур камтар ва кофурро дар давоҳои дил аз вазни давоҳои дигар камтар месо- занд, то, ки ба онҳо ғолиб наояд, балки маҳз бурда расонандаи онҳо бошад. Низ аз ин ҷумла аст дохил кардани сирко ба давоҳои хос ба сипурз. Аз ин ҷиҳат заъфарон ва асорун (копытень) ба таркиби сақмуниё ва усораи печаки баргаш нӯгтез ва занбӯруғи сафеди танаи дарахт дохил карда мешавад барои он, ки хар дуи он қуввати ҳар дуи инро ба майна ва рагҳои он бирасонад, ки ин ҳар ду давои асоси таъсири худро бекамукост ба майна ва рагҳои он бирасонанд. Ило- ва бар ҳамаи ин дохил кардани давоҳои хушбӯйи манъ- кунанда, кушояндаи гиреххо ва аз моддаҳои нодаркор поккунандаи узвҳои бадан ба давоҳои варамҳои ҷигар, майна, меъда, гурда, хичак ва хояҳо, монанди: муста- ко, уди ҳиндӣ, гулисурх ва

зира ё дар давоҳои исҳоло- вари меъда нормишк (нори ҳиндӣ)-ро; мустако ва би- ҳӣ дар давоҳои исҳоловари ҷигар, гулисурх бо даво- ҳои исҳоловари майна — сунбул-ут-тиб; ва ба давоҳои исҳоловари хояҳо зираро ва ғайра, ки аз ҳамин қабил 49 аст; дохил кардани зарних барои гурда ва хичак хос буда, ба давоҳои пешоброни бемориҳои гурда ва хи- чак фоидабахш барои он, ки қуввати онҳоро бекаму- кост ва суст нагардонида, ба ҳар дуи ин узв мерасо- нанд. Низ дохил кардани сирко дар равған дар даво- ҳои гузошта бастани ва молидани ва бобунаро низ дар давоҳои гузошта бастани ва нӯшидашаванда аз ҳамин қабил аст. Зеро ки дар бобуна ду қувват мавҷуд аст — яке таҳлилдиҳанда ва дуввум қабзияткунандаи ҳаракоти моддаҳои рақиқи равон, ки бо қуввати таҳ- лилбахши худ дар ҳастии узв таъсир мекунад ва бо қуввати қобиза маҷроҳои бадан ва масомҳои пӯстро баста мегардонаду ҷараёни моддаҳои рақиқро манъ менамояд. Ҳамчунин, ки дар сирко се қувват мавҷуд аст: яке кушояндаи гиреҳҳо, дуввум нуфузкунанда ва саввум қабзиятовар. Дар равғани гулисурх низ се қув- ват мавҷуд аст: яке кушояндаи гиреҳҳо, дуввум таҳ- лилдиҳанда ва саввум мулоиму сусткунанда, балки камтар қуввати қабзиятнокӣ низ дорад хусусан дар ғунчаи ношукуфтаи он. Инчунин бо ҳам даромехтани занҷабил бо турбуд барои он, ки турбуд бо тезии худ моддаҳои бегонаи дар узвҳо часпидаро рақиқ карда ва моддаҳои балғамии ғафсро бе ёрии занҷабил дафъ карда наметавонад. Мустако барои қувват бахшидан ба меъда ва ҷигар хос аст. Ҳамчунин аст мураккаб кардани баъзе давоҳои исҳоловар бо баъзеи дигар ба- рои афзойиш додани қуввати ёрирасон барои аз ҷоя- шон кандан ва дафъ гардонидани моддаҳо. Таркиб кардан ва омехтани шароби софи райҳонии рақиқ бо обгӯшт барои бемории беҳушиовар ва барои худи бе- мори ин иллат; кофур бо оби ҷав омехта гардад, барои одами лоғар дору мешавад. Зеро ки обгӯшт бинобар часпандагии худ ба маҷроҳо ва роҳҳои гузаштани мод- даҳои бадан часпида мемонаду ба зудӣ ба узви мат- луб ва чуқуриҳои бадан намерасад. Шароб бинобар шиддати нуфуз доштани худ обгӯштро ба узви матлуб мерасонад ва худаш ҳам ғизои бадан мегардад. Кофур ҳам ба зудӣ таъсири оби ҷавро ба дил мерасонад, ин- чунин ин даво барои дил хос аст, низ бошиддат сард мегардонад. 4. Он ки даво ба рӯҳҳо, қувватҳо ва баъ- зе узвҳо зиддият ва мухолафат дошта бошад, монанди: афюн ва дигар давоҳои заҳрноки пурзӯри исҳоловар, ки ба муҳофазаткунанда ва ислоҳбахш мӯҳтоҷ мебо- шанд, мисли: афюн, ки дар давоҳои чашм, ки бе иш- 50 тироки заъфарон қурсҳо сохта намешаванд ва даво- ҳои назлабанд бо заъфарон, хояи сагобӣ ва мушк ис- теъмол мегарданд. Ҳамчунин афюн дар давоҳои дил, ки бе иштироки давоҳои номбурда ба кор бурдан ҷо- из нест, зеро ки агар он ба танҳоӣ истеъмол гардад, рӯҳҳо ва қувватҳои баданро барҳам медиҳад, ҳарора- ти

табиӣ, яъне гармии модарзодиро хомӯш мегардо- над. Инчунин давоҳои пурқувват ва исҳоловари заҳр- нок, ки бидуни ҳамроҳ намудани доруҳои ислоҳбахши феъли онҳо ва нигоҳдорандаи қувваҳо, рӯҳҳо ва узвҳо, хусусан аъзои раиса, ки дил, майна, ҷигар, меъда, гур- да, хояҳо ва хичак мебошанд, истеъмол карда наме- шаванд, монанди: сақмуниё бо шилм, катиро ва ғай- раҳо аз давоҳои часпанда, ислоҳбахш, ташвия, пар- варда кардан ва давоҳои муҳофазаткунандаи арвоҳ (рӯҳҳо) ва қувватҳо истеъмолаш ҷоиз нест. Ба ҳамин монанд аст зангор ва мисли он давоҳо бидуни дохил кардани шилмҳо, муми занбӯри асал ва равғанҳо ис- теъмол намешаванд — инро дар боло низ хотирнишон намудем. 5. Он ки давои бадбӯ ё бадтаъм бошад, та- биат онро қабул намекунад, монанди: шилми болдир- ғон, сабир (алоэ), ки ин ҳар ду мӯҳтоҷ мебошанд ба ислоҳбахши худ ва даромехтан бо давоҳои хушбӯйи хуштаъми монанди: заъфарон ва асал, баъд онҳо лои- қи қабули табиат ва барҳам хӯрдани нафрати бадан нисбат ба онҳо мегарданд, инчунин тезии онҳо ҳам нест мегардад. 6. Он ки узв ба сабаби шарофат, лато- фат, шиддат ва тезии ҳисси худ ба давоҳои қавӣ, те- зи сӯзанда ва доғкунанда бардошт надорад, масалан: дил, майна, чашм, сари меъда, ки ба давоҳои мурак- каби тезии онҳоро шикананда ва узвро ба худ ром- гардонанда, монанди: катиро, луобҳо, афюн, бангдо- на ва омехтани онҳо ба давоҳои қувватбахши нигаҳ- дорандаи хислати онҳо дар давоҳои хӯрда ва нӯши- дашаванда, ки шилмҳо, равғанҳо, муми занбӯри асал ва сафедаи тухми мурғ мебошанд, мӯҳтоҷанд. Аммо мураккаб сохтани даво барои иллати бисёр- ҷинса бошад, он се қисм аст: 1. Он ки беморӣ аз ду хилт иборат бошад ва давои танҳо ҳар дуи он модда- ро аз бадан дафъ карда наметавонад, монанди: таби шатр-ул-ғиббро, ки моддаи он аз сафро ва балғам таркиб ёфтааст. Пас, дар ин ҳолат барои муолаҷаи он ба давои мураккаби берункунандаи сафро ва балғам эҳтиёҷ меафтад. Давои матлуб дар ин амал, масалан. 51 сақмуниё бо гӯшти ҳанзал (тарбузи абӯҷаҳл) омехта шаванд, шифо мебахшад; вале агар моддаи он иллати мураккаб аз савдо ва балғам иборат бошад, ба таркиб кардани санги арманӣ бо лоҷвард эҳтиёҷ меафтад. Агар захмҳои римнокро табобат кардан лозим ояд, дар ин ҳолат ба давои поккунандаи рим ва ҷудо кар- дани гӯшти ҳаром эҳтиёҷ пайдо мешавад, то ки гӯшти солим бирӯяд. Пас, ночор давоҳои римро дуркунандаю гӯшти тоза рӯёнандаро бо ҳам омехтан зарур мегар- дад, ки ин даво шилми санавбар бо зангор марҳам сохта мешавад. Ва барои табобати варами сахти сар- ди ҷигар, ки дар он пазонанда ва таҳлил додани ва- рам зарур аст, барои дафъи ҳамаи ин ҳоли ҷигар да- вои содда ёфт намешавад. Бинобар ин дар таркиб до- дани давои муносиб барои пазонидан ҳулбаро, барои кушодани гиреҳҳо талхшувоқ, барои таҳлил додани варам заъфарон ва барои қабзият ва нигоҳ доштани қуввати он гулисурх — ҳамаро

бо ҳам даромехтан ло- зим меояд. Зеро ки агар моддаҳо пухта шаванд, гиреҳ-хо кушода шуда, варам таҳлил ёфта, он моддаҳо ба осони дафъ мегарданд; ва аз сабаби банд гаштани маҷроҳо ва нигоҳ дошта шудани қувват моддаҳои на-ви бегона ба он узв рехта намегарданд. Сабаби дигаре он аст, ки агар пеш аз пухта шудани модда давоҳои таҳлилдиҳанда истеъмол карда шаванд, қисми лати- фи (суюқи) модда ба таҳлил меравад ва қисми ғаф- саш шах шуда, дар натиҷа беморӣ кашол меёбад. Он, ки агар дар варамҳои сахт ва сарди ҷигар, ки ба са- баби гиреҳ пайдо шудан найчаи мобайни ҷигар ва си- пурз банд гашта бошад, дар натиҷаи ин ахлоти ғафси савдовӣ дар ҷигар ҷамъ мегарданд, зеро онро сипурз аз ҷигар ба худ кашида наметавонад. Инчунин дар варами гарми хунӣ ё сафровӣ, ки беморӣ мураккаб аз бадмизоҷӣ ва даридан мураккаб мебошад—дар ин ҳолат ба таркиб додани давои мураккаби сардмизоҷ эҳтиёҷ меафтад; барои дафъ кардани мизоҷи бади гарм ва ба давои радкунандаи моддаҳои зарарноки аз нав ба ҷигар рехташаванда ва барои титу паро- канда гардонидани моддаи дар он рехташуда; инчунин ба давоҳои қувватбахши қабзиятовар монанди: бо ҳам даромехтани биёраи бебарги каду бо сандал, бобуна ва ақоқиё ном шилм зарурат пайдо мешавад. Қисми дуввум он, ки давои соддаи ду қувватдошта пайдо кар- да мешавад: яке аз он ҳар ду қавитар ва дигаре за- 52 ифтар барои бемории мураккаби иборат аз ду иллат, бо тезии худ ба он ду беморӣ муқобалат карда наме- тавонад. Зеро ки яке аз қувватҳои он пурзӯр буда, фа- қат ба як беморӣ ғолиб меояд, вале бо қуввати дига- раш, ки заиф аст, дар амри барҳам додани бемории дуввум ноқис мебошад. Пас, ночор барои тартиб до- дани он давои мураккабе, ки ҳар ду қуввати онро мӯътадил гардонад, ҳоҷат меафтад, масалан, ба бобу- на. Пас ҳар гоҳ бошиддат қабзият намудан мақсад бошад, бояд онро бо давои қабзиятовар даромехт ва ғайра. 2. Давоеро, ки дар он ду қувват бошад: яке аз он қавитар ва дигаре заифтар барои бемории мурак- каб аз ду иллат бошад, ёфтан даркор аст. Он даво ба ҳар ду иллат баробар муқобалат ва муқовамат карда наметавонад. Зеро яке қувватҳои қавӣ буда, ғо- либ меояд ба яки он беморӣ, вале бо қуввати дувву- маш аз иллати дигар заиф ва ноқис аст. Пас ночор эҳтиёҷ ба тартиб додани давон дигар, ки ҳар ду қув- ваташ баробари он ҳар ду беморӣ бошанд, эҳтиёҷ ме- афтад. Масалан: дар ин ҷо бобунаро ихтиёр мекунанд, ки қуввати таҳлилдиҳандааш бештар аст назар ба қуввати қабзиятовари он. Модом ки мақсад қабзияти шадид ба амал овардан бошад, онро бо давои қабзия- товар таркиб додан лозим аст, ки то мурод дар муо-лаҷа ҳосил гардад. 3. Он ки яке аз ду ҷузъи беморӣ шадидтар аз дигаре бошад, давои содда бар зидди ҳар ду беморӣ комилан таъсирбахш ёфт намешавад. Пас, дар ин сурат ҳам барои сохтани давои мураккаб, ки ба ҳар дуи беморӣ таъсири мусбат расонад, мӯҳ- тоҷанд. Барои ҳамин ягон чиз ба

бобуна ҳамроҳ на- моянд, ки қуввати таҳлилдиҳандаи онро кам намояд, Агар қуввати қабзиятовари онро афзудан мурод бо- шад, давои афзойишдиҳандаи қабзият бояд ҳамроҳ на- муд, ва илло қуввати таҳлилдиҳандаи онро изофа сох- тан мақсуд гардад, то ки қуввати давои мураккаб баробари беморӣ гардад, ин гуна даво оби ҷав ба бо- буна ҳамроҳ кардан аст барои иллати захми шуш ва таби диқ (лоғаркунанда), ки танҳо бо воситаи сардии мизоҷи худ ҳароратро хомӯш карда наметавонад, ам- мо бо қуввати поккунандаи худ барои захми шуш ки- фоятбахш ва баробарқувва мебошад, вале барои час- понидани захми он каме ноқис аст. Бинобар ҳамин катиро ва гили махтум дар захми шуш барои зарурат ва кофур дар таби диқ изофа бояд намуд, то ки қув- 53 вати часпонидан ва сардии мизоҷи онро қавӣ гардо- нида, ба захми шуш вафо намояд ва таби диқро дафъ кунад. Як даворо барои як беморӣ ба кор мебаранд дар он ҳолате, ки иллат мустаҳкам набошад. Аммо дар сурати зиёд будани миқдори беморӣ дар як бадан ва ҳангоми мустаҳкам гаштани он барои сохтани да- вои мураккаб зарурат меафтад. Ҳарчанд таркиби ма- раз (беморӣ) зиёдтар бошад, таркиби даво ҳам муво- фиқи он бояд бияфзояд, то он, ки муддао — табобат ҳосил гардад. Фасли ҳафтум. Дар баёни кайфияти давоҳои мураккаб ва муайян кардани миқдори хӯрдани онҳо Дар ин бора қоида чунин аст, агар якчанд давоҳо- ро бо ҳам даромезанд, ки ҳар яке он ба таркиб даро- янда барои мақсади муайян бошад, бояд ки таносуби миқдори хӯрдани ҳар яке аз онҳо монанди нисбати вазифаи матлуби таркиби онҳо бошад. Масалан: агар таркиби даво аз панҷ чиз мураккаб шуданаш матлуб бошад, барои як бор хӯрдани аз ҳар як давои содда панҷяк миқдори хӯрданашро гирифта, баъд бо ҳам даромехта мекунанд, ки ин як хӯрдании комил мебо- шад. Агар мақсад се давои соддаро бо ҳам омехтан даркор бошад, аз ҳар яки он сеяк миқдори хӯрда- нашро гирифта, баъд бо ҳам меомезанд, ки ин низ як хӯрдании комил аст. Вале агар масалан, аз шаш да- вои содда барои шаш бор хӯрдан давои мураккаб тайёр кардан даркор бошад, аз ҳар яки онҳо як миқ- дори хӯрданро гирифта, ба ҳам меомезанд; ва барои сиву шаш маротиба хӯрдан бошад, аз ҳар яки он шаш давоҳои матлуб шаш миқдори ошомиданро бо ҳам да- ромехта, баъд ба сиву шаш тақсим карда, ҳар бор як қисми онро истеъмол мекунанд. Агар инро дақиқтар баён намоем, масалан, барои дафъ кардани сафро ва балғам аз омехтаи сабир, зан- бӯруғи сафеди танаи дарахт, гӯшти ҳанзал (тарбузи абӯҷаҳл) ва сақмуниё, ки чор намуд аст, давои му- 54 раккаб тартиб додан даркор бошад дар ҳолате, ки миқдори як бор хӯрдан аз занбӯруғи сафеди танаи да- рахт 2 дирам (ҳафт грамм), аз сабир ва гӯшти ҳан- зал аз ҳар як 2/3 дирам (2,3 грамм) ва аз сақмуниё ним дирам (1,75 грамм)—ҷамъаш 3 5/6 дирам (13,42 грамм) аст. Аз ин ҳисоби чор дору чоряки он 3,355 грамм, ки миқдори як бори комил

хӯрдани он меша- вад. Агар сафро ё балғам зиёдтар бошад, барои ин миқдори давои дафъкунандаи ин ё он моддаро ба нисбати он зиёд ва дигарашро кам кардан даркор аст. Равшантар бигӯем, ки агар сафроро аз балғам дида зиёдтар исҳол додан матлуб бошад, бояд ки сабир ва сақмуниёро зиёда аз занбӯруғи сафеди танаи дарахт ва гӯшти ҳанзал бигардонем ва ҳар дуи сониро кам сохта, миқдори хӯрдани даворо муайян намоем. Ба ҳамин қиёс риоя карда, давои мураккабро тартиб ме- диҳанд. Масалан, агар аз ҳафт давои содда доруи му- раккаб сохтан даркор бошад, аз ҳар як ҳафтяки миқ- дор, ки як бор хӯрдани он аст, гирифта, ҳамаро мео- мезанд — ин як миқдори хӯрдан ва агар аз ҳар як як миқдори томи хӯрдан бигиранд, инро барои ҳафт бор хӯрдан ба ҳафт қисмат бояд намуд. Дар ин хусус як чизро таъкид намоем, ки ҳангоми давоҳои соддаро бо ҳам даромехтан қисмҳои асосии онро набояд кам ё зиёд гардонанд, то, ки доруи мураккаби сохташуда ноқис, бекора ва заиф нагардад. Инчунин огоҳ мена- моем, ки ягон даво дар вақти таркиб додани доруи му- раккаб набояд вайроншуда ё қувваташ барҳамхӯрда бошад, масалан: гӯшти афъӣ дар тарёқи форуқ; са- мари ғор дар тарёқи чоргона; сабир дар иёраҷи фай- каро ва ғайра, ки бояд дар ҳолат ва намуди солим бошанд. Илова бар ин ҳар як ҷузъи давои мураккаб аз миқдори худ, ки бояд ҳамон қадар дохил карда ша- вад, кам ё зиёд набошад, то ки мақсад беоқибат на- монад. Аммо давоҳои ислоҳдиҳандаи ҳоли давоҳо, ба узв ва ҷойи матлуб расонанда ва монанди инҳоро, ки мавқеашон дуввумдараҷа бошад, мумкин аст, дар вақ- ти зарурат кам ё зиёд карда шаванд. Инчунин даво- ҳои қувват ва хусусиятҳои давоҳои муҷовирро вайрон ва заиф мекарда бошанд, набояд ба давои мураккаб дохил кунанд. Масалан, балодур (анакардия)-ро, ки мурдоркунандаи гӯшт ва заифкунандаи аксари даво- 55 ҳои тарёқӣ мебошад, ҳангоми таркиб додани давои мураккаб ба онҳо набояд даромехт. Хуллас, табиб ҳангоми дору тайёр кардан ва ё дар вақти фармудан ба бемор барои хӯрдан давои мурак- кабро мувофиқи ҳар як иллат созад ва мизоҷи бемор (ё беморӣ), мизоҷи даво, фасли сол, бо ҳам мувофа- қатнокии давоҳо ва дараҷаву мартабаҳои синну соли бемор, вуҷуди ахлот (хилтҳо)-и бадан, ҳолат ва қув- вати узвҳоро дар мадди эътибор дошта бошад, то ки аз табобат мурод ҳосил гардад. Низ табиб бояд ори- фи кори худ бошад ҳангоми ба кор бурдани давоҳои тарёқӣ, захрнок, холис ва ғайри холис, сара ва носа- ра, то ки дар кораш хатоӣ содир нагардад. Фасли ҳаштум. Дар баёни донистани дараҷаҳои давоҳои мураккаб ва муайян кардани онҳо Вақте ки чӣ гуна будани мизоҷи давоҳои мурак- кабро, ки гарм, сард, тар, хушк ё мӯътадил аст, му- айян намуданӣ бошанд, мулоҳаза намоянд, ки миқдо- ри хӯрдани ҳар як қисми он баробаранд ё на: ё ҳамаи онҳо гарммизоҷанд бо хушкмизоҷӣ ва ё ҳамаашон гарммизоҷанд бо тарии мизоҷ ва ё ҳамаашон сарду хушкмизоҷ ва ё

ҳамаашон сарду тармизоҷ, ва ё ин, ки гуногунанд дар мизоҷ. Дар ин ҳолат тамоми миқ- дорҳои дараҷаҳои гармӣ, сардӣ, тарӣ ва хушкии ҳар як гурӯҳро бо ҷинси худ ҷамъ намоянд, баъд ба ада- ди давоҳо тақсим карда, ҳосили тақсимро дараҷаи мизоҷи он давои мураккаб донанд. Агар дараҷаи ми- зоҷ тароват дошта бошад, аз адади бисёр камашро тарҳ намоянд ва боқимондаро ба адади давоҳо тақсим кунанду ҳар як қисми ҳаммиқдорро бигиранд. Масалан: миқдори хӯрдани давоҳои содда як хел, дар кай- фияти, яъне мизоҷи гармӣ ва хушкии онҳо низ якранг, вале дар мартабаҳои ҳар дуи ин мизоҷ гуногун бошад, чун: тарёқи чоргона қисмҳояш мувофиқи нусхаи (ре- цепти) асли он иборат аз самари ғор, ҷинтиёно, мур- ри маккӣ ва зарованди тавил аст—миқдори ҳар чори онҳо баробар. Аммо самари ғор ва мурр — гарммизоҷ ва хушкмизоҷанд дар дараҷаи дуввум; вале ҷинтиёно ва зарованди тавил—гарммизоҷ дар дараҷаи саввум 56 ва хушкмизоҷ дар дуввуманд. Пас дараҷаҳои гармии самараи ғору мурр ду дараҷагӣ — ҷамъ чор дараҷа мешавад; вале ҷинтиёно ва зарованди тавил—ҳар яке дар дараҷа сетогӣ— ҷамъ шаш дараҷа аст. Инак, ҳа- маи дараҷаҳои гарм 10-то мешавад. Ду давои дигар сетогӣ дараҷаҳои хушкӣ доранд—ҷамъ шаш мешавад, низ ду давои аввал, дар дараҷаи дуввум хушк гуф- тем— ҷамъ чор дараҷа мешавад. Инак, дараҷаҳои хушки он чор даво, ҷамъ 8 мебошад. Акнун барои ёф- тани дараҷаи умумии гармиро ба миқдори давоҳо, ки чорто буд, тақсим кунем 2,5-тогӣ мерасад —ин дара- чаи гармии мизоҷи тарёқи чоргона аст, ки дуву ним дараҷа мебошад. Акнун ҷамъи дараҷаҳои хушкро, ки ҷамъ 8 буд, ба миқдори давоҳо, ки чор аст, тақсим кунем, ҳосилаш 2 мешавад — ин дараҷаи хушкии ми- зоҷи тарёқи чоргона мебошад. Инак, тарёқи чорго- наи мазкур, ки мураккаб дар 2,5 дараҷа гарм ва дар 2 дараҷа хушк будааст. Е ки бигирем тарёқи мураккаби ҳаштгонаро, ки аз самари ғор, ҷинтиёно, мурри маккии соф, зарованди тавил, решаи ревоч, пӯсти решаи кавар, қусти талх ва зардчӯба иборат аст — аз ҳама баробар якмиқ- дорӣ гирифта шудааст. Аммо мизоҷи зарованд, ҷинти- ёно ва қуст—ҳар се гарм дар дараҷаи саввум ва хушк дар дараҷаи дуввум; пӯсти решаи кавар, зардчӯба — мизоҷи ҳар яки инҳо гарм ва хушк дар дараҷаи дув- вум; самари ғор, мурри маккӣ — мизоҷи ҳар ду гарм ва хушк дар дараҷаи дуввум; мизоҷи зарованд дар да- раҷаи якум гарм ва дар дуввум хушк мебошад. Пас, ҷамъи қисмҳои гарммизоҷ аз 20 дараҷа иборат аст ва қисмҳои хушкмизоҷ аз 18 дараҷа иборат аст. 20:8 = =2,5; 18:8 = 2,25 мешаванд. Ҳамин тариқ ин тарё- қи мураккаб, ки аз ҳашт даво сохта шудааст, дар 2,5 дараҷа гарм ва дар 2,25 хушк аст. Мисоли дигар. Давои мураккаб аз ду давои соддаи баробарвазн ва мизоҷаш гуногун: тарёқи гил, ки аз самари ғор ва гили махтум иборат аст. Мизоҷи сама- ри ғор гарм ва хушк дар дараҷаи дуввум, гили мах- тум хунукмизоҷ дар дараҷаи якум ва

хушк дар дуввум. Пас, ҳамаи дараҷаҳои гарм—2, сард — 1, хушк — 4 мебошанд. Чун 1-и сардро аз 2-и гарм тарҳ кунем (2 —1 = 1 дараҷа гарм мешавад; ва 1-ро ба 2, ки миқдори давоҳо аст, тақсим намоем, 0,5 мешавад. 4 дараҷаи гармро, ки адади давоҳои таркиб ду аст, тақ- 57 сим кунем (4:2 = 2), ҳосилаш 2 дараҷа мешавад. Маъ- лум шуд, ки давои мураккаб дар ним дараҷа гарм ва дар 2 дараҷа хушк мебошад. Инак, осонтар ва аниқтар таркиб додани давоҳои мураккаб ба салоҳдиди табибони ҳозиқ мансуб аст. Инаш ҳам равшан аст, ки агар давои мураккаберо тартиб доданӣ шавем, миқдори гирифтан аз ҳар қисми онҳо ба адади давоҳои дохилшаванда вобаста аст. Масалан: давои мураккабе, ки аз ду давои содда ибо- рат бошад, агар аз ин таркиб миқдори як хӯрдан тай- ёр карда бошем, аз ҳар яке ним хӯрданӣ гирифта, ба ҳам меомезем—ин миқдори як хӯрдании он мебошад. Агар давои мураккаб аз се, чор ва ғайра иборатбуда- ро сохтанӣ шавем, фарз кардем, миқдори як хӯрдан даркор бошад, аз ҳар як даво сеяк; ва аз чор даво таркиб сохтанӣ бошем, барои як миқдори хӯрдан аз ҳар яке чоряк миқдори хӯрданӣ гирифта, ҳамаро ҷамъ мекунем, ки ин як хӯрдании комил мебошад. Агар аз ин чордору ду миқдори хӯрдан тайёр кардан мурод аф- тад, аз ҳар як ним миқдори хӯрданӣ гирифта, онҳоро бо ҳам меомезем. Фасли нӯҳум. Дар баёни тариқи муайян кардани миқдори хӯрдани давоҳои мураккаб Миқдори хӯрдани ҳар давои мураккабро муайян карданӣ бошанд, аввал бояд, ки миқдори вазн ва ада- ди онро аниқ кунанду баъд як қисми нисбати онро бароваранд, ки ин миқдори як бор ошомидани он аст. Масалан, агар вазни ҳамаи давои мураккаб 105 грамм бошад ва даҳ бор хӯрданӣ шаванд, пас 105: 10, ки миқдори як бор хӯрданаш аз 10,5 грамм иборат аст. Вале агар сӣ хӯрданӣ бошад ва вазни давои мураккаб 10,5 граммро ташкил кунад, дар ин ҳолат 10,5:30 = = 0,32, ки миқдори як бор хӯрданаш 0,32 грамм аст тақрибан. Хуллас, ки дар ин маврид вазни давои му- раккабро ба адади хӯрданӣ тақсим мекунанд ва ҳо- сили тақсим миқдори як бор хӯрданӣ мебошад. Ба ҳа- мин қиёс миқдори як бор хӯрдании давои мураккабро муайян менамоянд. 58 Фасли даҳум. Дар баёни умрҳои давоҳои муфрад (содда) Давоҳои содда аз се ҷинс берун нестанд: ё маъда- нӣ мебошанд ё наботӣ ва ё ҳайвонӣ. Пас умрҳои да- воҳои маъданӣ гуногун мешавад. Умрҳои ҳар як син- фи онҳо вобаста ба пайдоиш, мустаҳкамӣ, андозаи пуррагии таркиб, зичии қисмҳои таркиб ва суст буда- ни ҷавҳарҳо, инчунин ба надоштани ин гуна хислат- ҳояшон аст, монанди: тилло, санги алмос, ёқут, зумур- рад ва монанди инҳо аз ҷавоҳирот, ки муддати дароз бақои худро нигоҳ медоранд, вайрон намегарданд. Ам- мо нуқра ва маъданиёт (ҷавоҳирот)-е, ки таркибашон ноқис бошад, монанди: мис, оҳан, сурб (қӯрғошим) ва ғайраҳо бисёр боқӣ наменомонанд ва ба зудӣ вайрон ва бекора мегарданд, хусусан агар як муддат

дар об ни- гоҳ доранд ва дар хок дафн кунанд, аз кор мебаро- янд. Аммо зангор, ки қувваташ дар муддати як сол кам мегардад ва рафта-рафта бекора мешавад; қувва- ти сафедоб то шаш сол боқӣ мемонад; қуввати мурдор- санг солҳои бисёр боқӣ мемонад, инчунин иқлимиё, марқашишо ва тӯтиё ҳам умри дароз доранд. Аммо заҳрмӯҳраи хитойӣ, подзаҳри қандаҳорӣ ва навъҳои хушранг, хушбӯй ва суфтаи онро умр муддати дароз боқӣ мемонад. Вале муддати бақои умри лӯълӯ (мар- вориди калондона) аз заҳрмӯҳра камтар аст. Муддати бақои умр ва қуввати гилҳои хушбӯй монанди: гили доғистонӣ, гили махтум ва он чӣ ба ин ҳар ду монанд бошад, аз лӯълӯ камтар аст. Ҳамаи санг ва гилҳои шифобахшро чун бисоянд ва муддате ҳамон тавр бигузоранд, қуввати онҳо заиф ва бекора мегардад ва рафта-рафта мисли санг ва гилҳои дигар мегарданд дар хислат ва мартабаҳои худ. Гил ва ғайра модом, ки бӯяшон боқӣ бошад, қувваташон хаст. Ҳамаи давоҳои аз растаниҳо гирифташаванда, аз қабили: шилмҳо, усораҳо, гулҳо ё ширҳояшон, ё рав- ған, ё баргҳо, ё дона ва тухмҳо, ё шохҳо ва решаҳо, ё ришҳо, пӯстлох ва монанди инҳо мебошанд. Пас, шилмҳо, ки муддати бақои қувваташонро то се сол нигоҳ медоранд, вале усораҳо аз инҳо камтар бақо до- ранд. Аммо гул ва шукуфаҳо, инчунин баргҳо, ки ба- қои қуввати онҳо бо хосияти худ аз як то ду сол пой- 59 дор мемонад ва баъд онҳо заиф ва бекора мегарданд. Вале ширҳои растаниҳо ва гиёҳҳои ширдор аз ҷумла: сақмуниё (аз оилаи печакҳо), фарфюн (ба русӣ мо- лочай), афюн ва монанди инҳо дуру дароз боқӣ мемонанд, аз ин ҷумла, сақмуниё қуввати худро то бист сол нигоҳ медорад ва баъд аз он заиф мегардад; фарфюн то чор сол, афюн—50 сол ва зиёда аз ин ҳам қуввати худро нигоҳ медорад. Инак, қуввати шир- ҳои растаниҳо то даҳ сол боқӣ мемонад. Вале равған- ҳоро мегирифта бошем, агар сардмизоҷ бошанд, хусу- сан тармизоҷ бошанд, дар ду-се ҳафта заиф мегар- данд, аммо равғанҳои гарму тармизоҷ ва хушкмизоҷ вобаста ба мартабаҳои худ аз як то ду сол қуввати худро нигоҳ медоранд ва баъд бекора мегарданд. Ам- мо равғани баласон чизи дигар аст ва он аз қабили ширҳо буда, қувваташ муддатҳои дароз боқӣ мемонад, инчунин мегӯянд, ки ҳарчанд кӯҳнатар гардад, сара ва қавитар мешавад. Равғани кофур (камфорное мас- ло) то ду сол қуввати худро нигоҳ медорад. Тухмиҳои растаниҳо гуногун мебошанд. Он чӣ рав- ғани бисёр дошта бошанд, монанди: чормағз, бодом, писта, чилғӯза, кунҷид, тухми кӯкнор ва бодиринг, тух- ми тарбуз ва харбузаву каду ва мисли инҳо то як сол қуввати худро нигоҳ медоранд. Он чӣ камравған бошанд, монанди: тухми ҳулба ва индову хардал, арпа- бодиён ва мисли инҳо вобаста ба нигоҳ дошта шуда- ни онҳо аз таъсири рутубат, хок, бод ва ғайра буда, то ду сол қувваташон боқӣ мемонад. Шохҳои дарахтон ва гиёҳҳо, ришҳои онҳо, реша ва пӯстлохҳояшон низ гуногунанд. Бақои қуввати онҳо ба

сахтӣ, сустӣ, заифии ҷавҳарашон вобаста аст. Зардчӯ- ба, зарованд, дорчинӣ, занҷабил ва монанди инҳо ме- бошанд, ки қуввати онҳо то даҳ сол боқӣ мемонад. Ва- ле агар дар онҳо рутубати фузлия (тарии зиёдатӣ) бошад ҳам, монанди: занҷабил, решаи чӯби чинӣ ва зарованд ҳамчунин аст. Решаи савсани кӯҳӣ, сабзии даштӣ ба зудӣ кирм онҳоро мехӯрад, зуд заиф ва бе- кора мегарданд, вале агар кирм назанад, устувор ме- истанд. Он чи аз ришҳои растаниҳо ва решаҳои исҳоловар бошанд, қуввати онҳо то се сол боқӣ мемонад, баъд батадриҷ бекора мегардад. Давоҳои ҳайвония, монанди: чарбӣ, заҳра, ҳазорхо- наи ҳайвони ҳанӯз алаф нохӯрда, ки инро панирмоя 60 низ мегӯянд ва аз шиками модарашон ситонида шуда, шох, суми яклухта, суми дутоҳа, саргин, писк ва ху- нашон ҳар як тарзи ба худ хосро моликанд. Аз инҳо чарбиро, ки намак хӯронанд, қувваташ то як сол боқӣ мемонад, аммо барои марҳамҳо истифода бурдан ва ба давоҳои мураккаб дохил кардан намешояд. Вале заҳраи ҳайвон бошад, муддати бақои қувват бештар аз чарбӣ мебошад. Агар инро хуб хушк кунанд ва аз даромадани ҳаво ва гард ба халтачаи он неку муҳо- фазат намоянд, қувваташ солҳо боқӣ мемонад, Ё ки панирмоя, ки инро ширдон низ меноманд, қувваташ аз як то ду сол боқӣ мемонад. Ё ки шохи ҳайвонот ва суми хару асп, инчунин нохуни онҳо қуввати худро солҳо нигоҳ медоранд. Саргин, писк ва хуни ҳайвонот монанди: саргини саг, кафтор, хар, буз ва сусмор, ин- чунин хуни онҳо то як сол қуввати худро нигоҳ медо- ранд. Аммо қуввати хояи сагобӣ то даҳ сол боқӣ ме- монад. Фасли ёздаҳум. Дар баёни расидан (болиғ шудан) ва муддати умрҳои давоҳои мураккаб Баъзе давоҳои мураккаб кайфияти мизоҷии худро дар муддати муайян ба камол мерасонанд. Масалан: тарёқи форуқ, яъне тарёқи афъиро баъди шаш соли сохта шудан аз соли ҳафтум истеъмол метавон кард. Вале баъзе ҳакимони мутааххирин истеъмоли онро баъди шаш моҳи тартиб додан ҷоиз донистаанд. Аммо давоҳои мураккаби дигар аз рӯйи гуногуниашон ба чор табақа ҷудо мешаванд. Табақаи якум, маъҷунҳои ази- манд, ки дар мартабаи тарёқи форуқанд ва муддати расидани онҳо шаш моҳ мебошад ва дар моҳи шашум ва ҳафтум истеъмолаш мумкин аст, монанди: асоноси- ёи кабир ва сағир, иёриҷоти кабир ва сағири содда, бодмӯҳра, биришаъшо ва баришҳои дигар, яъне поши- даниҳои дигар; тарёқ-ут-тин, шиёваритуси асғар ва акбар, дадмарисо, ки дар он марворид дохил кард. намешавад. Дар амрҳарон, шалишо, фарёдрас, қиф- торъони хурдӣ ва калон, маъҷуни анбар, маъҷуни қу- бод-ул-малик, маъҷуни гӯгирд, маъҷуни ҳурмус ва арастун, афлуниёи форсӣ ба қавли муаллифи «Комил- 61 ус-синоат» ва хуллас, ҳар як таркибе, ки дар он аф- юн бошад, ба гурӯҳи инҳо дохиланд, инчунин муалли- фи «Кифоя» тарёқи чоргона, даҳмарсо бо лӯълӯ (марвориди калондона); қурсҳои кавкаб, даво-ул-кур- куми кабир ва сағир, инчунин даво-

ул-малики кабир ва сағирро аз табақаи аввалӣ ҳисобидаанд. Дар «Ку- нош»-и Юҳано бинни Саробиюн ин мураккаботро аз табақаи саввумин шумурдаанд. Табақаи дуввум мураккаботе мебошанд, ки ниҳоят муддати расидани онҳо се моҳ мебошад, монанди: маъҷуни қайсар, маъҷуни астамҳиқун; қурсҳои луқ, пиё- зи ансул ва дигар маъҷунҳои миёнаҳоли пешоброн ва монанди инҳо. Табақаи саввум мураккаботе мебошанд, ки мудда- ти расидани онҳо ду моҳ аст, монанди: амрусиё, тарё- қи урза, даво-ул-мишки ширин ва талх, панҷнӯш, маъ- ҷуни фароштурук ва монанди инҳо. Табақаи чорум мураккаботе мебошанд, ки дар рӯ- зи аввал ва дуввуми тартиб дода шуданашон истеъ- мол карда мешаванд, монанди: ҳабҳо, равғанҳо, каф зада хӯрданиҳо ва пошиданиҳо, нӯшиданиҳо, сурмаво- рӣ, шиёфҳо, фатилаҳо, марҳамҳо ва монанди инҳо. Ё ки муддати умрҳои давоҳои мураккаб аз рӯйи мар- табаҳои худ ба чор табақа тақсим мегарданд. Аммо тарёқи форуқ то сӣ сол қавӣ мебошад ва баъд аз он заиф мегардад. Табақаи якум мураккаботе мебошанд, ки муддати умри онҳо аз панҷ то даҳ сол мебошад ва баъд аз он заиф мегардад, монанди: масрудитус, иёри- ҷи луғозиё, иёриҷи Аркағонис, иёриҷи Ҷолинус, афлу- ниёи форсӣ ва румӣ, баришаъшо, баришҳои дигар ва монанди инҳо. Табақаи дуввум, давоҳои мураккабе ме- бошанд, ки муддати умр ва бақои қуввати онҳо аз се то чор сол мебошад, монанди: амрусиё, арастун, ан- қардиё, иёриҷҳо, тарёқи гил, тарёқи пӯсти чормағз, даромаҳрон, даво-ул-малик, даво-ул-куркум, санҷарниё, савтиро, маъҷуни астамхиқун, маъҷуни анбар, маъҷу- ни қайсар ва монанди инҳо. Табақае саввум, давоҳои мураккабанд, ки муддати умр ва бақои қуввати онҳо то ду сол аст, монанди: шаробҳо, итрифалҳо, гувори- шот; аз қурсҳо: қурси кавкаб, қурси пиёзи ансул; кил- килонаҷ, руббҳо, маъҷунҳои кӯчак. Вале ба қавли Чолинус рубб ва шароби биҳӣ — модом, ки таъм ва бӯйи онҳо боқӣ бошанд ва худаш вайрон нагашта бо- шад. то ҳафт сол қувваташ боқӣ мемонад. Табақаи 62 чорум, давоҳои мураккабе ҳастанд, ки қуввати онҳо аз ду то шаш моҳ ва ниҳоят то як сол боки мемонад, монанди: ҳабҳо, равғанҳо, пошиданиҳо, кафзада хӯр- даниҳо, гузошта бастаниҳо ва марҳамҳо. Аммо кафза- да хӯрдании муклиёсо, аз тухми анор тайёр карда шу- да ва мисли онҳо, ки оби гарм ё оби хунук дохил на- моянд — аз вақти сохта шуданаш то даҳ моҳ қуввати худро нигоҳ медоранд. Вале сурмаворӣ, шиёфҳо, пас, бақои қуввати инҳо назар ба давоҳои пошиданӣ зиёд- тар боқӣ мемонад, хусусан, босликун ва монанди инҳо. Бояд дар ин ҷо таъкид кунем, ки ҳарчанд давоҳо са- ра бошанд ва аз гармию хушкии бисёр, аз тариву сардӣ ва аз дигар офатҳо эҳтиёт кунанд, умрашон да- роз мегардад, монанди: асал ё қанд, ё набот, ё он чӣ бо инҳо сиришта шаванд, тоза (нав) ва беҳтар бо- шанд, бобақотар мегарданд. Ва агар таркибкунанда ва пазандаи ин давоҳо каси доно ва аз

хислатҳои онҳо воқиф бошад, умрашонро дароз мегардонад. Фасли дувоздаҳум. Дар баёни сабаби ихтилофнок будани қавли табибон дар моҳият ва хусусияти давоҳо Махфӣ намонад, ки чун аксари давоҳо бинобар дар мавзеъҳои гуногун, чор фасли сол, хушкӣ, тару тоза- гӣ, кӯҳнагӣ, хомӣ, камоли расидагӣ ва монанди инҳо гуногунсурат ва гуногунмоҳият мегарданд. Масалан, шахсе як даворо дар ҷоҳои пастизамин, ё дар мавсими пастӣ, ё ҳангоми навӣ, ё дар вақти хушк буданаш ва ё дар вақти хомию норасидагиаш, ва ё дар ҳангоми пухтагию расидагиаш ва ғайра мушоҳада намояд, ин- чунин аз рӯйи фаҳми худ баёни шакл, ранг, таъм, бӯй ва ғайраро аз он дарк мекунад; вале шахси дигар дар ғайри он вақтҳо ва аҳволи номбурдаи онҳоро мулоҳа- ва менамояду баёни хосиятҳои онро ба таври худ шарҳ медиҳад. Пас, аҳволи номбурдаи ҳар як даво албатта мухолифи якдигар мешаванд. Инак, ба донистани ҳа- маи ин хислатҳо ва мартабаҳо як шахс қодир нест. Аз ин рӯ ҳар як шахс хосият, нафъ ва зарари онро муво- фиқи биниши худ зикр менамояд. Маълум аст, ки ин чизҳои номбаршуда бегуфтугӯ ва қатъӣ намебошанд, балки инчунин меъёри тағйирот ва ихтилофоти мизоҷ 63 ва хислатҳои гуногуни давоҳо ба авзои ҷирмҳои осмонӣ низ вобастаанд, ки моҳият, қувват ва хосияти аксари онҳо аз онҳо дигаргунӣ меёбанд. Фасли сенздаҳум. Дар баёни тариқи гирифтан ва нигоҳ доштани давоҳо Бояд дар мадди назар дошт, беҳтар ва лоиқтар он аст, ки агар давоҳои пурқувват ва машҳури ҳар як ҷо- ро бигиранд, ки дар он ҷоҳо онҳо қавитар мешаванд ва ба мардуми маҳаллӣ машҳур мебошанд, инчунин ҳангоми ба камол расидан ва пухтанашон бояд ихти- ёр намоянд. Хуллас, ба қавли устод Буқрот ҳар як беморро то илоҷпазир бо давои маҳаллӣ муолаҷа на- моянд, беҳтар аст. Зеро ки давоҳои ҳар як мавзеъ ба бемориҳои он ҷо хубтар ва зудтар таъсир мебахшанд назар ба он, ки аз ҷоҳои дигар оварда бошанд. Агар батафсилтар бигӯем, он чӣ конӣ аз қабили сангҳо ва гилҳо бошанд, беҳтар он аст, ки аз кони машҳураш дар аввали зимистон бигиранд. Яъне дар ҳар шаҳр, ҳар мамлакат ва ҳар кон, ки беҳтар мешаванд, биги- ранд, монанди: зоки сабзро аз Кибрис (Кипр), зоки сафед ё зард — аз Кирмон, лоҷвард — аз Кошғар, фи- рӯзаро аз Нишопур, лаълро аз Бадахшон, ёқутро аз Пилав ва монанди инҳоро, ки ҳар чӣ қадар рангитар, сахттар, шаффофтар, обдортар, холистар, бузургтар, поктар бошанд ва резаву майда набуда, бо чизи дигар аз хок ва ғайра омехта набошанд, бигиранд. Низ бо- яд, ки ранг, таъм ва бӯйи хоси он давоҳоро дошта бо- шанд, монанди: подзаҳр ва гилҳо, ки ин хислатҳояшон барқарор бошанд, хуб аст, ки бигиранд. Оби шишаро мегуфта бошем, дастури тайёр карданаш чунин мебо- шад: шишаи соф ва баробари он қалъаиро бигиранду дар гили бӯта гудохта, хунук кунанд. Он чӣ монанди кафк дар рӯйи он бошад, бароваранд, ки оби шиша ҳа- мон аст. Агар

он давои матлуб аз растанӣ иборат, ма- салан, гулбаргҳоро бошад, бояд ки дар ҳамон вақту фасли шукуфтанаш; фасли сол, замон ва вақти лоиқи ҳар яке, ки камоли худро ёфта бошанд, пеш аз афто- дан аз дарахташ, пеш аз пажмурдан ва ҳангоми мав- ҷуд будани ранг ва бӯяш бигиранду дар соя бо камо- 64 ли эҳтиёт хушк намоянд, аз гарду ғубор, рутубат ва ғайраҳо маҳфуз доранд. Агар қуввати он чиро, ки оф- тоб заиф нагардонад, дар офтоб ба камоли эҳтиёт хушконанд ҳам, раво мебошад. Агар тухми растаниҳо даркор бошад, баъди бастан, маҳкам шудани ҷирм ва ба ҳадди эътидол гаштани рутубаташ, барҳам хӯрда- ни давраи хомӣ ва ҳангоми рӯ ба зардӣ ва пажмурда- гӣ омадани баргҳояш бигиранду ҳамон тариқ дар соя хушк намоянд. Баъд, аз гарду ғубор, расидани намӣ ва гармии бисёр маҳфуз доранд. Инро дар назар бояд дошт, ки давоҳои кӯҳӣ, регӣ ва саҳроӣ назар ба бӯстонии онҳо қавитар мебошанд. Вале давоҳои сардмизоҷ дар сарзаминҳои гарм баръ- акс, низ кайфияти онҳо дар аксар ҳолат башиддаттар ва қавитар мебошанд. Давоҳои мӯътадилмизоҷ дар сарзаминҳои мӯътадилҳарорат ва давоҳои тармизоҷ дар сарзаминҳои пурнам қавитар мебошанд. Он чӣ аз намудҳои шох ва пӯстлохҳои растаниҳоро гирифтан хоҳанд, ҳангоми ба камол расидан, пеш аз пажмурда- гӣ, хушкӣ, каҷӣ ва печидагӣ бигиранду бо ҳамон усул хушконида нигоҳ доранд. Он чӣ аз қабили решаҳо бошад, баъд аз чидани самараш ва ҳангоми рехтани баргҳояш пеш аз тамоман рехта шудан ҷудо карда би- гиранд, балки беҳтар аст дар охири тирамоҳ бигиран- ду ҳамон тариқ бихушконанд. Агар ҳамаи қисмҳои он растанӣ даркор бошад, ҳангоми булуғ ва расидагӣ, тару тозагӣ ва бенуқсон буданаш бигиранд, ҳамон тавр хушконида нигоҳ доранд. Агар самари растаниҳо ман- зур бошад, дар вақти пухта расиданаш пеш аз паж- мурда шудан ва қабл аз дарахташ худ ба худ афто- дан бигиранд, вале агар нимрас ва хоми он даркор бо- шад, ин таври дигар аст, ҳамон вақт бигиранд. Ва он чиро дар бутуниаш ва бо пӯсташ лозим бошад, ҳамон тавр бихушконанд. Он чиро бепӯст ва варақ кардан зарур бошад, аз пӯсташ ҷудо намуда, варақ-варақ ре- за карда бихушконанд. Он чиро, ки ба ресмон кашида- наш матлуб бошад, ба ресмон кашида, аз рӯйи тақозо дар соя ё офтоб боэҳтиёт бихушконанду аз гарду ғу- бор, намӣ, тарӣ, вайроншавӣ, хӯрдани кирм ва ғайра- ҳо маҳфуз бидоранд. Хуллас, бояд ки ҳамаи давоҳои растаниворро ҳан- гоми ба камол расидан, тарӣ ва пеш аз хушк, пажмур- да, заиф шудан ва нуқсон овардан бигиранд ва дар ҳангоми софӣ, гармӣ ва хушкии ҳаво ҷамъ кардан на- 65 зар ба он, ки ҳаво тира, нам, тар ва сард бошад, беҳ- тар аст. Агар он боронхӯрда ва аз берунаш тар бо- шад, қувваташ заиф мегардад. Давоҳои саҳроӣ аз бӯс- тонӣ қавитар мебошанд. Зеро ҳаҷм ва зичии онҳо дар он ҳолат камтар мегарданд ва давоҳои кӯҳистонӣ нис- бат ба даштиву саҳроӣ қавитар мебошанд. Аз гул ва

шукуфаҳо он чӣ болидатар ва хушбӯйтарро бояд бичи- нанд, ки пажмурда нашуда бошанд, беҳтар аст аз му- холифи он ва гулисурхро пеш аз батамом шукуфта гаштан бичинанд, хоҳ бӯстонӣ бошад ва хоҳ дар ҷойи дигар бирӯяд. Аз баргҳои наботот он чӣ зичтар дар ҷавҳар, хушбӯтар ва тозатар бошад, беҳтар аст. Шох ва решаҳоро каҷӣ ва пажмурдагиашон камтар бо- шад, бигиранд, хубтар аст. Аз меваҳо он чӣ шодобтар (серобтар), пургӯшттар, вазнинтар бошад; ранг, таъм ва бӯйи ҳар як аз инҳо, ки беҳтар, зиёда ва қавитар бошад, қувваташ зиёда аст назар ба акси он. Аммо шири шубрум (ба руси молочай) ҳар гоҳ нави он пай- до шавад, ба тариқи муқаррар аз он шир биситонанд, вале агар нави он ба даст нарасад, монанди дигар гиёҳҳои ширдор пӯсти навашро бишӯянду ё хушкашро дар оби гарм тар кунанду то ғафс гаштанаш дар оф- тоб бигузоранд. Баъд оби онро ҷудо карда, бихушко- нанд. Шири баласон ва дигар ширҳо дар мавзеъҳои хосашон, замони лоиқ, хуллас, дар ҳар ҷо, ки хуб ва пуркувват гарданд, биситонанд, на балки аз ҷоҳое, ки камқувват гирифта мешавад. Ё ки шилмҳоро ҳангоми рехтани гули дарахташон аввали рӯз пеш аз баромадани офтоб ва охири рӯз баъд аз ғуруби он бояд, ки ҳаво соф ва мӯътадил бо- шад, пеш аз хушк шудан ва шикаста резаву пора гаш- тан бигиранд, яъне худ ба худ аз дарахташон ҷудо гашта наафтанд, беҳтар аст. Ё ки усораҳо бояд аз давоҳои сара, аз баргҳо, са- мар ва меваҳо, реша ва қисми заминии гиёҳҳо ва ғай- раҳо гирифта шаванд. Вале набояд оби онҳоро дар оташ бичӯшонанд, балки дар ҳаво ва офтоб бихушко- нанд, аз гарду ғубор, даромехта гаштани чизҳои бего- наи сахт муҳофазат намоянд, масалан, ақоқиё, оби ҳалила, оби зирк ва ғайраҳоро. Ҳангоми истеъмол ҳам ба қоидаҳои мазкур риоя бояд кард. Давоҳои ҳайвонӣ воҷиб аст, ки аз ҳайвоноти ҷавони фарбеҳи комилниҳод ва солим дар фасли баҳор ё дар аввали тобистон пеш аз лоғар, пир, заиф шудан ва 66 нуқсони дигар овардан гирифта мешаванд ҳамон вақ- те, ки гулӯяшонро бибурранд, беҳтар аст. Аз ҷумла хуни бузи ҷавони фарбеҳи беайбу нуқсони чорсола аст, ки бинобар шиддати таъсир доштанаш бигиранд. Он чунин аст, ки ҳангоми ранг гирифтани ангур, ки ав- вали тобистон аст, онро бикушанд. Хуни аввал ва охир баромадаи онро бигузоранд, ки бирезад ва хуни миё- наашро дар дег ё зарфи сангӣ, ё сафолӣ бигиранд ва то шах шуданаш бигузоранд. Баъд реза- реза карда, ба матои карбоси пок паҳн намоянд ва матои нафи- серо барои нигоҳ доштан аз гарду ғубор бар он бипӯ- шанду дар офтоб хушк кунанд. Вақти ҳоҷат 4,5 грам- мӣ онро бо оби карафси кӯҳӣ ё бо шароб ва монанди он бинӯшанд. Дастури нигоҳ доштани заҳраи ҳайвонот, ки дар ҳолати навиаш бимонад, бояд ҷойи аз ҷигар буридашу- даи онро аз банд бо ришта маҳкам баста, дар шишае, ки дар он асал миқдоре бошад, ки онро бипӯшонад, андохта, нигоҳ доранд. Лекин ин тавр кардан дар ҷое лозим аст, ки дар ҳавои

маҳал гармӣ ва рутубат бис- ёр бошад. Агар ҳамин тавр накунанд, қуввати он бар- ҳам мехӯрад. Дастури нигоҳ доштани чарбӣ ва мағзи устухони ҳайвонот он тавр аст, ки бӯйи бад нагиранд. Барои ин бояд чанд рӯз онро дар асал бияндозанд. Баъд аз он шуста, хушк карда, дар латтаи зағирпоягӣ печонида, дар ҷойи соя биёвезанд ва ҳар гоҳ дар зарфи қалъаӣ ҷой диҳанд, вайрон намешавад. Дастури муҳофазати дигар давоҳо чунин аст, ки баъзеро бо ҳам якҷо намоянд, то ки боиси бақои қув- вати он бошад, масалан, кофурро бо мурч, резаҳои оҳанро бо оҳанрабо, тухми мурғро бо намак, созаҷро бо занҷабил. Аммо ягон маъданро бо ғайри ҷинси он набояд ҳамроҳ намуд. Усора ва шилмҳоро дар зарфи қалъаӣ ва нуқра ни- гоҳ бояд дошт. Арақ ва обҳои гармро баъди хунук шу- дан дар шиша ҷо диҳанд ё дар зарфи шишаандуд би- яндозанд; арақи гул дар зарфи мис беҳтар нигоҳ дош- та мешавад; арақи қаранфул дар зарфи шиша, анбар дар зарфи сурбӣ (қӯрғошимин) хуб меистад. Ҳамаи барг, реша ва гулҳоро аз ҷоҳои намнок ва офтобӣ тез дур бояд дошт. Зарфи қалъаӣ барои рав- ғанҳо ва аксари давоҳои содда ва мураккаб беҳтар ме- шавад нигоҳ доранд. 67 Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-muqaddima-6-13#shash

Фасли чордаҳум. Дар баёни одоби таом хӯрдан, об нӯшидан ва таомҳое, ки бо ҳам якҷо хӯрдан раво нест Барои нигоҳ доштани тандурустӣ лозим аст, ки ба ғайр аз ҳангоми гурусна шудан ва ташна мондан чизе нахӯрад ва нанӯшад. Хӯрокро ба ҳадди серӣ набояд хӯрд, ки пурхӯрӣ оқибатҳои бадро ба зуҳур меоварад. Инчунин дар вақти серӣ таом ба ҳеҷ ҳолат набояд хӯрд ва об нашояд нӯшид. Ҳамчунин баъд аз риёзат ва ҳаракатҳои шадиду бисёр, вақте гармии зиёда бар мизоҷ бошад, таоми бисёр хӯрдан ва нӯшокӣ истеъ- мол кардан ба як дафъа ҷоиз нест, балки таомро кам- кам бояд хӯрд ва обинаро ҷуръа-ҷуръа бояд нӯшид, хусусан таоми гаронҳазм ва ё ғайриоддӣ, бисёр гарм ва ё бисёр сардро набояд ошомид. Пас, ҳар касе, ки саломатии пойдори худро мехос- та бошад, дар вақти таом хӯрдан каме аз иштиҳо бо- қӣ монад, аз таом даст кашад. Ин риоя барои меъда ва бадани инсон, закои ақл сабуктар аст. Касе агар хоҳад, ки бардам, солим ва баданаш сабук бошад, бо- яд ки тарафи шаб таомро камтар бихӯрад. Аммо пи- ронро таоми шабона нахӯрдан хусусан, ки гурусна хо- банд, бисёр зарарнок аст. Зеро ки қуввати аз гурус- нагӣ барҳамхӯрдаи ононро барқарор кардан бо ҳеҷ тадбир мумкин нест. Табибони ҳозиқ ба Маъмун хитоб карданд: «Бихӯр ғизои сард дар тобистон ва таоми гарм дар зимистон, вале дар ду фасли дигар, ки баҳор ва тирамоҳ мебошанд, таоми мӯътадил бихӯр ба қад- ри бардошти қувват ва хоҳиши худ. Ибтидо кун ба таоми сабуктарин; ғизоҳоеро, ки мехӯрӣ, онро ба миқ- дори одатӣ, мувофиқи тоқат ва нишоти бадани худ би- хӯр. Бипарҳез аз он, ки бо

ҳам —якҷо хӯрдани тухми мурғ ва моҳӣ дар як вақт, зеро ки ин амр пайдокунан- даи никрис (подагра), қулинҷ (колит), бавосир (ге- моррой) ва дарди дандонҳои курсӣ мебошад; шир бо шароб якҷо набояд нӯшид, ки иллатҳои никрис ва песро ба амал меоварад. Тухми мурғро бардавом бихӯрӣ, дар рухсораҳо доғҳои кунҷидакро ба амал ме- оварад, дар сар ва меъда бод пайдо мекунад. Тухми мурғро дар об ҷӯшонида, ба ҳадди пурӣ бихӯрӣ, ба дамкӯтаҳӣ ва тангии нафас гирифтор мекунад. Чизҳои 68 шӯр, гӯштҳои хушк, моҳии намакинро баъди хун ги- рондан бихӯрӣ, ба доғи сафеди пӯст ва қӯтур мубтало хоҳӣ гашт. Гурдаи гӯсфандро бихӯрӣ, хичакро дағал мегардонад. Гӯшти хомро бихӯрӣ, боиси пайдо шудани кирм дар шикам мебошад. Бисёр хӯрдани гӯшти ҳай- вони ваҳшӣ ва гов, ақлро заиф, фаҳмро кӯтоҳ, зеҳнро кунд ва фаромӯшхотир мекунад, инчунин шапуш дар бадан пайдо мешавад. Оби хунукро аз болои таоми гарм бо ширини бихӯрӣ, ба дандонҳо зарар дорад ва боиси афтодани онҳо мегардад». Ҳангоми дам кашидани хӯроки латиф (суюқ) зар- фи таомро рост ва дар баробари рӯйи худ бояд бар- дошт, на он ки вай ба як тараф моил бошад. Луқма- ро кам-кам ва неку хойида бояд хӯрд. Муддати хӯрок хӯрдан набояд кашол ёбад, яъне таоми нав ба болои хӯроки хӯрдашуда, ки ҳанӯз ҳазм наёфта бошад, тановул набояд кард. Модоме ки меъда ва сина аз таом вазнин шуда бошад ва оруғ ояд, таом набояд тановул шавад. Хуллас, вақти қатъӣ барои хӯрдани таом маҳ- дуд нест. Зеро ки тарзи талаби бадани шахсони гарм- мизоҷ, сардмизоҷ, кӯдакон, пирон ва камқувватон гу- ногун мебошад. Аммо аз хӯрдани нони гарм ва ошо- мидани оби хунук ба як дафъа аз болои нони гарм худдорӣ бояд кард. Зеро ки вай дар меъда бадбӯ ме- гардад, ба дандонҳо зарар мерасонад. Таоми сабуки ширин аз болои ғизои вазнин набояд хӯрда шавад, масалан: харбузаву гӯшт. Ҳамчунин аз болои ғизои дар ҷигар хуб ҳазмёбанда ғизои вазнини бадҳазм ва ширинӣ набояд хӯрд. Зеро дар вақти ҳазм кардани таоми ба ин дараҷа мураккаб ба ҷигар футур мерасад ва боиси пайдо шудани ҳар гуна бемориҳо мегардад. Ҳамчунин ду таоми гарммизоҷ ё ҳар ду сардмизоҷ, ё ҳар ду часпак, ё ҳар ду боднок, ё ҳар ду қабзиятовар, ё ҳар ду ғафсу бадҳазм, ё ҳар ду сустиовар бошанд, якҷо ва якбора набояд хӯрда шаванд. Аз хӯрдани сир- ко ба болои биринҷ, аз ҷуғрот бо турб ё баъд аз турб, аз гӯшти мурғ бо ҷуғрот ва моҳӣ, аз шир бо гӯшти мурғ, аз шир бо моҳӣ, аз анор бо ҳариса, аз ангур бо каллаи гӯсфанд ё буз, аз сирко бо наск ё бо мош, аз харбуза бо асал, мавизи ангур бо асал, аз оби гарм баъд аз таоми шӯр, аз оби сард баъд аз меваи тар, аз таоми гарм баъд аз ширин, аз ҷимоъ баъд аз хоб, аз оби сард баъд аз ҳаммом ва ҷимоъ, аз пушти ҳам- мом кардан кор ва ҳаракатҳои сахт ва бисёр, аз ҳан- 69 гоми дили наҳор ҳаммом кардан ва дар ҳангоми ҳам- мом кардан хӯрок хӯрдан худдорӣ бояд кард. Вале баъзе

таомҳоеро, ки хислати нописанди дуввумро ис- лоҳ мекунанд, якҷо хӯрдан зарар надорад. Муаллифи ин китоб дар зарфи ҳафт сол се ҳодисаи мудҳишро мушоҳада кардам: 1. Духтури соҳиби маъ- лумоти олӣ дар беморхона будааст, бисёр изтироб ме- кардааст ва бетоқат будааст. Рафиқам раиси суди райони Айнӣ Аъзам Одинаев аз ман илтимос кард, ки он беморро ман як бор бинам. Дар беморхона ба ама- ли духтурон мудохалат карданро кирдори номарғуб шуморидем ва ин хоҳиши рафиқи деринаамро рад на- мудам. Вале ӯ бисёр ва сахт илтимос кард, ҳатто ба зорӣ даромад. Ночор ғайри расмӣ рафта набзи бе- морро дидаму аз ҳуҷра берун шуда, ба Аъзам гуфтам, ки беморро ба хонааш баранд, зеро наҷотпазир нест— ҷигараш аз кор монда буд. Баъд рафиқам иқрор шуд, ки ӯ кори сахт карда, ташна монда, аз яхдони холо- дильник оби хунук гирифта нӯшидааст. 2. Ҳамдеҳаи худам, ҷойи зисташ шаҳри Қӯрғонтеппа Қӯшмат ном шахс кӯҳгардӣ карда, ташнагӣ ғалаба намояд, аз чаш- маи хунук то шикастани ташнагиаш ба як дафъа об нӯшидааст. Илтимос карданд, ки ӯро рафта бинам. Вале ман аз рафтан ба ин роҳи дур қатъиян даст ка- шидам. Аммо хешовандонаш дар мошини сабук ӯро наздам оварданд. Ночор қабул кардам ва инро ҳам ба набзаш ангушт ниҳода санҷидам ва набз шоҳиди он буд, ки марг наздик аст. Ин ҷо беморро дилдори кар- дам, ки ӯ намемирад. Вале рӯзи дигар ба қасабаи Ле- нин рафта, ҷиянашро огоҳ намудам, ки ҷигари Қӯш- мат аз шиддати варам кафидагӣ ва ӯ одам намеша- вад. 3. Аз студияи телевизионии Душанбе ходиме наз- дам омада, нақл карда, ки падараш бемор аст, дар бе- морхонаҳо низ бисёр хобид, ба табибони гуногун рафт, вале аз тадбирҳои онон ҳеҷ беҳ нашуд. Инак, аз ман илтимос кард, ки ман падарашро қабул кунам. Азбас- ки ин ходим бисёр тавалло кард, ман розӣ шудам, ки падарашро аз Панҷакент даъват намояд, майлаш, ме- бинам, гуфтам. Набзи ин шахс ҳам наздикии маргро шоҳид буд. Баъд ба ӯ гуфтам, ки дилу ҷигар ва меъ- даро хунук гирифтааст, чӣ хӯрдед? Ӯ низ иқрор гашт, ки аз холодильник оби хунук гирифта, то сероб шудан ба як дафъа нӯшидааст. Барои тасаллои хотираш да- воеро, ки агарчи нодир буд, додаму илова кардам: — 70 Зудтар ба ватан баргардед. Баъд аз 8—10 рӯз писа- раш аз Панҷакент бо воситаи телефон хабар дод, ки падараш аз олам гузаштанд. Вафоти ин се мард дар ман суолеро ба амал овард, ки кадом ҷараён содир мешуда бошад, ки бӯҳрони бе- морӣ ба марг мекашад? Баъд як тарбузро чор тақсим кардаму ҳар якеро алоҳида дар халтачаи салафан пе- чонида, се рӯз дар холодильник гузоштам, ки ба ҳад- де хунук шаванд. Бегоҳии рӯзи чорум яктои онро хӯр- дам ва аз ҳар ду ҷониб тирезаҳои хонаро кушода хо- бидам, то ки хунук ба ман сахттар таъсир расонад. Инак, ҳар рӯз як қисм ва чор қисми тарбузро ҳамин тавр хӯрдам. Баъд аз дафъаи чорум ҳолам дигар гашт: ҳатто хамида натавонистам, варами сарди ҷигари худ- ро

эҳсос намудам. Маълум шуд, меъда чизи аз ҳад берун хунукро, хусусан чизҳои обинаро, дар худ нигоҳ намедораду зуд ба ҷигар мефиристонад. Ҷигар ҷойи аз худ хориҷ кардан надорад. Баъд лоилоҷ ин чизи хунук дар ҷи- гар монда, онро хунук мегардонад ва вай варам ме- кунад. Пас, агар инро дар вақташ илоҷ накунанд, но- чор ба марг мерасонад. Сонӣ ман ҳар рӯз се маҳал донаи биринҷ барин аз қивоми ҷадвор, як қошуқи чойӣ кӯфтаи решаи оқирқирҳо ва ба хӯрдани асал мудова- мат намуда, аз ин офат халос ёфтам. Фасли понздаҳум. Дар баёни сӯхтан, тахмис, ташвия, қаля, тадбир (парварда кардан), шустан ва иҳкоми (устувор кардани) давоҳо Сӯхтани давоҳо ва эҳтиёҷ ва он барои чанд фоида мебошад: ё барои дигар ва мувофиқи муддао сохтани табиати (мизоҷи) он, ё барои кам кардани қувват ва шикастани тундии он аст. Масалан: зоки сафед, зоки зард ва марҷон хусусан барои давоҳои чашм; ё барои зиёд кардани қувват, басуръат гардонидани нуфуз ва табдил додани мизоҷи онҳо ба мизоҷи дигар, масалан: оҳаксанг, марҷон, садаф, барги турб, тамоку ва монан- ди инҳо; аз намакҳои сунъӣ ва хокистарҳо, инчунин ҷавҳари давоҳо, масалан: ҷавҳари ҳосилубон (шил- мест) ва ғайраҳоро; ё аз барои сабук гардонидани ҷав- 71 ҳари онҳо, масалан: намакҳоро; ё барои пок ва соф гардонидани таркиби онҳо аз чизҳои бегона ва нодар- кор аст, масалан: сурма, бӯра (танакор), харчангҳо, шохи гавазн ва монанди инҳоро; барои сохтан ва ос кардан, масалан: ёқутҳо, тилло, нуқра, абрешим ва монанди инҳо; ё барои нест гардонидани хислати бад ва заҳрнокиашонро барҳам додан, масалан: каждум- ро барои резонидани санги гурда ва хичак (пешоб- дон), мори афъӣ, мори сиёҳ барои иллати махав — зеро ки давоҳои тез ё нозукҷавҳар, ё мӯътадили мобайни ҳар ду навъ чун сӯхта шаванд, қуввати онҳо заиф ва тезии ҳарорати онҳо кам мегарданд, бинобар ҷудо шу- да рафтани ҷавҳари гарми оташӣ ва тези онҳо, мо- нанди ин даво ё ҷавҳарашон зич ва тези гарммизоҷ нестанд. Дар натиҷаи сӯхтан ва ҳосил кардани ҳаро- рати оташи давоҳо ҳам қавӣ мегарданд, ҳам тезиашон меафзояд ва ҳам гармии мизоҷашон иқтидор пайдо мекунад. Масалан: фулузот, оҳаксанг. Ба сабаби сӯх- та шудан рутубати часпаки ба худ кашандаашон кам ва ё нест мегардад. Баъд онҳо ба осонӣ ва ба зудӣ сойида мешаванд, масалан: сангҳо, абрешим. Ё он ки дар онҳо хислати бад ва нописандии модда ва ҷавҳар бошад, сӯхта шаванд, кам ва ё нест мегардад, маса- лан: каждум ва мор ва ё чизҳои бегона аз таркиби онҳо дур мегарданд, масалан: натрун (танакори сурх, ё ки онро танакори арманӣ мехонанд). Бояд донист, агар ҷисм дар ҳолате бошад, ки хис- лати хоси ҷасади худро асло тарк накунад, пас агар ковокҷавҳар бошад, баъд аз сӯхта шудан мизоҷаш ба сардӣ майл мекунад ва агар аз ғояти сӯхташавӣ, ки ба ҳадди хокистарӣ расад, тезиаш тамоман барҳам мехӯрад. Агар ҷавҳари ҷисмаш зич ва ковок

набошад, баъди сӯхта шудан мизоҷаш аз сардӣ ба гармӣ майл менамояд. Изофа намоем, бояд дар мадди назар дош- та шавад, ки ду чизи гуногунро бо ҳам якҷо насӯзо- нанд, масалан: намак ва оҳакро. Дар сӯхтани сангҳо зиёдтар амал кардан даркор аст назар ба наботот ва ҳайвонот. Аммо ҳарир, шилмҳо ва монанди инҳоро ав- вале як бор сӯхтан кифоя аст. Агар мақсад хунук гардонидани мизоҷи ҷисми сӯхташаванда бошад, баъди сӯхтан онро бояд бишӯянд, вагарна ношуста истеъмол бояд кард. Калимаи «таклис» ба лафзи аҳли Миср аз «килс» гирифта шудааст, ки ба тоҷикӣ оҳак меноманд ва он 72 сойидашаванда мебошад. Инак, ҳар ҷисми сахтеро, ки қобили сойидан набошад, вале баъд аз сӯхтан сойидан- боб гардад, онро мукаллас меноманд, яъне онро, ки баъди сӯхтан хокистар гардад, ҳамин тавр меноманд. Баъзе ашё дар ҳолати носӯхта будан истеъмолаш ҷо- из нест, масалан: абрешим (пилла), сурма, самари мурд, сурб (қӯрғошим), зар (тилло), харчанг, талк (талк, ки санги абрақ, низ меноманд), каждум, уд, каҳ- рабо, ёқут. Сӯхтани танакор ин тавр аст, ки зарфи сафолеро ба ахгари оташ гузошта, дар он танакор андозанду то сӯхта шуданаш пайваста бигардонанд. Ё ин ки қошу- қи оҳаниро битафсонанду танакорро реза-реза карда дар он андозанд ва то сӯхта шудан муттасил танакор- ро бикованд. Сӯхтани гаҷ, кафки баҳр ва монанди ин ҳар ду, ки ин амал тақлис номида мешавад, ин тавр аст. Аз ҳар яки ин чизҳо ҳар миқдор, ки хоҳанд, бигиранд, бо на- макоб покиза бишӯянд, баъд хушконида, дар кӯзае, ки бо гили ҳикмат ё гили бӯта молида шуда бошанд, ан- дозанду дар кӯраи хиштпазӣ ё дар гӯлахи ҳаммом, ё дар танӯри тафсон ба рӯйи хиште бигузоранд, то он ки сӯхта монанди оҳак сафед гардад. Сӯхтани мор он аст, ки бигиранд мори хонагии со- лимро, зинда дар кӯза андохта, даҳани онро маҳкам карда, ба кӯза гили ҳикмат ё гили бӯта молида, як шаб дар танӯри тафсон бигузоранд. Пас онро аз кӯза бароваранд, ки хушк бояд шуда бошад. Баъд онро сойида, ба равғани зайтун хамир сохта, ба ханозер гузошта банданд. Сӯхтани фароштурук он аст, ки бачаи онро гириф- та, гулӯяшро бибурранд, парҳояшро канда, шикамаш- ро чок карда ва чизҳои дарунашро бароварда дур на- моянд, покиза шуста, ба он намак пошида, дар кӯзае андохта, даҳани кӯзаро гили ҳикмат ё гили бӯта мо- лида, маҳкам гардонанд, дар танӯр ё оташдони пур- ахгар бигузоранд, то он, ки сӯхта гардад. Сӯхтани шиша он аст, ки шишаи софи сафеди шаф- фофи пок аз сангреза ва ғубор бошад, бигиранду ма- ҳин сойида, дар кӯзаи гили ҳикмат ё гили бӯта лови- дашуда андозанд, даҳанашро маҳкам намуда, дар гӯ- лахи ҳаммом ё дар танӯри тафсон то сурх шуданаш бигузоранд. Ва агар хокистари шиша матлуб бошад, кори беҳтарин он аст, ки шишаро дар кафчаи оҳани 73 хуб тафсонида, баъд дар оби ишхор андозанд ва ҳар он чӣ аз он хокистар шуда бошад, ҷудо карда биги- ранд. Боқимондаро боз ҳамон тавр тафсонида,

дар оби ишхор андозанд ва ҳамчунин батакрор амал намоянд, то ки ҳамааш хокистар гардад. Аз ин 4,5 грамм бо 50 грамм оби гарм биёшоманд, санги гурда ва хичак- ро ба зудӣ майда карда мерезонад. Сӯхтани зарних он аст, ки зарнихи аълои соф-хо- лисро ба андозаи нахӯд реза-реза карда, дар кӯзаи гили ҳикмат ё гили бӯта молидашуда андозанд, даҳани кӯзаро маҳкам гардонида, дар миёнаҷойи сари он ба- рои баромадани бухор сӯрохе намоянду ба ахгар гу- зоранд. Модом ки аз он бухори сиёҳ мебаромада бошад, ҳанӯз тайёр нест ва чун бухори сафед аз он ба- рояд, комилан сӯхта шудааст. Сӯхтани сангпушт он аст, ки онро шикаста, чизҳои дарунашро гирифта партоянду покиза шуста, дар кӯ- заи гил молидашуда андохта, дар танӯри тафсон ё дар оташдон он миқдор бигузоранд, ки сӯхта сафед гардад. Сӯхтани садаф он аст, ки садафи сафеди ҳамвор- сатҳро гирифта, аз рӯяш гили бӯтаи холис билованду то сӯхта шуданаш дар танӯри ахгарнок бигузоранд. Агар ба як бор сӯхта нагардад, аз нав аз рӯяш гили мазкур молида, то тамом сӯхта шудан дар танӯр гузо- ранд. Сӯхтани ақиқ, яшб, ёқут ва монанди инҳо он аст, ки ҳар якеро ҷудо дар оташ сурх намуда, дар оби хунук андозанд ва ин амалро борҳо такрор намоянд, то он ки об ва равнақаш сӯхта, хушку майда ва қобили сойидан гардад. Сӯхтани нуқра он аст, ки нуқраи холисро гирифта, дар кӯзачаи гили бӯта, ки бо сафедоби қалъаи (оловь- яная белила) сиришташуда ё бо он олуда бошад, ан- дозанду батакрор дар оташ бигузоранд, то он ки ко- били кӯфтан ва сойидан гардад. Тариқи дигари сӯхта- наш он аст, ки нуқраро бо сӯҳон тароша намуда, бо намакоб дар зарфи оҳанӣ бо оташи тез бисӯзонанд. Агар хуб сӯхта нашавад, камтар гӯгирд бар он бипо- шанду бисӯзонанд, то ки тамоман сӯхта гардад. Сӯхтани қатрон барои тайёр намудани молидани- ҳо ба дандон чунон аст, ки қадаҳе аз гили ҳикмат ё гили бӯта сохта, қатронро дар он рехта, ба оташ би- гузоранд, то гудохта нисфаш бимонад. Баъд сихе чӯ- бин ё оҳанинро дар он фурӯ баранд, ки ба он сих би- 74 часпад. Сонӣ онро бароварда дар ҳаво бидоранд, агар шах шавад—сӯхта шудааст, вале агар шах нашавад, ҳанӯз носӯхта аст, ки боз ба оташ гузоранд, то ба ҳад- де, ки дар нӯги сих шах шавад. Баъд аз он аз оташ гирифта ба кор баранд. Сӯхтани пашм ва мӯйи одами он аст, ки бо обу со- бун покиза шуста, шона карда, бо қайчӣ реза-реза на- муда, дар зарфи сафолӣ ё оҳанӣ бар рӯйи оташ гузо- ранд ва он қадар бикованд, ки қобили сойидан ва кӯф- тан гардад. Акнун ба ташвия, тақлия ва таҳмис меоем. Маълум бод, ки маъноҳои ҳар сеи ин калима ба ҳамдигар наз- диканд. Тафсилоташ он аст, ки ташвия—он чиро дар миёни хамир ё гил, ё латтаи тар гирифта, дар танӯр, зери оташ ё хокистари гарм дафн намоянд, ки аз бу- хори гарми худ бипазад, масалан: пиёзи ансул, анза- рут, арпабодиён, биҳӣ, себ ва монанди инҳо. Ё он, ки кӯфта, бо асал сиришта, дар латта баста, ба гил ги-

рифта, дар танӯри гармиаш мӯътадил як шаб бигузо- ранд. Баъд бароварда ба кор баранд, масалан: арпа- бодиён, самари газ, инчунин монанди инҳо барои да- воҳои молиданӣ ба дандонҳо ва ғайра. Таҳмис — он аст, ки зарферо дар оташ тафсонида, ҳар он чиро хо- ҳанд, дар он андозанду тез-тез бикованд, ки ҳамаи он чиз ба қадри ҳоҷат ва як зайл бирён гардад, вале насӯзад; ба ибораи дигар гӯем, ки ҳамаашро то як ан- доза сурх гаштан ва бӯяш баромадан тафсонанд, таш- вия мениманд ва он чизи бо ин усул бирён кардашу- даро машвӣ мениманд, масалан: тухми зуф, зира, тух- ми райҳон, тухми мармарак, тухми кӯкнор, кашнизи хушк — хуллас, ҳар як тухмиро, ки хоҳанд, ҳамин тавр бирён мекунанд. Беҳтарин зарф барои ташвия сангӣ ё сафолӣ мебошад ва баъд аз инҳо зарфҳои аз чизҳои дигар. Тақлия—он аст, ки ҳар чиро бихоҳанд дар равған то сурх шудан ва бӯяш барҳам хӯрдан бирён менамоянд, масалан: тухмиҳо; ё ба дараҷае бирён ку- нанд, ки бишукуфад ва битаркад, масалан: ҳалила, мозу; ё то ба ҳадде бирён кунанд ва батахмин до- нанд, ки бирён шудааст, масалан: рими оҳан ва мо- нанди инҳо. Акнун дар бораи тадбир (парварда кардан), ки ис- лоҳ низ мениманд, сухан меронем; он ба маънои тар- бият ва парвариш додани баъзе давоҳо мебошад, агар он давоҳо хислатҳои тезӣ, бадӣ ва зарарнокӣ дошта 75 бошанд, он хислатҳояшон кам мегарданд, масалан: ан- зарут, ки бо шири ҳар хамир карда, он хамирро ба чӯби газ кашида, монанди кабоб дар оташ як мартаба бирён бояд кард. Агар аз ин зиёда бирён шуданаш- ро хоҳанд, ду мартаба кабоб кунанд ва дар ҳар боре ҳам дар шири хар сиришта бирён (кабоб) кунанд, ки беҳтар хоҳад гашт. Ҳаб-ул-мулукро дар равғани бодом ё шир як шабонарӯз бояд тар кард, баъд парварда, яъне ислоҳ мегардад. Ҳаб-ус-салотинро, ки тухми бед- гули хитойӣ низ мениманд, дар саргини гов парварда (ислоҳ) мегардонанд. Турбудро тарошида, бо равғани бодом чарб намуда, нимкӯфта, бо занҷабил истеъмол мекунанд. Чашмезакро дар латта баста, дар саргини хар бичӯшонанд, парварда мегардад. Мозариюнро ду шабонарӯз дар сирко тар мекунанд. Тадбири зарроҳ, ки ин ҳашаротро ба туркӣ алокуланг ва ба руси шпан- ская мушка мениманд ва он қисме аз заҳрҳо мебошад, бояд чанд адади онро зинда дар кӯза андохта, сари кӯзаро бо латтаи зағирпоягӣ баста, даҳанзер бар бо- лои бухори сирко, ки бо гармии оташ бичӯшад, бидо- ранд, то он ки зарроҳҳо кушта ва парварда шаванд. Баъд сойида истеъмол менамоянд. Тадбири салоҷа (пе- шоби бузи кӯҳӣ), ки дар масканаш ҷамъ мешавад, он аст, ки онро дар зарфи наме рехта, аз болояш оби хо- ри хасак ва пешоби гов он миқдор бирезанд, ки ӯро бипӯшонад. Баъд дар офтоб ё бо оташ гарм карда, бо даст бимоланд ва қисми софи онро дар зарфе рехта, 21 рӯз ба офтоб гузоранд, то он ки монанди асал ғафс гардад. Ислоҳи шубрум (ба русӣ молочай) он аст, ки онро кӯфта, як шабонарӯз дар шир тар намоянд. Дар зарфи он се бор ширро

нав кунанду баъд хушк карда бигиранд. Ҳар гоҳ барои ислоҳи варамҳо, гиреҳҳои узвҳои даруни қафаси синаву шикам, зардоб, дафъ кардани балғаму савдо истеъмол кардани шаванд, баъд аз парвариш дар шир се рӯз дигар, дар оби коснӣ, оби сагангур ва оби арпабодиён тар намуда, баъд хушк карда ба кор мебаранд. Ислоҳи дибқ (ба русӣ омела белая) он аст, ки донакашро бароварда партофта, бо камтар равғани зайтун ва монанди он даромехта, дар ҳован мекӯбанд ва бо ҳар як даво, ки бо он муносабат дошта бошад, кӯфтан мумкин аст. Инчунин ислоҳи да- воҳои дигари часпак ҳамчунин аст. Ҳар гоҳ дибқро дар давоҳои дигар мураккаб кардани шаванд, маса- лан, бо тухмиҳо бошад, дохил кардани равған дар он 76 ҳоҷат нест, бо ҳамон тухмиҳо бикӯбанд ва беҳтараш бо тухми беданҷир аст дар ин амал. Агар давоеро шустан матлуб бошад, тариқаш ин аст, ки фоидаи шустан, хунук кардан ё аз чизҳои бе- гона, ё аз буи бад ва ё гармии аз берун даромада хо- лис ва соф кардан аст. Масалан, аксари давоҳои сан- гинҷинсро монанди: ёқут, марҷон, лоҷвард, санги ар- манӣ ва дигарҳо, ки шустанаш ба санг монанд бо- шад, монанди: иқлимиё, шангарф, мурдорсанг, сафе- доб, гилҳо, муми занбӯри асал, зифт, сабир (алоэ), равғанҳо, савиқ (орди гандуми бирёнкарда) ва мо- нанди инҳо. Тариқи ба шустан тайёр кардани онҳо: агар давои сангҷинс бошад, дар ҳован бисёр маҳин кӯфта, об дар он рехта, бо оҳистагӣ бикованд, агар чизҳои бегонааш монанди ғубор бошад, ба об омехта мегардад. Баъд онро оҳиста дар зарфи дигар рехта, таҳшини онро боз бикӯбанд ва амали болоро такрор намоянд, ки то бо об омехта гашта, ҳамон тавр дар зарфи дигар равад. Баъд рӯйи онро бо матое бипӯшо- нанд, ки ғуборе дохил нагардаду таҳшин шавад. Сонӣ оби болои онро рехта, таҳшинашро истеъмол намоянд. Акнун шустани гилҳо. Ҳар гилеро, ки шустан би- хоҳанд, дар зарфе аз болои гил об бирезанд, ки об се- чор ангушт болои он истад, тар кунад. Сонӣ аз лат- таи карбос гузаронида, бигузоранд, ки таҳшин шавад ва оя гили таҳнишастаро хушконида ба кор баранд, ки тайёр аст. Шустани равғанҳо, ки инро қитрия меноманд. Рав- ғанеро, ки вайрон, кӯҳна ва таъмаш талх ё тез гашта бошад, тариқи нав ва тоза гардониданаш он аст, ки равғанро дар зарфе рехта, аз болояш ях ё барф бире- занду баъд то об шудани ях ё барф бикованд. Агар барфу ях мавҷуд набошад, бо оби хунук низ ҳамин тавр амал кунанд, хуб аст. Агар бо ин роҳ дар як дафъа равған ислоҳ наёбад, ин корро се бор такрор намоянд. Равғани гов ва гӯсфандро бо дӯғи турши гов ҷӯш диҳанд ва ҳангоми ҷӯшиданаш орди маҳини ган- дум бипошанд, то он ки дӯғ батамом бухор шавад, аммо эҳтиёт кунанд, ки равған доғ нагардад. Шустани равғани кунҷид он аст, ки онро бо нама- коб бисёр барҳам зананд, яъне бикованду бо оташи нарм биҷӯшонанд. Баъд онро аз намакоб ҷудо кунан- ду бо оби софи холис бисёр барҳам зананд ва биҷӯ- 77 шонанд. Сонӣ обро аз он

ҷудо карда партояду равған- ро ба кор баранд, ки шуста шудааст. Шустани зифт ва монанди он, муми занбӯри асал, мӯмиё ва анбар он аст, ки ҳар якеро шустани бошанд, батанҳоӣ гудохта, дар оби софи нимгарм бирезанд, то он ки кудураташ таҳшин шудан бигузоранд. Он чӣ дар рӯйи об истад, бардошта гиранду вақти ҳоҷат ба кор баранд. Фасли шонздаҳум. Дар баёни танқияи бадан Маънои танқия — баданро аз моддаҳои (хилтҳои) зарарнок пок кардан аст. Барои танқия аввал он мод- даи зарарнокро, ки аз бадан дафъ карданаш зарур аст, пазонидан даркор мебошад. Дар ин мақсад мод- даҳоеро, ки ғафс бошанд, чунончи, савдо ва балғам — онҳоро ба риққати (суюқии) мӯътадил оварда, барои хо- риҷ гаштанашон муҳайё бояд сохт. Вале агар моддаи матлуб аз эътидол рақиқ (суюқ) бошад, масалан, саф- ро— барои он, ки ба ҳар манфазҳо даромада ва паро- канда нагардад, онро ба ҳолати ғафсии мӯътадил биё- варанд, ки қобили ҳама якҷо аз бадан бадар рафтан гардад. Баъд аз ин амалҳо давои мусҳил (исҳоловар) бояд дод, ки он моддаҳои зарарнокро дафъ гардонад. Мус- ҳил—дар тиб он давоеро меноманд, ки моддаҳоро аз рагҳо ва узвҳо фурӯд оварад. Инчунин як қисми даво- ро мулайин (мулоимкунанда) меноманд, ки он мод- даи зарарнок дар фазои меъда, рӯдаҳо ва атрофи он- ҳо бошад, берун оварад. Инак, пеш аз мусҳил давои мунзиҷ (пазонанда) до- дан шарт аст. Вале пеш аз давои мулайин пазонида- ни модда зарурат надорад. Бо қатъият огоҳ кунем, ки ду намуд давои мусҳил- ро дар як рӯз додан раво нест. Ҳангоми ошомидани давои мусҳил сӯрохи биниро банд кардан лозим аст, ки аз бӯйи нохуши он даво дил- беҷо (беҳузур) нагардад ва қай наёяд ва ҳар дуи бо- зуро низ маҳкам банданд. Агар дил беҷо шавад, пуди- наро бо андак қаранфули гардан бӯйидан — ин монеи қай мебошад. Баъди аз давои мусҳил хӯрдан то тамо- 78 ман хориҷ шудани моддаи матлуб аз бадан, хоб кар- дан манъ аст. Давои мусҳилро набояд бисёр ширин созанд. Об барои шустани мақъад бояд гарм бошад, на сард. Агар давои мусҳили пурзӯр хӯрда бошанду он амал накарда, дилро ба тапидан орад ва беҳуш гардонад, бояд ки зуд қай фармуда, онро дафъ кунанд. Мусҳили ноқис, яъне камтаъсир бисёр зарар до- рад монанди он, ки фасди ноқис аст. Агар бадан қавӣ бошад, давои мусҳилро пайи ҳам хӯронидан равост, вале бемор заиф ва нимҷон бувад, як ё ду рӯз дар миён фосила дода, ин даворо биди- ҳанд, то ки ӯ аз рафтани дарун бадҳол нагардад. Рӯзи давои мусҳил хӯрдан аз чизҳои хунук ва ху- нукӣ парҳез лозим аст. Вале одамони хушкмизоҷ, кӯ- дак, камқувват ва пиронро набояд давои мусҳили қа- вӣ диҳанд. Аз болои давои мусҳил ҳабҳо, каф зада хӯрданҳо, маъҷунҳо ва арақи бодёни нимгарм ё оби нимгарм ошомидан барои мадади исҳол беҳтар аст. Аз болои обе, ки дар он давои мусҳил ҷӯшонида шуда бошад, арақи бодёни сард диҳанд. Баъди фориғ гаштан аз

таъсири давои мусҳил ба каси гарммизоҷ тухми аспағӯл (подорожник блошный), ба одами сардмизоҷ мисли тухми райҳон ё аз тухмҳои дарунро мулоимкунанда додан муносиб мебошад. Ҳеҷ як даво мавҷуд нест, ки ба ғайр аз як хилт (модда) хилти дигарро аз хилтҳои сегона (балғам, савдо, сафро) берун наёварад. Аммо он чӣ махсус кар- даанд барои ихроҷи сафро ё балғам, ё савдо — ин би- нобар он аст, ки он даво ҳамон хилтро назар ба ди- гарҳояш бештар бармеорад. Зимнан бояд инро хотирнишон намоем, ки баъзе касон соле як бор исҳол карданро барои тандурусте афзал медонанд. Вале ин тамоман хато мебошад. Агар зарурат пайдо шавад, худи бадан ба ин қодир аст ва исҳол месозад. Акнун ба сари мақсад биёем. Давоҳои пазонандаи сафро: бехрешаи коснӣ, нилу- фар, сумбул, бехрешаи гулихайрӣ, тухми гулихайрӣ ва тугмачагул, бунафша, гулисурх, тухми коснӣ, шоҳита- ра, гули хайру (ҳамешабаҳор). Сафро дар муддати се рӯз пухта мешавад ба шар- те, ки сафрои холис бошад. Ва агар сафрои ғайри хо- 79 лис бувад, то муддати панҷ рӯз пазонандаи инро бо- яд бихӯронанд, баъд вай пухта мегардад. Давоҳои пазонандаи балғам: бехрешаи бодён, ма- визи бедонаи ангур, сагангур (ангури сагак), сунбул, говзабон, бодрангбӯя, бехрешаи карафс, решаи бепӯс- ти ширинбия, тухми карафс, бехрешаи кавар, арпабо- диён. Балғам дар нӯҳ рӯз пухта мешавад, бояд ин миқдор рӯз аз давоиҳои номбурда кадомаш, ки ба даст ояд, бихӯранд. Вале балғами ғафс дар муддати зиёда аз ин пухта мегардад. Аммо балғами рақиқ (суюқ) дар панҷ рӯз пухта мешавад. Давоҳои пазонандаи савдо: бодрангбӯя (лимонная трава), говзабон, сагпистон, бехрешаи коснӣ, бодиён, шоҳитара, челон, сунбул, решаи бепӯсти ширинбия, анҷир. Савдо дар муддати понздаҳ рӯз пухта мегардад ва баъзан пештар ва ё дертар аз ин мӯҳлат пухта меша- вад. Акнун оид ба давоҳои исҳоловарандаи ин моддаҳои пухташуда баҳс мекунем. Мусҳили сафро, яъне давоҳое, ки хӯрданашон хилти сафроро бо исҳол дафъ мекунад: пӯсти ҳалилаи зард, талхшувоқ, гулисурх, тарангабин (шакари янтоқ). Мусҳили балғам, яъне, давоҳое, ки хӯрданашон бал- ғамро бо исҳол дафъ мекунад: шаҳми (гӯшти) ҳанзал (тарбузи абӯҷаҳл), маргимоҳӣ, замбӯруғи сафеди та- наи дарахт, турбуд, сано. Давоҳое, ки хӯрданашон мусҳили савдо мебошанд: ҳалилаи кобулӣ, ҳалилаи сиёҳ, зарпечак, замбӯруғи сафеди танаи дарахт, сано.

Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-muqaddima-14-16#chord

Канзи шифо. Давоҳои ҳайвонӣ 1-11 1. Тӯқумшуллук 2. Хари аҳлӣ 3. Кабӯтар 4. Кирми лойхӯрак 5. Фароштурук 6. Шабпарак 7. Лаклак 8. Кӯрмуш 9. Хук 10. Гамбуски саргин 11. Хирс ДАВОҲОИ ҲАЙВОНӢ 1. Тӯқумшуллук Ин ҷонвари хазандаест, ки аз худ моддаи шилмак бармеоварад. Дар вақти

зимистон ба даруни зиреҳи садафини худ даромада хоб мекунад, вале баҳор, ки шуд, як қисми баданашро аз он берун оварда ё бата- мом аз он баромада, зиндагӣ ба сар мебарад, барги нозуки гиёҳҳоро мехӯрад. Мизоҷи гӯшташ дар дараҷаи дуввум сард ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: инро агар бихӯранд, дар бадан зуд ба хуни солим мубаддал мегардад; барои иллатҳои махав, қӯтур, хориши бадан, девонагӣ ва ба бемориҳои гуногуни савдовӣ нафъ мебахшад. Гӯшти ҳамаи навъҳои тӯқумшуллук ҳангоми хӯрдан дар бадан балғам ва гиреҳҳоро пайдо мекунад, аммо ташнагӣ ва тафси аъзоро, ки сабабаш моддаи сафро бошад, таскин медиҳад. Ҳамаи қисмҳои тӯқумшуллукро сӯхта, маҳин ос карда, бо асал даромехта, ба чашм кашанд, доғи да- руни чашмро, ки аз пайдо шудани захм боқӣ монда бошад, дур мекунад. Гӯшти ин ҷонварро сӯхта, бо қатрон (дёготь) хамир карда, баъд аз кандани мӯйи чаппарӯйида ба он ҷо би- моланд, дигар мӯй намерӯяд. Оби садафаки майдаи наҳриро дар вақти барома- дани обила дар чашм чаконанд, зуҳури онро дар он манъ мекунад, вале агар баъд аз баромадан бичако- нанд, обилаи нағзакро таҳлил медиҳад, дафъ мекунад; шиддати сӯзиш ва тафсидани чашмро таскин медиҳад. Садафаки зиндаи наҳриро бо сӯзан сӯрох кунанд ва оби онро ба мӯйи дар чашм чаппарӯйида бичаконанд, онро нест мекунад. Агар ин обро ба пешонӣ бимоланд, моддаҳои зарарнокро аз рехтан ба чашм манъ мена- мояд. Агар инро ба атрофи гӯш бимоланд, барои дафъ 81 кардани рутубатҳои аз даруни гӯш равоншаванда да- во мебошад. Тӯқумшуллукро сӯхта, бо сирко хамир карда, ба пешонӣ бимоланд, хуни биниро қатъ мекунад. Гӯшти хоми онро фурӯ баранд, дарди меъдаро си- хат мебахшад. Гӯшти хушккардаи онро кӯфта бихӯ- ранд, бечо равон шудани ҳайзро ислоҳ менамояд. Гӯшти ин ҷонварро гузошта банданд, варами ниқ- рисро, ки варам ва дарди ангуштони дасту поҳо ме- бошад, таҳлил медиҳад; аз рӯ ба ҷигар гузошта бан- данд, суулқиня ном иллатро, ки суст ва заиф гашта- ни ҷигар аст, шифо мебахшад. Агар ба ягон ҷойи бадан тир ё хор даромада ва дар ҳамон ҷо монда бошад, аз болои он ин гӯштро гузошта банданд, он чизи бегона- ро аз бадан хориҷ мекунад; инчунин захри саги де- вона газидаро ҳам кашида мегирад. 2. Хари аҳлӣ Ин ҳайвони маълум аст. Мизоҷаш дар аввали дараҷаи дуввум гарм ва дар аввали дараҷаи саввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: гӯшташ дерҳазм ва га- ронҳазм аст. Ҷигарашро кабоб карда, ба дили наҳор бихӯранд, саръ (припадка) ва таби дурӯздармиёнро шифо мебахшад. Сумашро сӯхта, ос карда, аз он ҳар рӯз 15 грамм бихӯранд, иллатҳои кузоз (столбняк) ва саръро дафъ мекунад. Саргинашро бо сирко хамир карда, ба пешонӣ би- моланд, хуни биниро қатъ мекунад. Оби саргини тарашро ҳар рӯз дар бинӣ бичаконанд ё хушкашро ос карда, ба он сирко пошида, дар бинӣ кашанд, барои саръ фоида дорад.

Пешобашро бинӯшанд, дарди гурдаро дафъ меку- над. Саргинашро фишурда, обашро гирифта бинӯшанд, зардпарвинро шифо мебахшад, сангҳои гурда ва хи- чакро (пешобдонро) майда карда мерезонад, бачаи за- нони ҳомиларо аз шикам меафтонад, ҳамроҳаки (ёра- ки) бачаро зуд хориҷ мегардонад. Сумашро сӯхта, занҳои ҳомила дар вақти таваллуд кардан худро ба дудаш бидоранд, зойиданро осон ме- 82 кунад. Агар сумашро бо сӯҳон тароша (реза) карда бихӯранд, заҳрро аз бадан дафъ мекунад, иллати ма- хавро шифо мебахшад. Ин сумашро сӯхта, ос карда гузошта банданд, пӯс- ти тарқида ва кафидаи баданро, ки кӯҳна шуда бэ- шад, ба ибро меоварад; агар инро бо равғани зайтун хамир карда, гузошта банданд, ханозерро (хукгардан- ро) шифо мебахшад; иллатҳои буғумҳо ва носурро дафъ менамояд. Ҷигарашро сӯхта, бо равғани зайтун хамир карда, муттасил гузошта банданд, ханозерро таҳлил медихад; агар бо шароб хамир карда гузошта банданд, каҷии нохун ва доғҳои сафеди рӯйи нохунро дафъ мекунад. Равғанашро гузошта банданд, доғи аз захм ва реш боқимондаро барҳам медиҳад, ҷароҳатҳои узвҳои да- руни шикамро сиҳат мебахшад. Саргини хари гиёҳхӯрро дар шароб як шабонарӯз тар карда, онро соф намуда биёшоманд, каждумгази- даро даво мешавад. Агар мағзи сарашро бо равғани зайтун сиришта бимоланд, мӯй мерӯёнад ва онро дароз мекунад. Дандони онро ба зери болишт бигузоранд, одамо- ни бехобро хоб меоварад. Сипурзашро занҳо бихӯранд, шири онҳоро зиёда мегардонад. Хуни онро бимоланд, бавосирро дафъ мекунад. Ширашро дар даҳан бигардонанд, дарди дандонро таскин медиҳад. Агар инро биёшоманд, сурфаи гарми кӯҳна, сил ва иллати диқро, ки баданро бағоят лоғар мегардонад, фоида дорад. Мӯйи думи онро дар шароб андохта, баъд он шароб- ро бинӯшанд, арбада меоварад. Пешоби онро бар ҳар заврақ, ки бимоланд, ба он ҷо моҳиён бисёр ҷамъ мешаванд. Пӯсти пешонии онро ба гардани тифлони тарсончак биёвезанд, онҳо аз ин беморӣ наҷот меёбанд. Ним грамм чирки гӯши онро ба тифлони гирён- чак бихӯронанд, онҳоро аз гиря манъ мекунад. Ҳакими асри якуми милод Ҷолинус гуфтааст, ки равғани онро се бор то чор маротиба бимоланд, донаи бавосирро меафтонад. Агар каси каждумгазида назди хар рафта, ба гӯ- шаш бигӯяд, ки маро каждум газид, хар фукҳояшро 83 ба ҳаракат меоварад, гӯё ки кавша мекарда бошад, дардаш сокин мегардад —ин аҷиб аст. Агар закари онро дар кӯзаи обнадида андохта, ба оташ гузоранд, ки қариб ба сӯхтан расад, баъд онро кӯфта, бо равғани зайтун сиришта, ба сар бимоланд, мӯй мерӯёнад ва онро дароз мекунад. 3. Кабӯтар Ин мурғест ба ҳама маълум, навъҳои хонагӣ ва ҳам саҳроӣ дорад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум хушк аст. Вале мизоҷи саҳроияш гармтар ва хушктар мебошад. Хислатҳои шифобахши он: гӯшти онро ба ҳар та- риқ, ки бошад, пухта бихӯранд, бемориҳои фолиҷ (шал

шудани нимаи бадан ба дарозӣ), кач шудани рӯй, ларзак, суст ва нотавон шудани узвҳоро шифо ме- бахшад. Хуни солим аз хӯрдани он ҳосил мешавад; истисқои (водянкаи) обдор ва бодиро дафъ мекунад; баданро фарбеҳ мегардонад; гурда ва боҳро қавӣ месо- аад, манӣ ҳосил мекунад. Сангдони нав кушташудаи онро аз олойиш дару- наш пок карда, кӯфта бихӯранд, таъсири захри мор- ро аз бадан дур мекунад, агар газида бошад. Бачаи кабӯтарро бе обу намак дар равғани кунҷид пухта бихӯранд, санги гурда ва хичакро ҳамон соат майда карда мерезонад. Хунашро ба пешонӣ бимоланд, хуни биниро, ки аз пардаҳои мағзи сар меомада бошад, қатъ мекунад. Аз хуни хушки он ба андозаи боқило бихӯранд, инчунин хуни гармогармии онро ба ҷароҳати сар бимоланд ё бирезанд, агар ҷароҳат ба устухони сар расида бо- шад, дору мешавад. Аз бачаи кабӯтари нав парбароварда парашро би- кананд ва аз ҷойи парканда хун таровиш мекунад. Ҳа- мон хунро дар чашм чаконанд, барои ҷароҳатҳои чашм, хун хоб рафтан, пардаеро, ки чашмро торик ме- гардонад, пардаи дудмонанди чашм ва шабкӯриро до- ру мебошад. Мизоҷи саргинаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Инро аз 3,5 то 10,5 грамм дар як рӯз бихӯранд, ба- 84 рои ҳама навъҳои истисқо (водянка), ки аз сардӣ бо- шад, шифо мебахшад; 10,5 грамми инро ба 7 грамм дорчинӣ бихӯранд, санги гурда ва хичакро майда кар- да мерезонад. Саргинашро сӯхта, ба атрофи бинӣ бимоланд, дар манъ кардани хуни бинӣ назир надорад. Чун саргини онро сӯхта, намакашро ҷудо карда бигиранду бо оби турб фурӯ баранд, санги гурда ва хичакро майда кар- да мерезонад. Ин саргинро бо тухми кӯфтаи индов ва хардал (горчица) даромехта гузошта банданд, барои дарди сари кӯҳна, дарди нимсар, дарди паҳлу, дарди буғум- ҳо ва никрис дору мешавад; инро бо орди ҷав сириш- та банданд, варамҳои сахтро таҳлил медиҳад; бо равғани зайтун хамир карда банданд, барои сӯхтагии оташ даво мебошад; бо сирко сиришта банданд, хано- зерро (хукгарданро) таҳлил медиҳад; бо кӯфтаи тух- ми зағир даромехта барбанданд, пучакро мекафонад ва карахши захмҳоро меканад. Чун саргини кабӯтарро бо орди гандум ва оби гарм, камтар қатрон (дёготь) марҳам сохта, се шабонарӯз ба доғи пес гузошта бан- данд ва баъд бишӯянду аз нав ин амалро такрор на- моянд, яъне марҳами нав сохта, се шабонарӯз гузош- та банданд, дар бобати дафъ кардани пес бағоят пур- таъсир аст. Ин саргинро бо сирко хамир карда гу- зошта банданд, ширинчаҳо, ҳамаи намуди истисқоро шифо мебахшад. Агар ин саргинро дар об ҷӯшонида, дар он об то ноф даромада нишинанд, пешоби банд- шударо мекушояд, душвории шошиданро ислоҳ меку- над. Равғанашро бимоланд, доғи решҳоро дафъ мена- мояд. Сарашро бо пар ва мӯй сӯхта, ос карда, чун сур- ма ба чашм кашанд, пардаеро, ки чашмро торик ме- кунад, торикии чашм ва шабкӯриро

шифо мебахшад. Чун шиками бачаи кабӯтарро шикофта, гармогарм ба ҷойи каждумгазида бибанданд, заҳри онро кашида берун мекунад. Мизоҷи тухми кабӯтар бисёр гарм аст. Агар инро хом бихӯранд, шахшӯлӣ ва дуруштии узвҳои даруни синаро ислоҳ мекунад, ранги рухсорро неку мегардо- над. Агар инро кӯдакон бо асал бихӯранд, ба зудӣ ба сухан меоянд, яъне зуд забонашон бармеояд. Панҷ донаи ин тухмро бо равғани хук даромехта, ба закар 85 бимоланд, барои ба ҳаракат овардани шаҳвати мардӣ бисёр фоида мебахшад. Заҳраи кабӯтарро чун дар чашм кашанд, зардоби дар гавҳарак фуромада ва гули чашмро дафъ меку- над ва пардаеро, ки чашмро торик мекунад, низ дур менамояд. Устухони соқи пойи кабӯтарро бисӯзанд ва ос карда духтароне, ки бакораташон (дӯшизагиашон) рафта бо- шад, аз таг бардоранд, бакорат аз нав барқарор ме- гардад — ин аз асрор аст. Аммо агар бачаи кабӯтарро бо мудовамат бихӯ- ранд, иллати песро пайдо мекунад. Ҳамаи кабӯтарҳои саҳроӣ ва аҳлӣ ба одамони гарммизоҷ зарар доранд: дарди сар меоваранд, хунашонро месӯзонанд. Кабоби бачаи кабӯтарро бо давоҳои гарм бардавом бихӯранд, хунро месӯзонад, иллати махавро пайдо мекунад. Дар ин мавридҳо онро бо оби ғӯраи ангур ё сирко, ё каш- низ пухта бихӯранд ва бо косниву бодиринги тару то- за истеъмол намоянд, ислоҳи зарар менамояд. Касе, ки обила бароварда бошад, дар макони кабӯ- тарон муттасил сокин бошад, аз он беморӣ шифо меё- бад. Агар ба кабӯтарон наздик зиндагонӣ ба сар ба- ранд, аз бемориҳои вобаста ба майна, асабонӣ ва уфу- нӣ (сирояткунанда)-и монанди: фолиҷ, сакта, субот (летаргия), саръи кӯдакон (карахтӣ) ва тоун эмин ме- монанд, инчунин иллати тарсончакӣ ва вайронии ҳа- воро дафъ мекунад. 4. Кирми лойхӯрак Ин кирми дарози сурх аст, ки дар заминҳои нам- нок пайдо мешавад ва дар вақтҳои боридани борон ва рӯзҳои мавсимҳои баҳору тирамоҳ аз замин берун ме- ояд. Вақтҳои дигар дар даруни хокҳои намнок ва чим- зор умр ба сар мебарад. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: 10,5 граммашро сойида, бо оби ангур биёшоманд, пешобро меронад; бо обгӯшт, яъне бо шӯрбои гӯштии бо нахӯд ва лӯбиё пухта бо- шанд, бихӯранд, боҳро (пушти камарро) хеле қавӣ ме- гардонад. Инро дар равғани кунҷид ҷӯшонида бихӯ- ранд, дарди гулӯи шадид ва сурфаи кӯҳнаро давои хеле хуб мебошад. Агар инро бо равғани бодом якҷо 86 кӯфта бихӯранд, ҷурра (дабба)-ро, ки шикам дарида, рӯдаҳо сӯйи хояҳо фуромада бошанд, шифо мебахшад ва ҷойи даридаи шикамро ба ҳам меоварад; инчунин инро занҳо бихӯранд, зойиданро осон мекунад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад; агар бо ша- роб бихӯранд, ранги баданро, ки аз зардпарвин зард гашта бошад, ҳамон соат ба ислоҳ меоварад. Агар инро дар об ҷӯшонида, бо равғани қоз (ғоз) дар гӯш чаконанд, дарди гӯшро таскин медиҳад, Чун як миқдор кирми лойхӯракро ҷамъ нанмуда, бар

он намак бипошанд, оберо, ки аз он ҷудо шавад, дар гӯш чаконанд, дарди гӯшро таскин медиҳад. Ин кирмро пачақ карда, гузошта банданд, варами забонро ва ҳалқро таҳлил медиҳад, рехта шудани наз- лаҳоро манъ мекунад. Кирми лойхӯраки зиндаро кӯфта, ба асаби канда- шуда гузошта банданд ва то се шабонарӯз накушоянд, онро пайваст ва сиҳат мекунад; инчунин бардавом гу- зошта банданд, ҷароҳатҳои асабониро шифо мебахшад; бо гарди осиё хамир карда гузошта банданд, буғуми аз ҷойи худ баромада беҷогаштаро ба ҷойи аслиаш ва ба ҳоли аслиаш меоварад; барои ҷоҳои зарбхӯрда ва латхӯрда бибанданд, ба ибро меоварад; агар инро бо равғани мағзи зардолу сиришта, ҳамин амалро бачо ованд, бавосирро шифо мебахшад. Ин кирмро дар равғани зайтун пухта ва ё инро кӯфта бо зифт ва барги каду хамир карда бимоланд, барои калон кардани олоти мардӣ давои бисёр пур- таъсир аст. Кирми лойхӯракро бо шароб биёшоманд, пешоби бандшударо равон мекунад. Чун кирми лойхӯракро бо гамбуски саргингардон ва наботи зард бипазанду би- моланд, барои бавосир, хунравӣ ва кафидани мақъад (махрачгоҳ) доруи бемисл мебошад. Аз кирми лойхӯрак равған ҳам тайёр мекунанд: санъати тайёр карданаш ин аст. Кирми лойхӯракро ҳар қадар, ки хоҳанд, бигиранд, покиза бишӯянд, дар ду баробари вазни кирмҳо равғани кунҷиди тоза ё равғани зайтун андохта, бо оташи мулоим бичӯшонанд, то он ки кирмҳо сӯхта сиёҳ гарданд. Баъд соф наму- да, равғанро ба кор баранд. (Агар маҳз дар равғани зайтун бипазанд, қувваташ муддатҳо нигоҳ дошта ме- шавад). Ин равғанро хоҳ бихӯранд ва ё бимоланд, барои аксари бемориҳои асабонӣ ва вобаста ба ҳола- 87 ти майна монанди: фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ), каҷ шудани рӯй, суст ва нотавон гаштани аъзо, дардҳои буғумҳо ва сурин, иркуннасо (радику- лит), никрис (подагра), сустии олати таносул ва заи- фии пушти камар шифо мебахшад. 5. Фароштурук Ин парандаи маълум аст. Мизоҷи гӯшташ дар миёнаи дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: гӯшташро кабоб карда бихӯранд, гиреҳҳои узвҳои баданро мекушояд, зард- парвин ва бемориҳои сипурзро шифо мебахшад; санги хичакро майда карда мерезонад. 4,5 грамм гӯшти хуш- ки онро кӯфта бихӯранд, қуввати чашмро зиёда мегар- донад; 7 грамм гӯшти намакини хушкашро бихӯранд, дарди гулӯро, ки сабабаш ҷамъ шудани хун дар мав- зеи ҳалқ бошад, шифо мебахшад. Агар инро сӯхта, хокистарашро бо об даромехта, бо он об ғарғара ку- нанд, барои дарди гулӯи мазкур даво мебошад ва ҳа- маи бемориҳои ғадудҳои бодомшакли ҳалқро дафъ ме- кунад. Агар ин хокистарро бо асал даромехта, ё сӯх- таи онро бо асал даромехта, бардавом ба ком бимо- ланд, низ ҳамин таъсирро дорад. Бачаашро сӯхта, сойида, бо хунаш сиришта, ба чашм бимоланд, қуввати биноии чашмро меафзояд. Мағзи сарашро бо асал сиришта ё саргинаш ва ё

хокистари онро бо асал даромехта, ба чашм кашанд, ба гавҳараки чашм фуромадани обро, ки дар ибтидо бошад, шифо мебахшад; қӯтури чашм, сурхии он ва нохунаки чашмро шифо мешавад. Ҳамчунин хуни гар- могарми он ва саргинаш бағоят поккунанда мебошад, барои некуии ранги рухсор ва дафъ кардани доғи са- феди пӯст хеле давои хубест, инчунин пӯстро аз доғ-ҳои дигар пок мегардонад. Агар бо заҳраи гов даро- мехта бимоланд, мӯйи сиёҳро сафед менамояд. Чун чанд рӯз ҳар рӯз 4,5 грамм хокистари ошёни фароштурукро занҳо бихӯранд, душвории зойиданро осон мекунад. Заҳраи онро дар бинӣ чаконанд, мӯйи сар ва ришро сиёҳ мекунад. Чашмҳои онро бо равғани занбақ (савсани сафед) 88 ё равғани савсани кӯҳӣ даромехта, ба нофи занон би- моланд, душвории зойиданро осон мегардонад. Фароштурук дар як сол ду бор бача меоварад. Агар шиками бачаи якум баровардаи онро чок кунанд, сангреза аз он зоҳир мегардад: яке якранг ва дигаре гуногунранг. Сангрезаи якранги онро дар пӯсти гӯсо- ла, ки дар вақти зойида шуданаш бадани он ба замин нарасида бошад, дар даст муаллақ бардошта сарашро бибурранду пӯсташро ҷудо карда бигиранд ва дар он пӯст он сангрезаро баста, дар гардан ва бозуи гириф- тори иллати саръ (припадка) банданд, аз он иллат наҷот меёбад. Ва санги гуногунранги мазкурро дар ҳарири сафед печонида, бо худ нигоҳ доранд, марта- баи баланд ва бениёзиро соҳиб мегарданд. Ба қавле чун бачаи онро бо заъфарон ва дигар ранги зард ранг кунанд, ки дар вақти ранг кардан мо- дар ва падари ӯ набинанд, барои дафъи зардии ранги бачаи худ санги зардпарвинро ба ошёнаш меоваранд. Он санг барои иллати зардпарвин дору мебошад. Чун сари фароштуруки нар ва мода — ҳар дуро бо оташ сӯхта, дар шароби мардуме, ки шароб мехӯранд, андозанд, он шароб маст намекунад. Тайёр кардани равғани занбақ ин тавр аст. Гулҳои савсани сафедро дар зарфе, ки дар он равғани кунҷи- ди тоза ё равғани зайтун рехта бошанд, пур карда, ба офтоб мегузоранд. Баъд аз як ҳафта ранги гул мепа- рад, он гулро фишурда дафъ карда, аз гули нав пур менамоянд. Ҳамин тавр то чор-панҷ мартаба гулро иваз мекунанд. Баъд гулро фишурда дур мегардо- нанд—ин равғани занбақ аст. Занбақ — савсани са-федро мегӯянд. 6. Шабпарак Ин ҷонварро бинобар он, ки рӯзона парвоз наме-кунад, саҳван кӯршабпарак меноманд. Инро ҳама ме- донанд. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва дар чорум хушк аст. Гармии гӯшташ камтар аст аз ҳарорати сар- гини он. Хислатҳои шифобахши он: онро шӯрбо карда бихӯ-ранд, ахлоти нодаркор ва инчунин зардобро бо исҳол аз бадан дафъ мекунад, истисқо (водянка) ва дарди 89 суринро шифо мебахшад. Агар онро дар равғани зай- тун муҳарро пухта бихӯранд, иллатҳои фолиҷ, ларзак, дардҳои буғумҳо, дарди пушт ва ниқрисро (подагра- ро) ба ибро меоварад, варамҳои сардро таҳлил меди- ҳад; агар дар равғани кунҷид ҳамон тавр пухта, ба-

такрор бимоланд, иркуннасоро шифо мебахшад. Гӯшти онро дар равғани занбақ ё дар равғани сав- сани кӯҳӣ дар деги чӯян ё мис ба ҳадде бипазанд, ки равған хушк шавад ва аз нав равған андохта бипа- занд, то шабпарак муҳарро гардад. Баъд равғанро соф намуда бимоланд, барои фолиҷи қадим, ларзак, дамкӯтаҳӣ, никрис, дарди аъзо, манъи рехтани мӯй до- руи аҷиб мебошад; ва агар инро занҳо ба пистони худ бимоланд, намегузорад, ки онҳо калон шаванд. Агар ин шабпаракро дар об муҳарро пухта, ба закар би- моланд, пешоби бандшударо мекушояд. Он обро, ки шабпарак пухта шудааст, дар сӯрохи закар батакрор бичаконанд ва ё дар он об даромада нишинанд, фолиҷ ва сусту нотавон гаштани аъзоро шифо мебахшад. Мағзи сари онро дар оби пиёз ҳал карда, ба чашм кашанд, оби дар гавҳарак фуромадаро дафъ ва чашм- ро бино мегардонад; агар инро бо асал сиришта би- моланд, гули чашмро нест мекунад. Хуни онро ба зери нофи тифлон бимоланд, ба он ҷо мӯй намерӯяд, агар ба пистони духтарон бимоланд, пистон бисёр бузург намегардад. Агар ин хунро ба чашм бимоланд, пардаи ба он афтодаро, ки чашмро торик мекунад, дафъ менамояд. Шабпаракро сӯхта, хокистарашро чун сурма ба чашм кашанд, чашмро тез ва гули дар он афтодаро дафъ мекунад. Агар ин хокистарро дар шароб андо- занд, нӯшандагонаш маст намегарданд. Заҳраи онро занҳо ба андоми шарми худ бимоланд, душвории зойиданро барҳам медиҳад, яъне зойишро дар- ҳол осон мекунад. Агар майнаи онро ба зери по бимоланд, қуввати пушти камарро (боҳро) бармеангезад. Мизоҷи саргинаш бисёр гарм ва хушк то дараҷаи чорум мерасад. Агар инро ос карда, чун сурма ба чашм кашанд, гули чашмро дафъ мекунад. Агар онро ба шукуфаҳои пӯст бимоланд, онҳоро дур менамояд. Шири шабпарак низ дар мизоҷ бисёр гарм аст ва поккунандаи доғҳо мебошад. Агар аз ин 4,5 грамм бихӯранд, ҳалок мекунад, яъне мекушад. Як грамми 90 инро бихӯранд, санги гурда ва хичакро (пешобдонро) майда карда мерезонад. Дар болои ошёни онҳо чизи сафеди сахт ёфт ме- шавад ба миқдори банди ангуште (баъзан калонтар ва баъзан хурдтар аз он) монанди ишхор, вале сафед- тар аз он, сӯрохдор, яъне ковокдор. Агар инро ос кар- да бимоланд, озаххоро хушк мекунад ва мӯйро чун тарошидашуда аз пӯсти бадан ҷудо мекунад, вале пӯстро захмин месозад. Пешоби ин ҷонвар низ мизоҷ ва хислати шири онро дорост, моддаҳои сахт ва тафси баданро мегудозад. Агар онро ба чашм бикашанд, гули чашмро дафъ ме- кунад. Инчунин шираш ҳам гули чашм ва нохунаки чашмро дур менамояд. Вале ин ҳар ду ба чашм зарар низ мекунад. Бинобар ҳамин аз истеъмолашон ба чашм, беҳтар аст, ки худдорӣ намоянд. Агар нафаҳмонда сари онро ба зери болини касе бигузоранд, он шахсро хоб намебарад. Инчунин чашм ва дили он ҳам ҳамчунин таъсирро дорад. Агар дар бурҷи (ҷойгаҳи) кабӯтарон сари онро

дафн намоянд, ба он ҷо кабӯтарони бисёр ҷамъ ме- шаванд. Агар инро дар сӯрохи муш гузоранд, ҳамаи мушон аз он хона мегурезанд. Дилашро ба гардани худ овезанд, барои ҳаракати ҷимоъ ёрӣ медиҳад. Мағзи сари онро бар закар бимоланд, онро қавӣ мегардонад. 7. Лаклак Ин парандаи калонҷусса, гардану по ва нӯли дароз дорад, ки ба ҳама маълум мебошад. Аз чӯбмайда ва хорҳои шахшӯл барои муҳофазати бачаҳои худ ошён месозад. Азбаски душмани бачаҳои он мор аст, худаш морро мехӯрад. Бинобар он, ки хӯрокаш аз ҷонварони номарғуб аст, гӯшташ бадбӯ мебошад. Мизоҷаш дар охири дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: гӯшташро бихӯранд, ба- рои иллати фолиҷ, каҷ шудани рӯй, карахтӣ, бодҳои ғализ, ҷой гирифтани сардӣ дар узвҳои бадан, сустии боҳ (пушти камар), заҳрҳои ҷонварони газанда даво мебошад. Хӯрдани гӯшти бачааш беҳтар аз гӯшти лак- лаки калон аст. 91 Гӯшти лаклак ба одамони гарммизоҷ зарар меку- над. Дар ин ҳолат равғани кунҷид бихӯранд ё онро бо сирко, карафс, кашнизи бисёр, равғани зайтун ва равғани бодом пухта бихӯранд, зарараш ислоҳ меёбад, вале аз болои гӯшти лаклак шароб ва май набояд ошоманд. Тухми он барои табобат дар аксар ҳолат аз гӯшти он қавитар аст. Заҳраи онро ба чашм бикашанд, шабкӯриро дафъ мекунад. Хунашро бимоланд, доғи сафеди пӯстро нест месо- зад. Агар инро бо сирко даромехта хоҳ бимоланд ва ё гузошта банданд, ҳамин таъсирро дорад. Саргинашро гузошта банданд, доғи сафеди пӯст, доғҳои кунҷидак ва дигар доғҳоро аз пӯст дафъ ме- созад. Инро бо тухмаш якҷо карда бимоланд, мӯйро сиёҳ мегардонад, иллати саръро дафъ менамояд. 8. Кӯрмуш Ин ҷонвари бадбӯ, бечашм, дум ва поҳои он аз ин узвҳои муш кӯчактар, хокистариранг, вале ба қавле чашми он дар зери пӯсташ ҷой гирифтааст. Дар за- минҳои намнок мешавад, пайваста заминро сӯрох ме- кунад ва решаҳои гиёҳ ва дарахтонро мехӯрад, хусу- сан қисми заминӣ — пиёзи гандано ва пиёзро дӯст ме- дорад, ки бихӯрад. Агар гандано ва пиёзро ба даҳани сӯрохаш бигузоранд, ба бӯйи он берун меояд. Мизоҷаш бағоят гарм ва хушк, аз ҷинси заҳрҳои қаттол аст. Хислатҳои шифобахши он: хуни тарафи дунболаи онро бимоланд, гули чашмро дафъ мекунад ва пӯсти баданро аз доғҳои гуногун пок менамояд, ҳатто хол- ро ҳам бармедорад, ханозерро (хукгарданро) таҳлил медиҳад. Мағзи сари онро бо равғани гулисурх даромехта бимоланд, хуни биниро ва хунравиро аз ҳар мавзеъ, ки бошад, қатъ мекунад, варамҳо ва ханозерро таҳлил медиҳад; барои нест кардани доғҳои пес, доғи сафед, шукуфаи пӯст, доғи кунҷидак ва ҳар чӣ аз бадан ба- рояд, давои беҳамто мебошад. Хунаш ҳам чунин таъ- сир дорад. Сари онро сӯхта, бо зоки сафед ос карда, чун дар 92 гӯш ё дар бинӣ гузоранд — ҳар дуро, ки бадбӯ бошад, бӯйи бадашро дафъ менамояд; агар ба гардани бемори таби дурӯздармиён банданд, аз иллат шифо меёбад. Инро бимоланд,

барои дарди сар даво мебошад. Сари кӯрмушро сӯзонида, худро ба дудаш бидо- ранд, душвории шошиданро ба ибро меоварад. Заҳраи онро бо оби решаи юнучқа даромехта, дар бинӣ резанд, каҷ шудани рӯйро сиҳат мебахшад. Лаби болои онро ба худ овезанд, таби дурӯздарми- ён ва саръро шифо мебахшад, дандони тифлон ба осо- нӣ мебарояд. Дандони онро ба миёни мардуми пурозор парто- янд, зуд ҳамаи онҳо пароканда мегарданд, инчунин равғани онро дар оташ андозанд, ҳамин тавр ҳодиса рӯй медиҳад. 9. Хук Ин ҳайвон ҳам аҳлӣ ва ҳам ваҳшӣ низ мебошад. Гӯшташ ширин, монанди гӯшти инсон аст. Пеш аз пайдоиши мазҳаби ислом тоҷикон гӯшти онро мехӯр- данд ва дар бозорҳо фурӯхта мешуд. Баъд дини ислом онро ҳаром ҳукм кард ва хӯрдан, инчунин фурӯхту харидаш манъ гардид. Мизоҷаш дар аввали дараҷаи дуввум гарм ва дар дараҷаи саввум тар аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, ги- реҳҳои узвҳоро мекушояд, баданро фарбеҳ месозад, барои мизоҷи инсон мувофиқтарин гӯшт аст, ҳамаи он баъд аз ҳазм ёфтан ҷузъи бадан мегардад, ба қавле дар бадан хилти (моддаи) ғафс пайдо мекунад, ҳирси шадидро ба амал ва дарди давомнок меоварад, ба ил- лати филпо, ки пойҳои одамӣ монанди пойҳои фил ғафс мегарданд, гирифтор менамояд; бинобар тарии мизоҷаш дар буғумҳо дард пайдо мекунад; ақлро паст месозад, мурувватро нест мекунад, яъне камҳиммат мегардонад; ғайратро суст менамояд. Ҳамаи ин хис- латҳои бадашро шароб нӯшидан, шакар ва қанд ошо- мидан ба ислоҳ меоварад. Ҳангоми истеъмоли гӯшти хук бояд синну соли кас, меъёр ва миқдори хӯрданаш, инчунин мизоҷи хӯранда риоя карда шавад. Яъне ба кӯдакон ва ҷавонон, аз- баски мизоҷи онон тари баланд аст, зарар дорад, зеро 93 мизоҷи кӯдакон ва ҷавонон аксар ба тарӣ моил мебо- шад, тармизоҷон бояд инро нахӯранд ва дигарҳо низ миқдори бисёр истеъмол нафармоянд ва ғайра. Буҷулаки пойи онро орд барин кӯфта, 9 грамми он- ро бо шароб бихӯранд, барои газидани ҷонварони заҳрнок дору мебошад. Агар ин ордакро бо асал ха- мир сохта, гузошта банданд, доғи песро дафъ меку- над— ин озмуда шудааст; 4,5 грамми онро ба дараҷае сафед шудан сӯхта бихӯранд, дард ва бодҳои рӯдаҳо- ро, ки кӯҳна шуда бошанд, дафъ мекунад. Пешоби хуки ваҳширо бинӯшанд, санги хичакро (пешобдонро) майда карда мерезонад. Пешобашро би- моланд, доғи кунҷидакро аз пӯст пок мекунад; бо сир- ко даромехта бимоланд ё дар даҳан бигардонанд, дар- ди дандонро таскин медиҳад. Агар инро бо ҳазорис- панд ҷӯшонида, бо он узви карахтро бишӯянд, ба ҳис меоварад, яъне шифо мебахшад. Чун зираро як шабонарӯз дар пешоби хукбача тар карда, баъд онро бароварда хушк намуда, маҳин кӯф- та, ҳар рӯз мувофиқи бардошти мизоҷ аз ин тановул намоянд, ба иллати истисқо (водянка) фоида дорад. Инро бо пешоби одамӣ даромехта, бемори

таби дурӯз- дармиён доштаро поҳо бишӯянд, шифо мебахшад. Саргини хушки онро бо об ё бо шароб бихӯранд, хун қай карданро, ки он хун аз даруни сина меомада бошад, дафъ мекунад, дарди паҳлуро шифо мебахшад. Саргини онро бо сирко хамир сохта, гузошта бан- данд, сустии мушакҳоро ба ибро меоварад; бо муми занбӯри асал ва равған якҷо омехта гузошта банданд, асабҳои печидаро рост мегардонад. Заҳраи онро чаконанд, реш ва захмҳои даруни гӯш- ро сиҳат мекунад; агар инро бар бавосир бимоланд, онро дафъ месозад; бо асал ва мурчи кӯфта хамир сохта, бимоланд, мӯйи сари калро мерӯёнад. Бо равғанаш ҳуқна (клизма) кунанд, иллатҳои рӯ- даҳоро дафъ мекунад. Чарбиашро ба зери ноф гузошта банданд, дардҳои бачадон ва мақъадро таскин медиҳад, сӯхтагии оташ ва сармозадагиро шифо медиҳад. Равғани кӯҳнашудаи онро бихӯранд, дарунро му- лоим ва гарм мегардонад. Равғани онро бо шароб шуста, ба оҳак ё хокистар даромехта гузошта банданд, варамҳои гарм ва варамҳои пардаҳои даруни синаро таҳлил медиҳад. 94 Ҳакими машҳури асри якуми милод Ҷолинус гуфта- аст, ки мӯмиёро дар равғани бенамаки он ҳал карда, дар гӯш чаконанд, карии гӯшро, ҳатто агарчи модар- зод бошад, шифо мебахшад. Равғани онро ба узвҳои ҷингакшуда бимоланд, он- ҳоро ба ибро меоварад; агар муттасил бимоланд, ба- рои пучак ва ханозер (хукгардан) дору мешавад. Хуни хук дар ҳама бобат монанди хуни инсон аст. Агар инро бимоланд, пистони бузурги занҳоро кӯчак мегардонад, шир дар пистон шах шуда бошад, таҳлил медиҳад ва инчунин варамҳоро мегардонад. Устухони сӯхтаи онро ос карда, бар бавосир бимо- ланд, онро сиҳат мебахшад. Сумашро сӯхта, ос карда, бихӯранд, беихтиёр ра- вон шудани пешобро ба ислоҳ меоварад. Мӯяшро бо муми нефт якҷо сӯхта, бо равғани гу- лисурх даромехта бимоланд, захмҳои бедаворо шифо мебахшад. Аз пӯсти хук пашшаҳо мегурезанд. 10. Гамбуски саргин Ин ҷонварест гуногун, болдор ва бебол, калон ва майда—ҳама сиёҳ мебошанд. Дар пойи деворҳо, хок- рӯбаҳо ва саргин мақом дорад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар ин ҷонварро як шаб дар об тар карда, баъд он обро бинӯшанд, ахлоти меъда, рӯдаҳо ва ҷигарро бо исҳол дафъ мекунад, ис- тисқоро шифо мебахшад. Онро пачақ карда, ба ҷойи каждумгазида гузошта банданд, заҳри онро дафъ мекунад. Қисми дунболаи онро канда, баъд онро бифишоранд, аз он рутубат зо- ҳир мешавад, ин рутубатро ба чашм кашанд, чашмро қавӣ мегардонад, пардаи дар он афтодаро, ки чашмро торик месозад, дафъ мекунад. Табиб Юнус гуфтааст, ки гамбуски саргин, ки дар хокистари гиёҳи тугмачагул пайдо шавад, онро кӯфта, ба чашм кашанд, дарди чашмро шифо мебахшад; ва боз гуфтааст, ки чун пардаи ақиби сари онро бардо- ранд, рутубате, ки зоҳир шавад монанди афюн, ба қадри 14 грамм дар садафе бигиранд ва онро фати-

лаи борики лоиқи сӯрохи закар сохта, он фатиларо ба 95 он рутубат олонда, дар сӯрохи закар гузоранд, боқиро ба зери ноф, каши рон, хоя ва атрофи он бимоланд, ҳамон дам пешоби бастаро мекушояд. Ин рутубатро ба чашм кашанд, пардаи торикиовари чашмро дафъ мекунад ва торикии чашмро шифо мебахшад. Гамбуски саргинро кӯфта гузошта банданд, захм ва реши соқи пойро дафъ мекунад. Равғани зайтунеро, ки дар он гамбуски саргин ҷӯ- шонида шуда бошад, нимгарм дар гӯш чаконанд, дар- ди онро ҳамон соат таскин медиҳад; агар ин равғанро бимоланд, ханозер ва бавосирро таҳлил медиҳад. Ин гамбускро дар найча андохта, ба рони зан би- банданд, душвории зойиданро осон мекунад. Чун ин ҷонварро дар гули сурх гузоранд, гул паж- мурда мегардад ва худаш мемирад ва онро дар сар- гин дафн кунанд, аз нав зинда мешавад. Агар сари онро дар бурҷи кабӯтарон гузоранд, ка- бӯтарон ба он ҷо ҷамъ мешаванд. 11. Хирс Ин ҳайвони маълум аст. Мизоҷаш гарм ва тариаш бисёр аст, вале мизоҷи хирси пир хушк мебошад. Хислатҳои шифобахши он: заҳраи он гиреҳҳои ба- данро башиддат кушоянда аст. Ним граммашро бо асал бихӯранд, иллати саръро шифо мебахшад; бо сиркоасал, асал ва мурч бихӯранд, дарди ҷигареро, ки аз сардӣ бошад, сиҳат мекунад; истисқои лаҳмӣ ва обиро ба ибро меоварад; ду граммашро бихӯранд, қу- линҷи ҷунбандаро (подвижной колитро) шифо мебах- шад. Агар заҳраи хирсро бо асал ва оби бодён (ар- пабодиён) даромехта, ба чашм кашанд, чашмро қавӣ ва гули дар он афтодаро дафъ мекунад, мижаҳои рех- таро аз нав мерӯёнад. Агар инро бо асал ва мурчи кӯфтагӣ даромехта, ҳар рӯз як мартаба то панҷ рӯз бимоланд, решҳои хӯранда ва сабӯсаки сарро дафъ мекунад, инчунин ба сар мӯй мерӯёнад. Ширдони бачаи хирсро, ки ҳанӯз ба ғайр аз шир чизи дигар нахӯрда бошад, панирмояи хирс меноманд. Агар инро бихӯранд, баданро фарбеҳ мекунад. 4,5 грамм аз он бихӯранд, саръро, ки сабабаш ҷамъ шу- 96 дани балғам дар мағзи сар бошад, шифо мебахшад Агар дар милки чашм мӯйи чаппа рӯйида бошад ва дар чашм бихалад, онро баъд аз кандан инро ба чашм ка- шанд, дигар мӯй намерӯяд. Агар инро ба ҳар ҷойи ба- дан бимоланд, рӯйидани мӯйро дар он ҷо манъ меку- над; бар пучак бимоланд, ба зудӣ онро мепазонад. Мизоҷи равғанаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Агар инро гузошта банданд, дарди кӯҳнаи буғумҳо- ро бартараф мекунад, асабҳо ва узвҳои шахшударо мулоим мегардонад, агар ягон устухон беҷо шуда ё шикаста бошад, беҷоро баҷо меоварад ва шикастаро пайваст мекунад, латхӯрдаи узвҳоро ислоҳ менамояд; ба сина гузошта банданд, сурфаеро, ки аз хушкӣ бо- шад, шифо мебахшад. Ба доғи пес ва гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш гузошта банданд, шифо мебах- шад. Равғани хирсро дар вақти зойида шуданашон бар бадани тифлон бимоланд, онҳо аз ҳамаи ҳодисоти за- рарноки табиат эмин мешаванд. Чун

даруни анорро тамоман холӣ карда, равғани хирс ва равғани зайтун баробарвазн дар он андохта, ба оташ гузошта гарм намуда бимоланд, барои рӯёни- дани мӯйи абру доруи хубест; ба гирдак-гирдак мӯй- рехта сар ва риш, бавосир, носур ва саъфа (ширинча) дору мешавад. Мизоҷи пӯсташ бисёр хушк аст. Агар бар он бар- давом бишинанд, фолиҷ, ниқриси тармизоҷон ва бемо- рии аъзошиканиро шифо мебахшад. Чун хояи онро чок карда, кӯфтаи мозу ва татум ба он пур намуда, хушк кунанд, баъд сойида бихӯранд, ис- ҳолро басуръат манъ мекунад. Саргинашро гузошта банданд, варамҳо ва дарди гулӯи шадидро, ки аз ҷамъ шудани хун сар зада бо- шад, таҳлил медиҳад. Агар инро бихӯранд, дарди рӯ- даҳоро дафъ мекунад. Мӯяшро бисӯзанд, аз дуд ва бӯйи он ҷонварони за- рарнок мегурезанд. Чашми рости онро ба худ биёвезанд, ҷонварони ваҳ- шӣ аз он кас мегурезанд. Агар ҳар ду чашми онро дар латта баста, ба гардани бемор биёвезанд, таби ду- рӯздармиёнро шифо мебахшад. 97 Муфассалтар: http://zarowadk.ru/davohoi-hayvoni-1-11#1

Канзи шифо. Давоҳои ҳайвонӣ 12-21 12. Мурғи хонагӣ 13. Кирмак 14. Магас 15. Алокузанг 16. Гург 17. Занбӯри сурх ва сиёҳ 18. Калтакалос 19. Мор 20. Сангпушт 21. Бедона 12. Мурғи хонагӣ Ин маълум аст. Мизоҷи мурғи ҷавони фарбеҳ дар дараҷаи якум гарм ва дар тарӣ мӯътадил, вале дар мурғчӯҷа тарӣ бисёртар аст. Ҳарорат, яъне гармии мизоҷи хурӯс нисбат ба мокиён камтар ва хушкии он зиёдтар аст, вале хурӯсчӯҷа дар мизоҷ мӯътадили моил ба тарӣ ме- бошад. Хислатҳои шифобахши он: Гӯшти инро муҳарро пухта бихӯранд, ғизоияташ бисёр, хӯроки сабуктар назар ба дигар мурғон ва хуни солим аз он пайдо ме- шавад; ақл ва маниро зиёда мегардонад; агар муҳар- ро пухта нашавад, зидди хислатҳои номбурдаро дорад. Гӯшти хурӯси солхӯрдаро бо нахӯду лӯбиё пухта бихӯранд, моддаҳои ғафсро таҳлил медиҳад, дарунро мулоим мекунад, моддаи савдоро аз бадан хориҷ ме- намояд, барои иллати қулинҷ, ки варам ва дарди рӯ- даҳои ғафс аст, шифо мебахшад. Беҳтараш он, ки ху- рӯси пирро кушта, дар об бисёр биҷӯшонанд, то он ки муҳарро гардад, баъд онро нимгарм бихӯранд, мод- даҳои савдовиро ихроҷ мекунад. Чӯҷамурғро шӯрбо карда бихӯранд, барои одамони заифбадан ва нимҷон, инчунин меъдаашон тафс дошта бошад ва ба табҳои сафровӣ мувофиқ аст; барои мӯъ- тадил гардонидани миқдори моддаҳои нодаркор, муло- им кардани дарун, бо мудовамат бихӯранд, ғизои бис- ёр хуб мебошад. Қавле мавҷуд аст, ки гӯшти чӯҷаи мокиён модда- ҳои нодаркори баданро ронда хориҷ мегардонад, вале гӯшти мурғи мокиён онҳоро нигоҳ медорад. Хурӯси пирро бисёр давонида, хаста гардонида, кушта, чизҳои даруни шикамашро дур сохта, намак карда, аз гиёҳи шибит пур намуда, бо оби бисёр би-

ҷӯшонанд, то он ки обаш ба миқдори даркорӣ бимо- над. Баъд шаб дар зери осмон гузоранд, субҳ онро би- хӯранд, моддаҳои нави даруни ҷигарро, ки ғафс гашта бошанд, бо исҳол дафъ мегардонад; барои табҳо, дар- ди шуш, ки кӯҳна шуда бошад, барои ларзак, дамкӯта- ҳӣ, дарди буғумҳо, бардамидани меъда, беҳад нармии узвҳо ва қулинҷ даво мебошад ва заҳрҳои хӯрдашу- даро дафъ мегардонад. Баъзеҳо ҳангоми пухтани ин карами тоҷикӣ ё тухми маҳсар, ё шибит ва ё ҳар серо изофа менамоянд — ин қавитар аст дар бобати давои 98 мазкура, инчунин барои дафъ кардани балғам пурзӯр- тар мебошад. Гӯшти хурӯси ҷавон маниро зиёда ва соф мекунад, ранги рухсор ва овозро соф ва равшан мегардонад. Аз они хурӯсчӯҷа барои одамони камқуввати нав аз бе- мори хеста, инчунин барои бемориҳои гарммизоҷ му- вофиқ аст дар бобати фарбеҳ кардани бадан, дур на- мудани лоғарӣ, соф кардани ранги рӯй ва овоз, зиёда гардонидани ҷавҳари майна, фаҳм ва манӣ, дафъ кар- дани хаёлҳои вайрон ва фикрҳои бад давои хуб мебо- шад. Агар инро бо равғани нав пухта бихӯранд, сур- фаи хушкро шифо мебахшад. Гӯшти инро шӯрбо пух- та, ҳар рӯз як порчаи онро то як ҳафта бо нонреза би- хӯранд, зардии рухсораро, ки сабабаш маълум набо- шад, ислоҳ мекунад. Агар инро кабоб карда бихӯранд, одати гил, хок ва дигар чизҳои раддӣ хӯрданро ислоҳ менамояд, барои меъдаи тармизоҷ мувофиқ аст. Ҷигари мурғ серғизост, дерҳазм ва агар ҳазм ёбад, баданро фарбеҳ мекунад. Мизоҷи мағзи сараш дар гармӣ мӯътадил ва руту- бати часпак дорад. Инро хом бо шароб бихӯранд, заҳ- ри ҷонварон, хун қай кардан ва хуни биниро, ки аз пардаҳои майна меомада бошад, дафъ мекунад. Агар пухта бихӯранд, ҷавҳари майнаро зиёд мегардонад, қуввати тафаккурро афзун месозад, зеҳнро тез ва овоз- ро соф мекунад, вале агар инро бардавом бихӯранд, касро аҳмақ мегардонад. Равғанашро бихӯранд, сахтиҳои баданро мулоим мекунад, моддаи савдоро ихроҷ менамояд. Ва агар ин- ро нимгарм ба сар бимоланд, молихулиё (меланхо- лия) -ро шифо мебахшад; ширинча, кафидагӣ ва барои ҳамаи бемориҳои аз хушкӣ баамаломада нафъи аҷиб дорад, хусусан се мартаба паси ҳам бимоланд, бил- кулл шифо мебахшад. Мурғи мокиёнро камаш 12 рӯз бо тухми маҳсар па- расторӣ намуда, баъд кушта, пухта бихӯранд, барои махави нав дору мешавад. Чун пардаи миёни сангдони хурӯсро хушк карда, сойида бо шароб бихӯранд, дарди меъда ва сустии, яъне поён фуромадани меъдаро ва вайрон шудани феъли онро дафъ мекунад. Хояи хурӯсро хушк карда, кӯфта, бо зардаи тухми мурғи нимпухта бихӯранд, барои қавӣ гардонидани пушти камар (боҳ) бисёр пуртаъсир аст. Агар онро 99 бо равғани савсани сафед ё равғани савсани кӯҳӣ да- ромехта, ба зери ноф, кунҷи рон гузошта банданд, ола- ти мардиро серҳаракат мегардонад. Хурӯсро дар фасли баҳор кушта, ҳама чизҳои да- рунашро ба ғайр аз хояҳояш, бароваранд ва дар ши-

ками он намак пур карда, дар соя хушк намоянд. Баъд ҳамаашро бикӯбанду дар шиша нигоҳ доранд, вақти ҳоҷат камеро аз ин талқон бо шири гови навдӯшида бихӯранд, боҳро хеле қавӣ мегардонад. Хуни хурӯс ва мурғро биёшоманд ва хушккардаи онро дар бинӣ бирезанд, хуни бинирo қатъ мекунад. Хуни боли онро, ки нав сихпар гашта бошад, бичако- нанд, гули чашмро дафъ мекунад. Устухони мурғи сиёҳро бо ҳамвазни он чӯби ток — ҳар дуро якҷо сӯхта, ос карда бипошанд ё бо муми занбӯри асал сиришта, аз таг бардоранд, агар дӯши- загӣ, яъне бакорати духтар рафта бошад, аз нав боки- ра (дӯшиза) мегарданд — ин аз асрор аст. Сангро, ки дар даруни мурғ пайдо мешавад, кӯфта бихӯранд, сангҳои гурда ва хичакро (пешобдонро) майда карда мерезонад. Саргини мурғ тунд ва поккунанда аст. Агар аз он 4,5 граммашро бо шароб ва ё бо сирко бихӯранд, қу- линҷро (колитро) дафъ мекунад, заҳри занбӯруғҳоро нобуд мегардонад. Агар тари онро гузошта банданд, доғи сафеди пӯст ва песро шифо мебахшад ва дигар доғҳои пӯстро пок мекунад. Саргини хурӯсро бо сирко хамир карда, гузошта банданд, барои саги девона га- зида нафъ дорад, хусусан саргини мурғеро, ки бо ғи- зоҳои сара парвариш карда бошанд, дар ин амал қа- витар таъсир дорад. Яке аз хусусиятҳои мурғ чунин аст, ки агар шика- ми онро чок карда, гармогарм ба мавзеи газидаи ҷон- варони заҳрнок ва мор бибанданд, ҳамаи он заҳрҳоро ба худ мекашад, агар мурғ хунук шавад, дигарашро ҳамон тавр карда банданд. Агар ин тавр ба сари бе- мори сарсом (менингит) бибанданд, ҳушёр мешавад. Хосияти дигараш чунин аст, ки пардаи мақъади зин- даи онро тамоман канда партофта, худашро ба ҷойи моргазида бигузоранд, заҳрро ба худ мекашад ва ме- мирад. Пас мурғи дигарро ҳамон тавр ба ҷойи он бигу- зоранд ва ҳамчунин амал кунанд, то моргазида сиҳат ёбад. Гӯшти мурғро бо шир, ҷуғрот, чакка, панир, дӯғ ва 100 дигар маҳсулоти ширӣ бихӯранд, иллати қулинҷро пайдо мекунад ва агар бардавом бихӯранд, ба иллати никрис (подагра) ва инчунин ба бавосир гирифтор ме- намояд. Дар ин маврид давоҳои гарммизоҷ, шароб, оби ангури ҷӯшонидаро бихӯранд, ислоҳи зарар мена- мояд. Агар ба одамони гарммизоҷ ин ҳодиса рӯй ди- ҳад, сиканҷабин (сиркоасал) биёшоманд, кифоя аст. 13. Кирмак Ин кирми пилла аст, ки ҳамаи мо бо он шинос ҳас- тем. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: 10,5 грамм кирмаки хушккардаро кӯфта бихӯранд, дилтапак (дилбозиро) шифо мебахшад; ҳар рӯз 10,5 грамм кӯфтаи хушки он- ро бо шӯрбои гандум то чанд рӯз бихӯранд, баданро фарбеҳ мегардонад, ранги рӯйро неку месозад, боҳро (пушти камарро) қувват мебахшад. Кирмакро дар равғани кунҷид пухта, гузошта бан- данд, дарди гулӯи шадидро шифо мебахшад, варам- ҳои дигареро ҳам, ки аз сардӣ бошанд, таҳлил меди- ҳад. Кирмакро ба гардани мурғ биёвезанд, он мурғ бис-

ёр фарбеҳ мегардад. Хӯрдани гӯшти он мурғ баданро фарбеҳ мекунад, боҳро қувват мебахшад. Хокистари кирмакро бипошанд, рутубати захмҳоро хушк мегардонад ва даҳани онҳоро ба ҳам оварда си- ҳат мебахшад; агар гузошта банданд, доғҳои гуногуни пӯстро дафъ мекунад. Як ададикирмаки калонро дар латтаи арғувонӣ баста, ба худ биёвезанд, табро дафъ мекунад. 14. Магас Ин яке аз ҳашаротҳои парвозкунанда аст: хурд ва калон мешавад. Калони онро хармагас меноманд. Дар ранг онҳо гуногунанд: сиёҳ, сабз ва зард. Беҳтарини ҳамаи онҳо барои табобат магаси сиёҳ аст, баъд аз он навъи сабзаш мебошад. Бадтарини ҳама—зарди он аст ва он безаҳр намебошад. 101 Мизоҷи магас дар дараҷаи якум гарм ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: агар онро бо шароб би- хӯранд, зойидани занҳоро осон мекунад. Чун хармагасро дошта, сари онро дур намуда, ба гавмижаи чашм бо мудовамат бимоланд, онро дафъ мекунад. Агар ба ҷойи газидаи занбӯр бақувват бимоланд, дардашро таскин медиҳад ва заҳрашро ҳам ме- кашад. Магаси майда ё калони онро бо зардаи тухми мурғ маҳин сойида, гузошта банданд, дарди чашмро таскин медиҳад ва гӯшти зоиди онро батаҳлил мебарад (агар сахт нашуда бошад). Агар инро ба гирдак-гирдак мӯй- рехтаи сар ва риш башиддат ва бардавом бимоланд, мӯ мерӯёнад, вале батанҳоӣ бимоланд, варами чашм- ро таҳлил медиҳад. Табиб Муҳаммад бинни Аҳмад гуфтааст, ки хӯр- дани магасро хоҳ хом ва хоҳ пухта бошад, ҳиндуҳо барои қувват бахшидани чашм ва дафъ кардани ҳа- маи офатҳои он озмуданд. Сари магаси сабзро дар сӯрохи закар гузоранд, он закарро башиддат ба ҳаракат меоварад. Саргини магасро чун бо об ва асал бинӯшанд, ба- рои дафъ кардани дарди рӯдаҳо, қулинҷ (колит) ва дарди гулӯи шадид озмуда шудааст. Ҳаким Бағдодӣ навиштааст, ки як тӯда мардон ва занон гуфтанд, ки таҷриба кардаанд онҳо: саргини ма- гасҳоро, ки шабхо ба ресмон менишинанд, биёшоманд ва дар офтоб нишаста, доғи сафеди пӯст ва доғи пес- ро кушода доранд, то ки обила кунад, ҳар дуи ин ил- латро дафъ мекунад ва дар ин бобат хислати тухми гиёҳи пойи зоғро дорад. Магасҳоро дар равғани кунҷид андохта, як ҳафта дар офтоб гузоранд, баъд магасҳоро полида дур ку- нанду аз нав магас андозанд, ҳамин тавр чор-панҷ мартаба магасҳоро иваз карда, баъд фишурда, рав- ғанро соф намоянд — ин равғани магас номида меша- рад, равғани магасро бимоланд, ҳатман мӯй мерӯёнад. 15. Алокузанг Ин ҳашароти парвозӣ аст, ду навъ мебошад: ка- лон ва майда. Калонаш ба андозаи занбӯр аст ва май- дааш аз магас калонтар, паҳн, бадбӯ, ба гиёҳҳои тару 102 тоза мешинад ва дар ҳамон ҷо сокин гашта, афзоиш меёбад. Алокузанги калонро руи болҳояш хатҳои зард дорад. Дар тиб қисми калонаш истифода мешавад. Ин аз ҷинси ҷонварони заҳрнок аст. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва дар дуввум хушк аст. Ба қавли баъзе табибон

хушкиаш низ дар дараҷаи саввум аст. Хислатҳои шифобахши он: бисёр тез, бадбӯ, реш- кунандаи пӯст ва аз заҳрҳои қаттол ҳисоб меёбад. Агар инро сӯхта бихӯранд, сипурзро ба дараҷае пок мекунад, ки ёфтанаш душвор мегардад; санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад; пешоб ва ҳайзро равон мекунад. Низ сӯхтаи онро бо шӯрбои гӯшти гов ё бо равғани зайтун бихӯранд, дар одамони саги дево- на газида хавфро дафъ мекунад — дар ин бобат беҳ- тарини давоҳост. Корозмоҳо мегӯянд, ки якҷоя бо пе- шоби он одам лахтакҳои хуни шахшуда дафъ мегар- дад, инчунин санги гурда ва хичакро майда карда ме- резонад. Сӯхтани алокузанг ин тавр аст. Агар ба латта пе- чонида, ба бухори сиркои ҷӯшон бидоранд, то он ки он бимирад— ин сӯхтаи алокузанг ҳисоб меёбад. Ис- теъмоли инро раво медонанд. Сӯхтаи онро маҳин ос карда, чун сурма ба чашм кашанд, нохунаки чашмро дафъ менамояд. Инро бо сирко сиришта, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш гузошта банданд, мӯй мерӯёнад; ба доғҳои са- феди пӯст ва сафедии нохун гузошта банданд, шифо мебахшад; ба варамҳо банданд, онҳоро таҳлил меди- ҳад. Агар инро бо муми занбӯри асал ва равған даро- мехта, гузошта банданд, нохуни кач ё пӯсидаро афто- нида, ба ҷояш нохуни солим мерӯёнад. Инро бо сирко хамир карда гузошта банданд, доғи сафеди пӯст, пес, шукуфаи пӯст, каждумгазида ва озахҳо—ҳамаашро шифо мебахшад. Чун пойҳои онро ҳангоми зинда буданаш канда партофта, дар соя хушк карда, дар равғани бунафша бисоянд, баъд онро дар равғани зайтун то ғафс гашта- наш биҷӯшонанду инро нимгарм бичаконанд, гаронии гӯш ва дарди гӯшро ба ибро меоварад. Агар ин тар- кибро бимоланд, мӯйи абруро мерӯёнад, ба ҷоҳои гир- дак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш низ бимоланд, мӯй мерӯёнад. Чун навъи сиёҳи болҳояш нуқтаҳои сурх доштаи 103 алокузангро гирифта, дар равған андохта, шаш моҳ дар офтоб гузоранд, барои дафъ кардани качалӣ (калъяра), ки ҳарчанд кӯҳна шуда бошад ҳам, даво мешавад. Алокузанги сӯхтаро бо хардал (горчица) даромех- та бимоланд, мӯй мерӯёнад. Миқдори хӯрдани он аз сӯхтааш дар як рӯз як адад аст. Гуфтаанд, ки агар аз сеяки грамм зиёда би- хӯранд, қаттол аст. Беҳтар он, ки инро ба дарун ис- теъмол накунанд. Ва агар бихӯранду зарар кунад, дарҳол оби шибитро, ки дар равғани гов ҷӯшонида бошанд, нӯшида қай кунанд, равғани зағир бихӯранду қай намоянд; равғани гулисурх ва сафедии тухми мурғ дар сӯрохи закар бичаконанд. 16. Гург Ин ҳайвони ваҳшии маълум аст, ду навъ мебошад: навъе бисёр далер, ҷонварони ваҳширо дошта мехӯ- рад, инчунин аз хӯрдани чорпоёни мардум ҳам сар на- мепечад; навъи дигаре гурги дӯлта ном дорад, ки ин намудаш ҷонварони мурда ва кушташударо тӯъмаи худ мегардонад. Қисми дуввумаш барои даво шоям нест. Мизоҷи гург дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ҷигарашро бихӯранд, барои

бемориҳои ҷигар бағоят фоидабахш аст. Миқдо- ри ним грамми онро сойида, агар табнок бошад, бо об ва агар таб надошта бошад, бо шароб бихӯрад, ба- рои истисқо (водянка) ва табҳои сардмизоҷ дору ме- шавад; бо сиканҷабин (сиркоасал) бихӯрад, зардпар- винро шифо мебахшад ва бо оби барф биёшомад, ба- рои бемориҳои сипурз нафъ дорад. Миқдори як бор хӯрдан аз ҷигари он дар як рӯз 0,5 грамм аст. 0,5 грамм заҳраи онро бо шароби мусаллас ё бо асал биёшоманд, таби дурӯздармиёни кӯҳна, қулинҷ ва истисқоро дафъ месозад. Миқдори як нахӯди онро бо обе, ки дар он нахӯд ҷӯшонида шуда бошад, бихӯ- ранд, дар бобати қавӣ гардонидани боҳ (қуввати пуш- ти камар) давои бемисл аст ва агар инро молида ис- танд, низ ҳамин асарро дорад. Хоҳ инро бихӯранд ва хоҳ бимоланд, дар бобати 104 дафъ кардани ҷингакшавин узвҳо, саръ (припадка), кузоз (столбняк), кашида шудани асаб, хусусан, ки аз сардӣ бошад, давои аҷибест. Агар инро ос карда, дар бинӣ бирезанд, назлаҳои шадидро дафъ мекунад; бо оби лаблабу даромехта дар бинӣ бирезанд, сурхии чашмро ҳамон дам ба ислоҳ меоварад; бо сиканҷабин даромехта, дар бинӣ андозанд, саръро ба ибро меова- рад. Заҳраи хушкашро ос карда, чун сурма ба чашм ка- шанд, торикии чашм, фуромадани об дар гавҳарак ва пардаи ба чашм афтодаро, ки онро торик мегардонад, дар як рӯз шифо мебахшад. Инро бо гиёҳи испарак якҷо кӯфта, гузошта банданд, доғи сафеди пӯст ва пес- ро дафъ мекунад; бо оби пиёз ё оби барги лаблабу даромехта банданд, иллати пӯстпартоиро ба ибро мео- варад, гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва ришро мерӯё- над; барои дарди буғумҳо дору мешавад. Мегӯянд, ки чун заҳраи онро ба закар молида, бо зан муҷомаат кунанд, марди дигар ба он зан қодир намегардад. Агар ин заҳраро занҳо аз таг бардоранд, ҳомила шуданро манъ мекунад. Дандони озахи онро хушк карда, кӯфта, ним грам- ми онро бо шири навдӯшида бихӯранд, барои таби ду- рӯздармиён ва бемориҳои шуш бағоят доруи хуб мебо- шад. Чарбиашро бимоланд ё гузошта банданд, мӯйи гир- дак-гирдак рехтаи сар ва ришро мерӯёнад; варамҳои кӯҳнаро мегардонад. Мағзи сарашро ба миқдори 0,19 грамм бо шири навдӯшида бихӯранд, саръро манъ месозад. Инро дар оби судоб ва равғани зайтун гудохта, бар бадан би- моланд, ҳамаи бемориҳои аз хунукӣ баамаломадаи бе- руни бадан ва дохили онро шифо мебахшад. Мӯяшро сӯхта дуд кунанд, ҷонварони зиёнкор аз он ҷо мегурезанд. Агар инро дар навшодир маҳлул карда бимоланд, варами ҷигарро таҳлил медиҳад ва дигар ранҷҳои ҷигарро дафъ мекунад. Устухони соки пояшро бо закари он якҷо сӯхта, кӯфта, гузошта банданд, барои бавосир дору мебошад. Чун думи онро дар зироат, алафзор ва чарогоҳи гов биёвезанд, ҳарчанд, ки гов гурусна бошад, аз он ҷо алаф намехӯрад, ҳатто ба он майдон дохил наме- гардад. 105 Агар пешоб ё хуни онро занҳо бихӯранд, ҳомила шудани онҳоро қатъ

мегардонад. Агар инро аз таг бардоранд ҳам, ҳамин асарро дорад. Хояшро бирён карда бихӯранд, қуввати боҳро аф- зун мегардонад. Чун хояи рости онро кӯфта, бо равғани зайтун бирён карда, ба порчаи пашмин олуда, зан ба худ бардорад, шаҳваташ нест мегардад. Арасту фармудааст, ки 4,5 грамм аз хояи хушки он бо оби индов биёшоманд, дарди узвҳои даруни си- на, дарди паҳлу ва бо кокутӣ бихӯранд, дарди тиҳигоҳ (холияки паҳлу)-ро дафъ мекунад. Агар зан бар болои пешоби он бишошад, ҳаргиз ҳомила намешавад. Мизоҷи саргинаш бисёр гарм ва башиддат таҳ- лилдиҳанда аст. Беҳтарин саргинаш он аст, ки гург устухон хӯрда бошад. Аломати он бисёр сафед буда- ни саргин аст, ки шахшӯл мебошад. 4,5 грамми инро бо оби гарм ё бо шароби сафед ва ё бардавом бо мурч ва намак бихӯранд, иллати қулинҷро ба зудӣ шифо мебахшад. Саргинашро бо асал даромехта, дар об ҳал карда, бо ин таркиб ғарғара кунанд, дарди гулӯи балғамиро шифо мебахшад. Агар инро сӯхта дуд кунанд, ба он мавзеъ мушон ҷамъ мешаванд. Устухони буҷулаки пойи онро ба зону бибанданд, дарди зонуро, ки сабабаш ҷамъ шудани бод дар он ҷо бошад, инчунин аз заҳмати ҳаракат ва нотавон гаш- тан аз бисёр рафтан бошад, дафъ менамояд. Бар пӯсти он бихобанд, қулинҷро (колитро) дафъ мекунад. 17. Занбӯри сурх ва сиёҳ Ин ба ҳама маълум аст, ки занбӯрҳои калон вақти зимистон дар хонаашон ҷо шуда, берун намеоянд ва ҳангоме ки ҳаво гарм гардад, берун меоянд, парвоз мекунанд. Агар ба вай равған бирезанд, мемирад, ва- ле боз сирко аз болояш бирезанд, аз нав зинда шуда, ба ҳаракат меояд. Ин ҷонвар неши заҳрафкан дорад, мегазад. Мизоҷаш бисёр гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: онро кӯфта, бо асал ва 106 намак сиришта бимоланд, доғи песро дафъ мекунад, варамҳои сарди нармро таҳлил медиҳад. Агар ба ин занбӯр одамони гирифтори иллатҳои сардмизоҷи кӯҳнаи асабониро, ки монанди: фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ), сусту нотавон шуда- ни аъзо ва ғайраро битавонанд, бағоят фоида дорад. Баъзе табибон мегӯянд, ки бачаи онро хушк наму- да, сойида, бо полуда (атолаи аз нишоста пухташуда) бихӯранд, баданро фарбеҳ мекунад. Занбӯри сиёҳи кабудтобро чун дар равғани зайтун пухта, бимоланд, доғи пес, доғи сафеди пӯст ва доғҳои дигари чуқур бошанд, аз пӯст дафъ мекунад. 18. Калтакалос Инро дар як қатор маҳалҳо ба таври гуногун: ке- лас, калпеса, калписа низ меноманд. Ин даштӣ ва ҳам ғайридаштӣ мешавад. Беҳтарини он дар бӯстонҳо бу- дааш мебошад. Мизоҷи ҳар ду навъи он дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро кӯфта, гузош- та банданд, тири дар бадан даромадаро кашида берун меоварад, инчунин хорро ҳам; озаххоро хушк карда меафтонад, мӯрчагазакро шифо мебахшад. Ҷигари хушккардаашро ба дандони кирмхӯрда би- гузоранд, дардашро таскин медиҳад. Калтакалоси хушкро кӯфта, бо равғани зайтун си- ришта, ба сар ва

ғайри он бимоланд, мӯй мерӯёнад; ба зери ноф бимоланд, пешоби бандшударо мекушояд. Шиками онро чок карда, ҳамон тавр ба ҷойи газидаи каждум бигузоранд, дардашро таскин медиҳад. Саргинаш ё пешобаш ва ё хуни онро бо равғани зайтун даромехта, дар сӯрохи чуки тифлон бичаконанд, ҷурраи онҳоро шифо мебахшад. Инчунин онро дар об ҷӯшонида, тифлро дар он об бинишонанд, низ ҳамин асарро дорад. Вале хӯрдани калтакалос иллати сил ва бемори- ҳои шушро пайдо мекунад. Агар хӯрда бошанду зарар ёбанд, шарбати ревоч (чукрӣ) биёшоманд, ислоҳи за- рар мекунад. Он ҷӣ дар баъзе мардум ривоят хаст, ки агар инро бихӯранд, пес мешудаанд—беасос аст. 107 19. Мор Қисмҳои ин гуногун аст: кофчак, сиёҳ, зард ва ғайра. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст бо қуввати хушккунандагӣ. Хислатҳои шифобахши он: равғанашро ба чашм моланд, фуромадани оби зарарнокро ва гавҳараки чашм манъ мекунад. Пӯсташро дар шароб ҷӯшонида, он шаробро ним- гарм дар гӯш чаконанд, дарди онро шифо мебахшад. Инро дар сирко ҷӯшонида, он сиркоро дар даҳан гар- донанд, дарди дандонро таскин медиҳад. Чун мори сиёҳи хонагиро дар кӯзаи нав андохта, дар оташи ҳаммом гузоранд ё дар оташи танӯр бимо- нанд, то ки мор бисӯзад, баъд бароварда сойида, бо асал сиришта ба чашм кашанд, чашмро бағоят қавӣ мегардонад. Инро бо равғани зайтун сиришта бар ханозер (хукгардан) бимоланд, онро таҳлил медиҳад; бо сирко хамир карда, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯй- рехтаи сар ва риш бимоланд, мӯй мерӯёнад ва ба но- сур бимоланд, хушк мекунад. Пӯсти морро сӯхта, бо равғани зағир даромехта, чанд рӯз ҳамон тавр бимонанду баъд ба носурҳои кӯҳ- на бимоланд, хеле хуб таъсир мекунад. Чун дум ва заҳраи онро дар равған андохта, то му- ҳарро шудан бичӯшонанд, баъд онро ба махав ва озах бимоланд, онҳоро дур мекунад. Дандони морро дар зинда буданаш канда, бо риш- та дар латтае баста, ба гардан овезанд ва ё муттасил дили онро биёвезанд, таби дурӯздармиёнро шифо ме- бахшад. Пӯсти онро, ки ҳар сол як бор мепартояд, ба рони занони ҳомила бибанданд, зойидани онҳо осон мегардад. Агар инро сӯзонида, занҳои ҳомила худро ба ду- даш бидоранд, бачаи онҳоро аз шикам меафтонад; касони гирифтори бавосир мақъади худро ба ин дуд бидоранд, донаи бавосирро хушк мекунад. Тухми морро бо сирко ва танакор бисоянду ба до- ғи пес бимоланд, песро дафъ мекунад. Табиби қадими юнонӣ Мақротис гуфтааст, ки чун шиками мор аз сар то думаш чок карда, чизҳои дару- ни шикамашро гирифта дур сохта, ба ҷойи онҳо шоҳитараи хушкро, ки дар об тар карда, нам гиронда бо- 108 шанд, пур кунанду баъд ҷойи чокро дӯхта, дар оташ гузоранд, то, ки бипазад. Сони шоҳитараро бароварда, ба доғи пес гузошта банданду баъд аз як шабонарӯз бикушоянд, тамоман сиҳат мегардонад. Мизоҷи пӯсти мор дар дараҷаи дуввум гарм ва

хушк аст, ба қавли баъзеҳо дар саввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: 3,5 грамм пӯсти морро реза карда, бо 7 грамм орди ҷав хамир сохта, монанди нони кӯмоч дар зери сангрезаҳои тафсони оташ пухта бихӯранд, бавосири зоҳирӣ ва ботиниро дафъ мекунад. Агар ҳар рӯз то се рӯз 3,5 грамми онро бо се адад хурмо бихӯранд, аввалан баромадани озаххоро манъ мекунад ва агар баромада бошад, хушк карда мере- зонад. 3,5 грамм пӯсти морро бо зок, ки сӯхта хокистар гардонида бошанд, бихӯранд, санги хичакро майда карда мерезонад. Пӯсти морро дар сирко ҷӯшонида, он сиркоро дар даҳан гардонанд, дарди дандон ва дарди милки дан- донро дафъ мекунад ва захмҳои милкро шифо мебах- шад. Равғани зайтунеро, ки дар он пӯсти мор ҷӯшонида шуда бошад ё муддате ҳамон тавр дар офтоб гузошта шуда бошад, дар гӯш чаконанд, дарди онро таскин медиҳад ва моддаи аз даруни он равонро хушк меку- над. Ин равғанро дар чашм чаконанд, қӯтури чашм, обравӣ, суст ва нотавон шудани пилкҳо, рехтани ми- жаҳо ва шилпуқиро дафъ мекунад, чашмро тез ва қа- вӣ мегардонад. Агар инро дар мақъад бичаконанд, ка- фидани онро сиҳат мекунад. Пӯсти морро дар шароб ҷӯшонида, он шаробро дар гӯш чаконанд, дарди гӯшро таскин медиҳад ва агар ин шаробро дар даҳан гардонанд, дарди дандонро со- кин мекунад. Пӯсти морро бо барги кавар дар об ҷӯшонида ва мумравғанеро, ки аз равғани зайтун ва муми занбӯри асал тайёр намуда, дар ҳамин об ҳал карда, ин тар- кибро дар даҳан бигардонанд, барои дард ва кафида- ни лаб ва мақъадро дору мешавад. Пӯсти морро сӯхта, бо навшодир даромехта гузош- та банданд, доғи сафеди пӯст ва песро дафъ мекунад ва дигар доғҳоро низ аз пӯст дур месозад. Сӯхтаи пӯсти морро бо равғани зайтун ё бо шароб 109 даромехта бимоланд, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрех- таи сар ва риш мӯй мерӯёнад. Агар онро бисӯзанд, аз дуд ва бӯяш ҷонварони за- рарнок мегурезанд. Ин дудашро занҳои ҳомила ва зе- ри шикам ва миёни поҳои худ бигиранд, бачаи онҳо ва ҳамроҳаки (ёраки) тифли онҳоро ҳамон дам аз ши- кам меафтонад; агар ин дудро ба решҳои тар бирасо- нанд, онҳоро хушк мекунад. Пӯсти морро занҳо ҳангоми зойидан ба рони худ банданд, таваллудро осон мекунад. Пӯсти морро батанҳоӣ бихӯранд, чашмро торик ме- созад ва монанди мор пӯст мепартоёнад. Дар ин ҳолат кашниз бояд бихӯранд, ки ин зарар ислоҳ ёбад. Миқдори як бор хӯрдан аз пӯсти мор дар як рӯз то 3,5 грамм аст. 20. Сангпушт Ин ҷонварест маълум, ки даштӣ, баҳрӣ ва наҳрӣ мебошад. Мизоҷи сангпушти баҳрӣ ва наҳрии он дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум тар, вале мизоҷи даштиаш гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ошомидани гӯшти он боҳ ва камарро қувват мебахшад. Агар гӯшти онро кабоб карда бихӯранд, ҳайзро банд мекунад; бо хояи сагобӣ бихӯранд, бодҳои ғализро таҳлил медиҳад, ҷур- раро (даббаро), ки нав аз даридани пардаи шикам ҳодис

шуда бошад, ба ҳам оварда сиҳат мебахшад. Хуни сангпушти даштиро бихӯранд, саръ (припад- ка)-ро шифо мебахшад ва ба ҷингак шудани узвҳо нафъ дорад. Чун хуни инро бо орди ҷав ва асал хамир сохта, он хамирро ба андозаи мурч ҳабҳо баста, баъд ҳангоми субҳ як ҳаб ва вақти шом як ҳаб, инчунин пагоҳи дигар як ҳаб бихӯранд, барои иллати саръ да- вои бемисл аст. Хуни сангпушти даштиро ба дасту поҳо батакрор бимоланд, барои дарди буғумҳо ва никрис (подагра) даво мешавад. Хуни онро бо хояи сагобӣ даромехта, бо он ҳуқна (клизма) кунанд, барои ҷингак шудани узвҳо дору ме- шавад. Заҳраашро бимоланд, варами ҳалкро таҳлил меди- 110 ҳад ва решҳои раддии бадфиоли даҳани кӯдаконро шифо мебахшад. Инро бар бинии беморе, ки ба илла- ти саръ гирифтор бошад, бимоланд ё дар биниаш би- резанд, барои саръ шифо мебахшад. Заҳраи хушкаш- ро бо асал даромехта ба чашм кашанд, оби дар гавҳа- рак фуромадаро дафъ мекунад, инчунин гули чашм ва обравии онро ба ибро меоварад. Чун шиками сангпушти даштиро шикофта, баъди куштан чизҳои дарунаш бударо гирифта партоянду баъд онро то сафед гаштан сӯзонида, бо равғани гов сойида, ба латтаи карбосӣ молида, ба саратони реш- гашта гузошта банданд, онро аз рим пок мекунад ва даҳанашро ба ҳам меоварад—дигар пайдо намеша- вад; инчунин барои захмҳои дигар ва сӯхтагии оташ ҳам даво мешавад. Тухми онро ба миқдори донаи мурч бо ҳарираҳои форами мизоҷ бихӯронанд, сурфаи кӯҳнаи кӯдаконро шифо мебахшад. Тухмашро бо даҳяк миқдори он ар- пабодиён якҷо карда бихӯранд, барои варами хояҳо давои бемисл аст. Агар тухми онро бо шири модараш ба тифл бихӯронанд, дард ва боди хояи тифлонро дафъ мекунад, инчунин ин тухмро дар равған ҷӯшонида би- моланд, низ онро шифо мебахшад. Равғанашро бимоланд, ҷингак шудани аъзо ва ку- зозро (столбнякро) ба ибро меоварад. Сангпуштро дар об ҷӯшонида, дар он об даромада нишинанд, ё заҳраашро дар об ҷӯш дода, дар он об даромада нишинанд, ҷурраи (даббаи) кӯдаконро ши- фо мебахшад. Гӯшти онро бихӯранд, ҷингак шудани узвҳо ва ку- зозро шифо мебахшад, пушт ва боҳ (пушти камар)-ро қавӣ мегардонад, олати мардиро ба ҳаракат меоварад ва маниро зиёда менамояд. Косаи сангпуштро сӯхта, бо равғани гулисурх ва ё равғани тухми мурғ ё равғани кунҷид хамир сохта гузошта банданд, мӯйро мерӯёнад. Дар омади гап, гирифтани равғани тухми мурғ ин тавр аст. Тухми мурғро дар об пухта, зардаи онро ҷу- до карда, дар рӯйи чумча ё тунукае ба оташ мегузо- ранд. Чумчаро андак каҷтар мемонанд, то ки равғани аз зардаи тухм ҷудошуда ба як тараф резад. Вақте ки аз зардаи тухм равған ҷудо шавад, боз бо ягон чиз он занд, ки сафед гардад, баъд онро бо равғани гов ва (?) тар ҷудо гардад. (?) 111 Ҳамаи қисмҳои сангпуштро якҷо ба дараҷае бисӯ- занд, ки сафед гардад, баъд онро бо равғани гов ва дигар равғанҳо сиришта

бимоланд, барои саратони решгашта давои беназир аст; бо сафедии тухми мурғ даромехта бимоланд, барои кафидагии мақъад ва ди- гар узвҳо, хусусан кафидагии поҳо даво мешавад. Агар ин сӯхтаи онро бипошанд, захмҳои илоҷаш душворро сиҳат мебахшад. Агар ба он хокистари сӯхтаи он даҳ- як мурч дохил карда, бо асал сиришта, пагоҳӣ ба ди- ли наҳор ва вақти шом як чумча, ки 14 грамм аст, биёшоманд, барои иллати лаҳс, ки аз шиддати машақ- қат гирифтагии нафас ва баромадани забон аст, ин- чунин барои сил ва дамкӯтаҳӣ даво мебошад. Устухонашро маҳин сойида, ё сӯхтаи онро чун сур- ма ба чашм ҳар кас, ки бикашад, бидуни дард кӯр ме- гардад. Хуни сангпушти баҳриро биёшоманд, ҳамаи навъ- ҳои заҳрро аз бадан дафъ мекунад. Агар косаи таги шикамашро сӯхта, дудашро ба машом бикашанд, таб- ро дафъ мекунад. Аз косаи пушташ об ба сар бирезанд, барои дафъ кардани қуввати мубошарати занон бағоят таъсирбахш аст. Хӯрдани сангпушт ба рӯдаҳо зарар дорад —дар ин ҳолат асал бихӯранд, ислоҳи зарар менамояд. Миқдори як бор дар як рӯз хӯрдан аз сӯхтаи он 3,5 грамм, аз тухмаш 0,2 грамм ва аз хунаш 0,6 грамм аст. 21. Бедона Ин парандаи маълум аст, ки агар хушксол ояд, шу- мораш кам ва агар соли серборон ояд, шумораш бис- ёр мегардад. Мизоҷаш гарм ва хушк аст, вале гармиаш аз хушкии он зиёда мебошад. Хислатҳои шифобахши он: гӯшти он яке аз беҳта- рин гӯштҳои парандаҳо мебошад, зуд аз меъда мегуза- рад, боҳро ба ҳаракат меоварад, бинобар гармии ми- зоҷаш ташна мекунад, дар бадан хориш пайдо мена- мояд, дар пӯст доначаҳо медамонад. Агар бисёр би- хӯранд, ба андӯҳи нафасгир мубтало месозад—дар ин ҳолат бо чизҳои турш ва равған бипазанд,— зара- 112 раш ислоҳ меёбад. Ҷӯшонида, пухтаи он беҳтар аз кабоби он аст. Зеро ки кабоби онро агар ба зудӣ пух- та бошанд, аз меъда дер мефурояд.
Муфассалтар: http://zarowadk.ru/davohoi-hayvoni-12-21#12

Канзи шифо. Давоҳои ҳайвонӣ 22-30 22. Моҳӣ 23. Гурба 24. Садаф 25. Гӯсфанд 26. Қурбоққа 27. Товус 28. Гунҷишк 29. Уқоб 30. Каждум 22. Моҳӣ Ин ҷонвари обии маълум аст. Беҳтарини он дар наҳрҳои обаш ширин буда, сангистон ва обаш аз ҷо- ҳои дур ва башиддат ҷорӣ мешуда бошад, ба ҳам ме- расад. Беҳтарини наҳрии он шоҳмоҳӣ, ки ба тоҷикӣ гулмоҳӣ меноманд ва баъд аз он ширмоҳист. Барои хӯрдан беҳтараш нав сайд кардашудаи он аст. Аз як рӯз ва зиёда аз он гузашта бошад, бинобар нозукии таркибаш вайрон мегардад. Вале намак кунанд, вай- рон намегардад. Дар ҷойи дуввум моҳиёне, ки дар баҳр- ҳо ва дигар обҳои шӯр наздики соҳили сангдор зиндагӣ ба сар баранд, мебошанд. Мизоҷи ҳамаи моҳиён сард дар дараҷаи якум ва тар дар дуввум аст. Дар обҳои шӯр, яъне дар баҳр ва уқёнусҳо зиндагӣ ба сар

баранд, инчунин моҳии шӯр дар мизоҷ гарм дар дараҷаи якум ва моил ба хушкӣ мебошад. Хислатҳои шифобахши он: дар оташ кабобкардаи он беҳтар аз он, ки дар равған бирён карда бошанд, зудҳазм аст ва дар ҷигар хуштар ҳазм меёбад — ин барои бадан мувофиқтар мебошад; ба бадан об медавонад, фарбеҳ мекунад, манӣ, шир ва чарбии гурдаро пайдо ва зиёда мекунад. Агар инро одамони гармми- зоҷ бихӯранд, боҳи онҳоро бармеангезад, олати марди- ро ба ҳаракат меоварад, моддаҳои гарммизоҷро ислоҳ мекунад, қасабаи шушро соф ва нарм мегардонад, зах- ми шуш, сил ва бемории диқ (лоғаркунанда)-ро даво мешавад, инчунин сурфаи хушкро шифо мебахшад; сустии ҷигар ва гурдаи гарммизоҷонро мувофиқ аст. Агар моҳиро бо оби ангурғӯра ва татум кабоб кар- да бихӯранд, исҳоли сафровӣ ва хуниро манъ мекунад. Моҳиро бирён карда, дар навиаш бо пиёзи сабзи тар бихӯранд ва баъд аз он шароби мӯътадил биёшо- манд, манӣ пайдо мекунад ва олати мардиро ба ҳара- кат меоварад. Моҳишӯрборо биёшоманд, барои заҳрҳои хӯрдашу- да ва аз пеш дар бадан воридгашта даво мебошад. Шӯрбои моҳиро бо мудовамат бихӯранд, заҳрҳои мори 113 шохдор ва саги девона газидаро дафъ мекунад. Гӯш- ти моҳиро бе масолеҳ шӯрбо карда бихӯранд, дар ба- дан об медавонад. Баъд аз он дар ҷойи дуввум дар дег ё дар оташ бирён кардашудаи ин меистад; вале дар оташ кабобкардаи он сабуктар аст ба меъда назар ба он чӣ дар равған бирён карда бошанд. Он чӣ гӯшти моҳиро дар орд лат карда, бо равған бирён намуда бошанд, бисёр ташна мекунад ва аз меъда дер мегу- зарад. Моҳии бисёрро бе нон хӯрда, аз болояш оби гарм, асал ва сиркоасал ва инчунин оберо, ки дар он турб ҷӯшонида шуда бошад, биёшоманд, баъд қай кунанд, баданро аз моддаҳои нодаркори ғафс ва ахлоти мур- дор пок мегардонад ва барои дарди буғумҳо, иркунна- со (радикулит), доғи сафед ва сиёҳи пӯст даво меша- вад ва дигар доғҳоро низ аз пӯст дафъ мекунад. Хӯрдани моҳӣ ба одамони хунукмизоҷ ва тармизоҷ зарар дорад, инчунин ба майнаи тар, асаб ва меъдаи балғамӣ зиён мекунад. Барои он, ки зарар наоварад, бо равғани гов, равғани кунҷид ё бо равғани бодом пухта бихӯранд, безарар мегардад. Ва бо занҷабил, кокутӣ, асал ва гулқанд низ бихӯранд, ислоҳи зарари он менамояд. Гарммизоҷонро хӯрдани он ташна мекунад. Дар ин ҳолат сирко ва обкома биёшоманд, ис- лоҳи зарар менамояд. Вале барои баъзе мизоҷҳои одамон моҳии намакин мувофиқтар аст ва назар ба дигар намудҳои моҳиён онҳоро камтар ташна мекунад, вале ба баъзе мизоҷҳо навъи бенамаки он форамтар мебошад. Баъд аз хӯрдани моҳӣ ошомидани оби хунук бағо- ят зарарнок аст ба ҳадде, ки гӯё онро зинда ва худро мурда гардонидан аст ва боиси бемориҳои давомнок мешавад. Аммо баъд аз он, ки аз меъда фуромада ра- вад, шароб биёшоманд, фоида дорад, вале пеш аз он шароб бинӯшанд, бинобар қисмҳои ҳазмнашудаи он дар рагҳо

ва пӯст гиреҳҳо пайдо мекарданаш бемори- ҳои раддиро ба амал меоварад, монанди: қӯтур, хориш, шукуфаи пӯст ва ғайра. Агар моҳиро бо шир ё бо тухми мурғ, ё бо гӯшти ҳайвоноти даштӣ бихӯранд, бисёр зарарнок аст ва ба бемориҳои кашолёбанда мубтало мегардонад. Моҳии намакин, ки аз намак карда шудани он пон- здаҳ ва зиёда рӯз гузашта бошад, мизоҷаш моил ба гармӣ ва хушкӣ аст. Инро бихӯранд, балғамро мека- 114 над, ба таом иштиҳо пайдо мекунад, барои одамони сардмизоҷ мувофиқ аст, балғами шаффоф ва ширин пайдо мекунад, зарарҳои дигараш он, ки баданро ба хориш меоварад, ба қӯтур ва шукуфаи пӯст гирифтор мекунад, пӯст мепартоёнад, бедорӣ меоварад ва ғайра. Моҳиро, ки муддати дароз намак хӯрда бошад, би- хӯранд, дар бадан гиреҳҳоро ба амал меоварад, ахло- ти мурдор пайдо мекунад, аз ҷумла, савдои сӯхтаи мурдор ҳосил менамояд. Дар ин маврид давояш сирко, сиркоасал ва обкома ошомида, қай кардан аст ва сиркоасал ва обкома ошомида, қай кардан аст ва (?) дан мебошад. Моҳии намаксуди хушк бадтарини қисмҳои моҳиён аст, гаронҳазм мебошад, вале балғами ғафсро таҳлил медиҳад, патҳои (пашмакҳои) меъдаро қавӣ мегардо- над, бо вуҷуди ин бемориҳои номбурдаро ба амал ме- оварад, инчунин бедорӣ пайдо мекунад. Агар инро бардавом бихӯранд, ба иллати шабкӯрӣ мубтало ме- гардонад. Ин зарари онро низ бо воситаи истеъмол кардани чизҳои дар боло зикрёфта ислоҳ метавон кард. Моҳии шӯрро, ки дар сирко парварда бошанд, яъне як шабонарӯз дар он тар карда бошанд, мизоҷаш сард ва хушк аст, хушккунандаи рутубатҳо ва дерҳазм, дар бадан қувватҳои дар худ нигоҳдорандагиро зиёда ме- гардонад, ба меъда рехта шудани моддаи сафровиро манъ мекунад, вале хориш ва қӯтур пайдо мекунад, бар пӯсти бадан доначаҳои савдовиро медамонад. Агар бо оби моҳии шӯри намакин узвро бишӯянд, решҳои бадбӯй ва қӯтури навро шифо мебахшад. Моҳии нав қапидаро бирён намоянд ва то хунук шуданаш бигузоранд ва хусусан, ки як шаб ба он би- гузарад ва ё муддати зиёд дар ҷойи намнок монда бо- шад, раддӣ ва заҳрнок мегардад ва агар ба хӯрдани он мудовамат намоянд, ба иллати пес ва истисқо (во- дянка) гирифтор месозад ва ҳолати занбӯруғи заҳр- нок хӯрдаро ба амал меоварад. Тадбири наҷоти он қай кардан ва чизҳои исҳоловар хӯрдан аст. Агар ба касони сардмизоҷ зарар кунад, гуворишҳои гармми- зоҷ бояд бихӯранд ва чизҳои гарммизоҷи номбаршуда истеъмол намоянд. Ва агар ба касони гарммизоҷ зиён кунад, сиркоасали турш, сирко ва обкома бояд истеъ- мол намоянд. Касеро, ки аз хӯрдани моҳӣ дилаш беҳузур (беҷо) 115 шавад, бояд ки оби биҳиро дар оташ ғафс гардонида билесад ва зираи сиёҳро як шабонарӯз дар об тар карда, он обро биёшомад. Моҳиро дар об ҷӯшонида, дар он об даромада ни- шинанд, захми рӯдаҳоро, ки дар ҳолати ибтидо бо- шад, шифо мебахшад ва моддаҳоро ба рӯйи пӯст мека- шад. Агар

бо ин об ҳуқна (клизма) кунанд, барои ир- қуннасо (радикулит) дору мебошад. Тухми моҳиро бихӯранд, барои қавӣ гардонидани боҳ пуртаъсир аст, манӣ пайдо мекунад, олати мар- диро ба ҳаракат меоварад; барои сурфа, исҳол, ки аз гармӣ бошанд, дору мешавад. Заҳраи моҳӣ, хусусан моҳии шаббут (моҳии карп) дар мизоҷ гарм ва хушк аст. Инро ба чашм бика- шанд, гули чашмро дафъ мекунад. Чун моҳии зиндаро чок кунанд ва ҳамон қисм, ки ҳаракат дошта бошад, ба узв гузошта банданд, модда- ҳо, шиша, хор ва ғайраро ба беруни пӯст мекашад. Ин барои дафъ кардани беҷошавии зеҳн ҳангоми варами пардаҳо ва худи майна ва варамҳои дигар давои бе- мисл аст. Агар сари моҳии шӯрро сӯхта, гузошта банданд, варами мақъадро таҳлил медиҳад ва кафидани онро ба ҳам меоварад, инчунин газидани каждум ва саги девонаро сиҳат мебахшад; агар инро бо равғанҳо ва луобҳо хамир сохта, гузошта банданд, варами сахти забончаи ҳалқро таҳлил медиҳад. Устухони сӯхтаи моҳиро бо сирко сиришта бимо- ланд, барои иллати пес фоида дорад. Чун моҳиро бо намакоби гарм бишӯянд, неку мебо- шад ва ба он коҳгил бимоланду муддате ҳамон тавр бигузоранд, баъд хуб бишӯянд, бӯйи моҳиёнаи он нест мегардад. Агар моҳиро бо нону орд бихӯранд, зуд ҳазм ме- гардад ва агар бо орд ва нон бихӯранд, бадҳазм ме- шавад. 23. Гурба Ин ҷонвар навъҳои хонагӣ, ваҳшӣ ва обӣ дорад. Мизоҷи гурбаи хонагӣ дар дараҷаи дуввум гарм ва рутубаташ бисёр, яъне тар аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани гӯшти гурбаи 116 хонагӣ ба пирон ва тармизоҷон мувофиқ аст; дарди буғумҳоро, ки аз тарӣ бошад, бемории никрис ва дав- баро, ки аз даридани пардаи шикам бошад, дору ме- шавад, гурдаро гарм мегардонад, бавосир ва дарди пуштро судманд аст. Агар аз пӯсташ пӯстин дӯхта бипӯшанд, баданро гарм мекунад, хусусан пӯсти гурбаи обӣ, ки пашмаш маҳинтар ва дарозтар аст, бартар мебошад, инчунин пӯсти гурбаи пашмдарози дигар ба он наздик аст. Гурбаро дар кӯза ҷо карда, дар танӯри тафсон ё дар кӯраи ҳаммом бисӯзанд, то он ки хокистар гардад, онро бо сирко сиришта, бо пари мурғ бимоланд, кафи- дани ангуштони дасту поҳоро шифо мебахшад. Мизоҷи саргинаш дар гармӣ қавӣ аст. Агар онро занҳо аз таг бардоранд ё сӯхта ба дудаш худро бидо- ранд, ҳамроҳаки (ёраки) бачаро аз шиками онҳо ме- афтонад. Гӯшти нави гурбаро гузошта банданд, никрисро дафъ мекунад. Гӯшти хушкашро кӯфта, гузошта бан- данд, тир ва хори даромадаро аз бадан берун мека- шад, устухони шикастаро ба ҳам мепайвандад. Бо гурба ҳамнафас шудан ва хӯрдани гӯшти он лоғар мекунад ва иллати силро ба ҳам мерасонад. Табиб Маҳрӯрус гуфтааст, ки мағзи сари онро бо оби индови зироатӣ биёшоманд, чакмезак ва дарди гурдаро даво мешавад. Заҳраи гурбаи сиёҳро бо равғани савсани сафед ё равғани савсани кӯҳӣ даромехта, дар бинӣ бирезанд, кач шудани рӯйро шифо мебахшад,

мӯйро сиёҳ меку- над. Агар ин заҳраи онро дар вақти зойидан ба чашм кашанд, дар шаб тезбин мегарданд. 1,75 грамм заҳраи онро бо равғани зайтун даро- мехта дар бинӣ резанд, кач шудани рӯйро шифо ме- бахшад, агар бо намаки кӯфта даромехта бимоланд, ҷароҳати кӯҳнаро ба ибро меоварад. Сипурзи гурбаи сиёҳро занҳое, ки ҳайзашон бемав- риду бамаврид равон мешавад, ба ронашон биёвезанд, хуни равони онҳоро манъ мекунад. Ҳаким Арасту мегӯяд, ки хояи хушки гурбаро кӯф- та, дар бинӣ бирезанд, барои иллати махав бағоят фоидабахш аст. Гурбаи ваҳшӣ дар намуд шишаранг аст, аз хонагӣ калонтар мебошад, мӯяш камтар. Барои давоӣ қави- тар аз хонагӣ бувад. 117 Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: мағзи сарашро сӯхта, дудашро бигиранд, барои резонидани нутфа аз бача- дон дору мебошад. Майнаи онро дар об ҷӯшонида, дар он об даромада нишинанд, дарди камар ва ниқрис (подагра)-ро шифо мебахшад. Хӯрдани гӯшти ин ҷоиз нест, зеро ки бинобар мурдорхӯр буданаш дар бадан мурдорӣ меоварад. Агар гурбаи ваҳшӣ касеро бигазад, дарди бисёр ва сабзии ранги бадан меоварад. Давои ин пудинаи даштӣ ё пиёзро кӯфта, ба ҷойи газидааш гузошта бас- тан аст. 24. Садаф Ин ҷонварест обӣ, ки дар даруни он марворид ба ҳам мерасад ё ба ҳам намерасад. Беҳтарини садафҳо дар оби ширин мезиянд. Мизоҷашро баъзеҳо гарм ва баъзеҳо сард донис- таанд. Вале баъди сӯхтан мизоҷаш гарм ва латиф ме- гардад, хушкӣ дар сӯхтаи он зиёда аз он, ки носӯхта бошад. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, мод- даҳои ғафсгаштаи баданро рақиқ (суюқ) гардонида дафъ месозад, сатҳи узвҳои дохилиро аз моддаҳои часпак пок менамояд, исҳолро мебандад, хун қай кар- данро манъ мекунад. Кӯфтаи онро бипошанд, хунра- виҳоро бозмедорад. Инро ос карда, ба дандонҳо би- моланд, милки дандонро мустаҳкам мекунад, захмҳои онро шифо мебахшад, решҳои хӯрандаи милки дан- донро ба ибро меоварад, дандонро аз чирк пок мегар- донад. Садафи сафедро (хусусан пӯсти дохилии онро) ос карда, бо найча ба даруни бинӣ пуф кунанд, хуни би- ниро манъ мекунад. Садафи сафедро маҳин суда, чун сурма ба чашм кашанд, реши чашм ва шилпуқиро шифо мебахшад, мӯйи зоиди дар милки он рӯйидаро аз рӯйидан манъ ме- кунад. Садафи зардро сӯхта, бо қатрон сиришта, ба пилк- ҳои чашм бимоланд, мӯйи зоидро аз рӯйидан манъ меку- над. Агар инро бо сирко сиришта, бар озаххо ва ба- восир бигузоранд, онҳоро дафъ менамояд. Садафи сӯхтаро бо намак даромехта, ба дандонҳо 118 бимоланд, дарди онҳоро таскин медиҳад, милки суст- гаштан дандонҳоро мустаҳкам мегардонад ва рутуба- ти онро хушк мекунад ва бадбӯйии решҳои даҳанро дур месозад. Ва агар инро ба истисқо (водянка) гузошта банданд, фоида мебахшад, ба шарте, ки аз бадан ҷу- до нанамоянд ва бигузоранд, то он ки худ ба худ ҷу- до гашта бирезад. Садафро

сойида, бо сафедаи тухми мурғ даромехта бимоланд, сӯхтагии оташро шифо мебахшад; бо оби гарм ва ё равғани гарм ё ки бо тухми кӯфтаи харбу- за, ё сиёҳдона ҳамроҳ карда гузошта банданд, доғҳои кунҷидак ва доғи сафеди пӯстро дафъ мекунад, баша- раро баравнақ мегардонад. Садафро бо сирко сойида, бар баногӯш бимоланд, дарди сари доимиро, ки аз назла бошад, дафъ меку- над. Садафи сӯхтаро маҳин ос карда, ба ҷоҳои бадан, ки аз сардӣ ва тарии зиёд дард мекарда бошад, бимо- ланд, дардро таскин медиҳад ва сардию тарии он ҷо- ро дафъ мекунад. Ҳаким Ҷолинус гуфтааст, ки садафи сӯхтаи ҳинди- ро сойида гузошта банданд, бавосирро шифо мебахшад. Гӯшти садафакро гузошта банданд, тири даромада- ро ба берун мекашад. Агар инро бихӯранд, ҳамаи бод- ҳо ва хунукиҳоро аз бадан дафъ мегардонад. Ин гӯштро ба зери ноф ва бар миён гузошта банданд, боҳро (пушти камарро) қавӣ мегардонад. Садафакҳоро шӯрбо карда бихӯранд, дарунро ме- ронад. Садафи бунафшро дар равған ҷӯшонида, он рав- ғанро бимоланд, мӯйро аз рехтан нигаҳ медорад. Агар инро бо сирко биёшоманд, сипурзро ба дараҷае пок мегардонад, ки ёфтани он мушкил мегардад. 25. Гӯсфанд Ин ҳайвони маълум ва машҳури аҳлӣ аст. Беҳта- рини он яксола то дусолаи он мебошад, ки фарбеҳ бо- шад. Сесола ва зиёди он ба ин дараҷа нест, зеро гӯш- таш сахт ва душворҳазм мебошад ва аз хӯрдани гӯш- ти куҳансоли он моддаҳои бадфиол ва мурдор дар ба- дан пайдо мегардад. Беҳтарин ҷойи гӯшташ барои ис- теъмол гӯшти гардан, китф ва наздики он ҷоҳост. 119 Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: гӯшти гӯсфанд зуд ҳазм мешавад, ғизоияташ бисёр, хуни устувор аз он пайдо мешавад, қувват мебахшад, баданро фарбеҳ мегардо- над ва ин аз гӯштҳои мувофиқтарин барои бадани ин- сон ҳисоб меёбад. Дил, ҷигар ва гурдаашро бихӯранд, дил, ҷигар ва гурдаро қавӣ мегардонад. Агар мағзи сарашро бо мудовамат бихӯранд, касро аҳмақ мекунад ва фаромӯшхотир месозад. Гӯшташро бо лӯбиё ва нахӯд муҳарро пухта, бо сирко ва асал бихӯранд ва мудовамат бар он намоянд, бағоят баданро қавӣ мегардонад, иллати беҳушша- виро манъ мекунад, дилтапак (дилбозӣ) ва лоғарии баданро дафъ месозад. Равғанашро ҳангоми куштан гармогарм фурӯ ба- ранд, ҳамчунин гудохта нимгарм бихӯранд, барои сур- фа, дарди узвҳои даруни сина, зиқ-ун-нафас (бронхи- альная астма), сӯзиши пешоб (сӯзок) давои бисёр судбахш мебошад. Гӯшти гармогарми онро дар вақти куштан гирифта, ба ҷойи зарбарасида ва латхӯрда, ки нав бошад, гу- зошта банданд ва чун хунук шавад, гӯшти нав бибан- данд, дардашро ба зудӣ хомӯш месозад ва намегузо- рад, ки варам кунад ё захм шавад. Инчунин пӯсташро гармогарм ба он мавзеъ печонанд ҳам, ҳамин асар до- рад. Гӯшташро сӯхта, гузошта банданд, бар зидди гази- дани морҳо, каждумҳои ҷаррора (қаттолтарин) даво мебошад; агар онро бо

шароб даромехта гузошта бан- данд, газидани саги девонаро шифо мебахшад. Хокистари гӯшти онро чун сурма ба чашм кашанд, гули чашмро дафъ мекунад; агар онро бо сирко си- ришта бимоланд, барои доғи сафеди пӯст фоида дорад. Мизоҷи заҳрааш гарм ва хушк аст ва поккунандаи доғҳост. Агар инро танҳо ба чашм бикашанд, гули чашмро пок мекунад. Заҳраи онро бо асал даромехта бимоланд, ҳамаи навъҳои шукуфаи пӯстро шифо мебахшад. Бо заҳраи он сарро бишӯянд (хусусан бо асал си- ришта) сабӯсаки сарро дафъ мекунад. Хунашро гармогарм бимоланд, хориш, қӯтури пӯст ва аъзои сӯхтагиро ҳамон дам сиҳат мегардонад. 120 Мизоҷи саргинаш бисёр гарм ва хушк аст. Агар инро бимоланд ва ё гузошта банданд, варамҳо ва истисқоро таҳлил медиҳад ва захмҳоро ба ҳам оварда шифо мебахшад. Саргинашро бо мумравған, ки аз равғани гулисурх ва муми занбӯри асал тайёр карда бошанд, гузошта банданд, сӯхтагии оташро шифо ме- бахшад; бо сирко хамир карда гузошта банданд, шаро (аллергия), озаҳҳои гуногун ва гӯшти зиёдатии рӯйи пӯст омадаро дафъ мекунад, сӯхтагии оташ ва милкаки нохунро шифо мебахшад. Саргини онро дар гулоб тар карда, баъд гузошта банданд, пучак ва чиртакҳоро мекафонад. Хокистари суми онро бимоланд, ба ҷоҳои гирдак- гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад. Сумашро сӯхта, шуста бихӯранд, исҳолро манъ мекунад. Истеъмоли гӯшти гӯсфанд дар айёми вабо ва тоун ҷоиз нест, зеро хуни бисёр ва устувор аз он ҳосил мешавад— ин зарарнок аст. Агар гӯшти гӯсфандро зудҳазм ва сабук гардониданӣ шаванд, бо сирко ва обкома бихӯранд, ки гаро- нии онро дафъ мекунанд. Инчунин бо чакка, қурут ва татум бихӯранд, ҳазмаш сабук мегардад. 26. Қурбоққа Маълум аст, ки ин ҷонвар дар зери заминҳои намнок, обҳои истода ва ҷӯйҳо бисёр пайдо мешавад, хелҳои баҳрӣ, даштӣ ва наҳрӣ дорад. Дар тиб қисми наҳрии он истеъмол мешавад, вале даштиаш заҳри қо- тил аст. Мизоҷи ҳамаи навъҳои он дар дараҷаи саввум сард ва дар якум хушк аст ва бо вуҷуди ин аслан аз ҳаро- рати қавӣ холӣ нест. Хислатҳои шифобахши он: қурбоққаи обиро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гардонанд, дарди дан- донро таскин медиҳад. Шиками онро чок карда бо ҳамон ҷойи чокшудааш гузошта банданд, тир, хор ва ғайраи дар бадан даромадаро берун мекашад ва заҳри ҷонварони газандаро бошиддат берун месозад, инчунин хуни рафтаистодаро қатъ мекунад. Гӯшти онро сӯхта, ос карда бипошанд, захмҳоро ба ҳам оварда сиҳат мебахшад. 121 Сӯхтаи онро бо зифт даромехта, гузошта банданд, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад. Гӯшти қурбоққаро ба дандон бимоланд, дандонро бе ҳеҷ гуна дард аз милкаш берун меоварад; ба ҷоҳои дигари бадан бимоланд, аз сӯхтани оташ нигоҳ медо- рад. Мағзи сарашро сӯхта бимоланд ё бипошанд, хуни равонро мебандад. Агар инро бо воситаи найча дар бинӣ пуф кунанд,

хуни бинро манъ мекунад, инчунин мағзи сари онро ба пешонӣ бимоланд, хуни бинро қатъ мегардонад. Мегӯянд, ки чун рони онро бо ресмон баста, касе, ки алмос хӯрда бошад, фурӯ барад, пораҳои алмос ба он мечаспанд ва ҳамин тавр берун кашида мешаванд. Чун дасту по ва даруни шиками онро дур карда, бо чарбуи гурдаи буз муҳарро пухта, равғани онро ҷамъ кунанду бимоланд, бавосири хуниро дафъ ме- кунад. Қисме, аз қурбоққа, ки дар пойи дарахтон зиндагӣ ба сар мебарад, сабзи бисёр майда мебошад. Чун онро бо ҳамвазнаш чигити пахта бисӯзонанду маҳин ос карда, чун сурма ба чашм кашанд, оби дар гавҳараки чашм фуромадаро дафъ мекунад. Агар ҳамон қурбоққаи майдаи сабзро дар об ҷӯшо- нида, он обро дар даҳан гардонанд, дарди дандонро таскин медиҳад. Қурбоққаи сабзи обиро, ки қурбоққаи қашқа мено- манд, сарашро бурида дур намуда, шикамашро низ чок карда, он чӣ дар он ҳаст, гирифта партофта, пӯс- ташро канда, баъд як миқдори кам гӯшт бо устухо- наш, ки монда бошад, дар як ошомидани об то муҳар- ро шудани он ҷӯшонида, он обро хоҳ нон тар карда, хоҳ бе нон биёшоманд, ҳафтаи дуввум ва ҳафтаи сав- вум низ ҳамин амалро такрор намоянд, гӯё дар се ҳафта се қурбоққаи қашқаро муҳарро пухта бихӯранд, аз иллати сил, ки захми шуш аст, наҷот меёбанд. 27. Товус Ин парандаест машҳур ба зебоӣ ва хушранг бо рангҳои гуногун, думаш бисёр дароз ва чун бардо- рад, чатрӣ мегардад, хусусан думи нари он бисёр да- роз ва парҳои зебо дорад. 122 Мизоҷи гӯшташ дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: гӯшташ бисёр сахт ва бадҳазм, хӯрдани он хилти (моддаи) ғализ дар бадан пайдо мекунад, вале ба меъда қувват мебахшад. Гӯшташро бе масолеҳи дигар шӯрбо карда бихӯ- ранд, дарди паҳлу ва зот-ул-ҷанб (варами пардаҳои даруни сина)-ро шифо мебахшад. Хӯрдани гӯшт ва чарбуи он боҳро қавӣ мегардо- над. Гӯшташро бо судоб шӯрбо пухта бихӯранд, дар- ди меъдаро, ки аз хунукӣ ҳодис шуда, қулинҷ (колит). бодҳои ғализ ва дарди буғумҳоро дору мешавад. Равғани онро бар камар, закар ва мақъад (махраҷ- гоҳ) бимоланд, боҳро қувват мебахшад. Чарбуашро об карда, бо об, судоб ё бо асал даро- мехта бимоланд, қулинҷ ва дарди меъдаро ба ибро меоварад. Хунашро бо анзарут ва намак даромехта бимоланд, решҳои бадфиоли раддиро, ки хӯрандаи узв гашта бо- шанд, шифо мебахшад. Саргинашро бимоланд, доғҳои пӯстро пок мекунад, озаххоро хушк карда мерезонад. Устухонашро сӯхта, бо асал сиришта бимоланд, доғи кунҷидакро дафъ менамояд, ранги песро дигар месозад. Заҳраашро ба қадри як грамм батанҳоӣ ё бо си- канҷабину (сиркоасалу) оби гарм биёшоманд, барои бездоштани пешоб ва манъ кардани исҳоли хунини кӯҳна давои хубест. Агар инро бо сирко даромехта бимоланд, газидани ҷонварони заҳрнок ва захмҳоро шифо мебахшад, доғҳои пӯстро дафъ мекунад; бо ан- зарут сиришта ба чашм

бимоланд, гули чашмро дур месозад. Агар заҳраашро сӯхта бипошанд, даҳани ҷа- роҳатҳоро ба ҳам оварда сиҳат мебахшад. Ин сӯхтаи онро ба дандон бимоланд, онро сахт ва мустаҳкам ме- гардонад ва аз чирк пок месозад. Мегӯянд, ки чун дунболаи онро дар кӯза андохта бисӯзонанд, аз 450 грамми он қариб 4,5 грамм фулуз- зе монанди тилло ҳосил мешавад. Ҳамин фулузро чун сурма ба чашм кашанд, гули чашм ва ҳамаи бемори- ҳои чашмро дафъ мекунад. Мизоҷи гӯшташ бисёр гарм аст ва инро бо ҳазм-кунандаи таом, ки занҷабил, мурч, зира ва ғайра би- хӯранд, ислоҳ мегардад. 123 28. Гунҷишк Ин парандаест машҳур ба зебоӣ ва хушранг бо андак калонтар аз аҳлӣ ва нӯлаш борику дарозтар аст. Беҳтарини навъҳои он фарбеҳи даштиаш мебошад, ки дар фасли зимистон гирифта шуда бошад. Вале хонагиаш агарчи фарбеҳ ҳам, ки бошад, барои давоӣ бисёр заиф аст, ҳатто намешояд. Мизоҷи гунҷишки аҳлӣ дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст, вале мизоҷи даштиаш дар хушкӣ зиёдтар мебошад. Хислатҳои шифобахши он: гунҷишкро пухта бихӯ- ранд, баданро гарм ва фарбеҳ мекунад, барои одамо- ни тармизоҷе, ки дар бадани онҳо бодҳо пайдо мешуда бошанд, мувофиқ аст ва боҳи онҳоро ба ҳаракат ме- оварад, маниро зиёда менамояд ва олати мардиро ба ҳаракат меоварад. Гӯшташро бихӯранд, дарунро мулоим мегардонад, вале қисмҳои дигараш дарунро мебандад. Қавлҳо зикр шудаанд, ки гунҷишк аз парандаи са- ра аст барои иллатҳои гуногун: фолиҷ, каҷ шудани рӯй, сусту нотавон гаштани аъзо, карахтӣ, сустии ҷи- гар, истисқо (водянка), зардпарвин, сустии гурда ва боҳ, инчунин монанди инҳо дору мешавад; беҳтарин давоест барои одамони хунукмизоҷ ва тармизоҷ, ин- чунин барои касе, ки аз бисёрии боди шиками худ шикоят намояд, дору мебошад. Мағзи сари нари онро дар вақти ҳаяҷонӣ буданаш гирифта, дар равғани бодоми ширин бирён карда, бо хӯришҳои хушбӯйи таоми пурқувват бихӯранд, бағоят боҳро меангезад ва маниро зиёда мекунад, инчунин олати мардиро ба ҷунбиш меоварад. Бачаи он барои ҳаракат додани боҳ ва шиддати ба ҷунбиш овардани закар қавитар аст, хусусан аз чизҳои дарунашу пар- ҳояш пок карда, бо зардаи тухми мурғ ва равғани зай- тун бирён кунанду бихӯранд, низ тухми гунҷишк дар ин бобат қавӣ мебошад. Ин дар фарбеҳ кардани бадан давои бемисл аст. Майнаашро бо зардаи тухми мурғ бихӯранд, боҳро бармеангезад ва агар бо шароб бихӯранд, низ ҳамин хосиятро дорад. Майнаашро занони назоянда аз таг бардоранд, бои- си зуд ҳомила шудани онҳо мегардад. 124 Вале хӯрдани гунҷишк ба касони гарммизоҷ зарар дорад. Давояш анор, ғӯраи ангур ва сиканҷабини турш ошомидан аст. Беҳтар мешавад агар гӯшти онро оби анор ё ғӯра пошида бихӯранд, то, ки зуд ҳазм гардад, зеро ки гӯш- ти он сахт ва гарммизоҷ аст. Чун гунҷишкро сар бурида, хуни онро дар орди наск бичаконанд ва

хамирашро кулӯла созанду хушк намуда, дар вақти мубошарат як кулӯлаи онро бо асал сойида, ба закар бимоланд ва пойро ба замин на- гузошта, мубошарат намоянд, боҳро бармеангезад. Хуни гунҷишкро дар чашм чаконанд, гули дар он афтодаро пок менамояд. Саргини он бисёр гарм ва хушк аст, гули чашмро пок мекунад, доғи кунҷидакро дафъ менамояд, инчу- нин доғҳои дигари дар рухсора пайдошударо нест ме- кунад. Саргинашро бо оби даҳан сиришта бимоланд, озахро хушк карда мерезонад ва доғҳои кунҷидакро барҳам медиҳад. Устухонашро сойида бихӯранд, меъдаро қавӣ мегар- донад ва исҳолро банд мекунад. Агар онро бихоянд, ба узвҳои даруни шикам ва рӯдаҳо бағоят зарар до- рад. Балки аз хойидан ё сойида хӯрдани устухони он худдорӣ кардан беҳтар аст, зеро сурхрӯда ва рӯдаҳои шикамро мехарошад. Хокистари пари онро бимоланд, варамҳоро таҳлил медиҳад. Чун гунҷишки зиндаро ба ғайр аз сараш парҳояш- ро бикананду дар ошёнаи занбӯри асал биёвезанд, то аз газидани занбӯрон бимирад, баъд онро дар равған биҷӯшонанду он равғанро бимоланд, сустии олати мардиро дафъ мекунад, боҳро қавӣ мегардонад ва ола- ти мардиро ба ҷунбиш меоварад. 29. Уқоб Ин парандаи бузургҷуссаи дарранда аст, ки маъ- лум мебошад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: гӯшташ лифӣ (лифмо- нанд), сахт аст ва аз хӯрдани он дар ҷигар моддаи носара пайдо мешавад. Хӯрдани он барои ибрида (но- тавон шудани ҳолати мардон аз рутубати бисёр пай- 125 до кардани бадан), бодҳои бисёр ва дафъ кардани ру- тубати бадан даво мешавад. Заҳраашро чун сурма ба чашм кашанд, дар гавҳа- раки чашм фуромадани обро, ки дар ҳолати ибтидо бошад, дафъ мекунад; чашмро тез ва қавӣ мегардонад; пардаи ба чашм афтодаро, ки онро торик менамояд, дур месозад, захмашро ҳам шифо мебахшад. Хунашро бимоланд, варамҳоро таҳлил медиҳад. Саргинашро бимоланд, доғи кунҷидак ва ҷӯшиши рухсораро дафъ мекунад ва инчунин ханозерро (хук- гарданро) таҳлил медиҳад. Агар парашро сӯхта, занҳо дудашро ба миёни по- ҳо ба поёни шиками худ бигиранд, бӯғма (хафа) шу- дани бачадонро, ки беҳушӣ меоварад, шифо мебах- шад. 30. Каждум Каждум навъҳои гуногун дорад. Каждуме, ки дар вақти ҳаракат дунболаи худро баланд гирад, онро каждуми сайёла меноманд ва агар думашро бар замин кашида равад, онро каждуми ҷаррора мегӯянд. Каж- думи ҷаррора аз сайёла хурдтар ва заҳраш қавитар, ки кушанда мебошад. Заҳри каждуми мода қавитар аз нари он аст. Бадтарини ҳамаи инҳо навъи сиёҳи он аст. Хелҳои каждуми бадзаҳр бисёранд. Ҳатто чу- нин каждум ҳам ҳаст, ки агар неш ба санг занад, он- ро реза-реза мегардонад. Мизоҷи каждум дар дараҷаи саввум сард ва хушк Хислатҳои шифобахши он: равғанашро бимоланд, фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ), нотавон ва суст шудани аъзо, каҷ шудани

рӯй, дарди буғум- ҳо ва карахтиро шифо мебахшад. Хокистари онро бо мурч сойида, ба он занҷабил ва ғайра давоҳои гарммизоҷи муносиб даромехта, чун сурма ба чашм кашанд, гули чашм ва нохунаки чаш- ми инсонро дафъ мекунад. Каждуми сӯхтаро ба ним вазни он саргини муш даромехта, ба чашм кашанд, чашмро қавӣ мегардо- над, қӯтур ва пардаи дар он афтодаро, ки чашмро то- рик месозад, дафъ мекунад. Каждумро бирён ё кабоб карда бихӯранд, сурфаи 126 кӯҳнаеро, ки аз сардӣ бошад ва захмҳои узвҳои пе- шобро шифо мебахшад. Каждуми сӯхтаро бо шилми олу ё бо тухми кӯфтаи гулихайрӣ ва ё бо шибит бихӯранд, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад, душвории шошадон- ро осон мекунад, ҳатто дар ин бобат назир надорад, қулинҷҳои (колитҳои) гуногунро шифо мебахшад. Каждуми калонро хушк сохта, ос карда, бо сирко сиришта бимоланд, доғи песро, ки нав бошад, дафъ мекунад; инчунин барои доғи сафеди пӯст ва доғи кун- ҷидак дору мешавад ва ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯй- рехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад. Чун каждумро дар равғани зайтун бисӯзонанду ба реши раддии бадфиоли беҳнашаванда бимоланд ва аз болои он кӯфтаи каждуми сӯхтаро бипошанд, фоида мебахшад, инчунин он равғанро ба ҷойи сар ва риш, ки мӯяш гирдак-гирдак рехта бошад, бимоланд, мӯй ме- рӯёнад. Ва агар ин равғанро бар бавосир пай дар пай бимоланд, донаашро меафтонад. Каждуми зиндаро чок карда, ба ҷойи каждумгазида барбанданд, заҳри онро ба худ мекашад. Ва агар ка- боб ё бирёнкардаи онро бихӯранд, заҳри газидаи каж- думро дафъ мекунад. Агар дар охири моҳ, ки се-чор рӯз аз он монда бошад, як адад каждумро дар шиша андохта, бар бо- лояш равғани зайтун рехта, даҳани шишаро маҳкам карда, чанд рӯз онро дар офтоб бигузоранд, то ки қуввати каждум ба равған бигузарад. Ин равғанро бимоланд, дарди пушт ва иркуннасоро (радикулитро) шифо мебахшад, инчунин фолиҷро ба ибро меоварад ва донаи бавосирро меафтонад. Агар ададди каждум зиёд бошад, миқдори равғанро дар таносуби ба як адад каждум 35 грамм равғани зайтун дар вақти ба офтоб гузоштан афзоянд ва чил рӯз дар офтоб гузо- ранд, баъд ин равған равғани каждум ҳисоб меёбад. Агар ин равғанро аз рӯ бимоланд, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Нақл кардаанд, ки занеро бача дар вақти ҳомилагӣ аз шикам меафтода бошад, каждуми мурдаи хушкро ба худ биёвезад, бачаи вай дигар намеафтад. Миқдори як бор дар як рӯз хӯрдан аз хокистари каждум аз 1,75 то 4,5 грамм аст. Вале хӯрдани ин ба шуш зарар дорад. Давояш тухми карафс хӯрдан ва ошомидани оби пиёз то 180 грамм мебошад. 127 Агар каждум касеро бигазад ва ҷойи газидааш за- рам кунад, сахт ва сурх гардад ва он каси каждум- газида ду ҳолати зидди ҳамдигарро ҳис кунад, ки гоҳ хунук хӯрад ва гоҳ гарм гардад, ғамгин шавад, дар изтироб ояд, сустӣ дар дили худ ҳис кунад, араҷи ху- нук ояд, сустии

бадан, ларза, беҷошавии ақл, пари- дани лабҳо, оруғ ва қайи сахт ҳодис гардад ва дар қай чизе часпак барояд, бод дар шикамаш пайдо гар- дад, дандонҳо бар ҳам афтанд, беҳушӣ содир шавад, рангаш бипарад, забонаш ғафс гардад, узвҳо сард ва суст гарданд, закараш варам кунад, мақъадаш (кӯта- наш) барояд —ин ҳам илоҷпазир намебошад. Хуллас, илоҷи он дарҳол, агар мумкин бошад, сахт бастани бо- лои он мавзеъ, монанди моргазида ба амал оваранд; тухми зағир ва гӯгирдро кӯфта, бо равғани савсани сафед ё равғани савсани кӯҳӣ сиришта, ба он мавзеъ гузоранд; хояи сагобӣ, мурчи дарозро бо сирко сириш- та, ба он ҷо сахт бимоланд, бо оташ гармбандӣ кунанд, сир (чеснок) бихӯронанд ва низ сирро кӯфта банданд, ҷадвор бар он бимоланд ва аз истеъмоли давоҳои ку- шояндаи гиреҳҳо худдорӣ намоянд. Ва агар имкония- таш бошад, он каждуми газидаро бигиранду кӯфта, ба ҷойи газидааш банданд, захрашро дафъ мекунад. Оҳак ва барги тутро гирифта, бо равғани дунба сиришта, ба ҷойи захми он низ ва оҳаку равғанро ба ҷойи газидаи он бимоланд, дардаш сокин мегардад. Агар он равғанро бо асал даромехта, чун кӯдак аз модар зойи- да шавад, 1,75 грамм аз он ба комаш бимоланд, баъд аз он агар дар тамоми умраш ӯро каждум бигазад, дард намекунад. Чирки гӯши хукро ба мавзеи каждумгазида бимо- ланд, дардаш сокин мешавад. Барги токро кӯфта, ба ҷойи газидаи он гузоранд, дардашро таскин медиҳад. Агар мағзи чормағз, анҷир, сири кӯфта бар захми он бимоланд, низ, судманд мебошад. Шамъчаи яхро дар мақъад бардоранд, дарди онро таскин медиҳад. Шика- ми мушро чок карда, гармогарм ба он ҷо гузошта бан- данд, тухми юнучқаро гузошта банданд; решаи кавар, талхшувоқ — ҳар дуро баробар гирифта, кӯфта, бо асал маъҷун сохта аз он 2 грамм бихӯронанд, фоида дорад. Нақл аст, ки касе гирифтори фолиҷ гашта, ба хес- тан ва роҳ гаштан қодир набуд. Иттифоқан дар вақти 128 шаб ҳангоми хоб чанд ҷойи ӯро каждуми ҷаррора газид ва бемор аз иллати мазкур наҷот ёфт. Агар каждуми ҷаррора бигазад, давояш хӯрдани равғани гов ё гӯсфанд ва он равғанро тафсонида, ба- такрор ба ҷойи газидааш рехтан аст; инчунин аз он мавзеъ хун гирифтан ё чок карда, хуни он ҷоро сар додан аст; оби себи туршро дар оташ ғафс гардонида ошомидан аст; талқони себи туршро бо оби сард ошо- мидан, коснӣ ва дигар таскиндиҳандаҳои фишори хун, аз ҷумла: оби ҷав, оби каду, оби бодиринг ва монан- ди инҳо биёшоманд; инчунин барги себи турш, кашни- зи хушк — аз ҳар як баробармиқдор се каф бихӯранд, фоида дорад. Тариқи сӯхтани каждум ин аст. Каждуми зиндаро дар зарфи мис ё оҳан, ё сафол андохта, даҳани онро бо хамир маҳкам намуда, танӯрро бо ҳезуми ток ва ғайра тафсонида, баъд оташро аз танӯр бароварда, он зарфи каждум доштаро шаб дар он гузоранду даҳани танӯрро бипӯшанд, пагоҳӣ каждумро бароварда би- соянд. Шарташ

ҳамин, ки танӯр гарми бад набошад, ки мабодо каждум сӯхта, тамоман хокистар гардад.
Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-hayvoni-22-30#22

Канзи шифо. Давоҳои ҳайвонӣ 31-40 31. Зулук 32. Тортанак 33. Зоғ 34. Фохтак 35. Кабк 36. Хорпушт 37. Ҷайра 38. Панирмоя 39. Саг 40. Шир 31. Зулук Инро дар баъзе маҳалҳои тоҷикон шуллук ҳам ме- номанд. Ин ҷонвар дар чашмаҳои гуногун ва баъзан дар кӯлҳо низ пайдо мешавад, гуногун мебошад. Он чӣ дар обҳои чашма зиндагӣ ба сар барад, сиёҳи кам- ранг ва дар калониву хурдӣ миёна мебошад, сараш сиёҳи кулӯла ва таги шикамаш андак ало бошад, хуб аст. Инчунин гуфтаанд, ки он чӣ зери шикамаш сурх- ранг ва бар пушти он ду хати сабз ва бо суратҳои номбурда бошад, некуст. Вале он чӣ бисёр сиёҳ, ало ва калон бошад, бад аст — ин дар тиб истеъмол наме- гардад, инчунин майдааш ҳам заиф аст. Мизоҷаш сард ва хушк мебошад. Хислатҳои шифобахши он: зулукро хушк намуда, кӯфта, бо асал хамир карда, лесида бихӯранд, варам ва дарди гулӯро таҳлил медиҳад, санги гурда ва хи- чакро (пешобдонро) майда карда мерезонад. Кӯфтаи зулукро бо сабир (алоэ) сиришта гузошта банданд, донаи бавосирро хушк мекунад. Агар онро бимоланд, доғҳои пӯстро пок месозад. 129 Зулукро дар равғани зайтун пухта, ба закар бимо- ланд, бағоят онро калон мегардонад ва қавӣ месозад. Инчунин зулукро дар равғани зайтун сӯхта, батакрор ба закар гузошта банданд, онро калон ва қавӣ мегар- донад. Зулукҳои майдаро сӯхта бо сирко ё оби банг (кирм- резонак) сиришта, мижаи зоид ва чаппа рӯйидаро кан- да, ба он ҷо гузошта банданд, дигар намерӯяд, Сӯхтаи зулукҳои майдаро бо равғани бунафша да- ромехта, дар сӯрохи закар ё дар фарҷ чаконанд, сӯзи- ши пешоб (сӯзок) ва захми хичакро (пешобдонро) ши- фо мебахшад. Чун понздаҳ адад зулуки калони зиндаро ба 90 грамм кирми лойхӯраки шустагӣ, хушк карда, дар 420 грамм равғани кунҷиди тоза хуб ҷӯшонида, баъд соф карда, дар шиша нигоҳ доранд. Дар вақти ҳоҷат ин равғанро ба закар ва атрофи он бимоланд, онро қавӣ ва серҳаракат мегардонад. Чун ин равғанро ба хояе, ки дар он об фуромада, сахт ва кӯҳна шуда бошад, чанд рӯз пайи ҳам гарм карда бимоланд, он обро дур мекунад — шифо мебахшад. Зулуки навъи аълоро, яъне тиббиро ба мавзее, ки хуни мурдор, яъне хуни ҳаром дошта бошад, монанди: ширинча, решҳои раддии бадфиол, шукуфаи пӯст, до- начаҳои раддӣ ба ҷоҳои нозук ва заифмонанди пилк- ҳои чашм, гӯшаҳои чашм, рухсораҳо, ба тифлон ё за- нони заифбунёд (нимҷон), ки хун гирондан нахоҳанд, зулукро бичаспонанд, хуни ҳаромро бе азият мекашад, лекин шарташ ҳамин, ки бадан аз ахлоти мурдор пур набуда, балки аз онҳо пок бошад. Баъд аз зулук мон- дан аз нӯшидани оби хунук, баромадан ба ҳавои

сард ва аз ошомидани чизҳои турш парҳез намоянд. Агар рӯзи дигар ба узве, ки зулук часпонида бошанд, боз бичаспонанд, бақияи хуни ҳаромеро, ки дар он узв мондааст, мекашад —ин бад нест, вале ададизулук- ҳои часпонидашаванда аз пешина камтар бояд бо- шад, масалан, рӯзи якум даҳ адад зулук часпонида бошанд, рӯзи дуввум панҷ ё се адад бимонанд. Шарт- ҳои зулукмонӣ чунин аст, ки бояд ба як дафъа хуни бисёр нагиранд, ки сустӣ меоварад; инчунин ба рӯйи раг ҳам начаспонанд. Беҳтар он аст, ки зулуки хуб ва сараро пеш аз ба бадан часпонидан муддате нигоҳ доранд, то ки хӯрдаи худро қай карда партояд, пок гардад. Узви шахси беморро чандон бимоланд, ки сурх 130 гардад ва агар мумкин бошад, баъд зулук бичаспо- нанд. Баъд аз пур шудани он аз хун зулукро маҷбу- ран аз бадан ҷудо накунанд, балки бигузоранд, то аз хун пур шуда ва сер худ ба худ ҷудо гардад, Ё ан- дак хокистар ё намак бар даҳани он бипошанд, ки бо ин тадбир худ ба худ ҷудо мегардад. Баъд ҷойи даҳани газидаи онро дам ба дам бо порчаи карбоси кӯҳнаи мулоим пок намоянд, то хунаш аз рафтан бимонад. Агар хун бисёр ояд, бо ин тадбир банд намегардад. Дар ин маврид бо қадаре хокистар ва ғайра, ки манъ- кунандаи хун бошад, банд намоянд. Агар он мавзеъ ба сабаби расидани об ё ҳаво дард ва варам кунад ва бисёр ба хориш ояд, он ҷойро бо зардчӯбаи кӯфтагӣ ва бехтагӣ, ки дар латта баста бошанд, гармбандӣ на- моянд ё зардчӯбаро бо об хамир карда, батакрор гу- зошта банданду аз об ва ҳавои хунук эҳтиёт намоянд. Чун баъд аз ҷудо шудани зулук қадаре намак бар даҳани он бипошанд, ҳамаи хунҳои хӯрдаашро қай мекунад ва мемирад. 32. Тортанак Ин ҷонвар навъҳои бисёр дорад. Вале дар тиб он чӣ дар гӯшаҳои хонаҳо торҳо метанад ва хона месо- зад, дар назар дошта мешавад. Мизоҷи ҳамаи навъҳои он сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: тортанаки калони боф- тааш сафедро бо равғани зайтун даромехта, дар гӯш чаконанд, дардашро таскин медиҳад. Тори танидаи тортанакро ба ҷароҳатҳое, ки хун аз онҳо ҷорӣ бошад, бигузоранд, хунро манъ мекунад ва ҷароҳатро низ ба ҳам оварда сиҳат мекунад. Чун тори танидаи онро бо шилми пухтагии санав- бар ба латтаи зағирпоягӣ молида, бар пешонӣ ва чак- каҳои сар бичаспонанд, таби дурӯздармиёнро шифо ме- бахшад. Инчунин танидаи тортанаки сафеди фарбеҳ- ро дар пӯсте баста, ба сар ё ба бозу, ё ба гардани бе- мори таби рӯздармиёнгиранда банданд, табро дафъ мекунад. Дар зери шиками тортанак ҳангоми бача додани он пардаи ғафсе мебошад, ки тухмҳояш дар он ҷой дода шудаанд. Чун бачаҳояшон болиғ гарданд, аз он пар- да берун мераванд. Ҳамон пардаро бар бозуи бемори таби дурӯздармиёнгиранда бибанданд, табро дафъ ме- 131 кунад; чун ба узвҳое, ки хун аз онҳо равон бошад, банданд, хунро бозмедорад. Агар тортанак ба узве молида шавад, обила меку- над, хориш меоварад, маҷрӯҳ

мегардонад. Бинобар ҳамин онро на ба дарун истеъмолаш раво ва на бар бадан молиданаш ҷоиз аст. 33. Зоғ Зоғ ду навъ аст: зоғи ало ва зоғи сиёҳ. Беҳтарини он бачааш мебошад. Мизоҷаш умуман дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: гӯшти ин барои одамони сардмизоҷ ва тармизоҷ, инчунин ба пирон форам аст, маниро зиёда мегардонад. Аз он ҳариса тайёр карда, яъне бо гандуми кӯфта, намак ва равған муҳарро пух- та бихӯранд, боҳро (пушти камарро) қувват мебах- шад. Дар ин бобат бояд аввал гӯшти онро дар об ҷӯ- шонида, он обро рехта партоянду баъд бо сирко бипа- занд, дар ин ҳолат барои одамони гарммизоҷ низ фо- рам мегардад. а) Зоғи ало. Беҳтарини он бачааш мебошад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: гӯшти ин дерҳазм аст, ғизоияташ раддӣ, яъне ҳангоми хӯрдан бадӣ меоварад. Беҳтараш он аст, ки аз хӯрдани гӯшти он худдорӣ на- моянд. Бале агар бихӯранд, боҳро қатъ мекунад. Ва агар чашмашро ба худ овезанд, бехобӣ меоварад. б) Зоғи сиёҳ ва зоғча. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани гӯшти он дар бадан хуни солим пайдо мекунад, боҳро ба ҳаракат меоварад. Вале барои одамони гарммизоҷ зарарнок аст. Давои ин зарараш сирко хӯрдан аст. Заҳраи ҳамаи навъҳои зоғ поккунанда ва тунд аст. Агар онро ба чашм кашанд, гули чашм ва нохунаки онро дафъ мекунад; бо заҳраи хурӯс ва асал даромех- та, ба чашм кашанд, торикии чашмро ба ибро меова- рад. Саргини ҳамаи зоғон низ тунд аст ва поккунанда мебошад. Агар инро гузошта банданд, доғи сафеди пӯст ва песро шифо мебахшад ва дигар доғҳои пӯстро нест мекунад. 132 Гӯшти хушки онро ҳар рӯз 0,6 грамм то се рӯз пайдарҳам бихӯранд, доғи сафеди пӯстро дафъ меку- над. Хуни хушккардаи онро бимоланд, бавосирро шифо мебахшад. Нарашро сӯхта бимоланд, мӯйро мерӯёнад. 34. Фохтак Ин парандаест машҳур, ки ғуррак ҳам меноманд, аз мусича калонтар ва аз кабӯтари саҳроӣ майдатар, зери гарданаш тавқҳои холмонанд дорад ва рӯйи бол- ҳояш ҳам пурхол аст. Мизоҷаш дар охири дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Беҳтаринаш ҷавон ва фарбеҳи он мебошад. Хислатҳои шифобахши он: гӯшташро муҳарро пух- та бихӯранд, барои иллатҳои фолиҷ (шал шудани ни- маи бадан ба дарозӣ), ларзак, карахтӣ ва дигар бе- мориҳои сарди асабонӣ дору мебошад; бодҳои ғализро таҳлил медиҳад, гиреҳҳои дар бадан баамаломадаро мекушояд. Хуни онро ҳангоми нав кушта шудан гармогарм, хусусан хуни боли онро бичаконанд, гули чашмро дафъ мекунад. Саргинашро бо сирко хамир сохта, гузошта бан- данд, варамҳоро таҳлил медиҳад ва инчунин онҳоро мепазонад; доғи кунҷидакро аз рухсора дафъ мекунад. Гӯшташро бардавом бихӯранд, бехобӣ меоварад, дер ҳазм мешавад, хусусан кабоби он. Ин навъ зара- ри он бо шакар хӯрдан ислоҳ меёбад. Агар дар рав- ған пухта, бо сирко ва кашниз бихӯранд, безарар ме-

гардад. Саргинашро ба кӯдаке, ки вақти шаб дар хоб ме- тарсида бошад, биёвезанд, дигар наметарсад. Мор аз овози он мегурезад, инчунин аз дудаш ҳам мор гурезон мешавад. 35. Кабк Ин парандаи машҳур аст. Мизоҷаш гарм ва хушк дар дараҷаи дуввум мебо- шад, вале баъзеҳо инро дар гармиву сардӣ мӯътадил донистаанд. Фикри аввалааш дуруст аст. 133 Хислатҳои шифобахши он: гӯшти он латифтарини (сабукҳазмтарини) гӯштҳо мебошад, ғизоияташ бис- ёр, зудҳазм ва аз хӯрдани он хуни солим пайдо меша- вад. Хӯрдани он ба фолиҷ, каҷ шудани рӯй, бемориҳои сарди вобаста ба майна, узвҳои даруни сина, дил, меъда, ҷигар ва ба дигар узвҳои даруни шикам ва сина шифо мебахшад; истисқо (водянка) ва бастагии дарунро ба ибро меоварад; боҳро зиёда мегардонад ва баданро фарбеҳ мекунад. Вале хӯрдани ин ба одамони гарммизоҷ, дар рӯз- ҳои гармии ҳаво, инчунин дар масканҳои гарм зарар дорад; бо шароби соф бихӯранд, дарди сар мекунад, баданро ба хориш меоварад. Давояш сиканҷабин ва туршиҳо хӯрдан аст, ки ислоҳи зарар намоянд. 4,5 грамм мағзи сарашро бо шароб биёшоманд, ба- рои иллати зардпарвин даво мебошад. 2,25 грамм ҷигарашро гармогарм фурӯ баранд, саръро (припадкаро) шифо мебахшад. Заҳраашро ба чашм кашанд, пардаи дар он афто- даро, ки чашмро торик месозад, инчунин торикии чашмро дафъ менамояд, шабкӯриро шифо мебахшад. Агар онро бо равғани зайтун баробарвазн сиришта, ба беруни чашм гузошта банданд, оби фуромадаро дар гавҳарак агар дар ибтидои ҳол бошад, дафъ мекунад. Агар онро бо марвориди сӯрохнокарда сойида ва ба вазни он мушк дохил карда, ба чашм кашанд, гули чашм, нохунак, пардаи дудмонанд, пардаи торикку- нанда ва обравии чашмро шифо мебахшад. Заҳраи кабкро ҳар моҳ як бор дар бинӣ бичако- нанд ё хушкашро сойида бирезанд, зеҳнро тез ва неку мегардонад, нисёнро (фаромӯшхотириро) кам ва чашмро тез мекунад. Хуни онро хушк сохта, бо шишаи сафед маҳин ос карда, бо дарозмурч баробарвазн гирифта, бо асал си- ришта, дар чашм кашанд, гули чашм ва қӯтури пилки чашмро дафъ мекунад. Тухмашро бо сиркои ансул пухта бихӯранд, ба- рои дарди шикам ва дур намудани дарди рӯдаҳо дору мебошад, вале бе сирко пухта бихӯранд, овозро соф ва равшан мегардонад, инчунин сурфаро дафъ мекунад. Агар хоми онро бо кундур ном шилме бихӯранд, ба- данро фарбеҳ мегардонад. 134 36. Хорпушт Ин ҷонварест рӯйи шикамаш мӯй дорад, вале пуш- таш хорнок аст. Чун хорпушт ба хавф ё ба хашм ояд, сари худро ба даруни хорҳои пушташ, ки бо он печида мешавад, ҷо мекунад. Мизоҷаш гарм ва хушк аст дар аввали дараҷаи дуввум. Хислатҳои шифобахши он: гӯшти хорпуштро би- хӯранд, рутубатҳои нодаркор ва зиёдатии баданро, ин- чунин захмҳоро хушк мекунад, моддаҳои ғализро ба- шиддат таҳлил медиҳад ва рехта шудани моддаҳои но- матлубро ба узвҳои даруни шикам ва сина манъ ме- кунад.

Ҷигари хушки он ва хокистари сӯхтаи он поккунан- да, таҳлилдиҳанда ва хушккунанда мебошад. Гӯшти намакхӯрдаи онро бо сиканҷабин (сирко-асал) бихӯранд, дарди сарро таскин медиҳад; бо обе, ки дар он юнучқаи зардак ҷӯшонида шуда бошад, би- хӯранд, фолиҷ, ҷингак шудани аъзо, бемориҳои асаб, филпо ва агар таб намегирифта бошад, истисқо (водян- ка) ва дарди гурдаро низ шифо мебахшад; ва агар гӯш- ти бенамаки онро бихӯранд, вайрон шудани мизоҷ, сил, ҳангоми хоб ба ҷогаҳ шошидани кӯдакон ва ғайри кӯ- даконро дафъ мекунад, ҳатто агар дар хӯрдани он мудовамат намоянд, ҳоли шошиданро душвор мегар- донад; аммо боҳи тармизоҷ ва сардмизоҷонро қувват мебахшад. Ҷигарашро дар офтоб хушк карда бихӯранд, истис- қоро шифо мебахшад. Пӯсташро сӯхта, бо шароб биёшоманд, фолиҷро ба ибро меоварад ва агар бо сиканҷабин бихӯранд, ҳар гуна варамҳои гӯшти баданро мегардонад. Гӯшташро пухта бихӯранд, барои ханозер (хукгар- дан) ва махав дору мебошад; агар онро гузошта бан- данд, ғуддаҳо ва гиреҳҳои сахти дар узвҳо пайдошу- даро мегудозад — таҳлил медиҳад. Пӯсташро сӯхта гузошта банданд, решҳои рахшон- ро ба ибро меоварад ва агар он решҳо гӯшти ҳаром дошта бошанд, онро мехӯрад; захмҳоро хушк мекунад, зеро ки ин поккунанда ва хушксозанда мебошад. Гӯшти хушккардаи онро сойида як муддат бихӯ- ранд, иллати махавро шифо мебахшад. Хокистари он- ро бимоланд, доғи кунҷидаки тунукро дафъ мекунад; 135 инро бо зифт (қатрон) даромехта бимоланд, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад ва қӯтурро шифо мебахшад. Агар бо хокистари он бишӯянд, решҳои сарро нест мекунад. Хӯрдани гӯшти он табҳои кӯҳна ва заҳри ҷонва- ронро аз бадан дафъ мекунад. 1,75 грамм аз пӯсти сӯхтаи он бихӯранд, таби ду- рӯздармиёнро нест месозад. Вале агар хорпушт ва маҳсулоти онро аз ҳад бис- ёр бихӯранд, мизоҷи меъда ва ҷигарро вайрон меку- над ва ранги рухсорро паст мегардонад. Давои ин за-рарҳояш гӯшти онро дар об муҳарро пухта хӯрдан ва бо равған пухта, бо равғани бодоми ширин ва сиркою коснӣ хӯрдан аст. Мизоҷи заҳрааш гарм ва хушк аст, хислати пок ва хушккунанда дорад. Агар инро ба чашм кашанд, гули чашмро дафъ мекунад. Агар инро бимоланд, паҳн гаш- тани захм ва решҳоро дар бадан манъ месозад, ба- рои махав ҳам фоида дорад. Заҳраи онро бо муми занбӯри асал даромехта, за- ни ҳомила бихӯрад ё аз таг бардорад, бачаашро аз шикам меафтонад. 37. Ҷайра Ин ҷонвари маълум аст, ки дар баданаш хорҳое дорад ба дарозии як ваҷаб ва аз он кӯтоҳтар, ки ба-рои ҳимояи худ ба кор мебарад. Мизоҷаш дар аввали дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: Ҷобир бинни Ҷаббон-ус- сӯфӣ дар «Китоби ҳавосси кабир», гуфтааст, ки гӯшти ҷайра барои кушодани пешоби баста шифо мебахшад ба ин усул, ки онро бо корд гулӯ бурида, пӯсташро

канда, гӯшташро дар офтоб чандон хушк намоянд, ки қобили кӯфтан ё бо сӯҳон тарошидан гардад. Баъд кӯфта ё бо сӯҳон тарошида, аз 9 ё 13,5 грамми онро дар шароб ҳал карда, биёшоманд, пешоб ба зудӣ ку- шода мегардад ва бо ҳамин аз он иллат шифо меё- бад. Гӯшташро бихӯранд, барои дафъ кардани иллати никрис (подагра) нафъи азим дорад. Агар инро ба- такрор гузошта банданд ва молидани хуни он доғи кунҷидак ва чиркҳои баданро дафъ мекунад. 136 Гӯшти онро занҳо аз таг бардоранд, ҳайзи онҳоро равон мекунад. Аз хори он мор ва ҷонварони дигари заҳрнок ме- гурезанд, ҳатто ба он наздик намеоянд. Хорпушт ва ҷайра ба мор хусумат доранд, онро мекушанд. Бино- бар ҳамин морҳо аз онҳо гурезон мебошанд. Чун ҷайраро бисӯзонанд ва бо навшодир то ба ҳадде бикӯбанд, ки қариб ҳал гардад, баъд бо асали кафкгирифта сиришта, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯй- рехтаи сар ва риш бимоланд, мӯй мерӯёнад ба зудӣ. Ҷоҳои ин қабил мӯйрехтаи сарро бо танакори арманӣ то сурх шуданаш бимоланд, баъд саргини ҷайраро бо равғани зайтун даромехта бимоланд, ба зудӣ мӯй ме- рӯёнад. Саргини сӯхтаи онро бо равғани мӯрд ё бо дигар равғанҳо даромехта, ба ҳар ҷойи бадан, ки хоҳанд, би- моланд, мӯй мерӯёнад. Пӯсти ҷайраро сӯхта, бо хардал (горчица) ва аса- ли сурхи кафкгирифта сиришта, ба сар бимоланд, мӯй- ро дароз мекунад ва аз тарқидану рехтан нигоҳ медо- рад, инчунин ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш батакрор бимоланд, мӯй мерӯёнад. Сипурзи хушккардаи онро кӯфта, бо шароб биё- шоманд, барои гудохташавии сипурз дору мебошад; чунончи, шахсе иллати шадиди сипурз дошт, сипурзи ҷайраро бирён карда бихӯрд ва баъди се соат арақи бисёр кард, дар дарунаш дарди сахт пайдо шуд ва баъди як соат пешоби бисёре кард, ба қадри 200 грамм ва зиёда аз он шошиду шифо ёфт. Заҳраашро бароварда, бо сурмаи аълосифат ос кунанду онро ба чашм кашанд, гули чашмро ба зудӣ дафъ мекунад. Заҳраи хушккардаи онро чанд мартаба бимоланд, песи навро дафъ мекунад; бо гӯгирд даро- мехта бимоланд, песи кӯҳнаро дафъ мекунад. Заҳраи ҷайраро хушк карда, кӯфта, бо шароб ха- мир карда, қурсҳо сохта, хушк намуда, вақти ҳоҷат бо сирко сойида, ба бавосири кӯҳна бимоланд, онро сиҳат мебахшад ва ҳамон дам хунашро қатъ менамояд. 38. Панирмоя Ин меъдаи, яъне ширдони ҳайвоноти ширхора аст, ки наздик ба зойида шудан очаашро кушта ё баъди зойида шудан, ки ҳанӯз алаф нахӯрда бошад, аз шика- 137 ми бачааш дарҳол ҷудо карда мегиранд хоҳ дар он моеъ бошад бо он, хоҳ набошад. Баъди зойида шудан низ то коҳ хӯрдани он ин узви онро панирмоя мено- манд ва аз он, ки коҳ ё алаф бихӯранд, онро панир- моя наменоманд. Панирмояи ҳар як ҳайвон хислати ба худ хосеро дорад. Инро ҳам дар тариаш ва ҳам хушк намуда истеъмол мекунанд. Мизоҷи ҳамаи навъҳои он дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст, вале мувофиқи як қатор қавлҳо гарм дар аввали дараҷаи

саввум аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, ба- рои саръ (припадка) дору мебошад; агар бо сирко ё бо маска, ё бо асал бихӯранд, саръро, ки аз ҷамъ шу- дани балғам дар майна бошад, шифо мебахшад, хусусан панирмояи заргӯш дар ин бобат қавитар аст, ки 1,75 грамми онро дар сиркои ангурӣ ҳал намуда бинӯ- шанд. Чун кӯдаконро камтар аз он бихӯронанд, аз иллати саръ эмин мегарданд. Ошомидани ҳамаи навъҳои панирмоя барои тамад- дуд (беҳаракат мондани узв), кузоз (столбняк)-и балғамӣ ва хафа (бӯғма) шудани бачадон шифо мебах- шад, зеро ки ин гудозандаи ҳамаи ахлоти шахшуда аст ва баръакс шах ва ғафскунандаи ахлоти гудохта мебошад. Хуллас, онро дар сирко ҳал карда бихӯ- ранд, хуни дар меъда шахшударо таҳлил медиҳад. Хоҳ батанҳоӣ бихӯранд ва ё бо давоҳои муносиба инро биёшоманд, хун ва ширро, ки дар меъда, хичак (пешобдон) ва дигар узвҳо шах шуда бошад, таҳлил ме- намояд, хуни биниро мебандад, ҳомила шуданро манъ мекунад, исҳолро мебандад; умуман агар инро бихӯ- ранд, дилро қавӣ мегардонад, фараҳ мебахшад. Аммо бинобар он, ки бисёр гарммизоҷ аст, асабро аз фа- раҳ ҳам зиёда бармеангезад ва инчунин ғазабро ба ҳаяҷон меоварад. Агар занҳо баъд аз пок шудан аз ҳайз инро аз таг бардоранд, ба ҳомила шудан кӯмак мерасонад. 7,75 грамми онро бо шароб биёшоманд, бинобар қуввати тарёқӣ доштанаш газидани ҷонварони заҳрноки монанди морро шифо мебахшад ва заҳрҳои қат- толро аз бадан дафъ мекунад; исҳоли кӯҳнаро банд месозад, дарди шикам ва захми рӯдаҳоро шифо ме- бахшад ва равон шудани рутубати бемавриди бача- донро, ки кӯҳна шуда бошад, ислоҳ мекунад. 138 Чун занҳо баъд аз пок шудан аз ҳайз се рӯз пай дар ҳам инро биёшоманд, саръро дафъ месозад. Мегӯянд, ки чун зан панирмояи заргӯши нарро ё хояи онро бо шароб даромехта бихӯрад, ҳомила ме- гардад— писар мезояд ва аз модаи он биёшомад, духтар меоварад. Чун миқдори якуним нахӯд аз панирмояи заргӯш биёшоманд, таби дурӯздармиёнро дафъ мекунад. Чун панирмояро бо гулихайрӣ ва равғани зайтун сиришта, бар бадан бигузоранд, тир ва хори дарома- даро берун меоварад. Панирмояро ба сӯрохиҳои бинӣ бимоланд, хуни биниро манъ мекунад. Агар бемори табгирифта инро ба нарангушташ биё- везад, таби онро дафъ месозад. Панирмояи гӯрхар, бузи кӯҳӣ, оҳу, хачир, гӯсфанд ва филро ба қадри як нахӯд бихӯранд, боҳро бағоят қавӣ мегардонад. 39. Саг Маълум, ки ин ҳайвони аҳлист. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст, вале мизоҷи бачаи бистрӯзааш гарм ва тар мебошад. Хислатҳои шифобахши он: гӯшти сагро пухта, бо давоҳои хушбӯй бихӯранд, девонагӣ ва молихулиё (ме- ланхолия)-ро ба зудӣ шифо мебахшад. Шири аввалин мартабаи сагро чаконанд, гули чашмро дафъ мекунад. Агар заҳраи онро бимоланд, мӯйи зоиди дар чашм рӯйидаро манъ мекунад, агар онро канда, ба

ҷойи он бимоланд. Саргини сагеро, ки фақат бо устухон парвариш кар- да бошанд, гузошта банданд, дарди гулӯ ва варам- ҳои ҳалқро шифо мебахшад. Чун саргини саги дастнигарро дар тобистон гириф- та, дар соя хушк кунанду бо шароб ё бо об биёшо- манд, ё бо шире, ки дар он сангреза ҷӯшонида шуда бошад, ё оҳани тафсонро дар он хунук карда бошад, биёшоманд, исҳоли хунинро даво мешавад. Хуни хушккардаи онро ба қадри 17,5 грамм би- хӯранд, исҳоли хунинро дафъ мекунад. Чун бачаи сагро, ки ҳанӯз чашм накушода бошад, 139 батамом дар об ба дараҷае бипазанд, ки бо об омех- та гардад, баъд 400 грамм гандум дар он дохил кар- да, то ҳамаи обро ба худ макиданаш бичӯшонанд, ки хушк шавад. Он гандумро ба мурғи яксола, ки дар торикӣ баста бошанд, бихӯронанд ва баъди ҳамаи он гандумро хӯрдани он, он мурғро кабоб карда, зани назоянда тановул намояд, вале ғизои дигар дар он омехта набошад, он зан ба ҳомила шудан қобила ме- гардад. Чун сагбача пистони занеро, ки дар он шир шах шуда бошад, бимакад, он шир гудохта мегардад. Пешоби сагро занҳо биёшоманд, ҳомила шуданро манъ мекунад. Шири сагеро, ки аввалин мартаба зойида бошад, дар сӯрохи закар чаконанд, сӯзокро дафъ мекунад. Ҷигарашро кабоб намуда ё бирён карда бихӯранд, саги девона газидаро шифо мебахшад, хусусан, ки ҷи- гари ҳамон саги девонаи газидаро бихӯранд, таъси- раш зиёдтар аст дар ин бобат. Хокистари ҷигарашро бо сирко сиришта, батакрори амал гузошта банданд, саги девона газидаро сиҳат мекунад. Инчунин хуни онро биёшоманд, барои касони саги девона газида даво мебошад. Шири сагеро, ки якумин маротиба зойида бошад, бинӯшанд, заҳрҳои қаттолро аз бадан дафъ мекунад. Гӯшти сагро дар об пухта, бо давоҳои хушбӯй би- хӯранд, иллати махавро дафъ мекунад. Саргинашро бимоланд, варамҳои сахтро таҳлил ме- диҳад. Саргини хушкашро сойида бипошанд, захмҳои кӯҳнаро шифо мебахшад, ҳатто хокистари онро гузош- та банданд ҳам, захмҳои кӯҳна, кафидани узвҳо, ба- восир ва хоришро ба ибро меоварад. Пешобашро бимоланд, озаххоро хушк карда меаф- тонад. Равғанашро бимоланд, ханозерро таҳлил медиҳад. Чун бачаи ҳанӯз чашм накушодам онро бо саргини гов бисӯзанду ба носур бипошанд, хушк мегардонад. (Носур — ин захми беҳнашаванда аст.) Чун пешоби саги модаро дар зарфе рехта бигузо- ранд, то чун ҷуғрот ғафс гардад, баъд онро ба мӯй бимоланд, сиёҳ мегардонад — ранги хубест. Чун устухон ва асаби сагро ба устухони шикаста ва асаби кандашудаи инсон бимоланд ё гузошта бан- данд, онҳоро пайваст мегардонад. 140 Дандони озахи онро агар биёвезанд, дар шаб вақ- ти хоб хуррок кашидан ва гап заданро манъ меку- над, зардпарвинро шифо мебахшад, вале агар инро ба тифл биёвезанд, дандонаш бе ҳеҷ гуна дарду офат мебарояд. Дандони озахи саги девонаро дар пӯсти ҳамон саг хушрӯ баста биёвезанд, агарчи саги девона бигазад, зарар

намерасонад. Канаи сагро ба худ бидоранд, сагон ба он кас на- меаканд ва фарёд намезананд ба ғайр аз худи он саги канадор. Закарашро хушк карда, бар рони худ биёвезанд, шаҳватро ба ҳаракат меоварад. Мӯйи саги сиёҳи якрангро биёвезанд, саръро фоида дорад. Чун дорчиниро кӯфта, ба хамир печида, ба саг би- хӯронанд, саг ба тараб ва рақс меояд. Чун заҳраи сагобиро ба қадри донаи наск ҳар кас, ки бихӯрад, ҳалок мешавад — илоҷи ин хӯрдани рав- ғани гов бо дорчинӣ аст. Чун саги девона касеро бигазад, ҳолаташ монанди саги девона мегардад, яъне тарсанда аз обу оташ ва дигар аломатҳои молихулиё (меланхолия) рӯй меди- ҳад. Илоҷи ин он аст, ки миҳҷама (шохи хунгирӣ) ба он ҷо гузоранду бо қуввати тамоку бикашанд, то хуни бисёр аз он ҷо берун шавад. Баъд аз он марҳамҳои сӯзонанда ва хӯрандаи гӯшт ба он ҷо гузоранд, ки инҳо сири (чесноки) кӯфта бо сирко ва равғани зай- тун даромехта гузоштан; бо лаблабу, пиёз, индов, пух- та, бо равған ё сир ва намаки кӯфта, бо хокистари чӯби ток сиришта, ба он ҷо гузоранд. Ин тадбир дар марҳалаи аввали сирояти заҳри саги девона аст. Вале ҳангоми сироят кардани заҳри он ба тамоми бадан, бояд, ки доруҳои поккунанда ва исҳоловар хӯрда, ба- данро пок гардонанд, яъне бо давоҳои исҳоловар дар иллати молихулиё ва бо хӯронидани давои саратон тадбир намоянд. 40. Шир Умуман ширро бо чизҳои турштаъм, шӯр, бо гӯшт, бо тухми мурғ ва моҳӣ, бо турб ва пиёз, бо меваҳои тар, сабзаҳо, донҳо ва монанди инҳо хӯрдан раво нест, инчунин аз болои шир ин чизҳоро истеъмол кардан 141 ва аз болои ин чизҳо шир ошомидан ҷоиз нест. Зеро бемориҳои гуногунро ба амал меоварад. Мизоҷи ширҳо умуман мураккаб-ул-қувват бо ҳас- тии ҳарорат ва рутубат аст. Ба қавли як қатор таби- бон дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум тар аст. Хислатҳои шифобахши он: ҳамаи ширҳои ҳайвонот поккунанда ва дафъкунандаи ахлоти сӯхта аз бадан мебошанд, қувватбахш ва фарбеҳкунандаанд ва муво- фиқи аъзои таносуланд. Фатво медиҳанд, ки шир ба- рои одамони гарммизоҷ ва хушкмизоҷ мувофиқ мебо- шад ба шарте, ки агар дар меъдаи онҳо моддаи саф- ро набошад. Агар бичаконанд, дарди чашм ва аксари бемориҳои чашмро шифо мебахшад. Шири ҳар як ҳайвонро бимоланд, варами мақъадро таҳлил ва дардашро таскин медиҳад; захми хичакро ба ибро меоварад; варамҳои зери ноф ва бачадонро таҳлил медиҳад. Агар биёшоманд, рутубатҳои аслии баданро нигоҳ медорад, умрро дароз мекунад, баданро фарбеҳ мегардонад; боҳро ба ҳаракат меоварад, хусу- сан шири говмешро (буйволро) бо шакар биёшоманд, таъсираш дар ин бобат зиёдтар аст. Бар зидди ҳамаи заҳрҳои қаттол подзаҳр мебошад ва доруи ҳамаи да- воҳои бадбӯ ва хӯрандаи узв мебошад. Агар ширро бимоланд, доғҳои баднамои баданро пок мегардонад. Ширро биёшоманд, ранги рухсорро неку мекунад, хусусан агар одамони гарммизоҷ ва қоқбадан бо ша-

кар бихӯранд, баданро фарбеҳ мегардонад ва агар ширбиринҷ пухта тановул намоянд, дар ин бобат боз ҳам хубтар аст. Оби панирро бимоланд, доғи кунҷидак ва дигар доғҳои пӯстро дафъ мекунад ва агар инро бинӯшанд ҳам, ҳамин таъсирро дорад. Оби панирро бо ҳалила биёшоманд, қӯтур ва хоришро шифо мебахшад. Табибони Ҳиндустон нӯшидани шири хомро, ба ғайр аз шири занон ва шири хар, пайдокунандаи бемориҳои гуногун медонанд. Шири гови навдӯшида, ки ҳанӯз гармии пистон дар он боқӣ бошад, бисёр фоидабахш ва аз қабили оби ҳаёт донистаанд. Вале шири бузи ҷӯшонидаро беҳтар медонанд. Тариқи ҷӯшонидани он ин тавр аст, ки ба миқдори чоряки шир оби ширини холис дохил карда, бо оташи мулоим биҷӯшонанд, то он ки об бухор шуда раваду шир бимонад. Пас баъд 142 аз хунук шудан бинӯшанд. Низ ҳар як ширро баъд аз дӯшида шуданаш 2—4 соат гузашта бошад, хӯрдани онро бад медонанд. Шири ҳайвоноте, ки бачааш нав мурда ё аз шикамаш афтода бошад, бисёр лоғар ё бемор ва ё ҳомила ва ё нав зойида бошад, низ носара ва пайдокунандаи бемориҳои бисёр мебошад, инчу- нин дар рӯзҳои аввали гирифтани таб нӯшиданаш за- рарнок аст, вале дар охирҳои таб фоиданок; қабзияти шикам, сӯзиши чашм, хушкии майна, лоғарӣ ва сустии бадан, инчунин пириро дафъ мекунад, узвҳои пешоб ва аъзои таносулро муфид аст. Чун дар шир ҳамон миқдор об андохта бинӯшанд, пешобро бисёр меронад, маҷроҳои шошаро пок ме- кунад. а) Шири хар. Мизоҷи ин хунуктар ва рутубатнок- тар назар ба ҳамаи ширҳои дигар аст, яъне то дара- ҷаи дуввум хунук ва дар саввум тар аст. Беҳтаринаш шири хари солим ва он аст, ки нав зойида бошад. Агар курраш мода бошад, боз ҳам хуб- тар аст. Бояд ки гарм-гарм ва хунук нокарда бинӯ- шанд. Хислатҳои шифобахши он: ошомидани ин барои ба- дан бисёр сардӣ меоварад, рутубатро меафзояд, фа- раҳ мебахшад, дарунро аз моддаҳои бегона пок меку- над, гиреҳҳоро мекушояд, дили гарммизоҷро қавӣ ме- гардонад, инчунин ба дигар моддаҳои мавҷудаи бадан ба зудӣ табдил меёбад; барои одамони гарммизоҷ ва хушкмизоҷ, агар дар меъдаи онҳо сафро набошад, му- вофиқ ва форам аст. Рехтан ва чаконидани он дар бинӣ, гӯш ва тораки сар ба майна намӣ мебахшад ва инчунин хушкии он ва бехобиро дафъ мекунад; дарди сар ва бемориҳои майнаро, ки ин ҳама аз хушкӣ бошанд, шифо мебах- шад; хуни биниро манъ мекунад, дарди гӯш ва дарди чашмро, ки аз гармӣ бошанд, таскин медиҳад; сӯзи- ши чашм, обравӣ, шилпуқӣ, пардаи афтодаи дудранг ва монанди ин бемориҳои чашмро ба ибро меоварад, хусусан агар бо сафедаи тухми мурғ ва равғани гу- ли сурх даромехта бичаконанд, нуқтаҳои сурх, пардаи дудранги ба чашм афтодаро зудтар дафъ мекунад. Агар латтаи покизаи пахтагинро ба он шир тар карда, ба чашм, пеши сар, ба гӯш гузошта банданд, барои бемориҳои номбаршуда даво мебошад. Бо шири хар ғарғара

кунанд ё онро дар даҳан 143 гардонанд, дарди гулӯи бадтарин ва дигар дардҳои гулӯ, варамҳои милки дандон ва забончаи ҳалқ, ин- чунин варами ғадудҳои бодомшаклро шифо мебахшад; милки дандонро мустаҳкам мекунад, дарди дандонро таскин медиҳад. Каҳрабо ва сандарусро маҳин ос карда, бо шири хар сиришта, дар бинӣ бирезанд, хуни биниро манъ мекунад. Агар шири харро бинӯшанд, барои бемориҳои узв- ҳои даруни сина, сил, диқ (бемории лоғаркунанда), захмҳои шуш, таб ва иллатҳои гарму тез, лоғарӣ аз гармӣ ва хушкӣ, сурфа, душвории нафаскашӣ, тафс, назлаҳои тез ва хун қай карданро шифо мебахшад (хусусан бо каҳрабо ва шилми бодом ва катиро биё- шоманд, хун қай карданро ба зудӣ манъ мекунад), дарунро мулоим мегардонад; инчунин барои истисқо (водянка)-и гарм, сахтии сипурз, тафсидани хун ва сафро шифо мебахшад. Агар бо шири хар ҳуқна (клизма) кунанд, исҳоли хунинро мебандад, ҷароҳати рӯдаҳо ва бачадонро си- ҳат мекунад. Инро бо чакрарез дар сӯрохи закар би- чаконанд, сӯзиши пешоб (сӯзок)-ро шифо мебахшад; ва агар бо равғани каду даромехта бичаконанд, захми роҳи пешобро сиҳат мекунад. Хӯрдани ин шир зарарҳои давоҳои қаттолро дафъ мекунад. Ин ширро бо заъфарон даромехта гузошта банданд, варамҳои зоҳирӣ ва ботиниро таҳлил медиҳад. Ошомидани шири хар ба одамони сардмизоҷ ва тармизоҷ, дарди сари аз хунукӣ, чарх задани сар, ҷаранги гӯш доштагон зарар дорад, хусусан инро нӯ- шида, дарҳол хоб кунанд, ҳиккак (ҳиқичоқ) мекунад, оруғи дуднок меоварад. Ҳамаи ин зарарҳояшро гул- қанди асалӣ бихӯранд, ислоҳ месозад. Миқдори як бор нӯшидан аз шири хар дар як рӯз аз 50 то 150 грамм аст, ки бояд бо шакар, катиро, рав- ғани тухми каду, оби ширинбияи бо ҷӯш ғафс гардо- нидашуда ва монанди инҳо биёшоманд. Вале истеъмоли ширашро барои беморӣ харро бо хӯрокҳои муносиби онҳо парвариш кардан даркор аст, масалан, барои хун қай кардан, сил, диқ бо кашнизи тар, барги ҳино, туршак (щавель), шоххои авсаҷ, бар- ги зуф, коҳу, ҷави дар об тар кардашуда ва ғайра. Барои пок кардани бадан, таҳлили варамҳо ва кушо- 144 дани гиреххо бо карафс, арпабодиён, дармана, бӯй модарони маҳинбарг, ҷави дар об тар кардашуда ва бо тухми карафс даромехта додан даркор аст. Ба ҷойи шири хар шири буз ё шири занонро истеъ- мол фармоянд, раво мебошад. б) Шири гов. Беҳтарини он аз шири гови ҷавони фарбеҳ ва сиҳат аст. Мизоҷаш мӯътадил дар гармӣ, сардӣ ва тарӣ ме- бошад. Хислатҳои шифобахши он: шири навдӯшидаи говро, ки ҳанӯз сард нашуда бошад, биёшоманд, ҷавҳари майнаро қувват мебахшад ва онро намнок мегардо- над, рутубатҳои аслии баданро нигоҳ медорад; нисён (фаромӯшхотирӣ), молихулиё ва васвосро дафъ ме- кунад; ранги рухсорро неку мегардонад ва бемориҳои биниро фоида дорад. Бо мудовамат чаконидан ва молидани он аксари беморӣ ва иллатҳои чашмро,

ҳатто беилоҷро ҳам ши- фо мебахшад. Агар бо анзарут даромехта бимоланд, нохунак ва пардаи ба чашм афтодаро, ки монанди дуд дар қарнияи (сиёҳии) чашм намоён мешавад, инчунин ширнокро, ки гӯшти зиёдатии дар болои пилк пайдо мешавад, дафъ мекунад. Агар ин шири навдӯшидаро гармогарм биёшоманд, дилро қавӣ мегардонад, ғамро дур мекунад, васвос, дилтапак (дилбозӣ), захми шуш ва силро, ки бе таби моддӣ (бе савдо ва бе балғам) бошад, инчунин ха- рошида шудани рӯдаҳоро шифо мебахшад; дарунро мулоим мекунад, манӣ пайдо менамояд, боҳро қувват мебахшад, баданро фарбеҳ мегардонад. Хӯрдани шир- биринҷ, ки бо шакар нағз пухта бошанд, дарунро му- лоим мекунад ва барои қулинҷи ахлотӣ фоида дорад. Ширеро, ки дар он чанд бор оҳани тафсонро хунук карда бошанд, биёшоманд, исҳолро мебандад. Шири говро бо баробари вазни он оби ширини хо- лис даромехта биёшоманд, пешобро башиддат меронад ва роҳҳои пешобро пок мегардонад, хусусан бо камтар (то як грамм) зок ва 3,5 грамм наботро ос карда до- хил намуда бошанд, таъсираш қавитар мегардад. Ошомидан ва молидани шири гов барои қӯтур, хо- риш, шукуфаи пӯст ва махав даво мебошад. Агар касе заҳр хӯрда бошад ё ӯро ҷонварони заҳр- нок газида бошанд (масалан: мор, каждум, ғунда ва ғайра), батакрор ширро нӯшида қай кунанд, то он ки 145 заҳр аз бадан батамом дафъ гардад, тарёқи заҳр ме- шавад. Бо шири гов ширбиринҷ пухта бардавом бихӯранд, умрро дароз мегардонад, ранги рӯйро неку мекунад. Ширро бо мағзи чормағз ва ё бо хурмо бихӯранд, гурда ва баданро фарбеҳ мекунад, ранги рӯйро неку месозад, боҳ ва маниро зиёда мегардонад. Миқдори як бор нӯшидан аз шири гов аз 150 то 300 грамм аст. Вале инро аз ҳад зиёд бихӯранд, дар гурда ва хи- чак санг пайдо мекунад, шапушро дар бадан ба ҳам мерасонад, ба иллати пес гирифтор месозад ва дар меъда ҳар як модда, ки зиёд бошад, ба ҳамон мубад- дал мегардад. Барои дафъи зарараш шакар ва асал хӯрдан даркор аст. Агар ширро бо ин ҳар ду, яъне бо асал ва шакар биёшоманд, дар меъда шах шудани он- ро манъ мекунад. Агар шири гов дар меъда шах гардад, аъзошиканӣ ва ларзаро ба амал меоварад, арақи сард медамад, беҳуш мекунад, ақлро беҷо мегардонад. Агар ба дар- ди гулӯ гирифтор намояд, давои он индов, сиркоасал, инчунин сиркоро бо пудина даромехта, хӯрда, қай кардан аст ё 4,5 грамм панирмоя хӯрдан аст, ки ши- ри шахшударо таҳлил диҳад. Ҳакимони Ҳинд гуфтаанд, ки шири гови сафедро бинӯшанд, сафроро, шири гови сурхро бинӯшанд, бал- ғамро ва шири гови зардро бинӯшанд, ҳар сеи ин мод- даҳоро аз бадан дафъ мекунад. в) Шири буз. Ин мӯътадилтарин шири ҳайвонот аст дар мизоҷ. Хислатҳои шифобахши он: инро биёшоманд, назла- ҳоро манъ мекунад. Агар бо ин ғарғара кунанд ё ин- ро дар даҳан гардонанд, варамҳои забончаи ҳалқ, ком ва варами забонро таҳлил медиҳад. Агар инро дар бинӣ ва гӯш

бичаконанд, майнаро намнок месозад, хушкии он, бехобӣ ва дарди гӯши аз гармӣ ба ҳам расидаро дафъ мекунад. Ва латтаеро дар ин шир тар карда, ба пеши сар бигузоранд ҳам, чунин хосиятро дорад. Шири бузро бо катиро ва шилми бодомҳо ё бо исфанохи шустагӣ биёшоманд, барои хун қай кардан, сурфа, сил ва захми шуш. инчунин хунравиҳо аз узв- ҳои ботинӣ даво мешавад, ки миқдори шир аз 110 то 220 грамм бо яке аз шилмҳо аз 1,75 то 3,5 грамм биё- 146 шоманд, барои бемориҳои номбурда дору мебошад ва инчунин иллатҳои узвҳои даруни сина, дил, дилтапак (дилбозӣ), ғам, васвос ва тарсончакиро дафъ меку- над ба шарте, ки шир навдӯшида бошад ва гармогарм биёшоманд. Бояд буз ҳам ҷавон, фарбеҳ ва беиллат бошад. Хусусан дар ин бобат шири бузи сурх беҳтар аз шири бузҳои ранги дигар будааст. Шири бузро гармогарм биёшоманд, дарунро муло- им мекунад, пешобро меронад, захми хичакро барта- раф мекунад. Вале шири буз ба одамони сардмизоҷ ва тармизоҷ зарар дорад, бодангез аст, боиси оруғ ва ҳиккак (ҳи- кичоқ) мегардад. Дар вақти аз шири буз панир тайёр кардан, оби панири онро гирифта бинӯшанд, барои манъ кардани исҳоли сафровӣ, бемориҳои аз сафрои сӯхта ҳодисгаш- та, иллатҳои савдовӣ, зардпарвин ва барои одамони гарммизоҷ даво мебошад, бар бадан об медавонад. Шири буз барои табҳои диқ (лоғаркунанда) ва табҳои гарми кӯҳна даво мешавад. Агар ба шири буз зарпечак дохил карда биёшоманд, дар ин ҳолат обияти он барҳам мехӯрад ва ба ҷойи рондан дарунро мебандад. Тухми райҳонро кӯфта, дар шири буз пухта гузош- та банданд, варамҳо, пучак, чиртак ва донаҳоро ме- пазонад ва мекафонад. Мегӯянд, ки шири буз ба узвҳои даруни шикам за- рар дорад — давояш катиро хӯрдан аст. г) Шири занон. Беҳтарини ин шир шири ҷавонза- нони сиҳат ва мӯътадилмизоҷ аст ва агар духтар зойи- да бошад, боз ҳам хубтар. Мизоҷи шири занон дар дараҷаи дуввум сард ва тар аст, агар духтар зойида бошад, мизоҷи шираш боз ҳам сардтар мегардад. Хислатҳои шифобахши он: ошомидани шири за- нон майна ва ҳалқумро намнок мегардонад, бастагии роҳи биниро мекушояд; сил, диқ (иллати лоғаркунан- да), хушкии узвҳои даруни сина, захми шуш, сурфаи хушк ва хун қай карданро шифо мебахшад. Агар инро дар бинӣ бирезанд, хушкии майна, ва- рами пардаҳои майна ва худи майна, дарди сари гар- ми аз хушкӣ, беҷо шудани ақл, молихулиё, девонагӣ аз бисёрии сафро ва хун ҳодисшуда, бехобӣ ва монанди инҳоро дафъ мекунад. Инчунин латтаро дар он тар 147 карда, пай дар пай ба пеши сар гузоранд ва чун лат- та гарм гардад, латтаи дигарро ҳамин тавр ба кор ба- ранд, бемориҳои номбаршударо даво мебошад. Агар инро дар чашм чаконанд, дарди чашмро, ки аз гармӣ бошад ва захми даруни чашмро шифо ме- бахшад, инчунин дағалии пилки чашмро ислоҳ меку- над; бо анзарути маҳин сойидашуда даромехта чако- нанд, нохунак,

шилпуқӣ, гӯшти зоиди дар болои пилк овезон ва монанди инҳоро дафъ менамояд. Агар ин шири занонро дар гӯш чаконанд, барои дарди он, ки аз гармӣ ҳодис шуда бошад, захм ва варами гарми онро шифо мебахшад. Миқдори як бор нӯшидан аз шири занон дар як рӯз аз 50 то 150 грамм аст ба шарте, ки гармогарм ва хунук нокарда биёшоманд ва агар аз пистон макида бихӯранд, беҳтар аст. Зеро ки бинобар нозукӣ ва ла- тофати хислаташ он зуд вайрон мегардад. Ба ҷойи ши- ри занон шири хар биёшоманд, равост. Агар зани ҳомила бар рӯйи шапуш аз пистони худ шир бидӯшад, агар шапуш бимирад ё дар зери он би- монад, зан ба духтар ҳомила аст, вале агар шапуш на- мирад ва зинда барояд, ҳомила ба писар аст. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-hayvoni-31-40#31

Канзи шифо. Давоҳои ҳайвонӣ 41-49 41. Марворид 42. Буз 43. Каргас 44. Мӯрча 45. Эчкиэмар 46. Пӯпишак 47. Заргӯш 48. Инсон 49. Ғоз 41. Марворид Ин гавҳари машҳур аст, ки аз шиками навъе аз са- даф бармеоваранд. Марворид дар ҳаҷм гуногун аст: майдаи он аз тухми кӯкнор резатар ва калони он то миқдори тухми гунҷишк ва банудрат ба андозаи тухми кабӯтар низ ёфт мешавад ва то алҳол ба вазни то 14 граммаш мавҷуд ва маълум мебошад. Гуфтаанд: беҳтарини он сафеди обдори софи ялаққосии кулӯлаи ғалтони баҳрайнӣ, ҳурмузӣ ва уммонии он аст. Баъд аз он суроҳӣ (шишарангӣ), ки бо сифатҳои номбурда аст; ба шаклҳои дигари обдори сафеди ялаққосии он аз он пасттар аст; зард ва сиёҳи беоб ва бисёр резаи он бекора мебошад. Дар баҳри ҷазираи Сейлон ва ҷа- зираҳои дигари монанди Биразил аз арзи ҷадид (нав кашфшуда)-и арзи ҷанубӣ, ки насоро ба наздикӣ ба даст овардаанд ва ғайра он ҷо низ ба ҳам мерасад. Дар Муршидобод ва Ҳавзаи Об ва дигар баҳрҳо низ марворид ба ҳам мерасад, лекин бисёр резаи зардранги носара аст. Аҳёнан донаҳои бузург ба ан- 148 дозаи нахӯд ва ниҳоят то 1,4 грамм дар вазн ва моил ба сурхӣ бармеояд. Он дар ҳақиқат мобайни ҳайвон, растанӣ ва санг аст. Сангияти он бар ҳама ғолиб монанди подзаҳри ҳайвонӣ ва садафи он ҳайвонот аст, ки дар зери баҳр зиндагӣ ба сар мебарад, монанди растанӣ реша до- рад ва сиёҳранг, ки дар байни сангҳо ва сангрезаҳои қаъри баҳр банд менамоянд ва батадриҷ калон меша- вад. Ҳангоми гуруснагӣ даҳан, яъне ду садафи худро мекушояд; моҳиёни реза, кирмҳо ва чизҳои шилмаки зери баҳрро, ки он чӣ дар даруни он меоянд, ғизои худ месозад. Ҳарчанд ин махлуқ бузургтар гардад, ре- шаи он қавитар ва садафаш калонтар, сафед ва ялақ- қосӣ мегардад. Марворид дар миёни он қариб ба ди- ли он пайдо мешавад. Ва мегӯянд, ки вай то ҳадди муайян калон мегардад ва агар ғаввосон он марворид- ро аз даруни он барнаоваранд, бо мурури вақт боз гу- дохта шуда, барҳам мехӯрад. Дар ҷоҳое, ки зери дарё аз

хоки соф иборат бошад, марвориди хуб ба камол мерасад ва ҳарчанд санглохтар бошад, беҳтар меша- вад. Он чӣ ривоят аст, ки гӯё вақти боридани борони найсон садаф рӯйи об омада, даҳани худро мекушояд ва қатраи борон дар он бичакад, аз он марворид ҳо- сил мешавад — ин тамоман беасос аст. Мизоҷи марворид дар охири дараҷаи дуввум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хусусиятҳои умумии он: фараҳбахшанда, рақиққунанда (суюқ), қувватбахши узвҳои ботинӣ, афзункунандаи қувватҳои нафсонӣ, ки манбааш майна аст; қуввати ҳайвонӣ, ки манбааш дил аст ва қуввати табиӣ, ки манбааш ҷигар аст, инчунин қувватбахш ба рӯҳҳои бадан, ки манбаи инҳо низ ҳар се узвҳои номбаршуда мебошанд. Марворид дар хислати фараҳбахшӣ қавитар аз тилло аст ва ба тамо- ми узв ва қисмҳои бадан нуфузкунанда мебошад. Агар сойидаи инро бихӯранд, хун қай кардан ва ҳар гуна хунравиҳоро манъ мекунад; васвос, девонагиҳои гуногун, бадбӯйии даҳан, дамкӯтаҳӣ, ҳамаи навъҳои дил- тапак (дилбозӣ), хавф, ҳузн ва тарс аз бисёр гашта- ни моддаи савдо дар майна, бемориҳои дил, сустии меъдаи гарммизоҷон, инчунин сустии ҷигар ва гурдаро дафъ мекунад; гиреҳҳоро дар узвҳои бадан мекушояд, 149 санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад; зард- парвин ва сӯзиши пешоб (сӯзок)-ро дафъ менамояд; исҳоли хунин ва сафровиро банд мекунад, инчунин хуни бавосир ва ҳайзро ҳам манъ месозад. Оберо, ки дар он марворид ҳал карда шуда бошад, дар бинӣ бирезанд, дарди сарро, ки аз рехтани миж- гонҳои чашм ба амал омада бошад, дар мартабаи ав- вали нӯшидан шифо мебахшад. Марворидро маҳин ос карда, чун сурма ба чашм кашанд, дарди чашм, шилпуқӣ, торикии чашм, гули чашм, пардаи дудмонанди ба чашм афтода, тирагӣ ва захми онро шифо мебахшад. Маҳлули марворидро ба чашм бимоланд, гули чашмро дафъ мекунад, ба чашм қувват мебахшад, си- ҳати чашмро нигоҳ медорад. Агар инро ба дандонҳо бимоланд, милки дандонро қавӣ мегардонад ва дан- донро аз чирк пок месозад. Маҳлули марворидро занҳо аз таг бардоранд, ҳо- мила шуданро манъ мекунад. Марвориди ғайри маҳлулро бимоланд, доғҳои кунҷидак, доғи сафеди пӯст, доғи махав ва ғайраро пок мекунад. Вале маҳлули онро бимоланд, песро дафъ месозад — ин ба қавли Арасту аст. Кӯфтаи онро бипошанд, аз узвҳои берунӣ хун ра- вон бошад, қатъ мегардонад; ба захмҳо бипошанд, онҳоро ба ҳам оварда сиҳат мебахшад. Инро бихӯранд ва бимоланд, заҳрҳои хӯрдашуда ва аз газидани мору каждум бошанд, дафъ мекунад. Марворидро ба худ биёвезанд, дилро қувват ме- бахшад. Дар даҳан нигоҳ доштани он барои махав фоида дорад, ғам ва сустии дилро барҳам медиҳад. Истеъмоли марворид ба дарун ба қавле барои хи- чак зарарнок аст, давои ин марҷон хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз марворид дар як рӯз то 2,25 грамм аст. Ба ҷойи ин садафи сафедро истеъмол намоянд, равост.

Огоҳ намоем, ки марворид аз расидани равған, бӯйи бад, чирк ва дуд бадранг ва бекора мегардад. Шустани он дар обе, ки биринҷ пухта бошанд, нимгарм ё оби биринҷ тар кардашударо бимоланд, он- ро соф мекунад. Ва ё агар ранг ва хислати марворид вайрон шуда бошад, ба кабӯтар ва мурғ бихӯронанду баъди каме фурсат онро кушта, аз шикамаш берун ованд, низ соф мегардад. 150 Тариқи ҳал (маҳлул) кардани марворид чунин аст. Инро сойида, дар шиша андохта, аз болояш то пурра пӯшонидан оби турунҷ бирезанд, даҳани шишаро маҳ- кам намуда, дар зарфе, ки дар он сирко бошад, муал- лақ биёвезанд, баъд он зарфро дар саргини асп то 14 рӯз гӯр кунанд, инак ҳал хоҳад шуд. Баъзе мутахасси- сон гуфтаанд, ки бар болои сирко овехтан шарт нест, балки худи ҳамин дар саргин гӯр кардан кифоя мебо- шад. 42. Буз Ин ҳайвони маълум ва машҳур аст, ки навъҳои аҳ- лӣ, саҳроӣ ва кӯҳӣ дорад. Мақоми ин баъд аз гӯсфанд ҷойи дуввумро ишғол мекунад. Мизоҷаш гарм ва тар аст, вале гармии гӯшти он аз гӯшти гӯсфанд камтар мебошад, мизоҷи кӯҳиаш аз аҳлӣ гармтар ва сабуктар, саҳроияш низ аз аҳлӣ гармтар ва сабуктар аст. Хислатҳои шифобахши он: гӯшти буз барои одамо- ни гарммизоҷ, беморон, барои одамони сарзаминҳои гарм форам ва мувофиқ аст, аз он дар ҷигар моддаи солим, инчунин хуни сара пайдо мешаванд. Вале хӯр- дани гӯшти буз барои одамони савдовимизоҷ зарар до- рад— дар ин маврид бодом, хурмо хӯрдан даркор аст, ки ислоҳи зарари он намояд. Бо гӯшти буз меваҳои тар, туршиҳо ва чаккаи ҷуғрот ё дӯғ хӯрдан бағоят зарарнок аст. Гӯшти бузғола, ки аз шашмоҳагӣ гузашта бошад, рутубаташ афзун ва беҳтарини гӯштҳо буда, фишори баланди хунро паст мекунад, сабукҳазм ва барои бе- морон, инчунин барои касони нав аз беморӣ хеста фо- рам ва мувофиқ аст. Гӯшти бузро гармогарм ба узви зарба ва латхӯрда, инчунин ба пӯсти гармогарми он печонидан дардашро таскин медиҳад, намегузорад, ки он ҷо варам оварад. Пӯсти сари бузғоларо дар вақти гарм буданаш ба сар гузошта банданд, варами пардаҳои майна ва худи майна, инчунин зеҳни беҷошударо ба ибро меоварад. Майнаашро ба сар гузошта банданд, майнаро ва узв- ҳои сахтро мулоим ва аз рутубат таъмин мегардонад. Заҳраи хушкшудаашро ос карда, чун сурма ба чашм кашанд, пардаи ба он афтодаро, ки чашмро то- рик мегардонад, дафъ месозад. 151 Ҷигари бузи сиёҳро чун реза-реза намуда, он реза- ҳои ҷигарро якҷо карда, ба он мурч ва занҷабили кӯф- таро пошида, кабоб кунанд, оби аз он ҷудошударо гирифта, дар чашм кашанд, шабкӯриро дафъ мекунад. Саргини нимсӯхтаи бузро бо намаксанг даромехта, ба дандонҳо бимоланд, зардии дандонро мебарад ва бадбӯйии милки онро дафъ мекунад. Чун хояи таккаро чок карда, дар он зарованди гирд (карқазон), натрун (танакори арманӣ ё, ки ба русӣ едкий натрий) ва зира бар он пошида, хушк кунанд, баъд 4,5 грамми онро

сойида бо оби гарм биёшоманд, кӯтоҳнафасӣ, дамкӯтаҳӣ, дардҳои ҷигар ва хичакро шифо мебахшад. Агар инро бардавом бихӯранд, боҳ- ро хеле қувват медиҳад. Чун он хояро бо танакор ва кокутӣ хушк кунанду 4,5 грамми онро ба сиркои пиё- зи ансул биёшоманд, иллатҳои сипурзро шифо мебах- шад. Чун таккаи чорсолаи сурхи якрангро дар аввали фасли тобистон ҳангоми ранг гирифтани ангур кушта, хуни аввал ва охири онро партоянду ва хуни миёна- омадаи онро дар зарфе гирифта, то шах шудан бигу- зоранд, баъд онро реза-реза карда, бар рӯйи коҳ ё рӯйи элак дар соя хушк кунанд, онро ядулло меноманд, зеро ки барои майда карда резонидани санги гурда ва хичак қавӣ ва ҳатто бемисл аст. Аз равғани он бо орди биринҷ ва арзан ҳарира (кисели) тайёр карда бихӯранд, барои исҳоле, ки аз харошида шудани сатҳи даруни рӯдаҳо, ки аз хӯрок- ҳои гарммизоҷ ва таъми тездошта ба амал омада бо- шад, инчунин барои манъи амали исҳол дору меша- вад. Равғани онро бо орди ҷав атола сохта, нимгарм ҳуқна (клизма) кунанд, захми рӯдаҳоро шифо мебах- шад. Саргинашро бо пешоби он даромехта бимоланд, ис- тисқо (водянка) ва варами сипурзро даво мебошад. Саргинашро бо пешоби кӯдакон ҷӯшонида бимоланд, қулинҷи (колити) балғамӣ, бодҳои ғализ ва зардобро дафъ мекунад. Чарбиашро гузошта банданд, ҳар гуна дардҳоро таскин медиҳад. Саргинашро бимоланд, варамҳои кӯҳнаро таҳлил медиҳад. Ин саргинашро сӯхта, бо сирко сиришта бимоланд, 152 ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй ме- рӯёнад; нимсӯхтаи онро бо сирко сиришта бимолаш низ, ба он ҷоҳои мӯйрехта мӯй мерӯёнад, озахҳои чап- паро хушк карда мерезонад. Ва агар бо асал даро- мехта бимоланд, қӯтур, доғи сафеди пӯст, варамҳои сахт ва ширинчаро ба ибро меоварад; бо тухми банг (кирмрезонак) сиришта бимоланд, пистони занҳо, хояҳои мардонро кӯчак мегардонад. Саргинашро дар шароб бо ҳулба бипазанду гузош- та банданд, варамҳоро таҳлил медиҳад. Чун гурдаи онро реза карда, гӯгирди кӯфтаро бар он пошида, кабоб кунанд, оби аз он баромадаро низ ба доғи сафеди пӯст бимоланд, дафъ мекунад. Равғанашро гузошта банданд, ба захмҳо гӯшт ме- рӯёнад. Саргинашро сӯхта, бо асал сиришта бимоланд, реш- ҳои даванда ва рутубаташон асалмонандро шифо ме- бахшад. Ва агар саргини сӯхтаи инро бихӯранд, заҳри ҷонваронро аз бадан дафъ мекунад. Саргини хушки бузро бо шароб ё бо сирко пухта бимоланд, заҳри ҷонваронро ба худ мекашад. Заҳраи бузи кӯҳӣ тарёқи заҳри ҷонварон аст. Равғанашро бо саргинаш ва заъфарон даромехта гузошта банданд, никрис (подагра)-ро шифо мебах- шад. Саргини хушки онро тафсонида, бо он доғ кунанд, иркуннасо (радикулит)-ро шифо мебахшад — инро до- ғи арабӣ меноманд. Тариқи он чунин аст, ки саргин- ро даргиронида, дар пашм печонида, дар ҷойи чуқура- ки бехи нарангушти даст, ки дар таҳти бандҳо ва

ба- робари нарангушт аст, то ҳарорataш кам гаштан би- гузоранд, баъд бо доғи дигаре иваз кунанд, то он, ки ҳарорати он дар сурин ҳис гардад. Саргини сӯхта ва ғайрисӯхтаи онро бо асал сириш- та бимоланд, дарди буғумҳоро, ки аз сардӣ бошад, шифо мебахшад ва агар бо сирко даромехта бимоланд, дарди буғумҳоро, ки аз гармӣ бошад, ба ибро меова- рад. Саргини бузро дуд кунанд, ҷонварони зарарнок ва ҳашарот аз он ҷо мегурезанд. Чун шох ва суми онро сӯҳон карда, бо турб, асал ва беданҷир муқаттар (перегон) намоянд, фулузот ва ҳамаи чизҳои сахтро мулоим месозад. Чун инро ҳал кунанд, ранги бағоят сиёҳ мегардад барои навиштан. 153 43. Каргас Ин аз ҷумлаи парандаҳои дарранда аст бузургҷус- са, рангаш қариб ба уқоб монанд ва моил ба сурхӣ, параш монанди най миёнхолӣ мебошад. Чашм бисёр тез, лоша ва тӯъмаро аз масофаи хеле дур мебинад ва бӯяшро ҳам эҳсос мекунад. Инчунин ба ҷоҳои хеле дур парвоз карда метавонад. Дар вақти хоб як чашмашро намепӯшонад — ин аз сабаби гармии мизоҷи он аст. Мувофиқи қавл ва мушоҳадаҳои донишмандони қадим каргас ҳазор сол умр ба сар мебарад. Ҳар сол як адад тухм мегузорад ва аз он фақат як бача бармео- рад. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: гӯшташро бихӯранд, ҷин- гак шудани аъзоро дафъ мекунад. Хун ва заҳраашро бо об даромехта, ҳафт маротиба ба чашм кашанд ва молидани он ба атрофи чашм, гули чашм ва фуромадани зардобро дар гавҳараки чашм дафъ мекунад, торикии чашм ва қӯтури онро ба ибро меоварад. Хоҳ заҳра ва ё майнаашро ба миқдори 0,25 грамм ба вазни он қатрон ва равғани зайтун даромехта, дар бинӣ бирезанд, махав ва девонагиро дафъ мекунад. Равғанашро об карда, нимгарм чанд бор дар гӯш чаконанд, карии қадимро шифо мебахшад. Равғани онро бихӯранд, сурфаро дафъ месозад. Гӯшташро бихӯранд, бодҳои ғализро таҳлил меди- ҳад, иловус ном дард ва варами рӯдаҳои борикро ши- фо мебахшад, гиреҳҳои баданро мекушояд, санги гур- да ва хичакро майда карда мерезонад, инчунин бал- ғамро меканад. Зарараш: ҳамчун ғизо раддӣ, яъне бад ва аз он моддаҳои бад ҳосил мешавад — давои ин дорчинӣ ва сирко хӯрдан аст. Тухмашро бимоланд, закарро дар се рӯз қавӣ ме- гардонад. Хокистари мӯйи онро бимоланд, қӯтур, хориш ва захмҳоро дафъ мекунад. Саргинашро бимоланд, доғи кунҷидакро нест менамояд ва варами шадиди гулӯро, ки дар Бангола бештар ба ҳам мерасад, дафъ меку- над. 154 44. Мӯрча Ин як намуди ҳашарот аст, дар ҳаҷм гуногун: ка- лон, миёна ва реза мебошад, баъзеаш пар дорад ва парвоз карда метавонад. Навъи бузургаш баъзе поча- дарозу чаққон дар роҳгардӣ, ки ин навъашро мӯрчаи аспак меноманд. Мизоҷи мӯрча дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хислати заҳрнокӣ дорад, хусусан навъи калони он. Табиб Маҳрёрус гуфтааст: «Чун мӯрро дар равғани зайтун

биҷӯшонанд ва он равғанро дар гӯш чаконанд, карӣ, ҷаранг ва бодҳои даруни гӯшро дафъ мекунанд». Чун сад адад мӯрчаи калон-калонро дар 12,5 грамм равғани савсани сафед ё равғани савсани кӯҳӣ ан- дохта, се ҳафта дар офтоб бигузоранд, баъд он равған- ро ба закар ва атрофи он бимоланд, боҳи касонеро, ки аз хислати мардии худ маҳрум гашта бошанд, бағоят аз нав ба ҳаракат меоварад, номардро тамоман мард мегардонад, олати мардиро сахт ва калон месозад. Мӯрчаи калонро бо сирко сойида бимоланд, ханозер- ро (хукгарданро) шифо мебахшад. Мӯйро канда, ба он ҷо мӯрчаро кӯфта бимоланд, дигар мӯй намебарояд ва ҳоҷат ба такрори молидан нест. Баданро аз моддаи балғам бо давоҳои танқия пок карда, мӯрчаи сиёҳи калон-калонро кӯфта гузошта банданд, песро шифо мебахшад. Тухми мӯрчаро бо ҳар як равған, ки бошад, даро- мехта бимоланд, мӯйро мерезонад ва дигар баромада- ни онро манъ мекунад гуфтаанд. Вале мӯрча зарар ҳам дорад. Агар онро бихӯранд, рӯдаҳоро ба дард меоварад, ғамгин мекунад, бод ва қароқурро дар шикам ба амал меоварад. Давои ин зарараш асал ва зира хӯрдан аст. Чун мӯрчаи даштӣ касеро бигазад, сӯзиш, хориши шадид ва варам ба ҳам мерасад. Давои ин молидани оҳани сӯҳонкарда бо сирко ва равғани талх аст. Чун тухми онро бихӯранд, бодҳои шикамро ба та- рафи поён чунон ба ҳаракат меоварад, ки нигоҳ дош- тани он ҳеҷ имкон надорад. Даво ва ислоҳи ин зираи сиёҳ хӯрдан аст. Гуфтаанд, ки чун касе чизеро ба ягон ҷое гузорад ва хоҳад, ки ба он мӯрча нарасад, ҳангоми гузоштан 155 дам ба дарун гирад, яъне нафас накашад, мӯрча ба он ҷо намеравад. Агар дасти каси дигар ба он чиз би- расад, баъд аз он рафтани мӯрча бар он мумкин аст. Мӯрчагон аз дуди гӯгирд, заҳраи гови нар, қатрон ва ҳилтит мегурезанд. 45. Эчкиэмар Ин ҷонварест монанди калпеса (калтакалос), вале назар ба ҷуссаи он хеле калон аст. Инро дар баъзе маҳалҳои тоҷикон бузмак меноманд. Маънои калимаи «эчкиэмар» ҳамон «бузмаки» тоҷикист, ки аз забони ӯзбекӣ ба тоҷикӣ дохил шудааст. Ба форсӣ бузмаҷа, ба арабӣ варал ва ба русӣ варан мегӯянд. Ин ҷонвари ; саҳрозамин ва даштӣ мебошад, ки маълум аст. Мизоҷи гӯшташ дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст, вале баъзеҳо дар дараҷаи дуввум гуфтаанд. Ми- зоҷи саргинаш бисёр гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: гӯшти онро бихӯранд, фолиҷ, каҷ шудани рӯй, ларзак, карахтӣ, кузоз (столб- няк), никрис (подагра), дарди буғумҳо ва бемориҳои сардмизоҷи асабҳоро шифо мебахшад; баданро гарм мекунад; боҳро қувват медиҳад, олати мардиро ба ҳа- ракат меоварад. Хусусан инро бо асал, бо обе, ки наск дар он пухта бошанд, бо шароби хурмо ва бо шароби мавизи ангур, бо зардаи тухми мурғи нимпухта та- новул намоянд, маниро ба он дараҷа ба ҳаракат мео- варад, ки ҳатто ба ҳалокат мерасонад (шояд ин мубо- лаға ҳам бошад ва шояд дар баъзе мизоҷҳо ва минта- қаҳои гарм чунин бошад.) Чун

гӯшти намакини онро кӯфта, бо зардаи тухми мурғи нимпухта ё тухми индовро сойида, бар он поши- да бихӯранд, ҳамчунин намакини онро хусусан намак- чарбӣ ва сараи онро бо дорчинӣ суда, ба зардаи тух- ми мурғ пошида бихӯранд, барои қуввати боҳ кори ка- лон аст ва дар ин бобат зиёда аз гӯшт ва равғани он мебошад. Ҳамон Маҳрёрус гуфтааст: «Хуни онро бо ҳалила даромехта бимоланд, ранги доғи сафеди пӯст ва песро тағйир медиҳад». Гӯшти эчкиэмар ро гузошта банданд, тир ва хорро, инчунин заҳрҳои қонваронро аз бадан ба худ мекашад. Чун онро чок карда, ба беруни пӯст банданд, боиси фарбеҳии он узв мегардад. 156 Гӯшти онро дар равғани зайтун то муҳарро шудан ҷӯшонида, баъд он равғанро бимоланд, доғҳои пӯст, калъяра (качалӣ) ва хоришро дафъ мекунад; ба ҷо- ҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯё- над. Он равғанро ба чашм кашанд, гули чашмро дафъ мекунад. Ин равғанро бимоланд, доғи сафеди пӯст, доғҳои кунҷидак ва шукуфаҳои пӯстро шифо мебах- шад, баданро фарбеҳ мегардонад. Агар равғани эчкиэмарро боқувват ба закар бимо- ланд, онро калон мекунад. Хокистарашро бимоланд, узвро беҳис мегардонад. Гӯшти эчкиэмар барои одамони хунукмизоҷ ва тар- мизоҷ форам ва мувофиқ аст, вале ба одамони гарм- мизоҷ ва хушкмизоҷ зарар дорад, хусусан, ки бидуни ислоҳкунандаи зарари он бихӯранд. Табиб Исҳоқ гуфтааст; «Ба сар зарар мекунад, да- вои ин асал хӯрдан аст». Миқдори як бор хӯрдан аз гӯшти он дар як рӯз аз 4,5 то 13,5 грамм аст. Гӯшти эчкиэмарро синну сол, обу ҳавои маҳал ва мизоҷро ба ҳисоб гирифта истеъмол намоянд, хубтар мебошад. 46. Пӯпишак Ин мурғи зебо, парҳояш дуранг бо хат ва нуқтаҳои зард ва сиёҳи бисёр, дар сар тоҷ аз пар дорад. Инро ба тоҷикӣ шонасарак, муллобудбутак ва ғайра ҳам меноманд. Ба арабӣ ҳудҳуд ва ба русӣ удод аст. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: заҳра ё хуни онро ба чашм кашанд, гули чашмро дафъ мекунад. Гӯшти онро бо шибит дар об муҳарро пухта бихӯ- ранд, гиреҳҳои баданро мекушояд, печиши рӯдаҳо ва қулинҷ (колит)-ро дафъ мекунад; хуни дар гурда, хи- чак ва дар даруни дил шахшударо таҳлил медиҳад. Чун онро хушк карда, маҳин сойида, бо шароби му- саллас биёшоманд, боҳро қувват мебахшад. Заҳра ё хуни онро гузошта банданд, ширинчаи сар ва доғи сафеди пӯстро дафъ мекунад. Заҳраи онро дар ҷойи торик то се рӯз гузошта банданд, каҷ шудани рӯй- ро ба ибро меоварад. Шонасаракро кушта, дарҳол дилашро гармогарм фурӯ баранд, қуввати ҳофизаро зиёда мегардонад; 157 инчунин майнаашро бо равғани кунҷиди тоза даромех- та, дар бинӣ бирезанд, каҷ шудани рӯйро шифо ме- бахшад. Чашми онро бемори нисён (фаромӯшхотирӣ) ба худ овезад, дигар ҳеҷ чизро фаромӯш намекунад, ҳо- физааш қавӣ мегардад; агар бемори махав ба худ овезад, иллаташ ҳарчанд кӯҳна шуда бошад ҳам, асар мекунад. Забонашро ба

худ биёвезанд, бо онҳо мардум дӯстӣ пайдо мекунанд, ба ғаними худ зафар меёбанд. Нӯли поёни онро ба худ овезад ҳам, ҳамин хислатро дорад. Устухони фуки поёни онро ба худ овезанд, забони бадгӯён нисбат ба он кас баста мегардад, душманон дӯст мегарданд. Пӯпишаки куштаро ба дари хона биёвезанд, аз сеҳр, чашми бад ва саръи (припадкаи) кӯдакон эмин мегарданд. Агар устухонашро ба худ овезанд, таби дурӯздар- миёнро шифо мебахшад. Нохун ва парашро ба матои абрешими зард бас- та, дар зери сари душманон гузоранд, дар байни ҳар ду дӯстӣ пайдо мегардад. Парашро сӯхта, дудашро бигиранд, барои захмҳо, сеҳр ва девонагӣ дору мешавад, ҷонварони зарарнок, аз ҷумла мӯрча ва кайкҳо мегурезанд. Мағзи сарашро дар макони кабӯтарон дуд кунанд, ҳеҷ як осеб ва зиён ба онҳо намерасад. Гӯшти пӯпишакро бихӯранд, сеҳрро дафъ мекунад ва гумонеро, ки пеши касеро бастаанд, бартараф ва ислоҳ менамояд. Чун хуни онро хушк намуда, бо савсан даромехта ё бо равғани кунҷиди тоза даромехта, ба мӯй бимо- ланд, онро сиёҳ ва марғӯла мегардонад. Чун дарозтарин пареро, ки аз парҳои боли он дар пӯст печонида, ба рони рост биёвезанд, дар вақти му- ҷомаат қувват мебахшад. 47. Заргӯш Маълум аст, ки ин ҳайвони даштӣ, ҷангалӣ ва ку- ҳӣ мебошад. Мизоҷаш гарм дар дараҷаи саввум ва тар дар дув- вум аст. 158 Хислатҳои шифобахши он: гӯшташро бо дам бирён карда, бо кӯфтаи дорчинӣ, мурч, кокутӣ, хардал (гор- чица) ва тухми шибити бо сирко туруш кардашуда би- хӯранд, саръ (припадка), фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ), нотавон шудани узвҳои бадан, каҷ шудани рӯй, паридани узв ва ларзакро шифо мебах- шад, инчунин карахтиро низ бартараф месозад. Низ дигар бемориҳои аз хунукӣ базуҳуромада, иллатҳои асабонӣ, дардҳои пайвандҳо, инчунин ҳангоми хоб ба ҷогаҳ шошиданро барҳам медиҳад. Қайлаи он низ бе- мориҳои зикрёфтаро ба ибро меоварад. Дар ширдони бачаи алафнохӯрдаи ин ҷонвар па- нирмоя мавҷуд аст. Аз ҳамон панирмоя камакакеро ба кӯдак бихӯронанд, онро аз саръи тифлона эмин ме- дорад ва дар вақти хоб тарсидани онро дафъ мекунад. Аммо ба кӯдак он вақт бихӯронанд, ки дар меъдааш шир набошад. Вале агар шири хӯрдааш ҳазм гашта, аз меъдаи он поён нафуромада бошад, он ширро шах мегардонад ва боиси бемориҳои дигар мешавад. Агар занҳо баъди пок шудан аз ҳайз пас аз се рӯз 2,5 грамм панирмояи онро бихӯранд, ҳомила шудани онҳоро манъ мекунад ва агар 9 грамми онро бихӯ- ранд, аз бачадон бисёр рафтани рутубатро ислоҳ ме- кунад. Камтар аз як грамм панирмояи онро бо шароб би- хӯранд, таби дурӯздармиёнро шифо мебахшад. 4,5 граммашро бо оби нахӯд бихӯранд, хуни дар хичак шахшударо, ки боиси банд шудани пешоб гашта бо- шад, тит ва ҳал мекунад. Аз 0,2 грамм то 2,5 грамм панирмояи онро бо сир- кои ангурӣ бихӯранд, саръро дафъ мекунад ва шири дар меъда

шахшударо таҳлил медиҳад; мори афъӣ газида бошад, таъсири заҳри онро мешиканад, инчу- нин чӣ навъе, ки заҳри қотил хӯрда бошанд, бар зид- ди онҳо тарёқ мегардад. Агар ин миқдор панирмояи онро ҳангоми сайд кардан гармогарм бо равғани зай- тун даромехта фурӯ баранд, ба касоне, ки хобида на- фас гирифта наметавонад ё дар вақти ҳаракат нафас мезада бошанд ва нафасашон ба онон ёрӣ намеша- вад, шифо мебахшад. Агар касе талхаашро бинӯшад, хоб ба дараҷае ға- лаба мекунад, ки то сирко нахӯронанд ё онро дар би- ниаш накашонанд, бедор намегардад. Чун хояи заргӯшро хушк карда, бо намаксанг ва 159 гули испарак намаксуд намуда, як грамми онро дар бинӣ бирезанд, кач шудани рӯйро нафъ дорад. Саргини онро занҳо аз таг бардоранду муҷомаат намоянд, зуд ҳомила хоҳанд гашт. Майнаашро бирён карда бихӯранд, иллати ларзак- ро дафъ мекунад. Агар онро ба милки тифлон бимо- ланд, зуд онҳо дандон мебароранд. Агар бо сирко ва равғани зайтун сиришта, ҳар кас бар бадани худ би- молад, аз он шахс ҷонварони газанда мегурезанд ва наздикаш намеоянд. Агар ҳар рӯз то ҳафт рӯз майна- ашро ба миқдори ду донаи ҷав бо шири навдӯшида бихӯрад, мӯяш сафед намегардад. Хокистари мағзи сари онро бо равғани хирс, шаҳ- доб (асалоб) ва оби пиёзи ансул даромехта бимоланд, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад. Майнаашро дар об ҷӯш дода, дар он об даромада нишинанд, барои иллати никрис (подагра), инчунин ба дарди буғумҳо дору мебошад. Хокистари устухони онро гузошта банданд, иллати ханозерро (хукгарданро) ба ибро меоварад. Саргинашро аз 1,5 то 3,5 грамм бихӯранд, иллати дар вақти хоб ба ҷогаҳ шошиданро шифо мебахшад. Пешобашро дар чашм чаконанд, чашмро тез меку- над. Хунашро гармогарм бимоланд, доғҳои кунҷидак ва доғи сафеди пӯстро дафъ мекунад, инчунин решҳои сарро, ки аз онҳо рутубати сафеди монанди шир таро- виш мекарда бошад, шифо мебахшад. Агар онро бир- ён карда бихӯранд, захми рӯдаҳоро ислоҳ мекунад ва даруни рафтаистодаро мебандад. Хунашро дар латтае бигиранду баъд хушк намуда, нигоҳ доранд ва вақти ҳоҷат камеро аз он дар шири модари тифл, ки иллати саръ дошта бошад, ҳал карда бихӯронанд, кӯдак аз саръ начот меёбад. Равғанашро ба сар бимоланд, тарқидан ва рехта- ни мӯйро манъ мекунад. Агар инро бихӯранд. бавосир- ро қатъ мекунад ва инчунин ба бадани он кас хунукӣ таъсир нахоҳад кард. Мӯяшро сӯхта, ос карда бипошанд, хуни равоншу- даро аз ҳар узв, ки бошад, манъ мекунад. Бинобар он, ки маҳсулоти заргӯш дар мизоҷ гарм аст, истеъмолаш барои одамони гарммизоҷ зарарнок мебошад. Агар зарар кунад, коснӣ, сирко ва анори 160 майхуш бихӯранд, зарари онро ислоҳ месозад. Инчу- нин гӯшти заргӯшро дар бухори оби гарм бо шибит пухта, бо равған бихӯранд, зарари онро бартараф ме- гардонад. Барои дардҳои пайвандҳои бадан ҳеҷ чиз монанди

гӯшти заргӯш даво нест. Дар ин бобат ба ин гӯшт фа- қат гӯшти оҳубарра метавонад рақобат кунад. Чун маҷмӯи заргӯшро, яъне ҳамаи ҳастии заргӯш-ро бо бутуниаш дар зарфе бисӯзонанд ва аз он 15 грамм бихӯранд, санги гурдаро майда карда мерезо- над. Аз заргӯш чизҳои дарунашро гирифта, дур сохта, монанди дар боло гуфташуда бисӯзонанду бо равғани гулисурх сиришта, ба ҳар ҷойи бадан, ки бимоланд, мӯй мерӯёнад. 48. Инсон Дар таркиби бадани он чизҳои фоидабахш ва за- рарнок бисёранд. Беҳтарини инсон барои истифодаи қисмҳои бадани он ҷавони тандуруст, пайкараш хуш-рехта ва сокини маҳалли иқлимаш мӯътадил бошад. Хислатҳои шифобахши он: агар чирки гӯшашро би- хӯранд, дарунро пурбод ва касро беҳуш мекунад. Агар онро ос карда гузошта банданд, дарди нимсарро ши- фо мебахшад; оскардаи онро чун сурма ба чашм ка- шанд, дарди чашм ва гули ба он афтодаро дафъ меку- над. Хӯрдани устухонаш бемориҳои хатарнокро ба зуҳур меоварад, аз ҷумла, агар бардавом бихӯранд, кӯр ме- кунад. Пӯсидаи онро кӯфта, ба решҳои хӯранда бипо- шанд, сиҳат мебахшад, хусусан устухони каллааш дар ин бобат қавитар аст. Агар онро сӯхта, ҳар рӯз 4,5 грамм бо 4,5 грамм шакар то се рӯз бихӯранд, барои бемориҳои саръ (припадка) ва иркуннасо (радикулит) даво мешавад. Оби даҳани каси дили наҳордоштаро дар гӯш ча- конанд, кирми гӯшро мекушад ва ҳавоеро, ки дар да- руни он банд шуда бошад, пароканда менамояд. Агар ба ҷойи газидаи каждум ва ғунда бимоланд, заҳри он- ҳоро дафъ мекунад; ва агар онро бимоланд, шукуфа- ҳои пӯст, доғҳои кунҷидак, доғҳои захм ва решҳо, нуқ-таҳои сурхи хунинро дар чашм ва гули чашмро дафъ 161 мекунад ва ба даҳани мор туф кунанд, фавран он ме- мирад, хусусан соҳиби туф каси сафровимизоҷ бошад. Саргини гунҷишкро бо оби даҳани инсон хамир карда, ба озаххо, шукуфаҳои пӯст гузошта банданд, онҳоро дафъ мекунад. Агар оби даҳанро танҳо бимо- ланд, аз ягон ҷойи пӯсти бадан хун равон бошад, онро манъ мекунад ва даҳани ҷароҳатҳоро ба ҳам меова- рад. Бо асал даромехта бимоланд, доғҳои кунҷидак ва доғҳои решу захмҳоро аз пӯсти бадан пок мекунад. Чун гандумро ҳангоми дили наҳор будан хойида, ба варам гузоранд, варамро таҳлил медиҳад ва агар ба пучакҳо бигузоранд, онҳоро мепазонад. Чирки бехи дандонро ҳангоми дили наҳор будан ҷамъ карда, ба шукуфаҳои пӯсти кӯдакон бимоланд, онҳоро хушк ва нест мекунад; ба доғи кунҷидак ва доғҳои дигари пӯст бимоланд, онҳоро пок месозад. Заҳраи (талхаи) инсонро бихӯранд, баданро фар- беҳ менамояд. Хуни дар ҳиҷомат ва фасд (хунгирӣ) гирифтаи ин- сонро ба никрис (подагра), буғумҳо ва иркуннасо (ра- дикулит) бимоланд, дарди онҳоро таскин медиҳад. Агар хуни инсонро бихӯранд, ҳатман аҳмақ мекунад. Хуни ҳайзро бимоланд, дардҳои шадиди узвҳоро тас-кин медиҳад, даҳани носур (захми бедаво)-ро ба ҳам оварда сиҳат мебахшад;

ва агар инро бихӯранд, заҳри қотил мебошад. Латтаро, ки ба хуни ҳайз тар карда шуда бошад, занҳо аз таг бардоранд, ҳомила шудан- ро манъ месозад. Латтаи ҳайзро сӯхта, дудашро би- гиранд, табларзаро, яъне варачаро шифо мебахшад. Пешоби он, хусусан пешоби кӯдаконро ё аз они худро бинӯшанд, сурфаи кӯҳнаро дафъ мекунад, душ- вории нафаскаширо ислоҳ мегардонад; иллатҳои си- пурз, истисқо (водянка), зардпарвин, банд шудани пе- шоб, қӯтури тар, хориши бедаво ва шукуфаи пӯстро дору мешавад. Агар онро бо оби нахӯд ё бо асал биё- шоманд, зардпарвинро дафъ мекунад. Агар онро би- чаконанд, барои дарди чашм даво мешавад; хусусан ки дар зарфи мис бо асал бисёр ҷӯш дода бошанд, гули чашмро дафъ мекунад. Инчунин пешобро дар зарфи мис ҷӯшонида, намаки онро гирифта, ос карда, ба чашм бипошанд, гули ба он афтодаро ба зудӣ нест мегардонад, инро ба доғи кунҷидак низ бимоланд, он- ро дафъ мекунад. Саргини тифли майдаро ба реши ҷамра (карбун- 162 кул), ки мӯҳлик аст, бимоланд, онро сиҳат мебахшад; ба ҷароҳатҳо бимоланд, даҳани онҳоро ба ҳам мео- варад, низ бадбӯйии узвҳоро дур мегардонад. Агар он- ро сӯхта ба милки дандонҳо бимоланд, бӯйи бади онро ислоҳ мегардонад. Агар доғи сафеди пӯст ва доғи пес дар натиҷаи тарс ба зуҳур пайваста бошад, ду рӯз саргини тифлро пай дар ҳам молида, дар офтоб нишинанд, бешубҳа аз ин иллатҳо наҷот меёбанд. Ба соқҳои по бимоланд, реш ва захмҳои он мавзеъро ба ибро меоварад. Мӯйи сӯхтаи инсонро бихӯранд, барои дамкӯтаҳӣ, гирифтагии овоз, истисқо ва заҳрҳои кушанда даво ме- шавад; санги гурда ва хичакро майда карда мерезо- над ва инчунин намегузорад, ки мӯй сафед шавад. Агар ин сӯхтаи мӯйи инсонро маҳин ос карда, чун сур- ма ба чашм кашанд, гули чашмро мебарад. Мӯйи сух- таи инсонро чун гард ос карда, дар равғани гулисурх ҳал намуда, дар гӯш чаконанд, дарди гӯшро таскин медиҳад. Оскардаи онро ба решҳои хӯранда, ҷароҳат- ҳо, захмҳои шадид ва даванда бипошанд, онҳоро ши- фо мебахшад. Хокистарашро бипошанд, ҷӯшишҳоро нест мекунад; инро бо шир хамир карда гузошта бан- данд, варамҳои давандаро аз ҳаракат бозмедорад ва таҳлил медиҳад. Хӯрдани равғани инсон боҳро қувват мебахшад. Мании инсонро бимоланд, доғи пес ва доғи сафеди пӯстро пок мекунад. Ҳар кас ҳамроҳаки тифлро, ки ҳангоми таваллуд кардани зан фуромаданаш бихӯрад, ҳатман ба иллати махав гирифтор мегардад. 49. Ғоз Ин аз ҷинси мурғобӣ, вале калонтар аз он аст, ки ба ҳама маълум мебошад. Ин аҳлӣ ва ваҳшӣ дорад. Аҳлиаш парвоз намекунад, вале ваҳшии он парвоз ме- кунад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуюм гарм аст. Хислатҳои шифобахши он: гӯшти ин дар ғизоият дерҳазм, вале чун ҳазм ёбад, баданро фарбеҳ мегар- донад ва боҳро ба ҳаракат меоварад. Хубтар меша- вад агар онро бо хӯришҳои гарммизоҷи таомҳо, мо- нанди: зира, занҷабил, мурч ва ғайра бипазанд. Агар

ҳазмаш вазнинӣ оварад, дар он ҳолат оби анор биё- 163 шоманд, ислоҳ меёбад. Хӯрдани гӯшти ғоз барои ҷи- гарҳои сардмизоҷ ва дарди онҳо, ки аз сардӣ бошад, бисёр мувофиқ аст, зеро ки гӯшташ дар мизоҷ бисёр гарм аст. Барои ислоҳ кардани ин хислати бадаш баъд аз куштан се-чор соат дар замин гӯр кунанду баъд бароварда, тоза намуда бипазанд, таъми заҳматова- раш кам мегардад. Агар гӯшти инро муҳарро пухта бихӯранд, чарбии гурдаро зиёда мегардонад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад, ҷойи даридаи пардаҳои ши- камро дар бемориҳои ҷурра (дабба) ба ҳам меоварад ва инчунин аз рӯ гузошта банданд ҳам, ҷойи даридаи шикамро ба ҳам меоварад. Сангдони он барои хӯрдан лазиз, вале дерҳазм аст, вале агар ҳазм ёбад, ғизоияташ бисёр мебошад. Ҷигараш лазизтар аз ҷигари ин қабил мурғон аст, ҳамчун ғизо ҳам аз онҳо беҳтар ва зуд аз меъда поён фурӯд меояд. Бозуҳояш хушҳазм ва ғизои хуб мебошанд. Мағзи сарашро бимоланд, варамҳои мақъадро (махраҷгоҳро) таҳлил медиҳад. Агар равғанашро би- моланд, тарангу беҳаракат гаштани узвҳоро ба ибро меоварад, кузозро (столбнякро) сиҳат мебахшад; ҷин- гак шудани узвҳои баданро, ки сабабаш зиёд шудани балғам бошад, шифо мебахшад; варамҳои сардро таҳ- лил медиҳад; сахтии мақъадро мулоим мекунад; ил- лати пӯстпартоиро сиҳат мебахшад, инчунин ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад. Барои ҷингак шудани узвҳои бадан бихӯранд ҳам, нафъ дорад. Агар ба даруни гӯш об рафта бошад ва бо ҳеҷ як тадбир берун наояд, равғанашро чаконанд, обро берун меоварад. Орди боқилоро бо равғани ғоз хамир карда, гузош- та банданд, варами пистонро таҳлил медиҳад. Зардаи тухмашро нимпухта бихӯранд, ақлро афзун мегардонад, қуввати ҳофизаро мустаҳкам мекунад, нисён (фаромӯшхотирӣ)-ро дафъ месозад ва сурфаи хушкро таскин медиҳад. Тухмашро нимгарм карда, бо равғани зайтун даро- мехта, занҳо ба даруни фарҷи худ чаконанд, ҳайзи бандгаштаи онҳоро мекушояд. Думболаашро бо об ва намак пухта бихӯранд, дар- ди хичакро дафъ мекунад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад. 164 Пӯсти тухми онро маҳин кӯфта бихӯранд, барои исҳоли хунин давои хубест. Саргинашро бихӯранд, сурфаи хушкро шифо ме- бахшад. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-hayvoni-41-49#41

Канзи шифо. Давоҳои ҳайвонӣ 50-59 50. Мурғобӣ 51. Гов 52. Тухми мурғ 53. Малах 54. Хун 55. Мағзи сар 56. Калла 57. Маска 58. Равғани зард 59. Мӯй 50. Мурғобӣ Мафҳуми калимаи «мурғобӣ» ҳамаи паранда ва мурғҳои шинокунандаро мефаҳмонад, масалан: ғоз, ӯрдак, чирак ва ғайра. Лекин мо дар ин ҷо ӯрдакро, ки фақат як қисми тоҷикон мурғобӣ меноманд, дар мадди назар дорем. Ин ба ҳама маълум аст, ки ин мурғ навъҳои аҳлӣ ва ваҳшӣ низ

дорад. Мизоҷи мурғобии аҳлӣ, яъне хонагӣ гармтар аст аз ҳамаи парандаҳои хонагӣ умуман. Хислатҳои шифобахши он: гӯшташ серғизо, дерҳазм ва бодҳоро аз бадан дур мекунад, вале бинобар бад- ҳазм буданаш шикамро дам менамояд. Хӯрдани бозу- ҳои он баданро фарбеҳ мегардонад, равғани гурдаро меафзояд, яъне гурдаро фарбеҳ мекунад; зимнан қайд намоем, ки агар гурда фарбеҳ бошад, дар он санг пай- до намешавад; қуввати боҳро зиёда месозад, вале ху- ни ғафс пайдо мекунад, зуд бадбӯ мешавад, дар одамони фишори хунашон баланд дарди сар меоварад; агар ҳазм гардад, дар бобати барангехтани қуввати боҳ беҳтарини гӯштҳост, моддаҳои маниро афзун месо- зад ва қувватҳои дигари баданро меафзояд. Агар ҷи- гарашро, хусусан бозуҳояшро бихӯранд, хуни солим пайдо мекунад, дилтапак (дилбозӣ)-ро фоида мебах- шад, овозро соф мегардонад. Агар гӯшташро бо намак кӯфта, гузошта банданд, озахро хушк карда меафтонад. Равғанаш беҳтарини равғанҳост. Мизоҷаш гарм, форам, варамҳоро таҳлил медиҳад ва зуд таъсир ме- бахшад. Мағзи сарашро гузошта банданд, варамҳои мақъадро мегардонад. Агар инро бо орди боқило хамир карда, аз рӯ бар дил гузошта банданд, тапидани дил- ро ислоҳ месозад; ба пистон гузошта банданд, варами онро таҳлил медиҳад, низ ба варамҳои дигари сард гузошта банданд, дарди онҳоро сокин мегардонад. Агар инро бихӯранд, барои бемориҳои зикрёфта фои- да дорад; сурфа, хушкии узвҳои даруни сина, дағалии 165 овоз, сӯзиши рӯдаҳо ва дардҳои онҳо ва дигар дард- ҳоеро, ки дар рагҳои борики бадан пайдо шуда бо- шанд— ҳамаашро дафъ мекунад. Инчунин молидани он ва бо гудохтаи он дар равғанҳо ҳуқна (клизма) кардан барои бемориҳои мазкур фоидабахш аст. Тухми он ғализ, дерҳазм ва ҳамчун ғизо заифтар аз тухми мурғ аст. Аммо барои ислоҳи лоғарии бадан, сурфа ва дарди узвҳои даруни сина давои хубест; агар инро бо кӯфтаи каҳрабо сиришта бихӯранд, раф- тани хунро аз дарун ва рафтани дарунро умуман манъ мекунад. Бирёнкардаи инро бо судоб ва равғани зай- тун даромехта, ба кӯдак бихӯронанд, зуд ба забон ме- ояд, яъне ба зудӣ забонаш бармеояд. Пӯсти тухмашро бо марворид, шакар ва навшодир монанди гард ос карда, ба чашм бипошанд, барои дур кардани гули чашм хуб таъсир мебахшад. Сангдони он дерҳазм ва аз бадбӯ шудан дур аст, вале агар ҳазм ёбад, меъда ва дигар узвҳои дарунро қувват мебахшад. Хокистари пару боли онро гузошта банданд, хано- зерро (хукгарданро) таҳлил медиҳад, Мизоҷи саргинаш бисёр гарм аст ва барои дафъ кардани доғҳои кунҷидак ва ханозер даво мебошад. Гӯшти мурғобӣ дерҳазм аст, дар одамони фишори хунашон баланд дарди сар меоварад. Агар онро бо сирко, занҷабил, сиканҷабин ва давоҳои гарми монан- ди судоб, карафс ва пудина пухта бихӯранд, форам мешавад. Ва агар бирён карданӣ бошанд, дар миёни он пиёз ва дигар давоҳои номбурда ҷо

кунанду бо рав- ғани зайтун ва дигар равғанҳо сиришта созанд, хуб аст. Ва агар аз он шӯрбо тайёр карданӣ бошанд, дар даруни он кашниз, карафс, судоб, пиёз ва як-ду дона сири хушк гузоранду бо нахӯд, гандано ва дорчинӣ бипазанд, хуш аст. Ба ҳар ҳол агар хуб ва муҳарро пухта шавад, бӯйи ботлоқу лой аз он дур мегардад. Равғани мурғобӣ барои дардҳои буғумҳо фоида дорад. Азбаски гӯшти ин мурғ бӯйи нохуш дорад, баъди куштан бо пару болҳояш ду-се соат дар замин гӯр ку- нанд ва баъд бароварда аз пару бол ва дигар чиз- ҳои нодаркораш пок намоянд, пас гӯшташро ду-се ҷӯш дода, он обро рехта партоянду андак пиёзро варақ-ва- рақ реза карда дохил намоянд ва бо хӯришҳои дигар ва ғайра бипазанд, мувофиқи табъ мегардад. 166 51. Гов Ин ҳайвон маълум аст. Мизоҷи гӯшти гови зиёда аз яксола гарм ва хушк аст, вале гармиаш аз гӯшти шутур камтар ва дар хуш- кӣ аз гӯшти буз хушктар аст. Хислатҳои шифобахши он: гӯшташ бадҳазм, ғализ ва аз хӯрдани он хуни ғафси савдовӣ ҳосил мешавад, бемориҳои савдовиро, монанди: саратон, махав, вара- ми сипурз, филпо, даволӣ (ғафс ва барҷаста гаштани рагҳои варидии пой), доғи сафеди пӯст, қӯтур, шуку- фаи пӯст, васвос, таби дурӯздармиён ва монанди ин- ҳоро пайдо мекунад; инчунин бардавом бихӯранд, ба ҳамаи буғумҳои бадан зарар дорад, иллати иркунна- соро (радикулитро) бадтар мекунад; ҳайз ва зойидани занҳоро пеш аз вақт қатъ мегардонад; иллати қӯтур ва хориши баданро ба амал меоварад; ба сабаби пай- до кардани гиреҳ ва бухори ғализи бадбӯй, ки ба дил ва майна мебарояд, бадахлоқӣ меоварад. Азбаски на- соро (христианҳо) ҳангоми хӯрдани гӯшти гов аз бо- лояш май меошоманд, инак, онро ҳазм менамояд ва қувваташро низ боқӣ медорад. Вале касе, ки майхӯр нест, набояд истеъмол фармояд, бояд ки гоҳ-гоҳ давои дафъкунандаи хилти савдо истеъмол намояд, то ки баданаш аз моддаи савдои зарарнок пок шавад. Инчу- нин давоҳои пешоброн нанӯшад ва аз ошомидани ша- робҳо, обҳои вазнии найзор ва обҳои истода худдорӣ намояд, чун сӯзиш ё тафсеро дар бадани худ эҳсос кунад, сирко бинӯшад ё ҳангоми пухтани гӯшти гов дар масолеҳи хӯрок сирко дохил намояд. Инашро ҳам бигӯем, ки сирко ба он ҳамроҳ гашта, барои пайдо шудани хилти савдо мадад мерасонад. Таъми гӯшти гов лазиз мебошад, барои одамони бо меҳнати ҷисмонӣ ва варзиш машғулбуда, инчунин барои одамони иллати дабба (ҷурра) дошта мувофиқ ва форам аст, бадани онҳоро фарбеҳ ва қавӣ мегар- донад, сафрои рақикро (суюкро) қатъ мекунад, вале бадбӯкунандаи хун аст. Беҳтарини он гӯшти гӯсолаи фарбеҳи хушмизоҷ аст ва аз гӯсолаи зард бошад, боз ҳам хубтар аст. Беҳтарин вақти хӯрдани гӯшти ин ҳайвон фасли баҳор аст. Бадтарини ин гӯшти гови пир, лоғар ва дардманд аст. Чун аз гӯшти он бо сирко шӯрбо пухта бихӯранд, 167 аз меъда ва ҷигар рехтани моддаро манъ менамояд. Равғанашро батамом ҷудо

карда, баъд гӯшташро бо сирко шӯрбо пухта бихӯранд, намегузорад, ки модда- ҳои сафровӣ ба меъда, ҷигар ва рӯдаҳо рехта шаванд ва дар бадан паҳн гаштани онро монеъ мешавад; зардпарвин ва равон шудани сафроро дафъ мекунад ва исҳоли сафровиро банд месозад. Чун одамони сардмизоҷ ва меъдаашон заиф инро истеъмол карданӣ шаванд, бояд ки онро хуб муҳарро бипазанд, бо сирко ё сир, асал ва дигар ширинихо, ки ба ғайр аз хурмо бошанд, ҳамроҳ карда бихӯранд. Аз болои гӯшти гов хардал (горчица) хӯрдан бисёр хуб аст, вале аз болои гӯшти гов оби хунук нӯшидан бад аст ва фақат баъд аз холӣ шудани шикам мумкин аст об бинӯшанд. Чун гӯшти беравғани говро бирён кунанд, он обе- ро, ки дар вақти бирён шудан ҷудо мешавад, гириф- та, нимгарм дар гӯш чаконанд, кирми онро мекушад, агар ба сӯхтагии оташ бимоланд, намегузорад, ки оби- ла кунад. Зарари гӯшти говро мурч, дорчинӣ, занҷабил ва муҳарро пухтани он ислоҳ мекунад. Чун дар вақти пухтани он камтар пӯчоқи харбузаро дар дег андоз- анд, муҳарро ва лазиз мегардад. Зарари гӯшти гӯсо- ларо ҳаммом кардан ва риёзат ё варзиш ислоҳ ме- кунад. Каллаашро пухта бихӯранд, табро дафъ мекунад ва қуввати боҳро меафзояд. Чун пеш аз баромадани офтоб майнаи онро ба доғи пес бимоланд, онро аз пӯст пок месозад. Мизоҷи шохаш дар дараҷаи дуввум сард ва дар саввум хушк аст. Чун шохи гови нарро хушк карда, бо сӯҳон тароша намуда, хусусан аз нӯгҳои он ба миқдо- ри 4,5 грамм онро бо оби сард биёшоманд, хуни би- ниро манъ мекунад. Устухони биниаш ва шохи сӯхтаи он барои таскини дард ва ҷило додани дандонҳо фои- дабахш аст. Агар 9 грамми онро бо асал бихӯранд, кирмҳои кадудонаро аз шикам дафъ менамояд. Чун ҳар рӯз 2 грамм аз шохи сӯхтаи он бо сиканҷабин (сиркоасал) биёшоманд, инак бо ин мудовамат намо- янд, варами бузурги сипурзро таҳлил медиҳад, қувва- ти боҳро бармеангезад. Агар сӯхтаи инро ба решҳои хӯранда бипошанд, намегузорад, ки онҳо зиёд гар- данд. 168 Шохи барзаговро бисӯзанд, ҷонварони газанда ва заҳрнок аз он ҷо мегурезанд. Агар аз шохи чапи он ангуштарин сохта, ба ангушти дасти чап бигузоранд, иллати саръ (припадка) ва саръи тифлонро нафъ до- рад. Мизоҷи заҳраи он қариб дар дараҷаи чорум гарм ва хушк аст. Хушки онро маҳин ос карда, чун сурма ба чашм кашанд, гули чашмро пок мегардонад. Заҳ- раи барзаговро бо асал сиришта, чанд бор лесида би- хӯранд, дарди гулӯ, хориши бадан ва нори форсӣ ном реши бадфиолро шифо мебахшад. Заҳраи навашро бо камтар асал даромехта, дар гӯш чаконанд, дарди он- ро таскин медиҳад ва омадани римро аз он қатъ ме- кунад. Аммо заҳраи онро бе асал истеъмол кардан дуруст нест. Заҳраи онро бимоланд, ҳамаи захмҳои баданро ши- фо мебахшад, ба мақъад бимоланд, захмҳои онро дафъ мекунад. Инчунин онро бо шири занон даромех- та, дар гӯш бичаконанд, рими равонро аз он қатъ ме- гардонад, агар

бо оби гандано бичаконанд, ҷаранги гӯшро дафъ месозад, инчунин ҳамаи садоҳои дар да- руни гӯш шунидашавандаро нест мекунад. Заҳраи барзаговро бо асал даромехта, бо он ғарға- ра кунанд ё онро ба марҳамҳо дохил намуда гузошта банданд, реши мӯҳликеро, ки ҷамра (карбункул) ном дорад, шифо мебахшад ва намегузорад, ки вай бика- фад. Чун худашро танҳо ба ҷойи газидаи ҷонварони заҳрнок бимоланд, дардашро таскин медиҳад ва зара- рашро дафъ мекунад. Баъзе одамон миқдори ним грамми онро ҳангоми заҳролуд шуданашон бо шилми мисвок ва асал меошоманд. Онро бо асал даромехта бимоланд, захмҳои хабисаро (раддии бадфиолро) ши- фо мебахшад, дардашро ҳам таскин медиҳад; инчунин захм ва дарди фарҷ, закар ва пӯсти хояҳоро дафъ ме- кунад ва варами он узвҳоро таҳлил медиҳад. Агар заҳраи барзаговро бо натрун (танакори сурх) ва кӯфтаи булӯри бӯр хамир карда, ба доғи пес, қӯту- ри тар, сабӯсаки сар, доғи кунҷидак ва доғҳои дигари пӯст гузошта банданд, ҳамаашро дафъ мекунад — си- ҳат мебахшад. Заҳраи барзаговро бо қивоми ҷадвор даромехта, пахта ва ё латтаи покизаро ба он олонда, занҳо аз таг бардоранд, ҳайзи бастаро равон мекунад ва бача- донро аз моддаҳои бегона пок мегардонад. 169 Заҳраи барзаговро дар аввали баҳор ба танаи да- рахти мевагӣ бимоланд, самари онро кирм намехӯрад ва ба он кирм намеафтад. Мизоҷи хуни барзагов бисёр гарм ва хушк аст. Агар инро бо орди ҷав хамир карда, ба варамҳои сахт гузошта банданд, онҳоро ба ислоҳ меоварад. Ва агар хуни онро бо хуни ҳайз даромехта бимоланд, дар- ди ниқрис (подагра)-ро, инчунин дарди буғумҳоро тас- кин медиҳад. Хуни барзаговро ҳангоми гулӯ буридан дарҳол 6 грамм бихӯранд, гулӯро хафа карда меку- шад. Пешоби барзаговро бимоланд, доғи кунҷидакро аз рухсора дафъ менамояд ва агар инро бо сирко даро- мехта, ба дандон бимоланд ё бо он даҳанро чайқо- нанд, дарди дандонро таскин медиҳад. Пешоби барзаговро бо испанд якҷо бичӯшонанд ва баъд бо он моеи ҳосилшуда узви карахтро бишӯ- янд, ба ҳис меоварад — шифо мебахшад. Чун тухми арпабодиёнро як шабонарӯз дар пешоби гӯсола тар карда, баъд бароварда хушконида, маҳин бикӯбанду ҳар рӯз мувофиқи бардошти табъ тановул намоянд, истисқо (водянка)-ро шифо мебахшад. Закари хушккардаи гӯсоларо кӯфта ё бо сӯҳон тароша карда бихӯранд, боҳро қавӣ мегардонад ва олати мардиро ба ҳаракат меоварад. Хояи барзаговро хушконида, баъд бо сӯҳон таро- шакардаи он ва ё равғани онро бихӯранд, барои сур- фа, сустӣ ва захмҳои қасабаи шуш, захмҳои меъда ва сустии он, инчунин барои сӯзиши пешоб (сӯзок) давои аҷоибест. Равғани барзаговро ба ханозер, реш ва ҷароҳатҳо бимоланд, фоида дорад. 52. Тухми мурғ Ин ҷо тухми мурғи хонагӣ дар назар дошта шуда- аст, ки маълум аст. Беҳтаринаш он аст, ки дар ҳаҷм калон ва ҳамон рӯз мокиёнаш зойида бошад. Ҳарорати ҳаво бо мурури рӯзҳо онро палағда мекунад.

Бинобар ҳамин дар айёми тобистон дар намак нигоҳ доранд, вайрон намешавад. Мизоҷи зардаи он барои ҳамаи мизоҷҳои инсон мувофиқ ва форам аст ва андак моил ба гармӣ мебо- 170 шад. Ва мизоҷи сафедааш дар дараҷаи дуввум сард ва тар аст. Мизоҷи пӯсти берунаш дар дараҷаи дув- вум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: зардаи онро нимбирён карда ё нимпухта бихӯранд. дар бадан моддаҳои сара пайдо мегарданд, ғизоияташ зиёда аст ва аз он саргин кам ба амал меояд; дил, майна ва баданро қувват мебахшад; қуввати боҳро меафзояд; ба даруни сина фуромадани назлаҳои гармро манъ мекунад ва ҳоли бади узвҳои даруни синаро ислоҳ месозад, инчунин шахшӯлии он узвҳоро нест мегардонад; хун қай кар- дан, дағалии рӯдаҳо, хичак ва меъдаро ба ибро мео- варад; захмҳои гурда ва хичакро сиҳат мегардонад ва касеро, ки аз хуни бисёр рафтан суст гашта бошад, қавӣ мегардонад. Ва хӯрдани ин ба одамони савдо- вимизоҷ форам ва мувофиқ аст. Зардаи тухми мурғро дар зарфи чинӣ ё сафол бар- ҳам зананд, яъне бикованд ва баъд дар зарфи мис ё дигар, ки дар он об бошад, бияидозанду ҷӯш диҳанд ва бикованд, то нимпухта гардад. Ин усул беҳтарин тарзи пухтани он аст. Зеро ки зудҳазм, дар ғизоият сара мебошад ва барои ҳалқ, сурфа ва хун қай кар- дан даво мешавад, боҳро қувват мебахшад. Агар зардаи хомашро бихӯранд, азияти газидани морро дафъ мекунад, овозро соф мегардонад, инчунин сӯзиши хичакро ба ибро меоварад. Ба ин тариқ, бис- ёр хӯрдани зардаи тухми мурғ ба меъда зарар дорад, дар гурда санг, доғи сафеди пӯст ва доғи кунҷидакро пайдо мекунад. Нимпухтаи онро ба тифлон ба ҷойи шир бихӯронанд, раво мебошад. Тухми мурғро то сахт шудан пухта бихӯранд, ху- сусан дар мизоҷи одамоне, ки рутубат бисёр пайдо мешавад, суст ҳазм мегардад ва иллати қулинҷ (ко- лит)-ро пайдо мекунад. Дар ин маврид давоҳои гарм- мизоҷ бихӯранд, газандаш ислоҳ меёбад. Тухми нимпухтаро бо кӯфтаи тухми зағир бихӯ- ранд, барои иллати зиқ-ун-нафас (бронхиальная аст- ма) нафъ дорад; бо андак намак, мустако ва анзарут бихӯранд, баданро фарбеҳ мегардонад; бо татум, мозу ва тухми мавизи ангур, инчунин бо ангур бихӯранд, исҳоли сафровиро манъ мекунад. Тухми мурғро дар сирко пухта бихӯранд, дарунро 171 мебандад ва намегузорад, ки моддаҳои ғайрӣ ба меъ- да рехта шаванд. Тухми хоми мурғро бо равғани гулисурх ва кӯфтаи бобуна даромехта гузошта банданд, варамҳои чашм, хояҳо ва мақъадро таҳлил медиҳад. Инро бо мумрав- ған даромехта гузошта банданд, варамҳоро мегардо- над, асабҳоро мулоим месозад, Тухми мурғро пухта, бо равғани гулисурх ва орди ҷав даромехта, ба пешонӣ бимоланд, фуромадани наз- лаҳоро манъ мекунад, луққос зада дард кардани чашмро шифо мебахшад; варами бавосир ва мақъад, инчунин луққос зада дард кардани ин узвҳоро ба ис- лоҳ меоварад. Агар инро бо асал сиришта

бимоланд, доғи кунҷидак ва доғҳои сиёҳро аз пӯст дафъ мекунад. Агар танҳо худашро бимоланд, кафидан ва тарқидани узвҳои поёни баданро ба ҳам оварда сиҳат менамояд. Чун 5—6 адад зардаи тухми мурғро бо зираи сиёҳ ва гули бобуна маҳин кӯфта, бо ҳам сиришта, ба кар- боси обнарасида молида, гарм карда, ба камар бичас- понанд, дарди миёнро таскин медиҳад ва миёнро қувват мебахшад. Агар ин зардаи тухмро ба карбосе, ки миёнаҷояшро гирдак сӯрох карда, молида, баъд гарм карда, ба варам ва ё ба пучак бичаспонанд, он- ҳоро пазонида мекафонад. Хӯрдани зардаи тухм бо сафедааш ба одамони гарммизоҷ мувофиқ ва форам аст. Равғани зардаи тухмро бимоланд, мӯйро мерӯёнад; ба узвҳои беҳаракату ростмонда ва ҷингакшуда, ки сабабаш зиёд гаштани балғам бошад, шифо мебах- шад. Гирифтани равғани тухми мурғ ин тавр аст. Чанд тухмҳоро дар об ҷӯшонида мепазанд. Баъд зардаи онҳоро ҷудо карда, дар рӯйи тунукаи оҳанӣ гузошта, бар болои оташ мениҳанд. Зардаи тухм сӯхта, равға- наш ҷудошавон равон мегардад. Агар равон нашавад, бо ягон чиз фишор медиҳанд, баъд равған ҷудо шуда, поён меояд. Агар сафедаи тухми мурғро бихӯранд, дар бадал моддаҳои хомро, ки нодаркор мебошанд, пайдо меку- над, дер ҳазм мешавад. Агар инро бо орди ҷав даро- мехта ё пухта бихӯранд, хун қай кардан ва хунрави- ро аз ҳар ҷо, яъне аз поён ва аз боло манъ мекунад. Ва агар хоми онро гузошта банданд, дарди чашмро даво мебошад; тафси мақъадро таскин медиҳад, захм- 172 ҳои гарми бадфиолро (злокачественные язвы)-ро ба ибро меоварад, аз оташ ва аз оби гарм сӯхтагиро нафъ дорад ва намегузорад, ки он мавзеъ обила кунад; бар башара гузошта банданд, осори офтоби гарм ва ҳа- рорати дигарро дафъ месозад; агар бо мозу якҷо кӯфта, бар пешонӣ ва сар гузошта банданд, хуни би- ниро, ки аз пардаҳои мағзи сар меомада бошад, манъ мекунад; бо мустако (мастика) даромехта бар пешо- нӣ гузошта банданд, намегузорад, ки назла ба чашм рехта шавад. Сафедаи тухми мурғро ба ҳар ҷойи бадан, ки би- моланд, масомҳои (сӯроххои пӯсти бадан)-ро баста мегардонад ва ба варамҳои гарм бимоланд, онҳоро таҳлил медиҳад. Бо кофур (камфора) ва тухми банг (кирмрезонак) даромехта бимоланд, чашми гармро сард месозад ва аз гармӣ сӯзиш кардани онро таскин медиҳад. Сафедаи тухми мурғро бо оби юнучқаи зардак (гов- ришқа) даромехта, бо он ҳуқна (клизма) кунанд, дар- ди рӯдаҳоро таскин медиҳад ва харошида шудани сат- ҳи даруни онҳоро ба ибро меоварад; инчунин исҳоли сафровиро манъ мекунад. Сафедаи тухми мурғро бо равғани гулисурх даромехта дар сӯрохи мақъад ё зан- ҳо аз таг бардоранд, луққос зада дард кардани мақъ- ад ва бачадонро нафъ дорад. Пӯсти беруни тухми мурғро то монанди оҳак сафед шуданаш бисӯзонанд, баъд бо асал даромехта ба чашм бикашанд, гули чашмро дафъ мекунад. Инро фақат то сиёҳ шуданаш сӯхта, ос карда, бо воситаи найча дар бинӣ пуф кунанд, хуни

бинии мӯҳликро қатъ мекунад. Пӯсти тухми мурғро носӯхта, кӯфта, 7 грамм аз он бихӯранд, боҳро меангезад. Кӯфтаи инро бо асал ва сирко хамир карда бимоланд, варамҳоро таҳлил медиҳад. Ин кӯфтаашро ба ҷароҳатҳои кӯҳна ва нав бипошанд, хуни онҳоро аз рафтан манъ мекунад ва даҳани онҳоро ба ҳам мечаспонад. Он пардаеро, ки аз дарун ба пӯсти тухм часпида мебошад, ҷудо карда, ба хуни бачаи кабӯтар олонда, ҷавонзанҳое, ки бакораташон (дӯшизагиашон) рафта бошад, аз таг бардоранд, аз нав духтар мегарданд — ин аз асрори махфии тиб аст. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми мурғ дар як рӯз аз 5 то 15 адад мумкин аст. 173 53. Малах Ин ҷонвар ба ҳама маълум мебошад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани малах қуввати боҳ мебахшад, баданро аз ахлоти ғафсгашта пок ме- кунад, бемориҳои қасабаи шушро ба ибро меоварад; чакмезакро шифо мебахшад. Дувоздаҳ адад малахро бол, пой ва сари онро канда дур намуда, бо 3,5 грамм кӯфтаи самари хушки мӯрд ё кӯфтаи барги хушки он бихӯранд, истисқоро (водянкаро) дафъ месозад; инчу- нин барои иллати махав фоида мебахшад. Малахро бо пойҳояш кӯфта бимоланд, озах, доғи кунҷидак ва қӯтури пӯстро дафъ менамояд, хусусан сӯхта, бо сир- ко сиришта бимоланд, қавитар мегардад. Даруни зо- чаи тухмашро кӯфта, ба доғи кунҷидак бимоланд, он- ро дур месозад. Малахи фарбеҳи беболи онро бирён карда бихӯранд, барои каждумгазида нафъ дорад. Навъи сабзи гардандарози онро, ки дар боғоту зироат ба ҳам мерасад, бо ришта баста, ба гардан овезанд, таби дурӯздармиёнро ба ибро меоварад. Агар малахи намаккардаро бихӯранд, моддаҳои носолимро дар ба- дан пайдо мекунад, дар пӯсти бадан қӯтур ва иллати хоришро ба амал меоварад, моддаҳои солими баданро месӯзонад. Агар ин тавр зарар расонад, сиканҷабин, анори майхуш, шираи тухми чилмангӯштак (семизут) биёшоманд, ислоҳ менамоед. Агар малахро бисӯзанд, дигар малахҳо ин мавзеъ- ро тарк карда гурезон мешаванд, вале агар нагуре- занд, мемиранд. 54. Хун Мизоҷи хуни ҳамаи ҳайвонот гарм ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: хуни ҳар як ҷонварро ба чашм кашанд, гули чашмро дафъ мекунад ва агар бимоланд, варамҳоро таҳлил медиҳад. Агар онро бирён намуда бихӯранд, исҳолро ме- бандад, заҳрҳоро аз бадан дафъ мекунад. Хуни боли кабӯтарро, ки нав пар бароварда бо- шад, ба чашм кашанд, шабкӯриро сиҳат мекунад. Агар хун дар шикам ё дар даруни сина, ё дар рӯ- даҳо, ё дар хичак шах шавад, кайфияти заҳр пайдо 174 мекунад ва аз он рӯйдодҳои нохуш ба амал меоянд: борикии набз, сустии бадан ва беҳолӣ, пай дар пай беҳушшавӣ, хунукии дасту поҳо, гулӯгиршавӣ. Муола- ҷаи ин монанди муолаҷаи шах шудани шир аст дар меъда, ки бо ошомидани панирмоя ислоҳ мегардад, хусусан 9 грамм панирмояро бо 25 грамм сиркои тунд ё ошомидани оби пудина бо сиканҷабини турш; нӯ- шидани обе, ки дар

он тухми карафс ҷӯшонида шуда бошад, бо шаҳдоб (асалоб) аст. 55. Мағзи сар Ин майнаи ҳар ҳайвон аст. Мизоҷаш хунук ва тар мебошад. Хислатҳои шифобахши он: дерҳазм аст, қуввати тарёқӣ дорад. Агар инро бихӯранд, майнаро қувват мебахшад, манӣ пайдо мекунад. Агар онро бимоланд, хушкии майнаро дафъ меку- над; иллати сарсомро, ки варами майна ва пардаҳои он аст, шифо мебахшад, кафидагиҳои пӯсти баданро сиҳат мекунад. Вале хӯрдани майна ба меъда зарар дорад. Дар ин ҳолат наъно, сирко ва ҳамчунин нонхӯришҳои турш бихӯранд, ислоҳи зарар менамояд. 56. Калла Ин калла ва мағзи сари ҳайвонот аст. Беҳтарини он калла ва мағзи сари гӯсфанди ҷавон ва фарбеҳ ме- бошад. Мизоҷи каллаҳои ҳайвонот нисбат ба дигар қисм- ҳои бадани онҳо хунуктар ва тариаш зиёдтар аст. Ин вобаста ба кадом ҳайвон тааллуқ буданаш дар кай- фият (гармӣ, сардӣ, тарӣ, хушкӣ) гуногун мебошад. Хислатҳои шифобахши он: гӯшти калла, агарчи ғи- зоияташ бисёр аст, вале дерҳазм мебошад. Инро ода- мони заифмизоҷи маҳалҳои серрутубат ва гармозор набояд хӯранд, ки аз фоидаи он зарараш зиёдтар ме- гардад. Аз болои гӯшти калла асло ангур нахӯранд, ки зарар дорад. Агар сар ё почаи барра ё почаи гӯсфандро дар об ҷӯшонида, он обро ба сар кам-кам ва бардавом бире- 175 занд, дарди сареро, ки аз хушкӣ бошад, таскин меди- ҳад; барои намнок кардани майна ва ҳангоми вайрон шудани мизоҷи он дору мешавад, девонагӣ ва бехоби- ро ба ибро меоварад. Агар бо оби шӯрбои ин ҳуқна (клизма) кунанд, рӯдаҳо, гурдаҳо ва асабҳоро аз ру- тубат таъмин мекунад, қуввати боҳ мебахшад, варам- ҳои сахти ботиниро мулоим мегардонад. 57. Маска Беҳтарин ва сабуктарини онҳо маскаи гов аст, ки аз саршир гирифта бошанд. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва тар аст. Агар кӯҳна шавад, гармтар мегардад, вале тариаш меко- ҳад. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани маска дарунро мулоим мекунад, реш ва моддаҳои нодаркори ҷамъ- шударо мепазонад ва барои хориҷ шудан муҳайё ме- созад, баданро фарбеҳ мегардонад, гиреҳҳои дар узв- ҳо пайдошударо мекушояд, дағалии ҳалқ ва роҳи на- фасро ислоҳ мекунад, сурфаи хушкро ба ибро меова- рад; варамҳои дохили ва беруниро мегардонад ва мод- даҳои нодаркорро аз бадан берун меронад; агар инро бо асал бихӯранд, варами пардаҳои даруни сина ва варами шушро шифо мебахшад, моддаҳои нодаркори даруни синаро мепазонад ва барои дафъ шудан му- ҳайё месозад, инак, дафъ мекунад. Агар маскаро ба шакар бихӯранд, баданро фарбеҳ мекунад ва агар дар муддати ин тавр хӯрдан ҳам бар бадан бимоланд, суръати фарбеҳшавиро меафзояд. Агар инро бо мағзи бодоми талх бихӯранд, моддаҳои зиёдатӣ ва нодаркор- ро аз даруни шуш дафъ мегардонад. Маскаро бо шар- бати гулисурх биёшоманд, феъли давои мусҳилро (ис- ҳоловарро) қатъ мекунад; бо зардаи тухми мурғи нимпухта ҳамроҳ карда бихӯранд,

сӯзиши ахлотро ис- лоҳ мекунад. 70 грамм маскаро бо 35 грамм шакар бихӯранд, душвории шошиданро ислоҳ мекунад. Маскаро бар бадан бимоланд, барои бадан ғизо мешавад ва ин гуна ғизо додани он бо воситаи ворид гаштан дар узвҳои ғизо нест, балки бо воситаи таъсир гар пӯсти бадан аст; молиданаш варамҳо ва варами баногӯш, каши рон ва даҳонро мепазонад; инчунин 176 решҳоеро, ки бар бадан ва сари тифлон мебароянд шифо мебахшад; барои заҳри мори афъӣ ва ҳазорпо тарёқ мебошад. Агар маскаро гарм карда, ба милки дандони кӯда- кон бимоланд, баромадани дандони онҳоро метезонад. Инчунин молидани маскаи нав шахшӯлӣ ва дағалии пӯсти баданро ислоҳ мекунад, бигузор он хоҳ нав ва хоҳ кӯҳна шуда бошад. Агар маскаро бо ҷадвор да- ромехта бимоланд, гиреҳҳои дар пардаҳои майна бу- даро мекушояд, асабҳоро мулоим мегардонад; барои ҷароҳати хичак, шукуфаи пӯст, ширинчаи хушк ва қӯ- тур даво мешавад, хусусан, ки аввалан баданро бо оби хунук бишӯянду баъд маскаро бимоланд ва баъд аз молидани маска бемор худро бояд дар кӯрпа ё ҷо- маи пахтанок бипечонад, то ки арақ кунад, ҳамон рӯз аз иллатҳои мазкур наҷот меёбад. Маскаи кӯҳнаро бо саврinҷони кӯфтагӣ хамир кар- да гузошта банданд, донаи бавосирро ҷудо ва дафъ мекунад, яъне меафтонад — дар ин бобат маска чӣ қадар кӯҳнатар бошад, ҳамон қадар хубтар аст. Агар маскаи мазкурро яксаду як бор ё ҳеҷ набошад, чилу як бор дар оби сард шуста бошанд, дар амали мазкур зудтар таъсир мекунад ва инчунин барои пок гардо- нидани захм аз рим, ба ҳам овардани даҳани он ва рӯёнидани гӯшти солим дар онҳо даво мебошад; низ бавосир ва сӯхтагии оташро шифо мебахшад. Вале хӯрдани маскаи бисёр сари меъдаро суст ме- гардонад, иштиҳаро мебандад ва агар бисёр хӯранд, дарунро меронад. Дар ин ҳолат барои ислоҳи зарари он чизҳои дарунро манъкунанда, шакар, қанди сафед ва намак бояд бихӯранд. Миқдори як бор хӯрдан аз маскаи нав дар як рӯз то 100 грамм аст. Агар маска ёфт нашавад, ба ҷойи ин шири навдӯ- шидаро биҷӯшонанд, то панҷякаш бухор шуда равад, баъд биёшоманд, раво мебошад. 58. Равғани зард Инро аз шири ҳайвонот ва ҷуғрот ба амал меова- ранд. Беҳтарини он равғани гов аст, ки сабуктар ме- бошад, баъд аз он аз они гӯсфанд, ки ин ғализтар ме- бошад назар ба равғани зарди говӣ. 177 Мизоҷи ҳамаи навъҳои он дар дараҷаи якум гарм ва тар аст. Ҳарчанд ин кӯҳнатар гардад, рутубаташ мекоҳад ва хушкӣ пайдо мекунад. Ва агар дусола шавад, мизоҷаш дар дараҷаи якум хушк мегардад. Хислатҳои шифобахши он: равғани зард дар хис- латҳои давоӣ қавитар аз маска мебошад. Агар инро бихӯранд ва гузошта банданд, варамҳоро таҳлил ме- диҳад, гиреҳҳои баданро мекушояд, бар зидди заҳрҳо хусусияти тарёқӣ дорад ва намегузорад, ки таъсири заҳри мори афъӣ ба дил расад. Дар ин хусус табиб Бағдодӣ навиштааст: «Шахсеро афъии қотил газида буд, ба ғайр аз

равғани кӯҳнаи гов дигар чиз ҳозир набуд ва ҳамонро ошомид, офате ба ӯ нарасид». 25 грамм равғани зардро бо 210 грамм оби анор биёшоманд, исҳоли хунинро шифо мебахшад. Агар ин равғанро бихӯранд, пӯстро мулоим, чеҳраро пок ва майнаро аз моддаҳои бегона соф месозад; узвҳои даруни синаро аз моддаҳои нодаркор пок мегардонад, баданро фарбеҳ месозад, хушкии ҳалқ ва даруни би- ниро дафъ мекунад, барои сурфаи хушк, зардпарвин ва иллатҳои сипурз даво мебошад, инчунин санги гур- да ва хичакро майда карда мерезонад. Ин равған дар баъзеҳо дарунро шах ва дар баъзеҳо мулоим мекунад. Агар инро бо шакар ва бодоми талх даромехта, ба дили наҳор лесида бихӯранд, сурфаи хушки кӯҳнаро ба ибро меоварад, узвҳои даруни синаро мулоим ме- кунад. 25 грамми инро бо 125 грамм шакар бихӯранд, душвории шошиданро дарҳол дафъ месозад. Агар ин миқдорро бо оби гарм хӯрда, баъд қай кунанд, заҳр ва афюни хӯрдашударо дафъ мекунад. Ин равғанро бо оби сагангур ба чашм кашанд, луққос зада дард кардани онро дафъ менамояд ва ва- рамашро ҳам таҳлил медиҳад. Худашро танҳо бимоланд, шахшӯлии чашмро мулоим мекунад ва агар бо равғани зайтун даромехта бимоланд, қӯтури пилкҳои чашмро шифо мебахшад; агар дар гӯш чаконанд, дар- дашро таскин медиҳад ва дар бинӣ бирезанд, дарди гулӯро шифо мебахшад. Равғани зардро бо оби хокистар якҷо карда, бо он таркиб ҳуқна (клизма) кунанд, рафтани дарунро манъ ва захми сатҳи даруни рӯдаҳоро дафъ мекунад. Агар ин равғанро бо равғани мурғи хонагӣ даромехта, латта ё пахтаи покизаро дар он тар карда, занҳо аз таг бардоранд, захми бачадонро шифо ме- 178 бахшад ва онро аз моддаҳои нодаркор пок мекунад; вале агар дар мақъад бардоранд, кафидани онро си- ҳат месозад, бавосирро қатъ мекунад ва рафтани хун- ро аз он манъ менамояд. Ин равғанро гарм карда, ба ҷойи газидаи ҳазорпо, каждуми қаттолтарин ва аксари ҷонварони заҳрнок, ки газида бошанд, бимоланд ё бирезанд ва ё бичако- нанд, шифо мебахшад. Ин равғанро нимгарм дар гӯш чаконанд, ҳамаи он ҷонваронро, ки дар гӯш рафта бошанд, мекушад ва берун меоварад. Равғани кӯҳнаи гов ё равғани кӯҳнаи гӯсфандро бо савринҷон даромехта бимоланд, бавосирро дафъ мекунад; агар онро батанҳоӣ бимоланд, барои махав фоида дорад. Ин равғанро ҳафт шаб пай дар пай ба рухсора молида бихобанд, пӯсти рӯйро пок, неку ва соф мегардонад, инчунин маскаро ҳам бо чунин усул бимоланд, ҳамин гуна фоида дорад. Ин равғанро батакрор бимоланд, варамҳоро, ху- сусан варами узвҳои занон ва кӯдаконро таҳлил медиҳад, пучак ва чиртакҳоро мепазонад ё мегардонад ва карахши онҳоро низ дафъ мекунад. Латта ё пах- таро ба ин равған олонда, ба даруни решҳои чуқур бигузоранд, даҳани онҳоро васеъ ва худи онҳоро аз рим пок месозад. Чун барги ҳинои хушкро маҳин кӯфта, бехта, бо равғани зарди кӯҳна хамир

сохта, ба қӯтури кӯҳна ва махав бимоланд, сиҳат мебахшад. Чун ин равғанро бо оби хунук саду як мартаба би- шӯянд ва ба қӯтури кӯҳна, бавосир ва аксари ҷаро- ҳатҳо ва захмҳо бимоланд, онҳоро нест мекунад. Равғани зардро бишӯянд, талх мегардад ва холӣ аз заҳрнокӣ намебошад, хӯрдани он ҷоиз нест. Равғани зард барои иллатҳои ботинӣ ва рутубӣ (тар) зарар дорад, дар одамони гарммизоҷ ва касони иллатҳои сипурз дошта моддаи сафро пайдо мекунад, зеро ки зуд ба моддаи (хилти) ғолиби мавҷуда таб- дил меёбад; меъдаи заифро суст мегардонад ва дар одамони балғамимизоҷ узвҳои ҳозима, яъне меъда, рӯдаҳо, ҷигар ва сипурзро заиф месозад. Барои ислоҳи зарари мазкураш одамони гарммизоҷ бояд туршиҳо истеъмол намоянд ва сардмизоҷон гуворишот, яъне чизҳои ширинтаъми хушҳазм бихӯранд, хуб аст. Миқдори як бор хӯрдан аз равғани зард дар як рӯз то 50 грамм аст. 179 Қуввати поксозандагӣ ва таҳлилдиҳандагӣ дар рав- ғани зарди кӯҳна назар ба равғани нави ин зиёдтар аст. Таъсираш барои баданҳои миёнаҳол зиёдтар на- зар ба баданҳои қавӣ мебошад. Ин барои варамҳои баногӯш фоида дорад. Агар равғани зард вайрон шуда бошад, онро ба ис- лоҳ оварданӣ шаванд, бо дӯғи ҷуғрот биҷӯшонанд, то ки дӯғ бухор шуда равад, вале эҳтиёт намоянд, ки равған доғ нагардад. Ё он ки онро дар оташ гузо- ранд, чун ба ҷӯш ояд, андак-андак орди гандум бар он бипошанд, то ки орд бисӯзад, вале равған доғ на- шавад. Баъд онро соф намуда, ба истеъмол диҳанд. Агар дар равған ва маска намак андозанд, ба зудӣ вайрон намешавад. 59. Мӯй Ин аз пашм фарқ дорад. Пашм, ки ба арабӣ суф меноманд, назар ба мӯй маҳинтар ва печида мебошад. Баъзе ҷонварон ҳам мӯй доранд ва ҳам пашм, чунон- чи, бузи расмӣ дорад. Баъзе фақат пашм доранд, мо- нанди: гӯсфанд ва барра. Вале инсон фақат мӯй до- рад на дигар. Мурод аз мӯй гуфтан дар тиб фақат мӯйи инсон дар мадди назар дошта шудааст. Мизоҷи мӯйи инсон сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро сӯхта бипо- шанд ё бо асал сиришта бимоланд, захм ва решҳоро дард наоварда хушк мекунад, барои решҳои хӯранда ва хушк кардани захмҳо даво мешавад; агар бипо- шанд, пухтани даҳан ва ҷӯшиши онро сиҳат месозад. Сӯхтаи онро бо равғани зайтун ва об сиришта би- моланд, сӯхтагии оташро шифо мебахшад. Мӯйи сарро сӯхта, бо сирко сойида бимоланд, озах- ҳоро хушк карда меафтонад ё таҳлил медиҳад, дона- ча ва обилаҳоро дафъ мекунад, инчунин захми саги девона газидаро шифо мебахшад, бо шароб ё равғани зайтун сойида ё бо об сойида бимоланд, варами сарро мегардонад ва ҷароҳати онро сиҳат месозад. Агар сӯхтаи инро бо мурдорсанг (рими сурб, ё ки ба русӣ свинцовый шлак) бимоланд, қӯтур ва хориши чашмро шифо мебахшад ва чашмро хеле қавӣ мегар- донад. Агар мӯйи одамиро носӯхта ос карда, бо асал даро- 180 мехта бимоланд, ҷӯшиши (пухтани) даҳани кӯдаконро шифо мебахшад. Мӯйи сарро кӯфта бипошанд,

баромадани мақъадро (кӯтанро) ба ҷояш мебарад ва дигар намебарояд. Кӯфтаи онро бо равғани гулисурх даромехта, дар гӯш чаконанд, дарди онро таскин медиҳад. Мӯйи сарро сӯхта, дудашро дар бинӣ бикашанд, саръро (припадкаро) ки сабабаш афтодани гирех дар майна бошад, шифо мебахшад; ҳамаи ҷонварони за- рарнок аз дуди он мегурезанд. Агар онро занҳо аз таг бардоранд, рутубати равон ва бисёри бачадонро манъ ва хушк мекунад ва саръи занонро шифо мебахшад. Мӯйи тифлонро пеш аз сахт шудан гирифта биё- везанд, барои иллати ниқрис, ки дард ва варами ан- гуштони дасту поҳо мебошад ва инчунин газидани каждум шифо мебахшад. Тариқи сӯхтани мӯйи сари одамӣ чунин аст. Мӯйро бо собун покиза шуста, шона карда, баъд хушк наму- да, бо қайчӣ хуб реза карда, сонӣ дар рӯйи порчаи са- фол ё табақи сафол ва ё дар рӯйи тунука ба оташ гузошта, бо дастае тагурӯ гардонанд, то ки қобили кӯфтан гардад. Равғани мӯйро ба сар бимоланд, мӯй мерӯёнад ва инчунин ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш низ мӯйро мерӯёнад. Агар инро бимоланд, касо- неро, ки аз хислати мардӣ маҳрум гашта бошанд, он- ро аз нав барқарор мекунад. Тариқи ҳосил кардани равғани мӯйи одами чунин аст. Он мӯйро ҳар қадар, ки хоҳанд, бигиранд, бо со- бун покиза бишӯянд, хушк намоянду дар колба то гу- лӯгоҳаш пур кунанд ва дар он гулӯяш лиф ҷо намо- янд. Ба колба гили бӯта бимоланд. Табақи оҳанӣ ё тунукаро аз миёнаҷояш сӯрох кунанд. Баъд даҳани он колбаро сарозер дар он сӯрохӣ гузоранд. Баъд бар боло ва атрофи он ангишт гузошта оташ зананд — аз ин ҳарорат равғани мӯй ҷудо шуда поён мечакад. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-hayvoni-50-59#50

Канзи шифо. Давоҳои ҳайвонӣ 60-68 60. Асал 61. Дӯғ 62. Абрешим 63. Саргини гов 64. Муми занбӯри асал 65. Панир 66. Шапуш 67. Пешоб 68. Шутур 60. Асал Мурод аз асал гуфтан маҳсули ширинтаъми зан- бӯри асал дар назар дошта шудааст. Беҳтарини он хушбӯй, қивомаш ғафс, таъм ва ши- риниаш гуворо ва инчунин сурхранг бошад, ки дар он 181 муми занбӯр, яъне муми хонааш мутлақан набошад, чун онро бо ангушт бардоранд, тор бандад — ин навъ- аш барои давоӣ беҳтар аст; баъд аз он сафеди набот- рангаш бо сифатҳои номбурда бошад, мақом дорад. Барои лаззат ва ғизо асали баҳорӣ беҳтар аз тирамо- ҳӣ аст, вале зимистониаш бадтарини навъҳои он мебо- шад. Агар таъмаш тунд ё тез гашта бошад, ё кӯҳна шуда, рангаш ба сиёҳӣ печида бувад ва таъми талхӣ пайдо намуда бошад, зарарнок аст. Агар кӯҳнаи онро бисёр бихӯранд, девона мекунад. Мизоҷи асали нав дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум хушк аст; аз шаш моҳ то як сол мондаи он дар дараҷаи дуввум хушк мебошад. Баъзеаш, ки кӯҳ- на ва тундтаъм гашта бошад, мизоҷаш то дараҷаи саввум гарм ва дар дуввум хушк аст. Асали хомро гармӣ,

поккунандагӣ ва тезиаш зиёда мебошад дар давоӣ. Асале, ки дар ҷӯшонидан бо об, кафкашро гирифта бошанд, гармӣ, поккунандагӣ ва тундии он камтар аст барои ғизоӣ. Барои ба қивом овардани асал ба он об ҳамроҳ карда, бо оташи паст мечӯшонанду кафкашро дур намуда, баъд аз оташ фурӯд меоваранд — ин асали пок ҳисоб меёбад. Вале эҳтиёт намудан шарт аст, ки сахт начӯшад — агар сахт ҷӯшад, асал бинобар нозук будани таркибаш, месӯзад, талх мегардад. Ва агар об дохил накарда бичӯшонанд, кафкаш ҷудо намегардад. Бояд ба ин ҷи- ҳатҳои кор риоя кунанд. Хислатҳои шифобахши он: асалро бихӯранд, ба- данро аз моддаҳои зарарноки нодаркор пок месозад, гиреҳҳо ва даҳани рагҳоро мекушояд; балғами часпак ва рутубатҳоро нест менамояд ва инчунин онҳоро аз ҷоҳои чуқур ва дури бадан мекашад ва ҳамчунин мод- даҳои нодаркорро аз майна хориҷ мекунад; суст ва нотавон шудани аъзо, истисқо (водянка), зардпарвин, иллатҳои сипурз, душвории шошидан, бодҳои гуногун, иловус (дард ва варами рӯдаҳои борик) ва заҳҳои сардмизоҷро дафъ мегардонад; санги гурда ва хичак (пешобдон)-ро майда карда мерезонад. Корозмудагони ин асрор қайд намудаанд, ки ҳар кӣ иродаи шифо дошта бошад, бояд ки пагоҳӣ ба ди- ли наҳор асалро бо оби борон даромехта биёшоманд. Ҳаким Ҷолинус гуфтааст: «Ҳеҷ чиз беҳтар аз асал нест, дар нафъ аз барои бадан ва илоҷи аксари бе- мориҳо ва аз барои сириштани давоҳо». Зеро ки ба 182 сабаби часпандагӣ ва ғафсии қивоми худ боиси суръ- ати омезиш ва ҳифзи давоҳо мегардад аз вайроншавӣ. Ва бинобар ширинаш, гуворо будани ниҳодаш, лазиз буданаш барои нест кардани ногуворӣ беҳтар аст, қув- вати давоҳоро босуръат ба узвҳои тамоми бадан ме- расонад, агар ҳамроҳ карда бихӯранд ва ин фоидаҳои бисёрро соҳиб аст. Агар инро бо мустако (мастика) бихӯранд, руту- бат ва моддаҳои нодаркори зарарнокро аз майна ка- шида дур мекунад; фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарози), каҷ шудани рӯй, нотавон ва бемадор гаш- тани аъзо, карахтӣ ва монанди инҳоро, ки сабабаш ҷамъ шудани моддаҳои хунукмизоҷ бошад, шифо ме- бахшад; меъдаро қувват медиҳад, иштиҳоро мекушо- яд, бодҳо ва моддаҳои часпакро дафъ месозад; қулинҷ (колит) ва гиреҳҳои баданро мекушояд; меъда, ишти- ҳои таом ва боҳ (пушти камар)-ро қувват мебахшад. Агар инро бо шилми кундур бихӯранд, узвҳои дару- ни синаро аз моддаҳои нодаркор ва зарарнок (аз ҷум- ла қасабаи шушро низ) пок мегардонад; истисқо (во- дянка), зардпарвин ва бемориҳои сипурзро шифо ме- бахшад, санги гурда ва хичакро майда карда мере- зонад, инчунин душвории шошидан, бодҳои гуногун, дард ва варами рӯдаҳои борик (иловус) ва заҳрҳоро дафъ мекунад. Хусусан бо оби борон даромехта бихӯ- ранд, ба узвҳои бадан об медавонад, боҳи сустгашта- ро қувват медиҳад, пешобро меронад, захми рӯдаҳо ва хичакро пок менамояд; санги гурда ва хичакро

майда карда мерезонад, душвории шошиданро ислоҳ мекунад, ташнагиро таскин медиҳад. Ин таркибро хӯрда қай кунанд, меъдаро аз олойишҳо пок месозад. Бо ин таркиб ғарғара кунанд, варами мушакҳои ҷони- би ҳалқум ва ғуддаҳои бодомшаклро таҳлил медиҳад, ҷароҳатҳои ком, забон, ҳалқум ва ғадудҳои бодом- шаклро аз рим ва дигар моддаҳои бегона пок меку- над. Асалро бо сирко даромехта, ба сатҳи даруни даҳан батакрор ва бардавом бимоланд ё онро дар даҳан гардонанд, милки дандонро мустаҳкам мекунад ва гӯшти солим бар он мерӯёнад агар коста бошад; ин- чунин дандонро дар ҷояш сахт месозад ва онро аз чирк пок намуда сафед месозад, хусусан, ки бо ан- гушт се-чор мартаба ҳар моҳ ба дандонҳо бимоланд, ин хислаташ зудтар зоҳир мегардад. 183 Баъзе одамон асалро бинобар ширин буданаш сусткунанда пиндоштаанд — ин иштибоҳ аст. Дар ҳақи- қат ширинҳои рутубатнок сусткунанда мебошанд, на ширинҳои хушкмизоҷ. Вале асал дар мизоҷ гарм ва хушк аст. Пас, сусткунанда намебошад. Асалро батанҳоӣ ё бо оби пиёз ба чашм бикашанд, чашмро равшан мекунад; хориш, қӯтур, обравӣ, гули чашм ва фуромадани оби бегонаро дар гавҳарак дафъ менамояд. Агар асалро бо анзарут ва намаксанг даромехта дар гӯш чаконанд, бодҳои пардаҳои он ва ҷаранги гӯшро барҳам медиҳад, омадани рим аз даруни он ва рутубатҳои равони онро қатъ мекунад; дардҳои аз ху- нукӣ баамаломадаи онро таскин медиҳад, гаронии гӯшро дафъ месозад. Агар асалро ба заҳраи тари гов даромехта ё бо шири гов ё бо шири буз ва ё бо шири занон сиришта, батакрор дар гӯш чаконанд, ё бо сафедаи тухми мурғ даромехта бичаконанд, бемориҳои дар боло гуфтаро шифо мебахшад. Асалро бо равғани гулисурх даромехта, лесида би- хӯранд, сурфаеро, ки сабабаш моддаҳои хунук бошад, дафъ мекунад. Асалро дар оби барги зуф ҳал карда, нимгарм бо он батакрор ҳуқна кунанд, захми рӯдаҳо ва варамҳои онҳоро шифо мебахшад. Баъди ҳар як бор ҳаммом кардан дар вақти гар- мии бадан асалро гузошта банданд, закарро қавӣ ва калон мегардонад. Агар асалро занҳои синну соли ҳайзнокӣ аз таг бардоранд, иллатҳои бачадони онҳоро шифо мебах- шад. Асалро бо орди гандум хамир сохта гузошта бан- данд, варамҳоро таҳлил медиҳад, пучак ва чиртакҳо- ро мепазонад; бо сирко ва намак даромехта гузошта банданд, варамҳоро таҳлил медиҳад, доғҳои кунҷидак- ро дафъ мекунад; бо намак сиришта банданд, доғҳои зарба ва латхӯрдаро, ки кабуд шуда бошанд, нест ме- гардонад; бо орди ҷав хамир карда гузошта банданд, арақи бисёрро ба ислоҳ меоварад; бо анзарут си- ришта банданд, захмҳоро аз чирк пок месозад ва гӯш- ти ҳароми онҳоро хӯрда нест менамояд; бо саргини мурғ ё бо ҷадвор сиришта гузошта банданд, доғи са- феди пӯст ва песро шифо мебахшад. 184 Асалро бо шибит ҷӯшонида гузошта банданд, доғи зарба ва шукуфаи пӯстро барҳам медиҳад. Онро бо равғани гулисурх даромехта

бимоланд, захмҳоеро, ки рутубаташон монанди асал аст ва ди- гар решҳое, ки аз бисёрии балғами ширин ба амал омада бошанд, шифо мебахшад ва баданро қавӣ ме- гардонад. Агар худашро танҳо бимоланд, шапуш ва ришкро нест мекунад. Агар инро ба ҷасадҳои мурда бимоланд, аз он ки ба зудӣ вайрон мешуда ва бӯйи бад мегирифта бошанд, нигоҳ медорад; инчунин ба гӯштҳо ва чарбиҳо бимоланд, хосияти тару тозагии онҳоро нигоҳ медорад. Асалро бо оби зира даромехта бихӯранд, бар зид- ди заҳри занбӯруғ, газидани саги девона даво мебо- шад; агар бо равғани гулисурх даромехта биёшоманд, заҳрҳои ҷонваронро аз бадан дафъ мекунад. Ва агар асалро хӯрда қай кунанд, азияти афюнхӯрдаро ис- лоҳ менамояд. Яке аз хислатҳои асал чунин аст, ки агар зан онро бо об шарбат сохта ба дили наҳор бихӯрад, агар рӯда- ҳояш ба дард оянд, ҳомила аст, ва агар на, бебор мебошад. Хуллас, асал барои одамони сардмизоҷ ва балға- мимизоҷ дар замон, фасл ва маҳалҳои сард фоида до- рад, вале барои одамони гарммизоҷ ва мизоҷи хушк- дошта ва инчунин дар фаслҳои гармо бихӯранд, за- рар мекунад, гарммизоҷонро дарди сар медиҳад. Агар онҳо бисёр бихӯранд, зуд ба хилти сафро, ки аз ҷи- ҳати мизоҷ гарм ва хушк аст, табдил меёбад, майнаи гарммизоҷро ноҷӯр месозад, қай меоварад, ба бемо- риҳои сафровӣ ва гарм гирифтор мекунад, ташнагии бисёр меоварад. Давои ин зарарҳояш оби анори турш, оби лиму, сирко, кашниз ва меваҳои турш ошомидан аст. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз асал то 68 грамм аст. Огоҳ кунем, ки асале, ки занбӯраш ба гиёҳи талх- шувоқ нишаста бошад, таъмаш талх мешавад ва ба- рои бемориҳои меъда, ҷигар, кушодани гиреҳҳо ва агар занбӯраш ба гиёҳи кокутӣ нишаста бошад, он- ро бардавом бихӯранд, барои одамони тармизоҷон, сардмизоҷон ва бемориҳои балғамии сард фоида ме- бахшад. Гуфтаанд; он асалро, ки тирамоҳӣ бошаду агар 185 бибӯянд, атса оварад, беҳушӣ ва арақ меоварад, ақл- ро бечо месозад, онро набояд истеъмол кард. Тадби- ри касе, ки онро хӯрда бошад, қай фармудан ва баъд аз он моҳии намакини шӯр хӯрда батакрор қай кар- дан аст, то ки меъда аз он асал пок гардад ва баъд аз он себи майхуш ва мурӯд тановул намоянд. 61. Дӯғ Инро дар баъзе маҳалҳои тоҷикон аз ӯзбекӣ ги- рифта, айрон ҳам меноманд. Ин ҷуғротест, ки дар зарфе бо андохтани андак об хоҳ бо чархчӯб (пиш- как) хоҳ дар машке ҳаракат дода, маскаи онро ги- рифта, боқиашро монда бошанд — ин дӯғ аст. Беҳта- ринаш он аст, ки тоза аз ҷуғроти шири гов дӯғ тайёр карда шуда бошад. Мизоҷи ин дӯғ дар дараҷаи дуввум сард ва тар аст, вале тарӣ дар он назар ба хушкӣ зиёдтар мебо- шад. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бинӯшанд, ҷӯшиш ва фишори баланди хунро паст мегардонад, боҳи (пушти камари) одамони гарммизоҷро ба ҳара- кат меоварад, иштиҳоро мекушояд, баданро фарбеҳ мекунад, шиддати таби диқ (лоғаркунанда), заҳрҳои

гарммизоҷ ва ҳароратро хомӯш месозад; тафси меъда ва ҷигарро, ки сабабаш гармӣ бошад, басанда мегар- донад, инчунин ташнагиро таскин медиҳад. Агар инро бо рими (дажғоли) оҳан ва итрифал (маъҷуни ибо- рат аз ҳалила, балила ва омула) даромехта биёшо- манд, меъдаро қувват мебахшад; агар оҳани тафсон- ро дар он сард карда ё сангрезаҳои тафсонро дар он сард карда, баъд он дӯғро бинӯшанд, исҳоли хунин ва сафровиро мебандад. Биринҷ ё орди ҷави тафсони- дашударо дар дӯғ пухта бихӯранд, барои исҳоле, ки аз гармӣ бошад, бисёр даво ва ба он одам ғизои ху- бест ва инчунин барои фарбеҳ кардани бадан воситаи хубе мебошад. Барои таби диқ 75 грамм дӯғро бо 45 грамм нони хушк ошомиданро раво медонанд ва аз ин зиёдашро ҷоиз намешуморанд. Дастури ошомидан ҳангоми таб, қай ва бемори- ҳои гарм ва тез чунин аст: дӯғи нави ҷуғроти шири 186 говро гирифта, нағз биполоянд, ки тамоми маскаи он ҷудо гардад ва равған дар он асло намонад. Баъд панҷ-шаш соат бигузоранд, ки таъмаш хуш ва андак туршмаза гардад. Сонӣ хуб барҳам зананд, яъне би- кованд, то он, ки обияташ дар худ омехта шавад. Пас нони тунукмайдаи холисро миқдори 35 грамм гириф- та, реза карда, дар 105 грамм аз он дӯғ ҳамроҳ ку- нанду бигузоранд, то ба ҳам хуб омехта гардад, пас тановул намоянд. Ва агар аз ин ним миқдор зиёда хо- ҳанд ва эҳтиёҷ бештар бошад, ба ҳамин таносуб зиё- да намоянд; рӯзи дуввум 17,5 грамм дӯғ бияфзоянд ва аз нон 3,5 грамм кам созанд ва инак, ҳамчунин ҳар рӯз 17,5 грамм дӯғро зиёда карда, аз нон 3,5 грамм кам намоянд, то он ки дӯғи холис бимонад ва одат ба он ҳосил гардад. Чун тарк намудан хоҳанд, баръакс амал кунанд, то ба миқдори рӯзи аввала бирасад. Баъзе табибон аз нуқтаи назари камоли эҳтиёт гуфта- нд, ки аз 35 грамм дӯғ ва 3,5 грамм нон бияфзоянд, то ки дӯғ ба 105 грамм расад ва агар зиёда аз 105 грамм хоҳанд, ба ҳамин таносуб зиёда намоянд ва ба тадриҷ кам гардонанд. Аммо касоне, ки ба дӯғ нӯшидан одат карда бошанд, ба ин тадбир мӯҳтоҷ нестанд, балки ҳамин риоят кифояти ҳазм ва ба он кас, ки ба таби бадбӯ гирифтор набошад, кифоя аст. Зеро ки дар вақ- ти гирифтани таби бадбӯ нӯшидани ин ҷоиз нест, бал- ки фақат гармии ҳаво ва риққат (суюқӣ) ва тезии модда, монанди таби рӯздармиёнгирандаи холис ва мо- нанди ин бемориҳои дигар ошомиданро талаб меку- над. Он ҷое, ки бадбӯйӣ дар ахлот (моддаҳо) мавҷуд бошад, бо қурси табошир (мағзи миёни най) тановул намоянд. Ва ҳангоме ки мизоҷи он мулоимкунандаи дарун бошад ва боз бар болояш давои мулоимкунан- да бихӯранд, боиси заиф гаштани гурда мегардад. Чун тухми чилмангӯштак (семизут)-ро кӯфта, се мартаба дӯғро ба он ҷаббонанду хушк кунанд. Баъд миқдори камеро аз он тухм биёшоманд, ташнагӣ ва хоҳиши об нӯшиданро то чанд рӯз дафъ мекунад — ин аз асрори дарвешон ва зоҳидон аст. Зарараш: нӯшидани дӯғ ҳангоми гирифтани табҳои

бадбӯйи хилти (моддӣ) зарар дорад бинобар он, ки бадбӯй ба зиёда гаштани иллат сабаб мешавад. Ис- лоҳи он дӯғи нӯшидаро қай намудан ва баъд ошоми- дани сиканҷабини (сиркоасали) биҳигӣ аст. Чун дӯғ дар меъдаи сардмизоҷ турш гардад, чарх задани сар 187 ва беҳуширо ба амал меоварад. Ислоҳи он ҳам қай кардан ва гуворишот (давоҳои ширинтаъми ҳазмо- вар)-и гарммизоҷ хӯрдан аст. 62. Абрешим Ин пиллаи печидаи кирмаки дастӣ мебошад. Пил- ларо дар офтоб гузоранд, то кирмаки даруни он бу- да бимирад, инро дар тиб абрешими хом меноманд. Мизоҷи абрешими хом дар дараҷаи якум гарм ва хушк аст, вале як қатор табибон мизоҷи инро дар тариву хушкӣ мӯътадил медонанд. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани абрешими хом дилро бағоят қавӣ мегардонад, инчунин ин аз даво- ҳои фараҳовар ба ҳисоб меравад. Азбаски, ба қавли як қатор табибон, мизоҷаш дар гарміву хушкӣ мӯътадил аст, рутубати рӯҳиро латиф (хуш) мекунад ва ба худ мекашад. Бо ин хислаташ рӯҳро равшан ва моил ба фараҳ месозад. Қувватбахшандагии абрешим фақат ба як рӯҳ ва ҳоли бадан хос нест, балки дар ҳама ҳолат мулоим- кунандаи ҳамаи рӯҳҳо, яъне қавӣ гардонандаи ҳамаи рӯҳҳои бадан аст, ҳатто рӯҳи табииро, ки қувватҳои ҷигар аст, рӯҳи нафсониро, ки қувватҳои майна аст ва рӯҳи ҳайвониро, ки рӯҳ ва қувватҳои дил аст, яъне ҷонбахши бадан низ меноманд, қавӣ мегардонад. Ин- чунин қуввати ҳофиза, зеҳн ва пушти камарро (боҳ- ро) тавоноӣ мебахшад; иллати дилтапак (дилбозӣ)-ро нест мекунад; сустии меъда ва шушро ба ислоҳ меоварад, баданро фарбеҳ мекунад. Ҳарири, яъне матои шоҳии маҳз қирмизиро ба хуни бинӣ тар карда, хушк сохта, баъд сӯхта, хокис- тари онро бо воситаи найча ба даруни бинӣ пуф ку- нанд, хуни биниро мебандад. Аз абрешим шароб ҳам тайёр мекунанд. Ин чунин аст. Абрешими хомро бо қайчӣ маҳин реза мекунанду дар об мепазанд ва баъд дар он шакари сафед андох- та, аз нав то қивом шуданаш меҷӯшонанд. Хӯрдани шароби абрешим гиреҳҳоро, ки дар ҳар ҷойи бадан пайдо шуда бошанд, мекушояд, дилро қавӣ месозад ва ранги рухсорро неку мекунад. Агар абрешими хомро бисӯзонанд бо вуҷуди он, ки сӯхтаи ин барои хӯрдан дар қувват бахшидан аз 188 абрешими хом заифтар аст, вале барои реш, обравӣ, шилпуқӣ ва қӯтури чашм фоиданоктар мебошад назар ба хоми он. Миқдори як бор хӯрдан аз абрешими хом дар як рӯз аз 3,5 грамм то 10,5 грамм аст. Кам ё зиёд хӯр- дан аз ин ба пасту баланд будани ҳолати беморӣ ва ҳоли бадан вобаста мебошад. Либосҳои бофтаи абрешимӣ ва ҳарир дар мизоҷ гарм ва латиф аст. Агар либоси шоҳиро бипӯшанд, баданро мулоим, нарм ва фарбеҳ мегардонад, ба пӯ- шандааш сурур мебахшад, вале пӯсти баданро нафис мекунад. Ва барои он, ки пӯсти баданро тунук на- гардонад, ба тори бофташ ё пудаш ресмони пахта- гинро ба кор бурдан даркор аст. Дар бобати ин либос ҳаким Муҳаммад бинни За-

кариё гуфтааст: «Либоси абрешим гармтар аз либоси зағирпоягӣ аст, боиси салобати башара аст, вале хис- лати либоси зағирпоягӣ баръакси ин мебошад». Матои абрешим омехташуда дар мизоҷ гарм ва форам аст ва пӯшидани он барои пирон хуб аст, ба онҳо фоида дорад. Инчунин одамони сардмизоҷ ва занонро дар ҳавоҳои сард пӯшидан бисёр мувофиқ аст, хунро гарм мегардонад. Аммо барои он ки хунро гарм насозад, дар бофташ ба абрешим ришташои пахтагин дохил кардан даркор аст. Яке аз хосиятҳои либоси абрешим он аст, ки на- мегузорад дар бадан шапуш пайдо шавад. 63. Саргини гов Барои табобат ҳам хушкаш ва ҳам тарашро исти- фода мекунанд. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро гузошта банданд, варамҳоро таҳлил медиҳад; хислати ба худ кашанда- гӣ ва манъкунандагӣ дорад, хуни рафтаистодаро, агар ҷонварони заҳрнок газида бошанд, дардашро таскин медиҳад; агар ба ҷое аз бадан хор ё тир даромада бошад, кашида берун меоварад; барои шукуфаҳои пӯст, гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш даво ме- шавад. Саргини нави гӯсолаи модаро фишурда, обашро 189 дар бинӣ чаконанд, хуни биниро манъ мекунад; ва агар онро бар пешонӣ гузошта банданд ё сӯхтаи онро бо сирко хамир карда, ба пешонӣ бимоланд, низ ҳа- мин асар дорад. Инчунин саргини говро сӯхта, онро бо воситаи найча дар бинӣ пуф кунанд, хуни биниро қатъ мегардонад. Онро дар равғани бодоми талх ва шароб хуб ҳал карда, дар гӯш чаконанд, барои дарди сахт ва луққосзании он бисёр фоида мебахшад. Саргини тари говро гармогарм гузошта банданд, варамеро, ки аз буридани корд ва теғи дигар тасам- мум (заражение) ёфта бошад, шифо мебахшад, агар аз он хун равон бувад, қатъ месозад ва ҷароҳатро си- ҳат менамояд. Агар ин саргинро заноне, ки бачадо- нашон берун омада бошад, низ гузошта банданд, ба- чадонро ба ҷойи аслиаш мебарад; ба буғумҳо ва ир- қуннасо (радикулит) гузошта банданд, дарди онҳоро таскин медиҳад. Ва агар инро бо орди нав хамир кар- да, гузошта банданд, барои ҷӯшишҳои пӯсти бадан ва бо сирко хамир созанд, барои варами гарм даво ме- бошад. Ва агар ба узве тир даромада, дар ҳамон ҷо монда бошад, гузошта банданд, берун меоварад; ба ханозер (хукгардан) ва варамҳои сахт гузошта бан- данд, онҳоро таҳлил медиҳад; ба занбӯргазида бибан- данд, дардашро таскин медиҳад ва намегузорад, ки варам оварад; ба зону бибанданд, варамашро мегар- донад; ба озаххо гузошта банданд, онҳоро хушк кар- да мерезонад; агар инро бо асал сиришта гузошта банданд, варамҳои сардро дафъ мекунад; бо гули бо- буна ва гӯгирд даромехта гузошта банданд, истиско (водянка)-ро дору мешавад; бо заъфарон хамир сох- та гузошта банданд, пучак, чиртак ва ҳамчунин реш- ҳоро мекафонад; бо орди боқило хамир карда бибан- данд, варами пистонро таҳлил медиҳад; бо

оби пиёзи ансул — шукуфаҳои пӯст, решҳои сар ва гирдак-гир- дак мӯйрехтаи сар ва ришро шифо мебахшад. Саргини ҳар як навъи говро занони ҳомила ба зе- ри ноф гузошта банданд, бачаи онҳоро, ки мурда бо- шад, аз шикам меафтонад ва агар як муддат гузошта банданд, бачаи зиндаро ҳам дар шикам мекушад; ба зери ноф ва тиҳигоҳ (холияки паҳлу) гузошта бан- данд, иллати қулинҷро, ки дард ва варами рӯдаҳои ғафс аст, ба ибро меоварад, бигузор он агарчи аз ҷамъ шудани бод содир шуда бошад ҳам—дафъ ме- кунад; ба мақъад бигузоранд, дард ва варами онро 190 шифо мебахшад; бо равған хамир сохта гузошта бан- данд, никрисро, ки дард ва варами ангуштони дасту поҳо мебошад, дору мешавад. Саргини хушки говро сӯхта, занҳои ҳомила дудаш- ро ба миёни поҳои худ бигиранд, зойиданро осон ме- кунад. 64. Муми занбӯри асал Ин ҷирми хонаи занбӯри асал аст, ки асалро дар он ҷамъ мекунад. Он се навъ аст: 1. Он аст, ки зан- бӯри асал асалро дар он ҷамъ мекунад. Ранги ин мум моил ба сурхию зардӣ, мулоим, чарб ва хушбӯ мебо- шад, инчунин аз нави он бӯйи асал меояд. 2. Он аст, ки пардаҳои даҳани хонаи худро аз он месозад ва дар он асал намебошад. Ин дар хубию бадӣ миёнаҳол аст. 3. Он аст, ки бо номи таслит машҳур мебошад — он чизи сиёҳранг аст, ки бар кур (хонаи занбӯр)-и худ мемолад. Ин дар давогӣ бадтар аз дигарҳояш мебо- шад. Инро ба русӣ прополис меноманд. Мизоҷи муми занбӯри асал қариб дар дараҷаи дуввум гарм ва дар тарӣ мӯътадил аст. Қувваташ то сӣ сол боқӣ мемонад. Хислатҳои шифобахши он: хусусиятҳои умумии он таҳлилдиҳандаи варамҳо ва моддаҳои ғафс дар ба- дан; пазонандаи моддаҳои нодаркор ва тайёркунанда барои хориҷ шудан аз бадан ва мулоимкунандаи асаб- ҳост; ислоҳкунанда ва нигоҳдорандаи хислати даво- ҳо дар марҳамҳо мебошад. Ду грамми онро ба андозаи донаи гандум реза- реза карда, дар равғани кунҷид ҳал намуда бинӯшанд, ваҳмҳои ботинӣ (аз ҷумла захми меъда ва шуш), харошида шудани рӯдаҳо ва исҳоли кӯҳнаро шифо мебахшад, инчунин заҳрҳоро аз бадан дафъ мекунад; дарди даруни узвҳои сина, сурфа ва силро даво ме- бошад, шири дар ҳар ҷойи бадан шахшударо таҳлил медиҳад ва дафъ месозад; дарди гулӯ ва забончаи ҳалкро ба ибро меоварад, овозро соф мекунад. Агар ин мумро сӯхта, дудашро бигиранд, беморони табро арақ меоварад, бӯйи мурдори ҳавои вабоиро дафъ мекунад, бадбӯйии биниро нест мегардонад, азия- ти бӯйи мурдор ва қабристониро ислоҳ мекунад. Агар инро дар равғани гулисурх ё дар равғани 191 зайтун гудохта, бо он ҳуқна (клизма) кунанд, барои харошида шудани рӯдаҳо бағоят фоида дорад. Инро бо равғани бунафша даромехта бимоланд, дағалии узвҳои даруни сина ва дигар дағалиҳои ба- данро дафъ месозад, варамҳоро мепазонад, барои хо- риш ва қӯтур дору мешавад ва даҳани захмҳоро ва- сеъ карда, барои хориҷ шудани чирк ва рими онҳо шароит

пайдо менамояд; захми заҳри тири заҳрнокро дафъ мекунад. Мумравғанро, ки бо равғани савсан ё савсани са- фед тайёр карда шуда бошад, ба рухсора бимоланд, ранги рӯйро сурх ва соф мегардонад, доғҳои кунҷи- дакро дафъ месозад, асабҳои сахтгаштаро мулоим ме- кунад. Агар ин мумравғанро аз муми зард ё сурх бо равғани савсан ё равғани гулисурх тартиб дода, се ҳафта дар офтоб гузошта, баъд бимоланд, варамҳои паси гӯш ва каши онро таҳлил медиҳад ва моддаҳои ба он варамҳо рехташавандаро манъ мекунад. Муми занбӯри асалро батанҳоӣ варақ сохта, бар пистони занҳо гузошта банданд, шах шудани ширро дар он манъ мекунад ва агар ба асабҳои шахшуда ва варамҳо гузошта банданд, онҳоро таҳлил медиҳад ва мулоим мегардонад. Ин мумро реза-реза карда, бо кӯфтаи зардчӯба даромехта, дар халтача андохта, бо равғани кунҷид гарм карда, бо он гармбандӣ намоянд, варам ва бод- ҳоро таҳлил ва дардҳоро таскин медиҳад. Вале хӯрдани ин мум иштиҳоро мебандад ва дар узвҳои бадан гиреҳҳо пайдо мекунад. Давои ин за- рарҳояш нон хӯрдан ё бо нон хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз ин дар як рӯз то 1,75 грамм аст. Ба ҷойи муми занбӯри асал орди боқилоро бихӯранд, раво мебошад. Агар хонаи занбӯри асалро сӯхта, ба зарфе бимо- ланд ва он зарфро дар оби баҳр ё оби талх бигузо- ранд, оби ширинро ба худ мекашад. Барои дору муми занбӯри асалро сафед карда, баъд истеъмол менамоянд. Тарзи сафед кардани ин мум чунин аст, ки мумро гудохта, дар оби хунук ан- дозанд ва чирки онро, ки дар зери он об ҷамъ ме- гардад, ҷудо кунанд ва ҳамин амалро такрор намо- янд, хуб аст. Баъд онро дар деги сафоли нав гузошта, аз болояш оби дарёи шӯр ба он рехта (агар оби дарёи шӯр муҳайё набошад, намакоб рехта), андак 192 танакори арманӣ дар он дохил карда, то гудохта шу- дан дар оташ гузоранду баъд, аз оташ фурӯд оварда, деги сафолини дигари хурдтареро, таги онро тар кар- да, дар он деги калон фурӯ баранд, то ки мум бар он бичаспад. Баъд ин дегчаи сафолинро аз он бардоранд ва сонӣ баъд аз хунук шудани он мумро ҷудо карда бигиранд. Ҳамин тавр он дегчаро боз дар он деги ка- лон фурӯ баранд ва ҳамин амалро чанд мартаба так- рор намуда, мумро ҷудо намоянд. Баъд мумҳоро қурс сохта, ба ришта кашида, чанд рӯз дар офтоб биёве- занд ва ба он дафъа ба дафъа оби хунук бипошанд ва чанд шаб ба моҳтоб овезанд, то он ки мум сафед шавад. Сонӣ ин муми сафедро барои бемориҳои дар боло номбаршуда ҳамчун даво ба кор баранд. Амали дигари сафед кардани ин мум чунин аст. Мумро дар зарфе андохта, оби ҷӯшон ба он бирезан- ду муттасил бичӯшонанд, то ки мум сафед гардад. 65. Панир Панир дар вақташ ин тавр тайёр карда мешуд. Ба шир панирмоя мезаданд, баъд он монанди ҷуғрот ғафс мегардад. Сонӣ онро намак зада, дар халтачаҳои мат- луб андохта, даҳани онҳоро маҳкам баста, зери санг ё чизи дигари вазнин муддате мегузоранд. Дар нати- ҷаи фишор хӯрдан обияти он

ҷудо шуда, сахт ва па- нир мешавад. Агар намакин кардан хоҳанд, боз аз болояш намак зада, таъмашро шӯр сохта, баъд барои истеъмол тайёр мекарданд. Мизоҷи панири нав тайёр кардашуда дар дараҷаи дуввум сард ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани панир меъда, рӯдаҳо ва гурдаҳоро қувват мебахшад (модоме ки гурда қавӣ бошад, дар он санг пайдо намешавад), да- рунро мулоим месозад; агарчи панир дерҳазм ҳам, ки бошад, дар бадан моддаҳои солим пайдо мекунад ва баъд аз ҳазм ёфтан зуд ба узвҳои бадан мегузарад. Агар панирро бо мағзи чормағз ва гиёҳи кокутӣ даро- мехта бихӯранд, баданро бағоят фарбеҳ мегардонад, пӯстро мулоим мекунад. Панирро пухта, баъд кабоб карда бихӯранд, исҳо- ли сафровиро манъ мекунад. Панирро варақ карда, ба чашм гузошта банданд. 193 нуқтаҳои сурхаки хунини дар чашм афтода ва дарди чашмро дафъ мекунад. Чун панирро дар об ҷӯш диҳанд ва он обро зани бачамакон бинӯшад, ширaш зиёда мегардад; агар касони дигар бинӯшанд, намегузорад, ки реш ва захм- ҳои рӯдаҳо варам кунанд. , Панир ба одамони сардмизоҷ зарар мекунад, иш- тиҳои онҳоро мебандад; агар баъд аз хӯрдан ҳазм наёбад, боиси пайдо шудани гирех, қулинҷ (колит), иловус (варам ва дарди рӯдаҳои борик) ва торикии чашм мегардад. Дар ин ҳолат асал, наъно ва кокутӣ бихӯранд, ислоҳи зарар менамояд. Мизоҷи панири намакин (брынза) ва кӯҳнаи он дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Агар ин навъашро бихӯранд, балғамро пароканда месозад, иштиҳо ва рӯдаҳоро қувват мебахшад, рутубатҳои нодаркори ба- данро хушк месозад. Агар инро бо асал хамир сохта гузошта банданд, пучакҳоро мекафонад ва милкаки нохунро шифо мебахшад. Агар бо равғани зайтун да- ромехта гузошта банданд, буғумҳои шахшударо ислоҳ мекунад, решҳои раддии бадфиолро шифо мебахшад. Агар бо оби борон сиришта пай дар ҳам гузошта бан- данд, аз мағзи буғумҳо чизи гаҷмонандро кашида бе- рун мекунад бе ҳеҷ гуна дард. Агар бо навшодир кӯф- та гузошта банданд, доғҳои кунҷидакро дур месозад, қӯтури пӯстро шифо мебахшад. Агар бо пудинаи кӯҳӣ (кийикӯтӣ) кӯфта гузошта банданд, захрҳои ҷонваро- 1 ни нешдорро аз бадан дафъ менамояд. Вале хӯрдани ин гуна панир дар бадан моддаҳои сафровиро пайдо мекунад, ташнагӣ меоварад, хориши пӯст ва қӯтурро ба амал меоварад. Бо вуҷуди гармии мизоҷаш ба одамони сардмизоҷ зарар мекунад, зеро ки муқовамати бадани онҳо нисбатан суст аст; низ ба онон, ки узвҳои дохилиашон гирех доранд, зиёнкор аст; баданро лоғар мегардонад, дар гурда, хичак (пе- шобдон) ва дигар узвҳо санг пайдо менамояд. Барои он ки ин қабил зарарҳояш зоҳир нагарданд, бо мағзи чормағз бихӯранд ё баъд аз он ин мағзро бихӯранд, кифоя аст, ки безарар гардад. Агар панир бисёр кӯҳна шуда бошаду бихӯранд, баданро захролуд месозад. Агар ин ба одамони гарммизоҷ зарар кунад, мева- ҳои обдор ва

туршиҳо истеъмол намудан лозим аст. Паниpи ғайри чакидаро, яъне панирepo, ки обашро 194 фишурда берун накарда бошанд, бихӯранд, хоб ме- оварад, барои табҳои диқ (лоғаркунанда), сил, тафси меъда даво мешавад, хушкӣ ва шахшӯлии пӯсти ба- данро ба ислоҳ меоварад, васвосро дафъ месозад; ба- рои бемориҳои сафровӣ ва тафсидани хун нафъ дорад. Вале ин ба одамони сардмизоҷ зарар дорад, бемори- ҳои сард ва тарро ба зуҳур меоварад ва дар гурдаву хичак санг пайдо мекунад. 66. Шапуш Ин ҷонвар дар бадани инсон ва ғайри инсон пайдо мегардад. Ду навъ аст: Якеашро, ки сиёҳ ва ба ран- ги мӯй аст, пойҳои бисёр дорад, дар бехи муйҳои ҷо- ҳои гуногуни бадан ними баданашро фурӯ бурда, зин- дагӣ ба сар мебарад. Модаи ин навъаш дар ҳаҷм зиё- да аз нари он аст. Ин қисмашро ба арабӣ қамқом ме- номанд. Навъи дуввумаш дар ҷоҳои дигари бадани инсон ба ҳам мерасад, ки инро ба арабӣ қамл ва ба тоҷикӣ шапуш меноманд. Дар тиб ҳамин навъаш, ки дар бадани инсон пайдо мешавад ва шаш дасту пой дорад, ба кор меравад. Ин аксар аз моддаҳои мурдо- ри нодаркори бадан ба амал меояд, хоҳ он моддаҳо чирки раддӣ бошад, ё дигар моддаҳои касофати дар бадан ҷамъшаванда ба зуҳур мепайвандад. Агар шапуш дар бадан бисёр гардад, бадан лоғар мегардад, вале аз покӣ ин кам мешавад. Хислатҳои шифобахши он: чун шаш адад шапуши зиндаро дар сӯрохи боқило гузошта, ҳар дуро якҷо фурӯ баранд, таби дурӯздармиёнро дафъ мекунад. Чун як адади онро дар сӯрохи закар гузоранд, пешо- би бандшударо мекушояд. Чун зани ҳомила онро дар дасти худ бидорад ва бар он шир бидӯшад, агар баъд аз он шапуш роҳ гардад ва ҳаракат кунад, он зан ҳомила ба писар аст ва илло — ба духтар ҳомила ме- бошад. Шапуши зиндаро қапида партоянд, иллати фаро- мӯшхотириро ба амал меоварад, балки бояд онро би- кушанду баъд партоянд. Агар шапушро бо оби зира бар бадани тифлони нав зойидашуда бимоланд, дар тамоми умри онҳо дар бадани онон шапуш пайдо намегардад. Агар дар бадан шапуши бисёр пайдо шуда бо- 195 шад, илоҷи дафъ карданаш он аст, ки либосро ба си- моб олуда бипӯшанд ё симоб бар бадан бимоланд, ё симобро бо ҳино якҷо карда бимоланд, ҳамон дам шапушҳо дафъ мегарданд. Яке аз хосиятҳои шапуш он аст, ки ҳангоми наз- дик шудани марги инсон аз он мегурезад. Чун шапуши бисёрро ҷамъ карда, аз он елим со- занд, аз ҳамаи елимҳои дигар қавитар ва часпандатар мегардад. 67. Пешоб Мурод аз ин пешоби инсон дар назар дошта меша- вад. Мизоҷаш гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: умуман ҳар як пешоби ҳайвонотро ҷӯшонида ғафс гардонида, гузошта бан- данд ё бимоланд, реш ва захмҳои бадфиол (злока- чественные язвы) ва носурҳоро хушк мегардонад ва сиҳат мебахшад. (Носур — захми беҳнашаванда). Бо пешоби инсон бардавом бишӯянд, реш ва захм- ҳои чуқур, шукуфаҳои пӯст, захмҳои обдор, решҳои даванда, қӯтур,

хориш, сабӯсаки сар, обила, решҳои сар ва доначаҳои пуроби сар—ҳамаашро шифо ме- бахшад ва инчунин намегузорад, ки решҳои бадфиол зиёда гарданд. Пешоби инсонро бо танакори сурх си- ришта, баъд бо он бишӯянд ё онро бимоланд, ба ҷо- ҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй меруё- над, доғи песро аз пӯст пок мекунад ва иллати пӯст- партоиро ба ибро меоварад. Агар пешоби худ ё тифлро биёшоманд, зарари ҳа- вои мурдорро дафъ мекунад ва газидани ҷонварони заҳрнок ва ё заҳр хӯрда бошанд, безарар мегардонад. Агар мор газида бошад, ҳар рӯз ду каф аз пешоби худ ё пешоби тифлро бардавом бинӯшанд, таъсири заҳри онро батамом мешиканад. Ҳар пагоҳ ба дили наҳор ду каф-ду каф пешоби худро биёшоманд, сипурзро то ба ҳадде пок мегардо- над, ки ҳатто ёфтани он душвор мегардад. Ё ки ҳар рӯз ҳамин миқдор пешоби худро бо ним вазни он оби барги бодиринг бинӯшанд, сипурзро пок мегардонад; агар тавонанд пеш аз нӯшидан қадаре роҳ рафта, хаста гашта, баъд бинӯшанд, дар ин бобат беҳтар аст. 196 ; Бо пешоби гарм мақъадро (махраҷгоҳро) бишу- янд, варами онро таҳлил медиҳад. Агар бо он ҳуқна (клизма) кунанд, дарди рӯдаҳоро дафъ мекунад. Пешобро дар пӯсти анор гарм карда, дар гӯш ча- конанд, кирми онро мекушад. Пешобро, ба чашм бимоланд, обравии муттасил, дард ва торикии чашмро дафъ мекунад. Агар дар на- тиҷаи захм пайдо шудан ба чашм гул афтода бошад, пешобро дар зарфи мис бо асал ҷӯшонида, ба чашм бимоланд, онро пок мекунад. Хокистари токро бо пешоб хамир карда, гузошта банданд, хунравиро аз ҳар як узве, ки бошад, қатъ мекунад. Пешоби тифли ноболиғро биёшоманд, барои душ- вории нафасгирӣ, нафаси роста (ростнафас) даво ме- шавад. (Ростнафас — чунон аст, ки бемораш хоб кар- да нафас гирифта наметавонад, фақат нишаста сар боло дошта ё дар ҳолати хестаги метавонад нафас би- кашад). Кафки пешобро ба озаххо бимоланд, онҳоро хушк карда мерезонад. Хислатҳои дигари пешоби инсон дар боби «Инсон» зикр ёфт. Пешоби модагов бағоят поккунанда аст, онро би- моланд захм ва решҳои кӯдаконро шифо мебахшад ва бо он бишӯянд, захмҳои беҳнашавандаро ба ибро ме- оварад. Пешоби барзаговро аз рӯ бимоланд, дарди меъдаро, ки аз сардӣ бошад, шифо мебахшад, бавосир- ро дафъ мекунад. Ва агар инро бо сирко даромехта бимоланд ё даҳанро бо он чайқонанд, дарди дандон- ро сокин мекунад. Агар кӯфтаи хардалро (горчицаро) миқдоре дар пешоби барзагов андохта, баъд бо он бишӯянд, карахтии узвҳоро дафъ мекунад. Пешоби хукро ба чашм бимоланд, гули чашмро пок мекунад. Ва агар биёшоманд, санги гурда ва хи- чакро майда карда мерезонад. Пешоби шутурро биёшоманд, варами ҷигарро таҳ- лил медиҳад ва гиреҳи онро мекушояд ва истисқоро (водянкаро) дафъ мекунад, сахтии сипурзро ба ислоҳ меоварад, боҳро қавӣ мегардонад, бемориҳои сарди

узвҳои дохилиро шифо мебахшад. Агар дар гӯш чако- нанд, захм ва ҷароҳати онро беҳ месозад. 197 68. Шутур Ин ҳайвон зиракта аз ҳайвоноти дигар аст. Агар ба ӯ ранҷ расад, дастрас бошад, барги балут ва чун онро мор газад, харчанг ёфта мехӯраду худро табобат мекунад — ин албатта дар он ҷоҳое воқеъ мешавад, ки ин чизҳо мавҷуд бошанд. Беҳтарини шутур яксолаи фарбеҳи он аст. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар аввали дараҷаи саввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани гӯшти он боҳро қувват медиҳад ва узвҳои баданро мустаҳкам меку- над, олати мардиро башиддат ба ҳаракат меоварад; барои таби дурӯздармиёнгиранда, иркуннасо (радику- лит), дарди сурини кӯҳна, зардпарвини сиёҳ ва сӯзи- ши пешоб (сӯзок) дору мешавад. Гӯшташро сӯхта, бо сирко ё бо шароб сиришта, ба шукуфаҳои пӯст бимоланд, шифо мебахшад. Ҳангоми кушта шудани шутур шушашро гармогарм бимоланд, доғи кунҷидакро нест мекунад. Ҷигарашро ба чашм бикашанд, зардоби ба гавҳа- рак фуромадаро, ки чашмро нобино мегардонад, дафъ месозад ва чашмро қавӣ мегардонад. Равғанашро бимоланд, барои бавосир фоида меку- над. Агар инро дар ҳар чое, ки нигоҳ доранд, мор аз он ҷо мегурезад. Агар шушашро бардавом бихӯранд, кӯр мекунад. Мағзи устухони соқашро ба пашм олонда, баъди пок шудан аз ҳайз занҳо се рӯз пай дар ҳам аз таг бардоранд, барои ҳомила шудан кӯмак медиҳад. Саргини хушкашро дар об тар карда, он обро дар бинӣ резанд ё он саргини таршударо дар бинӣ пур кунанд, хуни биниро манъ мекунад; ва агар он сар- гинро бо давоҳои муносиб якҷо карда бихӯранд, ба иллати саръ (припадка) шифо мебахшад. Агар сар- гини нави онро гузошта банданд, барои ханозер (хук- гардан) ва обилаву донаҳои бар бадан даманда дору мешавад. Ва агар инро бимоланд, озахҳоро хушк кар- да мерезонад. Кӯҳонашро бихӯранд, бачадонро аз чизҳои зарар- нок пок месозад, хуни бавосирро қатъ мекунад ва ҷо- ҳои кафидаи пӯстро ба ҳам меоварад. Ширдони бачаашро, ки ҳанӯз алаф нахӯрда бо- шад, бихӯранд, боҳро бағоят қавӣ мегардонад, олати 198 мардиро ба ҳаракат меоварад, агар ахлоти манӣ шах шуда бошад, мегудозад ва агар рақиқ (суюқ) бошад, ғафс мегардонад; баданро фарбеҳ мекунад. Кафки даҳани онро ҳангоми мастии он бошад, биёшоманд, девона мекунад. Оби пудинаро дар бинии шутур бичаконанд, мас- тиаш барҳам меравад. Шири шутурро бинӯшанд, барои истисқо дору ме- бошад, хусусан бо пешоби он якҷо карда бинӯшанд, таъсираш қавитар мегардад. Агар пешобашро батан- ҳоӣ биёшоманд, низ ин иллатро ба ибро меоварад, пе- шобро башиддат меронад, зардобро аз бадан дафъ мекунад; барои сурфа, зуком, варами ҷигар, истисқо, зардпарвин, кушодани гиреҳҳои ҷигар даво мешавад; боҳро қувват мебахшад ва мастиро ба зудӣ дафъ ме- кунад. Агар онро бибӯянд, бастагии сӯрохи биниро мекушояд, хашмро дур месозад. Агар ин

пешобро гарм карда, дар гӯш чаконанд, дарди онро таскин медиҳад ва гаронии гӯшро дафъ мекунад. Пешоби шутурро бо ҳазориспанд якҷо ҷӯшонида, кам-кам ва бардавом бирезанд, никрисро, ки дард ва варами ангуштони дасту поҳо мебошад, фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ)-ро шифо мебахшад, узви карахтро ба ҳис меоварад ва варамҳоро таҳлил медиҳад. Пашми маҳини шутурро ос карда бипошанд, захм- ҳоро пок намуда ва даҳани онҳоро ба ҳам оварда си- ҳат мекунад. Агар инро сӯхта бипошанд, хуни ҷаро- ҳатро манъ месозад; агар ин сӯхтаро дар бинӣ бире- занд, хуни биниро мебандад. Мӯйи шутурро ба рони чап бибанданд, беихтиёр равон шудани пешобро ислоҳ мекунад. Канаи шутурро ба остини каси ошиқ бибанданд, ишқаш барҳам мехӯрад. Чун гандумро ба арақи шутур тар карда, ба ҳар як паранда ва мурғ бихӯронанд, беҳуш мегардад ва агар ба кафки даҳанаш тар карда бидиҳанд ҳам, ҳа- мин гуна асар дорад. Гӯшташ душворҳазм, инчунин дар ҷигар ҳам носа- ра ҳазм меёбад, вазнин ва аз хӯрдани он хуни савдо- вӣ ҳосил мегардад. Дар ин маврид агар онро бо на-мак ва шибит муҳарро пухта, бо равғани зайтун ҷӯ- шонида, мурч ва зираи сиёҳ дохил карда, бо каме хардал (горчица) бихӯранд, хислатҳои бадаш ислоҳ 199 меёбанд. Ва баъд аз хӯрдани гӯшти он сиркои холис, обкома ва сиркои кавар бихӯранд, барои одамони гарммизоҷ сазовор аст. Ва одамони мизоҷи сарддош- та, агар буғумҳояшон дардманд набошанд, бо мураб- бои занҷабил бихӯранд, безарар мегардад. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-hayvoni-60-68#60

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 69-74 69. Пахта 70. Анзарут 71. Индов 72. Сабзӣ 73. Чормағз 74. Ҷавзи бавво ДАВОҲОИ НАБОТӢ (РАСТАНӢ) 69. Пахта Ин зироати машҳур ва хеле қадим аст. Таърихаш ҳазорҳо солро дар бар мегирад. Ду навъ мебошад: яке пахтаи сафед медиҳад, ки ниҳолаш сершох мебо- шад ва дар ҳар шохе мувофиқи қуввати заминаш кӯ- сакҳо дорад, ки ин самараш қариб кулӯла мебошад. Дигаре бешох, рост ва баланд мехезад, вале кӯсаки ин нисбатан майдатар ва дарозаки нӯгдор — нахҳои ин нисбатан маҳинтар ва дарозтар аст. Одатан чигити инҳо кишта мешаванд, аз замин ниҳоли нав дубаргашавон бармеояд ва баъд баргҳои муқаррарӣ зоҳир намуда, бо мурури рӯзҳо шона ме- бандад, гул мекунад, кӯсак мегирад ва инак, он раси- да пахтааш мешукуфад. Дар ҷоҳои мо пахтаро ҳар сол як бор аз нав мекоранд, вале дар минтақаҳои гармо як бор коранд, ду сол ҳосил медиҳад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст; мизоҷи чигиташ дар дараҷаи дуввум гарм ва тар; ми- зоҷи гулаш гарм ва тар аст, ки илова бар ин боз хис- лати фараҳбахшӣ ҳам дорад. Хислатҳои шифобахши он: аз гулаш шароб тайёр мекунанд ба ин усул. 400 грамм гули тару тозаашро дар 1,6

килограмм оби борон ё оби муқаттар як ша- бонарӯз тар карда, баъд то сеяки об мондан бо оташи мулоим мечӯшонанд. Пас хуб молида, аз матои боф- таш зич гузаронида, соф менамоянду бо 800 грамм қанди сафед қивом месозанд. Дар лаҳзаҳои охири ки- вом 2,25 грамм заъфаронро ос карда, дохили он мекунанд. Аз ин таркиб ҳар рӯз як бор 70 грамм бо гулоб ё бо бедмишк ва ё бо арақи говзабон бихӯранд, де- вонаи навро сиҳат мебахшад; васвос ва тапидани дил (дилбозӣ), ки аз гармӣ бошанд ва инчунин хафа (бӯғма) шудани гулӯгоҳи бачадонро ба ибро меова- рад. Агар 25 грамми онро бинӯшанд, аз бисёр хур- 200 сандӣ бахшидан кайф мекунад ва ба ҳолате қариб ба мастӣ меоварад. Гули онро батанҳоӣ ё бо барги тараш якчо кӯфта гузошта банданд, обила ва сӯхтагии оташро дафъ ме- кунад — шифо мебахшад. Агар либоси пахтагин ё либоси пашмин ва абре- шимро, ки тор ё пудаш аз пахта бошад, бипӯшанд, баданро қувват мебахшад, гарм нигоҳ медорад, аъзои баданро хушк ва сахт мегардонад, инчунин барои бе- мориҳои вобаста ба ҳолати майна ва асаб, ки монан- ди: ларзак, сустӣ ва нотавонии аъзо, фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ), кузоз (столбняк) ва монанди инҳо форам ва мувофиқ аст. Дуди пахтаро дар бинӣ кашанд, зукомро дафъ мекунад. Пахтаи наддофӣ кардашударо, яъне бечигитро то сиёҳ шуданаш сӯхта, яъне сӯхтаи онро ба ҳадди хо- кистар нарасонида гузошта банданд, варамҳоро таҳ- лил медиҳад, хоришро дафъ мекунад ва сӯхтагии оташро шифо мебахшад. Пахтаро аз чигиташ чудо карда, даруни захмҳои чуқуррафтаро аз он пур намо- янд, римашро аз чуқурии он мекашад ва захмро хушк карда сиҳат мебахшад. Пахтаро то орд барин маҳин гаштанаш кӯфта бипошанд, чароҳатҳоро хушк ва си- ҳат мекунад. Агар аз ин кӯфта захмҳои кӯҳнаро пур кунанд, гӯшти ҳароми онҳоро мегудозад ва дафъ ме- созад, рими онҳоро низ аз чоҳои чуқур мекашад. Пахтаро гарм карда, ба узвҳои дардманд ва варамҳои сард дар ҳар узве, ки бошанд, гузошта бан- данд ва муддате ҳамон тавр бигузоранд, инчунин ба хояҳои об фуромада ҳамин тавр гузошта банданд, дардро дафъ мекунад, варамро таҳлил медиҳад ва оби дар хояҳо фуромадаро пароканда мегардонад. Пахта- ро кӯфта, гарм карда, ба рӯйи барги гарм кардашудаи беданчир паҳн намуда, ба варами хоя гузошта банданд, онро таҳлил медиҳад. Чигити нав аз пахта чудо кардашударо кӯфта, андак занчабили кӯфтагӣ ва об бар он пошида, гарм карда, чун фатила аз пахта созанду як сари онро ба озаххои мехшакл гузошта, сари дигари онро бисӯзонанд, ки гармӣ ва тезии он ба озаххо расад, вале насӯзад ва то се рӯз ҳамин тавр доғ кунанд, озах нест мешавад. Мағзи бепӯсти чигитро бихӯранд, узвҳои даруни сина ва шикамро мулоим мекунад, сурфаро, ки аз гармӣ бошад, дафъ месозад. Агар инро бо дорчинӣ ва 201 шакар бихӯранд, боҳи (пушти камари) одамони сард- мизочро қувват мебахшад, вале агар бо

сиканҷабин (сиркоасал) бихӯранд, барои пуркувват кардани боҳи одамони гарммизоҷ дармон мегардад. Миқдори як бор хӯрдан аз мағзи чигит дар як рӯз то 23 грамм аст. Равғани чигитро бимоланд, доғҳои кунҷидакро дафъ мекунад ва ҷароҳатҳоеро, ки дар рухсора пайдо шуда бошанд, шифо мебахшад. Оби баргҳои тару тозаашро бо воситаи кӯфтан си- тонида, аз он об чанд бор 75-граммӣ (хусусан бо шар- бати себ) бинӯшанд, рафтани даруни кӯдакон ва ғай- ри кӯдаконро мебандад. Баргашро кӯфта, бо равғани гулисурх сиришта гу- зошта банданд, никрис (дард ва варами ангуштони дасту поҳо) ва дардҳои дигари луккосзанандаи доимиро шифо мебахшад, ки дар ин бобат давои бемисл аст. Агар барги пахтаро бо барги чилмангӯштак (се- мизут) якҷо кӯфта гузошта банданд, дарди буғумҳо- ро, ки хоҳ аз гармӣ ва хоҳ аз хунукӣ бошад, даво мешавад. Баргҳои майдатар ва андак решааш— ҳар дуро дар об ҷӯшонида, дар он об занҳо то ноф даромада нишинанд, бӯғмаи бачадонро, ки дафъа-дафъа беҳушӣ меоварад, шифо мебахшад ва дарди ин узвро таскин медиҳад. Баргҳои онро дар соя хушк карда, кӯфта бипо- шанд, хуни ҷароҳатро, ки аз буридани теғ, расидани тир ва ғайра равон бошад, манъ мекунад. Ҳар як қисми дарахт ва самари пахтаро кӯфта гу- зошта банданд, меъдаро қувват мебахшад, хуни дар узвҳои бадан шахшударо таҳлил медиҳад ва онро ба рӯйи пӯст мекашад. Агар як сари шохи пахтаро дар гӯш гузоранд ва сари беруни онро бисӯзонанд, оби даруни гӯш рафтаро, ки берун оварданаш душвор гашта бошад, ба худ мекашад. 70. Анзарут Ин шилми буттаи хорнокест, қаддаш то 1,5—2 метр мехезад, дар сарзаминҳои Форс, Хуросон ва Осиёи Миёна мерӯяд. Ранги ин шилм сурх ва сафеди моил ба зардист. Беҳтарини он ранги сафеди зардтобаш 202 аст, ки зудшикан ва дар таъм талхи андак ширинӣ дошта бошад. Мизоҷаш дар охири дараҷаи дуввум гарм ва дар аввали ҳамон дараҷа хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ин хушккунанда бидуни дард аст ва беҳтарин давои бо исҳол дафъкунандаи балғами шахшӯл ва сафроро ҳамоно дафъ мекунад; бодҳои ғализро таҳлил медиҳад, гиреҳҳои узвҳои ба- данро мекушояд, бачаи занони ҳомиларо аз шикам меафтонад, кирми меъда ва рӯдаҳоро мерезонад; ба- рои иллатҳои пайвандҳо, дарди сурин ва иркуннасо (радикулит) дору мешавад; балғами ғафсро аз ҷоҳои дур ва чуқури бадан мекашад, хусусан бо турбуд ва ҳалила бихӯранд, ин навъ таъсираш қавӣ мегардад. Барои фарбеҳ кардани баданҳои лоғар чун 17,5 грам- ми онро бо 0,6 грамм санги даруни заҳрадони гов ва 35 грамм норгул ҳамроҳ карда, чор ҳисса сохта, ҳар рӯз як ҳиссаи онро баъд аз ҳаммом кардан ва баъди хӯрдани зардаи тухми мурғи нимпухта биёшоманд, бисёр пуртаъсир аст, бо як аҷобат фарбеҳ месозад. Ҳаким Бағдодӣ гуфтааст, ки занони Миср анзарут- ро дар оби тарбуз ним рӯз тар карда, барои фарбеҳ шудан то 35 грамми онро мехӯранд. Мегӯянд, ки 17,5

грамми анзарутро сойида бихӯ- ранд, масомҳоро банд карда ва ба узвҳои даруни ши- кам часпида мекушад. Ислоҳкунандаи зарари ин шилми бодомҳо ва рав- ғани бодоми ширин аст. Ҳар гоҳ худи анзарутро батанҳоӣ истеъмол карда- нӣ шаванд, бояд ки даҳ баробари он равғани бодоми ширин ҳамроҳ намоянд. Миқдори як бор хӯрдан аз анзарут дар як рӯз аз 2,25 то 9 грамм аст, вале агар бо давоҳои дигари ис- лоҳовар ошомидан хоҳанд, 4,5 граммаш кифоя аст. Ба ҷойи анзарут ба ҳамон вазн сабир (алоэ)-ро ис- теъмол фармоянд, равост. Аммо истеъмоли он аз берун барои беҳ шудани ҷа- роҳат, рӯёнидани гӯшти солим ва хӯронидани гӯшти ҳароми реш ва ягон узви дигар, пок сохтани рим аз захмҳо, хуни равони ягон ҷоро манъ гардонидан, дафъ кардани доғҳои нағзак даво мебошад; бо натрун (та- накори арманӣ, яъне танакори сурх) якҷо карда гу- зошта банданд, ханозерро (хукгарданро) таҳлил ме- диҳад. Ва агар инро бо асал сиришта, фатилаи борик- 203 ро ба он олонда, дар гӯш гузоранд, рими даруни гӯш- ро пок месозад. Кӯфтаи анзарутро дар шири хар ё шири ҷавонза- нон як шабонарӯз тар карда, баъд ба чашм кашанд, барои дарди чашм, часпидани пилкҳо ва дафъ намуда- ни назлаҳо, қӯтур ва шилпуқии чашм дору мешавад. Чун анзарутро бо марворид ва марҷон сӯхта ва баробари ҳама наботро маҳин ос карда, якҷоя бипо- шанд, гули ба чашм афтодаро дафъ мекунад. Чун даруни пиёзро кофта холӣ карда, он ковокиро аз анзарути сафед пур сохта, ба ахгари оташ ниҳанд, то он ки ба ҷӯш ояд, баъд онро дар гӯш чаконанд, дарди гӯшро таскин медиҳад. Дастури ташвияи анзарут чунин аст. Бигиранд ан- зарути сафедро бо шири хар ё бо шири ҷавондухта- рон хамир карда, ба шохҳои чӯби газ бичаспонанду дар танӯр, ки гармиаш мӯътадил бошад, биёвезанд, то он ки хушк ва андаке кабоб шавад. Агар онро бо- ри дигар сойида, бо андаке сафедаи тухми мурғ сириш- та, аз нав ба чӯби газ часпонида, чун пешина кабоб намоянд, мизоҷаш ба мӯътадил наздиктар мегардад. 71. Индов Ин растанӣ навъҳои саҳроӣ ва бӯстонӣ дорад. Ин- ро пештар тоҷикон дар аксар ноҳияҳо кишт мекар- данд ва аз тухмаш равғани қиматбаҳо мекашиданд. Алҳол фақат дар баъзе ҷойҳо мекоранд ва аз он рав- ған ҳосил мекунанд. Мизоҷи индови саҳроӣ дар дараҷаи саввум гарм ва дар дуввум хушк аст; мизоҷи бӯстониаш дар да- раҷаи дуввум гарм ва дар якум хушк аст. Хислатҳои шифобахши гиёҳи он: хӯрдани гиёҳи индов гиреҳи ҷигар ва сипурзро мекушояд, дарунро пок мекунад, пешобро меронад, санги гурда ва хичак- ро майда карда мерезонад, манӣ ҳосил мекунад, ба- рои мубошарат қуввати ҳаракат мебахшад, бодҳои ба- данро таҳлил медиҳад, таомро ҳазм мегардонад. Агар инро кӯфта, бо заҳраи гов хамир карда гу- зошта банданд, доғи захмро аз пӯст пок мекунад. Агар онро ба дили наҳор бихӯранд, бадбӯйии зери ба- ғалро дафъ мекунад. Яке аз хислатҳои он чунин аст, ки оби гиёҳи тари 204 инро гирифта, бо он

дарахти анори туршро об ди- ҳанд, минбаъд анораш ширин мегардад. Агар нахӯди хушкро як шабонарӯз дар он тар карда, баъд бихӯ- ранд, оби маниро тавлид мекунад. Вале хӯрдани индови саҳроӣ бинобар гарм будани мизоҷаш дарди сар мекунад, сарро чарх мезанонад, чашмро мекашад ва торик мекунад. Дар ин ҳолат коснӣ, сирко, чилмангӯштак (семизут) бихӯранд, зарараш ислоҳ мегардад. Индови саҳроӣ дар равон кардани пешоб ва барангехтани боҳ, инчунин дар боби ба ҳаракат оварда- ни олати мардӣ назар ба индови бӯстонӣ қавитар аст. Инчунин шифоияти тухмаш аз барги он зиёдтар ва қа- витар аст. Агар тухмашро бо оби гарм биёшоманд, балғамро бо қай дафъ мекунад; бо зардаи тухми мур- ғи нимпухта бихӯранд, боҳ ва олати мардиро ба ҳа- ракат меоварад ва баданро фарбеҳ мекунад. Онро кӯфта, ба доғҳои кунҷидак гузошта банданд, онҳоро аз пӯсти рӯй пок месозад; бо асал хамир кар- да гузошта банданд, доғи сафеди пӯст ва нуқтаҳои сафеди пӯстро дафъ мекунад; бо заҳраи гов хамир карда гузошта банданд, нохуни таркидаро ислоҳ ме- намояд. Вале агар инро бисёр хӯранд, хунро ба ҷӯш мео- варад ва моддаҳои нодаркорро ба узвҳои заифшуда мерезонад. Дар ин ҳолат шири тозадӯшидаро биёшо- манд, безарар мегардад. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз индови бӯс- тонӣ то 17—18 грамм ва аз саҳроии он то 10—11 грамм аст. Ранги тухми индови бӯстонӣ, ки зироат мекунанд, зарди тиратоб, яъне ҷигарӣ аст, бинобар ин инро ин- дови сиёҳ меноманд. Таъмаш талх. Мизоҷи тухми индови бӯстонӣ дар дараҷаи сав- вум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши тухми индов: 10,5 грамм тухми онро кӯфта, бо оби гарм биёшоманд, қулинҷ (колит)-ро дафъ мекунад, бодҳоро пароканда мегардонад, узвҳои даруни сина ва шушро аз моддаҳои но- даркори зарарнок пок месозад; барои дамкӯтаҳӣ, ра- вон намудани ҳайз, газидани ҷонварони заҳрнок, гарм гардонидани меъда ва ҷигари сард, барангехтани иш- тиҳои таом ва қуввати пушти камар, хориҷ гардони- дани ҳамаи кирмҳои шикам, берун овардани ҳамро- 205 ҳаки (ёраки) тифл ҳангоми зойидани занҳо аз шиками ҳомила даво мешавад; бачаро дар шиками ҳомила ме- кушад ва берун меоварад. Ҳар рӯз 18 грамм тухми онро бо оби гарм, набот ва равғани кунҷид биёшоманд, қулинҷро ба зудӣ дафъ мекунад. Тухми индовро кӯфта, бо асал сиришта лесида би- хӯранд, иллатҳои дамкӯтаҳӣ, сурфа ва дарди паҳлу- ро, ки аз ҷамъ шудани моддаи ғализ (ғафс) ба амал омада бошад, шифо мебахшад; агар инро бо зардаи тухми мурғи нимпухта ва асал даромехта бихӯранд, барои дарди узвҳои даруни сина, даридан ва чок шудани мушакҳо даво мешавад; инчунин моддаҳоеро, ки аз зарба расидан ба даруни сина рехта бошанд, пок месозад, яъне дафъ мекунад; бо тухми мурғи нимпух- та бихӯранд, боҳро бағоят қувват мебахшад, ҳоли ба- ди даруни синаро ба ислоҳ меоварад ва узвҳои ши- кастаро пайваст мегардонад. Агар

ҳар рӯз 7 грамми тухми индовро бо шири буз то даҳ рӯз биёшоманд, ба шарте, ки ғизоро бағоят кам хӯранд, доғи песро аз пӯсти бадан дафъ мекунад. Тухми индовро дар зарфе то бӯяш баромадан би- тафсонанду баъд бихӯранд, исҳоли балғамӣ ва хароши- да шудани рӯдаҳоро бо ибро меоварад. Вале хӯрдани тухми индови зироатӣ ба гурда за- рар дорад. Дар ин маврид шакар, набот ва бодиринг бихӯранд, зарараш ислоҳ меёбад. Миқдори як бор дар як рӯз хӯрдан аз тухми ин- дови зироатӣ то 15 грамм аст. Агар ин тухми индовро кӯфта, бо асал хамир кар- да гузошта банданд, варами сипурзро ба зудӣ таҳлил медиҳад; решҳои рутубаташон асалмонанди сар, шу- куфаи пӯст, қӯтури решгашта ва газидани ҷонварони заҳрнокро даво мешавад; намегузорад, ки мӯй бире- зад; дардҳои сар ва суринро дафъ мекунад. Тухми онро кӯфта, бо орди ҷав даромехта, бо сир- ко хамир сохта гузошта банданд, иркуннасо (радику- лит), варамҳои гарм ва сӯхтагии оташро ба ибро ме- оварад; бо об ва намак хамир карда гузошта банданд, пучакҳоро мепазонад. Баргашро кӯфта муттасил гузошта банданд ҳам, пучакҳоро мепазонад, вале ин назар ба андозаи тух- маш заифтар аст. Шустани сар бо оби барги он чирк ва рутубати часпаки сарро дафъ мекунад, инчунин 206 рехтани мӯйро манъ менамояд. Агар онро бимоланд, доғи сафеди пӯст ва песро нафъ дорад. Кӯфтаи барги онро бо хуни фароштурук сиришта бимоланд, доғи са- феди пӯст ва дигар доғҳоро нест мегардонад; бо асал хамир карда бимоланд, нуқтаҳои сафедро аз пӯсти бадан дафъ менамояд; бо собун хамир карда бимо- ланд, низ нуқтаҳои сафедро аз пӯст пок мекунад; бо зифт (қатрон) сиришта бимоланд, дарди сари кӯҳна- ро шифо мебахшад; бо кӯфтаи барги ғор (лавровый лист) сиришта бимоланд, дарди қисмҳои поёни бадан ва дарди камарро ба ибро меоварад, дубайларо (кӯр- яраро) мекафонад. Агар инро дар об ҷӯшонида, бо он об нимгарм ҳуқна (клизма) кунанд, захми рӯда- ҳоро сиҳат мебахшад, дарди суринро таскин медиҳад, исҳолро мебандад, сустии мақъадро дафъ месозад. Инро сӯхта, ба дудаш бавосирро бидоранд, нафъ до- рад. Аз дуди ин ҷонвароні зарарнок мегурезанд. 72. Сабзӣ Инро дар баъзе маҳалҳо тоҷикон зардак ҳам ме- номанд. Ин қисми зеризаминии растанӣ буда, бӯстонӣ, ки зироатӣ ва саҳроӣ, ки ғайри корам аст, мерӯяд. Мо ин ҷо дар навбати аввал дар хусуси сабзии бӯстонӣ сухан меронем. Беҳтарини он сурх ва ширини он аст. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар ҳамон дараҷа тар аст. Ба қавли баъзеҳо дар дараҷаи якум гарм ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани сабзии бӯстонӣ мулоимкунандаи узвҳои дохилӣ мебошад, гиреҳи ҷи- гарро мекушояд, меъдаро қувват медиҳад, дарунро мулоим мекунад, боҳ (пушти камар)-ро қавӣ мегардо- над, моддаи маниро зиёда месозад; барои кандани балғам, дафъи сурфа, дарди узвҳои даруни сина, меъ- да ва ҷигар даво мешавад, санги гурда ва хичакро майда карда

мерезонад, пешобро меронад. Сабзиро ба ҳар тариқ, ки бихӯранд, барои варами пардаҳои даруни сина, сурфаи кӯҳна шифо мебах- шад. Агарчи хомаш душворҳазм аст, вале аз он мураб- бо тайёр карда бихӯранд, зудҳазм мегардад ва барои иллати истисқо (водянка) фоидабахш аст; дарди рӯ- 207 даҳоро таскин медиҳад, пешобро меронад, хусусан саҳ- роии он. Сабзии бӯстониро баргаш ҳам барангезандаи қуввати боҳ аст. Барги сабзии бӯстониро кӯфта, занҳо аз таг бар- доранд ва тухмашро бихӯранд, душвор зойиданро осон мекунад. Чун барг ва бехрешаи сабзиро дар об ҷӯшонида. Бо он об дасту поҳои тифлонро бишӯянд, хуни аз ху- нукӣ дар ин узвҳои онон шахшударо таҳлил медиҳад. Сабзиро бо асал мураббо пухта бихӯранд, барои барангехтани қуввати боҳ бағоят фоида дорад, узвҳои даруни шикам ва даруни синаро қувват мебахшад, аз ҷумла бачадонро ҳам қавӣ мегардонад: узвҳои ҳози- маро, ки меъда, ҷигар, рӯдаҳо ва сипурз мебошанд, мустаҳкам мекунад. Ин мурабборо бо дорчинӣ ё бо занҷабил ва ё бо қаранфули гардан бихӯранд, ҷигари сардмизоҷро қувват медиҳад, рутубатҳои зиёдатии меъдаро нест мекунад, қуввати боҳро зиёда мегардо- над. Сабзиро як шабонарӯз дар сирко тар карда бихӯ- ранд, барои иллати гудохтагии сипурз давои беҳамто мебошад, меъда ва ҷигари сардмизоҷро қувват ме- бахшад. Сабзиро кӯфта ё бо дигар усул оби онро гирифта, бо шакар ширин карда биёшоманд, таъсираш ҳамчун даво қариб ба мураббои он аст, вале аз он сабуктару латифтар ва қавитар мебошад. Барги сабзиро кӯфта, ба решҳои хӯранда гузошта банданд, нафъ дорад. Хӯрдани сабзии хом бадҳазм, боднок ва бо одамо- ни гарммизоҷ зарар дорад. Дар ин ҳолат давоҳои сардмизоҷ ва ошҳои суюқи дӯғдор бихӯранд, зиёнаш ислоҳ меёбад. Сабзиро бо гӯшти бузғола пухта бихӯранд, дар ба- дан моддаи солим пайдо мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз сабзӣ дар як рӯз то ним килограмм аст, аз мураббои он ба 50 то 100 грамм хӯрдан равост. Хӯрдани тухми сабзӣ қуввати боҳро ба ҳаракат меоварад ва дар ин бобат аз қисми заминии он қави- тар аст, занҳои ба душворӣ ҳомилашавандаро нафъ дорад, дарди рӯдаҳоро манъ мекунад. Дар дигар хис- латҳо монанди худи сабзӣ мебошад. Агар як миқдор тухми сабзӣ ва ҳамон миқдор тух- 208 ми шалғам гирифта, як турбро дарунковок намуда, он тухмҳоро дар ковоки он пур кунанду сӯрохашро бо порчаи турб маҳкам карда ва баъд дар зери оташ бипазанд, сонӣ он тухмҳоро бароварда бихӯранд, сан- ги гурда ва хичакро майда карда мерезонад, барои занони ба душворӣ ҳомилашаванда бисёр фоида- бахш аст. 3,5 грамм тухми сабзиро кӯфта, бо 3,5 грамм ша- кар бихӯранд, барои дарди соқи по дармон мешавад. Тухм ва барги сабзиро бо ҳам кӯфта, ба решҳои хӯранда гузошта банданд, шифо мебахшад. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз тухми саб- зӣ то 7 грамм аст. Ба ҷойи ин тухми сабзии саҳроиро истеъмол намоянд, равост. Сабзии саҳроӣ

Бехрешаи ин дар ғафсӣ ба андозаи ангушти даст ва бориктар аз он низ мебошад. Мизоҷи тухмаш дар дараҷаи саввум гарм ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани тухми сабзии саҳроӣ дар ҳама бобат қавитар аз сабзии бӯстонӣ ме- бошад, барои сурфаи кӯҳна дору мешавад, ахлоти но- даркорро аз узвҳои даруни сина дафъ менамояд; узв- ҳои ҳозима (меъда, ҷигар, рӯдаҳо ва сипурз) ва боҳ- ро қавӣ мегардонад, маниро зиёда месозад, бодҳоро таҳлил медиҳад, моддаҳои ғализи балғамиро парокан- да мекунад, гиреҳҳои баданро мекушояд, пешобро ме- ронад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезо- над; ҳайзи бандшударо равон ва бачадонро пок месо- зад, инчунин барои ҳомила шудан кӯмак мерасонад, душвор зойиданро осон мекунад, буғумҳои сустро мус- таҳкам ва дарди онҳоро дафъ мекунад, дарди рӯда- ҳоро барҳам медиҳад, харошида шудани рӯдаҳои кӯ- даконро ба ибро меоварад; ба истисқои бодӣ, ки ҳан- гоми бо даст бар шикам задан садои табл шунида ме- шавад, шифо мебахшад, газидани каждум ва дигар ҷонварони заҳрнокро дармон мешавад. Агар тухми сабзии саҳроиро кӯфта, гузошта бан- данд, варамҳои нармро таҳлил медиҳад. Тухмашро дар об ҷӯшонида, он обро ба ҷойи каждумгазида бире- занд, нафъ дорад. Вале хӯрдани ин бинобар он, ки мизоҷаш гарм 209 аст, барои боҳи одамони гарммизоҷ зарар дорад. Дар ин ҳолат шилми мисвокро бихӯранд, ислоҳи зарар ме- намояд, ба хичак ҳам зиён дорад, дар ин маврид мус- тако хӯрдан даркор аст. Миқдори як бор дар як рӯз хӯрдан аз тухми саб- зии саҳроӣ 3,5 грамм аст ва агар эҳтиёҷ афтад, то 7 грамм ошомидан мумкин аст. 73. Чормағз Ин самари дарахтест, ки маълум мебошад. Мизоҷи самари чормағзи тар, ки расида бошад, гармӣ ва хушкиаш камтар аст. Баъди хушк шудан гармӣ ва хушкиаш зиёда мегардад ва рутубаташ ме- коҳад. Мизоҷи чормағзи хушк дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрданаш ғизои бисёр сабук аст, дарунро мулоим мекунад, ахлоти ғализро таҳлил медиҳад, қуввати боҳ мебахшад, бидуни ҳазм дафъ шудани ғизоро дар меъда ислоҳ менамояд ва манъ месозад; узвҳои раисаро, ки иборат аз дил, май- на, ҷигар, меъда, хояҳо ва гурда мебошанд, қавӣ ме- гардонад; ҳамаи панҷ ҳисси ботиниро, ки марказаш дар майна аст, қувват мебахшад, хусусан бо мавизи бедона ва анҷири зард бихӯранд, ин феълаш бештар зоҳир мегардад, пиронро бисёр форам ва мувофиқ аст. Мағзи чормағзро бо анҷир якҷо кӯфта, аз он 45 грамм бихӯранд, даруни сахтгаштаро мулоим мекунад. Агар худашро танҳо ба дили наҳор бихӯранд, қай- ро осон мекунад. Чормағзро бо пӯсташ бирён карда, баъд мағзашро бихӯранд, барои сурфа, ки аз ҳавои хунук ба ҳам расида бошад, даво мегардад. Чормағзро бо анҷир ва судоб бихӯранд, газанди заҳрҳоро мешиканад, хоҳ пеш аз заҳролуд шудан би- хӯранд ва хоҳ баъд аз он. Мағзи чормағзро бихӯранд, дарди рӯдаҳоро

сокин мекунад ва захми рӯдаҳоро шифо мебахшад. Мағзи чормағзро маҳин кӯфта, муттасил ба чашм гузошта банданд, барои ҷӯшиши хоришнок, шилпуқӣ ва обравии чашм даво мешавад. Чормағзро сӯхта, мағзи онро кӯфта, занҳо аз таг бардоранд, ҳайзи беҷоравандаи онҳоро манъ мекунад. Агар онро бо асал, намак ва пиёз сиришта гузошта банданд, газидани саги девонаро нафъ дорад. 210 Чун мағзи чормағзро бо зираи сиёҳ маҳин сойида, бо асал сиришта, ба сар ва бадани бемори фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ), рӯяш каҷшу- да, гирифторони дардҳои буғумҳои аз сардӣ баамало- мада, табҳои хунуки балғамии кӯҳнадошта бимолан- ду дар ҳаммом ё дар офтоб ва дар хонаи гарме ба палоси гарме бо ҳамон тарафи мухолифи иллати фо- лиҷ ва барҷомонда ва инчунин дигар беморӣ бошад, ба пушт бихобанду дар кӯрпаи серпахта худро бипе- чанду то хуб арақ омадан сабр кунанд, баъд баданро бо матои хушк пок карда, аз зери он бароянд, бада- ни худро аз расидани ҳавои хунук эҳтиёт кунанд, оби сард нанӯшанд, дар як ё ду дафъа аз беморӣ наҷот меёбанд. Ва агар дар ҳаммом ин кор ба амал оварда шавад, луч шуда ба хонаи гармаш раванд ва давои мазкурро гарм карда, ба сар ва тамоми бадан би- моланд, дар иллатҳои фолиҷ ва каҷ шудани рӯй ба тарафи мухолифи иллат бихобанду он миқдор сабр кунанд, ки хуб арақ ояд, баъд бадани худро пок кар- да, обро мутлақан истеъмол нафармоянду бароянд ва аз ҳавои берун худро нигоҳ доранд, сиҳат меёбанд. Тару тозаи онро кӯфта гузошта банданд, доғи аз зарба баамаломадаро нест мекунад; агар бимоланд, доғи кунҷидакро дафъ месозад ва кашида шудани мушаки рӯйро ба ислоҳ меоварад. Мағзи чормағзро ҳангоми дили наҳор будан хойида бимоланд, шукуфаи пӯстро дар кӯдакон ва варами савдовиро, ки захм шуда бошад, шифо мебахшад. Маҕ- зи кӯҳна шудаи онро ҳангоми дили наҳор будан хойи- да, ба обравии муттасили чашм, гонағараё (гангрена), ҷамра (карбункул), шукуфаи пӯсти кӯдакон, печиши асаб, ҷингак шудани узв ва рагкашии поҳо, ки аз хушкӣ ва сардӣ сар зада бошад, инчунин ба гирдак- гирдак мӯйрехтаи сар ва риш ва ба варами пистон би- моланд, ҳамаи онҳоро сиҳат мебахшад. Мағзи кӯҳнаи онро сӯхта, бо зифт (қатрон) сиришта бимоланд, реш- ҳои сарро дафъ месозад. Мағзи чормағз аз боиси нозукии таркиби худ ва равғаннокиаш зуд вайрон мешавад, яъне талх ва за- рарнок мегардад. Мағзи чормағзро бисёр бихӯранд, кирми кадудо- наи (солитёри) шикамро ихроҷ мекунад ва ғадудҳои бодомшакли ҳалқумро варам мекунонад, дар даҳан ҷӯшишҳоро ба амал меоварад, хусусан ин ҳодисот дар 211 одамони гарммизоҷ бештар рӯй медиҳад, зеро ки ба гарммизоҷон зарар дорад. Бинобар ҳамин баъди онро хӯрдан бояд даҳонро хуб бишӯянд ва анори майхуш- ро бимаканд ва сиканҷабин (сиркоасал) бихӯранд, ин зарараш ислоҳ мешавад. Агар таъми мағзи чормағз талх ва манфур гашта бошад, хӯрдани он

ҷоиз нест, зеро вай дар он ҳолат ба заҳр табдил меёбад. Ва агар ин навъашро хӯрда бошанд, илоҷаш қай кардан ва чизҳои турш хӯрдан аст. Мағзи чормағзи солимро бо асал мураббо карда бихӯранд, гурдаро фарбеҳ мекунад. Модоме ки гурда фарбеҳ гардад,— он қавӣ мешавад ва дар он санг пай- до намешавад ва инчунин қуввати мардӣ базарба ме- гардад. Хӯрдани мураббои он дарунро мулоим меку- над ва кӯррӯдаро пурқувват месозад. Мағзи чормағзро як шабонарӯз дар сирко тар карда, баъд бихӯранд, барои меъдаҳои заиф дармон мешавад. Шилми хушки чормағзро ос карда бипошанд, захмҳои бадфиолро (злокачественные язвы) шифо ме- бахшад. Усораи пӯсти сабзи беруни чормағзро, яъне оби пӯсти беруни чормағзро дар офтоб ғафс гардонида, баъд бо оби анор якҷо ҷӯшонида, ғафс гардонида бо- шанд, барои варами мушакҳои ҳалқ давои аҷибест. Пӯсти сабзи чормағзро дар об ҷӯшонида, бо он об даҳонро чайқонанд, варамҳои милки дандонро таҳлил медиҳад ва дандонро мустаҳкам мегардонад. Пӯчоқи хушки чормағзро маҳин кӯфта, ба ҷаро- ҳатҳо бипошанд, онҳоро хушк мекунад. Агар маҳин- кӯфтаи онро се рӯз пай дар ҳам бихӯранд, хунравиро манъ мекунад, инчунин чакмезакро, ки аз сустии му- шакҳои пешобгузар ба амал омада бошад, сиҳат ме- бахшад. Ин ордакро бо шароб хамир карда, занҳо аз таг бардоранд, хунравии бачадонро манъ мегардо- над. Чун аз 13 то 25 грамм пӯсти решаи чормағзро дар як нӯшиданӣ об ҷӯшонида, он обро баъд аз пур гаш- тани меъда аз хӯрок, бар болояш бинӯшанд, қай ме- оварад, бо ин восита ахлоти часпаки бисёрро дафъ месозад ва дардҳои нимаи поёни баданро, хусусан дарди шикамро дармон мешавад. Чун пӯсти беруни чормағзро дар ҳолати тару то- 212 загиаш бикӯбанд ва бар он рими оҳанро ос карда би- пошанду ҳар рӯз барҳам зананд, яъне бикованд —ин барои мӯйро сиёҳ кардан ранги неку ва бардавом ме- гардад. Инчунин чун бо рими оҳани кӯфтагӣ ва сир- ко биҷӯшонанд, баъд то як ҳафта дар офтоб гузоранд, ҳар рӯз барҳам мезада бошанд, пас мӯйро ранг ку- нанд— ин қавитар аст аз аввала. Пӯсти сабзи самари чормағзро ба шукуфаҳои пӯст ва сабӯсаки сар бимоланд, фоида мекунад. Агар инро ба дандон бимоланд, милки дандонро сахт ва худи дандонро мустаҳкам мегардонад. Пӯсти тари решаи чормағзро ҳар панҷ рӯз як мар- таба ба дандон бимоланд, мағзи сарро аз моддаҳои бегона пок месозад ва нисёнро (фаромӯшхотириро) дафъ мекунад. Оби баргашро нимгарм дар гӯш чаконанд, онро аз чирк пок мекунад. Оби пӯчоқи сабз ва тару тозаи чормағзро дар зар- фе бо асал якҷо то ғафс шудан ҷӯшонида, баъд бимо- ланд, барои дарди шадиди гулӯ, ки аз ҷамъ шудани хун дар он ҷо ҳодис шуда бошад, ҷӯшиши (пухтани) даҳан, хунравии бехи дандон ва сустии дандонҳо до- ру мебошад—дар ин хислат давои бемисл аст. Пӯсти сабз ва тару тозаи самари чормағзро бо ҳамвазни он барги ҳино кӯфта

бимоланд, назлаҳои аз сар фурояндаро манъ мекунад; дарди сари кӯҳна, дарди нимсар, фолиҷ ва дигар дардҳои аз сардӣ ҳо- дисшавандаро, монанди никрис (подагра) ва ғайраро шифо мебахшад. Пӯстлохи хушки дарахти чормағзро бо сӯҳон таро- ша карда, баъд онро бо сирко хамир сохта бимоланд, рӯйро сурх мегардонад; бо зифт (қатрон) хамир кар- да, ба ҳар узв, ки бимоланд, онро қавӣ мекунад. Агар ин тарошаи сӯҳониро чанд рӯз дар равғани зайтун тар карда, баъд бар бадан бимоланд, намегузорад, ки дар бадан шапуш пайдо гардад ва агар инро бихӯранд, барои иллатҳои сипурз дармон мешавад. Дар фасли хазонрезӣ мозуро дар равғани зайтун то сиёҳ шудан биҷӯшонанд, баъд соф намуда, дар ши- шае рехта, бехи дарахти чормағзро кушода, решаеро аз он бароварда, сарашро бурида партофта, нӯги он решаро ба даруни шиша дароранд ба ҳадде, ки дар равған бошаду ба таги шиша нарасад. Сонӣ атрофи даҳани онро хуб маҳкам кунанду аз нав хокпӯш на- 213 моянд. Ҳамон тавр гузоранд то замоне, ки он дарахт бо самар ояд. Пас шишаро аз он ҷо бароваранд, дар он шиша чизе сиёҳ, монанди сиёҳии хаттотӣ хоҳад буд. Он ранги бисёр неку аст ва муддатҳои дароз асари он боқӣ мемонад. Инро эҳтиёҷи ба мӯй моли- дан нест, балки фақат шонаро дар он тар сохта, бар мӯ кашидан кофӣ мебошад, ки мӯйро сиёҳ гардонад. Ин аз асрори тибби қадим аст. Ин рангро пеш аз ба- ромаданд мӯй дар ҳаммом бар ҳар ду хояҳо бимоланд, монеи рӯйидани мӯйи сафед мегардад. Мувофиқи баъзе қавлҳо агар дар сояи дарахти чормағз бихобанд, баданро лоғар мегардонад ва де- вонаи ҳуш бойдода дар зери дарахти он бихобад, ҳушёр мешавад. Чун хоҳанд, ки мағзи чормағзро аз пӯсти нафиси он мағз ҷудо намоянд, дар орд андохта, дар зарфе андак бирён кунанду баъд бо даст бимоланд, пӯсти он ҷудо мегардад. Равғани аз ин гуна мағз гирифта- шуда дар хислат монанди мағзи кӯҳнаи он аст. Агар аз равғани ин ҳар рӯз 10,5 грамм то як ҳафта биё- шоманд, дарди суринро дафъ мекунад. Ин равған ба- рои одамони сардмизоҷ ва бемориҳои аз хунукӣ пай- дошуда фоида мебахшад. Ин равғанро бимоланд, ба- рои решҳои хӯранда, носурҳои чашм, мулоим кардани асабҳо, таскин додани дардҳои аз хунукӣ баамалома- да, дафъ гардонидани шукуфаи пӯст ва рӯёнидани мӯй ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш даво мебошад. Агар инро дар бинӣ бирезанд, кач шудани рӯй, фолиҷ ва ҷингак шудани узвҳоро нафъ дорад. 74. Ҷавзи бавво Калимаи «ҷавзи бӯё»-и тоҷикӣ дар таъсири забони арабӣ монда, «ҷавзи бавво» гаштааст, инро ба русӣ мускатный орех меноманд. Ин самари пӯстдори дарахти азимест. Баъди раси- дан ҷавзашро ҷудо карда мегиранд ва аз маконаш, ки мамлакатҳои гарм аст, ба ҷоҳои дигар мебаранд. Миқдори ин ба бузургӣ баробари олуболу, вале сахти хушбӯ, тундтаъм мебошад, дар рӯяш чун чинҳо хатҳо дорад. Ин самар то се сол қуввати худро нигоҳ медо-

рад. 214 Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар саввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани он ба дил фа- раҳ меоварад, баданро сабук месозад, андак кайф ҳам мекунад; ҳарорати табиӣ, яъне ҳарорати аслии баданро нигоҳ медорад; даҳан, арақи бадан ва пе- шобро хушбӯй мегардонад, бодҳоро аз бадан паро- канда мекунад, доғҳои кунҷидак ва нуқтаҳои сафедро аз пӯст пок мекунад, беҳузур (бечо) шудани дил ва қайро манъ месозад; рутубати зиёдатии меъдаро хушк менамояд; рафтани дарунро хоҳ аз рӯдаҳо ва хоҳ аз меъда ва узвҳои дигари дарун равон гардад, бозмедо- рад; рутубати бадбӯгаштаи меъдаро дур менамояд; ба- рои истисқои лаҳмӣ (водянкаи гӯштӣ) ва душвории шошидан даво мешавад. Агар онро бирён карда кӯфта бихӯранд, исҳоли обдорро манъ мекунад. Агар онро кӯфта гузошта банданд, барои дарди сари аз сардӣ, фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ), каҷ шудани рӯй, суст ва нотавон гаштани аъзо, варамҳои сарди ҷигар ва дардҳои аз сардӣ ва тарӣ баамаломада дору мешавад. Агар кӯфтаи инро бо талхшувоқ ва асал хамир карда гузошта банданд, доғҳои кунҷидак, нуқтаҳои сафеди дар пӯст афшон- гашта ва доғҳои аз зарба пайдошударо нест мекунад. Агар инро бо равғани савсани кӯҳӣ ва равғани зай- тун даромехта, дар гӯш чаконанд, карии гӯшро ва дард кардани онро, ки аз хунукӣ бошад, ба ибро ме- оварад. Ҷавзи бавворо маҳин ос карда, чун сурма ба чашм кашанд, чашмро қавӣ мегардонад, сурхӣ ва ҷӯшишҳои хоришноки онро дафъ мекунад. Аммо хӯрдани ин ба одамони гарммизоҷ зарар ме- кунад: дарди сар меоварад, ин зарараш бо кашниз хӯрдан ислоҳ меёбад; инчунин ба ҷигар ва шуши он- ҳо ҳам зиёнкор аст — дар ин маврид бунафша ва асал бихӯранд, зиёнаш дафъ мегардад. Миқдори як бор дар як рӯз хӯрдан аз ҷавзи бавво аз 4,5 то 9 грамм аст. Барои он, ки ҷавзи бавворо кирм нахӯрад, дар да- руни оҳак нигоҳ медоранд. 215

Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-69-74#69

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 75-86 75. Сарв 76. Бангидевона 77. Янтоқ 78. Испанд 79. Гули санг 80. Хори хасак 81. Омула 82. Балила 83. Тӯдарӣ 84. Арзан 85. Қӯноқ 86. Ҳанзал 75. Сарв Ин дарахти бисёр мавзун, хушқомати баланд аст. Баргаш реза, хазон намешавад, яъне ҳамешасабз аст. Андозаи самараш хурдтар аз чормағз, санавбари- шакл, яъне шаклаш ба дили ҳайвонот монанд аст, мағз надорад; дар вақти хомӣ сабз ва баъди расидан андак зардтоб ва сахт мегардад. Тухми самараш са- феди зардча, ки ба наск монанд аст, вале аз он нозук- тар. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум хушк аст. Мизоҷи самараш дар дараҷаи саввум сард ва хушк аст. Мизоҷи шилмаш гарм, таъмаш тунд ва тез қариб ба шилми санавбар аст. Хислатҳои шифобахши он: баргашро дар об ҷӯшо- нида, он обро бинӯшанд,

душвории шошиданро ислоҳ мекунад ва захмҳои рӯдаҳоро шифо мебахшад; аз хи- чак равон шудани моддаҳои нодаркорро манъ меку- над. 9 грамм барги хушкашро ос карда бо 2,5 грамм шилми бодоми талх бихӯранд, хичакро қувват мебах- шад; инчунин дар вақти хоб ба ҷогаҳ шошидан ва душвории пешоб карданро дармон мегардад. Агар онро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гар- донанд, барои дарди дандон ва захми милки дандон дору мебошад, инчунин ин узвҳоро мустаҳкам меку- над. Онро кӯфта, бо асал хамир карда, лесида бихӯ- ранд, сурфаи кӯҳнаро дафъ мекунад ва меъдаро қув- ват мебахшад. Самарашро хуб кӯфта, бо шароби хушбӯ биёшо- манд, хунравиро аз дарун манъ мекунад, иллати рост- нафасро, ки соҳибаш хоб карда нафас гирифта наме- тавонад, шифо мебахшад; намегузорад, ки моддаҳои зарарнок ба меъда рехта шаванд, инчунин захми рӯ- даҳоро дафъ месозад. Ин самари онро кӯфта, ба ҷойи даридаи шикам, ки ҷурра (дабба) меноманд, гузошта банданд, даббаро таҳлил медиҳад ва даридаи шикамро ба ҳам оварда сиҳат мекунад. Хӯрдани маҳсулоти сарв ба шуш зарар дорад. Дар ин ҳолат катиро бихӯранд, зиёнаш ислоҳ меёбад. Аррамайдаи чӯбашро бо шилми бодоми талх якҷо карда гузошта банданд, хичакро қавӣ мегардонад, ҳангоми хоб ба ҷогаҳ шошиданро ба ибро меоварад. 216 Баргашро сӯхта, дар об шуста гузошта банданд, барои сӯхтагии оташ даво мешавад, вале агар онро ношуста гузошта банданд ё бипошанд, реш ва захм- ҳои тарро шифо мебахшад. Баргашро пухта ба дабба (ҷурра) гузошта бан- данд, шифо мебахшад; ба ҷароҳатҳо бибанданд, даҳа- ни онҳоро ба ҳам оварда сиҳат мекунад; ба узвҳои нотавонгашта гузошта банданд, онҳоро ба қуввати ас- лиашон меоварад; ба ҷое, ки хун мерафта бошад, гу- зошта банданд, хуни онро мебандад, ба захмҳо бан- данд, онҳоро хушк менамояд; инчунин агар гузошта банданд, варамҳоро таҳлил медиҳад ва мондагиро барҳам мезанад. Баргашро сойида, бо орди ҷав ва об хамир карда гузошта банданд, варами гарми чашмро таҳлил медиҳад; сурхбод, доначаҳои сӯзони пӯст ва сӯхтагии оташро шифо мебахшад. Шилми онро ос карда, дар бинӣ бирезанд, майна- ро аз рутубатҳои зиёдатӣ пок месозад; агар дар бинӣ бипошанд, бавосири даруни бинро, яъне гӯшти зоиди дар даруни он рӯйидаро дур менамояд. Агар оби сама- ри тару тозаи онро дар офтоб хушк карда, дар бинӣ гузоранд, низ бавосири бинро дафъ мекунад; инчу- нин бар мақъад бипошанд, бавосири он мавзеъро ши- фо мебахшад. Ва агар бо гулнор ҳамроҳ карда бипо- шанд, решҳои тари сар ва дигар решҳои баданро хушк мегардонад, инчунин решҳои римнокро пок месозад. Самарашро бихоянд, обравии даҳанро ислоҳ меку- над. Барг ва самарашро кӯфта, бо мумравғани зайтунӣ сиришта гузошта банданд, меъдаро қувват медиҳад. Яке аз хислатҳои сарв он аст, ки агар барг ва са- мари онро дар хона нигоҳ доранд, ба даруни хона пашша намедарояд ва агар дохил

гардад, онро меку- шад. Акнун дар бораи самараш муфассал баҳс намоем. Ин манъкунандаи хунравиҳо мебошад, асабҳоро қавӣ мегардонад, рутубатҳои нодаркор ва зарарнокро дар ҳар як ҷойи бадан, ки бошад, хушк мекунад; меъда, ҷигар, сипурз ва рӯдаҳоро қувват мебахшад, зеҳнро тез мекунад, даҳанро хушбӯ менамояд. Агар онро кӯфта, бо асал ва гулоб сиришта бимоланд, барои дарди нимсар, дарди сари аз хунукӣ ба- амаломада даво мебошад. Ва кӯфтаи онро бо шароб биёшоманд, мании зудояндаро дер меомадагӣ мегар- 217 донад, дарунро мебандад; барои иллатҳои фаромӯшхотирӣ, сурфаи кӯҳна ва душвор пешоб кардан дар- мон мешавад. Кӯфтаи онро бо решаи тару тозаи сиреш хамир карда, гузошта банданд, ҷойи даридаи шикамро дар бемориҳои ҷурра, сиҳат мекунад. Чун самари онро кӯфта, бо анҷир хамир карда, монанди шамъчаи борик сохта, дар бинӣ гузоранд, гӯшти зоиди дар даруни бинӣ пайдошударо мехӯрад. Самари онро дар об ҷӯшонида, дар он об то ноф даромада нишинанд, мақъади (кӯтани) баромадаро ба ҷояш мебарад ва он дигар барнамеояд, инчунин равон шудани рутубати бисёрро аз бачадон манъ ме- созад. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз самари сарв то 2 грамм аст. Вале хӯрдани самари сарв боиси зардии рухсора мегардад ва дар маҷроҳои бадан гиреҳ пайдо мекунад. Ин зиёнаш асал ё равғани бодом бихӯранд, ислоҳ меё- бад. Агар самари сарв ёфт нашавад, ба ҷойи он решаи анор ва якуним вазни он самари арчаро истеъмол ку- нанд, равост. 76. Бангидевона Ин растании маълум аст, аслан ду навъ мешавад: якеро гулаш сафед ва ба шакли қиф аст, дигареро гулаш таҳ бар таҳ, баргаш ва пояш— ҳама ранги бунафш доранд. Самараш дар бузургӣ ба андозаи чормағз аст ва чун самари беданҷир хорнок мебошад. Дар даруни он тухмҳои бисёри ба миқдори мурч, ва- ле тираранг ҷойгир ҳастанд. Мизоҷаш дар дараҷаи чорум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: барг, пӯсти самар ва тухми онро кӯфта гузошта банданд, дарди сари кӯҳ- наро, ки аз бисёр ҷамъ шудани сафро ва баланд гаш- тани фишори хун ҳодис шуда бошад, таскин меди- ҳад; тафсҳои узвҳои гуногунро паст менишонад, ва- рамҳоро таҳлил медиҳад. Барги онро кӯфта гузошта банданд ё равғани тух- машро бимоланд, бавосир ва дардҳои гарми мақъадро дафъ мекунад. 218 Агар онро дар сирко пухта бимоланд, варамҳои гу- ногун ва истисқоро (водянкаро) таҳлил медиҳад, дарди луққосиро басанда мекунад, арақ карданро қатъ ме- созад. Ҳар як қисми наботи онро кӯфта гузошта банданд, узвҳои суст ва нотавонгаштаро ба ҳоли сиҳати аслиа- шон бармегардонад ва намегузорад, ки моддаҳои зарарнок ба узвҳо рехта шаванд, рутубатҳои бегонаро хушк мекунад. Баргашро дар оташ гарм карда ба чашм банданд, дарди чашмро шифо мебахшад; ба сар гузошта бан- данд, дарди сари аз хунукӣ сарзадаро таскин меди- ҳад, назлаҳои сарро аз фуромадан манъ месозад; ба хояҳо гузошта банданд, оби

ба даруни онҳо фурома- даро пароканда ва дафъ менамояд; агар инро ба варамҳо ва пучаку чиртакҳо гузошта банданд, онҳоро таҳлил медиҳад ва мепазонад. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз тухми он то ним грамм аст. Вале агар аз ин як грамм бихӯранд, низоми фикрро вайрон ва як шабонарӯз девона мегар- донад. Одамоне, ки дар шушашон пуфакчахо дошта бо- шанд ва ё ба гриппҳои вирусӣ гирифтор гарданд ва инчунин гирифтори варами пардаҳои даруни сина бо- шанд, ҳар рӯз як дона барги миёнаҳаҷми онро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, шифо мебахшад. Ва- ле дар ин амал баъзе одамонро як ё ним соат гаранг мекунад. 77. Янтоқ Инро тоҷикони қадим шутурхор меномиданд. Дар хусуси мизоҷи ин қавлҳо гуногун мебошанд. Баъзе гарм ва хушк ва баъзеи дигарҳо сард ва хушк донистаанд. Хислатҳои шифобахши он: ин хусусиятҳои гардонан- дагии варамҳо, кушояндагии гиреҳҳо ва поккунандагӣ дорад, бар зидди заҳрҳо тарёқ мебошад. Агар инро бихӯранд ё гузошта банданд ва ё онро сӯхта ба дудаш бидоранд, бавосирро дафъ мекунад. Оби гиёҳи тарашро ситонида ба чашм бимоланд, гули тунуки чашмро дур месозад. Се қатра оби холиси онро ҳангоми дили наҳор бу- 219 дан дар бинӣ чаконанд ва баъд аз як соат равғани бунафшаро аз болои он дар бинӣ бикашанд, дарди сари кӯҳнаро дафъ мекунад. Аз янтоқ равған ҳам тартиб медиҳанд, ин тавр аст. Оби барги тари онро дар зарфе андохта, аз болояш баробари оби барг равғани зайтун андохта, бо оташи мулоим меҷӯшонанд, то он ки об батамом бу- хор шаваду равған бимонад. Ин равғани янтоқ ҳисоб меёбад. Ин равғанро бихӯранд ё бимоланд, барои дардҳои буғумҳо ва ҳамаи иллатҳои аз сардӣ баамаломада дармон мешавад. Гулашро кӯфта, гузошта банданд, бавосирро хушк мекунад. 78. Испанд Ин растанӣ дар маҳалҳои Шарқ ва аз ҷумла дар Осиёи Миёна машҳур аст, ки ҳазориспанд низ мено- манд. Инро аз бехаш ҷудо намуда хушк карда бигиранд, қувваташ то чор сол боқӣ мемонад. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: истеъмоли испанд узв- ҳои даруни сина ва шушро аз рутубатҳои часпак пок мекунад, бодҳои рӯдаҳоро пароканда месозад, модда- ҳои ғафсгаштаро таҳлил медиҳад, ба одамони сард- мизоҷ қуввати боҳ мебахшад, баданро фарбеҳ меку- над; пешоб, шир ва ҳайзро равон менамояд, моддаи савдо ва балғами ғафсро бо исҳол дафъ мегардонад, кирмҳои кадудонаро аз рӯдаҳо дафъ мекунад. Испандро кӯфта бихӯранд, барои иллатҳои саръ (припадка), фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба да- розӣ), девонагӣ, фаромӯшхотирӣ ва дигар бемориҳои сардмизоҷи вобаста ба мағзи сар ва асабҳо даво ме- шавад; узвҳои майна ва узвҳои дигари баданро гарм мекунад; истисқо (водянка), зардпарвин, гиреҳҳо, қу- линҷ (колит) ва иркуннасоро (радикулитро) дафъ ме- намояд. 300 грамм испанди хушкро дар ду литр оби ширин як шабонарӯз

тар карда, баъд он обро соф намуда, аз он ҳар рӯз 100 грамм бинӯшанд, моддаҳои савдо- 220 виро пароканда мегардонад, хунро соф мекунад ва дарунро мулоим медорад. Чун 25 грамм испандро кӯфта, дар 100 грамм об бичӯшонанд, баъд он обро соф намуда, бо 75 грамм асал ва 50 грамм равғани кунҷид бинӯшанд, сахт қай меоварад, узвҳои даруни сина ва қисми болои бадан- ро аз рутубатҳои часпак пок месозад, зиқ-ун-нафас (астма) ва сурфаи тарро дафъ мекунад. 300 грамм испанди хушкро кӯфта, дар 9 литр оби ангур то чоряки об мондан бичӯшонанд, дарди сари кӯҳна ва саръро (припадкаро) шифо мебахшад. Чун зане, ки ҳомила мешуда бошад ва баъд нашуда мон- да бошад, аз ин таркиб то се рӯз ҳар рӯз 50 грамм бинӯшад, боз ба зойидан давом мекунад. Испандро маҳин кӯфта, бо заъфарон, заҳраи мурғи (?-ТА) ошӣ бо об фурӯ баранд, аз иллати иркуннасо (ради- кулит) наҷот меёбанд. 100 грамм испанди кӯфтагӣ, 100 грамм тухми заги- ри кӯфтагиро бо 1,5 килограмм асал сиришта, аз ин таркиб ҳар рӯз се маҳал якқошуқӣ бихӯранд, зиқ-ун- нафасро дафъ мекунад ба шарте, ки фишори хун ба- ланд набошад. Агар ба ин 4,5 грамм сӯхтагии шишаро ҳамроҳ карда бихӯранд, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Сӯхтани шиша он тавр аст, ки мо дар муқаддима баён кардем. Испандро маҳин кӯфта, бо заъфарон, заҳраи мурғи хонагӣ, асал, шароб, оби арпабодиёни сабз даромехта, ба чашм кашанд, бекувватии чашмро, ки сабабаш бисёр шудани балғам дар ин узв бошад, шифо ме- бахшад. Испандро дар об ҷӯшонида, он обро ба узвҳои заиф бирезанд, онҳоро қувват мебахшад ва карахтиро дафъ мекунад. Испандро дар об бо равғани кунҷид ҷӯшонида, биёшоманд ва ба он мудовамат намоянд, ҳамаи иллатҳои ҷигар ва шушро дафъ месозад. Испандро маҳин кӯфта, бо равғани шибит даро- мехта, ба ноф ва тиҳигоҳ (холияки паҳлу) бимоланд, қулинҷи (колити) кӯҳнаро дафъ мекунад. Испандро кӯфта, гарм карда, батакрор гузошта банданд, барои фолиҷ, суст ва нотавон гаштани узв, карахти, дардҳои боди ва ғайраҳо, ки дар ҳар як узве бошад, шифо мебахшад. Агар муттасил бо сеяк ваз- ни он кӯфтаи занҷабили хушк, бо оби барги сагангур 221 хамир карда, дар офтоб гузошта банданд, то он ки зуд хушк шавад ва аз нав гарм карда гузошта бан- данд, таъсираш барои иллатҳои номбурда хубтар ме- гардад. Оберо, ки дар он испанд ҷӯшонида шуда бошад, дар офтоб ғафс гардонида, баъд дар бинӣ бирезанд, назла ва сурхии чашмро дафъ мекунад. Испандро дар оби турб то қувваташ ба он об гу- заштан бичӯшонанд, баъд он обро соф намуда, аз бо- лояш баробари он равғани зайтун андохта, бо оташи мулоим бичӯшонанд, то ки обаш бухор шуда равғани холис бимонад, вале эҳтиёт кунанд, ки равған доғ на- гардад. Ин равғанро нимгарм дар гӯш чаконанд, га- ронӣ ва карии гӯш, инчунин ҷарангҳои гуногуни он- ро дафъ мекунад. Испандро кӯфта, ба фарши хона

бипошанд, ҳаша- роти газанда аз он ҷо дафъ мегарданд. Истеъмоли испанд ба дарун барои одамони гарм- мизоҷ зарар дорад: дарди сар медиҳад ва дилашонро беҳузур (бечо) мекунад. Ин зарар бо хӯрдани мева- ҳои турш, сиканҷабин ва дигар туршиҳо ислоҳ меёбад. Миқдори як бор дар як рӯз хӯрдан аз худи испанд аз 4,5 то 9 грамм аст. Мизоҷи равғани испанд дар дараҷаи саввум гарм ва дар дуввум хушк аст. Агар инро бихӯранд ва аз рӯ бимоланд, гиреҳи майнаро мекушояд; барои фолиҷ, каҷ шудани рӯй, ларзак, нотавон мондани узвҳо, саръ (припадка), па- ридани аъзо, боди асабҳо ва карахтӣ шифо мебах- шад. Бо ин равған нимгарм ҳуқна (клизма) кунанд, дарди миён, иркуннасо (радикулит), сардии гурда ва бачадонро нафъ мебахшад. Решаи испандро кӯфта, бо равғани савсани кӯҳӣ сиришта, дар сӯрохи мақъад бардоранд, даҳани раг- ҳои бавосирро кушода, хуни бандшудаи онро равон мегардонад. 79. Гули санг Он чизест, ки дар рӯйи сангҳои намнок пайдо ме- шавад. Рангаш сабзи моил ба сафедӣ ё сурхи моил ба пуштӣ. Агар онро дар каф бимоланд, рангаш ба даст бармеояд. 222 Мизоҷаш сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ин хосияти поккунанда- гӣ дорад. Агар ос карда гузошта банданд, ҳамаи навъ- ҳои шукуфаи пӯстро шифо мебахшад, хуни равонро банд мекунад, тафси узвҳоро таскин медиҳад, варам- ҳои гармро ба таҳлил мебарад ва агар бипошанд, ва- рами забонро мегардонад. Навъи сурхи гули сангро дар об ҷӯшонида, он об- ро соф карда бинӯшанд, дарди зонуро дафъ мекунад. 80. Хори хасак Ин гиёҳест сохти баргаш монанди барги тарбуз қайчибарги кунгурадор, вале хеле аз он майда, инчу- нин соқаш ҳам монанди биёраи тарбуз бар замин паҳн шуда месабзад, ки дар ҷоҳои намнок мерӯяд. Самараш сегӯшаи хорнок ба бузургии ду нахӯде. Дар наздики банди баргҳои биёрааш самар мебандад. Гу- лаш зарди бисёр реза. Ин гиёҳро дар баъзе маҳалҳо тоҷикон хори почадаррон низ меноманд. Мизоҷаш мӯътадил аст дар гармиву сардӣ ва хушкӣ. Хислатҳои шифобахши он: истеъмоли ин ба дарун узвҳои даруни шикамро аз моддаҳои нодаркор ва за- рарнок пок мекунад, пешобро меронад, дарди хичак- ро таскин медиҳад, маниро меафзоёнад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад, моддаҳои бозмон- даи дарунро мепазонад ва пароканда месозад: қулинҷ- ро (колитро), ки аз гармӣ бошад, дафъ мекунад, да- рунро мулоим мегардонад, инчунин намегузорад, ки моддаҳои зарарнок ба узве рехта шаванд; агар инро бо шароб бихӯранд, зарари давоҳои заҳрнокро нест мегардонад. Оби барг, реша ва самари онро дар офтоб қивом карда бихӯранд, захми роҳҳои пешобро, ки сӯзок ме- номанд, ба ибро меоварад; боҳ (пушти камар)-ро қа- вӣ месозад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад, душвор шошиданро ислоҳ мекунад, қулинҷ- ро шифо мебахшад. Оби ҳар як қисми ин растаниро бо асал даромех- та, ин таркибро

дар даҳан гардонанд, пухтани даруни даҳан, яъне ҷӯшишҳои даруни даҳанро ва бӯйи бади онро дафъ мекунад, барои дарди милки дандон дору 223 мешавад, варамҳои мушакҳои ҳалқумро мегардонад ва таҳлил медиҳад. Ин гиёҳро дар об ҷӯшонида, он обро дар офтоб ғафс гардонида, баъд гузошта банданд, варамҳои гармро рад мекунад ва намегузорад, ки варам аз нав пайдо шавад, инчунин моддаҳои зарарнокро аз рех- тан ба узвҳо манъ мекунад. 9 грамм оби дар офтоб ғафсгардонидаи хори хасаки саҳроиро бихӯранд, заҳ- ри мори афъиро аз бадан дафъ мекунад. Гиёҳи инро дар об ҷӯшонида, он обро ба ҷойи лози- мӣ бипошанд, ҳамаи кайкҳоро бартараф мегардонад. Нахӯдро дар оби ин гиёҳ се шабонарӯз тар карда бихӯранд, бағоят боҳро афзун мегардонад. Миқдори як бор хӯрдан аз ин гиёҳ дар як рӯз то 17,5 грамм аст. Вале истеъмоли ин ба дарун ба сар зарар меку- над. Дар ин маврид бодоми ширин ва равғани кунҷид бихӯранд, ислоҳи зарар менамояд. Хосиятҳои тухмаш дар ҳама ҷиҳат монанди оби дар офтоб қивомкардаи он аст. Аз ин растанӣ равған ҳам тайёр мекунанд. Як миқдор оби онро дар зарфе андохта, аз болояш ду баробари он равғани кунҷид мерезанду бо оташи му- лоим меҷӯшонанд. Ҷӯшишаш басанда гардад, ин ало- мати тамоман бухор шуда рафтани оби он аст, яъне равған тайёр шудааст. Вале эҳтиёт кунанд, ки равған доғ нагардад. Агар ин равғанро бихӯранд ё бимоланд ва бо он нимгарм ҳуқна (клизма) кунанд, боҳро қавӣ мегардо- над, дарди буғумҳоро таскин медиҳад, ранги рухсор- ро неку месозад, дарди гурда ва миёнро шифо мебах- шад, ба душворӣ шошиданро ислоҳ мекунад; ва агар инро дар сӯрохи закар бичаконанд, инчунин ба зери ноф ва аз рӯ ба гурдаи санг доштагӣ бимоланд, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Миқдори як бор дар як рӯз хӯрдан аз ин равған 32 грамм аст, ба ҳамин шарт, ки бо майи пухтагӣ ва асал ё бо қанди сафед мехӯранд. Агар тухми онро то се мартаба дар шири навдӯ- шида биҷӯшонанд, баъд аз ҳар бор ҷӯшонидан хушк карда, баъд кӯфта бихӯранд, барои қавӣ кардани боҳ (пушти камар) давои бемисл аст. 81. Омула Ин самари дарахти ҳиндист, рангаш зард, ба бу- зургии олуча ва то ба андозаи чормағз мешавад. Таъ- маш туруши тунҷ аст, яъне дар вақти хондан мушак- ҳои сатҳи даруни даҳанро ба ҳам меоварад (бурма мекунад). Беҳтаринаш берешаи он аст. Дар аксар ҳол онро се бор якшабӣ дар шир тар карда ва ҳар бор хушк намуда, ба истеъмол медиҳанд, инчунин тарнокардаи онро дар шир истеъмол мекунанд. Инро хушк карда ҳам истифода мебаранд. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум сард ва дар саввум хушк аст. Яъне ба одамони гарммизоҷ ва тармизоҷ мувофиқ мебошад. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, дарун- ро мебандад ва намегузорад, ки моддаҳои зарарнок аз ҷоҳои дигари бадан ба меъда ва рӯдаҳо рехта ша- ванд, инчунин хилтҳои (моддаҳои) фоидабахши ба- данро аз вайрону бадбӯ шудан нигоҳ медорад,

мод- даи савдоро аз бадан хориҷ мекунад ва инчунин мод- даи савдоро аз омехта шудан бо моддаҳои ғайрисав- довӣ манъ месозад, бинобар ҳамин хислаташ табъро сара, зеҳнро тез мекунад, хушҳолӣ меоварад ва дилро қавӣ мегардонад. Инро одамони сардмизоҷ бо асал ё бо дорчинӣ, ё бо мустако истеъмол менамоянд, баъд ба- рои онҳо ҳам фоида мебахшад, тарсончакиро зуд дафъ мекунад. Дар ин ҳолат қуввати боҳро меафзояд, иллати қайкуниро бозмедорад, ташнагиро таскин медиҳад, обра- вии даҳанро манъ мекунад, ҳар гуна рафтани хунро (аз ҷумла хуни бавосирро) мебандад; моддаҳои савдо ва балғами рақиқро (суюқро) бо исҳол дафъ менамоянд, меъда ва рӯдаҳоро қувват медиҳад, иштиҳо меоварад, рутубатҳои зарарнок ва сусткунандаи меъдаро барҳам медиҳад, хамли (пашмакҳои) даруни меъдаро мустаҳ- кам мегардонад. Агар ин самарро бо об бихӯранд, ис- ҳоли кӯҳнаро банд ва ҳарорати хунро паст мегардо- над, дил ва чашмро қувват мебахшад, асабҳоро мус- таҳкам месозад ва қувватҳои ҳиссии майнаро меафзо- яд, инчунин барои молихулиё (меланхолия) нафъ до- рад. Агар инро бо асал бихӯранд, иллатҳои фаромӯш- хотирӣ, суст ва нотавон гаштани аъзо, фолиҷ, кач шу- дани рӯйро шифо мебахшад. Ва агар онро бо асал мураббо тайёр карда бихӯранд, низ ба бемориҳои номбурда даво мешавад. Ин меваро як шабонарӯз дар 225 об тар карда, он обро биёшоманд, бухорҳои аз меъда болобарояндаро манъ мекунад. Инро, яъне омуларо маҳин кӯфта, бо об хамир карда, ба пешонӣ гузошта банданд, хуни биниро қатъ мекунад. 7 граммашро нимкӯфта як шабонарӯз дар об тар карда, баъд он обро соф намуда, дар чашм чаконанд, гули чашмро нест мекунад (хусусан дар ҳар ду-се со- ат омулаи таршударо фишурда партоянду омулаи ди- гар тар кунанд, он обро то се мартаба бичаконанд, таъсираш зиёда мегардад). Омуларо маҳин ос карда, бо ҳамвазни он шакар даромехта, бо андак равғани бодоми ширин чарб намуда, 17—18 грамми онро бо оби нимгарм ба дили наҳор бихӯранд, беқувватии чашмро ислоҳ мекунад ва онро равшан месозад, инчу- нин барои харошида шудани сатҳи даруни рӯдаҳо даво мешавад. Омуларо кӯфта, бо ҳамвазни он зираи сиёҳ даромехта, бо асал хамир карда, лесида бихӯ- ранд, дар вақти хоб ба ҷогаҳ шошиданро дафъ меку- над. Омуларо як шабонарӯз дар об тар карда, бо кашнизи хушки нимкӯфта якҷо бихӯранд, исҳоли кӯҳ- на, тафси меъда, сӯзиши мақъад ва сӯзокро дафъ ме- кунад. Чун ҳинои хушкро кӯфта, бо обе, ки дар он омула як шабонарӯз тар карда шуда бошад, хамир карда, ба мӯй бимоланд, онро сиёҳ мекунад. Миқдори як бор дар як рӯз хӯрдан аз омула аз 10,5 то 17,5 грамм аст. Агар инро дар об ҷӯш дода, он обро нӯшиданӣ бошанд, то 35 грамми онро дар об ҷӯ- шонанд. Ошомидани омула ба сипурз зарар дорад. Дар ин маврид асал бихӯранд, зарараш ислоҳ меёбад. Инчу- нин омула бинобар зиёда будани тунҷиаш иллати қу- линҷро пайдо мекунад, дар

ин ҳолат равғани бодоми ширин хӯрдан даркор аст, ки ислоҳи зарар намояд. 82. Балила Ин самари дарахти ҳиндӣ, кулӯлаи андак нӯгдор, калонтар аз мозу, пӯсташ зарди гӯё гардолуд ва но- зуктар аз пӯсти ҳалила аст. Дар тиб пӯсти ҳамин са- мар истеъмол мешавад. Мизоҷаш дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст. 226 Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, да- рунро ба некӣ мебандад, меъда ва иштиҳоро қувват медиҳад, моддаҳои савдо ва сафроро бо исҳол дафъ мекунад, бухори рутубатҳоро қатъ месозад, барои дафъ кардани дарди сар ва бавосир дору мешавад. Агар инро то бӯяш баромадан битафсонанд ва баъд кӯфта бихӯранд, исҳоли кӯҳнаро мебандад. Инро маҳин ос карда, чун сурма ба чашм кашанд, обравии чашмро нест мегардонад. Вале хӯрдани ин дарунро шах мекунад. Дар ин маврид асал бихӯранд, зарараш ислоҳ меёбад. Миқдори як бор дар як рӯз хӯрдан аз балила 10,5 грамм аст. Ба ҷойи ин сеяки миқдораш омулаи кӯфтаро ё баробари он гули ҳиноро бихӯранд, равост ва ё шашяки он ҳалилаи сиёҳро хӯрдан мумкин аст. Агар ҳар рӯз 1,5 ё 2 грамм аз балила бо ҳамвазни он шакар бо оби гарм бинӯшанд, қуввати чашмро зиё- да мекунад ва обравии даҳанро қатъ месозад. 83. Тӯдарӣ Ин тухми гиёҳест баргаш дароз, бепоя, шохҳои он сурхи сахт ва бо андак хоре; самараш дар ғилофе, ки борику нозук аст. Тухмаш аз тухми наск кӯчактар, андак паҳн. Муаллифони «Махзан-ул- адвия» ва «Му- ҳити аъзам» қайд кардаанд, ки ин се навъ аст: сурх, зард ва сафед. Вале соҳиби «Ихтиёроти бадеӣ» шаҳо- дат медиҳад, ки ин чор навъ аст: зард, сафед, сурх, гулгун. Тухми сафеди он аз қисмҳои сурх ва зарди он андак калонтар ва паҳнтар аст. Мизоҷи тухмаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум тар аст. Хислатҳои шифобахши он: хосиятҳои ҳамаи қисм- ҳояш ҳам қариб ба якдигар наздиканд. Агар бихӯ- ранд, иштиҳо меоварад, қуввати боҳро афзун мегар- донад, олоти мардиро ба ҳаракат меоварад, баданро фарбеҳ мекунад; агар дар узвҳои дохили сина ва ши- кам сардӣ афзуда бошад, ба ислоҳ медиҳад; ранги рӯйро сурх мегардонад, пӯсти баданро пок менамояд, моддаҳои савдовиро аз бадан дафъ мекунад, овозро мекушояд; сурфаеро, ки сабабаш зиёд шудани хун дар роҳи нафас бошад, шифо мебахшад, инчунин сур- фаи хушкро дафъ месозад. 227 Агар онро дар сирко пухта бихӯранд, аъзои бадан- ро фарбеҳ мекунад, ранги рӯйро соф мегардонад. Тухмашро кӯфта, бо об хамир карда, аз рӯ гузош- та банданд, саратони дохилиро таҳлил медиҳад ва ба- рад (жировик)-ро нест мекунад, варамҳои сахтро ме- гардонад. Агар инро маҳин сойида, бо асал даромехта, ба чашм бикашанд, захми онро шифо мебахшад ва чашм- ро аз риму чирк пок месозад. Кӯфтаи онро бо асал хамир карда, лесида бихӯранд, ахлоти часпаки узв- ҳои даруни сина ва шушро пароканда менамояд. Инро дар об ҷӯшонида, он обро бо шароб даро- мехта бинӯшанд, заҳрҳои гуногуни дар

бадан дохил- гаштаро дафъ мекунад. Тухми онро як шабонарӯз дар об тар карда, баъд дар ҳамон об ҷӯшонида, сонӣ полида соф карда, дар халтача баста, дар мағзи хамир гирифта, дар зери оташ пухта бихӯранд, ахлоти ғафси часпаки дар да- руни сина ва шуш бударо ба воситаи қай ва дар на- муди балғам дафъ мекунад; варамҳои сахти пушти гӯш, пистон ва хояҳоро таҳлил медиҳад, азияти даво- ҳои қотилро дафъ месозад. Миқдори як бор хӯрдан барои дафъ кардани заҳр аз бадан аз 10,5 то 17,5 грамм аст. Дар дигар ҳолат миқдори як бор дар як рӯз хӯрдан аз 7 то 10,5 грамм аст. Гиёҳи ин растаниро бихӯранд, дарунро мебандад ва варамҳои дохилиро мегардонад. 84. Арзан Ин растании зироатӣ мебошад ва дар байни халқ- ҳои мо васеъ паҳн гаштааст. Сараш иборат аз хӯшаи тити пурдон аст. Ранги донҳояш зарди сафедтоб мебо- шад. Инро ба забони русӣ просо ва донҳои муқашша- рашро пшено мегӯянд, ки ба тоҷикӣ сӯк мебошад. Дар тиб ҳамин донҳои он истеъмол мегардад. Мизоҷаш дар дараҷаи якум хунук ва дар охири дуввум хушк аст. Ба қавли баъзе табибони номдор дар дараҷаи дуввум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ин ҳамчун ғизо сабук- тар аз кӯноқ аст, моддаҳои рехташавандаро аз ҳара- кат нигоҳ медорад, яъне аз он, ки онҳо ба узвҳои ба-
228 дан рехта гарданд, нигоҳ медорад; хислати бидуни дард хушккунандагӣ дорад, вале хуни солим аз ин дар бадан камтар пайдо мешавад, аммо агар бо рав- ған истеъмол намоянд, агарчи дерҳазм аст, чун ҳазм ёбад, баданро қавӣ мегардонад ва ғизоияташ бештар мегардад. Агар сӯкро муҳарро пухта бихӯранд, печиш- ҳоро дар роҳҳои нафас мекушояд ва тарқишҳои он роҳҳоро ба ҳам меоварад; дар бемориҳои назла даво мешавад. Агар аз орди он нон пухта бихӯранд, исҳо- ли сафровиро мебандад, пешобро меронад, бачаро аз шиками занони ҳомила меафтонад. Маҳсулоти сӯкиро аз ҳад бисёр бихӯранд, дар ба- дан хилти савдоро зиёд мегардонад, дар узвҳои ба- дан гиреҳҳо пайдо мекунад. Агар инро бо равғанҳо, шакар ва ҳалвоҳо бихӯранд, хислатҳои бади мазку- раш ислоҳ меёбанд. Касеро хунаш бисёр, яъне фишори хунаш баланд бошад ва рутубатҳои мурдор дар баданаш афзуда бо- шанд, инро бихӯрад, меъёри ҳамаи он чизҳоро ба эътидол меоварад. Сӯкро бо шири навдӯшида пухта, бо равғанҳо бихӯранд, ҳамаи он ҳолати нохушро ба эътидол меоварад. Арзанро бо намак якҷо сойида, дар латта баста, бар болои он нишинанд, мақъади (кӯтани) баромадаро ба ҷойи аслиаш мегардонад ва ахлоти дар рӯдаҳо банд- шударо равон месозад. Сӯкро бо равғанҳо ё бо сабӯсаш пухта бихӯранду ба ҳаммом раванд ва он ҷо бар бадани худ равған- ҳоро бимоланд, боди меъда ва тиҳигоҳро таҳлил ва дарди рӯдаҳо ва бавосирро таскин медиҳад. Ба ҷойи ин сиёҳдонаро ҳамчун давоҳои гузоштабан- дӣ истеъмол фармоянд, равост. Агар баъд аз ба сӯк гардонидани арзан як сол гу- зашта бошад, истеъмолаш ҷоиз нест. 85. Қӯноқ Ин растании зироатист ва донҳои он

дар сараш, ки ғӯлашакл ва бо ғафсии калтаки чӯпонон, дарозиаш то 20 сантиметр аст. Майсааш гӯё ба қилҳои кӯтоҳак мемонад, ранги хӯшаи сараш сурхи ҷигарӣ, пӯсти дон- ҳояш ҳам бо чунин ранг аст. Андозаи донҳояш аз ар- зан майдатар, ялаққосӣ ва сахт мебошад. Ҳамчун ғи- 229 зо ин назар ба арзан беҳтар аст, низ некуст барои даво истеъмол намоянд. Мизоҷаш дар охири дараҷаи якум хунук ва дар дуввум хушк, хушкиаш аз арзан камтар аст. Хислатҳои шифобахши он: ин ҳамчун ғизо камқув- ват, вале хушккунандаи рутубатҳои бадан аст, дарун- ро мебандад, пешобро меронад, аз меъда дер мефуро- яд. Агар муқашшари инро бо шири навдӯшида ва бо равғани тоза пухта бихӯранд, ғизои солим мешавад; узвҳои даруни синаро мулоим мегардонад, манӣ пай- до мекунад. Вале дар узвҳои бадан гиреҳҳо ва дар хичак санг пайдо менамояд. Агар аз болои он асал ё шакар бихӯранд ё бо яке аз ин ҳар ду истеъмол намо- янд, ду зарари мазкураш ислоҳ мегарданд. 86. Ҳанзал Ин самари гиёҳест ба андозаи тарбузчае ба миқ- дори норанҷи миёнаҳаҷм, кулӯла низ, бағоят талх аст. Навъҳои нар ва мода дорад: навъи нараш сахттар ва майдатар; модааш калонтар, нармтар ва беҳтар аст. Дар тиб аксар шаҳми (гӯшти) модааш ба кор мера- вад. Намудаш аз берун зард ва дарунаш ҳам моил ба зардӣ, ковокдор. Гиёҳаш самари бисёр мебандад, биё- радор, баргаш монанди барги тарбуз, вале аз он ре- за мешавад. Тухмаш сиёҳ ва даруни он зард аст, ва- ле агар сабз бошад, бекора мебошад. Агар дар як буттааш як адад самар бандад, он самар заҳри қотил аст. Ин растаниро ба тоҷикӣ тарбузи абӯҷаҳл мено- манд ва ба русӣ колоквинт мегӯянд. Дар сарзаминҳои Осиёи Миёна низ вомехӯрад, яъне мекоранд. Қуввати самари ин растанӣ модоме, ки дар пӯсташ бошад, то чор сол барқарор меистад ва агар аз пӯс- таш ҷудо кунанд, қуввати он то ду сол боқӣ мемонад. Одатан барои даво даруни онро, ки шаҳмаш мебошад, бароварда истеъмол мекунанд. Бояд таъкид намоем, ки ҳанӯз аз нораси он шаҳмашро берун кунанд, зуд вайрон мешавад. Мизоҷаш дар дараҷаи чорум гарм (дар саввум низ гарм гуфтаанд) ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахшии он: агар инро ба дарун ис- теъмол кунанд, ҳамаи навъҳои балғамро канда дафъ 230 мекунад, ахлоти балғамиро аз чуқуриҳои бадан каши- да берун меоварад. Инро бихӯранд, ҳамаи бемориҳои аз хунукӣ баамаломадаи вобаста ба сарро шифо ме- бахшад, аз ҷумла: дарди сар, дарди нимсар, фолиҷ, каҷ шудани рӯй, саръ (припадка), фаромӯшхотирӣ ва фуромадани назлаҳои кӯҳнаро ба чашм манъ меку- над. Шаҳми ҳанзалро дар равғани зайтун ҷӯшонида, он равғанро дар бинӣ кашанд, гиреҳҳои мағзи сарро ме- кушояд, ва агар ин равғанро нимгарм бичаконанд, дарди гӯшро таскин медиҳад. Самари ҳанзалро ба дандон бимоланд, канданаш осон мегардад. Оби самари тару тозаи онро дар бинӣ кашанд, зардии чашмро нест мекунад. Барги хушкашро кӯфта, 7 грамми онро

бо нишоис- та ва шилми бодомҳо бихӯранд, исҳоли савдовиро ме- бандад. Агар бо зарпечак, арпабодиён ва иёричи фай- қаро бихӯранд, иллати молихулиё, саръ, гирдак-гир- дак мӯйрехтаи сар ва риш, махав ва дигар бемориҳои савдовиро шифо мебахшад. Решаашро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гардонанд, дарди дандонро таскин медиҳад. Чун даруни самари онро холӣ карда, дар он сирко бирезанду баъд ҷӯшонида, онро дар даҳан гардонанд, дарди дандонро дафъ мекунад ва милкҳои онро мус- таҳкам месозад. Аз самари ҳанзал равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Ду миқдор оби тозаи онро дар зарфе карда, аз болояш як миқдор равғани кунҷиди нав ё равғани зайтун рехта, бо оташи мулоим то обаш бухор шуда рафтан меҷӯшонанд. Вақте ки ҷӯшишаш басанда гашт — ин аломати тамоман бухор шуда рафтани об аст, вале эҳтиёт кунанд, ки равған доғ нагардад. Ин равғанро бихӯранд, барои бемориҳо ва дардҳои аз сардӣ рӯйдода ва ҷӯшишҳои дар пӯсти сар пайдошу- да даво мебошад. Инро нимгарм дар гӯш чаконанд, ҷаранг ва садоҳои гуногуни даруни гӯшро дафъ ме- кунад, кирми гӯшро мекушад ва агар инро ба дандон бимоланд, дарди онро таскин медиҳад. Тарбузи абӯҷаҳлро сӯхта, хокистарашро чун сурма ба чашм кашанд, чашми кабуд ва гӯсфандиро сиёҳ мекунад. Самари онро батанҳоӣ бихӯранд, барои иллатҳои 231 меъда, рӯдаҳо, ҷигар, гурда, хичак, бачадон, буғумҳо, истисқо, махав, гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш, филпо (слоновая болезнь) ва дигар иллатҳои савдовӣ, инчунин ба бавосир даво мешавад. Барои ин бемори- ҳо ҳанзалро бо давоҳои муносиба бихӯранд ҳам, ра- вост. Чун шаҳми тарбузи абӯҷаҳлро дар шаҳдоб (аса- лоб) ҷӯшонида бихӯранд, моддаҳои ғафсеро, ки дар ҷигар банд шуда бошанд, бо исҳол дафъ менамояд. Чун самари яклухти онро дар об ҷӯшонида, бо он об нимгарм ҳуқна (клизма) кунанд, барои фолиҷ даво мебошад; қулинҷи балғамӣ ва бодӣ, иркуннасо (радикулит), дарди суринҳо, дарди пушт ва монанди ин- ҳоро дафъ мекунад. Агар самари инро монанди шамъ- ча сохта дар мақъад бардоранд, башиддат исҳол ме- оварад ва агар ин шамъчаро занҳои ҳомила аз таг бардоранд, бачаи онҳоро дар шикам мекушад. 3,5 грамм равғанашро, ки тарзи тайёр карданашро дар боло зикр кардем, биёшоманд, балғам ва ҳа- маи навъҳои кирмҳои меъда ва рӯдаҳоро аз шикам хориҷ мекунад. Ва агар ин равғанро бо захраи гов даромехта, ба ноф бимоланд, ҳамаи кирмҳоро аз ши- кам мерезонад. Бо ин равған ҳуқна кунанд, қулинҷро дафъ мекунад. Агар барои тайёр кардани равғани ҳанзал самари тару тозаи он ба даст наояд, 75 грамм шаҳми хушки онро дар об ҷӯшонида, он обро соф карда, аз болояш 300 грамм равған рехта, то бухор шудани обаш бо оташи мулоим биҷӯшонанд ва аз ҷӯш, ки монд, рав- ған тайёр мебошад. Эҳтиёт кунанд, ки равған доғ нагардад. Чун сари самари ҳанзалро бурида, дар дарунаш мурч пур карда, он сарашро аз нав ба

ҷояш часпо- нида, ба гили ҳикмат ё гили бӯта бигиранду наздики оташдон як ҳафта дафн намоянд ба тавре, ки насӯзад, ҳамон ҷо бигузоранд. Баъд мурчҳоро берун оварда сойида бихӯранд, ҳамаи бодҳоро дафъ мекунад ва агар таом намефорида бошад, барои ҳазм шуданаш ма- дадгор хоҳад гашт. Самари сабзи ҳанзалро кӯфта бимоланд, иркунна- со ва дардҳои аз сардӣ баамаломадаро шифо мебах- шад. Як адад сабзи он ва пӯсти тухми онро кӯфта бн- хӯранд ва ё аз шаҳми (гӯшти) дарунаш зиёдтар та- 232 новул намоянд, ҳамаи кирмҳои даруни шикамро ихроҷ мекунад. Самари ҳанзалро якчанд мартаба бихӯранд ва ҳамон миқдор бар кафи по низ бимоланд, барои иллати махав дору мешавад ва авҷ гирифтани онро манъ мегардонад. Решаи ин тарбузи абӯҷаҳлро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, хуни шахшударо дар ҳар ҷойи бадан, ки бошад, таҳлил медиҳад ва инчунин захри каждум- ро аз бадан дафъ мекунад. Нақл мекунанд ки ара- беро аз чанд ҷойи баданаш мори захрнок газид. Ӯ зуд 7 грамм ҳанзалро бихӯрд ва безарар монд—сиҳат ёфт. Баргашро кӯфта, бо об ва нишоиста сиришта гу- зошта банданд, хунеро, ки аз кафидан, даридан ё чок шудани раг равон бошад, манъ мекунад, инчунин ва- рамҳоро таҳлил медиҳад. Мегӯянд, ки чун сари самари ҳанзалро бурида, чанд порча решаи рӯянро ба даруни он фурӯ бурда, сарашро аз нав ба ҷояш часпонида, ба гили ҳикмат ё гили бӯта бигиранду наздики оташдон то як ҳафта гӯр кунанд, ба шарте, ки насӯзад. Баъд аз даруни он решаҳои рӯянро берун намуда, хушк кунанду вақти ҳоҷат дар оби лиму сойида, ба кафи даст гузошта бан- данд ва то се навбат инро такрор намоянд, иллати махав дафъ мегардад. Барги ин растаниро дар об ҷӯшонида, он обро дар хона бипошанд, кайкро мекушад ва намегузорад, ки дигар пайдо шавад. Агар ин ро сӯхта, ба дудаш занҳо миёни пойҳои худро бидоранд, бечо ва бевақт равон шудани ҳайзро ислоҳ мекунад. Решаашро бар камар бибанданд, фуромадани об- ро дар хояҳо шифо мебахшад. Тухмашро бихӯранд, исҳол ва қай меоварад, сар- ро чарх мезанонад. Вале агар инро такрор батакрор шуста, то талхиаш рафтан дар намакоб тар на- моянд, баъд кӯфта, бо сир (саримсоқ) ва хурмо ҷӯшо- нида бихӯранд, барои сиҳати бадан фоида дорад. Чун ҳанзалро сӯрох карда, тухмҳои онро берун оварда, равғани занбақ ё равғани савсани кӯҳӣ дар он пур намуда, сӯрохи онро бо порчаи ҳанзал маҳкам кунанду ба хамир печонида, ба рӯйи оташ гузошта, чанд ҷӯше бихӯронанду бо он ранг кунанд ва дар ҳам- 233 мом онро биёшоманд, мӯйро сиёҳ мекунад ва зуд са- фед гаштани онро манъ месозад. Равғани он, ки дар боло зикр кардем, рехтани мӯйро низ манъ мегардонад. Ҳанзалро ду пора намуда, бар бадани аспе, ки ка- наи бисёр дошта бошад, ду-се дафъа бимоланд, ҳа- маашро дафъ мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз шаҳми (гӯшти) самари ҳанзал дар як рӯз аз 1,75 то 3,5 грамм аст, вале зиё- да набояд истеъмол намуд. Инро дар хунук будани

ҳаво ва зимистон ҳам истеъмол кардан мумкин нест. Инчунин дар фасли гармо одамони гарммизоҷ набояд истеъмол фармоянд. Зеро ки дар он вақтҳо ба истеъ- молкунандааш ғамгинӣ меоварад ва дар рӯдаҳо дард пайдо мекунад, инчунин басост, ки дар ин мавсимҳо таъсир намебахшад, балки боиси бемориҳои гуногун мегардад, аз ҷумла: дарди сар ва иллатҳои меъдаро ба амал меоварад; дар сардмизоҷон, балғамимизоҷон ва тармизоҷон рагҳои хунгардро кушода, хуни софи онҳоро мерезонад. Инчунин касе хоҳад, ки онро истеъ- мол намояд, бояд ки бо чизҳои ислоҳкунандаи он, ма- салан, шилми бодомҳо, нишоста, катиро бо ҳар яке биёшоманд, равост. Шилми бодомҳо сусткунандаи қув- вати он аст ва катиро ёридиҳандаи таъсири он мебо- шад. Ва бояд ки ҳанзалро бисёр маҳин бисоянд, агар нимкӯфта бошад, дар рӯдаҳо дард пайдо мекунад ва сатҳи даруни онҳоро мехарошад, ҳатто рӯдаҳоро ме- канад. Ва ҷойи ҳанзал тухми беданҷирро аз пӯст ҷудо кар- да истеъмол кардан мумкин аст; инчунин ба вазни он хардал (горчица) хӯрдан ҳам раво мебошад; илова бар ин 2 грамм харбузаи сагакро бихӯранд, ҷоиз ме- бошад. Ва баробари вазни ҳанзал испандро бихӯранд ҳам, мешояд. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-75-86#75

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 87-93 87. Канаф 88. Шунгбед 89. Ангурғӯра 90. Ҳулба 91. Туршак 92. Нахӯд 93. Ҳино 87. Канаф Ин растаниест, ки зироат мекунанд, гиёҳаш то ба ҳадде баландтар аз қадди одам ҳам мехезад. Аз пӯс- ти пояаш монанди зағир нах мегиранд. Аммо пӯшида- ни либоси аз он тайёр кардашуда ҷоиз нест, зеро ки ҳоли буғумҳои баданро бад месозад ва лоғар меку- над. Вале аз он коғази хуб сохта мешавад. Гул, ғубори пашмакранг ва шабнаме, ки бар он 234 менишинад, ғафс ва часпак аст — ҳамаашро ҷамъ на- муда, бангиҳо чун тамоку мекашанд, ки карахтӣ ва мастии шадиди ба худаш хосе меоварад. Хусусан шаб- нами он, ки ҳар чӣ қадар ғализтар, часпандатар ва шахтар бошад, қавитар мешавад, басост, ки бо саба- би камоли қувваташ кашандаашро ҳалок месозад. Ин растанӣ дар аксари мамлакатҳо мерӯяд: навъ- ҳои саҳроӣ ва бӯстонӣ дорад. Қисми бӯстониаш дар ҳақиқат канаф аст, зеро ки пӯсти пояаш ҷудо меша- вад, инчунин пояаш миёнхолӣ мебошад. Гулаш са- федранг, тухмаш монанди мурч кулӯла аст, ки шоҳ- дона номида шудааст. Кашидани ин касро аз ақл бегона мекунад, ҳатто девона мегардонад. Хуллас, ки чизи бадфиол аст. Мизоҷи баргаш мураккабқувват ва дар дараҷаи саввум сард ва хушк аст, гармии сабук ҳам дорад. Мизоҷи тухмаш гарм ва хушк дар дараҷаи саввум, мизоҷи пӯсташ сард ва хушк дар ғояти бадӣ мебошад. Хислатҳои шифобахши он: баргаш бинобар мурак- каб будани қуввати он аввалан фараҳ ва сурур мео- варад, ранги рӯйро неку мегардонад, маст мекунад— ин аз сабаби гармии сабуки мизоҷаш мебошад,

вале аз сабаби ҷузъи сардии мизоҷаш карахти меоварад. Баъд аз барҳам хӯрдан ва таҳлил ёфтани ҷузъи гар- мии сабукаш хислати ҷузъи бади сардмизоҷиаш зоҳир гашта, феълҳои (таъсири) раддиаш ба амал меоянд. Низ аз сабаби ҷузъи гармиаш хаёл ва фикрро сабук ва дақиқ мегардонад, ташнагӣ ва иштиҳои таом мео- варад, дар аввал шаҳвати боҳро зиёда менамояд ва дар охир аз он акси ҳамаи ин хислатҳо зоҳир мегар- данд, боиси тира гаштани рӯҳи майна, торикӣ ва кам- қувватии чашм мешавад; ба иллатҳои девонагӣ, моли- хулиё, тарсончакӣ ва истисқо гирифтор месозад, қув- вати боҳ, яъне пушти камарро суст мегардонад ва оқибат барҳам медиҳад. Зеро ки хушккунандаи манӣ мебошад. Чизҳои ширин қуввати онро меафзояд, вале ашёи турш нобудкунандаи қувватҳои он мебошанд. Барги хушки канафи саҳроиро кӯфта, дар бинӣ би- резанд ё бикашанд, майнаро аз олойишҳо пок месозад Барги тари канафи саҳроиро кӯфта, фишурда, обашро гирифта, дар офтоб ғафс гардонанд — инро усорааш меноманд, баъд бо он бишӯянд, сабӯсак ва шапуши сарро дафъ мекунад. Усораи барги канафи саҳроӣ ва равғани онро ча- 235 конанд, дарди гӯшро таскин медиҳад ва кирми дару- ни онро низ мекушад. Баргашро бихӯранд, рутубати меъдаро хушк ме- гардонад, дарунро мебандад, пешобро меронад ва ба- рои ҷаранги гӯш даво мебошад, маниро аз зуд ома- дан нигоҳ медорад ва ҳатто онро хушк мекунад. Пӯс- ти гиёҳашро бихӯранд, қуввати боҳро қатъ мегардо- над ва маниро мехушконад. Канафи пӯсидаро, ки хушк бошад, кӯфта бипошанд, захм ва ҷароҳатҳои тарро хушк мекунад ва даҳани онҳоро ба ҳам оварда сиҳат мебахшад. Решаи канафи саҳроиро пухта гузошта банданд, инчунин баргашро низ кӯфта гузошта банданд, варам- ҳои гарм ва ҷамра (карбункул)-ро таҳлил медиҳад ва дарди узвҳои асабониро, ки дар онҳо моддаҳои зиё- датии мурдор бозмонда ба дард оварда бошанд, тас- кин медиҳад. Чун барги хушки онро нимкӯфта ва каме об бар он пошида, гарм карда, баъд ба рӯйи барги гармкар- даи беданҷир гузошта, ба хоя банданд, ба ҷурра (дабба)-и обӣ дору мешавад ва варамҳои онро таҳ- лил медиҳад. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз он 3,5 грамм аст, вале агар зиёда аз ин бихӯранд, хусусан аз ка- нафҳои бадфиол биёшоманд, мекушад. Дар ҳолати ин гуна зарар рӯй додан илоҷаш равғани гов ва оби гарм ошомида қай кардан аст, то он ки дар меъда ҳеҷ чиз намонад. Инчунин дар ин маврид нӯшидани шароби туршак (щавель) бисёр судманд аст. Тухмашро бихӯранд, беҷо (беҳузур) шудани дилро таскин медиҳад, бодҳоро пароканда месозад, вале моддаҳои бадфиоли башиддат хушккунандаро дар ба- дан пайдо мекунад, дарунро мебандад ва дар шикам боду бухор пайдо менамояд; маниро аз равон шудан нигоҳ медорад ва ҳатто онро хушк мегардонад. Зарарҳои тухмаш: дарди сар меоварад, чашмро торик мекунад, ба меъда ҳам зарар дорад. Вале агар онро бирён карда бихӯранд,

безарар мегардад. Ва агар ин тухмашро беҳад бихӯранд, дар узвҳои дохилӣ захмҳоро ба амал меоварад. Ин зарари онро бо хӯр- дани кӯкнор, шароби лиму, сиканҷабини шакарӣ ис- лоҳ додан мумкин аст, инчунин мегӯянд, ки оби ху- нук, барф ва шароби меваҳои турш низ бинӯшанд, ис- лоҳпазир аст. 236 Равғани тухми канаф, ки онро аз кӯфтааш фишур- да мегиранд, дар мизоҷ гарм ва хушк аст. Инро би- чаконанд ва бимоланд, барои дарди гӯш ва асабҳо, таҳлил додани варамҳои сахт ва сахтии бачадон, ки онро дар тибби ҳозира ноболиғии бачадон меноманд, даво мешавад. Агар инро биёшоманд, маниро хушк мекунад. Як ақидаро хотиррасон намоем, ки як қисм ода- мони, хусусан фуқарои Ҳиндустон, инро бисёр мехӯ- ранд ва онҳо дар гумони онанд, ки гӯё нашъа (маҳсу- лоти канафӣ) умрро дароз, фикрро равшан мекарда бошад, вале истеъмолкунандагони зиракгар дар хуло- са ин байтро гуфтаанд: Банге задему сирри аналҳақ шуд ошкор, Моро ба ин гиёҳи заиф ин гумон набуд. Аксаре аз ин тоифа одамон ҳар субҳу шом барги онро сойида, дар об ҳал карда, соф намуда, аз он об як қадаҳ менӯшанд. Агар ҳар кӣ назди онҳо ояд, ба ӯ низ таклифи нӯшидан менамоянд. Баъзеи онҳо онро хушк карда, андак бирён намуда, муддати дароз ме- хоянд ва ё бо кунҷиди бепӯст кӯфта, бо шакар даро- мехта, каф зада мехӯранду бисёртараб ва фараҳнок мешаванд. Зеро ки ин дар ибтидо ва аввалҳо қуввати ҳайвонии онҳоро ба ҳаракат меоварад ва хӯрокҳои бисёру гуногунро мехӯронад, лаззат меёбонад, ҳазм мекунонад ва бинобар ҷамъ шудани рутубат аз ин бадани онҳо фарбеҳ мегардад ва баъд ба аксари бе- мориҳои шадид мубтало мешаванд, аз ҷумла: сустии узвҳои ҳозима, боднокшавии бисёр, қароқури шикам, суулқиня (сустии ҷигар), варами дасту поҳо ва рӯй, вайронии ранги башара, сустии боҳ, афтидани дан- донҳо, бадбӯйии даҳан, ланҷии ҳоли бадан, тарсончакӣ, хаёлҳои беҷо, вайронии фикр, худкушӣ ва ғайра. Ин- чунин барои ҳар гуна ҷиноятҳоро содир кардан ва номутеӣ ба қоида ва қонунҳо бурда мерасонад. Баъ- зе касон ҳатто аз он маъҷунҳо сохта мехӯранд, баъ- зеҳо барои кам кардани хушкии мизоҷи он дар шир андохта меҷӯшонанд ва баъд қаймоқи онро ҷудо кар- да меошоманд. Низ равғани онро бо усулҳои дигар ҳосил мекунанд. Баъзеашон барои қавӣ гардонидани қувваташ шираи онро дохили таркиби он маъҷун ме- кунанд, ки он ба шерзодхонӣ машҳур аст — як ҳаби онро бихӯранд, мастии шадид меоварад. 237 Хуллас, аз истеъмоли қисмҳои канаф дар хӯрдан ва чун тамоку кашидан ҳеҷ некӣ намеояд, балки бои- си разолат ва вайронии мизоҷи бадану ахлоқи инсон мегардад, инчунин боиси дарозии умри инсон гашта- ни он дар таърихи башар қайд наёфтааст ва алҳол ҳам маълум нест. 88. Шунгбед Ин дарахтро бинобар монанд будани тухмаш за- бони гунҷишк ҳам меноманд, ба русӣ ясень согднй- ский мегӯянд. Инчунин дар тоҷикӣ содда карда, инро «шунг» ҳам мехонанд, ки дарахташ

дар ҳама ҷоҳои Осиёи Миёна, хусусан дар ҷоҳои салқинтар бештар мерӯяд. Баргаш монанди барги бодом, самараш дар хӯша- чаҳо — аз ҳам ҷудо-ҷудо, ки тухмаш дар ғилоф ба андозаи забони гунҷишк нӯгтези паҳн ва дарозак аст. Рӯйи тухмаш тира, дарунаш ба зарди сафедӣ мезанад. Таъмаш моил ба тезиву талхӣ. Қувваташ то даҳ сол боқӣ мемонад. Мизоҷаш дар охири дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст, вале ба қавли баъзеҳо дар дараҷаи якум тар аст. Ба ҳар ҳол рутубат ва тарӣ дорад. Хислатҳои шифобахши он: тухмаш дафъкунандаи бодҳои дарун, вале баргаш қабзиятовар аст. Агар тухмашро бихӯранд, дарди паҳлу ва тиҳигоҳ- ро таскин медиҳад; дилтапак (дилбозӣ), зиқ-ун-нафас ва сурфаи кӯҳнаро, ки ҳама аз сардӣ бошанд, дафъ мекунад; дарди рӯдаҳо, дарди камар, дарди бачадон ва беихтиёр рафтани пешобро шифо мебахшад; санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад, узвҳои таносулро қувват мебахшад, қуввати боҳро ба ҳаракат меоварад ва зиёда мегардонад. Тухми онро кӯфта, бо асал ва заъфарон хамир сохта, занҳо баъд аз пок шудан аз ҳайз аз таг бардо- ранд, барои ҳомила шудан кӯмак медиҳад. Вале хӯрдани тухмаш ба одамони гарммизоҷ дар- ди сар меоварад. Агар ин тавр зарар кунад, кашниз бихӯранд ё инро бо кашниз якҷо биёшоманд, безиён мегардад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми он батанҳоӣ дар як рӯз то 10,5 грамм аст ва агар бо ёридиҳандааш 238 истеъмол карданӣ бошанд, 7 грамм ошомидан кифоя аст. Ба ҷойи тухми ин дарахт барои афзунии боҳ ба ваз- ни он ҷавзи бавворо бихӯранд, ҷоиз аст, инчунин тух- ми тӯдарии сурхро ҳам бо ҳамон вазн ё бо мағзи чормағз бихӯранд, равост. Баргашро кӯфта, гузошта банданд, захмҳоро аз чирку рим пок мегардонад, дар онҳо гӯшти солим ме- рӯёнаду сиҳат мебахшад. Пӯсти дарахташро кӯфта гузошта банданд, барои кӯфтагиҳо ва лат хӯрдани узвҳо даво мешавад. 89. Ангурғӯра Ин самари хоми ангур, яъне норасидаи сабзи тур- ши он аст аз ҳар навъи ангур, ки бошад. Мизоҷаш дар аввали дараҷаи дуввум сард ва дар дуввум хушк аст. Агар оби онро дар офтоб ғафс гар- донанд, мизоҷаш сардтар ва хушктар мегардад то да- раҷаи саввум. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани он ҳарорати хун ва сафроро хомӯш мекунад, шиддати ҷӯшиши саф- роро мегардонад, балғами дар меъда пайдошударо пора-пора месозад, дарунро мебандад; намегузорад, ки моддаҳои бегона ба меъда рехта шаванд; бадан ва ҷигарро қувват медиҳад, ташнагиро мешиканад, сустии аъзоро барҳам медиҳад. Ғӯраи ангурро хушк карда кӯфта, гузошта бан- данд, арақи баданро хушбӯй мегардонад, шахшӯлии пӯстро ислоҳ мекунад ва баъд намегузорад, ки ҳамон сол арақи нохуш аз бадан берун ояд; ҷӯшишҳои ба- данро, ки дар тибби ҳозира аллергия меноманд, дафъ месозад, барои хориш ва сустии бадан фоида дорад. Вале хӯрдани ин меъдаи сардмизоҷро суст меку- над, ба қуввати пушти камар (боҳ) футур мерасонад, дар шикам бод пайдо менамояд,

рӯдаҳоро ба дард меоварад ва дар одамоне, ки меъдаашон балғами шахшӯл дошта бошад, ташнагӣ пайдо мекунад. Барои дафъ кардани зарарҳои номбаршудааш гулқанд ва анҷир бихӯранд, ислоҳ мекунад. Агар мавсими ғӯраи ангур набошад, ба ҷойи он ре- воч (чукрӣ) ва туршак (щавель) истеъмол фармоянд, равост. 239 Оби ғӯраи ангурро ҷӯшонида ғафс карда бихӯранд, ташнагиро мешиканад, тафс ва ҳарорати меъдаро со- кин мекунад; барои қатъ кардани исҳоли сафровӣ, барангехтани иштиҳо, аз афтодан нигоҳ доштани бача дар шиками модар, қавӣ гардонидани узвҳои даруни сина ва даруни шикам, манъ кардани беҳузуршавии дил аз ҷамъ шудани сафро дар меъда дору мешавад. Оби ғӯраи ангурро дар офтоб хушк кунанд, инро усораи ғӯра меноманд, хӯрдани усораи он ашаддита- рин дарди гулӯ, варамҳои ҳалқ, ҷӯшиши (пухтани) даҳан; хуни бинӣ ва хун қай карданро шифо мебах- шад. Агар инро бо оби гандано бихӯранд, донаи ба- восирро хушк мекунад ва баъд аз ин ин беморӣ сиҳат меёбад. Усораи ғӯраи ангурро занҳо аз таг бардоранд, ба- чадонро пок ва ҳоли бади онро ислоҳ мекунад. Ва инро бо сирко хамир карда биёшоманд, ҳамаи носур- ҳоро, ки захм ва реши беҳнашаванда мебошанд, ба ибро меоварад. Оби ғӯраи ангурро дар гӯш чаконанд, даруни гӯш- ро аз чирк ва рим пок мегардонад. Бо оби ғӯраи ангур ғарғара кунанд, варами ҳалқ- ро таҳлил медиҳад. Усораи инро сойида, чун сурма ба чашм кашанд, обравии чашмро нест мекунад, дуруштии пилкҳои чашм ва захми хӯрандаи онро шифо медиҳад. Агар бо усораи ғӯраи ангур ҳуқна кунанд, захми рӯдаҳоро барҳам медиҳад ва инро занҳо дар андома- шон бирезанд, рутубати зиёдравандаи бачадонро кам месозад. Хӯрдани оби холиси ғӯраи ангур қуввати нигоҳ- дорандагии меъдаро меафзояд. Чун тӯтиёро бо оби ғӯраи ангур парварда кунанд, яъне дар он об як шабонарӯз тар карда, баъд хушк намуда истеъмол намоянд, хислатҳои онро афзун ва қавӣ мегардонад. Вале нӯшидани оби ғӯраи ангур ба узвҳои даруни сина зарар дорад, сурфаро пайдо мекунад. Дар ин ҳолат гулқанд бихӯранд, кифоя аст, ки ислоҳи зарар намояд. Миқдори як бор хӯрдан аз усораи он 4,5 грамм аст. Агар оби ғӯраи ангур ёфт нашавад, ба ҷойи ин истеъмол кардани оби себи турш раво мебошад. Аз оби ғӯраи ангур шароб ҳам тайёр мекунанд. 240 Ҳангоми об гирифтани ғӯрааш, яъне дар вақти ба ра- сидан қариб ояд, обашро гирифта, аз он се миқдор ва асали соф як миқдор — ҳар дуро якҷо карда, се- чор рӯз дар офтоб мегузоранд, то ба ҷӯш ояд. Баъд соф карда, дар кӯза ё шиша ба офтоб мегузоранд, то бирасад. Ошомидани ин шароб исҳолро мебандад, меъдаро қавӣ мегардонад, рутубати бисёри бачадонро хушк мекунад, барои бадҳазмӣ фоида мебахшад, сустӣ ва поён фуромадани меъдаро ба ибро меоварад; қулинҷ- ро, ки аз сахт гаштани дарун ба амал омада бошад, мекушояд, ваборо дафъ мекунад. Агар ин шароб яксола шавад, беҳтар ва қавитар мегардад. 90.

Ҳулба Ин растании бӯстонӣ аст, қадаш вобаста ба ша- роити замин то 65 сантиметр мехезад. Баргаш чун барги юнучқа, вале каме дарозтар аз он. Тухмаш сур- хи моил ба зардӣ, чоргӯшаи паҳн, аз наск майдатар ва чун тухми турб дар ғилоф мебошад. Баъди хушк шудан бӯйи латиф ва форами атрӣ аз он шамида ме- шавад. Баргҳояш ҳам баъди хушк шудан муаттар мегарданд. Таъмаш моил ба талхӣ. Онро зироат меку- нанд ва номи тоҷикиаш шанбалила аст. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: баргашро бихӯранд, моддаҳои бегонаро дар дохили бадан мепазонад ва барои хориҷ шудан муҳайё месозад; дарунро мулоим мекунад, моддаҳои шахшуда ва варамҳои дохилиро таҳлил медиҳад, пешоб ва ҳайзро равон менамояд, ба- рои бемориҳои аз хунукӣ сарзада ва чакмезак даво мешавад; суулқиняро, ки сустӣ ва заифии ҷигар аст, ба ибро меоварад, истисқоро шифо мебахшад: сурфае- ро, ки сабабаш сардӣ бошад, таскин медиҳад; варами сипурз, дардҳои камар, ҷигар ва бачадонро дафъ ме- кунад, сардии хичак ва чакмезакро ба ислоҳ меова- рад. Барги онро кӯфта гузошта банданд, мӯйро мустаҳ- кам мекунад. Тухмашро кӯфта бихӯранд, дарунро мулоим ме- гардонад; моддаҳои зарарнокро пазонида, ба хориҷ 241 шудан тайёр месозад; қуввати пушти камарро меаф- зояд, ҳайзро равон мекунад, шушро қувват мебахшад. Ин тухмашро дар об ҷӯшонида, он обро бо асад биёшоманд, исҳол меоварад, моддаҳои нодаркори дар узвҳои даруни сина бандшударо дафъ мекунад, сур- фаро сокин месозад, дамкӯтаҳиро шифо мебахшад, душвории нафасро ислоҳ мекунад, бавосир ва варам- ҳои ботиниро дафъ менамояд, бодҳоро мешиканад, балғами часпакро аз даруни сина хориҷ месозад, рӯ- даҳоро пок мегардонад. Тухмашро дар об ҷӯш дода, он обро соф намуда, бо асал қивом карда, бо оби сунбул биёшоманд, ба- рои зиқ-ун-нафас дору мешавад, овозро мекушояд, решҳои узвҳои даруни сина ва дарди кӯҳнаи ин аъзо- ро ба ибро меоварад. Тухми ҳулбаро давомнок бихӯранд, дарунро меро- над ва ахлоти бадфиолро дафъ мекунад. Тухмашро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, зойиданро осон мекунад, пешоб ва ҳайзро равон ме- гардонад. Агар инро кӯфта, бо орди гандум, шакар ва асал сиришта бихӯранд, баданро фарбеҳ мекунад ва ҳоли бади гурдаро ислоҳ менамояд. Инро дар об ҷӯш дода, он обро бо 17,5 грамм рӯян бихӯранд, бӯйи саргинро хуш ва дарунро мулоим мекунад, сустии узв- ҳоро ба ислоҳ меоварад, устухонҳои шикастаро ба ҳамдигар мечаспонад, ҳайзро равон месозад, вале бӯйи арақи бадан ва пешобро нохуш мекунад. Агар инро кӯфта гузошта банданд, варамҳои сахти зоҳирӣ ва дохилиро таҳлил медиҳад; захмҳои тар ва хушки ширинчаро шифо мебахшад; сабӯсаки сар, доғ- ҳои кунҷидак, сӯхтагии оташ, аз сардӣ кафидани пӯс- ти бадан, каҷии нохун, варами сипурз ва бачадонро ба ибро меоварад, намегузорад, ки мӯйи сар

бирезад ва доғҳои пӯсти баданро дафъ мекунад. Тухми ҳулбаро чун орд маҳин кӯфта, бо танакори сурх даромехта гузошта банданд, сипурзро ба дара- ҷае таҳлил медиҳад, ки ёфтани он амри муҳол мегар- дад— ин хуб аст, ки аломати покии сипурз мебошад; орди онро бо анҷир хамир карда гузошта банданд, пучак ва чиртакро мекафонад; инро бо орди ҷав, рав- ғани гулисурх ва сирко хамир карда гузошта банданд, варамҳои гармро мегардонад ва агар бо асал хамир карда гузошта банданд, варамҳои хунукро таҳлил ме- 242 диҳад. Агар кӯфтаи тухми ин растаниро бо об хамир карда бимоланд, ранги рӯйро тару тоза мегардонад. Инро як шабонарӯз дар об тар карда, он обро дар чашм чаконанд, обрави, шилпуқӣ ва нуқтаҳои хунини сурхи чашмро дафъ мегардонад ва бозмон- даи варами чашмро таҳлил медиҳад. Ҳулбаро дар об ҷӯшонида, занҳо дар вақти наз- дик омадани таваллуд кардан дар он об то ноф даро- мада нишинанд, зойиданро осон мекунад, ҳамроҳаки (ёраки) тифлро зуд меафтонад, бачадонро пок мена- мояд. Тухми ҳулбаро кӯфта, бо равғани ғоз сиришта, занҳо аз таг бардоранд, сахтии бачадонро, ки дар тибби ҳозира ноболиғии бачадон меноманд, шифо ме- бахшад ва даҳани онро кушода, барои ҳомила шу- дан тайёр мегардонад. Гиёҳи ҳулбаро дар об ҷӯш дода, бо он об сарро бишӯянд, мӯйро сара мегардонад, решҳои тар ва са- бӯсаки сарро дафъ мекунад. Ҳулбаро ба дарун аз ҳад зиёд истеъмол намоянд, дарди сар медиҳад, дилро бечо (беҳузур) мекунад, ба хояҳо низ зарар мерасонад. Дар ин мавридҳо сикан- ҷабини турш истеъмол кардан даркор аст, ки ислоҳи зарар бахшад ё анори майхуш (туршу ширин) бима- канд. Бояд огоҳ кунем, ки одамони гарммизоҷ ҳулбаро ба дарун фақат ҳамроҳи коснӣ бояд истифода баранд. Ва агар баргашро дар об ҷӯшонида он обро истеъмол карданӣ бошанд, ҳатман бояд бо барги исфанох ё бо барги чилмангӯштак (семизут) бихӯранд. Аз тухми ҳулба равған кашидан ҳам мумкин аст. Хоҳ онро маҳин кӯфта, дар об биҷӯшонанд ва равған ба рӯйи об барояд ва ё аз кӯфтаи он бо воситаи фи- шурдан равғани онро биситонанд. Мизоҷи равғани ҳулба гарм аст ва таъми тунд до- рад. Истеъмоли ин варам ва моддаҳои ғафсро дар да- руни бадан таҳлил медиҳад, сахтиҳоро дар узвҳо му- лоим мегардонад, дубайла (кӯряра)-ро мепазонад; барои банд кардани исҳол ва дафъ намудани сабӯса- ки сар, ки аз мурдор шудани хун ба зуҳур пайваста бошад, дору мешавад. Ва инро бимоланд, захмҳои рухсораро пок мегардонад. Ин равғанро бо муми зан- бӯри асал даромехта бимоланд, кафидани пӯстро си- 243 ҳат мекунад; ва агар бо кӯфтаи тухми харбуза даро- мехта бимоланд, башарарo, яъне пӯсти баданро аз ҳар гуна доғҳо пок месозад. 91. Туршак Инро дар боғот зироат мекунанд ва дар ҳолати хо- миаш мехӯранд. Таъмаш туруш аст. Ин растаниро ба русӣ щавель меноманд. Мизоҷаш дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: оби баргҳои

туршакро дар даҳан гардонанд, дарди дандонро таскин меди- ҳад ва даруни даҳанро бод хӯрда бошад, шифо ме- бахшад. Баргашро бихӯранд, хуморро дафъ мекунад, илла- ти қайкуниро, ки сабабаш ҷамъ шудани сафро дар меъда бошад, бозмедорад; беҳузур (бечо) шудани дил- ро, ки сабабаш бисёрии сафро бошад, манъ мекунад. Баъзе касон ба гил хӯрдан ва ҳамчунин чизҳои раддӣ истеъмол кардан одат карда бошанд, агар туршакро истеъмол фармоянд, ислоҳи ҳол мегардонад. Хӯрдани туршак зардпарвинро дафъ мекунад, ҷигари гармми- зоҷро қувват медиҳад, тафси меъда ва ташнагиро тас- кин медиҳад, ба таом иштиҳо меоварад, заҳри каж- думро аз бадан дафъ месозад. Агар инро пухта бихӯранд, дарунро мулоим ме- гардонад ва бо татум ҳамроҳ карда бихӯранд, решҳои рӯдаҳо ва харошида шудани сатҳи даруни рӯдаҳоро шифо мебахшад. Инро дар об ҷӯшонида, он обро бо шароб даромех- та бинӯшанд, зардпарвинро нафъ дорад. Туршакро пухта, баъд бо равғани зайтун бирён намуда, ба даруни он кашниз, андак зира ва оби анор дохил карда бихӯранд, даруни равонгаштаро мебан- дад. Пухтаи онро бо шароб хамир карда гузошта бан- данд, иллати ханозер, варамҳои баногӯш, қӯтур, шу- куфаи пӯст ва доғи песро шифо мебахшад; агар ба ҷойи шароб сиркоро ба кор баранд, иллатҳои сипурзро ба ибро меоварад. Туршакро кӯфта, бо равғани гулисурх ва заъфа- рон хамир сохта гузошта банданд, решҳоеро, ки руту- баташон ба асал мемонад, сиҳат мекунад. 244 Вале истеъмоли он ба дарун пушти камарро (боҳ- ро) зарар дорад. Дар ин ҳолат шарбатҳоро истеъмол намоянд, ин зиёнаш ислоҳ меёбад. Миқдори як бор хӯрдан аз он дар як рӯз то 75 грамм аст. Мизоҷи тухми туршак дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст. Тухми инро бихӯранд, барои бемориҳои дил, меъ- да, ҷигар, рӯдаҳо ва дафъ кардани заҳрҳо дармон ме- шавад; инчунин дилтапакро, ки сабабаш ё зиёд шу- дани хун, ё афзудани моддаи сафро бошад, шифо ме- бахшад; тафсидани меъда ва зардпарвинро дафъ ме- кунад, захми рӯдаҳоро сиҳат месозад, қуввати заҳри каждумро дар бадан мешиканад. Агар инро бирён карда бихӯранд, исҳолҳои хунин, сафровӣ ва исҳоли аз ҷигар содиршавандаро манъ мекунад. Ва агар бис- ёртар бирён карда бихӯранд, дарунро мебандад, ҳат- то шах мекунад. Бар зидди заҳри каждум ин давои ба дараҷае ус- тувор аст, ки агар касеро, ки тухми инро хӯрда бо- шад, ӯ аз ин озор ва ранҷ намеёбад. Вале туршак ва қисмҳои онро ба дарун аз ҳад зиёд истеъмол кунанд, ба гурда ва сипурз зарар до- рад. Дар ин маврид арпабодиён ва қанд бихӯранд, ис- лоҳи зарар менамояд. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз тухми тур- шак то 7 грамм аст. Агар решаашро бихӯранд, исҳоли хунинро манъ мекунад, харошида шудани сатҳи даруни рӯдаҳо ва зардпарвинро дафъ мегардонад, обравии бачадонро ислоҳ менамояд, ҳайзро қатъ мекунад. Решаи инро кӯфта гузошта банданд, қӯтури

зах- мин, шукуфаи пӯст, милкак ва кафидани нохунро шифо мебахшад; агар бо орди ҷав сиришта гузошта банданд, хориши баданро барҳам медиҳад; вале инро пухта, бо сирко хамир карда, аз рӯ гузошта банданд, варами сипурзро таҳлил медиҳад. Ва онро танҳо ба гардан овезанд, ханозерро барҳам медиҳад. Решаи онро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, зардпарвинро, ки аз афтодани гиреҳ бошад, шифо ме- бахшад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезо- над, ҳайзи бандшударо мекушояд, яъне равон мекунад. Ин растанӣ навъи саҳроӣ низ дорад, ки инро то- ҷикон шилха, қав ва аз ӯзбекӣ гирифта, отқулоқ ме- 245 номанд. Баргаш сербартар ва дарозтар, ки ба барги лаблабу шабоҳат дорад. Агар оби гиёҳи инро бин¬ӯ- шанд ва ё баргашро пухта бихӯранд, харошида шу- дани сатҳи даруни рӯдаҳоро, ки сабабаш хушкӣ ва афзудани сафро дар ин узв бошад, сиҳат мебахшад. Решааш дар давогӣ қавитар аз решаи туршак аст. Агар инро бо набот бихӯранд, сурфаро дафъ мекунад. Ва агар кӯфта гузошта банданд, дарди буғумҳоро дармон мешавад, лат хӯрдани узвҳоро сиҳат мегардо- над; никриси гармро, ки дард ва варам кардани ан- гуштони дасту поҳо аз ҷамъ шудани моддаҳои гарм- мизоҷ дар ин узвҳо бошад, шифо мебахшад. Решаи инро бо решаи кавар якҷо сӯхта, ба дудаш бидоранд, донаи бавосирро хушк карда меафтонад. Шилхаи обӣ, ки ин низ як навъи шилха (қав) аст, вале он наздики обҳо, ҷӯйборҳо мерӯяд. Баргаш да- розак, монанди тагбаргҳои коснӣ аст. Тухмаш сиёҳи моил ба сурхӣ мебошад. Таъмаш монанди мазаи бӯс- тонии он аст. Хислатҳои давогиаш қариб ба бӯстонӣ аст: хӯрда- наш барои дилтапак (дилбозӣ), беҳузур шудани дил фоида дорад; бо шароб бихӯранд, ғамро дур мекунад, аз тарсончакӣ наҷот медиҳад; сустии мақъадро ислоҳ менамояд, фараҳ меоварад, табъро чоқ мегардонад. Решаи инро кӯфта гузошта банданд, қӯтур, ҷаро- ҳатҳо ва решу захмҳои бадфиолро (злокачественные язвы)-ро шифо мебахшад, варамҳои гармро таҳлил медиҳад; намегузорад, ки захмҳо вусъат ёбанд. Чун тухм ва баргашро бихоянд, дарди дандонро сокин мекунад, бехи дандонро мустаҳкам месозад. Агар инро бардавом бихӯранд, зардпарвинро шифо мебахшад. 92. Нахӯд Ин растанӣ навъҳои ҳам бӯстонӣ дорад ва ҳам саҳроӣ. Нахӯд ба ҳама маълум аст. Мизоҷи бӯстониаш, яъне зироатиаш дар дараҷаи якум гарм ва хушк; мизоҷи саҳроияш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Мизоҷи сабзи тару тозааш дар дараҷаи якум тар аст. Қувваташ то се сол боқӣ мемонад. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, дар шикам бод пайдо мекунад. 246 Агар нахӯди саҳроиро бихӯранд, дарунро пок ме- гардонад; гиреҳҳои ҷигар, сипурз ва гурдаро меку- шояд. Нахӯди даштиро кӯфта гузошта банданд, қӯтури решгаштаро пок мекунад, шукуфаи пӯстро шифо ме- бахшад, варамҳои хояҳо ва баногӯшро мулоим мегар- донад; кӯфтаашро бо асал хамир карда гузошта бан- данд, барои ҷароҳат ва

захми саратон нафъ дорад. Нахӯди бӯстониро бихӯранд, дарунро мулоим мегардонад, ҳарорати табиии баданро устувор медорад, барои шуш ва пушт мувофиқ ва неку аст, дар бадан хуни солим пайдо мекунад, ҳам чун ғизо пурқувват мебошад, баданро фарбеҳ месозад, иштиҳоро нигоҳ медорад. Ғизоияти ин барои шуш зиёда аз донҳои ди- гар аст. Агар инро бо шири навдӯшида бихӯранд, ги- рифтагии овозро, ки аз хушкӣ бошад ва агар таб намегирифта бошад, ислоҳ мекунад, вале агар гирифта- гии овоз бо таб бошад, ба ҷойи шир бо об бинӯшанд. Чун нахӯдро як шаб дар сирко тар карда, пагоҳӣ ба дили наҳор бихӯранду ҳамон рӯз чизе дигар тано- вул накунанд, барои куштани кирми меъда давои бис- ёр хуб мешавад. Нахӯдро дар об пухта, дар он об намак андохта бинӯшанд, моддаҳои часпакро титу пароканда мена- мояд ва бинобар шӯр будани таъмаш гиреҳҳои бадан- ро мекушояд, бинобар гарм будани мизоҷаш пешобро меронад, инчунин барои дарди узвҳои даруни сина ва захми шуш фоида дорад. Нахӯдро як шабонарӯз дар об тар карда баъд би- хӯранд ва аз болояш ҳамон оби таридро бо андак асал тановул намоянд, барои он одамон, ки аз шаҳ- вати ҷимоъ маҳрум гашта бошанд, он қуввати онон- ро барқарор мекунад. Агар нахӯдро дар мобайни таом бихӯранд, барои ҳазм шудани он ёрӣ медиҳад. Чун аз нахӯд ҳариса (ҳалим) тартиб дода, онро бо сирко би- нӯшанд ва дар обе, ки нахӯд ҷӯшонида шуда бошад, то ноф даромада нишинанд, барои ислоҳи бемориҳои мақъад, пок намудани бачадон, ихроҷ кардани кирм- ҳои шикам, инчунин кирми рӯдаи рост беҳтарин да- вое мебошад. Нахӯдро бирён карда, гармогарм бихӯранд, барои бавосири хунӣ давои аҷибест. Нахӯди сабзи тозаро як шабонарӯз дар об тар 247 карда, он обро бинӯшанд, варами милки дандонро дафъ мекунад ва дарди дандонро таскин медиҳад. Мизоҷи равғани нахӯд дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Агар инро хоҳ бихӯранд, хоҳ бимоланд, таъсираш то ҷоҳои дур ва чуқурии бадан мерасад. Инро бихӯранд, мӯйро мустаҳкам месозад, пушти ка- марро (боҳро) қувват мебахшад, дарди дандон ва милки онро таскин медиҳад; дардҳоеро, ки сабабашон сардӣ ё аз афзудани моддаҳои сард ба амал омада бошанд, инчунин иллати махавро шифо мебахшад; ранги рӯй ва овозро соф мегардонад. Ва агар инро бимоланд, боҳро қувват мебахшад, доғи кунҷидакро дафъ мекунад. Тайёр кардани равғани нахӯд ин тавр аст. Нахӯд- ро нимкӯфта, дар даруни колба то гулӯгоҳаш пур ме- кунанд. Ба колба аз рӯ гили бӯта мемоланд. Як таба- қи фулузиро мегиранду аз миёнаҷояш барои гардани колбаро даровардан сӯрох мекушоянд. Баъд даруни гулӯи колбаро лиф ҷо карда, сарозер ба сӯрохи табақ ҷо карда, ба атроф ва болои колба ангишт гузошта, оташ медиҳанд. Табақро дар болои ду хишт мегузо- ранду ба зери даҳани колба зарферо мегузоранд. Аз тафси оташ аз нахӯди мазкур равған ҷудо шуда, аз лиф

гузашта софшавон ба зарфи зерин мечакад. Нахӯди сиёҳро пухта бихӯранд, бачаи занҳои ҳо- миларо аз шикам меафтонад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад, моддаҳои нодаркори зарар- нокро аз бадан хориҷ мекунад; ва инак, дар ҳама ҷи- ҳат аз нахӯди сафед пурзӯртар аст; барои иллати ис- тисқо ва зардпарвин, ки аз гиреҳҳои баамаломада ҳодис шуда бошад, шифо мебахшад; гиреҳи ҷигарро мекушояд, бодҳои дарунро таҳлил медиҳад, барои иллати махав дору мешавад. Ҳар як навъи нахӯдро кӯфта, бо об атолавор си- ришта бимоланд, дарди сарро шифо мебахшад, зардии рухсораро мебарад; сабӯсаки сар ва ширинча, доғи кунҷидак, хориши аъзо, карахтии узвҳо ва бемориҳои буғумҳоро дафъ мекунад, мӯйро қувват медиҳад. Хӯрдани нахӯд ба захми хичак зарар дорад—дар ин ҳолат камтар кӯкнор бихӯранд, зиёнаш ислоҳ меё- бад; дар шикам бод пайдо мекунад ва шикамро дам менамояд— дар ин маврид зира, шибит, гулқанд — якеро аз инҳо бихӯранд, ислоҳи зарар менамояд. Ин- чунин ба одамони гарммизоҷ зиён мекунад — дар ин 248 маврид сиканҷабин ё кӯкнор бихӯранд, ба зарар ис- лоҳ мебахшанд. Инро бояд таъкид кунем, ки аз болои нахӯд оби хунук нӯшидан бисёр зарарнок аст. 93. Ҳино Ин растанӣ маълум ва машҳур аст. Қадаш то 60— 90 сантиметр мехезад, вале дар ноҳияҳои Ҳиндустон то баробари ду қадди одам баланд мешавад. Пояш сурх, баргаш монанди барги анор аст, вале нозуктар ва хурдтар аз он, инчунин мулоимтар аз барги анор мебошад. Мизоҷаш мураккабқувват, моил ба сардӣ ва дар дараҷаи дуввум хушк аст. Ва ба қавли баъзе табибон дар дараҷаи якум гарм аст. Хислатҳои шифобахши он: як миқдор ҳинои тар ва ҳам он миқдор барги чормағзро бигиранд. Аввал барги чормағзро кӯфта, баъд ҳар дуро якҷо кӯфта гу- зошта банданд, байза ном дарди тамоми сарро, ки азияти муттасил мебошад, шифо мебахшад; инчунин дарди нимсарро низ дафъ мекунад ва дарди сарро, ки сабабаш ҷамъ шудани бодҳо ва балғам дар сар бо- шад, ба ибро меоварад. Ва агар барги ҳиноро кӯфта, бо сирко сиришта, ба пешонӣ гузошта банданд, дар- ди сарро дафъ мекунад; бо зифт (қатрон) ва равғани гулисурх ҳамроҳ карда гузошта банданд, захмҳои сарро шифо мебахшад. Ва агар бо қатрон ва равғани зайтун сиришта, ба сар гузошта банданд, мӯй мерӯё- над; бо оби кашниз сиришта, ба чаккаҳои сар гузош- та банданд, рехтани моддаҳои бегонаро ба чашм манъ мекунад. Ҳиноро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гар- донанд, решҳои даҳан ва ҷӯшиши (пухтани) даруни даҳани кӯдаконро шифо мебахшад. Ҳиноро кӯфта, бар кафи обиладори пой гузошта банданд, хусусан бо он андак гули маҳсар ва заъфарон илова карда бошанд, таъсираш зӯртар мегардад дар дармон гаштан; агар ба чашм бибанданд, баромадани обиларо дар он монеъ мешавад. Дар тамоми халқҳои ҷануб ва шарқии қитъаи Осиё анъана шудааст, ки ҳино дарди сарро дафъ мекунад, нури чашмро афзун

мегардонад, боҳро қувват мебах- 249 шад, барои беморӣ ва иллатҳои меъда, ҷигар, сипурз, роҳҳои пешоб, бачадон, махав, тоун, вабо ва ғайра нафъ дорад. 2,5 грамм ҳиноро бихӯранд ё 4,5 грамми онро як шабонарӯз дар об тар карда, он обро соф намуда биё- шоманд, зардпарвинро шифо мебахшад, иллатҳои си- пурзро дафъ мекунад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад, душвории шошиданро ба ислоҳ ме- оварад, пешоби бандшударо мекушояд, бачаи занони ҳомиларо аз ишкам меафтонад. Агар ин оби тариди ҳиноро то даҳ рӯз пай дар ҳам бинӯшанд, вабо ва захмҳои роҳи пешобро дафъ месозад, пешоб ва ҳайзро равон мекунад, ба ҷойи нохуни кач ва пӯсида нохуни аслӣ мерӯёнад. Агар ин обро бо 32 грамм шакар бар- давом биёшоманд, иллати махав дар давраи ибтидо бошад, шифо мебахшад. Ба қавли як қатор табибон агар ҳамин тавр оби ҳино тар кардашударо бо шакар як моҳ биёшоманд, махав сиҳат наёбад, дигар илоҷпа- зир нест. Ҳиноро дар об ҷӯшонида, он обро ба реши ҷамра (карбункул) ва сӯхтагии оташ кам-кам ва бардавом бирезанд, шифо мебахшад. Ҳиноро кӯфта, ба варамҳои гарм, ки аз онҳо зар- доб таровиш мекарда бошад, бимоланд, сиҳат мебах- шад; бо равғани гулисурх сиришта бимоланд, қӯтурро ба ибро меоварад; бо оби барги беданҷир даромехта бимоланд, кафидагии пӯстро, ки кӯҳна шуда бошад, сиҳат мекунад ва дарди зонуро нест месозад; бо гули индов якҷо кӯфта бимоланд, ҷурра (дабба)-ро шифо мебахшад. Ҳинои хушкро кӯфта, ба захмҳо бипошанд, онҳоро хушк мекунад ва сиҳат мебахшад. Барги хушкашро кӯфта, бо равғани буз хамир карда гузошта банданд, захмҳоро ба ҳам оварда ислоҳ мекунад, хусусан захм- ҳои гӯшаи нохунро зудтар сиҳат менамояд. 4,5 грамм тухмашро кӯфта, бо асал ва катиро би- хӯранд, майнаро хеле қавӣ мегардонад. Мизоҷи гулаш мӯътадил ва латиф аст. 4,5 грамм гулашро бо 75 грамм об ва асал бихӯ- ранд, ҳамаи навъҳои дарди сарро дафъ мекунад, наз- лаҳоро қатъ менамояд, рутубатҳои нодаркор ва за- рарноки баданро хушк мекунад. Гули ҳиноро кӯфта, бо сирко сиришта бимоланд, дарди сарро даво мебошад. Вале гулашро танҳо гу- 250 зошта банданд, барои фолиҷ, бемориҳои вобаста ба мағзи сар, иллатҳои асабонӣ ва дарди асабҳоро дар- мон мешавад; дарди бади гулӯро, ки аз ҷамъ шудани хун дар ин узв аст, дафъ мекунад; агар бо муми зан- бӯри асал ва равғани гулисурх сиришта бимоланд, дарди паҳлу ва лат хӯрдани аъзоро ба ибро меова- рад. Гули ҳинои хушкро дар либоси мӯйина бигузоранд, намегузорад, ки онро кирм ва куя бизанад. Баргаш ҳам ҳамин хислатро дорад. Аз гули ҳино равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Дар зарфи шиша равғани кунҷиди тоза ё рав- ғани зайтун андохта, онро аз гули ҳино пур месозан- ду ба офтоб мегузоранд. Баъди шаш-ҳафт рӯз ранги гул мепарад, он гулро фишурда дур намуда, ба ҷойи он гули дигар пур мекунанд. Ҳамин тавр панҷ-шаш маротиба гулро нав

карда, охиронашро ҳам фишурда дур намуда, равғанро соф карда мегиранд— ин рав- ғани ҳино ҳисоб меёбад. Мизоҷи ин равған гарм аст. Инро бимоланд, ва- рамҳоро таҳлил медиҳад, мӯйро мустаҳкам месозад, ранги рӯйро неку мекунад. Аз барги ҳино ҳам равған тайёр мекунанд ба ин тариқ. Оби барги ҳиноро дар зарфе карда, аз болояш ҳамон миқдор равғани зайтун ё равғани кунҷиди тоза мерезанду бо оташи мулоим меҷӯшонанд, то он ки обаш батамом бухор гардаду равған бимонад. Аломати тамом шудани об дар ин амал ҳамон аст, ки аз ҷӯш мемонад. Ин равғанро низ бимоланд, варамҳоро таҳ- лил медиҳад, дардҳои гуногунро дафъ мекунад, та- рангу беҳаракат мондани узвҳоро шифо мебахшад, иллатҳои асабҳо ва буғумҳоро ба ибро меоварад. Навъи дигари гирифтани равғани барги ҳино ин тавр аст. Барги ҳиноро дар соя хушк карда, ҳар қа- дар, ки хоҳанд, бигиранд. Дар шаш баробари вазни он об як шабонарӯз тар карда, баъд то сеяки об мон- дан меҷӯшонанд. Сонӣ он обро соф карда, аз болояш баробари он об равғани кунҷиди тоза ё равғани зайтун андохта, бо оташи мулоим меҷӯшонанд, то ба ҳадде, ки об тамоман бухор шуда раваду равған бимонад. Миқдори як бор дар як рӯз хӯрдан аз ҷирми ҳино ва гули он аз 2,25 то 4,5 грамм аст, зиёда аз ин би- хӯранд, кушанда мебошад. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-87-93#87

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 94-101 94. Себарга 95. Гандум 96. Тугмачагул 97. Хардал 98. Беданҷир 99. Момирон 100. Турбуд 101. Кӯкнор 94. Себарга Ин растании маълум аст, ки ду навъ мебошад: навъи бӯстонӣ ва намуди саҳроӣ дорад. Ду гурӯҳ до- рад: гулаш сурх ва гулаш сафед. Беҳтаринаш қисми сафедгули он аст. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум хушк аст. Хислатҳои шифобахши бӯстонии он: оби аз себар- гаи тар фишурдаро дар офтоб хушк кунанд, инро усо- раи себарга меноманд. Усораи инро маҳин ос карда, чун сурма ба чашм кашанд, пардаи афтодаеро, ки чашмро торик мегардонад ва гули чашмро дафъ ме- кунад, реши чашмро шифо мебахшад. Себаргаро кӯфта бо шароб бихӯранд, истисқо ва зардпарвинро даво мешавад, қулинҷро, ки варам ва дарди рӯдаҳои ғафс аст, ба ибро меоварад, дарди рӯ- даҳоро таскин медиҳад, заҳрҳои қаттолро аз бадан дур менамояд, пучакҳоро мепазонад ва мекафонад; ҳолати бади ахлоти сегонаро ки хун, балғам ва саф- ро мурдор гашта бошанд, ба ислоҳ меоварад, дарун- ро мулоим мекунад, иштиҳоро мекушояд. Барги тарашро қима карда, бо андак равған бир- ён намуда, бардавом тановул кунанд, барои иллати истисқо, ки сабабаш ҷамъ шудани моддаҳои хунук- мизоҷ бошад, сиҳат мекунад. Арақи инро низ барда- вом бинӯшанд, истисқоро шифо мебахшад. Тариқи гирифтани арақи себарга чунин аст. Бар- ги тарашро кӯфта, дар анбиқ андохта, ба оташ ме-

гузоранд ва ба рӯйи ин асбоб оби хунук мерезанд. Оби барги себарга бухор гашта, ба сархонаи сарди анбиқ расида, қатраҳои об гашта, ба зарфи дар поён гу- зошташуда мечакад. Вале арақи ин монанди нӯшоки- ҳои масткунанда таъсир намекунад. Аз себарга равған ҳам тайёр мекунанд. Ошомида- ни равғани он ҳар рӯз як маҳал 4,5 грамм, дарди бу- ғумҳо ва дарди хояҳоро дафъ мекунад. Вале агар ин- ро аз ҳад бисёр бихӯранд, дарди гулӯро ба амал меоварад. Дар ин ҳолати зараркардааш коҳу ва кос- нии тару тоза бихӯранд, ислоҳи зарар мекунад. Ин равғанро ба мабдои асабҳо ва поҳои касе, ки замин- гир, яъне барҷомонда бошад ва қобили хестан набо- шад, бимоланд, шифо мебахшад. Тайёр кардани равғани он чунин аст. Барг ва бан- 252 ди баргҳои тарашро ҷамъ намуда, дар соя хушк ку- нанд. Аз ин ҳар қадар, ки хоҳанд, бигиранд. Дар шаш баробари он оби борон ё оби муқаттар як шабо- нарӯз тар намоянд. Баъд то ду ҳиссаи об бухор шу- дан бо оташи мулоим бичӯшонанд. Сонӣ онро аз ма- тои бофташ зич гузаронида, соф гардонанду дар зар- фе бар болои он об аз болояш ҳамон миқдор равғани зайтун андозанду бо оташи мулоим бичӯшонанд, то он, ки об тамоман бухор шавад ва равған бимонад. Аломати батамом бухор шудани об он аст, ки аз ҷӯш мемонад. Вале эҳтиёт кунанд, ки равған доғ нагардад. Гирифтани равғани ин тарзи дигар ҳам дорад. Як миқдор оби себаргаи тару тозаро дар зарфе карда, аз болояш ҳамон миқдор равғани зайтун андохта, ба тариқи якум тайёр мекунанд. Тухми себаргаи б¬ӯстониро бихӯранд, қуввати боҳ- ро ба ҳаракат меоварад. Агар инро кӯфта, бо об ха- мир карда бимоланд, доғи кунҷидакро дафъ мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми себаргаи боғӣ то 10,5 грамм аст. Себаргаи саҳроиро гулаш сурх ва баргаш калон- тар аст, ки инро юнучқаи кӯҳӣ ё себаргаи сурх мено- манд. Мизоҷи ин дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: оби гиёҳи тару тозаи онро бинӯшанд, саръ ва дарди паҳлуро шифо мебах- шад, меъдаро қувват медиҳад ва дардашро ҳам дафъ мекунад; бодҳоро пароканда месозад, исҳолро мебан- дад, сардии хичакро ислоҳ мекунад, чакмезакро ши- фо медиҳад; ҳайз, шир ва пешобро равон мекунад, арақ меоварад. Ин обро дар бинӣ чаконанд, барои иллати саръ ва девонагӣ дору мешавад. Агар оби ин- ро ба ҷойи газидаи каждум бирезанд, заҳр ва азияти онро дафъ мекунад, вале ба узви солим бирезанд, дар он дард пайдо мекунад. Инро дар об ҷӯшонида, кӯдаконро дар он об би- нишонанд, онҳо зуд ба роҳ медароянд. Равғани инро бимоланд, дарди узвҳоро таскин ме- диҳад. Бо оби ин гиёҳ бишӯянд, башараро, яъне пӯстро аз ҳар гуна доғҳо пок мегардонад. Истеъмоли ин ба дарун дарди сар меоварад ва ба одамони гарммизоҷ зарар дорад. Дар ин ҳолат каш- 253 низ ва растаниҳои дигари сардмизоҷ бихӯранд, ислоҳи зарари он менамояд. Мизоҷи тухмаш гармтар ва хушктар аз гиёҳи он аст. Хӯрдани ин қуввати боҳ

мебахшад ва поккунан- даи пӯст мебошад. Агар инро кӯфта, бо об хамир карда бимоланд, чирк ва доғҳои кунҷидаки рӯйро дафъ мекунад. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз тухми ин то 10,5 грамм аст. Вале хӯрданаш дар пӯсти бадан қӯ- тур пайдо мекунад-—дар ин ҳолат катиро бихӯранд, ислоҳи зарар менамояд; ба узвҳои даруни сина ҳам зиён дорад—дар ин маврид каллақанд бояд хӯрд, ки дафъи зарар кунад. Яке аз хусусиятҳои он чунон аст, ки барг ва решаи онро бар рони чапи зан бибанданд, зойиданро осон ва сабук мегардонад. Бояд ки баъд аз зойидан зуд кушо- да партоянд. Муаллифи китоби «Дастур-ул-атиббо» навиштааст, ки чун решаи себаргаи сафедро дар соя хушк карда, баъд онро дар об ё дар гулоб бисоянду дар чашм ка- шанд, мӯйи мижаҳои рехтаро аз нав мерӯёнад, обравӣ ва қӯтури чашмро дафъ месозад. Чун ин оби барги тару тозаи онро гирифта, дар 32 грамм обаш 132 грамм шири гов андохта бихӯранд, пешоби бандшударо мекушояд. Агар решаи онро ба миқдори мурч бо як дона мурч ба хӯрданаш оғоз на- муда, ҳар рӯз ба миқдори як дона мурч аз реша зиёд карда ва мурчро ҳам якдонагӣ афзуда, то чил рӯз ва рӯзи чилум чил баробари мурч ва бо чил дона мурч бихӯранд ва аз рӯзи чилум якмиқдорӣ решаро ба ан- дозаи як мурч ва мурчро низ якдонагӣ кам карда,— дар рӯзи ҳаштодум боз решаро ба миқдори донаи мурч ва мурчро ба як дона биёваранду бихӯранд, ҳамаи бемориҳои аз хунукӣ ва тарӣ сарзада, табҳои балғамии кӯҳнашуда, фуромадани об дар хояҳо ва поҳо ва инчунин ба ҷоҳои дигар фурӯдомада дарднок бошад, барои ҳамааш дармон мешавад. 95. Гандум Ин растании зироатӣ ба ҳама маълум аст. Дар тиб аксар дони он истеъмол мешавад. Беҳтарини он ган- думи нави пурраи сафеди моил ба зардии он аст ва баъд аз он сафедаш мебошад. 254 Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва дар хушкиву тарӣ мӯътадил аст, вале гандуми нави хушкнашудаи он, яъне дулмули он дар дараҷаи якум тар аст. Хислатҳои шифобахши он: ин беҳтарини хӯрокҳо мебошад, ғизоияташ бисёр, баданро фарбеҳ мегар- донад, вале ба касоне, ки дар рагҳо ва узвҳои дохи- лиашон гиреххо пайдо шуда бошанд, зарарнок аст, инчунин ба занони ҳомила ҳам зиён дорад. Гандуми пухтагӣ дерҳазм ва пайдокунандаи бод аст ва барои осон кардани ҳазмаш бояд бо ширинихо бихӯранд. Агар аз болои гандуми хом ва норасида об биёшоманд, иллати қулинҷи бодиро пайдо мекунад. Гандумро хойида гузошта банданд, пучак ва чир- такҳоро мепазонад, зеро ин хислати гарм кардани пӯстро дорад. Инчунин гандуми бирёнкарда ҳам дер- ҳазм ва бодангез мебошад. Гандумро сӯхта, ос карда, бо муми занбӯри асал ва равған сиришта гузошта банданд, рухсораро пок мекунад. Бо орди сафеди ган- дум, ки он андак сабӯс дошта ва хамираш хеста бо- шад, нон аз он бипазанду бихӯранд, серғизо мешавад, баданро фарбеҳ мекунад, қуввати боҳ мебахшад. Но- ни фатир ё ордаш бисёр маҳин ва дар он мутлақан сабӯс

набошад ва ҳамчунин гандумаш шустагӣ бошад, нон пухта бихӯранд, ба душворӣ ҳазм мегардад, да- рунро сахт мекунад, дар узвҳои бадан гиреҳ пайдо менамояд. Дар ин ҳолат набот, анҷир ва меваҳои гу- ногуни пухтагӣ истеъмол намоянд, зарари мазкураш ислоҳ меёбад. Агар орди гандумро бо шакар ва бодом пухта, лесида бихӯранд, сурфа, хун қай кардан, дарди узв- ҳои даруни сина ва гурдаро шифо мебахшад, бадан- ро фарбеҳ мекунад, боҳро қувват медиҳад. Аз орди гандум бо об ва наъно ва равғани тоза нишоиста (крахмал) пухта бихӯранд, дағалӣ ва дуруш- тии узвҳои даруни синаро ислоҳ мекунад. Орди гандумро бо об ва равғани зайтун пухта гу- зошта банданд, варамҳои гармро таҳлил медиҳад ва агар бо оби пиёз пухта гузошта банданд, варамҳои хунукро мегардонад, пучакҳоро мепазонад; бо оби кашниз пухта гузошта банданд, варамҳои гарм, хано- зер ва ғадудҳоро таҳлил медиҳад. Орди гандумро бо сиканҷабин хамир карда бимо- ланд, рихинакҳои чеҳраро дафъ мекунад; бо оби гиё- ҳи банг (кирмрезонак) хамир карда бимоланд, рехта- 255 ни моддаҳои нодаркор ва зарарнокро ба асабҳо манъ мекунад, пурбодшавии рӯдаҳоро барҳам медиҳад. Ор- ди гандуми сурхро бо шароб ё бо сирко хамир сохта бимоланд, зиёни заҳри ҷонваронро мешиканад. Орди гандумро ба мавзеи газидагии саги девона бипошанд ва аз болои он барги беданҷир банданд, таъсираш пуркувват мешавад. Агар хамири орди ган- думро ба ҷойи газидаи саг чанд соат бибанданд ва баъд онро гирифта, назди саг партоянд, агар саг он- ро нахӯрад, маълум мешавад, ки саги газида девона будааст. Нишоистаи орди гандумро бо арпабодиён хамир карда бихӯранд, шири занонро зиёда мегардонад. Аз гандум равған ҳам тайёр мекунанд ба ин та- риқ. Даруни колбаро то гулӯгоҳаш аз гандум пур ме- намоянд. Дар гулӯи колба лиф ҷо мекунанд. Баъд ба колба аз рӯ гили бӯта ё гили ҳикмат мемоланд. Та- бақи фулузиро аз миёнаш, барои ҷо гиронидани гу- лӯи колба, сӯрох мекунанду колбаро сарозер ба он сӯрох мегузоранд. Табақро дар болои ду хишти пухта ҷо дода, ба поён зарферо мемонанд. Баъд ангишт ба атроф ва болои колба рехта, онро оташ медиҳанд. Аз таъсири тафси оташ равған аз гандум ҷудо шуда, дар лиф софшавон пойин мечакад. Ин равғанро бимоланд, ширинча ва шукуфаи пӯст, доғҳои кунҷидак ва сабӯ- саки сарро дафъ мекунад. 96. Тугмачагул Ин гиёҳест, ки тоҷикон қалағочкулча ва мӯбофак низ меноманд. Баргаш гирдак, гулаш сурхи моил ба бунафшӣ, тухмаш монанди тугмача гирдаки паҳн аст. Мизоҷаш дар дараҷаи якум сард ва тар аст, вале ба қавли баъзеҳо дар дараҷаи дуввум мебошад. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, дарунро мулоим мекунад, моддаҳои нодаркор ва зарарнокро пазонида, барои дафъ шудан муҳайё месозад, варам- ҳои дохилиро рад менамояд, гиреҳҳои ҷигарро меку- шояд, пешобро меронад, шири занонро зиёда мегар- донад. Баргашро

хойида, бо намак даромехта, ба чашм гу- зошта банданд, носури чашмро пок мегардонад, агар 256 ҳамин тавр хойида, бо намак гузошта бардавом банданд, даҳани носурро ба ҳам оварда сиҳат мекунад; ба устухони шикаста гузошта банданд, онро ба ҳам мепайвандад. Барги ин гиёҳро кӯфта гузошта банданд, шикастагии узвҳоро шифо мебахшад, варамҳои гарм- ро таҳлил медиҳад ва заҳри занбӯрҳои гуногунро аз бадан дафъ мекунад. Кӯфтаи онро бо равғани зайтун ё равғани гулисурх сиришта гузошта банданд, сӯхта- гии оташ, сурхбод ва каждумгазидаро шифо мебах- шад. Агар хушки онро кӯфта, бо пешоб хамир карда гузошта банданд, решҳои сар ва сабӯсаки сарро дафъ мекунад. 150 грамм шохи онро пухта, бо шакар бихӯранд, сурфа ва гирифтагии овозро шифо мебахшад; овози дағалро, ки сабабаш хушкӣ ва гармӣ бошад, мулоим мегардонад; дарди сипурзро таскин медиҳад ва зардпарвинро сиҳат мебахшад, қӯтури пуст ва захмҳои рӯ- даҳоро сиҳат мекунад; исҳолро мебандад, захми хи- чак, чакмезакро нест месозад, гиреҳҳои баданро ме- кушояд. Барг ва решаашро пухта гузошта банданд, заҳр- нокшавии узвҳо, газидаи ғунда ва дарди гурдаро ши- фо мебахшад. Баргҳояшро дар об ҷӯшонида, дар он об занҳо то ноф даромада нишинанд, сахтии бачадонро таҳлил медиҳад; агар мақъади касе варам карда бошад, низ нишинанд, шифо медиҳад. Барги тару тозаи онро сойида, бо маскаи нави гови даромехта, бар бадан бимоланд, ҳеҷ ҷонвар ӯро наме- газад. Барги навбаромадаи онро бо гӯшти парандаҳо як- ҷо пухта бихӯранд, беҳтарин ғизо мешавад. Вале истеъмоли ин ба дарун меъдаи заифи одамо- ни сардмизоҷ ва тармизоҷонро суст мекунад. Агар ба гарммизоҷон зарар кунад, чизҳои турш бояд бихӯранд, ислоҳи зарар менамояд, инчунин ҳалилаҷот ис- теъмол бояд кард. Миқдори як бор нӯшидан аз оби гиёҳи тари он дар як рӯз то 175 грамм аст. Мизоҷи тухмаш сард ва тар аст. Ин луоби, яъне оби ғафси бисёр дорад, ки часпанда ва лағжонанда мебошад. Агар инро бихӯранд, дарунро мулоим меку- над, барои сурфаҳои гарм ва хушк дору мешавад, ин- чунин гирифтагии овозро мекушояд, назларо дафъ ме- 257 кунад; барои харошида шудани сатҳи даруни рӯдаҳо, захми гурда ва хичак дору мешавад, сӯзонидани да- воҳои тунд ва гарммизоҷро дафъ мекунад, азият ва зарари заҳри занбӯрро нест месозад, инчунин ғунда- газидаро шифо мебахшад. Агар тухми инро бо тухми себарга баробарвазн гирифта бихӯранд, дарди хичак- ро шифо мебахшад. Тухми тугмачагулро дар об ҷӯшонида, бо он об нимгарм ҳуқна (клизма) кунанд, сӯзиши рӯдаҳо, ба- чадон ва мақъадро таскин медиҳад; ин обро бо асал даромехта ҳуқна кунанд, дарди ҷигарро дафъ мекунад. Тухмашро кӯфта, батанҳоӣ ё бо ҷави кӯфтаи бе- сабӯс даромехта гузошта банданд, барои варамҳои гарм, дард ва варамҳои сахти гарм даво мешавад. ^ Хоҳ барг ва хоҳ тухмашро кӯфта гузошта банданд, барои

газидани занбӯр нафъи тамом дорад. Тухмаш низ монанди гиёҳаш барои меъдаи заиф зарар дорад — дар ин маврид оби меваҳоро ҷӯшонида биёшоманд, ислоҳи зарар хоҳад намуд. Миқдори як бор дар як рӯз хӯрдан аз тухмаш аз 10,5 то 17,5 грамм аст. Агар тухми ин ба даст нара- сад, ба ҷойи ин тухми гулихайриро бихӯранд, раво ме- бошад. Гули ин гиёҳро хоҳ хушк карда кӯфта бихӯранд, хоҳ дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд ва ё кӯфта гузошта банданд, захми гурда ва хичакро шифо ме- бахшад. Агар шохҳояшро хоҳ ба дарун истеъмол намоянд, хоҳ кӯфта аз рӯ гузошта банданд, дарди рӯдаҳоро таскин медиҳад. 97. Хардал Инро ба русӣ горчица меноманд, ки ҳар як шахсе, ки замин дошта бошад, метавонад парвариш намояд. Барги ин гиёҳ монанди баргҳои турб, вале аз он май- датар, шахшӯл ва андак тундбӯй аст. Пояш чорқир- ра, гулаш зард, тухмаш кулӯлаи сурхи тундтаъм аст. , Ин растанӣ навъҳои саҳроӣ ва бӯстонӣ дорад. Дар тиб бӯстонӣ, яъне боғии он истеъмол мешавад, ки баъд аз кӯфтан зардоб мегардад. Мизоҷаш дар дараҷаи чорум гарм ва хушк аст. 258 Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, бе- мориҳои сарди вобаста ба ҳолати майна ва бодии мо- нанди: лисарғус (летаргия), фолиҷ (шал шудани ни- маи бадан ба дарозӣ), суст ва нотавон гаштани узв- ҳо ва дарди сари аз хунукӣ ба ҳам расидаро шифо мебахшад, сӯрохи бандшудаи сари биниро мекушояд, назлаҳои сардро манъ мекунад, ҳамаи даҳ ҳисҳои ба- данро равшан ва бурро мегардонад, зеҳнро тез мекунад, иштиҳоро қувват медиҳад, дарди ҷигар ва сипурз- ро сокин мекунад. Мӯйи сарро тарошида, баъд хардалро хамир карда гузошта ба сар банданд, лисарғусро шифо мебахшад, назлаи хунукро манъ мекунад; агар онро бо асал ха- мир карда, ба пешонӣ гузошта банданд, дарди сарро таскин медиҳад ва назлаҳои пай дар пайро манъ ме- созад, дарди ҷигар ва сипурзро низ сокин мегардонад. Агар кӯфтаи инро дар бинӣ бирезанд ё бо найча ба дарунаш пуф кунанд, каси саръгирифта ва беҳуш- ро ҳушёр мекунад; бачадони хафашударо, ки гоҳ-гоҳ бемораш беҳуш мегардад, шифо мебахшад. Инро дар об ҷӯшонида, худро ба бухораш бидо- ранд ва аз шамол хӯрдан эҳтиёт шаванд, гиреҳҳои рагҳоро дар даруни гӯш мекушояд. Кӯфтаи хардалро бо об ва асал даромехта, ба чашм кашанд, пардаеро, ки чашмро торик мегардо- над, дафъ мекунад ва дағалии пилкҳои чашмро му- лоим ва ислоҳ мегардонад. Хардалро дар об ҷӯшонида, ба он об асал даро- мехта, дар чашм чаконанд, шабкӯриро ба ислоҳ мео- варад; дар гӯш ва ба дандон бичаконанд, дарди луқ- қосӣ ва дарди дигари ҳар дуи ин узвро таскин меди- ҳад. Чун тухми тари онро кӯфта, оби онро фишурда ги- рифта хушк намоянд ва баъд маҳин ос карда чун сурма ба чашм кашанд, ҳамаи бемориҳои чашмро ши- фо мебахшад ва пайдо шудани ҳар хел намудаҳоро дар он дафъ мекунад. Тухми онро бо анҷир якҷо кӯф- та, чун шамъча сохта, дар гӯш гузоранд, дард ва ҷа-

ранги онро дафъ месозад. Инро орд барин ос карда, бо шаҳдоб (асалоб) даромехта, бо он ғарғара кунанд ва ё онро дар даҳан бигардонанд, варами таги забон, гаронӣ ва сусту нотавон гаштани онро шифо мебах- шад; дарди дандонро таскин медиҳад, дағалии роҳи нафасро, ки кӯҳна шуда бошад, ислоҳ мекунад. Агар 259 инро батанҳоӣ бихоянд, балғамро бо воситаи даҳан ихроҷ мекунад. Агар инро кӯфта бимоланд, дарди луққосии дандон ва дардҳои дигари онро, ки бе варам бошанд, ҳамон дам таскин медиҳад. Кӯфтаи хардалро бо асал ё бо чарбӣ ё бо муми занбӯри асал дар оташ гудохта, бо равғани зайтун даромехта, ба чеҳра бимоланд, ранги рӯйро соф ме- гардонад ва агар инро ба чашм бимоланд, хуни хоб- рафтагии онро дафъ месозад. Агар инро бо асал даромехта бихӯранд, дамкӯта- ҳӣ ва сурфаи тарро шифо мебахшад, боҳро қавӣ ме- гардонад; агар бо пудина ва шароб даромехта бихӯ- ранд, бӯғма (хафа) шудани бачадонро, ки гоҳ-гоҳ бе- ҳушӣ меоварад, шифо мебахшад, кирмҳои меъдаро хо- риҷ месозад. Инро нимкӯфта бо об бихӯранд, таби балғамӣ ва савдовиро сиҳат мебахшад ва ҷаранги гӯшро, ки саба- баш моддаи ғафси часпак бошад, ба ибро меоварад. | Агар инро бо анҷир якҷо кӯфта гузошта банданд, иллати никрисро (подаграро), иркуннасо (радикулит)- ро шифо мебахшад ва ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯй- рехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад; моддаҳои дохилиро ба рӯйи пӯст мекашад, дарди аз боди сард баамалома- даро таскин медиҳад; варамҳои балғамии кӯҳнаро дар ҳар узве, ки бошад, мегардонад; бо сирко хамир карда гузошта банданд, қӯтури решгашта ва шукуфаи пӯстро, ки кӯҳна шуда бошад, шифо мебахшад; агар бо сиканҷабин ва гӯгирд ё бо сиканҷабину карами то- ҷикӣ сиришта гузошта банданд, ханозерро бо як аҷо- бате таҳлил медиҳад. Инро бо барги гулихайрӣ якҷо кӯфта гузошта банданд, варамҳои сахт ва савдовиро мегардонад; бо решаи хушки ҷадвор якҷо карда, гу- зошта банданд, песро нест мекунад; бо равған сириш- та, ба закар бимоланд ё гузошта банданд, онро ба ҳа- ракат меоварад. Агар 20 грамм тухми онро бо шароб ба дили на- ҳор бихӯранд, боҳро қувват мебахшад. Инро бо нон ё бо шароб даромехта бихӯранд, кирми меъдаро дафъ мекунад. Гиёҳ ва тухми онро бо таом бихӯранд, таомро ҳазм на меъдаро гарм мегардонад, варами сипурзро таҳлил медиҳад. Агар инро пухта ва ё барги тарашро бихӯранд ё 260 тухмашро бо лаблабу ва тугмачагули даштӣ пеш аз қай кардан бихӯранд, балғамро аз дарун ҷудо наму- да, барои дафъ кардан тайёр месозад. Инро бардавом бо лаблабу пухта бихӯранд, барои иллатҳои саръ ва сиёҳ задани чашм, ки аз ҷамъ шудани балғам дар мағзи сар бошад, дармон мешавад. Аз хардал обкома низ тайёр мекунанд, ки тунду тезмаза, хӯрданаш гудозанда ва башиддатпоккунан- даи балғам мегардад; меъда ва ҷигарро гарм мегар- донад; агар ҳамеша инро ва батанҳоӣ ҳам биёшо- манд низ, меъда ва ҷигарро

гарм мегардонад; бо ғи- зоҳои душворҳазм тановул намоянд, ҳамин тавр таъсир мебахшад — ин гуна зарарашро бо хӯрдани кос- нӣ, бодом ва сирко ислоҳ метавон кард. (Обкома — ин нонхӯришест, ки аз ҷуғрот, тухми испанд, хамиртуру- ши хушк ва сирко тайёр карда мешавад, ва агар ба ин хардал ҳамроҳ намоянд, хислатҳои номбурдаро пайдо мекунад). Муаллифи «Ихтиёроти бадеӣ» гуфтааст, ки шуку- фаи пӯсте, ки бо ҳеҷ даво илоҷпазир нагашта бошад, чун баъд аз ҳаммом кардани бемор хардалро сойида, тайёр намуда, аввал шукуфаро бо матои дағал то хунолуд гаштанаш бимоланду баъд он хардалро ба он бимоланд, аз он зардоби бисёр равон мешавад ва сиҳат меёбад. Хардалро дуд кунанд, аз он ҷо ҳашарот ва ҷонва- рони зарарнок мегурезанд. Ҳакими машҳур Розӣ гуф- тааст, ки хардалро дар сӯрохи мор бирезанд, боиси ҳалокати он мегардад. Вале хардал ба одамони гарммизоҷ зарар дорад, яъне ташна мекунад. Дар ин ҳолат коснӣ, равғани бодом ва сирко биёшоманд, зиёнаш ислоҳ меёбад. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз кӯфтаи хар- дал то 10,5 грамм аст. Дар истеъмоли хардал аз ҳама пеш бояд мизоҷҳо, намудҳои беморӣ, вақти мувофиқ, ки обу ҳаво ва мавқеи ҷуғрофии маҳалро риоя ку- нанд. Агар хардалро дар оби ангур бияндозанд, ҷӯшида- ни онро манъ месозад, яъне май ва сирко гаштани онро монеъ мешавад. Аз хардал равған ҳам тайёр мекунанд ба ин та- риқ. Тухми хардалро ҳар қадар, ки хоҳанд, гирифта, нимкӯфта, ба он каме оби гарм бипошанд ва бо қув- вати тамом ба ҳар тариқ, ки хоҳанд, бифишоранду 261 ҳамаи равғанашро биситонанд. Агар пеш аз кӯфтан тухмашро панҷ-шаш соат дар об тар кунанд, баъд фи- шурда равғанашро бигиранд, инчунин беҳтар меша- вад агар дар ин амал зарфи мисини қалъагӣ давонда- гиро ба кор баранду он зарфро ба рӯйи оташ молида гарм карда, камтар набот дохил намуда, бифишоранд, равған бештар ва беҳтар бармеояд. Равғани хардалро биёшоманд, гиреҳи асабҳоро ме- кушояд, нисёнро (фаромӯшхотириро) дафъ мекунад; фолиҷ, дардҳои сарди кӯҳна, табҳои кӯҳна ва бӯғма (хафа) шудани бачадонро ба ибро меоваранд. Агар нимгарм дар гӯш чаконанд, гаронии гӯшро ислоҳ ме- кунад, инчунин варами гӯшро, ки сабабаш хунукӣ бо- шад, таҳлил медиҳад. Агар бимоланд, барои дарди дандон, бӯғма шудани бачадон дармон мешавад, дард- ҳои кӯҳнаро таскин медиҳад, инчунин варамҳои сахт ва дигар варамҳои сардмизоҷро мегардонад. Миқдори як бор хӯрдан аз равғани хардал дар як рӯз то 10,5 грамм аст. 98. Беданҷир Ин растанӣ ду навъ аст: сафедгул ва гулаш сурхи моил ба бунафш. Навъи дуввумаш дар давогӣ қави- тар аст. Баргаш монанди барги анҷир, вале гӯшаҳои барги он баландтар аст нисбат ба барги анҷир, қадаш аз 1,5 метр то 2,5 метр мехезад. Решааш монанди най — миёнхолӣ. Самараш хорнок дар хӯша, тухми донаҳояш гирдак ба андозаи донаи қаҳва, мағзаш са- феди серравған аст. Мизоҷаш дар

дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ин растанӣ барои му- лоим кардани асаб, равонидани дарун, моддаҳои но- даркори сардмизоҷ, пок гардонидани даруни рагҳо, қувват бахшидан ба аъзо, барои дарди сар, фолиҷ, каҷ шудани рӯй, ларзак, бемориҳои сардмизоҷ, зиқ-ун-нафас (бронхиальная астма), сурфаи хунук, таҳлил додани варами рӯдаҳои ғафс ва бодҳои ғализ, мулоим намудани сахтиҳо, дарди пушт ва хичак, истисқо да- во мешавад, хусусан мағзи тухми он, ки қуввати ис- ҳоловариаш зиёда аст, инчунин барои равон кардани ҳайз ва берун овардани ҳамроҳаки (ёраки) тифл нафъ дорад. 262 Чун даҳ адад мағзи тухми онро сойида, бо шаҳдоб (асалоб) биёшоманд, балғам ва рутубати обшаклро бо исҳол дафъ мекунад, маҷроҳои ҳаракати моддаҳо- ро васеъ мегардонад то он, ки моддаҳои бегона гу- зашта дафъ гарданд, вале иштиҳоро мебандад, ғам- гин мекунад, дилро беҷо (беҳузур) месозад, ҳатто қай меоварад. Ин қабил зарарҳояш бо хӯрдани кати- ро, наъно ва мустако ислоҳ меёбад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухмаш аз 5 то 10 адад мебошад, вале бояд, ки аз пӯсташ пок карда бихӯ- ранд. Агар 20 адад аз ин бихӯранд, башиддат маст мекунад. Давои ислоҳи ин ревоч ва оби анор ошоми- дан аст. Мағзи тухмашро кӯфта гузошта банданд, озаххо- ро хушк ва доғи кунҷидакро дафъ мекунад: варамҳои балғамиро таҳлил медиҳад ва узвҳои сахтгаштаро нарм месозад, никрис (подагра) ва дарди буғумҳоро таскин медиҳад. Кӯфтаи инро бо сирко хамир карда гузошта банданд, варами пистонро таҳлил медиҳад ва сурхбодро шифо мебахшад. Баргаш дар бобати исҳол овардан заифтар аз тух- маш мебошад, вале бар зидди заҳрҳо тарёқияти он афзун аст. Оби барги тару тозаашро такрор батакрор бинӯшанду қай кунанд, заҳрҳои хунукмизоҷ ва заҳри қаттолтаринро, ки биш меноманд, аз бадан дафъ ме- созад, инчунин каси афюнхӯрда ҳам наҷот меёбад. Барги тарашро кӯфта, бо орди ҷав хамир карда, гузошта банданд, варамҳои гарми чашм, варами зери гулӯ ва ҷоҳои дигари дури баданро таҳлил медиҳад. 9 грамм оби барги тару тозаашро бо шири навдӯ- шида биёшоманд, дарди дилро, ки аз сардӣ бошад, таскин медиҳад. Пӯсти решаашро хушк карда кӯфта бихӯранд узв- ҳои ҷингакшударо кушода мегардонад, сахтиҳои ба- данро мулоим мегардонад, дарди гӯшро таскин меди- ҳад, даҳани басташудаи бачадонро мекушояд ва бача- дони чаппагаштаро ба ҳоли аслиаш меоварад; қӯтури решгаштаро, решҳои тари сар ва варами меъдаро дафъ мекунад, инчунин доғи кабуди пӯстро барҳам медиҳад. Агар инро бо пиёзи гандано якҷо карда би- хӯранд ва гузошта банданд, бавосирро нест мекунад. Пӯсти решаи онро дар зарфи мис андохта ба оташ гузоранд ва болои онро бо зарфи мисин бипӯшанд, то он, ки хуб битафсад. Ба ҳар як 4,5 грамм пӯсти реша 263 ба андозаи як дона гандум кофури холис, дар айни гармиаш сарпӯшашро бардошта, дар он андозанд ва

аз нав сарпӯши онро бипӯшанд, то он ки гудохта гар- дад. Баъд аз оташ баргиранду то хунук шуданаш ҳа- мон тавр кушода монанд. Сонӣ баъд аз шустани мақъ- ад пас аз қазои ҳоҷат ҳар мартаба мавзеи бавосирро хушк намуда, ин равғанро нимгарм бимоланд, баво- сирро дафъ мекунад. Пӯсти решаи беданҷирро бо пӯсти мор, хардал як- ҷо дар камтар об бичӯшонанду он таркибро бимо- ланд, барои иллати кузоз (столбняк), ба гирдак-гир- дак мӯйрехтаи сар ва риш, шукуфаҳои гуногуни пӯст ва доғи кунҷидак доруи бебадал мебошад. 99. Момирон Ин гиёҳ як намуди зардчӯбаҳост. Поя ва шохҳои он аз замин баланд. Баргаш монанди баргҳои печаки калон, моил ба гирдак, сафеди зардтоб ва часпак ме- бошад. Решааш шоха-шоха аз як ҷо ба ҳар тараф кашида, кӯчактар ва бориктар аз решаи зардчӯба, ги- реҳдор ва каҷтар аст, пашмакрешаҳои мӯйшакл до- рад, ки дар ҷоҳои намнок ва наздики обҳо мерӯяд. Тухмаш ба кунҷид шабоҳат дорад; беҳтарини он зард, борик, сахт ва гиреҳдори нави он мебошад. Қувваташ то бист сол боқӣ мемонад. Ин гиёҳро ба забони русӣ чистотел большой меноманд. Аксар дар кӯҳистонҳо месабзад. Мизоҷаш дар охири дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хусусиятҳои умумиаш: поккунанда, таҳлилдиҳандаи варам ва моддаҳои ға- лиз, инчунин решкунандаи пӯсти бадан аст, нохунро метарконад. Агар онро кӯфта, бо асал даромехта, ба даруни бинӣ бирезанд, майнаро аз олойишҳои зарарнок пок ме- гардонад. Хушки онро кӯфта, чун сурма ба чашм кашанд, гу- ли чашм ва нохунаки онро дафъ мекунад, торикии чашмро барҳам медиҳад ва рӯшноии онро зиёда ме- гардонад. Агар бихоянд, дарди дандонро таскин медиҳад. Решаашро кӯфта, бо шароб бихӯранд, зардпарви- 264 неро, ки сабабаш гиреҳҳои узвҳои дохилӣ бошанд, ши- фо мебахшад; бодҳои ғализро таҳлил медиҳад, исҳол- ро манъ мекунад, дарди рӯдаҳоро сокин менамояд, беихтиёр рафтани пешобро ислоҳ мекунад. Ин решаро кӯфта, гузошта банданд ё бимоланд, бачадони чаппагашта ва баргаштаро ба ҷояш меба- рад ва шифо мебахшад, бавосирро низ нест мекунад. Баъзе табибон ошомидани инро ба гурда зарар дорад, гуфтаанд. Агар зарар кунад, асал бихӯранд ё бо асал бихӯранд, зарараш ислоҳ меёбад. Миқдори як бор хӯрдан аз он дар як рӯз то 2,25 грамм аст. Ба ҷойи ин ба ҳамин вазн зардчӯбаро би- хӯранд, равост. Момиронро кӯфта, бо асал ва сирко даромехта бимоланд, нохуни сафедшударо ислоҳ мекунад, доғҳои кунҷидак ва нуқтаҳои сафеди пӯст, қӯтур ва доғҳои дигари гуногуни пӯстро дафъ мегардонад. 100. Турбуд Ин решаи гиёҳест берунаш моил ба сиёҳӣ, дару- наш сафед ва сабук, миёнхолии наймонанд, ду тарафи он шилмак дорад. Ин гиёҳ дар сарзамин ва кӯҳҳои Осиёи Миёна низ мерӯяд. Гиёҳаш поядор, баргаш мо- нанди барги лӯбиё ва печаки калон аст, гирдҳои он борик, гулаш осмонгунӣ дар пояаш мебошад. Сама- раш монанди тухми

дарахти забони гунҷишк (шунг). Агар даруни решаи он сиёҳ ё зард буда, низ ковок набошад, заҳр аст. Беҳтарини он даруни решааш са- феди ковок, шилмакдор, кирмнохӯрда, дар ғафсӣ ва борикӣ миёна, софҷавҳари суфта, зудшикан ва осон кӯфташаванда, береша ё камреша, бо андак тезии таъм ва ба сатҳи забон нуфузкунандаи покиовар бо- шад. Агар ин гуна сифатҳоро надошта бошад, раддӣ аст, ки ба истеъмол намеравад. Мизоҷаш дар аввали дараҷаи саввум гарм ва дар охири ҳамин дараҷа хушк аст. Вале муаллифи китоби «Шифо-ул-аском» мизоҷи инро дар охири дараҷаи дуввум гарм ва хушк гуфтааст. Хислатҳои шифобахши он: хусусияти исҳолкунан- даи балғам ва рутубати рақиқ (суюқ) инчунин дафъ- кунандаи миқдори ками сафро аст; ахлоти (моддаҳои) сӯхтаро дафъ мекунад. 265 Агар инро бо занҷабил, ки қувватбахши феъли он аст, бихӯранд, балғами часпак ва ғафсро меканаду ҳатто аз ҷоҳои дур ва чуқури бадан дафъ мекунад; майна, меъда ва бачадонро аз балғамҳои гуногун пок месозад ва гиреҳҳои дар он пайдошударо мекушояд; барои фолиҷ, бемориҳои асабонӣ, сурфаи ҳодис ба иштироки рутубатҳои меъда ва иркуннасо (радику- лит) даво мешавад; инро бо равғани бодом ё бо тух- ми зағир бихӯранд, сурфаи кӯҳна ва дарди узвҳои даруни синаро дафъ мекунад; бо пӯсти ҳалилаи кобу- лӣ бихӯранд, барои молихулиё, девонагӣ ва саръ да- во мешавад. Ба қавле, чун ҷирми хомашро кӯфта би- хӯранд, балғамро назар ба сафро зиёдтар хориҷ ме- намояд. Вале агар онро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, баръакс, сафроро зиёдтар аз балғам дафъ мекунад. Лекин сазовор ва лозим он аст, ки дар об ҷӯшонида ва ё кӯфта истеъмол карданӣ бошанд, бис- ёр ҷӯш надиҳанд ва маҳин накӯбанд, то он, ки ба пашмакҳои меъда ва рӯдаҳо начаспад. Агар инро ба маъҷун дохил кардан хоҳанд, бояд ки маҳин бикӯбанд. Кӯфтаи онро бо занҷабил ва шакар истеъмол кар- данӣ шаванд, бояд ки бо оби гарм бихӯранд. Агар ин- ро бо намак хӯрданӣ бошанд, ҳатман бояд бо оби ху- нук истеъмол шавад. Камтареро аз он бо занҷабил ва набот ба тариқи қаҳва пухта, бояд ки гарм-гарм ва андак-андак биёшоманд, барои сурфаи тар ва зиқ-ун- нафас даво мегардад. Вале турбуд дар одамони гарммизоҷ ва дилашон гарм ба рӯдаҳо зарар мекунад, Бечо (беҳузур) шуда- ни дилро ба амал меоварад, ғамгин мекунад. Дар ин ҳолатҳо пӯсти сиёҳи онро тарошида дур намуда, бо . равғани бодом ё равғани писта чарб карда бихӯранд, безарар мегардад. Инчунин бо катиро бихӯранд, зиё- наш ислоҳ меёбад. Аммо ба шарте, ки чарбаш мӯъта- дил бошад, равғани бисёр набояд андозанд. Зеро ки аз ҳад зиёд чарб намоянд, ҳол ва феъли онро суст ме- гардонад. Сабаби тарошида дур кардани пӯсти сиёҳи он аз ҳамин иборат аст, ки гамбуски алокузанги заҳр- нок бо он пӯстлох мебошад. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз турбуд то 10,5 грамм аст ва агар дар об ҷӯшонида, он обро нӯ- шиданӣ бошанд, то 17,5 грамм

андозанд. Ба ҷойи турбуд ба ҳамин вазн пӯсти решаи тутро истеъмол фармоянд, раво мебошад. 266 101. Кӯкнор Ин растанӣ ба ҳама маълум аст, ки навъҳои бӯс- тонӣ ва саҳроӣ дорад. Мизоҷи пӯсти кӯзаи он дар дараҷаи дуввум сард ва дар якум хушк аст ва афюнаш нагирифтаи он қа- витар аз афюнаш гирифташудаи он мебошад. Хислатҳои шифобахши он: пӯсти кӯзаашро бихӯ- ранд, карахт мекунад; маҷроҳоеро, ки моддаҳои дар- кории бадан бо воситаи онҳо ҳаракат мекунанд, танг гардонида, ҷараёни онҳоро манъ месозад ва дар ба- дан гиреҳҳо пайдо мекунад (аз ҷумла дар мағзи сар ҳам). 2 грамм пӯсти кӯзаи кӯкнорро пагоҳӣ ба дили на- ҳор ва ҳамон миқдор бегоҳӣ пеш аз хоб бо оби хунук бихӯранд, исҳоли хунин ва сафровиро банд мекунад; тафси меъда, рӯдаҳо ва сӯзиши хичакро шифо мебах- шад. Агар инро кӯфта, ба пешонӣ гузошта банданд, ба- рои дарди сар дору мешавад; бо ҳулба даромехта, дар гулоб ҷӯшонида, дар ибтидои дарди чашм гузош- та банданд, дардашро таскин дода, иллати онро ислоҳ месозад ва моддаҳои аз сар ба аъзо рехташавандаро манъ мекунад. Кӯкнорро бихӯранд, сурфаи гарм ва сурфаи тари рутубати рақиқнок (суюқнок)-ро ба ибро меоварад — ин фоидааш бинобар сард, ғафс ва шах гардонидани моддаҳо мебошад. Агар инро бо шароби мозу бихӯ- ранд, исҳоли кӯҳнаро мебандад. Мизоҷи оби он сард ва моил ба рутубат аст. Таъ- сираш аз тухмаш қавитар мебошад. Инро бардавом бихӯранд, пай, рагҳо ва маҷроҳои баданро суст мегар- донад, боҳро қатъ месозад ба дараҷае, ки марди со- лим ҳез мегардад, узвҳои ҳозима ва иштиҳоро аз амал бозмедорад, фаромӯшхотириро ба амал меоварад, хун- ро мурдор мегардонад, ҳарорати табиии баданро но- ҷӯр ва парешон менамояд, вале дардҳои аз гармӣ ва хушкӣ ҳодисшударо таскин медиҳад; гӯё як андоза нишот меоварда бошад, ҳисро дигар мекунад ва ба шуши сардмизоҷон зарар дорад. Барои дафъ кардани ин зарараш шакар ва асал бихӯранд, кифоя аст. Миқдори як бор хӯрдан аз оби он дар як рӯз аз 4,5 то 6,5 грамм аст. 267 Мизоҷи тухми кӯкнор дар дараҷаи дуввум сард ва дар якум тар аст. Инро ҳам бихӯранд, карахтӣ ва хоб меоварад, моддаҳои рақиқи сафровиро пазонида, барои дафъ гаштан тайёр месозад ва дарунро шах мекунад. Агар 35 грамм аз он бо шакар бихӯранд, барои дағалии узвҳои даруни сина ва қасабаи шуш, сурфаи гарми хушк, хун қай кардан ва таби диқ (лоғаркунанда) дармон мешавад; майнаро қувват мебахшад, сустии гурда ва ҷигарро ислоҳ мекунад, баданро фарбеҳ ме- гардонад, сӯзиш ва бемориҳои гарми хичакро шифо мебахшад; бо баробари он мағзи бодоми ширин бар- давом бихӯранд, хуни солим пайдо мекунад, лоғарии баданро барҳам медиҳад (хусусан дар ин амр тухми кӯкнорро то бӯяш баромадан тафсонида бошанд, таъ- сираш зиёдтар аст); бо асал бихӯранд, қуввати боҳро меафзояд, вале агар бо ин усул бардавом бихӯранд, боҳро қатъ мекунад. Тухми кӯкнорро тафсонида, бӯйи

онро ба машом кашанд, бехобиро дафъ мекунад. Аз тухми бӯдодаи кӯкнор аз 7 то 17,5 грамм бихӯранд, сахт хоб меоварад. Равғани тухмаш дар хислат заифтар аст аз худи тухми он. Вале хӯрдани ин ҳам хоб меоварад, дар бадан гиреҳҳо пайдо мекунад. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз тухми он то 35 грамм аст. Чун пӯсти кӯза ва кунгураи нав ва тозаи онро кӯфта, қурсҳо сохта бихӯранд, барои сурфа, дарди узвҳои даруни сина ва сӯзок даво мешавад, шиддати ташнагиро мешиканад, пешоби хеле вақт боз бандшу- даи пешобро мекушояд ва рутубатҳои баданро хушк мекунад. Бинобар ҳамин ҳамаи касоне, ки кӯкнор ис- теъмол мекунанд, баданашон қоқ ва камгӯшту кам- равған мебошад, инчунин гузошта бастани он қурсҳо рутубатҳоро хушк ва аз ҳамин боис варамҳоро ҳам таҳлил медиҳад. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз қурси он то 17,5 грамм аст. Низ баъд аз расидан ҳамаи қисмҳои гиёҳи онро дар об ҷӯш диҳанд, хислати худи кӯкнорро молик аст, вале заифтар аз қурси он аст. Гули кӯкнорро бо оби кашниз якҷо карда, ба чашм кашанд, дард, сӯзиш ва захми онро шифо мебахшад. Агар гули онро батанҳоӣ гузошта банданд, доғи захм 268 ва решро нест мегардонад: бо оби кашниз даромехта гузошта банданд, донача ва обилаҳои сурхаки дар пӯст дамидаро, ки даванда ва зиёдшаванда бошанд, ба ибро меоварад, инчунин реши раддиро (злокачест- венные язвы)-ро шифо мебахшад. Аз гули кӯкнор равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Дар зарфи шиша то нима равғани кунҷиди то- за андохта, онро аз гули тару тозаи кӯкнор пур наму- да, то чил рӯз ба офтоб мегузоранд, ба шарте, ки хар ҳафта гулро фишурда дур сохта, гули нав дохил кар- дан даркор аст. Баъд равғанро соф карда нигоҳ ме- доранд. Тарзи дигараш ин аст. Агар гули тари кӯкнор ёфт нашавад, гули хушки кӯкнорро ҳар чӣ қадар, ки хо- ҳанд, бигиранд. Дар оби панҷ баробари вазни гул як шабонарӯз тар карда, баъд онро бо оташи мулоим бичӯшонанд, то он ки чоряки об бимонад. Пас моли- да, аз матои бофташ зич гузаронида соф намуда, он обро дар зарфе карда, аз болояш баробари вазни об равғани кунҷиди тоза дохил карда, бо оташи му- лоим бичӯшонанд, то об тамоман бухор шуда, равған бимонад, вале эҳтиёт кунанд, ки равған доғ нагардад. Ин равғани гули кӯкнорро бихӯранд, карахтӣ ме- оварад, дардҳои гарммизоҷро таскин медиҳад, варам- ҳои гармро мегардонад; барои назла, сурфаи гарм дармон мешавад. Агар нимгарм дар гӯш бичаконанд, дарди онро, ки аз гармӣ бошад, таскин медиҳад, ин- чунин варами гарми даруни онро шифо мебахшад. Барги кӯкнорро дар об ҷӯшонида, он обро бо асал сиришта, лесида бихӯранд, назлаҳои гуногунро банд мекунад, сурфаро таскин медиҳад, исҳоли кӯҳнаро ме- бандад. Барги онро дар об ҷӯшонида, он обро ба сар бире- занд, бехобиро дафъ мекунад. Кунгураи кӯзаи, яъне сари кӯсаки кӯкнорро кӯф- та, бо орди ҷав хамир сохта гузошта банданд, сурх- бод ва

варамҳои гармро дафъ мекунад. Решаи онро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, ба иллати ҷигар шифо мебахшад, моддаи ғафси меъ- даро рақиқ мегардонад. Барги наврӯйидаи онро бо равған ва пиёз бирён намуда тановул кунанд, фараҳ мебахшад, хоб меова- рад ва исҳолро банд месозад. 269 Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-94-101#94

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 102-112 102. Бодрангбӯя 103. Бед 104. Шафтолу 105. Ҳандалак 106. Сафедор 107. Бедгул 108. Чинор 109. Сабзии саҳроӣ 110. Ҷуворимакка 111. Ҷувории сафед 112. Санавбар 102. Бодрангбӯя Ин калима дар таъсири забони арабӣ монда, бод- ранҷбӯя гаштааст. Ба русӣ лимонная трава (лимон- ная мята) ва мелисса меноманд. Ин дар ҳама ҷоҳои намнок меруяд. Қадди гиёҳаш то 85 сантиметр мехе- зад, ки ду навъ дорад: як намудаш хурдтар ва навъи дигареро баргнозуки дарозак, атрофи баргаш дандо- надор, пояш монанди райҳон пуршох, гулаш бунафши моил ба сурхӣ, ки инро ба ҷойи сабзӣ бо таом мехӯ- ранд. Гули қисми дигараш майда ва гиёҳаш баҳорӣ ва тобистонӣ мешавад, ҳар сол аз тухм ва аз реша низ месабзад. Тухмаш ба тухми зағир монанд, вале аз он майдатар ва ғуборнок. Қисми дуввумаш дар бӯй ба навъи якум шабоҳат дорад, каме тундтар, баргаш гирдак — ин навъаш низ намудҳои саҳроӣ ва бӯстонӣ дорад, аз як бех чанд шох мерӯяд, баргаш нисбатан дағал ва дурушттар аст. Мизоҷи ҳамаи намудҳои он дар миёнаи дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Ин гиёҳ мансуб ба сайёраи Муштарӣ мебошад. Ба қавли баъзе табибон мизоҷаш мӯътадил дар гармӣ ва дар дараҷаи дуввум хушк аст. Аммо қавли якум саҳеҳтар ва қавитар мебошад. Хислатҳои шифобахши он: ин гиёҳ қувватбахши дил, майна, ҳамаи даҳ ҳисси бадан ва ҳисҳои меъда- ву ҷигар аст. Агар бихӯранд ва бибӯянд, фараҳ ме- бахшад, гиреҳҳои узвҳои майнаро мекушояд, модда- ҳои ғафсро нарм ва рақиқ мекунад, дар хоб сиёҳӣ пахш карданро ба ибро меоварад; барои ваҳшати сав- довӣ, яъне тарсончакӣ аз зиёд шудани моддаи савдо дар майна, дилтапак (дилбозӣ), беҳушшавӣ, ҳиккаки (ҳиқичоқи) бодӣ дармон мегардад. Агар бихӯранд ва гузошта банданд, моддаи савдоро таҳлил медиҳад, яъне пароканда месозад; бемориҳоеро, ки аз бисёр гаштани балғам ба амал омада бошанд, дарди рӯда- ҳо, иллатҳои сурин ва гурдаро шифо мебахшад. Баргашро бихоянд, бӯйи шаробро дафъ месозад ва бадбӯйии даҳанро дур мекунад—дар ин бобат хеле пуртаъсир аст. 10,5 грамм барги хушкашро бо 1,75 грамм танако- ри арманӣ (танакори сурх) бихӯранд, захми рӯдаҳо ва дарди ин узвҳоро даво мешавад. 13,5 граммашро бо 4,5 грамм танакори сурх биё- шоманд, таъсири заҳри занбӯруғҳоро мешиканад. I 270 Инро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гардо- нанд, барои пӯсидани дандонҳо дармон мебошад. Кӯфтаи ин гиёҳро бо асал хамир сохта, лесида

би- хӯранд, душвории нафас, нафаси роста (ростнафас)- ро дору мешавад. Аз 17,5 то 35 грамм кӯфтаи онро бо шароб биёшо- манд, барои газидани саги девона ва ғунда даво ме- шавад. Инро кӯфта гузошта банданд ҳам, барои бемори- ҳои номбурда шифо мебахшад, дилро қувват меди- ҳад, савдоро ба таҳлил мебарад ва дафъ мекунад; агар бо сирко даромехта гузошта банданд, ханозер (хукгардан)-ро дафъ созад, меъдаи сарди тармизоҷ- ро қувват мебахшад, таомҳои бадҳазмро латиф ме- гардонад, оруғ ва хоб меоварад фавран. Оби баргашро бимоланд, барои қӯтури савдовӣ, мӯрчагазак, нори форсӣ ва захмҳои хӯранда даво ме- шаванд; агар инро бо намак даромехта дар ҳаммоми гармиаш мӯътадил бимоланд, ханозерро таҳлил меди- ҳад, инчунин кашокашӣ ва ларзонидани табҳоро дафъ мекунад. Баргашро бибӯянд, гиреҳҳои майнаро мекушояд. Онро дар об ҷӯшонида, дар он об занҳо то ноф даромада нишинанд, ҳайзи бандгаштаи онҳоро меку- шояд. Вале ба сурин зарар дорад гуфтаанд. Дар ин ҳолат шилми бодомҳоро бихӯранд, ислоҳи зарар ме- намояд. Ба ҷойи ин гиёҳ ду баробари вазнаш абрешим ва аз ду ҳиссаи он пӯсти меваи турунҷро бихӯранд, ра- вост. Миқдори як бор хӯрдан аз гиёҳи хушки он дар як рӯз то 35 ва аз тару тозаи он то 70 грамм аст. Феълҳои тухмаш дар шифои заифтар аз барги он мебошад. 4,5 грамм аз ин бихӯранд, барои ларза ва кашокашии бадан ва дарди рӯдаҳо дору мешавад. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз тухми ин 9 грамм аст. 103. Бед Мурод аз беди шифобахш гуфтан беди оддӣ аст, ки ба ҳама маълум мебошад. Беҳтаринаш дар лаби об рӯйидаи он аст. Низ бед самар ҳам дорад, ки онро хӯшаи бед меноманд. 271 Мизоҷи гулаш дар дараҷаи дуввум сард ва дар якум тар аст; мизоҷи баргаш сард ва хушк аст, мизо- ҷи хӯшааш дар дараҷаи якум сард ва тар мебошад бо қуввати қабзкунандагӣ, сӯзиш ва хушккунандагӣ. Хислатҳои шифобахши он: ошомидани он сараку- нандаи бадан аст, ба дил ва майнаи гарммизоҷ қув- ват мебахшад, гиреҳи ҷигарро мекушояд, дарди сар, дарди чашм ва дилтапак (дилбозӣ)-ро дафъ мекунад; ташнагиро таскин медиҳад, сустии меъдаро ислоҳ ме- диҳад, табҳои тафснок ва сафровиро сиҳат мебахшад, ҳамаи бемориҳои аз гармӣ баамаломадаро ба ибро меоварад. Дар хислатҳои мазкура арақи гулаш саратар аст назар ба истеъмоли худи гулаш ва қавитар аз арақи баргаш мебошад. Ҷирми баргаш, яъне худи баргаш бо хислати рад- кунандагиаш намегузорад, ки моддаҳои нодаркор ва зарарнок ба узвҳо рехта шаванд ва он моддаҳоро дар ҷояш қабз мекунад. Агар оби баргашро дар офтоб ғафс гардонида бихӯранд, моддаҳои балғам, сафро за савдоро бо исҳол дафъ месозад; барои иллати саръ (припадка) дору мешавад, ларзонидани табҳоро манъ менамояд, гиреҳи ҷигарро мекушояд, зардпарвинро шифо мебахшад, сипурзи сахтшударо чун аслӣ му- лоим мегардонад, пешобро

меронад, бӯғма (хафа) шу- дани бачадонро, ки гоҳ-гоҳ беҳушӣ меоварад, ислоҳ мекунад, дарди буғумҳоро таскин медиҳад, никрис (подагра)-ро шифо мебахшад, барои каждумгазида ва захрҳои дигар тарёқ мебошад. Оби барги бедро нимгарм дар гӯш чаконанд, да- руни онро аз чирк пок мекунад. Шохҳои борик ва баргҳои онро дар об ҷӯшонида, дар он об даромада нишинанд, фасоди аъзоро, яъне вайрон шудани ҳолат ва феъли узвҳои баданро дафъ мекунад. Агар баргҳои онро паҳн намуда, дар болояш бихобанд, ҳарорати ҷигар ва дилро, яъне тафси ин узвҳоро сокин месозад. Хӯшаи бедро хоҳ кӯфта гузошта банданд, хоҳ дар об ҷӯш дода, он обро бинӯшанд, зарбаи расидаро, ки ба саққои чашм осеб расонида бошад, сиҳат мебах- шад. Агар инро кӯфта гузошта банданд, хунравиро манъ мекунад. Барги тарашро кӯфта гузошта банданд ва оби он баргро бинӯшанд, исҳоли хунинро манъ месозад. Ара- 272 қи баргашро бинӯшанд, дилтапак (дилбозӣ)-ро, ки аз гармӣ бошад, дафъ мекунад, таби нағзак, табҳои гарм ва таби диқ (лоғаркунанда)-ро дафъ мекунад. Шилми он, ки аз баргаш берун медамад, мисли ша- кар ширин мебошад, равшанкунанда ва қувватбахши чашм аст. Хокистари чӯби бедро бипошанд ё гузошта бан- данд, рафтани хунро манъ мекунад; агар инро бо сир- ко хамир карда, гузошта банданд, озахро хушк карда меафтонад, доначаҳо ва обилаҳои бар бадан дамида- ро дур месозад, варами пистон ва варамҳои дигари узвҳои бероиро таҳлил медиҳад, шаро (аллергия), обила ва варамҳои гармро дафъ мекунад. Инчунин оби барги онро бардавом биёшоманд ё гузошта бан- данд, барои бемориҳои номбаршуда дармон мешавад. Истеъмоли баргаш ба дарун моддаҳои нодаркор ва зарарноки ба узвҳо фуроянда ва рехташавандаро рад мекунад ва намегузорад, ки бифуроянд, инчунин ҳамон тавр манъ мекунад. Вале ошомидани маҳсулоти бед фақат ба тиҳигоҳ (холияки паҳлу) зарар дорад. Дар ин ҳолат ё гулоб, ё шакар биёшоманд, ислоҳи зарар менамояд. Миқдори як бор нӯшидан аз оби барг ва гули бед дар як рӯз аз 28 то 70 грамм аст, ки бояд бо шакар биёшоманд. Ба ҷойи ин ревоч (чукрӣ) бихӯранд, раво мебошад. Ҳосил кардани оби барги бед чунин аст. Барги та- ру тозаи онро хуб кӯфта, фишурда, обашро месито- нанд ва як шаб мегузоранд ва баъд мувофиқи миқдор менӯшанд. Нӯшидани ин барои дафъ кардани модда- ҳои балғамӣ, сафровӣ, хунӣ, инчунин барои кушодани гиреҳҳои бадан, қавӣ гардонидани меъда ва узвҳои нафас нафъ дорад ва ин беҳтар ва қавитар аз оби коснӣ мебошад. Гирифтани арақи гул ва барги бед чунин аст. Барг ё гулҳои бедро ҷамъ намуда, покиза шуста, дар ан- биқ бо оташи мулоим арақ кашанд. Оби сархонаи ан- биқ, ки камтар гарм гардад, он обро нав кунанд. Мизоҷи ин арақ дар дараҷаи дуввум сард ва дар якум хушк аст. Инро бинӯшанд, гиреҳҳои ҷигарро ме- кушояд, дилтапак ва ташнагиро дафъ мекунад, барои сустии

меъдаи гарммизоҷ, табҳои тафснок ва бар зид- ди ҳамаи иллатҳои аз гармӣ базуҳуромада, дарди чашм ва дарди сари гарм дору мебошад. 273 Аз гули бед низ равған тартиб медиҳанд ба ин тариқ. Гули бедро ҳар қадар, ки хоҳанд, мегиранд. Дар зарфе шиша то нима равғани кунҷид ё равғани зайтун андохта, он равғанро аз гули бед пур намуда, дар офтоб мегузоранд. Баъд аз як ҳафта ранг ва қуввати гул ба равған мегузарад, сонӣ гулро фишурда дур мекунанду аз гули нав пур менамоянд. Ҳамин тариқ то шаш мартаба гулро иваз намуда, охиронро низ фишурда партофта, равғанро соф мегардонанд — ин равғани гули бед аст. Мизоҷи равғани гули бед сард ва хушк аст. Инро бихӯранд, решҳои тарро хушк мекунад, дарди сарро шифо мебахшад, намегузорад, ки бухорҳои гарммизоҷ аз пойини бадан ба майна бароянд, варамҳои гармро таҳлил медиҳад, инчунин моддаҳои гарм ва сарди но- даркорро аз бадан дафъ менамояд. Агар инро бимоланд, дарди сарро таскин медиҳад, майнаро қувват мебахшад, бехобиро дафъ мекунад, варамҳои гуногуни майна ва пардаҳои онро таҳлил медиҳад. Ин равғанро бо сирко ва гулоб даромехта бибӯянд, дарди сарро таскин медиҳад, намегузорад, ки бухорҳо ба мағзи сар бароянд. Агар инро дар гӯш чаконанд, дарди гӯш ва дарди сарро таскин медиҳад, хушкии майнаро ислоҳ менамояд. Ва агар дар даҳан бигардонанд, дарди дандонро сокин мекунад ва ҷӯши- ши даҳанро, ки аз оҳак хӯрдан ба амал омада бошад, дафъ месозад. Ин равғанро бихӯранд, ҳамаи моддаҳои часпакро аз бадан меравонад, исҳоли сафровиро манъ месозад, тафси меъдаро басанда мегардонад, харошида шудан ва захми рӯдаҳо, инчунин дарди рӯдаҳоро басанда мекунад; аъзои баданро қувват мебахшад, дардҳои дохилиро таскин медиҳад, исҳолро мебандад. Агар ин равғанро батакрор бимоланд ва бо он ҳуқна кунанд, захми рӯдаҳоро ба ибро меоварад. Онро ба шикам бимоланд, исҳоли сафровиро боз- медорад, моддаҳои часпакро бо исҳол дафъ мекунад Агар инро ба решҳои чуқур ва фурӯрафта бимо- ланд, гӯшт мерӯёнад, рутубатҳои захм ва ҷароҳатҳо ро хушк мекунад, моддаҳои бадфиолро аз он ҷойи ба- дан дафъ месозад, инчунин аз обилаҳо наҷот меди- ҳад. Инро бо сафедаи тухми мурғ сиришта бимоланд сӯхтагии оташ ва варами чашмро ба ибро меоварад 274 бо сирко сиришта бимоланд, шифобахши захмҳо на- бошад ва ҷӯшишҳои гарммизоҷро дармон мешавад. Ба ҳамаи ин илова кунем, ки агар ҷигар хушк ва сахти кӯчак шуда бошад, хӯшаи бедро дар об ҷӯшо- нида, он обро бардавом бинӯшанд, ҷигарро ба ҳоли аслӣ ва сиҳаташ меоварад. Миқдори як бор хӯрдан аз равғани гули бед дар як рӯз то 25 грамм аст. Агар равғани гули бед ёфт нашавад, ба ҷойи ин равғани гулисурхро истифода ку- нанд, раво мебошад ё баробари ним вазни он равғани бунафшаро биёшоманд, низ ҷоиз аст. 104. Шафтолу Ин самари маълум аст, ду навъ мебошад: 1. Пӯс- таш нозук, рангоранг, сафед, сурх, сабз,

пашмакдор, ки пӯст ва дарунаш аз гӯшташ ба осонӣ ҷудо мегар- дад — инро шафтолуи ширин меноманд. 2. Агар пӯс- таш ба гӯшти он ва гӯшташ ба донаки он часпида бошад, онро шафтолуи кордӣ мехонанд, беҳтарини он ширин, бузург, шодоб ва нарм, ки гӯё оби сахтгашта бошад—дар ин талхӣ ва тунҷӣ маҳсус нагашта, бе- ҷирм ва хушбӯ мебошад. Ҳамаи дигар қисмҳои дарах- ти ин талх аст: гул, барг, шилм ва тухми он. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум сард ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: самари пухтагии шаф- толуро бихӯранд, дарунро мулоим мекунад; туғёни бухорҳои гарм, хушк ва ташнагиро таскин медиҳад, фишори баланди хун ва ғалабаи моддаи сафроро паст мегардонад, майнаи гармро хунук месазад; мизоҷи бадан аз сӯхтани савдо хушк шуда бошад, тар мегар- донад; табҳоеро, ки аз зиёд гаштани фақат сафро бо- шанд, инчунин таберо, ки аз ҷӯшиши хун содир шу- дааст, шифо мебахшад; бадбӯйии даҳанро дафъ меку- над, ба одамони гарммизоҷ қуввати боҳ мебахшад, иштиҳоро мекушояд. Чун оби шафтолуи пухтагиро ги- рифта, шаб бигузоранд, то дурдааш таҳшин гардаду обаш соф шавад. Пагоҳӣ ба дили наҳор 150 грамм аз оби софаш бо шакар ё бо шакари янтоқ биёшоманд, моддаи сафроро бо исҳол дафъ мекунад, инчунин ах- лоти сӯхтаро ҳам аз бадан хориҷ мегардонад. Меваи шафтолу ба одамони тармизоҷ ва асабҳо зарар дорад, дар меъда зуд бадбӯ мегардад, табҳои 275 дуру дарозро пайдо мекунад. Дар ин маврид асал ё мураббои занҷабил бихӯранд, ислоҳи зарар менамояд. Шафтолуи кордӣ гаронтар ва дерҳазм, хислати қабзиятнокӣ дорад, боднок аст ва иллати қулинҷро, ки дард ва варами рӯдаҳои ғафс мебошад, ба амал ме- оварад, хусусан хоми он дар ин бобат бадтар аст. Шафтолуи талхро бардавом бихӯранд, хеле дер ҳазм мешавад, қабзият меоварад, вале агар ҳазм ёбад, ғизоияташ бисёр ва намегузорад, ки моддаҳои зарар- нок ба меъда рехта шаванд. 50 грамм оби барги онро бинӯшанд ва гулашро бо шакар бардавом бихӯ- ранд, ҳамаи кирмҳои меъдаро ҳатто кирми кадудона- ро мекушад. Агар ин обро бар ноф бимоланд, кирми шикамро дафъ мекунад. Гулашро кӯфта, бо оби карами тоҷикӣ хамир сох- та гузошта банданд, озаххоро хушк карда мерезонад. Табиб Ибни Ризвон муайян намудааст, ки ним грамм гули онро занҳои ҳомила бихӯранд, бачаи он- ҳоро аз шикам меафтонад. Равғани мағзи шафтолуро нимгарм бичаконанд, дарди гӯш ва кариро дафъ менамояд, гиреҳҳои парда- ҳои гӯшро мекушояд; агар бихӯранд, дарди бавосирро басанда мегардонад. Мағзашро бихоянд, дандони кундшударо ислоҳ мекунад 3,5 грамм устухони, яъне пӯчоқи донаки он- ро маҳин ос карда бихӯранд, исҳолро мебандад. Чун донаки онро дар оташ сӯхта, баъд мағзи онро ҷудо карда кӯфта, ба донача ва қӯтур, ки бар бадани кӯдакон пайдо шаванд, инчунин ба пушти гӯши онҳо бармеоянд, бимоланд, зуд шифо мебахшад.

105. Ҳандалак Ин аз ҷинси харбуза аст, вале майдаи пешпазак, пухтагиаш зард, кабуд, сафед ва ғайра мебошад. На- мудаш гирдаки шалғамшакли рахдор аст. Таъмаш ши- рин аст, хушбӯй. Инро ба забони форсӣ дастанбӯя меноманд. Хислатҳои шифобахши он: бӯйидани он ба майна қувват мебахшад ва гиреҳи онро мекушояд. Хом ё пухтагиашро бихӯранд, пешобро меронад, хусусан хоми онро чанд рӯз пай дар пай бихӯранд, сангҳои гурда ва хичакро (пешобдон)-ро майда кар- 276 да мерезонад. Агар дар вақти гӯштро пухтан дар дег андозанд, гӯштро муҳарро месозад. Дар ин бобат таъ- сираш аз пӯсти харбуза зиёдтар аст. 106. Сафедор Асли ин калима сафеддор, яъне сафеддарахт буд, ки ин дарахти маълум аст ва дар ҷоҳои салқин хуб- тар ва бисёртар нашъунамо меёбад. Чӯби он дар иморатҳо истифода мешавад. Мизоҷаш дар дараҷаи якум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: оби баргашро дар оф- тоб ғафс гардонанд, инро усораи барги сафедор ме- номанд. Усораи инро бо асал даромехта, ба чашм ка- шанд, торикии чашмро дафъ мекунад. Оби барги он- ро нимгарм дар гӯш чаконанд, варами даруни гӯшро таҳлил медиҳад. Чӯби решаи тари онро дар вақти сӯхтан аз як са- ри берун аз оташ будааш об бармеояд, ҳамин обро дар гӯш чаконанд, карии гӯшро, ки дар натиҷаи бемо- рии дуру дароз ҳодис шуда бошад, ба ибро меоварад. Барги тару тозаашро бихоянд, дандонро қувват мебахшад, инчунин милки дандонро ҳам мустаҳкам месозад; агар бихӯранд, исҳолро мебандад. Агар инро пухта бихӯранд, дарунро мулоим мегардонад. Барги тари инро кӯфта гузошта банданд, ҷароҳати навро ба ҳам мечаспонад, устухони шикастаро ба ҳамдигар мечаспонад; агар инро бо сирко хамир кар- да бибанданд, қӯтури тарро шифо мебахшад. Пӯсти решааш назар ба қисмҳои дигараш қавитар мебошад. Агар 4,5 граммашро кӯфта, бо шароб ё бо об бихӯранд, балғамро аз бадан ба оҳистагӣ дафъ ме- созад. Ва агар кӯфтаи инро бо сирко хамир карда би- моланд, ранги песро дигар мегардонад. Рутубати самарашро бимоланд, пӯсти башарарo пок мегардонад. Ва агар инро бихӯранд, таби диқ (лоғаркунанда) ва сурфаи кӯҳнаро дафъ мекунад. Инро як шабонарӯз дар об тар карда, баъд он обро бинӯшанд, низ таъсири рутубаташро мекунад. Вале истеъмоли ин ба дарун хунро месӯзонад, дар бадан моддаи савдо пайдо менамояд. Дар ин ҳолат 277 шакар бихӯранд, кифоя аст, ки ислоҳи ин зарар на- мояд. , Миқдори як бор хӯрдан аз ҳар қисми сафедор дар як рӯз то 4,5 грамм аст. 107. Бедгул Ин растаниро баргаш монанди барги бед аст, вале ғафстар аз он. Бинобар хотири баргаш «бедгул» ном гирифтааст. Бӯяш андак нофорам, таъмаш талх ва тез мебошад. Гулаш зебо, ду навъ аст: навъеро гулаш сурх, дигареро сафеди моил ба зардӣ. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст, таркибаш заҳр дорад. Хислатҳои шифобахши он: инро фақат ба берун ис- теъмол мекунанд, на ба

дарун. Агар ба дарун истеъ- мол намоянд, кушандаи инсон ва ҷонварони дигар аст. Барги онро чун дар шароб ва анҷир ҷӯшонида, 12 грамм аз он чӣ, ки ин ҷӯшонида шуда бошад, бо мас- каи гов биёшоманд, аз зарари ҷонварони заҳрнок эмин мегарданд, дар чорпоён низ ҳамин гуна асар до- рад. Баргашро пухта, кӯфта гузошта банданд, варамҳои сахтро таҳлил медиҳад, ҳатто онҳоро мегудозад; дар- ди кӯҳнаи пушт ва дарди зонуро таскин медиҳад; ир- қуннасо (радикулит), қӯтур, хориш, доғи кунҷидак ва доғҳои дигари пӯстро дафъ мекунад. Оби баргашро бимоланд, қӯтури пӯстро шифо ме- бахшад ва хориши аъзоро таскин медиҳад. Барги хушкашро кӯфта бипошанд, захмҳоро ба ҳам оварда сиҳат мекунад. Агар инро занҳо аз таг бардоранд, дарди бачадонро дур месозад. Оби барг ва гули онро бимоланд, рухсораро пок мегардонад, мӯйро сара мекунад. Ҳар як қисми рӯйи заминии бедгулро дар об ҷӯш дода, он обро ба маконаш бипошанд, кайк ва мӯрча- гони чӯбхорро мекушад. Оберо, ки як шабонарӯз бедгул тар карда шуда бошад, буз, гӯсфанд ва дигар ҷонварони майда биё- шоманд, мекушад. Шох ва баргашро дар равғанҳо ҷӯшонида, он рав- ғанро бимоланд, качалӣ (калвяра) ва қӯтури ҳайво- нотро дафъ мекунад. Аз бедгул равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. 278 Барг ва гули онро муҳарро пухта, дар таносуби 100 грамм оби он 50 грамм равғани зайтун аз болояш ан- дохта, бо оташи мулоим меҷӯшонанд, то он ки об та- моман бухор шуда раваду равған бимолад. Ин равғанро бимоланд, качалӣ дар ибтидо бошад, қӯтури решгашта, хориш, доғи пес, бемориҳои сардми- зоҷ, сустии асабҳо, нотавонии узвҳо ва дардҳои пушт, дарди зонуи кӯҳна ва монанди инро дафъ мекунад. Чун аз барги бедгул, чаккаи ҷуғрот, гӯгирди зард— аз ҳар се якмиқдорӣ гирифта, кӯфта, бо равғани гӯс- фанд сиришта, ба қӯтури решгашта бимоланд то ҳафт мартаба, билкулл шифо мебахшад. Аввал 4,5 грамм усораи барги бедро, яъне оби барги бедро дар офтоб ғафс гардонида, 4,5 грамми онро бо шакар бихӯранд, баданро аз ахлоти сегона (балғам, сафро, савдо) пок мекунад. Баъд ин таркиби сегонаи мазкурро дувоздаҳ маротиба ба доғи пес бимоланд, онро дафъ мекунад. Решаи бедгул дароз, борик, шӯртаъм, рангаш моил ба сурхӣ ва аксар сафедранг аст. Чун решаи қисми сафеди онро ба миқдори каме дар шири гови навдӯ- шида ҷӯшонида, маскаи онро бигиранд, баъд камта- реро аз он бихӯранд, боҳро (пушти камарро) қавӣ ме- гардонад ва агар ҳангоми мубошарат маниашон зуд меомада бошад, дер меомадагӣ мекунад — инро аҳли Ҳиндустон аксар истеъмол мекунанд. Агар бедгулро дарёфт карданаш душвор гардад, барои таҳлил додани варамҳои сахт ба вазни он юнуч- қаи зардак (говришқа)-ро истифода баранд, раво ме- бошад ё бобунаро ба кор баранд, мумкин аст ва инчу- нин баробари сеяки он барги анҷир низ ҷойи онро ме- гирад. Решаи бедгул ҳангоми истеъмоли он ба дарун ба шуш зарар

дорад. Дар ин ҳолат асал бояд хӯрд, ки ислоҳи зарари он намояд. Миқдори як бор хӯрдан аз решаи бедгул дар як рӯз аз 1,75 то 3,5 грамм аст. Барг ва гули онро хоҳ пухта бихӯранд ва хоҳ хом сойида, кушанда аст бо гирифтор кардани дарди шади- ди гулӯ, тафси бадан, андӯҳ, ташнагӣ, пурбод гардо- нидани шикам, берун баромадани саққои чашм ва сурх шудани он. Дар ин ҳолат қай кардан, ҳуқна (клизма), хӯрдани обгӯшти хунукшуда, дӯғ, равғани бодоми ши- рини сардкарда, хӯрдани анҷир бо каме асал ва хур- мои бузургдона даво мешавад. 279 108. Чинор Ин дарахти машҳур аст, самараш кулӯлаи хорнок, баргаш паҳн. Мизоҷаш сард ва тар аст, мизоҷи самар ва пӯсти он бисёр сард ва хушк мебошад. Хислатҳои шифобахши он: баргашро пухта, нав ба нав гузошта банданд, варами чашмро таҳлил медиҳад ва ба чашм рехта шудани моддаҳои тармизоҷ ва обра- вии чашмро манъ месозад; варамҳои сарди мулоим, варами зону ва варамҳои ҳар як узвро, ки бошад, таҳ- лил медиҳад, инчунин варамҳои гармро низ дафъ мекунад. Барги тарашро наҷӯшонида кӯфта гузошта банданд, дарди зону ва варамҳои гарммизоҷро дафъ менамояд. Пӯсти тарашро дар сирко ҷӯшонида, он сиркоро дар даҳан бигардонанд, дарди дандонро таскин меди- ҳад. Барги хушкашро кӯфта бипошанд, реш, захм ва ҷа- роҳатҳоро хушк мекунад, ба сӯхтагии оташ даво ме- шавад. Пӯсташро сӯхта гузошта банданд, бисёр покку- нанда ва хушккунанда аст, барои пес, дур кардани рутубати бадбӯйи захмҳо доруи хубест; агар инро бо об хамир карда гузошта банданд, иллати пӯстхезак (пӯстпартоӣ)-ро шифо мебахшад. Самари инро дар об ҷӯшонида, он обро бо шароб якҷо карда бинӯшанд, заҳри ҷонварони газидаро аз бадан дафъ мекунад. Барг ва самарашро кӯфта, бо равған хамира сохта гузошта банданд, сӯхтагии оташро шифо мебахшад. Инчунин барг ва самари онро дар хона дуд кунанд, гамбуски саргинро аз он ҷо мегурезонад, инчунин он- ро дар об ҷӯшонида, он обро муттасил бипошанд, низ ҳамин асарро дорад. Ғуборе, ки бар рӯйи барги он менишинад, ба қаса- баи шуш, овоз, гӯш ва чашм хеле зарарнок аст агар ба онҳо бирасад. Дар ин ҳолат шири тозадӯшидаро бихӯранд ва бичаконанд, ислоҳи зарар мекунад. 109. Сабзии саҳроӣ Ин ҳамон сабзии худрӯй, яъне даштӣ аст. Ғаф- сии бехрешаи он ба миқдори ангуште, часпак, андак 280 ширин, дароз мешавад. Қувваташ то чор сол боқӣ ме- монад. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум тар аст. Хислатҳои шифобахши он: решаашро бихӯранд, қуввати боҳ мебахшад, гиреҳҳои баданро мекушояд, балғамро меканад ва пароканда мекунад, пуштро қа- вӣ, ҷигар, гурда ва меъдаро гарм мегардонад. Вале хӯрдани бехрешаи ин ба иштиҳо зарар дорад, дарди сар медиҳад. Дар ин ҳолат асал бихӯранд, зара- раш ислоҳ мегардад. Бехрешаи инро бо асал мураббо тайёр карда би- хӯранд, ҳамаи арвоҳро, ки иборат аз рӯҳи нафсонӣ аст ва маконаш

дар майна мебошад; рӯҳи ҳайвонӣ. ки манбаи он дил аст ва рӯҳи табиӣ, ки макони он ҷигар мебошад, бағоят қавӣ мегардонад; қуввати боҳ- ро ва маниро меафзояд. Миқдори як бор хӯрдан аз бехрешаи саҳроӣ дар як рӯз то 17,5 грамм аст. Ба ҷойи ин барои зиёда гар- донидани қуввати боҳ мағзи тухми санавбарро истеъ- мол намоянд, мешояд. Мизоҷи тухмаш дар дараҷаи саввум гарм ва тар дуввум хушк аст, ба қавли баъзе дар дараҷаи дув- вум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: тухми инро бихӯранд, сурфаи кӯҳнаро ба иброо меоварад, моддаҳои зарар- нокро аз узвҳои даруни сина дафъ мекунад; меъда ва узвҳои ҳозима, ки иборат аз меъда, ҷигар, рӯдаҳо ва сипурз мебошанд, қавӣ мегардонад; қуввати боҳ ва маниро зиёда месозад, бодҳо ва моддаҳои ғафси бал- ғамиро таҳлил медиҳад, гиреҳҳои аъзоро мекушояд, пешобро меронад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад, ҳайзро ҷорӣ мекунад ва бачадонро аз моддаҳои бегона пок гардонида, ба ҳомила шудани зан мадад мерасонад, душвор зойиданро осон мекунад, сустии буғумҳоро ба ислоҳ меоварад ва дардашро низ таскин медиҳад, инчунин дарди рӯдаҳоро барҳам ме- диҳад; харошида шудани сатҳи даруни рӯдаҳои кӯда- конро шифо мебахшад; истисқои бодиро сиҳат мекунад, барои газидани каждум ва дигар ҷонвароні заҳр- нок дору мешавад. Ин тухмашро кӯфта гузошта банданд, варамҳои балғамиро, яъне варамҳои мулоими сардро таҳлил ме- 281 диҳад. Инро дар об ҷӯшонида, он обро ба ҷойи каж- думгазида бирезанд, газанди онро дафъ мекунад. Хӯрдани тухми сабзии даштӣ ба одамони гармми- зоҷ зарар дорад, яъне боҳи ононро суст мегардонад — дар ин ҳолат катиро бояд бихӯранд, то он ки ислоҳи зарар бахшад; ба хичак низ зиён мекунад — дар ин маврид мустако бояд хӯрд. Агар тухми ин ёфт нашавад, ба ҷояш ду баробари ин тухми сабзии зироатиро ё тухми карафсро бихӯ- ранд, раво мебошад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми сабзии саҳроӣ дар як рӯз 3,5 грамм аст. 110. Ҷуворимакка Ин донҳои растаниест, ки аз паҳлуи пояш бар сӯта қатор ҷой гирифтаанд муттасил ба якдигар, ки ба ранг зард, сурх, бунафш ва сафед мебошанд. Хо- маш каме тунҷӣ дорад дар таъм ва агар расида гар- дад, ширин мешавад. Расидаашро бирён карда мехӯ- ранд ва орд карда аз он нон тартиб медиҳанд ва он нон дар гармогармиаш лазиз аст. Поя ва баргҳои он монанди ҷувории сафед мебо- шад. Мизоҷи ин моил ба гармӣ ва дар дараҷаи дуввум хушк аст, ба қавле дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, хун ва балғами шахшударо таҳлил медиҳад, дарунро ме- бандад ва сахт часпак мебошад, каме боднок, ғизоия- таш бисёр аст. Агар инро ҳамчун ғизо бардавом ис- теъмол кунанд, иллати силро дафъ месозад, исҳолро мебандад, ғизоияти он зиёда аз биринҷ, вале аз ган- дум камтар аст. Агар инро пухта, бо сирко хамир сохта гузошта банданд, қӯтури решгаштаро дафъ

мекунад, таркида- ни пӯст ва нохунро шифо мебахшад; агар хойида ба чашм гузошта банданд, нури чашмро қавӣ мегардо- над; ба ҷоҳои газидаи ҷонварони заҳрнок бибанданд, газанди онҳоро дафъ мекунад. Ва агар орди онро дар об пухта, бо он нимгарм ҳуқна кунанд, захми рӯда- ҳоро шифо мебахшад. Ба ҷойи ҷуворимакка ҷувории сафедро истеъмол ку- нанд, равост. 282 111. Ҷувории сафед Ин наботи зироатист, баргҳояш монанди баргҳои ҷуворимакка, пояш чун найи ғафс, вале дарунаш ко- вок надорад, таъми пояш ширин аст, самараш, яъне донҳояш дар сари растаниаш анбӯҳ дар хӯша, дон- ҳояш калонтар аз наск, кулӯла, сахт ва сафед меша- вад. Аз ин ошҳо пухта мехӯранд. Мизоҷаш сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: дар ғизоият бисёр қа- вӣ, вазнинтар аз арзан, хушккунандаи рутубатҳои зиё- датӣ, исҳолро мебандад. Дар ҳамаи дигар феълҳо мо- нанди ҷуворимакка аст. Ҳар як қисми растании инро гузошта банданд, сардкунанда, хушккунанда ва радгардонанда аст. 112. Санавбар Ин дарахтро ба забони русӣ сосна меноманд, ки ду навъ аст: якеаш нар, он самар намедиҳад, фақат аз шилми он қатрон ҳосил мекунанд; дигараш самари монанди дили гӯсфанд дорад — ин навъи модаи он аст. Самараш дар хомӣ яклухт метобад ва агар раси- да гардад, донаҳояш аз ҳам шукуфта, дар намуд ҷудо мегарданд. Беҳтарини он мағзи тухмаш сафед, болида ва равғандори он аст. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст, вале баъзеҳо дар дараҷаи дуввум гуфтаанд. Мизоҷи барг ва пӯстлохи он гармтар аст аз тухми он. Хислатҳои шифобахши он: барг ва пӯстлохи онро бихӯранд, барои дарди гулӯ, ҷароҳати шуш, банд кар- дани хуни бинӣ ва қатъ гардонидани хуни ҷароҳатҳои нав дору мешавад. Ҳар рӯз 4,5 грамм сӯзанбаргҳои он- ро кӯфта, бо шаҳдоб биёшоманд, иллатҳои ҷигар, ва- рам ва дағалии онро дафъ мекунад. Агар ин миқдор хушкашро бо оби сард бихӯранд, дарунро мебандад. Барги хушки онро кӯфта бипошанд, ҷойи чокшуда ва даридаи узвро покиза сиҳат мекунад. Бо зоки сурх якҷо кӯфта бипошанд, решҳои раддиро шифо мебах- шад. Баргҳояшро дар об ҷӯшонида, бо он об ғусл ку- нанд, мондагиро бартараф месозад, качалиро шифо мебахшад, баданро аз чирк пок менамояд, бадбӯйии 283 арақи баданро дафъ мекунад. Агар дар он об то ноф даромада нишинанд, бемориҳои мақъадро ба ибро ме- оварад. Оберо, ки дар он баргҳои ин дарахт ҷӯшонида шу- да бошад, дар даҳан гардонанд, дарди дандонро тас- кин медиҳад. Онро сӯхта, занҳо худро батакрор ба дудаш бидоранд, ҳамроҳаки тифлро хориҷ мекунад, ҳайзро равон менамояд. Қатрони инро бимоланд, мӯйи рехтаи мижа ва аб- руро мерӯёнад, барои гудохтани барҷастагии гӯшти чашм аз тарафи бинӣ дору мешавад; барои обравӣ, камқувватии чашм, шилпуқӣ ва қӯтури он даво мебо- шад. Барги тарашро кӯфта гузошта банданд, хунравиро аз ҷароҳатҳо манъ мекунад. Чӯбашро реза карда, дар сирко ҷӯшонида, он сир- коро дар

даҳан гардонанд, дарди дандонро таскин ме- диҳад, инчунин дар даҳан нигоҳ доранд ҳам, ҳамин асарро дорад. Пӯсти решааш бандкунандаи дарун ва хушконан- да аст. 9 граммашро кӯфта бихӯранд, исҳолро мебан- дад, харошида шудани сатҳи даруни рӯдаҳоро шифо мебахшад. Кӯфтаи инро ба сӯхтагии оташ ва аз оби гарм, бипошанд, зуд ба иброо меоварад; ва агар инро бо оби гарм хамир сохта гузошта банданд, дарди узв- ҳои латхӯрдаро таскин медиҳад. Мизоҷи дона, яъне тухми санавбари калондарахт дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум тар аст. Қув- ваташ то як сол боқӣ мемонад. Хислатҳои шифобахши он: агар мағзи донаи инро бихӯранд, қуввати боҳ мебахшад, иштиҳоро мекушо- яд, асабҳоро қавӣ мегардонад, узвҳои баданро мустах- кам мекунад, гиреҳҳоро мекушояд, шиддати бодҳои тезро мешиканад; барои иллатҳои фолиҷ, кач шудани рӯй, карахтӣ, кузоз (столбняк), ларзак, захмҳои шуш, дарди буғумҳо, ки аз сардӣ бошанд, бемориҳои ҷигар, зардпарвин, истисқо, дарди гурда ва хичак, ки саба- баш ҷамъ шудани сафрои сӯхта бошад, шифо мебах- шад. Агар инро кӯфта, бо асал хамир сохта, ҳар рӯз 14 грамм аз он лесида бихӯранд, фолиҷ ва ларзакро ши- фо мебахшад: барои бемориҳои шуш ва пок намудани ин узв аз ахлоти ғафсгашта, покизагии гурда, дур кар- 284 дани сурфаи кӯҳна, хусусан дӯшоб ҳамроҳ карда биё- шоманд, даво мебошад. Мағзи инро бо тухми бодиринг якҷо кӯфта бихӯ- ранд, пешобро равон мекунад, захмҳои гурда ва хи- чакро сиҳат мекунад: агар бо оби чилмангӯштак (се- мизут) биёшоманд, дарди меъдаро таскин медиҳад, бадани нимҷонро қувват медиҳад, рутубатҳои мурдор- ро аз бадан дафъ мекунад. Тухми тару тозаи инро бо пӯсташ якҷо кӯфта, дар об ҷӯшонида, он обро бо ша- роби мусаллас даромехта, аз ин таркиб ҳар рӯз 100 грамм бинӯшанд, сурфаи кӯҳна ва захмҳои шушро дафъ менамояд. Мағзи тухми санавбари калондарахтро бо мудова- мат бихӯранд, узвҳои нотавон ва сустгаштаро ба ҳо- ли аслиашон меоварад, гӯшти баданро сахт мегардо- над. Тухми онро кӯфта, дар оби ангур андозанд ва худ аз худ он ба ҷӯш ояд, шароби тухми санавбар ме- гардад. Нӯшидани ин шароб назлаҳоро манъ меку- над, сурфаро таскин медиҳад, ҳазми таом меоварад, исҳоли обдорро банд месозад, истисқоро (водянкаро) шифо мебахшад. Тухми санавбарро бо талхшувоқ якҷо кӯфта, ба меъда гузошта банданд, дарди рӯдаҳоро таскин ме- диҳад, яъне дарди шикамро сокин мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз мағзи тухми он дар як рӯз то 7 грамм аст ва аз усораи он, ки оби баргҳои онро дар офтоб ғафс гардонида бошанд, то 10,5 грамм аст. Аз обе, ки дар он баргҳои санавбар ҷӯшонда шуда бошад, меъёри нӯшиданаш 25 грамм аст. Мағзи тухми санавбар душвор ҳазм мешавад, ба одамони гарммизоҷ зарар дорад, дарди сар мекунад, дилро бечо (беҳузур) мегардонад. Дар ин ҳолат си- канҷабин ва меваҳои турш бояд бихӯранд, ки зиёнаш ислоҳ

ёбад. Вале ба одамони сардмизоҷ мувофиқ аст. Агар барои афзудани қуввати боҳ истеъмол карданӣ бошанд, бо кунҷид ва асал бихӯранд, зеро ин чизҳо зиёдкунандаи қуввати онанд. Бояд зиёда аз 12,5грамм, ки як-як шикаста бихӯранд, тановул нанамоянд. Агар аз ҳад зиёд бихӯранд, рӯдаҳоро ба дард меоварад, пе- чиши рӯдаҳоро содир мекунад. Шилми санавбар се навъ мешавад: 1. Рақиқтар аст ва шах намешавад, онро зифти тар меноманд; 2. Он ки табиатан шах аст, яъне ҳангоми аз дарахташ да- 285 мидан худ ба худ дар ҳамон ҷо сахт мегардад; 3. Он ки бо оташ бипазанд, шах мегардад. Беҳтарини шил- , ми санавбар он аст, ки рангаш сафеди моил ба зардӣ бошад ва бӯйи санавбар аз он шамида шавад. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Мизоҷи навъи оташдида он гармтар аст аз оташно- дидаи он. Хислатҳои шифобахши он: 2,25 граммашро бо зар- даи тухми мурғи нимпухта ва ё бо обе, ки дар он са- бӯси гандум ҷӯшонида шуда бошад, биёшоманд, барои сурфаи кӯҳна, дамкӯтаҳӣ ва ҷароҳати тари шуш дар- мон мешавад. Агар ин шилмро бихоянд, сурфаи тарро даво мебошад, моддаҳои зарарнокро аз майна каши- да берун мегардонад. Шилми санавбарро монанди тамоку рӯзи аввал як дафъа, рӯзи дуввум ду дафъа, рӯзи саввум се дафъа бикашанд, барои сурфа, дамкӯтаҳӣ ва захми шуш да- вои аҷиб мебошад. Чун латтаро ба ин шилм олонда, дар офтоб хушк » карда, бемории зукоми сард, таби дурӯздармиён дуди онро бишаманд, ҳамон соат таскин медиҳад. Инро кӯфта гузошта банданд, ҷароҳатҳоро ба ҳам оварда сиҳат мебахшад; барои дафъ кардани хориш, қӯтур ва дағалии пӯст дармон мебошад; агар бо гул- нор якҷо кӯфта, гузошта банданд, даридани рагҳо, ин- чунин носурҳоро ба ибро меоварад; баробари вазни он тухми зағир ҳамроҳ намуда, кӯфта банданд, озах- ҳои овезони мақъадро, ки табибон аз илоҷи он оҷиз омада бошанд, дафъ мекунад; инчунин барои кафида- ни пӯсти пойҳо доруст, бавосирро дафъ менамояд ва барои ислоҳ кардани каҷии нохун таъсири хуб ва пур- рае дорад. Чун як ҷузъ шилми санавбар, зарнихи сурх (сер- нистый мышьяк), саргини заргӯш, равғани буз — аз ҳар се нисф ҷузъ —ҳамаро сойида, дар оташ гудохта, қурс- ҳо бисозанд, ҳар як қурс 2,25 грамм бошад. Дар вақ- ти ҳоҷат як қурсро бо оташи мулоим дуд кунанд ва дуди онро бо воситаи найча ҳар рӯз се бор ба дарун бикашанд, барои сурфа ва захми шуш давои хеле ху- бе мебошад. Чун як ҷузъи онро дар рӯйи оташ гудохта, баробари вазни он тухми зағир, нисф вазни он сафе- доби қалъаӣ (оловянная белила) дар он андохта, аз оташ фурӯд ованд, барои ба ҳам часпонидани да- 286 ҳани ҷароҳатҳои нав давои хуб мебошад ва ҷароҳати кӯҳнаро пок мегардонаду онҳоро сиҳат мебахшад. Шилми санавбар дар баданҳои сахт гӯшт мерӯё- над, вале дар баданҳои мулоим варамҳоро ба амал меоварад. Чун шилми санавбарро бо нисф вазни он зарних, мурч ҳамроҳ карда, бо равғани бодом пухта, монан- ди

марҳам гузошта банданд, донаи бавосирро дафъ мекунад, лекин сахт ба дард меоварад. Илоҷи ин бо молидани сафеди тухми мурғ, сафедоб ва бо хӯрдани шири навдӯшида ҳосил карда мешавад. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-102-112#102

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 113-122 113. Бодён 114. Чоқула 115. Юнучқа 116. Анор 117. Заринги ёҳ 118. Дӯлона 119. Заъфарон 120. Занҷабил 121. Сагпистон 122. Саломалек 113. Бодён Ин ду навъ аст: бодёни оддӣ (арпабодиён) ва бодёни хитойӣ — ин ситорашакл аст. Бодёни оддӣ низ ду навъ дорад: саҳроӣ ва бӯстонӣ. Беҳтарини он од- дии бӯстонии он аст. Ин тухми маълум ва машҳур ме- бошад. Мизоҷи бӯстонии он дар аввали дараҷаи саввум гарм ва дар дараҷаи якум хушк аст. Вале ҳаким Буқ- рот дар дуввум гарм ва дар якум хушк донистааст. Мизоҷи тухмаш гармтар назар ба барги он. Решааш барои давогӣ қавитар аз қисмҳои дигари он аст. Хислатҳои шифобахши он: тухмашро бирён кар- да бихӯранд, маҷроҳои узвҳои даруни сина, ҷигар, си- пурз, гурда ва хичакро мекушояд ва инчунин дардҳои ин узвҳоро, ки аз сардӣ бошанд, таскин медиҳад; чашм ва меъдаро қувват медиҳад, бодҳо ва ахлоти ғафсгаштаро таҳлил мебахшад ва пароканда мекунад, шири занонро пайдо ва зиёда мегардонад, хусусан на- ви он пешоб ва ҳайзро равон месозад, бар зидди заҳр- ҳои ҳайвонӣ тарёқ мешавад. Тухми онро дар об ҷӯш дода, он обро бо гули гов- забон ва он тухм бинӯшанд, дилтапак (дилбозӣ) ва иллати беҳушшавиро дафъ мекунад; агар инро бо сун- бул ва анҷир бихӯранд, барои сурфа, дамкӯтаҳӣ ва душвории нафас дору мешавад. Агар худашро танҳо биёшоманд, бодҳои ғафсгаштаро таҳлил медиҳад ва пароканда месозад; дардҳои паҳлу ва тиҳигоҳро тас- кин медиҳад; қулинҷро, ки варам ва дарди рӯдаҳои ғафс аст ва ба забони русӣ колит меноманд, мекушо- яд; рутубати ғафс ва часпаки меъда, беҷо (беҳузур) 287 шудани дил, балғами шӯр—ҳамаашро дафъ менамо- яд; қуввати давоҳоро ба ҷоҳои дури бадан, ҳатто ба дасту поҳо низ мерасонад; исҳоли кӯҳнаро мебандад ва агар якчанд рӯз бо зираи сабз бихӯранд, исҳолҳои дигарро низ баста мегардонад, меъдаро қувват меди- ҳад; бо асал ва ё бо сиканҷабин бихӯранд, табҳои кӯҳнаро ба ибро меоварад: ҳангоми гирифтани табҳо бо оби хунук бинӯшанд, беҷо шудани дил ва тафси меъдаро, ки аз ҷамъ шудани балғами шӯр бошад, тас- кин медиҳад бо воситаи ба худ ҷаббидан ва бухор гардонидани он модда ва ҳамон тавр бо воситаи пе- шоб хориҷ мекунад. Агар кӯфтаи инро бо гулқанд сиришта бихӯранд, меъдаро қувват мебахшад, инчунин рутубат ва бал- ғамҳоро аз он дафъ месозад. Шираи онро бо кӯфтаи он сиришта, андак гарм карда, ба шиками тифлон бимоланд, боди даруни он- ро пароканда мекунад, дарди онро низ шифо мебах- шад. Агар аз рӯзи якуми

моҳи ҳамал то сар шудани мо- ҳи саратон ҳар рӯз 3,5 грамм тухми арпабодиёнро бо ҳамвазни он шакар талқон сохта, тановул намоянд, дар он сол ба хӯрандаи ин иллат ва беморӣ намера- сад. Оби барги тару тозаи онро дар офтоб қивом намо- янд, инро усораи арпабодиён меноманд. Усораи хушки онро ос карда чун сурма ба чашм кашанд, чашмро тез мекунад. Баъзеҳо гиёҳи тару тозаи онро дар оташ дошта ва аз он рутубатеро берун меоваранд ва онро ҷамъ карда ба чашм мекашанд, фоидаи ин ба чашм назар ба усораи баргаш қавитар аст. Оби барги тару тозаи онро дар зарфе ба оташ гу- зоранд, чун ду-се ҷӯш хӯрад, кафки онро бо асал ва шилми сакбина (шилмест, ки дарахташ ҳеҷ нафъ на- дорад) даромехта дар чашм кашанд, барои манъ кардани зардоби ба гавҳарак фуроянда, қавӣ гардонида- ни рӯшноии чашм даво мебошад. Чун усораи оби барги онро дар офтоб хушк гар- донида, бо захраи калхот дар шиша андохта, се ҳаф- та дар офтоб биёвезанд ва баъд ба чашм кашанд, фу- ромадани зардобро ба гавҳарак манъ ва заифии чашм- ро дафъ мекунад. Ин боз як фоида дорад. Баъзан гавҳараки чашм васеъ гашта, ҳамаи сиёҳии чашмро (қарнияро) фаро мегирад — инро низ шифо мебахшад. 288 Решаи ин растаниро кӯфта, бо асал сиришта би- моланд, барои газидани саги девона нафъ лорад. Шилмаш дар хислат монанди усораи он аст. Агар онро чун сурма ба чашм кашанд, барои пурқувват гардонидани чашм ва рад кардани оби ба гавҳарак фуроянда ва инчунин агар он об дар он фуромада бо- шад, даво мешавад. Агар инро бихӯранд, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Вале истеъмоли арпабодиён ба дарун барои ода- мони гарммизоҷ зарар дорад — дар ин ҳолат барои ислоҳаш сиканҷабин бояд бихӯранд. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми он дар як рӯз аз 3,5 то 9 грамм аст; аз обе, ки решаи он ҷӯшонида шу- да бошад, аз 9 то 14 грамм андохта биҷӯшонанд. Ба ҷойи ин тухми карафсро метавон истеъмол намуд. Бодёни саҳроиро шохҳояш ғафстар, вале решааш хурдтар назар ба решаи бӯстонӣ мебошад, бисёр хушбӯй, тухмаш низ калонтар ва сабзтар аст. Мизоҷи ин дар дараҷаи саввум гарм ва дар дув- вум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ҳар як қисми инро би- хӯранд, чакмезакро ислоҳ менамояд, бачадонро аз мод- даҳои зарарнок пок мегардонад, решҳоро аз чирку рим пок месозад, исҳоли кӯҳнаро мебандад; ҳайзи бандшударо мекушояд, яъне равон мекунад; сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад, табҳои кӯҳ- на ва зардпарвинро шифо мебахшад. Онро дар об ҷӯшонида, он обро бо шароб бинӯ- шанд, захри ҷонваронро аз бадан дафъ мекунад. Агар инро кӯфта гузошта банданд, барои газидани саги де- вона фоида дорад. 114. Чоқула Ин ду навъ аст: сиёҳ ва зард. Ранги гули навъи сиёҳи он бунафш аст, бинобар тирагии ранги гулаш чоқулаи сиёҳ ё сиёҳандиз меноманд. Ранги гули навъи дуюмаш зард аст, бинобар ҳамин чоқулаи зард ва зардандиз меноманд.

Баргҳояш сербар ва хеле дароз. Ҳангоми нашъунамои ин растанӣ ба даруни ҷангалаш дароянд, гӯё чун дар беша бошад, нопадид мегар- данд. Ин аз растаниҳои хӯрданист. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. 289 Ба қавли баъзеҳо дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: решаи чоқулаи сиёҳро дар об ҷӯшонида, он обро бихӯранд, қуввати тарёқӣ дорад; дил, сари меъда, ҳозима (меъда, ҷигар, рӯда- ҳо, сипурз), боҳ ва хичакро қувват мебахшад; молиху- лиёи пардаи шикамӣ, хавф, тарсончакӣ ва ҳузнро, ки бо иштироки меъда бошанд, дафъ мекунад; гиреҳи ҷигар ва сипурзро мекушояд; агар кӯфта гузошта бан- данд, бод ва боднокшавиро пароканда мекунад ва таҳ- лил медиҳад; дардҳои ҷигар, буғумҳо, пушт, никрис (подагра) ва иркуннасоро, ки ҳама аз сардӣ бошанд, таскин медиҳад; инчунин онро дар об ҷӯш дода, он обро бинӯшанд, бемориҳои тари хунукмизоҷро дафъ месозад; чакмезакро, ки аз ҷамъ шудани моддаҳои тармизоҷ бошад, ба ибро меоварад; дар ҳолати хоб ба ҷогаҳ шошиданро ислоҳ мекунад, ҳайзи бандшу- даро мекушояд. Чоқулаи сиёҳро дар об ҷӯшонида, он обро бо ша- роб даромехта, ба ҷойи матлуб кам-кам ва бардавом бирезанд, дараи нимсар, бемориҳои сарди тари майна ва варамҳои гуногуни онро дафъ мекунад. 3,5 грамм решаи хушкашро кӯфта, бо асал сириш- та, лесида бихӯранд, барои сурфа, дамкӯтаҳӣ ва душ- вории нафас дору мешавад ва узвҳои даруни синаро аз балғам ва рутубатҳо пок мегардонад. Агар инро дар об ҷӯшонида, он обро бо шароб бинӯшанд, заҳрҳои хунукмизоҷи ҷонваронро аз бадан дафъ мекунад. Оберо, ки дар он решаи чоқулаи сиёҳ ҷӯшонида шуда бошад, нимгарм дар гӯш чаконанд, ҷарангҳои гуногуни даруни онро дафъ мекунад. Ва агар инро сӯхта, дудашро бо воситаи найча дар да- ҳан бикашанд, кирми дандонро мерезонад; ва агар занҳо зери ноф ва миёни пойҳои худро ба дуди ин бидоранд, ҳайзи бастаро кушода мегардонад. Инро дар шароб ҷӯшонида гузошта банданд, дар- ди нимсар, саръ (припадка) ва бемориҳои балғамиро шифо мебахшад, иркуннасо ва дигар дардҳои аз сар- дӣ баамаломадаро дур месозад. Баргашро дар об ҷӯшонида, он обро истеъмол на- моянд, дар хислати давогӣ монанди он обест, ки ре- шаи он ҷӯшонида шудааст. Баргашро кӯфта гузошта банданд, мушакҳои да- 290 рида ва чокшударо ба ҳам мечаспонад ва варамҳоро таҳлил медиҳад. Чоқулаи сиёҳ ҳангоми ба дарун истеъмол кардан ба одамони гарммизоҷ зарар дорад, дарди сар меку- над; агар бисёр бихӯранд, хунро мурдор ва вайрон мекунад, маниро месӯзонад, пушти камарро қатъ ме- созад. Дар ин маврид сирко, шарбатҳои меваҳои турш бинӯшанд ва анори турш бимаканд, ислоҳи зарар ме- намояд. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз решаи чоқу- лаи сиёҳ то 7 грамм аст. Ба ҷойи ин решаи савсани кӯҳиро истеъмол намоянд, равост. Ба қавли як қатор одамон чун як адад тухми он-

ро фурӯ баранд, зуд омадани маниро ҳангоми ҷимоъ, ислоҳ мекунад. Агар тухмашро сӯхта, дудашро ба дандон бигиранд, кирми онро мерезонад. Ва агар тух- машро кӯфта, бо об хамир сохта бимоланд, ранги рухсораро неку месозад; бо асал хамир карда гузош- та банданд, доғҳои гуногуни пӯстро дафъ мекунад. Решаи чоқулаи зардро бихӯранд, дардеро, ки аз газидани ҷонварони заҳрнок ба амал омада бошад, дафъ мекунад ҳамон дам. Ба қавли як қатор донишмандон агар кордро аз оби ин об диҳанд, ба ҳар ҷонваре, ки он бихалад, зуд ҳалок мегардад. 115. Юнучқа Инро дар як қатор маҳалҳои тоҷикон ришқа мено- манд, ки шакли адабии тоҷикиаш ҳамин аст, вале «юнучқа» аз туркӣ дохил шудааст. Ин растанӣ ба ҳа- ма маълум мебошад, зироат мекунандаш. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва тар аст. Баъ- зеҳо дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк низ гуфтаанд. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, да- рунро мулоим мекунад, қуввати боҳ мебахшад, вале шикамро дам низ менамояд. Агар бо шакар бо мудо- вамат бихӯранд, баданро фарбеҳ менамояд, хуни со- лим аз он пайдо мешавад. Инро кӯфта, бо асал хамир сохта гузошта банданд, варами хунукро таҳлил медиҳад; бо сирко сиришта гузошта банданд, варами гармро мегардонад. Агар юнучқаро пухта, рӯзе ду бор ба мабдои асабҳо гу- зошта банданд, иллати ларзакро дафъ мекунад. 291 Тухмаш дар давогӣ назар ба қисмҳои дигари он, қавитар аст, вале хислати қабзкунандагӣ дорад. Агар ннро бихӯранд, манӣ ва шир пайдо мекунад, баданро фарбеҳ мегардонад, ҳайзро равон месозад, хусусан дар ҳаммом ва ё баъд аз ҳаммом кардан тановул на- моянд, дар ин амал қавитар аст; барои дағалии узв- ҳои даруни сина ва сурфа дору мешавад. Қувваташ то панҷ сол боқӣ мемонад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухмаш дар як рӯз аз 7 то 17,5 грамм аст. Аз юнучқа равған ҳам тайёр мекунанд ба ин та- риқ: 1. Тухмашро кӯфта, камтар оби гарм бар он по- шида нам гиронда, баъд бо воситаи фишор додан рав- ғанашро меситонанд. 2. Оби барги тару тозаашро ги- рифта, баробари он об аз болояш равғани зайтун ан- дохта, дар зарфе бо оташи мулоим мечӯшонанд. Ҷӯ- шишаш басанда гардад, зуд аз оташ фурӯд меова- ранд — ин равғани юнучқа ҳисоб меёбад. Молидан ва хӯрданаш каҷ шудани рӯй ва ларзак- ро шифо мебахшад. Агар юнучқаи хушкро бихӯранд, дарунро мебандад. Гулаш дар давогӣ назар ба тухмаш зиёдтар мебо- шад. Агар дуди инро бардавом бигиранд, каҷ шудани рӯйро ба ибро меоварад. 116. Анор Ин самар навъҳои гуногун дорад: ширин, майхуш, турш. Мизоҷи анори ширин умуман сард дар дараҷаи дуввум ва дар якум тар аст. Мизоҷи пӯсташ сард ва хушк аст, бисёр қабзиятовар мебошад. Беҳтарини самари анори ширин бузургдона ва шодоби он аст. Хислатҳои шифобахши он: агар бихӯранд, ғизоия- таш кам, вале аз он хуни солим пайдо мешавад, бод- нок аст. Агар инро одамони гарммизоҷ бихӯранд, олати мар- дии онҳоро ба

ҳаракат меоварад, узвҳои баданро аз моддаҳои зарарнок пок мегардонад, гиреҳҳои мавҷу- даро мекушояд, дарунро мулоим мекунад, пешобро меронад, ташна мегардонад. Агар инро баъд аз таом бихӯранд, таомро зуд аз меъда фурӯд меоварад. Ин- чунин хӯрдани ин рӯҳи табииро, ки маконаш ҷигар 292 аст, соф ва дурахшон мегардонад, худи ҷигарро қув- ват мебахшад; барои истисқои обӣ, сустии ҷигар (су- улқиня), зардпарвин, бемориҳои сипурз, дилтапак (дилбозӣ) дарди узвҳои даруни сина, сурфаи гарм дору мешавад, овозро соф ва равшан мекунад, бадан- ро фарбеҳ мегардонад; қӯтур ва хоришро дафъ ме- созад, ранги рухсораро неку менамояд. Вале ин анори ширинро аз ҳад зиёд бихӯранд, ғи- зоро вайрон ва мурдор мекунад, меъдаро заиф мегар- донад; азбаски ин боднок аст, масомҳои пӯстро да- ғал мегардонад, инчунин барои одамони табгирифта зарар дорад. Дар ин маврид барои ислоҳи ин анори турш бояд бихӯранд. Ва агар ба одамони сардмизоҷ зарар кунад, занҷабил бихӯранд, зиёнаш ислоҳ меё- бад. Оби анори ширинро дар об ҷӯшонида, ғафс гардо- нида бошанд, инро рубби анори ширин мегӯянд. Руб- би онро бихӯранд, назар ба оби он қавитар аст. Вале хӯрдани ин ҳам меъдаро суст мегардонад — дар ин ҳолат барои ислоҳи зиёнаш мустако бояд хӯрд. Чун сари анори ширинро сӯрох карда, дафъа ба дафъа ба қадри ғунҷоиши он равғани бодоми ширин ё равғани бунафша дар он рехта, ба рӯйи оташ гузо- ранд, то он, ки равғанро бимакад ва ба ҳадде расад, ки дигар равғанро ҷазб накунад. Он анорро бима- канд, дарди узвҳои даруни сина ва сурфаи хушки кӯҳ- наро дафъ мекунад. Оби анори ширинро бо шакар ва нишоиста, шилми бодом ва равғани бодом, ки ним- гарм бошад, нимгарм бардавом бихӯранд, низ ҳамин асарро дорад. Оби ин анорро дар шиша рехта ба офтоб гузо- ранд, то он ки ғафс гардад ва баъд онро дар чашм кашанд, рӯшноии онро меафзояд — ҳарчанд ин кӯҳна- тар шавад, беҳтар ва қавитар мегардад. Хӯрдани тухмаш бодангез аст, дар меъда бод пай- до мекунад. Гулашро сӯхта бипошанд, ҷароҳатҳоро ба ҳам оварда хушконида, сиҳат мекунад. Мизоҷи анори майхуш (туршу ширин) дар сардӣ ва тарӣ моил ба эътидол аст. Дар дигар ҷиҳат мо- нанди анори ширин мебошад. Вале дар таскин додани ҷӯшиши сафро ва ҷӯшиши хун аз он қавитар аст ва барои одамони сафровимизоҷ назар ба анори ширин ва турш форамтар мебошад. 293 Хислатҳои шифобахши он: оби анори майхушро, ки бо ҷирмҳои дарунаш фишурда гирифта бошанд, аз 150 то 300 грамм бо 70 грамм шакари нав биёшоманд, барои дафъ кардани моддаи сафро бо исҳол ва қув- ват бахшидан ба меъда даво мебошад; табҳои сафро- вӣ, зардпарвин, қӯтур ва хоришро дафъ мекунад — дар ин хислат монанди ҳалилаи зард аст. Чун оби анори майхушро дар зарфи мис ба қивом ованранду бимоланд, барои шилпуқӣ, қӯтур ва қавӣ гардонидани чашм давои хубест, инчунин ҷароҳатҳои кӯҳна ва

хабисаро (злокачественные язвы)-ро шифо мебахшад. Мизоҷи анори турш дар дараҷаи дуввум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, дарунро сахт мекунад; тафс, гармии меъда ва ҷигарро таскин медиҳад; ҷӯшиш ва фишори баланди хун ва сафроро паст мегардонад ва ба меъда рехта шудани моддаҳои зарарнокро манъ мекунад, пешобро меронад, намегу- зорад, ки бухорҳои зарарнок аз поёни бадан ба майна бароянд ва дуднокии онҳоро дафъ месозад. Хумор, қай ва дилтапак (дилбозӣ)-ро ба ибро меоварад. Вале инро аз ҳад зиёд бихӯранд, рӯдаҳоро захмин мекунад, сатҳи даруни рӯдаҳоро мехарошад. Агар баъд аз таом бихӯранд, ба мағзи сар баромадани бу- хорҳои зарарнокро манъ мекунад. Инчунин ба одамо- ни хунукмизоҷ зиёнкор аст, қуввати ҷозибаи ҷигарро заиф мегардонад, инчунин қуввати боҳро суст меку- над. Дар ин ҳолат анори ширин, сир (саримсоқ) ва занҷабил бихӯранд, зиёнаш ислоҳ меёбад. Оби анори туршро ба чашм кашанд, барои ноху- нак ва сурхиҳои он дору мешавад. Ва агар оби онро дар даҳан гардонанд ва муддате дар он нигоҳ доранд, захмҳои раддӣ ва бадфиоли онро манъ мекунад. Ин оби анори туршро дар зарфи мис бо асал хуб ҷӯшонида, онро дар даҳан гардонанд, решҳои хӯрандаи да- руни даҳанро шифо мебахшад. Оби ин анори туршро то ғафс шуданаш биҷӯшо- нанд, ки ғафс гардад, инро рубби анори турш мено- манд. Рубби анори туршро бо асал даромехта чако- нанд, решҳои даруни бинӣ ва дарди гӯшро ба ибро меоварад. Инро ба решҳои хабиса гузошта банданд, сиҳат мегардонад, гӯшти зоидро низ дур мекунад. Анори туршро бо пӯсташ пухта гузошта банданд, 294 қӯтур ва хориши сафровиро шифо мебахшад. Инро дар шароб хуб ҷӯшонида, ба варам бимоланд, онро таҳлил медиҳад. Шароби ин бандкунандаи дарун аст. Агар инро биёшоманд, одати бади хок ва чизҳои ношойистаи ди- гар хӯрдани занони ҳомила ва дигаронро дафъ ме- кунад. Рубби анори турш назар ба шароби он қавитар аст. Чун даруни анори туршро холӣ карда, баъд дар сирко муҳарро бипазанд, то он ки ғафс гардад ва онро ба миқдори донаҳои мурч ҳабҳо банданду 15 адад ё зиёда аз он бихӯранд, исҳоли кӯҳнаро дафъ мекунад ва харошида шудани сатҳи даруни рӯдаҳо- ро, ки хатарнок бошад, инчунин захми рӯдаҳову мақъ- адро шифо мебахшад. Мизоҷи рубби анори майхуш дар дараҷаи дуввум сард ва дар аввал хушк аст. Ин барои дафъ кардани тафси меъда ва иллати обхӯра дору мебошад, табҳои тезро таскин медиҳад, хуморро мешиканад, хоҳишҳои бади занони ҳомиларо нест мекунад, ранги зардро ис- лоҳ месозад, ғамро дур мегардонад. Оби анори майхушро дар даҳан гардонанд, милки дандонро мустаҳкам мекунад. Агар пӯсти онро бихӯ- ранд, беихтиёр равон шудани пешобро ислоҳ мекунад. Хушки онро сойида, ба қадри 3,5 грамм бо оби гарм бихӯранд, кирмҳои меъда ва рӯдаҳоро, ҳатто кирми кадудонаро дафъ мекунад. Низ решаи ҳамаи

анорҳо- ро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, ҳамин гуна асар дорад; ин обро дар даҳан гардонанд, милки дан- донро мустаҳкам мегардонад ва дарди дандонро тас- кин медиҳад. Анордона барои давогӣ қавитар аст назар ба қисм- ҳои дигари онҳо. Агар тухми анор ва баробари он мавизи ангурро гирифта, панҷяки он зираи сиёҳ — ҳамаро кӯфта бихӯранд, иллати қай карданро манъ месозад ва меъдаро қувват мебахшад. Вале хӯрдани ин ба одамоне, ки сатҳи даруни рӯдаҳояшон хароши- да шуда бошад ва сурфа доштагон зарар дорад. Дар ин маврид мавизи ангур бояд бихӯранд, ислоҳи зара- ри он намояд. Тухми ҳамаи навъҳои анорро дар об ҷӯшонида, то ноф дар он даромада нишинанд, бечо ва бемаврид омадани ҳайзро ислоҳ мекунад, мақъади (кӯтани) ба- 295 ромадаи тифлонро ба ҷояш мебарад, инро кӯфта, бо асал хамир сохта, гузошта банданд, доғи обиларо дур мекунад. Ин тухми анорро сӯхта, бо асал сиришта, ба оина ва меъда аз рӯ бимоланд, хунравӣ ва хун қай карданро манъ мекунад. Бо обе, ки дар он тухми анор ҷӯшонида шуда бошад, бо бӯдодаи ҷави муқаш- шар ва биринҷ—ҳамаро якҷо дар об ҷӯшонида, бо он об нимгарм ҳуқна кунанд, исҳол, харошида шуда- ни сатҳи даруни рӯдаҳоро шифо мебахшад; бо ин об мақъадро бишӯянд, хуни бавосирро манъ мекунад ва бемориҳои мақъадро даво мебошад. Гули анор дар хислатҳои тиббӣ монанди гулнори форсӣ аст. Агар хушки онро кӯфта бипошанд, хуни буни дандонро қатъ мекунад, ҷароҳатҳоро ба ҳам меоварад, ҷӯшиши (пухтани) даҳанро шифо мебах- шад, даридани пардаҳои шикам (ҷурра, дабба)-ро сиҳат мекунад. Агар инро дар об ҷӯш дода, он обро дар даҳан гардонанд, дандонҳои ҷунбонакро сахт ме- созад, хуни аз милки дандон меомадагиро нигоҳ ме- дорад, ҷӯшиши даҳанро шифо мебахшад. Гули анорро бо барги тари ангур якҷо кӯфта, ба сари меъда аз рӯ гузошта банданд, иллати бисёр қай карданро ба ибро меоварад. Оби гули анорро бо гулоб даромехта, дар чашм чаконанд, рехта шудани моддаҳои зарарнокро ба чашм манъ мекунад ва варами онро таҳлил медиҳад; агар бо оби сагангур ё оби барги зуф бичаконанд, зах- ми сӯрохи закарро, ки сӯзок меноманд, шифо мебах- шад; рутубати онро хушк мекунад ва моддаҳои зарар- нокро намегузорад, ки ба закар рехта шаванд. Агар инро бо оби соф даромехта бичаконанд, харошидагӣ ва хойидагии кафш ва мӯзаро ба ибро меоварад ва милкаки нохунро ҳам дар вақти ибтидо бошад, сиҳат мебахшад; бо сирко даромехта бимоланд, сурхбодро дафъ мекунад. Пӯсти тари анорро кӯфта, фишурда обашро биги- ранд ва онро дар офтоб ғафс гардонанд, инро усораи пӯсти анор меноманд. Ин дар хусусият баробари гу- ли он аст. Чун ҳафт адад ғунчаи ношукуфтаи онро даст на- расонида фурӯ баранд, дар муддати як сол ба тани он кас пучак барнамеояд, дарди чашм намерасад. Чун анорро дар об то муҳарро шуданаш бичӯшо- нанду 15 грамми онро бо оби ҳамон анор

ҷӯшонида- 296 шуда бо 50 грамм орди арзан даромезанд, то атола барин гардад ва дар он равғани зайтун ё равғани гу- лисурх рехта бихӯранд, исҳоли бадтарини илоҷнопа- зирро манъ мекунад. Бемори табгирифта андак хӯрок хӯрда, баъд оби анори ширин ё туршро бимакад, фоида мебахшад ва агар пеш аз ғизо бимакад, беҳтар аст. Чун анорррро дар шароб то пухтанаш бичӯшонанд, баъд онро сойида, бар гӯш гузошта банданд, дарди он- ро дафъ мекунад. 117. Заринги ёҳ Ин растании кӯҳистонист, решааш аз рӯ тира ва дарунаш зард аст. Бинобар зард будани решааш ҳа- мин тавр номида шудааст. Дар кӯҳсорҳои Осиёи Миё- на бисёр мерӯяд. Ба русӣ золотой корень меноманд. Гулаш зард аст. Қадди гиёҳаш то як вақаб мехезад, баргҳояш сербар ва дурушт мебошанд. Мизоҷаш гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: усораи решаи тари онро, яъне оби решаи онро дар офтоб ғафс гардонида, до- наи гандум барин аз он бо майи пухтагӣ бихӯранд, иркуннасоро шифо мебахшад, хуни дар хичак шахшу- даро гудохта хориҷ мекунад, пешоби бандшударо ме- кушояд ва душвор шошиданро осон мекунад, инчунин ҳайзи бандшударо равон мегардонад. Вале агар инро бисёр бихӯранд, ба хичак зарар дорад. Дар ин ҳолат самари балутро, яъне ҷуфти ба- лутро тановул намоянд, ислоҳи зарар менамояд. 118. Дӯлона Ин ду навъ аст: дӯлонаи хасак, ки самараш сурх, ки инро дӯлонаи сурхак низ меноманд; қисми дуввум- ро самараш калон-калон ва дар вақти пухтан зард мегардад. Беҳтараш калон-калони шодоб ва лазизи он аст. Мизоҷи дӯлонаи калон дар дараҷаи дуввум сард ва дар якум хушк аст, вале ба қавли баъзеҳо тар аст. Хислатҳои шифобахши он: самари пухтагии онро бихӯранд, ғизо мешавад; қабзият дар узвҳои бадан пайдо мекунад, яъне моддаҳои зарарноки ба узвҳо рехташавандаро манъ месозад; баданро фарбеҳ меку- 297 над, шиддати ҷӯшиши моддаҳои сафро ва фишори ба- ланди хунро паст мегардонад, қайро таскин медиҳад, меъда ва ҷигари гармро қавӣ менамояд, иштиҳоро ба таом бармеангезад, исҳолро мебандад, чакмезакро ши- фо мебахшад. Оби дӯлонаро бо шакар бинӯшанд, дарди сареро, ки аз гармӣ бошад, шифо мебахшад. Дӯлонаро кӯфта гузошта банданд, варамҳои сахт- ро таҳлил медиҳад ва сурхбодро шифо медиҳад. Вале агар дӯлонаро аз ҳад зиёд ва бисёр бихӯ- ранд, ба гурда зарар дорад, иллати қулинҷро (колит- ро) пайдо мекунад, меъдаро заиф мегардонад. Дар ин маврид арпабодиён ва гулқанд бояд бихӯранд, то он, ки зарараш ислоҳ ёбад. Миқдори як бор нӯшидан аз оби меваи дӯлона то 90 грамм ва аз гӯшти мевааш то 55 грамм аст. Ба ҷойи дӯлона себи туршро истифода баранд, раво мебошад. Мизоҷи дӯлонаи сурхак, ки навъи майдаи он аст, ба мизоҷи дӯлонаи калон-калон наздик аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, хун қай кардан, аз дарун хунравӣ, инчунин қайро манъ мекунад; пуштро қавӣ мегардонад, иллати фил-

поро нафъ дорад. Зарар ва миқдори ошомиданаш монанди дӯлонаи калон аст. 119. Заъфарон Ин торҳои гули растанӣ мебошад, ки монанди гул- ҳои маҳсар аст, бисёр хушбӯй. Рангаш зарди тираи моил ба сурхӣ, вале чун маҳсар хор надорад. Бар- гаш монанди барги ёсамин ва пиёзакаш монанди пиёзаки наргис аст. Дар миёни гули он се-чор торҳои заъфарон дорад. Ин растаниро аксар дар Кашмир, Эрон, Испания ва ғайра мамлакатҳо месабзонанд, дар мамлакати мо фақат дар нимҷазираи Абшерони Республикаи Озар- бойҷон воқеъ, мерӯёнанд. Беҳтарини ҳамааш кашми- рӣ, баъд аз он эронӣ ва сонӣ испании он аст, вале озарбойҷониаш камбӯй ва заиф мебошад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро ба дарун ис- 298 теъмол фармоянд, фараҳи бисёр меоварад, ҳамаи даҳ ҳисси одамиро қавӣ мегардонад; хислати часпандагӣ дорад; моддаҳои зарарнок ва нодаркорро пазонида, барои хориҷ шудан муҳайё месозад; хилти балғамро аз бадбӯ гаштан манъ мекунад ва инчунин онро аз вайрон шудан нигоҳ медорад; пешобро меронад, қабз- кунанда аст, яъне моддаҳои зарарнок ва нодаркори ба узвҳо рехташавандаро манъ мекунад; боҳро ба ҳа- ракат меоварад; ҷавҳари рӯҳи ҳайвониро, ки манбааш дил аст, қавӣ мегардонад; қувватбахши ҷигар, узвҳои даруни шикам ва узвҳои нафас мебошад, дар инсон ҳисси нишот меоварад, ханда пайдо мекунад, хичак ва гурдаро пок менамояд, башараро соф мекунад; қуввати даворо ба дил ва узвҳои дигар бурда мерасо- над; гиреҳҳои майна, ҷигар ва сипурзро мекушояд. 4,5 граммашро занҳо бо чой фурӯ баранд, душво- рии зойиданро осон мекунад. Агар ҳар рӯз аз он 0,2 грамм бихӯранд, сипурзро ба дараҷае пок мекунад, ки ёфтани он амри муҳол мегардад; ин миқдорро бо майи пухтагӣ бихӯранд, хуморро дафъ менамояд; агар инро бо асал бихӯранд, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад, бо кокутӣ бихӯранд, дарди бачадон ва мақъадро дафъ мекунад. Заъфаронро бибӯянд, варами пардаҳои даруни си- наро нафъ дорад, хоб меоварад. Агар заъфаронро ос карда, чун сурма ба чашм ка- шанд, чашмро равшан мекунад ва пардаи ба он афто- даро, ки чашмро торик мегардонад, дафъ менамояд, инчунин дар натиҷаи беморӣ кабуд гаштани чашмро ба ислоҳ меоварад; шилпуқӣ, қӯтур ва реши чашмро шифо мебахшад. Заъфаронро дар об ҷӯшонида, он обро кам-кам ва бардавом ба сар бирезанд, дарди шадиди сар ва бе- хобиро ба ибро меоварад. Агар инро гузошта банданд, обравии чашмро ис- лоҳ ва ба чашм фуромадани рутубатҳоро манъ меку- над; реши ҷамра, ки мӯҳлик мебошад ва варами гар- ми гӯшро мегардонад; дарди сари аз сардӣ баамал- омадаро таскин медиҳад, бехобиро дафъ мекунад. Инро бо фарфюн (молочай) даромехта бимоланд, барои иллати ниқрис (подагра) ва бемориҳои буғум- ҳо дору мешавад. Ва агар кӯфта бипошанд, хуни раф- таистодаро манъ мекунад. Заъфаронро занҳо

аз таг бардоранд, дарди бача- 299 донро ба ибро меоварад ва агар дар мақъад бардо- ранд, дарди онро таскин медиҳад. Вале агар онро аз ҳад зиёд бихӯранд, ба гурда за- рар дорад, иштиҳоро ба таом суст мекунад, мумкин аст дилро беҳузур (бечо) созад, зарараш бинобар пайдо шудани туршӣ аз рехта гаштани моддаи савдо ба меъда аст; инчунин меъдаро қавӣ мегардонад аз сабаби он, ки дар заъфарон гармӣ, қуввати дибоғатку- нандагӣ ва қабзиятовар мавҷуд аст; дарди сар меова- рад. Агар бо шароб бихӯранд, мастӣ меоварад. Вале бардавом бихӯранд, ҳисҳои одамиро тира мегардонад, инчунин ба асабҳо ҳам зиён мекунад. Дар ин маврид арпабодиён бихӯранд ё сиканҷабин биёшоманд, зара- раш ислоҳ меёбад. Миқдори як бор хӯрдан аз заъфарон дар як рӯз то 7 грамм аст; вале мегӯянд, ки 10,5 грамми он ку- шанда мебошад бо воситаи беҳад хурсанд ва хушҳол кардан. Як тори заъфаронро дар сӯрохи закар гузоранд, пешоби бандшударо равон мекунад. 7 грамми онро бо шароб хамир карда, монанди чормағз кулӯла сохта, онро сӯрох карда, бо ресмон ба шиками зани ҳомила биёвезанд, душвор зойиданро осон мекунад ва ҳамроҳаки (ёраки) тифлро зуд фурӯд меоварад. Аз заъфарон равған ҳам тайёр мекунанд ба ин та- риқ. 225 грамми заъфаронро дар 1050 грамм равғани кунҷиди нав ё равғани зайтун панҷ рӯз андохта мо- нанд ва ҳар рӯз барҳам зананд, яъне бикованд ё би- ҷунбонанд, баъд соф карда нигоҳ доранд, ки ин рав- ғани заъфарон ҳисоб меёбад. Хислатҳои шифобахши ин равған: агар инро бимо- ланд, асабро мулоим мекунад, сахтии бачадонро, ки дар тибби ҳозира ноболиғии бачадон меноманд, ба ҳоли сиҳат мегардонад, хоб меоварад. Агар инро дар сӯрохи бинӣ бимоланд ва дар бинӣ бирезанд, зот-ул- ҷанбро, ки варами пардаҳои даруни сина аст, шифо мебахшад. Молидани ин равған решҳои бачадон, решҳои ха- биса (злокачественные язвы) ва бадфиоли дигар узв- ҳоро пок мегардонад. Агар ин равғанро бо муми занбӯри асал ва мағзи устухон даромехта, занҳо аз таг бардоранд, реши ба- чадонро шифо медиҳад. 300 120. Занҷабил Ин бехрешаи гиёҳест, ки ба решаи сабзии саҳроӣ мемонад, вале аз он майдатар ва баргҳояш борики дароз аст. Ин дар сарзамини Ҳиндустон бисёр аст. Навъҳои кӯҳӣ ва даштӣ низ дорад. Дар бозорҳои шаҳрҳои Осиёи Миёна ёфт мешавад. Мизоҷи тару тозааш дар дараҷаи саввум гарм ва дар якум хушк аст. Мизоҷи хушкаш дар дараҷаи дув- вум хушк ва бо рутубати зиёдатӣ мебошад. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани ин қуввати ҳо- физаро афзун мегардонад, инчунин қувватҳои узвҳои ҳозимаро, ки меъда, ҷигар, рӯдаҳо ва сипурз мебо- шанд, зиёд месозад; гиреҳи ҷигарро мекушояд, боҳро мустаҳкам мекунад; бодҳои ғализи меъда ва рӯдаҳо- ро таҳлил медиҳад; балғам ва рутубати ғафси ба сат- ҳи даруни меъда часпидаро тит ва пароканда меку- над; зардпарвин ва чакмезакро, ки аз сардӣ ва сустии олатҳои пешоб ҳодис шуда бошанд, шифо

мебахшад; инчунин исҳолеро, ки аз вайрон шудани ғизо ба амал омада бошад, манъ менамояд; заҳрҳои ҳайвониро аз бадан дафъ мекунад; агар ташнагӣ аз зиёд гаштани балғам ба зуҳур пайваста бошад, таскин медиҳад. Бо набот ва шилми кундур бихӯранд, зарари, яъне газан- ди аз хӯрдани меваҳои тар баамаломадаро дафъ ме- созад, рутубати зиёдатии меъдаро ба эътидол меова- рад. Инро бо зардаи тухми мурғи нимпухта ҳамроҳ карда бихӯранд, маниро зиёда мегардонад ва ғафсии маниро ислоҳ мекунад. Занҷабили хушкро маҳин сойида, чун сурма ба чашм кашанд, пардаи ба чашм афтодаро, ки торикии басорат меоварад, инчунин сурхӣ ва гули чашмро дафъ мекунад. Занҷабилро дар даҳан нигоҳ доранд, ташнагиро, ки аз ҷамъ шудани балғам дар меъда ба амал омада бо- шад, таскин медиҳад. Агар инро кӯфта гузошта банданд, узвҳоро қавӣ мегардонад, кузоз (столбняк)-ро сиҳат мекунад, ба- восири бодиро шифо мебахшад; дард ва варамро, ки сабаби инҳо сардӣ ва афзудани балғам бошанд, дафъ мекунад, варами вабоӣ ва бодии хояҳо, инчунин ва- рамҳои дигар узвҳоро шифо мебахшад. Агар ба ин ба- робари ду миқдораш ҳазориспандро ҳамроҳ намоянд, таъсираш қавитар мегардад. 301 Вале хӯрдани занҷабил ба ҳалқ зарар дорад — дар ин ҳолат асал ва равғани бодоми ширин бихӯранд, ки ислоҳи зарар намояд. Миқдори як бор хӯрдан аз занҷабил дар як рӯз то 7 грамм аст. 121. Сагпистон Ин самари дарахтест ду навъ мебошад: яке калон ба андозаи олу ва дар дарунаш тухми зичи луобнок дорад, тухмаш аз гӯшти самараш ҷудо мебошад; навъи дуввумаш аз он майдатар аст, тухмҳояш ба гӯшти ме- ваяш часпидагӣ, вале луоби ин камтар аст, аммо ши- ринтар аз навъи калон-калони он. Самарҳои ҳар ду навъ ҳам дар хӯша мебошанд. Дар вақти пухта раси- дан зард ва баъд аз хушк шудан сиёҳранг мегарданд. Беҳтаринаш расида ва навъи сергӯшти он аст. Дарах- таш дар бузургӣ то ба ду қомати одам ва зиёда аз он ҳам мехезад. Ранги танаи он сафед, шохҳояш сабз, баргаш гирдак ва андак шахшӯл аст. Мизоҷаш дар гарму сардӣ мӯътадил, вале дар да- раҷаи якум тар аст. Хислатҳои шифобахши он: самари онро дар даҳан нигоҳ дошта, обашро фурӯ баранд ё як шабонарӯз дар об тар карда, он обро бинӯшанд ва ё дар об ҷӯ- шонида, он обро биёшоманд, узвҳои даруни сина ва ҳалқро мулоим мекунад, инчунин варамҳои ин узвҳо- ро таҳлил медиҳад; дағалии овозро ислоҳ медиҳад, сурфаи гарми хушкро шифо мебахшад ва гирифтагии овозро мекушояд; шиддат ва тезии баланди сафро ва ташнагиро сокин мекунад; сӯзиши пешобро, ки саба- баш тезии сафро бошад, ба ибро меоварад, кирмҳои меъдаро ихроҷ мекунад, исҳоли одамони гарммизоҷро мебандад, моддаҳои савдо ва балғами шӯрро дафъ менамояд; хислати давоҳои исҳоловар, табҳои гарми сафровӣ ва хуниро, яъне табҳоеро, ки аз зиёд гаштан ва ҷӯшидани моддаҳои сафро ва хун ҳодис шуда бо- шанд—

ҳамаашро ба иброз меоварад. Агар аз нӯши- дани шароби тез ё аз давоҳои тезтаъм рӯдаҳо харо- шида шуда бошанд, шифо мебахшад. Ғизо аз хӯрдани сагпистон кам ҳосил мешавад, дар узвҳои бадан рутубатҳои балғамӣ пайдо мекунад ва он чӣ дар рӯдаҳо бошанд, лағжонида фурӯд меоварад. 302 Агар сагпистонро дар об ҷӯшонда, бо он оби нимгарм ҳуқна кунанд, сатҳи даруни рӯдаҳоро мешӯяд. Сагпистонро дар дӯшоб пухта гузошта банданд, пучакҳоро мекафонад. Миқдори як бор хӯрдан аз сагпистон дар як рӯз аз 30 дона то 45 грамм аст. Вале истеъмоли сагпистон ба дарун меъдаро заиф мегардонад ва ба ҷигар ҳам зарар дорад. Агар ба одамони сардмизоҷ зиён кунад, барги гулисурх ва ба одамони дорои мизоҷи дигар зарар кунад, челон би- хӯранд, ислоҳи зарар менамояд. Ба ҷойи сагпистон растании гулихайриро истифода баранд, раво мебошад. Чун 4—5 адад барги навбаромадаи онро реза кар- да, шаб дар об тар намуда, субҳ молида ва он обро соф карда бинӯшанд, барои бечо ва беихтиёр равон шудани манӣ, захми сӯрохи закар, ки сӯзок низ меноманд, даво мешавад. Пӯсти хушки дарахти онро сӯхта бипошанд, дарди сӯхтагии оташро таскин медиҳад ва захмашро низ шифо мебахшад. 122. Саломалек Ин пиёзаки хушбӯест, ки сахт, кулӯлаи дарозак ва баъзе фақат дарозак ва ғайра. Гиёҳаш дар замин- ҳои корам ва ғайрикорам мерӯяд, ки намнок бошанд. Инро мардум мешиносанд. Дар тиб пиёзаки зеризаминии сиёҳ, пӯсти дарунаш сафед, хушбӯйи сахти он ба кор меравад. Навъҳои дигараш зарарнок, ҳатто заҳрнок аст. Мизоҷи қисми дарунаш сафеди хушбӯйи он дар да- рачаи дуввум гарм ва хушк аст. Ба қавли баъзеҳо дар аввал гарм ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро кӯфта гузошта банданд, заҳри каждумро бе ҳеҷ гуна дард кашида берун меоварад. Ва агар бихӯранд, пешоб ва ҳайзро равон мекунад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад, даҳани рагҳоро мекушояд, ҳамаи бадбӯйи- ҳои аъзоро дафъ мекунад ва инчунин фаҳм ва ақлу фаросатро зиёда мегардонад; дарди сарро, ки саба- баш сардӣ бошад, шифо мебахшад; бадбӯйии бинӣ, ба- восири даруни бинӣ, агар кӯфтаи онро бо воситаи 303 найча пуф кунанд — ҳамаашро дафъ мекунад. Агар гузошта банданд, бавосирро шифо мебахшад. Инро бихӯранд, ранги рӯйро неку мегардонад; дил- тапак (дилбозӣ) ва зардпарвинро шифо мебахшад; меъда ва узвҳои ҳозимаро, ки иборат аз меъда, ҷигар, рӯдаҳо ва сипурз мебошанд, қавӣ месозад; асабҳоро қувват мебахшад: боҳ ва иштиҳоро бармеангезад, захмҳои меъдаро сиҳат мекунад ва бодҳоро пароканда менамояд. Чун ин пиёзакро бо об сойида, дар зарфи сафолӣ бар рӯйи оташ гузоранд, рутубаташ макида гардад, баъд гирифта ҳар рӯз ба дили наҳор камакак аз он бихӯранд, барои қавӣ сохтани меъда ва дафъ карда- ни сӯзиши сари меъда, ки сабабаш бадҳазмӣ бошад ва инчунин бадбӯйии даҳанро, ки вобаста ба меъда бошад, яъне бо ширкати меъда

бошад, дармон меша- вад. Агар оби онро дар гӯш чаконанд, гаронии гӯшро дафъ мекунад. Онро бимоланд, дандон ва милки онро мустаҳкам мегардонад, даҳанро хушбӯй месозад, захм ва бӯйи бади даҳанро дафъ мекунад. Хушки инро кӯфта бипошанд, ба решҳои тари кӯҳна гӯшт мерӯёнад, барои дардҳои сард, ки аз ҷамъ шудани бод бошанд, даво мешавад. Агар инро пай дар пай гузошта банданд, низ бемориҳои номбурдаро шифо мебахшад. Кӯфтаи онро бо зифти санавбар сиришта бимо- ланд, ҷӯшишҳои пӯсти сарро сиҳат мекунад. Инро дар об ҷӯшонида, бо он об рӯйро бишӯянд, гунаи рухсораро соф мегардонад. 25 грамм пиёзаки сафеди саломалекро дар 300 грамм шароб ҷӯшонида, 25 грамм аз он бинӯшанд, ҳамаи намудҳои кирми меъда ва кирмҳои дигари ши- камро (ҳатто кирми кадудона—солитёр)-ро дафъ ме- кунад. Агар пиёзаки саломалекро бо решааш истеъмол кунанд, қуввати онро вайрон мегардонад, ба ҳалқ ва овоз зарар дорад —дар ин маврид шакар бояд хӯрд, ки ислоҳи зарари он намояд. Ба шуш ҳам зиён меку- , над, дар ин ҳолат арпабодиён бихӯранд, зарараш ис- лоҳ мегардад. Агар ин пиёзакро аз меъёр зиёда бихӯранд ва ё бардавом истеъмол намоянд, хунро месӯзонад, илла- 304 ти махавро пайдо мекунад. Барои ин қабил зарарҳо- яшро нест кардан, онро се рӯз дар асал ва сирко тар кунанд, кифоя аст, ки безарар гардад. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз пиёзаки са- ломалек аз 3,5 то 9 грамм аст. Агар инро дар собунгарӣ дохили собун намоянд, боиси хушбӯй ва шифобахшии он мегардад.
Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-113-122#113

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 123-133 123. Биҳӣ 124. Лаблабу 125. Сияҳак 126. Шубрум (Шибрим) 127. Шавкарон 128. Тархун 129. Ғофат 130. Фанҷиюн 131. Васма 132. Карвиё 133. Татум 123. Биҳӣ Ин меваи маълум аст, ки се синф мебошад: а) биҳии ширин, ки онро биҳии озод меноманд; б) биҳии майхуш, яъне туршу ширин, ки ин ҳам бисёр аст; в) биҳии маҳз турш. Мизоҷи биҳии ширин дар гарміву сардӣ қариб дар эътидол аст ва дар дараҷаи якум тар мебошад. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, дил, майна ва меъдаро қувват мебахшад; рӯҳи ҳайвониро, ки манбаи он дил аст ва рӯҳи нафсониро, ки манба- аш мағзи сар аст, сурур мебахшад; пешобро меронад. Оби биҳии ширинро гарм карда бимоланд, варами дасту поҳо ва сустии ҷигари гарммизоҷонро ба ибро меоварад, вале хунукмизоҷонро зарар дорад. Биҳии ширинро напухта бихӯранд, аз ҷоҳои дигари бадан рехта шудани моддаҳои зарарнокро манъ меку- над, вале дар узвҳои бадан гиреҳҳо пайдо менамояд. Мизоҷи биҳии турш дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, хислатҳояш дар бобати қувват бахшидан барои меъ- даи гарммизоҷон аз биҳии ширин

қавитар аст. Ва агар инро аз болои таом бихӯранд, оҳиста исҳол ме- оварад ва агар дар вақти холӣ будани меъда бихӯ- ранд, дар одамони гарммизоҷ дарунро мебандад. Усораи биҳии туршро, яъне оби онро дар офтоб ғафс гардонида бинӯшанд, барои иллати ростнафас, ки бемораш дароз кашида ва хобида нафас гирифта наметавонад, дамкӯтаҳӣ, хун қай кардан, иллати қай- кунӣ, дафъи хумор, таскин додани ташнагӣ, бисёр пешоб шудан ва дигар хунравиҳо даво мебошад. Мизоҷи биҳии майхуш, яъне туршу ширин дар гар- мӣ ва сардӣ мӯътадил ва дар дараҷаи дуввум хушк аст. 305 Хислатҳои шифобахши он: таъсир ва хусусиятҳои ин қариб ба ҳар ду навъҳои зикрёфта аст. Вале аз он ҳар ду гаронтар мебошад. Ба қавли ҳаким Қурайшӣ агар инро аз ҳад бисёр бихӯранд, оруғ меоварад дарҳол. Ҳар як навъи биҳиро бихӯранд, фараҳ меоварад, рӯҳҳои ҳайвони ва нафсониро қувват медиҳад, беҳузур (беҷо) шудани дилро қатъ мекунад ва аз узвҳои бо- тини рафтани хунро манъ менамояд. Хӯрдани биҳиҳо, хусусан ширини он фараҳ меова- рад; васвос, дарди сар ва назлаҳоро дафъ мекунад, ҷигар, меъда ва сари меъдаро қавӣ месозад ва сустии ин аъзоро дафъ мекунад; иштиҳоро ба таом бармеан- гезад, бачаро дар шиками ҳомила аз афтодан нигоҳ медорад, бадбӯйии даҳонро нест менамояд, бухорҳои зарарнокро аз он, ки дил ва майна бароянд, манъ ме- кунад. Мастро ҳушёр, беҳузур шудани дил ва иллати қайкуниро нест мекунад, ланҷии баданро ба ислоҳ меоварад; дилтапак (дилбозӣ) ва зардпарвинро шифо мебахшад, аз дигар ҷоҳои бадан ба меъда рехта шу- дани моддаҳои зарарнок ва исҳолро мебандад; тафси- дани меъда ва дарди сари меъдаро, ки аз рехта шу- дани моддаҳои сӯхта бошад, ба ибро меоварад ва хо- ҳиши гил ва чизҳои нописанд хӯрдани занони ҳомила ва кӯдаконро дафъ мекунад. Худи биҳиро бихӯранд, дар узвҳо гиреҳҳо пайдо мекунад ва зарарнокиаш зиёда аз оби он аст. Биҳиро бо асал мураббо карда бихӯранд. ҳамаи зарарҳояш нест мегардад. Агар биҳиро мураббо нокарда, худаш- ро бихӯранд, ба узвҳои заифи даруни шикам зарар дорад, қасабаи шушро, яъне роҳи нафасро дағал ме- гардонад; иллатҳои ларзак, сурфа ва қулинҷро, ки варам ва дарди рӯдаҳои ғафс аст, пайдо мекунад. Дар ин ҳолат асал ва арпабодиён бихӯранд, зарараш ис- лоҳ меёбад. Обашро дар сӯрохи закар ва фарҷи занҳо бичако- нанд, сӯзиши пешоб ва захмҳои роҳи пешобро дафъ меканад. Биҳиро дар зери оташ бигузоранд, то он ки ран- гаш тира гардад, баъд онро бихӯранд, исҳоли кӯҳна- ро қатъ мекунад, хусусан тухми биҳиро дур карда ва дар ҷойи холии он ҷавзи баввои реза кардашударо пур сохта бипазанд, таъсираш зиёдтар мегардад. Миқдори як бор нӯшидан аз оби он барои давоӣ дар як рӯз то 100 грамм аст. 306 Оби биҳиро дар оташ қивом кунанд, ин рубби би- ҳӣ ном дорад. Мизоҷи рубби биҳии турш дар дараҷаи якум сард ва хушк аст. Ва агар инро бихӯранд, моддаҳоеро, ки аз дигар ҷоҳои

бадан ба узве рехта мешаванд, манъ мекунад; қай ва исҳоли сафровиро қатъ месозад ва намегузорад, ки бухорҳои зарарнок аз ҷоҳои дигари бадан ба сар бароянд; ташнагӣ, тафс, дарди меъда ва рӯдаҳоро, ки аз моддаи мавҷуда бошад, таскин ме- диҳад. Агар инро бо оби барги наъно биёшоманд, беҳузур шудани дил ва қайи сафровиро манъ меку- над. Вале ин ба шушҳои суст ва ба одамони мубта- лои сурфа зарар дорад. Рубби биҳии ширин аз ҷиҳати мизоҷ дар гарміву сардӣ қариб мӯътадил аст, вале хушкӣ дар он ғолиб- тар, яъне бештар мебошад назар ба рубби биҳии турш, хусусияти қабзкунандагиаш ҳам камтар аст ва дар дигар хислатҳо монанди он мебошад. Ин барои одамони узвҳои даруни шикам ва даруни синаашон заиф назар ба рубби биҳии ширин форамтар аст. Миқдори як бор хӯрдан аз рубби биҳиҳои ширин ва турш то 70 грамм аст. Гули тару тозаи биҳӣ аз ҷиҳати мизоҷ мӯътадил дар гарміву сардӣ мебошад, андак қуввати қабзку- нандагӣ дорад. Агар инро бихӯранд, дарди сар ва туғёни ҳарорати баданро таскин медиҳад; дил, майна ва меъдаро қувват мебахшад. Агар аз гули биҳӣ мураббо тайёр карда бихӯранд, узвҳои даруни сина, дил, узвҳои даруни шикамро қа- вӣ мегардонад; тапидани дилро, ки сабабаш гармӣ бошад, шифо мебахшад ва баромадани бухорҳои за- рарнокро ба майна манъ мекунад. Мева ва барги онро кӯфта, бардавом гузошта бан- данд, варамҳои гарми чашм ва дигар узвҳоро таҳлил медиҳад ва намегузорад, ки моддаҳои зарарнок ба узвҳо рехта шаванд, заҳри ҷонваронро аз бадан дафъ мекунад. Низ барги онро кӯфта гузошта банданд, захмҳоро хушк мекунад. Пашмаки рӯйи самари биҳӣ ба ҳалқ ва овоз зарар дорад. Агар инро бипошанд, хуни ҷароҳатро мебан- дад. Аз биҳӣ равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Биҳиро муҳарро пухта, оби онро фишурда гирифта. 307 бо дучанди он равғани зайтун меҷӯшонанд, то обаш бухор шуда раваду равғани холис бимонад. Вале эҳ- тиёт намоянд, ки равған доғ нагардад. Мизоҷи ин равған хунук ва тар аст. Молидани ин барои сабӯсаки сар, мӯрчагазак ва захмҳои даруни даҳан дору мешавад. Агар ба даруни бинӣ бичаконанд, чарх задани сар, дар гӯш бичако- нанд, ҷаранги даруни гӯш; агар дар сӯрохи закар ва дар фарҷи занҳо бичаконанд, захмҳои роҳи пешобро, ки сӯзок низ мекоманд, шифо мебахшад. Агар бимо- ланд, омадани аракро манъ мекунад. Агар бихӯранд, мондагиро дафъ мекунад. Ин равғанро биёшоманд, дарди сари гарм, хун қай кардан, варами ҷигар, исҳоли кӯҳна, захми рӯдаҳо ва рафтани дарун аз гармӣ бошад, дафъ мекунад. Ва агар бо ин равған ҳуқна кунанд, низ барои бемори- ҳои номбурда ҳамон асарро дорад. Аз гули биҳӣ низ равған тартиб медиҳанд монан- ди равғани гулисурх. Вале ин барои табобат аз рав- ғани худи биҳӣ заифтар аст. Луоби тухмашро бихӯранд, дағалии ҳалқ ва ҳал- қумро ислоҳ мекунад, сурфаи гарм ва хушкро шифо мебахшад; ҳарорати меъда, сӯзиши забон, табҳо ва даҳан, инчунин

хушкии онро таскин медиҳад. Агар инро бимоланд, сӯхтагии оташ ва зарари гармии оф- тобро дафъ мекунад. Агар инро бихоянд, кундии дан- донро, яъне гирифтагии онро ислоҳ менамояд. Мағзи тухми биҳӣ каме часпандагӣ дорад. Агар инро гарммизоҷон бихӯранд, қуввати боҳ мебахшад; барои узвҳои нафас, сурфа, гирифтагии овоз, сил ва захми сатҳи даруни рӯдаҳо даво мешавад. Миқдори як бор хӯрдан аз мағзи тухми биҳӣ дар як рӯз то 9 грамм аст ва аз луоби тухми биҳӣ то 45 грамм аст. Вале агар инро бихӯранд, меъдаро заиф ва суст мегардонад. Барои ислоҳаш одамони гарммизоҷ бояд шакар бихӯранд ва агар ба касони сардмизоҷ зиён кунад, арпабодиён бихӯранд, то ислоҳи зарар намояд. Тариқи луч кардани тухми биҳӣ чунин аст, ки луо- , би маскамонанди онро батамом ҷудо карда гирифта, он тухми белуобгаштаро дар халтачаи дағал баста, бо қуввати комил бимоланд, пӯсташ ҷудо мегардад. Тариқи гирифтани луоби тухмаш ин тавр аст. Тух- 308 ми биҳиро ҷамъ намуда, дар латтае ё халтачае андох- та, дар обе, ки миқдораш мувофиқи он тухм бошад, як шаб тар кунанд, луоб ба даруни об мегузарад аз халтача дамида. 124. Лаблабу Ин ду навъ аст: а) лаблабуи сурх, ки ширин аст; б) лаблабуи сафеди зардтоб, ки ширинии он камтар назар ба навъи сурхи он. Беҳтаринаш навъи сафеди он аст барои даво. Мизоҷаш мураккаб-ул-қуво, яъне дар мизоҷҳо мӯъ- тадил аст. Хислатҳои шифобахши он: ин поккунандаи узвҳо, таҳлилдиҳандаи моддаҳои ғафси бадан, кушояндаи гиреҳҳо, парокандакунандаи балғам, сард ва хомӯш- гардонандаи ҳарорат аст. Агар худашро бихӯранд, дарунро мебандад, ғизоияташ кам, боднок аст. Беҳта- рин қисми он оби баргаш мебошад, бандҳои барги он беҳтар аз қисми заминиаш мебошад. Агар инро би- пазанд, таъми сӯзандагии он нест мешавад. Лаблабуро пухта ҳамчун ғизо бихӯранд, барои иллати ларзак дору мешавад, иштиёқи мубошаратро ба ҳаракат меоварад, хусусан, ки пояш сурх бошад, дар ин бобат беҳтар аст. Агар инро бо сирко ва хар- дал (горчица) бихӯранд, гиреҳи сипурзро мекушояд ва варами ин узвро таҳлил медиҳад; барои дарди гурда, хичак ва бемориҳои мақъад дору мешавад. Оби баргашро бо талхшувоқ биёшоманд, балғамро аз бадан хориҷ мекунад, инчунин дардҳои буғумҳо ва никрис (подагра)-ро ба ибро меоварад. Оби бехрешаи онро бо асал даромехта, дар бинӣ бирезанд, майнаро аз моддаҳои зарарнок пок месо- зад; бо заҳраи куланг ном паранда даромехта дар би- нӣ резанд, барои каҷ шудани рӯй, дарди сар, дарди нимсар, ларзак, дарди дандон ва сурхии чашм, ки аз ҷамъ шудани ахлоти часпак бошад, даво мебошад, инчунин муттасил оби барги онро дар бинӣ бирезанд, низ ҳамин фоидаҳоро дорад. Оби барги онро бо равғани бодоми ширин ё бо асал даромехта, нимгарм бичаконанд, дарди гӯшро шифо мебахшад. 309 Барг ва бехрешаи онро дар об ҷӯш дода, бо он об бишӯянд ё он обро кам-кам ва бардавом бирезанд, сабӯсаки сар, шапуш

ва ришкро дафъ мекунад, дарди буғумҳо ва никрисро шифо мебахшад. Оби баргашро нимгарм бо натрун (танакори ар- манӣ) хамир сохта гузошта банданд, доғи сафеди пӯстро дафъ мекунад, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад, варами пушти поро мегардонад, истисқо (водянка)-ро шифо мебахшад ва дигар варамҳоро таҳлил медиҳад. Хусусан оби барги лаблабуи сафед дар ин амал қавитар аст. Бо оби лаблабу ё бо обе, ки дар он лаблабу ҷӯшо- нида шуда бошад, ҳуқна кунанд, моддаҳои сахти даруни рӯдаҳоро хориҷ мекунад, харошида шудани сат- ҳи даруни рӯдаҳоро шифо мебахшад, мақъади берун баромадаро ба ҷойи аслиаш мебарад. Баргашро дар об ҷӯш дода, дар он об вақти ним- гарм шудан батакрор дасту поҳоро андозанд, аз сар- мо кафидани ин узвҳоро шифо мебахшад. Баргашро пухта, баъди хунук шуданаш бимоланд, сӯхтагии оташ ва аз оби ҷӯш сӯхта ва инчунин сурх- бодро шифо мебахшад. Оби барги онро бо мумравғани аз муми занбӯри асал тайёр кардашуда даромехта бимоланд, дарди варамҳо ва доғи кунҷидакро дафъ мекунад. Барги хоми онро кӯфта гузошта банданд, доғи са- феди пӯстро дафъ мекунад, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад, захмҳои хабиса (злокачественные язвы) ва ширинчаро шифо мебах- шад, инчунин дарди буғумҳоро таскин медиҳад. Агар ин баргро кӯфта, бо асал хамир карда гузошта бан- данд, шукуфаи пӯст ва озаххоро хушк мекунад; бо ҳи- но даромехта гузошта банданд, мӯйро мерӯёнад ва онро сара мегардонад; ва агар бо равғани бодоми ширин даромехта гузошта банданд, варамҳоро мулоим мекунад. Ҳар як қисми лаблабуро бо хардал ва обкома (оши турш) бихӯранд, қулинҷро таҳлил медиҳад ва бодҳои ғализро пас менишонад. Вале хӯрдани лаблабу ба меъда зарар дорад ва агар бисёр бихӯранд, дилро беҳузур (бечо) мекунад, хунро месӯзонад, қулинҷ ва дарди рӯдаҳоро ба амал меоварад. Ва агар лаблабуро бо наск пухта, бо обко- 310 ма, оби ғӯраи ангур ва ғайра бихӯранд, ҳамаи ин за- рарҳояш ислоҳ меёбанд. Агар оби лаблабуро дар сирко бирезанд, баъд аз чор соат онро шароб мегардонад. 125. Сияҳак Инро мумкин аст гуфтан, ки мушунги ғайрихӯрокӣ мебошад. Ин гиёҳест, ки дар миёни гандумзор ва наск мерӯяд, гулаш кабуд. Пояш ба растании дигар такя намуда месабзад. Ғилофи тухмаш монанди ғилофи тухми мош аст, донааш ҳам қариб ба андозаи мош, вале сиёҳ ва сахт мебошад. Дар тиб ҳамон донааш ба кор меравад. Хислатҳои шифобахши он: ин башиддат таҳлилди- ҳанда ва гардонандаи варамҳои хеле сахти шадид, инчунин мулоимкунандаи онҳост. Чун тухми онро тар карда, бо сиркои обомехта хамир карда, ҳашт соат дар офтоб бигузоранд ва баъд бо оби холис сиришта, ба варамҳои бисёр сахт ва дарднок гузошта банданд, онҳоро таҳлил медиҳад ва дардашро ҳам дафъ меку- над. Огоҳ кунем, ки сиёҳак ғизои бадфиол аст, агар би- хӯранд, бод ва қулинҷи бодиро пайдо мекунад. Дар ин

ҳолат сиркоро бо ширинӣ даромехта биёшоманд, зарараш ислоҳ меёбад. Бинобар бад будани истеъмо- лаш ба дарун, мизоҷи инро нагуфтем. 126. Шубрум (Шибрим) Ин гиёҳро дар баъзе маҳалҳо тоҷикон говкушак меноманд ва ба гӯсфандон зарар надорад. Ин раста- нӣ дар бӯстонҳо ва киштзорҳо низ мерӯяд. Пояш рост, пашмакдор, гиреҳнок, баландиаш то дувуним ва- ҷаб, ба най монандӣ дорад, ширнок; баргаш мисли баргҳои тархун ва санавбар аст; гулаш бунафш, тух- маш ба наск мемонад, вале моил ба сафедию зардӣ. Решааш ғафс, пуршир ва ҳамчун даво қавитар аз тухми он аст, тухмаш қавитар аз баргаш. Беҳтарин навъи он сурхранги сабуквазни нарми он аст. Бадта- рин навъи он тираранг ва сахти он мебошад. Агар ҳан- гоми шикастани қисми заминии он чизҳои риштамо- 311 нанд дошта бошад, он заҳри қаттол аст, набояд онро истеъмол фармуд. Ин гиёҳро ба руси молочай мено- манд. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва дар охири дараҷаи дуввум хушк аст. Ба қавле баъзеҳо дар дара- ҷаи саввум гарм ва хушк аст. Вале мизоҷи шири он то дараҷаи чорум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ин гиёҳ яке аз заҳрҳои кушанда ба ҳисоб меравад; вале моддаҳои балғам, савдо ва зардобро башиддат аз бадан меронад; хисла- ти бандкунандагӣ низ дорад, даҳани рагҳоро меку- шояд, ахлоти зиёдатиро аз чуқурӣ ва дуриҳои бадан ронда, бо воситаи пешоб дафъ мекунад. Барои меъ- даҳои сард ва тармизоҷ мувофиқ ва форам мебошад; истисқои обӣ, қулинҷ ва дарди буғумҳоро шифо ме- бахшад. Агар инро кӯфта гузошта банданд, шукуфаи пӯстро дафъ мекунад. Хӯрдани ин барои одамони гарммизоҷ ва касони нимҷон, ба меъда, ҷигар ва боҳ зарар дорад, табҳои тезро ба амал меоварад, иштиҳоро суст мегардонад ва маниро месӯзонад. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз 0,1 то 0,5 грамм аст. Агар ҳар кас 4,5 грамми онро бихӯрад, қай мекунонад, ғамгин месозад ва беҳуш мекунаду хафа карда ҳатман мекушад. Агар ин ҳол рӯй ди- ҳад, маска ва равғани гов, инчунин шӯрбои гарм хӯрда баъд онро бихӯранд. Инчунин 2,25 грамм шири онро бихӯранд, низ қо- тил аст. Ислоҳ карданаш ин тавр аст, ки се маротиба якшабонарӯзӣ дар шир тар карда ва ҳар мартаба шири нав истифода бурдан ҷоиз аст. Агар худи шубрумро ба дарун истеъмол карданаш зарур афтад, барои шикастани тезии он бо давоҳои исҳоловар, ки ислоҳкунандаи он аст, ҳамроҳ менамо- янд, вале танҳо худашро истеъмол намекунанд. Барои муолиҷаи қулинҷи бодӣ ва балғамӣ бо саргини гург ҳаб сохта, баъд мехӯранд, барои табобати варамҳо, кушодани гиреҳҳои узвҳои бадан ва дафъ намудани истисқо, балғам ва савдо дар оби коснӣ, арпабодиён, сагангури соф кардашуда се шабонарӯз тар карда, баъд дар соя хушконида, бо камтар сабир (алоэ), турбуд ё ҳалила ҳаб сохта, истеъмол менамоянд. 312 127. Шавкарон Ин гиёҳи заҳрнок аст, ки ба тоҷикӣ тафт мено- манд. Гулаш анбӯҳи сафеди

чатрӣ монанди гули ши- бит, вале аз он хеле зиёд мебошад. Тухмаш мисли нонхоҳ моил ба сафедӣ ва луоб дорад. Мизоҷаш дар дараҷаи чорум сард ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хосиятҳои карахтиовар, масткунанда ва хобоварӣ дорад. Миқдори як бор хӯрдан аз он дар як рӯз 0,25 грамм мебошад. Ба ҷойи ин тухми банг (кирмрезонак)-ро ис- теъмол фармоянд, равост. Агар инро 7 грамм ҳар кас бихӯрад, бо кушандагии заҳри хунукмизоҷаш, ки ақл- ро барҳам медиҳад, фикр ва зеҳнро бечо гардонида, аз сухан мемононад, чарх задани сар, торикии чашм ва парда дар чашм пайдо намуда, ба ҳиккак (ҳиқи- чоқ) гирифтор карда, дарун ва дасту поҳоро хунук гардонида ва дар охир ҷингак кардани узвҳои бадан, дарди гулӯ оварда, тангӣ дар қасабаи шуш ва сурх- ной (сурхрӯда) содир намуда, оқибат мекушад. Давояш қай карда, даруни шикамро аз заҳри он пок намудан ва баъд чизҳои муфидтар, монанди шароби софи мусаллас ёфта нӯшидан ва баъд андак мӯҳлат дода, баъд аз он шири хар, талхшувоқ, мурч, хояи са- гобӣ, судоб ва ҳар кадоме, ки ба даст ояд, бо шароби мазкур бинӯшанд ва дигар тадбирҳоеро, ки монанди тадбири афюнхӯрда бошад, ба кор баранд. Чун хӯшаи гули онро пеш аз он, ки тухм бандад ва то тухмаш хушк шуданаш бигиранду бикӯбанд ва оби онро фишурда гирифта, дар офтоб хушк кунанд, фоидаҳои бисёр дорад. Аз ҷумла он, ки давои тас- киндиҳандаи дардҳои чашм аст. Агар онро гузошта банданд, дардҳои гарммизоҷро басанда мекунад; мӯр- чагазак ва ҷамра (карбункул) ном реши мӯҳликро ши- фо мебахшад. Барг ва тухмашро кӯфта, ба пистони ширдор гу- зошта банданд, шири онро қатъ мекунад ва намегу- зорад, ки пистон пажмурда ва овезон гардад; агар инро ба пистони духтарон гузошта банданд, намегу- зорад, ки вай калон шавад. Агар ин кӯфтаро ба хояи писарон ва ба хояву каши рони ҷавонон гузошта бан- данд, иҳтилом (дар хоб шайтон задан)-ро манъ мегардонад ва варами он узвро ҳам таҳлил медиҳад; ба 313 закар гузошта банданд, боҳро суст менамояд ва наме- гузорад, ки ин узв бузург гардад; ва ба зери ноф ва ба ҳар узве, ки хоҳанд, гузошта банданд, мӯй дар он ҷо намерӯяд; ба шикам гузошта банданд, исҳоли ху- нин ва дигар навъ исҳолро зуд мебандад. Инро ба пе- шонӣ гузошта банданд, хуни биниро қатъ мегардонад. Ҳаким Мирмуҳаммад Мӯъмин дар китоби «Тӯҳфат- ул-мӯъминин» -и худ навиштааст, ки чун решаи шав- каронро бо тухми банг аз ҳар як 17,5-граммӣ кӯфта, бо 675 грамм об, 150 адад мавизи ангури бузургдона дар оташи мулоим то тамоман бухор шудани об биҷӯ- шонанд, баъд мавизҳоро аз он ҷудо карда нигоҳ до- ранд, аз он мавиз аз як то се адад бихӯранд, сахт маст мекунад, маниро ҳангоми ҷимоъ аз зуд омадан нигоҳ медорад. Вале зиёда аз се адад бихӯранд, сахт хоб меоварад. Ва инчунин ҳакими мазкур навиштааст, ки ман инро «мавизи умру» ном кардаам. 128.

Тархун Ин гиёҳро ба забони тоҷикӣ тархонӣ мегӯянд. Тару тозаи онро мардуми сарзамини Эрон монанди кабуди- ҳои дигар, чун: наъно, пудина, таратезак (индов) ва монанди инҳо бо нон, ҷуғрот, панир ва ғайра мехӯ- ранд. Ин растанӣ навъҳои бӯстонӣ ва саҳроӣ дорад. Онро бо усули киштан и тухмаш ва қаламчаи шохаш- ро шинонида месабзонанд. Дар таъми он тезӣ, гиран- дагӣ, тунҷӣ ва камтар ширинӣ ҳам мавҷуд аст. Агар инро батанҳоӣ ба дили наҳор бихоянд, дарҳол ба за- бон карахтӣ меоварад. Бинобар ҳамин пеш аз оби да- воҳои исҳоловар ҷӯшонидашударо нӯшидан, тархунро бо ҷав якҷо мехоянд, ки таъми он давоҳо дар даҳан маҳсус нагардад. Решаи тархуни саҳроӣ ҳамон оқир- қирҳо мебошад. Тархунро ба русӣ эстрагон меноманд. Мардумони пешаи деҳқонӣ мегӯянд, ки агар тухми испандро дар сиркои кӯҳна тар намоянд, то он ки нам кашад, баъд бикоранд, тархун мегардад. Ва инчунин он тухмро дар миёни турб ҷо карда бикоранд, низ тархун мерӯяд. Беҳтарини тархун тару тозаи он аст. Мизоҷи тархуни саҳроӣ дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст, вале бӯстониашро дар дараҷаи якум гарм ва хушк гуфтаанд. Хислатҳои шифобахши он: хусусиятҳои умумии тар- 314 хун: парокандакунандаи бодҳо ва ахлоти часпак, ку- шояндаи гиреҳҳои дохили бадан, қувватбахши меъда, барангезандаи иштиҳо, хушккунандаи рутубатҳои зи- ёдатӣ ва зарарнок. Инро бихоянд, даҳанро хушбӯй мекунад, ҳисси таъмро дар даҳан тағйир медиҳад ва узвҳои даруни даҳанро карахт мегардонад. Агар онро хойида, мудда- те дар даҳан нигоҳ доранд, барои дарди гулӯ фоида дорад, ба ҷиҳати ислоҳи ҳавои вабоӣ ва тоун даво мешавад. Оби гиёҳи тару тозаи онро бо шароби кодӣ, ки да- рахти хушбӯйи ҳиндист, ҳал карда бинӯшанд, барома- дани обила (нағзак) ва сурхичаро манъ мекунад ва намегузорад, ки дигар иллати вабоӣ бирасад. Тархунро хойида, баъд об бинӯшанд, он об лазиз мегардад. Вале тархун ба одамони гарммизоҷ зарар дорад. Агар онро бардавом бихӯранд, хунро месӯзонад, ҳат- то қуввати боҳро қатъ мегардонад. Дар ин гуна мав- рид кабудиҳои сардмизоҷ бояд бихӯранд, то он ки зарари он ислоҳ ёбад. Инчунин узвҳои даруни синаро шахшӯл мегардонад—дар ин ҳолат асал бихӯранд, ислоҳи ҳол менамояд. Тархун ҳамчун ғизо дерҳазм аст ва барои осон намудани ҳазми он карафс ё бо ка- рафс бояд бихӯранд. Агар ба тархун тухми арпабодиёнро ҳамроҳ кар- да бихӯранд, қуввати онро зиёда мегардонад. 129. Ғофат Ин гиёҳро ғофис ҳам меноманд ва ба русӣ ре- пейник аст, вале ҳаргиз мушхор нест. Растаниаш хорнок, баргаш сербару дароз ва паш- макдор аст. Аз миёнаҷойи баргҳои он шохи миёнхолии дағал мерӯяд. Гулаш кабуди бунафш ва дарозак. Таъ- ми тамоми қисмҳои гиёҳи он бисёр талх, ҳатто аз са- бир ҳам талхтар аст, тунҷӣ ва каме гирандагӣ дорад, гармие чандон надорад. Дар тиб гулаш ва усораи он истеъмол мешавад. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум хушк аст.

Вале муаллифи «Иршод» гарм ва хушк дар дараҷаи дуввум бо каме гирандагӣ донистааст. Хислатҳои шифобахши он: хусусиятҳои нарм ва 315 рақиққунандагии ахлоти ғафс дорад, моддаҳои час- пакро аз пояшон канда берун мекунад, маҷроҳои ба- данро аз олойишҳо пок мегардонад, гиреҳҳои ҷигар ва сипурзро мекушояд ва маҷроҳои ин ҳар ду узвро пок месозад, барои табҳои мураккаб даво мешавад, мод- даҳои сӯхтаи зарарнокро бо исҳол дафъ мекунад; пе- шоб, шир ва ҳайзро равон мегардонад. Агар гиёҳи хушк ё усораи онро биёшоманд, дараи ҷигарро таскин медиҳад, гиреҳҳои ҷигар ва сипурзро мекушояд; ҷигарро қувват мебахшад ва варами онро таҳлил медиҳад, ҳамаи навъҳои варами сипурзро ме- гардонад, инчунин сахтии сипурз ва сахтии меъдаро ба ибро меоварад; суулқиняро, ки сустии ҷигар аст ва аз он дасту поҳо варам меоваранд, дафъ мекунад; барои истисқо (водянка) даво мебошад, пешоб ва ҳайзро меронад. Агар инро бо шароб бихӯранд, захми рӯдаҳоро дафъ менамояд. Занҳое, ки аз дидани ҳайз маҳрум гашта бошанд, ин растаниро аз таг бардоранд, ҳайзашон равон мегардад. 2,25 грамм гиёҳи хушки онро кӯфта, бо оби шоҳи- тара биёшоманд ва инчунин гул ва усораашро бо ин чизҳо ва сиканҷабин бихӯранд ё гиёҳи онро кӯфта, бо равғани кӯҳнаи хук ё ҳайвоноти дигар сиришта гу- зошта банданд, решҳои беҳношавро ба ҳам оварда си- ҳат мебахшад. Усораи онро, яъне оби гиёҳи тари онро дар офтоб ғафс гардонида бимоланд, қӯтур ва хоришро дармон мешавад. Усораашро хушконида, кӯфта бипошанд, захм ва решҳоро ба ибро меоварад. Барои табҳои кӯҳна ва мураккаб, ки аз афзудани савдо ва сафро мегирифта бошанд ва тарсончак бо- шанд, усораи ин растаниро бо усораи талхшувоқ да- ромехта бихӯранд, давои хубест. Инчунин ба гирдак- гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад. Вале хӯрдани ғофат ба сипурз зарар дорад. Дар ин маврид бодёни ситорашакл бихӯранд, зарараш ислоҳ меёбад. Миқдори як бор хӯрдан аз гиёҳи хушки он дар як рӯз то 10,5 грамм аст ва агар инро дар об ҷӯшони- данӣ бошанд, 24 граммашро андозанд. Ба ҷойи ғофат баробари ним вазни он талхшувоқро истифода баранд, раво мебошад. Тариқи гирифтани усораи ғофат ба таври мушах- хас чунин аст. Оби гиёҳи тару тозаи онро гирифта, то 316 ғафс гаштан дар офтоб бигузоранд. Баъд қурсҳо сох- та хушк намоянд. Мизоҷи усорааш сард ва хушк аст ва сабуктар аз гиёҳаш мебошад ҳамчун даво, яъне латифтар. Хислатҳои шифобахши он: ин низ хусусиятҳои нармкунандагӣ ва канандагии моддаҳои ғафс ва час- паки нодаркор дорад, қӯтур ва хоришҳоро дафъ ме- кунад, табҳои кӯҳна ва дарди ҷигарро шифо мебах- шад, агар бо оби шоҳитара ва сиканҷабин бихӯранд, хубтар аст. Миқдори як бор хӯрдан аз ин усора дар як рӯз аз 2,25 то 4,5 грамм аст. Вале ошомидани ин ба хояҳо зарар мерасонад. Ба ҷойи ин се вазни он ғофат ва ба қавле се вазни он та- тумро истеъмол намоянд, равост. Тухми ин

гиёҳро чун бо шароб биёшоманд, захм- ҳои сатҳи даруни рӯдаҳо ва барои дафъ кардани заҳ- ри ҷонварон аз бадан фоида дорад. 130. Фанҷиюн Ин гиёҳест баргаш монанди баргҳои печаки бузург, вале аз он калонтар, ҳафт адад мешавад, ки зиёда аз ин миқдор нест. Тарафи ба замин часпидаи он са- фед ва тарафи болои он бисёр сабз аст. Дар фасли баҳор аз миёни баргҳои он пояе мехезад, ки то як ва- ҷаб мебошад. Гулаш зард аст ва зиёда аз даҳ рӯз наемонад. Бинобар ҳамин ин гиёҳро саҳван бепоя ва бегул медонанд. Бехрешааш борик. Ин дар замин- ҳои намнок ва лаби обҳо месабзад. Таъмаш тез, талх ва гиранда аст. Инро дар ҳолати тару тозагӣ истеъ- мол менамоянд ва агар хушк кунанд, талхиаш меаф- зояд. Ин гиёҳро ба забони руси мать и мачеха мено- манд. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хусусиятҳои умумиаш таҳлилдиҳанда ва парокандакунандаи бодҳост. Камтареро аз реша ва барги он дар даҳан нигоҳ доранд, барои сурфаи кӯҳна, зиқ-ун-нафас, ростна- фас, дамкӯтаҳӣ ва захми узвҳои даруни сина даво мебошад ва бодҳои дар даруни сина ҷамъшударо па- роканда месозад. Хушкашро сӯхта, дудашро бигиранд ва дудашро дар бинӣ бикашанд, низ иллатҳои ном- бурдаро шифо мебахшад. 317 Ҳар як қисми гиёҳи онро кӯфта гузошта банданд, варамҳоро таҳлил медиҳад ва пучакҳои гуногунро ме- кафонад; захм ва решҳоро ба ҳам оварда сиҳат ме- бахшад. Агар кӯфтаи инро занҳои ҳомила аз таг бардо- ранд, бачаи онҳоро, ки зинда ё мурда бошад, аз ши- кам меафтонад. 131. Васма Ин барги растаниест, ки дар мамлакатҳои гарм мепарваранд. Дар Тоҷикистони мо низ парвариши он ривоҷ дорад. Баргаш ба барги мӯрд монанд аст. Поя- аш миёнхолӣ нест, шохҳояш анбӯҳ, самараш ба ан- дозаи донаи мурч аст, ки баъди расидан сиёҳ мегар- дад ва дар миёни он самар тухми реза дорад. Навъи саҳроӣ ва кӯҳии он дар канорҳои рӯдҳо ки регзор бо- шад, месабзад. Шохҳои он анбӯҳтар, баргаш васеъ- тари дарозтар аст. Растаниаш ба зағир мемонад. Беҳ- тарини он васмаи навъи ҳиндӣ аст. Фарқи миёни вас- маи ҳиндӣ ва кирмонӣ дар он аст, ки навъи кирмо- нии онро рангаш камтар, вале мӯйро бо он ранг ку- нанд, рангаш сиёҳ мегардад ва дер мепояд назар ба навъи ҳиндии он. Васмаро ба русӣ басма мегӯянд ва ба арабӣ катам мехонанд. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хусусиятҳои умумиаш поккунандаи бадан аз моддаҳои бегона, гиранда ва манъкунанда, инчунин таҳлилдиҳанда аст. Ин растаниро бо об ва намак кӯфта ба сар гузош- та банданд ё бимоланд, барои дарди сари бодӣ ва балғамӣ, яъне барои дарди сар, ки аз ҷамъ шудани бод ва балғам дар сар дору мешавад, инчунин байза ном дарди сареро, ки тамоми сарро фаро мегирад ва муттасил мебошад, ба ибро меоварад. Васмаро сӯхта, дудашро ба машом бикашанд ё кӯфтан онро бимоланд, зукомро дафъ мекунад ва мӯйи сарро мустаҳкам мегардонад. Оби

баргашро ё оберо, ки дар он васма ҷӯшонида шуда бошад, бинӯшанд, сахт қай меоварад, барои га- зидани саги девона фоида дорад ва беҳтарини чиз- ҳоест аз барои ранг кардани мӯй. 318 Васма зарар ҳам дорад, яъне майнаро заиф месо- зад. Дар ин ҳолат қаранфули гардан бояд бихӯранд, ки зиёнаш ислоҳ ёбад. Аз васма равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Як миқдор оби гиёҳи тари тозаи онро гирифта, дар зарфе аз болояш ҳамон миқдор равғани кунҷид дохил карда, баъд дар оташи мулоим то обаш бухор шуда рафтан меҷӯшонанд. Батамом бухор гаштани обашро аз он медонанд, ки аз ҷӯш мемонад. Ҳамин равғани васма ҳисоб меёбад. Молидани ин равған барои дароз кардани мӯй ва нигоҳ доштан аз рехтани он, сиҳат бахшидани бавосир (геморрой), иллатҳои мақъад ва дардҳои сардмизоҷ даво мебошад. Тухми васма аз ҷиҳати ранг, андоза ва ғилофнокӣ ба тухми турб шабоҳат дорад, низ моил ба сиёҳӣ. Агар инро маҳин ос карда, чун сурма ба чашм ка- шанд, фуромадани зардобро ба даруни гавҳарак манъ мекунад ва агар фуромада бошад, таҳлил медиҳад. Решаашро дар об бисёр ҷӯшонида, он обро соф намуда, дар он камтар шилми бодомҳоро дохил на- моянд, барои китобат монанди сиёҳӣ мегардад. Бо ин таркиб, аввал мӯйи баданро бо собун покиза шуста, баъд бо ҳинои сойида молиш диҳанду бишӯянд ва баъди муддате хушк кунанду сонӣ бо васма ранг ку- нанд, рангаш неку мегардад. 132. Карвиё Ин зираи сиёҳ аст, ки зироат мекунанд ва ҳам саҳроӣ дорад. Баргаш монанди барги шибит, гулаш низ чатрӣ монанди гули шибит аст, сафедранги моил ба кабудӣ, ки ба гули бӯстонии он шабоҳат дорад. Дар тиб навъи бӯстониашро ба кор мебаранд. Тухмаш дар ҳаҷм ба андозаи зираи сафед, тезтаъм, талх. Бех- решааш ба сабзӣ монандӣ дорад, низ мехӯранд. Қув- вати зираи сиёҳи бӯстонӣ то се сол боқӣ мемонад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани ин ахлоти ба- данро нарм ва рақиқ мегардонад, бодҳоро таҳлил ме- диҳад, дарунро мебандад, вале агар ин зираро ҳам- роҳ карда бихӯранд, ғизоҳои дигари боднокро ислоҳ мегардонад. Агар инро бихӯранд, бухорҳои зарарноки ба сар барояндаро манъ мекунад. 319 Инро маҳин сойида, чун сурма ба чашм кашанд, ну- ри чашмро тез мегардонад ва инчунин ин аз ҷумлаи давоҳои чашм ба ҳисоб меравад. Вале агар инро аз ҳад зиёда ба чашм кашанд, чашмро хира мекунад. Хӯрдани ин барои зиқ-ун-нафас, дилтапак (дилбо- зӣ), ки аз хунукӣ бошад, инчунин барои ислоҳ дода- ни оруғи боднок даво мешавад: меъдаро гарм меку- над, оруғ меоварад, иштиҳоро мекушояд, вайрон шу- дани таомро дар меъда ва турш гаштани онро дар ин узв манъ месозад; қай ва дарди рӯдаҳоро даво мебо- шад, балғамро тит ва пароканда менамояд, пешобро меронад, дарди меъда ва рӯдаҳоро таскин медиҳад, бодҳои гурда ва хичакро пароканда мегардонад, ба- данро қувват мебахшад ва фарбеҳ мекунад, вале ма- ниро

қатъ мекунад, кирмҳои рӯда ва меъдаро, ҳат- то кирми кадудонаро ҳам мекушад ва дафъ мекунад. 10,5 грамми ин зираро бо 25 грамм равғани зайтун ҳар рӯз то як ҳафта бихӯранд, истисқоро дармон ме- шавад. Ин зираро дар сирко парварда, яъне тар карда баъд бихӯранд, барои одамони гарммизоҷ низ муво- фиқ ва форам мегардад. Гиёҳ ва тухмашро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯ- шанд, дарди рӯдаҳоро таскин медиҳад, пешобро меро- над, маниро қатъ мекунад ва кирмҳои гуногуни ши- камро мекушад. Дар обе, ки зираи сиёҳ дар он ҷӯшонида шуда бо- шад, занҳо то ноф даромада нишинанд, дардҳои ба- чадонро дафъ мекунад. Тухмашро сӯхта, ос карда гузошта банданд, баво- сири овехташаклро хушк карда меафтонад. Миқдори як бор хӯрдан аз ин зира дар як рӯз 17,5 грамм аст. Вале ба дарун истеъмол кардани ин ба шуш за- рарнок аст. Барои ислоҳи ин зарараш асал ва кокути- ро бихӯранд, кифоя аст. Ба гурда ҳам зиён мекунад— барои ин катиро бихӯранд, зиёнаш ислоҳ меёбад Ба ҷойи зираи сиёҳ арпабодиён ва зираи расмиро бихӯранд, равост. 133. Татум Ин самари буттаест ба андозаи наск, паҳнтар, рӯ- яш пӯсти гарднок дорад, дар хӯша мебошад. Таъми 320 самараш турш аст. Ҳамаи қисмҳои дарахти он дар тиб истифода мешавад. Ин ду навъ аст: саҳроӣ ва кӯҳӣ. Мизоҷи саҳроии он дар дараҷаи дуввум сард ва хушк аст, вале кӯҳии он дар саввум хушк аст. Сардӣ дар баргаш назар ба тухми он камтар мебошад. Хислатҳои шифобахши он: самари онро бихӯранд, қабзият меоварад дар ҳама ҷоҳои бадан, моддаҳои ба узв рехташавандаро рад мекунад, меъда ва рӯда- ҳоро қувват мебахшад, ба меъда ва рӯдаҳо рехта шу- дани сафроро манъ менамояд, иллати қайкунӣ ва бе- ҳузур (бечо) шудани дилро ба ибро меоварад; рафта- ни дарун ва исҳоли сафровиро, ки кӯҳна шуда бошад, мебандад; хун қай кардан ва хунравиҳои дигарро манъ месозад, бисёр пешоб карданро ба меъёр ме- андозад. Самари инро кӯфта, бо оби хунук биёшоманд, ҳам аз боло ва ҳам аз поён рафтани хунро қатъ мекунад. Нимкӯфтаи инро бо зира ва оби сард бинӯшанд, қайи сахтро манъ мекунад ва ба касе, ки ҳамеша қай ме- карда бошад ва таом дар меъдаи ӯ намонад, шифо мебахшад, дар одамони гарммизоҷ иштиҳоро ба таом бармеангезад. Инро бо зардаи тухми мурғ ва кашни- зи хушк бихӯранд, исҳоли хунинро манъ мекунад. Нимкӯфтаи онро бо шароби турш биёшоманд, барои исҳол ва хунравии бачадон дору мебошад, пешобро бисёр кам мекунад. Қуввати қабз кардан дар бирёнкардаи он зиёда аст, вале барои шикастани шиддати сафро заифтар мебошад. Аммо татум барои меъда ва ҷигари сардмизоҷ за- рар дорад. Дар ин маврид арпабодиён бихӯранд ё бо бодинҷон пухта бихӯранд, зарараш ислоҳ меёбад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми он дар як рӯз 17,5 грамм аст. Агар гардеро, ки бар рӯйи самараш мебошад, ҷудо намуда, каф зада бихӯранд, бисёр қабзкунандаи да- рун аст ва бо андак таъми талхӣ

мебошад, барои ис- ҳоли кӯҳна ва барои қатъ гардонидани рафтани рутубатҳои сафеди бачадон дору мешавад. Агар инро ба дандон бимоланд, милки дандонро мустаҳкам меку- над, пӯсидани раддӣ ва бадфиоли даҳанро ба ибро меоварад, инчунин дарди дандони кирмхӯрдаро тас- кин медиҳад. 321 Самари татумро аз гарди рӯяш пок карда, баъд дар об тар намоянд, он обро дар чашм чаконанд, дар- ди чашмро, ки дар вақти ибтидо бошад, шифо мебах- шад. 25 грамм тухми онро дар 300 грамм об биҷӯшо- нанд ба ҳадде, ки қувваташ ба об гузарад. Баъд лат- таро дар он тар карда ба чашм гузоранд ва бо он гармбандӣ кунанд, қӯтури хӯранда ва шилпуқии чашм- ро шифо мебахшад. Ва агар батакрор он латтаро ба пешонӣ гармбандӣ кунанд, хуни биниро қатъ мекунад ва агар ба чашм гармбандӣ кунанд, қӯтур, обравӣ, шилпуқӣ ва хориши чашмро шифо мебахшад ва наме- гузорад, ки дар чашм обила барояд. Ва агар ҳамон обро дар гӯш чаконанд, рими равонро аз он манъ ме- созад ва намегузорад, ки дар даруни он обила барояд. Самари татумро дар об ҷӯшонида, он обро кам- кам ва бардавом бирезанд, намегузорад, ки ҷоҳои лат- хӯрда ва зарбарасида варам кунанд. Тухми татумро маҳин кӯфта, бо об сиришта гузош- та банданд, варами косаи сар ва дигар варамҳоро таҳлил медиҳад, инчунин варами лат ва зарбахӯрда- ро мегардонад, решҳои давандаро шифо мебахшад; агар инро бо асал хамир карда гузошта банданд, да- ғалии пилкҳои чашмро нест мегардонад, ва бо ангишти чӯби балут даромехта гузошта банданд, барои бавосир даво мебошад. Татумро бо барг, шохҳо ва чӯбаш дар об биҷӯшо- нанд, то монанди асал қивом гардад, баъд гузошта банданд ва ё бимоланд, барои бемориҳои пилки чашм дору мебошад; варами чашм ва дигар узвҳоро таҳ- лил медиҳад, мӯрчагазакро дафъ мекунад; решҳои тар ва решҳои рутубаташон асалмонанд, вайрон шу- дани милки дандон, доғҳои кунҷидак, милкаки нохун ва хунравиҳои дигарро шифо мебахшад. Баргашро пухта ба сар гузошта банданд, мӯйро сиёҳ мекунад. Баргашро дар об ҷӯшонида, бо он об нимгарм хук- на кунанд, захми рӯдаҳо, исҳоли хунин ва харошида шудани сатҳи даруни рӯдаҳоро шифо мебахшад. Барги онро муҳарро пухта, баъд оби онро фишур- да гирифта, ғафс гардонанду ба чашм бимоланд, мод- даҳои ба чашм резандаро ба ақиб мегардонад. Он оби ғафсгаштаро дар оби барги зуф ҳал карда бимо- ланд, захмҳои хабисаро дафъ мекунад. Агар инро ба 322 сар, мӯҳраҳои пушт ва бехи закар гузошта банданд, барои беихтиёр равон шудани пешоб, сустӣ ва нотавон шудани узвҳо даво мешавад. Баргашро кӯфта, ба меъдаи тифлон гузошта бан- данд, исҳолро нафъ дорад, узвҳои даруни шикамро қувват мебахшад. Шилми дарахти он аз ҷиҳати мизоҷ башиддат хушк аст ва хислати гармӣ ва сардӣ — ҳар серо до- рост. Шилми онро ос карда, чун сурма ба чашм кашанд ё онро бо оби даҳан тар карда, ба милки

чашм бимо- ланд, чашмро тез мекунад ва бемориҳои пилкро шифо мебахшад: агар бипошанд, ҷароҳат ва захмҳоро хушк сохта ба ҳам мечаспонад ва бо ин восита сиҳат ме- бахшад. Агар онро дар ковокии дандон гузоранд, дар- ди дандони кирмхӯрдаро таскин медиҳад. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-123-133#123

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 134-140 134. Кунҷид 135. Савринҷон 136. Ширинбия 137. Савсан 138. Савсани кӯҳӣ 139. Ҷамилак 140. Шоҳитара 134. Кунҷид Ин тухми растании зироатӣ аст, ки аз ин равған мекашанд, онро ба рӯйи нон мемоланд, аз он ҳалво мепазанд ва ғайра. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва тар бо руту- бати часпак, вале дар дараҷаи дуввум гарм ва тар низ гуфтаанд. Хислатҳои шифобахши он: хислати часпонандагӣ ва кушояндагии гиреҳҳо дорад. Агарчи ҳангоми хӯр- дан ғизои кам аст, вале моддаҳои аз он ҳазмгашта дар ҷигар сабук мебошанд; бинобар часпанда буда- наш баданро фарбеҳ мекунад, овозро мулоим ва ду- руштии ҳалқро нарм мегардонад, ахлоти сӯхтаро, яъне балғам, хун, сафро ва савдои сӯхтаро ба ислоҳ меова- рад; рӯдаҳо ва мақъадро мулоим мекунад, варамҳои гармро таҳлил медиҳад. Кунҷидро бо шароб биёшоманд, барои газидани каждум ва мори афъӣ даво мебошад. Як миқдор кунҷид, бо ҳамвазни он шакар ва кӯк- нор, нисф вазни он мағзи бодоми ширини кӯфта, даҳ- як миқдори он банги сафед (яъне кирмрезонаки гу- лаш сафед)—ҳамаро кӯфта, ҳар рӯз аз ин таркиби ҷамъомада 25 грамм тановул намоянд, барои фарбеҳ кардани бадан, қувват бахшидани боҳ давои бисёр хубест, чарбии гурдаро пайдо ва зиёд мекунад. 323 Аз кӯфтаи кунҷид шира кашида, бо набот биёшо- манд, сӯзиши меъда ва сурхрӯда, турш шудани руту- бати савдовии меъда, сӯзонидани моддаҳои нӯшида- шуда ва моддаи тезро аз бадан дафъ мекунад. Аз он шароб тайёр намуда, онро бо мудовамат би- нӯшанд, меъда ва рӯдаҳоро мулоим мегардонад, сан- ги гурдаро майда карда мерезонад. 7 грамм кунҷидро бо 3,5 грамм чормағзи сӯхтагӣ бихӯранд, хуни равони бавосирро қатъ мекунад. Оберо, ки дар он кунҷид ҷӯшонида шуда бошад, бо нахӯд биёшоманд, ҳайзро равон мекунад, бачаи зано- ни ҳомиларо аз шикам меафтонад. Чун 50 грамм оберо, ки дар он кунҷид ҷӯшонида шудааст, бо шароб ва обе, ки мавиз дар он тар карда шуда бошад, 38 грамм равғани кунҷид, 12,5 грамм арпабодиён — ҳамаашро ба дили наҳор бинӯшанд, хо- риши баданро, ки сабабаш ҷамъ шудани хун ва бал- ғам бошад, дағалии пӯст ва кафидани онро дафъ ме- кунад; агар инро бо қанди сафед бинӯшанд ҳам, нафъи зиёдтар дорад. Кунҷидро бо оби тариди сабир ва ма- виз даромехта, бардавом лесида бихӯранд, барои сур- фа ва бемориҳои узвҳои даруни сина, инчунин барои захми шуш даво мебошад. Кунҷидро бо тухми зағир бихӯранд, боҳро қувват

мебахшад, маниро зиёд мекунад. Кунҷидро кӯфта, бо шароб биёшоманд, қулинҷро, ки дард ва варами рӯдаи ғафс аст, дафъ мекунад ва заҳри мори шохдорро аз бадан дафъ мекунад. Вале кунҷид ҳангоми хӯрдан дерҳазм аст. Ва агар инро бирён намуда, бо асал бихӯранд, зуд аз меъда фурӯд меояд. Кунҷидро бардавом ва бо пӯсташ бихӯранд, боиси бадбӯ гаштани даҳан мешавад, хусусан, ки ҳангоми хойидан дар байни дандонҳо бимонад, ин ҳам бад аст; низ дарди сар меоварад. Дар ин маврид асал бояд бихӯранд, ки ислоҳи зарари он намояд. Миқдори як бор хӯрдан аз кунҷид дар як рӯз 17,5 грамм аст. Инро барои давогӣ тухми зағир иваз кар- да метавонад. Кунҷидро кӯфта гузошта банданд, варамҳоро таҳ- лил медиҳад, пӯсти баданро мулоим мекунад, доғҳои сиёҳ, нақши кабуди холкӯбӣ, дағалии асаб, қулинҷ (дард ва варами рӯдаҳои ғафс), газидани мори шох- дор, сӯхтагии оташро шифо мебахшад; баъди сӯхтани 324 оташ ба зудӣ обила шуданро манъ мекунад ва дар- ди онро таскин медиҳад. Баргашро дар об ҷӯшонида, он обро кам-кам ва бардавом бирезанд, мӯйро дароз ва сиёҳ мекунад, ҷӯ- шишҳои сарро, ки сабабаш зиёд гаштани моддаи сав- до бошад, шифо мебахшад. Баргашро пухта гузошта банданд, варами чашмро таҳлил медиҳад ва дарди луққосии онро таскин ме- диҳад. Решаашро дар об ҷӯшонида, бо он об сар ва мӯй- ро бишӯянд, мӯйро дароз ва сиёҳ мекунад, инчунин хушкӣ ва сабӯсаки сарро дафъ менамояд. Равғани онро, ки аз тухми кунҷиди пӯстдори бир- ёнкарда бигиранд, дӯҳн-ул-ҳалл, яъне равғани кунҷид меноманд, часпандагии ин зиёда мебошад ва агар аз кунҷиди муқашшар равған бикашанд, часпандагии он камтар мебошад. Кунҷидро маҳин кӯфта, дар об бо даст то гарм шуданаш бимоланд, яъне мағақ кунанд ва равған аз он ҷудо гардад, рутубат дар он зиёдтар аст. Он чӣ инро кӯфта, дар об ҷӯшонанд, то он ки равған дар рӯйи об ҷудо шавад, онро равғани кунҷиди пухта ме- номанд. Мизоҷи равғани кунҷид дар дараҷаи дуввум гарм ва тар аст. Қувваташ то ҳафт сол боқӣ мемонад. Хислатҳои шифобахши он: инро бо давоҳои муно- сиби ҳамин бемориҳои номбаршаванда бихӯранд, ги- реҳҳоро мекушояд, дарун ва сахтиҳоро мулоим меку- над, дар ҷоҳои хушкмондаи аъзо рутубат пайдо ме- созад, баданро фарбеҳ мекунад, сӯзишҳои аз модда- ҳои тез ҳодисшударо дафъ менамояд; барои зиқ-ун- нафас, сурфаи хушк, захми шуш, аз хушкӣ ҷингак шу- дани аъзо қавитар аз худи кунҷид дору мешавад, ва- ле дар табобати сӯзиши пешоб монанди кунҷид мебо- шад. Агар инро бо мурчи сафед, яъне бо мурчи аз пӯс- ти сиёҳаш ҷудо кардашуда дар об бичӯшонанд ва баъд нимгарм онро дар гӯш чаконанд, гиреҳи даруни гӯшро мекушояд. Ин равғанро бо сафедаи тухми мурғ даромехта би- моланд, сахтиҳо ва варамҳои чашмро ва ғайри чашм- ро таҳлил медиҳад; бо равғани зайтун ва зардии тух- ми мурғ даромехта бимоланд, варами чашмро дафъ мекунад. 325 Аз ин равған ва

муми занбӯри асал мумравған тайёр карда, ба рӯй бимоланд, ранги чеҳраро соф, не- ку, равшан ва мулоим мекунад. Агар батакрори амал бимоланд, ҷингак шудани узвро ва дигар бемориҳо, ки аз хушкӣ бошанд, шифо мебахшад. Агар ин равғанро бардавом, яъне батакрор бимо- ланд, захми нағзак ва сӯхтагии оташро шифо мебах- шад. Ба дарун истеъмол намудани ин равған барои ода- мони савдовимизоҷ зарар дорад, дерҳазм аст, меъда- ро суст мегардонад, инчунин ба майнаи заиф таъсири бад дорад. Агар ин равғанро бо пиёз ё бо андак ха- миртуруш биҷӯшонанд ва ё бо оби лиму ва дигар тур- шиҳо биёшоманд, зарари он ислоҳ меёбад. Миқдори як бор ошомидан аз ин равған дар як рӯз то 7 грамм аст. Агар равғани кунҷид дарёфт на- гардад, равғани бодоми ширинро ба ҷойи он истеъмол намоянд, равост. 135. Саврinҷон Ин пиёзаки гиёҳест монанди сири (саримсоқи) саҳ- роӣ, санавбаришакл, андак паҳнтар, ки се навъ мебо- шад: 1. Берун ва даруни пиёзаки он—ҳар ду сафед, таъмаш ширин; 2. Берун ва даруни пиёзаки он— ҳар ду моил ба тирагии зард ва сурхтоб; 3. Берун ва да- руни пиёзаки он—ҳар ду моил ба сиёҳӣ, вале беруни он тиратар, таъмаш талх. Беҳтарини онҳо навъи ав- вал, ки берун ва дарунаш сафед ва калон-калони он аст, ки сахт бошад ба шарте, ки бадбӯ набошад. Ин навъаш дар доруҳои ошомиданӣ ба истеъмол мера- вад. Навъҳои дигараш заҳрнок, хусусан сиёҳи он бад- тар аст. Бинобар ҳамин онҳои дигар фақат аз берун истифода мешаванд, на ба дарун. Зеро ки ду навъи охирин кушанда мебошанд бо иллати гулӯгир кардан. Барги он монанди баргҳои пиёзи гандано ва аз он қавитар аст, поя дорад. Гули гандано зард, монанди савсани майда, вале гули саврinҷон сиёҳи сурхтоб аст. Ин растанӣ дар кӯҳҳо мерӯяд. Қувваташ то сӣ сол боқӣ мемонад. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва дар дуввум хушк аст. Мизоҷи баъзеи сафеди он дар гармӣ мӯъ- тадил мебошад. 326 Хислатҳои шифобахши он: агар пиёзаки саврinҷо- ни сафедро бихӯранд, ҳамаи навъҳои балғамро аз ҷо- ҳои дур ва чуқури бадан кашида, дафъ мекунад; мод- даҳои зарарноки ба узвҳо рехташавандаро манъ ме- созад, гиреҳҳоро мекушояд; ахлоти часпакро аз ҷо- ҳои чуқури бадан, хусусан аз буғумҳо кашида берун меоварад, инчунин зардпарвин ва бемориҳои сипурз- ро шифо мебахшад. Инро бо сабир (алоэ) бихӯранд, иркуннасо (радикулит) ва никрис (подагра)-ро дафъ мекунад; бо занҷабил ва мурч бихӯранд, қуввати боҳ- ро бағоят бармеангезад, барои иллатҳои буғумҳо нафъи бисёр дорад. 1,75 грамми онро бо занҷабил, пудина ва зира би- хӯранд, ҳамчунин бо шири навдӯшида ва қанди са- фол то се рӯз биёшоманд, боҳро бағоят ба ҳаракат меоварад ва шифобахши иллатҳои пайвандҳои бадан аст, хусусан ҳангоми рехта шудан ва фуромадани мод- даҳои зарарнок ба буғумҳо, таъсираш пуршиддат ме- бошад. Ин пиёзакро кӯфта, бо заъфарон ва тухми мурғ си- ришта гузошта

банданд, дарди устухонро таскин ва варамҳои сахтро таҳлил медиҳад; агар бо шароб ха- мир сохта гузошта банданд, дарди буғумҳоро дафъ мекунад. Кӯфтаи ин пиёзакро бо равғани зарди кӯҳнаи гӯс- фанд ё бо равғани гови кӯҳна даромехта, дар сӯрохи пушт бардоранд, донаи бавосирро меафтонад ва дар- дашро ҳам таскин медиҳад. Савринҷони хушкро кӯфта бипошанд, захм ва реш- ҳои кӯҳнаро хушк мекунад. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз савринҷон батанҳоӣ ва бо заъфарон 3,5 грамм аст; агар бо да- воҳои дигар таркиб дода хӯрданӣ шаванд, аз 1,75 то 2,25 грамм дохил намоянд. Агар савринҷон ноёб бошад, бо ҷойи он барои дард- ҳои буғумҳо баробари вазни он ҳиноро истифода ба- ранд, раво мебошад. Вале савринҷон ба меъда хеле зарарнок аст, дар рӯдаҳо дард пайдо мекунад, меъда ва ҷигарро заиф мегардонад. Давои ин катиро, шакар ва заъфарон истеъмол намудан аст. Барои табобати дардҳои бу- ғумҳо савринҷонро бояд, ки бо ҳамвазни он занҷабил ва мурч, ки ёридиҳандаи он аст дар шифобахшӣ ис- теъмол намоянд. 327 Гулашро бибӯянд, гиреҳҳои майнаро мекушояд, инчунин бодҳои ин узвро таҳлил медиҳад; дарди сар- ро, ки сабабаш ҷамъ шудани моддаҳои сардмизоҷ дар он бошад, шифо мебахшад ва озори заҳри савринҷони сурх ва сиёҳро дафъ мекунад (агар касе хӯрда бо- шад). Агар ин ду навъи раддии савринҷонро хӯрда бошанд, шири навдӯшидаро ошомида қай кунанд ва дигар тарёқҳо, яъне давоҳои мухолифи заҳр бихӯ- ранд. 136. Ширинбия Ин гиёҳ ба ҳама маълум аст; дар тиб решаи аз пӯст ҷудо кардашудааш истеъмол мешавад. Таъми ре- шааш ширин, баъзеаш камтар талхӣ низ дорад. Беҳ- таринаш он аст, ки ширинаш бисёр ва талхию қабз- кунандагиаш хеле кам бошад. Қувваташ то даҳ сол боқӣ мемонад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро ба дарун истеъ- мол намоянд, ахлоти ғафси часпак ва мураккабро па- зонида, барои хориҷ шудан тайёр мекунад ва агар хусусан онро як шабонарӯз дар об тар намуда, намо- янда, он обро оҳиста рехта бинӯшанд, дар ин бобат таъсири хуб мебахшад; узвҳои даруни сина ва ҳалқро мулоим мекунад, вале ташнагӣ аз бисёрии рутубат бошад, чандон нафъ надорад; ҳамаи рутубатҳои но- даркор ва зарарнокро аз бадан дафъ месозад, узвҳои ботинии баданро мешӯяд, асабҳоро қавӣ мегардонад, Бодҳоро таҳлил медиҳад, яъне онҳоро пароканда ме- кунад, пешоб ва ҳайзро равон мегардонад; барои ил- латҳои дамкӯтаҳӣ, дағалии узвҳои даруни сина ва сӯ- зиши онҳо, дуруштии ҳалқ дору мешавад; овозро не- ку мегардонад; тангии нафас (астма), иллатҳои шуш, ҷигар, хичакро ба ибро меоварад, тафси меъда ва сӯ- зиши пешобро таскин медиҳад; бемориҳои мағзи сар ва асабонӣ, иллатҳои сипурз, бавосир, табҳои кӯҳна ва ҳамаи намудҳои сурфаро шифо мебахшад. Вале агар сурфа аз ахлоти ғафси шаффоф бошад, фоида- аш кам аст. Ҳар рӯз 1,75 грамм аз

решаи бепӯсти ширинбия бо як грамм шакар ва арпабодиён бихӯранд, ҳамаи маҷроҳои баданро пок ва ранги рухсорро неку мегар- 328 донад; бодҳо, табҳои кӯҳна ва аксари бемориҳоро мо- нанди дарди сар, дарди нимсар ва торикии чашмро шифо мебахшад, чашмро равшан мекунад. Ин даворо аз аввали моҳи ҳамал сар карда, то аввали моҳи са- ратон биёшоманд, шифобахшиаш қатъист. Шайхурраис дар бобати табобати қулинҷ (колит)-и сардмизоҷ навиштааст, ки 14 грамм решаи бепӯсти ширинбияро бо оби панир биёшоманд, қулинҷро ши- фо мебахшад ва агар танҳо худашро бихӯранд ҳам, ҳамон таъсирро дорад. Ин решаро дар об ҷӯш дода, он обро нӯшида қай кунанд, рутубатҳои нодаркор ва зарарнокро аз бадан хориҷ мекунад ва агар батамом дафъ нагарданд ва миқдоре аз он бимонад, бо воситаи исҳол ё пешоб дафъ мегардонад. Решаи ширинбияро дар давоҳои исҳоловари дар об ҷӯшонидашуда дохил намудан, инчунин дар доруҳои ҷигар ҳамроҳ кардан хеле сабук, яъне ба мизоҷ гу- воро мебошад ва ҷиҳатҳои зарарнокии он давоҳоро дафъ мекунад — ин бинобар часпандагӣ доштанаш мебошад. Решаи ширинбияи бепӯстро хушк намуда, сойида, чун сурма ба чашм кашанд, гули чашмро дафъ меку- над, чашмро қувват мебахшад ва зардии онро меба- рад. Инро кӯфта, бо асал ва ё бо муми занбӯри асал сиришта гузошта банданд, барои милкаки нохун даво мешавад; агар бо оби холис хамир сохта, батакрори амал гузошта банданд, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯй- рехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад. Барги тару тозаи онро кӯфта гузошта банданд, бадбӯйии зери бағал ва миёни ангуштони пойро дафъ мекунад. Мизоҷи чӯби ширинбияро ҳакимон Ибни Мосавия ва Амин-уд-давла гармтар ва хушктар аз қисмҳои ди- гари он донистаанд. Мизоҷи тухмашро табиб Муҳам- мад ибни Аҳмад қавитар аз қисмҳои дигари он донис- тааст. Мегӯянд, ки ҳангоми истеъмол кардан ба дарун решаи ширинбия ба гурда ва сипурз зарар дорад. Да- вои ислоҳи зиёнаш барои гурда катиро ва агар ба си- пурз газанде расонад, гулисурх истеъмол кардан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз решаи бепӯсти ширин- бия то 17,5 грамм аст. 329 Решаи бепӯсти ширинбияро реза карда, дар об то қувваташ ба об гузаштан биҷӯшонанд. Баъд онро соф намоянд, то он ки дар он таҳшин намонад, баъд аз ин боз то ғафс гаштанаш онро биҷӯшонанд — ин руб- би ширинбия номида мешавад. Мизоҷи рубби ширинбия дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он дар ҳама ҷиҳат беҳтар ва қавитар аз решааш мебошад. Агар инро ба дарун истеъмол намоянд, зарари давоҳои исҳоловар ва сӯ- зандагии онҳоро дафъ мекунад. 137. Савсан Ин растанӣ намудҳои гуногун дорад: гулаш сафед, бунафш ва зард, ки ба ҳама маълум аст — даштӣ (кӯҳӣ) ва бӯстонӣ мебошад. Мизоҷаш дар дараҷаи аввал гарм ва дар тариву хушкӣ мӯътадил аст. Ба қавли баъзеҳо мизоҷи сафе- ди бӯстониаш дар дараҷаи

дуввум гарм ва хушк аст ва баъзеҳо дар саввум гуфтаанд, аммо мизоҷи кӯҳии он назар бо бӯстониаш гармтар ва хушктар мебошад. Хислатҳои шифобахши он: ошомидани он бемори- ҳои шуш, дардҳои гуногуни сипурз, ҷигар ва бачадон- ро шифо мебахшад; барои бавосир ва ханозер дору мешавад, беҷо ва бисёр равон шудани ҳайзро манъ мекунад, захмҳоро ба ҳам меоварад ва римашонро ҳам нест мегардонад. Вале ин гиёҳро ҳангоми истеъ- молаш ба дарун бо асал, ки афзункунандаи қуввати он аст, бояд биёшоманд. Решаи инро кӯфта, бо асал хамир сохта бимоланд, доғи сафеди пӯст ва песро ба муддати шаш моҳ дафъ мекунад; қӯтури решгашта ва решҳои тарро шифо ме- бахшад. Инро бо сирко ё бо барги банг (кирмрезо- нак) ва орди гандум хамир карда гузошта банданд, варамҳои гарми хояро таҳлил ва сӯхтагии оби гарм- ро даво мебошад, инчунин бо орди ҷав хамир карда бардавом гузошта банданд, низ ҳамин таъсирро до- рад. Бо оби ҳар як қисми ин растанӣ рӯйро бишӯянд, доғи кунҷидакро дафъ мекунад. Як миқдор оби решаи савсан, панҷяки вазни он сирко ва асал гирифта, дар зарфи мис то ғафс гашта- 330 наш бичӯшонанд, ин бисёр поккунандаи доғҳо ва бидуни дард хушккунанда мебошад, ба ҷароҳати ат- рофи мушакҳо гузошта банданд, шифо мебахшад. Равғани савсани бунафшро ба қадри 25 грамм биёшоманд ва аз рӯ низ бимоланд, барои иловуси сафровӣ, ки варами дарди рӯдаҳои борик аз зиёд гаш- тани сафро мебошад, бемориҳои бачадон, афтодани бача аз шиками занони ҳомила, дарди рӯдаҳо ва дард- ҳои дигари асабонӣ дармон мешавад. Агар 50 грамм решаи савсанро дар 3 литр об 20 дақиқа ҷӯшонида, ҳар рӯз аз он об 100 грамм бинӯ- шанд, низ бемориҳои номбурдаро даво мешавад. Ин равғанро бардавом бимоланд ва 38 грамм аз он биёшоманд, моддаҳои нодаркор ва зарарнокро бо воситаи исҳол аз бадан дафъ мекунад, бар зидди захрҳои банги сиёҳ ва кашнизи кӯҳии девонакунанда, инчунин занбӯруғи захрнок тарёқ мебошад. Ин рав- ғанро бимоланд, асабҳо ва сахтиҳоро мулоим меку- над ва бачадони берун баромадаро ба ҷояш мебарад. Тарзи тайёр кардани равғани савсан чунин аст. Решаи хушки савсани бунафшро як миқдор гирифта (аз тараш ду баробар), дар ҳован мекӯбанд. Баъд дар ҳашт баробар вазни он оби борон ё оби муқаттар як шабонарӯз тар карда, сони хуб мемоланду дар зар- фи сирандуд (эмалированный) то чоряки об мондан меҷӯшонанд ва аз матои бофташ зич мегузаронанду обашро мегиранд. Ин оби софро дар зарфи покиза рехта, аз болояш ду баробари он равғани зайтун ан- дохта, бо оташи мулоим то тамоман бухор шуда раф- тани об меҷӯшонанд. Эҳтиёт кунанд, ки равған доғ нагардад. Аломати батамом бухор гаштани об аз ҷӯ- шиш мондани равған аст. Ҳамин равған равғани сав- сан ҳисоб меёбад. Агар тухми савсанро бихӯранд, зарари газидани ҷонварони захрнокро дафъ мекунад. Решаашро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан

гардонанд, дарди дандонро таскин медиҳад, инчунин ин обро дар гӯш чаконанд, дарди онро сокин мегар- донад. Латтаеро дар ин об тар карда ба ҷоҳои дигари аъзо, ки дард мекарда бошад, гузошта банданд, низ шифо мебахшад. Он обро, ки дар он решаи савсан ҷӯшонида шуда бошад, бинӯшанд, зеҳнро тез мекунад; зиқ-ун-нафас ва нафаси ростаро, ки бемораш хобида ё дароз каши- 331 та нафас гирифта наметавонад, шифо мебахшад; дард- ҳои ҳалқум, шахшӯлӣ ва сахтии сипурзро дафъ ме- кунад. Агар ин обро бо шаҳдоб (асалоб) бинӯшанд, зардобро аз бадан хориҷ месозад, истисқоро шифо мебахшад, хичакро аз рутубатҳои часпак пок меку- над ва ташнагиро таскин медиҳад. Решаи инро бихоянд, бӯйи аракро, ки нӯшида бо- , шанд, аз даҳан нест мекунад. Баргашро кӯфта гузошта банданд, бар зидди гази- дани ҷонварони заҳрнок даво мебошад ва аз оби гарм сӯхтагиро ҳамон дам ба ибро меоварад. Равғанеро, ки аз решаи ин тайёр карда шуда бо- шад, дар гӯш нимгарм чаконанд, дарди гӯшро сиҳат мебахшад. Решаи хушки онро маҳин кӯфта бипошанд, ноху- наки чашм ва гӯшти зоиди дар пилкҳои чашм пайдо- шударо дафъ мекунад. Решаашро дар равғани гулисурх ҷӯшонида, он рав- ғанро бимоланд, сӯхтагии оташро шифо мебахшад. Ва агар ин равғанро бихӯранд, бемориҳои бачадонро сиҳат мекунад. Ин решаро бо сирко дар зарфи мис ҷӯшонида би- моланд, захмҳои кӯҳна ва ҷароҳатҳоро шифо мебах- шад. Гулашро бибӯянд, дил ва майнаро қувват мебах- шад, хушҳолӣ меоварад, бодҳои майнаро пароканда месозад, дар ин бобат аз заъфарон қавитар аст. Инак, барои иллати беҳушшавӣ беҳтар аз заъфарон аст. Шароби савсан барои газидагии ҳамаи ҷонварони заҳрнок даво мешавад. Синфе аз савсан, ки дар соя ҳам мерӯяд ва гулаш зарди майдатар аст, решааш ба андозаи ғафсии ан- гушт мебошад, хушбӯй, бо каме талхӣ дар таъм, ки ин аз савсанҳои сафед ва кабуд қавитар мебошад, ва- ле заифтар аз савсани кӯҳист. Мизоҷи гулаш гарм- тар аз ҳамаи қисмҳои дигари он мебошад. Решаи инро бихоянд ё онро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гардонанд, дарди дандонро таскин ме- диҳад. Барг ва гулашро кӯфта гузошта банданд, ҷароҳат- ҳоро сиҳат мегардонад. Барг ё решаи онро пухта, бо шароб хамир сохта гузошта банданд, варамҳои бал- ғамиро таҳлил медиҳад, инчунин варамҳои напазан- 332 даро, ки тоҷикон кӯряра меноманд, шифо мебахшад, мепазонад. 138. Савсани кӯҳӣ Ин решаи савсани кӯҳӣ аст, ки бӯяш бӯйи бунаф- шаро дорад. Гулаш мураккаб аз се ранг: сурх, сиёҳ ва зард омехта аст. Решааш пургирех, дарозӣ ва ғаф- сиаш ба андозаи ангушти даст аст. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар хушкӣ камтар аз ин дараҷа мебошад. Ин ҳар чӣ қадар кӯҳ- натар гардад, қуввати исҳоловараш, яъне дар давогӣ қавитар ва мизоҷаш хушктар мегардад. Хислатҳои шифобахши он: ин хусусиятҳои мулоим- кунандагии дарун, гарм гардонандагии бадан, кушо- яндагии

гиреҳҳо, пазонандагии моддаҳо, поккунанда- гии узвҳои дохили, хориҷкунандагии зардоб, моддаҳои савдо ва балғами ғафс дорад. Ҳар чӣ қадар ин кӯҳ- натар гардад, қуввати исҳолкунандагиаш зиёдтар ме- шавад. 11 грамм решаи онро кӯфта, бо шаҳдоб бихӯранд, моддаҳои ғализи балғамиро ва моддаи сафроро аз ба- дан бо исҳол дафъ мекунад. Решаашро кӯфта, бо равғани гулисурх хамир кар- да, ба сар гузошта банданд, барои дарди сари кӯҳна даво мешавад. Гулашро кӯфта гузошта банданд, ил- лати сакта (мурдавор беҳаракат мондан), ҷингак шу- дани аъзо, ки аз сабаби зиёд гаштани балғам ва ин- чунин карахтиро ба ибро меоварад. 50 грамм решаи хушкашро шуста, дар 3,5 литр оби ширин бо оташи мулоим ним соат биҷӯшонанду баъд он обро соф карда, ҳар шаб аз он пеш аз хоб 100 грамм бинӯшанд ва аз болояш як чойқошуқ асал ҳам бихӯ- ранд, паридани аъзо, карахтӣ, иллати ларзак, сакта, фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ), суст ва нотавон гаштани узве ё аъзо, дар вақти хоб тафсида- ни кӯдак, нисён (фаромӯшхотирӣ) — ба ҳамааш шифо мебахшад; қуввати ҳофизаро сара мегардонад. Решаашро бо шароби райҳонӣ бихӯранд ва мудо- вамат бар он намоянд, ҷингак шудани аъзоро, ки са- бабаш аз ҳад бисёр гаштани балғам бошад, шифо медиҳад. Решаи хушки онро ос карда дар бинӣ кашанд, оби 333 чашм ва рутубати зиёдатии ин узвро хориҷ мекунад. Баргҳои хушкашро маҳин сойида, се рӯз пай дар ҳам дар бинӣ бирезанд, дарди нимсарро дафъ меку- над. Решаашро дар об ҷӯшонида, дар он об камтар сирко дохил намуда, таъмашро нордон сохта, нимгарм дар гӯш чаконанд, назлаи хунукмизоҷи дар он фурӯд- ояндаро қатъ мекунад, ҷаранги гӯшҳоро ҳам барҳам медиҳад. Бо ин об даҳонро чайқонанд, дарди дандон- ро, ки аз хунукӣ бошад, яъне аз зиёд гаштани балғам бошад, таскин медиҳад ва агар бо он ғарғара кунанд, забончаи ҳалқро, ки афтода бошад, ба ҷояш мебар- дорад. Оберо, ки дар он решаи ин гиёҳ ҷӯшонида шуда бошад, бо майи пухтагӣ даромехта бихӯранд, дарди узвҳои даруни сина ва шуш, зиқ-ун-нафас, дамкӯта- ҳӣ, сурфа, душвории нафас, варами шуш, дарди гулӯи балғамӣ, дарди ҷигар ва дарди сипурз, ки аз сардӣ бошанд, истисқо (водянка), зардпарвин, иркуннасо (радикулит), мондагӣ ва дарди рӯдаҳоро дафъ меку- над; ахлоти бегонаи дар раг ва фазоҳои бадан банд- шударо хориҷ мегардонад, даҳани бавосирро мекушояд ва зуд равон шудани, яъне омадани маниро ҳангоми муҷомаат, ба ислоҳ меоварад. Ҳар рӯз аз решаи он 7 граммашро бо шароб биё- шоманд, барои ҳамаи бемориҳои бачадон ва дарида- ни он дору мешавад, гиреҳҳои онро мекушояд, ҳайзи бандшударо равон месозад, инчунин сусту нотавон гаштани мушакҳоро шифо мебахшад. Агар оби маз- курро бо сирко бинӯшанд, бар зидди заҳри ҷонварон тарёқ мешавад, варам ва гиреҳи сипурзро дафъ ме- кунад ва ларзи табҳои варачаро барҳам медиҳад. Решаи

онро пухта, аз рӯ бар бачадон, яъне ба зе- ри ноф гузошта банданд, дарди бачадонро дафъ ме- намояд ва сахтиашро, ки инро дар тибби ҳозира но- болиғии бачадон меноманд, сиҳат ва болиғ мегардо- над; инчунин агар даҳани бачадон аз ғафс гаштани парда ва мушакҳои он, банд шуда бошад, мекушояд ва барои нутфаи мардро кабул кардану ҳомила шу- дан муҳайё месозад. Инчунин инро ба варамҳои сах- ти ҷоҳои дигари бадан низ гузошта банданд, онҳоро мулоим мегардонад, ханозер (хукгардан)-ро таҳлил медиҳад; бар рӯ гузошта банданд, рихинаки ин узвро 334 дафъ мекунад ва решҳои римнокро, ки дар ҳар ҷойи бадан бошанд, ба ҳам оварда сиҳат мебахшад. Агар бо мудовамат онро дар оташ гарм карда, ка- ме сирко низ бар он пошида, бо он гармбандӣ ку- нанд, иллатҳои сипурз, истисқо ва газидани ҷонваро- ни захрнокро даво мешавад, варамҳоро мегардонад, рутубати равони ширмонанди решҳоро қатъ мегардо- над, доғҳои кунҷидак ва доғи сафеди пӯстро дафъ ме- кунад; агар онро бо асал даромехта, гармбандӣ ку- нанд, инчунин кӯфта, бо асал хамир карда гузошта банданд, захмҳои чуқуррафтаро сиҳат мекунад. Решаи хушки онро кӯфта бипошанд, бар устухоне, ки дар натиҷаи иллате луч гашта бошад, гӯшти солим мерӯёнад, захм ва решҳои чуқурро ба ҳам меоварад, инчунин бадбӯйии захмҳо ва захмҳои бедаворо ба ис- лоҳ меоварад. Агар ин решаро дар об ҷӯшонида, дар он об то ноф даромада нишинанд, сахтии бачадон ва мақъад- ро шифо мебахшад, инчунин иллатҳоеро, ки аз сардӣ ба амал омада бошанд, дафъ мекунад. Ва бо ҳамон об ҳуқна (клизма) кунанд, иркуннасо, бадбӯйии бавосир ва захмҳои чуқуррафтаи ботиниро дафъ менамо- яд; аз носурҳо, яъне аз решҳои кӯҳнаи бедаво гӯшти ҳаромро мебарад ва ба ҷояш гӯшти солим мерӯёнад. Ин решаро кӯфта, бо асал хамир сохта, занҳои ҳо- мила аз таг бардоранд, бачаи онҳоро аз шикам ме- афтонад ва агар ин таркибро дар мақъад бардоранд, кирмҳои рӯдаҳои ростро мерезонад. Равғани онро ба узвҳои ҷингакшуда, ки сабаби он беморӣ ҷамъ шудани балғам бошад, бимоланд, ислоҳ мебахшад ва агар ба мақъад бимоланд, даҳани раг- ҳои бавосирро мекушояд ва хуни бандшудаи онро равон мекунад. Ва агар инро бо сирко ва ё бо шароб даромехта биёшоманд, ҷингак шудани аъзоро, ки аз афзудани балғам бошад, шифо мебахшад, мушакҳои даридаро ба ҳам меоварад. Аз хӯрдани занбӯруғи захрнок, банг, кашнизи девонакунандаи кӯҳӣ захро- луд шуда бошанд, низ ин равғанро бо сирко биёшо- манд, аз офати захрҳои онҳо наҷот медиҳад, инчунин табҳои хунукхӯронанда ва ларзонандаро дур месозад. 25 грамм аз ин равған бихӯранд, дарунро бошиддат меронад. Ин равғанро бо шаҳроб даромехта, бо он ғарғара кунанд, дағалии қасабаи шушро, ки дар ил- ми ҳозира бронхия меноманд, ба ислоҳ меоварад. 335 Оберо, ки решаи ин гиёҳ ҷӯшонида шуда бошад, бо каме сирко

даромехта, нимгарм дар гӯш чаконанд, ҷаранги даруни онро дур мекунад ва назлаҳои кӯҳнаи дар гӯш фуроянд аро манъ менамояд. Агар ин обро батанҳоӣ дар бинӣ чаконанд, бадбӯйии даруни биниро дафъ месозад. Решаҳои тари ин растаниро дар равғани зайтун биҷӯшонанд, то он ки он решаҳо бипазанд, баъд ин равғанро нимгарм дар гӯш чаконанд, карии кӯҳнаро барҳам медиҳад. Агар бо ин равған ҳуқна кунанд, ир- қуннасо ва иллатҳои бачадонро шифо мебахшад. Тухми ин гиёҳро бихӯранд, хоб меоварад. Камтареро аз решаи он ба сӯрохи дандоне, ки кирмхӯрда бошаду дард кунад, бигузоранд, он дан- донро бе ҳеҷ гуна дард майда карда мерезонад, аммо бояд ба дандони дигар нарасад, ки онро мепӯсонад ва ҳамон тавр мерезонад. Миқдори як бор хӯрдан аз решаи ин гиёҳ дар як рӯз то 9 грамм аст. Аммо решаашро бояд бо асал бихӯранд, вале агар танҳо мехӯрда бошанд, зӯрӣ ме- кунад, ҳатто аз ҳуш меравонад ва ё ваҳшатнок мегар- донад. Инчунин ошомидани ин гиёҳ мумкин аст ба шуш зарар расонад. Дар ин ҳолат асал бихӯранд, зиёнаш дафъ мегардад ё бо асал ҳамроҳ карда бихӯ- ранд. Аз ин равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Дар таносуби 100 грамм решаашро нимкӯфта, дар ҳашт баробари вазни он оби борон ё оби муқаттар як шабонарӯз тар карда, баъд дар зарфе то чоряки обаш мондан мечӯшонанд, пас хуб молида, аз матои бофташ зич гузаронида., соф мегардонанд. Ва аз бо- лои он об дар зарфе равғани зайтун дохил намуда, бо оташи мулоим мечӯшонанд, то он ки об бухор шуда раваду равған бимонад. Агар аз ҷӯш бимонад —ин аломати тамом бухор шудани об аст. Молидан ва хӯрдани ин равған барои ханозер, ҷа- роҳатҳо, иркуннасо, ниқрис (дард ва варами ангуш- тони дасту поҳо) ва дардҳои буғумҳо даво мешавад, варам ва бодҳоро таҳлил медиҳад; барои душвории шошидан, ки аз ҷамъ шудани балғам бошад, бодҳои гурда ва хичакро дафъ мекунад, иштиҳоро бармеан- гезонад, узвҳои ҳозимаро, ки меъда, рӯдаҳо, ҷигар ва сипурз мебошанд, қувват мебахшад, гиреҳи сипурз ва ғайраро мекушояд. 336 139. Ҷамилак Ин гиёҳест кӯҳӣ, баргаш монанди барги кокутӣ ме- бошад, монанди райҳон бӯйи хуш дорад — ин аз ҷин- си райҳон ва кокутӣ мебошад. Бӯяш мобайни бӯй- ҳои наъно ва пудинаи даштӣ буда, гӯё аз ҳар ду му- раккаб гаштааст. Гулаш сафеди моил ба сурхӣ, тух- маш резатар аз тухми райҳон. Дар заминҳои оф- тобрӯяи кӯҳсор мерӯяд. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Вале баъзе табибон дар охири дараҷаи дуввум гарм ва дар аввали он дараҷа хушк низ гуфтаанд. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд фараҳ меоварад, гиреҳҳоро дар узвҳои бадан меку- шояд; узвҳои даруни шикам ва даруни сина, инчунин рӯҳи ҳайвониро, ки марказаш дил аст ва рӯҳи наф- сониро, ки мавқеаш майна аст, қувват мебахшад, низ бар зидди заҳрҳо қуввати тарёқӣ ҳам дорад, бӯйҳои бадро аз бадан дафъ мекунад, пешоб ва ҳайзро равон месозад, кирмҳои

шикамро хориҷ мегардонад, бачаи мурдаро аз шиками ҳомила меафтонад, ҳамаи бодҳои зарарнокро таҳлил медиҳад. Барои равон кардани пе- шоби бандшуда ва ҳайз онро дар об ҷӯшонида, дар он об то ноф даромада нишинанд, кофист. Агар кӯфтаи инро бо шароб фурӯ баранд, қай ва беҳузур (бечо) шудани дилро таскин медиҳад. Агар инро бо сирко ва равғани гулисурх сиришта гузошта банданд, дарди сарро шифо мебахшад. Кӯфтаи инро бо чой ё бо об фурӯ баранд ё гузош- та банданд, барои бемориҳои балғамӣ, дарди узвҳои даруни сина ва меъда, варами ҷигар ва сипурз даво мешавад. Ва агар бо асал бихӯранд, газидани каж- думро безарар мегардонад, бо сиканҷабин биёшо- манд, барои занбӯргазида даво мебошад. Ин гиёҳро дар об ҷӯшонида, он обро биёшоманд, оруғ, чакмезак ва шапушҳоро дафъ мекунад; санги хичакро майда карда мерезонад, арақи бадбӯйро ис- лоҳ мекунад ва агар гузошта банданд, дарди рӯдаҳо ва дарди бачадонро ба ибро меоварад. Ин растаниро бо сирко биёшоманд, хун қай кар- данро сиҳат месозад. Тухмашро бардавом бихӯранд, беморӣ ва иллатҳои дар боло номбаршударо ба ибро меоварад. Ва тухми онро занҳо аз таг бардоранд, бӯйи 337 бачадонро хуш мегардонад. Инчунин инро бибӯянд, моддаҳои дар майна бударо ба ҳаракат меоварад. Хӯрдани ҷамилак ба шуш зарар дорад. Давои ин зарараш катиро хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз ҷамилаки хушк дар як рӯз 4,5 грамм аст. Агар ҷамилак ёфтан душвор гар- дад, ба ҷойи ин райҳони гӯши мушро истеъмол намо- янд, раво мебошад. Аз ҷамилак равған ҳам тайёр мекунанд ба ин та- риқ. Ҷамилаки тару тозаро кӯфта, фишурда, обашро дар зарфе рехта, аз болояш баробари вазни он равға- ни кунҷид дохил карда, бо оташи мулоим то тамо- ман бухор шудани об меҷӯшонанд. Аз ҷӯшидан, ки монд, равған тайёр мебошад. Ё он ки гулашро дар он равған пур кунанду ба офтоб гузоранд ва ҳангоме, ки ранг, бӯй ва қуввати гул ба равған гузарад, фишурда, гулро дур намоянду аз нав гули тару тоза андозанд. Ҳар ҳафта як бор то панҷ-шаш маротиба гулро нав бояд кард. Баъд равғанро соф гардонида, дар ши- шаи маҳкам нигоҳ доранд. Агар ин равғанро ба сар бимоланд, гирехи май- наро мекушояд ва ин узвро қавӣ мегардонад. Ва агар дар бинӣ чаконанд, банд шудани сӯрохи биниро ме- кушояд. Агар инро бихӯранд, моддаҳои ғализи ҳамаи узвҳои баданро таҳлил медиҳад, узвҳои баданро қа- вӣ месозад, ба бадан бӯйи хуш мебахшад. 140. Шоҳитара Ин исми тоҷикист ва маънояш султони гиёҳҳост. Ин растанӣ ду навъ аст: якеро баргаш монанди барг- ҳои кашниз реза ва андак хокистариранг. Гулаш бу- нафш ва реза; дигареро барг аз он васеътар, сабз- ранг ва гулаш сафед аст. Таъми ҳар ду навъаш ҳам талх бо каме тезӣ. Мизоҷаш мураккабқувват, дар гарми ву сардӣ мӯъ- тадил ва дар дараҷаи дуввум хушк аст. Ба қавли баъзеҳо дар дараҷаи дуввум гарм аст. Вале Шай- хурраис дар дараҷаи якум сард

гуфтааст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро биёшоманд, гиреҳи ҷигар ва сипурзро мекушояд; меъдаро қавӣ ва аз олойиш пок мегардонад, ҳар се ахлотро (балғам, савдо ва сафроро) бо исҳол дафъ мекунад, хусусан 338 савдо ва моддаи сафро, инчунин савдои сӯхтаро беш- тар хориҷ менамояд, хунро соф мекунад, пешобро ме- ронад, иштиҳоро бармеангезад. Хушки он барои қув- ват бахшидан ба меъда қавитар мебошад: барои таб- ҳои кӯҳна, бемориҳои савдовӣ ва аз балғами шӯр бо- шанд, даво мешавад: буни дандонро мустаҳкам ме- созад. Агар инро бо сирко биёшоманд, қайи сафровӣ ва беҳузур (бечо) шудани дилро, ки аз зиёд гаштани балғам дар сари меъда бошад, дафъ мекунад: меъда ва рӯдаҳоро аз моддаҳои нодаркор ва зарарноки банд- шуда пок месозад. Инчунин бо шаҳдоб биёшоманд, таъсири дар боло гуфташударо дорад. Оби баргҳои тару тозаи онро бо шакар биёшо- манд, меъда ва рӯдаҳоро аз моддаҳои бегона пок ме- гардонад, гиреҳи ҷигар ва сипурзро мекушояд, меъ- даро қувват мебахшад; зардпарвин, қӯтур, хориш, шу- куфаи пӯст, инчунин сабӯсаки сар, ки аз хуни мур- дори сафровии сӯхта ҳодис шуда бошад ё аз балғами бисёр ва тезии ахлоти сӯхтаи сафровӣ ва савдовӣ ба амал омада бошад, онҳоро аз сар ва ҷоҳои дигари ба- дан бо воситаи пешоб, саргин ва арақ дафъ мекунад. Арақи шоҳитараро, яъне оби муқаттари онро, ки бо воситаи анбиқ гирифта бошанд, биёшоманд, ис- ҳолро мебандад ва гиреҳҳоро дар узвҳои бадан ме- кушояд. Оби гиёҳи тару тозаи шоҳитараро дар офтоб ғафс гардонанд, инро усораи шоҳитара мегӯянд. Усораи инро ба чашм кашанд, чашмро қавӣ ва обравии бисё- ри онро манъ мекунад. Ин усораро бо шилми ҳар як навъи бодом даромехта, мӯйи мижаро, ки чаппа рӯйида, ба даруни чашм мехалида бошад, канда, баъд бика- шанд, он мӯй дигар намерӯяд. Агар ин усораро дар об ҳал карда, он таркибро дар даҳан гардонанд, ҷа- роҳати ком ва забон, инчунин тафси онро дафъ меку- над, милки дандонро аз моддаҳои бегона пок ва онро мустаҳкам месозад. Гиёҳи хушки онро кӯфта гузошта банданд, қӯтури пӯст ва хориши онро дафъ мекунад. Кӯфтаи гиёҳи хушки онро бо оби тараш сиришта бимоланд ва ё он- ро як шабонарӯз дар об тар карда, бо он об сар ва ришро бишӯянд, ришки сар ва сабӯсаки онро дафъ месозад. Инчунин онро дар об ҷӯшонида, бо он об бардавом бишӯянд, низ ҳамин таъсирро дорад. Табиб 339 Ибни Мосавия гуфтааст, ки гиёҳи тари онро кӯфта гузошта банданд, газидани занбӯрро даво мебошад. Мизоҷи тухмаш дар гарміву сардӣ мӯътадил аст. Ҳаким Муҳаммад ибни Аҳмад ва Ҷолинус тухми инро аз қисмҳои дигари гиёҳаш қавитар донистаанд. Ба қавле истеъмоли шоҳитара аз дарун барои шуш зарар дорад ва давои ин зиёнаш коснӣ хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз шоҳитараи тар дар як рӯз аз 10,5 то 17,5 грамм аст; аз оби гиёҳи тараш аз 125 то 250 грамм аст, ки бояд бо обе, ки ҳалилаи зард дар он тар карда шуда бошад ва бо

шакар ширин сохта биёшоманд. Ва агар гиёҳи хушки онро дар об ҷӯшонида, он обро нӯшиданӣ бошанд, аз 17,5 то 35 граммашро дар об андозанд; ва аз тухмаш то 17,5 грамм ошомидан раво мебошад. Агар шоҳитара ёфт нашавад, ба ҷойи ин баробари нисф вазни он сано, баробари сеяки он ҳалилаи зард истеъмол фармоянд, равост. Бояд шоҳитараро бо ҳалилаи зард, ки ислоҳ-кунандаи зарари он аст, биёшоманд. Зеро шоҳитара батанҳоӣ истеъмолаш ба сипурз зарар дорад ва ҳали- ла инро ислоҳ мекунад. Оби барги тару тозаи онро бояд соф нокарда ис- теъмол кунанд. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-134-140#134

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 141-147 141. Ҷав 142. Лоласурхак 143. Сиёҳдона 144. Дармана 145. Гандуми девона 146. Сабир 147. Кокутӣ 141. Ҷав Ин дон ва зироати маълум аст. Беҳтарини он са- феди пурраи наваш мебошад. Агар аз як сол гузарад, барои даво қобили истифода нест. Мизоҷаш дар дараҷаи якум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ҳамчун ғизо ин назар ба гандум камтар аст дар қувват. Хӯрдани ҷав ҷӯ- шиши хун ва сафроро паст мекунад, ташнагиро тас- кин медиҳад; тезии табҳои гарм ва тундро мешика- над, барои сил ва иллати диқ (лоғаркунандаи бадан) даво мебошад, вале дар айни ҳол худаш баданро ло- ғар мегардонад, ба хичак низ зиён мекунад. Давои ин зарараш бо равғанҳо ва бо камтар арпабодиён хӯрдан аст. Ҷавро муқашшар карда, яъне кӯфта аз пӯсташ ҷу- до сохта, дар об ба дараҷае ҷӯшонанд, ки ҷавҳо шу- куфта ва муҳарро гарданд. Баъд он обро соф карда, хунук намоянд, ки инро оби ҷав меноманд. 340 Мизоҷи оби ҷав сард ва тар аст. Агар инро биёшоманд, фишори баланд ва ҷӯшиши хунро паст мекунад, инчунин ҷӯшиши сафроро низ со- кин месозад, ахлоти сӯхтаро ба ислоҳ меоварад; таб- ҳои гарм ва тез, инчунин ҳамаи бемориҳои аз гармӣ содиршударо шифо мебахшад; тафс ва ҳарорати боти- нӣ, тафси ҷигар ва ташнагии шадидро сокин мекунад, иллатҳои диқ, сил (захми шуш), варами пардаҳои паҳлуи даруни сина, сурфаи хушк, дарди сари аз гар- мӣ ва монанди инҳоро шифо мебахшад; сиёҳ задани чашмро дафъ мекунад, дар бадан хуни солим пайдо менамояд. Вале истеъмоли ин меъдаи тармизоҷро суст мегардонад ва ба узвҳои даруни шикам, ки мизоҷи хунук дошта бошанд, зарар дорад, бодангез аст. Да- вои ҳамаи ин зарарҳояш гулқанд хӯрдан мебошад. Аммо оби ҷавро ҳангоми рафтани дарун истеъмол намекунанд. Агар ҷави кӯфтаро бо челон ва сагпистон, анҷир ва сунбул пухта бихӯранд, барои дарди узвҳои дару- ни сина ва сурфа доруи хубест. Шираи ҷавро, ки кашки ҷав низ меноманд, қиво- маш ғафстар аз оби ҷав аст, мизоҷаш сард ва моил ба хушкист. Хӯрдани ин барои исҳоли сафровӣ ва ба одамони гарммизоҷ дору мебошад. Агар бо он ғарға- ра кунанд, варами гулӯ ва дарди

онро дафъ мекунад. Орди ҷавро гузошта банданд, варамҳои сахтро рад мекунад ва таҳлил медиҳад, пучакҳои гармро мекафо- над. Орди ҷавро батанҳоӣ ё бо кӯфтаи тухми тугма- чагул даромехта гузошта банданд, барои сил, зот-ул- ҷанб (варами пардаҳои даруни сина), варамҳои зери бағал, сина, пистон, баногӯш ва дигар ҷоҳои аъзо даво мебошад; бо камтар решаи чукрӣ (ревоч) даро- мехта гузошта пай дар пай бибанданд, варамҳоеро, ки гармии баланд надошта бошанд, таҳлил медиҳад; агар бо сирко хамир сохта гузошта банданд, варам- ҳои сафровӣ, яъне варамҳои гарми шадид, инчунин шаро (аллергия)-ро дафъ мекунад. Агар орди ҷав ёфт нашавад, ҷавро кӯфта, аз пӯсташ ҷудо сохта, бо оби гиёҳҳои сардмизоҷ, масалан, бо оби барги зуф, барги коснӣ ва ғайра сойида, истеъмол фармоянд, ҷоиз аст. Орди ҷавро ё ҷавро сойида, бо оби биҳӣ хамир сох- та гузошта банданд, никрис (подагра)-и гармро шифо мебахшад; агар бо оби кашнизи тар хамир карда гу- 341 зошта банданд, ханозер, варамҳои сахти гарм ва ин- чунин варами гулӯро таҳлил медиҳад; бо арпабодиён, тухми зағир, зифт (қатрон) ва пешоби кӯдакон си- ришта гузошта банданд, варамҳои сахтро мегардонад, инчунин пучакҳоро мекафонад. Ва агар пухтаи онро бо сирко сиришта гузошта банданд, қӯтур ва хориш- ро дафъ мекунад. Пухтаи онро бо барги коҳу ва ғай- ра баргҳои хунукмизоҷ кӯфта гузошта банданд, барои дарди сар, варами чашм, назлаҳо ва сурхбод дору ме- шавад, инчунин узви шикастаро мустаҳкам менамояд. Онро бо анҷир ва шаҳдоб пухта, ба варамҳои бал- ғамӣ, яъне ба варамҳои сарди нарм ва варамҳои гарм бимоланд, хеле пуртаъсир аст. Ҷавро сӯхта, бо сирко сиришта гузошта банданд, доғҳои кунҷидак ва сабӯсаки сарро дафъ мекунад. Орди ҷавро то бӯяш баромадан битафсонанд, ин ҳамчун ғизо аз орди тафсонидашудаи гандум қавитар мебошад. Агар инро бо камтар шакар бихӯронанд, беҳтарин ғизоест барои кӯдакон, инчунин ташнагӣ ва сӯзиши ботиниро таскин медиҳад. Нони аз орди ҷав пухташуда гаронхӯр, дерҳазм ва боднок аст. Чун хамири орди онро то турш шуданаш бимонанд, баъд онро дар дӯғ ҳал кунанду ҳамон тавр муддате гузошта, баъд бинӯшанд, фишори баланди хуни сафровӣ, сӯзиши дарун, ташнагии шадид, қайи сафровӣ, табҳои гарм, исҳоли сафровӣ ва хориши ба- данро дафъ мекунад, ки дар ин бобат давои бемисл аст. Ошомидани ҷав барои одамони сардмизоҷ зарар дорад, бодангез аст. Давои ин зарараш бо шакар ё бо набот хӯрдан аст. Орди тафсонидааш агар зиён ку- над, давояш онро шустан ва бо ширинӣ хӯрдан аст. 142. Лоласурхак Инро ба таври оддӣ лола ҳам меноманд. Ин гиё- ҳест баргаш ва гулаш монанди кӯкнор, вале кӯзаи сараш назар ба кӯзаи кӯкнор хеле майда мебошад, тухмаш ҳам нисбатан резатар. Гулаш одатан панҷ барг дорад, садбаргаш ҳам мавҷуд мебошад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: 7 грамм гули хушкашро кӯфта, бо майи

пухтагӣ биёшоманд, дарди узвҳои да- 342 руни шикамро, ки дафъатан ба амал омада бошад, таскин медиҳад ва бисёр пуртаъсир аст. Гули хушки онро кӯфта, бо воситаи найча дар би- нӣ пуф кунанд, хуни биниро ҳамон дам қатъ мекунад. Ва агар инро бипошанд, хунравиро, ки аз ҳар як узв бошад, манъ месозад. Барг ва пояи онро бо коҳи ҷав дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, шири занҳо, пешоб ва ҳайзро ра- вон мекунад. Оби гиёҳи тари онро дар офтоб ғафс гардонанд, инро усораи лоласурхак меноманд. Усораи инро бимо- ланд, захмҳоро аз рим пок мегардонад, иллати пӯст- партоиро дафъ мекунад, варами чашмро таҳлил ме- диҳад. Усораи онро дар бинӣ бирезанд, майнаро аз руту- батҳои зарарнок пок мегардонад. Оби гиёҳи тари онро дар чашм чаконанд, гули чашмро дафъ мекунад. Инчунин оби барги гули онро батакрор бичаконанд, низ ҳамон таъсирро дорад. Гу- ли хушки онро маҳин кӯфта, чун сурма ба чашм ка- шанд ҳам, гули чашмро нест мекунад. Гули онро бо пӯсти сабзи чормағз якҷо кӯфта, гу- зошта банданд, мӯйро сиёҳ мегардонад ва шукуфаи пӯстро дафъ мекунад. Ҳар рӯз 3,5 грамм тухми онро бо оби хунук биё- шоманд ва бо он мудовамат намоянд, иллати песро дафъ мекунад. 3,5 грамм қуббаи (кӯзаи) онро бихӯранд, девона мекунад. Аз инаш эҳтиёт бояд шуд. 143. Сиёҳдона Ин тухми растании бӯстонӣ аст ба монанди тухми арпабодиён, вале аз он дарозтару бориктар, рангаш сиёҳ ва бӯяш тунд мебошад. Гулаш зарди моил ба сафедӣ ва инчунин бунафшӣ низ мешавад. Баргаш дарозаки нӯгдор, тухмаш дар ғилофе, ки калонтар аз ғилофи тухми банг (кирмрезонак) аст. Қувваташ то ҳафт сол боқӣ мемонад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ин гармкунанда ва хушккунандаи рутубатҳои нодаркор, пазонанда ва ба- рои хориҷ шудан тайёркунандаи онҳо мебошад, инчу- 343 нин аз узвҳои дохилӣ кандани онҳо (ахлот) ва покку- нандаи бадан аст; шир, пешоб ва ҳайзро равон ме- кунад. Агар инро бихӯранд ва бо равғани савсан си- ришта, занҳо аз таг бардоранд, бачаи зинда ва мур- даро аз шиками онҳо меафтонад, инчунин ҳамроҳаки (ёраки) ҷанинро зуд хориҷ мекунад, бар зидди заҳр- ҳои тармизоҷ тарёқ мебошад. Инро бихӯранд ва гузошта банданд, сурфаи хунук- мизоҷ ва рим қай карданро таскин медиҳад; барои дарди узвҳои даруни сина, ростнафас, истисқо (водян- ка), зардпарвин, беҳузур (беҷо) шудани дил, бемори- ҳои сипурз ва қулинҷи бодӣ даво мешавад. Инро ҳар рӯз ба дили наҳор бо мудовамат бихӯранд, пешоб, ҳайз ва ширро равон мекунад; агар бо равған бихӯ- ранд, ранги рухсорро сурх мегардонад, башарарo соф мекунад; агар бо сирко бихӯранд, ҳамаи навъҳои кир- ми меъдаро ихроҷ менамояд. Аз 4,5 то 10,5 грамми онро бо оби нимгарм бихӯранд, барои саги девона- газида дору ва бар зидди заҳри ғунда тарёқ меша- вад; ҳамин миқдорро бо сиканҷабин (сиркоасал) биё- шоманд, таби дурӯздармиён ва таби балғамии кӯҳ- наро

шифо мебахшад; бо об ва асал бихӯранд, рост- нафасро дафъ мекунад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад, табҳои кӯҳнаро шифо мебах- шад; бо танакори арманӣ бихӯранд, душвории шоши- данро ислоҳ менамояд. Сиёҳдонаро сӯхта, бо рубби мӯрд, яъне бо оби ҷӯ- шонида ғафсгардонидаи мӯрд биёшоманд, бавосирро шифо мебахшад. Хоми онро бибӯянд ё дар латта баста, як шаб дар сирко тар кардашудаи онро сойида, батакрор субҳ дар бинӣ бирезанд, дарди сари кӯҳнаро, ки аз сардӣ бо- шад, дафъ мекунад, бастагии сӯрохи биниро мекушо- яд; зуком ва назларо барҳам медиҳад, инчунин кач шудани рӯйро ба ибро меоварад —дар ин бобатҳо да- вои бемисл аст. Чун ҳафт адад тухми онро як соат дар шири за- нон тар карда, дар бинии касе, ки иллати зардпар- вин дошта ва чашмонаш зард гашта бошанд, бичако- нанд, иллатро дафъ мекунад. Сиёҳдонаро кӯфта, бо равғани савсани кӯҳӣ даро- мехта, дар бинӣ бирезанд, оби дар гавҳараки чашм фуромадаро, ки дар ҳолати ибтидо бошад, дафъ ме- кунад. Ва агар кӯфтаи сиёҳдонаро батакрор чун сур- 344 ма ба чашм кашанд, гавҳаракро аз он оби фуромада холис мегардонад ба шарте, ки иллат дар ҳолати сар- шавӣ бошад. Сиёҳдонаро гарм карда ба сар гармбандӣ намоянд, зукомро дафъ мекунад ва агар ба узвҳои дигар гарм- бандӣ кунанд, бодҳоро таҳлил медиҳад. Сиёҳдонаро дар об ҷӯшонида, ба он об сирко омех- та, ин таркибро дар даҳан гардонанд, дарди дандон- ро, ки аз сардӣ бошад, таскин медиҳад. Онро кӯфта, ба пеши сар гузошта банданд, назла- ҳои кӯҳнаро банд менамояд ва дарди сареро, ки са- бабаш хунукӣ бошад, басанда месозад, сӯрохи банд- шудаи биниро мекушояд; агар кӯфтаи онро бо сиркои хамр (винный уксус) ё бо сиркои ангурӣ хамир сохта гузошта банданд, озахҳо, холи рӯйи пӯст, иллати пӯст- партоӣ, дарди буғумҳо, доғи сафеди пӯст, пес, донача ва обилаҳо, инчунин шукуфаи пӯстро дафъ мекунад; бо пешоби кӯдакон хамир карда гузошта банданд, ва- рамҳои сахт, озахҳо ва холро дафъ мегардонад. Сиёҳдонаро кӯфта, бо оби тарбузи абӯҷаҳл (ҳан- зал)-и тару тоза сиришта, ба атрофи ноф бимоланд, кирми кадудонаро (солитёрро) бо қуввати тамом их- роҷ мекунад; бо оби дарманаи тар даромехта бимо- ланд, кирмҳои дарози шикамро башаст ихроҷ мена- мояд. Сиёҳдонаро маҳин ос карда, бо хуни кӯршабпарак ё бо хуни фароштурук ва ё бо хуни мори афъӣ даро- мехта бимоланд, доғи сафеди пӯстро дафъ мекунад; бо асал ва равған сиришта бимоланд, агар бачадон ҳангоми омадани ҳайз дард мекарда бошад, дарди онро шифо мебахшад; бо равғани гулисурх сиришта бимоланд, қӯтурро хоҳ тар бошад ва хоҳ хушк, шифо мебахшад. Сӯхтаи онро бо мумравғане, ки аз муми занбӯри асал ва равғани савсан тартиб дода ё дар равғани ҳино гудохта бошанд, даромехта гузошта банданд, сари калро сиҳат мекунад, рехтани мӯйро манъ ме- намояд ва дар сари кал мӯйро мерӯёнад—барои ин кор

батакрор бояд гузошта банданд. Сиёҳдонаро андак бирён карда, кӯфта, бо гулоб хамир сохта гузошта банданд, захмҳои савдовии соқи поро дафъ мекунад; бо пешоби кӯдакон хамир карда гузошта банданд, решҳои сарро, ки рутубаташон мо- 345 нанди асал бошад ва дигар решҳои тарро, ки аз сар- дӣ бошанд, шифо мебахшад. Сиёҳдонаро то бӯяш баромадан бирён кунанд, инро сиёҳдонаи бӯдода меноманд. Сиёҳдонаи бӯдодаро кӯфта, дар равғани зайтун пухта, се-чор қатра аз он равған дар бинӣ чаконанд, зукомеро, ки бо атсаи бис- ёр бошад, дафъ месозад. Вале агар сиёҳдонаро аз ҳад зиёд бихӯранд, ода- мони гарммизоҷро ба дарди гулӯ гирифтор мекунад— давои ин дар сирко тар карда хӯрдан аст. Инчунин ба гурда ҳам зиёнкор аст — давои ин хӯрдани кати- ро мебошад. Миқдори як бор хӯрдан аз сиёҳдона дар як рӯз ба- рои одамони хунукмизоҷ то 7 грамм аст, вале барои касони гарммизоҷ то 1,75 грамм мебошад. Агар сиёҳдона ёфт нашавад, ба ҷойи он арпабодиён бихӯранд, раво мебошад ва инчунин нисф вазни он тухми шибитро хӯрдан низ ҷоиз аст. Аз сиёҳдона равған ҳам тайёр мекунанд. Ин бо роҳҳои гуногун ҳосил карда мешавад: 1. Бигиранд дар таносуби 70 грамм сиёҳдона 17,5 грамм равғани бодоми талх—ҳар дуро якҷо бикӯ- банд. Бар он андак оби гарм пошида, баъд бошиддат фишор дода, равғани онро биситонанд. 2. Колбаро дар ҳаҷми хоҳиш гирифта, ба он гили бӯта бимоланд ва даруни онро то гарданаш аз сиёҳ- дона пур созанд ва дар гулӯи колба лифи зағирпоя ҷо намоянд. Баъд бигиранд лаган ё тунукаи ғафсро аз миёнаҷояш мувофиқи ғунҷоиши гардани колба сӯрох кунанд. Колбаи пур кардашударо сарозер дар он сӯ- рох гузоранду аз боло ва атрофи он дар рӯйи лаган оташи тез биафрӯзанд. Равғани сиёҳдона ҷудо гашта, дар лиф покшавон ба поён фурӯд меояд. 3. Як миқдори муайян сиёҳдонаро дар ҳашт баро- бари вазни он оби ширин як шабонарӯз тар карда, баъд то чоряки об мондан биҷӯшонанд. Ва онро аз матои бофташ зич гузаронида, соф намуда, дар зар- фе аз болояш равғани кунҷиди тоза ё равғани зайтун ду баробари он об андохта, бо оташи мулоим биҷӯ- шонанд, то об бухор шуда, равған бимонад. Эҳтиёт кунанд, ки равған доғ нагардад. Мизоҷи равғани сиёҳдона дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хӯрдани ин ва молиданаш барои иллатҳои фолиҷ, 346 каҷ шудани рӯй, ҷингак шудани узвҳо, дардҳои бу- ғумҳо аз сардӣ, сустии олатҳои таносул, дафъ карда- ни гиреҳи асабҳо, мондагӣ, дарди камар, барои қув- ват бахшидани боҳ ва ба ҳаракат овардани аъзои та- носул, ҳатто барои касоне, ки аз мардӣ маҳрум гашта бошанд, даво мебошад. Агар маҳз бо равғани зайтун ин равғанро тайёр карда бошанд, барои барқарор кардани қуввати мардӣ маҳрум ва ноумедгаштагон давои бемисл аст, ҳам хӯрданаш ва ҳам молиданаш. Миқдори як бор хӯрдан аз равғани сиёҳдона дар як рӯз то 7 грамм аст. 144. Дармана Ин гиёҳест қадаш қариб ба баландии шибит, барг-

ҳояш реза ва бисёр нозук, ранги баргҳояш баъзан сабзи моил ба зардӣ ва баъзе гӯё дар рӯяш ғубор до- рад ва хокистарранг аст. Гулаш сафеди моил ба пуш- тӣ ва гули зардаш ҳам мавҷуд аст. Дармана навъҳои кӯҳӣ ва саҳроӣ дорад. Мизоҷаш гарм ва хушк дар дараҷаи саввум ва ба қавли баъзе табибон дар дараҷаи дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, гиреҳ- ҳои узвҳои баданро мекушояд, балғамро меканад, бод- ҳоро таҳлил медиҳад, ахлоти мурдорро бо исҳол дафъ менамояд, моддаҳои нодаркор ва зарарнокро бо воси- таи пешоб аз бадан берун меронад, ҳамаи навъҳои кирмро аз меъда ва рӯдаҳо ихроҷ мекунад. Агар инро биёшоманд, барои газидани ғунда ва каждум, инчунин бар зидди ҳамаи заҳрҳои тармизоҷ тарёқ мешавад; душвории нафасро ислоҳ мегардо- над, оруғро дафъ мекунад; дарди рӯдаҳо, дарди сурин ва табҳои мураккабро шифо мебахшад. Миқдори хӯрдани он бар зидди таъсири заҳрҳо то 10,5 грамм ва барои бемориҳо то 7 грамм аст. Вале ба дарун истеъмол кардани дармана ба меъ- да ва асаб зарар дорад, дарди сар медиҳад — давои ин зарарҳояш мустако истеъмол кардаи аст. Ба ҷойи дармана ба ҳамон вазн талхшувоқро истеъ- мол намоянд, раво мебошад. Дарманаро пухта, бо он гармбандӣ кунанд ва ба- такрор онро бимоланд, барои дарди чашм, ки саба- баш зиёд гаштани балғам бошад ва дигар варамҳои 347 ғализ дору мешавад ба шарте, ки бо воситаи истеъ- моли давои дахлдор баданро аз балғам танқия карда бошанд пеш аз истеъмоли ин. Дар бобати танқия мо дар охири муқаддимаи ин китоб сухан рондем. Хокистари ин гиёҳро бо равғани зайтун ё равғани савсани сафед ва монанди онҳо хамир сохта, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш гузошта бан- данд, дору мебошад ва ба зудӣ дар он ҷойҳо мӯйро мерӯёнад. Ин хокистарро бипошанд, решҳои хӯранда- ро шифо мебахшад. Аз дармана равған ҳам тайёр мекунанд ба ин та- риқ. Дар зарфи шиша то нимааш равғани кунҷиди нав андохта, даруни онро аз гиёҳи тари дармана пур мекунанду ба офтоб мегузоранд. Дар муддати шаш рӯз қувват ва ранги он ба равған мегузарад. Он дар- манаи беранггаштаро фишурда партофта, аз нав дар- манаи дигар пур мекунанд ва ҳамин тавр то шаш ма- ротиба дарманаро иваз менамоянд. Баъд фишурда, равғанро соф менамоянд—ин равғани дармана ҳисоб меёбад. Ин равғанро бихӯранд, барои иллатҳои душвории нафас, дафъ кардани ларзи табҳо, бемориҳои аз хуну- кӣ баамаломада, варами меъда, истисқо (водянка), ихроҷ кардани кирмҳои шикам, газидани каждум ва ғунда, инчунин рӯёнидани гӯшти солим дар захмҳо даво мебошад. 145. Гандуми девона Ин донест аз ҷав борик ва майдатар, таъмаш ка- ме талх, рангаш моил ба сурхӣ. Гиёҳаш монанди рас- тании гандум дар гандумзорҳо мерӯяд. Беҳтарини он фарбеҳдонаи он аст, ки кӯҳна нагашта бошад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушкиаш зиёда аз ин дараҷа мебошад. Хислатҳои

шифобахши он: агар инро бихӯранд, карахтӣ меоварад, чашмро сиёҳ мезанонад, овозро вайрон мекунад. Ноне, ки дар он гандуми девона дошта бошад, ҳангоми хӯрдан маст мекунад, хоб мео- варад ва боиси сиёҳ задани чашм мегардад. Кӯфтаи онро гузошта банданд, хор ва тирро аз бадан кашида берун меоварад ва моддаҳои рӯйи узвро пок мекунад. Агар кӯфтаи онро бо шароб хамир сохта гузошта банданд, дарди суринҳоро дафъ мекунад: ин- 348 ро бо сирко пухта, бо равғани зайтун сиришта гу- зошта банданд, шукуфаҳои пӯст, хоришак ва қӯтури решгаштаро шифо мебахшад ва бо сафедаи тухми мурғ хамир карда гузошта банданд, сахтиҳои бадан ро ислоҳ мекунад; бо асал хамир сохта гузошта бан- данд, никрисро, ки дард ва варами ангуштони дасту поҳо мебошад, ба ибро меоварад; бо тухми зағир ва саргини кабӯтар сиришта гузошта банданд, пучак ва чиртакҳоро мекафонад, чароҳатҳоро сиҳат мекунад, варамҳоро мегардонад ё пазонида мекафонад; инро бо орди гандум даромезанду бипошанд, шукуфаҳои пӯст ва решҳои дигарро сиҳат мебахшад; агар бо гӯ- гирд даромехта гузошта банданд, доғи сафеди пӯстро дафъ мекунад. Ба ҷойи гандуми девона себаргаро истеъмол кунанд, раво мебошад. Агар касе гандуми девонаро хӯрда бошад, давояш равған ва шир хӯрда қай фармудан аст ва нӯшидани оби меваҳои турш аст. Аз гандуми девона равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Колбаро, ки ҳар навъи бузургашро бихо- ҳанд, гирифта, ба рӯйи он гили бӯта молида, даруни онро то гулӯяш аз гандуми девона пур мекунанд ва дар гулӯяш лифи зағирпоя ё дигар лиф ҷо менамоянд. Баъд лагани калон ё варақи васеътари оҳанро аз миё- наҷояш мувофиқи ғунҷоиши гардани колба сӯрох кар- да, он колбаро сарозер ба он сӯрохӣ мегузоранду аз боло ба атрофи шиками колба ангишт гузошта оташ меафрӯзанд, аз тафси оташ равғани гандуми девона ҷудо гашта, аз лиф софшавон гузашта, ба зарфи дар поён гузошташуда мечакад. Ин равғанро бимоланд, шукуфаҳои пӯст, захмҳои сарҳои тифлон ва ғайри тифлон, сабӯсаки сар ва доғ- ҳои кунҷидакро дафъ мекунад. 146. Сабир Ин растаниро ба русӣ алоэ меноманд. Дар сарза- минҳои мо гиёҳи инро аксар ҳангоми зимистон дар тубакҳо ҷо дода, дар хонаҳо парвариш мекунанд ва дар фаслҳои дигар мумкин аст дар берун, ҳатто заминҳо нашъунамо диҳанд. Инро баргаш ғафс, шах- шӯл, дароз ва нӯгтез, қисми поёни барги он сербар, 349 бисёр обдор, часпак ва каме хор ҳам дорад. Таъмаш талх аст. Оби онро фишурда гирифта, дар зарфҳои кушода хушк месозанд. Сабир се қисм мебошад: 1. Сабири арабӣ, ки беҳтаринаш дар ҷазираи Сақутар, ки наздики мулки Яман аст, мерӯяд. Ва дар он ҷази- ра давоҳои кундур, мукл ва дамм- ул-ахвайн бисёр мерӯянд. Сабири он ҷо зард ва заъфаронии тира, зуд- шикан ва аълосифат мебошад. 2. Сабири ҳиндӣ, ки зарди камранг ва моил ба сиёҳӣ аст. Ин дар бобати давогӣ аз сабири сақутарӣ сусттар аст. 3. Сабири са-

миконӣ, ки ба номи деҳаи Самикони мулки Наҷорис- тон машҳур аст ва инчунин онро сабири форсӣ ҳам меноманд. Ин аз ҳама заифтарин қисмҳои сабир аст, сиёҳранги тира, шабеҳ ба дурда, дершикан, бадбӯй, сабук ва дар амалҳои табобат хеле камтаъсир мебо- шад. Инро фақат аз берун истеъмол менамоянд. Қуввати сабир баъд аз ҷудо кардан аз танааш то чор сол боқӣ мемонад ва агар аз чор сол гузарад, то ҳафтум сол торафт сусттар мегардад. Пеш аз истеъмол бояд, ки онро бисёр ва хуб би- соянд, то ки ҳангоми хӯрдан ба патҳои меъда бичас- паду хуб амал кунад. Аммо инро ҷавонони сафровимизоҷ, одамони гарм- мизоҷ, касоне, ки узвҳои даруни сина ва шикамашон сусту заиф бошанд, инчунин мосорико ва ҷигарашон суст бошанд, иллатҳои мақъад ва бавосирдоштагон ва шахсоне, ки дар баданашон хун бисёр ва рагҳоя- шон танг бошад, инчунин дар ҳавоҳои бисёр гарм ва бисёр хунук истеъмол нафармоянд. Инчунин ҳан- гоме, ки дар меъда таом мавҷуд бошад, набояд бихӯ- ранд, ки мабодо ба таом омехта гашта, онро мурдор гардонад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Вале талхии таъм ва қабзиятнокии он ба мураккаб- ул-қувват будани он далолат мекунад. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, гиреҳ- ҳои ҷигар ва дигар гиреҳҳоро дар бадан мекушояд, бодҳои шикамро таҳлил медиҳад; ҳар як моддаи но- даркори дар меъда, сар, буғумҳо ва ғайраи ҷамъшу- даро башаст бо исҳол дафъ мекунад, вале дар дигар ҷоҳо бошад, таъсираш суст аст. Моддаҳоро аз ҷоҳои чуқури бадан мекашад, меъда ва рагҳоро аз римҳо пок месозад; савдо, балғами ғафси шаффоф ва сафро- виро пазонида ихроҷ менамояд: зардпарвинро бо ис- 350 ҳолкунандагии худ шифо мебахшад, гиреҳи ҷигарро мекушояд, ин беҳтарин давоест барои меъда ва пок- кунандаю қувватбахши он; қуввати бинишро зиёда мегардонад ва дигар ҳисҳоро неку ва сара менамояд; молихулиё, бемориҳои рӯҳӣ ва аксари иллатҳои май- наро, ки вобаста ба меъда бошанд, дафъ мекунад, зе- ро ки меъда бо онҳо комилан ширкат дорад; хоб ме- оварад. Агар инро гузошта банданд, решҳои тарро бидуни дард хушк мегардонад, носурҳои чуқурро ба ҳам час- понида садат мебахшад, захмҳои беҳнашавандаро си- ҳат мекунад, хусусан, ки дар мақъад бошанд ва на- мегузорад, ки моддаи онҳо бадҳол гардад. Агар пеш аз баромадани ришта, яъне дар аввали намоён шудани аломатҳои он се рӯз пай ҳам рӯзи аввал 1,75 грамм, рӯзи дуввум 3,5 грамм ва рӯзи сав- вум 5,25 грамм аз он бихӯранд ва миқдореро аз он ба он ҷо ҳам бигузоранд, то ки моддаи онро парокан- да ва нест гардонад, шифо мебахшад. 6,75 грамм сабирро бо оби нимгарм бихӯранд, ба- шиддат исҳоли меъдӣ меоварад ва меъдаро аз мод- даҳои зарарнок пок мегардонад; ҳамин миқдор сабир- ро бо шаҳдоб биёшоманд, балғам ва сафроро бо воси- таи исҳол фурӯд меоварад. Гоҳо ҳодис мешавад чун субҳ ва шом чанд ҳаб

(таблетка) бо давоҳои ислоҳку- нандаи он, ки шилми санавбар ва асали соф— ҳар ду- ро даромехта ва ҳамаро бо оби гарм фурӯ баранд, дарунро меравонад ва таомро дар меъда вайрон на- мегардонад, инчунин дардҳои меъдаро дар як рӯз бартараф месозад; агар онро бо мустако (мастика) бихӯранд, майнаро аз моддаҳои бегона пок мегардо- над; агар бо занбӯруғи сафеди танаи дарахт бихӯ- ранд, барои буғумҳои бадан ва дамкӯтаҳӣ дору ме- шавад ва узвҳои даруни синаро аз моддаҳои бегона пок менамояд. 3,5 грамм сабирро бо оби хунук бихӯранд, иллати хун қай кардан ва зардпарвинро сиҳат мебахшад; агар ин миқдори онро бо гулисурх ва мустако бихӯ- ранд, ҳамаи бемориҳои меъдаро шифо мебахшад; бо талхшувоқ бихӯранд, барои ҳамаи бемориҳои савдовӣ, дафъ кардани кирмҳои меъда ва рӯдаҳо, бемориҳои сипурзу гурда ва басанда гардонидани ташнагӣ, ки аз ҷамъ шудани сафрои балғамнок бошад ва инчунин барои барқарор намудани иштиҳои гумшуда дору ме- 351 бошад, инчунин тафсидани забончаи ҳалқро, ки аз пайдо шудани сафро дар меъда ҳодис шуда бошад, ба ибро меоварад; ва агар бо давоҳои исҳоловар ҳамроҳ карда бихӯранд, намегузорад, ки зарари онҳо ба меъ- да бирасад. Чун сабирро бо талхшувоқ даромехта, ба кӯдаки ширмак бихӯронанд ва агар ба он хӯронидан бинобар талхӣ душвор бошад, ба модари тифл бихӯронанд, таъсираш бо воситаи шири модар ба кӯдак гузашта, кирми шиками кӯдакро дафъ мекунад. Агар се рӯз пайи ҳам ба миқдори 4,5 грамм сабирро бихӯранд ва се рӯз тарк намоянд ва боз се рӯз биё- шоманд, гиреҳҳои ғадудмонандеро, ки кӯҳна шуда бо- шанд, ба таҳлил мебарад, яъне гудохта нест мегар- донад. Миқдори як бор хӯрдан аз сабир дар як рӯз 4,5 грамм аст; 5,25 грамми он исҳол меоварад ва 10,5 грамми онро бихӯранд, баданро аз ахлоти мурдор пок мегардонад. Аммо сабирро аз ҳад зиёд ва бардавом бихӯранд, ба исҳоли хунин гирифтор менамояд. Вале сабирро ёфтан душвор гардад, баробари вазни он талхшувоқ ва ё ним вазни он заъфарон истеъ- мол намоянд, раво мебошад. Вале истеъмоли сабир ба дарун ба рӯдаҳо, меъда, ҷигар ва ҷигари заиф, инчунин ба мақъад зарар до- рад, зеро ки сустиовар ва кушояндаи рагҳои мақъад мебошад ва рӯдаҳоро, мумкин аст, бихарошад. Даво- яш: агар ба рӯдаҳо зиён кунад, катиро бояд хӯрд; агар меъда ва ҷигарро суст гардонад, мустако ва гу- лисурх бояд истеъмол фармоянд; чун ба мақъад за- рар оварад, он мавзеъро бо равғани гулисурх ё рав- ғани бунафша чарб намоянд ё чарбии бузро бимоланд, ислоҳ мепазирад. Сабирро бо асал ва ҳалилаи зард биёшоманд, қув- мати таъсири онро зиёда мегардонад, зеро ҳар дуи инҳо қувватбахши сабир мебошад. Аммо сабири пастсифатро бе зарурат истеъмол кардан ҷоиз нест, зеро ки вай то се рӯз дар меъда мемонад ва ҳеҷ поён намефурояд, инчунин ғамгин ме- кунад ва ба изтироб меоварад. Сабирро ба чашм кашанд, чашмро қавӣ мегардо- над; шилпуқӣ, хориш ва қӯтури

пилкҳои чашмро дафъ мекунад, пилкҳои ғафсгаштаро ба эътидол меоварад, 352 захмҳои чуқури чашмро пур мегардонад ва онро фар- беҳ месозад, хуни ба тарафи чашм барангехташаван- даро қатъ менамояд. Сабирро бо равғани гулисурх сиришта бимоланд, реши чашм, қӯтур ва дардҳои онро, ки аз ҷониби би- нӣ бошанд, дафъ мекунад ва рутубатҳои зиёдатии чашмро хушк мегардонад. Ин таркибро ба пешонӣ ва чаккаҳои сар бимоланд, майнаро аз моддаҳои зарар- ноки сафровӣ пок менамояд ва дарди сарро таскин медиҳад. Сабирро бо намак ва танакори арманӣ (яъне танакори сурх) даромехта, бар пеши сар бимоланд, назлаҳои сардро манъ мекунад, майнаро гарм ва рутубати зиёдатии онро хушк месозад; агар бо оби бар- ги зуф ва сирко сиришта бимоланд, решҳои тари сари кӯдаконро шифо мебахшад; ва агар танҳо бо оби бар- ги зуф даромехта бимоланд, захмҳои гӯш ва биниро ба ибро меоварад; бо равғани кадуи ширин якҷо кар- да бимоланд, барои ҷароҳатҳои бинӣ даво мешавад; бо мӯрд (мирт) ва шароб сиришта бимоланд, мӯйи сар ва ришро сиёҳ, инчунин шапуши он мавзеъҳоро дафъ мекунад ва мӯйро, ки аз качалӣ (калъяра) рехта бо- шад, аз нав мерӯёнад; бо асал сиришта бимоланд, узвҳои зарба ва латхӯрдаро, ки хун дар он ҷо мурда ва кабуд гашта бошад, шифо мебахшад, доғҳои пӯст- ро дафъ мекунад, дарди сар ва назлаҳоро ба ибро меоварад, варамҳои хунукро таҳлил медиҳад; барои доначаҳои мӯрчагазак, вабои сурх, милкаки нохун, решҳои хабиса, дардҳои пушт ва буғумҳо даво меша- вад; бавосирро нафъ мебахшад; бо шароб ва асал да- ромехта бимоланд, барои узвҳои латхӯрда, офати му- шакҳои ду тарафи забон, хунравии милки дандон, ва- рамҳои даруни даҳан ва сӯроххои бинӣ, решҳои душ- вор беҳшаванда, хусусан, ки дар рӯйи бинӣ, закарҳо ва мақъад бошанд, дору мешавад. Бо оби кашнизи тар ва сирко даромехта бимоланд, сурхбод, шаро (ал- лергия)-ро, бо шароби ширин сиришта бимоланд, до- наҳои бавосир ва барҷаставу овехтаи донаҳои баво- сирро дафъ месозад ва омадани хунро аз онҳо қатъ мегардонад, кафидани мақъадро ба ибро меоварад; бо оби пиёзи гандано сиришта бимоланд, донаҳои бавосирро меафтонад, аммо бояд ки баъд аз афтодани донаи бавосир он мавзеъро бо омехтаи аз сойидани равғани гулисурх ба сурб (кӯрғошим) бимоланд. Сабирро бо оби гандано ва пӯсти мор пухта, ба- 353 такрор бимоланд, донаи бавосирро меафтонад ва дар ин амал назир надорад. Агар сабирро сойида батанҳоӣ ё бо асал даромехта бимоланд, ҷасади мурдаро аз вайрон шудан ва бадбӯ гаштан нигоҳ медорад. Сабирро сойида, бо сирко даромехта, бо ин таркиб сарро бишӯянд, сабӯсаки сар ва ширинчаро дафъ мекунад, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад. Сабирро сӯхта, дудашро бо воситаи найча ва ё бо қиф батакрор бикашанд, дамкӯтаҳиро дафъ мекунад. Бо сойидаи сабир ҳуқна кунанд, барои бавосир

фои- да дорад. Сабирро хушк карда, кӯфта бипошанд, захмҳоро хушк карда сиҳат менамояд; барои захмҳои закар ва фарҷи занон ва узвҳои дигари асабонӣ даво мешавад; агар бо кӯфтаи устухони пӯсида баробарвазн даромехта бипошанд, решҳои хӯранда, бавосир, решҳои хабисаро нест мекунад. Барги онро аз миёнаш чок карда, ба он кӯфтаи зардчӯба ва афюни маҳинсойидаро пошида, ба варами каши рон, ки хиёрак меноманд, гарм карда банданд, онро таҳлил медиҳад. 147. Кокутӣ Ин гиёҳи кӯҳии маълум аст, ки райҳони кӯҳӣ ме- бошад. Барги баъзеаш дарозак, баъзеи дигараш гирдак аст. Ин гиёҳ навъҳои бӯстонӣ, даштӣ ва кӯҳӣ до- рад. Агар ранги баргҳояш сабзи сиёҳтоб бошад, онро кокутии тоҷикӣ (форсӣ) меноманд. Таъми ин тунд ва хушбӯ аст. Гули ҳамаи навъҳои он кабуд аст. Беҳта- рини ҳамааш баргаш майдаи дарозаки он аст. Дароз- барги он беҳтар аз гирдакбарги он аст. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Вале мизоҷи кокутии кӯҳӣ дар гармӣ ва хушкӣ зиё- да аз саҳроӣ мебошад. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, гиреҳ- ҳои узвҳои баданро мекушояд, балғамро пароканда ва бодҳоро таҳлил медиҳад, инчунин балғамро хушк мекунад; ғизоҳои бадҳазмро сабук мегардонад, боҳро меафзояд, ба хӯрок иштиҳо меоварад; шуш, меъда, ҷигар ва рӯдаҳоро аз балғам ва рутубатҳои зарарнок пок менамояд; баромадани бухорҳоро ба майна манъ 354 мекунад, оруғи балғамиро дафъ месозад; дарди дан- дон ва дарди суринро, ки сабабаш ҷамъ шудани мод- даҳои хунук бошанд, таскин медиҳад; дарди хичак ва бачадонро дафъ мекунад, пешоб ва ҳайзро равон менамояд, инчунин бар зидди заҳрҳо тарёқ мебошад. Кокутиро бо оби анҷири тар бихӯранд, дамкӯтаҳӣ ва сурфаро шифо мебахшад; агар бо анҷири хушк би- хӯранд, арақ меоварад ва ранги рӯйро неку ва сара мегардонад. Давоҳои исҳоловарро бо обе, ки дар он кокутӣ ҷӯшонида шуда бошад, бихӯранд, дар меъда ҳазм наёфтан ва ногувор шудани таом, бадбӯ гаштани ғизо дар меъда ва турш шудани онро дар ин узв ба ибро меоварад; беҳузур (бечо) шудани дил, дарди дил, ин- чунин қулинҷҳои бодӣ, балғамӣ ва дурдиро дафъ мекунад, дарди рӯдаҳоро сиҳат мебахшад, ҳамаи навъ- ҳои кирми меъда ва рӯдаҳоро (ҳатто кирми кадудо- наро ҳам) хориҷ менамояд. Инчунин кокутиро бо асал бардавом бихӯранд, низ ҳамин таъсирро дорад. Кокутиро пеш аз давоҳои исҳоловар бихӯранд, ах- лотро барои дафъ гаштан муҳайё месозад; агар инро бо оби карафс бихӯранд, санги гурда ва хичакро май- да карда мерезонад, душвории шошиданро ислоҳ ме- кунад; агар инро бо майи пухтагӣ бихӯранд, заҳрҳои шавкарон, ки гиёҳи заҳрнок аст ва афюнро аз бадан дафъ менамояд; бо сиканҷабин бихӯранд, зарари ба- чаро дар шиками модар ислоҳ мекунад; бо турб бихӯ- ранд, дарди суринро шифо мебахшад ва гаронии ба- данро, ки сабабаш зиёд гаштани рутубат бошад, дафъ месозад; бо

равғани зайтун бихӯранд, ҳамаи навъҳои дарди рӯдаҳоро сиҳат мебахшад. Сиркоеро, ки дар он як шаб кокутӣ тар карда шу- да бошад ё сиркоасалро (сиканҷабинро), ки аз коку- тӣ, асал ва сирко тайёр карда шуда бошад, биёшо- манд, агар бемор сурфа надошта бошад, барои иллат- ҳои сипурз даво мешавад. Кокутиро бо панири нав бихӯранд, баданро фар- беҳ мегардонад. Кокутиро хуб кӯфта, бо асал хамир сохта, лесида бихӯранд, варами забончаи ҳалқ, варами шуш аз гармӣ, сурфаи тар, зарари газидани каждум ва ди- гар ҷонварони заҳрнокро дафъ мекунад. Кокутиро бихоянд, дарди дандонро таскин меди- ҳад ва чашмро қавӣ мегардонад. 355 Кокутии хушкро кӯфта, бо ҳамвазни он шакар да- ромехта, каф зада бихӯранд, ба майна баромадани бухороти зарарнокро қатъ мекунад, инчунин чашм- ро қувват мебахшад. Агар инро бо таомҳои душворҳазм монанди ҳари- саи (кисели) гандум, боқило, наск, каллапоча ва гӯш- ти гӯсола бихӯранд, ҳазми онҳоро сабук ва осон ме- гардонад ва ба зудӣ аз меъда фурӯд меоварад, инчу- нин бодҳои онҳоро таҳлил медиҳад. Кокутиро бо ҳамаи навъҳои гиёҳҳое, ки ба чашм зарар мекарда бошад, хоҳ гарммизоҷ ва хоҳ сардми- зоҷ бошанд, бихӯранд, зарари онҳоро ислоҳ мекунад. Ва агар инро бо сирко бихӯранд, беҳтарин нонхӯрише мегардад. 10,5 грамм кокутии хушкро кӯфта, бо асал бихӯ- ранд, газидагии каждум ва дигар ҷонварони заҳрнок- ро шифо мебахшад. Кокутӣ ва зираро кӯфта, як шаб дар сирко тар намуда, баъд он сиркоро дар даҳан гардонанд, дарди дандон ва дарди гулӯро шифо мебахшад. Оби кокутии тарро ба чашм кашанд, гули чашм ва шабкӯриро дафъ мекунад. Ин обро бо равғани сав- сани кӯҳӣ даромехта дар бинӣ бирезанд, моддаҳои бе- гонаи бисёри тармизоҷро аз майна дафъ мекунад. Агар ин оби кокутиро нимгарм дар гӯш чаконанд, га- ронии гӯшро ислоҳ мекунад ва бо шир даромехта би- чаконанд, дардашро таскин медиҳад. Кокутиро кӯфта, бо асал хамир сохта гузошта бан- данд, варамҳои сахт, иркуннасо (радикулит) ва дар- ди суринро шифо мебахшад; инро бо равғани зайтун ва зира сиришта гузошта банданд, нофи берунома- даро ислоҳ мекунанд ва боди даруни ин узвро таҳ- лил медиҳад; инро бо орди гандуми тафсон хамир сохта гузошта банданд, варамҳои балғамӣ, яъне омос- ҳои мулоими сардро таҳлил медиҳад; агар бо ганду- ми кӯфта сиришта гузошта банданд, дарди суринро дафъ мекунад. Кокутиро пухта дар ҳаммом гузошта банданд, қӯ- тур, хориш, зардпарвин ва бодҳоро дафъ мекунад. Агар кокутиро дуд кунанд ё онро паҳн намоянд, ҷонварони зарарнок аз он ҷо мегурезанд. Як миқдор шохҳои кокутӣ, ҳамин миқдор челон- ро — дар чор баробари ҳар ду об то чоряки об мон- 356 дан биҷӯшонанду он обро соф карда биёшоманд, хуни ғафсгаштаро соф ва рақиқ мегардонад. Гули кокутиро биёшоманд, моддаи савдо ва бал- ғамро бо исҳол дафъ менамояд, вале дар ин бобат заифтар аз талхшувоқ аст. Чун 9 грамми

онро бо сирко ва намак биёшоманд, савдо ва балғамро бо ис- ҳол дафъ мекунад, инчунин пешоб ва ҳайзро равон месозад. Оби гули тару тозаашро дар офтоб қивом карда бихӯранд, варами мушакҳои ду тарафи забон, забончаи ҳалқ, инчунин ҷӯшиши (пухтани) даҳанро сиҳат мекунад. Аз гули кокутӣ бо шакар ё бо асал мураббо тайёр карда, 9 грамм аз он ё аз гулқандаш ҳамин миқдор биёшоманд, заҳрҳоро аз бадан дафъ мекунад ва бе- мориҳои хунукмизоҷро ба зудӣ шифо мебахшад. Чун шаб вақти хоб аз ин мураббо 4,5 грамм бихӯранд, ба ин мудовамат намоянд, ба майна баромадани бухор- ҳои зарарнок ва рехта шудани зардобро ба даруни гавҳараки чашм манъ мекунад, зеҳнро қувват мебах- шад ва ранги рӯйро сара мегардонад. Аз гул ва баргҳои кокутӣ равған ҳам тайёр меку- нанд ба ин тариқ. Гул ва барги онро дар соя хушк карда, аз он як миқдорро дар шаш баробари он оби ширин як шабонарӯз тар карда, баъд онро то чоряки об мондан бо оташи мулоим меҷӯшонанд. Сонӣ хуб молида, аз ма- тои бофташ зич гузаронида соф менамоянду дар зар- фе аз болои он об ду баробараш равғани зайтун андохта, дар оташи паст то тамом бухор шуда рафтани об меҷӯшонанд. Агар равған аз ҷӯш монад, ин алома- ти тамом шудани об аст. Ҳамин равғани кокутӣ ҳисоб меёбад. Вале эҳтиёт кунанд, ки равған доғ нагардад, барои ин ҳангоми аз ҷӯш мондани он зуд аз оташ фу- руд ованд. Аз ин равған ҳар рӯз як бор як қошуқи ошхӯрӣ биёшоманд, иллатҳои сардмизоҷи монанди: фолиҷ, каҷ шудани рӯй, ларзак, суст ва нотавон гаштани аъзо, дардҳои пушт ва буғумҳо, хусусан қулинҷ, ки варам ва дарди рӯдаҳои ғафс аст, бемориҳои ноҳияи меъда ва рӯдаҳоро шифо мебахшад—дар ин бобат беҳтар аз дигар равғанҳост. Хислатҳои давогӣ дар тухмаш қавитар аз барги он аст: агар инро бихӯранд, гиреҳҳоро мекушояд, зард- 357 парвинро дафъ мекунад, боҳро ба ҳаракат меоварад. Агар инро бихоянд, дарди дандонро таскин медиҳад, иштиҳои таомро мекушояд. Агар инро дар нон дохил намоянд, зарарҳои хӯрокро дафъ менамояд, барои ба- рангехта шудани боҳи одамони сардмизоҷ ёрӣ мера- сонад. Вале ба дарун истеъмол кардани кокутӣ ба шуш зарар дорад давои ин зиёнаш сирко хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз гиёҳи кокутӣ дар як рӯз то 22,5 грамм аст. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-141-147#141

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 148-157 148. Обсабз 149. Шумгиёҳ 150. Оқирқирҳо 151. Наск 152. Зардчӯба 153. Сарсабил 154. Мозу 155. Мармиҷон 156. Челон 157. Ангур 148. Обсабз Инро дар баъзе мавзеъҳо тоҷикон ҷома (чапон)-и қурбоққа ҳам меноманд, дар обҳо, одатан, пайдо меша- вад. Беҳтаринаш он аст, ки дар обҳои ширин ба ҳам расида бошад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум сард ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: онро кӯфта,

батанҳой ё бо орди ҷав якҷо карда гузошта банданд, хунравиро аз ҳар узве, ки бошад, манъ мекунад, сурхбодро дафъ менамояд, варамҳои гармро таҳлил медиҳад; табҳои гарм, никрис (подагра) ва ҷурраи (даббаи) кӯдакон- ро шифо мебахшад. Агар инро дар равғани зайтун ҷӯшонида, гузошта банданд, асабҳоро башиддат муло- им мекунад. Чун обсабзро дар равғани зайтун ҷӯшонида фурӯ баранд ва аз болояш оби гарм бинӯшанду қай кунанд, зулуки дар гулӯ часпидаро ихроҷ мекунад. Обсабзи хушкро кӯфта бихӯранд, исҳоли сафрови- ро мебандад. Он чӣ обсабзеро, ки монанди ришҳо бошад 3,5 грамм аз он бо се-чор дона мурч ва камтар тамокуи хушк, ки ҳамаро бо оби чилим маҳин сойида, ҳабҳо баста, субҳ ба дили наҳор фурӯ баранд, барои ҳамаи иллатҳои сипурз, ки аз хӯрдани алафҳои бисёр бемо- рӣ ба он расида бошад, шифо мебахшад. 149. Шумгиёҳ Ин гиёҳест аз ҷинс ва монанди занбӯруғи ба за- мин фурӯрафта, ки навъҳои сурх ва сафед дорад. Гиё- ҳаш монанди барги печида ғӯлашакл. Ин дар байни 358 нахӯдзор ва баъзан дар байни палакҳои харбуза ва каду бармеояд. Таъми сурхи он ширин — инро мехӯ- ранд, вале таъми навъи сафеди он талх — инашро на- мехӯранд. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, ис- ҳолро манъ мекунад ва хуни рафтаистода, инчунин аракро банд менамояд; ҷигар ва меъдаро қувват ме- бахшад ва сустии меъдаро ба ислоҳ меоварад; монда- гиро хориҷ ва моддаҳои гарммизоҷро аз дохил гаш- тан радд мекунад, сахтиҳоро таҳлил медиҳад, буғум ва пайвандҳои сустгаштаи баданро мустаҳкам мегар- донад. Барои банд кардани хуни рафтаистода ва арақ гузошта банданд, низ ҳамон таъсирро дорад. Чун инро бо шири бузи навдӯшида бипазанд ё бо дӯғи ҷуғроти гов биёшоманд, барои қувват бахшидани меъда ва ҷигари сустгашта давост. Вале истеъмоли ин ба дарун барои шуш зарарнок аст —давои ин зарараш шакар хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз шумгиёҳ дар як рӯз то 7 грамм аст. Ба ҷойи ин сеяк вазнаш мозу, нисф вазни он пӯчоқи сӯхтаи тухми мурғ ва баробари вазни он шилми бо- домҳоро бихӯранд, ҷоиз мебошад. 150. Оқирқирҳо Ин гиёҳест, ки дар ҳамаи кӯҳистон ва баландиҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон мерӯяд. Ре- шааш, ки дар тиб ҳамин қисмаш истифода мешавад, ба дарозии ангуште, каме бориктар аз он, хушбӯ ме- бошад. Қуввати он то ҳафт сол боқӣ мемонад. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: решаи инро кӯфта гу- зошта банданд ва инчунин хушкашро кӯфта бипо- шанд, гиреҳҳоро мекушояд, майна ва узвҳои онро аз моддаҳои бегона пок мегардонад, баданро аз балғам пок месозад. Агар инро бихӯранд, барои бемориҳои кач шудани рӯй, фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ), лар- зак, кузоз (столбняк), сустӣ ва лукнати забон, дарди узвҳои даруни оина, дарди дандон ва буғумҳои бадан, 359 иркуннасо (радикулит),

истисқо (водянка) даво ме- шавад, боҳи одамони хунукмизоҷро қувват мебахшад, балғамро бо исҳол дафъ мекунад; пешоб, ҳайз, шир ва арақро равон месозад, табҳоро шифо мебахшад ва ғай- ра. Агар сойидаи онро бо равғани зайтун сиришта би- моланд, гузоз, карахтӣ, нотавон ва суст гаштани узв- ҳо ва беҳиссии аъзоро дафъ мекунад. Агар инро дар об ҷӯшонида, дар он об даромада нишинанд, низ, аз иллатҳои номбаршуда наҷот меёбанд. Кӯфтаи хушки онро ба тораки сар бипошанд ё би- моланд, майнаро гарм мекунад, назларо аз пайдо шу- дан манъ месозад ва барои иллати саръ, ки аз ҷамъ шудани моддаи ғализ дар майна бошад, даво меша- вад. Агар инро бо мустако пай дар пай бихоянд, низ ҳамин таъсирро дорад. Хушки онро кӯфта, бо воситаи найча дар бинӣ пуф кунанд, бастагиҳои сари бинӣ ва сӯрохи биниро меку- шояд. Кӯфтаи инро бо равғани гулисурх даромехта дар бинӣ бирезанд, дарди нимсар, дарди сари балға- мии шадидро дафъ мекунад. Чун решаи оқирқирҳоро як шабонарӯз дар сирко тар карда, ба зери дандони дарднок гузоранд, дарди онро таскин медиҳад. Чун онро бихоянд ё хушкашро кӯфта, ба таги забон бипошанд, рутубатҳоро аз он ҷо мекашад ва лакнати забонро дафъ мекунад. Чун пухтаи онро дар даҳан нигоҳ доранд, дандони ҷунбонакро мустаҳкам мегардонад. Агар инро дар об ҷӯшонида, он обро бо сирко даромехта, дар даҳан би- гардонанд ё бо он об ғарғара кунанд, дарди гулӯ, аф- тодани забончаи ҳалқ ва сустию нотавонии забонро, ки сабабаш ҷамъ шудани балғам дар ин мавзеъ бо- шад, шифо мебахшад. Сойидаи хушки онро бар бадан бимоланд, арақ мео- варад. Решаи оқирқирҳоро ба гардан овезанд, саръи (при- падкаи) тифлонро шифо мебахшад. Решаи хушки онро маҳин ос карда, бо асал хамир сохта, лесида бихӯранд, узвҳои даруни синаро аз оло- йишҳо пок мегардонад, дарди узвҳои даруни сина, сур- фаи сарди кӯҳнаи балғамӣ ва сардии меъдаро ба иб- ро меоварад, инчунин балғамро аз меъда хориҷ месо- 360 зад; боҳи одамони сардмизоҷ ва тармизоҷро зиёда ме- гардонад. 1,75 грамм хушки онро биёшоманд, балғамро бо оҳистагӣ бо исҳол дафъ мекунад. Кӯфтаи онро бо равғани зайтун сиришта, пеш аз гирифтани таб бар тамоми бадан бимоланд, табро нест менамояд. Чун пеш аз муҷомаат равғани оқирқирҳоро ба за- кар бимоланд, онро мустаҳкам мегардонад ва шаҳват- ро бармеангезад, инчунин дар ин амал лаззат мебах- шад, вале маниро зуд фурӯд меоварад, агар ҳаминаш мурод бошад. Оқирқирҳоро маҳин кӯфта, бо об ва орди боқило хамир карда, онро ба даруни халтачаи матоӣ моли- да, закар ва хояҳоро дар он ҷо карда, як рӯзи комил ҳамон тавр бигузоранд ва ҳамон тавр бидоранд, дар одамони сардмизоҷ боҳро афзун мегардонад ва барои касоне, ки дар хояҳои худ мавҷуд будани сардиро ҳис мекарда бошанд, давои аҷиб мешавад. Оқирқирҳоро бо навшодир маҳин ос карда, ба ко- ми даҳан бимоланд, онро

аз сӯхтани оташ манъ меку- над, инро ҳамин тавр бозингарон истеъмол мекунанд. Чун оқирқирҳоро дар хамир бипазанд, то он, ки монанди хамир гардад, баъд онро ба дандони кирм- хӯрда бигузоранд, кирмашро мерезонад. Вале ба дарун истеъмол кардани оқирқирҳо ба шуш зарар дорад —давои ин зиёнаш катиро хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз оқирқирҳо дар як рӯз то 3 5, грамм аст. Аз оқирқирҳо равған ҳам тартиб медиҳанд ба ин тариқ. 25 грамм решаи хушки онро кӯфта, дар 300 грамм об то 25 грамми он об мондан бичӯшонанд Баъд хуб молида, аз матои бофташ зич гузаронида соф карда, бо 50 грамм равғани зайтун бо оташи му- лоим то тамом бухор шуда рафтани об бичӯшонанд,— аз ҷӯш, ки монд — ин аломати тамом гаштани об аст. Ин равғани оқирқирҳо ҳисоб меёбад. Дар шиша нигоҳ доранд ва вақти ҳоҷат ба кор баранд. Агар инро бимоланд ва биёшоманд, ҳамаи бемори- ҳои аз сардӣ содиргаштаро, аз ҷумла карахтӣ, кач шу- дани рӯй, фолиҷ ва ғайраро шифо мебахшад, табҳои хунукро дафъ мекунад, боҳро қавӣ мегардонад; дарди 361 сар, дарди нимсар, инчунин саръро, ки ҳама аз сардӣ бошанд, дафъ менамояд, майнаи хунукро қувват ме- бахшад. 151. Наск Ин растанӣ ду навъ аст: саҳроӣ ва бӯстонӣ, ки зи- роат мекунандаш. Тухми саҳроии он назар ба бӯстони- аш майдатар ва гирдак мешавад, вале тухми бӯстонӣ- зироатии он кулӯла не, балки паҳнтари гирдак ва ка- лонтар аз саҳроӣ мебошад, саҳроияш талх аст. Мизоҷаш дар гарміву сардӣ моил ба эътидол ва дар дараҷаи дуввум хушк аст. Ба қавли баъзеҳо дар дараҷаи дуввум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ин хусусияти поккунан- дагӣ дорад, боднок, дерҳазм, хуни савдовӣ ва худи савдоро дар бадан пайдо мекунад; фишори баланди хунро паст мегардонад ва хунро ғафс менамояд, инчу- нин ҳаракати хунро дар рагҳои бориктарин манъ ме- кунад, боиси дидани хобҳои бад ва мушавваш, инчу- нин сабаби торикии чашм мегардад. Наскро бо юнучқаи зардак якҷо кӯфта гузошта банданд ва бо оби биҳӣ ё бо равғани гулисурх сириш- та гузошта банданд, назла ва варамҳои гарми чашмро дафъ мекунад. Инро бо сирко пухта гузошта банданд, барои варамҳои гарм, шаро (аллергия). сурхбод ва ханозер (хукгардан) даво мешавад; ва агар танҳо бо об пухта гузошта банданд, назлаҳоро манъ мекунад. Агар сӯхтаи онро бимоланд, сустӣ ва гаронии пилкҳои чашмро шифо мебахшад, дандонҳоро сафед мегардо- над. Наскро дар об ҷӯшонида, бо он об ғарғара кунанд ё он обро дар даҳан гардонанд, пухтани даҳан ва дар- ди гулӯро шифо мебахшад ва агар ба ин об оби шоҳ- тут илова намоянд, зудтар асар мекунад. Хӯрдани наск барои бемориҳои узвҳои даруни си- на, шуш, сурфа ва дарди узвҳои даруни сина даво ме- гардад. Сӣ адад наски муқашшарро фурӯ баранд, вайрон шудани феъли меъдаро ислоҳ мекунад. Наскро бо сирко муҳарро пухта бихӯранд, меъдаро қувват мебахшад, боднок намекунад, вале бе сирко пухта бихӯранд,

бодангез аст. 362 Наскро кӯфта, бо оби карами тоҷикӣ хамир сохта гузошта банданд, варами пистонро мегардонад ва ши- ри дар он шахшударо таҳлил медиҳад; агар онро бо асал хамир карда гузошта банданд, захмҳои чуқур ва фурӯрафтаро шифо мебахшад. Хоми онро ҳангоми дар пӯсташ будан бо чанд до- на мурч кӯфта гузошта банданд, варамҳоро таҳлил медиҳад ва дарди онҳоро низ сокин мекунад. Агар онро бо пӯсташ пухта бихӯранд, ҳамаи навъ- ҳои нағзакро (гулакро) шифо мебахшад, хусусан бо сирко ё бо оби ғӯраи ангур пухта бошанд, дар ин бо- бат қавитар мегардад. Аз он оши суюқ пухта, турш карда, бо равғани бодоми ширин барои одамони аз беморӣ навхеста ҳамчун ғизои сабук дода мешавад ва инчунин пеш таб мегирифта бошад, дигар наме- гардад. Наскро кӯфта, бо сафедаи тухми мурғ хамир сохта гузошта банданд, доначаҳои мӯрчагазак, сурхбод ва кафидагии пойро шифо мебахшад; чун бо сирко пухта гузошта банданд, аз таъсири сармо кафидани пӯст, ха- нозер ва варамҳои сахтро сиҳат мебахшад; инро бо равғани гулисурх сиришта бибанданд, варамҳои меъ- даро таҳлил медиҳад; бо орди тафсонида даромехта гузошта банданд, никрис (подагра)-ро шифо мебах- шад. Наскро бо тухми харбуза якҷо кӯфта гузошта бан- данд, башарараро аз ҳар гуна доғҳо пок месозад ва зар- дии рухсорaро дафъ мекунад. Хӯрдани наск ба одамони савдовимизоҷ, меъда ва чашми заиф, гирифтори иллатҳои қулинҷ, бавосир ва душвор пешобкунанда зарар дорад. Агар наскро бис- ёр ва бардавом бихӯранд, дар бадан хуни савдовӣ пай- до мекунад, хунро месӯзонад, чашмро хира мегардо- над, ба иллати молихулиё гирифтор мекунад, мумкин аст иллатҳои саратон ва махавро ба амал оварад ва инчунин варамҳои сахтро ба ҳам мерасонад; агар хӯ- роки наскиро бо ширинҳо бихӯранд, ба иллатҳои ис- тисқо, қулинҷ, бавосир ва душвор шошидан гирифтор мекунад, ҳатто пешобро мебандад, ҳайзро қатъ мена- мояд, баданро қоқ месозад, боҳро ҳам сокин меку- над, инчунин боиси дидани хобҳои мушавваш мегар- дад, чашмро торик мегардонад. Давои ҳамаи ин зиён- ҳояш наскро муҳарро пухта, бо равғани кунҷиди то- 363 за ё бо равғани бодоми ширин ва ё бо сирко ва гӯшти фарбеҳ пухта хӯрдан аст. Бадтарини ҳамаи он бо мо- ҳии намакин хӯрдан мебошад. Ба ҷойи наск мошро истеъмол фармоянд, раво ме- бошад. Оберо, ки дар он наски бӯстониро бо пӯсташ пухта бошанд, биёшоманд, дарунро мебандад ва ҳайзу пе- шобро кам мекунад, вале оби пухтаи саҳроияш баръ- акси он: ҳайз ва пешобро равон месозад, исҳол меова- рад. 152. Зардчӯба Зардчӯба ду навъ аст: кӯчак ва калон. Навъи хур- дашро момирон меноманд, ки ин зардчӯба нест. Вале бузурги он решаи гиёҳест, ки пояш то 1,5 метр мехе- зад. Пасту баланд рӯйидани он ба обу ҳаво ва қувва- ти хок вобаста аст. Баргаш васеъ ва дароз- дароз, қа- риб ба барги банан дар бузургӣ аст, гулаш зард, дар хӯша ба қадри

як ваҷаб, тухмаш сиёҳранг ва бисёр майда, решааш зард, ки зардчӯба худи ҳамин решааш мебошад. Ҳамин решаашро аз пӯст ҷудо сохта, дар соя хушк мекунанд. Дар кӯҳистонҳо мерӯяд. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар 3,5 грамми онро бо шароби сафед ва бо ҳамвазни он арпабодиён биёшо- манд, чашмро равшан мегардонад, гиреҳи ҷигарро ме- кушояд, истисқо ва зардпарвинро даво мешавад. Онро андак бирён карда, нимгарм бихоянд, дарди дандон- ро таскин медиҳад. Агар инро чун гард маҳин ос карда, монанди сур- ма ба чашм кашанд, қӯтури чашм ва гули тунуки он- ро, ки пайдо шуда бошад, дафъ мекунад, чашмро кавӣ мегардонад. Оби онро дар офтоб қивом кунанд, яъне ғафс гардонанд, онро усораи зардчӯба меноманд. Усораи инро ба чашм кашанд, рӯшноии чашмро ме- афзояд, гули дар он афтодаро бартараф мекунад. Кӯфтаи онро бипошанд, решҳоро хушк ва дарду варами онҳоро дафъ мекунад, инак, аҳли Ҳиндустон баъди ҳиҷомат кардан, яъне баъд аз хун гирифтан, кӯфтаи онро ба он ҷойи ҳиҷомат мемоланд. Кӯфтаи он- ро бо шароб хамир сохта гузошта банданд, доначаҳои мӯрчагазак ва решҳоро сиҳат мебахшад. 364 Агар инро дар оташ тафсонида, бо он гармбандӣ кунанд, дардҳои гуногунро сокин мекунад ва варами ҷойи хун гирифтаро таҳлил медиҳад. Оби гули онро бимоланд, доғҳои кунҷидак ва доғи сафеди пӯстро дафъ мекунад, инчунин дигар доғҳоро ҳам барҳам медиҳад. Зардчӯбаро ба дарун бо камоли эҳтиёт ва дар ҳад- ди меъёр истеъмол бояд кард, зеро барои дил хеле за- рарнок аст. Давои ин зиёнаш оби лиму нӯшидан ме- бошад. Миқдори як бор хӯрдан аз зардчӯба дар як рӯз то 7 грамм аст. Ба ҷойи ин рӯянро истеъмол кунанд, ра- вост; дар бемориҳои чашм баробари ним вазни он мо- мирон (чистотел большой) аст, барои дигар бемори- ҳо ним баробари вазни ин оқирқирҳост. 153. Сарсабил Дар дашт, боғистон ва кӯҳсорҳои Осиёи Миёна ду навъи сарсабили шифобахш мерӯяд. Як навъро шох- ҳояш борик, баргаш монанди баргҳои морчӯба риш- тавор борик-борик, навъи дигараш бо ҳамон сифат, вале шохҳояш хор дорад. Сохт ва намуди решаи ҳар дуяш ҳам қариб ба ҳамдигар шабоҳат дорад, яъне сиёҳ аст; самараш ба андозаи нахӯд ва гирдак (кулӯ- ла), дар хомӣ сабз ва бирасад, сурх мегардад, гулаш зардтоби хушбӯй мебошад. Қувваташ то бист сол боқӣ мемонад. Мизоҷи гулаш дар охири дараҷаи дуввум гарм ва дар ҳамон дараҷа хушк аст ва агар кӯҳна шавад, хушкиаш меафзояд. Мизоҷи решааш дар охири дара- ҷаи саввум гарм на хушк аст. Қисмҳои дигари ин гиёҳ дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: сарсабил таҳлилдиҳан- да, рақиқ (суюқ)-кунандаи моддаҳои ғафс, арақовар, пешоброн, ҷорикунандаи ҳайз ва барои аксари бе- мориҳои сарди тармизоҷи майна, узвҳои даруни сина, меъда, ҷигар, гурда, хичак, бачадон, дардҳои пай- вандҳо ва монанди инҳо дору мешавад. Гулашро

бибӯянд, барои дарди сар ва дарди ним- сари аз хунукӣ баамаломада шифо мебахшад. Гу- лашро дар об ҷӯшонида, он обро бо сиркои ангурӣ да- 365 ромехта, дар даҳан гардонанд, дарди дандонро, ки аз хунукӣ сар зада бошад, таскин медиҳад. 12,5 грамм шох ё решаи онро дар 300 грамм об то нисфи об мондан биҷӯшонанд, баъд соф карда, бо ша- кар ва монанди он чизҳо бинӯшанд, барои иллатҳои фолиҷ, нотавон ва бемадоргаштаи узвҳо, ки кӯҳна шу- да бошад, зиқ-ун-нафас ва сурфаи кӯҳна дармон ме- шавад. 0,35 грамм решаи онро кӯфта, бо равғани бунафша сиришта, дар бинӣ бирезанд, дарди нимсарро, ки са- бабаш сардӣ бошад ва инчунин дарди буғумҳоро ши- фо мебахшад. Ҳар рӯз аз кӯфтаи хушки сарсабил 4,5 грамм бо набот то як ҳафта ва зиёда аз он бихӯранд, дарди бу- ғумҳоро, ки кӯҳна шуда бошад, шифо мебахшад. Кӯфтаи онро бо гулоб сиришта гузошта банданд, барои фолиҷ ва таскин додани дардҳои гуногуни бу- ғумҳо, иркуннасо, никрис, варамҳои гуногун ва ғайра- ҳо шифо мебахшад. Кӯфтаи онро занҳо аз таг бардоранд, пешоби бас- таро меронад, бачаро аз шиками ҳомила меафтонад. Миқдори як бор хӯрдан аз сарсабил дар як рӯз аз 4,5 то 9 грамм аст. Вале хӯрдани сарсабил ба одамони гарммизоҷ, ҷа- вонон, дар фаслҳои гармо, бемориҳои гарми монанди: табҳои гарм ва сафровӣ, фишори баланди хун дошта- гон, сурхича, нағзак (гулак) ва монанди инҳо зарар дорад. Агар 10,5 грамм барг ва шохи онро дар об ҷӯш до- да, он обро бо мустако бихӯранд, моддаи савдоро бе ҳеҷ гуна азият аз бадан бо исҳол дафъ мекунад. Камтареро аз барги он бо равғани зайтун биёшо- манд, қайи сахт меоварад, барои газидани саги девона, махав, инчунин барои ҳамаи бемориҳои савдовӣ, масалан, васвос, тарс, девонагӣ, молихулиё ва ғайра давои қавӣ мебошад, вале дар айни ҳол хатарнок ҳам аст. Барги онро кӯфта гузошта банданд, реш ва захм- ҳои хабисаро (злокачественные язвы) шифо мебахшад. Решааш бисёр тез, захмовар ва сӯзонанда аст. Агар инро кӯфта бимоланд ва молиш диҳанд, доғи са- феди пӯст ва песро дафъ мекунад. Ва агар инро бо сирко даромехта бимоланд, иркуннасо (радикулит)-ро 366 шифо мебахшад ва ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш ба ҳадде бимоланд, ки хунолуд гардад, дар як-ду дафъа мӯй мерӯёнад. 1,75 грамми онро, ки микдори мӯътадили хӯрдани он аст аз решааш, биёшоманд, сахт исҳол меоварад, балғам ва савдоро аз бадан дафъ мекунад; агар ин миқдорро бо оби тугмачагули тару тоза бинӯшанд, низ қайи башиддат меоварад. 4,5 грамм решаи онро батанҳоӣ бихӯранд, қай ку- нонида, ғамгин сохта ва рӯдаҳоро ба дард оварда мекушад. Агар касе аз решаи ин ин миқдор хӯрда бошад, давояш равғани бодоми ширин хӯрдан аст. Огоҳ кунем, ки фоидаи сарсабил барои бемориҳои балғамӣ равшан аст — ин бинобар кайфиятҳои гармӣ ва хушкӣ доштанаш, ки зидди кайфияти балғам аст, аммо бар зидди хилти савдо, азбаски мизоҷи

савдо хушк мебошад, ошомидани ин гӯё зарар мекардааст, вале ин тавр нест. Бинобар он, ки моддаи ғафсро таҳ- лил медиҳад, вале ин бар зидди бемориҳои савдовӣ фоидабахш мебошад, зеро ки хилти савдо ҳам ғафс аст. Аз сарсабил равған ҳам тартиб медиҳанд ба ин та- риқ. Як миқдор сарсабили хушкро дар шаш баробари вазни он оби ширин як шабонарӯз тар намуда, баъд то чоряки об мондан меҷӯшонанд. Сонӣ он обро соф карда, дар зарфе бо ду баробари вазни он равғани кунҷиди нав ё равғани зайтун дохил намуда, бо ота- ши мулоим оҳиста меҷӯшонанд, то ки об бухор шуда раваду равған бимонад. Аломати тамом шудани об аз ҷӯш мондани сатҳи равған аст. Вале эҳтиёт кунанд, ки равған доғ нагардад. Молидан ва хӯрдани ин равған барои иллатҳои аз сардӣ сарзада, дамкӯтаҳӣ, сурфаи кӯҳна, фолиҷ, каҷ шудани рӯй ва ғайра шифо мебахшад. 154. Мозу Ин самари дарахти ҳиндист. Қувваташ то се сол бо- кӣ мемонад. Мизоҷаш дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст. Вале баъзеҳо дар дараҷаи дуввум сард ва дар саввум хушк гуфтаанд. Хислатҳои шифобахши он: инро кӯфта, бо воситаи 367 найча дар бинӣ пуф кунанд, хуни бинираро манъ меку- над. Агар мозуро маҳин ос карда чун сурма ба чашм кашанд, шилпуқӣ, обравӣ ва қӯтури чашмро шифо ме- бахшад. Кӯфтаи онро бо оби чилмангӯштак (семизут) дар гӯш чаконанд, хунравӣ ва рафтани римро аз да- руни он бозмедорад. Кӯфтаи онро ба дандон ва милки он бимоланд ва дар об ҷӯшонида, он обро бо сирко даромехта, дар да- ҳан гардонанд, дандон ва милки онро мустаҳкам ме- кунад, рутубатҳои мурдорро аз забон ва милки дан- дон мекашад, ҷӯшиши (пухтани) даҳанро шифо ме- бахшад, рутубати зарарноки узвҳои даруни даҳанро дафъ мегардонад. Сӯрохи дандони кирмхӯрдаро аз кӯфтаи ин пур кунанд, пӯсиши онро манъ мекунад. Сойидаи онро бо об биёшоманд, захмҳои гуногуни рӯдаҳоро ба ибро меоварад, исҳоли кӯҳнаро банд ме- кунад, бечо равон шудани ҳайзро ислоҳ менамояд ва инчунин рутубати зиёдатӣ ва бечооянди бачадонро хушк мегардонад. Агар мозуро бо таомҳо бардавом бихӯранд, низ ҳамин таъсир дорад. Мозуро дар об пухта, молида гузошта банданд, ва- рамҳои мақъадро таҳлил медиҳад, мақъади (кӯтани) беруномадаро ба ҷояш мебарад ва бардамидани нофи тифлонро ба ислоҳ меоварад ва агар ба он сирко ҳам- роҳ кунанд, таъсираш зудтар мерасад ва қавитар ме- гардад. Мозуро сойида, бо сирко сиришта бимоланд, шуку- фаи пӯст ва сурхбодро, ки дар вақти ибтидо бошад, шифо мебахшад; ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад, доғҳои кунҷидак ва доғи сафеди пӯстро дафъ мекунад. Кӯфтаи мозуро ба гӯшти зоиди ҳар ҷо, ки бошад, бипошанд, онро лоғар сохта таҳлил медиҳад, вале агар сӯхтаи онро бипошанд, дар ин бобат боз ҳам хуб- тар аст. Инро кӯфта гузошта банданд, варамҳоро таҳ- лил медиҳад ва реши давандаро аз давидан манъ ме- кунад, доначаҳои мӯрчагазак

ва решҳои хӯрандаро ши- , фо мебахшад. Агар мозуро дар об ҷӯшонида, он обро бо сирко бинӯшанд, ҳам ҳамин таъсирро дорад. Кӯфтаи онро бо сирко хамир карда бимоланд, устухони шикастаро ба ҳам мечаспонад. 368 Мозуро дар об ҷӯшонида ё онро як шабона рӯз дар об тар карда, бо он об мӯйро бишӯянд мӯйро сиёҳ мегардонад. Агар инро кӯфта бимоланд, арақро манъ мекунад ва бадбӯйии онро ба ислоҳ меоварад. Мозуро дар равғани зайтун бисӯзанду баъд фи- шурда аз он равғанро ҷудо карда, он равғанро бимоланд, барои сиёҳ кардани мӯй ранги неку мебошад. Ба дарун истеъмол кардани мозу барои узвҳои до- хили сина ва ҳалқ зарар дорад. Давои ин зиёнаш ка- тиро ва шилми бодомҳоро хӯрдан аст, инчунин онро бо тухми мурғи нимпухта якҷо бихӯранд, зарараш ис- лоҳ меёбад. Миқдори як бор хӯрдан аз мозу дар як рӯз 4.5 грамм аст. Агар ёфтани мозу мушкил гардад, ба ҷойи ин ба вазни он пӯсти анор, самари балут (ҷуфти балут), са- мари газ ва ҳалилаи зардро истеъмол намоянд, раво мебошад. Тариқи сӯхтани мозу чунин аст, ки дар рӯйи ахгар бисӯзонанд ё зарфи сафолро дар оташ гузошта, дар рӯйи он бирён намоянду дар шароб ё дар сирко хунук кунанд. Барои банд кардани хун ва хушк гардонидани захмҳо, инчунин барои таҳлил додани варамҳо назар ба носӯхтаи он сӯхтааш таъсирноктар мебошад. 155. Мармиҷон Ин ду навъ аст: кӯҳӣ ва бӯстонӣ. Мармиҷон раста- ниест хорнок, гулаш сафед, шакл ва таъми самараш ба тути сиёҳ наздик аст, андак кулӯла ва сепаҳлу. Мизоҷаш мураккаб-ул-қувват, сардӣ ва хушкӣ бар ин ғолиб то ба дараҷаи дуввум. Хислатҳои шифобахши он: ҳамаи қисмҳои он хусу- сияти хушккунандагӣ ва хунукнамояндагӣ дорад; хун қай карданро манъ месозад, рутубати барзиёди бача- донро хушк мегардонад ва узвҳои дохили баданро қувват мебахшад. Баргашро кӯфта гузошта банданд, захмҳои сарро хушк мекунад, чашми аз косахонааш баромадаро, ки дар тибби қадим ҷуҳуз-ул-айн меноманд, ба ҷояш ме- барад. 369 Усораи мармиҷонро, яъне оби барг ва пояи тару тозаашро дар офтоб ғафсгардонидаашро бо андак шилми бодомҳо даромехта гузошта банданд, ҳамаи бемориҳои гарм ва сарди чашм, хусусан захм, обравӣ, нохунак ва варами бардамидагии чашмро шифо ме- бахшад. Баргашро бихоянд, решҳои милки дандон, сустии милк, пухтан ва бадбӯйии даҳан ва ҷароҳатҳои нави онро шифо мебахшад ва хойидани меваи пухтагии он низ ҳамчунин таъсир дорад. Оби барг ва пояи тару тозаи онро бо андак шилми бодомҳо даромехта биёшоманд, меъдаро қувват ме- бахшад ва қай кардани хунро манъ мекунад, исҳолро мебандад ва моддаҳои нодаркор, инчунин бавосирро манъ месозад. Барг ва самарашро дар об ҷӯшонида, он обро бо гулоб якҷо карда, дар рӯзҳои омадани ҳайз биёшо- манд, ҳомила шуданро манъ мекунад. Гулашро би- хӯранд ҳам, исҳолро мебандад. Баргашро кӯфта, аз рӯ гузошта банданд, меъдаро қувват мебахшад ва

бавосирро, ки хун аз он равон бошад, фоида дорад. Оби барги онро дар соя хушк карда бихӯранд, қув- ваташ зиёда мегардад. Мевааш қабзкунандатарин назар ба қисмҳои дига- ри ин гиёҳ аст. Агар инро бихӯранд, рӯдаҳоро қувват мебахшад. Решаашро кӯфта, чун талқон бо об бихӯранд, сан- ги гурдаро майда карда мерезонад. Баргашро кӯфта гузошта банданд, варамҳоро таҳ- лил медиҳад, пучак ва чиртакҳоро мекафонад, реши хӯрандаро аз афзудан нигоҳ медорад, мӯрчагазакро ши- фо мебахшад, решҳои давандаро аз ҳаракат бозмедо- рад. Усораи оби самари мармиҷонро, яъне оби самари онро дар офтоб ғафс гардонида бимоланд, решҳои тар- ро хушк мекунад ва аз онҳо равон шудани рим ва ру- тубатҳоро манъ месозад. Гулашро ҳам кӯфта гузошта банданд, ҳамин таъсирро дорад. Барг ва шохҳои борики тари онро кӯфта гузошта банданд, харошида шудани ронҳоро, ки дар ҳангоми сафар ба ҳам расида бошад, шифо мебахшад. Барг ва самари онро пухта ба сар бимоланд ё гу- 370 зошта банданд, мӯйро сиёҳ мекунад ва дар ин бобат ин ранги хубест. Нақл аст, ки ҳар кас баъди ҳар мартаба ҳаммом кардан бо оби ин пойҳои худро бишӯяд, мӯяш сафед намегардад. Истеъмоли мармиҷон ба дарун барои гурдаҳо за- рарнок аст — давои ин зиёнаш шакар хӯрдан мебо- шад. Миқдори як бор хӯрдан аз оби барг ва мевааш ва аз гули он, ки дар офтоб ғафс карда бошанд, яъне аз усораи барг, мева ва гулаш то 10,5 грамм аст. 156. Челон Ин самари дарахтест баргаш дарозак, пӯстлохи чӯ- баш сурхи холдор, инчунин чӯбаш ҳам сурхранг аст. Самараш ба самари санҷид шабоҳат дорад, баъди ра- сидан, яъне баъди пухтан сурх мегардад, ширин ме- шавад. Мизоҷи навпухтаи он дар гарміву сардӣ мӯътадил, вале моил ба тарӣ мебошад. Аммо Абӯалӣ ибни Сино дар дараҷаи якум сард ва мӯътадил дар хушкӣ ва ка- ме рутубат дорад, гуфтааст. Хислатҳои шифобахши он: самари челонро бихӯ- ранд, ахлоти ғализро дар бадан мепазонад ва барои дафъ гаштани онҳо муҳайё месозад; узвҳои даруни си- на ва шикамро мулоим мекунад; ахлот (моддаҳо)-и рақиқ (суюқ)-ро бо исҳол дафъ менамояд: дағалии узв- ҳои даруни сина, ҳалқ ва овозро, ки сабабаш ҳарорат бошад, шифо мебахшад; сурфа, дамкӯтаҳӣ ва дардҳои узвҳои даруни синаро дафъ мекунад; хунро соф мена- мояд ва хуни солим аз он пайдо мешавад; тафс ва ташнагиро таскин медиҳад, фишори баланди хунро паст мегардонад; гармӣ ва дарди ҷигар, гурда ва хи- чакро сокин мекунад; бемориҳои мақъад, сӯзиши меъ- да ва рӯдаҳоро дафъ мекунад, мизоҷи вайронгаштаи ҷигарро ба ислоҳ меоварад. Челонро сойида, батанҳоӣ ё бо донакаш кӯфта гу- зошта банданд, тафс ва варами гарми чашмро таскин медиҳад. Хӯрдани самараи челон барои бемориҳои узвҳои да- руни сина, шуш, монанди: сурфа, дамкӯтаҳӣ ва дарди 371 узвҳои даруни сина даво мебошад; дағалии узвҳои да- руни сина, ҳалқ ва овозро дафъ мекунад. Хушки онро бо давоҳои муносиб ҳамроҳ карда

бихӯранд, аз барои иллатҳои узвҳои даруни сина ва шуш беҳтар аз тару тозаи он аст. Челон бодангез, дерҳазм ва раддӣ аст барои меъ- да, вале баъд аз хӯрдан аз он моддаи сара дар бадан пайдо мегардад, андак часпак аст, узвҳои даруни ши- кам ва синаро мулоим менамояд, ахлоти рақиқро бо исҳол дафъ мекунад, моддаҳои нодаркор ва зарарнок- ро мепазонад ва он моддаҳоро барои дафъ шудаи тай- ёр месозад; тафси меъда, ҷигар ва ташнагиро таскин медиҳад, фишори баланди хунро паст мегардонад, ҳо- ли ҷигар ноҷӯр шуда бошад, ислоҳ мекунад, бемори- ҳои мақъадро шифо мебахшад (хусусан пухтаи ним- хушки он дар ин бобат хубтар аст). Агар нимраси онро бихӯранд, дарунро мебандад. Инро бо донакаш сойида бихӯранд, захми рӯдаҳоро ши- фо мебахшад; челони донакдорро монанди орд ос кар- да ва андак тафсонида, бо оби сард бихӯранд, дарун- ро мебандад ва исҳолро дафъ мекунад. Ба қавле хӯрдани челони нимрасида барои бемори- ҳои ҷигар, гурда ва хичак фоида дорад. Челонро дар арақи коснӣ як шабонарӯз тар карда ё дар он арақ ҷӯшонида, он арақро бо сиканҷабин биёшоманд, барои шаро (аллергия), нағзак (гулак), сурхича (сурхакон)-и сафровӣ дору мебошад; шидда- ти ҷӯшиши сафро ва хунро таскин медиҳад. Челонро як шабонарӯз дар гулоб тар карда, баъд он гулобро бо шакар биёшоманд, аксари бемориҳои номбурдаро шифо мебахшад, инчунин зарари шаробро дафъ ме- кунад ва кӯряраҳоро фоида дорад. Миқдори як бор хӯрдан аз челон дар як рӯз то 50 адад аст. Ба ҷойи ин сагпистонро истеъмол фармоянд, раво мебошад. Вале хӯрдани челон ба меъдаи хунукмизоҷи тар за- рар дорад, бодангез аст, хусусан аз ҳад зиёд бихӯ- ранд, ин хислаташ бештар зоҳир мегардад. Давои ин зиёнаш шакар, мавизи тоифӣ ва гулоб хӯрдан аст. Ин- чунин хӯрдани челон маниро кам мекунад, боҳро суст мегардонад. Ва давои ин зарарҳояш асал ва давоҳои қувватбахши боҳ хӯрдан аст. Чун барги онро дар об ҷӯшонида, он обро соф кар- 372 да, ҳар рӯз аз он то панҷ рӯз 150-граммӣ бо каме ша- кар пай дар пай биёшоманд, хориши баданро дафъ мекунад. Барги хушкашро маҳин ос карда, бехта, бипошанд, решҳои хӯранда ва решҳои хабисаро хоҳ дар даҳан бошанд ва хоҳ дар узви дигар, шифо мебахшад — ин беҳтарин давоест ба шарте, ки аввал ба он ҷо асал бимоланду баъд бипошанд. Чун пӯстлохи дарахти челонро маҳин сойида, дару- ни решҳои раддӣ ва хабисаро аз он пур кунанд, он- ҳоро аз риму рутубат пок месозад ва шифо мебах- шад— дар ин бобат давои беҳамто аст. Аррамайдаи чӯби онро биёшоманд, харошида шудани сатҳи даруни рӯда, хориши бадан ва қӯтурро дафъ мекунад. Агар инро гузошта банданд, устухони шикастаро ба ҳам пай- васт менамояд ва агар инчунин устухон беҷо гашта бошад, ба ҷояш мебарад. Шилмашро батанҳоӣ ба чашм бимоланд, ҳамаи бе- мориҳои онро шифо мебахшад; агар бо сирко сириш- та бимоланд, барои шукуфаи пӯст дармон

мешавад. Барги тарашро бихоянд, забонро карахт ва беҳис мегардонад, бинобар ин пеш аз истеъмоли давоҳои ис- ҳоловар онро мехоянд, то ки забон таъмҳои ногувори он давоҳоро ҳис нанамояд. 157. Ангур Маълум аст, ки ин самари дарахти ток мебошад. Бештарини он пухтарасида ва ширини он аст, ки аз ҷинси аскарӣ, соҳибӣ, риши бобо ва кишмиш аст. Баъд аз инҳо навъҳои дигараш мақом дорад. Мизоҷаш гуногун аст бинобар ранг ба ранг буда- ни навъҳои он. Мутлақан пухтаи он дар дараҷаи якум гарм ва тар аст; баъзеҳо бисёр ширини онро то да- раҷаи дуввум гарм донистаанд. Хислатҳои шифобахши он: ин беҳтарини меваҳо ба ҳисоб меравад ҳамчун ғизо ва пайдо кардани хуни со- лим; мизоҷҳои ғализро ба эътидол меоварад, хунро соф мекунад, моддаҳои савдовӣ ва сӯхтаро аз бадан дафъ месозад; ҳоли бади узвҳои даруни сина ва шуш- ро ислоҳ менамояд, баданро фарбеҳ мегардонад; агар онро макида оби онро биёшоманду пӯсташро парто- 373 янд, чарбии гурдаро зиёда мекунад. Вале хӯрдани ин ба меъдаи тармизоҷ ва боднок зарар дорад ва инчу- нин дар он бодро ба амал меоварад—давои ин зиё- наш зира ва арпабодиён хӯрдан аст. Ва агар дар ҷи- гар ва сипурз гиреҳ пайдо шуда бошад, низ зиён ме- кунад, ба қулинҷи бодӣ ва гурда низ зарарнок аст — дар ин мавридхо тухми карафс бихӯранд, кифоя аст, ки ислоҳи зарар намояд. Инчунин дарунро мулоим вз хӯрандаашро ташна мекунад —дар ин ҳолат сиканҷа- бин ва ғизоҳои турш истеъмол бояд намуд. Агар ангур хӯрда, аз болояш оби хунук бинӯшанд, бағоят зарарнок аст: мумкин аст ба иллати истисқо ва табҳои бадбӯ гирифтор намояд. Бояд ки ангурро баъди аз дарахташ ҷудо кардан дарҳол тановул накунанд, балки як-ду рӯз истода бошад, баъд бихӯранд ва инчунин мобайни ду таом, ки таоми аввал хӯрдашуда ҳазм ёбад, баъд онро бихӯранд. Ангури нав бодангез аст. Агар пӯсти он андак пажмурда гардад, баъд бихӯ- ранд, дар ғизоият қавитар мешавад назар ба анҷир, бо- даш ҳам кам мебошад, баданро қувват мебахшад, фарбеҳ мекунад, хуни солимро зиёда менамояд; мод- даҳои нодаркор ва зарарнокро пазонида, барои дафъ шудан муҳайё месозад; дарунро мулоим мекунад, ба- рои беморони нимҷон ва ба касони аз беморӣ навхеста ва инчунин таби хунуки доимӣ гирандагон фоида до- рад. Оби ангур зуд нуфузкунанда ва ба тезӣ аз меъда гузаранда аст, барои бемориҳои узвҳои даруни сина ва шуш бисёр фоидабахш аст ва бояд оби онро макида, пӯсташро бипартоянд. Мавиз, хусусан мавизи тоифӣ барои меъда, ҷигар, гурда ва хичак мувофиқтар мебошад. Агар ангур баъди аз сараш чидан ду рӯз монда бошад, онро ва ё мавизашро бардавом бихӯранд, дард- ҳои меъда, рӯдаҳо ва хичакро шифо мебахшад. Аз ангур равған ҳам тайёр мекунанд ба ин усул. Оби ангурро бо равғани зайтун якҷо ҷӯшонида, обаш бухор шуда равад, баъд равғанро соф карда меги- ранд. Ин равған бағоят гармкунандаи

бадан, таҳлил- диҳандаи моддаҳои ғафс, гардонандаи варамҳо ва мулоимкунандаи пӯст аст. Мизоҷи тухми ангур дар дараҷаи дуввум сард ва хушк аст. Агар инро бихӯранд, бод пайдо мекунад, да- 374 рунро мебандад, пешоб ва маниро нигоҳ медорад, ху- сусан тухми ангуре, ки аз хуми сирко бароварда бо- шанд, дар ин бобат қавитар аст. Вале ин ба хичак ва гурда зарар дорад. Мизоҷи пӯсти меваи ангур дар дараҷаи якум ху- нук ва хушк аст. Агар инро бихӯранд, аз меъда дер фурӯд меояд, бод пайдо мекунад. Пӯсти меваи ангурро сӯхта, ос карда бипошанд, пӯсти баданро ҷило медиҳад, рутубатҳои чашмро хушк мегардонад ва аксари захмҳоро дар ҳар як узве, ки бошанд, хушк месозад. Ангури хом ва ғӯраи он дар таъм тунҷ ва мизоҷаш хунук мебошад. Хӯрдани ангури сурх, ки нисбатан турштар аст, аз меъда дер мефурояд, вале ба меъда қувват мебахшад. Аммо навъи сафеди он латиф ва аз меъда ба зудӣ по- ён фурӯд меояд. Хокистари чӯби токро бихӯранд, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Агар инро гузошта банданд, варамҳои сарди хояҳоро таҳлил медиҳад; дарди сар, дарди нимсар ва бавосирро шифо мебах- шад. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-148-157#148

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 158-166 158. Сагангур 159. Санҷид 160. Писта 161. Замбӯруғ 162. Ток 163. Мурч 164. Қаламфур 165. Биринҷ 166. Пудина 158. Сагангур Инро дар як қатор маҳалҳо тоҷикон ангури сагак низ меноманд. Дар сарзамини республикаҳои Осиёи Миёна ва Қа- зоқистон сагангури табиӣ ду навъ аст: самараш сиёҳ ҳангоми пухтан ва зарди сурхтоб. Барои ба дарун ис- теъмол кардан ва давогӣ сагангури самараш рангин, яъне зарди сурхтобаш зиёдтар ба кор меравад. Вале навъи самараш сиёҳи он нисбатан камтар истеъмол мегардад. Мизоҷи сагангури бӯстонӣ, яъне меваш рангини он дар дараҷаи дуввум сард ва хушк аст; мизоҷи ме- ваш сиёҳи он дар дараҷаи саввум сард ва хушк ме- бошад. Хислатҳои шифобахши он: навъи рангини он. Бар- гашро хуб кӯфта ба сар гузошта банданд, дарди сар- ро таскин ва варами пардаҳои майнаро таҳлил меди- ҳад. Инчунин онро дар об ҷӯшонида, он обро кам-кам 375 ва бардавом ба сар бирезанд, низ ҳамин гуна таъсир дорад. Инро сӯхта, дудашро дар бинӣ бигиранд, назлаҳоро дафъ мекунад. 4,5 грамм решаҳои борики онро бо шароб биёшо- манд, хоб меоварад. Решаашро кӯфта, бар баногӯш гузошта банданд, варами онро таҳлил медиҳад. Оби барги онро нимгарм чанд маротиба чаконанд, бемориҳои гӯш ва биниро шифо мебахшад. Усораи барги ҳар ду навъи инро, яъне оби баргҳои сагангури рангин ва сиёҳи онро дар офтоб ғафс гардонида, баъд чаконанд, беист рафтани обро аз чашм дафъ мекунад ва чашмро қавӣ мегардонад. Ва оби растании ҳамаи навъҳои сагангурро бичаконанд,

захм ва осеберо, ки ба чашм расида бошад, шифо мебах- шад. Бо оби баргаш ғарғара кунанд ё он обро дар да- ҳан гардонанд, варамҳои ҳалқро таҳлил ва дарди дан- донро таскин медиҳад. Барги сагангурро кӯфта, аз рӯ гузошта банданд, варами меъдаро таҳлил ва тафси онро таскин меди- ҳад, инчунин барои варамҳои дигари гарм ва тафси- дани узвҳои гуногун дармон мешавад. 100 грамм оби сагангури самараш рангинро бо ша- кар биёшоманд, варамҳои ботиниро таҳлил медиҳад ва бемориҳои узвҳои даруни шикамро шифо мебахшад; ахлоти сафровиро бо исҳол дафъ мекунад, дарди рӯ- даҳоро ба ибро меоварад, рафтани дарунро, ки аз гар- мӣ бошад, манъ месозад; варами гарми мақъад ва ис- тисқои гарммизоҷро таҳлил медиҳад. 50 грамм оби он- ро бо оби арпабодиён ва оби коснӣ бардавом бинӯ- шанд, ҳам, чунин таъсирро дорад. Бо оби он ҳуқна (клизма) кунанд, девонагӣ ва ша- ро (аллергия)-ро дафъ мекунад, рӯдаҳоро аз модда ва чизҳои бегона пок мегардонад бинобар исҳол овар- дан. Пахтаи покизаро дар оби он тар карда, занҳо аз таг бардоранд, беҷо равон шудани ҳайз ва рутубатҳои бемавриди бачадонро қатъ мекунад. Агар ҳамин тавр пахта ё латтаи покизаро дар оби он тар карда, дар сӯрохи пушт бардоранд, иҳтиломро, яъне дар хоб шай- тонӣ шуданро манъ мекунад. 376 Тухми сагангури сиёҳро биёшоманд, пешобро ме- ронад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезо- над, барои бадан салқинӣ мебахшад, инчунин иҳти- ломро дафъ мекунад. Оби самари сагангури рангинро биёшоманд, ва- рамҳои гарми ботиниро таҳлил медиҳад. Агар ҳар навъи гиёҳи онро кӯфта, гузошта банданд, варамҳои гарми берунӣ ва даруниро таҳлил медиҳад; сӯхтагии оташ, захми обила, решҳои даванда, саратони реш- гаштаро (хусусан бо орди ҷав) сиришта банданд, ши- фо мебахшад. Агар инро бо равғани гулисурх сириш- та гузошта банданд, сурхбод ва мӯрчагазакро ба ибро меоварад. Ба ҳамаи ннҳо илова намоем, ки агар оби гиёҳи инро, яъне сагангури рангинро биёшоманд, низ варамҳои гарми ботиниро таҳлил медиҳад. Ба дарун истеъмол кардани сагангур барои хичак зарар дорад — давои ин зиёнаш қанд хӯрдан аст. Миқдори як бор ошомидан аз гиёҳи хушки он дар як рӯз то 23 грамм ва агар дар об ҷӯшонида, оби онро нӯшиданӣ бошанд, 45 грамми онро андозанд ва аз оби баргаш то 100 грамм нӯшидан раво мебошад. Огоҳ кунем, ки оби ҷӯш надодаи он ҳангоми нӯши- дан башиддат қай меоварад. 159. Санҷид Ин дарахт ва меваи маълум аст. Ду хел мешавад: санҷидн зоғак ва оддӣ. Навъи оддии онро дар боғот парвариш мекунанд. Қувваташ то ду сол боқӣ мемо- над. Мизоҷаш дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст, вале хушкӣ дар хоми он зиёдтар мебошад Хислатҳои шифобахши он: ин қувватбахш ва фараҳ- овар мебошад. Хӯрдани санҷид барои дарди саре, ки дар натиҷаи ба сар баромадани бухорот аз меъда ва дигар узвҳои поёни бадан бошад, шифо мебахшад; сурфаи гармро

таскин медиҳад, меъдаро қувват мебахшад ва қувва- ти нигоҳдорандаи онро меафзояд, инчунин бофти ин узвро мустаҳкам мекунад; иллати қай карданро тас- 377 кин медиҳад, шиддати сафроро мешиканад, ба меъда баромадани бухорҳои зарарнок ва рехта шудани мод- даҳои бегонаро манъ мекунад. Агар санҷиди хомро би- хӯранд, бечо равон шудани рутубатро аз ҳар як ҷойи бадан, ки бошад ва инчунин исҳолро манъ мекунад. Ордакашро бихӯранд ҳам, ҳамин гуна таъсир дорад; харошида шудани сатҳи даруни рӯдаҳоро ки сабабаш бисёр гаштани сафро бошад, шифо мебахшад, бисёр омадани пешоб ва чакмезакро ба ислоҳ меоварад; ор- даки санҷидро хӯронидан ба кӯдакон бисёр хуб аст, зеро ки ин барои мизоҷи онон бисёр форам мебо- шад Миқдори як бор хӯрдан аз санҷид дар як рӯз то 50 адад мебошад, Гули санҷид сафед ва моил ба зардӣ, бисёр хуш- бӯй аст. Мизоҷи ин гулаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ин барангезандаи шаҳ- вати боҳ аст хусусан дар занон. Бинобар ки духтарони наврасро аз бӯйидани гули санҷид манъ менамоянд. Бӯйидани гулаш низ фараҳ меоварад, дил ва майнаро қувват мебахшад. Агар бихӯранд, барои бемориҳои вобаста ба майна, монанди: фолиҷ ва кузоз (столбняк) дору мебошад; майна ва дилро қавӣ мегардонад. Ин- чунин хӯрдани гули он дамкӯтаҳӣ ва захми шушро сиҳат мекунад, меъда ва ҷигарро қувват мебахшад, гиреҳҳоро мекушояд, бодҳоро таҳлил медиҳад; истис- қо (водянка), зардпарвин ва ларзи табҳоро дафъ ме- кунад. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз гули санҷид 4,5 грамм аст. Агар барги санҷидро ба ҷароҳат ва захмҳо гузош- та банданд, ба рим меоварад, рими онро пок месозад ва сиҳат мегардонад, ки ба давои дигар ҳоҷат нест. Агар барги тараш набошад, барги хушкашро ҳам ба кор баранд, равост. Аз санҷид равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Баргҳои санҷидро дар равған то муҳарро шуданаш меҷӯшонанд. Ин равғани санҷид ҳисоб меёбад. Моли- дани ин барои буғум ва пайвандҳои бадан, суст ва нотавон гаштани аъзо даво мебошад, мӯйро дароз ме- кунад. 378 160. Писта Ин дарахт дар кӯҳсор, саҳроҳои пуштазамин ва ғайра месабзад. Аз ин як сол самари писта ва як сол бузғунҷ ба ҳам мерасад. Мизоҷи мағзи писта дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст, вале баъзеҳо тар донистаанд—ин саҳеҳтар аст. Хислатҳои шифобахши он: мағзи самарашро бихӯ- ранд, зеҳнро тез мегардонад, ҳолати майнаро сара ни- гоҳ медорад; сурфа, дилтапак (дилбозӣ), қай, беҳу- зур (бечо) шудани дил, дарди рӯдаҳо ва сардии ҷи- гарро дафъ мекунад; гиреҳҳои ҷигар, маҷроҳои ғизо ва заҳраро мекушояд, ҷигарро аз моддаҳои бегона пок месозад ва дарди ин узвро, ки аз тарӣ бошад, ба ибро меоварад. Писта ҳамчун ғизо камқувват аст, вале агар инро бардавом бихӯранд, баданро фарбеҳ мекунад, меъда ва сари онро қувват мебахшад; хусусан бо пӯс- ти беруни он

якҷо бихӯранд, лоғарии гурда ва зардпар- винро дафъ мекунад, иллатҳои сипурзро бартараф менамояд ва барои газидани ҷонварони заҳрнок тар- ёқ мебошад. Пистаро бо шакар бихӯранд, таъсири ҳа- вои вабоиро ислоҳ мекунад. Мизоҷи пӯсти сабзи беруни он сард ва хушк аст. Агар онро бихоянд, милк ва дандонро мустаҳкам ме- гардонад, даҳанро хушбӯй мекунад, ҷӯшиши (пух- тани) даҳанро шифо мебахшад. Пӯсти сабзи беруни онро кӯфта бихӯранд, дил ва меъдаро бағоят қувват мебахшад, пашмакҳои меъда- ро қавӣ мегардонад; қай, оруғ, исҳол ва ташнагиро дафъ мекунад; агар бо шароб бихӯранд заҳри каж- дум ва дигар ҷонваронро дафъ месозад. Пӯчоқи сафеди сахти онро дар об ҷӯшонида, дар он об то ноф даромада нишинанд, мақъади (кӯтани) баромадаро ба ҷояш мебарад. Пӯсти дарахт ва барги онро дар об ҷӯшонида, он обро кам-кам ва бардавом бирезанд, назлаҳоро банд менамояд, дарди мақъад ва бачадонро шифо мебах- шад, қӯтур ва хоришро ба ибро меоварад, шапушро ҳам нест мегардонад. Агар бо ҳамин об бо мудовамат мӯйро бишӯянд, васвос, моддаи савдовӣ ва инчунин заҳрро аз бадан дафъ мекунад. Мағзи пистаро бисёр бихӯранд, ба меъда зарар до- 379 рад. Равғанаш ё мағзашро бардавом бихӯранд, низ ба узвҳои поёни бадан зарар дорад—давои ин зарарҳо- яш зардолу хӯрдан аст. Ба ҷойи писта мағзи бодоми ширинро ва ним баро- бари вазни он мағзи чормағзро бихӯранд раво мебо- шад. Агар пистаро бисёр бихӯранд, иллати шароро (ал- лергияро) пайдо мекунад. Дар ин ҳолат сирко, анори турш ва зардолуи хушк бихӯранд, зиёнаш ислоҳ меё- бад. 161. Замбӯруғ Инро дар як қатор маҳалҳо тоҷикон қорч ҳам ме- гӯянд. Ин растаниест, ки дар заминҳои намнок баъди боришҳо ба шакли телпак медамад, Навъҳои бисёр дорад: хӯрданбоб ва заҳрнок. Хӯрданбоби онро қорч меноманд. Хуллас, ҳар як қорч часпак набуда, бӯйи бад на- дошта, сафеди моил ба андак тирагӣ бошад ва дар за- минҳои ғайри шӯразор бирӯяд—хӯрокӣ, яъне хӯрданбоб аст. Сиёҳ ва сурхи онро намехӯранд, зеро бисёр заҳр- нок аст. Инчунин дар зери дарахтони анҷир, чормағз ва дар саргинҳо рӯйидааш ҳам заҳрнок мебошад. Фарқ кардани қорч ва замбӯруғи заҳрнок бо ин аломатҳост: агар навъи заҳрнокро бурида бигузоранд, зуд вайрон ва бадбӯ мегардад ва инчунин ҳар чиро, ки бар он бимоланд, онро вайрон ва мурдор месозад. Вале дар қорч ин хислат мавҷуд нест. Мизоҷи қорч дар дараҷаи саввум сард ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: агар қорчро бисёр бихӯранд, карахтӣ меоварад, ба иллатҳои фолиҷ ва сакта (мурда барин беҳаракат мондан) гирифтор ме- кунад. Аз ҳад зиёд бихӯранд, шошиданро душвор ме- гардонад. Ва агар аз ҳама зиёдтар ва бардавом би- хӯранд, наслро қатъ менамояд. Қорчи хушкро кӯфта, бо елими моҳӣ хамир сохта гузошта банданд, ҷурраро (даббаро), ки аз даридани пардаҳои шикам ё фуромадани об ва ё ҷамъ шудани бод дар хояҳо бошад,

шифо мебахшад, нофи берун- омадаро ислоҳ менамояд. Қорчи тару тозаро ба чашм кашанд ё оби онро дар чашм чаконанд, гули чашмро дафъ мекунад, чашмро 380 қувват мебахшад, қӯтури пилки чашм ва худи чашм- ро шифо мебахшад, фуромадани зардобро ба гавҳа- рак манъ мекунад, хусусан чун сурмаро дар оби он парварда, яъне як шаб дар он об тар карда, баъд ба чашм кашанд, дар ин бобат қавӣ мегардад. Агар қорчро бихӯранд, дер ҳазм мешавад, аз он моддаи ғализ ва бадбӯ пайдо мегардад. Агар инро бисёр бихӯранд, исҳол меоварад, вале агар дар ши- кам бӯйи бад пазирад, худаш ҳам зуд ва беҳад бадбӯ мегардад, дар узвҳо гирех, дарди меъда ва қулинҷро ба ҳам мерасонад. Хушкашро сойида бихӯранд, ҳамаи намудҳои исҳол- ро ба ғайр аз исҳоли хунин, манъ мекунад. Беҳтарин ислоҳкунандаи зарари қорч хардал (горчица); бо на- мак, шибит, пудина, равғани кунҷид, равғани зайтун, кокутӣ ва мурч пухта, бо ноки тару тоза ё ноки хушк хӯрдан аст. Қорч хӯрда, аз болояш оби хунук бинӯшанд, ҳам- чунин онро бо тухми мурғ ё бо гӯшт хӯрдан зарар до- рад. Яке аз хусусиятҳои он чунин аст, ки ҳар як қонва- ри заҳрнок касеро, ки қорч хӯрда бошад, бигазад, ҳа- нӯз он қорч дар меъдаи ӯ бошад, барои наҷоти вай ҳеҷ давое фоида намебахшад. Чун касе замбӯруғи заҳрнок хӯрда бошад, арақи сард мекунад, нафасаш танг мегардад, беҳуш ва меъ- дааш вазнин мешавад, қулинҷ ва гулӯгиршавӣ ба ҳам мерасад ва инчунин аъзошиканӣ, ки аз аломатҳои он аст, ҳодис мегардад. Тарёқи ин гуна зарараш турб, оби пудина, танакор, намак, сиканҷабин бо пудинаи кӯҳӣ (кийикутӣ), саргини чӯҷахурӯс бо сиканҷабини ансулӣ ё хокистари чӯби анҷир, ё оби гарм бо андак сирко, намак, чӯҷаи мокиён ё бо сирко ва ё асали бисёр хӯрдан аст. 162. Ток Ин дарахти ангур аст. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: навдаҳои навраси онро бихӯранд, баромадани бухоротро ба майна манъ меку- над. Барг, навда ва печаки онро кӯфта, бо орди ҷав ха- 381 мир сохта гузошта банданд, дарди сари гарм ва сӯзи- ши чашмро таскин медиҳад, инчунин варамҳои гарми онҳоро таҳлил медиҳад. Усораи барги онро, яъне оби барги тарашро дар офтоб ғафс гардонида биёшоманд, меъдаи гармро қув- ват мебахшад, қай ва хун қай карданро манъ меку- над, хуморро мешиканад, барои захми рӯдаҳо ва ис- ҳоли сафровӣ дору мешавад. Агар бо он ҳуқна ку- нанд ҳам, ҳамин гуна таъсирро дорад. Инчунин хӯр- дани усораи ин пешобро меронад ва бачаи занони ҳо- миларо аз афтодан бозмедорад. Шарбати навдаҳои тари онро, ки бо қанди сафед қивом карда бошанд, бихӯранд, дилтапаки (дилбозии) сафровиро шифо мебахшад, иштиҳоро ба таом бедор мекунад, хуморро мешиканад, ҷӯшиши сафро ва беҳу- зур шудани дилро таскин медиҳад, исҳоли моддаҳои рақиқи сафровиро мебандад. Вале хӯрдани ин ба одамони сурфа доштагӣ зарар дорад — давои ин зиёнаш асал хӯрдан аст.

Шилм ва оби ғафсгаштаи он бисёр поккунанда ва хушкмизоҷ аст. Инро бо шароб биёшоманд, сипурз- ро ба дараҷае пок мегардонад, ки ҳатто ёфтани он ам- ри муҳол аст; санги хичакро майда карда мерезонад. Агар онро гузошта банданд, шукуфаи пӯст ва қӯтури решгаштаро дафъ мекунад. Онро бо равғани зайтун сиришта, батакрор бимоланд, мӯйро месутурад. Оби чӯбашро, ки ҳангоми сӯхтан таровиш меку- над, бимоланд, озахҳо, мӯрчагазак, доғи кунҷидак, шу- куфаҳои пӯст ва қӯтурро дафъ мекунад, инчунин мӯй- ро месутурад, хусусан бо мавизи ангур сиришта бимо- ланд, таъсираш зудтар зоҳир мегардад. Хокистари чӯб ва аррамайдаи шохҳои он сӯзонан- да аст. Онро бо сирко хамир сохта гузошта банданд, бавосирро дафъ мекунад; бо равғани гулисурх ва сир- ко сиришта гузошта банданд, низ бавосирро нест ме- гардонад; бо равғани гулисурх ва судоб даромехта гу- зошта банданд, варами сипурзро таҳлил медиҳад. Хо- кистари шохҳои онро бо равғани кӯҳна ва равғани зайтуну асал хамир сохта гузошта банданд, даридагии мушакҳоро ба ҳам оварда сиҳат мебахшад, буғумҳои сустро мустаҳкам мегардонад, асаби шахшударо му- лоим мекунад; бо танакори сурх даромехта гузошта банданд, гӯшти ҳароми захмҳоро мехӯрад; бо сирко 382 хамир карда гузошта банданд, асабҳои печидаро рост месозад, газидани мори афъӣ ва саги девонаро шифо мебахшад, варами ғуддавиро таҳлил медиҳад. Агар онро батанҳоӣ тафсонида гармбандӣ кунанд, бавосир- ро нест мекунад. 1.75 грамм хокистари шохҳои онро бихӯранд, захми рӯдаҳоро шифо мебахшад, инчунин санги гурда ва хи- чакро майда карда мерезонад. Оби хокистари онро биёшоманд, зарба хӯрдан, аз ҷумла чалакидани майнаро даво мешавад. Оби хокистари он ин тавр тайёр карда мешавад. Се қошуқ хокистари онро дар як литр об хуб мечӯшо- нанд, баъд мегузоранд, ки таҳшин шавад. Оби софи онро дар зарфи дигар рехта, боз таҳшин мекунанд. Оби софи инро ҳам ба дигар зарф мерезанд, инак, бо- ри саввум таҳшин менамоянд. Баъд он оби хокистари соф ҳисоб меёбад. Миқдори нӯшидан аз ин оби хокис- тар 100 грамм аст. Мизоҷи гули тару тозаи токи даштӣ дар дараҷаи якум сард ва хушк аст, бӯйи хуш дорад. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, дилро қувват мебахшад, оруғ ва қайро манъ мекунад. 163. Мурч Ин самари дарахти ҳиндист ва ба ҳамаи халқҳои мо маълум мебошад. Мизоҷи мурчи сиёҳ дар охири дараҷаи саввум гарм ва хушк аст; мизоҷи мурче, ки аз пӯсти сиёҳаш ҷудо карда шуда бошад, мурчи сафед номида мешавад, дар аввали дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: мурчро бихӯранд, қув- вати ҳофиза ва асабҳоро мустаҳкам мекунад ва ба- рои иллатҳои асаб фоидаи бисёр дорад. Агар инро бо мавизи ангур бихоянд, рутубатҳои зиёдатии майна ва меъдаро кашида дафъ мекунад. Мурчро дар равған ҷӯшонида, он равғанро бимо- ланд, барои фолиҷ (шал шудани нимаи

бадан ба да- розӣ), карахтӣ ва ҳамаи бемориҳои аз сардию тарӣ баамаломада шифо мебахшад, аъзошиканӣ ва табҳои хунукро дафъ мекунад. Мурчро дар гулоб ҷӯшонида, он гулобро бимоланд, назлаҳои хунукро манъ мекунад ва дарди дандонро 383 таскин медиҳад; инчунин бо пӯсти кӯкнор дар об ҷӯ- шонида, он таркибро дар даҳан гардонанд ва ба дан- дон бимоланд, дарди дандони кирмхӯрдаро сокин ме- кунад. Мурчро бихӯранд, балғамро меканад; меъда, ҷи- гар ва узвҳои ҳозимаро, ки меъда, рӯдаҳо, ҷигар ва сипурз мебошанд, гарм мегардонад ва қувват мебах- шад, иштиҳо меоварад, оруғи туршро дафъ мекунад, ҳазми ғизои бадҳазмро сабук мегардонад, хуни ғафси одамони сардмизоҷро рақиқ месозад; иллати махав, бодҳо ва дарди рӯдаҳоро дафъ мекунад. Агар инро бо барги тари ғор якҷо кӯфта бихӯранд, боди шикамро барҳам медиҳад. Мурчро кӯфта, бо сирко сиришта гузошта банданд, варами сипурзро таҳлил медиҳад ва агар бо мудова- мат бихӯранд, қулинҷи бодӣ ва балғамро нест меку- над. Мурчро маҳин кӯфта, чун сурма ба чашм кашанд, торикии чашмро дафъ мекунад, гули чашмро пок ме- намояд ва нохунаки ин узвро барҳам медиҳад; инчу- нин агар инро бихӯранд, сурфаи сарди тармизоҷ, тан- гии нафас, дарди узвҳои даруни сина ва дамкӯтаҳиро ба ибро меоварад; агар бо асал бихӯранд, дарди гу- лӯро, ки аз ҷамъ шудани балғам дар ин узв бошад, шифо мебахшад, шушро пок месозад ва ҷамъ шудани рутубат ва балғамҳоро манъ мекунад, пешоб ва ҳайз- ро равон менамояд; агар бо мозу ва пӯсти анор хӯранд, чакмезакро шифо мебахшад, бисёр омадани пешоб ва ҳайзро ба эътидол меоварад. Мурчро занҳои ҳомила аз таг бардоранд, бачаи он- ҳоро аз шикам меафтонад; агар баъд аз мубошарат ҳамин тавр бардоранд, ҳомила шуданро манъ меку- над. Мурчро бо ширу шакар бихӯранд, боҳро қавӣ ме- гардонад. Мурчро кӯфта, бо қатрон даромехта, гузошта бан- данд, ханозер (хукгардан)-ро таҳлил медиҳад, мил- каки нохун ва доғи сафеди ин узвро дафъ мекунад, ин- чунин махавро шифо мебахшад. Мурчро бо ҳино даро- мехта батакрор гузошта банданд, нохуни аз милкак ва шукуфаи пӯст афтодаро аз нав мерӯёнад. Мурчи кӯф- таро бо чарбии мурғ ва орди боқилою нахӯд сиришта гузошта банданд, доғи сафеди пӯстро дафъ мекунад; 384 бо танакори арманӣ, яъне бо натрун даромехта бан- данд, доғи сафеди пӯстро баниҳоят пок месозад, рух- сораро сурх мегардонад; бо пиёз ва намак даромехта, бошиддат бимоланду баъд инро гузошта банданд, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй ме- рӯёнад. Мурч асабҳо ва мушакҳоро ба ҳадде гарм меку- над, ки дар ин бобат тимсоли ин даво вуҷуд надорад. Мурчро кӯфта, дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшан- ду қай кунанд, заҳри мор, каждум ва афюнхӯрдаро аз бадан дафъ месозад, барои ин батакрор ҷӯшонида нӯшидан даркор аст. Ин об барои ҳамаи заҳрҳои ху- нукмизоҷ, аз ҷумла бар зидди заҳри ашаддӣ, ки биш аст,

тарёқ мебошад. Табибони Ҳиндустон мегӯянд, ки чун шахси морга- зида мурчро бихояду агар тезии онро эҳсос намояд, маълум мешавад, ки заҳр дар бадани вай чандон таъ- сир накардааст, вале агар тезии онро ҳис накунад, равшан аст, ки заҳр дар бадани вай таъсир кардааст— ин имтиҳони қавӣ мебошад аз барои халос хӯрдан аз заҳр ё барои донистани ҳолати таъсири он. Хӯрдани мурч одамони гарммизоҷро дарди сар ме- диҳад, узвҳои даруни сина ва ҳалқро дағал мегардо- над, ба ҷигар ва гурдаи гарммизоҷ ҳам зарар дорад, инчунин ба касоне, ки баданашон камхун аст, низ ва ба касоне, ки дар ботинашон ва роҳҳои пешоби онҳо ҷароҳат дошта бошад, зиён мекунад дар фасли гар- мо маниро хушк мегардонад, ба ҷавонони гарммизоҷ ва ҳангоми мавҷуд будани бемориҳои гарммизоҷ ва иллатҳои тунд хӯрданаш ҷоиз нест. Барои ислоҳи ҳа- маи ин гуна зарарҳояш равғанҳои сардмизоҷ бояд би- хӯранд, вале агар ба касони сардмизоҷ зарар расонад, асали соф истеъмол намоянд, кифоя аст. Миқдори хӯрдан дар як рӯз аз мурч то 4,5 грамм аст. Ба ҷойи мурч занҷабил истифода намоянд, равост. Истеъмоли мурчи сафед барои меъда, сипурз ва заҳра беҳтар аз навъи сиёҳи он аст. Ба ҷойи мурчи си- ёҳ якуним вазни он мурчи сафед истеъмол карда ме- шавад. Аз мурч равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Ҳар қадар, ки хоҳанд, мурчро гирифта, ҷавкӯб наму- да, ба ҳар як 300 грамми он 25 грамм намак дохил карда, шаш баробари вазни мурч оби гарм аз боло- 385 яш бирезанду муддате дар ҷойи гарм бигузоранд ё дар саргини асп дафн кунанд, то ки ба ҷӯш ояд, яъне маст шавад. Баъд дар анбиқ муқаттар намоянд ва равғанро аз рӯйи он оби муқаттаргашта бардоранд — ин равғани мурч ҳисоб меёбад. Инро дар шиша нигоҳ доранд ва дар вақти ҳоҷат ба кор баранд. Равғани мурч ҳамчун даво ҳамаи хислат ва қув- ватҳои мурчро дорад, балки аз он қавитар аст, аммо дар ин равған тезии мурч нест. Хӯрдани ин равған ҳа- маи бемориҳои сардмизоҷро шифо мебахшад. Миқдори як бор ошомидан аз равғани мурч дар як рӯз аз як то се қатра аст. 164. Қаламфур Ин растании машҳур аст. Самараш дарозаки ибо- рат аз пӯсти дарунхолӣ, дар аввал сабз ва баъди ра- сидаи сурх мегардад. Таъми самараш хеле тез бо кам- тар талхист. Инро дар баъзе маҳалҳои тоҷикон ишти- боҳан «занҷабил» меноманд, вале дар ҳақиқат занҷа- бил чизи тамоман дигар аст ва занҷабил дар шароити сарзаминҳои мо намерӯяд. Дар хусуси занҷабил мо дар боло зикр намудем. Мизоҷи қаламфур дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, бод- ҳои ғализ ва балғами часпакро таҳлил медиҳад, ги- реҳҳои узвҳои даруни баданро мекушояд; агар инро бо асал бихӯранд, боҳро (пушти камарро) ба ҳаракат меоварад, барои дарди дандон дору мебошад; қулинҷ- ро, ки варами рӯдаҳои ғафс ва иловусро, ки варами рӯдаҳои борик аст, шифо мебахшад. Вале ба дарун истеъмол кардани ин ба ҳалқ зарар дорад — давои

ин зиёнаш челон хӯрдан аст. Хӯрдани қаламфур мизоҷи сарди одамонро ба эъти- дол меоварад. Миқдори хӯрдан аз он дар як рӯз то 7 грамм аст. Хотираеро оид ба хислати қаламфур муаллифи ин китоб гуфтанӣ ҳастам, ки соли 1952 рӯдаҳои ман ба- шиддат варам карданд, ҳатто боди шикам ҳам намегу- зашт. Дар илоҷи ин ба ҳайрат мондам. Вале баъди муддате иродае ба сарам расид, ки чунин кардам. 15 386 адад қаламфурро ду-ду даронида, дар як коса ҷуғрот як шаб тар карда, он ҷуғротро хӯрдам — бағоят тез гашта буд. Бо як косаи дигар ҷуғрот ҳамон қалам- фурро дубора тар кардаму ҷуғротро ошомидам — аз азияти шадид наҷот ёфтам. 165. Биринҷ Ин растании зироатӣ ба мо маълум аст, ки дар за- минҳои обдор кишта мешавад, аксар дар даруни об мерӯяд ва дар об месабзаду мерасад. Аз як шолӣ дар Ҳиндустон ду карат ҳосил мегиранд: дар вақти баҳо- рон ва дар тирамоҳ. Аз шолие, ки дар лаб ва наздики баҳрҳо ва уқёнусҳо мерӯяд, биринҷи хуб ҳосил на- мешавад. Навъҳои биринҷ хеле бисёр аст. Беҳтарини биринҷҳо латиф, яъне осонпаз ва сафе- ди он аст. Доир ба мизоҷи ин қавлҳои гуногун мавҷуданд. Баъзеҳо гарм дар дараҷаи якум ва баъзеи дигар сард ва баъзеи дигар мизоҷи онро мӯътадил донистаанд. Хушкии мизоҷи он дар дараҷаи дуввум мебошад — оид ба ин қавли ҳамаи ҳакимон як хел аст. Вале баъ- зеҳо биринҷро мураккаб-ул-қувват донистаанд. Ин фикр ба ҳақиқати он наздик аст. Инчунин қавлҳои аввала ҳам дуруст мебошанд. Зеро ки чун онро дар об бичӯшонанду оби онро дур намоянд ва он биринҷро дам диҳанд—инро ба забони деринаи тоҷикӣ-форсӣ чуловкаш меноманд — мизоҷи ҷирми ин биринҷ дар дараҷаи якум сард мебошад, вале мизоҷи он обе, ки дар он биринҷ ҷӯшонида шудааст, дар дараҷаи якум гарм аст, аммо он обро ҷудо бигиранду биринҷро дар он об дам диҳанд ва паловро ба ҳамин тариқ бипа- занд, мизоҷаш ба гармӣ моил мегардад. Лекин ба шар- те, ки пеш аз пухтан биринҷро дар об тар намуда ва хуб молида, чанд карат бо об шуста баъд бипазанд. Ва илло биринҷҳои часпакро чанд мартаба ба ҷӯш бо- яд бидиҳанд, оби шилмаки ғафси онро рехта дур на- муда бошанд, зеро ки истеъмоли он раво нест—ин гуна палов дар одамони гарммизоҷ гармӣ ва дар ода- мони сардмизоҷ сардиро пайдо мекунад. Аз ин ҷиҳат шояд табибон ва одамони дигари корозмойи қадим, ин- чунин аксари мардуми баъдина барои хӯроки сабуки 387 беморон биринҷро нахӯронидаанд! Вале онҳо инро мах- сус ба одамони тандуруст беҳ донистаанд. Зеро ин дар беморон кайфияти зиддиятнок зоҳир мекунад ва дар одамони сиҳат кайфияти мувофиқ, яъне форам ба амал меоварад. Албатта ин тафсилот барои биринҷҳои ғайриҳиндӣ гуфта мешавад. Зеро барои баъзе беморон биринҷи ҳиндиро оши суюқ карда хӯронидан мувофиқ- тар аст назар ба донинаҳои дигар. Инашро ҳам бигӯ- ем, ки барои баъзе беморон нони гандум форамтар аст. Биринҷи сафедкарда навъҳои сурх ва сафед

дорад. Қисми сурхи онро бихӯранд, дарунро мебандад, вале навъи сафедаш ин тавр набуда, балки ҳамчун ғизо қа- витар аз сурхи он аст. Қавлҳое мавҷуданд, ки хӯрдани ҳамаи навъҳои биринҷ дар узвҳои бадан гиреҳҳоро ба ҳам мерасонад, қабзиятдор мебошад. Агар инро ба- танҳоӣ пухта бихӯранд, ғизоияташ кам, вале барои ил- лати исҳол, исҳоли хунин ва хафа (бӯғма) шудани ба- чадон, бемориҳои гурда ва хичак даво мешавад. Агар бо шакар бихӯранд, ғизоияташ бисёр мегардад, боҳ- ро ба ҳаракат меоварад, баданро фарбеҳ месозад ва манӣ пайдо мекунад; бо дӯғи нав ва татум бихӯранд, тафси баданро таскин медиҳад, барои исҳоли сафро- вӣ даво мешавад; бо шири навдӯшида бихӯранд, ис- ҳолро мебандад; бо чарбии гурдаи буз ва равғани гов бихӯранд, дарди рӯдаҳоро бартараф мегардонад. Агар биринҷро бисёр бихӯранд, ҳоли нохуши баданро ба ислоҳ меоварад, ранги рӯйро пок менамояд, умри да- роз мебахшад, дар бадан моддаи солим пайдо меку- над ва боиси дидани хобҳои хуб мегардад. Биринҷро дар об ҷӯшонида, монанди оби ҷав би- пазанду бихӯранд, сӯзиш ва тезии ахлоти сафровии меъда ва рӯдаҳоро таскин медиҳад. Биринҷро бо шири навдӯшида баробармиқдор гирифта пухта бихӯранд, мании бисёр пайдо мекунад. Низ қавлҳои дигар шаҳодат медиҳанд,. ки биринҷ баъд аз хӯрдан зуд аз меъда фурӯд меояд, ғизои са- бук мебошад, барои табъи аксари одамон ҳар доим форам аст, вале ҳамчун ғизо қувваташ аз гандум кам- тар мебошад. Инро бо таъкид қайд кунем, ки дар хусуси мизо- ҷаш ҳамаи табибон як нуқати назар доранд ва мегӯ- янд, ки хушк аст дар дараҷаи дуввум. Вале гармӣ ва сардии онро ба таври мухталиф медонанд. Баъзеҳо 388 гуфтаанд, ки дар дараҷаи якум сард аст ва дигарҳои табибон мизоҷи онро гарм дар дараҷаи якум медо- нанд; инчунин баъзеи дигарон мизоҷи онро дар гар- миву сардӣ мӯътадил донистаанд. Ин ҷо ҳар сеи қавл ҳам саҳеҳ мебошад. Зеро ки мураккаб-ул-қувват аст: таркибаш қисми сарди бору- тубат дорад вақте, ки дар об ҷӯшонанд. Агар инро дар об ҷӯшонида, аз об ҷудо кунанд, худаш сардми- зоҷ дар дараҷаи якум мегардад. Обе, ки дар он би- ринҷ пухташуда бошад, аз ҷиҳати мизоҷ дар дара- ҷаи якум гарм аст. Ҳакими Самарқандӣ дар «Китоби ағзия» гуфтааст, ки ба қавли қавме биринҷ гармкунандаи бадани ода- мони гарммизоҷ аст. Ин қавл аз рӯйи тачриба ва қиёс маъқул аст. Зеро ки хушкӣ ва часпандагии биринҷ ҳар гоҳ амал кунад, дар баданҳои одамони гарммизоҷ бо ҳарорати мавҷуда боиси афзойиши хушкӣ ва часпанда- гии он мегардад. Бинобар он ки чизҳои часпаки хуш- ки камрутубат ба зудӣ гармиро қабул намуда, аз ҳа- рорати пурқувват ба сӯзиш меоянд. Дар ин чунин ҳо- лат рӯй медиҳад. Биринҷ ҳангоми хӯрдан дар ҳолати баланд будани ҳарорати бадан дар мизоҷ гармӣ меоварад ва аз саба- би кам будани рутубаташ аз гармии бадан ба сатҳи даруни рагҳои борик, аз ҷумла дар мӯрагҳои мосори- қо

часпида, дар он банд гашта, гиреҳҳоро ба амал ме- оварад ва ба ҳамин минвол ҷараёни обро ба даруни ҷигар манъ мекунад. Бо ин восита мизоҷи одамони гарммизоҷро зиёдтар мегардонад. Аммо ин дар ода- мони сардмизоҷ ва тармизоҷ бошад, бинобар бисёр будани тарӣ, хушкӣ ва часпандагии он кам мегардад. Зеро қисми часпандаи он ба рутубатҳои бадани онон омезиш ёфта, ҳал мешавад ва инак, мизоҷи он касон- ро мўътадил месозад. Мувофиқтарин вақтҳои хўрдани биринҷ он аст, ки ҳаво пурнам бошад, зеро он вақт иштиҳо ба таом зи- ёдтар мегардад. Хуллас, агар биринҷ ҳангоми хўрдан дар рагҳои ба- дан гиреҳҳо пайдо намояд, инро бо воситаи маскаи нав, ширинии бисёр, дар меъёри мўътадил намак до- хил карда, дар оби сабўси гандум як шаб биринҷро тар намуда, бо шарбати тухми маҳсар пухта бихўранд, мувофиқи муддао мегардад, низ барои зуд наомадани 389 манӣ мадад мебахшад ва қабзият оварда, дер нигоҳ дошта шудани онро таъмин менамояд. Инчунин дар ин бобат, биринҷи ношустаро истеъмол фармоянд, ҳа- мин гуна хислат дорад. Ширбиринҷро бо шакар ширин карда бихўранд, ма- ниро зиёд мегардонад, баданро фарбеҳ мекунад, ранги рўйро пок месозад. Вале хўрдани биринҷ ба касоне, ки иллати қулинҷ доранд, бад аст; инчунин ба одамоне, ки рагҳои бада- нашон гиреҳ пайдо мекарда бошанд, зарарнок мебо- шад. Вале биринҷ барои харошида шудани сатҳи да- руни рўдаҳо аз бисёрии сафро ва захми ин узвҳо му- вофиқтар аст. Дар ин ҷиҳат биринҷро аввал бирён карда, баъд муҳарро пухта ва монанди кашки ҷав гар- донида бихўранд, айни муддао мегардад. Биринҷро бихўранд, захмро пок месозад ва дар он гўшти солим мерўёнад. Бинобар чунин хислатҳояш ба- рои ҳамаи намудҳои иллати сил фоида дорад, хусусан аз он ширбиринҷро бо шири хар бипазанд, нафъаш бештар мегардад. Биринҷро то бўяш баромадан тафсонида, баъд бо почаи буз ё гўсфанд пухта бихўранд, барои харошида шудани сатҳи даруни рўдаҳо ва омадани хун дар пе- шоб, нафъи бисёр дорад. Оберо, ки аз биринҷ шира кашида гирифта бошанд, бо шакари янтоқ ширин карда биёшоманд, душвор зойи- дани занонро осон мекунад. Бо обе, ки дар он биринҷ шуста бошанд, ҳуқна (клизма) кунанд, харошида шу- дани сатҳи даруни рўда ва захми онро ба ибро мео- варад. Орди биринҷро бо оби харбуза даромехта бимо- ланд, доғи кунҷидак ва дигар доғҳоро аз пўст дафъ мекунад. Ин ордро бо чарбиҳо сиришта гузошта бан- данд, пучакро мекафонад. Агар инро бипошанд, хуни ҷароҳати навро мебандад ва онро сиҳат мегардонад. Орди биринҷро бо равғани гурдаи буз дуру дароз пухта бихўранд, аз ҳад зиёд рафтани даруни беморон- ро ба ислоҳ меоварад, инчунин барои исҳоли аз хўр- дани даво ҳодис шуда ва харошида шудани сатҳи да- руни рўдаҳо давои хеле хуб мебошад. Як силсила корозмоҳо шаҳодат додаанд, ки чун биринҷро то сурх гаштанаш бирён карда миқдори 68 грамми онро дар 180 грамм об як шаб тар

карда ва 390 субҳ оби софи онро бинӯшанд, кирмҳои меъдаро дафъ мекунад ва беҳузур (бечо) шудани дилро, ки аз зиёд гаштани рутубат ва ё ҳарорат бошад, шифо мебах- шад. Ҳангоми палов тайёр кардан аввал пиёз ва гӯштро дар равған сурх гардонида, баъд масолеҳи дигар до- хил намуда, ба шарте ки биринҷи дар об соате тар кардашударо кафмол карда шуста, баъд дар дег ан- дохта, аз болояш он миқдор об дохил намоянд, ки ҳан- гоми баъди ҷӯшонидан дам кардан, биринҷ мувофиқи муддао об гирифта бипазад. Ин ғизои солеҳ аст аз ҳар ҷиҳат барои нигоҳ доштани дурустии тани одам ва дарди сареро, ки бо иштироки ҳолати дил бошад ва агар баъд аз пок гардонидани бадан аз моддаҳои за- рарнок ин хӯрда шавад, шифо мебахшад. Инчунин ба- рои дарди саре, ки сабабаш аз меъда ба сар барома- дани бухорҳо бошад, нафъи хубе дорад. Биринҷро шуста дар об пазанду онро соф карда, чун оби ҷав хунук гардонида бихӯранд, шиддати те- зии хилтҳои (моддаҳои) меъда ва рӯдаҳоро таскин ме- диҳад, қуввати боҳро зиёда мегардонад, баданро фар- беҳ месозад ва манӣ пайдо мекунад. Биринҷро дар об пухта, дар охири пухтан каме ша- кар, гулоб, заъфарон ва равғани маскаи гов андохта, дам дода бипазанд, ин палови заъфароннок ном до- рад. Хӯрдани ин барои дарди саре, ки сабабаш дар дил зиёд гаштани моддаи савдо бошад, шифо мебах- шад. Тариқи дигари тайёр кардани ин палов ба усули ҳиндӣ чунон аст, ки биринҷро бо ҳамон обе, ки вай тар карда мешавад, бипазанду дам диҳанд, яъне дам хӯронанд, то монанди палови хушка (беравған) муло- им гардад. Баъд равғани гов дохил карда бихӯранд, дарди рӯдаҳоро дафъ мекунад. 166. Пудина Пудина се намуд дорад: пудинаи даштӣ, пудинаи наҳрӣ ва пудинаи кӯҳӣ, ки ба забони ӯзбекӣ кийикӯтӣ меноманд ва дар байни тоҷикони шимолӣ бо ҳамин ном иштиҳор дорад. 391 I. Пудинаи даштиро баргҳояш реза, нарм, нозук, бӯяш тунди боатрият, таъм ва бӯйи он ба пудинаи наҳ- рӣ наздиктар, вале аз он тезтар ва талхтар аст, тух- маш монанди тухми райҳон мебошад. Мизоҷаш дар аввали дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ошомидани он барои ку- зоз (столбняк) дору мебошад, моддаҳои бегонаи узв- ҳои даруни сина ва меъдаро пок мегардонад, сӯзиши меъдаро таскин медиҳад, оруғ ва беҳузур (бечо) шу- дани дилро ба ибро меоварад; бодҳоро пароканда ме- намояд, ҳамроҳаки (ёраки) бачаро аз шиками зан ме- афтонад; арақ, пешоб ва ҳайзро равон менамояд, мод- даи савдоро бо исҳол дафъ мекунад, бачаро дар ши- ками ҳомила мекушад, бар зидди заҳрҳои ҷонварон тарёқ мешавад. Онро кӯфта, занҳои ҳомила аз таг бардоранд, ба- чаро аз шиками онҳо меафтонад. Пудинаи даштиро дар об ҷӯшонида, ба таги шикам кам-кам ва бардавом бирезанд, хориши бачадон (бе- шеная матка), бодҳои бачадон ва сахтии онро, ки дар тибби ҳозира ноболиғии бачадон меноманд — ҳамаашро дафъ

мекунад. Инро сӯхта ба дандон бимоланд, милки онро мус- таҳкам мегардонад. Инро бӯй кунанд, иллати беҳушшавиро дафъ меку- над. Вале истеъмоли ин ба дарун барои рӯдаҳо зарар- нок аст. Давои ин зиёнаш катиро хӯрдан мебошад. Миқдори як бор хӯрдан аз пудинаи даштӣ дар як рӯз то 7 грамм аст. II. Пудинаи кӯҳӣ, яъне кийикӯтӣ. Баргҳои ин ан- бӯҳ, бузургтар аз баргҳои пудинаи даштӣ ва гирдак аст. Агар инро гӯсфанд бихӯрад, шираш ба хун таб- дил меёбад. Бӯйи ин пудина тунд. Барои даво назар ба дигар пудинаҳо қавитар аст. Мизоҷаш дар охири дараҷаи саввум гарм ва дар миёнаи ҳамин дараҷа хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро биёшоманд, рутубатҳои ғафсро аз узвҳои даруни сина, шуш, бача- дон дафъ мекунад, иштиҳоро афзун менамояд; қулинҷ- ро, ки варами рӯдаҳои ғафс аст, мекушояд, беҳушӣ ва 392 ғамгиниро барҳам медиҳад, пешоб ва ҳайзро башид- дат равон мекунад; бачаро дар шиками занони ҳоми- ла мекушад ва онро аз шикам меафтонад, санги гур- да ва хичакро майда карда мерезонад. Агар касе аз шаҳвати худ маҳрум гашта бошад, чун дар ҳар се рӯз як мартаба 1,75 грамм хушки онро сойида, бо 10,5 грамм тухми харбуза, 35 грамм маскаи гӯсфанд ва 70 грамм асал бихӯранд, шаҳваташ на тан- ҳо барқарор мегардад, балки зиёд мешавад. Шароби онро бинӯшанд, ҳузн ва иллати беҳушша- виро дафъ мекунад, ҳайзи занҳоро равон менамояд. Ин гиёҳро сӯхта, дудашро занҳои ҳомила ба миёни поҳои худ бигиранд, бачаро аз шиками онҳо меафто- над. Ним грамми инро бо равғани баласон даромехта, занҳо аз таг бардоранд, дарди бачадонро таскин ме- диҳад. Хӯрдани пудинаи кӯҳӣ ба мақъад зарар дорад. Зиё- ни ин бо сирко хӯрдан ислоҳ меёбад. III. Пудинаи наҳрӣ, ки пудинаи обӣ низ меноманд. Ин ба ҳама шинос мебошад. Мизоҷаш дар охири дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани ин бар зидди заҳрҳо тарёқ мешавад. Оби пудинаи тару тозаи онро нимгарм дар гӯш чаконанд, кариро, ки сабабаш дар даруни гӯш бо- шад, сиҳат мекунад. Агар инро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, ил- лати ростнафасро, ки гирифтораш хобида ва дароз ка- шида, нафас гирифта наметавонад, балки рост истода ё нишаста сар боло дошта, нафас гирифта метавонад, шифо мебахшад, инчунин бемории филпо, табҳои бал- ғамӣ ва савдовиро дафъ мекунад, барои иллати махав дору мешавад. Ё оби пудинаи тару тозаро ё худи пудинаро бо асал бихӯранд, арақ меоварад, пешобро меронад; агар ин- ро бо шароб биёшоманд, даридани мушакҳо ва рафта- ни дарунро, яъне исҳолро ба ибро меоварад; агар бо сиканҷабин ё бо шарбати анор биёшоманд, бечо (бе- ҳузур) шудани дил, қайи сафровӣ ва оруғро дафъ ме- кунад; агар онро бо асал ва намак бихӯранд, кирми 393 меъда ва рӯдаҳоро, ҳатто кирми кадудонаро мерезо- над. Баргашро кӯфта, занҳо аз таг бардоранд, ҳайзи бастаи онҳоро мекушояд, бачаро дар шиками

занони ҳомила мекушад. Пудинаро дар шароб пухта гузошта банданд, доғи сиёҳи пӯст ва иркуннасо (радикулит)-ро дафъ меку- над. Пудинаро ё оби онро бо шароб биёшоманд, заҳр- ҳоро аз бадан хориҷ мегардонад. Пудинаи хушкро ба ҷойи газидаи ҷонварони заҳр- нок гузошта банданд, он ҷоро реш мегардонад ва заҳр- ро ба худ мекашад. Пудинаи хушкро кӯфта ба ҷое, ки кирм карда бо- шад, бипошанд, кирмҳоро дафъ мекунад. Ба дарун истеъмол кардани пудинаи наҳрӣ барои боҳ ва гурда зарарнок аст. Дар ин ҳолат катиро би- хӯранд, ислоҳи зарари он мекунад. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-158-166#158

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 167-177 167. Забонгазак 168. Рӯян 169. Ҳил 170. Гиёҳи шӯра 171. Тарра 172. Бодиринг 173. Гелос ва олуболу 174. Кадуи талх 175. Қаранфули гардан 176. Судоб 177. Кофур 167. Забонгазак Инро дар як қатор маҳалҳо тоҷикон занҷабили обӣ низ меноманд. Зеро он бештар дар ҷоҳои обдор мерӯ- яд. Дар вақти онро бо дандон газидан гӯё забонро ме- газад, яъне дар рӯйи забон сӯзише пайдо мекунад. Баргаш монанди барги бед, вале дар миёнаҷояш гӯё доғ дорад. Гулаш сурх ва монанди шаддаи мӯҳраҳои майда дар хӯша аст. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: Агар инро бихӯранд, меъда ва ҷигарро гарм мегардонад ва ғизоро ҳазм ме- кунад. Барг ва самарашро кӯфта гузошта банданд, варам- ҳои сахти балғамии барҷастаро таҳлил медиҳад, доғ- ҳои пӯст ва кабудии зери чашмро, ки аз хуни мурда бошад, дафъ мекунад. Решаашро кӯфта, гузошта банданд, доғи кунҷидак ва ҳамин қабил доғҳоро, ки кӯҳна ва сахт шуда бо- шанд, башиддат дафъ мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз гиёҳи хушки забонга- зак дар як рӯз то 7 грамм аст. 394 168. Рӯян Ин растанӣ ду навъ аст: саҳроӣ ва боғӣ. Боғӣ, яъне бӯстониашро зироат мекунанд. Мурод аз ин ре- шааш ба кори рангрезон лозим аст. Решааш сурхи ти- ра аст. Самараш кулӯла, баъди расидан сиёҳ мегар- дад. Гиёҳаш майдаи шахшӯл, фақат як поя дорад, баргҳояш гирдак, самараш анбӯҳ дар миёни баргҳояш ҷо гирифтааст. Ин растанӣ дар санглохҳо ва заминҳои сахт бештар мерӯяд. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бо асал би- хӯранд, фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ)- ро, ки бо беҳиссии узв бошад, шифо мебахшад; каҷ шудани рӯй, сусту нотавон гаштани аъзо ва зардпар- винро дафъ мекунад; меъдаро қувват мебахшад, пе- шоби бисёр ғафс, ҳайз ва ширро равон мекунад, ир- қуннасоро ба ибро меоварад; агар бо сиканҷабин би- хӯранд, гиреҳи ҷигар ва сипурзро мекушояд. 3,5 грамм рӯянро бо 7 грамм решаи ревоч (чукрӣ) ва як пиёла шароби хурмо (ё бӯза) биёшоманд, барои зарба хӯрдан (аз ҷумла чалакидани майна) ва сахт афтодан даво мебошад. Самари онро бо

сиканҷабин бихӯранд, сипурзро ба дараҷае пок ва соф мегардонад, ки ёфтани он амри муҳол мегардад; ҷигарро аз моддаҳои бегона пок ме- созад ва гиреҳҳои ин ҳар ду узвро мекушояд. Инчу- нин ҳар як қисми рӯянро бо сиканҷабин бихӯранд, чунин таъсирро дорад. Ҳар як қисми ин гиёҳро кӯфта гузошта банданд, фолиҷ, кач шудани рӯй, карахтӣ ва дигар бемориҳои сардмизоҷи асабониро шифо мебахшад; ширинча, са- бӯсаки сар, шукуфаи пуст ва доғи сафеди пӯстро ба ибро меоварад; инчунин доғҳои аз зарба хӯрдан ва афтодан дар пӯст пайдошударо ҳам дафъ мекунад. Агар инро кӯфта, занҳо аз таг бардоранд, ҳайзи бандгаштаро ҷорӣ мекунад, бача ва ҳамроҳаки тифлро аз шиками ҳомила меафтонад. Решаашро кӯфта, бо асал сиришта гузошта бан- данд, доғи кунҷидак ва доғҳоеро, ки аз таъсири офтоб ба ҳам расида бошанд, нест мегардонад; инро бо сир- ко даромехта гузошта банданд, шукуфа ва доғи са- 395 феди пӯстро барҳам медиҳад, инчунин ҳар доғеро, ки дар пӯст афтода бошад, пок мекунад. Решаи онро сойида, бо таом бихӯранд, барои касо- не, ки саги девона газида бошад, дармон мешавад. Баргу шох ва самари он — ҳама тарёқи заҳрҳои ҷонварон аст. Ҳар як қисми рӯянро батанҳоӣ бихӯранд ҳам, ҳамин таъсирро дорад. Хӯрдани рӯян бинобар башиддат пешоброн буда- наш ба хичак зарар дорад, ҳатто хун мемезонад. Ба- рои дафъи ин зарарҳояш катиро бояд бихӯранд. Ба сар ҳам зиёнкор аст — ин зарарро бо хӯрдани арпабо- диён ислоҳ метавон кард. Миқдори як бор хӯрдан аз он дар як рӯз 4,5 грамм аст, ва агар ҷӯшонида, обашро нӯшиданӣ бошанд, дар об 14 грамм андозанд. Ҳар касе, ки қасди хӯрданӣ рӯян дошта бошад, бо- яд, ки ҳар рӯз ҳаммом бикунад. 169. Ҳил Ин тухми растании буттаи ҳиндӣ аст, ки хушбӯй мебошад. Инро ба забони русӣ кардамон мегӯянд. Қувваташ ҳангоми дар ғилофаш будан то ду сол боқӣ мемонад, вале агар аз ғилофаш берун кунанд, то як сол қуввати худро нигоҳ медорад. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва дар дараҷаи дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, фараҳ мебахшад, меъдаро қавӣ мегардонад, таомро ҳазм ме- кунад, оруғро ба ҳаракат меоварад ва дарунро мебан- дад, хусусан бирёнкардаи он барои бастани дарун қавӣ мебошад. Пӯсташ ва тухмашро кӯфта, батакрор ба дандонҳо бимоланд, милки дандонро мустаҳкам мегардонад, пухтани (ҷӯшиши) даҳанро манъ мекунад. Мегӯянд, ки хӯрдани ҳил барои рӯдаҳо зарарнок аст. Барои ислоҳи ин зиёнаш катиро бояд бихӯранд. Миқдори як бор хӯрдан аз ҳил дар як рӯз то 9 грамм аст. 396 170. Гиёҳи шӯра Ин гиёҳ бештар дар он ҷоҳое, ки ҷуфт намерасад, яъне шудгор карда намешаванд, мерӯяд. Алафаш сабз, пушти баргҳояш чун шӯра дамидаҳои тунуке дорад. Дар мавсими баҳор нашъунамо мекунад. Онро мардум ба усулҳои гуногун мехӯранд. Ин растаниро ба забони русӣ лебеда меноманд. Мизоҷаш дар охири дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои

шифобахши он: инро бихӯранд, оруғро хушбӯй мегардонад, он чӣ дар шикам бошад, ҳазм ме- кунад, ғизоияташ кам аст ва часпандагӣ дорад. Хул- лас, ҳар он чӣ дар шикам бошад, бо воситаи исҳол хориҷ мекунад. Агар оби гиёҳи тару тозаи онро биёшоманд, зар- добро бо воситаи исҳол дафъ мекунад. Аз 25 то 150 грамми онро бо обе, ки дар он як ша- бонарӯз мавизи ангур тар карда шуда бошад, бо ша- кари сурх биёшоманд, лоғарӣ, сустии меъда, дарди ка- мар, дарди пушт ва дарди суринро, агар таб набошад, шифо мебахшад. Вале дар меъда гаронӣ ҳодис меку- над бинобар часпандагӣ доштанаш. Бояд ки оби он- ро наҷӯшонида биёшоманд ва агар бичӯшонанд, қув- ваташ барҳам мехӯрад. Баъзеҳо 300 грамм оби онро бо 35 грамм шакари сурх меошоманд, қувват ва таъсираш зиёда зоҳир ме- гардад. Тару тозаи ин гиёҳро бихӯранд, пешоб ва ширро равон мекунад, маниро зиёда мегардонад, боҳро ба ҳаракат меоварад. Вале баъзеро мегӯянд, ки маниро хушк, ҳатто қатъ мекардааст. Тухмаш барои дафъ кардани зардоб бо воситаи ис- ҳол қавитар аз гиёҳаш мебошад. Миқдори як бор хӯрдан аз гиёҳи хушки шӯрагиёҳ дар як рӯз то 10,5 грамм ва аз оби гиёҳи тару тозаи он то 200 грамм аст бо шарте, ки бо 35 грамм шака- ри сурх биёшоманд. 171. Тарра Ин аз ҷинси бодиринг, вале аз он хеле дароз ва аз дарозӣ ҳатто кач мегардад. Ранги бодиринг сабзи ба сиёҳӣ моил бошад, ранги тарра сабзи сафедтоб аст. 397 Инро ҳам чун бодиринг хом мехӯранд. дар фасли ба- ҳор мерасад. Баргҳояш аз барги бодиринг майдатар ва биёрааш монанди биёраи бодиринг аст. Мизоҷаш дар охири дараҷаи дуввум сард ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани ин баданро аз моддаҳои бегонаи гарммизоҷ пок мекунад; ташнагӣ, гармӣ, ҷӯшиши сафро, тафс ва фишори баланди хунро ва инчунин ҳарорати ҷигарро таскин медиҳад. Хусусан мағзи расидаи он барои дарди узвҳои дар боло зикр- ёфта, инчунин хичак ва сӯзиши меъда неку давоест; да- рунро мулоим мекунад, пешобро меронад, сангҳои гур- да ва хичакро майда карда мерезонад. Зарарҳои тарра: дар одамони хунукмизоҷ бодан- гез, дерҳазм, аз меъда суст мефурояд, дар ҷигар мод- даи носара пайдо мекунад, зуд бадбӯ мегардад, таб- ҳои сахт ва дуру дарозро бармеангезад. Ислоҳи ин за- рарҳояш: намак, зира, мавиз ва арпабодиён хӯрдан аст ва инчунин пӯсташро пок карда хӯрдан аст. Ва агар барои одамони гарммизоҷ зиёнаш зоҳир гардад, сикан- ҷабин хӯранд, ислоҳ меёбад. Тухми инро бихӯранд, пешобро меронад, гиреххои узвҳои баданро мекушояд, даруни рагҳоро аз модда- ҳои часпак пок месозад, вале назар ба тухми бодиринг заифтар мебошад. Пӯст ва гӯшташ бодангез ва қулинҷро пайдо меку- над, тиҳигоҳро, яъне холияки паҳлуро ба дард мео- варад, дерҳазм, моддае, ки аз он ба ҳам расад, бадбӯ мегардад. Тарра дар аксар хислатҳо монанди бодиринг аст. Низ асал ва дигар ширинихо бихӯранд, зарарҳои инро ислоҳ мекунад. Баргаш барои саги

девонагазида даво мебошад, барои варами балғамӣ бо асал бихӯранд ва шарои (аллергияи) балғамиро дафъ мекунад Агар онро хушк намуда, кӯфта бихӯранд, исҳоли сафровиро мебандад. 172. Бодиринг Маълум, ки ин самари растании зироатии биёра- дор аст. Намудҳои самари ин гуногун аст, вале хислатҳои ҳамаи намудҳои он ба ҳам монанд аст. 398 Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум сард ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: бодирингро бихӯранд, барои дарди сари аз гармӣ ба зуҳуромада даво мебо- шад, инчунин қоши ё кафи онро гузошта банданд, ё дар пешонӣ моланд, низ ҳамин таъсирро дорад, ҳам- чунин пора кардашудаи онро бибӯянд, дарди сарро таскин медиҳад. Оби бодиринги тару тозаро дар шиша андохта би- бӯянд ва дар бинӣ бикашанд, рӯҳи нафсониро, ки мар- казаш майна аст ва рӯҳи ҳайвониро, ки марказаш дил аст, баланд мегардонад, инчунин аксари бемори- ҳои гарми шадиди вобаста ба майна бошанд, шифо мебахшад ва бехобиро дафъ мекунад. Хӯрдани бодиринг аксари табҳои гарм ва тезро дафъ мекунад, ҳарорати сафро, хун ва сӯзиши узвҳои даруни шикам ва ботини синаро таскин медиҳад, шид- дати ташнагиро мешиканад, гиреҳи ҷигарро мекушо- яд, пешобро меронад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад, зардпарвин ва исҳоли гарми беист- ро шифо мебахшад. Оби инро то 200 грамм бо 35 грамм набот биёшо- манд, моддаи сафроеро, ки дар меъда ва рӯдаҳо мав- дуд бошад ва инчунин ахлоти сухтаи сафровӣ ва сав- довиро бо воситаи исҳол дафъ мекунад, табҳои тези гарм ва зардпарвинро шифо мебахшад. Агар бодиринг пири зард ва турш гашта бошад, қуввати исҳоловариаш назар ба бодиринги сабз зиёд- тар аст. Чун як миқдор қаранфули гарданро дар бодиринги зарди пир фурӯ баранду як шабонарӯз ҳамон тавр бигузоранд ё миқдореро аз қаранфули гардан дар оби он як шабонарӯз тар кунанд, баъд рӯзи ди- гар онро фишурда, он обро бо шаҳдоб (асалоб) биё- шоманд, ранги рӯйро неку мегардонад, гиреххои узв- ҳои баданро мекушояд, бодҳои ғализ ва моддаҳои гар- мидорро таҳлил медиҳад ва пароканда мекунад, дил- тапак (дилбозӣ) ро, ки сабабаш гармӣ бошад, дар як рӯз сиҳат мегардонад. Се рӯз пай дар ҳам пӯсти бодиринги тару тозаро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, зардпарвинро дафъ мекунад. Хӯрдани бодиринг барои одамони гарммизоҷ фо- рам аст, вале ба касони сардмизоҷ ва асабу меъда за- рарнок аст ва нармкунандаи он мебошад, ғизоро дар 399 меъда хом мегардонад, моддаи бод, қароқур ва дарди тиҳигоҳро пайдо мекунад ва агар бодиринг дар меъ- да вайрон гардад, моддаи заҳрнокро ба амал меова- рад. Бодирингро бо таом ва баъд аз таом бихӯранд, хусусан бо ошҳои ҷуғрот дошта ва оши сиркодор би- хӯранд, зарар мекунад. Дар ин маврид агар ба гарм- мизоҷон зарар кунад, сиканҷабин бояд бихӯранд, вале агар ба касони хунукмизоҷ зиён кунад, мавизи ангур ва асал бояд бихӯранд, ки ислоҳи зарари он намояд.

Тухми бодиринги норас, яъне сабзи сабукҳазми фо- рам, вале гӯшти он боднок, вазнин ва дерҳазм аст. Тухми бодиринги расидаи пири он сардтар, тариаш бештар аст. Ин дар манфаатҳои зикршуда ва паст гар- донидани ҳарорат ва тафси сафро, ташнагӣ ва равон кардани пешоб ва ғайраҳо болиғтар, яъне манфааташ зиёдтар аст, аммо зуд вайроншаванда мебошад. Тухмашро кӯфта гузошта банданд, сӯзиши меъда ва дигар узвҳои шикам ва даруни синаро таскин ме- диҳад, варамҳои гармро ба таҳлил мебарад; барои қӯтур, хушк шудани пӯст, шаро (аллергия), хориши бадан, мулоим кардани пӯст дору мешавад ва шахшӯ- лию дағалии онро дафъ мекунад. Агар инро ба зери ноф гузошта банданд, пешоби бандшударо мекушояд, душвор шошиданро ислоҳ мекунад, пешобро бошиддат ҷорӣ месозад (хусусан дар кӯдакон). Барои бемори- ҳои номбурда тухми бодиринги талх қавитар таъсир дорад назар ба ширини он. Агар инро бо танакор якҷо кӯфта ё бо асал сиришта гузошта банданд, варамро таҳлил медиҳад. 10,5 грамм аз тухм ё пӯсти хушкар- даи он бихӯранд, зойиданро осон мекунад, вале хӯрда- ни он барои занони ҳомила зарар дорад. Мизоҷи тухми бодиринг назар ба тухми тарра ху- нуктар ва барои табобат беҳтар аст, инчунин нисбат ба он дер вайрон мешавад. Агар инро бихӯранд, сав- дои дар як ҷо мондаро ба ҷунбиш меоварад, пешобро равон мекунад, сафрои сӯхтаро бо воситаи пешоб дафъ месозад; барои дарди шуш ва захми он, сӯзиши пешоб (сӯзок), варами ҷигар ва сипурзи гарммизоҷ ва ин- чунин табҳои гарм шифо мебахшад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми бодиринг дар як рӯз то 17,5 грамм аст. Аз бодиринг равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Оби бодиринги пири расидаи тӯрбастаи онро 400 гирифта, дар зарфе бо равғани кунҷид ё равғани зай- тун, ки баробари оби бодиринг бошад, бо оташи му- лоим меҷӯшонанд, то об тамоман бухор шавад ва рав- ған бимонад. Аломати батамом бухор шуда рафтани об он аст, ки равған аз ҷӯшиш мемонад. Вале эҳтиёт кунанд, ки равған доғ нагардад. Молидан ва ошомидани ин равған барои бехобӣ, хушкии майна, дарди рӯдаҳо аз ҷамъ шудани сафро, сил ва табҳои гарм даво мешавад. Бодирингро дар хамири орди ҷав гирифта, аз бо- лояш лой печонида, дар танӯри гарм бипазанду баъди пухтан фишурда оби онро ҳосил карда бинӯшанд, ба- рои ҳамаи бемориҳои аз гармӣ баамаломада, табҳои тези сафровӣ ва иллати диқ, ки беморро тамоман ло- ғар мегардонад, даво мебошад. Хӯрдани бодиринг барои меъда аз пӯст ҷудо на- кардааш беҳтар аст назар ба он, ки пӯсташро пок кар- да бошанд. Зеро агар пӯсти онро пок карда бихӯранд, боднок ва дар меъда муддати дароз мемонад. Вале бодирингро бо шир бихӯранд; бисёр бад аст ва агар одамони хунукмизоҷ онро бо шир бихӯранд, ба иллати фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ) гирифтор мегарданд. 173. Гелос ва олуболу Ин меваҳои маълум. Меваи

гелоси пухтагӣ калон- тар аз олуболу, рангаш ба сурхӣ моил мебошад, навъи зардаш ҳам вуҷуд дорад. Вале олуболу бошад, сурхи кабудтоб мегардад, ҳатто ба ранги хун аст. Мизоҷи самари олуболуи пухтагӣ дар дараҷаи дуввум сард ва тар аст; вале мизоҷи гелоси пухтагӣ дар дараҷаи якум гарм ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: агар гелосро бихӯранд, бинобар рутубати часпак доштанаш аз меъда зуд ме- фурояд: барои дағалии ҳалқ ва шуш даво мешаваа, агар аз болои таом бихӯранд. бадҳазмӣ меоварад ва меъдаро заиф мегардонад, инчунин агар аз болои та- ом бихӯранд, ҳар моддае, ки дар меъда бисёр бошад, ин низ ба мизоҷи ҳамон табдил меёбад. Дар вақти рӯй додани ин гуна ҳол чизҳои ҳазмкунандаи таоми гарм- мизоҷи қувватбахш бояд хӯрда шавад; инчунин ин да- 401 рунро меронад, шикамро мулоим мекунад (хусусан бо донакаш хӯрда шавад), вале дар айни ҳол баҳаракатоварандаи олати мардӣ низ мебошад. Агар хушкаш- ро бихӯранд, дарунро мебандад. Олуболуро бихӯранд, ташнагиро мешиканад, тезӣ ва ҷӯшиши сафро ва фишори баланди хунро паст ме- кунад; беҳузур (беҷо) шудани дил, қайи сафровӣ ва исҳолро дафъ мекунад, меъда ва ҷигари гармро қув- ват мебахшад. Қуввати бандкунандагии он дар хушки он зиёда аз тари он мебошад. Аз донакаш шира кашида, бо даҳяк ҳиссаи он ар- пабодиён бихӯранд, санги гурда ва хичакро майда кар- да мерезонад, захми роҳи пешобро, яъне сӯзокро ши- фо мебахшад, ҳайзи бандгаштаро ҷорӣ мекунад. Чун мағзи тухми онро бо пахтакӯҳна якҷо кӯфта, фатилаҳои борик сохта, дар сӯрохи закар гузоранд, захми роҳи пешобро сиҳат мекунад ва он захмро аз олойишҳо пок мегардонад, дар пешоб рим омадан ва сӯзиши пешобро шифо мебахшад. Мизоҷи шилми ҳар дуи ин дарахт гарм ва хушк аст ва дар хислат монанди шилми олу мебошад. Хусуси- яти поккунандагӣ дорад, часпак аст, ахлоти часпакро меканад. Инак, барои дағалии қасабаи шуш, яъне ро- ҳи нафас, неку гардондани ранги рухсор ва барангех- тани иштиҳо даво мебошад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Зеро агар дағалии узвҳои да- руни сина аз хушкӣ бошад, бо часпандагии худ шифо мебахшад ва балғами часпакро аз он меканад, пок мегардонад ва барои сурфаи кӯҳна даво мебошад, шарташ ҳамин, ки инро бояд бо оби хунук биёшоманд. Миқдори як бор хӯрдан аз шилми ҳар дуи ин да- рахт дар як рӯз 4,5 грамм аст. Ин шилмро маҳин сойида, чун сурма ба чашм ка- шанд, нури чашмро тез мекунад ва қӯтури онро дафъ месозад. Агар ин шилмро дар об ҳал карда бимоланд, ба- шараро пок мегардонад. 174. Кадуи талх Инро дар як қатор маҳалҳо тоҷикон чӯбкаду низ меноманд. Кадуи талх монанди кадуи хӯрокӣ гӯшт на- дорад, балки фақат аз пӯсти дарунхолӣ иборат буда, 402 дар даруни он аз қисми поёнаш тухмҳо дорад. Наму- даш гуногун аст: монанди кафлези кулӯлаи дастадор, ба шакли мурӯд, вале хеле азим ва ғайра. Растаниаш

монанди кадуи ширин биёрадор аст. Фарқ дар он, ки пашмакҳои барги кадуи талх монанди баргҳои кадуи хӯрокӣ шахшӯл нест, балки нарм ва суфта мебошад. Мизоҷаш бисёр гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: одатан инро намехӯранд. Ва агар камтареро аз он бихӯранд, қайи башиддат меоварад. Агар ҳамин тавр қай намоянд, зиқ-ун-на- фасро, ки сабабаш сардӣ ва тарӣ бошад ва ҳатто кӯҳ- на шуда бошад ва инчунин сурфаи тари қадимаро ши- фо мебахшад. Оби гулашро дар бинӣ чаконанд ё бирезанд, зард- парвин, бемориҳои тармизоҷ ва иллатҳои майнаро си- ҳат мекунад. Мизоҷи решааш ҳам гарм ва хушк аст. Агар решаи инро кӯфта гузошта банданд, варам- ҳои хунукро таҳлил ва дардҳои аз сардӣ баамалома- даро таскин медиҳад. Кадуи талхи хушкшударо бикафонанд, дар миёни сари гардани он пардае монанди пардаи тортанак мав- ҷуд аст. Онро бароварда, маҳин ос карда, андакеро аз он дар бинӣ бирезанд, зардпарвинро, ки чашму рухсо- раҳо — ҳама зард гашта бошанд ва аксари бемориҳои майна ва рутубиро бо воситаи ихроҷ кардани рутубат ва балғамҳои зарди бисёр аз бинӣ ва аз чашм дафъ мекунад, шифо мебахшад. 175. Қаранфули гардан Инро дар як қатор мавзеъҳо тоҷикон қалампурмӯл- чоқ ҳам меноманд бо як андоза таҳриф. Дарахташ дар ҳаҷми бутта, дар як қатор кӯҳистонҳои Осиёи Миёна низ мерӯяд ва ҳосил медиҳад. Вале муаллифони ки- тобҳои «Махзан-ул-адвия» ва «Муҳити аъзам» дар он ақида мебошанд, ки гӯё ин дарахт дар яке аз ҷазира- ҳои Зербод мерӯяд ва дар ҷойи дигар намебошад. Ин албатта фикри маҳдуд аст. Шохҳояш хамида, баргҳо- яш монанди баргҳои анор, вале аз он мулоим ва ка- лонтар. Самараш бандноки дарозак ва сараш қубба дорад. Самараш ду навъ: нар ва мода. Нари он нис- 403 батан калонтар, ғуборолуд, камрангубӯй ва камтаъм аст. Модаи он резатар ва хушбӯй, рангин ва барои да- во қавӣ, ки мо алҳол онро мебинем. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ин аз ҳама пеш хусуси-яти тарёқӣ дорад, ҳангоми хӯрдан фараҳ меоварад. Агар инро бихӯранд, рӯҳҳои нафсонӣ, ҳайвонӣ ва та- бииро қувват мебахшад; узвҳои раисаро. ки иборат аз дил, майна, ҷигар, меъда, гурда ва хояҳо мебошанд, мустаҳкам мекунад ва онҳоро дар ҳолати сарагӣ ни- гоҳ медорад; барои қувват бахшидани мағзи сар, тез кардани зеҳн, равшан ва қавӣ гардонидани фикр дар- мон ва воситаи хубест: дарди сари аз сардӣ ва тарӣ, фолиҷ, каҷ шудани рӯй (барои ин агар дар бинӣ бире- занд), назлаҳои пай дар пай (агар дар бинӣ кашанд) ва сакта (мурда барин беҳаракат мондан)-ро дафъ ме- кунад; гиреҳҳои мағзи сарро мекушояд (агар дар би- нӣ кашанд) ва дигар бемориҳои сардмизоҷ ва тари савдовии вобаста ба майна ва асабҳо бошанд, шифо мебахшад. Барои касони савдовимизоҷ аз одамоне, ки дар мизоҷи онҳо савдо бисёр гашта бошад, хеле да- вои хуб ва бебадалест. Қаранфули гарданро

бихоянд, милки дандонро мус- таҳкам мекунад; дарди дандонро, ки аз хунукӣ бошад, таскин медиҳад; бадбӯйии даҳанро дафъ мекунад ва бо- иси хушбӯйии ин узв мегардад. Онро маҳин ос карда, чун сурма ба чашм кашанд, чашмро қувват мебахшад ва биноии онро зиёда ме- гардонад; сурхӣ ва пардаи афтодаеро ки чашмро то- рик месозад, дафъ мекунад. Инчунин хӯрдани он ҳам барои ин бемориҳо чунин хосиятро дорад Инро кӯфта бихӯранд, сурфаи тари аз хунукӣ, зиқ- ун-нафас (астма)-и кӯҳнаи тар, дилтапак (дилбозӣ)-и аз сардӣ, тарс, хавф, васвос, девонагӣ ва ғайраро ши- фо мебахшад, дар хӯрандааш шуҷоат пайдо меку- над. Низ агар инро бихӯранд, меъдаро қувват мебах- шад: узвҳои ҳозимаро, ки иборат аз меъда, рӯдаҳо, ҷи- гар ва сипурз мебошанд, гурдаи сард, бачадон ва боҳ- ро қавӣ мегардонад, барои бадан гармӣ медиҳад ва бемориҳои аз сардӣ ҳодисшудаи узвҳои номбурдаро дафъ мекунад; оруғ ва ҳиккакро таскин медиҳад, бод- ҳои радии аз ғизоҳои бадҳазми часпак пайдошударо таҳлил медиҳад, истисқои (водянкаи) гӯштиро шифо 404 мебахшад; чакмезак ва беихтиёр равон шудани пе- шоб, иллатҳои балғамӣ, савдовӣ ва исҳоли рутубиро ба ибро меоварад. Агар инро занҳо аз таг бардоранд, ҳамаи бемориҳои ҳодис аз сардии бачадонро шифо мебахшад. 1,75 грамми онро кӯфта, бо шири навдӯшида бо му- довамат, яъне ҳар рӯз ҳамин миқдор бихӯранд, боҳро бағоят ба ҳаракат меоварад; агар 3,5 грамми онро кӯфта, занҳо дар рӯзҳои покӣ аз ҳайз бихӯранду мубо- шарат кунанд, боиси ҳомила шудани онҳо мегардад, бачадонро гарм мекунад. Қаранфули гарданро кӯфта, бар пеши сар гузошта банданд, бемориҳои вобаста ба майнаро ҳар навъ, ки бошанд, яъне хавф, тарсончакӣ, васвос ва девонагиҳои гуногунро шифо мебахшад; ва агар ба узвҳое, ки аз сардӣ дард мекарда бошанд, гузошта банданд, дарди онҳоро таскин медиҳад; ба варамҳои хунук бибанданд, онҳоро мегардонад. Қаранфули гарданро хойида, бо оби даҳан якҷо пеш аз муҷомаат бар закар гузошта банданду баъд аз муд- дате кушода, онро дур карда, бо зан муҷомаат кунанд, лаззати ҳар ду ҷонибро меафзояд. Хӯрдани қаранфули гардан ба гурда ва рӯдаҳо за- рар дорад. Дар ин маврид шилми бодомҳоро бихӯ- ранд, ислоҳи зарари он менамояд. Миқдори як бор хӯрдан аз ин дар як рӯз то 4,5 грамм аст. Ба ҷойи қаранфули гардан ба ҳамин вазн дорчиниро истеъмол фармоянд, равост. Агар қаранфули гарданро бо шакар қивом карда, шарбат тартиб диҳанд, ошомидани ин ҳамаи бемори- ҳои шадид ва душворилоҷро шифо мебахшад, дар ин бобат ба худ назир надорад. Аз қаранфули гардан равған ҳам тартиб медиҳанд ба ин усул. Миқдореро аз қаранфули гардан, яъне му- вофиқи хоҳиш бигиранд, ба 300 грамми он 25 грамм намак дохил намоянд, дар шаш баробари вазни қаран- фул оби гарм тар карда, муддате дар ҷойи гарм гу- зоранд, то ки ба ҷӯш ояд ё дар саргини асп гӯр кунанд, то

биҷӯшад. Баъди он, ки ба ҷӯш омад, дар анбиқ муқаттар намоянд. Дар вақти тақтир кардан оби му- қаттар (дистилляция шудан) равған ҳам аз анбиқ фуруд меояд. Ин равғанро аз рӯйи об бардошта, дар ши- ша нигоҳ доранду вақти ҳоҷат истеъмол намоянд. 405 Мизоҷи равғани қаранфули гардан дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Агар аз ин миқдор кама- как биёшоманд, ҳамаи бемориҳои аз сардӣ баамалома- да, иллатҳои ҷигар, меъда, дил ва рӯдаҳоро, ки аз сар- дӣ бошанд, шифо мебахшад; рӯҳи нафсониро, ки манбааш майна аст, рӯҳи ҳайвониро, ки марказаш дил ме- бошад, рӯҳи табиӣ, ки мақомаш ҷигар аст —ҳамааш- ро қавӣ мегардонад ва барои тамоми иллатҳои савдо- вӣ, ки иборат аз тарс, хавф, васвос, тарсончакӣ , сер- фикрӣ, девонагӣ ва ғайраанд, шифо мебахшад. Қуввати ин равған аз равғани баласон камӣ надорад. Нӯ- шидани ин барои ҳамаи бемориҳои майна ва камқувватии чашм дору мебошад. Инро ба чашм бимоланд, зардоби дар гавҳараки чашм фуромадаро, ки кӯҳна шуда, ҳатто чашмро нобино гардонида бошад, низ шифо мебахшад ва инчунин ба ҳамаи дард ва иллатҳое, ки қаранфули гардан дору мешавад, равғанаш боз ҳам аз ин афзалтар шифо мебахшад. 176. Судоб Ин растанӣ се навъ аст: бӯстонӣ, даштӣ ва кӯҳӣ. Гиёҳи бӯстонии он то якуним метр баланд мешавад, пуршох аст. Баргаш реза, бадбӯ, бисёр сабз, гӯё бар он ғуборе нишаста бошад. Гулаш зард, тухмаш дар ғилофе се адади ба якдигар пайваста, сегӯша аст. Аз ҳама беҳтарини онҳо сабзу тари тоза ва тундбӯй, ки ба дарахти анҷир наздик рӯйида бошад. Ин растаниро ба забони русӣ рута меноманд. Дар мамлакати мо навъи боғиашро дар нимҷазираи Қрим низ парвариш мекунанд. Мизоҷи бӯстониаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст; мизоҷи тару тозаи он дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк мебошад. Хислатҳои шифобахши он: баъзе бузургворони тиб гуфтаанд, ки хӯрдани судоб ақлро зиёда, вале мани- ро бадбӯ мегардонад, барои дарди гӯш фоида дорад Ин хусусияти тарёқӣ дорад. Агар бихӯранд, гиреҳ- ҳои узвҳои баданро мекушояд, бодҳоро таҳлил меди- ҳад, меъдаро қувват мебахшад, иштиҳои таомро бар- меангезад, пешоб ва ҳайзро меронад, моддаҳои зиёдатӣ ва нодаркори бисёрро аз бадан хориҷ мегардонад, 406 вале маниро хушк мекунад, бачаи занони ҳомиларо аз шикам меафтонад, боҳро (пушти камарро) қатъ меку- над. Агар инро бихӯранд ва гузошта банданд, барои бемориҳои вобаста ба ҳолати майна ва асаб, монанди: фолиҷ, ларзак, ҷингак шудани аъзо аз бисёрии бал- ғам, дардҳои гуногуни буғумҳо ва иркуннасо (радику- лит) даво мешавад; инчунин барои бемориҳои узвҳои даруни сина, зардпарвин, иллатҳои сипурз ва қулинҷи бодӣ шифо мебахшад; ва ҳамин тавр бихӯранд. санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад; бавосири кӯҳна, бемориҳои мақъад ва бачадонро дафъ мекунад. Обашро бо асал ҷӯшонида, аз ин таркиб аз 50 то 75 грамм биёшоманд, ҳиккакро дафъ

менамояд. Оби инро бо шибит бихӯранд, дарди паҳлу ва узвҳои дару- ни синаро таскин медиҳад; барои зиқ-ун-нафас ва сур- фаи кӯҳна дармон мегардад, дарди рӯдаҳоро таскин медиҳад, варами гарми шуш, дарди буғумҳо ва иркун- насоро даво мебошад, ларзи табҳои сардмизоҷро ба- санда менамояд. Инро дар равғани зайтун ҷӯшонида, он равғанро бихӯранд, кирмҳои меъдаро мерезонад. Ва агар дар шароб то ними шароб бухор шуда рафтан биҷӯшонан- ду баъд он шаробро бинӯшанд, истисқои гӯштиро дафъ мекунад. Инчунин инро бо анҷир пухта, батакрор гу- зошта банданд, аз ин иллати истисқо наҷот меёбанд Агар бо намак пухта ё намак хӯронида гузошта бан- данд, чашмро тез мекунад. Баргашро бихоянд, бӯйи пиёз ва сирро аз даҳан дур месозад. Камтареро аз барги он бихӯранд, ҳозимаро, яъне меъда, рӯдаҳо, ҷигар ва сипурзро қувват мебахшад, иштиҳо меоварад, оруғро дафъ мекунад; агар инро бо анҷир ва мағзи чормағз бихӯранд. заҳрҳои хӯрдашуда ва заҳрҳои ҷонварони дигарро аз бадан дафъ мекунад. Ҳар рӯз аз барги он 3,5 грамм бихӯранд. иллатҳои фолиҷ, ларзак ва ҷингак шудани аъзоро барҳам меди- ҳад. Тухмашро бихӯранд ва онро баъд аз ҷимоъ барда- вом занҳо аз таг бардоранд, ҳомила шуданро манъ ме- кунад. Хӯрдани тухмаш бар зидди ҳамаи намудҳои заҳр тарёқ мебошад. Тухм ва баргашро батакрор бихӯранд, бачаро аз 407 шиками занҳои ҳомила меафтонад, инчунин агар зан- ҳо аз таг бардоранд ё ба дудаш бидоранд, ҳамин тавр таъсир дорад. Инро бардавом бибӯянд, чашмро заиф мегардонад, ҳамаи ҳисҳои баданро суст ва дилро камқувват меку- над. Баргашро кӯфта гузошта банданд, дарди газидани ғунда ва каждумро дафъ мекунад, инчунин барои га- зидани саги девона низ фоида дорад; агар инро занҳо ба зери шикам банданд, намегузорад, ки онҳо борнок шаванд. Усораашро, яъне оби гиёҳи тару тозаи инро дар офтоб ғафс гардонида, дар гӯш чаконанд, садоҳои гу- ногуни даруни онро ва гаронии ин узвро дафъ меку- над. Судобро дар сирко ҷӯшонида, он сиркоро соф кар- да, дар бинии кӯдакон чаконанд, саръи (припадкаи) онҳоро шифо мебахшад, хуни биниро ҳам манъ меку- над. Барги хушкашро кӯфта, батакрор бо воситаи най- ча дар сӯрохи бинӣ пуф кунанд, хуни биниро банд ме- намояд. Барги хушки онро кӯфта, бо равғани гулисурх, сир- ко ва ё бо шароб хамир сохта гузошта банданд, дар- ди сарро таскин медиҳад; бо мумравғани мӯрдӣ даро- мехта гузошта банданд, барои доначаҳои дардноки бар пӯст дамида дору мешавад; бо шибит ва асал хамир карда гузошта банданд, шукуфаҳои пӯстро дафъ ме- кунад. Оби онро бо натрун (танакори арманӣ) даромех- та, бо он бишӯянд, барои дафъ кардани доғи сафеди пӯст дармон мебошад ва навъҳои гуногуни озахро хушк карда мерезонад. Судобро дар об ҷӯшонида, бо он об нимгарм ҳуқна (клизма) кунанд, қулинҷро, ки варами рӯдаҳои ғафс аст, дафъ мекунад. Ва судобро дар

равғани зайтун пухта, бо он аз бо- лои хичак, яъне ба зери ноф гармбандӣ кунанд, пеш- оби бандшударо равон мекунад. Хислати шифобахшии усораи он монанди хусусият- ҳои баргаш мебошад. Инро бо оби арпабодиён ва асал даромехта, ба чашм бимоланд, сустии чашмро дафъ ва нури онро тез мекунад. Агар инро дар пӯсти анор 408 гарм карда дар гӯш чаконанд, дардашро таскин меди- ҳад. Усораи онро дар сирко, сафедоб (белила) ҳал кар- да бимоланд, ҷамра (карбункул)-ро, ки реши мӯҳлик аст, даво мешавад, мӯрчагазакро ҳам дафъ мекунад ва решҳои обдори сарро шифо мебахшад; бо асал дар- омехта бимоланд, дарди буғумҳоро таскин медиҳад, инчунин ин таркибро дар бинӣ бирезанд, саръи кӯда- конро шифо мебахшад. Қавлҳое мавҷуданд, ки агар судобро бихӯранд, ба- рои иллати фолиҷ, ларзак ва ҷингак шудани узвҳоро фоида дорад. Агар ҳар рӯз 3,5 грамми онро бихӯранд, ҳиққак (ҳиқичоқ)-ро ба иброо меоварад. Агар инро бихӯранд ва ё бимоланд, барои газидани каждум, ғунда, мор ва саги девона даво мебошад ва ҳамаи намуди заҳрҳоро аз бадан дафъ мекунад, ин- чунин ҳомила шуданро манъ месозад. Баргашро бар- давом бихӯранд, чашмро хира мекунад, дарди сар мео- варад, инчунин ба дарди нимсар гирифтор менамояд, моддаҳои фоиданоки бадан ва маниро месӯзонад. Агар ин тавр зарар кунад, сиканҷабин (сиркоасал) ва арпабодиён бихӯранд, ислоҳи зарар менамояд. Миқдори як бор хӯрдан аз судоб барои калонсолон дар як рӯз аз 10,5 то 14 грамм аст. Ба ҷойи судоб кокутӣ, наъно, пудина ва ҷамилакро бихӯранд, равост. Тухмашро кӯфта, аз 3,5 то 7 грамми онро бо асал ва ё бо сиканҷабин биёшоманд, саръ, кобус (дар хоб сиёҳӣ пахш кардан)-ро дафъ мекунад чашмро тез ме- гардонад, ҳиккаки бодиро бозмедорад, сардии меъда ва қулинҷи бодиро шифо мебахшад, инчунин бар зид- ди аксари заҳрҳо тарёқ мегардад. Судобро дар об ҷӯ- шонида, он обро бинӯшанд, низ ҳамин таъсирро дорад. Чун тухми онро дар равғани зайтун пухта, бо он хичакро аз рӯ гармбандӣ кунанд, пешоби бастаро ра- вон мегардонад ва душвории шошиданро дафъ меку- над. Тухми судобро дар майҳо дохил намоянд, онҳоро хушбӯй ва пурқувват мегардонад ва зарари онҳоро дафъ мекунад, зуд аз бадан хориҷ мегардонад, лекин дар майна рутубат ва дар худи сар дард пайдо меку- над, сарро вазнин месозад. Мизоҷи шилми судоби бӯстонӣ бағоят гарм ва хушк 409 аст, аммо гармиаш назар ба хушкии он камтар мебо- шад. Ин барои реши чашм, таҳлил додани ханозер, ва- рамҳои зери бағал ва каши рон, инчунин барои доғи пес даво мешавад. 0,5 грамми онро занҳои ҳомила аз таг бардоранд, бачаи онҳоро аз шикам меафтонад, ҳамроҳаки (ёра- ки) бачаро зуд хориҷ мекунад ва ҳайзи бандгаштаро равон менамояд. Аз судоб равған ҳам тайёр мекунанд ба ин роҳ. Як миқдори онро бо чор миқдори он об ва даҳ миқдор равғани зайтун дар зарфе бо оташи мулоим меҷӯшо- нанд, то он, ки қисми обӣ тамоман бухор

шуда рава- ду равған бимонад. Ин равғани судоб ҳисоб меёбад. Инро бимоланд, нотавонии аъзо, сардии гурда ва бачадон, дарди паҳлу ва камар, инчунин дарди бача- донро, ки аз хафа (бӯғма) шудани гулӯгоҳи он ҳодис шуда бошад, шифо мебахшад; бодҳои гуногунро таҳ- лил медиҳад ва ларзи табҳоро дафъ мекунад. Агар 12,5 грамми онро дар ҳаммом бихӯранд, ларзакро дафъ мекунад. 0,5 грамми онро дар гӯш чаконанд, гаронии гӯшро ислоҳ мекунад. Агар бо ин равған нимгарм ҳуқна кунанд, қулинҷи бодӣ ва моддиро сиҳат мебахшад ва агар инро занҳои ҳомила аз таг бардоранд, бачаи онҳо ва ҳамроҳаки тифлро аз шикам меафтонад, ҳайзи бандшударо низ равон мекунад. 177. Кофур Ин шилми дарахти азимест, ки аксар ин дарахт дар сарзаминҳои ҷануби шарқи Осиё парвариш меёбад, ин- чунин дар соҳили баҳри Сиёҳи Кавказ мавҷуд аст. Мизоҷи ин шилм дар дараҷаи саввум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, фараҳ мебахшад, дил ва майнаро қавӣ месозад; таби диқ (лоғаркунанда) ва дигар табҳои шадидро дафъ ме- кунад; инчунин зот-ул-ҷанб (варами пардаҳои даруни сина), захми шуш ва силро шифо мебахшад; исҳоли гарм ва сафровии бенизомро ба ибро меоварад; таш- нагӣ, тафси ҷигар ва гурдаро таскин медиҳад, сӯзиши пешобро, ки сӯзок ҳам мемоманд, сиҳат мекунад. Агар 410 кофурро ос карда дар бинӣ бирезанд, низ барои бемо- риҳои вобаста ба майна ва фараҳ бахшидан дору ме- шавад. Барои иллатҳои зот-ул-ҷанб ва сил аз рӯ мо- лиданаш низ кифоя мебошад. Инро бо гулоб даромех- та бихӯранд, дарди сари аз гармӣ сарзадаро таскин медиҳад, ҳавосс (ҳамаи ҳисҳо) ва узвҳои мағзи сарро қавӣ мегардонад. Ин шилм (кофур)-ро бо равғани гулисурх ё бо сир- кои ангурӣ даромехта, ба пеши сар бимоланд, дарди сари сафровиро таскин медиҳад. Агар бо барги кашни- зи тар ё бо барги зуф кӯфта, ба тораки сар бигузо- ранд, хуни биниро манъ мекунад. Ба миқдори як ё ду ҷави онро бо оби барги каш- низ ё бо сирко даромехта, дар бинӣ бирезанд, хуни биниро манъ мекунад. Инро бо барги коҳу якҷо кӯф- та, ба сар гузошта банданд ва дар оби барги коҳу ҳал карда, дар бинӣ бирезанд, бехобии гарммизоҷонро ба ибро меоварад ва ҳарорати баланди майнаро таскин медиҳад; агар бо равғани гулисурх даромехта бимо- ланд, варамҳои гармро пас мегардонад. Кофурро маҳин ос карда, ба чашм бипошанд, дар- ди чашмро, ки аз гармӣ бошад, шифо мебахшад; бо оби кашниз ва сурма—ҳамаро якҷо сойида, ба чашм кашанд, баромадани обиларо дар чашм ҳангоми бемо- рии нағзак ва сурхакон, манъ мекунад ва агар баро- мада бошанд, зуд онҳоро дафъ месозад; инчунин ко- фурро бо оби тӯқумшуллук даромехта ба чашм кашанд, ҳамин хосиятро дорад. Кофурро дар равғани гулисурх ҳал карда, дар бинӣ чаконанд, вайронии мизоҷи сар ва чашмро ислоҳ ме- кунад. (Вайроншавии соддаи мизоҷи майна ва чашм он аст, ки ҳангоми баланд хестани офтоб ба

само ва зиёда гаштани нури он, бемории майна ва чашм авҷ мегирад ва агар офтоб поён фурояд ва дар вақти шаб иллат суст мегардад). Кофурро дар оби кашнизи тару тоза ҳал карда, дар гӯш чаконанд, дарди гӯшро, ки аз гармӣ бошад, шифо мебахшад ва хуни биниро, ки аз майна ва пар- даҳои он ояд, манъ мекунад. Кофурро дар гулоб ҳал карда, бо он ғарғара ку- нанд ё онро дар даҳан гардонанд, дарди дандони кирм- хӯрдаро таскин медиҳад; ҷӯшиши, яъне пухтани да- ҳанро шифо мебахшад. Кофурро дар ковоки дандони 411 кирмхӯрда бигузоранд, зиёд шудани ковоки онро манъ мекунад. Кофурро бо мушк ва анор бихӯранд, низоми сар- дии онро ба эътидол меоварад ва рӯҳи ҳайвониро, ки мақомаш дил аст, рӯҳи нафсониро, ки мавзеаш майна аст, дар одамони сардмизоҷ ва заиф қувват мебахшад: бар зидди заҳрҳои гарммизоҷ аз ҷумла заҳри кажду- ми ҷаррора, ки қаттолтарин аст, тарёқ мебошад. Хӯрдани кофур табҳои диқ (лоғаркунанда) ва гар- ми тезро шифо мебахшад, вале табҳои моддиро, яъне табҳоеро, ки аз зиёд гаштани яке аз чор модда (хилт), ки хун, балғам, сафро ва савдо бошад, зарар дорад. Хӯрдани кофур барои одамони сардмизоҷ ва заиф- мизоҷ зарар дорад, дарди сар меоварад, меъдаро суст мекунад, узвҳои ғизоро ҳам суст менамояд, инчунин барои боҳ (пушти камар) ҳам зиён дорад (ҳатто бис- ёр бӯйиданаш ҳам зарар меоварад), маниро шах мегар- донад, гурда ва хичакро хунук месозад. Кофур дар бо- бати зарар кардан ба боҳ аз афюн бадтар аст. Агар кофурро аз ҳад бисёр бибӯянд, бинобар бисёр ба- ланд будани дараҷаи хушкии мизоҷаш бехобиро ба амал меоварад, боиси сафед гаштани мӯй ва пир шу- дани одам мегардад, иштиҳо ва наслро қатъ мекунад, дар гурда ва хичак санг пайдо мекунад. Ҳамаи ин за- рарҳои кофурро мушк, анбар, хояи сагобӣ, давоҳои гарммизоҷи хушбӯй, гулқанд, равғани савсан, равға- ни гулихайрӣ, равғани бунафша, равғани наргис ва монанди инҳоро бихӯранд, дафъ мекунад Миқдори як бор хӯрдан аз кофур дар як рӯз то 0,5 грамм аст. Вале агар 9 граммашро бихӯранд, боҳ- ро қатъ ва меъдаро вайрон мекунад Ба қавли баъзе- ҳо 9 грамми он кушанда мебошад. Мегӯянд, ки агар зан кофурро дар фарҷи худ бимо- лад, мард ба он зан қодир намегардад Аз кофур равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Равғани кунҷиди сафеди навро гирифта, ба даруни он ҳар қадар, ки хоҳанд, кофур андозанд як шаб ҳамон тавр бигузоранд. Рӯзи дигар ҳамаи онро ба шишае, ки гили бӯта молида шуда бошад, бирезанд. Он ши- шаро дар деги анбиқ андохта, дар оташ равған ка- шанд. Баъд он равғанро дар шишаи муқаррарӣ рехта, даҳанашро маҳкам кунанду вақти ҳоҷат ба кор ба- ранд. 410 Ин равған барои табҳои сӯзон, вабоӣ ва тоун (чу- ма) даво мешавад, ки ба давоҳои ин бемориҳо илова карда мехӯранд ва инчунин барои захмҳои хабиса (зло- качественные язвы) низ. Ин равғанро ба

забони русӣ камфорное масло меноманд. Ба мундариҷа Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-167-177#167

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 178-187 178. Пардаарӯсак 179. Чинорак 180. Гандано 181. Нок 182. Зира 183. Печак 184. Говзабон 185. Авсаҷ 186. Зуф 187. Лӯбиё 178. Пардаарӯсак Ин гиёҳ аз оилаи сагангурҳо мебошад. «Пардаарӯ- сак» аз ҳамин боис номида шудааст, ки самараш ба ан- дозаи сари пистони занҳо дар даруни пардае, ки ба шакли хичак ва дар бузургӣ чун манту ё тушбера аст, ҷой гирифтааст. Даруни он парда ба ғайр аз самари он дигар ҳеҷ чиз надорад, балки ковок ва холӣ мебо- шад. Пардааш ҳам, донааш ҳам дар вақти хомӣ сабз ва бипазад, сурх мегарданд. Баргаш монанди барги сагангур, вале аз он дарозтар, гулаш сафеди моил ба сурхи мебошад. Ин растанӣ ду навъ аст: кӯҳӣ ва бӯс- тонӣ. Дар тиб парда ва самари навъи бӯстониаш кор фармуда мешавад. Қувваташ то се сол боқӣ мемонад. Мизоҷи пардаарӯсаки бӯстонӣ сард ва хушк аст дар дараҷаи дуввум, вале мизоҷи кӯҳии он дар дара- ҷаи саввум сард ва хушк мебошад. Хислатҳои шифобахши он: оби самари расидаи (пух- тагии) онро дар гӯш чаконанд, решҳои кӯҳнаи гӯшро дармон мешавад. Хӯрдани самари пухтагии пардаарӯ- сак, иллати дамкӯтаҳӣ, обхӯра, яъне ташнагии доимӣ ва душвории нафасро шифо мебахшад, моддаи сафро- ро бо воситаи пешоб аз бадан хориҷ менамояд; ҳамаи навъҳои кирми меъда ва рӯдаҳоро, ҳатто кирми каду- донаро, ки ба русӣ солитёр меноманд, дафъ мекунад, пешоби бандшударо равон месозад; бемориҳои гурда ва хичак, инчунин захмҳои ин аъзоро шифо мебах- шад; ҳоли бади ҷигарро ислоҳ мекунад. Ҳар рӯз 4,5 грамм аз самари он бихӯранд, зардпар- винро дафъ мекунад. Агар зан баъд аз пок шудан аз ҳайз ҳафт адад са- мари пухтагии онро фурӯ барад, ҳамон моҳ ҳомила намешавад. Оби самари онро дар офтоб ғафс гардонанд, инро усораи самари пардаарӯсак меноманд. Усораи инро би- моланд, сахтиҳои бадан ва бавосир (геморрой)-ро таҳ- 413 лил медиҳад, решҳои кӯҳнаи гӯшро дафъ мекунад ва решро аз фасод кардан нигоҳ медорад. Аммо зарари ин ҳамин, ки агар инро бисёр бихӯранд, карахтӣ ме- оварад. Дар ин ҳолат гулқанд бихӯранд, ислоҳи зарар менамояд. Миқдори як бор хӯрдан аз пӯст (парда) ва самари он то 17 грамм аст. Пардаарӯсаки кӯҳиро бихӯранд ҳам, пешоби банд- шударо равон мекунад. Аз ин 4,5 грамм бихӯранд, хоб меоварад, вале аз ин зиёд бихӯранд, ақлро бечо ва де- вона мекунад. 179. Чинорак Ин растанӣ аксар дар ҷоҳои обдор ва намнок ме- рӯяд. Баргаш монанди барги чинор аст, бинобар ҳа- мин чунин номидаанд. Гулаш зарди тиллоранг, инчу- нин бунафш ва сафед ҳам мешавад. Намуди гиёҳаш дар ҳаҷм хеле бисёр мебошад. Мизоҷи ҳамаи навъҳои он дар дараҷаи саввум хушк ва дар дуввум гарм аст. Хислатҳои

шифобахши он: ин бисёр тез аст, зах- мин ва решкунанда мебошад, пӯстро мехезонад, сӯзан- да ва ба хориш ованда мебошад, хуллас, инро ба дарун истеъмол намефармоянд. Решаашро хушконида, кӯфта, дар бинӣ бирезанд, атса меоварад ва қавитар аз кундуш аст. Агар ин ре- шаашро маҳин кӯфта, бо об сиришта, аз берун бимо- ланд, луққосанон дард кардани дандонро таскин ме- диҳад ва агар худи инро ба дандонҳо бимоланд, он- ҳоро реза карда меафтонад. Ва агар онро дар об ҷӯ- шонида. он обро бирезанд, донача ва обилаҳои ширин- чаро дафъ мекунад. Агар решаи онро кӯфта бимоланд, қ¬ӯтур, донача ва обилаҳо, озаххои мехшакл ва ғуддаҳои овезонро қатъ мекунад. Барг ва шохи тари онро кӯфта, бо равғанҳо хамир сохта гузошта банданд, қӯтури одамӣ ва ҳайвонотро шифо мебахшад, доғи пес ва сафедии нохунро дафъ мекунад; озаххои гуногунро мерезонад, ба ҷоҳои гир- дак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад Агар ин таркибро занҳо аз таг бардоранд, бача ва ҳамроҳа- 414 ки (ёраки) бачаи онҳоро аз шикам меафтонад, ҳайзи бандшударо мекушояд. Аммо 9 грамми ин гиёҳро бихӯранд, мекушад. Агар гиёҳи хушки онро кӯфта, бо ҳамвазни он орди гандум хамир карда, ба узве гузоранд, баробари доғ аст. 180. Гандано Пиёзи гандано навъҳои гуногун дорад: даштӣ, кӯ- ҳӣ ва бӯстонӣ. Беҳтаринаш бӯстонӣ аст, ки онро мар- дум мекоранд ва пухта мехӯранд. Ин бинобар тунд- таъм буданаш «пиёзи гандано» ҳам меноманд. Бар- гаш монанди барги пиёз борик, аз миёни баргҳояш поя бармеоварад, дар сари пояаш монанди пиёз гул меку- над, тухмаш низ чун тухми пиёз сиёҳ мебошад. Мизоҷи ин пиёз дар дараҷаи саввум гарм ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: баргашро кӯфта, бо сир- ко сиришта, ба пеши сар бимоланд ё гузошта банданд, хуни биниро манъ мекунад. Агар барги онро бихӯранд, қасабаи шушро, яъне роҳи нафасро пок мегардонад, гирехи ҷигарро меку- шояд; ҳозима ва камарро қувват мебахшад, дарунро мулоим мекунад; қулинҷро, ки дард ва варами рӯда- ҳои ғафс аст ва онро ба русӣ колит меноманд, дафъ мекунад: пешоб ва ҳайзро равон месозад; агар баъд аз таом бихӯранд, дар меъда турш шудани онро манъ мекунад ва барои ҳазм ёрӣ мерасонад, боҳро қувват мебахшад. 16 грамм аз оби он бинӯшанд, хуни бавосирро қатъ мегардонад, боҳро ба ҳаракат меоварад. Агар ин миқ- дор оби онро бо асал биёшоманд, бемориҳои узвҳои даруни синаро, ки аз сардӣ ва тарӣ бошанд, шифо ме- бахшад; варами шушро таҳлил медиҳад ва ҳамаи ин иллатҳоро мепазонад. Агар инро бо оби ҷав ва онро бо ҷав пухта бихӯранд, дарди узвҳои даруни сина ва дамкӯтаҳиро сиҳат мекунад. Барги онро як шаб дар сирко тар карда, баъд бихӯранд, гирехи ҷигар ва си- пурзро мекушояд, қулинҷро дафъ мекунад. Баргашро кӯфта бихӯранд, боҳро қавӣ мегардонад ва барои бавосир фоида дорад. Инчунин баргашро кӯфта, занҳо аз таг

бардоранд, рутубати беҷойи аз ба- 415 чадон ояндаро хушк мекунад ва намегузорад, ки ба- чаи занони ҳомила бияфтад. Пиёзи ганданоро дар об бо сирко ва намак ҷӯшо- нида, дар он об занҳо то ноф даромада нишинанд, даҳани бастагии бачадонро мекушояд ва инчунин сахтии онро таҳлил медиҳад. Он обро, ки дар он пиёзи гандано ҷӯшонида шуда бошад, бимоланд, бавосирро нафъ дорад ва боҳро қув- ват мебахшад. Оби ганданоро бо равғани гулисурх ва сиркои кӯҳ- на даромехта, нимгарм дар гӯш чаконанд, дарди ин узвро таскин медиҳад ва ҷаранги онро дафъ мекунад. Пиёзи онро кӯфта гузошта банданд, барои газида- ни ҷонварони заҳрнок ва мори афъӣ тарёқ мешавад, инчунин онро бо шаҳдоб биёшоманд, заҳрҳоро аз ба- дан дафъ мекунад. Пиёзи ганданоро кӯфта, бо кӯфтаи татум хамир сохта гузошта банданд, шаро (аллергия) ва озаххоро дафъ мекунад; бо намак даромехта банданд, захмҳои хабисаро (злокачественные язвы) ро шифо мебахшад. Хӯрдани ҳамаи навъҳои гандано назар ба пиёз дер- ҳазм аст, боднок ва бодангез мебошад, хунро месӯзо- над, чашмро хира мекунад ва милки дандонро вайрон месозанд, ба одамони гарммизоҷ зарар дорад: дида- ни хобҳои бадро ба амал меоварад. Давои ҳамаи ин гуна зарарҳояш—кашниз ва коснии тару тоза хӯрдан аст. Чун корд ва ғайра теғҳоро бо оби гандано об диҳанд, тезӣ ва буррогии онҳо нест намегардад, яъне ҳеҷ кунд намешавад. Мизоҷи тухмаш дар охири дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он; 9 грамм тухми онро бо ҳамин миқдор тухми мӯрд бихӯранд ҳамаи бемориҳо- еро, ки аз сардӣ бошанд, дафъ мекунад; хун қай кар- дан ва хунравиҳоро манъ мекунад; гиреҳи балғамии ҷигарро мекушояд, иштиҳо меоварад, гурда ва хичак- ро қувват мебахшад. Агар инро бо шароб биёшоманд қуввати боҳ мебахшад ва боҳро бағоят ба ҳаракат меоварад. Тухми ганданоро то бӯяш баромадан тафсо- нида, бо самари мӯрд бихӯранд, рафтани дарун ва ху- ни мақъадро мебандад. 416 Агар ин тухмашро сӯхта, дудашро ба мавзеъ би- гиранд, бавосирро шифо мебахшад. Усораи тухмашро, яъне оби тухмашро дар офтоб ғафс гардонида, гузошта банданд, барои газидани афъӣ дору мешавад, доғи кунҷидак ва дигар доғҳои пӯстро дафъ мекунад, инчунин ҳамаи дардҳоеро, ки аз сар- дӣ бошанд, таскин медиҳад. Вале истеъмоли тухми гандано ба дарун барои гур- да ва хичак зарар дорад—давояш асал хӯрдан аст. 181. Нок Ин дарахтест, ки навъҳояш гуногун ва самараш ранг ба ранг мебошад, ки инро амруд ҳам меноманд. Беҳтарини он ноки сероби ширин ва пӯсташ нафиси он аст. Мизоҷи ноки пухтагӣ, ширин ва сероби он моил ба гармӣ, яъне дар дараҷаи якум гарм аст ва дар дара- чаи дуввум тар мебошад; мизоҷи дигар қисмҳои он дар ҳарорат мӯътадил ва дар дараҷаи дуввум тар, вале баъзеаш моил ба хушкӣ мебошад. Хислатҳои шифобахши он: пухтагии онро бихӯранд, майнаро аз намӣ таъмин

мекунад, назлаҳоро дафъ ме- созад аз боиси он, ки ба майна баромадани бухорҳоро- манъ менамояд. Инчунин хӯрдани он фараҳ меоварад; дил, меъда ва дигар узвҳои ҳозимаро қувват мебах- шад: дилтапак (дилбозӣ), ташнагӣ ва сӯзиши хичак- ро дафъ мекунад, ҳолати бади хунро ба эътидол мео- варад, дарунро мулоим мекунад; баъд аз ҳазм ёфтан баромадани бухоротро ба майна манъ менамояд, хусу- сан, ки нокро баъд аз таом бихӯранд, ин хислаташ зиёда мегардад. Агар инро кӯфта гузошта банданд, ба узвҳо рехта шудани моддаҳои зарарнокро манъ мекунад. Нок дафъкунандаи заҳри замбӯруғҳо мебошад. Чун замбӯруғи заҳрнокро бо нок якҷо бипазанд, заҳрно- киашро дафъ мекунад ва зарари он нест мешавад. Мизоҷи ҳамаи қисмҳои дигари дарахти нок сард ва хушк аст. Гулашро бихӯранд, фараҳ меоварад, дилро қувват мебахшад, хун қай карданро манъ мекунад, исҳолро мебандад. Агар кӯфта гузошта банданд, варами чашм- ро таҳлил медиҳад. 417 Тухми нок бадмаза, агар бихӯранд, дилро беҳузур (бечо) мекунад, вале агар 9 грамми онро кӯфта бихӯ- ранд, кирми меъдаро кушта ихроҷ менамояд. 17,5 грамм баргашро бихӯранд, исҳолро мебандад Агар барги хушки онро кӯфта бипошанд, ҷароҳатҳоро- хушк гардонида сиҳат мебахшад. Шилмаш таҳлилдиҳанда ва башиддат пазонанда аст. Чӯб ва барги нокро сӯхта, чун сурма ба чашм ка- шанд, таъсираш монанди тӯтиё мебошад. Сӯхтаи инро бипошанд, захмҳоро хушк мегардонад. Ноки ширин ва пухтагии он чандон зарар надорад, хусусан барои одамони гарммизоҷ безиён аст, вале ба касони сардмизоҷи заифмеъда зиён мекунад. Агар нокро бисёр бихӯранд, бод пайдо мекунад ва хусусан хоми норасидаи онро бисёр бихӯранд, ҳатто иллати қулинҷро ба амал меоварад. Ҳангоми зарар расониданаш занҷабилро дар сирко тар карда ва ар- пабодиён истеъмол намоянд, то ки ислоҳи зарари он намояд. Аммо бояд, ки нокро дар вақти холӣ будани меъда нахӯранд, балки баъди аз меъда фуромадани таоми хӯрдашуда, нокро истеъмол фармоянд. Нокро хӯрда, аз болояш оби хунук нанӯшанд, таоми бадҳазм нахӯ- ранд, инчунин онро бо гӯшт якҷо хӯрдан раво нест, аммо бо шӯрбои гӯшти парандаҳои сабукҳазм хӯрдан мумкин аст. Ноки туршро ноки чинӣ ҳам меноманд. Беҳтарини ин низ пухтагии сероби он аст. Мизоҷи ноки турш дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, меъда ва ҷигарро қувват мебахшад, ба таом иштиҳо меова- рад, фишори баланди хун ва сафроро паст мекунад, инчунин ҷӯшиши ин ду моддаро дар бадан сокин ме- гардонад, баромадани бухорро ба майна манъ мена- мояд, дар бадан моддаҳои солим пайдо месозад; таш- нагӣ ва қайро монеъ мешавад хоҳ тар ва хоҳ хуш- кашро бихӯранд. Агар аз болои таом бихӯранд, ба мағзи сар баромадани бухорҳои зарарнокро манъ ме- кунад. Вале хӯрдани ноки турш ба пирон, ба беморони иллати қулинҷдоштагон ва

одамони сардмизоҷ зарар 418 дорад, инчунин ба асаб ҳам зиёнкор аст, низ қулинҷ- ро пайдо мекунад. Барои дафъи зарари он асал ва дигар ширинихо хӯрдан кифоя аст. Агар ин нокро бо бухори об ё дар хамир печида, дар зери оташ бипазанд ва ё бо асал ва шакар мураб- бо карда бихӯранд, он гоҳ безарар мегардад, фақат фоида мебахшад. Ноки даштиро дарахташ майдатар, инчунин мева- аш ҳам резатар, беоб, таъмаш ба тунҷӣ моил ва гӯё дарунаш пури рег бошад, чунин маҳсус мешавад ҳан- гоми хойидан. Мизоҷи ин дар дараҷаи дуввум сард ва дар сав- вум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: талқони хушки онро би- хӯранд, исҳолро мебандад. Агар ордаки инро бипошанд, ҷароҳатҳоро хушк мегардонад ва дар захмҳо гӯшти нав мерӯёнад. Ин навъи нок бар зидди заҳри замбӯруғ тарёқ мебошад, чун инро бо замбӯруғи заҳрнок якҷо бипа- занд, заҳри онро нест мекунад. Хокистари чӯби онро бихӯранд, аз заҳрнок гаштан ба дарди гулӯи шадид гирифтор шуда бошанд, сиҳат мекунад, инчунин аз дигар чизҳо заҳролуд гашта бо- шанд, ислоҳи зарари он менамояд. Вале хӯрдани ноки даштӣ ба асаб зарар дорад, инчунин иллати қулинҷро, ки дард ва варами рӯда- ҳои ғафс аст, пайдо мекунад. Дар ин мавридҳои зарар ёфтан аз хӯрдани ин, давояш асал ва дигар давоҳои хушбӯй хӯрдан аст. Ноки кӯҳӣ, ки инро олмурӯд ҳам меноманд, ду навъ аст. Як навъаш дар кӯҳсорҳои минтақаҳои гарм мерӯ- яд, ин калонтар аст ва дар вақташ пухта мерасад, бисёр хушхӯри лазиз аст. Навъи дигараш дар кӯҳсорҳои сард мерӯяд, ки самари ин ба зудӣ пухта на- мегардад, ҳатто бар болояш барф меборад, вале ҳа- мон тавр сахт ва даруни гӯшташ гӯё пур аз рег бо- шад, ҳангоми хойидан маҳсус мешавад. Таъмаш тунҷ ва турш аст, ҳаҷмаш майдатар аз олу, вале ба шакли нок санавбаришакл аст. Инро мардуми ориф дар ҳа- мон хомиаш дар вақти тирамоҳ чида, дар хона хушк мекунанд бисёр сертухм аст. Ҳангоми ҳоҷат ба касоне, ки гирифтори дарди гулӯ 419 ва инчунин бадтарин намуди дарди гулӯзиндонак (ху- рӯсак) гарданд, дар об ҷӯшонида, он обро менӯшанд, дар як интиҳояш, дар ду дафъа сиҳат меёбанд. 182. Зира Ин тухми растаниест аз арпабодиён бориктар ва ба ранг гуногун мешавад: сиёҳ, сабз, зард ва сафед. Баргаш гирдшакл, қуббаи он монанди шибит аст, хуш- бӯй, дар аксари маҳалҳо месабзад. Ҳар як намуди зира бӯстонӣ, даштӣ ва кӯҳӣ низ дорад. Даштии он ҳамчун даво аз бӯстонӣ қавитар ва кӯҳиаш аз даштӣ пурқувваттар аст. Як навъ даштиашро барг монанди шоҳитара аст, тухмаш анбӯҳ ва ба сиёҳдона шабоҳат дорад. Қувваташ то ҳафт сол боқӣ мемонад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар саввум хушк аст, вале ба қавли баъзе табибон гармӣ ва хуш- киаш дар дараҷаи саввум мебошад. Хислатҳои шифобахши он: зираро як шаб дар сирко тар карда, баъд дар бинӣ бирезанд ё он сиркоеро, ки зира дар он тар карда шуда бошад, дар бинӣ ка- шанд ва ё даруни биниро аз он зираи тар

кардашуда пур кунанд, хуни бинро мебандад. Зираро як шабонарӯз дар об тар карда, баъд он обро дар чашм чаконанд, хунравии онро қатъ меку- над, пардаи дар он афтодаеро, ки чашмро торик ме- гардонад, пок месозад, реши чашмро шифо мебах- шад, нуқтаҳои сурхи даруни чашмро мебардорад, ка- будии хуни дар зери пӯст мурдаро дафъ менамояд (ба- рои охиринаш хусусан, ки бо равғани зайтун даромех- та чаконанд, беҳтар аст). Зираро бо намак хойида оби онро дар чашм чако- нанд, қӯтури чашм ва сурхии онро дафъ мекунад; ин- чунин баъд аз бурида дур сохтани нохунак бичако- нанд, ба ҳам часпидани ҷойи онро манъ месозад; зира- ро бо сафедаи тухми мурғ якҷо хойида бичаконанд, дар- ди чашмро, ки сабабаш гармӣ бошад, шифо мебахшад. Зираро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гардо- нанд, назлаҳоро мебандад ва дарди дандонро таскин медиҳад, хусусан бо кокутӣ ҷӯшонида бошанд, дар ин бобат қавитар мегардад. Зираро бо обе, ки сирко омехта бошанд, биёшо- 420 манд, душвории нафас, нафаси роста (ростнафас) ва дилтапак (дилбозӣ)-ро, ки сабабаш сардӣ бошад, ши- фо мебахшад, Хӯрдани зира ҷигар, меъда, гурда ва рӯдаҳоро қув- ват мебахшад; иштиҳоро ба ҳаракат меоварад, бод- ҳои дохилиро таҳлил медиҳад; ҳиккак (ҳиқичоқ)-и ру- тубӣ ва бодӣ, ҳазм ноёфта фуромадани таом, дарди рӯ- даҳо аз бисёрии бод, варами сипурз, исҳоли рутубӣ (дар исҳоли рутубӣ хусусан бирёнкардаи он қави- тар) — ҳамаашро шифо мебахшад: пешоб ва ҳайзи бандшударо меронад, чакмезакро ба ибро меоварад. Чун зираро бо намак якҷо хойида фурӯ баранд, ра- вон шудани рутубатҳои бемавриди меъдаро қатъ ме- кунад. Агар зираро як шабонарӯз дар сирко парварда, яъне тар карда, баъд хушк намуда бихӯранд ва ба ин амал мудовамат намоянд, одати бади хок хӯрданро қатъ мекунад. Зираро дар об ҷӯшонида, бо он об нимгарм ҳуқна (клизма) кунанд, бодҳои зарарноки рӯдаҳо, меъда ва гурдаро таҳлил медиҳад, яъне пароканда месозад. Зираро кӯфта, бо равғани зайтун сиришта, занҳо аз таг бардоранд, ҳайзи онҳоро қатъ менамояд. кӯфтаи зираро бо равғани зайтун хамир карда гу- зошта банданд, варами сипурзро таҳлил медиҳад. Зираро бо шароб биёшоманд, заҳри морро аз ба- дан дафъ мекунад. Зираро кӯфта, бо орди боқило сиришта гузошта банданд, варамҳоро таҳлил медиҳад; бо мумравғани зайтунӣ ва бо орди боқило сиришта гузошта банданд, варами хояҳоро пас мегардонад. Агар зираи кӯфтаро ба захм ва ҷароҳатҳо пур ку- нанд, даҳани онҳоро ба ҳам оварда сиҳат мебахшад. Зираро кӯфта, бо об сиришта бимоланд ё бо он бишӯянд, башараро пок мегардонад. Зираро бардавом бихӯранд ё арақи онро муттасил бинӯшанд, баданро лоғар ва рангро зард мекунад. Чун оби зираро бар бадани тифли навзод бимо- ланд, дар тамоми умр дар бадани ӯ шапуш пайдо на- мегардад. Вале хӯрдани зира ба шуш зарар дорад —давояш катиро хӯрдан аст. 421 Миқдори як бор хӯрдан

аз зира дар як рӯз то 7 грамм аст. Зира барои одамони хунукмизоҷ, пирон ва балға- мимизоҷон бисёр фоида дорад. Чун инро бо хӯриш- ҳои хушбӯйи таом, масалан, бо шибит ва дорчинӣ, ҳан- гоми пухтани гӯшти бадҳазм дохил намоянд, онҳоро сабукҳазм, қавӣ мегардонад, дарунро мулоим менамо- яд, пешобро меронад ва бодҳоро таҳлилдиҳанда мебо- шад. 183. Печак Ин гиёҳест, ки ҳар чӣ наздикаш бошад, ба он ме- печад. Намудаш гуногун: сафед, сурх, зард ва бунафш аст. Тухмаш дар ғилофе сиёҳи моил ба сурхӣ ва қис- ме аз он бесамар мебошад. Биёраи ҳамаи навъҳои пе- чак ширдор аст. Беҳтарини печакҳо қисми майдаи он аст. Мизоҷи навъи калони он мураккаб- ул-қувват, Ҷо- линус дар дараҷаи дуввум сард ва хушк гуфтааст, ва- ле табиб Юҳано бинни Мосавия гарм донистааст. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, гиреҳ- ҳои баданро мекушояд, дарунро мулоим мекунад, ис- ҳол меоварад. Агар инро дар об биҷӯшонанд, қуввати гиреҳкушояш зиёда, вале дар овардани исҳол заиф ме- гардад бинобар он, ки рутубатҳояш дар вақти ҷӯши- дан таҳлил меёбанд. Аммо оби фушурдаи он акси ин хосиятро дорад. Оби гиёҳи тару тозаи онро бо решаи савсани кӯҳӣ, натрун (танакори арманӣ) ва асал даромехта, дар бинӣ бирезанд, дарди сари кӯҳнаро шифо мебахшад. Усораи онро, яъне оби гиёҳи тару тозаи онро дар офтоб ғафс гардонида, бо равғани зайтун даромехта чаконанд ва ё пахтаро ба он олонда дар гӯш гузоранд, дарди гӯшро таскин медиҳад ва даруни онро аз чирк пок мегардонад. Барги печаки калони навъи сафеди онро биёшо- манд, дарди сар, бемориҳои узвҳои даруни сина ва шушро шифо мебахшад, инчунин гиреҳи ҷигарро ме- кушояд. Агар обашро бинӯшанд, сурфаеро, ки аз баста шудани дарун мегирифта бошад ва қулинҷи аз мод- даи гарм баамаломадаро дафъ мекунад, сафрои сӯхта- ро бо воситаи исҳол аз бадан меронад. 422 10,5 грамм гулашро кӯфта бихӯранд, захми рӯда- ҳоро шифо мебахшад. Барги тарашро бо сирко пухта гузошта банданд, дарди сипурзро дафъ мекунад. Гули қисми печаки бесамарро бихӯранд ё кӯфтаи онро занҳо аз таг бардоранд, ҳайзро равон мегардо- над. Агар инро сӯхта, занҳо баъд аз пок шудан аз ҳайз дудашро ба поёни шикам ва миёни пойҳои худ бигиранд, ҳомила шуданро манъ мекунад. Баргашро кӯфта, бо асал сиришта, занҳо аз таг бардоранд, ҳайзи бандшударо равон мекунад. Бо оби баргаш занҳо андоми шарм ва даруни онро бишӯянд, бадбӯйии даруни бачадонро дафъ мекунад. Оби барги тари печаки сафеди калонро бимоланд, варамҳои гарми буғумҳоро таҳлил медиҳад, пучак ва чиртакҳоро мекафонад. Барги тари онро дар равған пухта гузошта бан- данд, варамҳоро таҳлил ва дардҳоро таскин медиҳад, мондагиро дафъ месозад, вале нопухтаи онро кӯфта гузошта банданд, ҷароҳатҳои калон ва сӯхтагии оташ- ро шифо мебахшад. Усораи онро, яъне оби онро, ки дар офтоб ғафс гар- донида бошанд, бо мумравған сиришта гузошта бан- данд,

низ сӯхтагии оташро сиҳат мекунад. Қисми сиёҳи онро, яъне печаки гулаш бунафшро кӯфта гузошта банданд, захмҳои хабисаро (злокачест- венные язвы) шифо мебахшад. Барги қисми бесамари онро пухта гузошта банданд, ҷароҳатҳои бадфиол ва раддиро ба ҳам оварда сиҳат мебахшад ва сӯхтагии оташро ба ибро меоварад. Усораи печаки сиёҳро ба мӯй бимоланд, онро сиёҳ мекунад. Қисми печаки бесамарро кӯфта, бо шароб сиришта гузошта банданд, газидани ғундаро даво мешавад. Мизоҷи қисми печаки калон, ки баргаш моил ба сиёҳӣ, дароз ва шахшӯл мебошад, хунук ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, дарди узвҳои даруни сина, сурфа, бемориҳои сипурз, қулинҷ ва табҳои кӯҳнаро шифо мебахшад. 75 грамм оби гиёҳи тари онро бо 35 грамм гули- сурх бихӯранд, хунравиро аз ҳар як узве, ки бошад, қатъ мекунад. Гиёҳи тари онро кӯфта гузошта банданд, ҷароҳат- 423 ҳоро ба ҳам оварда сиҳат мебахшад, вале агар хуш- кашро кӯфта гузошта банданд, захмҳоро хушк ва захмҳои хабисаро дафъ мекунад. Ҳамаи навъҳои печак ҳангоми хӯрдан ба асаб, сар ва хичак зарар дорад. Давои ин намуди зарари он на- бот хӯрдан аст. Инчунин ҳомила шудани занонро ҳам манъ мекунад, ҳайзро низ қатъ месозад. Миқдори як бор нӯшидан аз оби он дар як рӯз аз 25 то 100 грамм аст ба шарте, ки онро наҷӯшонида, бо набот биёшоманд. Мизоҷи печакҳои майда қариб монанди печаки ка- лон аст, яъне мураккаб-ул-қувват мебошад. Хислатҳои шифобахши он. Хосиятҳои умумии ин: варамҳоро таҳлил медиҳад, моддаҳои ғафсро дар ба- дан рақиқ (суюқ) мегардонад, инчунин бинобар час- панда будани таркибаш моддаҳои сафровиро бо исҳол аз бадан дафъ мекунад. Ин навъи печак назар ба ҳа- маи қисмҳои дигараш солимтар ва форамтар аст. Агар инро бихӯранд, ҳамаи навъҳои сурфаро, ки бо хушкии дарун бошанд, дафъ мекунад ва инчунин қулинҷро, ки сабабаш моддаҳои гарм бошад, шифо мебахшад. Агар инро кӯфта гузошта банданд, варамҳои пай- вандҳои бадан ва ғайраро таҳлил медиҳад. Миқдори як бор нӯшидан аз оби ин гиёҳ дар як рӯз 150 грамм бо 70 грамм набот бояд биёшоманд. Ба ҷойи ин оби барги гулихайрӣ ва оби тугма-чагулро бинӯшанд, раво мебошад. 184. Говзабон Ин гиёҳро дар як қатор маҳалҳо тоҷикон забони говак низ меноманд. Растании мазкур ҳамаи қисмаш пашмаки дурушти хормонанд дорад. Баргаш калон ва дароз, монанди забони гов шахшӯл бо пашмакҳои да- ғали хормонанд, ки бар рӯйи замин густарда мебошад. Гиёҳи баҳориаш агар баргаш нав бошад, сабзи ба зар- дӣ моил, вале дерина гардад, рангаш моил ба сиёҳӣ мезанад. Гулаш лоҷвардӣ, дарозак. Тухмаш резаи тӯ- лонӣ, сафед, аз тухми маҳсар бориктар, дар ғилофи қифмонанде ҷойгир аст. Мизоҷи тару тозаи он дар дараҷаи якум гарм ва тар аст, вале агар хушк кунанд, рутубаташ коҳида, 424 мизоҷаш моил ба хушкӣ мегардад. Қувваташ то ҳафт сол боқӣ мемонад. Хислатҳои шифобахши он.

Хусусиятҳои умумии ин: фараҳовар, арвоҳ, яъне рӯҳҳои нафсонӣ. ки манбааш майна аст, рӯҳи ҳайвонӣ, ки манбааш дил аст ва рӯҳи табииро, ки марказаш ҷигар аст, ҳар сеяшро қувват мебахшад, инчунин ҳарорати модарзодии баданро қавӣ мегардонад; узвҳои раисаро, ки иборат аз дил, майна, ҷигар, меъда, гурда ва хояҳо мебошанд, пуркувват ме- гардонад, инчунин даҳ ҳисси одамиро мустаҳкам месо- зад; дарунро мулоим мекунад, ахлоти сӯхта, моддаи савдовии аз худи савдо ба ҳам расидаро бо воситаи исҳол дафъ мекунад ва инчунин зарарҳои ин модда- ҳоро барҳам медиҳад, инак, ҳамаи иллатҳои савдови- ро ба ибро меоварад. Агар говзабонро бо давоҳои муносиби дар об ҷӯ- шонидашуда якҷо биёшоманд, барои сарсом (варами пардаҳои майна ва худи майна, яъне менингит), ва- рамҳои пардаҳои паҳлуи даруни сина, молихулиё ва девонагӣ даво мешавад, ҳамаи ҳисҳои одамиро усту- вор медорад ва ранги рухсорро неку месозад, фараҳ мебахшад: дағалии қасабаи шуш ва узвҳои даруни сина, сурфа, зиқ-ун-нафас (астма), дарди гулӯ, дарди узвҳои даруни сина ва шуш, дилтапаки (дилбозии) тарс, хавф, ғам, ваҳм, дилтапак — ҳамаашро дафъ ме- намояд, санги гурда ва хичакро майда карда мерезо- над. Ҳар як қисми говзабонро бо обе, ки дар он гули- хайрӣ ҷӯшонида шуда бошад, биёшоманд, варами пар- даҳои майна ва худи майна, ворами пардаҳои паҳлуи даруни сина, молихулиё (меланхолия) ва девонагиро дафъ мекунад: ҳамаи ҳисҳои бадан ва ранги рухсорро неку мегардонад; фараҳ меоварад; шахшӯлии қасабаи шуш (бронхит), узвҳои даруни сина, сурфа, зиқ-ун-на- фас, дарди гулӯ, дарди узвҳои даруни сина ва шуш, дилтапаки савдовӣ, ваҳшигӣ, васвос, хавф, тарс, ғам ваҳм ва зардпарвинро шифо мебахшад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Говзабонро дар об ҷӯшонида, он обро бо набот, ша- кар ё бо асал ширин карда бинӯшанд, дағалии узв- ҳои даруни сина ва қасабаи шуш, сурфа ва зиқ-ун-на- фасро шифо мебахшад. 7 грамм гули хушки онро бо 3,5 грамм гили арма- 425 нӣ, 7 грамм шакар даромехта бихӯранд, дилтапак (дилбозӣ), дағалии узвҳои даруни сина ва сурфаро шифо мебахшад, ҳарорати табиии (модарзодии) бадан ва ҳамаи қуввaҳоро барқарор мекунад, зардпарвинро шифо мебахшад; санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад, ранги рӯйро соф месозад. Говзабонро сӯхта, дар даҳан бипошанд, яъне ба да- руни даҳан бипошанд, пухтани (ҷӯшиши) даҳани тиф- лонро сиҳат мебахшад, инчунин сӯзиши даҳанро дафъ мекунад, рафтани хунро аз милки дандон манъ мена- мояд. Хӯрдан ва ошомидани говзабон ба сипурз зарар дорад — давои ислоҳи зарараш сандали сафед хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз гиёҳи хушки говзабон дар як рӯз аз 7 то 17,5 грамм аст. Агар дар об ҷӯшо- нида ё тар карда, он обро нӯшиданӣ бошанд, аз 17,5 то 35 грамми онро дар об андозанд. Аз оби фишурдаи говзабони тару тоза то 100 грамм нӯшидан равост. Ба ҷойи

говзабон абрешими хоми сӯхтаро истеъмол намоянд, ҷоиз мебошад. Чун аз оби говзабони тар, оби себ ва оби мавизи ангур шароб тартиб дода, 9 грамм аз он бинӯшанд, на- зар ба 300 грамм шароб қавитар фараҳ мебахшад, ва- ле ин монанди шароб ақлро беҷо намекунад. 185. Авсаҷ Ин растаниест, ки бар деворҳо ва панҷараҳо хази- да баланд мешавад. Баргаш ба барги гулисурх мо- нанд, вале хору пашмак дорад ва васеътар аст аз он. Мевааш монанди самари марминҷон ва тути сиёҳ, вале сурх аст. Инро дар диёрҳои мо бисёр парвариш мена- моянд. Онро ба забони русӣ земляника мегӯянд. Мизоҷи ҳамаи қисмҳои ин растанӣ дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст. Оби барги тару тозаи онро ҳафт рӯз пай дар ҳам дар чашм чаконанд, гули дар он афтодаро дафъ ме- кунад. Чун оби самари пухтагии онро ситонида, соф кар- да, хушк намуда ва вақти ҳоҷат 0,5 грамми онро бо сафедаи тухми мурғ ё бо шири занон сойида, дар чашм 426 чаконанд, ҳамаи намудҳои дарди чашм ва гули ба он афтодаро дафъ мекунад. Инро батанҳоӣ ба пешонӣ гу- зошта банданд, фуромадани моддаҳои зарарнокро манъ менамояд. Тӯтиёро дар оби авсаҷ як шабонарӯз тар карда, баъд ба чашм кашанд, барои дарди чашм давои бис- ёр хубест. Чун барги онро то қувваташ ба об гузаштан биҷӯ- шонанд, пас, молида, аз матои бофташ зич гузарони- да соф кунанд ва то ғафс гаштанаш боз биҷӯшонанд, ки ин барои дафъ кардани гули чашм таъсираш бис- ёр хуб аст. Баргашро бихоянд, ҷӯшиши (пухтани) даруни да- ҳанро сиҳат мекунад. Барги тарашро кӯфта гузошта банданд, доначаҳои мӯрчагазак ва сурхбодро, агар ҳарорати онҳо дар ка- моли шиддат набошад, шифо мебахшад. Усораи барги тару тозаи онро, яъне оби баргаш- ро дар офтоб ғафс гардонида, баъд биёшоманд, барои қӯтури сафровӣ даво мешавад ва тафси сафровии ба- данро таскин медиҳад. Табиби номӣ Шариф шаҳодат додааст, ки табибо- ни Юнон, Форс ва Ҳинд бо авсаҷ махавро, агар иллат дар ҳолати ибтидо бошад, муолаҷа менамоянд ба ин тариқ, ки решаи онро реза карда, ҳар рӯз 25 граммаш- ро дар 300 грамм об то сеяки об мондан меҷӯшонанд ва баъд соф намуда менӯшанд—ин тавр чор—панҷ маҷлис (бегоҳ) меошоманд, бо воситаи дафъ кардани савдои сӯхта аз бадан, махав шифо меёбад ба шарте, ки ду рӯз пеш аз ошомидани он шӯрбои гӯшти гӯсфан- ди фарбеҳро бихӯранд ва дар рӯзи саввум оби ин ре- ша ҷӯшонидашударо бинӯшанд, инак, то чанд рӯз бо он мудовамат намоянд, мурод ҳосил мегардад. Бояд, ки рӯзи дуввум баъд аз нӯшидани он, ки рӯзи роҳат аст, ҳаммом кунанд. Ҳакими машҳур Бағдодӣ ва як қатор табибони но- мӣ навиштаанд, ки решаи авсаҷро дар шароби райҳо- нӣ ҷӯшонида бинӯшанд ва дар он рӯзҳо ҳар рӯз ҳам- мом кунанд, барои ҳамин беморӣ, яъне махав, давост. Табиби номдор Антокӣ ҳамин шароберо, ки решаи ин растанӣ ҷӯшонида шудааст, бинӯшанд, барои реш- ҳои тар, қӯтур, хориш ва дафъ кардани доғҳои пӯст беҳтар аз чӯби чинӣ

донистааст. Ҳол он, ки чӯби чинӣ 427 барои аксари бемориҳои бедаво дармони хубтарин ҳи- соб меёбад. Чун решаи инро реза карда, бо барги мӯрд якҷо бисӯзонанд ва пошидани он барои реш ва бемориҳои мақъад, манъ намудани реши хабиса ва рӯёнидани мӯй зудтар таъсир мекунад. Меваи ин дар хислатҳои тиббӣ монанди барги он аст, хунравиро қатъ мекунад ва исҳолро мебандад. Миқдори як бор хӯрдан аз авсаҷ дар як рӯз то 4,5 грамм аст. Вале хӯрдани авсаҷ ба сипурз зарар дорад, илла- ти қулинҷро, ки дард ва варами рӯдаҳои ғафс аст, пай- до мекунад. Барои дафъи ин зарарҳояш катиро бояд хӯрд. Барг ва усораи онро дуд кунанд, ҷонварони зарар- нок аз он ҷо мегурезанд. 186. Зуф Ин растанӣ ду навъ мебошад. Якеро баргаш камбару дароз, аз миёни баргҳояш пояи борике мехе- зад, ки дар сари он поя тухм мебандад. Навъи дига- реро барг васеъ ва шакли он дароз нест, назар ба барги хели якум калонтар. Агар банди барг ё баргаш- ро аз бандаш ҷудо кунанд, чизҳои риштамонанд аз он зоҳир мегардад. Ин навъаш аз миёнаи поя то нӯгаш зич тухм мебандад. Баргашро барги зуф меноманд. Мо бо воситаи мушоҳадаҳои худ низ муайян намудем, ки ҳар ду навъаш ҳам барои давогӣ мешояд. Тухми навъи дуввумаш сиёҳтоби кулӯла ва майдатар аз навъи якум мебошад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум сард ва хушк аст, вале дар тухм ва решааш хушкӣ зиёдтар мебошад. Хислатҳои шифобахши он: ҳар як қисми зуфро би- хӯранд, хун қай карданро манъ мекунад ва тамоми хунравиҳоро аз ҳамаи узвҳои ботинӣ банд менамояд (аз ҷумла хуни биниро ҳам) ва барои иллати саръ да- во мешавад. Агар инро дар бинӣ бирезанд ё дар пеши сар ва сина гузошта банданд, ҳамин таъсирро дорад. Обашро нимгарм батакрор дар гӯш чаконанд, дар- ди гӯшро, ки аз гармӣ бошад, таскин медиҳад. Решаашро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гар- донанд ё баргашро бихоянд, дарди дандонро таскин 428 медиҳад, ҷӯшиш ва дигар бемориҳои даҳанро шифо мебахшад, ҳатто доначаҳои дар он дамидаро ҳам, ки бадтарин иллати даҳан аст, дафъ мекунад милки дан- дони сустгаштаро мустаҳкам менамояд ва хунравиро аз он бозмедорад. Ва ё оби навъи борикбарги онро дар даҳан гардонанд, ҷӯшиши даҳанро дафъ мекунад. Оби баргашро хоҳ бичаконанд ва ё бимоланд, дар- ди чашмро, ки аз гармӣ бошад, шифо мебахшад. До- руҳои чашм дар оби ин гиёҳ сойида мешаванд ва ху- даш низ ба давоҳои чашм дохил карда мешавад. Тухмашро бихӯранд, хунравиро аз дарун манъ ме- кунад. Наскро бо барги он якҷо пухта бихӯранд, дамкӯта- ҳиро шифо мебахшад. Усораи онро, ки обашро дар офтоб ғафс гардони- дашудаи он аст, биёшоманд, барои иллати диқ (лоғар- кунанда), сил, хун қай кардан, захми шуш, дамкӯтаҳӣ аз ғалабаи хун, яъне аз фишори баланди хун ва саръ даво мешавад. Хӯрдани усораи он ҷигар, сипурз ва гурдаи гарммизоҷро қавӣ мегардонад, инчунин гире- ҳи ин узвҳоро мекушояд, шиддати ташнагиро

меши- канад, вайронии ҳазми таомро дафъ мекунад, хун қай карданро бозмедорад, хунравиҳоро, ки аз ҳар як узв- ҳои ботинӣ бошанд, манъ менамояд, сӯзиши пешобро, яъне сӯзокро шифо мебахшад, вале хуни ҳайз ва ба- восирро мебандад. Реша, барг ё тухми онро бихӯранд, гиреҳи ҷигар гурда ва хичакро мекушояд, инчунин ин ба давоҳои кушояндаи гиреҳҳои онҳо дохил карда мешавад, ило- ва бар ин барои захми рӯдаҳо дармон мебошад. Наскро бо барги он якҷо пухта бихӯранд, ба ҷойи барги лаблабу барои иллати истисқо (водянка)-и гарм дармон мешавад. Инро ба намак, наск ва сирко пухта бихӯранд, ис- ҳоли хунинро мебандад. Оби баргашро бо шароби тило (мусаллас) биёшо- манд, барои дарди гурда ва хичак даво мебошад. Усо- раашро, яъне оби баргашро дар офтоб ғафс гардонида биёшоманд ё тухми онро дар об ҷӯш дода, бо он об нимгарм ҳуқна кунанд, захми рӯдаҳоро шифо мебах- шад ва хуни бавосирро мебандад. Агар кӯфтаи барги зуфро занҳо аз таг бардоранд. 429 дарди бачадонро, ки аз ҳуқна кардан ба ҳам расида бошад, таскин медиҳад. Гуфтаанд, ки агар се адад решаи онро бихӯранд, таби рӯздармиён ва чор адад решаи онро бихӯранд, таби дурӯздармиёнро шифо мебахшад. Агар усораи барги инро бо 113 грамм шароб даромехта биёшоманд, табҳои тезро дафъ мекунад. Решаашро бо намак кӯфта гузошта банданд, заҳри саги девона газидаро дафъ мекунад. Барг ва решаи инро кӯфта гузошта банданд ё хушкашро кӯфта бар- давом бипошанд, захмҳоро аз рим пок месозад ва решҳои хабисаи кӯҳна, ҷароҳатҳои чуқуррафта, сӯхта- гии оташ, нори форсӣ ва решҳои давандаи хӯрандаро шифо мебахшад. Агар инро бо сафедоб (белила) даро- мехта гузошта банданд, ҷамра (карбункул) ном реши мӯҳлик ва филпоро аз афзойиш манъ намуда, баъд дафъ мекунад. Решааш ё баргашро кӯфта гузошта банданд, ва- рамҳои гармро таҳлил медиҳад; мӯрчагазак, шаро (ал- лергия), сурхбод, варами пушти гӯш ва ханозер (хук- гардан) -ро шифо мебахшад. Агар решаашро ба гардан овезанд ҳам, барои ханозер хуб таъсир мекунад. Вале мегӯянд, ки истеъмоли ин ба дарун барои шуш зарар дорад. Барои дафъи ин зиёнаш асал бояд хӯрд. Инчунин усораашро бихӯранд, ба сипурз зиён дорад— дар ин ҳолат мустако бояд биёшоманд, то ки зарари он ислоҳ ёбад. Миқдори як бор нӯшидан аз оби барги он дар як рӯз аз 50 то 150 грамм аст. Ба ҷойи ин туршаки (ща- вели) бӯстониро истеъмол намоянд, раво мебошад. Хосияти тухмаш монанди усораи барги он аст. Аз ҷумла 3,5 грамм аз ин биёшоманд, хунравиро аз қис- ми поёни бадан манъ мекунад. Ин тухмашро тафсонида бихӯранд, исҳолро мебан- дад; агар бо равғани бодоми ширин ё равғани гули- сурх чарб карда бихӯранд ё танҳо худашро дар об ҷӯ- шонида, он обро бо тухмҳояш якҷо биёшоманд, дарди рӯдаҳоро дафъ мекунад, хунравиҳоро, ки аз дарун бо- шанд, мебандад. Миқдори як бор

хӯрдан аз тухмаш дар як рӯз то 10,5 грамм аст. Ин ҷо ду калима аз бозёфтҳои худ дохил намоем. Ҳар рӯз ба дили наҳор оби барги зуфро, яъне ним ё 430 як соат пеш аз ношито ва бегоҳӣ рӯз низ аз 150 то 180 грамм то як моҳ бинӯшанд, саратони меъдаро ши- фо мебахшад. 187. Лӯбиё Ин зироати маълум ва машҳур аст, дар шароити Осиёи Миёна хуб ҳосил медиҳад. Тухми он ҳамчун ма- солеҳи ош ва инчунин дар тиб низ истифода мешавад. Навъҳои сурх ва сафед дорад. Мизоҷи навъи сурхаш дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум тар аст, вале мизоҷи сафеди он дар гармӣ ва сардӣ мӯътадил мебошад. Хислатҳои шифобахши он: хӯрданаш боднок, дер- ҳазм, аз он дар бадан моддаи ғализ пайдо мешавад (хусусан аз сафедаш бештар), узвҳои даруни сина ва шушро мулоим мекунад, манӣ ва шир пайдо менамо- яд, боҳро (пушти камарро) ба ҳаракат меоварад, ба- данро фарбеҳ месозад, пешоб ва ҳайзро равон мена- мояд (хусусан оберо, ки дар он лӯбиёи сурх ҷӯшони- да шуда бошад, биёшоманд); бо камтар қанд биёшо- манд, хунеро, ки аз занони навзойида меояд, пок мегар- донад, бачаро аз шиками занони ҳомила меафтонад. Лӯбиёи сурхро дар об ҷӯшонида, дар он об занони нав таваллуд кардагӣ батакрор даромада нишинанд, низ он занонро аз хуни нифос пок мегардонад; бачаи зинда ва мурдаро аз шиками занони ҳомила хориҷ мекунад, инчунин ҳамроҳаки (ёраки) ҷанинро зуд берун меова- рад ва дарди гурдаро таскин медиҳад. Лӯбиёро бисёр ва бардавом бихӯранд, боиси дида- ни хобҳои бад ва мушавваш мегардад. Ин гуна зара- ри онро занҷабил, хардал (горчица), зира, намак, рав- ғани зайтун, кокутӣ, мурч ва биҳӣ бихӯранд. ислоҳ ме- кунад, инчунин бо гӯшт пухта бихӯранд, зиёнаш дафъ мегардад.
Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-178-187#178

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 188-197 188. Бодоми ширин 189. Бодоми талх 190. Лиму 191. Мош 192. Маргимоҳӣ 193. Марҷон 194. Райҳон 195. Райҳони гӯши муш 196. Мармарак 197. Зардолу 188. Бодоми ширин Ин самари дарахти маълум аст, ки дар шароити табиии Осиёи Миёна ва дигар мамлакатҳо парвариш меёбад. Беҳтарини он нозукпӯст, бузургмағз ва сер- равғани он аст. 431 Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва тар аст ва ба қавли баъзе табибон дар гармӣ ва тарӣ мӯътадил ме- бошад. Хислатҳои шифобахши он: бодомро бо набот бихӯ- ранд, ҷавҳари мағзи сарро устувор нигоҳ медорад, узв- ҳои ботиниро аз моддаҳои зарарнок ва нодаркор пок мегардонад, чашмро қувват мебахшад, дарун ва ҳалқ- ро мулоим мекунад ва барои узвҳои даруни сина фо- рам аст. Шираи мағзи бодомро бо шакар ширин карда би- нӯшанд, сурфа, дағалии узвҳои даруни сина ва ҳалқ- ро ба ибро меоварад; дамкӯтаҳӣ ва зот-ул-ҷанб (вара- ми пардаҳои даруни сина)-ро

шифо мебахшад ва хун қай карданро манъ менамояд. Мағзи бодомро бо ним вазни он зифт бихӯранд, сурфаро дафъ мекунад. Пӯчоқи онро то сиёҳ шуданаш сӯхта, ба дандон би- моланд, дандон ва милки онро мустаҳкам мекунад ва худи дандонро аз чирк пок месозад. Хӯрдани бодом ҳамаи узвҳои ботинӣ ва дарунро мулоим мекунад, барои захми рӯдаҳо ва хичак, исҳол (агар аз рутубати меъда бошад), даво мешавад; манӣ пайдо мекунад ва тезии маниро ислоҳ мегардонад (зимнан огоҳ намоем, ки агар мании мард тез бошад, баъди ҳар як муҷомаат зан дар даруни худ хеле муд- дат сӯзиш ҳис мекунад ва аз он мард фарзанд наме- шавад), сӯзиши пешобро низ ба ислоҳ меоварад, ба- данро фарбеҳ мегардонад. Агар инро бо шакар ё бо қанди сафед бихӯранд, ҳамчун ғизо пурқувват мегар- дад, дарунро мулоим мекунад гиреххои узвҳои бадан- ро мекушояд, инчунин бо анҷир бихӯранд, низ дарун- ро мулоим месозад ва барои иллати қулинҷ, ки дард ва варами рӯдаҳои ғафс аст, фоида мебахшад. Бодоми кӯфтагӣ барои меъда вазнин ва дер аз он мефурояд, вале бо чизҳои иштиҳоовар бихӯранд, аз меъда зудтар фурӯд меояд. Аз бодом мураббо тайёр карда бихӯранд, ҳамчун ғизо ва барои фарбеҳ гардонидани бадан беҳтар ва дар ислоҳи ҳолати бади гурда бошиддат таъсир мебах- шад. Бодомро то бӯяш баромадан тафсонида, баъд мағ- зи онро ҷудо карда бихӯранд, меъдаро қавӣ мегардо- над, исҳолро мебандад, нармӣ ва сустии онро (меъда- 432 ро) дафъ мекунад, боҳро пурқувват месозад, маниро зиёда менамояд. 17,5 грамм мағзи бодомро кӯфта, бо асал хамир сохта, лесида бихӯранд, дарди ҷигар ва сурфаро шифо мебахшад; бодҳоро, хусусан бодҳои гурдаро, таҳлил медиҳад. Ғӯраи бодомро бо пӯсташ бихӯранд, буни дандон- ро мустаҳкам мекунад ва мизоҷи пӯсти он бинобар сард ва хушк буданаш ҳарорати баланди даҳанро тас- кин медиҳад. Мағзи бодомро бо анҷир бихӯранд ва аз рӯ гузош- та банданд, саги девона газидаро шифо мебахшад. Гулашро бихӯранд, боҳи мардонро ба ҳаракат ме- оварад, вале боҳи занонро суст мегардонад. Аммо хӯрдани бодом барои меъдаи сардмизоҷ ва тармизоҷ вазнин ва дерҳазм аст ва инчунин барои узвҳои шикам зарарнок мебошад. Барои дафъи ин за- рарҳояш мустако бояд бихӯранд; инчунин моддаи саф- роро бармеандозад—дар ин маврид шакар бихӯранд, ислоҳи зарари он мекунад. Бодом кӯҳна шавад, вайрон ва талх мегардад, агар онро бихӯранд, ғамгин месозад, иштиҳоро мебандад, дилро беҳузур (беҷо) мекунад ва ба иллати беҳушша- вӣ гирифтор менамояд. Дар ин ҳолат зуд қай карда, онро аз меъда дур намудан даркор аст ва баъд оби меваҳои турш бояд бинӯшанд. Мизоҷи равғани бодоми ширин дар гармию сардӣ мӯътадил аст, ба майна бағоят намият мебахшад, ху- сусан нави он. Хислатҳои шифобахши он: равғани бодоми ширин- ро бихӯранд, майнаро намнок мегардонад, барои ҷин- гак шудани узвҳо, ки аз хушкӣ ва варамӣ

бошад, фо- рам аст; варами пардаҳо ва худи майна, инчунин зот- ул-ҷанбро шифо мебахшад, бехобиро дафъ мекунад ва хоб меоварад. Ва агар батакрор ба сар бимоланд ҳам, ҳамин таъсирро дорад. Ин равғанро бо катиро ва шакар бихӯранд, сурфаи хушкро дафъ мекунад, овозро соф ва қасабаи шушро аз моддаҳои зарарнок пок мегардонад рӯдаҳоро му- лоим мекунад, зарари давоҳои исҳоловарро дафъ ме- намояд. Инро бо луобҳои тухми зағир, луоби гулихай- рӣ ва луоби тухми биҳӣ биёшоманд, исҳолро мебан- дад, дарди рӯдаҳоро таскин медиҳад рӯдаҳоро муло- 433 им мегардонад, қулинҷро, ки дард ва варами рӯдаҳои ғафс аст, шифо мебахшад, душвор шошиданро ба иб- ро меоварад, барои дафъ шудани санги гурда ва хи- чак кӯмак мерасонад. Миқдори як бор хӯрдан аз равғани бодоми ширин дар як рӯз то 50 грамм аст. Ин равғани бодомро бо мудовамат ба мӯҳраҳои пушт бимоланд, иллати ниқрисро, ки дард ва варами ангуштони дасту поҳо мебошад, дафъ мекунад ва кӯзӣ ва хамидагии пушти пиронсолонро рост ва ҳамвор ме- гардонад. Равғани бодомро бо оби гарм даромехта, бо он ғар- ғара кунанд, дағалӣ ва дуруштии ҳалқро ба ислоҳ ме- оварад. Равғани бодоми ширин ҳангоми истеъмол ба дарун ба узвҳои даруни шикам, ки заиф бошанд, зарарнок аст. Дар ин маврид мустако бихӯранд, ислоҳи зарари он менамояд. Барги тару тозаи бодоми ширинро кӯфта бихӯранд, дарунро меронад ва кирмҳои меъдаро мерезонад, вале хушкашро бихӯранд, дарунро мебандад ва исҳолро манъ мекунад. 189. Бодоми талх Ин ҳам монанди бодоми ширин, вале мағзаш талх аст. Бинобар ҳамин ҳам дарахт ва ҳам самарашро бо- доми талх номидаанд. Беҳтаринаш донааш бузург ва серравғани он аст. Мизоҷи мағзи ин дар дараҷаи саввум гарм ва дар охири дараҷаи якум хушк аст, инчунин баъзеҳо дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк гуфтаанд. Хислатҳои шифобахши он: ин бодом дар бобати таҳлил додани варамҳо, пок кардан ва дафъ намудани ахлоти ғафс давои бемисл аст. Инро кӯфта, бо сирко хамир карда гузошта бан- данд, дарди сарро таскин медиҳад. Ва кӯфтаи инро ба чашм кашанд, ин узвро қувват мебахшад. Инро бихӯранд, дамкӯтаҳӣ, сурфа, варами узвҳои даруни сина ва шушро шифо мебахшад; ва агар бо нишоста бихӯранд, таъсираш зиёдтар мегардад: агар инро бо наъно бихӯранд, дарди гурдаро дафъ меку- 434 над; бо асал бихӯранд, гиреҳҳои ҷигар ва сипурзро ме- кушояд ва бемориҳои ҷигарро шифо мебахшад, зард- парвин ва иллатҳои сипурзро дафъ месозад; бо шаҳ- доб (асалоб) биёшоманд, қулинҷро мекушояд; бо майи пухтагӣ бихӯранд, иллатҳои гурдаро ба ибро меова- рад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад, пешобро равон мекунад ва душвор шошиданро ислоҳ менамояд, дарди бачадонро дафъ мекунад. Мағзи инро кӯфта, дар об ҷӯшонида, бо он об сар- ро бишӯянд, сабӯсаки сарро дафъ мекунад ва шапуш- ҳоро мекушад. Кӯфтаи инро занҳо аз таг бардоранд,

ҳайзи банд- шудаи онҳоро равон мекунад. Инро кӯфта, бо сирко ё бо шароб сиришта гузошта банданд, решҳои кӯҳна ва даванда, обилаҳои тар, шукуфаи пӯст, сабӯсаки сар, мӯрчагазак, қӯтур, хориш ва шаро (ҷӯшишҳои аллергия)-ро шифо мебахшад. Инро кӯфта, бо сирко даромехта бимоланд, доғҳои кунҷидак ва дигар доғҳои чеҳраро пок менамояд. Агар инро бо шароб ва асал даромехта бимоланд, мӯрчага- закро шифо мебахшад. Агар танҳо худашро кӯфта гу- зошта банданд, газидани саги девонаро фоида дорад. Хӯрдани бодоми талх ба рӯдаҳо зарар дорад — да- вояш шакар, набот ва бодоми ширин хӯрдан аст. Инчунин барои ислоҳ кардани ҳоли бади узвҳои ҳо- зима ва дарди меъда ҳар рӯз се-чор донаашро шикас- та, мағзи онро хойида бихӯранд, таъсири бебадал до- рад. Решаашро кӯфта гузошта банданд, барои ҳамаи дардҳо дармон мебошад. Мизоҷи решаи дарахти бодоми талх гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро кӯфта ё бо сӯҳон тароша карда, бо равғани гулисурх сиришта гу- зошта банданд, дарди сареро, ки аз хунукӣ бошад, ши- фо мебахшад, инчунин доғҳои кунҷидакро дафъ меку- над. Агар инро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, сипурз ва гурдаро аз моддаҳои зарарнок ва зиёдатӣ пок мегардонад, қулинҷро дафъ мекунад, кирмҳои меъ- даро ихроҷ менамояд. Хокистари решаи инро гузошта банданд, сӯхтагии оташро шифо мебахшад. 435 Баргашро дар шароб пухта бимоланд, сабӯсаки сарро дафъ мекунад ва дар ин бобат давои беҳамтост. Ҳаким ва Устоди Аввал Арасту гуфтааст, ки чун 17,5 грамм бодоми талхро кӯфта, ба дили наҳор тано- вул намоянд, аз нӯшидани шароб маст намегарданд. Мизоҷи равғани бодоми талх дар аввали дараҷаи дуввум гарм ва моил ба тарист. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, ах- лоти часпак ва савдовиро, ки дар наздики меъда бо- шанд, бо воситаи исҳол дафъ мекунад; бо обе, ки дар он решаи савсани кӯҳӣ ҷӯшонида шуда бошад, биёшо- манд, дамкӯтаҳӣ, варами сипурз ва бо наъно бихӯ- ранд, дарди гурда ва душвории шошиданро шифо ме- бахшад, қулинҷро дафъ мекунад; хафа (бӯғма) шу- дани гулӯгоҳи бачадонро, ки беҳушӣ меоварад, ин- чунин варам ва чаппа шудани онро сиҳат мебахшад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад, бача- ро аз шиками занони ҳомила меафтонад. Агар ин равғанро нимгарм дар гӯш чаконанд, дар- ди гӯш, ҷаранг ва овозҳои гуногуни даруни онро дафъ мекунад, кирми даруни онро мекушад Латтаи покизаро дар ин равған олонда, занҳои хо- мила аз таг бардоранд, бача ва ҳамроҳаки онро аз шикам зуд меафтонад. Агар ин равғанро бимоланд, доғҳои рухсор, доғи кунҷидакро дафъ мекунад, чинҳои рӯйро ҳамвор ме- созад ва аз хунукӣ кафида бошад, шифо мебахшад (рӯйро). Ин равғанро бо шароб якҷо карда бимоланд, реш- ҳои тар, иллатҳои сипурз ва сабӯсаки сарро барҳам медиҳад. Миқдори як бор хӯрдан аз равғани бодоми

талх дар як рӯз то 17,5 грамм аст. Шилми бодоми ширин ва бодоми талхро дар ама- лиётҳои тиббӣ ба ҷойи самғи (шилми) арабӣ кор фар- моянд, раво мебошад. Бодоми намакпарварди бирён кардашуда ислоҳ- бахши ҳоли бад ва баэътидоловарандаи нафас аст, узвҳои даруни синаро аз моддаҳои бегона пок мегар- донад, пешоб ва дарунро меронад, вале дар меъда ҳазм наёфта дафъ шудани таомро ба амал меоварад. Давои ин зарарҳояш шакар хӯрдан ва шароби мусаллас ошо- мидан аст. 436 190. Лиму Ин маълум аст, ки самари он дар таъм гуногун, турш, ширин ва майхуш (туршу ширин) мебошад. Беҳтарини он калон-калони пӯсташ тунук, ялаққосӣ, расидагӣ ва сероби он аст. Ин самар ҳангоми норасӣ сабз ва дар вақти пухта расидан зарди андак ба сур- хӣ моил мешавад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум сард ва дар якум хушк аст, баъзеҳо тар ҳам гуфтаанд. Хислатҳои шифобахши он: ошомидани ин дарди са- ри аз гармӣ ва чарх задани сар, ки сабабаш ба сар баромадани бухороти ахлоти ғализ бошад, шифо ме- бахшад, хуморро таскин ва варами гарми ҳалқро таҳ- лил медиҳад; тапидани дилро, ки сабабаш бисёрии савдо бошад, шифо мебахшад, фишори баланди хун ва ҷӯшиши сафроро паст мегардонад; тафси меъдаро пас менишонад; қайи сафровӣ, беҳузур (бечо) шудани дил, ҳазм наёфта ба қафо баргаштани таомро ба ис- лоҳ меоварад; моддаҳои гармро аз ҷигар ба меъда ка- шида берун мекунад; меъда ва ҷигари гарммизоҷро қувват мебахшад, инчунин барои табҳои сафровӣ ва аз ҷӯшиши хун содир шуда бошанд, бадбӯйии хун, таби рӯздармиёни бемодда ва моддӣ даво мебошад. Истеъмоли лиму ба дарун барои асаб ва гирифто- рони сурфаи хунукмизоҷ зарар дорад. Агар ҳангоми холӣ будани меъда бихӯранд, рӯдаҳоро заиф мегардо- над ва дар ин узвҳо дард пайдо мекунад. Давои ҳа- маи ин зарарҳояш шакар ва асал хӯрдан аст. Огоҳ намоем, ки агар худи лимуро батанҳоӣ бо мудовамат бихӯранд, хобро мегурезонад. Бинобар ҳамин бояд, ки инро бо шакар ё бо қанди сафед бихӯранд. Чун лимуро бо корд бурида, тарафи буридаи онро дар оташ гарм намуда, ба пешонӣ ва чаккаҳои сар ба- такрор бимоланд, дарди сареро, ки сабабаш гармӣ бо- шад, таскин медиҳад. Ва агар буридан онро бимоланд, доначаҳои дар пӯст ҷӯшида, шаро (аллергия) ва хушк шудани пӯсти баданро шифо мебахшад ва агар ба рухсора бимоланд, онро пок ва чиркҳояшро нест ме- кунад. Хӯрдани лиму заҳрҳои ҷонварон ва заҳри давоҳои қаттолро аз бадан дафъ мекунад. Лимуро дар аксар ҳолат ба ҷойи сирко истеъмол менамоянд ва барои 437 дафъ намудани бемориҳои сафровӣ беҳтар аз лиму ва шароби он даво нест. Мизоҷи шаробаш дар дараҷаи якум сард ва дар тариву хушкӣ мӯътадил аст, вале шароби асалии он моил ба хушкист. Ҳаким Антокӣ шароби шакарии он- ро дар дараҷаи дуввум сард ва дар якум тар дониста- аст. Беҳтарин шароби соддаи лиму он аст, ки аз оби лимуи нави расида молида соф гардонида бошанд, бо

шакар ё бо қанди сафед ва ё бо асали соф тартиб до- да, яъне ҷӯшонида бошанд, ки туршии хуштаъм дош- та бошад ва аз сохтани он зиёда аз як сол нагузашта бошад, дар давогӣ истеъмол кардан равост. Шакари сафеди софро дар зарфе карда, аз боло- яш лимуро фишурда обашро бирезанд он миқдор, ки шакарро тар гардонад. Ҳамин тавр як шабонарӯз би- гузоранд, пас соф намуда, аз он миқдоре оби лимуро ба он бирезанд, то таъми онро неку турш гардонад ва баъд дар оташ ба қивом ованд, беҳтар аст. Хислатҳои шифобахши он: ин шароби лиму дар навбати аввал барои бемориҳои дар боло зикрёфта нафъ дорад; барои ҷӯшиши даҳан, бастагии забон, соф кардани овоз, пок намудани узвҳои даруни сина аз моддаҳои бегона, дафъ намудани сурфаи гарм, дилта- пак (дилбозӣ), ки аз моддаҳои гарм бошанд, шикаста- ни шиддати сафро, дафъи фишор ва ҷӯшиши хун, таб- ҳои сафровӣ ва мураккабу даврӣ, кандан ва дафъ кар дани ахлоти сӯхта ва савдовии ғафси часпак, манъ кардану боло баромадани бухорҳои савдовӣ, аз ҷояш кандани ҳар як модда ва хилти ғафс ва часпак даво мебошад. Чун ин шаробро пеш аз давоҳои исҳоловар бинӯ- шанд, баданро барои қабул кардани давои исҳоловар тайёр мегардонад ва баъди он ғусл медиҳад баданро ва инчунин ҳар он чиро, ки дар бадан мавҷуд бошад, аз бақияи давои исҳоловар пок менамояд. Касе, ки ҳа- меша инро биёшомад, саломатиашро нигоҳ медорад ва барои тамоми бемориҳои кӯдакон фоида дорад. Дар бобати дафъ кардани зарари заҳрҳо, табҳои даврӣ ва мураккаб мақомаш баробари тарёқи форуқ аст. Чун ҷавоҳиротро бо оби лиму бисоянд ва чил рӯз дар оби лиму бигузоранд, инчунин вақт-вақт оби ли- муро нав гардонанд, онҳоро ҳал мекунад. 438 Мизоҷи тухми лиму дар дараҷаи дуввум гарм ва дар охири дараҷаи якум хушк аст. Инро бихӯранд, фараҳ меоварад, бар зидди заҳрҳо тарёқ мебошад, яъне заҳрҳоро аз бадан дафъ меку- над ба шарте, ки аз пӯсташ ҷудо карда бихӯранд. Аз 3,5 то 7 грамми онро бо оби гарм ё бо шароб бихоянд, кундии дандонҳоро, ки аз расидани туршӣ ба ҳам ра- сида бошад, ислоҳ мекунад. Чун лимуро батамом хушк намоянд ва ба вазни он дар шакар сойида бихӯранд, барои манъи ба сар ба- ромадани бухорот, кушодани гиреҳҳои узвҳои бадан давои ба ин монандро ёфтан амри муҳол аст. Лимуи намакхӯрдаро биёшоманд, меъдаро қувват мебахшад, бӯйи даҳан ва оруғро хушбӯй мегардонад. Барги лимуро бо андак қаранфули гардан ва ё дорчинӣ сойида бимоланд, дарди сарро дафъ мекунад, бидуни дорчинӣ ҳам бимоланд, ҳамин гуна манфаатро дорад. Манфаати лимуи ширин назар ба турши он заиф- тар, вале ба асаб зарар намерасонад. 191. Мош Ин растанӣ ва дони машҳури зироатӣ аст, ки тух- машро пухта мехӯранд. Рангаш ба сабзи зардтоб мо- ил аст. Мизоҷи мош дар дараҷаи якум сард ва моил ба хушкист. Агар муқашшар карда, яъне аз пӯсташ ҷудо карда бошанд, баъд мизоҷаш

мӯътадил дар тарӣ ва хушкӣ мегардад. Мизоҷи пӯсташ мураккаб-ул-қувват моил ба хушкист. Хислатҳои шифобахши он: Ин ҳамчун ғизо сабук- тар аз наск мебошад, бодаш камтар назар ба боқило ва беҳтарин аз донҳои хӯрокӣ мебошад. Агар бихӯ- ранд, ғизои хуб, аз он моддаи солим дар ҷигар пайдо мешавад, вале аз меъда суст мегузарад, хусусан, ки муқашшари онро пухта бихӯранд. Зеро ки хушкӣ, қув- вати таҳлилдиҳандагӣ дар худи пӯсташ мавҷуд мебо- шад. Мош аз хӯрданиҳои фаслҳои баҳор, тобистон, мав- зеъҳои гармодор. одамони гарммизоҷ, инчунин беморо- ни иллатҳои гарм ва тездошта аст. Зеро ки мош тас- киндиҳандаи ҳарорат, тезӣ ва тафсонандаи сафро ва хун аст. Агар инро пухта бихӯранд, асаб ва узвҳои асабони- ро қувват мебахшад, тавоногии чашмро меафзояд; барои дарди сари аз гармӣ, назлаҳо, варами забончаи ҳалқ, сурфа, табҳои гарму тез ва бемориҳои гурда да- во мебошад, зеро ки табиатан худаш мувофиқи гурда аст. Мошро муқашшар карда, бо равғани бодоми ши- рин кичирӣ пухта бихӯранд, моддаҳои солам дар ба- дан пайдо мекунад. Аммо барои табҳои сафровӣ бо барги чилмангӯштак (семизут), коҳу, ҷави кӯфта бо- яд, ки бипазанд. Мошро муқашшар нокарда бо тур- шак (щавель) пухта бихӯранд, дарунро мебандад. Яке аз хусусиятҳои мош он аст, ки бо вуҷуди сар- дии мизоҷаш моддаи савдоро ҳаракат намедиҳад, ҳам барои мулоим кардани дарун ва ҳам барои банд кар- дани дарун фоида дорад. Аммо ҳар гоҳ дарунро му- лоим кардан мурод бошад, бояд ки муқашшар карда, бо оби тухми маҳсар ва равғани бодоми ширин бипа- занд, вале агар мақсад бастани дарун бошад, бо пӯс- таш бирён намуда, баъд бипазанд ё он ки дар об ҷӯшонида, он обро рехта дур намоянд, то ки қув- вати гарммизоҷӣ ва поккунандагии он дур шавад, со- нӣ оби холиси дигар андохта, пухта бихӯранд. Агар дарунро банд намудан бо паст гардонидани ҳа- рорат, ҷӯшиш ва фишори баланди хун мурод бошад, бо оби туршак ё бо оби анори турш, ки ҳангоми бо пардаҳои дарунаш будан кӯфта фишурда гирифта бо- шанд, ё бо татум ва равғани бодоми ширин бипазанд. Мошхӯрдаи он аз моши муқашшар пухташуда ба- рои сурфа ва назлаҳои гарм даво мебошад. Вале хӯрдани мош барои одамони хунукмизоҷ, пи- рон, инчунин ба касоне, ки дар меъдаашон рутубат, моддаҳои мурдор ва бод бисёр бошанд, зарар меку- над, хусусан, муқашшари он; ба дандон ва боҳ ҳам зи- ён дорад. Давои ин барои одамони сардмизоҷ хӯриш- ҳои хушбӯйи гарммизоҷ, монанди: занҷабил, дорчинӣ, зира, мурч, қаранфули гардан, хардал (горчица) ва ғайра хушбӯйиҳои гарммизоҷ хӯрдан аст; вале барои гарммизоҷон онро бо оби тухми маҳсар, туршиҳои ном- бурда ва равғани бодоми ширин пухта хӯрдан аст. Моши пухтагиро бо сирко хамир сохта, дар вақти 440 ҳаммом кардан гузошта банданд, қӯтури решгаштаро шифо мебахшад; агар онро бо оби холис хамир сохта бибанданд, узвҳои

сустгаштаро қувват мебахшад ва дарди онҳоро таскин медиҳад. Пухтаи онро бо шароб ё бо заъфарон пухта гузошта банданд, дарди узвҳои латхӯрда ва қатъшударо таскин медиҳад. Мошро хойида гузошта банданд, узв ва ҷоҳои сар- мозадаи баданро, агарчи кӯҳна шуда бошад, шифо ме- бахшад. 192. Маргимоҳӣ Ин гиёҳро кӯфта, дар об андозанд, моҳиёнро бе ҳис гардонида ва онҳо чаппа гашта ба рӯйи об мебаро- янд, ҳатто мемиранд. Бинобар ҳамин маргимоҳӣ ном гирифтааст. Дар баъзе маҳалҳо тоҷикон инро думиғоз низ меноманд. Қадди ин гиёҳ ба ҳисоби миёна то як метр мехезад, баргҳояш хокистарранги пашмакдор, ба рӯйи замин паҳнгашта ва аз миёни он баргҳо пояш мехезад. Аз нимаи пояш то сар гулҳои зардранги он мешукуфанд. Дар тиб дар навбати аввал пӯсти пояи он, ки зардранг аст, ба кор меравад ва баъд аз он қисмҳои дигараш истифода мегарданд. Қувваташ то се сол боқӣ мемонад. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: пӯсти пояшро бихӯ- ранд, ҳамаи навъҳои балғам, ахлоти ғафс (хоҳ сафро бошад, хоҳ савдо) бо исҳол дафъ мекунад, бодҳоро пароканда месозад: дарди буғумҳо, никрис (подагра) ва иркуннасо (радикулит)-ро шифо мебахшад, зеро ки ин хориҷкунандаи ахлоти ғафс аст аз рагҳо ва пайванд- ҳои бадан. Ин барои одамони сардмизоҷ, тармизоҷ ва балғамимизоҷ бисёр фоидабахш аст. Вале ба дарун истеъмол кардани ин барои рӯдаҳо зарар дорад—давояш катиро ва арпабодиён хӯрдан аст ва инчунин худашро бо равғани бодоми ширин чарб кардан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз ҳар як қисми он дар як рӯз бо шакар то 4,5 грамм аст. Агар онро дар об ҷӯ- шонида, он обро нӯшиданӣ бошанд, то 10,5 грамм ба об андозанд. Ин барои истисқо, таҳлил додани варам- ҳои балғамӣ ва бодӣ даво мебошад. 441 193. Марҷон Ин ҷисмест сахт, монанди дарахт поя ва шох до- рад, ки намудҳои сурх, сафед ва сиёҳ дорад —дар зе- ри об аз замин мерӯяд ба баландии то як метр ва зиё- да низ. Шохҳояш барг ва самар надоранд. Беҳтарини он қитъаҳои бузурги сурхранг, ялаққосӣ, бесӯрох ва камгиреҳи он аст. Баъд аз он сафеди бо сифатҳои ном- бурдаи он мақом дорад. Сиёҳи он заифтарин навъи он мебошад. Шох ё дарахти марҷонро рӯзона аз мобайни санг- ҳои зериобӣ дар як қатор баҳрҳо берун меоваранд. Баъди берун овардан нури офтоб ва ҳаво ба он таъ- сир карда, сахт мегардад. Агар ин дар ҷоҳои чуқури баҳр рӯйида бошад, чангакҳоро ба расанҳо баста, дар зери об ин тарафу он тараф ҳаракат медиҳанд, то он ки марҷон ба онҳо дармонад ва ҳамин тавр боло ка- шида канда мегиранд. Агар ин дар оби он қадар чу- кур набошад, ғаввосон даромада, аз ҷояш канда берун меоваранд. Мизоҷи марҷон дар дараҷаи дуввум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: марҷон хусусиятҳои фараҳ бахшидан, қабзият кардан, хушк гардонидан до- рад. Хӯрдани он васвос, девонагӣ, саръ (припадка), дил- тапак (дилбозӣ), сустии меъда ва вайрон

шудани иш- тиҳоро дафъ мекунад; санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад; барои бемориҳои сипурз даво меша- вад, бавосирро нафъ дорад; хун қай кардан, хунрави- ҳои дигари гуногун, исҳоли хунин аз ҷигар ва аз ҳар узви дохилӣ, ки бошад ва инчунин захмҳои сатҳи да- руни рӯдаҳоро дафъ мекунад. 2,25 грамми онро сойида, бо нисф вазни он шилми бодомро бо сафедаи тухми мурғ сиришта, бо оби ху- нук бинӯшанд, хунравиҳо ва хун қай карданро ба иб- ро меоварад, қӯтурро шифо мебахшад (агар марҷонро сӯхта, дар ин таркиб дохил кунанд, боз ҳам хубтар аст) ва хуни дар дил шахшударо таҳлил медиҳад. Марҷонро сойида бипошанд, гӯшти зоиди захмҳоро мехӯрад ва доғҳои захмҳоро аз пӯст дафъ мекунад. Инчунин марҷонро сӯхта бипошанд, хунравиҳоро аз узвҳои беруни бадан манъ мекунад ва агар инро ба 442 дандон бимоланд, дандонро мустаҳкам ва зардии он- ро дафъ мекунад. Марҷонро сӯхта, дар об шуста, баъд хушк карда, чун сурма ба чашм кашанд, обилаҳо, обравӣ, қӯтур, шилпуқӣ ва монанди ин иллатҳои чашмро шифо ме- бахшад ва инчунин чашмро қавӣ мегардонад. Агар онро бо равғани баласон даромехта, дар гӯш чако- нанд, гаронӣ ва карии гӯшро сиҳат мекунад. Ҳаким Аминуддавла гуфтааст, ки чун се рӯз ҳар рӯз 2 граммӣ онро бо сиканҷабин бинӯшанд, варами сипурзро таҳлил медиҳад ва гиреҳи даруни онро ме- кушояд. Ва агар сӯхтаи онро бо об биёшоманд, дар ин амал қавитар мегардад. Маҳлули марҷонро биёшоманд, иллати махавро ши- фо мебахшад. 3,5 грамм аз марҷони сойида биёшоманд, бар зидди тамоми заҳрҳо тарёқ мебошад. Агар онро бар меъда биёвезанд, ҳамаи иллатҳои меъдаро нафъ лорад, тарс ва хавфи кӯдаконро дар ҳангоми хоб дафъ мекунад. Вале истеъмоли марҷон ба дарун барои гурда за- рар дорад ва дилро беҳузур (бечо) мекунад. Давои ин зарарҳояш катиро хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз марҷон дар як рӯз то 4,5 грамм аст. Яке аз хусусиятҳои марҷон он аст, ки чун тилло ва нуқраро аз ҳар яке ба миқдори марҷон дарҳам гудохта, ангуштарини бонигин аз он тартиб дода мар- ҷонро ба нигини он ҷо диҳанд, дар вақте ки Моҳ ва Офтоб дар ҳадди интиҳо ва худ муқоранат (наздик- шавӣ) ба сайёраи Зӯҳра дошта бошад, гирифтори ил- лати саръ онро бо худ нигоҳ дорад, дарҳол иллаташ бартараф мегардад; инчунин дорандаи он ангуштар- ро ҳаргиз ғаме намерасад. Марҷони сиёҳи сӯхтаи шусташуда барои дил, ки заиф бошад, бағоят қувватбахшӣ дорад. Дар омади гап, тариқи сӯхтани марҷон ин аст. Марҷонро реза-реза карда, дар кӯзаи сафолин андох- та, даҳанашро бо гили ҳикмат ё бо гили бӯта маҳкам карда, як шаб дар танӯри тафсон гузоранд. Пас баро- варда сойида, истеъмол намоянд. Шарташ ҳамин, ки дар танӯр набояд сӯхта монанди хокистар гардад. 443 194. Райҳон Ин растании бӯстонии маълум аст баргҳояш ка- лонтар ва қисми резабаргҳояш ҳам мавҷуд аст. Мизоҷаш дар дараҷаи якум

гарм ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, гиреҳҳои майнаро мекушояд, варамҳои ҳамаи узвҳоро таҳлил медиҳад; дилтапак (дилбозӣ), сустӣ ва заъфи меъдаро шифо мебахшад, инчунин бодҳои ғализро таҳлил ме- диҳад. Оби барги онро бо шакар ширин карда биёшоманд, дарди узвҳои даруни сина, дамкӯтаҳӣ ва сурфаро дафъ мекунад. Райҳонро бихоянд ё оби онро дар даҳан гардонанд, ҷӯшиши даруни даҳанро, ки пухтани даҳан низ мено- манд, дафъ месозад. Райҳонро як шаб дар об тар карда, баъд он обро биёшоманд, узвҳои баданро, ки гарм бошанд, ба сардӣ меоварад ва онҳоро қувват мебахшад. Бӯйидани райҳон дарди сареро, ки аз гармӣ бошад ва инчунин дар вақти сафар дарди сар ба ҳам расида бошад, таскин медиҳад; иллати ваборо дафъ меку- над. Аз бӯйи райҳон ҷонварони зиёнкор мегурезанд. Тухмаш барои ҳамаи мизоҷҳо форам аст, зеро ин дар мизоҷ мӯътадил мебошад. Огоҳ кунем, ки кӯфтани тухми райҳонро ҳангоми таркиб додан бо дигар давоҳо, табибон манъ карда- анд ва инчунин барои табобат луоби он низ даво ме- бошад, вале ин қисмаш дар вақти кӯфтан барҳам ме- хӯрад. Инро муаллифони китоби «Кифояи мансурӣ» ва ғайра қайд кардаанд, ки дар кӯфтаи тухми райҳон қуввати манъкунанда ва қабзиятовар зиёд мебошад, ки кӯфтаи онро ҳангоми исҳол истеъмол намоянд, ра- во мебошад. Беҳтар аст агар кӯфтаи онро бо шилми бодомҳо ҳамроҳ карда биёшоманд, бар зидди рафта- ни дарун хеле мувофиқ аст. Инчунин дар об ҷӯшони- да, оби онро бинӯшанд ҳам, дар ин бобат хуб аст. 195. Райҳони гӯши муш Ин аз намуди райҳонҳои резабарг аст, ки баргҳо- яш монанди гӯши муш мебошанд, яъне баргаш мо- 444 нанди гӯши муш дарозак, гулаш сафеди пуштиранг, тухмаш монанди тухми райҳони расмӣ мебошад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: дар бобати давогӣ ин райҳон қавитар аз ҷамилак аст. Инро дар об ҷӯшонида, он обро бин¬ӯшанд, гиреҳи майна ва бастагии сӯрохи бинирo мекушояд; дарди са- реро, ки аз сардӣ, тарӣ, балғамӣ, савдовӣ ва бодӣ бо- шад, дафъ мекунад; молихулиёро, ки вобаста ба пар- даҳои шикам бошад ва кач шудани рӯйро шифо ме- бахшад, зукомро банд менамояд, зеро, ки таҳлилди- ҳандаи рутубат ва бодҳои майна аст. Агар инро бибӯянд, майнаро қувват мебахшад, мас- тии шароб ва хуморро манъ мекунад, бастагии сӯрох- ҳои бинирo мекушояд. Хушки ин навъи райҳонро кӯфта дар бинӣ бире- занд ё обашро чунин кунанд, майнаро аз моддаҳои за- рарнок пок мегардонад, кач шудани рӯй ва саръро ши- фо мебахшад. Агар инро бо ҳино якҷо кӯфта, дар ҳаммом ба сар бимоланд, дарди сареро, ки аз хунукӣ бошад, дафъ мекунад. Равғани инро бимоланд, фолиҷ ва бемориҳои асаб- ро, ки аз сардӣ бошанд, монанди: кузоз (столбняк), карахтӣ, кач шудани рӯй ва ғайраро ба ибро меова- рад. Ва агар инро ба чашм кашанд, фуромадани зар- добро ба

гавҳараки чашм, ки дар давраи ибтидо бо- шад, дафъ мекунад, чашми заифро қавӣ мегардонад. Хушкашро кӯфта, бо асал хамир сохта бимоланд, кабудии зери чашмро, ки аз шах шудани хун дар зе- ри пӯст бошад, дафъ мекунад. Райҳони гӯши мушро хойида, обашро фурӯ баранд, обравии даҳанро манъ мекунад. Инро дар об ҷӯшонида, он обро кам-кам ва барда- вом бирезанд, дарди гӯшро таскин медиҳад. Обашро ё равғани онро нимгарм дар гӯш чаконанд ё латтаро дар равғани он тар карда дар гӯш гузоранд, гиреҳҳои даруни онро мекушояд. Ин райҳонро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд. фараҳ мебахшад, дарди узвҳои даруни сина, сурфа, зиқ-ун-нафас (астма), дилтапак (дилбозӣ) ва дард кар- дани дилро ба ибро меоварад; узвҳои ботиниро гарм 445 мекунад бодҳои сипурзро таҳлил медиҳад; дарди рӯ- даҳо, истисқо ва душвории шошиданро шифо мебах- шад; ҳайзи бандшудаи занонро мекушояд, қулинҷ (ко- лит)-и бодиро таҳлил медиҳад. Агар инро хуб кӯфта, занҳо аз таг бардоранд, ҳай- зи бандшударо равон месозад. Миқдори як бор хӯрдан аз райҳони гӯши муши хушк дар як рӯз то 9 грамм аст ва агар дар об ҷӯшонида, он обро нӯшиданӣ бошанд, то 32 грамми онро дар об андозанд. Вале ба дарун истеъмол кардани ин райҳон ба гур- да ва хичак зарар дорад. Давои ин зарарҳояш коснӣ ё тухми чилмангӯштак (семизут) хӯрдан аст. Тару тозаи инро кӯфта гузошта банданд, варамҳои балғамӣ, яъне варамҳои сарди мулоимро таҳлил меди- ҳад; бо тухми банг (кирмрезонак) даромехта гузошта банданд, варами хояҳоро мегардонад. Агар ин райҳонро бо мумравған даромехта гузош- та банданд, печиши асаб, дарди пушт ва дами шуш- ро ба ибро меоварад; аммо бо асал сиришта бимоланд, мондагиро дафъ мекунад. Инчунин чанд бор равға- нашро бимоланд ҳам, мондагиро аз бадан бармеова- рад. Ин райҳонро бо сирко сойида бимоланд, доғҳои кунҷидак ва бадбӯйии аракро дафъ мекунад. Ва ба он ҷойи бадан, ки хун гирифта бошанд, инро бимоланд, асари захми онро нест мекунад. Агар инро ба сирко даромехта гузошта банданд, заҳри каждумро аз бадан хориҷ месозад. Хушки инро дуд кунанд, ҷонварони заҳрнок аз он ҷо мегурезанд ва инчунин зарарҳои ҳавои вабоиро дафъ мекунад. Аз райҳони гӯши муш равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Кӯфтаи тару тозаи онро фишурда, обаш- ро дар зарфе рехта, аз болояш ҳамон миқдор равға- ни зайтун андохта, бо оташи мулоим то обаш батамом бухор гаштан меҷӯшонанд. Равғани боқимонда — рав- ғани райҳони гӯши муш ҳисоб меёбад. Ин равғанро бимоланд, барои фолиҷ, каҷ шудани рӯй, кузоз (столб- няк), ларзак, дарди нимсар ва дарди сари аз хунукӣ баҳамрасида даво мебошад. Ва агар инро нимгарм би- чаконанд, гиреҳи даруни гӯшро мекушояд, гаронии гӯш ва бодҳои даруни онро дафъ мекунад. 196. Мармарак Ин гиёҳ намудҳои гуногун дорад, беҳтарини ҳама- аш навъи хушбӯйи он аст. Тухмаш монанди тухми за-

ғир, бинобар ин инро дар баъзе маҳалҳо тоҷикон зиғи- рак (зағирак) ҳам мегӯянд. Мизоҷи навъи хушбӯяш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Мизоҷи навъҳои дигараш ба гиёҳ ва хо- си онҳо вобаста мебошад. Хислатҳои шифобахши он. Хусусиятҳои умумии он: рақиққунандаи моддаҳои ғафс, таҳлилдиҳандаи бод ва балғам аст, инчунин парокандакунандаи бодҳо ва кушояндаи гиреҳҳои бадан мебошад. Оби барги онро бо шири занон даромехта, дар гӯш чаконанд, дардашро таскин медиҳад ва агар дар бинӣ чаконанд, дардҳои сарро хоҳ аз гармӣ бошанд ё аз сардӣ, шифо мебахшад. Мармараки хушбӯйро бибӯянд, дарди сар меова- рад, хусусан шароб нӯшида, бӯй кашанд, ин хислаташ зиёдтар зоҳир мегардад. Ошомидани ин рӯдаҳоро қавӣ мегардонад ва меъ- даро қувват мебахшад, истисқо ва бодҳои дарунро дафъ месозад, пешобро меронад, арақ меоварад, бал- ғами меъдаро таҳлил медиҳад ва дардҳои онро сокин мегардонад. Чун касони гирифтори иллати истисқо барг ва тух- ми онро, ки монанди тухми зағир аст, ҳар рӯз 7 грамм аз он бо ҳамин миқдор шакар ба дили наҳор бихӯ- ранд, оби ин бемориро хушк мекунад ва бо воситаи пешоб ва арақ доимо дафъ менамояд. Чун тухми онро бирён карда, бо равғани бодоми ширин чарб намуда бихӯранд, харошида шудани сат- ҳи даруни рӯдаҳоро шифо мебахшад, инчунин исҳоли хунинро мебандад, вале агар бирённокардаи онро би- хӯранд, балғамро бо воситаи исҳол дафъ мекунад. Низ бирёнкардаи онро бо тухми туршак (щавель) би- хӯранд, исҳоли хунин, захм ва харошида шудани сат- ҳи даруни рӯдаҳоро дармон мешавад. Инро кӯфта гузошта банданд, варамҳои сахт, пу- чак ва чиртакҳоро мепазонад. Табиби машҳури бостонӣ Муҳаммад Закариё ми- зоҷи тухми мармаракро дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум тар донистааст. 447 Мегӯянд, ки чун бар тухми мармарак андак-андак об рехта, бо ангушт бимоланд ва луоби онро бо каме равғани ёсамин даромехта, се рӯз пай дар ҳам ба ди- ли наҳор бихӯранд, шарои (аллергияи) савдовиро ба- тамом дафъ мекунад. 197. Зардолу Ин меваи маълум аст, ки навъҳои гуногун дорад: мағзаш талх ва ширин низ мебошад. Беҳтарини ҳамааш пӯсташ нафис, шодоб, ширин ва берешаи мулоими он аст, ки мағзи донакаш низ ширин бошад. Мизоҷи ин дар дараҷаи дуввум сард ва тар аст. Зоҳиран мизоҷи зардолуи ширин гармтар мебошад. Хислатҳои шифобахши он, Хусусиятҳои умумии зардолу: кушояндаи гиреҳҳо ва мулоимкунандаи сах- тиҳо мебошад. Хӯрдани зардолуи ширин, агар дар меъда вайрон нагардад, барои одамони гарммизоҷ форам аст, бӯйи бади даҳанро дафъ мекунад. Зардолуро дар об ҷӯшо- нида ё хушкашро як шабонарӯз дар об тар намуда, он обро бинӯшанд, моддаи сафроро бо исҳол дафъ ва дарунро мулоим мекунад, ташнагиро таскин медиҳад, фишор ва ҷӯшиши баланди хун ва сафроро паст ме- гардонад, тафси меъдаро сокин мекунад, оруғро дафъ месозад, хусусан

майхуши (туршу ширини) он. Чун бемори таби гарми сафровӣ пухтагии нави онро бихӯраду аз болояш оби гарм ва асал ошомида қай кунад, ахлоти кабудранг ва зангорӣ ба қай дафъ гашта, таби он нест мешавад. Хӯрдани зардолу зарар ҳам дорад: дар меъда зуд бадбӯ ва вайрон мешавад, боднок, оруғи турш пай- до менамояд, табҳои бадбӯро ба амал меоварад; ин- чунин ба одамони хунукмизоҷ, касоне, ки баданашон бод дошта бошад, ба иллати сакта гирифторшудагон, оруғи турш доштагон, меъдаашон заиф ва пирон зарар дорад. Давои ҳамаи ин зарарҳояш шакар, муста- ко, арпабодиён ва ғайра хӯрдан аст. Аз болои зардолу оби хунук, ях ва барф ва ё онро аз болои таоми душворҳазм хӯрдан бағоят зарарнок аст. Дар ин маврид илоҷи он қай карда, баданро бо 448 воситаи ошомидани ҳалила ё чанд рӯз тухми арпабо- диён хӯрда, пок гардонидан аст. Зардолуро ба дили наҳор хӯрдан бисёр бад аст. Агар зардолуро бардавом бихӯранд, сатҳи даруни рӯ- даҳоро мехарошад. Давои ин барои ҳамаи мизоҷҳо шакар ва арпабодиён хӯрдан аст. Мегӯянд, ки ҳар гоҳ баъд аз хӯрдани зардолу фасд кунанд, яъне хун гиронанд, ранги хун сафед мушоҳа- да мешавад. Хуллас, бисёри бад хӯрдани зардолу ил- лати песро ба амал меоварад, зеро ки зуд бадбӯша- ванда ва пайдокунандаи моддаи балғамӣ мебошад. Мизоҷи қисми мағзи донакаш талхи он дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он. Хусусиятҳои умумии он: боҳро баҳаракатоваранда, дерҳазм аст, вале агар ин- ро, яъне мағзашро бирён карда, намак зада бихӯ- ранд, зарари мазкураш ислоҳ мегардад. Равғани мағзи талх ва ширини онро биёшоманд, гиреҳҳои баданро мекушояд, сахтиҳоро мулоим меку- над, дағалии ҳалқ ва шахшӯлии пӯстро дафъ менамо- яд. Равғани мағзи талхи онро ба қадри 4,5 грамм биё- шоманд, кирмҳои меъдаро кушта, бо воситаи исҳол ба- шиддат дафъ мекунад, варамҳои мақъадро таҳлил ме- диҳад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезо- над, барои исҳол, ки аз хунукӣ бошад, даво мешавад. Ва агар инро бимоланд, бавосири зоҳирӣ ва ботиниро шифо мебахшад. Ин равғанро нимгарм дар гӯш чаконанд, дарди он- ро таскин медиҳад, кирми даруни онро низ мекушад ва гаронии гӯшро дафъ мекунад, дар ин бобат давои бемисл аст. Дар дигар хислат ба равғани бодоми талх наздик аст. Миқдори як бор ошомидан аз равғани мағзи тал- хи зардолу дар як рӯз то 14 грамм аст Мизоҷи мағзи ширини зардолу дар дараҷаи якум гарм ва тар аст. Равғани мағзи ширини он дар даво- гӣ заифтар аз равғани бодоми ширин мебошад. Мизоҷи қисмҳои дигари дарахти зардолу дар дара- ҷаи дуввум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: баргашро дар об ҷӯшо- нида, он обро бинӯшанд, кирми меъдаро мерезонад ва 449 пешобро равон мекунад. Агар ин обро кам-кам ва бар- давом бирезанд, варамҳоро таҳлил медиҳад 9 грамм барги хушки онро кӯфта, бо оби хунук биёшоманд, исҳолро мебандад. Оби

барги зардолуи талхро бичаконанд, дарди гӯш- ро таскин медиҳад ва кирми даруни онро мекушад, Мизоҷи гули зардолу сард ва хушк аст. Агар инро бихӯранд ё хушкашро кӯфта бипошанд, хунравиҳои зо- ҳирӣ ва ботиниро қатъ мекунад. Мағзи донаки талхи онро бихӯранд, дилро беҳузур мекунад, беҳушӣ меоварад. Илоҷи он қай кардан аст ва баъд рубби, яъне обҳои ҷӯшонида ғафснамудаи ме- ваҳои турши монанди оби ғӯраи ангур ва лимон ошо- мидан аст. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-188-197#188

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 198-205 198. Наргис 199. Садбарги сафед 200. Наъно 201. Нилуфар 202. Бомӯс 203. Морчӯба 204. Коснӣ 205. Коҳу 198. Наргис Ин гули хушбӯй ду навъ мебошад: яке қадаҳӣ, ди- гараш дутубақа. Гули навъи қадаҳии онро дар мобай- наш ба шакли қадаҳе ё пиёлачае, зардранг, баргҳои гулаш шаш адад, сафед ва моил ба гирдак. Инро нар- гиси нар ҳам мегӯянд ва навъи дутубақаро наргиси мода мехонанд. Баргҳои он зиёда ва бо рангҳои гу- ногун, аз ҷумла, бунафш. Бех реша, поя, барг ва тух- маш ба пиёзча монанд аст. Пиёзаки наргиси қадаҳиро ба шакли салиб бурида, яъне каме чок карда бишинонанд, наргиси дутубақа мерӯяд. Мизоҷи гул ва пиёзаки он дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст, як қатор табибон инро мӯътадил дар гармию хушкӣ ва баъзеи дигарон дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк гуфтаанд. Хислатҳои шифобахши он: гулашро бибӯянд, дарди сари балғамӣ ва савдовиро таскин медиҳад, гиреҳи майнаро мекушояд, инчунин назла ва зукомро, ки аз сардӣ бошанд, дафъ мекунад. Табиби номӣ Ҷабраили Бахтишуъ гуфтааст, ки ҳар кӣ хоҳад, ки дар зимистон зуком пайдо кунад, наргис- ро бардавом бибӯяд. Агар инро кӯфта гузошта банданд, ширинчаро си- ҳат мекунад ва назларо манъ месозад. 450 Пиёзаки хушки онро маҳин сойида бипошанд, пар- даи дудмонанди ба чашм афтода ва нохунаки ин узвро дафъ мекунад. Пиёзаки онро кӯфта, бо асал сиришта гузошта бан- данд, ҷингак шудани асабҳои чашмро ба ибро меова- рад. Ин пиёзакро хойида ё пухта бихӯранд, бағоят покку- нандаи бадан мебошад, хусусан бо асал бихӯранд, таъ- сираш зиёдтар мегардад ва ҳар чӣ дар меъда ҷамъ шуда бошад, хориҷ менамояд, бачадонро аз моддаҳои зарарнок пок мекунад; бачаи занони ҳомиларо хоҳ зинда бошад ва хоҳ мурда, аз шикам меафтонад, ин- чунин захмҳои берунӣ ва ботиниро ба ҳам меоварад. 14 грамм пиёзаки онро бо шаҳдоб (асалоб) бихӯранд, ҳамаи намудҳои кирмҳои меъдаро ихроҷ мекунад, дард- ҳои гуногуни хичак ва бачадонро таскин медиҳад. Ин пиёзакро се рӯз дар шир тар намуда, баъд хуш- конида, сойида, ба закар гузошта банданд, боҳро қув- ват мебахшад, закарро ҳам калон мегардонад; бар по- ёнтари, яъне бехи закар гузошта банданд, агар аз қо- билияти мардӣ

нотавон гашта бошанд, ин хислати мар- диро барқарор мекунад. Пиёзаки онро батанҳоӣ ту- зошта банданд, боҳро қувват мебахшад ва закарро ка- лон мегардонад. Пиёзаки хушкро кӯфта бипошанд, хуни ҷароҳатро манъ мекунад ва худи ҷароҳатро ба ҳам овар- да сиҳат менамояд. Кӯфтаи онро бо сирко ва асал хамир сохта гузошта банданд, захмҳоро пок месозад ва дубайларо, яъне кӯряраҳои калонро, ки пухта шудани онҳо хеле душвор аст, мекафонад; инро бо орди гандум ё бо орди гандуми девона ва асал ха- мир карда гузошта банданд, тир, хор ва монанди ин- ҳоро, ки ба ягон ҷойи бадан даромада бошанд, берун меоварад; варами асабҳоро таҳлил медиҳад. Пиёзаки онро кӯфта, бо сирко ва асал даромехта гузошта бан- данд, реш ва ҷароҳатҳои калон ва чуқурро аз риму чирк пок мекунад ва даҳани онҳоро ба ҳам оварда си- ҳат мебахшад ва торҳои гусастаи асабро ба ҳам пай- васт менамояд. Инро кӯфта, бо асал сиришта гузош- та банданд, дарди кӯҳнаи асабҳо, пайвандҳо (буғум- ҳо) ва ниқрисро, ки дард ва варами ангуштони дасту поҳо мебошад, ба ибро меоварад, инчунин шикастагии узвҳоро ба ҳам пайваст менамояд. Агар худашро тан- 451 ҳо кӯфта, гузошта банданд, ҷароҳатҳои узвҳои асабо- ниро ба ҳам мечаспонад. Агар инро бо асал сиришта гузошта банданд, сӯхтагии оташро сиҳат мекунад. Агар кӯфтаи инро бо сирко сиришта гузошта банданд, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй ме- рӯёнад; доғҳои сафеди пӯст ва дигар доғҳои ин узвро дафъ мекунад. Истеъмол кардани наргис барои одамони гармми- зоҷ зарар дорад: онҳоро дарди сар мекунад. Давои ин зиёнаш бунафша ва кофур хӯрдан аст. Хислати гули он дар ҳама бобатҳои тиббӣ монанди пиёзаки он аст. Миқдори як бор хӯрдан аз он дар як рӯз 7,5 грамм аст. Аз гули наргис равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Дар шиша то нима равғани кунҷиди тоза ан- дохта, даруни онро аз гули наргиси тару тоза пур ме- кунанду ба офтоб мегузоранд. Дар панҷ-шаш рӯз бӯй ва ранги гулҳо ба равған мегузарад. Он гоҳ гулҳоро фишурда аз равған дур мекунанду гулҳои нав дохил менамоянд ва ҳамин тариқ то чил рӯз дар офтоб ни- гоҳ медоранд. Баъд гули охирин дохил кардашударо ҳам фишурда дур месозанд, ки ин равған равғани нар- гис ҳисоб меёбад. Молидани ин равған дардҳои савдовӣ ва бодиро дафъ мекунад, инчунин дарди сарро, ки аз ҷамъ шу- дани бод ва дарди сари аз тарӣ ва савдовиро, инчунин ҳамаи дардҳоро, ки сабабашон сардӣ бошад, дафъ ме- кунад; барои бемориҳои асаб мувофиқ аст, даҳани банд- гаштаи бачадонро мекушояд ва дарди онро ҳам тас- кин медиҳад. Вале одамони гарммизоҷро дарди сар мекунад. Мизоҷи тухмаш то дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: 1,75 грамм тухми нар- гисро кӯфта, бо шири навдӯшида биёшоманд, боҳро (пушти камарро) бағоят ба ҳаракат меоварад. Кӯфтаи онро бо сирко сиришта гузошта банданд, доғи кунҷидак, доғи сафеди пӯст ва

доғҳои сиёҳро аз пӯсти бадан дафъ мекунад. 452 199. Садбарги сафед Инро дар як қатор мавзеъҳо тоҷикон ба таври од- дӣ «гули сафед» низ меноманд. Гулаш монанди гули- сурх садбарг аст, бӯяш бисёр латиф ва хуш, барг- ҳояш чун баргҳои гулисурх сафнок, буттааш ҳам ба қадри гулисурх мебошад. Мизоҷи ин дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум хушк аст, вале Шайхурраис дар дараҷаи дуввум хушк гуфтааст. Хислатҳои шифобахши он: бӯйидани гули он майна, дил ва ҳамаи даҳ ҳисҳоро қувват мебахшад, мағзи сарро гарм мегардонад, ҳамаи сардиҳои асабҳоро дафъ мекунад, назла ва зукомҳоро барҳам медиҳад, атса меоварад, гиреххои майна ва бастагиҳои сӯрохи биниро мекушояд, инчунин бод ва рутубатҳои даруни би- ниро бо атса таҳлил медиҳад. Гули садбарги сафеди даштиро таротар бар пешо- нӣ бимоланд, дарди сарро таскин медиҳад, зукомро дафъ мекунад. Ва оби гули онро бо равғани зайтун даромехта бичаконанд, кирми даруни гӯшро мекушад ва бодҳои даруни онро, ки боиси шунидани ҷаранги даруни он мегардад, таҳлил медиҳад, инчунин ҷаранг ва овозҳои гуногуни даруни онро дафъ мекунад. Агар инро ба дандон бимоланд, дарди дандонро хомӯш ме- созад. 14 грамми онро бихӯранд, узвҳои даруни синаро аз моддаҳои бегона пок менамояд; варамҳои милки дан- дон, варами ҳалқ ва варами ғадудҳои бодомшаклро таҳлил медиҳад ва дилтапак (дилбозӣ) -ро, ки аз сар- дӣ бошад, шифо мебахшад, меъда ва ҷигарро қувват медиҳад, барои иллатҳои ҷигар мувофиқ мебошад; ҳик- как (ҳиқичоқ), қай, беҳузур (бечо) шудани дил, зард- парвин ва қулинҷ (колит) даво мешавад, бодҳоро па- роканда месозад. Аз 3.5 то 14 грамм барги онро кӯфта бихӯранд, да- рунро башиддат меравонад. Муҳаммад бинни Закариё навиштааст, ки дар Ху- росон дидам, ки аз 3,5 то 10,5 грамм гули садбарги сафедро мехӯронанд, исҳоли қавӣ меоварад ва пешоб- ро башиддат меронад. Гулқанди асалии он низ коми- лан исҳоловар аст, дилро қувват мебахшад ва фараҳ меоварад. 453 Миқдори як бор хӯрдан аз он дар як рӯз то 25 грамм аст. Агар инро кӯфта гузошта банданд, донаи бавосир- ро меафтонад ва иллати филпоро, ки поҳои одамӣ мо- нанди поҳои фил ғафс мегарданд, аз шаст ва аз авҷ мегардонад. Гули инро бо ҳино якҷо кӯфта гузошта банданд, мӯйро мустаҳкам мекунад. Кӯфтаи онро дар ҳаммом ба ҷойи матлуб гузошта банданд, бадбӯйии арақи баданро дафъ мекунад ва инчунин арақро хушбӯй мегардонад. Агар инро ба рухсора бимоланд, доғҳои кунҷидакро аз он бармедорад. Аз 2,25 то 4,5 грамм гули онро аз аввали моҳи ҳа- мал оғоз карда то як сол биёшоманд, сафед шудани мӯйро манъ мекунад. Ҳаким Антокӣ барои ин амр ҳар ошомидани 9 грамм мураббои шакарии онро дар «Китоби таҷриба»-и худ баён намуда, дар он китоб мураббо, яъне гулқанди онро монанди гулқанди гули- сурх месозанд, баён намудааст. Мизоҷи гулқанди садбарги сафед гармтар аз мизо- ҷи гулқанди гулисурх аст.

Хӯрдани мураббо, яъне гулқанди садбарги сафед фараҳ меоварад ва дилтапак (дилбозӣ)-ро, ки аз сар- дӣ бошад, шифо мебахшад, дили сардмизоҷро қавӣ мегардонад; низ исҳол меоварад. Аз гули садбарги сафед равған ҳам тартиб меди- ҳанд ба ин тариқ. Дар шиша то нима равғани кунҷиди тозаро рехта, он равғанро аз гулбаргҳои ин пур на- муда, ба офтоб мегузоранд. Дар 6—7 рӯз ранг, бӯй ва қуввати гул ба равған мегузарад. Баъд он гулҳоро фишурда дур мекунанду аз нав гулбаргҳоро меандо- занд. Ҳамин тавр то чил рӯз гулҳоро иваз мекунанд. Баъд гулҳои охиринро ҳам фишурда мепартоянд. Ҳа- мин равған равғани садбарги сафед ҳисоб меёбад. 4,5 грамми ин равғанро биёшоманд, майнаро қавӣ мегардонад, зот-ул-ҷанби балғамӣ ва савдовиро шифо мебахшад. 200. Наъно Инро дар баъзе маҳалҳо тоҷикон пудинаи боғӣ ҳам меноманд. Баргҳояш назар ба баргҳои пудина реза- тар, нозуктар ва суфтаву ҳамвортар аст. 454 Мизоҷаш дар охири дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: наъно дар ҳама ҷи- ҳатҳои тиббӣ қавитар аз пудина мебошад. Агар инро бихӯранд, гармӣ мебахшад, фараҳ меоварад, дилро қавӣ мегардонад, хуни ғафсро рақиқ (суюқ) месозад, моддаҳои хунукмизоҷро пароканда менамояд. Наънои тарро бо орди ҷав даромехта, ба пешонӣ бимоланд, дарди сарро, ки сабабаш хунукӣ бошад, шифо меди- ҳад. Оби наънои тару тозаро дар офтоб ғафс гардо- нанд, инро усораи наъно мегӯянд. 0,5 грамм усораи наъноро дар равғани гулисурх ҳал карда, дар бинӣ то се дафъа бирезанд, ханозер (хукгардан)-ро шифо мебахшад. Агар ин усораро дар шаҳдоб ҳал карда, нимгарм бичаконанд, дарди гӯшро таскин медиҳад. Наъноро кӯфта бар забон бимоланд, дағалии он- ро дафъ мекунанд. Ва агар инро бихоянд, дарди дан- донро сокин мекунад. Усораи инро биёшоманд, хунравӣ ва хун қай кар- данро қатъ мекунад; дарди узвҳои даруни сина ва паҳ- луро шифо мебахшад; рутубатҳои қасабаи шуш, ху- ди шуш ва узвҳои даруни синаро мепазонад ва барои хориҷ гаштан муҳайё месозад, инчунин узвҳои даруни синаро аз моддаҳои зарарнок пок мекунад. Чун наъноро бо сунбул якҷо дар об биҷӯшонанд ва он обро бинӯшанд, дарди дил ва тапидани меъдаро шифо мебахшад; қуввати мосикаи (нигоҳдорандагӣ) узвҳои ҳозима (меъда, рӯдаҳо, ҷигар ва сипурз) ва сари (даҳани) меъдаро қавӣ мегардонад, оруғро бар- ҳам медиҳад, қулинҷро, ки варам ва дарди рӯдаҳои ғафс аст, дафъ мекунад, инчунин ҳамаи навъҳои кир- ми шикамро мекушад; агар наъноро бо сирко бихӯ- ранд, хунравиҳоро манъ мекунад. Ду-се шохи наъноро бо оби анори турш биёшо- манд, ҳиккак (ҳиқичоқ)-ро таскин медиҳад; беҳузур (бечо) шудани дил, қай ва исҳолро манъ мекунад, иш- тиҳо меоварад, тапиши меъдаро барҳам медиҳад, дар- ди дил ва дарди меъдаро ба ибро меоварад. Чун наъ- норо бо камтар мустако бихоянд, ҳиккак ва дилтапак- ро барҳам медиҳад, дилро қувват мебахшад,

фараҳ меоварад, зардпарвинро дафъ мекунад ва боҳро (пуш- 455 ти камарро) қавӣ мегардонад. Наъноро бо тухми анор бихӯранд низ, исҳолро мебандад. Чун ду-се шохи онро дар шир бимоланд, монеи баста шудан, яъне ғафс гаштани он шир мегардад. Наъноро бо сирко ва дигар туршиҳо бихӯранд, намегузорад, ки он туршиҳо ба асабҳо зарар расонанд, инчунин онро бо маҳсулоти ширӣ бихӯранд низ, ҳа- мин таъсирро дорад. Хуллас, наъноро дар сиканҷа- бинҳо ва дӯғоб дохил менамоянд, инчунин инро бо па- нир низ мехӯранд. Наъноро кӯфта, аз рӯ гузошта банданд, меъдаро гарм ва қавӣ мегардонад ва иштиҳоро баланд меку- над. Инро кӯфта, бо орди ҷав хамир сохта гузошта банданд, шири дар пистон шахшударо ҳал ва равон мекунад, вале худашро батанҳоӣ кӯфта гузошта бан- данд, барои бавосир даво мешавад; бо мавизи ангур сиришта гузошта банданд, варами хояро таҳлил ва дарди онро таскин медиҳад. Агар занон пеш аз муҷомаат наъноро хуб кӯфта аз таг бардоранд, ҳомила шуданро манъ мекунад. Вале хӯрдани наъно бод пайдо мекунад ва агар бисёр бихӯранд, дар гулӯ хоришро ба амал меоварад. Давои ин зарарҳояш карафс хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз наъно дар як рӯз то 9 грамм мебошад. Наъноро бо намак якҷо кӯфта гузошта банданд, заҳри саги девона газидаро дафъ мекунад. Агар онро хойида гузошта банданд, шиддати заҳри каждумро ме- шиканад. Наъноро кӯфта, бо орди ҷав хамир карда гузош- та банданд, пучак ва чиртакҳоро мепазонад ва ба он- ҳо дору мебошад. 201. Нилуфар Ин калима аслан аз «нилупаҳл»-и забони ҳиндӣ мебошад ва маънои «нил» дар забони ҳиндӣ—об ва «паҳл» — самар аст. Ба руси лотос меноманд. Нилуфар гулест, ки дар кӯлҳо ва дигар обҳои ис- тода месабзад, баргаш ба рӯйи об паҳн мешавад ва аз паҳлуи он поя баромада, дар сари он гули боҳашамат ва зебо медиҳад. Ранги гулаш намудҳои гуногун до- рад; нилӣ, сафед, арғувонӣ, бунафш, сурх, вале зар- 456 ди он камтар аст. Баъд аз рехтани гулаш самари чун себ кулӯла мебандад, дар мағзи он тухмҳои майдаи сиёҳ ҷойгиранд. Решаи баъзеи ин монанди сабзи да- розаки сиёҳ ва баъзе кулӯла — ба таъм талх аст. Мизоҷи ҳамаи қисмҳои он дар дараҷаи дуввум хунук ва тар аст; мизоҷи гулаш аз бунафша ҳам сард- тар ва дар тарӣ ҳам аз он зиёдтар аст; мизоҷи реша- аш гарм ва хушк аст ва мизоҷи тухмаш хунук ва хушк аст. Қувваташ ба як сол боқӣ мемонад. Хислатҳои шифобахши он: бӯйидани гули он дил ва майнаи гарммизоҷро қувват медиҳад, хоб меоварад; дарди сареро, ки аз гармӣ бошад, таскин медиҳад ва хушкии майнаро ислоҳ мекунад. Инро бихӯранд низ, ҳамин гуна таъсир дорад, илова бар ин назларо ме- бандад, дағалии узвҳои даруни синаро ба ислоҳ меова- рад, сурфаи гармро таскин медиҳад ва захмҳои беру- нӣ ва ботиниро, ки аз давоҳои тез ба ҳам расида бо- шанд, шифо мебахшад. Чун онро бо заъфарон ва дорчинӣ омезиш дода би- хӯранд, дилро қавӣ

мегардонад ва дилтапак (дилбо- зӣ)-ро шифо мебахшад. Камтареро аз решаи он дар даҳан нигоҳ доранд, варамҳои ҳалқро таҳлил медиҳад ва дарди гулӯро дафъ мекунад. Гулашро дар об ҷӯш дода, он обро кам-кам ва бар- давом ба сар бирезанд, тафси онро таскин медиҳад. Гулаш ё решаашро бихӯранд, исҳолро, ки кӯҳна шуда бошад, мебандад, захми рӯдаҳоро шифо мебах- шад, беихтиёр рехта шудани маниро ба ибро меова- рад ва онро банд мегардонад, шаҳвати боҳро сокин мекунад ва дар вақти хоб шайтонӣ шуданро манъ ме- кунад. Гулашро батанҳоӣ бихӯранд, барои нағзак ва сурхича даво мешавад ба шарте, ки баъд аз барома- дани доначаҳои ин иллатҳо, на пеш аз он бояд хӯрд, низ ҳарорати дил ва ҷигарро таскин медиҳад, табҳои тез ва гармро басанда месозад. Вале хӯрдани нилуфар ба хичак зарар дорад—да- вои ин асал ва набот хӯрдан аст; барои боҳ ҳам футур мерасонад — давои ин мағзи донаки меваҳо ва асал хӯрдан мебошад. Миқдори як бор хӯрдан аз ҷирми нилуфар дар як рӯз то 10,5 грамм ва агар дар об ҷӯшонида, он обро нӯшиданӣ бошанд, то 32 грамм андозанд. 457 Ба ҷойи нилуфар бунафша, бед ё гулихайрии сафед- ро истеъмол намоянд, раво мебошад. Решаашро бихӯранд, исҳоли кӯҳнаро мебандад, си- пурзро таҳлил медиҳад, захмҳои рӯдаҳоро шифо ме- бахшад ва беихтиёр равон шудани маниро манъ меку- над. Агар инро кӯфта, аз рӯй гузошта банданд, дар- ди меъда, мақъад ва хичакро шифо мебахшад, варами сипурз ва мақъадро таҳлил медиҳад. Ин решаашро кӯфта, бо об сиришта гузошта бан- данд, доғи сафеди пӯст ва песро ба ибро меоварад, хусусан решаи сиёҳи он дар ин амал қавитар аст. Ин- ро бо асал сиришта гузошта банданд, ба ҷоҳои гир- дак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад. Агар решаи нилуфарро дар сирко ҷӯшонида, он сиркоро кам-кам ва бардавом бирезанд, варамҳои гарм- ро таҳлил медиҳад. Миқдори як бор хӯрдан аз решаи нилуфар дар як рӯз аз 3,5 то 10,5 грамм аст. Ва агар аз ин зиёд би- хӯранд, боҳро заиф мегардонад. Вале тухмашро бихӯранд, боҳро суст мекунад ва маниро ғафс мегардонад. Агар инро се-чор мартаба бихӯранд, аз бачадон равон шудани рутубатҳои бе- мавридро хушк ва манъ мекунад. Тухмашро кӯфта гузошта банданд, хуни рафтаис- тодаро мебандад, дарди хичакро таскин медиҳад, ин- чунин агар ҳайз беҳад ва бечо равон мешуда бошад, мебандад. Шароби нилуфарро бихӯранд, дарунро мулоим ме- кунад, дарди сари аз гармӣ сарзада, табҳои гарм ва табҳои сафровӣ, сурфа, зот-ул-ҷанб (варами пардаҳои даруни сина), варами шуш ва дағалии узвҳои даруни синаро шифо мебахшад. Тарзи тайёр кардани шароби нилуфар ин аст. 300 грамм гули нилуфари тару тозаро дар 1200 грамм оби ширин як шабонарӯз тар мекунанд ва баъд хуб молида, аз дока гузаронида соф карда, бо 800 грамм қанди сафед ба қивом меоваранд—ин шароби нилу- фар ҳисоб меёбад. Агар гули тараш ёфт нашавад, дар ин амал сеяк ё нисф вазни он гули

тар аз нилуфари хушк тартиб диҳанд, ҷоиз аст. Нӯшидани арақи нилуфар дарди сари гарм, табҳои сафровӣ ва табҳои диқ (лоғаркунанда), нағзак, сур- 458 хича, сурфаи гарм, зот-ул-ҷанб, варами шуш ва та- пиши дилро, ки аз гармӣ бошад, шифо мебахшад. Санъати тайёр кардани арақи нилуфар чунин аст. Гули нилуфари тару тозаро бо чор баробари вазни он оби ширини соф дар анбиқ муқаттар менамоянд. Баъ- ди хунук шудани арақи ҳосилшуда дар шиша нигоҳ медоранду вақти ҳоҷат истеъмол фармоянд. Ин арақ. монанди май ва шароб мастиовар нест. Дар ин амал агар гули тару тозаи нилуфар ёфт нашавад, чоряк ё нисф вазни он гули хушкашро истифода баранд, ра- во мебошад. 202. Бомӯс Ин растании зироатист, низ дар миёнаи гандум ва ҷав ҳам рӯйиданаш мушоҳада мешавад. Инро ҷави ду- сар ҳам меноманд. Ҳангоми дон гирифтан, вақти хо- миаш досааш рост ва баъди расидан досаи он кач ме- гардад. Донаш сафед, ки аз як парда ду дона ба ҳам мерасад. Инро ба забони русӣ овёс меноманд. Мизоҷаш дар гарміву сардӣ мӯътадил ва моил ба хушкӣ мебошад. Хислатҳои шифобахши он: онро бо равғанҳои ғай- ри қабзиятовар пухта бихӯранд, ба узвҳои даруни си- на мувофиқ аст, сурфаро сиҳат мекунад, дарунро му- лоим мекунад. Бомӯсро кӯфта гузошта банданд, варамҳои гармро дар давраи ибтидо бошанд, мегардонад ва таҳлил ме- диҳад. Вале хӯрдани ин гарон ва дерҳазм аст, дар шикам бод пайдо мекунад. Давои ин зарарҳояш сирко, зираи сиёҳ, равғани бисёр хӯрдан, макидани лиму, хӯрдани биҳӣ аст. Агар ҳангоми хӯрдан ин дар сари меъда монда бошад, ширинихоро бихӯранд, онро фурӯд мео- варад. 203. Морчӯба Ин калимаи тоҷикист ва ба русӣ спаржа меноманд. Морчӯба растаниест, ки баргҳояш монанди сӯзани борик-борики бисёр мебошад рангаш сабз аст, ки ба баргҳои сарсабил шабоҳат дорад. Гулаш сафед. Са- 459 мараш ба андозаи самари сарсабил аст, ҳангоми но- расӣ кабуди сабзтоб ва дар вақти расидан сурх ме- гардад. Ин боғӣ ва саҳроӣ низ мешавад. Гулфурӯшон аксар ба дастаҳои гул ҳамроҳ менамоянд. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум хушк аст ва хушкии саҳроии он зиёдтар мебошад. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, то- рикии чашмро дафъ мекунад, зардоби дар гавҳараки чашм фуромада дар давраи аввал бошад, дафъ месо- зад; дарди узвҳои даруни сина ва шуш, дарди паҳлу ва истисқоро шифо мебахшад. Агар инро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гар- донанд, дарди дандонро таскин медиҳад. Инро бихӯ- ранд, гирехи ҷигар, сипурз ва гурдаро мекушояд, да- рун ва ҷигарро мулоим мекунад, бодҳои гуногун ва қулинҷ (колит)-ро таҳлил медиҳад, ҳамчун ғизо пур- қувват аст, ҳазмкунандаи таом мебошад, бӯйи пешоб ва арақи баданро дигар мегардонад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад, гурдаро аз моддаҳои бегона пок месозад ва пешобро меронад. Инро пухта бихӯранд, дарунро мулоим мекунад, балғами

ба меъда часпидаро бо қай берун меоварад, дарди рӯдаҳоро дафъ мекунад, боҳро ба ҳаракат мео- варад, пешобро равон мекунад ва агар бо шароб биё- шоманд, чакмезакро шифо мебахшад. Инро ба дили наҳор бихӯранд, санги гурда ва хи- чакро майда карда мерезонад, инчунин иллатҳои гур- да ва хичакро барҳам медиҳад. Пухтаи онро бо шароб бихӯранд, газидани ғундаро дармон мешавад. Вале агар инро аз ҳад зиёд бихӯранд, ба сар зарар мекунад — давои ин зиёнаш асал хӯрдан аст. Инро бардавом бихӯранд, ба дарди пайвандҳо гирифтор ме- кунад, таомро дар меъда вайрон месозад ва дилро бе- ҳузур (бечо) мекунад. Давояш: агар ба одамони сард- мизоҷ зиён расонад, асал хӯрдан аст, вале барои гарм- мизоҷон худи морчӯбаро дар сирко ҷӯшонида хӯрдан аст. Морчӯбаро дар шир пухта бихӯранд ва инчунин танҳо бо гӯшт пухта тановул намоянд, боҳро қувват мебахшад ва ин тавр истеъмолаш назар ба он, ки танҳо худашро пухта мехӯрда бошанд, беҳтар таъсир дорад. Тариқи расмшудаи истеъмоли он чунин аст, ки ав- 460 вал инро дар об ҷӯшонида, он обро рехта мепартоянду баъд бо тухми мурғ пухта мехӯранд. Зеро оби ҷӯши аввалаш дилро беҳузур мекунад. Инчунин ошомидани сиканҷабин ислоҳкунандаи зарари он аст барои ода- мони гарммизоҷ, вале барои одамони сардмизоҷ ва ку- ҳансолон давои ислоҳбахш ҳоҷат нест. Миқдори як бор хӯрдан аз морчӯба дар як рӯз то 10,5 грамм аст. Гуфтаанд, ки морчӯба кушандаи саг аст. Тухмашро бихӯранд, гиреҳи сипурзро мекушояд. Агар инро бо асал ва равғани баласон бихӯранд, сан- ги гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Занони Миср тухми инро маҳин кӯфта, ба тухми мурғи ним- пухта пошида, нимгарм мехӯранд ба гумони он, ки баданро фарбеҳ мекарда бошад. Агар тухми инро занҳо аз таг бардоранд, ҳайзи бандгаштаро равон мекунад ва дар ин амал аз худи растаниаш қавитар мебошад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми он дар як рӯз то 9 грамм аст. Ба ҷойи ин ҳанзал (тарбузи абӯҷаҳл) би- хӯранд, раво мебошад. Вале ба дарун истеъмол кардани тухми ин ба май- на зарар дорад — давояш сиканҷабин ошомидан аст. Решаашро бихоянд, дарди дандонро таскин меди- ҳад. Решаи хушкашро ос карда ба дандон гузоранд, дарди дандони напӯсидаро таскин медиҳад, вале ху- даш дандонро мепӯсонад. Решаи хушкашро ба гардан овезанд, дарди дандон- ро таскин медиҳад ва боиси бе ҳеҷ гуна дард канда- ни он мегардад, агар ин тавр мурод бошад. Решаашро дар об ҷӯшонида, он обро бо сирко дар- омехта, дар даҳан гардонанд, инчунин оберо, ки тух- ми он низ ҷӯшонида шуда бошад, ҳамин тавр кунанд, хосияти боло зикрёфтаро дорад. Ва решаашро дар об ҷӯшонида, он обро батанҳоӣ ё бо асал биёшоманд ва ё бо тухми харбуза бихӯранд, санги гурда ва хи- чакро майда карда мерезонад, иллатҳои хичакро шифо мебахшад, дарди ғудда ва роҳи пешобро, ки аз гиреҳ ба амал омада бошад, дафъ мекунад. Дар китоби «Филоҳа» қайд

ёфтааст, ки чун шохи гӯсфандро дар замин гӯр кунанду батакрор об ди- ҳанд, морчӯба мерӯяд — ин озмуда шудааст. 461 204. Коснӣ Ин гиёҳи маълум аст, баргаш қариб ба барги коҳу монанд аст, гулаш кабуди хушманзар ва таъми ин талх мебошад. Мизоҷи тару тозаи он дар охири дараҷаи аввал ху- нук ва тар аст. Агар дар ҷоҳои гарм ва дар ҳавои гарм расида бошад, мизоҷаш гарми ба хушкӣ моил ме- гардад. Ва мизоҷи коснии хушк ба хушкӣ моил аст. Хислатҳои шифобахши он: оби баргашро батан- ҳоӣ ё бо сирко даромехта бимоланд, дарди сареро, ки аз гармӣ ва аз ҷамъ шудани сафро бошад, таскин ме- диҳад; бо сирко ва гулоб даромехта бимоланд, шаро (аллергия)-ро шифо мебахшад; бо шароби мусаллас даромехта бимоланд, варамҳои гармро таҳлил меди- ҳад ва дарди чашмро шифо мебахшад. Баргашро кӯфта гузошта банданд, дарди чашмро, ки сабабаш гармӣ бошад, ба ибро меоварад. Решаашро ё тухмашро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гардонанд, дарди дандонро таскин медиҳад. Ҳамин обро бо шароби шоҳтут даромехта, бо он ғар- ғара кунанд, варами ҳалқ ва дарди гулӯро, ки дар дав- раи ибтидо бошанд, шифо мебахшад; инчунин инро бо оби кашнизи тар даромехта ғарғара кунанд низ, ҳа- мин таъсирро дорад. Барги инро кӯфта, бо орди ҷав хамир сохта гу- зошта банданд, дилтапак (дилбозӣ)-ро, ки аз гармӣ бо- шад, шифо мебахшад, дили гарммизоҷонро қавӣ мегар- донад, варамҳои сахтро таҳлил медиҳад. Косниро бихӯранд, гиреҳи ҷигарро мекушояд, зард- парвин ва истисқои гармро шифо мебахшад, гиреҳҳои узвҳои даруни шикам, сина ва рагҳоро мекушояд, ҷи- гарро қувват медиҳад, тафси хун ва ташнагиро таскин медиҳад; беҳузур (бечо) шудани дил, ҷӯшиши сафро ва тафсидани меъда, қайи сафровӣ, шаро (аллергия), ҷӯшиши хуни сафровӣ, нағзак (гулак), сурхича (ки- зомуқ) ва исҳоли сафровиро дафъ мекунад. Оби баргашро ҷӯшонида, кафкашро дур карда бо- шанд, инро оби мураввақи коснӣ меноманд. Ин оби мураввақи косниро бо сиканҷабин (сиркоасал) биёшо- манд, меъдаи гарммизоҷро қувват мебахшад, истисқо (водянка)-ро дафъ менамояд: гиреҳҳои узвҳои бадан- 462 ро мекушояд, бӯйи бади рутубатҳои баданиро дафъ ме- кунад. Баргашро бо сирко бихӯранд, ҷӯшиши сафроро зер мекунад ва барои банд кардани исҳоли сафровӣ даво мешавад. Оби мураввақи онро бо сиканҷабин биёшоманд, таб- ҳои кӯҳна, таби дурӯздармиён ва табҳои хунукмизоҷро шифо мебахшад. Барги тар, тухм, гул ва решаи инро дар об ҷӯшо- нида, он обро бинӯшанд, табҳои мураккаби кӯҳна, таб- ҳои вабоӣ, истисқо ва иллатҳои сипурзро шифо мебах- шад ва инчунин варамидани дасту поро ба ибро мео- варад. Баргашро кӯфта гузошта банданд, инчунин оби он- ро бимоланд ё оби онро бо равғани зайтун бинӯшанд, тарёқи давоҳои заҳрнок мегардад. Барг ва решаашро якҷо кӯфта гузошта банданд, заҳрҳои каждум, занбӯр, калтакалос ва дигар ҷонва- ронро

аз бадан дафъ мекунад. Косниро кӯфта, бо орди ҷав ва сирко хамир сохта гузошта банданд, дарди буғумҳоро, ки аз гармӣ бо- шад, таскин медиҳад, никриси гармро шифо мебах- шад; варамҳои гармро таҳлил медиҳад. Оби баргашро бо сафедоб (белила) ва сирко дар- омехта бимоланд, он узвҳоро сард мегардонад, агар ин тавраш мурод бошад. Оби барги инро ба сурб (қӯрғошим) сойида ва бо равғани гулисурх даромехта бимоланд, барои сарато- ни решгашта давои бемисл аст. Миқдори як бор ошомидан аз оби коснӣ дар як рӯз то 150 грамм аст. Ошомидани коснӣ ба одамони сурфа дошта, ки сур- фа аз сабаби варами тарафи барҷастаи ҷигар бошад, зарар дорад ва коснӣ ин қабил варамро ба ҳаракат меоварад, вале дар дигар ҳолат чандон зиён надорад. Агар коснӣ зарар кунад, давояш шакар, шарбати бунафша ва монанди инҳо ошомидан аст. Мизоҷи тухми коснӣ дар дараҷаи дуввум сард ва хушк аст, вале муаллифи китоби «Шифо-ул-асқом» дар гармиву сардӣ мӯътадил ва хушк дар дараҷаи дуввум донистааст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани ин барои дар- ди сар ва дилтапак (дилбозӣ) дору мешавад, гиреҳҳои 463 узвҳои баданро мекушояд; истисқо, зардпарвин, таб- ҳои сафровӣ ва табҳои аз гиреҳҳо баамаломадаро ши- фо мебахшад; инро бо обе, ки дар он арпабодиён ҷӯ- шонида шуда бошад, биёшоманд, заҳрро аз бадан, сус- тии гурда ва сипурзро дафъ мекунад, хун қай кар- данро манъ месозад, иштиҳо меоварад ва дар дигар ҷиҳатҳо хислатҳои баргашро дорад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми он дар як рӯз аз 7 то 18 грамм аст. Вале таъми ин ногувор ва дилро беҳузур мекунад— давояш давоҳои хушбӯ ва сиканҷабин хӯрдан мебо- шад. Мизоҷи решааш дар дараҷаи якум гарм ва дар дув- вум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, ги- реҳҳои узвҳои баданро башиддат мекушояд, ахлоти баданро рақиқ (суюқ) мегардонад, роҳҳои ғизоро пок месозад, пешобро меронад; барои соф гардонидани хун, варами узвҳои даруни шикам ва сина, истисқо даво мебошад; моддаҳои зарарнокро дар бадан пазонида, барои дафъ шудан муҳайё менамояд ва онҳоро паро- канда месозад, табҳои мураккаби кӯҳнаро шифо ме- бахшад, дардҳои буғумҳоро таскин медиҳад. Миқдори як бор хӯрдан аз решаи кӯфтаи ин дар як рӯз аз 3,5 то 14 грамм аст, ва агар инро дар об ҷӯ- шонида, он обро нӯшидан хоҳанд, аз 18 то 53 грамми инро андозанд. 205. Коҳу Инро ба русӣ салат меноманд. Коҳу растании маъ- лум ва машҳур мебошад: саҳроӣ ва бӯстонӣ низ ме- шавад. Қисми саҳроияш ҳам намудҳои гуногун дорад. Дар тиб барои давогӣ бӯстониашро истифода меку- нанд. Мизоҷи коҳуи бӯстонӣ сард ва тар дар дараҷаи дуввум аст. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, хунро соф мегардонад, дар бадан хуни рақиқи (суюқи) солим пайдо мекунад ва дар ин бобат аз тараҳои дигар беҳ- тар мебошад, зарари об ва ҳавои вабоиро дафъ мена- мояд, ҳаво ва обҳои

гуногуни ногуворро ба ислоҳ ме- оварад, фишори баланди хуни сафровӣ, шиддати саф- 464 ро, инчунин моддаи савдоро паст месозад; шиддати ташнагӣ ва тафсро таскин медиҳад, гиреҳҳои баданро мекушояд, хуморро дафъ мекунад, маст шуданро манъ менамояд, намегузорад, ки бухорҳои зарарнок аз по- ёни бадан ба майна бароянд; дарди сар, сурфа ва наз- ларо, ки ҳама аз гармӣ ва хушкӣ бошанд дафъ месо- зад; хоб меоварад, варамҳои гармро рад мекунад, да- рунро мулоим мегардонад, пешобро меронад, хусусан инро ношуста бихӯранд, дар ин бобат қавитар ме- бошад. Инчунин барои хоришҳо, махав, девонагӣ, зард- парвин, дарди пистон, табҳои гарм, захмҳои даруни хичак, роҳҳои пешоб ва сӯзиши пешоб дору мешавад. Агар ба ин барг сирко пошида бихӯранд, иштиҳоро бармеангезад, зардпарвинро дафъ мекунад дарди меъ- даро таскин медиҳад. Пухтаи коҳу назар ба хоми он серғизотар мебошад, барои дарди узвҳои даруни сина ва зиёд кардани ши- ри занҳо давои хубест. Вале агар инро бисёр бихӯ- ранд, барои боҳ (пушти камар), беморони сил ва дам- кӯтаҳӣ зарар дорад, фаромӯшхотирӣ ба амал меова- рад, ҳисҳои баданро тира мегардонад то ба дараҷае, ки касро аҳмақ мегардонад, чашмро хира ва ҳатто то- рик мекунад ва дарунро пурбод месозад. Барои исло- ҳи зарари ин наъно, карафс, ҳалилаи парварда ва зира бояд истеъмол намоянд. Миқдори як бор хӯрдан аз оби ин дар як рӯз то 350 грамм аст. Коҳуро кӯфта гузошта банданд, тафси чашмро тас- кин медиҳад, варамашро низ мегардонад, инчунин ҳар як варами гармро таҳлил медиҳад, сурхбодро нест мекунад. Коҳуро сӯхта, ос карда бипошанд, ҷароҳатҳоро ба ҳам оварда сиҳат мебахшад ва ҷӯшиши (пухтани) да- ҳанро дармон мешавад. Мизоҷи тухмаш дар дараҷаи дуввум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ин хусусиятҳои карахт- кунандагӣ дорад, хоб меоварад, моддаҳои ба ҷӯш ома- даро хомӯш месозад. Агар аз ин 7 грамм кӯфта бихӯранд, дар вақти хоб шайтонӣ шуданро ислоҳ мекунад, шаҳвати мардиро суст мегардонад, зуком ва назларо банд менамояд, дарди узвҳои даруни синаро таскин медиҳад, чакме- 465 закро ба ибро меоварад, беихтиёр равон шудани ма- ниро ислоҳ менамояд. Инро ба пешонӣ гузошта банданд, хоб меоварад, дарди сарро манъ мекунад ва намегузорад, ки модда- ҳои зарарнок ба чашм рехта шаванд; агар ба мӯй би- моланд, онро аз рехтан нигоҳ медорад, ба ҷойи каж- думгазида гузошта банданд, захрашро дафъ мекунад. Вале хӯрдани ин барои боҳ зарар дорад — дар ин маврид мустако бояд бихӯранд, ки дафъи зиёни он намояд. Аз коҳу равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Оби баргашро ҳар қадар, ки хоҳанд, мегиранду дар зарфе аз болояш ним вазни он равғани кунҷиди тоза дохил намуда, бо оташи мулоим меҷӯшонанд, то об бухор шуда дур гардаду равған бимонад. Эҳтиёт ку- нанд, ки равған доғ нагардад. Мизоҷи ин равған сард ва тар аст. Ин равғанро

бихӯранд, ба майна намӣ мебахшад, хоб меоварад; барои молихулиё ва саръ (припадка), ки аз хушкии майна бошад, дору мешавад; сахтиҳои даруни баданро мулоим мекунад, намегузорад, ки аз шароб нӯшидан маст гарданд. Равғане, ки аз тухми коҳу кашида бошанд, қавитар аст аз равғани барги он. Тариқи кашиданаш чунин аст. Тухми коҳуро ҳар миқдор, ки хоҳанд, мегиранд ва бар он андак оби гарм пошида, баъд бо ҳар усул, ки сахт бар он фишор бидиҳанд, равғанаш бармеояд. Оби баргаш дар ҳама ҷиҳат монанди тухми он аст. Агар инро бо равғани гулисурх даромехта бимоланд, дарди сари гармро таскин медиҳад. Мизоҷи коҳуи саҳроӣ сард ва тар аст, вале рутуба- таш камтар аз бӯстонӣ мебошад. Инак, хислатҳои ши- фобахшаш зиёдтар аз коҳуи боғӣ аст. Барг, тухм ва шири он монанди коҳуи бӯстонӣ мебошад, балки ши- раш аз он қавитар аст. 1,75 грамм аз шираш биёшоманд, моддаҳои обии за- рарнокро аз ҷигар дафъ мекунад, ҳайзро равон мена- мояд, барои касоне, ки каждум ва ғунда газида бо- шанд, дармон мешавад. Агар инро ба чашм кашанд, захми чашмро пок ме- кунад, беист рафтани рутубатро аз он бозмедорад ва ислоҳ мекунад. 466 Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-198-205#198

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 206-211 206. Чойкаҳак 207. Ёсамин 208. Меҳргиёҳ 209. Зағир 210. Юнучқаи зардак 211. Каду Ин гиёҳ асосан дар се намуд мерӯяд, ки барои та- бобат истифода мегарданд. Ҳар серо ҳам тухмаш ба ҷав монанд аст. Як қисмро баландии пояаш як вақаб ва зиёдтар аз он ҳам ҳаст. Баргаш монанди барги гов- кафонак, бисёр сурх, гулаш сафед ва монанди гули шибит чатрӣ, бӯяш ба бӯйи санавбар шабоҳат дорад. Тухмаш дар ғилоф, сиёҳи дарозак ва монанди ҷав ва кулӯла ҳам. Ин дар заминҳои сахт ва ҷоҳои нокорам мерӯяд. Тухмаш аз тухми навъҳои дигараш қавитар мебошад. Қувваташ то даҳ сол боқӣ мемонад. Мизоҷи ин навъаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст, вале баъзеҳо гуфтаанд, ки хушкиаш аз гар- мии он зиёдтар мебошад. Хислатҳои шифобахши он: ошомидани он кузоз (столбняк)-ро шифо мебахшад, гиреҳҳои ҷигар, меъда ва рӯдаҳоро мекушояд, пешоб ва ҳайзро равон меку- над ва моддаҳои рақиқи сафроро бо исҳол дафъ мена- мояд. Инро занҳо аз таг бардоранд низ, пешоб ва ҳай- зи бандшударо равон мекунад. Баргашро дар об ҷӯшонида, он обро бо шароб биё- шоманд ё усораи онро, яъне обашро дар офтоб ғафс гардонида, чил рӯз пайи ҳам бинӯшанд, дарди суринҳо, иркуннасо (радикулит) ва никрис (подагра)-ро дафъ мекунад. Ҳар рӯз 1,75 грамм тухмашро кӯфта, бо шаҳдоб биёшоманд, иркуннасоро дафъ мекунад. Ин миқдор тухми онро бо ним вазни он судоб биёшоманд, таби дурӯздармиёнро шифо мебахшад. Баргашро кӯфта, гузошта банданд, ҷароҳатҳои ка- лонро аз риму чирк пок мекунад ва даҳани онҳоро ба

ҳам оварда сиҳат мебахшад, решҳои хабиса ва сӯхта- гии оташро сиҳат мекунад. Тухми онро кӯфта бипошанд, захмҳои варамида ва бадбӯро пок мегардонад. Ба ҷойи ин тухми шибит ва арпабодиёнро ба кор баранд, раво мебошад. Хислатҳои тиббии решааш монанди решаи кавар аст. Чойкаҳаки қисми дуввумро гиёҳаш бузургтар аз алафи навъи якум аст, шохҳояш бисёртар, баргаш ба андозаи барги наъно, пуршох ва рост, пояш сурх, гу-
467 лаш зард. Тухмаш монанди кӯкнор дар ғилофе, рӯяш хатҳо дорад, бӯяш монанди шилми санавбар аст. Мизоҷаш дар охири дараҷаи дуввум гарм ва хушк мебошад. Хислатҳои шифобахши он: 7 грамм тухмашро бо оби хунук бихӯранд, сафрои ғализро бо исҳол дафъ мекунад. Хусусияти ин дар ҳама ҷиҳат монанди қисми якумаш мебошад. Тухми инро дар шароб ҷӯшонида, он шаробро би- моланд, ҷароҳатҳои калонро шифо мебахшад. Гиёҳашро кӯфта гузошта банданд, сӯхтагии оташ- ро ба ибро меоварад. Қисми саввумро алафаш баландтар назар ба гиё- ҳи қисми якум аст, вале хурдтар аз қисми дуввум, ин бисёр сурх, шохҳояш анбӯҳтар, баргаш сербар, мо- нанди барги судоб, яъне ба андозаи барги наъно, бисёр, гулаш зард ва бӯяш монанди қисми аввала аст. Мизоҷаш дар гармӣ ва хушкӣ аз қисми якум кам- тар мебошад. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, рутубат- ҳои зиёдатии меъдаро бо исҳол дафъ мекунад ва та- рии онро хушк менамояд. Ин дар ҳамаи ҷиҳатҳои тиббӣ қавитар аз қисмҳои якум ва дуввум аст. 7 грамм гиёҳи хушки онро кӯфта, бо оби хунук биёшоманд, сафрои ғализро бо исҳол дафъ мекунад, меъдаро қавӣ мегардонад; фолиҷ, ирқуннасо (радикулит) ва душво- рии шошиданро сиҳат мебахшад; санги гурда ва хи- чакро майда карда мерезонад, бачаро аз шиками за- нони ҳомила меафтонад, ҳайзи бастаро мекушояд, рух- сораро сурх месозад, бар зидди ҳамаи заҳрҳо тарёқ мешавад: барои иллатҳои истисқо, қулинҷ (колит) ва таби дурӯздармиёнгиранда дору мешавад. Инро кӯфта, бо равғани зайтун даромехта бимо- ланд, фолиҷро, ки гардани бемораш ба пушт хамида бошад, шифо мебахшад. Агар худи инро кӯфта бимо- ланд, доғи сафеди пӯст, доғи кунҷидак ва ҳамаи дигар доғҳои пӯстро дафъ мекунад; бавосир ва дарди луққо- сии пайвандҳоро ба ибро меоварад, захмҳоро сиҳат мебахшад. Вале хӯрдани ин одамони гарммизоҷро дарди сар мекунад — давои ин зарараш сиркоасал (сиканҷабин) хӯрдан аст.
468 Миқдори як бор хӯрдан аз ин дар як рӯз то 3,5 грамм аст. Ҳар як қисми чойкаҳакро ба ҷойи дигараш истеъмол фармоянд, раво мебошад. Инчунин ба ҷойи ин гиёҳ баробари нисф вазни ин решаи каварро истифода ба- ранд, ҷоиз аст. 207. Ёсамин Инро ёсаман гуфтан ҳам дуруст мебошад, на балки «ёсуман». Ин гулест хушбӯй, рангҳои сафед, зард, ка- буд ва пушти гули баъзе навъаш бунафш аст. Ба ғайр аз навъи зардаш дигарҳои он бӯстонӣ, саҳроӣ ва кӯҳӣ мебошанд. Қисми сафеди он хушбӯй аст ва бисёртар

вомехӯрад, вале кабуди он камёб аст. Растании ин на монанди дарахт рост ва на шохҳояш бар рӯйи замин паҳн мебошад, хусусан навъи сафеди он. Навъҳои кабуд ва зарди он дар намуди дарахт аст ва дар баъ- зе сарзаминҳо дарахташ калон мешавад. Танаи навъи сафеди он андак печдор, баргҳояш андак резаи даро- зак ва бар ду ҷониби шохҳои он рӯйидааст, гулаш хуш- бӯй ва банди гулаш борики миёнхолӣ аст Хуллас, мизоҷи он дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк, ҳатто то дараҷаи саввум низ гуфтаанд. Хислатҳои шифобахши он: бӯйидани гули он майна- ро қувват мебахшад; дарди сареро, ки аз сардӣ бо- шад, сокин месозад, бодҳои майнаро дафъ мекунад, барои одамони калонсол ва сардмизоҷон фоида дорад. Инро дар об ҷӯшонида, он обро кам-кам ва барда- вом бирезанд, барои дарди сар ва дардҳои узвҳои ди- гари хунукмизоҷ даво мешавад. Ошомидани гули ин балғам, савдо ва зардобро бо ис- ҳол дафъ мекунад, гиреҳҳои баданро мекушояд, бод- ҳои ғализро таҳлил медиҳад; иллатҳои фолиҷ, каҷ шу- дани рӯй, карахтӣ ва дардҳои буғумҳоро шифо мебах- шад, фараҳ меоварад, боҳро ба ҳаракат медарорад, ҳамаи навъҳои кирми меъда ва рӯдаҳоро ихроҷ меку- над, пешоб ва ҳайзро равон месозад. Чун андаке аз гули ин дар шароб андозанд, миқ- дори ками ин шароб мастии бисёр меоварад. Се рӯз пай дар пай 7 грамм оби гули инро бинӯ- шанд, хунравиҳои гуногунро қатъ мекунад Баргашро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан 469 гардонанд, дарди дандонро таскин медиҳад, ҷӯшиши даруни даҳан ва милки дандонро сиҳат мебахшад. Инро кӯфта, ба пушт ва закар гузошта банданд, олати мардиро ба ҳаракат меоварад ва онро калон ме-гардонад. Агар гули инро бихӯранд, бар зидди ҳамаи намуд- ҳои заҳр тарёқ мешавад, инчунин инро кӯфта гузош- та банданд, ҳамин таъсирро дорад. Инро кӯфта гузошта банданд, доғи кунҷидакро дафъ ва рухсораро сурх мекунад. Агар дар ҳаммоми гарм бо гули ин бишӯянд, мӯйро сафед мегардонад, ҳатто кӯфта бипошанд ҳам, ҳамин тавр таъсирро до- рад. Вале гули ёсамин ба одамони гарммизоҷ зарар до- рад, дарди сар мекунад ва агар инро бисёр бихӯранд, ранги рӯйро зард мегардонад. Давои ин зарарҳояш бу-нафша, гулисурх ва сирко хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз ҷирми ёсамин дар як рӯз то 10,5 грамм аст, аз обаш то 35 грамм мебошад. Ба ҷойи ин ёсамини зардро истифода баранд, ра- вост. Ва дар гарм кардани бадан ва сафед гардонида- ни мӯй навъҳои зардаш қавитар аст. Ба ҷойи ҳар дуи навъаш ёсамини саҳроиро истеъмол фармоянд, ҷоиз аст. Аз гули ёсамин равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Ба даруни шиша то нима равғани кунҷиди тоза меандозанд ва он равғанро аз гули ёсамин пур карда, ба офтоб мегузоранд. Ранг, бӯй ва қуввати гул ба рав- ған гузарад яъне баъд аз 5—6 рӯз гулро фишурда дур намуда, аз нав гули дигар меандозанд. Ҳамин та- риқ 5—6 мартаба гулро иваз намуда, баъд гули охи- ринро ҳам фишурда

мепартоянд. Ин равған равғани ёсамин ҳисоб меёбад. Мизоҷи равғани ёсамин гарм ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, пӯсти баданро мулоим мекунад, варамҳои бадан ва моддаҳои ғализи дарунро таҳлил медиҳад, бемориҳои сардмизоҷи асабҳоро шифо мебахшад, барои одамони куҳансол фоида дорад. Миқдори як бор хӯрдан аз ин равған дар як рӯз аз 10,5 то 17,5 грамм аст. Агар ин равғанро гарммизоҷон бибӯянд, дарди сар мекунад ва бинро хуншор мегардонад. 470 208. Меҳргиёҳ Ин гиёҳи машҳур ва мӯътабар аст. Навъҳои гуно- гун дорад. Як навъи растании саҳроияш монанди мар- миҷон аст, баландиаш то як газ мехезад, баргаш монанди барги анҷир, вале майдатар аз он, самараш дар вақти расидан сурх мегардад, ки ба андозаи самари туғ аст. Гулаш сафед. Решааш ба сурати ду инсони ба ҳамдигар рӯбарӯистода бо лифҳои сурхранги мӯй- монанд печида аст — ба хилофи меҳргиёҳи дигар, ки лифҳои мазкур надорад. Модом ки сари ин суратро ҷудо накунанд, қувваташ то шаст сол боқӣ мемонад. Ин намудаш ду синф аст: яке ба мода машҳур аст ва ранги он моил ба сиёҳӣ, чӯбмонанд, баргаш монан- ди барги коҳу, аз он нафистар ва майдатар, бӯяш но- форам — вазнин ва ба рӯйи замин паҳн, дар миёнаи баргҳояш ба андозаи себи хурд самари хушбӯй ҳам дорад. Даруни он монанди тухмҳои мурӯд тухмҳо ҷой гирифтаанд. Решааш ғафс, ду ё се адади ба якдигар пайваст, берунаш сиёҳ ва дарунаш сафед, он пӯсти ғафс дорад, гиёҳаш поядор. Синфи дуввуми нарашро барги сафеди суфтаи ҳамвор, ба андозаи барги лабла- бу калон, решааш ду баробари решаи модаи он, ки ба миқдори бодиринг мешавад. Рангаш заъфаронӣ, бӯяш хуши вазнин. Чӯпонон онро мехӯранд ва баъд онҳоро хоби дуру дароз мегирад. Шакли решааш ба решаи навъи модааш монанд, яъне ба сурати инсони мода аст ва аз решаи синфи модааш андак дарозтар, гиё- ҳаш бепоя. Синфи саввум дар сарзаминҳои соядор ва пастӣ ме- рӯяд. Баргаш сербари дароз, худаш майда аст, даро- зиаш то як вақаб мехезад, бепоя. Ғафсии решааш баробари нарангушти одам, дарози сафед, гиёҳаш бе- гулу самар. Ин аз ҳама қавитарини меҳргиёҳҳост. Низ муаллифи китоби «Ихтиёроти бадеӣ» гуфтааст, ки дар сарзамини гарми Шероз наздик ба Қалъаи Шаҳрёр навъе меҳргиёҳ мерӯяд, ки дарозиаш аз як вақаб кӯтоҳтар, бо дасту по, рангаш сафед мешавад. Беҳтаринаш қавитар ва фарбеҳи он аст. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум хунук ва хушк аст, вале баъзеҳо сард дар аввали дараҷаи саввум ва хушк дар охири он дараҷа донистаанд. Хислатҳои шифобахши он: ошомидани он хоб мео- 471 варад. Чун инро дар шароб андохта, он шаробро бинӯ- шанд, сахт маст мекунад. Бӯйидани он низ хоби дуру дарозро ба судур меоварад. Ва агар дар мақъад даро- ранд низ, дуру дароз хоб мебарад. Ин хосият махсус ба сафедбарги бепояи он мебошад, ки зикр ёфт. Агар инро аз ҳад зиёд бинӯшанд ё бибӯянд,

ба иллати сак- та (мурда барин беҳаракат мондан) гирифтор менамо- яд. Гоҳ аз он шароб ҳам месозанд барои дафъ кар- дани бехобӣ ба ин усул: 2,4 килограмм пӯсти решаи онро дар 38 литр шароби ширин меандозанд. Инак, аз он шароб 71 грамм менӯшанд. Гоҳо пӯсти онро дар шароб то қувваташ ба он баромадан меҷӯшонанд ва барои хоби дароз овардан аз он шароб миқдори бис- ёре истеъмол мекунанд. Решаи меҳргиёҳи қисми саввумро бо заъфарон би- хӯранд. дарди буғумҳо, иркуннасо ва ниқрисро шифо мебахшад. Ва агар ин решаро ба гардан овезанд, ил- лати саръро ба ибро меоварад. Баргашро кӯфта гузошта банданд, дарди чашм ва обравии онро дафъ мекунад. Решаашро бо сиканҷабин биёшоманд, дилтапак (дилбозӣ)-ро шифо мебахшад. Решаи меҳргиёро аз чанд ҷояш мехарошанд, аз он ҷо чун ашк обе таровиш мекунад. Ба таги он зар- феро гузошта, он обро ҷамъ мекунанд. Агар 25 грамм аз ин об бо шаҳдоб бинӯшанд, моддаи рақиқи сафро ва балғамро бо воситаи қай дафъ мекунад. Инчунин ошомидани ин оби меҳргиёҳ балғам ва сафроро бо ис- ҳол дафъ месозад. Чун ин обро кӯдакон ва ғайра та- новул намоянд, гоҳе бинобар қавӣ будани қуввати таъ- сираш ҳалок мекунад. Решаи инро биёшоманд, бачадонро аз моддаҳои ғайрӣ пок менамояд. Чун меҳргиёҳи норасидаро бо равғани гулисурх сойида, зани ҳомила ба шикам ва камари худ бимолад, бачаашро аз афтодан нигоҳ медорад. Оби аз решааш таровишёфтаи онро ба қадри 0,25 грамм занҳои ҳомила аз таг бардоранд, бачаро аз ши- ками онҳо меафтонад. Чун решаи онро бо гӯгирди оташнадида даромех- та, занҳо аз таг бардоранд, хунравии бачадонро қатъ мекунад. Агар инро бо коснӣ даромехта бихӯранд, сӯ- зиши пешобро, яъне сӯзокро шифо мебахшад. Агар ин- 472 ро бо асал ва равғани зайтун сиришта бихӯранд, гази- дани ҷонварони заҳрнок ва заҳри сагангури қотилро тарёқ мебошад (хусусан синфи саввуми онро, ки ба синфи сафедбаргаш монанд аст, истеъмол намоянд, чунин аст). Чун навъи қотили меҳргиёҳро касе бихӯрад, авва- лан ӯро хафа (бӯғма) шудани гулӯгоҳи бачадон, сур- хии чеҳра ва баромадагии он, барҳам хӯрдани ақл ва ҳолате мисли афюнхӯрда рӯй медиҳад, баъд марг ме- ояд. Тадбири он равған, оби гарм ва асал хӯрда қай намудан ва давоҳои баданро поккунанда ошомидан аст. Низ талхшувоқро дар об ҷӯшонида, он обро бо асал нӯшида қай фармудан аст. Инчунин мурч, ши- бит, кокутӣ, мустако, сафедоб, шири навдӯшида, хояи сагобӣ ва хардал (горчица) хӯронидан даркор ва ҳан- гоми содир шудани исҳол ҷуғрот нӯшонидан низ яке аз тадбирҳои дафъи заҳролудшавист. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз меҳргиёҳ аз 0,19 то 0,5 грамм аст гуфтаанд. Бояд огоҳ кунем, ки меҳргиёҳро бидуни давоҳои ис- лоҳбахши он хӯрдан ҷоиз нест. Ислоҳи он бо нишоиста, равғани бодоми ширин ва равғани бунафша даромех- тан аст; низ барги гули сойида ва рубби решаи бепӯсти ширинбия,

сабир (алоэ), ҳалила, талхшувоқ ва заъфа- рон аст. (Рубб—оби давоҳост, ки ҷӯшонида ғафс гар- донида бошанд). Агар инро бе ислоҳкунандааш бихӯ- ранд, мизоҷро вайрон мекунад, боиси варамидани рӯй, дарди ҷигар, вайронии ҳолати меъда ва дигар ҳодисо- ти ногувор мегардад. Реша ва самари онро кӯфта бипошанд, решҳои хӯ- ранда ва захмҳои раддиро шифо мебахшад. Агар инро кӯфта бимоланд, варамҳои сахт ва мулоимро таҳлил медиҳад ва ханозерро шифо мебахшад. Чун инро ма- ҳин кӯфта, бо сирко сиришта ба ҷамра (карбункул). ки реши мӯҳлик аст, гузоранд, дафъ мегардонад, инчу- нин донача ва обилаҳои дамидаро низ шифо мебах- шад. Инро кӯфта, бо орди гандуми бирёнкарда даромех- та гузошта банданд, дарди буғумҳоро дафъ мекунад. Агар инро бихӯранд, иллати филпоро шифо мебах- шад. Ва агар инро бимоланд, нуқтаҳои сафеди пӯстро бе ҳеҷ гуна азият пок мекунад. 473 1,5 грамми онро бо шароб биёшоманд, чунон хоби сахт мегирад, ки ҳар як узви онро бурида аз танаш ҷудо кунанд, эҳсос намекунад —ин амал дар корҳои ҷарроҳӣ истифода мешавад. Чун 4,5 граммашро аз синфи саввумаш батанҳоӣ ё бо нон ва ё бо орди гандуми бирёнкарда бихӯранд, ҳамон дам аз ақл берун месозад, хоби сахт мебарад ва то се-чор соат дар ҳамон ҳолат мемонад, ки ҳеҷ як чизеро дарк ва эҳсос карда наметавонад бинобар ҷамъ шудани ҳарорат дар ботин, карахт мондан ва барҳам хӯрдани ҳис. Баъд баъзе табибон он одамро дар оби хунук меандозанд, то ки аз ин ҳолат наҷот ёбад. Меҳргиёҳро сӯхта, дудашро бигиранд, беҷо шуда- ни ақл ва девонагиро дафъ мекунад. 209. Зағир Ин растании зироатӣ ва маълум аст, қадаш то 50—70 сантиметр мехезад ва камтар аз он низ меша- вад. Гулаш бунафш, тухмаш дар қуббае пур ва зич ҷой гирифтааст, қариб ба тухми кунҷид монанд аст. Аз пояи он наххо ҳосил карда, матоъ мебофанд. Ли- босаш дар гармои тобистон бисёр салқин медорад. Мизоҷи растаниаш хунук ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: пӯшидани либоси зағир- поягӣ ҳарорати баданро дафъ, арақи баданро кам ва хушк мекунад; барои иллатҳои қӯтур, хориши бадан ва варами сахт фоида дорад; ин яке аз либосҳои ода- мони гарммизоҷ ва фасли гармо мебошад Дар либоси ин шапуш назар ба пӯшоки пахтагин камтар ҷамъ ва пайдо мешавад, зеро ки бар бадан хуб намечаспад, либоси ношустаи он хушккунанда мебошад хусусан дар зимистон. Хоҳ нахашро ва хоҳ гиёҳашро сӯхта дудашро би- гиранд, гирехи мағзи сар ва зукомро мекушояд, ҳоли нохуши бачадонро ислоҳ мекунад. Агар сӯхтаи инро бипошанд, хуни равони ҷароҳат- ро манъ мекунад ва захми онро ба ҳам оварда сиҳат мебахшад. Инчунин даруни захмҳоро бо латтаи зағир- поягӣ пур кунанд низ, даҳани онҳоро ба ҳам оварда сиҳат мекунад. 474 Ҳакими машҳур Шариф гуфтааст: «Агар хоҳанд, ки бадан лоғар гардад, дар зимистон либоси зағирпоягии нав, яъне ношустаи онро бипӯшанд ва дар тобистон либоси шустаи онро

бипӯшанд. Агар ҳар кас хоҳад, ки лоғар нагардад, дар зимистон шустаи онро ва дар то- бистон нави онро бипӯшад». Гули зағирро бихӯранд, фараҳ меоварад, дилро қа- вӣ мегардонад. Ранги тухмаш гуногун аст: зарди тира, моил ба сурхӣ, қисме сиёҳ ва навъе аз он сафед аст. Мизоҷи тухмаш дар дараҷаи якум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: тухмашро кӯфта, бо оби хунук сиришта гузошта банданд, дарди сареро, ки аз варам кардани пардаҳо ва худи майна бошад, шифо мебахшад; хориши майнаро дафъ мекунад ва захмҳои сарро ба иброо меоварад. 10 грамм тухми зағирро дар 200 грамм об биҷӯ- шонанд, он об моддаи шилмак мегардад — ҳамин лу- оби тухми зағир ҳисоб меёбад. Луоби тухми зағирро дар чашм чаконанд ё онро ба чашм бимоланд, сурхии онро дафъ мекунад. Зағирро кӯфта, бо асал хамир сохта, лесида бихӯ- ранд, сурфаи балғамиро шифо мебахшад. 10,5 грамм тухми зағирро кӯфта бихӯранд, узвҳои даруни синаро аз моддаҳои зарарнок ва нодаркор пок мегардонад, варами ҷигарро пазонида таҳлил меди- ҳад ва дигар узвҳои бадан варам карда бошанд, ва- рами онҳоро мегардонад. Агар ин миқдорро бирён карда, кӯфта бихӯранд, хун қай кардан ва сурфаи тарро шифо мебахшад. Ҳар рӯз 2,25 грамми онро кӯфта бихӯранд, дарди рӯдаҳоро нест мекунад, пешобро меронад, арақ меова- рад, шири занҳо ва ҳайзи онҳоро равон мекунад, да- рунро мулоим мегардонад, захми гурда ва хичакро ба иброо меоварад. Чун 11 грамм тухми он аз хасҳо пок карда, дар об ҷӯшонида, луоби онро якҷо бо тухмҳояш биёшоманд ва чанд рӯз бо ин мудовамат намоянд, санги гурдаро майда карда мерезонад. Агар инро, яъне луоби тухм- ноки инро бо асал ширин карда бинӯшанд, варами сипурзро таҳлил медиҳад. Ба ин луоби тухмдораш, ки бо асал ширин карда шудааст, 4—5 дона мурчро кӯф- 475 та, ба он дохил намуда, ҳамаашро биёшоманд ва ҳа- мин тавр шаш-ҳафт рӯз мудовамат намоянд, барои касоне, ки аз мардиашон маҳрум гашта бошанд, аз нав барқарори хислати мардӣ медиҳад. Агар камтареро дар об ҷӯшонида бо он об ним- гарм ҳуқна кунанд, яъне клизма кунанд, моддаҳои сегонаро ихроҷ мекунад, сӯзиши рӯдаҳо ва бачадон- ро таскин медиҳад. Дар обе, ки тухми зағир ҷӯшонда шуда бошад, ба такрори амал занҳо то ноф даромада нишинанд, ҳоли бади бачадонро ислоҳ мекунад ё агар ба дудаш бидоранд ҳам, ҳамин навъ таъсирро дорад. Тухми зағирро кӯфта гузошта банданд, варами сахтро таҳлил медиҳад, решҳои сарро шифо мебахшад. Инро бо анҷир сиришта бибанданд, доғҳои кунҷидак- ро дафъ мекунад; бо танакор ва хокистар даромехта гузошта банданд, озаххоро хушк карда мерезонад; бо равғани кунҷид хамир сохта гузошта банданд, захмҳо- ро шифо мебахшад ва инчунин дард ва сӯзиши он ҷо- ро таскин медиҳад. Тухми зағирро сӯхта, сойида, бипошанд, ҷароҳатҳо- ро хушк мекунад, инчунин дарду сӯзиши онҳоро ҳам таскин медиҳад. Вале

истеъмоли тухми зағир ба дарун аз ҳад зиёд гардад, чашмро торик мекунад— дар ин ҳолат кашниз бояд хӯрд, ки ислоҳи зарари он намояд; ба ҳозима ҳам зарар мекунад —дар ин маврид сиканҷабин бихӯранд; Ба хояҳо ҳам зиён дорад —давои ин асал хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз тухми зағир аз 10,5 то 14 грамм аст. Ба ҷойи ин ҳулбаро истеъмол намоянд раво мебо- шад. Мизоҷи равғани зағир гарм ва тар аст. Агар равғани зағирро бо равғани гулисурх ҳамроҳ карда, бо он ҳуқна кунанд, дарди ҷароҳати рӯдаҳоро таскин медиҳад. Ин равғанро аз рӯ бимоланд, дарди дилро таскин медиҳад, шукуфаи пӯст ва ҷароҳатро шифо мебахшад, инчунин дарди ҷароҳатро ҳам сокин мекунад. Равғани зағирро хоҳ доғ карда ё доғ нокарда биё- шоманд, қулинҷи инсонро, ки ба забони русӣ колит меноманд, дафъ мекунад. 476 Агар инро бардавом бимоланд, чашмро заиф ва боҳро суст мекунад — давои ин зарарҳояш сиканҷабин хӯрдан аст. 210. Юнучқаи зардак Инро тоҷикон дар як қатор маҳалҳо говришқа ва ришқаи зардак ҳам меноманд. Баргаш ба барги юнуч- қа шабоҳат дорад, вале гулаш зард аст. Шохҳои баъ- зе навъаш ба замин паҳн шуда месабзад ва баъзе навъи он поядор мебошад. Мизоҷаш мӯътадил дар гарміву сардӣ мебошад. Аз ин рӯ ҳамаи мизоҷҳоро форам аст. Хислатҳои шифобахши он. Хусусияти умумиаш: пазонанда, қувватбахш, таҳлилдиҳанда аст Гиёҳи инро кӯфта, бо равғани гулисурх сиришта, ба сар гузошта банданд, ҳамчунин онро дар об ҷӯшо- нида, бо он оби гармаш бишӯянд, дарди сар, чарх задани сар, сиёҳ задани чашм, паридани аъзо, сакта (мурда барин беҳаракат мондан), кач шудани рӯй ва нотавон гаштани узвҳои баданро, ки сабаби ин иллат- ҳо зиёд гаштани балғам ва сафро бошанд, шифо ме- бахшад. Инро дар об ҷӯшонида, ҳар рӯзу шаб бухорашро дар ҳаммом бигиранд ва инчунин молидани равғани ин барои бемориҳои номбаршуда, инчунин барои бечо шудани зеҳн, аҳмақӣ, телбагӣ, молихулиё ва нисён (фаромӯшхотирӣ) шифо мебахшад. 7 грамм юнучқаи зардакро бо 17,5 грамм асал би- хӯранд ва оберо, ки ин гиёҳ. дар он ҷӯшонида шуда бошад, ба сари бемори васвоси савдовӣ дар ҳар се рӯз як мартаба дар ҳаммом бирезанд, бемор аз он иллат начот меёбад. Барои фолиҷ (шал шудани ни- маи бадан ба дарозӣ) ва нотавон шудани узвҳо кӯф- таи онро ба мабдои (саршавии) асабҳои бемор гу- зошта мебанданд. Барои таранг кашида шудани узве ва кузоз (столбняк), ки аз афзудани балғам ҳодис шу- да бошанд, оберо, ки дар он ин гиёҳ ҷӯшонида шуда- аст, нимгарм ба меъда ва сари бемор бирезанд, ба иб- ро меоварад. Инчунин юнучқаи зардакро дар об ҷӯш дода, он обро бардавом бинӯшанд, аз бемориҳои дар боло зикрёфта, иллатҳои меъда ва ғайра начот хоҳанд ёфт. Инчунин ин обро биёшоманд, дарди меъда, дарди 477 ҷигар, дарди сипурзро низ фоида дорад Ва агар ба ин об талхшувоқ ҳамроҳ карда биёшоманд, варам- ҳои ҳар сеи ин аъзоро ва

инчунин варами бачадонро таҳлил медиҳад. Онро кӯфта, аз рӯ ба ҳамин узвҳо гузошта банданд, низ ҳамин навъ таъсирро дорад. Гиёҳи инро дар об ҷӯш дода, он обро бинӯшанд, моддаҳои зиёдатии узвҳои ботиниро таҳлил медиҳад, яъне пароканда месозад, хусусан бо анҷир ва асал биёшоманд, манӣ ва ширро зиёда мегардонад, зарари заҳрҳоро дафъ мекунад, пешоб ва ҳайзро равон ме- созад, ташнагиро, ки аз афзудани балғам ба ҳам ра- сида бошад, таскин медиҳад. Агар онро пухта батан- ҳоӣ ё бо майи пухтагӣ хамир карда гузошта банданд, захмҳои шаҳдияи сарро, ки рутубаташон монанди асал аст, шифо мебахшад; бо гарди осиё хамир карда гу- зошта банданд, варамҳои гарми мураккаби чашм, гӯш, мақъад, бачадон ва хояҳоро мегардонад. Агар пухтаи онро бо майи пухтагӣ хамир карда, ба варамҳои гарм ва сахт гузошта банданд, онҳоро таҳлил медиҳад. Оби гиёҳи тарашро дар офтоб қивом кунанд, инро усораи говришқа, яъне усораи юнучқаи зардак мено- манд. Инак, аз усораи он 11 грамм бо майи пухтагӣ биёшоманд, варамҳои узвҳои дохили баданро таҳлил медиҳад. Усораи инро дар равғани гулисурх ҳал карда чаконанд, дарди гӯш ва дарди сареро, ки аз хунукӣ бошад, таскин медиҳад. Гиёҳи инро дар об ҷӯшонида, он обро бардавом би- нӯшанд, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мере- зонад. Ва бо ин об нимгарм ҳуқна (клизма) кунанд, рӯдаҳоро қувват мебахшад, онҳоро аз чизҳои ғайрӣ пок мегардонад ва дардашонро ҳам таскин медиҳад. Барг ва шохҳояшро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯ- шанд, пешоб ва ҳайзро равон мекунад ва бачаро аз шиками ҳомила меафтонад. Бо он об бадан ва сарро бишӯянд, захмҳои шаҳдияро, ки рутубаташон асалмо- нанд аст, шифо мебахшад ва агар хояҳоро бо ин би- шӯянд, хориши онҳоро дафъ мекунад. Вале истеъмоли ин ба дарун барои хояҳо зарарнок аст. Дар ин ҳолат анҷир, мавизи ангур ва асал бихӯ- ранд, зарари онро ислоҳ мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз гиёҳи хушкаш дар як рӯз то 9 грамм аст ва аз оби фишурдаи гиёҳи тару 478 тозааш то 70 грамм аст. Ба ҷойи юнучқаи зардак бо- бунаро истеъмол фармоянд, раво мебошад. Аз ин гиёҳ равған ҳам тайёр мекунанд ба ин та- риқ. Оби юнучқаи мазкурро ду миқдор гирифта, аз бо- лояш ним вазни ин об равғани зайтун бирезанду бо оташи мулоим биҷӯшонанд, то об тамоман бухор шуда раваду равған бимонад—ин равғани юнучқаи зардак мебошад. Инро ба сар бимоланд, дарди сареро, ки дар натиҷаи зарба хӯрдан ва аз чалакидани майна ба амал омада бошад, дафъ мекунад. Ба рӯй бимоланд, кач шудани онро ислоҳ мекунад. 211. Каду Ин самари растании биёрадор аст, ки хеле рангоранг ва гуногун мебошад. Беҳтарини он ширини бере- шаи он аст, ки бихӯранд. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум хунук ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани он ба мизоҷ сардӣ меоварад, бар бадан об медавонад, гиреҳҳои узвҳои дохили баданро мекушояд, пешобро равон ме-

кунад, дарунро мулоим мегардонад; зардпарвин, исҳо- ли номунтазами меъда ва табҳои тезро шифо мебах- шад. Агар инро пухта бихӯранд, ҳамчун ғизо камқувват, аз меъда ба зудӣ мефурояд ва аз он моддаи солими бетаъм пайдо мешавад. Ин камҳазмшаванда аст, зе- ро ки агар худашро танҳо бихӯранд, дар меъда зуд вайрон мешавад ва ба ҳар моддае, ки дар бадан бис- ёр бошад, ба зудӣ, ба он табдил меёбад, инчунин бино- бар осон табдилёбанда буданаш баъзан моддаи заҳр- нок аз он ба амал меояд. Чун онро бо меваҳои гу- ногун ҳамроҳ намоянд, кайфияти онро дигар месозад, монанди он, ки агар бо биҳӣ ё оби ғӯраи ангур, ё оби анор, ё сирко дар равғани бодом ё равғани софи зай- тун пухта бихӯранд, моддаҳои солим дар бадан пайдо мекунад, барои одамони сафровимизоҷ ва гарммизо- ҷон, инчунин ба табҳои тез фоида дорад. Лекин хӯр- дани каду барои беморони қулинҷ (колит) ва онро бисёр хӯрдан зарар дорад, зеро худи каду пайдоку- нандаи иллати қулинҷ аст. Агар бо чизи тези монан- ди хардал (горчица) бихӯранд, дар бадан моддаи тез 479 пайдо менамояд; бо чизи намакин бихӯранд, модда- ҳои шӯр пайдо мекунад; бо қабзиятовар — моддаи қабзиятнок ва инчунин бо ҳар чизе, ки бихӯранд, ба моддаи он табдил меёбад. Оби кадуи хомро фишурда гирифта, бо шири ҷа- вонзанон даромехта, дар бинӣ ва гӯш бичаконанд ва ба такрори амал биёраи (палаки) бебаргашро кӯфта, ба сар гузошта банданд, дарди сари аз гармӣ, варами пардаҳои майна ва худи майна (менингит), ҳазаён, девонагӣ, варамҳои гарм ва бехобиро шифо мебахшад. Кадуро кӯфта ё тарошида, ба пеши сар гузошта банданд, варами гарми сарро таҳлил медиҳад; инчу- нин дарди сари гарм ва хушкии майна, инчунин бехо- биро дафъ мекунад ва агар ба чашм гузошта банданд, варами гарми онро таҳлил медиҳад. Шустани сар бо оби каду, ошомидан ва дар бинӣ чаконидани он дарди сари гармро таскин медиҳад ва хоб меоварад. Бо оби каду ғарғара кунанд ё оби онро дар даҳон гардонанд, дарди гулӯ ва дарди дандонро, ки ҳама аз гармӣ бошанд, шифо мебахшад. Оби онро бо равғани гулисурх даромехта, нимгарм дар гӯш чаконанд, дарди ин узвро сокин мекунад. Пӯсти хушки кадуро дар об ҷӯшонида, он обро батанҳоӣ ё бо равғани гулисурх даромехта, дар бинӣ бирезанд, дарди дандонро таскин медиҳад Найчаи самари кадуро, ки гулаш ҳанӯз наафтода бошад, дар хамир печида, дар зери оташ пухта, оби онро ситонида, дар чашм чаконанд, зардии зардпар- винро аз он дафъ мекунад. Оби гулашро батакрор би- чаконанд, чашмро, ки аз гармӣ бошад, шифо мебах- шад. Кадуро дар об ҷӯшонида, он обро бо тамри (хур- мои) ҳиндӣ ва шакар биёшоманд, тафси майнаро паст мегардонад, инчунин дарди сари гарм, васвос, дево- нагӣ ва дарди чашмро, ки сабабаш аз поён ба чашм баромадани бухороти меъда бошад, дафъ мекунад. Кадуро бо кашки ҷав ё бо моши кӯфтагӣ пухта ё танҳо худашро дар равғани бодом пухта бихӯранд, ба-

рои дарди узвҳои даруни сина ва сурфаи гарм дору мешавад. Кадуро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, таш- нагӣ ва ҳарорати ҷигари гарммизоҷонро таскин меди- 480 ҳад, инчунин ҳузнеро, ки аз бисёрии сафро ба судур пайваста бошад ва моддаҳои бегонаи баданро дафъ мекунад, вале ин боиси сустии меъда ва рӯдаҳо мегар- дад. Гӯшти кадуро хушконида, чун орд маҳин кӯфта, дар дег бирён карда бихӯранд, дарунро мебандад, ташнагӣ, тезии сафро ва хунро, яъне фишори баланди онҳоро таскин медиҳад, инчунин ғамро ҳам дур ме- кунад. 75 грамм оби кадуро бо асал ва андак натрун (та- накори арманӣ) пухта бихӯранд, дарунро мулоим ме- кунад, инчунин дарунро бо мулоимат меравонад; бо тамри ҳиндӣ ва шакар пухта бихӯранд, сафрои сӯхта- ро бо исҳол дафъ мекунад, рӯдаҳо ва гурдаро аз оло- йишҳо пок месозад, инчунин барои гармии майна, дар- ди чашм ва табҳои гарм даво мешавад. Кадуро дар хамир печонида ва аз болояш гил мо- лида, дар зери оташ дурустакак пухта, баъд обашро фишурда гирифта, 150 грамм аз он бо 35 грамм ша- кар ва бо шарбатҳои гуногуни гуворои сардмизоҷ биё- шоманд, ҳарорати меъда, ҷигар, дил ва табҳои тези диқ (лоғаркунанда)-ро шифо мебахшад ва аксари бе- мориҳои тези гармро таскин медиҳад ва шифо мебах- шад. Абӯалӣ ибни Сино дар хусуси зот-ул-ҷанб (вара- ми пардаҳои даруни сина) навиштааст, ки агарчи оби каду ба он фоида дорад, вале аз ҷиҳати дигар зарар ҳам дорад, бинобар он, ки пешобро меронад. Кадуро пухта, бо сирко бихӯранд, низ барои табҳои тези сафровӣ, шикастани ҷӯшиши сафро ва хун, инчу- нин барои аксари бемориҳои гарми тез шифо мебах- шад, низ зудтар аз меъда мефурояд. Агар инро бо гӯшт пухта бихӯранд, боиси зуд ва хубии ҳазми он мегардад; бо хӯришҳои мош, нахӯд, инчунин бо равға- ни бодоми ширин пухта бихӯранд, сурфаро дафъ меку- над, низоми феъли майна ва баданро сара мегардо- над, ҳарорати ҷигар ва табҳои гармро хомӯш меку- над. Кадуро бо гӯшти хурӯсчӯча ва ё бо мағзи тухми каду шӯрбо пухта бихӯранд, иллати беҳушшавӣ ва табҳои гарми беҳушкунандаро шифо мебахшад, инчу- нин заҳри ахлоти заҳрнокро дафъ мекунад ва дар ин бобат давои бемисл аст. 481 Гӯшти кадуро кӯфта, аз рӯ бар меъда, ҷигар, гур- да ва дигар узвҳои даруни шикам ва сина гузошта банданд, тафс ва сӯзиши онҳоро таскин медиҳад. Пӯсти хушки кадуро кӯфта бихӯранд, барои баво- сир ва хунравии узвҳои шикам даво мешавад. Хуллас, ҳамаи навъҳои каду барои одамони гарм- мизоҷ (сафровӣ ва хунӣ), ҷавонон, мардуми минтақа- ҳои гарм фоида дорад. Вале барои одамони сардми- зоҷ (балғамӣ ва савдовӣ), ба пирон ва касони минта- қаҳои хунук зарар дорад; ба иллати қулинҷ гирифтор мекунад, бодангез аст, ба меъда гаронӣ меоварад, иш- тиҳоро мебандад, балғам ва моддаҳои балғамӣ ва сав- довӣ пайдо мекунад. Кадуро бо қошуқи дандонадор тарошида, пухта, бо ҷуғрот, хардал, сир (чеснок), мурч, намак ва

наъно бихӯранд, баъд барои сардмизоҷон мувофиқ мегардад, вале гарммизоҷонро ба ғайр аз бо намак ва камтар наъно хӯрдан раво нест. Агар каду зарар кунад, илоҷаш қай фармудан аст ва бо шаҳдоб, қаранфули гардан, зира, пиёзаки сало- малек, наъно ва чизҳои ҳазмкунандаи гарммизоҷ ва хушбӯй хӯрдан, инчунин пухтани он бо равған ва до- хил кардани мурч, хардал, чизҳои гарммизоҷи дигар ва намак аст барои касони хунукмизоҷ. Вале барои касони гарммизоҷ ва сафровимизоҷон оби ғӯраи ангур, оби анор, сирко ва монанди инҳоро дохил намуда хӯр- дан аст. Кадуро бо шакар ё бо асал мураббо пухта бихӯ- ранд, мӯътадилтарини мураббоҳост ва лазиз мегардад, майнаро қувват мебахшад, дар бадан хуни солим пай- до мекунад, моддаҳои савдовӣ ва бемориҳои аз бис- ёр гаштани савдо сарзадаро дафъ менамояд; агар дар меъда балғам бисёр набошад, ин зуд ҳазм мешавад, вале агар балғам мавҷуд бошад, худаш ба он мубад- дал мегардад. Мураббои асалии каду барои хунукми- зоҷон беҳтар ва муносибтар аст назар ба шакарии он. Кадуи дар сирко парвардашуда сабук ва ҳазмку- нанда мебошад, ҷӯшиш ва фишори баланди сафро ва хунро паст мекунад, хусусан таъми майхуш (туршу ширин) гирифтаи он барои гарммизоҷон мувофиқ аст, вале инаш барои хунукмизоҷон зарарнок мебошад. Пӯсти хушки кадуро сӯхта, ос карда бипошанд, рафтани хунро аз ҷароҳатҳо манъ мекунад, захмҳои хӯранда, захми закар ва решҳои хушкмизоҷро дафъ 482 мекунад. Агар ин ордаки пӯсти сӯхтаи онро бо равға- ни нави гов сиришта гузошта банданд, сӯхтагии оташ- ро ба ибро меоварад ва бо сирко сиришта гузошта банданд, доғи сафеди пӯстро шифо мебахшад. Тухми кадуро кӯфта, бо орди ҷав сиришта, батак- рор гузошта банданд, барои сӯхтагии оташ даво меша- вад. Кадуро кӯфта гузошта банданд, сурхбод ва варам- ҳои гармро ба ибро меоварад. Аз каду равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Оби гӯшти кадуи нав расидагиро гирифта, бо чоряк вазни он равғани кунҷид ё равғани бунафша ва ё ду баробари он равғани бодоми ширин ва ғайри он миқ- дор андохта, бо оташи мулоим то обаш батамом бухор шуда рафтан меҷӯшонанд — хислатҳои тиббии ин мо- нанди равғани бунафша ва равғани нилуфар аст. Ми- зоҷи ин равған сард ва тар мебошад. Хислатҳои шифобахши он: агар инро биёшоманд ва дар бинӣ чаконанд, ба баданҳои хушк об медавонад, майнаи хушкро рутубат мебахшад ва хушкии онро дафъ месозад, хоб меоварад; барои молихулиё, бехобии ша- дид, сурфаи гарм, диқ (иллати лоғаркунанда) шифо мебахшад ва агар бимоланд, сахтиҳои баданро муло- им мекунад. Чун пӯсти кадуро ҷудо карда хусусан, ки ҳанӯз тух- маш нарасида ва хом бошад, ҳамаи қисмҳои онро, ки гӯшт, шаҳм ва тухми онро бо чарбии гурдаи буз кӯф- та, то хуб муҳарро шудан биҷӯшонанд ва баъд бигузо- ранд, ки хунук шавад, сонӣ равғани дар рӯяш бударо бигиранд. Ин равған дар ҳама

хислатҳои тиббӣ, яъне дар бобати рутубат бахшидан, сард гардонидан ва ғайраҳо аз равғани каду қавитар аст дар он ҳолат, ки агар инро бо равғани кунҷид бисозанд. Чун сари кадуро бурида, дар ҷойи холии даруни он рими оҳани кӯфтаро пур намуда ва даҳани онро бо ҳамон порчаи буридашуда маҳкам карда, чил рӯз би- гузоранд, баъд оби онро гирифта, бо ҳино хамир со- занду ба мӯй бимоланд, ранги хуб мешавад. Мизоҷи мағзи тухми каду дар дараҷаи дуввум сард ва дар якум тар аст. Хислатҳои шифобахши он: мағзи тухмашро бихӯ- ранд, баданро фарбеҳ мегардонад, барои дафъи даға- лии узвҳои даруни сина, хун рафтан аз шуш, сурфаи гарм, ташнагӣ, табҳои гарм, захми рӯдаҳо ва хичак, ки 483 ҳама аз бисёр гаштани моддаҳои тез ба амал омада бошанд, лоғарии гурда, сӯзиши пешоб (сӯзок) ва мо- нанди инҳо даво мешавад. Равғани тухмашро бихӯранд, бимоланд, бичако- нанд ё дар бинӣ бирезанд, ё гузошта банданд, хушкии майна, бехобӣ, сил, табҳои гарм, дарди рӯдаҳо, ки аз ҷамъ шудани сафро бошад, дафъ мекунад ва давои беназир мебошад. Равғани тухми кадуи ширинро бо кирми тухми он сойида, гузошта банданд, захмҳои сар ва бадани кӯда- кон, гӯшаи даҳан, баногӯш, закар ва дигарҳоро шифо мебахшад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми каду дар як рӯз то 32 грамм аст. Ба ҷойи ин мағзи тухми тарбуз, боди- ринг ва тарраро истеъмол намоянд, раво мебошад. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-206-211#206

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 212-217 212. Ревоҷ 213. Болдирғон 214. Пиёзи ансул 215. Арча 216. Газ 217. Гази калони кӯҳӣ 212. Ревоҷ Инро тоҷикон чукрӣ ҳам меноманд, гиёҳи кӯҳии машҳур аст. Гулаш сурх ва чун гӯшвораи духтаракон зебанда мебошад. Таъмаш турш, мардум онро бо завқ мехӯранд. Мизоҷи банди барг ва пояш дар дараҷаи дуввум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, модда- ҳои ғафсгаштаи баданро тит ва пароканда мегардо- над, дарунро мебандад, фараҳ мебахшад; меъда, ҷи- гар ва дигар узвҳои гарм мизоҷи даруни шикам ва си- наро қавӣ мегардонад; иштиҳоро мекушояд, шиддати ҷӯшиши сафроро таскин медиҳад, қайи сафровӣ, таш- нагӣ, беҳузур (бечо) шудани дилро қатъ мекунад; фишори баланди хунро паст мегардонад ва хуну саф- ровиро соф менамояд, мастӣ ва хуморро барҳам ме- диҳад, дилтапак (дилбозӣ), васвос, бавосир, тоун (чу- ма), вабо, нағзак (гулак), сурхича (қизомуқ), исҳоли гарми сафровӣ, зардпарвин, табҳои гарм ва сафровиро дафъ мекунад. Агар инро бардавом бихӯранд, баро- мадани пучак ва чиртакҳоро монеъ мешавад, яъне моддаи қандро дар таркиби хун кам мекунад. Оби чукриро дар офтоб хушк карда, чун сурма ба чашм кашанд, чашмро қувват мебахшад, гули чашмро нест мекунад. Агар инро кӯфта, бо орди ҷав хамир 484 карда гузошта банданд,

барои сурхбод даво мешавад ва мӯрчагазакро шифо мебахшад. Вале қисми рӯйизаминии чукриро аз ҳад зиёд ва бардавом бихӯранд, ба узвҳои даруни сина, ба одамо- ни сардмизоҷ ва боҳ (пушти камар) зарар дорад; асаб- ҳоро хушк мекунад, қулинҷро, ки варам ва дарди рӯ- даҳои ғафс аст, пайдо менамояд. Дар ин маврид асал бояд хӯрд, ки ислоҳи зарари он намояд. Миқдори як бор ошомидан дар як рӯз аз оби чук- рӣ то 100 грамм аст. Агар ёфтани ревоч душвор гардад, ба ҷойи ин тур- шак (щавель) ва оби ғӯраи ангур нӯшидан раво ме- бошад. Оби чукриро ҷӯшонида ғафс гардонанд — инро руб- би чукрӣ меноманд. Рубби ревоч қавитар аз оби он аст. Инро бинӯшанд, тарсончакӣ, девонагиро дафъ ме- кунад ва инчунин сӯхтани ахлот (моддаҳо)-ро дар ба- дан ислоҳ мекунад. Решаи ин гиёҳ бисёр чуқур меравад ва дароз ме- бошад. Замини ин гиёҳ рӯйидаро то поёни решаҳояш бикобанд, дар сари решаҳо монанди шалғам гиреҳҳо дорад. Ин чизи шалғамшакл ва ҳамаи қисмҳои дигари решааш дар давогӣ қавитар мебошад назар ба қисм- ҳои дигари он. Инро қитъа-қитъа бурида, хушк карда мегиранд ё хушки онро кӯфта, дар зарфҳои шиша ва чинӣ нигоҳ медоранд барои ҳоҷатҳои минбаъда. Мизоҷи решааш мураккаб-ул-қувват аст, дар дара- ҷаи дуввум гарм ва хушк мебошад. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, рутубат- ҳои зарарноки баданро хушк мегардонад, исҳолро ме- бандад, узвҳои дохилиро аз олойиш пок мекунад; мод- даҳои бегонаро пазонида, барои дафъ шудан муҳайё месозад, бар зидди ҳамаи заҳрҳои сардмизоҷ тарёқ мешавад, хусусан заҳри каждумро ба зудӣ дафъ ме- кунад; агар ахлоти (моддаҳои) ғализ (ғафс) ва рақиқ (суюқ) мавҷуд бошанд, бо воситаи исҳол дафъ мена- мояд, пешоб ва ҳайзро равон менамояд, қуввати ҷо- зибаи ҷигарро меафзояд ва гиреҳҳои рӯдаҳо ва сипурз- ро мекушояд; бодҳои гурда, хичак ва бачадонро паро- канда месозад, инчунин дардҳои ин аъзоро таскин ме- диҳад; барои дилтапак (дилбозӣ), ки аз сардӣ бошад, дармон мешавад, сардии меъда ва ҷигарро дафъ ме- кунад; сурфаи кӯҳна, дамкӯтаҳӣ, сил, яъне захми шуш ва рӯдаҳоро, инчунин ҳамаи навъҳои истисқо (водян- 485 ка) ва зардпарвинро, ки аз афтодани гиреҳ бошад ва ҳар навъ исҳол, гиреҳҳои мосорико — ҳамаи инро ба ибро меоварад, исҳоли хунинро мебандад, рӯдаҳо ва узвҳои дигари даруни шикам ва даруни синаро аз оло- йиш пок мегардонад, инчунин бодҳои ин узвҳоро паро- канда месозад; варамҳои сардро таҳлил медиҳад; ис- ҳол, дарди рӯдаҳо, бавосир, решҳои бедаво, таби ду- рӯздармиён — ҳамаашро шифо мебахшад. Мо дар боло мосорико гуфтем — ин мӯрагҳоест, ки ғизои дар рӯдаҳо ҳазмёфта бо воситаи ин рагҳо ба даруни ҷигар кашида мешавад. Агар кӯфтаи решаи ревоҷро бо луоби тухми биҳӣ ҳабҳо (пилюлаҳо) баста, як ҳабро дар зери забон ни- гоҳ доранд ва оби онро фурӯ баранд, барои сурфаи тари сардмизоҷ, зиқ-ун-нафас (астма)-и сарди тар, ҷӯ- шиши (пухтани)

даруни даҳан, ки аз сардӣ бошад, ин- чунин монанди ин иллатҳоро дафъ мекунад. Агар инро бо кӯфтаи ҳалилаи кобулӣ, замбӯруғи сафеди танаи дарахт ва сабир (алоэ) қурсҳо сохта фу- рӯ баранд, барои аз моддаҳои зарарнок ва нодаркор пок гардонидани майна, дарди сари аз хунукӣ ва сафровӣ (гарммизоҷ), дарди нимсар, фолиҷ (шал шуда- ни нимаи бадан ба дарозӣ), чарх задани сар, кузоз (столбняк), тарсончакӣ, девонагӣ, назлаҳои сардми- зоҷ, ҷарангҳои гуногуни гӯш ва дарди чашми аз наз- ла баамаломада дору мешавад. Агар талқони инро бо решаи чоқула ҳамроҳ карда бихӯранд, бемориҳои даруни синаро, монанди: сурфа, зиқ-ун-нафас, гириф- тагии овоз ва ғайраҳоро дафъ мекунад Агар инро бо шароби себ бихӯранд, барои нест кардани оруғ, сус- тии мушакҳо ва асаб, инчунин барои даридану нота- вон гаштани онҳо, зарба хӯрдани ҳар як узв (аз ҷум- ла чалақидани майна) давои бебадал аст Инро бо оби гарм бихӯранд, оруғҳои гуногун (аз ҷумла оруғи турш), таранг ва беҳаракат мондани узве, даридани пардаи шикам (ҷурра, дабба) ва дарди рӯдаҳоро дафъ мекунад. Аз 4,5 то 7 грамми онро бо шираи тухми харбуза бихӯранд, инчунин бо шираи тухми хори хасак биёшо- манд, пешоби бандшударо, ки бо ҳеҷ як даво кушода нашуда бошад, равон ва кушода мегардонад. Агар бо оби сунбул бихӯранд. иркуннасо (радикулит), табҳои балғамӣ, сустии пайвандҳо ва дардҳои онҳоро шифо 486 мебахшад; бо зирк бихӯранд, варами ботиниро таҳлил медиҳад. Як қитъа решаи онро дар даҳан нигоҳ доранду оби онро фурӯ баранд, барои хун қай кардан, гиреҳ ва варами узвҳои даруни сина, дамкӯтаҳӣ ва гирифтагии нафас дору мешавад. Ҳар рӯз аз решаи хушки кӯфтагии он 4,5 грамм бихӯранд, дардҳои меъда ва пурбодшавии онро дафъ мекунад, инчунин оруғро таскин медиҳад. Ва агар кӯфтаи онро дар бинӣ бирезанд, бемориҳои мағзи сар ва назларо фоида мебахшад. Кӯфтаи мазкурро бо сирко хамир карда гузошта бандand, доғи кунҷидак, шукуфаи пӯст ва доғҳои аз зарба ва лат хӯрдан ба амал омадаро дур мекунад. Агар бо орди ҷав, тухми тугмачагул ва тухми гулихайрӣ даромехта, гузошта бандand, устухони бечошу- даро ба ҷояш мебарад. Инро кӯфта, бо оби гарм хамир сохта бимоланд, лат хӯрдагиро ба ислоҳ меоварад, варамҳои сардро таҳлил медиҳад ва инчунин ҳамаи дардҳоеро, ки аз гармӣ набошанд, таскин медиҳад; заҳрҳои сардмизоҷ, хусусан заҳри каждумро дафъ мекунад; агар ба миё- ни китфон бимоланд, хавфи дар дил афтодаро дафъ мегардонад. Кӯфтаи онро бипошанд, реш ва захмҳои тарро хушк мегардонад. Мегӯянд, ки решаи ин ҳангоми хӯрдан ба бирози (саргини) дар дарун шахшуда зарар дорад — давои ин зарараш шилми бодомҳо хӯрдан аст, ки ислоҳи за- рар намояд, инчунин ба тифлони заифмизоҷ зиён мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз решаи ревоч дар як рӯз аз 4,5 то 7 грамм аст. Ба ҷойи ин дар бемориҳои меъда ва ҷигар баробари якуним вазни он

гулисурхро истеъмол кардан раво мебошад. 213. Болдирғон Ин растаниро дар баъзе маҳалҳо тоҷикон куруш низ меноманд. Гиёҳаш баланд баробари қадди одам ва баландтар низ, пояш миёнхолӣ. Ин ду навъ аст: яке хушбӯй, дигаре бадбӯ. Қисмеро баргаш монанди барги карам ва он кӯчактар, гулаш чатрӣ монанди 487 гули шибит, вале назар ба гули шибит хеле азим, са- фед аст. Самараш баъди расидан сафед паҳни гирдак, бисёр хушбӯй мебошад. Шилми ин навъашро хилтити тайиб, яъне хилтити хушбӯ мегӯянд. Ин навъаш асо- сан дар Эрон мерӯяд. Қисми дуввум баргаш монанди саҳифаҳои коғази сӯхта пурсӯрох, пояш заифтар аз қисми якум. Самари он сиёҳ ва бисёр бадбӯ, ки ин- ро хилтити бадбӯ, гиёҳи онро камоҳ меноманд ва шил- ми онро, ки бисёр бадбӯ аст, хилтити бадбӯ мегӯянд. Навъи якумаш дар ҷоҳои намнок ва низ наздики об ва чашмаҳо мерӯяд, қисми дуввумаш бошад, дар мав- зеъҳои даштнамо ҳам месабзад. Мизоҷи навъи хушбӯйи он дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст, вале мизоҷи бадбӯйи он дар саввум гарм ва қавӣ. Ба қавли баъзеҳо мизоҷи болдирғон ва ка- моҳро дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк медонанд умуман. Хислатҳои шифобахши он: болдирғонро бихӯранд, зеҳнро сара, ҳофизаро зиёда ва мустаҳкам мекунад; нисён (фаромӯшхотирӣ), аҳмақию кундфаҳмиро дафъ месозад; фолиҷ, каҷ шудани рӯй ва сусту нотавон гаш- тани узвҳоро ба ибро меоварад. Бинобар дар меъда муддати дароз монданаш ва га- ронҳазм буданаш меъдаро дағал мегардонад, рутубат- ҳоро хушк мекунад, таомро сабукҳазм менамояд, бӯйи даҳанро дигар месозад, меъдаро қувват медиҳад, бал- ғамро меканад, бодҳоро пароканда мекунад, иштиҳои таомро бармеангезад; узвҳои ҳозимаро, ки иборат аз меъда, рӯдаҳо, ҷигар ва сипурз мебошанд, қавӣ ме- гардонад, зарари давоҳои бадҳазм ва заҳрнокро дафъ мекунад, бар зидди заҳр тарёқ мебошад, ҳиккакро нест мекунад; душвор шошиданро, ки сабабаш зиёд гаштани балғам бошад, ба ислоҳ меоварад, шир ва ҳайзро равон мекунад, гурда ва рӯдаҳоро гарм мегар- донад; боҳро, яъне пушти камарро ба ҳаракат меова- рад ва дарди буғумҳоро, ки сабабаш сардӣ бошад, дафъ мекунад. Болдирғонро дар сирко парварда карда, яъне он- ро як шабонарӯз дар он тар карда, баъд он сиркоро истеъмол, намоянд, дар ҳама ҳолат, инчунин сирко- асали (сиканҷабини) онро, ки асалро бо майи пухтагӣ пухта бошанд, барои таби дурӯздармиён, табҳои бал- ғамӣ ва табҳои мураккаб, дарди узвҳои даруни си- 488 на, истисқо ва зардпарвин даво мешавад, инчунин ҳиккакро, ки аз зиёд шудани балғам дар меъда ба амал омада бошад, дафъ мекунад; иркуннасоро шифо мебахшад. Агар инро бо шароб бихӯранд, бачаи зан- ҳои ҳомиларо аз шикам зуд меафтонад Болдирғонро кӯфта гузошта банданд, моддаҳоро ба- шиддат аз таг ба рӯйи пӯст мекашад; бо мумравған си- ришта бибанданд, барои ханозер, ҷароҳатҳо ва иркун- насо даво мешавад. Агар инро бо равғани

зайтун як- ҷо кӯфта гузошта банданд, кабудии зери чашмро нест мекунад. Онро дар об ҷӯшонида, он обро бо сирко даромех- та ва бо кӯфтаи пӯсти анор хамир сохта, бимоланд, бавосирро фоида дорад. Барги хушкашро кӯфта, ба решҳои хӯранда бипо- шанд, онҳоро сиҳат мекунад. Агар инро бибӯянд, ба- рои ҳиккак даво мешавад. Вале хӯрдани гиёҳи ин ба хичак зарар дорад — дар ин ҳолат тухми харбузаро бихӯранд, ислоҳи зарар мекунад; ба рӯдаҳо низ зиёнкор аст—инро бо хӯр- дани шилми бодомҳо ислоҳ метавон кард, ба одамони гарммизоҷ ҳам зарар дорад — дар ин ҳолат шарбати анор ва сиканҷабин бояд бихӯранд. Миқдори як бор хӯрдан аз гиёҳи он дар як рӯз аз 7 то 9 грамм аст. Шилми болдирғон ва камоҳ ҳам ду навъ аст: хуш- бӯй ва бадбӯ. Навъи хушбӯяш шилми болдирғони са- фед аст, вале бадбӯйи он шилми камоҳ, ки сурхи сиёҳ- тоб мебошад. Шайх Довуди Антокӣ навиштааст, ки мегӯянд: чун зан баъд аз ҳайз бефосила ҳар рӯз 3,5 грамм то як ҳафта бихӯрад, ҳаргиз ҳомила нахоҳад шуд. Феъли решааш назар ба қисми рӯйизаминиаш қави- тар аст. Агар инро кӯфта гузошта банданд, варамҳо- ро таҳлил медиҳад, зиёд гаштани ханозерро манъ ме- кунад ва даҳани захмҳоро ба ҳам оварда сиҳат мена- мояд. Мизоҷи шилми сафеди болдирғон, ки хилтити хуш- бӯй меноманд, гарм дар аввали дараҷаи чаҳорум ва хушк дар охири дараҷаи дуввум; мизоҷи шилми ка- моҳ, ки бадбӯй аст, дар аввали дараҷаи чорум гарм ва хушк дар саввум аст, ки ҳам қуввати тарёқӣ ва ҳам хислати заҳрнокӣ дорад. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани ин бемориҳои 489 аз сардӣ баамаломадаи вобаста ба майна бошанд, мо- нанди: фолиҷ, ларзак, саръ (припадка), карахтӣ, бе- ҳаракат мондани узвҳо, саръи тифлон ва монанди ин- ҳоро шифо мебахшад. Агар инро бо мурч ва судоб би- хӯранд, барои кузоз (столбняк); бо шароб бихӯранд, барои бемориҳои асаб дору мешавад. 0,6 грамми он- ро бо муми занбӯри асал даромехта фурӯ баранд, фо- лиҷро сиҳат мекунад. Ин шилмро бо асал даромехта, ба чашм кашанд, қуввати биноиро зиёда мегардонад ва зардоберо, ки дар гавҳараки чашм фуромада, ранги гавҳаракро ти- ра ва чашмро нобино мекунад, дафъ месозад, инчунин гули чашм ва нохунаки онро нест мекунад. Ин шилмро дар равғани зайтун ҷӯшонида, он рав- ғанро нимгарм дар гӯш чаконанд, дарди гӯш, карии кӯҳна ва ҷарангҳои гуногуни онро дафъ менамояд. Агар ин шилмро бо зангор (ярь-медянка) ва зок даромехта, дар бинӣ андозанд, гӯшти зиёдатиро, ки дар он пайдо шуда бошад, мехӯрад. Инро батанҳоӣ ба дандони кирмхӯрда гузоранд, дардашро таскин ме- диҳад ва кирмашро ҳам мерезонад, инчунин аз берун бар дандон бимоланд, дардашро сокин мекунад. Шилми мазкурро бо асал якҷо дар об ҳал карда, бо ин таркиб ғарғара кунанд, варами забончаи ҳалқ- ро таҳлил медиҳад; агар бо сирко даромехта ғарғара кунанд, зулуки дар ҳалқ часпидаро берун меоварад; бо зардаи тухми мурғ даромехта ғарғара

кунанд, сур- фаи хушк ва дарди паҳлуро дафъ мекунад. Танҳо ху- дашро дар об ҳал карда, бо он об ғарғара кунанд, овози гирифтагиро мекушояд, дағалии ҳалқро ислоҳ мекунад, дард ва варами пардаҳои паҳлуи даруни си- наро, ки сабабаш ҷамъ шудани балғам бошад, шифо мебахшад. Шилми болдирғонро дар об ҳал карда, он обро би- нӯшанд, овозро мекушояд ва онро соф мекунад. Агар ин шилмро бихӯранд, ҳар як моддаи дар да- рун шахшуда ва сахтгаштаро мегудозад, бодҳоро таҳ- лил медиҳад ва пароканда мекунад; агар инро бо си- канҷабин бихӯранд, шири шахшударо дар ҳар як ҷойи бадан, ки бошад, рақиқ (суюқ) мекунад; ва агар бо шоҳтут, мозу ва инчунин чизҳои турш бихӯранд, исҳо- ли рутубиро мебандад; бо чормағз ё оби аҷириқ биёшоманд, дарди рӯдаҳоро, ки сабабаш ҷамъ шудани бод ва балғам бошад, шифо мебахшад ва қулинҷро, 490 ки дард ва варами рӯдаҳои ғафс аст, мекушояд; бод- ҳоро таҳлил медиҳад ва пароканда месозад, ҳамаи навъҳои кирми меъдаро ихроҷ мекунад, хуни баво- сирро равон менамояд; сардии меъда, ҷигар ва си- пурзро ба ислоҳ меоварад, истисқо ва сустии баданро шифо мебахшад. Шилми болдирғонро ба миқдори нахӯд ва камтар мувофиқи бардошти мизоҷ дар миёни хамир гирифта, нон пухта, баъд фурӯ баранд, ҳамин тариқ бо он му- довамат намоянд, ҳамаи навъҳои истисқоро, хусусан истисқои обӣ ва бодиро шифо мебахшад. Агар ин миқдор шилми онро бо анҷир тановул намоянд, зард- парвинро дафъ мекунад; бо оби барги зуф биёшоманд, римҳои дар даруни бадан ҷамъшударо хориҷ мекунад ва дубайла (кӯряра)-ҳои ботиниро кафонида сиҳат ме- бахшад. Шилми мазкурро бо мурч якҷо кӯфта бихӯранд, пе- шоб ва ҳайзи бастаро мекушояд. Инро батанҳоӣ занҳо аз таг бардоранд, бачаи он- ҳоро аз шикам меафтонад. Варамҳоро чок карда, шилми болдирғонро дар миё- ни онҳо гузоранд, ҳамаи чизҳои мурдори даруни ва- рамро ихроҷ мекунад. Ин шилмро бо анҷири хушк кӯфта, баъд бо сирко хамир карда, гузошта банданд, шукуфаҳои пӯстро нест мегардонад; бо мумравған даромехта гузошта банданд, ҳамаи намудҳои озахро хушк карда мерезонад ва ғуд- даҳоро таҳлил медиҳад. Агар худашро танҳо гузошта банданд, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад; бо оби хокистар ё оби баҳр даро- мехта гузошта банданд, гӯшт ва мушакҳои чокшудаи баданро ба ҳам меоварад. Агар инро ба захми саги девона газида бимоланд, онро сиҳат мекунад; ба ҷое, ки инро молида бошанд, ҷонварони заҳрнок наздик намеоянд, инчунин молиданаш зарари тири заҳрнокро дафъ мекунад. Бо равғани зайтун даромехта бимо- ланд, азияти ғунда ва каждумгазидаро дафъ мекунад. Андакеро аз ин шилми болдирғон дар сӯрохи за- кар гузоранд, боиси қавӣ гаштан ва тамоман дар ҳа- ракат шудани он мегардад. Хӯрдани ин таби дурӯздармиёнро шифо мебахшад. Агар инро бо таомҳо бихӯранд, ранги рухсораро неку мегардонад. Вале истеъмоли ин ба

дарун барои майна ва ҷи- 491 гар зарар дорад — давояш анорҳои хоҳ ширин ва хоҳ турш хӯрдан аст. Агар ба одамони гарммизоҷ зиён ку- над, давояш бунафша, нилуфар ва оби себ ошомидан аст; инчунин ба узвҳои поёни бадан ҳам зарар дорад — давои ин зиёнаш катиро хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз ин шилм дар як рӯз аз миқдори донаи наск то 2 грамм аст. Агар шилми болдирғон ёфт нашавад, ба ҷояш ре- шаи ин гиёҳро истеъмол намоянд, раво мебошад. Яке аз хислатҳои ин чунин аст, ки агар камеро дар латта баста, ба даруни об андозанд, кирм дар он пай- до намешавад. Ҳамчунин дар миёни зироат гузоранд, ҷонварони зарарнок аз он ҷо мегурезанд. Ва агар ин- ро ба ҳар чӣ бимоланд, низ ҷонварони зарарнок аз он ҷо мегурезанд. Камтареро аз он дар решаи дарахте, ки нест карданаш лозим бошад, бигузоранд, он дарахт- ро мепӯсонад. 214. Пиёзи ансул Номи инро барғалат «анзур» мегӯянд, ки ҳатман таҳриф аст. Ин гиёҳест кӯҳӣ ва даштӣ, ки баргҳояш монанди баргҳои савсани кӯҳӣ ва наргис, вале дарозтар аз он- ҳо, дар сари пояш монанди сари пиёз гул мекунад. Барои даво пиёзи қисми заминиашро ба кор меба- ранд. Мизоҷи пиёзи ансул дар дараҷаи саввум гарм ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: пиёзи ансулро дар ха- мир ё латтаи тар печонда, дар қӯри оташ бипазанду бо шаш миқдори он намак ва камтар равған даромех- та, 8 грамм аз он ба дили наҳор бихӯранд, дарунро хуб меравонад ва бемориҳои вобаста ба узвҳои сар, монанди: лисарғус (летаргия), саръ (припадка), моли- хулиё (меланхолия), дарди нимсар, дарди сари аз ху- нукӣ, хоби сахт ва дуру дарози бехудона чарх задани сар, сиёҳ задани чашм, паридани аъзо, нотавон гашта- ни узвҳо, фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба даро- зӣ), каҷ шудани рӯ, нисён (фаромӯшхотирӣ)—ҳа- маашро шифо мебахшад; чашмро қавӣ ва тез меку- над; ба даруни гавҳарак фуромадани зардобро, ки чашмро нобино мегардонад, манъ месозад; дарди гӯш, зиқ-ун-нафас (бронхиальная астма), сурфаи кӯҳна, 492 дамкӯтаҳӣ, дағалии узвҳои даруни сина — ҳамаашро ба ибро меоварад; меъда ва ҳалқумро қувват мебах- шад, хун қай карданро манъ мекунад, хӯрокро нағз ҳазм мекунад, дар сари меъда истодани таомро дафъ мегардонад; зардпарвин, истисқо, сахтии сипурз, дар- ди рӯдаҳо, дарди буғумҳо ва ирқуннасоро (радикулит- ро) даво мешавад, санги хичакро майда карда мере- зонад, душвор шошиданро ба ислоҳ меоварад, ҳайзи занонро равон мекунад, бачаи занони ҳомиларо аз ши- кам меафтонад, захмҳои ботиниро шифо мебахшад, дарди асабҳоро таскин медиҳад, ба ҷоҳои гирдак- гир- дак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад, аъзои ба- данро аз ахлоти ғафси часпаки бемориовар пок мегар- донад. Даворо дар мағзи хамир ё латтаи тар печонида, дар қӯри оташ пухтанро дар тибби қадима ташвия мегӯянд ва он чиро, ки бо ҳамин усул пухта шудааст, машвӣ меноманд. Чун

4,5 грамм пиёзи ансули машвиро бо асал би- хӯранд, барои чарх задани сар, сиёҳ задани чашм, саръ, молихулиё, суст ва нотавон шудани узв ё аъзо, фолиҷ ва кач шудани рӯй фоида дорад. Ин пиёзро маҳин кӯфта, батанҳоӣ ё бо сиркои ан- гурӣ хамир сохта, ба сари бемори лисарғус гузошта банданд, ҳамчунин ба соқҳои пойҳои гирифтори ин ил- лат ё ба ронҳояш ва ё ба кафи пойҳояш гузошта бан- данд, моддаи зарарнокро ба худ мекашад ва боиси ба ҳуш омадану бедор шудани он мегардад. Як дона пиёзи ансулро бо дучанди он асали каф- каш гирифташуда пухта бихӯранд, барои дамкӯтаҳӣ, зиқ-ун-нафас ва гирифтагии овоз давои хубест. Агар ба даруни як пиёзи ансул ду тухми мурғро рехта, ташвия намоянд, то тухми мурғ дар он бипа- зад. Баъд он тухмро ҷудо карда бихӯранд, исҳол мео- варад, яъне дарунро меронад, иллати замингирро ши- фо мебахшад. (Замингир — ин бемориест, ки гирифто- раш барои хестан ва роҳ гаштан қодир нест. Инро то- ҷикон барҷомонда низ мегӯянд). Чун 2 грамм аз пиёзи ансул дар асал пухта бихӯ-ранд, дарди меъда, суҳазм (бадҳазмӣ), зардпарвин, сурфаи кӯҳна, дамкӯтаҳӣ, аз шуш рим қай кардан, дарди рӯдаҳо ва банд шудани пешобро дору меша-вад ва меъдаро қавӣ мегардонад. Ҳамин миқдор аз ин 493 пиёз бо шаҳдоб (асалоб) бихӯранд, барои иллати ма- хав фоида мебахшад. Як миқдор оби баргашро гирифта, бо дучанди он асал ба қивом оварда, мувофиқи бардошти табъ би- хӯранд, барои дамкӯтаҳӣ ва зиқ-ун-нафас даво мебо- шад. Пиёзи ансулро бо ташвия пухта, бо камтар сир (чеснок) ва намак даромехта, ҳамааш 15 грамм бо- шад, бо палави равғанӣ бихӯранд, кирмҳои шикамро ҳар навъ, ки бошанд, дафъ мекунад. Агар мақсади касе қай кардан бошад, 0,2 грамм аз пиёзаш ва ҳамин миқдор решаҳояшро гирифта — ҳар дуро якҷо кӯфта, бо об биёшоманд, сахт қай мео- варад ва меъдаро аз чизҳои бегона пок мегардонад. Чун тухми онро бо сирко кӯфта, дар ҳаммом ба доғи сафеди пӯст, ки бо ҳеҷ як даво сиҳат наёфта бо- шад, бимоланд, он доғҳоро ҳатман нест мекунад. Ин пиёзро реза-реза карда, дар равғани савсани сафед ё савсани кӯҳӣ биҷӯшонанд ба дараҷае, ки пиёз хушк ва нимсӯхта гардад, баъд он равғанро ба узвҳое, ки аз таъсири сармо шах шуда бошанд, дарди буғум- ҳо ва никрис бимоланд, ба ибро меоварад; агар дар гӯш бичаконанд, дардашро таскин медиҳад ва гиреҳ- ҳои дар пардаҳои он баамаломадаро мекушояд. Ин равғанро бо муми занбӯри асал ва камтар гӯгирд ҳам- роҳ карда, ба решаҳое, ки рутубаташон монанди шир аст ва қӯтури решгашта, инчунин қӯтури хушк, ба хо- ришҳои пӯст ва сабӯсаки сар бимоланд, сиҳат мебах- шад. Бо зифт ва ҳино сиришта бимоланд, доначаҳои хушки ба сари тифлон баромадаро нест мекунад. Акнун дар омади гап, тарзи тайёр кардани рав- ғани савсани сафедро баён мекунем. Ба даруни зарфи шиша то нима равғани кунҷиди тоза мерезанд ва он- ро аз гулҳои тару тозаи савсани сафед пур карда, ба офтоб

мегузоранд. Вақте ки ранги гул дигар шавад, яъне бипарад, қувваташ ба равған бигузарад, гулро фишурда дур мекунанду ба ҷойи он гули нав меандозанд. Ҳамин тавр панҷ-шаш маротиба гулҳоро нав ме- кунанд, баъд равғанро соф карда мегиранд — ҳамин равғани савсани сафед мебошад. Агар ин пиёзро пухта, бо сирко хамир сохта гузош- та банданд, газидани мори афъиро шифо мебахшад. Бӯйи пиёзи ансул кушандаи магасҳои газанда ме- бошад ва мушро ҳамон дам ҳалок мекунад. 494 Агар ин пиёзро наздики ток бишинонанд, ангураш- ро ба ислоҳ меоварад ва агар дар пойи дарахти анор ва биҳӣ бишинонанд, рехтани гули онҳоро манъ ме- кунад. Тухми ансул дарунро мулоим мекунад ва барои дарди рӯдаҳо, мақъад ва дарди чашм дору мешавад. Чун тухми ансулро кӯфта, бо сирко хамир карда ҳабҳо созанд, яъне онро ба андозаи ғӯраи олуча кулӯ- лаҳо сохта, як адади онро дар миёни анҷири пухтагӣ гузошта, як рӯзи пурра дар асали рақиқ (суюқ) тар намоянд, баъд он анҷирро аз асал берун карда бима- канд, аз болояш оби гарм ё оберо, ки дар он навшо- дир ҷӯшонида шуда бошад, бинӯшанд, шадидтарин қулинҷро, ки варам ва дарди рӯдаҳои ғафс аст, дафъ мегардонад. Вале хӯрдани пиёзи ансул барои одамони гармми- зоҷ зарар дорад: ғамгин мекунад, ба асабҳояшон низ зиён меоварад. Дар ин ҳолатҳо қанд ва набот бояд хӯрд ё сиканҷабин биёшоманд, зарари онро дафъ ме- созад. Инчунин шири навдӯшида ва обҳои меваҳо зиё- ни онро ба ислоҳ меоварад. Бояд огоҳ кунем: пиёзи ансулро, ки танҳо дар май- дон рӯйида бошад, набояд бихӯранд, зеро ки вай хис- лати заҳр пайдо мекунад — мекушад. Миқдори як бор хӯрдан аз пиёзи ансул дар як рӯз то 7 грамм аст. Агар аз ин зиёд бихӯранд, зарар ме- кунад, ҳатто мӯҳлик аст, хусусан ғайримашвии он. Агар зарар оварад, зудтар қай карда партоянд ва чиз- ҳои хунукмизоҷ бихӯранд, оби меваҳои сардмизоҷ би- нӯшанд. Аз пиёзи ансул равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ: 1. Пиёзи ансулро бо корди чӯбин варақ кунанду аз он 25 граммашро дар 100 грамм равғани зайтун биҷӯ- шонанд, то пиёз бипазад. Пас равғанро соф намуда, дар шиша нигоҳ доранд ва вақти ҳоҷат ба кор ба- ранд. 2. Равғани ансул ба тариқи дигар. Ансули навро бо корд варақ-варақ карда, дар равғани зайтун ан- дохта, чил рӯз дар офтоб мегузоранд. 3. Нусхаи дигари равғани ансул ин тариқ аст. Ан- сули навро бо корди чӯбин варақ-варақ карда, дар зарфе ба об андозанд, аз болояш равғани зайтунеро, ки баъд аз кашида шуданаш шаш сол ва зиёда гу- 495 зашта бошад, дар таносуби ба як ҳиссаи ин пиёз чор баробар равғани зайтун бирезанд. Баъд бипазанд, то пиёз муҳарро шавад ва об дар равған намонад. Пас равғанро соф карда, дар шиша нигоҳ доранд. Равғани ансулро шаб бар кафи ҳар ду поҳо бимо- данд ва поҳоро то субҳ ба замин нагузоранд, олати мардӣ хоб намекунад, тамоми шаб онро бархоста ме- дорад. Агар то як ҳафта ҳамин амалро бачо ова- ранд,

аз хислати мардӣ маҳрумшудагонро ба ҳоли ас- лиашон барқарор мекунад. Барои шах шудан ва дар- ди поҳо, сармозадагӣ, дарди буғумҳо, ниқрис, дарди гӯш ва гиреҳи пардаҳои даруни он низ молиданаш фоида дорад. Агар ин равғанро ба сар бимоланд, барои иллатҳои сакта (мурда барин беҳаракат мондан) ва фолиҷ ши- фо мебахшад, хусусан, ки кӯҳна шавад, қавитар мегардад. Агар аз ин равған миқдори сарро чарб кар- данӣ гирифта, андаке муми зарди занбӯри асал дар он гудохта, ба сар бимоланд, бемориҳои зикрёфтаро шифо мебахшад. 215. Арча Ин дарахти маълум аст, ки дар кӯҳистонҳо мебо- шад. Дар тиб аз ҳама бештар самарашро ба кор ме- баранд. Самараш кулӯла ва каме калонтар аз нахӯд, дар аввал сабз ва баъди расидан сиёҳ мегардад. Ин- ро баъди сиёҳ шуданаш ҷамъ мекунанд ва дар соя хушк карда, дар зарфи маҳкам нигоҳ медоранд. Агар ҳамин тавр накунанд, зуд кирм мехӯрадаш. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, бисёр форам аст, қувватҳои таҳлилдиҳандаи варамҳо ва моддаҳои ғализи бадан дорад. Агар гузошта банданд, хушккунандаи решҳои тар мебошад. Барои нест кардани варами гарми майна ва пар- даҳои он, фолиҷ, нотавон гаштани ягон узви бадан, карии гӯш, реш ва захмҳои буни дандон, дамкӯтаҳӣ, истисқо, бавосир, равон кардани ҳайзи бандшудаи за- нон, афтонидани бача аз шиками занони ҳомила, ба- рои нест кардани бӯйи бади захмҳои раддии бадфиол, барои мӯй рӯёнидан ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрех- таи сар ва риш, шах шудани узвҳои бадан, дафъ кар- 496 дани доғҳои пӯсти бадан ва таҳлил додани варамҳои гарм фоида дорад. Агар барги тари арчаро кӯфта гузошта банданд, варами гарми майна ва пардаҳои онро, ки дар тибби ҳозира менингит меноманд, дафъ мекунад. Самарашро бихӯранд, барои иллати фолиҷ ва нота- вон шудани ягон узви бадан шифо мебахшад. Самари арчаро дар равғани кунҷид то сиёҳ гашта- ни равған биҷӯшонанд ва баъд он равғанро соф на- муда, нимгарм дар гӯш чаконанд, карии гӯшро бағо- ят фоида дорад. Ин самари арчаро маҳин кӯфта, бо асал хамир карда, ба дандон ва милки он бимоланд, ҷароҳати бе- хи дандон ва бадбӯйии бодхӯрдаи онро дур мекунад. 35 грамм самари арчаро маҳин кӯфта, бо 18 грамм равғани гов ва 18 грамм асал хамир карда, лесида би- хӯранд, барои иллатҳои дамкӯтаҳӣ ва бавосир даво мешавад. Агар самари арчаро танҳо дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, боди меъдаро дафъ мекунад ва ис- тисқоро шифо мебахшад; ҳайзи бандшудаи занҳоро мекушояд, инчунин бачаи онҳоро аз шикам меафто- над. Агар кӯфтаи инро бо асал хамир карда, занҳо аз таг бардоранд, низ таъсираш ҳамин тавр аст. 10,5 грамм самари арчаро кӯфта бихӯранд, тамоми кирмҳои меъдаро мекушад. Чун 35 грамм самари арчаро аз тухмаш пок карда, дар зарфе аз болояш он миқдор равғани гов бире- занд, ки онро бипӯшонад, баъд дар оташ

ба дараҷае бипазанд, ки равғанро тамоман ба худ ҷазб намояд, пас сойида, бо 35 грамм қанди сафед кӯфта даромехта, ҳар пагоҳ ба дили наҳор одамони сардмизоҷ бо оби гарм бихӯранд, дардҳои поёни бадан ва бавосирро ши- фо мебахшад ва ҳамаи кирмҳои рӯдаҳоро мерезонад. Самари инро кӯфта, ба захмҳои даванда ва хӯранда бипошанд, онҳоро хушк ва сиҳат мекунад, вале агар ба ҷароҳатҳо бипошанд, даҳани онҳоро ба ҳам мео- варад, инчунин захмҳои бадбӯгаштаро ба иброо меова- рад. Кӯфтаи онро бо асал сиришта, ба захмҳои даванда гузошта банданд, давидани онҳоро манъ мекунад ва намегузорад, ки пӯст сиёҳ гардад. Инчунин баргашро кӯфта, ба варамҳои гарм гу- зошта банданд, онҳоро таҳлил медиҳад ва сиёҳии пӯстро дафъ мегардонад, инчунин доғи сурхро, ки 497 баъд аз беҳ шудани захм боқӣ монда бошад, дур ме- кунад. Агар ин баргро бо анҷир якҷо кӯфта, ба узв- ҳои шахшуда гузошта банданд, онҳоро ба ҳоли аслии сиҳаташ меоварад. Самарашро кӯфта, бо сирко хамир карда, ба ҷо- ҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш бимоланд, мӯй мерӯёнад. Миқдори як бор хӯрдан аз самари арча дар як рӯз то 10,5 грамм аст. Агар ёфтани ин муяссар нагар- дад, ба ҷойи ин ғӯраи сарврро метавон истифода кард. Аммо инро аз ҳад зиёд бихӯранд, ба меъда ва ҳал- қум зарар мекунад. Дар ҳолати зарар карданаш асал бихӯранд, ислоҳи он газанд менамояд. Аз самари арча равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ: 1. 60 адад самари арчаро дар 300 грамм равғани кунҷид ё равғани зайтун бирён мекунанд, то он са- марҳо сӯхта гарданд. Баъд равғанро соф намуда, дар вақти ҳоҷат ҳангоми холӣ будани меъда аз таом, ан- даки онро гарм намуда, чанд қатра дар гӯш чако- нанд, кариро дафъ мекунад. 2. Самари арчаро нимкӯфта дар равғани зайтун биҷӯшонанд, то равған сиёҳ шавад ва баъд равған- ро соф карда бигиранд. Ин ҳам равғани тухми арча аст, ки монанди равғани боло зикрёфта хосият дорад, яъне ҳамаи навъҳои кариро сиҳат мекунад. 216. Газ Газ хелҳои гуногун дорад: баъзе босамар, баъзе бесамар; баъзеаш пуштиранги майда дар хӯша гул мекунад ва баъзеаш гул намекунад. Баргаш монанди барги арча. Беҳтаринаш дар канорҳои обҳои ширин рӯйидан он аст. Мизоҷаш дар дараҷаи якум сард ва хушк аст, вале баъзеҳо сардии мизоҷи онро дар дараҷаи дуввум ме- донанд. Хислатҳои шифобахши он: решаашро дар равғани зайтун пухта, ҳар дуро, яъне реша ва равғанро бихӯ- ранд, иллати махавро, ки аз варами заҳрнокии сипурз ва аз гиреҳ пайдо кардани ин узв ҳодис шуда бошад, шифо мебахшад; агар решаи онро бо сирко пухта би- хӯранд. зардпарвинро, ки сабабаш сустии заҳрадон ва банд шудани моддаи сафро дар он бошад, дафъ 498 мекунад. Барои кушодани гиреҳҳо ва таҳлил додани варами сахти ҷигар ҳар рӯз 150 грамм сиркоеро, ки решаи газ ҷӯшонида шуда бошад, бинӯшанд, шифо ме- бахшад. Баргҳояшро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гардонанд, дандон ва милки

онро мустаҳкам меку- над. Ва агар ин обро биёшоманд, исҳолро банд месозад ва рафтани хунро аз бачадон мебандад, инчунин рафтани рутубатро аз он хушк мекунад. Усораи барги онро, яъне оби барги онро дар оф- тоб ғафс гардонида ё баргҳояшро дар об ҷӯшонида, он обро, ё гулаш ва ё тухмашро биёшоманд, сипурзи сахти беҳад васеъгаштаро кӯчак мегардонад, хусусан онро дар сирко ва бо анҷир ҷӯшонида бошанд, зудтар таъсир мекунад. Ҳар як қисми газро дар об ҷӯшонида, дар он об то ноф даромада нишинанд, хунравиро аз мақъад, бача- дон ва инчунин аз бавосир манъ мекунад. Агар бо он об сарро бишӯянд, шапуш ва ришкро дафъ месозад. Баргҳояшро пухта, кӯфта, бо сирко ва решаи ка- вар ё сабир (алоэ) хамир сохта гузошта банданд, ва- рами гарм ва сахтии сипурзро таҳлил медиҳад. Ин баргҳои пухтагиро аз рӯ гармбандӣ кунанд, иллатҳои сипурзро дафъ мекунад. Гази хушкро кӯфта бипошанд, решҳои тар ва зах- ми обилаи дар оташ сӯхтагиро хушк мекунад. Шох ва баргҳои онро сӯхта, дудашро бигиранд, зу- комро шифо мебахшад, зулуки дар ҳалқ мондаро их- роҷ мекунад ва инчунин обила ва захмҳои тарро хушк мегардонад. Се дафъа баргашро сӯхта, мақъадро ба дудаш би- доранд, донаи бавосирро меафтонад ва озаҳҳоро хуш- конида мерезонад. Хокистари чӯби газро дар мақъад бардоранд, ил- лати сустии мақъад (кӯтан) ва баромадани онро ба ибро меоварад. Агар инро бипошанд, решҳои тарро хушк мекунад ва сӯхтагии оташро шифо мебахшад. Самари газро кӯфта бихӯранд, хун қай карданро, ки кӯҳна шуда бошад, шифо мебахшад, милкҳои сус- ти дандонро мустаҳкам мекунад ва фасоди ҳавои ва- боиро дафъ менамояд, инчунин заҳри ғундаро аз ба- дан хориҷ мегардонад. Агар аз зарфи чӯби газӣ об ва таом бихӯранд, ба- рои бемориҳои сипурз фоида дорад. 499 217. Гази калони кӯҳӣ Ин дарахт дар кӯҳистонҳо мерӯяд, баландиаш зи- ёдтар аз дарахти шафтолу, вале сершох мебошад. Бар- гаш монанди баргҳои гази оддӣ ва арча аст, бе гул мебошад; самараш ба андозаи нахӯде, сабзи зардтоб. Таъми баргаш ҳам, самараш ҳам ба тунҷӣ моил ва каме талхӣ низ дорад. Самараш аз гиреҳҳои шохи он пайдо мешавад, дар фасли тобистон расида мегардад, даруни он тухмҳои резаи ба ҳам часпида дорад. Мизоҷи шоху баргҳояш дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст, вале мизоҷи самараш дар дара- ҷаи дуввум сард ва дар саввум хушк мебошад. Хислатҳои шифобахши он: барг ва навдаҳои онро бихӯранд, дарунро аз чизҳои бегона ва нодаркор пок мекунад, гиреҳҳои дар сипурз пайдошударо мекушо- яд, ҷигарро қавӣ мегардонад ва варами онро таҳлил медиҳад; барои иллати махав ва сиёҳ кардани мӯйи са- федшуда нафъ дорад. Агар онро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гардонанд, дарди дандонро таскин ме- диҳад. Онро сӯхта, ба дудаш ва дар об ҷӯшонида, ба бу- хораш бидоранд, кач шудани рӯйро ислоҳ мекунад. Реша, шоху навдаҳо ва барги онро дар об

ҷӯшони- да он обро бинӯшанд, гиреҳҳои сипурзро мекушояд ва варами ин узвро таҳлил медиҳад, мӯйи сафедшударо сиёҳ менамояд, барои иллати махав дору мешавад. Агар онро дар сирко ё дар шароб ҷӯшонида, он сирко ё шаробро бинӯшанд, ҷигарро қувват мебахшад ва варами онро мегардонад. Ва агар инро кӯфта, аз рӯ гузошта банданд, варами ҷигарро таҳлил медиҳад. Онро сӯхта, ба дудаш то ҳафт дафъа бидоранд, кач шудани рӯйро ба ибро меоварад, донаҳои дами- даи иллати нағзакро мерезонад; бавосир ва ҷӯшишҳои майдаи пӯстро, ки зардоб аз онҳо таровиш кунад, шифо мебахшад. Хокистарашро ё оберо, ки ҳар як қисми гази кало- ни кӯҳӣ ҷӯшонида шуда бошад, бимоланд, мақъади ба- ромада (кӯтани беруномадаро) ба ҷояш мебарад, мӯй- ро қувватнок мекунад. Хокистарашро ба ҷое, ки хун рафтан дошта бошад, бипошанд, хунро зуд манъ меку- над. Миқдори як бор хӯрдан аз обе, ки дар он гази ка- лон ҷӯшонида шуда бошад, дар як рӯз 250 грамм аст. 500 Агар оби баргашро нӯшиданӣ бошанд, 130 грамм ошо- мидан кофист. Вале истеъмоли ин ба дарун меъдаро заиф мегар- донад. Дар ин ҳолат шилми бодомҳоро бихӯранд, зиё- наш ислоҳ меёбад. Агар гази калони кӯҳиро ёфтан душвор гардад, ба ҷойи ин самари сарвро истифода баранд, раво мебо- шад. Самари ин газ назар ба маҳсулоти дигари дарах- таш бештар давогӣ дорад. Онро бихӯранд, моддаҳои зарарноки аз ҷоҳои дигари бадан ба узв рехташаван- даро рад мекунад; милки дандон, чашм, меъда, ҷигар ва сипурзро қавӣ мегардонад; рафтани хунро аз ҳар ҷойи аъзо, ки бошад, инчунин хун қай карданро манъ мекунад, намегузорад, ки назла аз сар ба поён фуро- яд, исҳолҳои сафровӣ ва рутубиро банд менамояд, зардпарвинро дафъ мекунад, рутубати бечо равонша- вандаи бачадонро хушк мегардонад. Самари инро як шабонарӯз дар гулоб тар карда, баъд он гулобро соф намуда, дар чашм чаконанд, мод- даҳои ба чашм фурояндаро пас мегардонад, ба пилк- ҳои чашм қувват медиҳад, инчунин чашмро тез меку- над. Ва агар онро дар об ҷӯш дода, он обро дар да- ҳан гардонанд ва ё худашро батакрор бихоянд, милки дандонро мустаҳкам месозад, дандонро аз хӯрда шу- дан нигоҳ медорад ва агар он ҷунбонак бошад, сахт менамояд. Агар инро бихӯранд, барои хун қай кар- дан, иллатҳои дамкӯтаҳӣ, бевақт равон шудани ҳайз ва хуни бавосир даво мешавад: хунравиро аз ҳар узв, ки бошад, манъ мекунад; намегузорад, ки назлаҳо аз боло ба пойини бадан рехта шаванд, инчунин исҳолҳои сафровӣ ва рутубиро манъ мекунад. 25 граммашро дар об ҷӯш дода ё дар оби гарм як шабонарӯз тар карда, он обро бо шакар ширин карда бинӯшанд, зард- парвинро дафъ мекунад; қуввати заҳри ғундаро мешиканад, агар газида бошад; қӯтури тарро сиҳат ме- бахшад, рутубати бемаврид ва бисёри равоншаван- даи бачадонро хушк мекунад ва дар мизоҷи тифлон барои дафъи рутубати ғализи бадбӯйи онҳо доруи ху- бест; ранги

рӯйро пок, неку ва тару тоза мегардонад: бадани беморони силро фарбеҳ месозад ва баъд аз он ҳафт рӯз ё зиёда дар дӯғ катиро ҳал карда, бо 25 грамм самари ин дарахт пай дар ҳам биёшоманд ва аз болояш нони тунуки аз орди маҳини гандум тайёр- 501 кардаро кӯфта бихӯранд, бисёр фарбеҳ мегардонад, инчунин ранги рӯйро пок, неку ва баравнақ месозад. Хулласи калом ин аст, ки чун касеро дар баданаш рутубати мурдор бошад, инро бихӯранд, баданро оз он пок месозад ва меъдаро қавӣ мегардонад. Касеро, ки меъда ва баданаш аз моддаҳои бегона пок бошад, агар бихӯрад, онро қувват мебахшад, фарбеҳ меку- над; исҳол, пешобравии беиродӣ, инчунин бемаврид равон шудани ҳайзро манъ мекунад. Агар инро дар зарфе битафсонанд, то он, ки бӯяш барояд, онро бо 35 грамм гулнор ҳар дуро якҷо кӯфта бихӯранд ва ду- се ҳафта ҳамин миқдор истеъмол намоянд, исҳолро манъ мекунад ва равон шудани хунро бозмедорад. Агар асабҳо нотавон гашта бошанд, инро кӯфта гу- зошта банданд, ба ибро меоварад. Агар инро дар об ё дар сирко ҷӯш дода, баъд кӯфта аз рӯ гузошта бан- данд, варами сипурзро мегардонад. Ва онро дар об ҷӯш дода, бо он об бишӯянд, қӯтури тарро шифо ме- бахшад, ранги рӯйро неку мегардонад, шапушҳоро нест мекунад. Агар инро кӯфта бипошанд, хуни ҷа- роҳатҳоро аз рафтан манъ месозад, гӯшти зоиди он- ҳоро мехӯрад. Ва агар кӯфтаи онро занҳо аз таг бар- доранд, рутубати бечо, равони андоми шарм ва бача- донро нест менамояд. Чӯби гази калонро сӯхта, ба дудаш бидоранд, ба- рои одамоне, ки рӯяшон кач шуда бошад, нафъ мекунад. Аммо хӯрдани гази кӯҳӣ ва самари он ба сар за- рар дорад. Дар ин маврид тухми сабзии саҳроиро би- хӯранд, зиёнашро ислоҳ мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз самари он дар як рӯз аз 7 то 15 грамм аст. Агар самари гази калони кӯҳӣ ёфт нашавад, ба ҳамон вазн мозу ҷойи онро гирифта метавонад. Агар мозу ҳам дастрас нагардад, қисми да- руни анор ба ғайр аз донаҳояшро ба ҷойи ин истеъмол намоянд, раво мебошад. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-212-217#212

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 218-223 218. Панҷангушт 219. Олу 220. Мухаллас 221. Турб 222. Гули офтобпараст 223. Мӯрд 218. Панҷангушт Ин буттаест баргаш монанди панҷ ангушти дасти одамӣ аз як нуқта ба ҳар тараф кашидашуда мебо- шад. Дар республикаҳои Осиёи Миёна онро ҳамчун растании оройиш парвариш медиҳанд. Инро ба забони 502 арабӣ аслақ ва ба ҳиндӣ синбҳолу меноманд ва дар баъзе маҳалҳо тоҷикон содда карда симболӣ мегӯян- даш. Дар худи шаҳри Душанбе аз паҳлуҳои кӯчаҳо бисёр буттаҳои ин мавҷуд мебошанд. Гулаш дар хӯ- ша бунафш ва гоҳо сафед мебошанд, аз нимаи баҳо- рон то тангии тирамоҳ гул мекунад ва тухм мебандад, Тухмаш ба миқдори мурч аст. Бинобар ҳамин инро дар Эрон

мурчи кӯҳӣ мехонанд. Мизоҷаш гарм ва хушк дар дараҷаи дуввум аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, да- рунро мебандад, варам ва моддаҳои ғафсро таҳлил медиҳад, гиреххои дар мағзи сар ва дар ҷигар пайдошударо мекушояд; дарди сарро, ки аз зиёд шудани рутубат ва ба ҳам расидани варам дар майна бошад, шифо мебахшад; ва агар дар рагҳои ширёнии (арте- рияи) майна варам пайдо шуда ва ин варам аз зиёд шудани балғам дар мағзи сар ба амал омада бошад, онҳоро таҳлил медиҳад; бемориҳои девонагӣ ва дил- тапак (дилбозӣ)-ро дафъ мекунад; хуни бандшудаи ҳайз ва бавосирро мекушояд, яъне равон мекунад, ги- реҳи дар сипурз баамаломадаро мекушояд, варами бачадонро таҳлил медиҳад, асабҳои печидаро рост ме- гардонад, кафидани мақъадро сиҳат мебахшад, заҳри морро аз бадан дафъ менамояд. Одатан аз ин рас- танӣ ҷонварони газанда мегурезанд. Барги тарашро кӯфта, монанди фулус қурсҳо паҳн кунанд, ки вазни ҳар як қурс тақрибан 2,5 грамм бо- шад. Баъд онҳоро дар рӯйи товае, ки бо равғани гов чарб карда шуда бошад, аз як рӯяш бирён намоянд. Сонӣ дар асали сараи баҳорӣ андозанд. Аз ин таркиб то се рӯз пагоҳӣ ба дили наҳор як қурси онро зане, ки ба иллати парсут гирифтор бошад, бихӯрад. Агар би- гуворад, яъне бифораду мувофақат кунад, то ду ҳаф- та ҳар як қурси онро субҳ ва як қурси дигар ба вақти шом бихӯрад. Агар аз ин сиҳат ёбад, хуб аст ва агар на, тарк намояд. Аммо асаре аз парсут монда бошад, боз як ҳафтаи дигар низ ду маҳал ё як маҳал истеъ- мол намояд. Дар рӯзҳои хӯрдан аз маҳсулоти ширӣ, туршиҳо, сабзиҳо (кашниз, шибит, кабуд ва ғайра), чизҳои тармизоҷ ва равғани бисёр парҳез намояд. Парсут — озорест, ки баъзе занонро баъди зойидан содир мегардад, намудаш гуногун мебошад: баъзеро дарунаш меравад, рангро зард, баданро заиф ва ло- ғар мегардонад. Бемор ба ягон хӯрок рағбат намеку- 503 над. Агарчи камтар бихӯрад, ба зудӣ ҳазм намеёбад, то агар бо воситаи даво ихроҷ накунанд, он ғизо аз шикамаш дафъ намегардад, низ соҳибаш ором ҳам на- мегирад. Баъзе занҳоро баробари он чизҳое, ки зикр ёфтанд, боз таби сабук ҳам мегирад. Барги тари ин буттаро кӯфта гузошта банданд, дарди сари рутубӣ ё аз варами ширёнҳои майна ба судур омада бошад, шифо мебахшад. Оби баргашро бинӯшанд, девонагиро сиҳат меку- над, гиреххои майнаро мекушояд; тапидани дилро, ки аз зиёд шудани моддаҳои балғам ва савдо ба зуҳур пайваста бошад, шифо мебахшад, гиреххои даруни ҷигар ва сипурзро мекушояд. Барг ва самари панҷангуштро кӯфта, занҳо аз таг бардоранд ё ки барги онро баробармиқдор бо пудинаи даштӣ гирифта, сӯхта, дудашро занҳо ба миёни поҳои худ бигиранд, ҳайзи бастаро равон мекунад. Самар ва барги онро дар об ҷӯшонида, занҳо то ноф дар он об даромада нишинанд, варами бачадонро таҳлил меди- ҳад ва агар шахсеро, ки мақъадаш варам карда бо- шад, барои он низ даво мешавад.

Барги онро бо барги ток якҷо кӯфта, бо маскаи тоза марҳам сохта, гузошта банданд, хояҳои сахтгаш- таро ба ҳоли аслиашон меоваранд. Ҳар як қисми панҷ- ангуштро дуд кунанд, ҷонварони зарарнок аз он ат- роф мегурезанд. Баргҳои тари онро паҳн карда, яъне густарда бар болояш нишинанд, қуввати боҳро, яъне пушти камар- ро мешиканад. Барги тари онро дар оташ гарм карда, гузошта банданд, варамҳои хунукро таҳлил медиҳад ва агар ба хояҳо об фуромада бошад, ҳамин тавр бо ин гармбандӣ кунанд, инро ҳам шифо мебахшад. Аз чӯби он асо сохта, ба он такя карда бигар- данд, шаҳвати мардиро қатъ мекунад. Баргҳои онро ба зери ҷогаҳи хоб бигустаранд, дар хоб ҷимоъ кардан, яъне дар хоб шайтон заданро ба ибро меоварад, инчунин бархостани олати мардиро қатъ мекунад. Хислати тухмаш назар ба барги он сабуктар аст. Хӯрдани панҷангушт ба гурда зарар дорад ва дар- ди сар меоварад. Дар ин маврид шилми бодомҳоро хӯрдан ҷоиз аст, ки зиёнашро ислоҳ намояд. 504 Миқдори як бор хӯрдан аз барг ва тухми панҷан- гӯшт дар як рӯз то 4,5 грамм аст. Беҳтар он аст, ки ин- ро бидуни шилми бодомҳо, ки ислоҳкунандаи зарараш мебошад, истеъмол накунанд. 219. Олу Дар тиб аксар олуи сиёҳ ба кор меравад, ки пухта шодоб ва ширин шуда бошад. Мизоҷи олуи сиёҳ дар дараҷаи якум хунук ва дар дуввум тар аст. Мизоҷи дигар олуҳо низ тақрибан ба он наздик мебошад. Хислатҳои шифобахши он: модоме ки олуи сиёҳ аз нуқтаи назари тиббӣ ҷолиби диққат аст, вале мо ба- рои муқоиса хусусиятҳои олуҳои дигарро низ ба за- бон мегирем. Олуи сиёҳ ҳамчун ғизо камқувват, вале мулоимку- нанда ва лағжонандаи дарун аст, хусусан дар тари пухтагии он ин хислат зиёдтар мебошад, зеро руту- бат ва часпандагӣ дар он афзун аст. Агар олуи сиёҳ- ро пеш аз таом бихӯранд, сафрои рақиқро меронад, дарди сари аз гармӣ баамаломада ва табҳои сафро- виро фоида дорад; ғалабаи сафроро, яъне афзудани сафроро хомӯш мекунад, қайи сафровиро бозмедорад, ташнагиро таскин медиҳад, ҳарорати дил ва шиддати тафси онро хомӯш мегардонад, хориши баданро нест мекунад, сафрои рақиқ (суюқ)-ро бо воситаи исҳол дафъ месозад; бечо (беҳузур) гаштани дилро, ки аз бисёр шудани моддаи сафро дар меъда ба амал ома- да бошад, дафъ менамояд; хусусан майхуш (туршу ши- рин)-и он дар ин бобат пуртаъсир аст. Вале олуи сиё- ҳи ширин дарунро суст ва мулоим мегардонад ва бо ин хислаташ бештар дарунро меронад. Басост, ки навъи турши олуи сиёҳ дарунро меронад. Зеро ки он дар шикам ба чизҳои турш бирасад, онҳоро мулоим сохта, аз ҷояшон канда ва ҷудо намуда дафъ мегар- донад, вале агар ба моддаҳои ғайри турш бирасад, дарунро шах мекунад. Агар олуи сахти майда бошад, баъд аз хӯрдан да- рунро сахт мекунад. Агар инро бо шаҳдоб бихӯранд, он гоҳ дарунро меронад, инчунин барои дарун беза- рар мегардад. Олуи хушкро дар об бипазанд ва он обро соф кар- 505 да, бо асал ё бо шакар,

ё бо тарангабин (шакари ян- тоқ) биёшоманд, дарунро мулоим месозад. Олуи са- фед бадҳазм аст ва монанди олуи турш дарунро на- меронад. Гули олуро бихоянд, аз боло ба пойи фуромадани моддаҳои зарарнокро манъ мекунад. Агар онро кӯфта ба сар гузошта банданд, дарди сареро, ки аз гармӣ бошад, нафъ мебахшад. Барг ё решаашро дар об ҷӯшонида, бо он об ғар- ғара кунанд ва он обро дар даҳан гардонанд, аз май- на фуромадани назларо манъ мекунад, варами забон- чаи ҳалқум ва омоси ғадудҳои бодомшакли гулӯро таҳлил медиҳад ва милки дандонро мустаҳкам мегар- донад. Агар ин обро бинӯшанд, кирмҳои меъдаро их- роҷ мекунад. Баргашро кӯфта, ба зери ноф гузошта банданд, кирмҳои шикамро мекушад. Вале олуро бисёр бихӯранд, ба майна зарар до- рад—ин гуна офати онро бо челон хӯрдан ислоҳ мета- вон кард; агар ба меъда зарар расонад, гулқанд бо- яд истеъмол намуд. Миқдори як бор хӯрдан аз меваи олу дар як рӯз то 150 грамм аст. Мизоҷи шилмаш аз шилми бодомҳо гармтар аст, вале хушкиаш камтар аз он мебошад. Агар инро би- хӯранд, барои сурфа фоида дорад, сангҳои гурда ва хичакро (пешобдонро) майда карда мерезонад. Ин шилмро ба захмҳо гузошта банданд, дар онҳо гӯшти солим мерӯёнад. Агар инро сойида, чун сурма ба чашм кашанд, чашмро тез мегардонад. Агар бо сирко хамир карда, ба шукуфаҳои пӯст гузошта банданд, ши- фо мебахшад ва ҷӯшишҳои бадани кӯдаконро дафъ мекунад. 220. Мухаллас Ин гиёҳ аз як реша то 15—20 соқ бармеоварад, ги- реҳдор, баландиаш аз 20 то 60 сантиметр мешавад. Аз ҳар гиреҳи поя барг мебарорад чун сари барги ганду- ми майса ба дарозӣ то 2—3 сантиметр. Дар сари ҳар соқ яктоӣ кӯсак дорад ба тӯлонии якуним—ду сан- тиметр ва ғафсии он ба андозаи ҷуволдӯз аст. Дар нӯги ҳар як кӯсак гул мекунад: сепарра, рангаш са- 506 фед ва пуштӣ. Ҳамин кӯсак ғилофаки тухмҳояш ме- бошад. Ин растаниро дар маҳалҳои гуногун тоҷикон му- халлиса, махлас ва махласкаҳ низ меноманд. Тоҷико- ни шимол «чинигул» мегӯяндаш. Дар заминҳои шӯра- надоштаи доманаҳои кӯҳсор, дар ҷоҳои хокдори кӯҳҳо, адирҳо ва инчунин дар ҳамвориҳои намнок мерӯяд. Ин гиёҳи бисёрсола мебошад, ҳар сол аз решааш месабзад ва аз тухмаш низ пайдо мегардад. Ин на- мудҳои гуногун дорад. Ҳангоми гул карданаш қисми рӯйизаминии онро даравида мегиранду дар соя хушк мекунанд. Мувофиқи даъвои муаллифони як қатор китобҳои тибби қадим мизоҷаш дар аввали дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Вале мо мегӯем, ки дар дараҷаи дуввум сард аст. Зеро ки ягон давои гарммизоҷ фи- шори баланди хунро паст намекунад, балки баръакс, баланд мегардонад. Аммо мухаллас фишори баланди хунро паст мегардонад. Хислатҳои шифобахши он: агар инро як ҳафта ё камтар аз он ба ҷойи чой дам карда ё дар об ҷӯшони- да биёшоманд (бояд ки гармогарм бинӯшанд), фи- шори баланди хунро паст мекунад. Илова

бар ин раг- ҳои хунгард агар сахт шуда бошанд, ислоҳ мебахшад; инчунин қулинҷҳои шадиде, ки варам ва дард кардани рӯдаҳои ғафс мебошад, дафъ мекунад; дар ҳар як ҷойи бадан: дар ҷигар, рӯдаҳо, мағзи сар ва ғайра манфазҳо, ахлоти часпак, ки касалиҳои бисёрро ба амал меоваранд, ҷой гирифта бошанд, он- ҳоро ба таҳлил дода хориҷ месозанд; агар меъда, ҷигар, сипурз ва рӯдаҳо суст гашта бошанд, ба ҳоли аслиашон меоварад, ғадуд ва узвҳои ҳозимаро қавӣ мегардонад ва ба дараҷае солим месозад, ки одам би- дуни ёрии ягон даво нони қоқро ҳам бе чою об хойида хӯрдан мегирад, нисён (фаромӯшхотирӣ)-ро сиҳат ме- кунад; мардон ва заноне, ки фарзанд намеёфта бо- шанд, инро истеъмол намоянд, фарзанд, меёбанд; қув- вати мардиро, ки дар одамони ҷавон барҳам хӯрда бо- шад, барқарор мекунад; дар натиҷаи корҳои фикрӣ асабҳо суст гашта бошанд, аз нав қувват мебахшад; касро ҳушёр ва зеҳнро тез мекунад, пуртоқат мегар- донад ва ҳофизаро қувват мебахшад. Зимнан як чизро хотиррасон намоем, ки ҳашароти гаҳвораҷунбон дар вақти тухм бастани мухаллас аз 507 куҷое пайдо мешаваду ғилофи тухми ин гиёҳро сӯрох намуда, тухмашро мехӯрад. Дар хусуси ҷасорат, ҳуш- ёрӣ ва пуртоқатии ин ҷонвар худи табиатдӯстон ба дараҷаи аъло медонанд. Инчунин ин гиёҳро чой карда нӯшида гарданд, дар натиҷаи иллати асабҳо ва вайрон шудани низоми ивазшавии моддаҳо мӯйи сар пеш аз вақт сафед, гашта бошад, аз нав сиёҳ мегардонад (бо худи ман ин ҳо- диса рӯй дода буд); дар ҳар як ҷойи аъзо, пайвандҳо (буғумҳо), по ва ғайра дард пайдо шавад, барта- раф меронад, инчунин дарди пушт, дарди шона, дар- ди ронҳо ва дигар дардҳои пайдошударо дафъ ме- кунад. Ҳар гуна хунравиҳоро қатъ месозад, ҳатто ома- дани ҳайзро ҳам дар занҳо бозмедорад. Агар аз 3,5 то 7 грамми онро кӯфта ё чой барин дам карда бихӯранд, чӣ навъе, ки ба онҳо заҳр раси- да бошад; хоҳ аз мори шохдор (ин қаттолтарин мор- ҳост), хоҳ аз каждум, хоҳ аз ғунда ва ғайра бошад, қувват ва таъсири заҳрро аз бадан дафъ мекунад, ҳат- то агар заҳр дода бошанд ҳам, аз он нақот медиҳад, хоҳ пеш аз заҳр расидан (ё хӯрдан) ва ё баъд аз он бо- шад, монеи таъсир мешавад ва дафъи зарари он ме- кунад. Инчунин хилти сафроро, ки дар бадан ҷамъ шуда, азият расонида бошад, меронад ва дарунро нарм мекунад, рӯдаҳоро пуркувват мегардонад. Агар дар рӯзҳои аввали даройиши моҳи ҳамал то се рӯз мут- тасил 4,5-граммӣ тухмашро кӯфта бихӯранд, дар ҳа- мон сол чӣ навъе, ки заҳр бирасад ва ё бихӯранд, таъ- сир намекунад ба истеъмолкунандааш. Агар мавсими чидани ин гиёҳ гузашта бошад, ре- шаашро шуста, ҷӯшонида, он обро истеъмол фармо- янд ҳам, таъсири дар боло зикрёфтаро дорад, балки қавитар аз он аст. Бояд қайд кард, ки чойи ин гиёҳ ҳангоми аввалин бор нӯшидан пиёлаи якумаш як андоза бӯйи алафро, ҳатто бӯйи мушро медиҳад, вале дар вақти нӯшидани пиёлаи дуввумаш ва

минбаъд ба табъ чунон мефорад ва мегуворад, ки чӣ миқдор бисёр нӯшида гардад, ҳамон қадар зиёда баҳри дилро мекушояд, ҳамон қа- дар ҳаловатбахш аст ва ҳамон қадар табиат онро ме- кашад. Инак, агар инро ҳар чӣ қадар бисёр истеъмол кунанд ҳам, зарар намерасонад. Ҳамаи ин хислатҳояш дар амал озмуда шудаанд. Аз гиёҳи мухаллас бо воситаи асбоби анбиқ арақ 508 ҳам мекашанд. Вале арақи ин чун дигар шаробҳо масткунанда нест. Нӯшидани ин арақ узвҳои дағал- гаштаи дохилиро нарм мегардонад, модда ва ахлоти бегонаи дар бадан ғализшударо таҳлил медиҳад; мағ- зи сар, меъда, ҷигар, асаб ва ғадудҳои мардиро пур- зӯр мекунад, қулинҷи шадидтаринро мекушояд. Агар ин растанӣ зироат карда шавад, барои танду- рустии одамият манфиатҳои бисёре меоварад. 221. Турб Ин сабзаи машҳур аст, ки зироат мекунанд. Мизоҷи тухми ин гарм аст дар дараҷаи саввум ва дар дараҷаи дуввум хушк аст. Яъне тухмашро бихӯ- ранд, барои одамони хунукмизоҷ ва тармизоҷ форам аст, вале хӯрдани худи турб ба одамони тармизоҷ ва меъдаашон рутубатнок зарар дорад. Зеро ки бехре- шаи он, яъне қисми заминии он дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум тар аст. Хислатҳои шифобахши он. Хусусиятҳои умумии турб; агар инро бихӯранд, ахлоти ғафсгаштаи баданро рақиқ (суюқ) менамояд, варам ва моддаҳои ғализро дар бадан таҳлил медиҳад, бод пайдо мекунад, оруғ меоварад агар беҳад бихӯранд (вале тухмаш нестку- нандаи оруғ аст), барои баъзе одамон ҳазмкунандаи таомҳои ҳазмнопазир, хусусан барги он, вале дар баъ- зеҳо, ки меъдаашон рутубати бисёр дошта бошад, ҳазмро манъ мекунад, ҳатто ба дараҷае зарарнок аст, ки феъли меъдаи онҳоро вайрон месозад (хусусан ху- ди турбро бихӯранд), зеро ки дар турб моддаҳои са- буки зуд бадбӯшаванда мавҷуданд ва пешобро меро- над. Агар барги баҳории онро пухта, бо равғани зай- тун бихӯранд ё бо ин равған пухта бихӯранд, ғизоия- таш аз худи турб зиёдтар мегардад. Дар турб се хо- сият мавҷуд аст: баргаш парокандакунандаи бодҳои дарун мебошад, тухмаш пешобро меронад ва худи турб балғамро қатъ мекунад. Хӯрдани турб ба сар, дандон ва ком зарар дорад, агар аз ҳад зиёд истеъмол намоянд. Даруни турбро холӣ карда, равғани гулисурх дар он рехта, ба рӯйи оташ гузоранд, то равған биҷӯшад, баъд он равғанро нимгарм чанд қатра дар гӯш чако- нанд, барои нест кардани боди даруни он, дарди гӯш 509 зуд ва хуб таъсир мекунад. Агар оби турбро бо равға- ни гулисурх якҷо карда, дар оташ биҷӯшонанд, то он ки обаш бухор шуда раваду равған бимонад, ин равғанро низ бичаконанд, ҳамон таъсирро дорад, Хӯрдани турб ба чашм зарар дорад, вале оби онро дар чашм чаконанд, доғи таги гӯшаи чашмро аз тара- фи бинӣ дафъ мекунад. Ва агар оби баргашро дар чашм чаконанд, қуввати бинишро тез мегардонад. Барги турбро кӯфта, ба зери чашм гузошта бан- данд, хунеро, ки дар таги чашм

мурда ва аз он доғи кабуд зоҳир гашта бошад, онро дафъ мекунад. Ва баргашро кӯфта, бо асал хамир карда, ба чашм гу- зошта банданд, оби бегонаи дар гавҳарак фуромада- ро, ки соҳибашро кӯр мегардонад, пароканда сохта, чашмро аз нав равшан месозад. Турбро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, сур- фаи кӯҳнаи чандвақтаро шифо мебахшад, моддаҳои дар даруни сина пайдошударо суюқ гардонида, берун меронад ва дарди гулӯро, ки аз хӯрдани замбӯруғи заҳрнок ба амал омада бошад, сиҳат мекунад. Турб- ро дар об ҷӯшонида, он обро бо асале, ки дар он сир- ко андохта турш карда бошанд, омехта, бо он ғарға- ра кунанд, дарди гулӯи шадидро дафъ мекунад, сар- фи назар аз он, ки ин ба ҳалқ зарар дорад. Дар ин ҳолат зарари мазкури онро сиркову асал дафъ месо- зад. Ҳамин оби турб ҷӯшонидашударо батанҳоӣ агар занҳо бинӯшанд, шири онҳоро зиёд мегардонад. Турб барои меъда бо як хислаташ зарарнок аст: оруғ меоварад. Таом хӯрда, аз болояш турб истеъмол намоянд, шикамро мулоим мекунад ва барои ғизоро ба узвҳои бадан фиристодан кӯмак медиҳад. Вале агар турбро пеш аз таом бихӯранд, намегузорад, ки таом ба бадан нуфуз намояд, балки худаш дар қаъри меъ- да қарор гирифта, ғизои хӯрдашударо дар сари меъда нигоҳ медорад ва намегузорад, ки он ба қисми поёни меъда фурояду ҳазми дуввуми худро бачо оварад. Ам- мо ин ҳолат барои осон қай кардан қулай мебошад, хусусан пӯсташро бо сиканҷабин (сиркоасал) бихӯ- ранд. Хӯрдани турб барои узвҳои даруни сина, паҳлу ва сипурз мувофиқ аст, инчунин тухмашро агар ҳар рӯз бихӯранд, ба узвҳои мазкур фоида мебахшад. Табиби машҳур Ибни Мосавия гуфтааст: «Оби турбро бинӯ- шанд, таомро ҳазм мекунад, гиреҳҳои рагҳоро дар ҷи- 510 гар ва сипурз мекушояд; истисқо, иллатҳои сипурз ва зардпарвинро фоида дорад; тифлаш феъли меъдаро вайрон мекунад; тухмаш бодҳои дарунро пароканда менамояд, иштиҳо меоварад, пасмондаи ғизоро ба зу- дӣ аз рӯдаҳо берун меронад ва барои дарди ҷигар нафъ дорад». Агар хӯроки вазнин тановул карда, аз болояш 2,5 грамм тухмашро хойида бихӯранд, онро зуд ҳазм мекунад. Агар ин миқдор тухмашро кӯфта, бо си- канҷабин бинӯшанд, башиддат қай меоварад, бо ин восита меъдаро аз ахлоти бегона пок мегардонад. Ҳар рӯз аз тухмаш як маҳал 2—3 грамм бихӯранд, луққос зада дард кардани пайвандҳо (буғумҳо)-ро ба ислоҳ меоварад, иркуннасоро сиҳат мебахшад, дарди суринҳоро дафъ мекунад ва хориши баданро, ки саба- баш бисёр ҷамъ шудани балғам бошад, нест меку- над. Худи турбро низ бихӯранд, бемориҳои мазкурро дафъ месозад, балки аз тухмаш зӯртар аст. Турбро кӯфта, бо асал даромехта, ба захмҳои ха- биса (злокачественные язвы), решҳои бадтарини фасо- дашон ширмонанд ва асалранг гузошта банданд, ши- фо мебахшад. Ва агар тухмашро кӯфта, бо сирко си- ришта, ба доғи ғонағароё (гангрена) ва ба шукуфаи пӯст гузошта

банданд, онҳоро нест мекунад. Худи турбро кӯфта, бо орди гандуми девона хамир карда, ба рихинакҳои рухсора гузошта банданд, чеҳраро аз онҳо пок менамояд. Турбро дар об ҷӯшонида, он обро занҳо бинӯшанд, ҳайзи бастаи онҳоро равон мекунад. Бандҳои барги турбро кӯфта, фишурда обашро гирифта, 25 грамм аз он бинӯшанд, санги хичакро майда карда мерезонад, вале агар инро бо сиканҷабин даромехта бинӯшанд, таъсираш зудтар ва зиёдтар мегардад дар ин амал. Оби барг ва банди барги онро ба миқдори 75 грамм гирифта, бо шакар ширин карда бинӯшанд, тамоми зард обро аз бадан дур мекунад ва бо ин восита ил- лати истисқоро ҳам шифо мебахшад; агар инро бо намак бинӯшанд, иллатҳои сипурзро ба ибро меова- рад, гиреҳҳои даруни ҷигарро мекушояд ва зардпар- винро нафъ мебахшад. Даруни турбро кофта гириф- та, дар он ковокӣ тухми шалғам пур кунанду даҳани онро бо порчаи турб маҳкам намуда, баъд онро ба миёни хамир гирифта, дар қӯри оташ пухта, бо асал бихӯранд, ҳамин тариқ се рӯз пай дар ҳам амал ку- нанд, санги хичакро майда карда мерезонад. Ва агар 511 як худи тухми турбро бихӯранд, ҳайз ва шири занонро ҷорӣ мекунад, қуввати боҳро ба ҳаракат меоварад, инчунин қайовар низ мебошад; барои дарди ҷигар, ки аз хунукӣ бошад, шифо мебахшад ва барои варами сипурз фоида дорад. Агар турбро кӯфта, ба мавзеи мори афъӣ гази- да гузошта банданд, зарари заҳри онро нест мекунад ва агар тухмашро кӯфта, бо шароб даромехта гузошта банданд, мори шохдор газида ва заҳрҳои ҷонварони дигарро, ки ба бадан андохта бошанд, безарар мегар- донад. Хоҳ турби тарошидаро бар болои каждум пар- тоянд, хоҳ обашро бар каждум бирезанд, каждум ме- мирад. Касеро, ки турб хӯрда бошад, каждум бигазад, зарар намекунад. Оби турбро бар аъзои бадан моли- да, шаб дар ҳар ҷо, ки бошад, бихобанд, ҷонварони заҳрандоз наздик намеоянд. Хӯрдани турб ранги рухсорро неку мегардонад. Турбро кӯфта, бо орди гандуми девона хамир сохта, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш гузош- та банданд, мӯй мерӯёнад; ва агар инро бо асал ха- мир карда, ба доғҳои зери чашм гузошта банданд, онҳоро дур мекунад. Оби турбро ба шукуфаи пӯст би- моланд, фоида дорад. Тухмашро кӯфта, бо асал ха- мир карда, ба доғҳои нуқтамонанди сиёҳ ва сафеди дар рӯйи пӯст пайдошуда ва инчунин ба дигар доғҳои бегонаи пӯст гузошта банданд, пӯстро аз он доғҳо пок мекунад, аз он ҷумла доғҳои кунҷидакро ҳам дафъ ва ранги рӯйро тоза месозад, шукуфаи пӯстро шифо мебахшад. Ногуфта намонад, ки турбро аз андоза зиёд бихӯ- ранд, рӯдаҳоро ба дард меоварад, ахлоти баданро бад- бӯ мегардонад; инчунин ба сар, дандонҳо ва ҳалқ за- рар мерасонад. Дар ин гуна ҳолат намак, асал ва зи- раи дар сирко тар кардашударо хӯрдан даркор аст, то ки зарараш ислоҳ ёбад. Турбро як шабонарӯз дар сиркои тунди ангурӣ тар карда, баъд ба дили наҳор бихӯранд, сипурзи сахт- шударо мулоим мекунад,

инчунин онро бо таом бихӯ- ранд ҳам, чунин фоидаро дорад. Чунонки гуфтем, тухмашро бихӯранд, қай меова- рад, вале барои дарди ҷигар ва дарди сипурз дору мешавад; дар бобати пешоб ва ширу ҳайзро равон кардан ва дафъ намудани заҳрҳо фоидаи аҷиб дорад. Агар инро бо шароб бихӯранд, бар зидди газидани мо- 512 ри шохдор дармон мешавад. Дар ин бобат тухми турб аз худи турб зӯртар аст. 2,5 грамм тухмашро баъд аз таом бихӯранд, онро ҳазм менамояд ва агар бо си- канҷабин бихӯранд, меъдаро пок мегардонад. Агар ин- ро кӯфта, ба шукуфаҳои пӯст гузошта банданд, шифо мебахшад ва агар бо сирко хамир карда гузошта бан- данд, захми ғонағароё (гангрена)-ро, ки дар тибби ҳо- зира илоҷпазир нест, сиҳат мекунад; бо асал даромех- та гузошта банданд, дарди пайвандҳо (буғумҳо)-ро дафъ месозад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухмаш дар як рӯз то 3,5 грамм аст, аз обаш то 100 грамм ва аз худаш то 70 грамм мебошад. Аз турб равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Тухм ва оби барги онро дар ибтидои тухм бастан кӯф- та, фишурда, обашро гирифта, дар зарфе аз болои он об ду баробари вазни он равғани зайтун ё равғани кунҷид дохил карда, бо оташи мулоим меҷӯшонанд. Ҷӯшида-ҷӯшида, об бухор гашта меравад ва равған боқӣ мемонад. Ҳамин равған равғани турб ҳисоб ме- ёбад. Аз ин равған ҳар рӯз як ё ду қошуқ бихӯранд, фолиҷ ва каҷ шудани рӯйро сиҳат мекунад, азияти заҳри каждум ва ҷонварони дигарро низ дафъ меку- над. Агар ин равғанро нимгарм дар гӯш чаконанд, бодҳои даруни гӯшро, ки дар даруни гӯш садоҳои гу- ногунро ба амал меоваранд, дафъ месозад ва дардаш- ро ҳам таскин медиҳад. Агар аз рӯ бимоланд, низ иллати фолиҷ, каҷ шудани рӯ ва нотавон гаштани аъзоро шифо мебахшад, шахшӯлии пӯстро ислоҳ ме- кунад, ранги рӯйро соф мегардонад, доғҳои сафеди пӯст ва песро аз пӯст пок мекунад. 222. Гули офтобпараст Ин растании машҳур аст, ки бӯстонӣ мебошад ва даштӣ низ дорад. Баргаш гӯё ғуборолуд бошад, паш- макдор метобад. Гулаш калони паҳн ва зарди тилло- ранг, ба монанди нон гирдак ва дурахшанда аст. Дар миёнаҷойи он баргҳои резаи моил ба сиёҳӣ ва сурхӣ дорад, бӯяш тез, худаш хушнамуд, рӯзона гулаш ҳа- меша рӯ ба офтоб ва баробари ҳаракати он гардиш мекунад, вале дар вақти шаб пажмурда мегардад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар ҳамин 513 дараҷа хушк аст, вале мизоҷи гулаш назар ба мизоҷи қисмҳои дигараш гармтар мебошад. Хислатҳои шифобахши он: агар инро кӯфта гузош- та банданд, варамҳоро мегардонад ва агар бихӯранд, моддаҳои ғафси баданро пароканда ва нест месозад; хусусияти поккунандагӣ дорад, бар зидди заҳрнокшавии бадан тарёқи хубест, гиреҳҳои дар рагҳои майна ва ҷигар бударо мекушояд, мағзи сарро аз моддаҳои бе-гона ва зарарнок, инчунин аз олойишҳои дигар пок ме- кунад; барои саръи (припадкаи) тифлон ва бемориҳои сарди вобаста ба майна, инчунин асабҳо

доруи хубест, дарди дандонро таскин медиҳад, дарди дилро шифо мебахшад, боҳро (пушти камарро) қавӣ мегардонад, олати мардиро ба ҳаракат меоварад; барои бавосир, захмҳои шуш, зардпарвин, истисқо (водянка) дармон мешавад; пешоб, ҳайз ва дигар чизҳои нодаркори ба- данро меронад, бачаро аз шиками занони ҳомила ме- афтонад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда ме- резонад; инчунин қулинҷро, ки варам ва дарди рӯ- даҳои ғафс аст, даво мешавад ва захрро аз бадан дафъ мекунад. Агар оби решаи онро дар даҳан гардонанд, дарди дандонро, ки сабабаш аз хунукӣ бошад, шифо мебах- шад. Аз ин об 3,5 грамм бинӯшанд, дили одамони ху- нукмизоҷро қавӣ мегардонад, вале агар инро одамони гарммизоҷ бинӯшанд, ғазаби онҳоро ба ҷӯш меоварад. Аз оби барги он 15 грамм бо оби гарм бинӯшанд, сахт қай меоварад ва меъдаро аз моддаҳои бегона пок мекунад. Ҳар як қисми ин растаниро кӯфта гузошта бан- данд, дарди пайвандҳоро дар ҳар ҷойи бадан, ки бо- шад, инчунин ирқуннасо (радикулит), никрис (подаг- ра) ва ханозер (хукгардан)-ро дафъ мекунад. Агар инро бар камар гузошта банданд, қуввати пушти ка- марро афзун мегардонад, олати мардиро ба ҳаракат меоварад. Решаашро хуб кӯфта, занҳои ҳомила аз таг бардо- ранд, бачаро аз шиками онҳо меафтонад, вале агар занҳои назоянда ин тавр амал кунанд, барои ҳомила шудани онҳо мадад мерасонад. Аз барги кӯфтааш об фишурда бинӯшанд, бачаи дар шикам бударо меафто- над, ҳайзи бандшударо мекушояд. Миқдори як бор нӯшидан аз оби барг, гул ва ре- 514 шаи он дар як рӯз то 20 грамм аст ва миқдори хӯр- дан аз ҷирмаш, яъне аз худаш 4,5 грамм аст. Аммо хӯрдани гули офтобпараст ба одамони гарм- мизоҷ зарар мекунад. Давои ин зарараш асалро бо сирко турш карда, яъне сиканҷабин хӯрдан лозим аст, ки ислоҳи зарар намояд. Инчунин ба сипурз ҳам зи- ён мерасонад — дар ин маврид қанди сафед, асал ва сиканҷабин бихӯранд, зарарашро ислоҳ мекунад. Яке аз хусусиятҳои гули офтобпараст он аст, ки ма- гас ба гули он наменишинад, аз дуди он муш ва кал- такалосҳо (келасҳо) мегурезанд. 223. Мӯрд Ин буттаро ба арабӣ ос ва ба русӣ мирт меноманд. Навъҳои бӯстонӣ ва саҳроӣ низ дорад. Дарахти саҳ- роии он нисбат ба бӯстониаш кӯчактар ва интиҳояш ба бузургии буттаи анор мешавад. Барги бӯстониаш сабзтар, ғафстар ва он қадар дароз намешавад, хуш- бӯй аст, хазон намекунад. Таъмаш андак талх ва чун мозу забонро мегазад. Гулаш сафед ва хушбӯй мебо- шад. Самараш дар аввал сабз ва баъди расидан, яъне ҳангоми пухтан ба худ ранги сиёҳ мегирад, таъмаш андак ширин ва каме талхӣ низ дорад. Агар онро би- хоянд, чун пӯсти анор сатҳи даруни даҳанро ба ҳам меоварад, яъне мазааш тунҷ аст, балки аз пӯсти анор ҳам қавитар ва ҳамчун ғизо камқувват аст. Тухмаш майдаи сафед ва ҳамвори суфта, дар баъзе самараш сето ва дар баъзе бисёр — хуллас, аз се то даҳ дона тухм дорад, ки

ин вобаста ба калон ё хурд будани са- мари он аст. Мизоҷаш мураккаб-ул-қувват, балки қисми хунукӣ дар мизоҷи он ғолибтар мебошад ва, инак, ҷузъи гар- мӣ дар он камтар аст. Сардии мизоҷи он то ба дара- ҷаи якум ва хушкаш дар дараҷаи дуввум аст. Барг, гул, самар, тана ва решаи он нисбат ба як-дигар дар хушкиву сардӣ фарқият доранд. Яъне дар тухм, барг ва решаи он сардӣ бештар аст ва қисми дигари он зидди инҳо мебошад. Аммо тухмаш думи- зоҷа мебошад, яъне ба ҳамаи мизоҷҳо форам аст, за- рар намекунад. Таъмаш тунҷӣ, талхӣ ва ширинӣ, ин- чунин латофат низ дорад: бинобар ширинӣ доштанаш сурфаи гармро шифо мебахшад, аз ҷиҳати таъми тун- 515 ҷӣ доштагиаш исҳолро мебандад ва бинобар талхӣ доштанаш пешоброн аст. Хислатҳои шифобахши он: ин бинобар хушбӯй бу- данаш рӯҳи одамиро мулоим, яъне ором мекунад; ба сабаби қуввати қабзияташ, яъне бинобар неруи нигоҳ- дорандагӣ ва латиф доштанаш дарунро мебандад — азбаски чунин аст, боиси пок, тоза, мустаҳкам, рав- шан, қавӣ гаштани рӯҳи инсонӣ мегардад. Бо воситаи ин хислатҳояш ба дил низ қувват мебахшад, иллати дилтапак (дилбозӣ), дарди сар, чарх задани сар, си- ёҳ задани чашм, дарди гӯш ва омадани рим аз дару- ни он, дарди дандон, ҷӯшиши (пухтани) даҳан ва но- тавонии забонро шифо мебахшад, чашмро қавӣ меку- над, варамҳоро пас мегардонад, захм ва ҷароҳатро си- ҳат мебахшад. Агар инро бихӯранд ва гузошта банданд, хун қай кардан ва хунравиро аз ҳар аъзо, ки бошад, дафъ ме- кунад, араққуниро манъ месозад, меъда ва рӯдаҳоро қувват мебахшад; пешобро меронад, варамҳоро таҳ- лил медиҳад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад, хуни ҳайзро манъ, ҳатто қатъ мекунад, сус- тии гурдаро барҳам медиҳад, бавосирро шифо мебах- шад ва устухони шикастаро бо ҳам пайваст мегардо- над. Самари он қуввати тарёқӣ дорад, яъне таъсири заҳрҳоро мешиканад ва аз бадан онро дафъ мекунад, хусусан заҳри ғунда ва каждумро зиёдтар ва зудтар дафъ месозад. Барги тарашро кӯфта батанҳоӣ ё бо сирко сириш- та, ба пешонӣ гузошта банданд, хуни биниро манъ мекунад; ва ба сар гузошта банданд, сабӯсаки сарро пок менамояд ва агар сар захм дошта бошад, хушк мекунад. Чун дар оби баргаш як миқдор гулоб ва кам-тар кофур дохил карда ва баъд латтаи зағирпоягиро дар он тар намуда, аз рӯ ба меъда бигузоранд, дарди сареро, ки сабабаш ғалабаи сафро, яъне зиёд шудани сафро дар меъда бошад, шифо мебахшад. Самари онро пухта, бо шароб хамир карда, ба сар гузошта банданд, дарди сареро, ки сабабаш ғалабаи балғам ва сафро бошад, дафъ мекунад. Баргашро кӯфта, бо равғани гулисурх ва зардаи тухми мурғ сиришта, ба сар гузошта банданд, чарх задани сар ва сиёҳ задани чашмро, ки аз зарба хӯр- дан ва дар натиҷаи сахт афтодан содир шуда бошад, 516 даво мешавад. Барги тарашро бибӯянд, майнаро қув-ват мебахшад ва намегузорад, ки бухорҳои зарарнок аз поёни бадан ба мағзи

сар бароянд ва инчунин на- мемонад, ки он бухорҳоро майна қабул кунад, низ иллатҳои чарх задани сар ва сиёҳ задани чашмро дафъ мекунад. Агар бо равғани он сарро чарб намоянд, варамҳои сар ва суботро, ки хоби сахт ва ба душворӣ бедорша- ванда аст, ки аз расидани бухори поёни бадан ба мағ- зи сар бошад, шифо мебахшад. Ин хислати он бино- бар қуввати сардӣ доштанаш майнаро қавӣ мегардо- над ва намегузорад, ки бухорҳои нав ба боло бароянд, балки онҳоро таҳлил медиҳад ва пароканда мекунад. Оби барги тарашро дар чашм чаконанд, дарди чашмро таскин медиҳад ва чашми аз косахонааш бе- рунбаромадаро, ки дар тибби қадим ҳуҷуз-ул-айн ме- номанд, аз нав ба ҷояш мебарад. Хокистари ҳар як қисми онро чун сурма ба чашм кашанд, барои иллатҳои нохунак, шилпуқӣ ва обра- вии чашм давои хубест ва дар ин бобат беҳтар аз тӯ- тиё мебошад, инчунин инро дар иллатҳои чашм ба ҷойи тӯтиё бо муваффақияти том истифода тавон кард. Оби барги онро дар гӯш чаконанд, дарҳол дардаш- ро дур мекунад, гӯшро қавӣ ва омадани римро аз он дафъ мегардонад—бо ин восита захми даруни гӯш- ро ба ибро меоварад. Оби барги онро дар даҳан гар- донанд, дарди дандонҳоро, ки аз гармӣ бошад, таскин медиҳад, инчунин сустии милки дандон, нотавон гаш- тани забон ва пухтани даҳанро нафъ мебахшад. Нӯ- шидани оби барг ва шарбати самари он низ бемори- ҳои мазкурро дармон мебошад. Баргашро бӯй кунанд, дилро қавӣ ва иллати дил- тапак (дилбозӣ)- ро дафъ мекунад. Оби барги онро би- моланд ва самари расида ё шарбаташро бихӯранд, меъдаро қувват медиҳад, хусусан усораи онро, ки оби дар офтоб ғафсгардонидаи он мебошад, бо қивоми бар- ги зуф бихӯранд, зудтар таъсир мебахшад Хоҳ самарашро ё баргашро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, ҳама навъҳои исҳолро, ки давомнок бошанд, қатъ мекунад. Агар тухмашро кӯфта бихӯ- ранд, намегузорад, ки моддаҳои бегона ба меъда рех- та шаванд. Баргашро кӯфта ба зери ноф гузошта банданд, ис- ҳолҳои сафровӣ ва савдовиро дафъ мекунад. 517 Чун 75 грамм оби барги онро бо равғани кунҷид бинӯшанд, балғамро башиддат аз бадан бо воситаи исҳол дафъ мекунад. Ин оби барги онро дар офтоб ғафс гардонида, яъне усораи барги онро бихӯранд, дарунро мебандад, исҳолҳои кӯҳнаро манъ мекунад ва барои бавосир фоида дорад. Агар оби барг ва меваи онро бардавом бинӯшанд, бемориҳои мазкур, инчунин иллати қай кардан ва иллати ташнашавиро, ки обхӯ- ра меноманд, шифо мебахшад. Агар барг ва самари онро сӯхта, ба дудаш бидо- ранд, донаи бавосирро, ки сабаби тӯл кашидани ин беморӣ мебошад, меафтонад. Ва аз дуди он ҷонварони майдаи зарарнок мегурезанд, вале нагурезанд, меми- ранд. Самарашро бихӯранд, сӯзиши пешоб (сӯзок), зах- ми хичак, бечо равон шудани ҳайзи занҳо ва бисёру бемаврид омадани рутубатро аз бачадони онҳо, шифо мебахшад. Усораи самарашро, яъне оби

самарашро дар офтоб ғафс гардонида бихӯранд, пешоб ва ҳайзи бандшударо равон мекунад. Ва агар самари онро дар об ҷӯш до- да, он обро бинӯшанд, беандоза равон шудани руту- батро аз бачадон ба ҳолати эътидолаш меоварад. Баргашро кӯфта, бар бавосир гузошта банданд, он- ро шифо мебахшад ва агар ба хоя гузошта банданд, варами онро мегардонад. Дар обе, ки барги он ҷӯшонида шуда бошад, то ноф даромада нишинанд, мақъад (кӯтан) ва бачадони беруномадаро ба ҷоҳои худашон мегардонад ва бис- ёр равон шудани рутубати бачадонро ислоҳ мекунад. Агар оби барги онро ба мақъаде, ки берун баромада бошад, бимоланд, онро ба ҷояш мебарад ва дигар бар- намеояд. Баргашро кӯфта гузошта банданд, варамҳои гарм- ро мегардонад, реши ҷамра (карбункул), ки реши мӯҳлик аст, обилаҳо, доначаҳои дар пӯст пайдогашта, захмҳо, милкаки нохун, инчунин захмҳоеро, ки дар кафи дасту поҳо бошанд, инчунин аз оташ сӯхтагӣ — ҳамаашро шифо мебахшад. Самарашро пухта, бо шароб хамир карда гузошта банданд, решҳоеро, ки дар буҷулаки по ва дар зери поҳо пайдо мешаванд, дафъ мекунад, инчунин ба сӯх- тагии оташ ва обилаҳои он нафъ дорад. 518 Самарашро дар об пухта, баъд онро бо шароб ха- мир карда гузошта банданд, нотавон гаштани пай- вандҳои баданро ба ислоҳ меоварад. Баргашро кӯф- та, ба ҷоҳои латхӯрдаи аъзо гузошта банданд, ба иб- ро меоварад ва инчунин ба пошнаи по, ки дард ме- карда бошад, нафъ дорад. Наск, мозуи сабз, гулисурх ва шилми ақоқиёро кӯфта, бо оби барги мӯрд хамир карда, ба аъзо ва асабҳое, ки сусту нотавон гашта бошанд, гузошта бан- данд, ба ислоҳ меоварад, инчунин пиронро бағоят фои- да дорад. Баргашро дар об ҷӯшонида, он обро ба пайванд- ҳое, ки дардманд бошанд, бирезанд, дарди онҳоро дар бадан таскин медиҳад ва инчунин ба узве ҳам, ки ус- тухонаш шикаста бошад, бирезанд, боиси зуд пай- васт ва сиҳат шудани он мегардад. Агар бо ин об до- ғи сафеди пӯстро бишӯянд, сиҳат мебахшад. Чун барги хушки онро кӯфта бипошанд, аз пой- афзор харошида шудани пошнаро ва аъзои шикастаро ба ислоҳ меоварад. Реша, барг ва самари онро — ҳар якеро аз инҳо дар об ҷӯш дода бошанд, он об доруи қувватбахши мӯй аст, яъне намегузорад, ки мӯй бире- зад, балки онро дароз ва сиёҳ мегардонад. Инчунин баргашро дар об ҷӯшонида, бо он об сарро бишӯянд, ҳамин хислатҳоро дорад. Тухмашро ос карда, дар ҳаммом ба ҳар ҷойи бадан, ки гузошта банданд, рутубатҳои бегонаро, ки баданро суст мегардонанд, аз пӯст дур мегардонад ва барои бадан қувват мебахшад. Тухмашро бо равғани гов ва равғани гӯсфанд ҷӯ- шонида, ба ҳар ҷойи бадан, ки бимоланд, арақ кардан- ро манъ мекунад. Барги хушкашро кӯфта бипошанд, бӯйи бади зери бағал ва каши ронро дафъ мекунад ва агар сӯхтани он ё хокистарашро бипошанд, доғҳои кунҷидакро аз пӯсти рӯ дур мекунад. Агар самари онро бо оби барги лаблабу бипазанду

онро ба сар бимоланд, дона ва обилаҳои сабӯсакҳои сарро нест мегардонад. Чун онро кӯфта, бо оби боқи- ло хамир карда, ба доғҳои кунҷидаки рухсора бимо- ланд, онҳоро нест месозад. Инчунин самари он барои газидани каждум ва ғун- 519 да даво мешавад, ҳангоме ки ба миқдори то 10,5 грамми онро бо шароб биёшоманд. Агар дарахти мӯрдро ёфтан душвор гардад, ба ҷойи он барги тутро истеъмол намоянд, раво мебошад. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-218-223#218

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 224-231 224. Мӯрди саҳроӣ 225. Пойи зоғ 226. Каллакарам 227. Карами тоҷикӣ 228. Кашниз 229. Шалғам 230. Шибит 231. Маҳсар 224. Мӯрди саҳроӣ Инро тоҷикон девмӯрд меноманд ва ба забони ара- бӣ райҳон-ул-қубур, яъне райҳони қабристон мегӯ- янд. Растании ин аз буттаи мӯрди бӯстонӣ, ки мо дар боло гуфтем, хурдтар ва баргаш каме сербар ва зард- ранги нӯгтез. Чӯбаш нисбатан сахттар; самараш кулӯ- ла ва баъди расидан бағоят сурх мегардад, ки аз ми- ёнаи баргаш бармеояд. Аз як бех шохҳои бисёр ме- рӯянд ва дар зимистон хазон намекунад. Хислатҳои шифобахши он. Хусусиятҳои умумиаш: таҳлилдиҳандаи варамҳо ва моддаҳои ғализ, бахудка- шандаи моддаҳо ва қувватбахш аст. Агар инро бибӯянд, рутубати майнаро кашида дафъ мекунад ва худи майнаро қувват мебахшад. Ва агар инро бихӯранд, барои саръ (припадка) ва дарди сари балғамӣ дармон мешавад, рутубати мағзи сарро дафъ ва ин узвро қавӣ мегардонад. Самар ва баргашро бо шароб бихӯранд, меъда ва ҷигарро қувват мебахшад, исҳол ва зардпарвинро дафъ мекунад, шири беҷо аз пистон рехташавандаро манъ месозад. Агар инро кӯфта, дар сӯрохи пушт бардоранд, кир- ми меъдаро ихроҷ мекунад. Барг ва самарашро бо шароб биёшоманд, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад ва чакме- закро, ки аз афзудани рутубат бошад, ба ибро мео- варад. Табиб Ибни Талмиз инро барои аз кӯфт ё афто- дан зарба хӯрдан (аз ҷумла ба чалакидани майна) муфид донистааст. 225. Пойи зоғ Ин гиёҳро дар баъзе маҳалҳо панҷаи зоғ ҳам ме- номанд. Тухмашро ба забони арабӣ отрилол мегӯянд ва дар тиб маҳз тухми он ба кор меравад. Ин гиёҳ 520 дар ҳамаи кӯҳистон ва минтақаҳои доманакӯҳӣ мерӯ- яд. Растаниаш каме ба шибит монанд, гулаш сафед, баргаш пошхӯрдаи пароканда, пояш чорпаҳлу, дар охири фасли баҳор мерасад. Тухмаш бисёр реза, ран- гаш тираи моил ба кабудӣ, дарозак, хеле талх ва тунд, забонро мегазад ва сахт аст. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: тухми инро бихӯранд, бодҳои дарунро таҳлил медиҳад ва нест мекунад, ба- данро аз моддаҳои бегона пок месозад, ахлоти нодар- корро бо воситаи пешоб дафъ мекунад, гиреҳҳои дохи- ли баданро мекушояд, гурда ва хичакро аз олойишҳо пок ва тоза

мегардонад. Инро бо шиша якҷо сӯхта, бо асал якҷо карда бихӯранд, сангҳои гурда ва хичакро майда карда ме- резонад. 3,5 грамм аз тухми он бо асал бихӯранд, бод- ҳои иловусро, ки рӯдаи борики болоиро ба дард мео- варанд ва варам мекунонанд, ба ғояти хубӣ таҳлил медиҳад. Агар тухми инро кӯфта гузошта банданд, решҳоро хушк ва доғҳои пӯстро нест мекунад. Онро дар найча андохта, ба даруни бинии занҳои ҳомила пуф кунанд, бачаи онҳоро аз шикам меафтонад. Чун 3,5 грамми онро нокӯфта, дар айёми гармои тобистон бо оқирқирҳо, турбуд ва занҷабил — аз ҳар яке ним грамм кӯфта дохил намуда, бо асал сиришта, баъд аз баданро аз балғам танқия кардан бихӯранд ва дар офтоб нишаста, мавзеи доғи песро ба офтоб бидоранд, то он ки арақ кунад; ва агар ташнагӣ ғо- либ ояд, об бинӯшанд, дар рӯзи аввал ва ниҳоят рӯ- зи саввум ҷойи доғи пес обила мекунад ва баъд аз дафъ гаштани зардоб аз он ҷо, пес батамом сиҳат ме- ёбад. Дар ин бобат табиби ҳозиқи машҳур Ибни Бай- тор ва муаллифи китоби «Ихтиёроти бадеӣ» навишта- анд, ки батакрор имтиҳон карда шуда, ин сирри аҷиб аст, аммо шарташ ҳамин, ки аввал бо давоҳои покку- нандаи бадан танқия кардан даркор аст. Инчунин гуф- таанд, ки ҳар рӯз фақат аз тухми он 10,5 грамм бо асал то 15 рӯз пай дар ҳам бихӯранд ё аз мураккаби он ва ё худи онро бо оқирқирҳо муддати понздаҳ рӯз истеъмол намоянд, ҳатман доғи песро дафъ мекунад. Агар доғи пес дар ҷоҳои гӯштдори бадан бошад, аз ин ҳам зудтар сиҳат меёбад. Баъзе табибони корозмуда гуфтаанд, ки худи тух- 521 машро танҳо истеъмол кунанд ҳам, кифоя мебошад, ки доғи пес нест гардад ва баъзеи дигарҳо тасдиқ мекунанд, ки агар якуним миқдор аз тухми пойи зоғ; аз пӯсти мор, барги судоб, аз ҳар як як миқдор —ҳа- маро кӯфта, бехта, то панҷ рӯз ҳар рӯз 10,5 граммӣ онро бо шароби ангурӣ биёшоманду дар офтоб ниши- нанд, аз ин иллат наҷот меёбанд. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми ин гиёҳ дар як рӯз аз 3,5 то 10,5 грамм аст, бояд ки бо асал ё бо ша- роб бихӯранд. Агар инро аз ҳад бисёр ё давомнок бихӯранд, ба ҷигар зарар мекунад—дар ин ҳолат сиканҷабин биё- шоманд, зиёни онро ислоҳ мебахшад ва агар ба гурда офат расонад, катиро бояд бихӯранд. 226. Каллакарам Ин ба ҳама маълум аст, ки инро дар китобҳои тиб- би қадим карами румӣ низ меноманд. Гиёҳи расидаи ин монанди калла кулӯла мешавад. Беҳтарини он хуб печида ва ранги сафедтобандаи он аст. Мизоҷаш мураккаб-ул-қувват, яъне дар гармӣ ва сардӣ мӯътадил мебошад, вале рутубат дар он мавҷуд аст. Хислатҳои шифобахши он: ин карамро ҳатман бо равғанҳо ё бо гӯшти фарбеҳ муҳарро пухта бихӯранд, баъд безарар мегардад ва ин тавраш гиреҳҳоро меку- шояд, моддаҳои ғализро дар бадан мулоим мекунад, боднок аст, пешобро меронад, аз хӯрдани он хуни сав- довӣ пайдо мешавад, майнаро суст мегардонад, дар бадан бухор ҳосил мешавад, ҳамчун ғизо носара, бод- нок, дар узвҳо гиреҳҳо

пайдо мекунад. Яке аз хосият- ҳояш он аст, ки хуморро пароканда месозад ва онро сокин мекунад, моддаҳои савдовӣ ва бемориҳои савдо- виро ба амал меоварад, ба фикрҳои носара мебарад, хаёлҳои нописандро ба амал меоварад, хобҳои му- шавваш мебинонад, мағзи сарро заиф мегардонад, чашмро хира мекунад — ин хосияташ бинобар бухор доштани таркиби он аст. Оби ин карамро бинӯшанд, мастиро манъ мекунад. Каллакарамро дар об ҷӯшонида, он обро кам-кам ва бардавом бирезанд, дарди пайвандҳои баданро таскин медиҳад. 522 Вале агар онро дар об бо гӯшти фарбеҳ муҳарро пухта, бо чизҳои гарммизоҷ бихӯранд, ҳамаи зарар- ҳояш дафъ мегарданд. Каллакарами сафед боднок, оруғ меоварад, вале маниро зиёд мекунад, шаҳвати ҷимоъро бармеанге- зад, хусусан агар онро бо равған бирён карда бихӯ- ранд, ин хислаташ зиёда зоҳир мегардад. Мизоҷи тухмаш гарм ва хушк аст. Агар инро бо шароб ё пеш аз шароб нӯшидан ис- теъмол намоянд, мастиро манъ мекунад, хуморро па- роканда месозад ва маниро зиёда мегардонад. 227. Карами тоҷикӣ Ин намудҳои гуногун: бӯстонӣ, даштӣ ва баҳрӣ низ дорад. Инчунин навъҳои бӯстониаш ҳам гуногун аст. Қисми аз бӯстониашро бехрешааш монанди лаб- лабу, пӯсташ шахшӯл, сабзранг, баргаш сербари ғафс- тар аз барги лаблабу, рангаш сабзи ғуборнок аст. Тухмаш резаи кулӯла ва сурхи тираранг, ки ин аз қисмҳои карами набатӣ мебошад. Низ бехрешаи қис- ми дигараш ба шалғам монанд мебошад, рангаш са- фед, пӯсташ он қадар дурушт нест, ҷирми мағзаш но- зуки береша. Баргаш монанди барги қисми якум, вале аз он кӯчактар. Инчунин қисми дигараш низ мавҷуд аст, ки аз бехаш пояе мерӯяд, ки каме аз замин ба- ланд гашта, бар он монанди шалғам сабзи камранг гиреҳи басташуда дорад ва бар болои он ҳам то ба ду вақаб пояе месабзад ва дар нӯги ҳамон соқаш баргҳо бармеоварад, ки хуллас, ба қисми дуввум ша- боҳат дорад — ин хӯрокӣ аст ва ана ҳамин гиреҳаш ба истеъмол дода мешавад, на бехрешаи он, ки дар замин аст. Низ қисми дигар ҳам дорад, ки аз бехи он баргҳояш мерӯянд. ки ба баргҳои қисми аввал мо- нанд мебошанд. Вале баргҳои беруни он аз он калон- тар ҳастанд ва баргҳои даруниаш майдатар. Дар миё- наҷояш аз бехаш пояҳои нозуки кӯтоҳ ба дарозии ду- се ангушт мерӯяд. Бар сари он пояҳо қуббаҳои сафед- ранг ҳамааш бо ҳам пайваст мебошад Дар байни ҳар як қубба як баргчаи борик — қуббаҳои он то 15 адад мешаванд, инро гулкарам меноманд, ки мо ме- донем ва шох ва қуббаҳои ин низ хӯрда мешаванд ва дар тиб низ истеъмол меёбанд, на бехрешаи он. Инаш 523 аз ҳамаи навъҳои дигараш нозуктар ва сабуктар ме- бошад. Хуллас, навъҳои карам дар шакл: шомӣ (визан- тиягӣ), ҳамадонӣ, мавсилӣ, андалусӣ ва ғайра меша- ванд. Мақсад аз карами тоҷикӣ гуфтан дар ин ҷо бӯсто- нӣ (зироатӣ)-и он ва беҳтарин қисмҳои он нозуки бе- решаи тару тозаи он аст. Мизоҷи ҳамаи

навъҳои карами тоҷикии бӯстонӣ дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум хушк аст, вале та- ри дар бехрешааш бештар аз барги он аст. Хислатҳои шифобахши он. Хусусиятҳои умумиаш: пазонанда, нармкунанда, ва хушкнамоянда аст, ху- сусан чун дар об ҷӯшонида, он обро пур намо- янд, ҳамчун ғизо камтар ва аз наск тармизоҷтар ме- гардад. Чун инро бо гӯшти фарбеҳ ва мурғи ҷавон бипазанд, ҳамчун ғизо сара мегардад. Ин намуд карамро пухта ва инчунин тухмашро би- хӯранд, ба мағзи сар баромадани бухорро манъ меку- над, дарди сарро таскин медиҳад, торикии чашмро ис- лоҳ мекунад ва мастиро дафъ месозад, қабзият меова- рад. Агар инро муҳарро пухта бихӯранд ҷараёни мод- даҳоро манъ ва хуморро сокин менамояд, ларзакро дафъ мекунад, хоб меоварад, ба чашми хира қувват мебахшад. Усораи онро, яъне обашро дар офтоб ғафс гардо- нида, ба даруни бинӣ бирезанд, майнаро аз моддаҳои бегона пок месозад, хоб меоварад ва забонро хушк ме- кунад. Ин карамро муҳарро пухта бихӯранд, сурфаи кӯҳ- на, варами пардаҳо ва узвҳои дохили шикам ва сина- ро шифо мебахшад. Ҳар рӯз 25 грамми онро бихӯранд, овозро соф ва гирифтагии онро дафъ мекунад, дарди сипурзро шифо мебахшад; инчунин онро бардавом бихоянд ва оби он- ро бимаканд, барои овози гирифтагӣ ҳамчунин таъсир- ро дорад. Бо усораи он ё ки бо равғани кунҷиде, ки ин ка- рам дар он ҷӯшонида шуда бошад, ғарғара кунанд, дарди гулӯи шадидро шифо мебахшад. Карами тоҷикӣ ҳамчун ғизо дерҳазм бодангез аст, хусусан дар фасли тобистон рӯйидааш чунин мебошад Ва агар намакхӯрдаи онро дар об ҷӯшонида бипазанд, боз ҳам бадтар мегардад. 524 Барги тару тозаи онро бо сирко бихӯранд, варами сипурзро дафъ мекунад. Агар инро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, ҳайз ва пешобро равон мекунад. Усораи инро бо решаи савсани кӯҳӣ ва натрун (та- накори арманӣ) биёшоманд, дарунро меравонад. Тухмашро бихӯранд, боҳро ба ҳаракат меоварад. Агар инро занҳо баъд аз ҷимоъ кардан аз таг бардо- ранд, мании дохилшударо вайрон мекунад. Гули ин растаниро кӯфта, занҳо аз таг бардоранд, ҳайзи бандшударо равон месозад ва бачаро дар ши- ками занони ҳомила мекушад, хусусан агар бо орди гандуми девона хамир сохта, ин амалро бачо ованд, қавитар мегардад. Усораи гиёҳи онро бо шароб биёшоманд, захри мо- ри афъӣ ва саги девона газидаро аз бадан дафъ меку- над. Инчунин тухми карами мисрӣ аз ҳамин ҷумла тарёқот аст. Ҳар як қисми ин растании се навъи ин карами бӯс- тониро кӯфта гузошта банданд, сахтиҳоро дар ҳар ҷойи бадан, ки бошанд, мепазонад. Барги ин карами бӯстониро бисёр маҳин кӯфта, бо орди ҷав даромехта гузошта банданд, варамҳои гарм ва сарди балғамиро таҳлил медиҳад; сурхбод, шаро (аллергия) ва саратонро шифо мебахшад. Агар ин кӯфтаи барги онро бо намак даромехта гузошта банданд, нори форсӣ ном реши раддитаринро ба таҳлил

мебарад; агар инро бо зок ва сирко даромехта, гузош- та банданд, барои пес ва шукуфаи пӯст даво меша- вад; бо сафедаи тухми мурғ сиришта гузошта банданд, барои сӯхтагии оташ ва қӯтури решгашта дармон ме- шавад; бо сирко ва ҳулба сиришта, ба решҳои чуқур- рафта гузошта банданд, дору мебошад ва онҳоро аз паҳн гаштан манъ мекунад. Барги ин карамҳоро сӯхта гузошта банданд, захм- ҳоро башиддат хушк мекунад ва инчунин захмҳои са- ри тифлонро шифо мебахшад, ҳатто рӯйидани мӯйро ҳам манъ месозад, агар ҳамин мурод бошад. Инро бо чарбии хук марҳам сохта гузошта банданд, барои ха- нозер (хукгардан), ҷароҳатҳои сахт ва дубайлаҳо (кӯр- яраҳо) дору мешавад. Инчунин инро бо сафедаи тух- ми мурғ марҳам намуда гузошта банданд, сӯхтагии оташро шифо мебахшад. Баргашро кӯфта гузошта банданд иллати ларзак- ро ба ибро меоварад; инро бо орди ҳулба ва сирко ха- 525 мир карда гузошта банданд, дарди буғумҳо ва ниқрис (подагра)-ро дафъ мекунад. Барги онро дар об ҷӯшонида, он обро кам-кам ва бардавом бирезанд, барои иллатҳои гуногуни буғум- ҳои бадан давои шойистае мебошад. Мизоҷи тухмаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Агар инро бихӯранд, қуввати боҳ мебахшад ва ку- шандаи кирми меъда аст. Агар инро кӯфта бимо- ланд, доғҳои кунҷидак ва дигар доғҳоро аз пӯст дафъ мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухмаш дар як рӯз то 9 грамм аст. Зарарҳои ин растанӣ: бадбӯкунанда, баамаловаран- даи хилти савдо ва инчунин худаш ғизои бад аст. Агар инро аз ҳад бисёр бихӯранд, хобҳои бад ва мушав- ваш мебинанд. 228. Кашниз Ин растании машҳур аст, ки онро дар боғҳо ва ҳавлиҳо зироат мекунанд, инчунин намуди саҳроӣ ҳам мерӯядаш, вале инаш барои давогӣ заифтар аст. Мизоҷаш мураккаб-ул-қувват аст, вале ба қавли Буқрот сард ва хушк мебошад дар дараҷаи дув- вум, инчунин сард то охири дараҷаи аввал ва то сав- вум, аммо хушк дар дараҷаи дуввум гуфтаанд. Ба қавли Абӯҷариҳ дар дараҷаи саввум хушк ва ба қавли Шайхуррраис хушкии он моил ба андак гармӣ ва ба қавли Ҷолинус ҳамаи он моил ба гармӣ бо ҷавҳари гарми сабук, ки ба зудӣ ба таҳлил мерасад ва то ба меъда намерасад, ки гармии он зоҳир гардад. Хислатҳои шифобахши он: кашнизи тару тозаашро бихӯранд, каме тезӣ дорад. 35 грамм оби кашнизи тар- ро бинӯшанд, хоб меоварад ва бухорҳои бадро, ки аз қисми поёни бадан боло мехеста бошанд, намегузорад, ки онҳо ба майна бароянд ва дохили он гарданд. Агар ба он сирко пошида бихӯранд, ин хислаташ қавитар мегардад. Оби инро дар чашм чаконанд, намегузорад, ки дар он обила дамад ё сурхакон барояд, инчунин зардии чашмро дафъ мекунад. Кашнизро кӯфта, бо шири ҷавонзанон сиришта, яъне хамир карда, ба чашм гузошта банданд, дарди луққосии онро рафъ месозад; ва агар бо нони хушк якҷо кӯфта, ба чашм 526 гузошта банданд, шилпуқии чашмро, ки аз он чашм обрав гашта, моддаҳои тези он мижаҳоро бирезонанд,

низ дармон мешавад ва инчунин дарди чашмро ҳам сиҳат мекунад. Оби кашнизро дар даҳан гардонанд, дард ва ҷӯ- шишҳои (пухтани) гуногуни даруни даҳанро дур ме- кунад ва дарди дандони кирмхӯрдаро таскин медиҳад. Кашнизро бихоянд, бӯйи шаробро аз нафас ва аз даҳан нест мегардонад ва суръати мастшавиро аз нӯ- шидани шароб паст менамояд. Кашнизро нимкӯфта, ба дандон ва милкҳои он би- моланд, онҳоро мустаҳкам мекунад ва аз милки дан- дон рафтани хунро манъ менамояд. Аз кашниз шароб тартиб дода, яъне оби онро бо шакар ё бо асал ширин карда бинӯшанд, ё онро дар об ҷӯш дода, он обро бо қанд ширин сохта бинӯшанд, хоб меоварад, барои иллатҳои сиёҳ задани чашм ва чарх задани сар, инчунин барои маст нашудан аз шаробнӯшӣ даво мебошад; барои бемориҳои сурфа, зиқ-ун-нафас, ки ҳама аз гарміву тарӣ бошанд, инчу- нин барои иллати дилбозӣ (дилтапак) фоида дорад. 35 грамм оби онро бо шакар ширин карда биёшо- манд, иштиҳоро мекушояд, хоб меоварад, иллати ту- хамаро, яъне бемории ҳазм нашуда фуромадани ғи- зоро аз меъда, инчунин бо ҳамон ҳолат ба қай дафъ шудани онро шифо мебахшад. Худи кашнизро хоҳ тар ва хоҳ хушк бихӯранд, хурӯши моддаи сафроро дар бадан, ки даҳанро талх ва касро беҳол мегардонад, таҳ менишинонад, тафси меъ- даро таскин медиҳад, шиддати ташнагиро мешиканад, иллати қайкуниро қатъ мекунад, вале қуввати боҳро, яъне иқтидори пушти камарро суст мегардонад ва агар бардавом бихӯранд, он қувватро ҳатто барҳам медиҳад. Кашнизро кӯфта гузошта банданд, ба он ҷо аз мав- зеи дигари бадан рехта шудан ва фуромадани мод- даҳои гарммизоҷи зарарнокро манъ мекунад; ба ва- рамҳои гуногун гузошта банданд, онҳоро ба зудӣ таҳ- лил медиҳад; ба сурхбод гузошта банданд, онро аз пӯсти бадан дар ҳар ҷое, ки бошад дафъ менамояд. Агар инро бо нони қоқ якҷо кӯфта, ба решҳои даван- да ва паҳншаванда, ба қӯтури пӯст ва хоришҳои ба- дан гузошта банданд, ҳамаи ин иллатҳоро шифо ме- бахшад. Кашнизи тарро кӯфта, бо орди ҷав хамир 527 карда, ба ханозер (хукгардан) гузошта банданд, даво мешавад ва ҳамчунин варамҳои сахти бадфиолро низ таҳлил медиҳад. Агар ин кашнизи тари кӯфтаро бо орди боқило хамир карда гузошта банданд, низ хано- зер ва ҳамин гуна варамҳоро дафъ мекунад. Ду пора сурб (қӯрғошим)-ро бо оби кашниз ва равғани гулисурх ба якдигар бисоянд ва моддаеро, ки аз ин сойиш ҳосил гардад, ба саратони решгашта ва ғайри решгашта ба такрори амал бимоланд, онро дафъ мегардонанд, ки ин озмуда шудааст. Миқдори як бор нӯшидан аз оби кашниз дар як рӯз то 25 грамм аст ва аз худи кашниз миқдори хӯр- данаш то 50 грамм мебошад. Ба ҷойи кашниз барги кӯкнор ва коҳуро истеъмол намоянд, равост. Мизоҷи тухмаш то дараҷаи дуввум сард ва хушк аст. Тухми кашнизро кӯфта бихӯранд, ба дил фараҳ ме- бахшад, яъне табъро чоқ мекунад: дил ва мағзи сар- ро қавӣ

мегардонад ва намегузорад, ки бухорҳои за- рарнок аз поёни бадан ба майна бароянд; дилтапак (дилбозӣ) ва васвосро, ки сабабашон афзудани мод- даҳои гарммизоҷ дар бадан бошад, рафъ мекунад, меъдаро қувват мебахшад, исҳолро мебандад, беих- тиёр равон гаштани маниро ислоҳ мекунад ва захмҳои роҳҳои пешобро, ки сӯзок низ меноманд, шифо мебах- шад. Аз тухми кашниз шира кашида, он ширароё онро як шабонарӯз дар об тар карда, он обро соф намуда биёшоманд, исҳоли хунин ва дигар намуд исҳолҳоро даво мешавад. Инчунин тухми кашнизро то бӯяш ба- ромадан битафсонанду баъд бихӯранд, аз гармӣ тапи- дани дилро дафъ мекунад. Агар инро бо майи пухтагӣ бихӯранд, маниро пайдо мекунад, кирмҳои меъдаро ме- резонад ва намегузорад, ки дигар бор дар меъда кирм пайдо шавад. Тухми инро бихоянд, бӯйи шаробро аз даҳан дафъ мегардонад ва намегузорад, ки аз шароб нӯшидан ба зудӣ маст шаванд. Аз тухми кашниз шарбат тайёр карда биёшоманд, иллатҳои сиёҳ задани чашм ва чарх задани сарро дафъ мекунад ва нӯшандаи ин шарбат аз майнӯшӣ маст намегардад. Ва агар ин тухмро як шабонарӯз 528 дар сирко тар карда, баъд кӯфта, каф зада бихӯранд, низ хислатҳои боло номбаршударо дорад. Агар ин тухмро кӯфта гузошта банданд, дарди сар- ро, ки аз гармӣ бошад, зуд таскин медиҳад. Инро кӯфта, бо майи пухтагӣ бихӯранд, манӣ тавлид меку- над, кирмҳои меъдаро мерезонад ва намегузорад, ки онҳо дигар пайдо шаванд. Агар инро бо асал ва рав- ғани зайтун даромехта бихӯранд, ҷӯшишҳои дар пӯсти бадан баамаломадаро шифо мебахшад, реши бадта- ринро, ки нори форсӣ меноманд, инчунин монанди ин решҳоро дафъ менамояд. Дар омади гап бифаҳмонем, ки майи пухтагӣ он аст, ки оби ангурро ҷӯшонида, баъд дар зарфе нигоҳ медоранд то он, ки худ ба худ ба ҷӯш ояд, яъне май гардад — ҳамин майи пухтагӣ ном дорад. Тухми кашнизро кӯфта бипошанд, хуни ҷароҳатро, ки равон бошад, мебандад, яъне манъ мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми кашниз дар як рӯз аз 12,5 то 25 грамм аст. Агар ин ёфт нашавад, ба ҷояш тухми коҳуро метавон истифода намуд. Агар аз ин зиёд то 100 грамм аз худи кашниз ва оби онро ин миқдор биёшоманд, зарар дорад, яъне фаромӯшхотир мекунад, зеҳнро кунд мегардонад, иллатҳои хоболудӣ ва сиёҳзании чашмро пайдо мекунад, овозро мегирад, маниро кам мегардонад, пушти камарро суст месозад, олати мардиро аз ҳаракат бозмедорад, ҳайзи занҳоро низ кам мегардонад ва аз бадани ошоманда бӯйи каш- низ меояд. Илоҷи ҳамаи ин зарарҳояш: баъди он, ки қай мекунанд ва дарунро меронанд, зардаи тухми мур- ғи нимпухтаро бо мурчу намак ва шӯрбои мурғи фар- беҳ, ки бо нахӯду лӯбиё пухта бошанд, хӯрдан аст. Инчунин кашниз ба одамони иллати дамкӯтаҳӣ ва зиқ-ун-нафас дошта зиён мекунад. Инро бо хӯрдани тухми мурғи нимпухта, шарбатҳо ва сиркои биҳиро бо асал ё бо шакар

ширин карда биёшоманд, ислоҳ ме- кунад. 229. Шалғам Ин растании зироатӣ ба ҳама маълум аст, ки барг- ҳояш монанди баргҳои турб мебошанд. Қисми зери- заминиашро, яъне бехрешаи онро пухта мехӯранд. Тух- маш сурхи тираранг аст. 529 Мизоҷаш дар аввали дараҷаи дуввум гарм ва дар охири дараҷаи якум тар аст. Хислатҳои шифобахши он: бехрешаи онро, яъне қисми зеризаминиашро пухта бихӯранд, ҳамчун ғизо пурқувват аст, сурфаро дафъ менамояд, узвҳои дару- ни сина ва шикамро мулоим мекунад, чашмро қавӣ мегардонад, ба таом иштиҳо меоварад, қуввати мар- диро бармеангезад. маниро зиёда мекунад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда, бо воситаи пешоб ме- резонад, худи пешобро низ меронад. Баргҳои нозуки онро пухта бихӯранд, агарчи душ- ворҳазм аст. Вале дар амали рондани пешоб қавитар аз қисми заминиаш мебошад, инчунин шикамро пур- бод мекунад. Ин хислати бади он бо воситаи истеъмо- ли мурч, зира ва ширинихо ислоҳ карда мешавад. Решаҳои борики онро сойида, бо асал бихӯранд, ба- рои бемориҳои сипурз ва пешоби бандшударо кушо- дан давои хубест. Ва агар он решаҳоро дар об пухта, лат карда, ба варамҳо гузошта банданд, онҳоро таҳ- лил медиҳад. Ҳар як қисми растании шалғамро дар об ҷӯшони- да, он обро бимоланд, ҷоҳои аз таъсири сардӣ кафи- дан баданро сиҳат мебахшад: агар ин обро ба панҷа- ҳои дасту поҳо бимоланд, иллати никрисро, яъне дард ва варами буғумҳои ин аъзоро дафъ мекунад ва хори- шеро, ки аз зиёд гаштани моддаи сафро ҳодис шуда бошад, таскин медиҳад. Инчунин барг, қисми зериза- минӣ ва тухми онро кӯфта, гузошта банданд ё бимо- ланд. барои иллатҳои номбаршуда дармон мешавад. Шалғамро дар сирко парварда, яъне як шабона- рӯз дар он тар карда, баъд бихӯранд, лазиз мегар- дад, рутубати ғализи баданро рақиқ, яъне суюқ ме- гардонад ва ҳамаи узвҳои даруни сина ва даруни ши- камро қувват мебахшад, иштиҳо меоварад ва ҳанго- ми хӯрдан боднокиаш барҳам мехӯрад. Хусусан агар бо чизҳои тезмаза, яъне бо хардал (горчица) ва мурч таъмашро тунд карда бихӯранд, дарунро аз моддаҳои ғайрӣ пок месозад. Шалғамро дар мағзи хамир гирифта, дар зери оташ пухта бихӯранд, қуввати пазонандагиаш кам ва оруғо- вар мегардад, вале хислати ба ҳаракат овардани қув- вати боҳ, яъне иқтидори пушти камар, ки қуввати мардӣ мебошад, назар ба он, ки дар сирко парварда 530 шудааст, зиёдтар аст. Зеро рутубати қувватбахши он дар зери хамир маҳфуз мемонад. Ҳамаи қисмҳои шалғам хусусияти тарёқӣ дорад яъне ба одамони заҳролудшудагон ва ба онон, ки ҷон- варони заҳрнок газида бошанд, шифо мебахшад. Мизоҷи тухмаш дар дараҷаи саввум гарм ва дар якум тар аст. Тухмаш дар бобати афзудани қуввати пушти ка- мар қавитар мебошад. Агар инро то бӯяш баромадан бирён намоянд, дар ин феъл боз ҳам пурқувваттар мегардад; хӯрданаш иштиҳо меоварад, хислати тар- ёқӣ дорад. Ин дар ҳама ҷиҳат

қавитар аз худи шал- ғам мебошад, вале бинобар гармии баланд доштани мизоҷаш дар одамони гарммизоҷ дарди сар меоварад ва бодангез аст. Дар ҳолати ин навъ зарар карданаш сиканҷабин, туршиҳо, гулқанд ва шакар бихӯранд, за- рари расонидаашро ислоҳ мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми шалғам дар як рӯз 7 грамм аст. Аз тухми шалғам равған ҳам мегиранд ба ин та- риқ. Тухми онро чӣ қадар, ки хоҳанд, бигиранду нағз бикӯбанд. Баъд онро дар об андохта биҷӯшонанд. Ҳан- гоми ҷӯшидани об равған аз тухм ҷудо шуда, рӯйи об бармеояд. Онро бо қошуқ оҳиста бармедоранд. Хӯрда- ни равғани тухми шалғам бодҳои аъзоро таҳлил меди- ҳад, мондагиро дафъ мекунад ва агар олати таносул суст бошад, ба он бимоланд, онро пурқувват ва мус- таҳкам мегардонад. 230. Шибит Ин растании хӯрданӣ, ки боғӣ мебошад, дар халқи мо маълум аст. Инро ба забони русӣ укроп мегӯянд. Аз сабзаҳои мӯътабартарин ва боқадр ҳисоб меёбад. Агар инро дар соя хушк кунанд, қувваташ то ду сол боқӣ мемонад ва баъд аз он бекора мегардад. Мизоҷаш дар охири дараҷаи дуввум гарм ва дар аввали дуввум хушк аст. Тару тозаи он дар охири да- раҷаи якум гарм ва хушки он дар аввали дараҷаи якум гарм низ гуфтаанд. Хислатҳои шифобахши он: агар тари онро кӯфта, ба варамҳо гузашта банданд, онҳоро таҳлил медиҳад ва мепазонад, ва агар бо равғани зайтун сиришта, ба 531 варамҳои напазанда гузошта банданд, онҳоро мепазо- над. Онро хоҳ дар ошҳо ва хоҳ бо дигар таомҳо би- хӯранд, низ варамҳои дохилиро мегардонад ва ё мепа- зонад; ҳамаи гиреҳҳои дар узвҳои бадан пайдошударо мекушояд, ғизоро ҳазм мекунад; инчунин ҳангоми заҳролуд гаштани бадан хоҳ аз хӯроки мурдор заҳролуд шавад, хоҳ ҷонварони заҳрнок бигазанд — ба ҳамааш шифо мебахшад; дарди рӯдаҳо ва дигар дард- ҳоеро, ки дар ҷоҳои дигари бадан пайдо шаванд, тас- кин медиҳад. Агар инро бихӯранд, пешоб ва ҳайзро равон меку- над ва барои иллатҳои гуногуни дамкӯтаҳӣ давои ху- бест; ҳиккак, яъне ҳиқичоқро, ки дар натиҷаи пурии меъда содир шуда бошад, таскин медиҳад; сустии меъ- да, ҷигар ва сипурзро ислоҳ мекунад. (Зимнан аз ин огоҳ кунем, ки агар меъда ва ҷигар суст бошанд, со- ҳибаш ба корҳои сахт намешояд, хӯрок ҳазм наме- ёбад, вале агар сипурз суст шавад, иштиҳо тамоман баста мегардад). Ҳар рӯз 50 грамм тари онро дар об 5—6 дақиқа ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, интиҳояш дар рӯзи пан- ҷум ё шашум сангҳои гурда ва хичакро майда карда, бо воситаи пешоб мерезонад. Инчунин хӯрдани шибит хоҳ хушк бошад ва хоҳ тар, иллатҳои қулинҷро, ки варам ва дарди рӯдаҳои ғафс аст ва инро дар тибби ҳозира колит меноманд, шифо мебахшад; таом дар меъда вайрон шуда бошад, ислоҳ мекунад. Ҳар як қисми инро, яъне хоҳ тухмаш, хоҳ баргаш ё пояшро бо баргҳояш бихӯранд. бемориҳоеро, ки аз зиёд гаш- тани моддаи балғам дар узвҳои даруни сина ё дар меъда ба судур расида бошанд, ба ибро

меоварад. инчунин бемориҳои олати таносулро шифо мебахшад. Агар инро бо асал якҷо бихӯранд, зарари ҳамаи заҳр- ҳоро аз бадан дафъ мекунад ва бо воситаи қай дафъ намудан мадад мерасонад, инчунин ахлоти ғализро аз меъда хориҷ месозад. Низ хоҳ тарашро ва хоҳ хуш- кашро ва ё тухмашро дар об 10 дақиқа ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, бодҳоро аз ҳама узвҳои бадан паро- канда менамояд ва агар он бодҳо ғализ гашта ҷой ги- рифта бошанд, низ таҳлил медиҳад; дардҳои пушт, гурда ва хичакро таскин медиҳад, пешобро меронад, дарди рӯдаҳоро хомӯш месозад; агар аз бисёр исто- дани таом дар меъда ва ҷӯшидани он дар ин узв дил беҳузур (бечо) мешуда бошад, қатъ мегардонад; ҳик- 532 какеро, ки дар натиҷаи зиёд гаштани балғам дар меъ- да ё аз пурии таом дар он ба судур омада бошад, со- кин мекунад. Гӯшти бӯгирифтаро бо шибит бипазанд, бӯй ва мод- даҳои вайронгаштаи онро дур мекунад ва барои зуд- тар пухтанаш ёрӣ медиҳад ва баъд он гӯшт зудҳазм мегардад. Шибитро кӯфта, бо асал то қивом шуданаш бипа- занд ва онро аз рӯ ба меъда бимоланд, ба осонӣ исҳол меоварад. Ҳар як қисми шибитро сӯхта, хокистари онро ба захмҳои гуногун бипошанд, онҳоро хушк мекунад ва инак шифо мебахшад. Баргҳои шибитро дар об ҷӯшонида, дар он об зан- ҳо то ноф даромада нишинанд ё тухмашро бардавом бихӯранд, ҳамаи беморӣ ва иллатҳои бачадонро дафъ мекунад; бодҳои гурда, хичак ва хояҳоро пароканда месозад. Оби шибитро, ки аз кӯфтаи тари он гирифта бошанд, нимгарм дар гӯш чаконанд, барои бемориҳои гӯш даво мешавад. Миқдори як бор хӯрдан аз шибит дар як рӯз то 25 грамм аст. Агар аз ин бисёр бихӯранд, барои одамо- ни гарммизоҷ зарар дорад, зеро мизоҷи шибит ҳам гарм аст; шикамро боднок мекунад ва дилро бечо ме- созад. Ва агар оберо, ки дар он шибит ҷӯшонида шу- да бошад, аз ҳад зиёд бардавом бинӯшанд, майна, чашм, меъда, хичак ва гурдаро зарар мекунад, яъне ин узвҳоро суст ва заиф мегардонад, инчунин мани- ро кам ва хушк мегардонад. Инчунин худи шибитро бисёр бихӯранд, низ ба узвҳои мазкур сустӣ меова- рад. Дар ин ҳолат барои дафъи зарараш оби лиму, сиканҷабин, оби ғӯраи ангур ва туршиҳои дигар мео- шоманд, агар ба гарммизоҷон зарар карда бошад ва агар ба хунукмизоҷон зиён карда бошад, кӯфтаи қа- ранфули гардан, дорчинӣ ва асал бояд бихӯранд. Агар ёфтани гиёҳи шибит душвор гардад, ба ҷояш тухмашро истеъмол кунанд, раво мебошад. Аз шибит равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Оби барги тарашро як миқдор ситонида дар зарфе аз болояш ҳамон миқдор равғани зайтун рехта, бо оташи мулоим меҷӯшонанд ба ҳадде, ки обаш бухор шуда раваду равған бимонад. Вале эҳтиёт кунанд, ки рав- ған насӯзад, яъне доғ нагардад. Ё ки баргашро дар 533 ҳамон равғани зайтун парварда тайёр мекунанд, яъне дар зарфи шиша равғани зайтун рехта, он равғанро аз баргҳои шибит пур мекунанду ба офтоб мегузоранд. Ранги

баргҳо табдил ёбад, яъне бипарад, фишурда он баргҳоро дур мекунанду аз нав барги дигар меандо- занд. Ҳамин тавр то се-чор маротиба баргро нав карда, баъд равғанро ҷудо намуда, дар зарфи шиша ё чинӣ нигоҳ медорад. Ҳамин равғани шибит ҳисоб ме- ёбад. Ин равғанро бимоланд, сахтҳои узвҳои баданро му- лоим мекунад, баданро гарм мекунад ва барои монда- гии узвҳо, варами дасту поҳо, дур кардани аъзошика- нӣ, ларзи табҳо бағоят таъсирбахш ва фоиданок аст. Мизоҷи тухмаш нисбат ба баргҳои он гармтар ва хушктар аст. Агар онро дар таомҳо андохта бихӯранд ва ё бо туршиҳо бихӯранд, ҳолати бади меъдаро ислоҳ мена- мояд. Агар онро бо чизҳои турш турш карда, яъне да- ромехта, баъд аз таом бихӯранд, сахт қай меоварад, ки барои пок гардонидани меъда аз чизҳои бегона тадбири хубест. Агар тухмашро низ бардавом бихӯ- ранд, ба одамони гарммизоҷ зарар дорад: дилро бечо мекунад, қуввати майнаро кам мегардонад, чашмро хира ва боҳро суст месозад, аз онро хӯрдан манӣ кам ва ҳатто хушк мегардад. Тухмашро бисӯзанд, мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк мегардад. Агар онро ба асал сиришта бихӯранд ё бо асал хамир карда гузошта банданд, бе- мориҳои мақъад ва иллати бавосирро шифо мебахшад. Ин сӯхтаи тухми онро ос карда, ба захм ва решҳои тар бипошанд, онҳоро хушк ва сиҳат мекунад ва ба- рои захми закар давои аҷибе ва беҳамто мебошад. Агар дарун сахт ва фуромаданаш душвор гардад, тухмашро кӯфта, бо асал бипазанд, то он ки ғафси хамиршакл гардад, баъд ба мақъад гузошта банданд, дарунро мулоим карда фурӯд меоварад. Миқдори як бор хӯрдан аз шибити сабз дар як рӯз то 25 грамм аст ва агар инро дар об ҷӯш дода, он обро нӯшиданӣ бошанд, аз тараш то 50 грамм ан- дозанд ва аз хушкаш то 25 грамм. Агар тухмашро хӯрданӣ бошанд, меъёри ин то 10,5 грамм аст. 534 231. Маҳсар Ин гули гиёҳи маълум аст, ки гулаш пӯпакшакли риштавор аз миёни қуббаҳои хорнок, монанди ришта- ҳои заъфарон беруномада мебошад. Ин ҳам боғӣ ме- шавад ва ҳам саҳроӣ. Мизоҷи гули даштиаш дар дараҷаи саввум гарм ва дар дуввум хушк аст, вале мизоҷи бӯстониаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум хушк аст. Қувва- таш то се сол боқӣ мемонад. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, модда- ҳои ғализи даруни баданро пазонида, барои дафъ шу- дан тайёр месозад ва агар гузошта банданд, решҳоро мепазонад ва ё агар ба варам гузошта банданд, онро пас мегардонад. Хӯрданаш хоб меоварад, ба ҷигар қувват мебахшад, хуни шахшударо якбора мегудозад. Инро кӯфта, бар кафи дасту поҳо гузошта банданд, дамидани обила (нағзак)-ро дар онҳо кам мегардонад ва агар пеш аз баромадани обила гузошта банданд, ҷараёни бемории онро сабук мегузаронад. Агар инро бо асал сиришта бимоланд, доғҳои сафеди пӯст ва пес- ро дафъ мекунад ва агар инро ба даруни даҳан бимо- ланд, пухтан ва ҷӯшиши даҳани тифлонро ба ибромео- варад. Бо асал

сиришта гузошта банданд, шукуфаҳои пӯстро дафъ менамояд; бо ҷуғрот хамир карда, ба зе- ри шикам гузошта банданд, пешоби бандшударо мекушояд. Бо сирко сиришта бимоланд, хориши бадан, ва- рамҳои гарм ва сурхбодро нест мекунад, аз рӯ бар ҷигар бимоланд, варами ин узвро таҳлил медиҳад. Вале агар инро аз ҳад зиёд бихӯранд. ба меъда зарар мекунад. Дар ин ҳолат асал бояд хӯрд ё ҳанго- ми истеъмолаш бо асал якҷо бихӯранд, онро безиён мегардонад. Миқдори як бор хӯрдан аз гули маҳсар дар як рӯз 4,5 грамм аст. Агар гули маҳсарро бо гӯшт бипазанд, ба- рои зуд пухтан ва муҳарро гаштани он мадад мера- сонад, инчунин гӯштро лазиз мегардонад. Мизоҷи тухмаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, ах- лоти сӯхта ва балғами рақиқ (суюқ)-ро бо исҳол дафъ менамояд, бодҳоро пароканда мекунад. Чун 17,5 грамми онро кӯфта, аз он шира кашида, он ширароро бо қанди сафед ё бо асал биёшоманд ва 535 низ чун 7 граммашро кӯфта, дар 150 грамм об ҷӯшо- нида ва молида соф карда, 35 грамм шакари сурх дар он дохил намуда, дар вақти хоб бинӯшанд, пиронро бисёр мувофиқ аст. Аз ин панироб низ тайёр мекунанд. Зарпечакро дар халтача баста, дар шираи он андозанд ва ё ба ҳадде дар он бимоланд, ки қувваташ ба он барояд —ҳамин об панироби он аст. Панироби инро бинӯшанд ва аз болояш ширинии муносиб биёшоманд, барои иллатҳои молихулиё (меланхолия), тарсончакӣ, яъне ваҳшоният, дилтапак (дилбозӣ), махав, қӯтур, хориш ва аксари бемориҳои савдовӣ доруи хубе мебошад. Шираи онро бо обе, ки анҷир як шабонарӯз тар карда шуда бошад, бо қанди сафед ё бо асал бихӯ- ранд, узвҳои даруни синаро аз моддаҳои зарарнок пок мегардонад, овозро соф мекунад, назлаҳоро пазонида, барои хориҷ шудан муҳайё месозад ва аксари иллат- ҳои сардмизоҷи даруни синаро дафъ мекунад, боҳро қувват мебахшад, маниро зиёда мегардонад, ранги рухсорро неку мекунад ва бодҳои дарунро дафъ мена- мояд. Агар ба ошҳои аз мош ва нахӯд пухташаванда инро дохил намоянду пухта бихӯранд, балғами хом ва ахлоти сӯхтаро мепазонад ва бо воситаи исҳол дафъ мегардонад. 35 грамм шираи онро бо қанди сафед ё бо асал бинӯшанд, истисқои (водянкаи) обӣ ва гӯштиро даво мешавад. Мағзи бепӯсти тухмашро низ бо қанди сафед ё бо асал бихӯранд, қулинҷро, ки варам ва дарди рӯдаҳои ғафс аст, дафъ мекунад. Тухми маҳсар хислате дорад, ки шири рақиқро шах мегардонад ва шири шахшударо мегудозад. Бинобар ин тухми инро аз болои шир хӯрдан ҷоиз нест. Хӯрдани тухми маҳсар ба меъда зарар дорад. Дар ҳолати зарар карданаш чизҳои ширин бояд хӯрд, ки ислоҳи зарар намояд. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми маҳсар дар як рӯз аз 17,5 то 35 грамм аст. Аз ин зиёдаш зарарнок аст ва хӯрданаш ҷоиз нест. Агар инро бо шир хӯрданӣ шаванд дар таносуби 300 грамм шир 35 грамм тухми маҳсар дохил намо-

янду 150 грамми онро дар як рӯз биёшоманд, ки амал мекунад. 536 Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-224-231#224

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 232-240 232. Ишлон 233. Кучула 234. Мисвок 235. Исфанох 236. Сиреши саҳроӣ 237. Сиреши кӯҳӣ 238. Зарпечак 239. Талхшувоқ 240. Бобуна 232. Ишлон Ин гиёҳ дар заминҳои биёбон ва шӯразорҳо мерӯ- яд. Ҳамеша сабз ва пуроб мебошад, барг надорад, аз як бех (реша) шохҳои борики бисёр, ки гӯё ҳамаи онҳо аз гиреҳҳои буғумдор иборат мебошанд. Таъмаш шӯр аст. Агар инро хушк карда бисӯзанд, оташаш бис- ёр тез аст. Қисми рӯйизаминии инро бо каланд бурида, ҷамъ карда, баъди хушк шуданаш, заминро чуқур канда, ишлони хушкро дар он чуқурӣ пур менамоянду оташ мезананд. Аз сӯхтаи он дар он чуқурӣ обе ҷудо шуда, ҳамон ҷо сахт мегардад. Ин ҷисми сахтшуда иборат аз ишхор аст. Баъд ба кор мебаранд. Мизоҷи ишлон дар дараҷаи саввум гарм ва дар охири дараҷаи дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани ин дарунро аз чизҳои ғайрӣ пок мегардонад, гиреҳҳоро мекушояд, ҳайзи занҳо ва пешобро башиддат меронад, фузлаҳои ғализ, яъне моддаҳои нодаркори дар бадани инсон ғафсгаштаро таҳлил медиҳад. Агар 10,5 грамм аз гиё- ҳи сабзи он бихӯранд, зардобро бо воситаи саргин аз бадан дафъ мекунад, бинобар чунин хислаташ иллати истиқо (водянка)-ро шифо мебахшад. (Дар омади гап боз як намуди зардоби баданро бифаҳмонем, ки агар он бисёр ҷамъ шавад, мӯйи сар хоҳ дар мардон ва хоҳ дар занон тамоман мерезад ва ранги рӯ зардоб барин баднамо мегардад). 3,5 грамм аз сабзи он бихӯранд, ҳайзи бандшударо равон мегардонад; 2 граммашро би- хӯранд, пешобро меронад; 17,5 граммашро бихӯранд, бачаи зинда ва мурдаро аз шиками зани ҳомила ме- афтонад. Ва 35 граммаш кушанда аст. Агар онро кӯфта, ба захмҳо бимоланд, гӯшти зои- ди онҳоро мехӯрад. Агар ба дандон бимоланд, дандон- ро аз чирк пок мегардонад, вале агар аз ҳад зиёд мо- ланд, сири дандонро мехӯрад. Дар ин ҳолат мағзи тухми кадуро бихӯранд, зиёнашро ислоҳ мекунад. Ҳан- гоми хӯрдан агар ба хичак зиён кунад, бояд асал би- хӯранд, ки ин ислоҳкунандаи зарари он аст. Мо дар боло ишхор маҳсули ишлони сӯхта гуфтем. Беҳтарини ишхор он аст, ки ҳангоми сӯхтани ишлон дар зери он чуқурие, ки ишлонро месӯзанд, зарфи са- фол гузошта бошанд, то ки рутубати ишхор дар он 537 ҷамъ шуда, баъд сахт гардад — ин беолойиш ва соф мебошад. Мизоҷи ишхор дар дараҷаи чорум гарм ва хушк аст, ки ҳукми заҳрро дорад. Хислатҳои шифобахши он: ин хусусияти поккунан- дагӣ, сӯзандагӣ ва хӯрандагӣ дорад. Чун ишхорро дар об ҳафт маротиба ҳал кунанду баъд соф намуда, аз нав сахт гардонанд, ин ишхори соф ҳисоб меёбад. Аз ин 0,19 грамм бихӯранд, меъда- ро қавӣ мегардонад, таомро ҳазм мекунад, иштиҳо ме- оварад. балғамро

меканад ва он қайро, ки бо ҳеҷ тад- биру илоҷ боздошта нашавад, ба ислоҳ меоварад ва варами сипурзро таҳлил медиҳад. Агар инро ба чашми ҳайвонот чун сурма бика- шанд, гули чашми онҳоро дафъ мекунад. Агар онро бимоланд, гӯшти зоидро, ки гӯшти ҳароми захм аст, хӯрда, нест мекунад, озахҳоро хушк карда меафтонад, носур, доғи сафеди пӯст, пес, қӯтури тар ва ширинча- ҳои гуногунро дафъ мекунад. Агар 3,5 грамми ишхорро касе бихӯрад, ҳамон рӯз мекушад ва 7 грамм аз он бихӯрад, ҳамон дам аз ҷо- наш ҷудо мегардад, илоҷпазир нест. Агар касе инро хӯрда бошад, давояш равған ва шӯрбои равғандор хӯрда, қай намудан аст. Инро ҳамчун даво танҳо худашро молидан манъ аст ва бояд ки бо равған якҷо карда бимоланд. Зеро агар худашро танҳо бимоланд, ба дараҷае хушк ме- гардонад, ки ислоҳи он амри муҳол аст. Чун ишхорро дар равған ҳал карда, ба ангур би- пошанд, ба зудӣ онро мавиз мегардонад. 233. Кучула Ин тухми дарахти ҳиндӣ аст, ки самараш ба ан- дозаи норанҷ мешавад. Дар даруни он донаҳои паҳни гирдак ҷой гирифтаанд, ки бисёр сахт ва талх мебо- шанд. Ҳамин донаҳои дар самараш буда кучулаанд. Онро дар шир тар карда, аз пӯсташ ҷудо сохта, баъд барои истеъмол бо сӯҳон реза мекунанд. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва дар ҳамон дараҷа хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро бояд хотиррасон намоем, ки кучула барои ҳамаи ҳайвоноти думдор заҳ- 538 ри қотил аст. Вале онро агар одамон дар миқдори му- айян бихӯранд, мизоҷи вайронгаштаи бисёр сардро ба сӯйи мизоҷи сараи гарм табдил медиҳад. Инро фа- қат дар вақти сахт ҳоҷат афтодан ҷоиз аст бихӯранд, дар дигар мавридҳо набояд истеъмол намуд. Масалан, барои бемориҳои фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ), нотавон шудани узве ё аъзо ва дигар иллат- ҳои асабонӣ, пайвандҳо бо шакар, ки ислоҳкунандаи зарари он аст, бихӯранд. Агар инро кӯфта гузошта банданд, барои доғҳои кунҷидак, қӯтур, шукуфаи пӯст, иркуннасо (радику- лит), бемориҳои пайвандҳо, иллатҳои аз сардӣ баама- ломада, қӯтури тар ва рихинак даво мешавад. Зарарҳояш: мастӣ меоварад, зеҳнро кунд мекунад. Ва агар 4,5 грамм аз он бихӯранд, кушанда мебошад. Агар ин зарар кунад, шакар ва чизҳои хушбӯй бо- яд бихӯранд ё ин, ки шири навдӯшидаро нӯшида, қай намоянд. Табибони Ҳинд дар бобати шифобахшии кучула чизҳои бисёреро зикр кардаанд. 234. Мисвок Ин растанӣ дар шароити табиии Осиёи Миёна ба шакли гиёҳ ва буттача мерӯяд. Навъҳои саҳроӣ ва кӯ- ҳӣ низ дорад. Баргаш дарози васеъ, рост, зич ва сабзи зеборанг, хорнок ва бехор низ мешавад, дар ҷануб ха- зон намекунад. Гулаш моил ба сурхӣ, самараш дар хӯ- ша ва ба андозаи нахӯд, дар хомиаш сабз ва таъмаш хеле тунҷ аст, вале баъди расидан баъзеаш сурх, баъ- зеаш сафед ва бунафш мегардад ва баъдан сиёҳ меша- вад. Баъди пухтан таъмаш моил ба андак ширинӣ ва талхиву тунҷӣ мешавад. Мизоҷи мисвоки дар мамлакатҳои

гарм рӯйидааш дар дараҷаи якум гарм ва хушк аст ва он, ки дар иқ- лими мӯътадил рӯяд, мизоҷаш дар гарміву хушкӣ мӯътадил мебошад Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, баданро аз моддаҳои бегона пок мегардонад, гиреҳҳои дохили баданро мекушояд, рутубатҳои часпакро дафъ меку- над, бодҳои ғализро таҳлил медиҳад; назлаи аз сар фуроянда ро манъ мекунад, меъдаро қувват мебахшад, исҳолро мебандад, варами бачадон ва бавосирро таҳ- 539 лил медиҳад, душвор шошиданро осон мекунад, хичак- ро аз олойишҳо пок месозад; захмҳои сар, варамҳои ху- нӣ ва мӯрчагазак ном ҷӯшиши баданро хушк ва дафъ мекунад, дардҳоро таскин медиҳад, милки дандонро қувват мебахшад. Баргашро кӯфта, ба варамҳои хунӣ ва мӯрчагазак гузошта банданд, шифо мебахшад ва агар онро дар равғани зайтун пухта, занҳо ба зери нофи худ гузошта банданд, варами бачадонро таҳлил медиҳад, дардаш- ро низ сокин мекунад, инчунин бавосир ва захмҳои сарро дармон мебошад. Самарашро пухта бихӯранд, пешоби бандшударо мекушояд, хичакро қувват мебахшад, меъдаро пуркув- ват месозад, исҳолро мебандад. Агар бо чӯби он мисвок кунанд, яъне чӯби онро ба дандонҳо бимоланд, онҳоро аз чирк пок мегардонад, милкашро низ мустаҳкам мекунад. Агар мисвокро ба дандон аз ҳад зиёд бимоланд, дар забончаи ҳалқум ҷӯшиш пайдо мекунад. Ва агар бисёр бихӯранд. мумкин аст, сатҳи даруни рӯдаҳоро бихарошад. Дар ин маврид катиро бихӯранд, зарараш- ро бартараф месозад. Миқдори як бор нӯшидан аз обе, ки дар он мис- вок ҷӯшонида шуда бошад, дар як рӯз то 150 грамм аст ва меъёри хӯрдан аз тухмаш то 10,5 грамм. Муаллифи китоби «Дастур-ул-атиббо» ва дигарон гуфтаанд, ки барги он барои қӯтури пӯст, иллати ма- хав, бавосир ва фосид шудани хун фоида дорад. Агар меваашро бихӯранд, дарунро меронад, мур- дор гаштани моддаҳои балғам ва сафроро ба ислоҳ меоварад; барои сӯзиши узвҳои дохилӣ, истисқо, ва- рамҳои гуногун, махав, табҳои гарм, резонидани кирм- ҳои меъда ва рӯдаҳо (ҳатто кирми кадудона) даво ме- шавад. 235. Исфанох Ин гиёҳро дар як қатор маҳалҳои тоҷикон испаноғ низ меноманд. Ин растании баҳорӣ мебошад, бисёр нозук аст. Ин растанӣ ҳам навъи бӯстонӣ дорад ва ҳам саҳ- роӣ. Дар тиб қисми бӯстонии он истифода мешавад, ки мехӯранд. Беҳтарини он тару тоза ва боронрасидаи он аст. 540 Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум сард ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: бинобар қуввати покку- нанда ва шустушудиҳандагӣ доштанаш, агар инро би- хӯранд, дарунро мулоим мекунад. Хусусияти ғизогиаш: хушҳазм, бодаш камтар аст назар ба сабзаҳои дигар. Агар инро бо мудовамат бихӯранд, барои тафси меъ- да, ташнагӣ, табҳои гарм, бемориҳои узвҳои даруни си- на ва дарди шуш, ки аз гармӣ бошад, сил ва барои дарди миён, ки аз бисёрии хун бошад, даво мешавад. Агар инро бо боқило пухта бихӯранд, назлаҳои гарми аз сар

фурояндаро қатъ мекунад. (Назлаи гарм он аст, ки ҳангоми дар бинӣ фуромаданаш сӯзиш дар сӯ- рохи бинӣ ба амал меоварад). Бо оби гиёҳи тару тозаи он ғарғара кунанд, дарди гулӯ ва забончаи ҳалқумро шифо мебахшад. Оби гиёҳи тари онро бо шакар ширин карда бинӯ- шанд, дарди гулӯ ва забончаи ҳалқум, зардпарвин, душвор шошидан, инчунин сӯзиши пешобро, ки сӯзок меноманд, шифо мебахшад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Агар инро пухта гузошта банданд, дарди буғумҳо ва варамҳоро, ки аз гармӣ бошанд, инчунин банд шу- дани пешобро, ки сабабаш зиёд гаштани моддаҳои гарммизоҷ бошад, дафъ менамояд. Ва агар нопухта гузошта банданд, варамҳои гарми хунӣ ва газидани зан- бӯрро даво мешавад, пучак ва чиртакҳоро мекафонад. Вале ин гиёҳро аз ҳад бисёр бихӯранд, ба одамо- ни хунукмизоҷ зарар дорад, дарди сар меоварад. Дар ин маврид онро бо равғани бодоми ширин ё бо мас- каи нави гов пухта, бо дорчинӣ ва мурч бихӯранд, зиё- наш ислоҳ меёбад. Миқдори як бор нӯшидан аз оби исфанохи тару то- за дар як рӯз то 9 грамм аст. Ба ҷойи ин чилмангӯш- так (семизут)-ро истеъмол намоянд, раво мебошад. Тухмашро бихӯранд, барои дарди дил, дарди узв- ҳои даруни сина ва шикам, табҳои гарм, шираи тух- маш барои табҳои диқ (лоғаркунанда) ва сил давои хубест. Ин тухмашро пухта ба варамҳои гарм гузошта бан- данд, дарди онҳоро таскин медиҳад ва инчунин ва- рамҳои сахтро таҳлил медиҳад —дар ин бобат давои бисёр хубест. Миқдори як бор хӯрдан аз тухмаш дар як рӯз то 7 грамм аст. 541 Ногуфта намонад, ки исфанохро пухта, бо равғани бодоми ширин ё бо маскаи нави гов хӯриш дода бихӯ- ранд, барои дарди сар, ҷингак шудани узвҳо аз хушкӣ, варамҳои шадиди сар ва агар бо гӯштҳои сара пухта бихӯранд, барои молихулиё, девонагӣ, девонаи беқа- рор, ки ин бемориҳо аз бисёр шудани моддаи савдо омехта бо сафро ҳодис шуда бошанд; бо почаи барра ё бо почаи бузғола пухта бихӯранд, барои чарх задани сар ва сиёҳ задани чашм, ки аз гармӣ ҳодис гашта бошанд; инчунин барои гулӯгиршавӣ, бемориҳои узв- ҳои даруни сина ва шуш, сил ва сурфа дору меша- вад. Инро бо оши ҷав ё моши кӯфтагӣ пухта бихӯ- ранд, барои варам ва дарди пардаҳои даруни сина, банд шудани пешоб, сӯзок, табҳои гарм ва иллати хӯ- ра доруи хубе мебошад. Хӯра — ин реш ва захмест, ки дар ҳар узве пайдо шавад, атрофи худро хӯрда, ба рим табдил медиҳад. 236. Сиреши саҳроӣ Ин гиёҳ монанди сиреши кӯҳӣ, вале баргаш аз бар- ги он хурдтар, пояш низ аз пояи сиреши кӯҳӣ кӯтоҳ ва бориктар. Гули сиреши даштӣ зардтоб, вале гули сиреши кӯҳӣ сафед аст. Қисми заминӣ яъне бехрешаи ҳар ду дар сохт ба якдигар монанд: дар мобайни ре- шаҳояш монанди анҷири зард гирдшакли паҳн гиреҳ дорад ва аз он ба атроф решаҳо рафтаанд — фарқи решаи ин ҳар ду дар он аст, ки аз они сиреши кӯҳӣ бузургтар назар ба решаи қисми саҳроии он. Мизоҷаш дар

охири дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ин дар хӯрдан хислати гармкунандагӣ дорад, таъмаш тунд, бо қуввати хушккунанда мебошад, инчунин таҳлилдиҳанда ва мод- даҳои ғализро дар бадан рақиқгардонанда аст; усту- хони шикастаро бо ҳам пайваст мегардонад, варам ва бодҳои хояҳоро таҳлил медиҳад ва пароканда месо- зад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад ва захмҳои ботиниро дафъ мекунад. 3,5 грамм аз ре- шаи хоми он бихӯранд, пешоб ва ҳайзро равон месо- зад; 7 грамм бихӯранд, дарди паҳлу, сурфа ва сустии мушакҳоро дафъ менамояд Гулаш ва самарашро бихӯранд, дарунро мулоим 542 мекунад; агар инро бо шароб биёшоманд, барои гази- дани каждум ва ҳазорпо дору мешавад. Ва андакеро аз он бихӯранд, қайро осон мекунад. 14 грамм решаи онро бихӯранд, газидани морро шифо мебахшад ва дар ҳолати газидани мор бояд, ки баргашро ҳам кӯф- та, ба ҷойи офат гузошта банданд. Пояшро дар сирко бо равғани зайтун пухта би- хӯранд, иллати зардпарвинро дафъ менамояд. Оби онро ба сафедаи тухми мурғ даромехта, латта- ро дар он олонда гузошта банданд сӯхтагии оташро шифо мебахшад; агар бо гӯгирд сиришта гузошта бан- данд, шукуфаи пӯстро дафъ мекунад. Оби сиреши тару тозаро бо шароби кӯҳнаи ширин ва ё шароби талх ва заъфарон даромехта биҷӯшонанд, ки бипазад. Баъд онро ба чашм кашанд, тарӣ, шилпуқӣ ва сӯзиши пилкҳои чашмро ба ибро меова- рад. Сиреши даштии тару тозаро кӯфта, обашро гириф- та, онро батанҳоӣ ё бо асал даромехта, нимгарм дар гӯше, ки аз он рим ояд, бичаконанд, сиҳат мебахшад. Ин обро нимгарм дар гӯш бичаконанд, дарди дандони тарафи мухолифро таскин медиҳад. Инчунин агар он- ро дар равғани зайтун пухта, он равғанро нимгарм дар гӯш чаконанд, дарди дандони тарафи мухолифи онро сокин мекунад. Чун гиреҳи маркази решаи онро ковок намуда, дар он равғани зайтун рехта, дар рӯйи оташ гузоранд, то равған ба ҷӯш ояд ва онро нимгарм дар гӯш бичако- нанд, дардашро таскин медиҳад ва гаронии гӯшро ис- лоҳ мекунад. Ин равғанро бимоланд, аз сармо кафи- дани дасту поҳоро шифо мебахшад, инчунин сӯхтагии оташро ба ибро меоварад. Решаи ин сирешро кӯфта, ба дандони курсӣ бигу- зоранд, дарди онро сокин месозад. Чун ин решаро бо сирко якҷо кӯфта, ба нарангушти дасти ҷониби дан- дони кундшуда ва дарднок гузошта банданд, дарди он- ро таскин медиҳад ва кундии онро ислоҳ мекунад. Агар инро кӯфта, бо асал хамир сохта, ба шиками гириф- тори иллати истисқо (водянка) гузошта банданд, нафъ мекунад. Инро бо дурдаи (таҳшини) шароб пухта гу- зошта банданд, решҳои римкардаи бадфиолро шифо мебахшад, варами писто ва хояро таҳлил медиҳад, пучакҳо, чиртакҳо ва решҳои дигари римнокро сиҳат 543 мебахшад; агар бо шароб хамир сохта гузошта бан- данд, варамҳои гарми сахтро таҳлил медиҳад. Решаи инро сӯхта, бо равғани

бодоми талх хамир намуда, аввал мавзеъро бо матои пашмин хуб бимо- ланд. баъд он хамирро ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯй- рехтаи сар ва риш бимоланд, мӯй мерӯёнад; инчунин доғи сафеди пӯстро бо матои дағал хуб молида, ин хамираро дар офтоб нишаста, ба он доғ бимоланд, он- ро дафъ мекунад. Аммо хӯрдани сиреши даштӣ ба гурда зарар до- рад. Дар мавриди зиён карданаш мустако бихӯранд, ислоҳи зарар менамояд. Миқдори як бор хӯрдан аз решаи сиреши даштӣ дар як рӯз то 10,5 грамм аст. Агар ин ёфт нашавад, ба ҷойи ин барои боҳ (пушти камар) сабзии даштиро истифода баранд ва бар зидди заҳрнок шудан пиёзи ансулро бихӯранд, раво мебошад. 237. Сиреши кӯҳӣ Инро тоҷикони районҳои Айнию Панҷакент шушка- ҳак меноманд, вале тоҷикони водии Ҳисор сичак мегӯ- янд. Решаи ин ғафстар аз решаи сиреши даштӣ, бар- гаш низ дароз ва сербартар, пояш ҳам ғафстар ва баландтар аз сиреши даштӣ мешавад; гулаш сафеди майл ба сурхӣ, самараш гирдак ва таъмаш тунди мо- ил ба тунҷӣ мебошад. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар решаашро бихӯ- ранд, барои дарди паҳлу, сурфа ва зардпарвини ҳодис аз бисёрии сафрои сӯхта (яъне аз ғалабаи сафрои савдоомехта), харошида шудани сатҳи даруни рӯдаҳо ва инчунин дағалии ҳалқ даво мешавад; агар кӯфта бихӯранд, пешоб ва ҳайзро равон мекунад. Ва агар сӯхтаи инро бихӯранд, низ пешоб ва ҳайзро меронад. Сӯхтаи инро ба варамҳое, ки аз бисёрии балғам ба амал омада бошанд, гузошта банданд онҳоро таҳлил медиҳад; инро бо сирко хамир карда ба ҷоҳои гир- дак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш гузошта банданд, мӯй мерӯёнад ва инчунин ба доғи сафеди пӯст гузош- та банданд, онро дафъ мекунад. Решаи ин гиёҳро кӯфта гузошта банданд, устухони шикастаро ба ҳам мепайвандад, даббаро, ки аз дари- 544 дани пардаҳои шикам бошад, шифо мебахшад; пучак ва чиртакҳоро мепазонад ва мекафонад, захмҳои ха- бисаро (злокачественные язвы) дафъ месозанд; вара- ми хоя, кӯфтагии мушакҳо ва асабҳоро ба ибро меова- рад. Инро кӯфта, бо сирко ва равғани кунҷид хамир карда гузошта банданд, қӯтур ва хоришро сиҳат ме- бахшад, ҳамаи сахтиҳоро мулоим мекунад; бо орди ҷав хамир карда гузошта банданд, захм ва решҳои сарро хушконида сиҳат мебахшад. Тухмаш хислати поккунандагӣ дорад, ахлоти ғализ- ро дар бадан тит карда берун меронад. Мизоҷи тух- маш гармтар назар ба решаи он аст. Агар инро бихӯ- ранд, хун қай карданро ба ибро меоварад; бо шаҳдоб (асалоб) бихӯранд, ҷигарро аз моддаҳои бегона пок мегардонад. Аммо хӯрдани ин дар узвҳои бадан гирехҳоро ба амал меоварад. Дар ин ҳолат сиканҷабин бихӯранд, зиёнаш ислоҳ меёбад; меъдаро ҳам суст мекунад — дар ин маврид гулқанд хӯрдан кифоя аст, ки ин за- рарро ислоҳ намояд. Миқдори як бор хӯрдан аз решаи сиреши кӯҳӣ дар як рӯз то 20 грамм аст ва аз сӯхтааш то 4,5 грамм ва инчунин аз тухмаш то 7 грамм

бихӯранд, равост. 238. Зарпечак Ин растаниест монанди ришта, зардранг ва зарди сурхтоб, ки ба растаниҳои дигар печида, аз ҳисоби он- ҳо зиндагӣ мекунад ва афзойиш меёбад. Баргҳояш бис- ёр реза ва тухмаш аз арзан ҳам майдатар, рангаш сурхи моил ба зардӣ, ки ҳанӯз гулаш норехта тухм мебандад, ранги гулаш сурхи моил ба тирагӣ ва ре- шааш мӯй барин аст. Тухмаш ба замин афтода, баъд сабзида, ба набототи наздашбуда мепечад. Дар тиб шохҳои риштамонанд ва тухмаш истифода мешаванд. Мизоҷи ин агар дар ҷоҳои гарм рӯйида бошад, дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст, вале агар дар мин- тақаҳои мӯътадил бирӯяд, гармиаш дар дараҷаи якум аст. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, модда- ҳои балғам ва савдоро аз бадан хориҷ мекунад, агар бо бунафша якҷо карда бихӯранд, хилти сафроро ҳам аз бадан дур мегардонад. Барои бемориҳои вобаста ба мағзи сар ва асабонӣ, чунончи: дарди сар, ҷингак шу- 545 дани аъзо аз бисёрии балғам, саръ (припадка), мо- лихулиё (меланхолия), навъҳои гуногуни девонагӣ, дар хоб сиёҳӣ зер кардан, васвоси савдовӣ, фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ), кач шудани рӯй, карахтӣ, дардҳои гуногуни буғумҳо, саратон реш- гашта, хурсанд кардани дил — барои ҳамааш дору ме- бошад. Зеро хилти (моддаи) савдоро, ки баамалова- рандаи бемориҳои мазкур мебошад, аз бадан ва аз да- руни майна ронда, ҳамаро пок мегардонад, инчунин кирмҳои меъда ва бодҳоро дафъ мекунад. Ин гиёҳ ба- рои мизоҷҳои пирон мувофиқ аст. Хуллас, барои бе- мориҳои аз ғалабаи хилти савдо баамаломада ва пок гардонидани узвҳои бадан аз савдо давои хубест, гирехҳоро мекушояд. Агар инро бо мурч ва давоҳои дигари хушбӯй ҳамроҳ карда бихӯранд, қуввати ронданаш зиёда мегардад. Чун як ҳафта ҳар рӯз 35 грамм зарпечакро дар 150 грамм шири навдӯшида тар кунанду бо 70 грамм сиканҷабин (сиркоасал) бинӯшанд, барои дафъ кар- дани дарди сари савдовӣ, яъне барои дарди сар аз бисёр шудани моддаи савдо дар сар, молихулиё, ҷин- гак шудани аъзо аз зиёдатии балғам, ваҳшат (тарсон- чакӣ) ва дилтапак (дилбозӣ) давои аҷибест. Низ 21 грамми онро ҳар қадаре шири гӯсфанди навдӯшида дохил карда биёшоманд, барои дарди сари савдовӣ даво мешавад, вале барои ин аввал баданро аз хилти савдо танқия карда, баъд инро бинӯшанд. Инчунин 25 грамми онро бо оби панир биёшоманд, барои дарди сари вобаста ба ҳолати дил, ки дар натиҷаи дохил шудани савдо дар ин узв, мизоҷаш вайрон шуда бо- шад. шифо мебахшад. Чун 21 грамми онро бо 35 грамм мавизи бедона дар об ҷӯши сабуке дода, соф карда, ба он обе, ки дар он сари бунафша ҷӯшонида шуда бошад, ҳамроҳ карда, бинӯшанд, барои васвоси сав- доӣ ва ихроҷ кардани кирми дарози меъда дору ме- шавад. Агар ба ҳамаи ин таркиб барги говзабонро изофа кунанд, таъсираш зудтар зоҳир мегардад. Ҳам- чунин 35 грамм зарпечакро бо оби панир даромехта бихӯранд, молихулиёро шифо

мебахшад. 25 грамм зарпечакро сабук кӯфта, дар шири навдӯ- шида андохта, бо шакари сафед ширин карда биёшо- манд. барои молихулиё, навъҳои гуногуни девонагӣ, сиёҳӣ зер кардан дар хоб ва аксари иллатҳои савдовӣ дармон мешавад. 546 Агар 25 грамм зарпечакро кӯфта, бо 25 грамм сиканҷабин даромехта бихӯранд, хилти савдоро аз бадан башиддат меронад, сипурзро пок мегардонад ва барои молихулиёи вобаста ба вайрон шудани феъли сипурз нафъ дорад. Агар ҳар ҳафта як мартаба аз ин таркиб хӯрда шавад, нофеъ аз барои молихулиё девонагӣ ва ҳамаи иллатҳои савдовӣ мебошад. Чун зарпечакро дар об як-ду ҷӯше дода, баъд мо- лида, соф карда, дар оби софи он гулқанд ҳал наму- да, аз нав соф карда бинӯшанд, сарро аз ахлоти мур- дори савдовӣ пок мекунад ва барои иллати дар хоб сиёҳӣ пахш кардан, ки сабабаш ба сар баромадани бухори меъда бошад, нафъ дорад. Агар аз 21 то 35 грамм зарпечакро дар майи пух- тагӣ камтар биҷӯшонанд ва баъд молида, фишурда, соф гардонида бихӯранд, барои ҷингак шудани узвҳо аз ғалабаи балғам, карахтӣ, саратони решгашта но- феъ аст. Агар 15 грамм зарпечакро кӯфта, бо камтар асал ва андаке намак бихӯранд, моддаҳои савдо ва балғамро бо исҳол хориҷ мегардонад. Огоҳ намоем, ки таркиби зарпечак бисёр нозук аст. Бинобар ин онро бисёр маҳин кӯфтан, дар об ва дигар давоҳои рақиқ (суюқ) муддати дароз ҷӯшони- дан лозим нест. Агар маҳин бикӯбанд ва ё бисёр ҷӯ- шонанд, хислати давогиаш гум мешавад. Ҳангоми ҷӯш надода истеъмол кардан кӯфта, пачақ намудан кифоя аст ва агар ҳатман ҷӯшонидан мурод бошад, як-ду ҷӯш хӯрад, басанда аст. Хӯрдани зарпечак ба одамони сафровӣ ва гармми- зоҷон, инчунин ба ҷавонон зарар дорад: ғамгинӣ, бе- ҳушӣ ва ташнагиро ба зуҳур меоварад. Дар ин ҳолат заъфарон, катиро ва бо равғани бодоми ширин чарб карда бихӯранд, зиёнаш ислоҳ меёбад. Ба қавле ба шуш ҳам зарар дорад. Дар ин маврид шилми бодом- ҳоро бихӯранд, безиён мегардонад. Миқдори як бор хӯрдан аз зарпечак дар як рӯз то 17,5 грамм аст ва барои дар об ҷӯшонидан 35 грамм меандозанд. 239. Талхшувоқ Ин гиёҳро ба забони ӯзбекӣ эрман ва ба руси горь- кая полынь мегӯянд ва алҳол дар аптекаҳо ба «по- лынь трава» машҳур аст. 547 Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ба дарун истеъмол кар- дани он гиреҳҳои узвҳоро мекушояд, иштиҳо меова- рад, хилти сафро, зардоб ва дигар моддаҳои талхро, ки дар меъда шах шуда бошанд, бо воситаи пешоб хориҷ мекунад; рагҳои узвҳои даруни сина ва шушро аз моддаҳои ғайрӣ пок мекунад. Агар инро бардавом бо зарпечак якҷо бихӯранд, хилти савдоро ҳам ронда, баданро аз он пок менамояд ва барои дарди сар, кач шудани рӯй, фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба да- розӣ), карахтии узвҳо, ларзак, саръ (припадка), сак- та (мурда барин беҳаракат мондан), дар хоб сиёҳӣ зер кардан, чарх задани сар, сиёҳ задани чашм, моли-

хулиё, лисарғус (летаргия); бемориҳои чашм, гӯш, даҳан, ҳалқ, меъда, ҷигар, талхадон, сипурз, бачадон, бавосир, дарди асабҳо, мондагӣ, гирдак-гирдак рехта- ни мӯйи сар ва риш, дафъ кардани таъсири заҳри хӯр- дашуда ва газидани ҷонварони заҳрнок даво меша- вад, меъдаро қувват медиҳад, ба таом иштиҳо меова- рад; пешоб, ҳайз ва ширро равон мекунад; ҳамаи навъҳои кирми шикамро, аз ҷумла кирми кадудонаро низ мекушад. Агар инро дар об ҷӯш дода, бо он об ғарғара ку- нанд, каҷ шудани рӯйро сиҳат мебахшад. Оберо, ки дар он талхшувоқ ҷӯшонида шуда бошад, бо асал да- ромехта биёшоманд, каҷ шудани рӯй, фолиҷ, сусту но- тавон гаштани узвҳо, ларзак, саръ, сакта, дар хоб сиё- ҳӣ пахш кардан — барои ҳамааш дору мебошад. Чун каси фолиҷзада дар меъдааш ахлоти гармӣ аз чизҳои хӯрдашуда ҷамъ гашта бошад, талхшувоқро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшонанд, он ахлоти зарарнокро дарҳол хориҷ мегардонад. Оби гиёҳи тарашро дар гулӯ ё дар бинии сакта- зада бирезанд, зуд онро ба ҳуш меоварад. Талхшувоқро дар об ҷӯшонида, он обро соф на- муда, бо сабир (алоэ) бихӯранд, чарх задани сар ва сиёҳ задани чашмро, ки аз бисёрии балғам ва сафро ба зуҳур омада бошанд, ислоҳ мекунад. Агар инро дар об як шабонарӯз тар карда, баъд он обро соф намуда бинӯшонанд, лисарғусро ҳушёр мекунад. Чун гиёҳи хушки онро кӯфта, дар латтаи зағирпоя баста, баъд онро дар оби гарм тар карда, ба чашме, ки дар он нуқтаҳои сурх муддати дароз боқӣ монда бошад, гармбандӣ кунанд, онро дафъ месозад. Дар ин 548 амал ин даво хунро ба дараҷае мекашад, ки агар он латтаро бифишоранд, хун аз он бармеояд Ин гиёҳро дар майи пухтагӣ ҷӯшонида, ба чашм бимоланд, дарди чашм ва пардаеро, ки чашмро торик мегардонад ва инчунин дарди луққосии чашмро шифо мебахшад. Талхшувоқро гард барин ос карда, чун сурма ба чашм кашанд, дарди чашм ва пардаи бегонаи дар он афтодаро, ки чашмро торик месозад, дафъ мекунад. Чун ин гиёҳро дар шароб ҷӯшонида, гӯшро ба бу- хораш бидоранд, дарди онро дафъ мекунад ва инчунин варами баногӯшро мегардонад. Талхшувоқро дар об ҷӯшонида, он обро соф наму- да, бар болояш равғани бодоми талх рехта, бо оташи мулоим биҷӯшонанд ба ҳадде, ки об батамом бухор шуда раваду равған бимонад. Ин равғанро бо кам- тар заҳраи буз даромехта, нимгарм дар гӯш чаконанд, боди даруни гӯшро, ки дар даруни гӯш ҷарангҳои гу- ногунро ба амал меоварад, таҳлил медиҳад ва агар дарунаш ҷароҳат дошта бошад, ҳамон дам пок ме- гардонад, инчунин кариро, ки ҳарчанд кӯҳна шуда бо- шад, дафъ мекунад ва бо ин ҳама омадани зардобро аз даруни он шифо мебахшад. Инро кӯфта, аз рӯ гузошта банданд, дарди меъда- ро шифо мебахшад. Агар дар об ҷӯш дода, он обро бинӯшанд, меъдаро қувват мебахшад; иштиҳои таом батамом барҳам хӯрда бошад, барқарор мекунад; ба- рои дардҳои ҷанин, тиҳигоҳ (холияки

паҳлу), варами- дани рӯ ва дасту поҳо, истисқо (водянка), дардҳои гу- ногуни буғумҳо, бемориҳои мақъад, ки ҳама аз сардӣ бошанд, давои хуб мегардад; бухорҳои мурдорро аз ба- дан дафъ мекунад; мизоҷи вайронгаштаро ислоҳ меку- над, ҷигари сустро ба ҳолати эътидол меоварад. Агар инро дар об ҷӯшонида, ҳар рӯз то даҳ рӯз 100 грамм аз он об бинӯшанд, зардпарвинро шифо ме- бахшад, ба парҳез ҳам ҳеҷ ҳоҷат нест; ва агар аз бис- ёр шудани рутубат иштиҳо гум шуда бошад, барқарор менамояд. Оберо, ки дар он талхшувоқ ҷӯшонида шу- да бошад, бо асал ё бо зарпечак биёшоманд, ҳамаи бемориҳои сипурзро ба ибро меоварад Ин гиёҳро кӯфта, бо анҷир, натрун (танакори ар- манӣ) ва орди гандуми девона даромехта гузошта банданд, истисқоро шифо мебахшад ва агар бо худи 549 сирко хамир карда, ба шикам гузошта банданд, барои дафъи ин беморӣ зудтар таъсир мекунад Талхшувоқро бо юнучқаи зардак (говришқа) якҷо дар равғани зайтун пухта, аз рӯ гузошта банданд, ва- рами ҷигарро таҳлил медиҳад. Агар ин гиёҳро дар об ҷӯш дода, бо сирко сириш- та, ба буғумҳое, ки аз гармӣ дард мекарда бошанд, бимоланд, ба ибро меоварад. Инро кӯфта, бо муми занбӯри асал ва равғани гулисурх сиришта, аз рӯ би- моланд, дарди тиҳигоҳ, дарди кӯҳнаи меъда ва дарди ҷигарро дафъ мекунад; бавосирро нафъ дорад, мақъ- ади кафидаро сиҳат мекунад ва дарди онро низ тас- кин медиҳад; бачадони сахтшударо, ки дар тибби ҳо- зира ноболиғии бачадон меноманд, чун аслӣ мулоим ва солим мегардонад. Агар худашро танҳо кӯфта, занҳо ба зери ноф гу- зошта банданд ё маҳин кӯфта, онро бо асал хамир карда, занҳо аз таг бардоранд, ҳайзи бандгаштаро ра- вон менамояд, яъне мекушояд. Агар инро бо муми занбӯри асал якҷо шамъча сохта, дар сӯрохи мақъад бардоранд, кирмҳои кадудона (солитёр)-ро ихроҷ ме- кунад. Инро дар об ҷӯшонида, он обро бо биринҷи пухта- гӣ ё бо наски пухтагӣ бихӯранд, ҳамаи кирмҳои ши- камро кушта, берун меоварад, дарунро меронад; агар он обро бо сирко бинӯшанд, барои бавосир ва кафи- дани мақъад дору мешавад, инчунин моддаҳои гарм- мизоҷро, ки дар натиҷаи нӯшидани давоҳои гарммизоҷ дар меъда ҷамъ шуда бошанд, дафъ мегардонад. Аз талхшувоқ шароб тайёр карда бинӯшанд, та- рангии зери қабурғаҳоро ислоҳ мекунад, меъдаро қув- ват мебахшад, бавосирро дафъ мекунад, сахтии узвро нарм мегардонад, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад. Гиёҳи хушки онро дар сандуқ, ҷомадон ва ҷевони либосҳо гузоранд, монеи кирм задани он чизҳо ме- гардад. Агар дар обе, ки ин гиёҳ ҷӯшонида шуда бошад, сиёҳӣ тартиб диҳанду бо он сиёҳӣ ҳар чизеро китобат карда бошанд, он навиштаҷот ва китобро куя, кирм, муш ва дигар зараркунандаҳо намехӯранд, хаташ ҳам ҳазорҳо сол боқӣ мемонад. Кӯфтаи онро бо равғани зайтун даромехта, бар ба- дан бимоланд, пашша ба он кас наздик намеояд. Агар 550 аз бисёрии кайк ба

ранҷ омада бошанд, ин гиёҳро дар об ҷӯшонида, дар он об латтаеро тар намуда, ба макони кайкон паҳн кунанд, кайкҳо ҳама ба рӯйи он матоъ ҷамъ шуда мемиранд ва агар ба он ҷо бипо- шанд ҳам, раво мебошад. Вале хӯрдани талхшувоқ сари меъдаро суст меку- над, дарди сар меоварад. Дар ин ҳолат агар ба сард- мизоҷон зарар карда бошад, мустако бояд бихӯранд ва агар ба гарммизоҷон зарар оварад, шарбати анор ва монанди ин шарбатҳоро биёшоманд, зиёнашро дафъ мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз талқони кӯфтаи он дар як рӯз аз 4,5 то 9 грамм аст. Дар вақти худашро хӯр- дан бояд, ки бо равғани бодоми ширин чарб намоянд, вале агар ҷӯшониданаш матлуб бошад, 7 граммашро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд. 240. Бобуна Гули ин дар сохт ба гули бобунаи говчашм монанд аст, вале аз он майда мебошад. Миёнаҷойи гули он зард аст ва дар атрофи ин баргҳои сафеди гулаш чун парра чида шудаанд. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: гулашро кӯфта гузошта банданд, варамҳоро таҳлил медиҳад, узвҳои сахтро мулоим мекунад. Агар инро дар об ҷӯш дода, он об- ро бинӯшанд, гиреҳҳои узвҳои баданро мекушояд, май- на ва асабҳоро қавӣ мегардонад, қуввати боҳро меаф- зояд, бар муқобили заҳрҳо тарёқ мебошад; арақ, шир, пешоб ва ҳайзро равон мекунад, барои бемори- ҳои вобаста ба майна ва дарди сар дору мешавад, назлаҳоро манъ менамояд, бақияи дарди чашм ва бо- ди даруни гӯшро таҳлил медиҳад, иллатҳои дамкӯтаҳӣ ва зардпарвинро дафъ месозад; мондагӣ, дарди узв- ҳои даруни сина, дарди ҷигар, дарди шикам, дарди мақъад ва дарди бачадонро таскин медиҳад, инчунин варамҳои ин узвҳоро ба таҳлил мебарад ва мегардо- над, илова бар ин варами хояҳо ва дигар аъзоро таҳ- лил медиҳад ва баданро аз ахлоти мурдор пок месо- зад. Агар дар обе, ки гули ин гиёҳ ҷӯшонида шуда бошад, то ноф бардавом даромада нишинанд, низ бе- мориҳои мазкурро нафъ дорад. 551 Инро бихоянд, ҷӯшиш ва пухтани даҳанро шифо мебахшад. Хушки инро маҳин ос карда, ба чашм бипошанд, аз кушода шудани носури чашм обравии онро ислоҳ мекунад. Бо обе, ки дар он гули бобуна ҷӯшонида шуда бо- шад, чашмро бишӯянд, дарди онро сиҳат мекунад. Агар инро бисӯзанд, аз дуди он ҷонварони зарар- нок мегурезанд — дур мешаванд. Миқдори як бор хӯрдан аз он дар як рӯз то 15 грамм аст. Ба ҷойи ин гули бобунаи говчашмро, бӯймо- дарони маҳинбарг ва бӯймодарони дуруштбаргро ис- тифода баранд, равост. Лекин истеъмоли бобуна ба дарун ба ҳалқ зарар дорад —барои ислоҳи ин асал бояд бихӯранд. Мизоҷи решаи бобуна гармтар ва хушктар, дар да- вогӣ ҳам аз гули он қавитар мебошад. 4,5 грамм решаи инро кӯфта, бо шароб ва асал бихӯранд, боҳро (пушти камарро) хеле бармеангезад. Аз бобуна равған ҳам тайёр мекунанд ба ин та- риқ. 100 грамм гули бобунаро дар 400 грамм равғани кунҷид дар шиша карда, ба

офтоб мегузоранд, баъд аз як ҳафта, он гулро фишурда, дур карда, гули нав меандозанд ва инак, то се-чор маротиба гулро нав ме- кунанду баъд равғанро соф карда мегиранд. Тариқи дигари гирифтани равғани бобуна чунин аст. Дар таносуби 100 грамм гули бобуна дар 400 грамм об ҷӯш дода, баъд аз болояш равғани кунҷид рехта, бо оташи мулоим меҷӯшонанд, то об бухор шу- да раваду равған бимонад. Эҳтиёт кунанд, ки равған доғ нагардад. Ва агар дар ин амал гули хушки онро кор фармуданӣ бошанд, ним баробари вазни гули та- раш бигиранд. Ҳамон тавр дар об ҷӯшонанду баъд би- моланд, сонӣ аз матои бофташ зич гузаронида соф намоянд. Аз болояш чор баробари вазни гули бобуна равғани кунҷид андохта, бо оташи мулоим меҷӯшо- нанд, то об бухор шуда раваду равған бимонад. Ало- мати тамом шудани об аз ҷӯш мондани он аст. Мизоҷи ин равған дар дараҷаи дуввум гарм ва дар аввали дараҷаи дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши ин равған: агар инро бимо- ланд, варамҳои сард ва мураккабро таҳлил медиҳад, рутубатҳоро хушк мекунад, ларзондани вараҷаи сав- довӣ ва балғамиро манъ месозад, арақ меоварад, мон- 552 дагиро бармеоварад; агар масомҳо аз таъсири сармо банд шуда бошанд, мекушояд, беҳаракат мондани узв- ро ба ибро меоварад, бодҳои дар узвҳо бандшударо таҳлил медиҳад, яъне пароканда мекунад, дарди бу- ғумҳо ва дарди миёнро таскин медиҳад, инчунин ниқ- рисро, ки дард ва варами ангуштони дасту поҳо аст, шифо мебахшад. Агар ин равғанро нимгарм дар гӯш чаконанд, га- ронии гӯшро ислоҳ медиҳад. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-232-240#232

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 241-246 241. Бобунаи говчашм 242. Зирк 243. Гулихайрӣ 244. Ғор 245. Харбузаи сагак 246. Кавар 241. Бобунаи говчашм Ин гиёҳ аз ҷинси бобуна аст, вале гулаш нисбат ба гули бобуна хеле калон аст. Дар гирди маркази гулаш гулбаргҳои сафед монанди парра ҷойгир шудаанд ва миёнаҷойи гул зарди бахмалӣ мебошад. Баргаш ба бар- ги кашниз монанд аст, таъмаш андаке ба талхӣ моил. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахшии он: агар инро биёшоманд, баданро гарм мекунад, моддаҳои ғализ ва варамҳои дохилиро таҳлил медиҳад, гиреҳи ҷигар ва даҳани рагҳоро мекушояд, хуни дар хичак шахшударо батаҳ- лил мебарад, варами мақъадро мегардонад; пешоб, арақ ва хуни ҳайзро равон месозад, бачаи занҳои ҳо- миларо аз шикам меафтонад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад, бар зидди заҳрҳо ва заҳрнок- шавӣ тарёқ мешавад; барои дарди хичак, варами си- пурз, истисқо, қароқури меъда, қулинҷ (варам ва дар- ди рӯдаи ғафс) ва фуромадани об ба кисаҳои хояҳо нафъ дорад. Агар инро бо сиканҷабин (сиркоасал) ва ё бо намак бихӯранд, моддаҳои савдо ва балғамро аз бадан хориҷ мегардонад. Чун бо зарпечак низ

бар- давом бихӯранд, савдо ва балғамро меронад. Гули тарашро бибӯянд, хоб меоварад, вале агар бисёр ва бардавом бибӯянд, хоболуд мекунад. Агар инро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд ё чун чой дам карда биёшоманд, пирони бехобро хоб меоварад. Модоме ки бо сиканҷабин ё бо намак бихӯранд, савдо ва балғамро дафъ мекунад, барои молихулиё, ваҳшат (тарсончакӣ) ва саръ нафъ дорад. Агар ҳар рӯз 4,5 грамм решаи хушки онро кӯфта, бо обе, ки дар он фовониё (заячья капуста) ҷӯшонида шуда бо- шад, то сӣ рӯз биёшоманд, иллати саръро ҳатман ши- 553 фо мебахшад. Инчунин ҳар рӯз 7 грамм аз гули он бо шароби райҳонӣ то 25 рӯз бихӯранд, низ илла- ти саръро дафъ мекунад. Гулашро сӯхта, хокистари онро дар чашм бипо- шанд, обравии онро ислоҳ менамояд. Худи гулашро чун гард маҳин ос карда, монанди сурма ба чашм ка- шанд, ҳамаи табақаҳои чашмро пурқувват мегардонад, зулмати, яъне торикии чашмро дафъ мекунад ва нури чашмро тез мегардонад; фуромадани зардобро ба да- руни гавҳараки чашм, ки чашмро нобино месозад, манъ мекунад ва агар фуромада бошад, дафъ мена- мояд. Гулашро кӯфта, бо асал хамир сохта лесида бихӯ- ранд, дамкӯтаҳӣ, сурфа ва хун қай карданро ба ибро меоварад. Агар 10,5 грамм барги хушкашро кӯфта, со сиканҷабин ва намак бихӯранд, дамкӯтаҳӣ ва савдои омехта бо сафроро дафъ месозад, рутубати зарарноки ба меъда рехташавандаро пароканда ва хушк меку- над, инчунин хунеро, ки дар меъда шах шуда бошад, мегудозад. 4,5 грамм гули хушки онро кӯфта, бо си- канҷабин биёшоманд, дамкӯтаҳиро нест мекунад; иш- тиҳоро ба таом бармеангезад, меъдаро хушбӯй мегар- донад. Агар 17,5 грамм гули онро кӯфта, бо чой фурӯ баранд, арақ меоварад ва иллати қулинҷро дафъ ме- кунад. Гулашро дар об ҷӯшонида, он обро бо шаҳдоб (асалоб) биёшоманд, пешобро башиддат меронад, ху- ни дар меъда ва хичак шахшударо мегудозад. Агар онро дар об ҷӯшонида, он обро якҷо бо гулаш биёшо- манд, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад, қулинҷро мекушояд. Агар гулашро бо шароб бихӯ- ранд, пешоб ва ҳайзро равон мекунад, бачаи занони ҳомиларо аз шикам меафтонад, оби дар кисаҳои хоя- ҳо ҷамъшударо барҳам медиҳад. Занҳое, ки аз омадани ҳайзи худ маҳрум гашта бо- шанд, гулашро хуб кӯфта, аз таг бардоранд, ҳайзи он- онро башиддат ҷорӣ мекунад, бачадони сахтро муло- им ва солим мегардонад ва гиреҳҳои онро мекушояд, инчунин даҳани раги бавосирро низ мекушояд, бача- донро аз чизҳои ғайрӣ пок менамояд. Агар ин гиёҳро бо гулаш якҷо дар об ҷӯшонида, дар он об занҳо то ноф даромада нишинанд, сахтии бачадонро ба ҳоли солим ислоҳ мекунад. Оби гиёҳи тари инро ба хояҳо, закар ва каши рон бимоланд, пуш- 554 ти камарро (боҳро) қавӣ мегардонад — дар ин бобат пуртаъсир аст. Дар обе, ки гулҳои ин гиёҳ ҷӯшонида шуда бошад, латтаро тар карда бигузоранд, печиши асабро ислоҳ мекунад, ҷонварони заҳрнок газида

бошанд, заҳри онҳоро аз бадан дафъ мекунад. Агар инро бо муми занбӯри асал ба равған даромехта гузошта банданд, варами соқҳои по ва дигар ҷоҳоро мегардонад. Ҳар як қисми ин гиёҳро кӯфта, ба сурхбод гузош- та банданд, шифо мебахшад, варамҳои гарм ва хунук- ро таҳлил медиҳад, решҳои хушкро сиҳат месозад, захмҳои хабиса ва ҷароҳати закарро ба ибро меоварад, бавосирро нафъ дорад. Гулашро кӯфта гузошта банданд, варамҳои ғализро таҳлил медиҳад ва гиреҳҳоро мекушояд. Вале агар инро аз ҳад зиёд биёшоманд, дарди сар меоварад, сарро вазнин мекунад. Дар ин ҳолатҳо ё сиканҷабин бихӯранд, ё гули нилуфарро истеъмол намо- янд, зиёни онро ислоҳ мекунад. Инчунин сари меъда- ро суст мегардонад — дар ин маврид низ ё бунафша сиканҷабин бояд истеъмол фармуд. Миқдори як бор хӯрдан аз бобунаи говчашм дар як рӯз то 9 грамм аст. Ба ҷойи бобунаи говчашм юнучқаи зардакро ба кор баранд, раво мебошад. Аз ин гиёҳ равған ҳам тайёр мекунанд ба ин та- риқ. Дар таносуби 100 грамм гули бобунаи говчашм, 400 грамм равғани зайтун ё равғани кунҷиди нав, гул- ро дар равған андохта, он шишаро дар офтоб мегу- зоранд чил рӯз. Баъд полида, равғанро соф карда ме- гиранд—ҳамин равғани бобунаи говчашм ҳисоб меё- бад. Агар инро нимгарм дар гӯш чаконанд, дардҳои даруни онро шифо мебахшад. Агар инро бимоланд, кач шудани рӯйро ба ибро меоварад, асабҳои печи- даро рост мекунад, масомҳои пӯсти баданро мекушо- яд, арақ меоварад, варамҳои қисми поёни баданро ме- гардонад, инчунин он варамҳоро мепазонад, ҷароҳати узвҳои асабониро шифо мебахшад — ҳам бихӯранд ва ҳам бимоланд. 242. Зирк Инро тоҷикони баъзе маҳалҳо зелол низ меноманд. Зирк буттадарахти маълум аст, ки танаш хорҳои сего- на дорад ва чӯбаш дар зери пӯстлохаш зард мебошад. 555 Гулаш зарди сафедтоб, самараш дар хӯша, дар вақти ғӯрагӣ кабудсабз ва баъди пухтан сиёҳ ва сурх ме- гардад. Қисми беҳтаринаш он аст, ки самараш даро- зак бошад, он чӣ кулӯла аст, шарбаташ кам ва барои давогӣ суст аст. Мизоҷаш хунук ва хушк дар дараҷаи саввум аст. Хусусиятҳои нигоҳдорандагӣ, яъне қабзият ва тарёқӣ дорад. Хислатҳои шифобахши он: чойники миёнаҳаҷмро бо оби ҷӯш чайқонида, ҳар як бемор як чанголи худ аз самари хушки зирк дар он андозаду аз болояш оби ҷӯш пур карда, баъди хунук шудан оби онро би- нӯшад, ҳамин тавр се рӯз давом диҳад, хилти сафроро қатъ мекунад; ташнагӣ, тафси меъда ва ҷигарро таскин медиҳад, фишори баланди хунро ба эътидол мео- варад ва аз дарун рафтани хунро, ки аз ҳар як узве бошад, манъ мекунад; дил, ҷигар ва меъдаи гармро қувват мебахшад ва намегузорад, ки моддаҳои зарар- нок ва нодаркор ба ин узвҳо рехта шаванд, инчунин барои бавосир ва рафтани рутубати беҷо аз бачадон низ мумкин аст, биёшоманд. Вале барои кушодани ги- реҳи ҷигар, дафъ кардани истисқо, қувват бахшидан ба ҷигари хунукмизоҷ ва дигар

узвҳои даруни шикам ва даруни сина, барои манъ кардани исҳол аз сустии ҷигар ё бар зидди таби кӯҳнае, ки аз бисёрии балғам мегирифта бошад, бо дорчинӣ ва асал бихӯранд, шифо мебахшад. Агар он оби зирк тар кардашударо бо оби талхшувоқ якҷо бинӯшанд, узвҳои ҳозимаро (меъда, ҷигар, сипурз ва рӯдаҳоро) қавӣ мегардонад; бо заъ- фарон бинӯшанд, барои сахтии ҷигар ва рондани пе- шоб дору мешавад. (Дар омади гап, қайд кунем, ки агар ҷигар сахт гардад, инро бо усули тибби қадим илоҷ накунанд, ранги бемор торафт заҳиртар тофта, иллат рӯз ба рӯз бадтар мегардад ва оқибат гирифто- раш барҷомонда гашта, аз олам чашм мепӯшад). Самари зиркро кӯфта гузошта банданд, ҷоҳои сахт- гаштаи баданро мулоим мекунад. Оби меваашро бинӯшанд, қай ва беҳузур шудани дилро манъ месозад. Тухмашро маҳин кӯфта бихӯранд, захми рӯдаҳо ва харошида шудани сатҳи даруни онҳоро шифо мебах- шад, инчунин исҳолеро, ки аз сустии узвҳои шикам ҳо- дис шуда бошад, бозмедорад. Чун бигиранд як миқдор оби меваи зирк ва баро- 556 бари он оби себи пухтагӣ, оби лиму чоряки он, ки нисфи яке мебошад, шакари сафед дар он ҳал карда, ба қивом ованд, то ки ғафс гардад — ин тарёқи ҳар гуна заҳрҳои қаттол аст. Ин таркиб барои газидани мори афъӣ, иллатҳои дилтапак (дилбозӣ). беҳушшавӣ. ғамгинӣ ва сустии иштиҳо дору мешавад Агар ба ин таркиб туршак (щавель), турунҷ ва ҳалли марворид изофа намоянд, ҷойи тарёқи кабирро мегирад. Тар- ёқи кабир —ин беҳтарин давои мураккаби тибби Шарқ мебошад, ки барои аксари бемориҳои сардми- зоҷ нафъ дорад. Хуллас, зирк ба одамони гарммизоҷ ва сафрови- мизоҷ фоидабахш ва мувофиқ аст, вале барои касони хунукмизоҷ, яъне ба онон, ки дар баданашон хилти- ҳои савдо ва балғам зиёд бошанд, зарар дорад, инчу- нин ба беморони қулинҷ ва иллати бодӣ доштагон низ зиён мекунад. Агар ба хунукмизоҷон зарар расонида бошад, бояд қаранфули гардан бихӯранд ва агар ба одамони дорои мизоҷи дигар зарар кунад, шакар ва дигар ширинихоро истеъмол фармоянд, безарар мегар- дад. Миқдори як бор нӯшидан аз оби самари зирк то 100 грамм аст дар як рӯз ва миқдори хӯрдан аз тух- маш то 14 грамм аст. Агар тухми зирк ёфт нашавад, ба ҷойи он ҳамин миқдор тухми гулисурхро ба кор ба- ранд, раво мебошад. Аз реша ва чӯби зирк қивом ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Решаашро бо теша тароша карда, дар зарфи калон аз болояш об рехта, муддате то қувва- таш ба об гузаштан мечӯшонанд. Баъд он обро ҷудо намуда, ба офтоб мегузоранд, ки қивом гардад. Ҳа- мин қивоми зирк аст ва хеле талх мебошад. Мизоҷи қивоми зирк гарм дар дараҷаи якум дар дуввум хушк аст. Агар аз ин қивом камеро дар гулоб ҳал карда, дар чашм кашанд ё чаконанд, рутубатҳои равони чашмро хушк мекунад ва бақоёи дарди онро, ки кӯҳна шуда бошад, дафъ месозад. Агар пеш аз дард карданаш ба чашм кашанд, дарди чашмро

пешгирӣ мекунад. Агар инро бихӯранд, исҳолро мебандад ва намегу- зорад, ки моддаҳо дар бадан бадбӯ гарданд ва агар бӯйи бад гирифта бошанд, манъ мекунад, гиреҳҳоро ме- кушояд, пухтани (ҷӯшиши) даҳан ва сустии милкҳои 557 дандонро шифо мебахшад, чашми заифро қавӣ мегар- донад. Инро бипошанд, реш ва захмҳоро хушк мекунад. Қивоми хушки зиркро маҳин ос карда, чун сурма ба чашм кашанд, чашмро қавӣ мегардонад. Агар инро дар об ҳал карда, он обро дар даҳан гардонанд, бад- тарин дарди даҳан ва ҷӯшиши бехи дандонҳоро шифо мебахшад, дарди дандонро таскин медиҳад ва милки дандонро мустаҳкам мекунад. Камтарашро аз он дар шароб ҳал карда бинӯшанд, иллатҳои номбурдаро ши- фо мебахшад. Аз қивоми зирк ҳар рӯз ба андозаи донаи ҷав дар об ҳал карда бинӯшанд ё онро бо об фурӯ баранд, дар муддати як ҳафта ё даҳ рӯз кирми ҷигарро нест мекунад. Агар инро бо шароб бихӯранд, дарди ҷига- ри бетабро даво мешавад, вале бо оби хунук биёшо- манд, дарди ҷигари табнокро ба ибро меоварад. Инро дар об ҳал карда, бо он нимгарм ҳуқна (клизма) кунанд, захми рӯдаҳоро аз чирк пок меку- над. Вале хӯрдани қивоми зирк ба одамони сурфа дош- тагон зарар мекунад. Дар ин маврид асал бихӯранд, зиёнаш ислоҳ мегардад. 243. Гулихайрӣ Ин растанӣ ба ҳама маълум аст, ки даштӣ мебо- шад ва дар боғҳо низ месабзонанд. Гулаш сафед, сурх ва ба рангҳои гуногуни мураккаб аз ду ранг аст, ҳат- то бунафши сиёҳтоб ҳам дорад. Беҳтарини ҳамаи ин қисми сафед ва баъд аз он навъи сурх — пуштии он аст. Барги ин кулча барин гирдак ва калон-калон аст. Тухмаш дар ғилофе монанди тугмаи палтои мардон аст ва дар даруни он тухмҳои сиёҳи паҳни мудаввар дар доира қатор ҷойи гирифтаанд. Қадди ин гиёҳ дар заминҳои хокаш пурзӯр ва ҳавояш гарм то чор метр мехезад. Гулихайрӣ дар ҳамаи заминҳои хокаш шӯра надошта бошад, рӯйида метавонад. Мизоҷи инро табиби асри якуми милод Ҷолинус сард ва тар донистааст, вале Абӯалӣ ибни Сино гарми мӯътадил гуфтааст. Ҳаққаш он аст, ки мизоҷи ин беш- тар ба сардӣ моил аст. 558 Хислатҳои шифобахши он. Хусусиятҳои умумии он: варамҳоро таҳлил медиҳад, яъне мегардонад. Реш ва пучакҳои гуногунро мепазонад ва ба зудӣ мекафонад, моддаҳои бегонаро аз ҳаракат манъ мекунад ва наме- гузорад, ки онҳо аз ҷоҳои дигари бадан ба узве бифу- роянд ва рехта шаванд ва гулихайрӣ мулоим ва нарм- кунандаи ҷоҳои сахти бадан аст. Агарчи давоии гули он заифтар аз тухм, поя ва барги он бошад, вале бо ин ҳама таъсири хубе дорад. Барги тарашро кӯфта ба сар гузошта банданд, варамҳои раддии майна ва пардаҳои онро, ки дар тиб- би ҳозира менингит меноманд, шифо мебахшад, инчу- нин агар гузошта банданд, варамҳои бехи гӯшро таҳ- лил медиҳад; барои бардамида шудан ва боднок гаш- тани пилкҳои чашм давои хубе мебошад. Инро кӯфта, ба захмҳо гузошта банданд, даҳани онҳоро ба ҳам

оварда сиҳат мекунад; ба варамҳои гуногун гузошта банданд, зуд дардашро таскин медиҳад ва худи ва- рамҳоро мегардонад — таҳлил медиҳад; барои ханозер низ, ки аз он гулӯи одами варам карда, монанди гар- дани хук ғафс мешавад, шифо мебахшад; пучак, чир- так ва ҳамчунин решҳои римкунандаро зуд мепазонад ва мекафонад; варамҳои пистон ва мақъадро зуд таҳ- лил медиҳад ва ҷароҳатҳоро ба зудӣ сиҳат мегардо- над. Агар ягон узв шикаста бошад, ба он кӯфта гу- зошта банданд, устухони шикастаи онро ба ҳамдигар пайваст мекунад; ирқуннасо, ки ҳоло онро радикулит меноманд ва дарди буғумҳо, ки ҳама аз гармӣ бо- шанд, шифо мебахшад. Баргашро кӯфта, бо равғанҳо хамир карда, ба варамҳои пардаҳои даруни сина ва ба варамҳои шуш аз рӯ гузошта банданд, барои ҳа- маи инҳо дармони писандида мебошад, варамҳои маз- курро шифо мебахшад. Барги инро аввал дар об ҷӯ- шонида пухта, баъд бо равғани маска ё равғани зард ва ё бо равғани ҷонвари дигар хамир карда, ба ва- рамҳои гарм гузошта банданд, зуд онҳоро мепазонад ва кафонида римашро берун меоварад ва баъди хо- риҷ гаштани римаш гӯшти ҳароми онҳоро дур наму- да, ба ҷояш гӯшти солим пайдо мекунаду сиҳат ме- бахшад. Агар ин растаниро дар об ҷӯшонида, он обро ба сар бирезанд ё сарро бо он об бишӯянд, мӯйи сарро абрешим барин мулоим мекунад. Ва агар дар ин об то ноф даромада нишинанд, варами мақъадро таҳлил 559 медиҳад, даҳани бачадонро, ки баста гашта, аз ин бо- ис он занон нозо шуда бошанд, даҳани бачадонро ме- кушояд ва зоянда мегардонад. Тухми хушкашро кӯфта, бехта, бо оби нимгарм би- ёшоманд, сангҳои гурдаро ҳар навъ, ки бошанд, май- да карда мерезонад. Тухми онро кӯфта, дар об тар кунанд, моддаи шилмак ҳосил мешавад, ки инро лу- оби тухми гулихайрӣ меноманд. Луоби хоми онро бо шакар даромехта, нимгарм сохта бихӯранд, сурфаи гарм ва иллати хун қай карданро дафъ мекунад. Тух- ми инро кӯфта, бо сирко хамир карда, дар офтоб ни- шаста, ба доғи сафеди пӯст гузошта банданд, он доғ- ро дафъ месозад; инро бо равғани зайтун ва сирко ха- мир карда, гузошта банданд, газанди ҷонварони заҳр- нокро дафъ мекунад. Як миқдор аз тухми гулихайрӣ ва бо ду миқдори он хурмо — ҳар дуро якҷо кӯфта, бо сирко хамир кар- да, ба варамҳои гуногун гузошта банданд, зуд онҳо- ро таҳлил медиҳад. Агар ин тухмашро бихоянд, таш- нагиро мешиканад. Инро дар об ҷӯшонида, ба суми асп, агар он коста бошад, бимоланд, онро рӯёнида пурра месозад. Тухми гулихайрӣ ва шилми бодом — ҳар дуро баробарвазн гирифта, дар об ҷӯш дода, дас- ту поҳоро бо он пайдарҳам бишӯянд, барои кафидан ва пӯст партофтани кафи дасту поҳо давои хеле хубе мебошад. Пӯсти решаи он бисёр қавӣ аст. 10,5 грамм реша- ашро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, исҳолро мебандад ва иллати қулинҷ (колит)-ро шифо мебах- шад, гиреҳҳои рӯдаҳоро мекушояд, захми

рӯдаҳоро шифо мебахшад; исҳолро, ки аз бисёр ҷамъ шудани хилти сафро бошад, сӯзиши пешоб (сӯзок), сӯзиш ва варами рӯдаҳоро, инчунин шадидтарин рафтани да- рун— ҳамаашро дафъ мекунад. Агар тухмашро низ кӯфта, бардавом бихӯранд, барои бемориҳои номбар- шуда дору мешавад: ва агар бо шароб даромехта биё- шоманд, банд шудан ва ба душворӣ омадани пешобро ислоҳ мекунад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад, моддаҳои хомро аз хичак берун меронад, барои иллати ирқуннасо дармон мешавад, мушакҳои кафида ва тарқидаро сиҳат мекунад. Тухмаш ё пӯсти решаашро дар об ҷӯшонида, ба он об сирко ҳамроҳ карда, бо ин таркиб даҳанро чайқонанд, дарди дан- донро, ки аз гармӣ бошад, таскин медиҳад. 560 Решаашро кӯфта, дар латта баста, дар об андо- занду шаб дар зери осмон нигоҳ доранд, чандон, ки монанди ҷуғрот ғафс гардад, баъд онро бимоланд, варами пилкҳои чашмро таҳлил медиҳад. Агар инро бихӯранд, сурфаи гарм ва хун қай карданро шифо мебахшад. Агар инро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯ- шанд, низ ҳамин гуна таъсирро дорад. Агар дар об ҷӯшонида, дар он об даромада бихобанд ё бишинанд, пайвандҳои шахшударо мулоим мекунад ва узвҳои дигари сахтгаштаро чун аслӣ сиҳат мегардонад. Агар бо он об сарро бишӯянд, тарқидани мӯйи сарро ба иб- ро меоварад. Решаи хушки онро кӯфта, ордаки онро бо орди боқило даромехта, бо равғани хук сиришта, бар буғумҳои бадан гузошта банданд, шах шудан ва варамҳои сахти он ҷоҳоро ислоҳ мекунад. Агар инро дар об ҷӯшонида, бо он об нимгарм ҳуқна кунанд, бе- мориҳои номбурдаи рӯдаҳо ва ғайри рӯдаҳоро дафъ мекунад. Агар ин оби он ҷӯшонидашударо ба ҷойи га- зидаи занбӯри асал бимоланд, газанди онро дур месо- зад ва агар бо асал сиришта бимоланд, зарари ҷон- варони заҳрнок газидаро дафъ менамояд. Агар инро маҳин кӯфта, бо равғани мурғобӣ сиришта, занҳо аз таг бардоранд, варами бачадонро таҳлил медиҳад ва даҳани он банд шуда бошад, мекушояд ва барои қабул кардани нутфаи мард бачадонро тайёр меку- над. Ин борҳо дар амали муаллиф низ озмуда шудааст. Вале истеъмоли гулихайрӣ барои меъда як андоза зарарнок аст. Барои ислоҳи ин зиёнаш оби зирк, асал ва арпабодиён хӯрдан даркор аст. Ба қавли баъзеҳо ба шуш ҳам зарар дорад, дар ин ҳолат асал бояд би- хӯранд, то ки зиёнаш ислоҳ гардад. Миқдори як бор хӯрдан аз барг, реша, гул ва тух- ми он дар як рӯз 4,5 грамм аст, вале агар дар об ҷӯш дода, он обро нӯшиданӣ бошанд, бояд дар як рӯз аз он об 100 грамм бинӯшанд. Ба ҷойи гулихайрӣ растании тугмачагулро истифода кунанд, раво мебошад. Шилми гулихайрӣ, ки ҳангоми гармии ҳаво аз та- наш мегиранд, зард ва сурхранг мебошад. Ин барои шикастани шиддати ташнагӣ, дар вақтҳои исҳол ва ҳангоми зарда қай кардан бихӯранд, шифо мебахшад. 561 244. Ғор Ин дарахтест, ки баргашро ҳамчун хӯриши хушбӯйи таом ва ҳазмовар дар вақти пухтан ба хӯрокҳо

меан- дозанд. Баргашро ба забони русӣ лавровый лист ме- номанд, ки дар дӯконҳои хӯрокворӣ фурӯхта меша- вад. Дарахташро дар сарзамини Кавказ мепарваранд ва дар дигар мамлакатҳои гармистон аз ин ба таври васеъ истифода мебаранд. Сабзонидани ин дар Точи- кистон ҳам ривоҷ дорад. Номи тоҷикии ин дарахт бо- ҳиштон аст. Баргаш дарозтар аз барги бед, вале ғафс- тар ва шахшӯлтар аз он аст. Самараш ба андозаи финдиқ ва хушбӯй мебошад. Мизоҷаш гарм ва хушк дар дараҷаи дуввум. Ми- зоҷи мағзи самараш гармтар аз барг ва пӯсти он аст. Мизоҷи равғанаш назар ба қисмҳои дигари он, ҳатто аз мағзи чормағз ҳам гармтар мебошад. Хислатҳои шифобахши он. Хусусиятҳои умумиаш: таҳлилдиҳанда, фараҳбахш, қувватафзо, равонкунан- даи пешоб ва тарёқи заҳрҳо мебошад (хусусан самараш). Самарашро бо шароб биёшоманд, дарди сари бал- ғамӣ, бодҳои бандшуда, саръ (припадка) ва васвосро шифо мебахшад; зеҳнро тез ва фаҳму фаросатро аф- зун мегардонад. Агар инро кӯфта, дар бинӣ бирезанд, дарди нимсар ва кач шудани рӯйро шифо мебахшад. Равғанашро бимоланд, дарди асабҳоро таскин ме- диҳад, мондагӣ ва бечо шудани зеҳнро дафъ мекунад, инчунин даҳанҳои рагҳоро мекушояд. Самарашро дар равғани гулисурх ва сирко ё дар шароби кӯҳна маҳин ос карда бичаконанд, дардҳои гу- ногуни гӯшро, ки аз сардӣ бошанд, таскин медиҳад, ҷарангҳои гуногуни даруни гӯш ва гарони онро ба иб- ро меоварад, инчунин ин узвро қавӣ мегардонад. Равғанашро батакрор чаконанд ҳам, чунин хосият дорад. Баргашро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гар- донанд, дарди дандонро таскин медиҳад. Барг ё самарашро маҳин кӯфта, бо асал хамир карда, лесида бихӯранд ё бо шароби мусаллас биёшо- манд, барои аксари бемориҳои аз хунукӣ содиршуда дору мешавад; агар бо сиканҷабин биёшоманд, бемо- риҳои аз гармӣ ҳодисгаштаро дафъ мекунад; сустии рӯҳ, ростнафас, омадани моддаҳои ғайрӣ аз шуш, 562 захмҳои шуш, сурфаи кӯҳна ва зиқ-ун-нафасро шифо мебахшад. Самарашро бихӯранд, бодҳои ғализро таҳлил меди- ҳад; инчунин дарди рӯдаҳо, қулинҷ (колит), бемори- ҳои ҷигар ва сипурзро шифо мебахшад. 9 грамм сама- ри хушкашро ос карда бихӯранд, дарди рӯдаҳоро дар- ҳол таскин медиҳад. Хӯрдани равғани ғор дилро беҳузур (бечо) мекунад, қай меоварад, вале пешоб ва ҳайзро равон месо- зад. Баргашро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, бе- мориҳои хичак ва бачадонро шифо мебахшад; ва агар ин обро бо асал биёшоманд, барои бемориҳои аз сар- дӣ баамаломада дору мешавад ва бо сиканҷабин би- нӯшанд, иллатҳои аз гармӣ ҳодисгаштаро ба ибро ме- оварад. Баргашро дар об ҷӯшонида, он обро кам- кам ва бардавом бирезанд ё дар он об то ноф даромада ни- шинанд, бемориҳои гурда, хичак ва бачадонро шифо мебахшад. 3,5 грамм пӯсти самари онро кӯфта бихӯранд, санг- ҳои гурда ва хичакро майда карда

мерезонад ва ба- чаи занони ҳомиларо дар шикамашон мекушад. Инчу- нин самарашро батакрор бихӯранд, низ сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Ин самари онро занони ҳомила аз таг бардоранд, бачаро аз шиками онҳо меафтонад. Равғанашро бимоланд, кашокаш ва аъзошикании табҳоро дафъ мекунад. Самарашро кӯфта. бо шароб биёшоманд, барои га- зидани мор, каждум ва дигар ҷонварони заҳрнок дору мешавад. Агар инро кӯфта гузошта банданд, газидани занбӯрҳои гуногун (аз ҷумла занбӯри асал) ва ҳамчу- нин ҷонваронро сиҳат мебахшад. Самарашро кӯфта, бо нон ё бо орди ҷав хамир сох- та гузошта банданд, дардҳои луққосиро таскин меди- ҳад ва варамҳои гармро мегардонад. Самараш ва равғанашро бихӯранд ва ё равғанаш- ро бимоланд, дардҳои буғумҳо, дарди камар ва ғайра- ро таскин медиҳад ва шифо мебахшад. Самараш ва баргашро кӯфта, бо шароб сиришта бимоланд, доғи сафеди пӯст, доғҳои кунҷидак ва ди- гар доғҳоро аз пӯст дафъ мекунад. Вале ҳангоми ба дарун истеъмол намудани сама- 563 раш ва равғанаш меъдаро суст мекунад, инчунин дил- ро беҳузур (бечо) месозад, қай меоварад ва ба узвҳои даруни сина ҳам зиён дорад. Давои ҳамаи ин зарар- ҳояш катиро хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз самар ва барги ғор дар як рӯз 2,25 грамм аст. 9 грамми онро бихӯранд, да- рунро меравонад. Агар маҳсулоти ғор ёфт нашавад, ба ҷояш бодоми талх ва ҷамилакро истеъмол намоянд, раво мебошад. Яке аз хислатҳои ғор чунин аст, ки агар баргаш- ро дар об ҷӯш дода, он обро дар хона бипошанд, ма- гас ва ҳамин навъ ҷонварони зарарнок аз он ҷо мегу- резанд. Инчунин баргҳояшро паҳн кунанд ҳам, ҳамин гуна таъсир дорад. Муаллифи китоби «Филоҳа» гуфтааст, ки «Чун бар- ги онро бо даст бичинанд ба тавре, ки ба замин наяф- тад ва онро бар паси гӯши худ гузоранд, ҳар қа- дар шароб, ки бинӯшанд, маст намегарданд. Чун дар ҷое, ки кӯдак бихобаду дар хоб битарсад, ин баргро бигузоранд, тифл дигар наметарсад». Аз чӯбаш асо сохта, бар он такя кунанд, чашмро тез мегардонад, ҷавонмардиро меафзояд. Мегӯянд, ки агар бо он худро шустушӯ кунанд, таъсири сеҳрро дафъ мекунад. Чун рӯзи чоршанбе пеш аз баромадани офтоб онро сӯхта, дудашро бигиранд, касе, ки аз мар- диаш маҳрум гашта бошад, қуввати аслиаш аз нав барқарор мешавад, қодир мегардад. Дастури гирифтани равғани ғор чунин аст. Дона- ки онро нимкӯфта дар об меҷӯшонанд ва то хунук шу- данаш мегузоранд. Он чӣ дар рӯйи об истад, ҷудо кар- да мегиранд — ҳамин равғани ғор аст. Ё барг ва са- мари онро дар об меҷӯшонанд, то он ки қувваташ ба об гузарад. Баъд он обро соф карда, аз болояш ду- чанди он равғани зайтун рехта, бо оташи мулоим то тамом шудани об меҷӯшонанд. Вақте ки аз ҷӯш монд, маълум аст, ки равған тайёр шудааст ва об батамом бухор гашта рафтааст. Вале эҳтиёт кунанд, ки равған доғ нашавад. 245. Харбузаи сагак Инро сабчаи сагак ҳам мегӯянд. Ба

забони ӯзбе- кӣ итқовун ва ба русӣ кукумис сорнополевой мено- манд. Гиёҳаш дар заминҳои ғайри корам мерӯяд. Бар- 564 гаш монанди барги харбуза ва бодиринг, шахшӯл, дар биёра, самараш хурдтар аз тухми мурғ, монанди харбуза дарозак, дар хомиаш сабз ва бирасад, зард мегардад. Таъмаш талх аст. Беҳтарин қисми растани- аш самари расидаи зарди он аст. Самари инро чун пиёз варақ-варақ бурида, ба риш- та кашида, дар соя хушк мекунанду барои истифода дар фаслҳои дигари сол гирифта мемонанд. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, моддаҳои ғафсро дар бадан рақиқ (суюқ) мегардонад, майнаро аз моддаҳои зарарнок ва нодаркор пок мена- мояд, моддаҳои сафро, балғами хом ва инчунин зар- добро бо исҳол дафъ мекунад; барои фолиҷ (шал шу- дани нимаи бадан ба дарозӣ), каҷ шудани рӯй, саръ (припадка), байза (дарди бефосила ва шиддатноки та- моми сар), дарди буғумҳо, никрис (подагра), иркун- насо (радикулит), сурфаи сард, дамкӯтаҳӣ, зиқ-ун-на- фас (астма), бодҳои ғализ, истисқо (водянка), зард- парвини сиёҳ ва бавосир даво мешавад; сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад, пешоб ва ҳайзро равон мекунад. Самар, барг ва решаи онро агар бихӯранд, хусуси- ятҳои поккунандагӣ, таҳлилдиҳандагӣ ва хушккунан- дагӣ дорад. Хислати хушккунандагӣ дар пӯсти он на- зар ба баргаш зиёдтар аст, вале тезӣ дар усораи барг ва решаи он бештар мебошад. Усораи онро, яъне оби онро дар офтоб ғафс гар- донида, бо шири ҷавонзанон даромехта, дар бинӣ би- резанд, дарди нимсари шадидро шифо мебахшад ва бай- заро ва инчунин ҳамаи дардҳои аз сардӣ баамаломадаи кӯҳнаро ба ибро меоварад. Лекин пеш аз он ки инро дар бинӣ бирезанд, бо воситаи давоҳои махсус баданро аз моддаҳои бегона пок намудан даркор аст; инчу- нин барои каҷ шудани рӯй, карахтӣ, кузоз (столбняк) ва саръ даво мешавад. Инро бо шир даромехта, ба даруни сӯроххои бинӣ бимоланд, моддаҳои зарарноки бисёрро аз сар мека- шад ва байза ном дарди тамоми сарро, ки шадид ва беист мебошад, инчунин дарди сари кӯҳнаро шифо ме- бахшад. Усораи баргаш аз худаш заифтар аст барои да- воӣ. Решамайдаҳои он дар хислати хушккунандагӣ аз қисмҳои дигараш қавитар мебошад. 565 Решаҳои борики онро кӯфта, бар баногӯш гузошта банданд, варами онро таҳлил медиҳад. Инро пухта, бо орди ҷав хамир карда, гузошта банданд, низ вара- ми баногӯшро мегардонад. Обашро нимгарм дар гӯш чаконанд дарди онро таскин медиҳад. Онро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гардо- нанд, дарди дандонро, ки аз хунукӣ бошад, таскин ме- диҳад. Усораи онро бо равғани зайтун даромехта, дар оф- тоб гарм карда, чанд қатра дар гӯш чаконанд, дарди онро таскин медиҳад, инчунин гаронии гӯш, ҷаранг ва садоҳои гуногуни даруни гӯшро, ки аз бисёрии бод ва моддаҳои ғализ ҳодис гашта бошанд, дафъ мекунад. Обашро батанҳоӣ гарм

карда, дар гӯш чаконанд, кир- ми онро мекушад. Оби самари онро бо асал даромехта ва бо равғани зайтун сиришта ё бо заҳраи гов омехта бимоланд, ва- рами ҳалқум ва дарди гулӯро шифо мебахшад. Усораи онро бо равғани зайтун ва асал даромех- та, ба ком бимоланд, дарди гулӯро, ки сабабаш ҷамъ шудани балғам дар ин мавзеъ бошад, сиҳат мебах- шад ва варами ҳалқумро таҳлил медиҳад. Усораи инро биёшоманд, барои вайрон шудани ни- зоми нафас даво мебошад. Оби решаашро ба миқдори як грамм бинӯшанд, су- улқиня (сустии ҷигар), истисқо (водянка) ва зардпар- вини сиёҳро бо як аҷобате шифо мебахшад бе ҳеҷ гу- на заҳмат. Ду грамм решаи онро ё муддати се рӯз 3 граммӣ худашро бо шаҳдоб (асалоб) биёшоманд, хилтҳои бал- ғам ва сафроро ба қай дафъ менамояд, инчунин бал- ғами хом, сафро ва зардобро ба осонӣ ва беазият бо исҳол дафъ месозад. Ҳар рӯз пӯсти самари онро 6 грамм бо шаҳдоб биё- шоманд, исҳоли неку меоварад. Чун қадареро аз он дар об ҳал карда, пари мурғро ба он олонда, ба бехи забон ва атрофи он бимоланд, қай меоварад. Ва агар зудтар бихоҳанд, инро дар равғани зайтун ё равғани савсан ҳал карда, ҳамон тавр бимоланд. Чун қайи бисёр оварад ва аз қай кардан безор шаванд, шароб- ро бо равғани зайтун даромехта бинӯшанд. Агар бо ин ҳам қай бознаистад, орди нимбирёнро бо оби сард ё сиркоро бо об бинӯшанд, ё дар оби хунук даромада 566 нишинанд ва оби хунук бар сар бironанд; инчунин чиз- ҳои дигари манъкунандаи қай бихӯранд. Чун решаи онро 150 грамм гирифта, дар 900 грамм шароб як ҳафта андохта, ҳар рӯз 90 грамми онро то се рӯз ба дили наҳор биёшоманд, барои иллати истис- қо даво мебошад. Усораи онро бо шири ҷавонзанон даромехта, дар бинӣ бирезанд, зардпарвинро даво мешавад. Решаашро пухта, кӯфта, бо майи пухтагӣ хамир сохта, гузошта банданд, истисқои гӯштиро шифо ме- бахшад. Усораи решаи онро батанҳоӣ биёшоманд, пешоб ва ҳайзро равон мекунад. Агар инро занҳои ҳомила аз таг бардоранд, бачаро дар шиками онҳо мекушад. Чун оби решаи онро нимгарм карда, ба зери ноф бимоланд, кирмҳои шикамро кушта берун меоварад; чун бар меъда бимоланд, қай меоварад; чун ба хояҳо бимоланд, дардашро таскин медиҳад ва оби дар онҳо фуромадаро ба таҳлил мебарад. Решаашро пухта, бо орди ҷав хамир карда гузош- та банданд, варами балғамии кӯҳнаро таҳлил медиҳад ва пучакҳоро мекафонад. Ва агар усораи инро гузош- та банданд, дар бобатҳои мазкур қавитар аст. Усораи онро бихӯранд, дарди пайвандҳои бадан, ҳамаи дардҳои савдовӣ ва балғами дасту поҳо ва ҳа- маи аъзоро ва инчунин карахтиро шифо мебахшад. Агар онро, яъне решаашро дар об ҷӯшонида, бо он об нимгарм ҳуқна (клизма) кунанд, иркуннасоро ши- фо мебахшад. Онро пухта, бо сирко ё бо майи пухта- гӣ сиришта, гузошта банданд, дарди пушт ва ниқ- рисро шифо мебахшад. Гулашро кӯфта гузошта банданд, дарди пайванд- ҳои бадан, яъне

дарди буғумҳоро таскин медиҳад ва агар пухтаи онро гузошта банданд, низ чунин таъсир- ро дорад. Хушкашро кӯфта бипошанд, қӯтури решгашта ва шукуфаи пӯстро ба иброи меоварад. Агар инро бо асал ва сирко ва ё бо шароб сиришта, гузошта банданд, низ барои қӯтури решгашта, озаххо, шукуфаи пӯст, доғи сафеди пӯст, доғи сиёҳи рӯй ва барои доғҳои дигари бадан даво мебошад. Барг ва решаашро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯ- шанд, барои иллати махав фоида дорад. Чун оби ин сабчаи сагакро дар равғани кунҷид ё 567 дар равғани зағир то обаш батамом бухор гаштан бо оташи мулоим биҷӯшонанд, баъд он равғанро бар ба- восир бимоланд, онро дафъ мекунад. Чун самари нопухтаи онро реза-реза карда ва ё оби онро гирифта, бо дучанди он равғани зайтун дар зарфе андохта, даҳанашро маҳкам карда, чил рӯз дар офтоб гузоранд ё ба рӯйи ахгари оташ бигузоранд, то ки рутубаташ хушк гардад, баъд он равғанро бар ба- дан бимоланд, сардии баданро дафъ мекунад, модда- ҳои зарарнокро берун мекашад; доғҳои кунҷидак ва донаҳои наскмонандеро, ки ба рухсора бармеоянд, дарди буғумҳои кӯҳна ва монанди инҳоро ба иброи ме- оварад. Агар ин равғанро бардавом биёшоманд, низ ҳамин манфаатро дорад. Миқдори як бор хӯрдан аз усораи он дар як рӯз аз 0,2 то 1,1 грамм аст, аз решааш 2,25 грамм ва аз обе, ки дар он ҳар як қисми сабчаи сагак ҷӯшонида шуда бошад, то 50 грамм аст; аз тухм ва гули он то 3,5 грамм бо орди ҷав ва катиро. Дар ҳуқнаҳо зиёда аз 3,5 грамм ба кор набаранд, зеро ки ба одамони гарммизоҷ ва баданҳои заиф зарар дорад: қай меова- рад, рӯдаҳоро мехарошад. Давои ҳамаи ин зарарҳо- яш: дар қайи барзиёд луоби тухми биҳӣ, луоби тухми зағир ва луоби гулихайриро бо равғани сардмизоҷ хӯрдан аст. Чун усораашро истеъмол кардан бихо- ҳанд, набояд батанҳоӣ биёшоманд, зеро ин рӯдаҳоро мехарошад. Бинобар ин бо сабир (алоэ), саврингони сафед, заъфарон, дорчинӣ, арпабодиён, тухми карафси кӯҳӣ ва бӯстонӣ, шилмҳои гуногун ва равғанҳо ҳамроҳ карда истеъмол фармоянд. Миқдораш он аст, ки 0,5 грамм усораи онро сойида, бо ҳамвазни он шилми бо- домҳо ва ё бо ним вазни он нишоиста сиришта бихӯ- ранд. 246. Кавар Ин растаниест, ки хорҳо дорад, шохҳояш аксар ба рӯйи замин паҳн гаштаанд; баргаш сабзи гирдактар ва монанди фулус ғафс, гулаш дар ғилофи сабз, бузурги- аш қариб ба андозаи нахӯд, сабз, баъд калон шуда, ғунча мегардаду гул мекунад ва дар миёнаи гулаш мо- нанди мӯйҳо торҳое дорад. Самараш ба ранги тарбуз- чаи сабз, вале дар ҳаҷм ба андозаи зардолуи миёна аст — инро ба тоҷикӣ хиёри кавар меноманд. Ин баъ- 568 ди расидан пухта, чун пахта мешукуфад, мағзаш сурх- ранг; тухмаш зард, андак рутубати часпак дорад; таъ- маш каме ширини тахирак, яъне ба талхӣ моил мебо- шад ва агар инро бихоянд, пӯсти даҳанро андак мека- шад, тунҷӣ дорад, яъне узвҳои даҳанро каме дарҳам мекунад. Меваи ин ҳарчанд

расидатар шавад, тунҷи- аш камтар ва шириниаш зиёда мегардад. Решааш сафед, дароз, пӯсти решааш ғафс. Агар из решаро хушк кунанд, дар аксар вақт пӯсташ ҷудо мешавад. Таъми ҳамаи қисмҳои кавар, яъне баргаш ҳам, шохаш ҳам, пӯстлохаш ҳам, решааш ҳам — ҳама талханд. Ғунчаи гул ва самари майдаи норасидаи онро дар намакоб ширин карда ё дар сирко парварда, яъне як шабонарӯз дар он тар карда, барои хӯрдан тайёр низ менамоянд. Қуввати решаи ин барои давогӣ аз қисмҳои дига- ри ин зиёдтар аст. Кавар дар заминҳои сахт, харобаҳо, даштҳо ва дар санглохҳо мерӯяд. Агар дар заминҳои намнок ва дар наздики об рӯйида бошад, барои давогӣ намешояд, зе- ро қувваташ суст ва худаш боднок аст. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст, инак, барои одамони мизоҷи сард ва тар дошта, ин- чунин барои касоне, ки мизоҷи мӯътадил доранд, бис- ёр форам мебошад. Агар ин гиёҳ дар сарзаминҳои гарм рӯйида бошад, мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк мебошад. Хислатҳои шифобахши он: ҳар як қисми онро би- хӯранд ё дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, гиреҳ- ҳо, рагҳои хун ва дар ҷоҳои дигари бадан бударо ме- кушояд; узвҳоро аз моддаҳои зарарнок ва нодаркор пок мекунад; моддаҳоеро. ки дар ҳар як ҷойи бадан ғафс ва шах шуда бошанд, таҳлил медиҳад, нарм ва рақиқ мегардонад; балғам ва моддаи савдоро аз дохи- ли бадан ҷудо мекунад ва инчунин ахлоти часпакро аз ҳама ҷоҳои баланд меронад. Барои бемориҳои аз хунукӣ пайдошаванда, ки вобаста ба майна бошанд, монанди: фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба даро- зӣ), истирхо (нотавон гаштани узвҳои бадан), карах- тӣ, дарди пайвандҳо. иркуннасо (радикулит), никрис (подагра) — барои ҳамааш нафъ мебахшад. Ҳар як қисми кавarро кӯфта гузошта банданд, му- шакҳои аз кор мондаро ислоҳ ва сиҳат мекунад. Агар 569 пӯсти меваашро бихоянд, рутубати майнаро кашида берун мекунад ва дарди дандонро таскин медиҳад. Агар пӯсти нав ва тозаи онро ё барги тарашро барда- вом бихоянд ё бо сиркои ангурӣ, ки дар он пӯсти са- мар ва тухми он ҷӯшонида шуда бошад, даҳанро чайқонанд, гиреҳҳои мағзи сарро мекушояд ва майна- ро аз моддаҳои бегона, ки барои саломатии ин узв зарар мерасонанд, пок менамояд. Оби барг, пӯст, са- мар ва решаи тари онро нимгарм дар гӯш чаконанд, кирми даруни онро, ки ҳамеша дарди гӯш меоварад, мекушад. Агар ҳар як қисми кавarро дар об ҷӯшони- да, бо он об сарро бишӯянд, реши сарро, ки сарро баъди муддате кал мекунад, сиҳат мебахшад. Хоҳ самараш, хоҳ дигар қисми ин растаниро дар об ҷӯшонида, он обро бо асал даромехта биёшоманд, балғамҳои гуногуни узвҳои даруни синаро таҳлил ме- диҳад ва аз бадан хориҷ мекунад, инчунин дардҳои даруни синаро таскин медиҳад. Агар самари инро дар намак парварда, яъне намак хӯронида бихӯранд, ил- лати дамкӯтаҳиро шифо мебахшад. Ҳар як қисми кавarро дар об ҷӯшонида, бо он об ғарғара кунанд,

яъне гулӯро чайқонанд, балғамро аз узвҳои нафас дафъ мекунад. Ҳар як қисми растании мазкурро кӯфта бихӯранд ё дар об ҷӯш дода, он обро бинӯшанд, узвҳои дохили сина ва шикамро қувват мебахшад, бодҳоро таҳлил дода, аз бадан дур мекунад, гиреҳҳои дар рагҳои ҷи- гар ва сипурз бударо мекушояд; моддаи бегонаи но- пухтаро бо исҳол, яъне аз дарун хориҷ мекунад ва савдоро аз бадан меронад, кирмҳои меъда ва рӯдаҳо- ро мекушад, пешоб ва ҳайзро равон мекунад, қуввати боҳ (пушти камар)-ро зиёда мегардонад. Самари на- макхӯрдаи онро пеш аз таом бихӯранду баъд хӯрок истеъмол намоянд, дарунро мулоим мекунад ва ин беҳтарин давое мебошад барои сипурз, хусусан дар сирко ва асал як шабонарӯз андохта монда бошанду баъд бихӯранд; моддаи ғафси савдовиро бо қуввати тамом аз сипурз бо исҳол ва бо воситаи пешоб хориҷ мекунад — баъд сипурз комилан сиҳат мегардад. Агар ба меваи кавар мурчи кӯфтагӣ пошида бихӯранд, ги- реҳҳои ҷигари хунукмизоҷро мекушояд. Чил рӯз пай- дарҳам самари дар сирко парвардаи онро бихӯранд, даруни сипурзро тамоман пок мекунад ба дараҷае, ки ин узвро аз бадан ёфтан амри муҳол мегардад. Оби 570 баргашро бинӯшанд, ҳамаи хелҳои кирми меъда ва рӯдаҳоро мекушад. Баргашро кӯфта, бо орди ҷав хамир карда, аз рӯ ба сипурз гузошта банданд, варами сипурзро таҳлил медиҳад; хусусан бо сирко хамир сохта, аз рӯ гузош- та банданд, пешоб ва ҳайзро равон мекунад, барои ба- восир нафъ мебахшад. Агар инро ширин нокарда, дар вақти талхияш бихӯранд, қуввати боҳро меафзояд. Ҳар як қисми каварро сӯхта, ба дудаш бидоранд, барои бавосир фоида дорад. Пӯсти тар ё хушки онро кӯфта гузошта банданд ё баргашро кӯфта, бо сирко ва асал хамир карда гузош- та банданд, иллати ханозерро (хукгарданро) таҳлил медиҳад, инчунин варамҳои калон ва сахтро, варам- ҳои зери бағал ва каши ронро мегардонад. Агар кӯф- таи инро бо сирко хамир карда, ба доғи сафеди пӯст гузошта банданд, он доғро дафъ мекунад ва ба шуку- фаҳои пӯст низ гузошта банданд, шифо мебахшад. Бар- ги тарашро кӯфта, ба решҳои хабиса ва ба решҳои римнок гузошта банданд, онҳоро хушк намуда сиҳат мебахшад. Оби барги тари онро хоҳ бинӯшанд ва хоҳ бо он ҳуқна (клизма) кунанд, бемориҳои ирқуннасо ва дард- ҳоеро, ки дар сурин (кафал) пайдо шуда бошанд, дафъ мекунад. Ҳар як қисми ин гиёҳро бихӯранд ё гузошта бан- данд, бар зидди аксари заҳрҳо тарёқ мегардад ва агар инро бо шароби ангурӣ истеъмол кунанд, қави- тар мегардад. Мизоҷи гули кавар пеш аз шукуфтан, яъне дар вақти ғунчагиаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Гули каварро истеъмол кунанд, моддаҳои баданро нарм мекунад ва дар ҳама хислатҳо монанди реша- аш, вале каме аз он заифтар мебошад. Инро хушк кар- да чун орд сойида, ба носурҳои чашм бипошанд, онҳо- ро хушк месозад ва сиҳат мебахшад. (Носури чашм ин реши кӯҳнаи беҳнашавандаи чашм аст,

ки гоҳ аз он рим равон мешавад ва гоҳ римаш хушк мегардаду баъди муддате аз нав равон мешавад). Самари расидаи ин растаниро дар сирко парварда, баъд бихӯранд, лазиз мегардад, иштиҳоро мекушояд, сипурзро ба дараҷае пок мегардонад, ки гӯё он нест шуда бошад, баданро аз балғам пок месозад, гирехи 571 ҷигар ва сипурзро мекушояд, вале дар одамони гарм- мизоҷ дарди сар меоварад. Хиёри кавар, яъне самари ношукуфтаи он дар ми- зоҷ гарм ва тар аст, мизоҷи тухмаш дар дараҷаи сав- вум гарм ва хушк аст, яъне барои касони мизоҷи ху- нук ва тар дошта мувофиқ мебошад. Хиёри расидаи онро, яъне гӯшти самари шукуфтаи онро нахойида фурӯ баранд ва тухмашро ба дили на- ҳор бихӯранд, дарунро мулоим мекунад, вале феъли меъдаро вайрон месозад. Барои ҳамин худашро хойида ва тухмашро кӯфта хӯрдан даркор аст. Мизоҷи шохаш аз баргаш дар дараҷаи якум гарм ва хушк аст, вале дар манфаат заифтар аз гули он мебошад. Бо вуҷуди ин агар кӯфта гузошта банданд, ханозери гулӯро таҳлил медиҳад ва дигар варамҳои балғамиро мегардонад, инчунин носури чашмро дафъ мекунад. Оби барг ва оби шохи тари онро бинӯшанд, ҳамаи навъҳои кирми меъдаро, ки кирмҳои сурхи дароз мебошанд, мекушад. Шох, барги тар ё хушки онро кӯфта, бо зифт даромехта гузошта банданд, решҳои раддӣ ва беҳнашавандаеро, ки рутубаташон ба асал монанд аст, шифо мебахшад, захмҳои хабиса (злокачественные язвы)-ро низ дафъ мекунад, варамҳои ха- нозер (хукгардан) ва дигар варамҳои балғамиро зуд таҳлил медиҳад. Шохаш, яъне пояш дар хислатҳои тиббӣ аз барги он қавитар аст. Ҳамаи қисмҳои каварро дар об ҷӯшонида, бо он об ғарғара кунанд, майнаро аз олойишҳо пок мегардонад, гирехҳои дар мағзи сар ва дар узвҳои даруни сина пайдошударо мекушояд. Миқдори як бор нӯшидан аз оби барги он дар як рӯз ё аз оби пояш то 25 грамм аст, ки бояд бо сирко ва бо шакар ё бо асал ширин карда бинӯшанд. Миқ- дори як бор хӯрдан аз кӯфтаи решаи хушки он дар як рӯз то 10,5 грамм аст ва агар дар об ҷӯшонида, он обро нӯшиданӣ бошанд, то 25—30 граммашро бичӯ- шонанд. Бояд огоҳ кунем, ки истеъмоли ин ба дарун барои меъдаҳои одамони гарммизоҷ ва меъдаҳои табиатан гарм зарар дорад. Дар ин ҳолат асалро бо сирко турш карда бихӯранд, ин зиёнаш ислоҳ меёбад. Ба гурдаи гарммизоҷон низ зарарнок аст, агар ба ин узв зарар расонад, асал бихӯранд, зарараш ислоҳ меёбад. Инчу- нин ба майнаи гарммизоҷон зарарнок аст —дар ин 572 маврид бо оби хунук ғарғара кунанд ё оби хунук бинӯшанд, зиёни мазкурро ислоҳ мекунад. Дар оқибат як хислати наҷиби каварро бигӯем, ки агар бар бухори решаи ин бидоранд, бемори замингирро, яъне одами барҷомондаро сиҳат мебахшад. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-241-246#241

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 247-254 247. Парпӣ 248. Газна 249. Ҳалила 250. Бодинҷон 251. Боқило 252. Сунбул 253. Бӯймодарони маҳинбарг 254. Бӯймодарони дуруштбарг 247. Парпӣ Парпӣ ду навъ аст: навъеро гул сафед, баргаш мо- нанди барги кашниз — инро парпии сафед меноманд; синфи дуввумро гул сиёҳи бунафшранг — инро парпии сиёҳ меноманд, баргҳояш монанди баргҳои зуфи кӯчак аст. Навъи дуввумашро тоҷикон гули кафтарак низ мегӯянд, ба русӣ горечавка оливье мехонанд. Мизоҷи парпии сафед дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст ва мизоҷи қисми сиёҳаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Қисми рӯйизаминии ин гиёҳро ҳамгоми гул карда- наш ҷамъ оварда, дар об меҷӯшонанду баъд он обро аз ҷирмаш ҷудо карда, ба офтоб ё ба ҷойи бодрас ме- гузоранд. Баъди муддате обаш парида, қивоми пар- пӣ ҳосил мешавад. Қивоми парпии сафед бар зидди заҳрҳои ҷонварон заифтар аз қивоми навъи сиёҳи он аст. Агар инро бихӯранд, бодҳои дарун ва пурбод шу- данро ба ибро меоварад ва дардҳои ботиниро, ки аз сардӣ бошанд, таскин медиҳад. Миқдори як бор хӯрдан аз қивоми парпии сафед дар як рӯз ба андозаи донаи ҷав ва аз гиёҳи хушкаш то 9 грамм аст. Агар решаи парпии сафедро бихӯранд, тамоми ҳайвонотро, ба ғайри инсон, мекушад, вале агар одам бихӯрад, боҳро ба ҳаракат меоварад. Қивоми синфи сиёҳи ин гиёҳ ба ҷойи тарёқи кабир истифода мешавад, хусусан барои дардҳои узвҳои да- руни шикам ва дардҳои бачадон доруи хубест. Агар гӯсфандҳо ҳангоми чаридан бинобар ширинии таъмаш гиёҳи заҳрнокро бо алафҳо якҷо хӯрда, заҳ- ролуд гарданд, зуд гиёҳи парпии сиёҳро ёфта мехӯ- рандва онҳоро аз офати заҳр наҷот медиҳад. Ба дарун истеъмол кардани парпии сиёҳ, яъне қивоми онро биёшоманд, боҳро меафзояд, меъда ва ҷи- гарро гарм мекунад, инчунин моддаҳои балғамиро тит ва таҳлил менамояд. Агар онро дар шароб пухта би- 573 хӯранд, бавосирро қатъ мекунад. Вале ман, муаллифи ин рақамҳо, дар таҷриба муайян намудам, ки қивоми инро бидуни шароб ҳам хӯронидам, бавосир дафъ гар- дид. Қивоми парпии сиёҳро дар об ҳал карда, латта ё пахтаро ба маҳлули он тар намуда, занҳо аз таг бар- доранд, варами бачадонро таҳлил медиҳад ва худи ин узвро қавӣ мегардонад. Агар гиёҳи инро кӯфта гузошта банданд, ҳамаи ва- рамҳоро мегардонад. Миқдори як бор хӯрдан аз қивоми парпии сиёҳ дар як рӯз ба андозаи донаи биринҷ аст. Агар аз ин зиёд бихӯранд, бинобар пурзӯр буданаш дарди гулӯро ба амал меоварад, ғамгин мекунад, рутубатҳои баданро хушк мегардонад. Дар ин маврид равғани кунҷид ё ширинӣ бихӯранд, зарараш ислоҳ меёбад. Аз гиёҳи парпӣ равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ:100 грамм барги хушки онро дар 800 грамм оби борон ё оби муқаттар як шабонарӯз тар карда, баъд дар оташ меҷӯшонанд ба ҳадде, ки чоряки об, яъне 200 грамм бимонад. Сипас онро молида, аз матои бофташ зич гузаронида, соф карда, дар зарфе аз бо-

лояш 200 грамм равғани кунҷиди тоза ё равғани зай- тун рехта, бо оташи мулоим мечӯшонанд, то ҳамаи об бухор шаваду равған бимонад. Батамом бухор шуда- ни он обро аз он, ки равған аз ҷӯш мемонад, дониста мешавад. Ҳамин равған равғани парпӣ мебошад. Агар равғани парпиро ба сар бимоланд, мӯйро да- роз мекунад. 248. Газна Ин гиёҳро дар баъзе маҳалҳо тоҷикони шимол тал- ванг ҳам мегӯянд. Зеро агар ин тала кунад, яъне бигазад, баданро ванг (варам) мекунонад. Баргаш бо кунгуранокиаш ба барги тут андак ша- боҳат дорад. Инро баргаш ҳам, пояш ҳам пурхор, хорҳояш монанди неши занбӯр борик-борик. Бо воси- таи ҳамин хорҳояш касонеро, ки ба он мерасанд, ме- газад—заҳр меандозад. Тухмаш майдаи ялаққосӣ, андак паҳнтар аст. Мизоҷаш дар аввали дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар онро кӯфта, ба уз- 574 ве гузошта банданд, моддаро аз таг ба рӯйи пӯст мека- шад, пӯстро захмин мекунад, вале варамҳои сахтро таҳлил медиҳад. Ва агар инро бихӯранд, ахлоти ға- лизро рақиқ мегардонад; пешоб, ҳайз ва ширро ҷорӣ (равон) мекунад, арақ меоварад, қуввати боҳро бар- меангезад; узвҳои даруни сина, шуш ва меъдаро аз моддаҳои ғайрӣ пок мегардонад: даҳани бачадон, ги- реҳи ҷигар ва сипурзро мекушояд. Баргашро дар об ҷӯшонида, он обро бо оби ҷав да- ромехта бинӯшанд, бемориҳои узвҳои даруни синаро, ки иборат аз дамкӯтаҳӣ, ростнафас мебошанд, шифо мебахшад ва узвҳои даруни синаро аз ахлоти ғафси часпак пок месозад. Агар баргашро кӯфта, дар бинӣ ҷо кунанд, хуни биниро бозмедорад. Агар барги тарашро кӯфта, ба пе- шонӣ гузошта банданд, низ хуни биниро мебандад; агар инро ба бачадоне, ки аз фарҷ берун баромада бо- шад, гузошта бандад, бачадонро ба ҷойи аслиаш ме- барад; агар ба дубайла (кӯряра) ва пучакҳо гузошта банданд, онҳоро мекафонад; ба озахҳо банданд, онҳо- ро хушк карда меафтонад, хусусан инро бо асал даро- мехта ба кор баранд, таъсираш зудтар зоҳир мегар- дад, инчунин печиши асабро ҳам ба ибро меоварад; бо мумравған сиришта, аз рӯ ба сипурз гузошта бан- данд, иллатҳои ин узвро дафъ мекунад. Агар онро пухта, бо равғани зайтун хамир карда, гузошта бан- данд, варами баногӯшро дафъ менамояд. Хокистари газнаро бо намак даромехта, ба решҳо гузошта банданд, онҳоро хушк ва сиҳат мекунад. Тухмашро бихӯранд, барои дамкӯтаҳӣ, сурфа, ил- латҳои узвҳои нафас ва истисқо (водянка) дору меша- вад; сафро, зардоб ва балғами часпакро аз бадан хо- риҷ месозад, барои иллатҳои сипурз ва гурда дармон мебошад; боҳро қавӣ мегардонад. Агар инро бо си- канҷабин (сиркоасал) бихӯранд, дарди гурда, паҳлу ва сипурзро ҳамон дам таскин медиҳад. Агар инро бо ре- шаи бепӯсти ширинбия якҷо дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, хичакро (пешобдонро) аз рим пок мегар- донад. Агар инро бо тухми карафс ва шири гӯсфанд бихӯранд, боҳро бағоят бармеангезад; бо

шароб биё- шоманд, балғамро бо исҳоли сабук дафъ мекунад. Агар ин тухмашро кӯфта, бо асал хамир карда, латта ё пахтаи покро ба он олонда, занҳо аз таг бар- доранд, ҳайзи қатъгаштаро равон мекунад. Ва агар 575 кӯфтаи онро бо асал хамир карда гузошта банданд, закарро калон мегардонад. Кӯфтаашро бо барги саг- ангур, барги зуф якҷо сиришта, бо маска хамир кар- да, чун марҳам ба захмҳо ва саратон гузошта бан- данд, онҳоро шифо мебахшад. Агар тухмашро танҳо кӯфта гузошта банданд, варамҳоро таҳлил медиҳад. Баргашро кӯфта гузошта банданд ё кӯфтаи онро бо асал хамир карда, ба закар ва каши рон бимо- ланд, боҳро ба ҳаракат меоварад. Оби газнаи тарро дар даҳан ва ҳалқ гардонанд, варами забончаи ҳалқро таҳлил медиҳад. Барги хушк ва тухмашро кӯфта бипошанд, барои хушконидани захмҳои хӯранда, саратони решгашта но- феъ аст, дард намеоварад. Хӯрдани маҳсулоти газна ба гурда ва рӯдаҳо за- рар дорад. Дар ин маврид шилми бодомҳоро бихӯ- ранд, зиёнашро дафъ мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухмаш дар як рӯз то 10,5 грамм аст, вале агар аз ин зиёд бихӯранд, мӯҳ- лик аст. Дар он ҳолат, ки зарар ёбанд, чизҳои хунук- мизоҷ бояд бихӯранд. Аз тухми газна равған ҳам тайёр мекунанд. Равға- наш барои бемориҳои номбурда қавитар аз тухми он аст: барои қувват бахшидани боҳ, бартараф рондани дарди буғумҳо (пайвандҳо), дарди сурин (кафал), ниқ- риси балғамӣ бихӯранд ва бимоланд, шифо мебахшад. Тариқи тайёр кардани равғани тухми газна ин аст. Ин тухмро ҳар қадар, ки хоҳанд, бигиранд, нимкӯф- та дар андак об тар намоянд. Як колбаро бо гили бӯ- та андуда кунанду даруни онро аз тухми намгирифтаи газна пур кунанд. Дар гулӯи колба лиферо ҷо намо- янд. Табақеро ё варақи васеи оҳанинро аз миёнаҷо барои ҷо додани гулӯи колба сӯрох гардонанду гулӯи колбаро дар он сӯрох чаппа гузоранд. Баъд ба атроф ва болои колба, ки дар рӯйи табақ аст, аз ҳезуми тез ё ангишт оташ афрӯзанд. Аз тафси ин равғани тухми газна муқаттар шуда поён меояд ва аз лиф покшавон ба зарфе, ки дар поён гузошта мешавад, мечакад. Ё ба он тухми намгирифта андак намак дохил карда, дар анбиқ ё дар колба ҳамон тавр муқаттар менамо- янд. Баъд шӯрӣ ва обияташро аз он ҷудо сохта дур мекунанд, ин равғанро ба кор мебаранд. Ин равған, ки бо ду усул ҳосил карда мешавад, бисёр қавӣ аст. 576 Тариқи тайёр кардани равғани тухми ин ба усули ди- гар ин аст. Тухми газнаро кӯфта, дар панҷ баробари вазни он об биҷӯшонанд, то чоряки об бимонад. Баъд молида, соф карда, бо ним вазни он ё баробари он равғани кунҷиди тоза аз болояш рехта, дар зарфе би- ҷӯшонанд, то об бухор шуда раваду равған бимонад. Вале ин равған назар ба ду навъи дар боло зикрёф- та заифтар мебошад. 249. Ҳалила Ин самари дарахти ҳиндист, дар ҳаҷм ва намуд гу- ногун мебошад, ки ҳар яке номи алоҳида дорад. Агар баъд аз гул карданаш самарашро, ки ба андозаи зи-

ра мебошад, ҳалилаи зира мемонанд; ва аз он калон- тар ба андозаи ҷав гардад, бичинанд, ҳалилаи ҷавӣ мегӯянд; аз он ҳам бузургтар ва ба қадри мавизи ан- гур гардад, бичинанд, онро мавизак, ҳалилаи сиёҳ, ҳа- лилаи зангӣ ва ҳалилаи ҳиндӣ низ мемонанд; аз он боз ҳам калонтар нимраси сабзи зардтоб бошад, онро ҳалилаи чинӣ ва аз он ҳам калонтар ва расидатари зард гардад, ҳалилаи зард мегӯянд; аз ин ҳам бу- зургтар шуда, пурра расида гардаду сурхи моил ба зардӣ бошад, ҳалилаи кобулӣ мегӯянд. Мизоҷи ҳама гуна ҳалилаҳо дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст, вале хушкӣ дар ҳалилаи ко- булӣ камтар бинобар камоли расидагӣ доштанаш. Хислатҳои шифобахши он: истеъмоли ҳамаи навъ- ҳои он ба дарун меъда, майна, зеҳн, ҳофиза ва ҳавосс- ро, ки даҳ ҳисси одамӣ мебошад, қавӣ мегардонад; ги- реҳҳоро мекушояд; дарди сарро дур мегардонад ва молихулиёро сиҳат мебахшад; рӯҳҳои одамиро соф ва равшан мекунад; васвоси савдовӣ, дилтапак (дилбозӣ) ва бечо (беҳузур) шудани дилро дафъ месозад; наме- гузорад, ки бухорҳои зарарнок аз қисми поёни бадан ба мағзи сар бароянд, ранги баданро тару тоза ва пок мегардонад; иллатҳои истисқо (водянка), бавосири бо- дӣ, ки шадидтарин дарди даруни шикам аст, бавосири хунӣ ва табҳои мураккабро сиҳат менамояд, балғами рақиқ ва сафроро бо оҳистагӣ ва мулоимат хориҷ ме- кунад. Дар вақти истеъмоли ҳалилаҷот онҳоро бисёр на- мекӯбанд ва зиёд намеҷӯшонанд, балки чор-панҷ тақ- сим намуда, дар об тар карда, он обро менӯшанд. 577 Шарти истеъмоли ҳалила чунин аст, ки бояд бо рав- ғани бодоми ширин чарб намоянд, то он ки таркибаш вайрон нагардад. Тухмашро кӯфта, ба дандон ва милки он бимоланд, милки дандонро қувват мебахшад ва рафтани хунро аз буни дандон манъ мекунад. Хусусан ҳалилаи кобулиро нимкӯфта, як шабона- рӯз дар об тар карда, он обро бинӯшанд, қувваташ на- зар ба кӯфта ва дар об ҷӯшдодаи он зиёдтар аст дар бобати ихроҷ кардани моддаҳои зарарнок аз бадан, инчунин ҳангоми онро дар об тар кардан моддаҳои зарароваш ба об намебароянд. Миқдори истеъмолаш барои дар об тар кардан аз 25 то 35 грамм аст. Ба ҷойи ҳалила пӯсти анорро ба кор баранд, раво мебошад. Акнун дар бораи ҳар як намуди ҳалилаҳо ба таври ҷудогона баён менамоем. I. ҲАЛИЛАИ КОБУЛӢ Хислатҳои шифобахши он: инро як шабонарӯз дар об тар карда, он обро бинӯшанд, хилтҳои балғам, саф- ро ва савдоро аз бадан дафъ мегардонад; пешобро ме- ронад, барои дарди сар, нисён (фаромӯшхотирӣ) ши- фо мебахшад, ҳамаи феълҳои дохилӣ ва беруниро қа- вӣ мегардонад; барои чарх задани сар, ки аз зиёд гаш- тани хилти сафро бошад, кӯфта, талқонашро бо ша- кар даромехта каф зада бихӯранд, фоида дорад; ва- ле чарх задани сар ва сиёҳ задани чашм аз сабаби бисёрии балғам бошад, талқонашро батанҳоӣ бояд бихӯранд, низ ин барои пок гардонидани узвҳои бадан аз сафро ва барои молихулиё, ислоҳи

ҳоли бади май- на, саръ ва кач шудани рӯй худашро танҳо меошо- манд. Чун касеро, ки рӯяш кач шуда бошад, як адади ҳа- лиларо, тухми онро дур карда, дар даҳан то тамом гаштанаш бихоянду обашро фурӯ баранд, инчунин як адад ҳалилаи кобулиро аз ҷониби качгашта дар да- ҳан гузоранд, ин иллатро нафъ мебахшад. Ба қавле дар муддати як сол ҳар рӯз як адад аз ин ҳалила бихӯранд, мӯяшон сафед намешавад. Миқдори як бор хӯрдан аз ҳалилаи кобулӣ дар як рӯз аз 10 то 15 грамм аст ва агар дар об ҷӯшонида ва 578 ё тар карда, он обро ошомиданӣ бошанд, то 35 грам- ми онро дар об андозанд. Агар ҳалилаи кобулӣ ёфт нашавад, ба ҷойи ин ҳалилаи зардро истифода баранд, равост. Аз он бо шакар мураббо тайёр карда бихӯранд ба шарте, ки аз тайёр карданаш як сол нагузашта бо- шад, майна ва меъдаро қавӣ мегардонад, гиреҳҳои ба- данро, ки аз банд шудани балғам дар узвҳо ба амал омада бошанд, мекушояд; ҳавоссро, яъне панҷ ҳисси дохилӣ ва панҷ ҳисси беруниро, инчунин ҷигарро қув- ват мебахшад. Тухмашро бихӯранд, пешобро меронад. Агар инро сӯхта, ос карда, бипошанд, хуни бавосир ва аз ҷойи дигар рафтани хунро манъ мекунад ва ба милки дан- дон бипошанд, дандонро мустаҳкам мегардонад. Аммо хӯрдани тухми ҳалила ба майна зарар до- рад. Дар ин ҳолат асал бихӯранд, зиёни онро ислоҳ мекунад. II. ҲАЛИЛАИ ЗАРД Мизоҷи ин дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро маҳин кӯфта бипо- шанд, обравии чашмро даво мешавад, чашмро тез ме- кунад. Хусусан инро дар хамир печонида бисӯзанд ва онро аз хамир ҷудо карда, маҳин кӯфта, ба чашм би- пошанд, дар ин хислат пурзӯртар мегардад. Ин ҳали- ларо нимкӯфта, як шабонарӯз дар об тар карда, он обро дар чашм чаконанд, барои ин узв таъсири дар боло гуфташударо дорад. Миқдори як бор хӯрдан аз ин дар як рӯз аз 10 то 15 грамм аст ва агар дар об тар намуда, он обро нӯ- шидан хоҳанд, то 35 грамм дар об андозанд. III. ҲАЛИЛАИ СИЁҲ Инро ҳалилаи зангӣ ва ҳалилаи ҳиндӣ низ мено- манд. Беҳтаринаш сиёҳ, сахт ва бетухми он аст. Мизоҷаш дар миёнаи дараҷаи якум сард ва дар да- раҷаи дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани ин ҳамаи ҳис- ҳои бадан, зеҳн ва майнаро қувват мебахшад, хунро 579 аз моддаи савдо пок мекунад (модоме ки ба хун сав- до дохил гардад, хунро ғафс мекунад). Инак ин сав- доро нест карда, қивоми хунро ба ҳолати эътидол ме- оварад; рӯҳро низ аз кудурат соф мекунад (осонтар карда гӯем, табъро равшан месозад). Ҳамин тариқ, барои иллатҳои молихулиё ва васвоси савдовӣ дору мешавад. Онро хойида, обашро фурӯ баранд, барои иллати лиқва, яъне кач шудани рӯй, инчунин онро дар даҳан аз тарафи качии рӯй нигоҳ доранду обашро фурӯ ба- ранд, ҳамин хосиятро дорад ва ин амал барои каши- дани рутубати меъда, мустаҳкам кардани узвҳои да- руни шикам ва даруни сина, дарди сипурз, бавосир ва махав нафъ

дорад. Агар ҳалилаи сиёҳро дар зарфе бо оташ битафсо- нанд то бӯяш барояд, инро ҳалилаи бӯдода меноманд ва баъд кӯфта бихӯранд, исҳолро мебандад ва дар да- ҳан нигоҳ дошта, обашро фурӯ баранд, мӯйро сиёҳ ва қавӣ мегардонад, низ милки дандонро қувват мебах- шад. Мегӯянд, ки хӯрдани ин ба ҷигар зарар дорад. Дар ин ҳолат асал бихӯранд, зиёнаш бартараф мегардад. Миқдори як бор хӯрдан аз он дар як рӯз то 9 грамм аст ва агар инро дар об ҷӯшонида, он обро нӯ- шиданӣ бошанд, то 32 грамм дар об андозанд. Ба ҷойи ин низ ҳалилаи кобулиро метавон истифода кард. IV. Ҳалилаи чиниро, ки ҳамчун даво бисёр заиф аст, баёни хислаташро лозим надонистем. 250. Бодинҷон Инро тоҷикон боқилаҷон низ меноманд, ки аз «бак- лажан»-и русӣ гирифтаанд. Мурод аз ин дар тиб са- мари расидаи кабуди бунафштоб ва барроқ (ялаққо- сӣ)-гаштаи он аст. Инро барои хӯрдан пухтанӣ бошанд, ба дарозиаш чор тақсим намуда, сӯзан зананд. Ба даруну берунаш намак бимоланд ё монанди пиёз варақ карда, баъд на- максуд намоянд. Онро дар оби хунук ду-се соат тар кунанд, об сиёҳ гардад, обро нав намоянд. Ҳамин тавр обро батакрор нав намоянд, то он ки об дигар сиёҳ нагардад ва тезии он кам шавад Баъд покиза шуста, бо гӯшти мурғ ё чорпои ҷавон бипазанд ё дар 560 равған бирён кунанду муддате дам карда монанд, то хуб бипазад. Сонӣ бо сирко ё оби анор ва ғайра бихӯ- ранд. Агар бо ин хӯришҳо истеъмол фармоянд, дар узвҳои бадан гиреҳҳо пайдо намекунад. Инчунин мум- кин аст дар танӯр ё дар қӯри оташ бипазанд. Баъд онро аз пӯст ҷудо карда, намак ва пиёзи реза дохил намуда, каме занҷабил пошида ва камтар чуғрот ан- дохта бихӯранд. Ё дар об ҷӯш дода, оби онро партоф- та, баъд пухта, бо хӯришҳои мазкур бихӯранд. Мизоҷи бодинҷон дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, меъдаро қувват мебахшад; гиреҳҳоеро, ки ба ғайр аз худаш пайдокарда ба амал омада бошанд, мекушо- яд, зеро ки худаш ҳам пайдокунандаи гиреҳ дар ҷи- гар ва сипурз аст, сахтиҳои узвҳои дохилиро мулоим мекунад. Агар инро бо равған бихӯранд дарунро му- лоим месозад ва агар бо сирко бихӯранд, дарунро ме- бандад, пешобро меронад, инчунин дардҳоеро, ки са- бабашон зиёд гаштани гармӣ бошад, таскин медиҳад, арақи баданро хушбӯй мегардонад, дар арақ хун ома- данро қатъ мекунад, бадбӯйии каши рон ва зери бағал- ро дафъ менамояд ва рутубатҳои бегонаро аз бадан хориҷ месозад. Вале агар инро бисёр бихӯранд, дардҳои паҳлу ва зери ноф, инчунин иллати бавосирро ба амал меова- рад, хилти савдоро ҳосил мегардонад. Агар бардавом бихӯранд, ранги рухсорро безеб менамояд, ҷӯшиши пӯст ва шукуфаи пӯстро ба зуҳур меоварад; ба иллат- ҳои бавосир, қулинҷ ва дарди чашми савдовӣ гириф- тор мекунад. Дар ин маврид онро бо гӯштҳо ва равған пухта хӯранд, безарар мегардад. Агар инро ба таври гуфтаҳои боло пухта, дар

хӯр- данаш мудовамат намоянд, меъдаро қувват меди- ҳад ва иллати таомхӯрда қай карданро ислоҳ меку- над. Чун аз тухми пухтагии он 25 грамм обашро гириф- та, дар шароб хуб бимоланду бинӯшанд, пешобро ра- вон мекунад. Чун ҳангоми бодинҷонро дар об тар кардан об тез ва сиёҳ мегардад, бо ин об чанд мартаба дасту поҳои арақинро бишӯянд, қатъи арақ кардани онҳо менамо- яд. Чун бодинҷонро сӯхта, хокистарашро бо сирко ха- 561 мир карда, ба озахҳо бимоланд, онҳоро хушк карда мерезонад. Чун дунболаи онро дар соя хушк намуда, маҳин ос карда, баъд аз мавзеъро бо равғани бодоми талх чарб кардан ба бавосир ва дигар варамҳо бипошанд, фоида дорад. Чун бодинҷонҳои кӯчакро дар андак обе ва каме намак андохта бипазанду фишурда оби онро бигиранд ва бо ҳамвазни он равғани зайтун бо оташи мулоим биҷӯшонанд, то об бухор шаваду равған бимонад. Ин равғанро рӯзона бар озахҳо бимоланд ва шаб суфли онро, ки баъд аз фишурда обашро гирифтан мондааст, ба озах гузошта банданд, онро хушк карда меафто- над. Агар ба ҷойи равғани зайтун равғани зағирро дар ин амал ба кор баранд, барои тарқидан ва варамҳои асаб, инчунин ба сармозадагӣ муфид мебошад. Чун бодинҷони зардшударо бо тухмаш то муҳарро шудан бипазанд ва баъд тухми онро маҳин ос карда, бо мумравған даромехта, ба тарқишҳои миёни ангуш- тон ва пошнаи по бимоланд, дарҳол сиҳат мегардонад. Чун даруни бодинҷони зардшударо холӣ карда, ко- вокии онро аз равғани каду пур намуда, дар зери ота- ши танӯри нимгарм муддати як рӯз бигузоранд, баъд равғанро бароварда, нимгарм дар гӯш чаконанд, дар- ди ин узвро дафъ мекунад. Агар ба ин равған коса- барги гулашро кӯфта изофа намоянд, барои бавосир давои бемисл хоҳад гашт. 251. Боқило Инро дар мавзеъҳои кӯҳистони Республикаи Тоҷи- кистон зироат мекунанд. Донааш ба андозаи донаи нахӯд ва ба он андаке шабоҳат дорад. Дар як ғилоф аз чор то ҳафт адад дон мегирад. Ин аз тухмиҳои ду- табақа (духиссагӣ) аст. Рангаш гоҳ пуштии ба зардӣ моил ва гоҳ сиёҳ мешавад. Мизоҷи наврасидаи он дар дараҷаи якум сард ва тар аст ва мизоҷи хушки он дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар аз орди боқило нон пухта, пагоҳӣ сер шуда бихӯранд, то дер хӯрок намехоҳанд. Инро бихӯранд, узвҳои даруни сина ва шушро аз моддаҳои зарарнок пок месозад ва инчу- 562 нин ин узвҳоро қувват мебахшад, аз майна рехтани моддаҳои рақиқро манъ мекунад, сурфаро таскин ме- диҳад, боҳро қавӣ мегардонад, захми рӯдаҳоро сиҳат мебахшад, исҳолро мебандад ва қайро манъ мекунад. Агар боқилоро бо об ва сирко пухта, бо пӯсташ бихӯ- ранд, исҳолеро, ки сабабаш захми рӯдаҳо бошад ва агарчи кӯҳна шуда бошад, қатъ менамояд. Орди онро бо равғани бодом ва қанди сафед даромехта бихӯранд, барои сурфа, дағалии узвҳои даруни синаву ҳалқум фоида дорад. Инро дар об ҷӯшонида, он обро

бинӯшанд, барои дағалии ҳалқ ва пок кардани бадан аз рутубатҳо дар- мон мешавад ва намегузорад, ки дар гурда ва хичак санг пайдо гардад, инчунин гиреҳҳои баданро меку- шояд. Орди онро бо орди ҷав бо каме об хамир карда, ба пистони зарбхӯрда ва варамида, ки сабаби варам шах шудани шир дар он бошад, шифо мебахшад. Агар инро бо сирко, наъно, ҳулба ва асал хамир карда гузошта банданд, пучак, варами буни гӯш ва зери чашмро таҳлил медиҳад. Орди инро бо мустако, кӯфтаи гулисурх ва сафедаи тухми мурғ хамир сохта, гузошта банданд, саққои чашмро, ки аз косахонааш баромада бошад, ба ҷояш мебарад. Бо гули гулихай- рӣ хамир карда гузошта банданд, варами хоя ва ва- рамҳои гармро таҳлил медиҳад. Агар инро бо шароб пухта гузошта банданд, варамҳои рагҳои буни ронро ба ибро меоварад; ба доғҳои кунҷидак гузошта бан- данд, онҳоро аз пӯсти рӯ пок месозад, ба ханозер гу- зошта банданд, низ онро таҳлил медиҳад Чун донаи боқилои навро ду ҳисса карда, тарафи даруни онро ба захме, ки аз ҷойи зулукгузошта хун ра- вон бошад, бигузоранд, хуни онро манъ мекунад ва инчунин ба дигар ҷароҳатҳо низ бигузоранд, монеи рафтани хуни онҳо мешавад. Агар инро ба ҷое, ки саги девона газида бошад, бибанданд, захри онро ме- кашад. Боқилоро маҳин ос карда, дар чашм бипошанд, рехтани моддаҳои зарарнокро ба чашм манъ мекунад. Пӯсти онро ба доғи сафеди пӯсти бадан гузошта банданд, онро аз пӯст дур месозад. Барг ва пӯчоқи ғилофи онро кӯфта гузошта бан- данд, доғи сафеди пӯсти бадан ва сӯхтагии оташро шифо мебахшад. 563 Гулашро кӯфта, ба сар гузошта банданд, ҳарора- ти баланди мағзи сарро паст мекунад. Чун донаҳои боқилоро кӯфта, ба ҳар узве, ки хо- ҳанд, гузошта банданд, мӯй намерӯяд ва агар ба мав- зеи мӯяш тарошидашуда бибанданд, мӯйро аз баро- мадан манъ месозад. Хӯрдани боқило шикамро дам мекунад, париши пӯсти баданро ба амал меоварад, ба майна гаронӣ ме- бахшад, зеҳнро ҳам кунд мекунад. Барои ин тавр за- рар накарданаш онро кӯфта, аз пӯст ҷудо сохта, дар об ҷӯшонида ва он обро партофта ва баъд бо равғани бодом ва давоҳои гарммизоҷи монанди: кокутӣ, мурч, дорчинӣ, қаранфули гардан ва пудина хӯрдан аст. Ин- чунин хӯрдани боқило хобҳои мушавваш мебинонад ва дар бадан хориш пайдо мекунад. Дар боқилои кӯҳна боднокӣ назар ба наваш кам- тар аст. Инчунин муқашшари он, яъне аз пӯст ҷудо- кардаи он камбодтар мебошад. Хокистари гиёҳи боқилоро бипошанд, доғеро, ки аз қӯтури сиёҳ боқӣ монда бошад, пок мекунад. 252. Сунбул Ин растаниест баргаш ба барги кашниз монанд, поя надорад. Тухмаш дар гирдогирди баргҳои боли- ғаш ҷой гирифтааст, ки аз спораҳо иборат мебошад. Ин дар ҷоҳои намнок, дар санг ва шӯхсангҳои тар ме- рӯяд. Банди баргаш ришта барин борик ва сиёҳи бар- роқ мебошад. Қувваташ то шаш моҳ боқӣ мемонад. Мизоҷаш мӯътадил ва андак моил ба

гармӣ ва хуш- кист. Хислатҳои шифобахши он: инро дар об ҷӯш дода, он обро бинӯшанд, ахлоти сафро, савдо ва балғамро аз меъда ва рӯдаҳо ронда, бо исҳол дафъ мекунад, инчунин ба иллатҳои узвҳои даруни сина ва шуш, дамкӯтаҳӣ, зиқ-ун-нафас ва зардпарвин даво мешавад; ҳайз ва пешобро ҷорӣ мекунад, сангҳои гурда ва хи- чакро майда карда мерезонад; зиёни саги девона га- зидаро дафъ мекунад. Оберо, ки сунбул дар он ҷӯшонида шуда бошад, дар бинӣ кашанд, зукомро дафъ мекунад. Ин обро дар бинӣ ва бар сар бирезанд, бастагии сӯрохи биниро мекушояд ва зукомро ба ибро меоварад. 584 Сунбулро кӯфта гузошта банданд, дарди сареро, ки аз бисёр ҷамъ шудани моддаҳои сардмизоҷ ба амал омада бошад, шифо мебахшад. Вале пухтаи он- ро бо равған хамир карда гузошта банданд, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад; ханозер (хукгардан), носурҳо ва дубайлаҳои (кӯряра- ҳои) гуногунро дору мешавад. Ин гиёҳро дар даҳан хойида, оби онро ба ғараб (ра- ги обрав) ва носури чашм бичаконанд ё хойидаи онро бар он ҷо гузошта банданд, шифо мебахшад. Онро пухта гузошта банданд, варам ва сахтиҳои хояҳоро таҳлил медиҳад, мулоим мекунад. Сунбули тарро кӯфта гузошта банданд, захмҳои хабисаро (злокачественные язвы) шифо мебахшад; заҳри газидаи саги девонаро барҳам медиҳад; ба ҷо- ҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш гузошта бан- данд, хусусан ки тарашро ба ҷоҳои мӯйрехта сахт би- моланд, мӯй мерӯёнад. Сунбулро кӯфта, бо мағзи соқи гов даромехта би- моланд, барои дарди сар беҳад фоида мебахшад. Оберо, ки дар он сунбул ҷӯшонида шуда бошад, бо хокистари гиёҳи он даромехта, бо шароб ва асал якҷо карда, сар ва мӯйро бо ин таркиб бишӯянд, барои захмҳои сар дармон мегардад. Гиёҳи инро сӯхта, ба сар гузошта банданд, рехтани мӯйро манъ мекунад ва агар рехта бошад, аз нав ме- рӯёнад, сар сабӯсак дошта бошад, дафъ мекунад. Агар сӯхтаи инро бипошанд, захмҳои хабисаро хушк ва сиҳат месозад, инчунин захмҳои хӯрандаро ба ибро меоварад. Лекин хӯрдани сунбул ба сипурз зарар дорад. Дар ин ҳолат гули бунафшаро истеъмол намоянд, зиёнаш ислоҳ меёбад. Миқдори як бор хӯрдан аз сунбул дар як рӯз то 25 грамм аст. Ва агар оберо, ки ин гиёҳ ҷӯшонида шуда- аст, нӯшиданӣ бошанд, аз он дар об то 70 грамм ан- дозанд. Агар ёфтани сунбул душвор гардад, ба ҷойи ин ба- рои бемориҳои шуш баробари вазни он гули бунафша- ро ва нисф вазни он решаи бепӯсти ширинбияро ис- теъмол фармоянд, равост. Яке аз хислатҳои сунбул чунин аст, ки агар дар бадан тир даромада бошад, гиёҳи тари инро кӯфта, аз ҷониби баройиши тир гузошта банданд, тирро кашида 585 берун меоварад. Боз як хислати наҷибе дорад, ки ин- ро кӯфта, ба нохунаки чашм бичаспонанд, онро сиҳат мебахшад. 253. Бӯймодарони маҳинбарг Ин гиёҳест аз ҷинси бӯймодарони дуруштбарг. Фарқ миёни ин ва бӯймодарони

дуруштбарг дар он аст, ки баргҳои ин монанди сӯзан маҳин ва борик-борики гӯё аз ду паҳлу шоҳбаргаш чун риштаҳои кӯ- тоҳ-кӯтоҳ қатор чида шуда бошад ва маҷмӯаш пари мурғи паҳнро ба хотир мерасонад, ки дар рӯйи замин аз атрофи пояи гулаш паҳн гаштаанд. Гулаш чатрии зич, тиллоранг ва монанди гули навъи дуруштбарги он аст. Боз фарқ дар он, ки ин як поя дорад ва дар сари он поя як адад гул. Инро ба руси тысячелистник меноманд. Навъи дуруштбаргаш аз як бех чанд поя- шохҳо бароварда, дар ҳар шох монанди баргҳои сабзӣ ва дурушттар аз он баргҳо дорад ва дар сари он шох- ҳо яктогӣ гул мекунад. Ҳар ду навъро ҳам бӯяш тез ва таъмаш талх аст. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст, ба қавли баъзеҳо дар дараҷаи якум гарм ва дар саввум хушк низ гуфтаанд. Хислатҳои шифобахши он: агар инро дар об ҷӯшо- нида, он обро кам-кам ва бардавом бирезанд, дарди сареро, ки аз сардӣ бошад, шифо мебахшад. Инро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, дарди узв- ҳои даруни синаро таскин медиҳад, зиқ-ул-нафасро ши- фо мебахшад, ҳамаи навъҳои кирми меъда ва рӯдаҳоро кушта хориҷ мекунад, пешобро равон месозад, душ- вории шошиданро осон мекунад, сангҳои гурда ва ҳичакро майда карда мерезонад, мушакҳои нотавонгаш- таи баданро ислоҳ мекунад; бодҳои пайвандҳо, иркун- насо (радикулит)-и кӯҳна, зарари давоҳои кушанда ва ларзи табҳоро дафъ мекунад, барои таб хусусан бо равған биёшоманд, таъсираш қавитар мегардад. Агар инро бо шароб бинӯшанд, зарари ҳамаи заҳрҳоро, ин- чунин газидани каждум ва ғундаро дафъ мекунад. Ва агар барои газидани ҷонвароні заҳрнок гузошта бан- данд ҳам, кифоя мебошад. Гули инро бо равғани зайтун пухта гузошта бан- данд, майна ва меъдаро гарм мегардонад ва рутубати зарарноки ин ҳар ду узвро дафъ мекунад. 586 Агар инро маҳин кӯфта, занҳои ҳомила аз таг бар- доранд, бачаи онҳоро аз шикам меафтонад. Ва инро кӯфта гузошта банданд, варамҳои гуно- гунро таҳлил медиҳад, ҷароҳати навро ба ҳам оварда сиҳат мебахшад. Агар ҳар як қисми ин гиёҳро бо биҳӣ пухта, батак- рор гузошта банданд, варамҳои душвор таҳлилшаван- даро мегардонад. Агар хушки инро кӯфта бипошанд, ё сӯхтаи онро гузошта банданд, рафтани хунро аз ҳамаи ҷоҳои ба- дан, ки бошад, манъ мекунад ва ба ҷоҳои гирдак-гир- дак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад; агар инро бо равғани турб даромехта гузошта банданд, барома- дани ришро метезонад. Онро дар ҳар ҷое паҳн кунанд ё сӯхта дуд гардо- нанд, ҷонвароні зарарнок аз он ҷо мегурезанд. Вале истеъмоли ин ба дарун ба шуш зарар дорад— давои ин зиёнаш катиро хӯрдан аст; ба меъда ҳам за- рар мекунад — дар ин ҳолат асал бихӯранд, кифоят аст, ки ислоҳи зарар намояд. Миқдори як бор хӯрдан аз ин дар як рӯз то 7 грамм аст. Ба ҷойи ин талхшувоқ ва бобунаро истеъмол намо- янд, раво мебошад. Аз бӯймодарони маҳинбарг равған ҳам тайёр меку- нанд ба ин

тариқ. Барг ё гули онро ва ё ҳар дуро як миқдор гирифта, дар шаш баробар оби ширин як ша- бонарӯз тар мекунанд. Баъд онро то сеяки об мондан меҷӯшонанд. Охирон онро молида, аз матои бофташ зич гузаронида, соф карда, аз болои он об баробари миқдори об равғани кунҷиди тоза ё равғани зайтун мерезанду дар зарфе бо оташи мулоим меҷӯшонанд, то об батамом бухор шаваду равған бимонад. Вале эҳ- тиёт кунанд, ки равған доғ нагардад. Аломати тамо- ман бухор шудани об он аст, ки равған аз ҷӯш мемо- над. Аз ин равған 4,5 грамм бихӯранд, аксари бемори- ҳои асабониро шифо мебахшад, ҳайзи бандгаштаро равон мекунад, бачадонро гарм мегардонад, даҳани бачадон баста бошад,— мекушояд, сахтиҳои гуногунро мулоим месозад ва ларзи табҳоро дафъ мекунад. 587 254. Бӯймодарони дуруштбарг Барги ин гиёҳ монанди барги сабзӣ, вале аз он ду- рушттар аст. Гулаш зард, монанди бӯймодарони ма- ҳинбарг аст. Ин аз як бех бисёр шох, яъне пояҳо бар- меоварад ва дар сари ҳар поя яктоӣ гул мекунад. Адади гулҳо дар як бех то 10—12 мерасад. Бӯйи гулаш тез аст. Қадаш то як метр мехезад. Дар кӯҳсор ва саҳроҳои намнок мерӯяд. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: 7 грамм гули зарди ин гиёҳро кӯфта, бо асал бихӯранд, ҳамаи навъҳои кир- ми меъда ва рӯдаҳоро, ҳатто кирми кадудонаро ҳам мерезонад. 9 грамм гули онро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯ- шанд, инчунин дар обе, ки ин гиёҳ ҷӯшонида шуда бо- шад, то ноф даромада нишинанд, ҳайзи бандшударо мекушояд, зойиданро осон мекунад, даҳани бастаи ба- чадонро мекушояд ва варами ин узвро таҳлил меди- ҳад, санги хичакро майда карда мерезонад, бачаро аз шиками занони ҳомила меафтонад, вале агар ҳам- роҳаки (ёраки) тифл набаромада бошад, хориҷ меку- над, инчунин захмҳои бачадонро нафъ мебахшад. 7 грамм гули онро як шабонарӯз дар об тар кар- да, он обро бинӯшанд, ҳамаи навъҳои табро дафъ ме- созад. 9 грамми онро дар об ҷӯшонида, он обро бо мудо- вамат биёшоманд, хусусан бемориҳои бачадонро зуд- тар сиҳат мебахшад. Дар рӯзҳои нӯшидани ин бояд ҳамон рӯзҳо ғизои беравған истеъмол намоянд — ин шарт аст. Ин гиёҳро кӯфта гузошта банданд, ҳамаи навъҳои дарди сарро таскин медиҳад, гиреҳи даруни майна- ро мекушояд ва ин узвро қавӣ мегардонад; варами пардаҳо ва худи майнаро, ки сабабаш ҷамъ шудани балғам дар ин узв бошад, таҳлил медиҳад ва хоби сахт ва дуру дарозро ба ислоҳ меоварад. Агар кӯфтаи инро бар сина гузошта банданд, дарди узвҳои даруни синаро дафъ мекунад; ба зери шикам гузошта бан- данд, пешоб ва ҳайзи бандшударо мекушояд, инчу- нин варамҳои узвҳои дар ин мавзеи шикам бударо, яъне варамҳои хичак ва бачадонро таҳлил ва дардҳо- яшро низ таскин медиҳад. Агар ин гиёҳро дар об ҷӯшонида, он обро кам-кам 588 ва бардавом бирезанд ё ин гиёҳро гарм карда, чун гармбандӣ ба ин узвҳо

бигузоранд, бемориҳои дар бо- ло зикрёфтаро ба ибро меоварад, гирифтагии сӯрох- ҳои биниро мекушояд, зукомро сиҳат мекунад, чарх задани сар ва сиёҳ задани чашмро ба ибро меоварад. Оберо, ки дар он гули ин гиёҳ ҷӯшонида шуда бо- шад, ба даруни бинӣ бикашанд, зукомро дур месозад ва бемориҳои майнаро сиҳат мебахшад. Ҳар як қисми ин гиёҳро сӯхта, ос карда, бипо- шанд, захмҳоро хушк мекунад. Решаашро кӯфта, ба зери шикам гузошта банданд, пешоб ва ҳайзи бандшударо равон мекунад. Аммо шарташ чунин аст, ки дар вақти пурра будани бадан аз ахлот ва ҳамчунин ягон модда аз ҷойи дигари бадан ба он узв рехта банд шуда бошад, ин амалро набояд бачо ованд. Аломати пурра будани бадан аз ахлот касолат ва танбалии ҳол аст ва аломати рехта шуда- ни модда ба ягон узв торафт ва рӯз ба рӯз бадтар гаштани ҳоли он кас аст. Ошомидани ин ба гурда зарар дорад — дар ин мав- рид арпабодиён истеъмол фармоянд, зиёнаш ислоҳ ме- гардад. Ва агар ба дигар узвҳо зарар расонад, талх- шувоқ истеъмол бинамоянд. Миқдори як бор хӯрдан аз гули он дар як рӯз то 15 грамм аст. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-247-254#247

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 255-263 255. Бӯстонафрӯз 256. Пиёз 257. Харбуза 258. Тарбуз 259. Чилмангӯштак 260. Матинҷ 261. Балут 262. Кирмрезонак 263. Бунафша 255. Бӯстонафрӯз Инро тоҷикон гули тоҷи хурӯс низ мегӯянд. Ин гу- ли маълум аст бо намудҳои гуногун. Мизоҷи ҳамаи навъҳои он хунук ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: оби гиёҳи тари инро ги- рифта, 35 грамм аз он бинӯшанд ё онро дар об ҷӯшо- нида, он обро бардавом бо сиканҷабин (сиркоасал) бинӯшанд, ҳарорати баланди меъда ва ҷигарро паст мегардонад, инчунин гиреҳи сипурзро мекушояд. Гиёҳаш ҳангоми истеъмол ба дарун дерҳазм ва душвор ҳазм мегардад. Миқдори як бор нӯшидан аз оби таргиёҳи он то 35 грамм аст. Агар тухмашро бихӯранд, исҳолро мебандад. Агар инро кӯфта, дар 300 грамм шир тар карда, шаб дар моҳтоб бигузоранду субҳ онро бинӯшанд ва чанд рӯз 589 ҳамин тавр мудовамат намоянд, барои сӯзиши пешоб (сӯзок) ва омадани хун дар пешоб давои аҷибест. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми он дар як рӯз то 9 грамм аст. 256. Пиёз Ин навъҳои саҳроӣ ва бӯстонӣ дорад. Саҳроияш дар чашмасорҳо, кӯҳҳо бисёр месабзад, таъми барг ва бӯйи он монанди пиёзи зироатӣ аст. Вале қуввати ин назар ба бӯстонӣ зиёдтар мебошад. Пиёзи зироатӣ, яъне навъи бӯстонии ин сафед, сурх ва зард мешавад. Беҳтарини ҳамаи ин сафед, калон ва обдори он аст. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, гиреҳҳо- ро мекушояд, иштиҳоро ба таом зиёд месозад ва боҳ- ро қавӣ мегардонад. Хусусан агар инро бо гӯшти рав- ғандор пухта бихӯранд, зарари ҳавои вабоӣ ва тоунро (чумаро)

дафъ мекунад. Хӯрдани хоми он бо нон ҳан- гоми сафар кардан аз як маҳал ба маҳалли дигар ва ё минтақаҳои дигар фоида дорад, инчунин зарари об- ҳои мухталифро ба ислоҳ меоварад. Агар хоми онро бо нон бихӯранд, ҳайз ва пешобро равон мекунад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Инро дар об муҳарро пухта бихӯранд, дарунро му- лоим мегардонад ва оруғи туршро басанда месозад, ё ки инро бо чарбӣ ва дунба пухта бихӯранд, узвҳои да- руни сина ва шушро аз ахлоти часпак пок мекунад. Ва агар инро бо сирко пухта бихӯранд ё дар сирко як шабонарӯз таркардаи онро биёшоманд, барои зард- парвин ва иллатҳои сипурз даво мешавад, иштиҳоро ба таом бармеангезад; узвҳои ҳозимаро ки иборат аз меъда, ҷигар, рӯдаҳо ва сипурз мебошанд, қувват ме- бахшад; беҳузур (бечо) шудани дилро, ки сабабаш зиёд гаштани сафро ва балғам дар меъда бошад, манъ менамояд. Агар танҳо худашро бихӯранд, зара- ри ҳавоҳои мурдорро нест ва газанди заҳрро дафъ мекунад. Се рӯз пайи ҳам 200-граммӣ оби пиёзро бинӯшанд, зарари саги девона газидаро дафъ менамояд. Оби пиёзро баъди пок кардани бадан бо воситаи танқия аз моддаҳои бегона, дар чашм чаконанд, обра- вӣ, хориш ва қӯтури чашмро шифо мебахшад ва ба даруни гавҳараки чашм фуромадани зардобро дар 590 давраи ибтидо бошад, дафъ мекунад; агар инро бо асал даромехта дар чашм чаконанд, гули дар он аф- тода ва реши чашмро дафъ месозад, чашми заифро қувват мебахшад ва инчунин дар натиҷаи зиёд гаш- тани рутубат ва моддаҳои ғализ хира гаштани чашм- ро ба ибро меоварад. Оби пиёзро дар бинӣ бирезанд, майнаро аз модда- ҳои бегона пок мекунад. Агар инро бибӯянд, зарари ҳавои вабоиро дафъ месозад, вайронии ҳаворо ислоҳ менамояд, гирехи мағзи сарро мекушояд ва бухорҳои дар мағзи сар ҷамъшударо таҳлил медиҳад. Агар оби инро нимгарм дар гӯш чаконанд, гаронии гӯшро ислоҳ мекунад, даруни ин узвро аз чирк пок мегардонад ва бодҳои даруни гӯшро, ки ҷарангҳои гуногунро дар гӯш ба амал меоваранд, пароканда менамояд. Агар оби инро ба ком бимоланд ё бо он ғарғара кунанд, дарди гулӯро, ки сабабаш ҷамъ шудани балғам дар рагҳои ҳалқ бошад, фоида дорад. Оби пиёзро аз 45 то 90 грамм дар ҳолати дард кардан бинӯшанд, заҳри газидаи каждумро дафъ ме- кунад ё кӯфта ба ҷойи газидааш гузошта банданд низ, ҳатман нафъ дорад. Агар худи пиёзро кӯфта гузошта банданд, хунро кашида ба беруни пӯст бармеоварад, ранги рухсорро неку мегардонад. Агар кӯфтаи пиёзро бо асал, борут ва намак даромехта, ба доғи пес, озах- ҳо, доғи кунҷидак, решҳои рутубаташон асалмонанд гузошта банданд, ҳамаи инро аз пӯсти бадан дафъ ме- кунад; агар бо мӯйи кӯфтаи одамӣ даромехта гузошта банданд, захми саги девона газидаро шифо мебах- шад. Инро бо анҷир якҷо кӯфта гузошта банданд, ба- рои газидани каждум ва занбӯр даво мешавад. Пиёзро пухта батанҳоӣ ва ё бо давоҳои пазонандаи решҳо, масалан, барги

гулихайрӣ ва ғайра даромехта гузошта банданд, варамҳои сардро мепазонад; бо зар- даи тухми мурғ ё равғани тоза (нав) ё бо чарбӣ си- ришта гузошта банданд, дарди мақъад, хориш ва ва- рами онро дафъ мекунад; бо равғани кӯҳони шутур хамир карда гузошта банданд, ҷингак шудани узвҳо ва кафидани даҳани мақъадро даво мешавад, бавосир ва исҳолро фоида дорад ва агар бо равғани зайтун хамир карда гузошта банданд, нохуни кафро ислоҳ ме- кунад, яъне нохуни солим мерӯёнад. Пиёзро аз пӯст пок карда, дар равғани зайтун ғӯ- тонида, баъд онро дар мақъад бардоранд, хуни банд- 591 шудаи бавосирро ҷорӣ мекунад. Пиёзи пухтагиро бо мумравған, ки бо равғани мурғ тайёр карда бошад, хамир карда гузошта банданд, решҳои аз кафшу мӯза баамаломадаи пойро шифо мебахшад. Пӯсти пиёзро сӯхта, бо мӯйи сӯхтагӣ даромехта, ба решҳои хӯранда бипошанд ё бимоланд, шифо мебах- шад. Хӯрдани пиёз баъзан ба одамони гарммизоҷ зарар дорад, инчунин агар хомашро бисёр бихӯранд, фа- ромӯшхотир, лисарғус (летаргия) ва бодҳои ғализро пайдо мекунад, дар бофти меъда моддаҳои ғализро пайдо менамояд, дар одамони гарммизоҷ ташнагӣ ме- оварад, дарди сар медиҳад. Ва одамони гарммизоҷ пи- ёзи хомро варақ-варақ карда, дар об шуста, бо намак ва сирко бихӯранд, зиёнаш ислоҳ мегардад Чун гӯшт, сабзавот ва донинаи бадбӯйи заҳролуд- гаштаро бо пиёз бипазанд ё бо пиёзи резакарда дар равған бирён намоянд, зарари онҳоро дафъ менамояд ва лазиз мегардад. Мизоҷи тухми пиёз дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Инро бихӯранд, қуввати боҳро бармеангезад ва агар инро кӯфта гузошта банданд, ба ҷоҳои гирдак- гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад, доғи са- феди пӯстро дафъ мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми пиёз дар як рӯз 4,5 грамм аст. Тухми пиёзро дар рӯйи ахгар пошида, ба дудаш би- доранду сарро бо кампал ё бо кӯрпа печонанд, кирми дандонро мерезонад. 257. Харбуза Ин самари маълум аст ва навъҳои бешумор дорад. Харбуза ҳарчанд ширинтар ва гуворотар бошад, хуб- тар аст ва ҳарчанд шахшӯлтар ва бемазатар бошад, барои табобат бад аст. Мизоҷи харбузаи миёнаҳол дар гармӣ ва сардӣ мӯътадил аст, вале тариаш дар дараҷаи дуввум мебо- шад. Ширини он дар охири дараҷаи дуввум гарм. Вале мизоҷи ҳандалак дар гарміву тарӣ мӯътадил аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани харбуза дарун- ро пок мегардонад, зуд таъсиркунанда аст, майнаро 591 аз рутубат таъмин мекунад, баданро фарбеҳ мегар- донад, гиреҳҳои узвҳоро мекушояд; барои иллатҳои истисқо (водянка) ва зардпарвин фоида дорад, хусу- сан дар гармаки он ин хислат зиёдтар аст; инчунин шири занҳо, пешоб ва арақро равон мекунад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Ҳангоми хӯрдани ин дар бадан кадом хилт, ки бисёр бошад, ин ҳам ба ҳамон модда ҳамроҳ мегардад ва табдил меёбад. Ва агар дар одамоне, ки фишори хунашон ба- ланд ва моддаи сафро дар

бадани онҳо зиёд бошад, дарди чашм пайдо мекунад, инчунин дар касони гарм- мизоҷ низ чунин аст. Агар инро бисёр ва бардавом бихӯранд, ҳар чӣ аз ахлоти мавҷуда дар меъда бар он бирасад, шуста мебарад, ҳоли бади гурдаро ислоҳ мекунад, захмҳои ботиниро шифо мебахшад, шикамро мулоим менамояд ва баъзан дарди сар ҳам медиҳад. Агар одамоне, ки ба хӯрдани ин одат накарда бошанд, аз болои таом дарҳол харбуза хӯранд, зуд дарунро меронад; агар инро ба дили наҳор бихӯранд, ба таб- ҳои гарм гирифтор мекунад. Агар бо ғизоҳои вазнин, масалан, бо панир бихӯранд, дар узвҳои бадан гирех- ҳо пайдо мекунад. Беҳтарин вақти тановули он мобай- ни ду таом аст, ки таоми аввал хӯрдашуда ҳазм ёф- та, аз меъда фуромада бошад. Ва агар ин зарар ку- над, сирко бинӯшанд, зиёнашро барҳам медиҳад. Тухмашро кӯфта гузошта банданд, варам ва дарди чашмро сокин мегардонад, инчунин варамҳои сахтро таҳлил медиҳад. Агар инро бо танакор даромехта гу- зошта банданд, доғи кунҷидак ва доғҳои дигари пӯст- ро дафъ мекунад. Пӯсташро кӯфта гузошта банданд, барои дафъи назлаҳо ва варами мағзи сар ва пардаҳои он, хусу- сан дар кӯдакон бошад, шифо мебахшад. 7 грамм пӯсти хушки харбузаро кӯфта бихӯранд, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Агар пӯсти харбузаро дар дег бияндозанд, боиси зуд пухтани гӯшт мегардад. Решаашро аз 4,5 то 9 грамм кӯфта бихӯранд, сахт қай меоварад. Агар кӯфтаи онро бо асал хамир карда гузошта банданд, решҳоеро, ки рутубаташон ба асал мемонад, шифо мебахшад. Мизоҷи тухми харбуза дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум тар аст. Агар инро бихӯранд, гирехҳои ҷигарро мекушояд, 592 пешобро меронад, гурда, хичак ва рӯдаҳоро аз моддаҳои бегона пок мегардонад, дарунро мулоим мекунад, боҳро бармеангезад, моддаҳои беҳаракатмондаро ба ҷунбиш меоварад, сурфаи гармро даво мешавад, дар- ди узвҳои даруни синаро таскин медиҳад, дағалии ҳалқ ва забонро ислоҳ мекунад, табҳои гарм ва му- раккабро басанда месозад, ташнагиро мешиканад, сӯ- зиши пешобро (сӯзокро) сиҳат мебахшад; шахшӯлӣ ва захми сӯрохи закарро, ки аз харошидани сангмай- даҳои фуроянда ба ҳам расида бошад, сиҳат мебах- шад. Барои расонидани қуввати давоҳо ба ҷигар ва ба роҳҳои пешоб бағоят таъсирбахш аст. Тухми харбузаро бо пӯсташ кӯфта гузошта бан- данд, пӯсти баданро аз ҳар гуна доғҳо бағоят пок ме- кунад, доғи кунҷидакро бетаъхир дафъ мекунад. Мегӯянд, ки хӯрдани тухми харбуза ба сипурз за- рар дорад. Ин зарарро ошомидани асал ва бунафша ба силоҳ меоварад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми харбуза дар як рӯз аз 7 то 17,5 грамм аст. Пӯст ва тухми харбузаро якҷо кӯфта гузошта бан- данд, варами чашмеро, ки аз сармозадагӣ ва аз таъ- сири барф содир шуда бошад, сиҳат мекунад. Инчу- нин пешоб дар сӯрохи закар ях карда бошад, хусусан тухми онро ношуста бо ришташои тухмаш дар косаи пӯсташ

гузошта хушк карда бошанд, кӯфта гузошта банданд, хуб аст. 258. Тарбуз Ин самар аз ҷиҳати ҳаҷм, ранг ва навъ гуногун аст, инчунин намуди гӯшт, ҳаҷми тухм ва сохти беру- ни тухмаш низ ҳар хел аст, ки ба ҳама маълум мебо- шад. Беҳтарин тарбуз он аст, ки агар корд расад, бо садои хоси даридараванда, гӯшташ зудшикан ва раси- даи шодоби он аст. Мизоҷаш дар аввали дараҷаи дуввум сард ва дар охири он тар аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани тарбуз шидда- ти сафро ва фишори баланди хунро таскин медиҳад ва ташнагиро мешиканад, пешобро меронад, дар ба- дан хуни рақиқ (суюқ) пайдо мекунад ва балғами ширинро ба амал меоварад, барои бадан рутубат ме- бахшад; барои табҳои сӯзон ва сафровӣ, инчунин ба 594 шахсе, ки дар меъда ва ҷигари он сафро пайдо гар- дад ва он сафро дар кайфияти раддӣ ва миқдоран зиёд бошад, бадани соҳибаш хушк ва лоғар бувад, тарбузро бихӯрад, мизоҷи онро ислоҳ ва мӯътадил ме- гардонад. Агар инро бо сиканҷабин бихӯранд, барои зард- парвин ва дафъ кардани сафрои сӯхта, яъне сафрои мурдор даво мешавад; барои ҳазм кардани ғизо ма- дад мерасонад, пешобро меронад, санги гурдаро май- да карда мерезонад; ва агар бо шакар бихӯранд, ми- зоҷро башиддат хунук мегардонад, бо шир бихӯранд, бемориҳои савдовиро, ки иборат аз серфикрӣ, тарс, васвос, тарсончакӣ, девонагӣ ва ғайраро дармон ме- шавад; бо хурмои ҳиндӣ бихӯранд, моддаҳои сафрови- ро аз бадан дафъ менамояд, қӯтур ва хориши бадан- ро ба ибро меоварад. Беҳтарин вақтҳои тановули тарбуз мобайни ду та- ом аст, ки таоми аввал ҳазм шуда, аз меъда фурома- да бошад. Вале агар инро бар болои таом бихӯранд, ҳазми онро вайрон мекунад. Ва ба дили наҳор хӯр- дани ин хусусан ҳаво гарм ва ташнагӣ ғолиб бошад, зарар дорад. Тарбузро одамоне, ки дар мизоҷашон сафро бис- ёр бошад, бихӯранд, бинобар нозукӣ ва латофати тар- кибаш монанди оби каду бо хилти сафро табдил меё- бад. Хӯрдани тарбуз ба сипурз, ба касони сардмизоҷ ва ба меъдаи хунукмизоҷ зарар дорад. Ин зиёнашро бо хӯрдани асал ва гулқанд ислоҳ метавон кард. Агар одамони хунукмизоҷ бихӯранд, пушти камари онҳоро заиф мегардонад, дарди буғумҳо ва ғайраро пайдо ме- кунад. Мизоҷи тухмаш дар дараҷаи дуввум сард ва тар аст, дар ҳама феълҳо монанди хусусиятҳои тухми ка- ду мебошад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми тарбуз дар як рӯз то 17,5 грамм аст ва барои резонидани санги гур- да ва хичак, инчунин зуд гузаронидани ғизо аз меъда давои хубест. Пӯсти тарбузро бо шакар ё бо асал мураббо кар- данӣ бошанд, бояд пӯсти тунуки берунашро гирифта партоянд. Мураббои ин барои дард ва варами парда- ҳои деворҳои даруни сина, васвос, ки аз ҳар сабаб бо- шад, дарди узвҳои даруни сина ва сустии меъда, ки 595 сабабаш зиёд гаштани сафрои зангории раддӣ бошад, даво мешавад, ҳозимаро, яъне меъда, ҷигар, рӯдаҳо ва сипурзро қувват мебахшад. 259. Чилмангӯштак Ин

гиёҳро тоҷикони шимол аз ӯзбекӣ гирифта, се- мизут меноманд. Растании мазкур ба ҳама маълум аст, шохҳояш ба замин паҳн шуда месабзад, сурхранг, обаш бисёр, баргаш ғафси шикананда, гулаш зарди майда, баъд тухм мебандад. Дар як қубба 15—20 до- на тухмҳои майда дорад. Гиёҳаш аксар дар байни зи- роатҳо мерӯяд. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум сард ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: барг ва шохашро бихӯ- ранд, баданро аз сафро пок мегардонад ва ҷӯшиши ин хилтро таскин медиҳад, фишори баланди хунро ба эътидол меоварад; ҳарорати ҷигар ва гармии меъдаро ва инчунин шиддати табҳои тафсонро таскин медиҳад; ташнагиро мешиканад, барои бемории қанд фоида до- рад, дарди сареро, ки сабабаш гармӣ бошад, сокин ме- кунад; хун қай карданро қатъ месозад ва аз даруни сина омадани римро манъ менамояд, назлаҳои гарм- ро мебандад, майнаро сард мегардонад, қайро бозме- дорад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезо- яад, носурро, ки решҳои беҳнашаванда аст, инчунин бавосирро фоида дорад. Агар ин гиёҳро бо андак равған ва пиёз бирён карда бихӯранд, исҳоли сафровиро манъ мекунад ва ба рӯдаҳо қувват мебахшад. Агар инро ба оши бемо- рон ҳамроҳ карда бидиҳанд, бисёр фоида дорад. Агар инро одамони лоғар ва хушкбадан бихӯранд, бадани онҳоро аз рутубат таъмин мекунад ва фарбеҳ мегар- донад. Гиёҳи тари инро бо корд реза карда, ба он сир- ко пошида бихӯранд, агарчи ҳамчун ғизо камқувват ҳам бошад, дардҳои гурдаро фоида дорад. Инро бихо- янд, кундии, яъне гирифтагии дандонҳоро ба ислоҳ меоварад, вале аз ҳад бисёр бихоянд ё бихӯранд, баръакс, дандонҳоро кунд мегардонад. Оби ин гиёҳро дар офтоб ғафс гардонанд, инро усо- раи чилмангӯштак меноманд. Усораи инро бо равғани гулисурх даромехта гузошта банданд, дарди сари гарми луққосиро таскин медиҳад, барои сӯхтагии оташ 596 дармон мешавад, варамҳои гармро мегардонад. Агар инро бо шароб хамир карда гузошта банданд, обила ва доначаҳои ба сар дамидаро дафъ мекунад. Оби ин гиёҳро бо орди ҷав хамир карда ба сар гузошта банданд, дарди сарро, ки аз гармӣ бошад, таскин медиҳад; ба чашм гузошта банданд, варамҳои гарми онро мегардонад; шақоқалусро, яъне варами ширёнҳои майнаро дар ҳолати ибтидо бошад, шифо мебахшад, инчунин варамҳои мағзи сарро ба ибро меоварад; қӯтур, хориши бадан, варами хояҳо, захм- ҳои сар ва ҷамра (карбункул)-ро дафъ мекунад. Агар танҳо худашро кӯфта гузошта банданд, ҳаро- рати аъзоро таскин медиҳад ва сӯхтагии оташро ши- фо мебахшад. Агар инро аз берун ба меъда ва ҷигар гузошта банданд, ҳарорати ин узвҳоро паст мекунад. Агар инро бо ҳино якҷо кӯфта, ба кафи дасту поҳо бибанданд, тафси онҳоро таскин медиҳад ва ба доғи сафеди пӯст гузошта банданд, онро нест мекунад (ле- кин барои доғи сафеди пӯст якчанд бор бояд бибан- данд). Агар инро кӯфта, бардавом бимоланд, низ барои бемориҳои номбурда дармон мешавад.

Оби инро бо равғани гулисурх даромехта, ба сар кам-кам ва бардавом бирезанд, барои дарди сари гарми луққосӣ даво мешавад. Агар бо оби он ҳуқна кунанд, дарди хояҳоро, ки аз гармӣ бошад, барҳам медиҳад ва омадани моддаҳои бегонаро аз рӯдаҳо ва аз бачадон манъ мегардонад. Барги ин гиёҳро одамони гарммизоҷ бихӯранд, қув- вати боҳро зиёда мегардонад, вале агар хунукмизоҷон бихӯранд, баръакс, пушти камари онҳоро суст мегардонад, иштиҳояшонро гум месозад. Агар ин гиёҳро аз ҳад бисёр бихӯранд, торикии чашм меоварад—дар ин ҳолат карафс ва наъно би- хӯранд, ислоҳи ҳол мегардонад. Миқдори як бор хӯрдан аз оби ин дар як рӯз то 100 грамм аст. Агар гиёҳи инро дар ҷогаҳ паҳн карда, бар боло- яш бихобанд, иҳтиломро, яъне дар вақти хоб шайтон заданро манъ мекунад. Хислати тухмаш дар ҳама ҷиҳат монанди оби он аст, вале аз он каме заифтар, қуввати таскиндиҳанда- гӣ дорад ва дар бобати сокин кардани ташнагӣ аз баргаш қавитар мебошад. Агар инро кӯфта, ба дару- 597 ни даҳан бипошанд, дард ва пухтани (ҷӯшиши) да- ҳани кӯдаконро шифо мебахшад, инчунин барои ғайри кӯдакон ҳам дармон мешавад. Чун 17,5 грамм тухмашро маҳин кӯфта, бо шакар ё бо гулоб бихӯранд, барои табҳои сахт, сурфаи гарм, тафси ҷигар, сӯзиши меъда ва рӯдаҳо нафъ дорад, ин- чунин дарунро мулоим мекунад. Агар ба меъда ва сипурз зарар кунад, қанд хӯрдан кифоя аст, ки зиёнаш ислоҳ ёбад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухмаш дар як рӯз то 17,5 грамм аст. Агар тухмашро то бӯяш баромадан тафсонида, баъд бихӯранд, дарунро мебандад ва агар натафсони- да бихӯранд, баръакс, дарунро мулоим мекунад. 260. Матинҷ Ин гиёҳ дар ҷоҳои шудгорнокарда мерӯяд. Поя ва пушти барги як қисми ин сурх ва поя ва барги баъзе- аш сабзи кабудтоб аст. Баргаш ба барги зардолу ме- монад, вале каме майдатар аз он аст. Тухмаш монан- ди тухми бӯстонафрӯз (тоҷи хурӯс) мебошад. Ин ги- ёҳ хеле сертухм аст, бӯй ва таъмаш кам шамида ме- шавад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум сард ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, да- рунро мулоим мекунад, ба бадан об медавонад, ҳам- чун ғизо камқувват; ҳарорати бегонаро хомӯш меку- над, моддаҳои солим дар бадан ҳосил менамояд. Агар инро бо оби анор ва равғани бодоми талх бипазанду бихӯранд, ташнагиро мешиканад ва сурфаи гармро дафъ мекунад. Усораи онро, яъне оби гиёҳи тарашро дар офтоб ғафс гардонида, бо равғани гулисурх сиришта, ба сар бимоланд, дарди сареро, ки аз таъсири офтоб холис гашта бошад, сиҳат мебахшад. Гиёҳи инро батанҳоӣ кӯфта гузошта банданд, ба- рои иллати қӯтур, хориши бадан, варамҳои гарм ва озаххо даво мешавад; инчунин захмҳои ботинӣ ва решҳоеро, ки рутубаташон ба асал мемонад, шифо мебах- шад. Агар инро бихӯранд, фишори баланд ва ҷӯшиши хунро таскин медиҳад ва паст мекунад. 598 Вале хӯрдани ин дерҳазм ва барои одамони ху- нукмизоҷ зарарнок аст,

боҳро қатъ мекунад. Дар ҳо- лати зиён карданаш чизҳои ҳазмоварро, ки мизоҷи гарм дошта бошанд, бихӯранд, ислоҳи зарар менамо- яд. Аммо барои одамони гарммизоҷ фоидабахш аст, сурфа ва ташнагиро, ки аз гармӣ бошанд, таскин ме- диҳад, хусусан ҷӯшонида, пухтаи онро бо равғани бо- доми ширин, оби анори ширин ва кашнизи тар ё хушк бихӯранд, фоидааш зудтар ва афзунтар зоҳир мегар- дад. Агар обашро ба сар бимоланд, дарди сареро, ки аз таъсири офтоб ба ҳам расида бошад, сиҳат мекунад. Мизоҷи тухмаш низ сард ва хушк аст. Агар инро бихӯранд, барои бемориҳои аз гармӣ ва гарммизоҷ даво мебошад. Агар инро кӯфта гузошта банданд, варамҳои гармро таҳлил медиҳад. Муаллифи китоби «Дастур-ул-атиббо» навиштааст, ки агар решаи инро бо об сойида, ба иллати ришта би- моланд, нафъ мебахшад. Хӯрдани ин гиёҳ ба гурда зарар дорад, дар ин ҳо- лат шакар бихӯранд, кифоя аст, ки зиёнаш ислоҳ ёбад. Миқдори як бор хӯрдан аз гиёҳи хушки ин то 15 грамм аст. 261. Балут Ин ду хел дарахт аст: якеаш шоҳбалут, ки ба за- бони тоҷикӣ кастона ва ба русӣ каштан меноманд. Са- мари ин гирдаки паҳн, ранги сурхи ҷигарӣ дорад, таъ- маш ширин аст. Навъи дигараш фақат балут ном до- рад, ки самараш ба вазни ҳамон шоҳбалут аст, вале ба андозаи санҷид дарозак, рангаш низ сурхи ҷигарӣ, таъмаш талхи моил ба тунҷӣ мебошад. Инро, яъне да- рахташро, ба русӣ дуб меноманд. Ҳар дуи навъи ин дарахт дар ҳамаи ноҳия ва минтақаҳои сарзамини давлати мо бисёр аст ва парвариш меёбад. Мизоҷи самари шоҳбалут, яъне самари кастона, дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст, вале мизоҷи самари балут, ки дар тиб ҷуфти балут мено- манд, талхтаъм аст, дар дараҷаи саввум хушк мебо- шад. Хислатҳои шифобахши он: агар инро, яъне сама- рашро бихӯранд, дер ҳазм мешавад, дар хӯрокият 599 вазнин аст, вале агар ҳазм ёбад, исҳолро мебандад, хун қай кардан ва хунравиҳоро манъ мекунад; барои бечо (беҳузур) шудани дил ва тапидани дил (дилбо- зӣ), ки вобаста ба иллати сари меъда бошад, шифо мебахшад; харошида шудани сатҳи дарун ва захми рӯдаҳоро ба ибро меоварад; беихтиёр равон гаштани пешоб, чакмезак ва сӯзиши пешобро дафъ мекунад, пешобро меронад, исҳолро мебандад. Агар онро кӯфта, занҳо аз таг бардоранд, рутубати бачадонро, ки бемаврид ва бисёр ҷорӣ шавад, ислоҳ медиҳад. Агар инро кӯфта, бо равғани намакхӯрдаи худ ха- мир сохта гузошта банданд, варами каши ронро таҳ- лил медиҳад (ин варамро тоҷикони ҷануб бисмил ва хиёрак меноманд), инчунин варамҳои сард ва сахтро мегардонад. Ин самарро сӯхта, кӯфта, гузошта банданд ё онро маҳин сойида, бардавом бипошанд, пухтани (ҷӯшиши) даҳан ва решҳои давандаро бартараф мекунад. Чун самари балутро кӯфта, бо ним вазни он муста- ко бо равғани зайтун хамир карда, якчанд рӯз бихӯ- ранд, ба ғайри ихтиёр равон гаштани пешоб, ҳангоми хоб ба ҷогаҳ шошидан ва ғайрииродӣ

равон шудани оби маниро ислоҳ мекунад, яъне сиҳат мебахшад; но- ри форсӣ ном реши раддиро хушк мегардонад. Самари балут ва кастонаро орд карда, аз он нон пухта бихӯранд, гаронӣ мебахшад, дарди сар меова- рад, дар узвҳои бадан гиреҳҳо пайдо мекунад, хилти савдоро ба амал меоварад. Дар ин ҳолат сиканҷабин (сиркоасал) ё қанд бихӯранд, зиёнаш ислоҳ меёбад. Миқдори як бор хӯрдан аз самари балут ва касто- на дар як рӯз аз 4,5 то 40 грамм аст, яъне истеъмол намудан аз ҷуфти балут 4,5 грамм ва аз кастона 40 грамм аст. Мизоҷи ҳамаи қисмҳои дарахти он сард ва хушк аст ва хушкии решаҳои борики он дар амали қатъ кардани рутубати бачадон аз қисмҳои дигари дарах- таш афзунтар мебошад. Баргашро кӯфта гузошта банданд, ҷароҳати навро ба ҳам меоварад. Хокистари чӯби онро бимоланд, дандонро пок ва сафед мегардонад ва агар ба решҳои хӯранда гузошта банданд, шифо мебахшад. Оберо, ки аз сӯхтани чӯби он таровиш мекунад, ба 600 абру бимоланд, беҳтар аз рангҳои дигар асар меку- над. Самари балут башиддат хушккунанда ва манъку- нандаи ҳаракати моддаҳо мебошад: барои ҷароҳатҳо, манъ кардани рутубат ва хуни равонгашта хоҳ бихӯ- ранд, хоҳ гузошта банданд, нафъи тамом мебахшад. Барои иллати ҷурра, яъне даридани пардаҳои шикам дар зери пӯст, гузошта банданд ҳам, шифо мебахшад. Миқдори як бор хӯрдан аз ҷуфти балут дар як рӯз 4,5 грамм аст ва агар дар об ҷӯш дода, он обро нӯ- шиданӣ бошанд, 15 грамм дар об бияндозанд. Чун пӯсти дарахти балутро муҳарро пухта, як ша- би комил бар мӯй гармбандӣ кунанд ё гузошта бан- данд, мӯйро сиёҳ мекунад ба шарте, ки сарро бо кӯф- таи булӯри бӯр шуста бошанду баъд гузошта банданд. Вале хӯрдани самари кастона андак ҳарорат ва қабз мебахшад. Хушкӣ дар ин камтар аз ҷуфти ба- лут аст. Вале ҳамчун ғизо аз он афзун мебошад, пок- кунандагиаш ҳам зиёдтар аст, баданро фарбеҳ месо- зад, равғани гурдаро зиёд мегардонад. Самари кастонаро дар хамир ё дар гил печонида, дар қӯри оташ пухта, бо мураббои сабзӣ ва дигар ошомиданиҳои қувватбахш бихӯранд, боҳро (пушти ка- марро) ба ҳаракат меоварад; барои бадан қувват ме- бахшад (аз ҷумла ба камари занони навзойида қувват- бахш аст); барои аз бадан дафъ намудани заҳрҳо хе- ле пуртаъсир аст. Дар дигар хислатҳо заифтар аз ҷуфти балут аст ва бодангез мебошад. Хоҷ ҷуфти балут ва хоҷ самари кастонаро бихӯ- ранд. ба ҳалқ ва ба хичак зарар дорад Дар ин мав- рид тухми себарга, шакар, сиканҷабин — ҳар кадо- машро, ки дастрас бошад, биёшоманд, зиёнаш ислоҳ меёбад. 262. Кирмрезонак Ин гиёҳро дар баъзе маҳалҳо тоҷикон кирмгуловак ҳам меноманд. Номи асосӣ ва калимаи тоҷикиаш банг аст ва тухмашро дар арабӣ базр-ул-банҷ меноманд ва тоҷикон бангдона мехонанд. Баргаш сербар ва дарози кунгурадор, дар ранг сабзи моил ба сиёҳӣ мебошад. Пояш каме пашмак лорад. Самараш дар ғилофе ба

гули анор мемонад, вале майда аст. Қадди гиёҳаш вобаста ба қувват ва намнокии хок аст, яъне аз 10 то 601 40 сантиметр мехезад. Ин се навъ мешавад: 1. Навъи сиёҳашро гули бунафш ва ба хотири гулаш инро бан- ги сиёҳ меноманд. 2. Навъи сурхашро гул моил ба сурхи зардтоб. 3. Навъи сафедашро ранги гулаш мо- ил ба сафедӣ, бинобар ҳамин банги сафед мехонанд. Бояд таъкид кунем, ки навъҳои сиёҳ ва сурхаш заҳр- нок аст ва инро ба дарун истеъмол намекунанд. Ам- мо сафеди инро дар тибби қадим ба дарун ҳам ҳам- чун даво истифода мекунанд. Ҳар сеи намуди инро тухмаш гӯё дар даруни қифе кӯчак, ки сарпӯш дошта бошад, ҷой гирифтаанд. Мизоҷи навъи сиёҳи он сард ва хушк дар дараҷаи саввум, балки ба дараҷаи чорум наздиктар, мизоҷи навъи сурхаш аз он пасттар ва оқибат, мизоҷи қисми сафеди он дар дараҷа аз ҳамаи дигарҳояш пасттар аст, яъне дар аввали дараҷаи саввум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: оби гиёҳи тари инро бо орди ҷав хамир карда гузошта банданд, варамҳои гарм- ро таҳлил медиҳад, дардҳои чашм ва гӯшро басанда месозад. Тухмашро кӯфта, бо ягон шароб хамир сохта гу- зошта банданд, иллати никрисро, ки варам ва дарди ангуштони дасту поҳо мебошад, шифо мебахшад, ва- рамҳои пистон ва хояҳоро мегардонад. Агар оби ин гиёҳро баъд аз кандани мӯйи ягон ҷойи бадан ба он ҷо чанд бор бимоланд, дигар мӯй наме- рӯяд. Хокистари ин гиёҳро бо кӯфтаи дорчинӣ, занҷабил ва асал хамир карда, аз рӯ бимоланд, дарди меъдаро дафъ мекунад. Ва инро бо анҷир якҷо кӯфта, фатила сохта, яъне ба ягон матои тунук печонида, дар мақъ- ад бардоранд, бавосирро шифо мебахшад, инчунин бе- мориҳои дигари мақъадро дафъ мекунад Чун барг ва шохҳои онро дар хӯрокҳои ғализ бипа- занду бихӯранд, барои фарбеҳ кардани бадан давои бисёр хубест, вале то се рӯз ақлро бечо менамояд. Се- чор адад барги онро бо шароб бихӯранд, табе- ро, ки ҳам тафсонад ва ҳам хунук хӯронад, дафъ ме- кунад, инчунин дарди устухонҳоро таскин медиҳад. Агар инро сӯхта, ба дудаш бидоранд, қӯтури даст- ро шифо мебахшад, кирми дандонро мерезонад раф- тани хунро аз ҳар узви бадан, ки бошад, қатъ меку- над. 602 0,6 грамм тухми инро бо асал бихӯранд, дарди ниқ- рисро басанда мегардонад. Баргашро кӯфта гузошта банданд ва онро бо майи мусаллас бихӯранд, пӯсидани устухонро шифо мебах- шад. Агар инро пухта, бо зардаи тухми мурғ ва рав- ғани чарбӣ сиришта бимоланд, дарди каши рон ва хо- яро таскин медиҳад ва агар инро бо орди боқило ха- мир сохта бимоланд, намегузорад, ки пистон ва хояҳо калон шаванд; вале агар бо асал хамир карда бимо- ланд, дарди хояро дафъ мекунад. Баргашро дар латтаи тар печонида, дар зери оташ пухта, бо равған ё зардаи тухми мурғ даромехта гу- зошта банданд, дардҳои қисми поёни баданро таскин медиҳад. Чун тухми ин растанӣ ва афюн, аз ҳар ду баро- бар гирифта, ба миқдори нахӯд кулӯла

карда, як до- наашро бихӯранд, хоби дуру дароз меоварад. Агар тухми инро ос карда, бо қатрон даромехта, аз он да- руни сӯрохи дандони кирмхӯрдаро пур кунанд, дарди дандонро таскин медиҳад. Агар тухми ин растаниро занҳо аз таг бардоранд, захми бачадонро шифо ме- бахшад ва рутубат аз он равон бошад, хушк мекунад. Хоҳ баргашро ва хоҳ тухмашро кӯфта, аз рӯ гу- зошта банданд, барои дарди деринаи ҷигар даво ме- шавад. Баргаш ё решаашро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гардонанд, дарди дандонро басанда мекунад. Ин гиёҳро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, ба- рои назла ва зукомҳо дору мешавад ва рехта шудани рутубатро ба сӯйи чашм, қатъ мекунад; агар нимгарм дар гӯш бичаконанд, дардҳои гуногуни гӯшро таскин медиҳад. Агар инро бинӯшанд, баданро қувват ме- бахшад, дарди сарро, ки кӯҳна бошад, таскин меди- ҳад. Гиёҳашро кӯфта гузошта банданд, дарди луққосии буғумҳоро таскин медиҳад ва иркуннасоро (радику- литро) шифо мебахшад. Вале агар синфи сиёҳ ва сурхи инро бихӯранд, ил- латҳои сиёҳ задани чашм ва чарх задани сар, дарди гулӯ ва девонагиро ба амал меоварад; инчунин қисми сафедашро ҳам аз ҳад зиёд биёшоманд, зарар дорад. Дар ин ҳолат асал бояд хӯрд, то ки зиёнаш ислоҳ ёбад. Миқдори як бор хӯрдан аз навъи сафеди он дар 603 як рӯз аз 1 то 2,5 грамм аст, аз сурхи он то як грамм ва аз навъи сиёҳи он то 0,6 грамм мебошад. Оби ин гиёҳро бо асал даромехта, нимгарм дар гӯш чаконанд, дарди гӯшро таскин медиҳад. Агар аз гиёҳи қисми сиёҳи он 15 грамм ҳар кас, ки бихӯрад, мекушад. Ва агар инро хӯрда бошанд, шаҳдоб нӯшида ба каррот қай кардан ё шири буз, ё шири хар, ё шири гов нӯшида қай фармоянду баъдан сир (чеснок) ва анҷир бихӯранд. Аз тухми қисми сафеди ин гиёҳ равған ҳам меги- ранд ба ин тариқ. Тухмашро кӯфта, бо оби гарм ха- мир карда, то каме хушк шудан дар офтоб мегузо- ранд. Баъд фишурда равғанашро меситонанд. Ин равғанро бимоланд, решҳои сафровии сар, қӯ- тур ва хориши баданро дафъ мекунад. Агар инро ба даруни бинӣ бирезанд, дарди сари гармро шифо ме- бахшад, бехобиро дафъ мекунад. Ва агар дар гӯш би- чаконанд, дарди ин узвро таскин медиҳад. Агар латта ё пахтаро дар он тар карда, занҳо аз таг бардоранд, сахтии бачадонро ба ҳоли аслиаш меоварад. Агар як миқдор аз тухми қисми сафеди он гиёҳ, нисф миқдори ин тухми коҳу, сеяки он тухми кӯкнор— ҳар серо якҷо кӯфта, аз ин равған бикашанд ва ин равған зидди ҳамаи навъҳои заҳр тарёқ мешавад. Ин- ро барои иллат, варами парда ва худи мағзи сар, мо- лихулиё, васвос ва душвории нафас бихӯранд ё дар бинӣ кашанд, шифо мебахшад. 263. Бунафша Ин гиёҳест, ки баргҳояш гирдаки каме дарози нӯг- дор. Аз миёни баргҳояш чанд поя мерӯяд ва дар сари ҳар як поя яктоӣ гули бунафш дорад. Дар тиб аксар гулаш ба кор меравад, ки кӯҳна шуда ва рангаш тағ- йир наёфта бошад. Мизоҷаш дар дараҷаи якум хунук ва дар дараҷаи дуввум тар

аст. Хислатҳои шифобахши он: инро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд ва ба узвҳо бирезанд, хилти сафро- ро аз бадан, хусусан агар дар меъда ва рӯдаҳо банд гашта бошад, хориҷ мекунад; инро бо оби ҷав ва олу биёшоманд, ташнагиро мешиканад, фишори баланди хунро паст мекунад; барои табҳои гарм, иллати дил- 604 тапак (дилбозӣ) ва беҳушшавӣ дору мешавад. Агар инро кӯфта гузошта банданд, варамҳои мулоим ва сахтро таҳлил ва дарди сарро, ки аз гармӣ бошад, таскин медиҳад. Оберо, ки дар он бунафша ҷӯшони- да шуда бошад, ба сар бирезанд, саръи (припадкаи) кӯдакон, назла ва зукомро қатъ менамояд. Агар ин обро бинӯшанд, сурфа, дағалии узвҳои даруни сина, дағалии ҳалқ, дарди гулӯ, ки аз ҷамъ шудани хун дар ҳалқ ба амал омада бошад, варам ва дарди пардаҳои даруни сина ва инчунин варами шушро шифо мебах- шад; барои иллатҳои меъда, ҷигар, сипурз, барома- дани мақъад (кӯтан), сӯзиши хичак, сӯзок, банд гаш- тани пешоб ва дарди гурда дармон мешавад. Гули тарашро бӯй кунанд, хоб меоварад. Ҳар рӯз аз 7 то 15 грамм хушкашро кӯфта бо оби хунук биёшоманд, исҳоли сафровиро дафъ мекунад. Кӯфтаи инро бо шираи гулқанд даромехта бихӯранд, табҳои мураккабро шифо мебахшад. Гули тару тозаи онро бихӯранд, бар зидди заҳр тарёқ мебошад, хоб меоварад. Гиёҳи бунафшаро якҷо бо бобуна ҷӯш дода, он об- ро кам-кам ва бардавом ба сар бирезанд, дарди сарро таскин медиҳад ва тафси онро дур месозад, инчунин барои сурфа ва хушкии майна дору мешавад ва агар рутубати бадан хушк гашта бошад, ба бадан рутубат мебахшад. Гиёҳи бунафшаро хуб кӯфта, ба сар ва пешонӣ гу- зошта банданд, дарди сарро шифо мебахшад ва агар аз рӯ ба меъда ва ҷигар гузошта банданд, бемориҳои ин узвҳоро, ки аз гармӣ бошанд, ба ибро меоварад; ба варамҳои гарм гузошта банданд, онҳоро таҳлил ме- диҳад; агар ба мақъад гузошта банданд, кафидан ва варами онро шифо медиҳад. Аммо инро аз ҳад берун ба дарун истеъмол намо- янд, дилро суст мегардонад, андӯҳгин мекунад, меъда- ро вазнин менамояд, дилро бечо (беҳузур) месозад, сӯзиши табҳои гармро ба амал меоварад. Ва агар аз ҳад зиёд бибӯянд, ба зуком гирифтор мекунад. Дар ин мавридҳо райҳони гӯши мушро кӯфта ё қима карда бихӯранд, зиёнашро дафъ месозад. Миқдори як бор хӯрдан аз гиёҳи ин дар як рӯз то 23 грамм аст. Агар дар об ҷӯшонида, он обро нӯши- дан хоҳанд, 45 грамм ба об андозанд. Огоҳ кунем, ки агар бунафшаро дар об ҷӯшонида- 605 нӣ бошанд, набояд бисёр ҷӯш диҳанд, зеро ки аз ҷӯ- ши бисёр қувваташ парида нобуд мегардад. Агар бу- нафшаро бо шакар бихӯранд, таъсир ва қувваташ зиё- да мегардад. 3,5 грамм оби баргашро бо як грамм шакар ба кӯ- дакон бихӯронанд, рострӯдаи берунбаромадаи онҳоро аз нав ба ҷояш мебарад. Агар баргашро кӯфта, аз рӯ ба меъда гузошта бан- данд, тафси ин узвро таскин медиҳад, ва агар ба чашм гузошта банданд, гармии онро паст мекунад, ба мақъад гузошта

банданд, баромадани рӯдаи рост- ро аз нав ба ҷояш мебарад ва ба қӯтури савдовӣ ва ба хоришак гузошта банданд, онҳоро сиҳат мекунад, Аз гулаш шароб тайёр карда биёшоманд, дард ва варамҳои пардаҳои даруни сина ва варами шушро ши- фо мебахшад, тафси меъдаро паст мекунад. Мизоҷи равғанаш хунук ва тар аст. Ин равған барои хоб овардан, қӯтур, ҷароҳатҳо, хушкии узвҳои даруни сина, сурфа, рехтани мӯй, му- лоим кардани узвҳо ва буғумҳо ба кор меравад, ин- чунин саломатии нохунро нигоҳ медорад. Агар баъди ҳар дафъа дар ҳаммом арақ кардан 7 грамми ин равғанро бихӯранд, зиқ-ун-нафасро дафъ мекунад. Ин равғанро бо муми занбӯри асал даро- мехта, ба синаи тифлон гузошта банданд, барои сур- фаи онҳо бағоят фоида дорад. Агар инро бо чакрарез ба даруни сӯрохи закар чаконанд, сӯзокро шифо ме- бахшад ва ҳарорати баланди хичакро паст мекунад. Ва агар инро ба даруни бинӣ кашанд дарди сареро, ки аз гармӣ бошад, шифо мебахшад, бехобиро дафъ мекунад. Ва агар инро бар ноф бимоланд, сурфаи кӯҳ- наро ба ибро меоварад. Пахтаро ба равғани бунафша олонда, ба мақъад гузошта банданд, дар бобати хоб овардан доруҳои ди- гар ба ин баробар шуда наметавонанд Тариқи тайёр кардани равғани бунафша ин аст. Дар таносуби ба ҳар 300 грамм равғани кунҷиди нав 135 грамм гули тару тозаи бунафшаро дар шиша ан- дохта, ба офтоб мегузоранд. Ранги бунафша ва бӯйи он ба равған гузарад, фишурда, он гулро дур мекунанду гули нав меандозанд. Ин амалро се-чор мартаба так- рор намуда, баъд равғанро соф карда мегиранд, ки ҳамин равғани бунафша ҳисоб меёбад Шароби бунафшаро, ки бо шакар тайёр карда бо- 606 шанд, биёшоманд, сурфаро дафъ мекунад. Ҳамчунин хӯрдани мураббои он барои варам ва дарди пардаҳои даруни сина ва варами шуш доруи хубест, дарди гур- даро низ шифо мебахшад. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-255-263#255

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 264-271 264. Қаҳва 265. Себ 266. Хурмо 267. Тут 268. Шоҳтут 269. Анҷир 270. Сир 271. Чой 264. Қаҳва Ин ба ҳама маълум аст, ки самари бепӯсти онро аз мамлакатҳои гарм ба диёри мо меоваранд. Инро ҳам сойида ва ҳам донаашро истифода мекунанд. Мизоҷи мағзи тухмаш дар гармӣ ва сардӣ мӯъта- дил, вале хушкиаш зиёдтар аст. Мизоҷи пӯсти сама- раш андак гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: самари бепӯсти онро дар об ҷӯшонида, он обро ё сойидаи онро дар оби ҷӯш ҳал карда бинӯшанд, гиреҳҳои баданро мекушояд, дардҳои гуногунро таскин медиҳад, ҷӯшиш ва фишо- ри баланди хунро паст мекунад, тезӣ ва сӯзиши саф- ровиро, инчунин савдоро сокин мегардонад, ахлоти ғафсро рақиқ месозад, бинобар ин табҳоеро, ки аз зи- ёд гаштани хун, савдо ва сафро ҳодис шуда бошанд, дафъ менамояд; хусусан дар аввалҳо ва баъд аз ба рӯйи пӯст

зада баромадани донаҳои сурхича ва нағзак, инчунин ҳангоми гирифтани таби дурӯздармиён бис- ёр фоида дорад; шарои (аллергияи) сафровӣ ва дил-тапак (дилбозӣ)-ро судманд аст; дарунро мулоим ме- кунад, пешобро меронад, рутубатҳои зарарнокро хушк мегардонад, барои дафъ кардани сурфаи балғамӣ, наз- лаҳо ва мондагӣ даво мешавад, меъдаро қувват ме-бахшад; аксари навъҳои дарди сар, молихулиё ва дар- ди чашмро шифо мебахшад. Сойидаи қаҳваро бо асал хамир карда ба узве, ки аз ҷояш берун рафта бошад, гузошта банданд, онро ба ҷояш меоварад. Агар ин хамираро лесида бихӯ- ранд, сурфаи гарм ва тарро басанда менамояд, инчу- нин сустӣ ва пажмурдагии меъдаро бо воситаи хушк гардонидани рутубатҳои зарарноки он ба ҳоли сиҳат меоварад ва намегузорад, ки бухорҳои бегонаи меъда ба мағзи сар бароянд. Хусусан нимбирёни ин исҳол- ро мебандад ва дар натиҷаи бисёр хоб кардан, ин- чунин ба ташнагӣ ва хӯроки кам қаноат намудан ми- зоҷ ба сустӣ табдил ёбад ва вайрон шавад, фоида до- рад, мондагӣ ва лоҳасии баданро дафъ мекунад. 607 Аммо истеъмоли қаҳва ба дарун барои баъзеҳо дарди сар меоварад, боиси бедорӣ ва лоғарии бадан мегардад, ранги рӯйро зард мекунад, орзуи боҳро қатъ менамояд, маниро кам месозад, бод пайдо меку- над; ба иллатҳои дилтапак ва қулинҷ гирифтор ме-намояд, дар ҳангоми хоб сиёҳӣ пахш мекунонад, узв- ҳои нафасро хушк ва дағал мегардонад ва бавосирро ба амал меоварад. Хуллас, одамони сардмизоҷ ва тармизоҷро дар баданашон ахлоти мурдор ҷой гириф- та бошанд, қаҳваи бирёнкарда зарар дорад. Дар обе, ки дар он қаҳва ҷӯшонида шуда бошад, чанд тор аз заъфарон андозанду баъд онро бинӯшанд, дилро қавӣ мегардонад. Агар қаҳва зарар кунад, чизҳои ширин ва равған- ҳоро бихӯранд, зиёнаш ислоҳ меёбад. 265. Себ Маълум аст, ки ин самари дарахт мебошад. Беҳта- ринаш расидаи шодоби он аст. Мизоҷи себи ширин дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум тар аст; мизоҷи турши он дар аввали дуввум сард ва хушк; мизоҷи себи майхуш дар гармиву сар- дӣ мӯътадил аст ва дар якум хушк мебошад. Мизоҷи ҳамаи қисмҳои дарахташ сард ва хушк аст. Барг ва меваш қуввати тарёқӣ дорад. Хислатҳои шифобахши он: ҳамаи навъҳои меваашро бихӯранд, фараҳ мебахшад; дил, майна ва ҷигарро қа- вӣ мегардонад, инчунин бӯйиданаш ҳам чунин хислат- ҳоро дорост. Хӯрдани он барои дилтапак (дилбозӣ) ва душвории нафас дору мешавад; сари меъдаро қув- ват мебахшад ва намегузорад, ки моддаҳои бегона ба меъда рехта гарданд, инчунин иштиҳоро мекушояд. Себи ширинро бихӯранд, фараҳ мебахшад, сабук- кунандаи рӯҳи ҳайвонӣ, яъне қувватҳои ҷисмониро ку-шоиш медиҳад ва агар дар меъда хилти сафро бошад, худаш низ зуд ба сафро табдил меёбад. Агар инро пухта бихӯранд, барои сурфаи хушк дармон мешавад. Обашро бо шарбати қандин ва обгӯшт биёшоманд, иллати

беҳушшавиро дафъ мекунад. Руббашро, яъне обашро то ғафс шудан ҷӯшонида ё шароби инро биё- шоманд, дар ҳама ҷиҳат қавитар мегардад, хусусан барои фараҳ овардан, дар бобати қувват бахшидан 608 ба меъда ва дил назар ба мевааш қавитар мебошад, васвоси савдовиро дафъ мекунад, ваборо шифо мебах- шад ва тафси баданро таскин медиҳад. Мураббояш ҳам хислатҳои дар боло зикрёфтаро дорад. Себи тунҷро дар миёни хамир гирифта, дар зери оташ пухта бихӯранд, исҳоли хунинро мебандад, ба- рои иллати сил ва лоғарӣ дармон мешавад. Ин себ- ро кӯфта ба чашм гузошта банданд, дарди чашмро нафъ дорад. Агар себи туршро аз ҳад бисёр бихӯранд, ба таб- ҳои мураккаб гирифтор мекунад, шикамро пурбод ме- созад, иллати беҳаракат мондани узвро ба амал мео- варад, мушакҳоро ба дард меоварад, ларзак мекунад. Дар ин ҳолатҳо дорчинӣ хӯрдан даркор аст, то ки зиёнаш ислоҳ ёбад. Себи туршро бихӯранд, дарунро мебандад, қай ва ташнагиро таскин медиҳад ва барои меъдаҳои сафро- нок мувофиқ ва форам мебошад. Агар инро дар ха- мир пухта бихӯранд, исҳоли хунинро мебандад ва да- воҳои заҳролудкунандаро ислоҳ мекунад Қоқи себро кӯфта, бо оби анор бихӯранд, меъдаро қувват мебахшад, исҳоли сафровиро мебандад ва қай- ро таскин медиҳад. Вале агар инро аз ҳад бисёр би- хӯранд, барои узвҳои даруни сина зарарнок аст, вара- ми шушро ба амал меоварад ва дар рагҳо бодҳои гу- ногунро пайдо менамояд. Дар ин ҳолат гулқанд ва дорчинӣ бихӯранд ва асал билесанд, зиёнаш ислоҳ меёбад. Себи майхушро, яъне туршу ширинро бихӯранд, дар бадан моддаҳои сара пайдо мекунад, ташнагиро мешиканад, қайи сафровиро манъ месозад, исҳолро мебандад ва дар дигар хислатҳо монанди себи турш аст. Ва қавле, ҳамаи навъҳои себро бихӯранд, агар ба моддаҳои гарммизоҷи дар меъда буда бирасад, онҳо- ро дафъ мекунад. Себи хомро, яъне себчаро бихӯранд, дар бадан хилти хом пайдо мекунад, таб мегиронад. Себро кӯфта, дар даврaҳои аввал ба варамҳо гу- зошта банданд, нафъ дорад. Рубби себи турш, яъне оби себи туршро ҷӯшонида ғафс гардонидаашро мизоҷ дар дараҷаи якум сард ва дар тариву хушкӣ мӯътадил аст Инро бихӯранд, сафроро кам ва фишори баланди хунро паст мекунад, 609 исҳоли сафровиро мебандад ва қайи сафровиро манъ мекунад. Ин ба касоне, ки исҳоли хунин дошта бо- шанд ва инчунин ба шуш ҳам зарар меоварад. Агар инро дар хӯрдан мудовамат намоянд, ба асабҳо зиён мекунад. Шароб ва мураббои он дар манфаат монан- ди худаш мебошад, фақат камтар гармӣ дорад ва ба- рои васвоси савдовӣ назар ба ширини он манфаатнок- тар аст. Усораи себи расида ва баргҳои, яъне оби барг ва самари (себи) онро дар офтоб ғафс гардонанд, усораи он номида мешавад. Миқдори як бор хӯрдан аз ин дар як рӯз аз 25 то 35 грамм аст. Агар инро бимо- ланд, низ заҳри каждумро дафъ мекунад, инчунин газанди дигар заҳрҳоро мешиканад. Барги

тари себро кӯфта гузошта банданд, варам- ҳои гармро дар аввали пайдоиш нафъ дорад. Гули себро хоҳ бо заъфарон, хоҳ бо савсани кӯҳӣ ё бо ҷадвор бихӯранд, ахлоти бадбӯро дар бадан ба ис- лоҳ меоварад. Мураббои гули себ, яъне гулқанди гули себ ба- рои сустии дил, майна ва барои барангехтани орзу ва ҳаракати боҳ (пушти камар) даво мешавад. Гули онро бо ду баробар вазни он шираи гулқанди гули- сурх даромехта, монанди гулқанди гулисурх тартиб ди- ҳанд, барои бемориҳои мазкур нафъ дорад Миқдори як бор хӯрдан аз гулқанди гули себ дар як рӯз то 30 грамм аст. Хуллас, бояд ки одамони гарммизоҷ себи турш ва майхуши онро бихӯранд ва сардмизоҷон ширинашро тановул намоянд. Касони балғамимизоҷ ширину тун- ҷи онро бояд бихӯранд. Агар аз хӯрдани ин дар худ вазнинӣ ҳис кунанд, бояд аз болои он оби хунук на- нӯшанд, инчунин таоми турш тановул накунанд ва, инак, то аз меъда фуромадани он ғизо истеъмол на- фармоянд. Себи бемазаро ба ҳеҷ кас раво нест, ки бихӯранд. 266. Хурмо Ин самари машҳур ва маълум аст, инро ба мам- лакати мо аз диёрҳои хориҷаи гармистон меоваранд. Мизоҷи ин самар дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум хушк аст. 610 Хислатҳои шифобахши он: ин ҳамчун ғизо пурқув- ват аст, аз он дар бадан хуни устувор пайдо меша- вад; барои иллатҳои фолиҷ, каҷ шудани рӯй ва мон- дагӣ дармон мешавад; гурдаи лоғарро қавӣ мегардо- над, баданро фарбеҳ мекунад, барои одамони сардми- зоҷ қуввати боҳ мебахшад ва бемориҳои аз сардӣ ба- амаломадаро нафъ дорад, дарди камарро дафъ месо- зад, буғумҳои баданро мулоим мегардонад; барои узв- ҳои даруни сина ва шуши сардмизоҷон мувофиқ ва форам аст. Хурморо дар об ҷӯшонида, он обро бо ҳулба биё- шоманд, таби балғамиро дафъ мекунад, сангҳои гур- да ва хичакро майда карда мерезонад; агар ин обро бо биринҷи пухтагӣ бихӯранд, одамони лоғарро фар- беҳ мегардонад. Хурморо як шабонарӯз дар шири навдӯшида, ху- сусан бо дорчинӣ тар карда, баъд бихӯранд ва аз бо- лои он боз шири навдӯшида биёшоманд, боҳро қавӣ мегардонад, лекин вазнин ва дерҳазм аст, дар узвҳои бадан гиреҳҳо пайдо мекунад. Хӯрдани ин барои одамони гарммизоҷ ва сокинони сарзаминҳои гарм зарар дорад. Одамони он диёр, ки дар онҳо хурмо намерӯяд, набояд инро бисёр истеъмол фармоянд. Зеро дар ба- дани онҳо хилти савдо пайдо мекунад, дар ҷигарашон гиреҳро ба амал меоварад, таб мегиронад, хунро ме- сӯзонад, ахлоти баданро бадбӯ месозад, дарди сар ме- диҳад, дар даҳан ҷӯшиш пайдо мекунад, чашмро ба дард меоварад, ба дарди дандон гирифтор менамояд. Дар ин ҳолатҳо оби анор, сиканҷабин (сиркоасал), равғанҳо ва бодоми ширин истеъмол намоянд, зиёнаш ислоҳ меёбад. Инчунин баъди хурморо хӯрдан даҳан- ро бо об бишӯянд, хуб аст. Хуллас, агар хурморо гарммизоҷон бихӯранд, бе- мориҳои зиёдеро ба амал меоварад, вале агар инро сардмизоҷон бихӯранд, иллатҳои аз

сардӣ ҳодисшу- даро шифо мебахшад. Тухмашро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Агар инро чун орд маҳин кӯфта, бихӯранд, исҳолро мебандад ва ҳатто дарунро сахт мекунад Агар донаки онро, яъне тухмашро сӯхта, ос карда, ба решҳои хабиса (злокачественные язвы) бипошанд, сиҳат мебахшад. Ин сӯхтан инро кӯфта, дар об шуста, 611 хушк карда, ба ҷароҳатҳои нав бипошанд, шифо мебахшад ва инро чун сурма ба чашм кашанд, намегу- зорад, ки мижаҳо бирезанд, шилпуқии чашмро ба иб- ро меоварад, чашмро тез мекунад, захмҳои чашмро дафъ мекунад ва худи чашмро сиёҳ мегардонад. 267. Тут Ин меваи маълум аст, ки расидаи он сафеди ши- рин мебошад. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум тар аст ва бисёр ширинаш то дараҷаи дуввум гарм аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, дар бадан хуни солим пайдо мекунад, ба майнаи хушк рутубат мебахшад, гиреҳҳои узвҳои баданро мекушо- яд, ҳоли бади ҷигар ва сипурзро ислоҳ мекунад, баданро фарбеҳ мегардонад, боҳро меафзояд, чарбии гурдаро қувват медиҳад, пешобро меронад, дарунро мулоим менамояд, барои обила (нағзак) ва сурхича (сурхакон) дору мешавад. Баргашро ба пучак ва монанди ин решҳо гузошта банданд, зуд онҳоро пазонида мекафонад. 35 грамм решаашро дар об ҷӯш дода он обро би- нӯшанд, кирмҳои кадудонаро (солитёрро) аз шикам хориҷ мекунад. Ҳамон миқдор решаашро дар 300 грамм об то чоряки об мондан биҷӯшонанд ва он об- ро бо шакар ё бо асал биёшоманд, барои хафа шу- дани гулӯ аз хӯрдани гиёҳи заҳрнок ва ё дигар заҳр- хо, девонагӣ, зот-ул-ҷанб (варами пардаҳои даруни сина), дарди камар ва дарди пушт, ки аз ҷамъ шу- дани хилти хом бошад, бағоят фоида дорад. Агар баргашро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд хам, ҳамин навъ фоида дорад. Бо обе, ки дар он ре- шаи тут ҷӯшонида шуда бошад, ғарғара кунанд, дар- ди гулӯи хафакунанда ва ханозерро шифо мебахшад. Инро кӯфта, гузошта банданд ҳам, ҳамин гуна асар дорад. 28 грамм решаҳои борики онро дар об ҷӯшонида, 75 грамм анҷирро дар ним литр об то нисфи об мондан биҷӯшонанд — баъд ҳар дуро якҷо карда, би- нӯшанд, хилти савдоро бошиддат дафъ мекунад. Агар решаи тутро дар об ҷӯшонида, он обро аз рӯ бире- занд, дарди дандонро таскин ва варамҳои калонро 612 таҳлил медиҳад. Бо шилми тут даҳонро чайқонанд, яъне шилми онро дар даҳан бигардонанд, дарди дандонро таскин медиҳад ва агар бимоланд, варамҳои бу- зургро мегардонад. Оби решаи тутро, ки аз чок кардани он таровиш мекунад, 175 грамм гирифта, бо 25 грамм барги ток ва барги анҷири сиёҳ ва бо каме оби борон дар зар- фе андохта, гирди сарпӯшашро ба хамир гирифта, то шашяки об мондан биҷӯшонанд ва баъд бо он мӯйро бишӯянд, ранги пурқуввате мебошад барои сиёҳ кар- дани он. Инчунин барги шоҳтут бо барги ток ва бар- ги анҷири сиёҳ

дар об ҷӯш хӯрда бошад, барои мӯй ранг мешавад. Барг ё пӯсти дарахти онро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гардонанд, дарди дандонро таскин медиҳад. Инчунин шилми тутро низ бихоянд, ҳамин асар- ро дорад. Решаашро кӯфта, дар вақти ҳаммом кардан бо сирко даромехта, ба шаро (аллергия)-и кӯҳна ва реш- ҳои карахшдори раддӣ гузошта банданд, шифо мебах- шад. Баргашро кӯфта, бо равғани зайтун сиришта, ба захмҳо ва сӯхтагии оташ бимоланд, нафъ дорад. Ва агар инро батанҳоӣ кӯфта гузошта банданд, обила ва решҳои аксари аъзои бадан ва инчунин қӯтури тару хушкро дафъ мекунад. Тути хомро кӯфта, бо сирко сиришта гузошта бан- данд, кафидагӣ ва тарқидагии узвҳо, шароро ва ин- чунин танҳо худашро кӯфта гузошта банданд, кафида- гии миёни ангуштон ва пойро зуд ба ибро меоварад. 35 грамм оби барги тари тутро биёшоманд, заҳри ҷонварони заҳрнок ва аз ҷумла заҳри ғундаро аз ба- дан дафъ мекунад. 268. Шоҳтут Мизоҷи самари шоҳтут дар дараҷаи дуввум сард ва дар якум хушк аст, хушкиаш қабзиятноктар, яъне гиранда ва бандкунандаи дарун ва ҷараёни модда- ҳост. Хислатҳои шифобахши он: агар самари расидаи шоҳтутро бихӯранд, моддаҳои сахтшударо дар бадан мулоим мегардонад, фишори баланди хунро паст мекунад, хилти сафроро тит ва пароканда месозад, ва- 613 рамҳои гарммизоҷи ҳалқро мегардонад ва таҳлил ме- диҳад, инчунин намегузорад, ки моддаҳои гарммизоҷи бегона аз боло ба ҳалқ, забон ва дигар узвҳо рехта шаванд, ташнагиро мешиканад, иштиҳоро ба таом ме- кушояд. Агар бо оби самари шоҳтут ғарғара кунанд ё он обро дар даҳан гардонанд, решҳои раддӣ, ҷӯши- ши даҳан ва обилаҳои он, варамҳои ҳалқ, ком ва за- бонро дафъ мекунад. Агар ба оби ин оби коснӣ ва оби кашниз ҳамроҳ карда ин амалро бачо ованд, таъсираш қавитар мегардад. Хӯрдани меваи шоҳтут захми рӯдаҳо, исҳолҳои гарм ва хунинро шифо мебахшад. Хусусан хушки онро бо оби кашнизи тар ва оби коснӣ бихӯранд, намегузорад, ки моддаҳои зарарнок аз ҳар ҷоҳои бадан ба меъда рехта шаванд. Вале аз ҳад зиёд хӯрдани меваи шоҳтут ба узв- ҳои даруни сина, шуш ва асаб зарар дорад. Дар ин маврид асал ва оби анор ошомидан даркор аст, ки зиёнаш ислоҳ ёбад. 269. Анҷир Дарахти анҷир навъҳои бӯстонӣ ва кӯҳӣ дорад. Са- мараш аз ҷиҳати намуд ду хел аст: зард ва сиёҳ, ки ин ба ҳама маълум аст. Навъи сиёҳи онро анҷири шо- мӣ мегӯянд. Агар қаламчаи шохи онро соате дар на- макоб тар карда, баъд шинонанд, самараш ширин ме- гардад. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум тар аст. Хислатҳои шифобахши он: самари тару тозаашро бихӯранд, дарунро мулоим мегардонад, варамҳои до- хилӣ ва моддаҳои ғафсгаштаро дар бадан таҳлил ме- диҳад, меъда ва рӯдаҳоро аз ахлоти бегона пок ме- кунад; барои иллатҳои саръ (припадка) ва фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ) фоида дорад; ин ҳамчун ғизо назар ба дигар меваҳо қавитар

аст, зудтар аз меъда мефурояд, арақ меоварад, дарунро мулоим мекунад, ҳарорати бадан ва ташнагиро таскин медиҳад, қуввати ғазабнокиро мешиканад, ба дил сал- қинӣ мебахшад. Агар чил пагоҳ дар хӯрдани ин мудовамат намоянд, баданро фарбеҳ мекунад; барои ил- латҳои дилтапак (дилбозӣ), дамкӯтаҳӣ, сурфа, дарди узвҳои даруни сина ва давалии қасабаи шуш даво 614 мебошад, ҷигарро қувват медиҳад; гиреҳ ва варами сипурз, бавосир, лоғарии гурда, душвории шошидан ва чакмезакро дафъ мекунад, варам ва пучакҳоро ме- пазонад. Агар анҷирро бо мағзи бодом ва мағзи писта бихӯранд, барои одамони заифбадан мувофиқ аст— ҳоли бадани онҳоро ислоҳ мекунад, ақлро зиёда ме- гардонад, майнаро пур месозад. Ва агар бо мағзи чор- мағз бихӯранд, аз газанди заҳрҳои қаттол амон мемо- нанд. Ҳангоме ки анҷирро ба дили наҳор бихӯранд, роҳҳои ғизоро кушода мегардонад ва баданро фарбеҳ мекунад. Агар анҷирро пеш аз таом бихӯранд, дарун- ро мулоим менамояд. Вале баъд аз хӯрдани анҷир ҳо- лати ногуворе ҳис кунанд, зуд аз болояш сиканҷабин (сиркоасал) бинӯшанд, газандашро ислоҳ медиҳад. Мизоҷи анҷири хушк дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум тар аст. Вале ин дар бобати шифобахшӣ за- ифтар аз тару тозаи он мебошад. Агар инро бихӯранд, ташнагӣ меоварад, ҳазмаш душвор, вале дарунро мулоим мегардонад, моддаҳои бадбӯйро ба тарафи пӯст меронад. Инак, агар инро бисёр бихӯранд, дар бадан шапуш пайдо мекунад, бо вуҷуди ин барои иллатҳои фолиҷ, аз моддаҳои тармизоҷ баамаломада, барои ода- мони сардмизоҷ, дарди пушт, чакмезак нафъ дорад. Азбаски анҷири хушк гурдаро гарм мегардонад, пас олати мардиро ба ҳаракат меоварад. Анҷири тар ва хушкашро бихӯранд, ҳам барои саръ (припадка) ва қувват бахшидани майна дору мешавад. Анҷири хушкро кӯфта бипошанд, реш ва захмҳои сарро хушк намуда, сиҳат мебахшад. Дар вақти сабз будани баргҳояш шохашро бишикананд ё баргашро бикананд, шир аз он ҷо бармеояд. Ҳамин ширро бо асал даромехта, хоҳ ба чашм бимо- ланд ва хоҳ дар чашм чаконанд, пардаи дар он аф- тодаро, ки чашмро торик мекунад,, дафъ менамояд; ин- чунин ба сӯрохи гавҳараки чашм зардоб фуромада ва дар ҳолати ибтидо бошад, онро ҳам дафъ мегардонад; агар табақаҳои чашм ғализ, яъне дағал шуда бошанд, ба ҳоли аслиашон меоварад. Оби баргашро ба чашм бичаконанд, ҷӯшишҳои хоришовари пилкҳоро сиҳат ме- бахшад. Анҷирро дар об ҷӯшонида, бо он об ғарғара ку- нанд, варами мушакҳои забон ва қасабаи шушро таҳ- лил медиҳад. 615 Анҷирро бо ҳулба ва асал биҷӯшонанд ба дараҷае, ки қивомаш лесиданбоб гардад, баъд онро лесида би- хӯранд, барои пок кардани узвҳои даруни сина ва шуш дармон мегардад. Анҷирро бо мағзи чормағз бихӯранд, қулинҷро, ки дард ва варами рӯдаи ғафс аст, таҳлил медиҳад ва касонеро, ки дарунашон хушк ояд, даруни онҳоро му- лоим мегардонад. Анҷирро дар об

ҷӯшонида, бо он об, ки ширгарм бо- шад, ҳуқна (клизма) кунанд, дарди рӯдаҳоро дафъ мекунад. Чун анҷирро дар сиркои тунди ангурӣ нӯҳ рӯз тар карда, баъд ҳар рӯз панҷ адади онро бо камтари он сирко биёшоманд, варами сипурзро таҳлил медиҳад. Анҷири хомро дар сирко парварда, яъне як шабона- рӯз дар он тар карда бихӯранд, низ чунин таъсирро дорад. Анҷир ва мағзи чормағз — аз ҳар ду баробармиқ- дор гирифта, кӯфта, ҳар рӯз аз ин 90 грамм бихӯранд, боҳ ва олати мардиро ба ҳаракат меоварад, дарунро меронад, инчунин барои газидани каждум ва дигар заҳрҳо тарёқ мешавад. Аз анҷир шарбат тайёр карда биёшоманд, сурфаи кӯҳнаро дафъ мекунад, гиреҳҳоро дар узвҳои бадан мекушояд; гурда ва хичакро аз чизҳои бегона пок ме- кунад. Анҷири кӯҳӣ (саҳроӣ) дар ҳама бобат аз анҷири боғӣ қавитар аст. Самари инро пухта, батанҳоӣ кӯфта ё бо орди ган- дум, ё бо орди ҷав, ё бо решаи савсани кӯҳӣ хамир карда гузошта банданд, варамҳои баногӯш ва дигар варамҳои сахтро ва инчунин ханозерро таҳлил меди- ҳад; озаххоро хушк карда мерезонад, асаби шахшуда- ро мулоим мекунад; хол ва доғҳои сиёҳи пӯст, инчу- нин доғи сафеди пӯстро дафъ менамояд; дарди бу- ғумҳо, ниқрис (подагра)-ро ба ибро меоварад. Агар инро бо хамири расида ё бо хамиртуруш си- ришта гузошта банданд, пучакҳоро мепазонад; агар бо зоки кӯфтагӣ сиришта гузошта банданд, захмҳои соқи поро, ки зардоб аз онҳо равон бошад, шифо мебах- шад; бо кӯфтаи пӯсти анор сиришта гузошта бан- данд, барои милкаки нохун дору мешавад. Оберо, ки дар он анҷири кӯҳӣ ҷӯшонида шуда бошад, бо шаро- бе, ки орди ҷав ва талхшувоқро кӯфта, дар он дохил 616 карда бошанд, даромехта, ба абни (калон шудан ва варам кардану бод гирифтани меъда) гузошта бан- данд, шифо мебахшад. Пухтаи онро бо орди ҷав хамир карда гармбандӣ кунанд, дардҳои гуногунро таскин медиҳад. Ин анҷир- ро кӯфта, бо равғани зайтун хамир сохта, ба дандон бимоланд, дандонро сафед мекунад, милки дандонро сахт ва қавӣ мегардонад ва рафтани хунро аз он қатъ месозад. Агар кӯфтаи ин анҷирро ба захмҳо бипошанд, он- ҳоро аз рим пок мекунад. Ва агар инро ба доғҳои пӯст гузошта банданд, онҳоро дафъ мекунад. Агар инро би- хӯранд, исҳоли хунинро мебандад. Анҷири кӯҳиро бо мумравғани зайтуни хамир сох- та гузошта банданд, аз сармо кафидани узвҳоро ис- лоҳ менамояд; бо сирко ва зардаи тухми мурғ хами- ра сохта, гарм карда гузошта банданд, бемориҳои мақъадро шифо мебахшад. Сӯхтаи онро бо асал даромехта, латтаи пашминро ба он олонда, занҳо аз таг бардоранд, реш ва захм- ҳои бачадонро пок, рутубати мурдор ва хунравии он- ро қатъ мекунад. Мизоҷи анҷири хом ба сардӣ моил аст. Инро пухта гузошта банданд, ханозерро таҳлил ме- диҳад, асаби шахшударо мулоим мегардонад: бо сир- ко ва намак сиришта гузошта банданд решҳои тар- ро шифо мебахшад; бо асал сиришта гузошта бан- данд,

барои газидани саги девона даво мешавад. Пух- таи онро бо барги кӯкнор кӯфта бимоланд, резаҳои устухони шикастаро аз даруни узвҳо берун меоварад. Як-ду дона анҷири хомро бо гӯште, ки бисёр сахт бошад, бипазанд, зуд муҳарро месозад. Шири анҷирро ба чашм бикашанд, оберо, ки ба даруни гавҳараки чашм фуромада бошад, дафъ меку- над. Чун пахтаро ба шири анҷир тар карда, ба зери дандони дардманд бигузоранд ё дар сӯрохи дандони кирмхӯрда ҷо кунанд, дардашро таскин медиҳад. Агар онро бо мағзи бодоми ширин якҷо кӯфта бихӯранд, дарунро мулоим мекунад ва сахтии бачадонро, ки ха- тарнок бошад, дафъ менамояд. Агар инро бо равған даромехта, ба озахҳо гузошта банданд, онҳоро хушк карда мерезонад; бо ҳулбаи хушк хамир сохта гузош- та банданд, барои ниқрис, ки варам ва дарди ангуш- тони дасту поҳо мебошад, даво мешавад; бо орди ҷав 617 сиришта гузошта банданд, қӯтури тар ва хушкро аз пӯст пок мекунад, инчунин шукуфаи пуст, доғи кунҷи- дак ва доғи сафеди пӯстро дафъ месозад. Агар худаш- ро батанҳоӣ бимоланд, газидани занбӯр ва дигар ҷон- варонро (аз ҷумла газидани саги девонаро) шифо ме- бахшад, доғҳои пӯстро пок мекунад ва гӯшти ҳаромро аз решҳо нест месозад. Барги тари анҷирро кӯфта, ба ҷароҳатҳо гузошта гузошта банданд, рехтани пӯсти баданро ба ислоҳ ме- оварад. Агар барги анҷирро пухта гузошта банданд, устухони зарбхӯрдаро ба ислоҳ меоварад. Барги ан- ҷирро кӯфта, бо об чун атола таркиб дода, ба сар бимоланд, рехтани мӯйро манъ мекунад. Усораи барги он, яъне оби барги онро дар офтоб ғафс гардонанд, мизоҷаш бисёр гарм аст пӯстро зах- мин мекунад. Агар инро гузошта банданд, даҳани раг- ҳои мақъадро мекушояд, озахҳоро хушк мекунад, хол- ҳоро дафъ месозад. Анҷирро бисёр бихӯранд, ба ҷигар ва меъдаи за- иф зарар дорад, хусусан дар тари он ин хислат беш- тар аст, инчунин ба дандонҳо ҳам зиёнкор аст. Агар хушкаш зарар кунад, чормағз ва кокутӣ бихӯранд, зиёнаш ислоҳ меёбад ва агар тараш зиён кунад, си- канҷабин ва оби ревоч бинӯшанд, дафъи зарари он ме- намояд. 270. Сир Ин пиёзакест, ки онро саримсоқ низ меноманд ва ба забони русӣ чеснок мехонанд. Сир навъҳои бӯсто- нӣ, саҳроӣ ва кӯҳӣ дорад. Бӯстониаш низ ду қисм ме- бошад: якеаш бисёрдандона ва дигараш фақат як- лухт мебошад. Қисми саҳроияш ба қадри пиёзи кӯчак ва якдандона аст. Навъи кӯҳиаш низ яклухт аст. Беҳ- тарини ҳамаи ин навъи бӯстонии бисёрдандонаи он аст. Мизоҷи сир дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Мизоҷи саҳроияш дар дараҷаи чорум гарм ва хушк мебошад, ки истеъмоли ин ба дарун раво нест. Хислатҳои шифобахши он. Хусусиятҳои умумии ин: таҳлилдиҳандаи моддаҳои ғафс ва варамҳо, поккунан- да аз ахлоти носара, кушояндаи гиреҳҳо, хушккунан- даи рутубатҳои нодаркори буғумҳо ва меъда, рақиқ- 618 кунандаи хуни ғафс, равонандаи пешоб, ҳайз ва арақ, бар зидди заҳрҳо ва

заҳролудшавӣ тарёқ аст. Агар инро ба мизоҷ, фаслҳои сол ва миқдори эътидол риоя карда бихӯранд, саломатии мизоҷи баданро нигоҳ медорад, зарари обҳои гуногун ва ҳавои вабои- ро дафъ мекунад, хусусан бо сирко бихӯранд, феълҳои номбурдааш боз ҳам қавитар мегардад, инчунин ҳалқ- ро пок ва овозро равшан мегардонад; дамкӯтаҳӣ, зиқ- ун-нафас (астма), фаромӯшхотирӣ, фолиҷ (шал шу- дани нимаи бадан ба дарозӣ), каҷ шудани рӯй, лар- зак, аксари бемориҳои асабонӣ, дарди буғумҳо, иркун- насо (радикулит), никрис (подагра), дарди сурин ва монанди инҳоро шифо мебахшад; ахлоти ғафсро тит ва пароканда мекунад, бемориҳои сипурзро бартараф менамояд; бодҳои тиҳигоҳ (холияки паҳлу) ва қулин- ҷи бодиро, ки ин дарди дар узвҳои бадан даврзананда аст, дафъ месозад, зулуки дар ҳалқ часпидаро канда бармеоварад, ҳамаи кирмҳои меъда ва рӯдаҳоро, ҳат- то кирми кадудонаро (солитёрро) ҳам хориҷ меку- над. Агар инро одамони тармизоҷ бихӯранд, қуввати боҳ (пушти камар) мебахшад, манӣ пайдо мекунад, вале агар гарммизоҷон бихӯранд, мании онҳоро хушк мегардонад, ташнагӣ меоварад. Сирро ба шартҳои дар боло гузошташуда риоя кар- да бихӯранд, барои табҳои кӯҳна, захмҳои шуш ва дарди меъда даво мешавад ва ташнагиро, ки сабабаш бисёрии балғам ва гирехи мосорико бошад, дафъ мегардонад. (Мосориқо мӯрагҳое мебошанд, ки бо во- ситаи онҳо ғизои ҳазмёфта аз рӯдаҳо ба ҷигар кашида мешавад). Инчунин хӯрдани сир чакмезакро шифо ме- диҳад, ранги рухсорро неку мегардонад, ғизоҳои бадҳазмро латиф менамояд, варамҳоро таҳлил медиҳад, сангҳои гурдаро майда карда мерезонад, азияти гази- дани мор ва дигар ҷонваронро дафъ мекунад, барои саги девонагазида даво мешавад, шиддати заҳри ғун- даро мешиканад. Агар инро бо шароб биёшоманд, заҳ- ри афъиро ҳам дар бадан безиён менамояд. Сирро бар- давом истеъмол намоянд, мӯйи сафедро резонида, ба ҷояш мӯйи сиёҳ мерӯёнад. Агар инро бо анҷир ва мағ- зи чормағз бихӯранд, аз подзаҳр (доруи заҳр) қави- тар мегардад. Сирро бо зира ва барги санавбар пухта бихӯранд, дандонро мустаҳкам мекунад; агар бо шири гӯсфанд пухта, баъд бо равғани гов бирён карда, бо асал ши- 619 рин намуда, яъне ҳалво сохта бихӯранд, барои ба ҳа- ракат овардани олати мардӣ ва боҳ давои бемисл аст. Вале сирро дар фасли гармо, аз ҳад зиёд, одамони гарммизоҷ ва касони дорои мизоҷи хушк бихӯранд, за- рар мекунад, дарди сар медиҳад, хунро месӯзонад, ин- чунин ба чашм, шуш, бавосир ва занони ҳомила зиён мекунад ва касоне, ки исҳол дошта бошанд, бадтар мекунад, барои ханозер низ зиёнкор аст, дар бадан сафрои бисёр тезро пайдо мекунад, боҳро суст мегар- донад, бемориҳои гуногунро бармеангезад. Агар сирро дар об пухта, бо камтар намак ва бо андак равғани бодоми ширин ва ё равғани маска изофа карда бихӯранд, зарар намерасонад. Инчунин инро бо кашниз,

сиканҷабин, оби анори майхуш ва монанди инҳо бихӯранд, дафъи зарар мекунанд. Обашро ба чашм кашанд, сиёҳии таги чашмро ис- лоҳ мекунад. Сирро дар сирко парварда, яъне як ша- бонарӯз дар он тар карда, баъд бо он сирко ғарғара кунанд, зулуки дар ҳалқ часпидаро канда берун мео- варад, забҳаро шифо мебахшад. (Забҳа—дарди гу- лӯи шадид, ки аз ҷамъ шудани хун дар ҳалқ ба амал меояд). Сирро дар об ҷӯшонида, бо он об нимгарм ҳуқна (клизма) кунанд, ирқуннасоро шифо мебахшад. Сирро дар хамир ё дар гил печонида, дар зери оташ пухта, ба дандон бимоланд, дарди онро, ки са- бабаш ҷамъ шудани бод ё рутубат бошад, таскин ме- диҳад. Инро кӯфта, бо асал сиришта, ба обила ва донача- ҳои пӯст, шукуфаи пӯст, решҳои тари сар, сабӯсаки сар, доғи сафеди пӯст ва қӯтур бимоланд, шифо ме- бахшад, лекин пӯстро захмин ё реш мекунад. Бо асал ва сирко сиришта бардавом бимоланд, зардоби ҷамъ- шуда ва умуман варамҳои баданро таҳлил медиҳад. Сирро бо шир пухта, хамир сохта гузошта банданд, дубайла (кӯряра) ва пучакҳоро мекафонад. Агар ин- ро сӯхта, сойида, бо асал хамир карда гузошта бан- данд, хуни шахшудаи зери пилки чашмро дафъ меку- над. Инро дар равған бирён карда бихӯранд ва ин си- ри пухтаро бо ҳамон равған сиришта бимоланд, захм- ҳои обдори сарро дафъ мекунад. Равғанеро, ки дар он чанд бор сир ҷӯшонида шуда бошад, бимоланд, инчунин бихӯранд, хуни дар ҷоҳои 620 дури бадан шахшударо мегудозад, аз хунукӣ кафида- ни пӯстро шифо мебахшад; барои дарди буғумҳо, қу- линчи балғамӣ, яъне дарди рӯдаи ғафс аз зиёд гаш- тани балғам ва аз ахлоти часпак харошида шудани сатҳи даруни рӯдаҳо даво мешавад. Хокистари сирро бо асал хамир карда бимоланд, барои доғи пес ва доғи сафеди пӯст даво мебошад, инчунин ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад, хуни дар таги пӯст хобидаро ис- лоҳ медиҳад ва қӯтури пӯстро шифо мебахшад. Барг ва пояи онро дар об ҷӯшонида, дар он об то ноф даромада нишинанд, ҳайз ва пешоби бандшударо мекушояд, яъне равон мекунад, инчунин ҳамроҳаки (ёраки) тифлро хориҷ месозад. Сири хомро бо навшодир якҷо кӯфта, ба доғи пес ва доғи сафеди пӯст бимоланд, даво мебошад; агар бо зифт сиришта бимоланд, милкаки нохунро сиҳат мебахшад, инчунин дағалӣ ва качии нохунро ислоҳ мекунад. Дар чанд ҷо қайд гардидааст, ки агар гирифтори иллати фолиҷ рӯзи аввал як дандона, рӯзи дуввум ду дандона, рӯзи саввум се дандона ва ҳамин тариқ рӯзе якдандонагӣ зиёд карда, дар рӯзи чилум чил дан- дона бихӯранд ва аз рӯзи чилу якум якдандонагӣ кам- кунон дар рӯзи ҳаштодум як дандона хӯрда, ба анҷом расонанд, аз бемории фолиҷ наҷот хоҳад ёфт ва ба да- вои дигар эҳтиёҷ нест. 271. Чой Шифодории чойро аввалин бор дар Хитой кашф карданд ва баъд ин растании аҷиб ба дигар мамла- катҳо паҳн гаштааст. Инро бояд хотиррасон намоем, ки тариқи аввали- ни шинохтани чой аз мамлакати

Хитой ибтидо ёфта- аст. Подшоҳи мулки Хитой ба яке аз наздикони дар- бори худ дарғазаб гашта, ӯро аз мулки худ бадарға менамояд. Бадарғашуда аз тай намудани дашту саҳ- роҳои бешумор бемор мегардад. Рӯзе ӯ дар миёни кӯҳ- сор гурусна монда, барои хӯрдани гиёҳе майл меку- над. Иттифоқан аз хӯрдани ин сиҳат меёбад, ранги баданаш нуронӣ мегардад ва худаш қувват мегирад Баъд вай ба пойтахт баргашта, ҳодисаро ба яке аз наздикони шоҳ арз медорад. Подшоҳ аз ин воқифгаш- 621 та фармуд, ки он мардро наздаш ҳозир намоянд. Чу- нин карданд. Подшоҳ чеҳраи дилкаши ӯро дида ҳай- рон шуд ва пурсид: чун кардӣ? Он мард ҳодисаро як- як нақл намуд. Шоҳ табибони худро фармуд, то ки он гиёҳро биёваранд ва озмун намуда, хислатҳои шифо- бахши онро муайян кунанд. Инак, хислатҳои чой кашф гардид. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Баъзеҳо мизоҷи инро сард медонанд. Ҳар ду ҷониб ҳам ба таври худ ҳақ аст. Зеро чойи кабуд дар мизоҷ сард ва хушк аст ва мизоҷи чойи сиёҳ гарм ва хушк мебошад. Хислатҳои шифобахши он: нӯшидани чойи сиёҳ қув- вати бисёр мебахшад. Арвоҳро, яъне рӯҳи ҳайвониро, ки қуввате вобаста ба дил аст, рӯҳи нафсониро, ки қуввате вобаста ба феъли майна аст ва рӯҳи табииро, ки қуввате вобаста ба ҷигар аст — ҳар серо қавӣ ме- гардонад; меъдаро мустаҳкам менамояд, боҳро меафзояд; касеро, ки оруғаш боднок ё дуднок бошад, ба ислоҳ меоварад, нишот мебахшад, моддаҳои балғами- ро пароканда месозад, гиреҳҳоро мекушояд; ахлоти зарарнокро пазонида, рақиқ (суюқ) намуда, барои дафъ шудан муҳайё мегардонад, арақ меоварад, пе- шобро меронад, ташнагиро таскин медиҳад. Агар чойи кабуд бинӯшанд, дарди сари аз гармӣ содиршударо ва агар чойи сиёҳ бинӯшанд, дарди сари аз хунукӣ ҳо- дисшударо таскин медиҳад, тафси меъдаро паст меку- над. Умуман нӯшидани чой хунро соф мегардонад, ранги рӯйро неку месозад ва мадад мерасонад, ки да- воҳои истеъмолгашта ба қаъри меъда ва ҷоҳои дури бадан бирасанд, меъда ва мағзи сарро аз олойишҳо пок мегардонад; барои дур кардани бӯйи бади даҳан, бӯйи шароб, бӯйи сир, бӯйи пиёз ва ғайра давои хубест; ба- рои иллати дилтапак (дилбозӣ) ва бемориҳои дигари дил, пок намудани даруни рагҳои дил ва инчунин ба- рои ҷило додани даруни дигар рагҳои бадан, ки хун- гузар бошанд, даво мебошад; иллати ростнафасро ба ибро меоварад (ростнафас — бемориест, ки гирифто- раш сари худро боло дошта, нишаста ва рост истода нафас гирифта метавонад, вале хоб карда нафас ги- рифта наметавонад); рӯҳро чоқ ва ғамро дур мекунад; барои бемориҳои зардпарвин, сустии ҷигар, ки ба дас- ту поҳо ва рӯ варам меоварад, истисқо (водянка), бе- мориҳои гуногуни аз гиреҳҳо ба судур омада, бавосир, 622 банд шудани пешоб, чакмезак ва сустии гурдаро, ки аз сардӣ бошад, камоли ёрӣ мерасонад. Агар чойро дар камтар об ҷӯшонида гузошта бан- данд, варамҳои сахтро таҳлил ва

дарди бавосирро тас- кин медиҳад. Оберо, ки дар он чой ҷӯшонида шуда бошад, кам-кам ва бардавом бирезанд, арақ меоварад ва ба сар бирезанд, хоб меоварад. Дар вақти нӯшидани чой аз он андак талхӣ ва тунҷӣ дарёфт мегардад. Барои дафъ кардани ин таъ- ми ногувори он ё қанд (шакар), ё набот дар он меан- дозанд, ё шири ҷӯшонидашуда илова мекунанд, ки чой- ро набояд бе ширинӣ истеъмол намоянд. Ҳеҷ вақт чойро ба дили наҳор наменӯшанд. Агар одамони гарммизоҷ бардавом чойи сиёҳро ба дили на- ҳор бинӯшанд, ба иллатҳои гарм гирифтор мекунад, вале агар одамони сардмизоҷ ба дили наҳор чойро бардавом бинӯшанд, дар онҳо бемориҳои сардмизоҷро ба амал меоварад. Аммо касоне, ки дар меъдаашон ахлоти мурдори бадфиол ва часпак дошта бошанд ва аз онҳо дар худ гаронӣ эҳсос намоянд, оруғи бухорнок гардонанд ё бод пайдо шуда бошад, чойро ба дили наҳор нӯшидан ал- батта фоида дорад. Чойро аз болои таом бинӯшанд, ҳазми онро метезонад. Агар чойро бо решаи ревоч дар об якҷо ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, моддаи сафро ва балғами часпак- ро ихроҷ мекунад. Ба чой бунафша ё сунбул, решаи бепӯсти ширин- бия, ё гули гулихайрӣ, ё бобуна, ё сано ҳамроҳ наму- да, дар об ҷӯшонида, соф намуда, бо шакар ширин сохта ва камтар равғани гулисурх андохта, нимгарм бо он об ҳуқна (клизма) кунанд, рӯдаҳоро аз моддаҳои часпаки сардмизоҷ пок мегардонад. Он чӣ ин ҷо баён кардем, ин усули чойнӯшии аврупоиён аст. Чойро дам карда бинӯшанд, хеле қувват мебахшад, боҳ ва меъдаро мустаҳкам мекунад ва олати мардиро ба ҳаракат меоварад. Барои зиёдтар зоҳир кардани ин гуна хислатҳояш ин тавр таркиб месозанд: чойи навъи аъло, дорчинии кӯфтагӣ, хусят-ус-саълаби мисрӣ — аз ҳар як 1,75 грамм; асғанди ногӯрӣ, кабобаи чинӣ —аз ҳар як 0,887 грамм — ҳамаро кӯфта, бехта, дар об ҷӯ- шонида, камтар анбари дуранг дар он ҳал карда, бо набот ширин гардонида, нимгарм менӯшанд. Агар ба 623 ин таркиб панҷ дона қаранфули гардан ҳам дохил намоянд, беҳтар мешавад. Яке аз ин намуд таркибро дар Япония тайёр мекунанд, ки ин чойнӯшӣ вирди за- бони аҳли тамоми дунё гаштааст. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-264-271#264

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 272-277 272. Ҷадвор 273. Гулисурх 274. Гулқанд 275. Хушоб 276. Сирко 277. Май 272. Ҷадвор Инро дар забони қадимаи форс-тоҷик моҳпарвин меномиданд. Баъдтар бинобар аксари дардҳоро «зада дафъ карданаш «задвор», яъне заданвор гуфтанд ва ин калима дар таъсири забони арабӣ монда, ҷадвор гаштааст. Ин решаи гиёҳест гулаш бунафш, баргҳояш ба баргҳои чинорак мемонад. Соқаш, яъне пояш аз 25 то 70 сантиметр мехезад. Вале дар ҷаҳон панҷ навъ ҷадвор мавҷуд аст: 1. Ҷадвори бунафш, ки ин решаест ба ғафсии ан- гушт ва аз он бориктар низ,

дарозиаш ҳам ба миқдо- ри ангушти даст аст, монанди думи каждум гиреҳдор. Аз мобайни гиреҳҳои ин чун дар нӯги пистон бошад, решаҳои борик рӯйидааст, ранги берунаш сиёҳ ва мағ- зи решааш лоҷвард аст. Бинобар ҳамин инро ҷадвори бунафш меноманд. Ин дар бобати шифобахшӣ дар ҷойи якум мавқеъ дорад. 2. Берун ва даруни решаи ин аз ҷадвори бунафш бо тирагии ранги пӯст ва зардии да- рунаш фарқ мекунад ва аз дигар ҷиҳат сохташ ба навъи якум монанд аст ва мавқеи ин дар ҷойи сонӣ мебошад. 3. Зоҳир ва ботини решаи он — ҳар ду сиёҳ мебошад. Ин аз ҷиҳати шифобахшӣ баъд аз навъи дув- вум мақом дорад. 4. Решааш моил ба сиёҳӣ, низ чун дигарҳояшон талх аст дар таъм ва ба миқдори самари олуболу мешавад. 5. Ҷадвори андалусӣ аст, ки ба ара- бӣ антула меноманд ва ба тоҷикӣ парпӣ мегӯянд. Дар мамлакати мо се навъи ҷадвор вомехӯранд, ки ҳамаи инҳо беҳтарини ҷадворҳо мебошанд. Қисми якум — ҷадвори бунафш ва қисми дуввум — ин ҳар ду дар қаторкӯҳҳои Чатқали Қирғизистон мерӯяд. Қисм- ҳои саввум ва чорум дар Ҳиндустон ва Эрон макон доранд. Қисми панҷум, ки ба тоҷикӣ парпӣ меноманд, дар диёрҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ (дар саҳроҳои водии Ҳисор ва водии Зарафшон) мерӯяд. Дар хусуси парпӣ алоҳида таваққуф менамоем. Агар решаи холиси ҷадворро нигоҳ доранд, қувва- таш то ҳафт сол боқӣ мемонад. Ва агар қивомашро 624 дар зарфи шиша ё дар салафан баста нигоҳ доранд, солҳои дароз дар қуввати худ содиқ мебошад. Беҳтар аз ҳамааш қивомкардаи ин мебошад ва гирифтани қи- воми ин чунин аст. Решаҳои ҷадворро дар дег ё дар зарфи сирдор дар об муддате меҷӯшонанд, то ки қув- ваташ ба об гузарад. Баъд он обро, ки сип-сиёҳ мето- бад, бо воситаи дока соф намуда, дар тағорае ё дар лаган хоҳ дар офтоб ва хоҳ дар соя бигузоранд, обаш парида, ҷадвори холисаш дар зери тағора ба шакли қивом боқӣ мемонад. Баъди он, ки решаҳоро дар об ҷӯшонида бошанд, яке аз он решаҳоро бо забон бичашанд, талхиаш боқӣ мондааст ё не. Агар талхии он дарк гардад, аз нав бо- яд биҷӯшонанд ва илло не. Дар тибби қадима ва ал- ҳол аз ин беҳтар давои содда вуҷуд надорад. Мизоҷи ҷадвор дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст, куллан тарёқ аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани ҷадвор фараҳ меоварад, қувватҳои ҳайвонӣ (ҷисмонӣ), нафсонӣ (рӯ- ҳӣ) ва табиии баданро афзунӣ мебахшад ва мустаҳ- кам мекунад, узвҳои раиса (яъне дил, майна, меъда, ҷигар, гурда ва хояҳо) ва инчунин узвҳои даруни ши- кам ва даруни синаро қавӣ мегардонад; бар зидди ҳа- маи заҳрҳои гарммизоҷ ва сардмизоҷ тарёқ мебо- шад, тамоми гиреҳҳои узвҳои баданро мекушояд, мод- даҳои дағал ва ғафси дар бадан пайдошударо нарм ва мулоим мегардонад, инчунин узвҳои шахшӯлро нарм месозад. Агар инро ба варамҳо ва решҳо гузошта бан- данд, ҳам онҳоро мепазонад ва ҳам таҳлил медиҳад, ба узвҳои дардманд гузошта банданд,

дарди онҳоро со- кин мекунад. Инчунин агар инро бихӯранд, дардҳои ботиниро таскин медиҳад, баданро фарбеҳ мекунад, чашм ва дандонро пуркувват ва мустаҳкам мегардо- над, иштиҳои таомро бармеангезад, қуввати боҳ (пуш- ти камар)-ро меафзояд ва олати мардиро ба ҳаракат меоварад, пешоб ва ҳайзи бандшударо равон мекунад; барои бемориҳои вобаста ба феъли мағзи сар ва асаб- ҳо, монанди: саръ, фолиҷ, ликва (кач шудани рӯй). ларзак, сустӣ ва нотавонии узвҳо, карахтӣ, истисқо (водянка), зардпарвин, сустии меъда (яъне аз ҷойи худ поён фуромадани он), резонидани сангҳои гурда ва хичак, қулинҷ (колит) ва душвории шошидан дору ме- бошад, ахлоти бадбӯйи баданро ислоҳ менамояд ва та- би дурӯздармиёнро шифо мебахшад. 625 Ба миқдори донаи ҷуворимакка ҷадворро бо шароб бихӯранд. заҳри морҳои қаттол, заҳри каждум (ҳатто каждуми ҷаррораро, ки аз камоли қуввати заҳр думаш- ро кашида меравад), заҳри ғунда ва дигар ҳайвонотро дафъ мекунад, инчунин заҳри бишро, ки аз гиёҳҳои қат- толтарин аст, нест менамояд. Агар ҳар рӯз ба андозаи донаи биринҷ се маҳал аз қивоми ин биёшоманд, дард ва варамҳои ботиниро дафъ мекунад, исҳолро мебандад. Ҳар рӯз донаи гандум барин аз қивоми ин бо гулоб то 7 ва 10 рӯз, ё бо шароб, ё бо шарбати абрешим ва ё бо шарбати говзабон биёшоманд, дилро хурсанд ва сустии ин узвро дафъ мекунад; дилтапак (дилбозӣ) ва фишурда шудани дилро, ки хусусан аз сардӣ бо- шад, шифо мебахшад, инчунин ваборо дар рӯзҳои ва- бо дафъ мекунад. Агар ин миқдор ҷадворро батанҳоӣ ё бо гулоб бихӯранд, дарди буғумҳоро таскин меди- ҳад ва ба ибро меоварад; агар бо гулоби гарм бихӯ- ранд, дарди меъдаро таскин медиҳад; ба андозаи би- ринҷи онро бо сиканҷабин биёшоманд, гиреҳҳои ҷигар- ро мекушояд; ин миқдор қивоми онро бо шираи саган- гур ё бо шираи тухми коснӣ чанд рӯз биёшоманд, ги- реҳи мосорикоро мекушояд (мосорико — мӯрагҳое ме- бошанд, ки бо воситаи онҳо ғизои ҳазмёфта аз рӯдаҳо ба ҷигар кашида мешавад), истисқоро шифо мебахшад. Ҳар рӯз се маҳал донаи гандум барин аз қивоми ҷадвор то даҳ рӯз бихӯранд, сангҳои гурда ва хичакро ҳар навъ, ки бошанд, майда карда мерезонад; бо ши- раи сагангур ва ё бо шираи хори хасак биёшоманд, пешоби бандшударо мекушояд; бо шираи тухми боди- ринг ё бо шираи хори хасак бихӯранд, қулинҷи бодиро дафъ мекунад; агар инро бо обе, ки дар он пудина, арпабодиён ва сагангур ҷӯшонида шуда бошад, то ҳафт рӯз бихӯранд, ҳамаи навъҳои таби балғамӣ ва таби дурӯздармиёнро дафъ мекунад. Вақте ки душвории дарди таваллуди зан наздик расад, ба миқдори донаи гандум аз қивоми ҷадвор бо оби сагангур ё бо оби ҳулба ва ё бо шираи хори хасак бихӯранд, зодан осон мегардад. Агар бача дар ши- ками модар мурда, аз худ заҳр ҷудо гардонида, мо- дарро заҳролуд гардонида ё дар аснои таваллуд

хуни бисёр рафта, занро заифу бемадор гардонида бошад, ҳар рӯз се маҳал ба андозаи донаи гандум ақаллан то ҳафт рӯз бихӯрад, ӯро тани сиҳат мебахшад, дурустта- раш аз марг наҷот медиҳад. Ва барои саръи тифлон 626 донаи арзан барин аз ин қивом бо шири модараш би- хӯронанд, даво мешавад; инчунин ҳамаи бемориҳои тифлонро, ки вобаста ба феъли майна бошанд, ба иб- ро меоварад. Агар ҷавони калонсол ба иллати саръ (припадка) гирифтор бошад, миқдори донаи ҷуворимакка аз қиво- ми ин бо шарбати говзабон як бор ба ӯ бихӯронанд, сиҳат мебахшад, вале агар бардавом бихӯронанд, ин бемориро авҷ мегиронад. Табибони ҳозиқи Ҳиндустон истеъмоли бардавоми ҷадворро боиси фарбеҳ шудани бадан медонанд. Қивоми ҷадворро дар сирко ҳал намуда бимоланд, варамҳои сардро мепазонад ва таҳлил медиҳад, хусу- сан варамҳои хатарноки паси гӯш, зери бағал ва ка- ши ронро, ки се-чор бимоланд, дафъ мекунад. Барои дарди гулӯи шадид, ки аз ҷамъ шудани хун дар он мавзеъ бошад, барои ханозер (хукгардан) ва дигар варамҳои гулӯ ҷадвор даво мебошад, инчунин тоун (чума), ки реши мӯҳлик аст, вабо (холера), ки реши тоунро ба амал меоварад, доғи пес, доғи сафеди пӯст, доғи кунҷидак ва доғҳои дигари гуногуни пӯст ва дард- ҳои буғумҳоро, бо мудовамат бимоланд, шифо мебах- шад. Агар инро бо кӯфтаи чанд дона мурч ҳамроҳ карда бимоланд, варамҳои сардро ва агар дар оби кашниз мулоим карда бимоланд, варамҳои гармро таҳ- лил медиҳад. Ва агар қивоми инро батанҳоӣ бимоланд ё бо оби кашниз ва ё бо сирко сиришта бар пушти чашм бимоланд, варамҳои пилкҳои чашмро таҳлил ме- диҳад. Агар инро ба дандон бимоланд, дарди дандон- ро, ки аз хунукӣ бошад, таскин медиҳад, бар бавосир бимоланд ҳам, дардашро сокин мекунад инчунин ва- рамашро низ мегардонад. Агар худи инро батанҳоӣ ба зери ноф бимоланд, захми хичакро шифо мебахшад ва пешоби бандшударо мекушояд. Камтареро аз он дар об ҳал карда, ба чашм чаконанд, дарди чашмро, ки сабабаш хунукӣ бошад, сиҳат мебахшад. Агар маҳ- лули инро бо чакрарез дар сӯрохи закар гузаронанд, пешоби баста ва рими бандшударо мекушояд. Решаи хушки онро ос карда, ба ҷароҳатҳо бипо- шанд, хуни равони онҳоро мебандад ва онро ба ҳам оварда сиҳат мебахшад. Қивоми ҷадворро бо равғани зайтун ё равғани гу- лисурх даромехта бимоланд, бемориҳои вобаста ба ҳо- лати майна ва асабҳо бошанд, монанди саръ, сакта 627 (мурда барин беҳаракат мондан), фолиҷ, каҷ шудани рӯй, сусту нотавон гаштани узвҳо, ларзак, карахтӣ ва монанди инҳоро нафъ дорад; инчунин, майна, асабҳо ва қувватҳои ин аъзоро мустаҳкам мегардонад. Хуллас, ин давои азим-ун-нафъи бисёрхислат ба- рои аксари бемориҳо, хусусан барои иллатҳои аз сар- диву тарӣ баамаломада батанҳоӣ ва ё бо давоҳои му- носиб ҳамроҳ намуда, ҳар иллатро шифо мебахшад, хоҳ ба дарун истеъмол кунанд, хоҳ гузошта

банданд ва хоҳ бимоланд. Ҳаминро гуфтан кифоя аст, ки 120 беморӣ ва иллатҳои асосӣ, ки аз сардӣ бошанд, аз ис- теъмоли ҷадвор наҷот меёбанд ва барои бемориҳои аз гармӣ баамаломада бо шарбат, шаробҳо ва обҳои гиёҳҳои сардмизоҷ даво мешавад. Миқдори як бор хӯрдан аз решаи хушкаш дар як рӯз аз 0,25 то 2 грамм аст. Ҳангоми истеъмолаш ба дарун синну сол, мизоҷи бемор, ҳарорати ҳаво ва фаслҳои солро риоя кардан шарт аст. Зеро мизоҷи ин гарм мебошад, аз ин боис дар фасли гармо миқдори кам бояд ошомид. Аммо аз қивомаш миқдори як бор ошомидан аз миқдори донаи арзан то ба андозаи до- наи гандум аст, инчунин барои қувват бахшидани боҳ, модом ки барои ин як бор ҳамагӣ мехӯранд, то ба миқдори ду донаи гандум кифоя аст; барои бемории истисқо ҳар рӯз ду-се маҳал ба андозаи донаи гандум истеъмол тавон кард. Агар ҷадвор ёфт нашавад, ба ҷойи ин барои бемори- ҳои аз сардӣ рӯйдиҳанда тарёқи форуқ (тарёқи ка- бир)-ро, ки аз 62 даво таркиб меёбад баробари вазни ҷадвор истеъмол кардан мумкин аст. Огоҳ намоем, ки хӯрдани ҷадвор ба одамони гарм- мизоҷ ва гарму хушкмизоҷ зарар дорад: дарди сар меоварад, дар рӯдаҳои онҳо реш ва захм пайдо меку- над. Агар ин тавр зиён кунад, сиканҷабин, шири нав- дӯшидаро, ки оҳани тафсонро дар он сард карда бо- шанд. инчунин бо оби ҷав ва оши ҷав истеъмол намо- янд, зиёнаш ислоҳ меёбад. 273. Гулисурх 1. Беҳтарин гулисурх барои атр гирифтан гулбарг- ҳои калон-калон, рангин, бисёр хушбӯй бо таъми тал- хи андак ширинидори он аст, ки ин гулисурхи қадими 628 тоҷикӣ мебошад. Вале барои давогӣ ғунчаи пурра но- шукуфтаи он беҳтар аст, зеро ки қуввати қабзият дар он зиёда аст. Мизоҷаш мураккаб-ул-қувват аст. Як қисм табибон мизоҷи инро дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк, вале аксари табибон мизоҷи инро гарм ва тар гуфтаанд; баъзеҳо дар гармиву сардӣ мӯътадил донис- таанд. Агар онро хушк кунанд, қабзияташ, яъне ги- рандагиаш зиёда, вале талхиаш камтар мегардад. Хислатҳои шифобахши он. Хусусиятҳои умумиаш: зиндакунандаи қувватҳои бадан ва арвоҳ, фараҳбахш, рақиқ (суюқгардонандаи) моддаҳои ғафсгашта ва му- ҳайёкунандаи онҳо барои дафъ шудан, поккунандаи узвҳои бадан аз моддаҳои нодаркор ва зиёдатӣ, исҳо- ловар, таскиндиҳандаи сафро ва балғами рақиқ, қаб- зиятовар, хусусан хушки он, қуввати қабзиятнокӣ дар ғунчаи хушки он боз ҳам зиёдтар аст. Чун 70 грамм гулбарги онро кӯфта бихӯранд, ис- ҳол меоварад. Оби гулбарги онро дар бинӣ, гӯш ва чашм чаконанд, дарди сар, дарди чашм ва дарди гӯшро, ки ҳама аз гармӣ бошанд, таскин медиҳад. Агар хушки онро дар об ҷӯшонида, он обро ба чашм чаконанд, ғафсӣ ва дағалии пилкҳоро ба ислоҳ меоварад. Гулбаргҳои тару тозаи онро кӯфта гузошта бан- данд, дарди сарро шифо мебахшад. Инро дар об ҷӯ- шонида, он обро дар даҳан гардонанд, дандон ва мил- ки онро

мустаҳкам мекунад. Инчунин ин гулбаргҳоро ба дандонҳо бимоланд, низ дандон ва милки онро мустаҳкам мегардонад. Хушки онро кӯфта бипошанд, ҷӯшиши (пухтани) даҳанро шифо мебахшад, инчунин инро бо наск дар об якҷо ҷӯшонида, он обро бо кофур даромехта, дар даҳан гардонанд, ҷӯшиши даҳанро бартараф менамояд. Гулисурхро бибӯянд, дил ва майнаро қувват мебах- шад, вале дар одамони майнаашон заиф атса меова- рад, ба зуком ва назла гирифтор мекунад ва ҳатто ба саромос мубтало месозад, вале дар баъзе одамон баръ- акс, ба ин иллатҳо шифо мебахшад. Ҳангоми ба гарм- мизоҷон зарар карданаш, кофур истеъмол фармоянд, зиёнаш ислоҳ мегардад. Чун гулбаргҳои онро бихӯранд, дил, шуш, меъда, ҷигар, гурда, рӯдаҳо, хичак, бачадон ва мақъадро қа- вӣ мегардонад, хун қай карданро манъ месозад. Агар 629 оби онро бинӯшанд, дилтапак (дилбозӣ)-ро, ки саба- баш гармӣ бошад, иллати беҳушшавӣ, инчунин сустии дилро дафъ мекунад ва ба ҳамаи узвҳои дар боло зикрёфта қувват мебахшад, исҳолҳоеро, ки аз гармӣ бошанд, манъ мекунад, хусусан ғунчаи тунҷи он дар ин амал қавӣ мебошад. Ба қавле 35 грамм ғунчаи та- ру тозаи он барои даҳ бегоҳ кифоя аст. Гулбаргҳои онро кӯфта гузошта банданд, варамҳои пардаҳои шикамро таҳлил медиҳад, рутубатҳои зиё- датии меъдаро хушк мекунад ва худи меъдаро қувват мебахшад. Гулбаргҳои тару тозаи онро кӯфта гузошта бан- данд, варами мақъадро таҳлил медиҳад. Агар ин гул- баргҳояшро дар об ҷӯшонида, бо он об нимгарм ҳуқ- на (клизма) кунанд, захмҳои сатҳи даруни рӯдаҳоро шифо мебахшад. Агар хушки онро кӯфта, занҳо дар андоми шарми худ бипошанд, обравии бачадонро ислоҳ мекунад ва бадбӯйии онро низ дафъ гардонида, баъд онро хуш- бӯй мегардонад, инчунин ин узви онҳоро танг месозад. 10,5 грамм аз кӯфтаи ин бихӯранд, тафси таби дурӯз- дармиёнгирандаро таскин медиҳад. Хушки онро кӯфта бипошанд, ҷӯшишҳои гуногунро дафъ мекунад, захмҳоро ба ҳам оварда сиҳат мебах- шад, инчунин пухтани даҳанро ба ибро меоварад, зах- ми обиларо бартараф мекунад ва донаҳои обиларо (нағзак)-ро хушк менамояд. Гулбаргҳои онро кӯфта гузошта банданд, озаххоро хушк карда меафтонад ва харошида шудани пӯстро шифо мебахшад, ба решҳои чуқур гӯшти тоза мерӯё- над, варамҳои гармро таҳлил медиҳад ва узвҳои ши- кастаро ба ҳам мепайвандад. Агар инро дар ҳаммом ба ҷойи матлуб бимоланд, бадбӯйии арақро дафъ мекунад. Тару тозаи онро кӯфта гузошта банданд, тир ва хо- ри даромадаро аз бадан берун мекашад; сабӯсаки сарро дафъ месозад; агар ба зери бағал ва каши рон гузошта банданд, бадбӯйии ин ҷоҳоро нест мегардонад, инчунин захм ва реши ин узвҳоро сиҳат мебахшад. Низ гулбаргҳои онро хушк карда, бо барги мӯрди хушк- карда якҷо кӯфта бипошанд, арақ карданро манъ ме- намояд. Вале хӯрдани гулбаргҳои гулисурх боҳро зарар до- 630 рад, ташнагӣ меоварад. Давои ин зарарҳояш

арпабо- диён хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз гулбаргҳои тару тозаи он дар як рӯз то 35 грамм, аз хушки он то 14 грамм ва аз оби он то 28 грамм аст. Ба ҷойи ин баробари вазнаш бунафша ва чоряки вазни ин райҳони гӯши мушро истеъмол намоянд, ра- во мебошад. 2. Усораи гулбарги тару тозаи он, яъне оби гул- баргҳои онро дар офтоб хушк карда биёшоманд, ғаф- сии пилкҳои чашм, хун қай кардан, рутубат ва тарии барзиёди меъдаро нафъ дорад. Қабзият ва хушкии ми- зоҷи он аз ғунча, гул ва баргаш зиёдтар аст. 3. Мизоҷи донаҳои реза, ки дар миёни гули он дар сари торҳои борике мебошанд — инро ба тоҷикӣ зарра- гул меноманд, дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ҳафт грамми онро бо об биёшоманд, хун қай кардан, хунравиҳои гуногун ва ис- ҳоли лоилоҷро хусусан, ки бо косабаргҳои гул якҷо сойида бихӯранд, шифо мебахшад. Агар ин заррагулҳоро занҳо аз таг бардоранд, ба- чадонро қувват мебахшад, обравии онро дафъ мекунад ва андоми шармро танг мегардонад. Самари гулисурх, яъне тухми он чун тугма мебо- шад ва хислатҳои тиббиаш монанди тухми гулисурхи саҳроӣ ва мисли заррагулаш мебошад. 4. Мизоҷи равғани гулисурх мураккаб-ул-қувват аст. Тариқи тайёр кардани равғани гулисурх чунин аст. Шишаро то нима равғани нави кунҷид ё равғани зай- туни нав бирезанд. Он равғанро аз гулбаргҳои гули- сурх пур кунанду ба офтоб гузоранд. Чанд рӯз дар офтоб истода ранги гул табдил ёбад, яъне ба равған гузарад, фишурда, гулро партоянду гули нав андозанд. Ҳамин тариқ то ҳафт маротиба гулро иваз намоянд ва охиронро ҳам фишурда партоянд — ин равғани мон- да равғани гулисурх ҳисоб меёбад. Ё ки баробари ваз- ни равған он гулбаргҳои тарро ба яке аз он ду рав- ған даромехта, дар оташи мулоим биҷӯшонанд, то он ки оби гул парида, равған боқӣ монад — инро равға- ни пухтаи гулисурх меноманд ва авваларо равғани хо- ми гулисурх мегӯянд. Хислатҳои шифобахши он: ин равғанро батанҳоӣ ё бо сирко ва гулоб даромехта кам-кам ва бардавом ба 631 сар бирезанд, дарди сарро шифо мебахшад, майнаро қавӣ мегардонад, бехобиро дафъ мекунад, инчунин варамҳои пардаҳои мағзи сар ва варами худи майнаро таҳлил медиҳад. Низ ин равғанро бо сирко даромехта ба сар бимоланд, чунин фоидаро дорад. Ин равғанро бо сирко ва гулоб дар шиша рехта, ҳар замон ҷунбонида, аз даҳани он бибӯянд, дарди сарро таскин медиҳад, бухорҳои дар майна ҷамъшу- даро пароканда месозад ва барои варамҳои пардаи мағзи сар ва даруни майна мувофиқ аст. Равғани мазкурро нимгарм дар гӯш чаконанд, дар- ди инро таскин медиҳад, дарди сарро ҳам сокин меку- над ва хушкии ҳар дуи ин узвро дафъ менамояд. Агар инро дар даҳан гардонанд, дарди дандонро дафъ ме- кунад ва ҷӯшиши даҳанро, ки сабабаш хӯрдан ё нӯши- дани чизҳо бошад, шифо мебахшад. Агар инро бихӯранд, моддаҳои часпаки зарарнокро бо

исҳол аз узвҳои ботинӣ дафъ мекунад исҳоли саф- ровиро мебандад, тафси меъдаро сокин менамояд; зах- ми рӯдаҳо ва харошида шудани сатҳи даруни онҳо ва дарди рӯдаҳоро шифо мебахшад; узвҳои баданро қавӣ мегардонад, дардҳои гуногунро таскин медиҳад, ис- ҳолро мебандад. Инчунин аз рӯ бимоланд ҳам, ҳамин навъ асар дорад. Агар бо ин равған ҳуқна кунанд, захми рӯдаҳо, ха- рошида шудани сатҳи даруни онҳо ва дарди рӯдаҳо- ро, ки аз зарари чизҳои хӯрдашуда бошад, шифо ме- бахшад. Инро кам-кам ва бардавом бирезанд, исҳоли сафровиро мебандад ва моддаи часпакро бо исҳол дафъ мекунад. Молидани ин равған ба решҳои чуқур гӯшт мерӯё- над, рутубатҳои захмҳо ва ҷароҳатҳоро хушк мекунад, моддаҳои раддӣ ва бадфиолро аз онҳо дафъ мегардо- над, захми обиларо шифо мебахшад. Агар инро бо сафедаи тухми мурғ даромехта бимонанд, сӯхтагии оташ, захмҳои аз оҳак хӯрдагӣ пайдошударо шифо ме- бахшад; варами чашмро таҳлил медиҳад. Агар бо сир- ко сиришта бимоланд, барои ҳамаи захмҳо ва ҷӯшиш- ҳои пӯст, ки аз гармӣ бошанд, дору мешавад. Равғани гулисурхро бихӯранд, зарари оҳак, зарних ва зарориҳ (шпанские мушки) хӯрдагонро дафъ мекунад. Ин равғанро бо сирко ва оби мӯрд даромехта биё- шоманд, арақ карданро манъ мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз равғани гулисурх дар 632 як рӯз 25 грамм аст. Ба ҷойи ин баробари вазнаш рав- ғани бед ва ним вазни он равғани бунафшаро истеъ- мол намоянд, равост. 5. Гулоб. Инро бо воситаи гулбаргҳои гулисурхро дар асбоби анбиқ муқаттар кардан ҳосил менамоянд, ки ин гулоб, яъне оби гулисурх аст. Мизоҷи гулоб мураккаб-ул-қувват аст. Баъзе таби- бон сардӣ ва хушкии мизоҷи онро зиёда донистаанд. Хислатҳои шифобахши он: гулобро нимгарм бинӯ- шанд, бемориҳои аз назла пайдошуда, хун қай кардан, дағалии узвҳои даруни сина, тапидани дил (дилбозӣ), ки ҳама аз гармӣ бошанд, шифо мебахшад, баданро қавӣ мегардонад; дардҳои меъда, рӯдаҳо, ки хоҳ аз сардӣ бошанд ва хоҳ аз гармӣ, дардҳои ҷигар ва си- пурзро таскин медиҳад. Агар инро бо шароб даромех- та бинӯшанд, фараҳи зиёде мебахшад, хоҳ инро би- бӯянд ва ё бимоланд, дарди сар ва дарди чашмро дафъ мекунад. Агар ба даруни он қаранфули гардан андохта, баъд бибӯянд, дарди сарро, ки аз хунукӣ бо- шад, шифо мебахшад. Агар инро дар шиша рехта, он шишаро дафъа ба дафъа ҷунбонида, аз даҳанаш би- бӯянд, майна ва ҳисҳои дохилиро қувват мебахшад, табъро чоқ мекунад, дилро қавӣ мегардонад; хумор, беҳушшавӣ ва дилтапакро барҳам медиҳад. Аҷибаш дар ҳамин, ки ба одамони назла доштагӣ зарар дорад, ҳатто онро ба ҳаракат меоварад, инчу- нин барои боҳ (пушти камар) ҳам зиёнкор аст, инчу- нин мӯйро зуд сафед мегардонад. Давои ин гуна за- рарҳояш набот хӯрдан ё бо набот истеъмол кардан аст. 274. Гулқанд Гулбаргҳои гулисурхи хушбӯйро бо қайчӣ маҳин реза карда, як рӯз дар хона мегузоранд, то

рутубати он хушк гардад. Баъд ин резаҳои гулисурхро як вазн ва шакар ду вазн ҳамроҳ намуда, хуб мемоланд, ки ҳар ду ба ҳам омехта гарданд ё мекӯбанд. Баъд чил рӯз дар офтоб мегузоранд, инак, гулқанд тайёр мешавад. Агар ба ҷойи шакар дар ин таркиб асал ҳамроҳ на- муда, ба усули мазкур тайёр намоянд, онро гуланга- бин мегӯянд, ки гуласал аст. Мизоҷи гулқанд дар дараҷаи дуввум гарм ва дар 633 якум тар аст, вале мизоҷи гулангабин дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани ҳар ду навъи он майна ва меъдаро қувват мебахшад, рутубатҳои бего- наи ин ҳар ду узвро хушк мекунад ва намегузорад, ки бухорҳои зарарнок ба мағзи сар бароянд хусусан аз болои таом бихӯранд, ин феълаш қавитар зоҳир мегардад. Гулангабин барои одамони сардмизоҷ, пирон ва инчунин ба касоне, ки рутубат дар майнаашон бисёр бошад, нафъи хубе дорад. Хӯрдани гулангабин барои бемориҳои фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба даро- зи), дарди буғумҳо, никрис (подагра) шифо мебахшад; сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад ва душвор шошиданро ба ислоҳ меоварад. Хӯрдани гулқанд барои одамони гарммизоҷ ва ҷа- вонон форам аст, иллатҳои васвос ва девонагиро ши- фо мебахшад. Қуввати гулангабин то чор сол ва қуввати гулқанд то ду сол боқӣ мемонад. 275. Хушоб Ин оби меваҳоест, ки дар об бо шакар ҷӯшонида шуда бошад, инро ба русӣ компот меноманд. Мизоҷи ҳамаи хушобҳо латифтар аст аз худи ме- ваашон. Хислатҳои шифобахши он: хусусияти ҳар яке ба он, ки аз он тайёр карда мешавад, хос аст. Масалан, хушоберо, ки аз олуболу тайёр карда бошанд, биёшо- манд, шиддати ташнагиро мешиканад, тафти баданро таскин медиҳад, моддаи дар бадан сӯхтаро ислоҳ ме- кунад ва дарди сипурзро дафъ месозад. Агар инро аз биҳӣ тайёр карда бошанд, узвҳои раисаро, яъне дил, майна, ҷигар, меъда, гурда ва хояҳоро қавӣ мегардо- над; инчунин ҳар сеи рӯҳро, яъне рӯҳи нафсонӣ, ки ин қувват вобаста ба мағзи сар аст, рӯҳи ҳайвониро, ки ин қувват вобаста ба дил аст ва рӯҳи табииро, ки ин қувват вобаста ба ҷигар аст, қувват мебахшад; инчу- нин қуввати ҳозимаро, ки вобаста ба ҳоли узвҳои ҳо- зима (меъда, ҷигар, рӯдаҳо ва сипурз) аст, зиёда ме- гардонад ва бӯйҳои бади моддаҳои баданро дафъ мекунад. Агар хушобро аз себ ҳосил намоянд, дилтапак 634 (дилбозӣ), беҳузур (беҷо) шудани дил, иллати қайи сафровӣ, тафс ва гармии ҷигар, зардпарвин, истисқо (водянка)-и гармиро ба ибро меоварад. Агар инро аз мавизи ангур пухта бошанд, овозро соф мекунад, ги- реҳҳои баданро мекушояд, зардпарвинро шифо мебах- шад. Аз ҳама камфоидатарин хушоб аз зардолу тайёр кардашудаи он аст, зеро он боднок мебошад. 276. Сирко Инро аз аксари чизҳо монанди: ангур, хурмо, ан- ҷир, шакар, оби найшакар, асал ва ғайра, аз ҳар ме- ваи обдор ва ширин, аз донҳо монанди: биринҷ ва ғай- ра тартиб медиҳанд. Беҳтарини ҳама сиркои ангурист, ки оби ангурро соф

намуда, дар хуми сафолӣ ё чинӣ, ки даруни онро равған молида бошанд ё дар шиша рехта, ба таносуби 10 литр оби он як литр сиркои са- раро дохил намуда, даҳани зарфро пӯшида ва гилан- дуд карда, дар офтоб ё ҷойи дигари гарм мегузоранд ва то расида гаштани он сабр мекунанд. Ё дар он оби ан- гур ва ғайра, ки аз он тайёр кардан бихоҳанд, сирко бирезанду бигузоранд, то хуб ба ҷӯш ояду май гар- дад. Пас ба даруни он сирко ва намак бирезанд ва ҳа- мон тавр бигузоранд, то расида гардад, турш шавад, ки сиркои хамрӣ иборат аз ҳамин аст. Ё он, ки май худ ба худ турш шуда сирко мегардад. Сиркои хурмо он аст, ки як килограмм хурморо дар чор литр оби гарми ширини соф бирезанду дар хуми нави муқайяр (қирандуд) ё равған молидашуда рехта, даҳани онро маҳкам карда, як ҳафта дар оф- тоб мегузоранд. Баъд молида, соф гардонида, дар ду литри он як литр сиркои сара, 40 грамм намак дар он хум андохта, онро дар ҷое гузоранд, ки офтоб ҳамеша бар он бирасад, то он ки расида гардад. Аз дигар чиз- ҳо низ ҳамин тариқ тартиб медиҳанд. Мизоҷи сиркои ангурӣ мураккаб-ул-қувват аст, яъне камтар моддаи гарммизоҷ дорад ва миқдоре ҷавҳари сардмизоҷро доро мебошад; дар дараҷаи дуввум сард ва хушк аст. Мизоҷи сиркои хурмоӣ, мавизӣ, анҷирӣ ва асалӣ наздик ба мизоҷи сиркои ангурист. Вале ми- зоҷи асалии он гармтар ва хушктар аст назар ба ангу- рии он. Аз нок, себ ва биҳӣ тайёр кардашудаи он 635 қабзиятдор мебошад. Сирко аз се чиз таркиб ёфтааст: I. Бинобар мизоҷи гарми оташӣ доштанаш, гиреҳҳои баданро мекушояд ва ба чуқуриҳои бадан ҳаракат ме- кунад. 2. Бинобар мизоҷи сарди хокӣ доштанаш қабзи- ят пайдо мекунад. 3. Аз боиси моддаи обии сарди тарӣ доштанаш бо ҳамаи дигари хислатҳояш ғолиб буда, асабҳоро суст ва заиф мегардонад. Хислатҳои шифобахши он: хусусияти қабз ва хушк- кунандагӣ дорад, зуд таъсирбахш ва расонандаи қув- вати давоҳо ба узвҳои гуногуни бадан мебошад, мод- даҳои ғафс ва ғализро пароканда менамояд. Агар инро бо равғани зайтун ё бо равғани гулисурх даромехта бимонанд, дарди сари гарм ва дарди сари аз расидани офтоб бошад, таскин медиҳад ё дарди саре, ки аз зиёд шудани хилти сафро ё аз ҷамъ омада- ни бухороти гарм ҳодис шуда бошад, ё дар ҳаммоми гарм сар ба дард ояд, шифо мебахшад. Агар латтаеро ба ин таркиб тар карда, ба сар гузоранд низ, ҳамин асарро дорад. Агар сиркоро батанҳоӣ бибӯянд, бастагии сари би- ниро мекушояд, назлаи гармро мебандад, дарди сари гармро таскин медиҳад ва майнаи гарммизоҷро қувват мебахшад. Агар бо равғани бодоми ширин ва ё равға- ни гулисурх, гулоб, оби бодиринг даромехта бибӯянд, дарди сари гармро таскин медиҳад, варами майна ва пардаҳои онро таҳлил медиҳад, ҳазён гуфтанро бар- ҳам медиҳад. Агар сиркоро ҷӯшонида, бухорашро ба дарун бикашанд, бемориҳои номбурдаро шифо мебах- шад ва бастагии сӯрохи биниро мекушояд. Ҳамчунин сиркоро ба хишти пухта ё

санги тафсон бирезанд ё ки сангреза ва хишти пухтаи тафсонро дар он андохта, бухори онро бигиранд, бемориҳои дар боло зикрёфта- ро ба ибро меоварад. Чун як вазн сирко, ду вазн об, каме шакар дар кӯ- заи сафолӣ рехта, даҳанашро бо сарпӯше маҳкам кар- да, атрофи даҳани онро бо хамири орди мош гирифта, каме ҷӯш диҳанду сарпӯши кӯзаро андак кушода, бу- хори онро бар варами гулӯ ва ҳалқ расонанд ва баъд аз се соат таркиби даруни кӯзаро аз нав карда, бо ҳа- мин усул бухори онро бигиранд, дар се- чор маротиба варами ин узв таҳлил меёбад. Сиркоро бо асал даромехта бимоланд, кабудии зе- ри чашмро дур мекунад, хуни мурдаи таги пӯстро низ пароканда месозад. 636 Сиркоро ба даруни гӯш чаконанд, кирми гӯшро ме- кушад, дардашро низ таскин медиҳад. Онро ҷӯшонида, бухорашро бо воситаи қиф дар гӯш бигиранд, ҷаранг- ҳои гуногуни гӯш ва гаронии ин узвро дафъ мекунад; дар бинӣ бирезанд, бастагии сари биниро мекушояд ва боиси тезии шунавоӣ мегардад. Чун 25 грамм пиёзи ансули хушкро бо корд варақ- варақ реза карда, дар сирко бичӯшонанд, то пухта му- ҳарро шавад ва як ҳафта дар офтоб гузоранд. Баъд онро соф намуда, ҳар рӯз ба дили наҳор 7 грамми он- ро биёшоманд, барои бадбӯйии даҳан, ки вобаста ба ҳо- лати меъда бошад, дармон мешавад. Сиркоро намакин карда, баъд дар даҳан гардонанд, хуни буни дандонро, ки канда бошанд, қатъ мекунад; инро бо зоки сафед даромехта, онро дар даҳан гардонанд, дандонро сафед ва аз чирк пок мегардонад, хуни равонро аз милки он манъ менамояд, дандонҳои сустро мустаҳкам мегар- донад; бо шибит сиришта, ба дандон бимоланд, дандо- ни ҷунбонакро сахт мекунад. Бо худи сирко ғарғара кунанд, рехта шудани мод- даҳои зарарнокро ба ҳалқ манъ мекунад, дарди гулӯи шадидро, ки аз ҷамъ шудани хун дар он мавзеъ мебо- шад, шифо мебахшад; забончаи ҳалқро, ки афтода бо- шад, боз ба ҷояш мебардорад, дарди дандонро таскин медиҳад; бо зира ва кокутӣ сиришта, ин таркибро дар даҳан бигардонанд, дарди дандонро таскин медиҳад ва захмҳои милки дандонро шифо мебахшад. Агар сиркоро андак-андак бихӯранд, зулуки дар ҳалқ часпидаро берун меоварад, сурфаи кӯҳнаро шифо мебахшад, нафаси ростаро, яъне ростнафасро, ки аз гармӣ бошад, дафъ мекунад. Ғӯраи чормағзро дар вақти пунбадона барин буда- наш дар сирко андозанду ҳамон тавр бигузоранд, то он ки расида гардад, баъд бо он ғарғара намоянд, ба- рои дарди гулӯ ва бемориҳои номбурдаи узвҳои даҳан ва ҳалқ, беҳтарин даво мебошад. Сиркоеро, ки аз пиёзи ансул тайёр карда шуда бо- шад, биёшоманд, барои сурфаи сабабаш моддаҳои сардмизоҷ ё аз хунукӣ бошад, зиқ-ун-нафас (тангии на- фас), бемориҳои вобаста ба мағзи сар, иллатҳои си- пурз ва истисқо даво мешавад. Ҳар навъ сиркоро бихӯранд, ташнагиро дафъ ме- кунад, барои ҳазми таом ёрӣ мерасонад, хунравиҳои гуногунро аз аъзои дохилӣ қатъ мекунад, иштиҳоро 637

бармеангезад, балғамро мегудозад, сипурзро пок ме- гардонад, шиддати сафроро мешиканад; гиреҳи мосо- рико, яъне гиреҳҳоеро, ки дар мӯрагҳои шикам пайдо шуда, бо воситаи он мӯрагҳо ғизои дар рӯдаҳо ҳазм- ёфта ба ҷигар кашида мешавад, мекушояд, гиреҳҳои сипурзро кушода мегардонад ва давоҳоро ба сипурз бурда мерасонад бинобар туршии таъми савдо дар сипурз аст, шифо мебахшад. Ҳар рӯз ба дили наҳор сирко бихӯранд, кирмҳои меъдаро мекушад. Таомеро, ки бо сирко пухта шуда бошад, бихӯранд, рехта шудани моддаҳои зарарнокро ба меъда манъ мекунад. Сиркоро гарм карда бихӯранду қай кунанд, заҳри давоҳои қотилро дафъ мекунад, хун ва шири шахшу- даро хориҷ месозад ё дар ҷояш мегудозад. Агар инро бо намак бихӯранд, заҳри замбӯруғҳои заҳрнок ва са- ги девона газидаро дафъ менамояд, хусусан сиркои ан- гурӣ дар ин бобат пуртаъсир аст. Сиркоеро, ки дар он анҷир ё мавизи ангур, ё пӯсти решаи кавар як шабонарӯз тар карда шуда бошад, ба дили наҳор биёшоманд, сипурз ва истисқоро таҳлил медиҳад. Агар сиркоро бимоланд, паҳн гаштани решҳои бад- фиол, сурхбод, ҷамра (карбункул) ва доначаҳои сурхи дарднокро, қӯтури решгашта, бавосир, милкаки нохун, шукуфаҳои пӯст, варами зоҳирӣ ва ботиниро манъ ме- кунад, инчунин намегузорад, ки ҷароҳати нав варам оварад, хориши бадан ва заҳри ҷонваронро дафъ ме- кунад, барои хунравӣ аз узвҳои берунӣ ва сӯхтагии оташ даво мешавад. Низ онро бимоланд, намегузорад, ки моддаҳои атрофи он ба он ҷо ҷамъ гарданд. Агар инро бимоланд ё баррезанд, барои газидани ҷонварони заҳрнок ва манъ кардани хунравӣ аз узв- ҳои беруни бадан дармон мегардад. Анҷирро, ки дар сирко пухта бошанд, гузошта бан- данд, сӯзиши узв ва дағалии онро ислоҳ мебахшад. Агар инро бо гӯгирди кӯфта сиришта гузошта банданд, никрис (подагра)-ро шифо мебахшад. Орди ҷавро бо сирко хамир карда гузошта банданд, варами гулӯ, пис- тон, инчунин варами баногӯш ва дигар варамҳои гарм- ро таҳлил медиҳад; агар испанди кӯфтаро бо сирко си- ришта гузошта банданд, карахтӣ, кузоз (столбняк) ва дарди буғумҳоро дафъ мекунад. Сиркоро бо хокистари 638 гарм хамир карда гузошта банданд, ғуддаҳо ва вара- ми сардро таҳлил медиҳад. Сиркоро бар санги гарм рехта, мавзеъро ба бухо- раш бидоранд, бавосирро даво мебошад. Хӯрдани сирко ба пирони савдовимизоҷ ва одамони бемории шушдошта, монанди сурфаи нав ва сурфаи хушк зарар дорад, инчунин ба одамони узвҳояшон боди ғализдошта бошад, дарди буғумнок, узвҳои бо- тиниашон заиф, боҳашон суст ва бачадон зиён мерасо- над, низ ба асабҳо ва узвҳои асабонӣ, ба касони нав аз беморӣ хеста ва сардмизоҷон зиёнкор аст. Агар инро бардавом истеъмол кунанд, иллати истисқо ва хира- гии чашмро ба амал меоварад, ранги рӯйро зард ме- гардонад, харошида шудани рӯдаҳоро пайдо менамояд, баданро лоғар мегардонад. Барои ислоҳи ин гуна за- рарҳояш

ширинихо, инчунин обгӯшт хӯрдан даркор аст, барои ислоҳи зарараш ба сурфа ширинӣ ва рав- ғани бодоми ширин истеъмол фармоянд, барои ислоҳи зарараш ба одамони камҳарорат ва сустии асабҳо асал ва давоҳои гарммизоҷ истеъмол бояд кард; барои он, ки хароши сатҳи даруни рӯдаҳоро ҳодис накунад, лу- обҳо истеъмол намоянд. Миқдори як бор хӯрдан аз сирко дар як рӯз то 32 грамм аст. Ба ҷойи ин дар баъзе мавоид шароб ва дар баъзе ҳолат лимуро истеъмол намоянд, раво мебошад. 277. Май Мае, ки аз оби ангур тайёр карда мешаванд, асо- сан аз 10—12 навъ иборатанд. Барои мувофиқи табъ гаштани шароб ба даруни он чизҳои гуногун дохил ме- кунанд. Шароберо, ки аз як то ду сол нигоҳ дошта шуда бошад, онро майи атиқ меноманд ва синнаш ба чилсолагӣ расида бошад, шароби қадим мегӯянд. Бо ин ҳама, ки намудҳои он ба 10—12 мерасанд, аз инҳо шаробҳои дигар низ таркиб менамоянд. Дар ин ҳолат миқдори навъи май аз 600 зиёда мешавад. Май, яъне шароб, ҳангоми нӯшидан ба ақли одамӣ болодаст меояд, яъне ошомандаашро аз ақли солим бе- рун мекунад. Мизоҷи шароб вобаста ба ранг, таъм, бӯй, қивом ва хислатҳояш гуногун аст. Масалан: мизоҷи шароби 639 атиқ дар дараҷаи саввум гарм ва дар дуввум хушк аст: қадими он дар саввум гарм ва хушк, турши он дар дуввум гарм ва тар; майи хушбӯй иборат аз рай- ҳонӣ аст, яъне дар он райҳон андохта бошанд, аз ҷи- ҳати мизоҷ мӯътадил аст; агар шароб аз шаш моҳ то яксола бошад, дар дараҷаи дуввум гарм ва моил ба тарӣ; бемазаи он, ки майи қаҳва меноманд, марғубта- рини онҳо мебошад. Хислатҳои шифобахши он: майи рақиқ (суюқ) ҳан- гоми нӯшидан зуд таъсир мекунад, гиреххои баданро мекушояд; шароби ғафс дерҳазм, вале ғизо дар он бисёр аст, ба узвҳои бадан қувват мебахшад ва таъ- сирнок; майи сурх ва хушбӯй, ки иборат аз райҳонист, барои истеъмол беҳтар аз ҳамаи навъҳои дигари он мебошад; майи бетаъм, яъне қаҳвагиаш барои ҳамаи мизоҷҳо форам аст, лекин иштиҳоро гум мегардонад, боҳро қатъ мекунад, дарди сар меоварад; майи сафед дарунро мулоим мекунад ва заиф мебошад; шароби сиёҳ дерҳазм аст ва дар бадан моддаи савдо пайдо мекунад. Шаробе, ки оби ангурро ҷӯшонида, баъд тайёр на- муда бошанд, инро майи ҷумҳурӣ ва майи пухтагӣ ме- номанд, қивомаш ғафс, баданро гарм мекунад, пазо- нандаи моддаҳои бегонаи бадан аст, асабро қувват ме- бахшад ва дарди сар меоварад. Майи ширин вазнин- табъ, ҳамчун ғизо ғолиб; навъи майхуши он, яъне майи туршу ширини он раддӣ мебошад, ҳазмро вайрон ме- кунад, ба асаб зарар дорад ва ошомиданаш тарсон- чак мегардонад. Майи талх поккунандаи дарун ва ку- шояндаи гиреххост. Май, ки асло офтоб нахӯрда бо- шад ва хуми он дар барф ё дар ях нигоҳ дошта шуда бошад, дерҳазм ва душворҳазм, бадбӯ, пайдокунандаи гиреҳ ва ба табҳои дуру дароз гирифтор мекунад. Ша- роби кӯҳна ба узвҳо газанд мерасонад, сатҳи даруни рӯдаҳоро

мехарошад. Дар қивом мӯътадили он ҳоли бади баданро ислоҳ мекунад ва агар бисёр об дошта бошад, ба аъзои бадан сустӣ меоварад, ба иллати истисқо гирифтор менамояд, қабзиятнокии он бештар аз ҳама дарунро мебандад, узвҳои даруни синаро да- ғал мегардонад, меъдаро дибоғат медиҳад ва хумораш шадид аст. Шароби хушбӯй бисёр неку, лекин дарди сар оваранда аст. Шароби бадбӯ расонандаи азият аст, бемориҳои кушандаро ба амал меоварад Шароби дар офтоб расидаро мушаммас меноманд, ки ин тунд ва 640 зуд аз меъда гузаранда, фараҳбахш, вале табҳои гарм- ро пайдо мекунад. Шароби вазнин, яъне баланд дер- ҳазм, сабуки он, яъне камкайфи он зуд таъсирбахш аст. Шароби қадим ва кӯҳнаи он зуд таъсир мебах- шад, ба ҳамаи даҳ ҳисси инсон зарар мекунад, инчу- нин ба асабҳо низ азиятрасон аст. Шароби нав боднок, дерҳазм ва пайдокунандаи бемориҳои балғамист. Ша- роби соф гиреҳҳои баданро мекушояд, пешобро меро- над. Шароби нави тира дар хичак санг пайдо мекунад, дар узвҳо гиреҳҳоро ба амал меоварад. Дар нӯшидани май он маврид, ки ҳангоми ташнагӣ, зарарнок аст; ҳангоми гурусна будани шикам, дар вақ- ти серӣ, ғазаб, машаққат, ҳаракатҳои сахт, ҳавои бис- ёр гарм, ба як дафъа бисёр нӯшидан хеле зарарнок аст. Меъёри истеъмоли он моҳе як мартаба, агар бис- ёр зуд истеъмол карданаш матлуб бошад, ҳафтае як мартаба, ки ин барои истироҳати рӯҳҳо ва қувватҳо мебошад, дар айни ҳол ин сустиовар ба ҳамаи узвҳо мебошад. Азбаски май ба ақл ғолиб аст, нӯшандаашро бечо далер ва шуҷоъ мегардонад, пас ба корҳои нописанд ва баду раддӣ ҳидоятгар аст. Модоме, ки май дар бадан ворид гашта, ҳаракат ва ҷӯшиши моддаҳои баданро аз эътидол афзун месозад, пас таъсири ғариба, яъне бегонаро дар бадан эҳдос менамояд. Аз ҷумла ба се рӯҳ ва қувватҳо, ки инҳо дар дил, майна ва ҷигар макон доранд, ба феъли ҳар сеи ин узв гаронӣ меоварад, дигаре ба узвҳои таносул, ки гурда, хоя ва закар, бачадон мебошанд, манфӣ таъ- сир бахшида, феъли онҳоро ғайритабиӣ, яъне ғайри- модарзодӣ мегардонад. Май ҳамчун чизҳои дигари мус- кир (кайфовар) бинобар ба ҷӯш овардани моддаҳои бадан, наслро месӯзонад, яъне фарзанди майпараст ё ноқобил, ё фиребгар, ё дузд, ё танбал, ё кундзеҳн, ё маъюб, хуллас, бо нуқсоне ба дунё меояд. Як хислати оддии занҳои солимақлро таъкид кар- дан кифоя аст, ки ба ҳамин гуна зани бешавҳар барои хостгорӣ раванд, вай аз ҳама пеш пурсон мешавад; шароб менӯшад? Агар майнӯш бошад, ба хостгор ҷа- воби манфӣ медиҳад. Ба ҳамин як суол кӣ ҷавоби мусбат дода метаво- над. Оё ягон нафар майнӯш ёфта мешуда бошад, ки ақли баркамол дошта бошад? 641 Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-272-277#272

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ 278-285 278. Хамиртуруш 279. Дорчинӣ 280. Дӯшоб 281. Мавиз 282. Равғани зайтун 283. Шакар 284. Замбӯруғи танаи дарахт 285. Сабӯс 278. Хамиртуруш Ин аз орди гандум аст, ки бо равғани кунҷид ё рав- ғани зайтун, ё равғани гов, ё буз, ё гӯсфанд ва шир ва ҷуғрот ҳар як, ки бошад, сиришта мегузоранд, то турш ва бадбӯ гардад. Баъд қадареро аз он дохили хамири нон менамоянд, то ки хамир барояд (бихезад). Инро дар як қатор маҳалҳо тоҷикон хамирмоя мегӯянд. Мизоҷаш мураккаб-ул-қувват дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, моддаҳои ғализи баданро рақиқ мегардонад, инчунин онҳоро ронда, узвҳои баданро пок мекунад ва варам- ҳоро таҳлил медиҳад. Агар аз рӯ гузошта банданд, моддаҳои матлубро аз чуқури бадан ба рӯ мекашад. Ба ин намак омехта гузошта банданд, варамҳои сард- ро таҳлил медиҳад, хусусан варамҳои таги пойро ба- шаст мегардонад, инчунин дард ва сӯзиши таги пойро ба зудӣ таскин медиҳад, пучакҳоро пазонида мекафо- над, дарди дандонро низ сокин мекунад. 135 грамм обе, ки дар он 17,5 грамм хамирмояи камнамак ҳал карда, бо ду грамм решаи сӯхтаи най, баробари ин сӯхтаи реша, шакар, ним грамм заъфа- рон андохта бихӯранд, хумор, ташнагӣ ва тафси бадан- ро дафъ мекунад. Агар ба таркиби мазкур 9 грамм сирко изофа намоянд, барои сурфае, ки аз ҷамъ шу- дани сафро ба амал омада бошад ва инчунин сабаби сурфа моддаҳои сӯхта бошад, дармон мешавад. Чун як ҷузъ оби наъно, як ҷузъ хардал (горчица), се баробари ҳар дуи ин хамирмоя изофа намуда, дар даҳ баробар вазни ҳамаи ин об биҷӯшонанд, то об ба нисф расад. Баъд онро соф намуда, бо нисф вазни он асал ба қивом оварда бихӯранд, ҳозимаро ба да- рачае қавӣ мегардонад, ки сабр натавон кард ва меъ- даро аз моддаҳои сӯхта пок месозад балғамро дафъ мекунад, боҳ (пушти камар)-ро ба ҳаракат меоварад. Ҳар гоҳ баъд аз давои боҳ дарҳол бинӯшанд, бағоят зуд таъсир мекунад. Хамирмояро дар об ҳал карда, ба ин таркиб чор- яки он равғани бунафша даромехта, ғарғара кунанд, варами ҳалқумро таҳлил медиҳад. Ва агар хамирмо- яро бо ҳино, намак ва равған сиришта гузошта бан- данд, ҳамаи сахтиҳои азимро, ки аз сиҳат шуданаш ноумед гашта бошанд, ба хубӣ таҳлил медиҳад ва му- 642 лоим мегардонад. Чун хамирмояро кӯфта, бо анори ширин сиришта бихӯранд, монанди шароб кайф меку- над. Вале хӯрдани хамирмоя ба узвҳои иллатноки дару- ни сина зарар мекунад. Дар ин маврид катиро бихӯ- ранд, ислоҳи зарар мегардонад. Миқдори як бор хӯрдан аз хамирмоя дар як рӯз то 60 грамм аст. 279. Дорчинӣ Ин пӯсти шохҳои дарахтест, ки маконаш асосан ҷа- зираи Сарандеб (Цейлон) мебошад ва дар ҷазираи То- кукани Дакан, инчунин Зирбод мерӯяд. Он чӣ дар ҷа- зираи Сарандеб мешавад, хубтарини навъи он аст, тундбӯй ва тундтаъм, сурхранги ширин мебошад. Ин- ро дар бозорҳои шаҳрҳои Осиёи

Миёна дарёфт кардан мумкин аст. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Қувваташ то 15 сол боқӣ мемонад. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдан, гузошта бастан ва бӯй кардани дорчинии кӯфтагӣ моддаҳои ғафсгаштаро дар бадан рақиқ (суюқ) мегардонад, гиреҳҳоро мекушояд, фараҳ мебахшад, ахлоти бадбӯро мепазонад ва барои дафъ шудан тайёр месозад; тарёқи ҳамаи заҳрҳои ҳайвонӣ, наботӣ ва маъданиёт; тамоми қувват- ҳои рӯҳиро, яъне қувватҳои майна, дил ва ҷигарро, ки манбаи се қувватҳои бадан мебошанд, ҳифз мекунад, яъне нигоҳ медорад, чашмро равшан месозад, бодҳо ва моддаҳои сардмизоҷро пароканда мегардонад, ру- тубати зарарноки майнаро хушк мекунад, назлаҳои сарди тарро манъ менамояд; бемориҳои мағзи сарро, ки аз сардӣ бошанд, шифо мебахшад, пешоб ва ҳайзро равон менамояд, бачаро аз шиками ҳомила меафтонад, боҳ (пушти камар)-ро қавӣ месозад, дилтапак (дилбо- зӣ), тарсончакӣ, васвос ва девонагиро шифо мебахшад; аъзои раисаро, ки дил, майна, ҷигар, меъда, гурдаҳо ва хояҳо мебошанд, қувват мебахшад, бадбӯйии даҳан- ро нест мекунад, сурфаи тар ва дамкӯтаҳиро ба ибро меоварад; овози хирриро, ки сабабаш ҷамъ шудани балғами шахшӯл бошад, мекушояд; рутубатҳои часпа- ки халаловари қасабаи шуш ва роҳи нафасро дафъ ме- кунад ва узвҳои даруни синаро аз он рутубатҳо пок мекунад, гиреҳи ҷигарро мекушояд, истисқо (во- 643 дянка)-ро шифо мебахшад, бӯйи бади захм ва решҳоро дур месозад, заҳрҳои сардмизоҷи ҷонваронро монанди заҳри каждум ва ғайраро аз бадан дафъ мекунад. Агар равғани инро бар пешонӣ ва чаккаҳои сар бимоланд, дарди сарро таскин медиҳад ва ин равғанро ба пилки чашм бимоланд, паридани онро манъ месозад. Дорчиниро маҳин сойида, чун сурма ба чашм ка- шанд, чашмро қувват мебахшад ва агар бо дигар да- воҳои чашм даромезанд, таъсири онҳоро ба табақоти чашм мерасонад. Дорчиниро дар об ҷӯшонида, он обро бо сирко да- ромехта бинӯшанд, ҳиккак (ҳиқичоқ)-ро, ки сабабаш ҷамъ шудани рутубат бошад, ислоҳ медиҳад; агар ин обро бо пӯсти ҳалилаи кобулӣ биёшоманд, истисқои лаҳмӣ ва обиро шифо мебахшад. Инро кӯфта гузошта банданд, узвҳои ларзакро ба ислоҳ меоварад ва инчунин ларзонидани табҳои бал- ғамӣ ва савдовиро дафъ мекунад; ба мақъад гузошта банданд, донаи бавосирро меафтонад ва дарди онро таскин медиҳад, газидани каждумро даво мешавад. Агар инро хойида, ба ҳашафа (сари закар) бимо- ланд, лаззати ҷимоъро афзун мегардонад. Кӯфтаи дорчиниро бо асал даромехта бимоланд, ри- хинаки рӯй ва доғҳои кунҷидакро дафъ мекунад; бо сирко сиришта бимоланд, низ чунин таъсирро дорад. Хӯрдани дорчинӣ ба одамони гарммизоҷ зарар до- рад, дарди сар меоварад, ба хичак ҳам зиён мекунад. Дар ин ҳолатҳо катиро бихӯранд, ислоҳи зарари он менамояд. Миқдори як бор хӯрдан аз дорчинӣ дар як рӯз аз 7 то 14 грамм аст. Агар

дорчинӣ ёфт нашавад, ба ҷойи ин занҷабил ис- теъмол намоянд, раво мебошад. Ва барои рақиқ гар- донидани моддаҳои ғафси бадан ва қувват бахшидан ба бадан баробари вазни ин самари арчаро истифода намоянд, ҷоиз аст. Мизоҷи равғани ин аз худи дорчинӣ бисёр гарм ва хушк дар дараҷаи саввум аст. Тайёр намудани равғанаш ин тавр аст. Бигиранд ним килограмм пӯстлох — дорчини тундбӯй, ки цейло- нӣ мебошад, дар се кило равғани зайтун ё равғани кунҷид дохил намуда, камаш 10 рӯз дар офтоб гузо- ранд. Ҳар рӯз барҳам зананд, яъне бикованд. Ҳамин равғани дорчинӣ ҳисоб меёбад. 644 Агар аз ин равған ҳар рӯз аз 4,5 то 9 грамм биё- шоманд, барои кач шудани рӯй, фолиҷ, газидани каж- дум ва ғунда, ларзонидани табҳои даврӣ дору меша- вад. 280. Дӯшоб Ин оби софи меваҳои ширинтаъм аст, ки ҷӯшонида, аз чор се ҳиссааш бухор гашта, як ҳиссааш монда бо- шад. Баъд бар он хоки дӯшоб мезананду мегузоранд, то дурдаи он таҳнишин ва худаш ширин гардад. То хоки мазкурро бар он назананд, хуб ширин намегар- дад, балки бидуни ин андак таъми туршӣ дорад ва каме нософ мебошад. Инро ба тоҷикӣ ширинӣ мегӯ- янд. Ширириро мумкин аст аз ангур ё аз тути сафед ва ғайра тайёр кунанд. Мизоҷи ширинии (дӯшоби) ангури дар дараҷаи дув- вум гарм ва дар якум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, хуни со- лим пайдо мекунад, баданро фарбеҳ месозад, гиреҳҳо- ро мекушояд; агар инро бо судоб бихӯранд, барои ил- лати саръ (припадка) дармон мешавад; агар бо зарпе- чак бихӯранд, тарсончакӣ ва девонагиро дафъ меку- над; бо тухми маҳсар биёшоманд, шаро (аллергия)-ро ҳамон рӯз ба ибро меоварад; бо анҷир ва ҳулба бихӯ- ранд, барои сурфаи кӯҳна ва дарди узвҳои даруни си- на дору мешавад; бо заъфарон биёшоманд ваҳм, ғам ва ғазаби шадидро дафъ мекунад; инро бо шири тозадӯшида ва андак бодоми ширин бихӯранд, дилта- пак (дилбозӣ), лоғарии шадиди бадан, сустӣ ва заи- фии узвҳои даруни шикамро бо як аҷобате шифо ме бахшад; бо андак сирко бихӯранд, зардпарвинро дафъ мекунад, иллатҳои сипурзро ба ибро меоварад; бо оби ҷав биёшоманд, сангҳои гурда ва хичакро майда кар- да мерезонад, пешобро равон мекунад. Агар ин ширириро бо гулихайрӣ ҷӯшонида гузошта банданд, варамҳоро таҳлил медиҳад ва пучакҳоро ме- кафонад. Миқдори як бор хӯрдан аз дӯшоб (ширинӣ) дар як рӯз аз 45 то 90 грамм аст. Агар инро аз ҳад зиёд би- хӯранд, хунро месӯзонад, дарди сар медиҳад. Дар ин ҳолат тухми райҳон, сиканҷабин (сиркоасал) ва тур- шиҳо бихӯранд, зиёнаш ислоҳ мегардад. 645 281. Мавиз Ин ангури хушконида мебошад, ки мавизи ангур гуфтан ҳам равост. Беҳтарини мавизҳо пургӯшти кам- дона ва ширини онҳост. Бадтаринаш хушки камшираи пуртухми он мебошад. Мизоҷаш вобаста ба навъи ангураш гуногун мебо- шад, масалан, агар аз ангури сафед тайёр карда бо- шанд, гармии мизоҷаш камтар назар ба сиёҳи он ва дар

ширинаш гармӣ зиёдтар аст. Мӯътадилтарини ҳа- маи онҳо сафед ва баъд аз он сурх ва баъди он сиёҳи он аст. Мизоҷи хушки камгӯшти пуртухми он моил ба хушкӣ мебошад. Мизоҷи тухмаш дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: мавизро бихӯранд, хил- ти ғафсро пазонида, барои дафъ шудан тайёр мекунад, дарунро мулоим месозад, чизҳои сахти дохили баданро дар ҳадди эътидол таҳлил медиҳад, меъда ва рӯдаҳоро аз чизҳои бегона пок мегардонад, ба давоҳои исҳоло- вар кӯмак мерасонад, барои қасабаи шуш, яъне ба ро- ҳи нафас форам ва мувофиқ аст; ҷигарро қувват меди- ҳад, дар одамони сардмизоҷ боҳро ба ҳаракат меова- рад, баданро фарбеҳ мекунад; барои сурфаи балғамӣ, бемориҳои гурда ва хичак даво мешавад, инчунин зах- ми рӯдаҳоро шифо мебахшад. Агар мавизро бо гули говзабон ва хурмои сабз би- хӯранд, дилтапак (дилбозӣ)-ро дафъ мекунад; инро бо сирко бардавом бихӯранд, зардпарвинро дафъ ме- кунад. Агар ба ҷойи тухмаш дар ҳар мавиз як дона мурч ҷо карда, ба хӯрдани он мудовамат намоянд, ба- рои сардии гурда ва чакмезак дармон мешавад, санг- ҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Чун мавизро бо арпабодиён бипазанд то он, ки му- ҳарро гардад, баъд соф карда, бо равғани бодоми ширин бихӯранд, сурфаи тари аз хунукӣ баамалома- даро шифо мебахшад. Мавизро як шабонарӯз дар об тар карда ё онро дар об ҷӯшонида, он обро бо барги пухтаи шилха (қав) бихӯранд. дарунро мулоим мекунад. Агар мавизро як шабонарӯз дар сиркои ангурӣ тар карда, баъд ба дили наҳор бихӯранд, варами сипурзро таҳлил медиҳад, ки ҳар рӯз чанд дона аз он мавиз хӯрда, аз болояш аз он сирко ҳам камтар бинӯшанд, давои аҷибест. 646 Чун мавизро бо мурч ва орди арзан бирён карда, бо асал бихӯранд, балғамро бо воситаи даҳан берун мекунад. Мавизро бо равғани ҳайвонот кӯфта гузошта бан- данд, варамҳоро таҳлил медиҳад, пучак ва чиртакҳоро мекафонад; нохуни беҷо баромадаро меафтонад. Кӯф- таи мавизро бо шароб хамир сохта, ба ғонағароё (ган- грена), реши шаҳдия (реши рутубаташ асалмонанд), нағзак (гулак), бадбӯйии буғумҳо, ҷӯшишҳои бадан ва саратонҳо гузошта банданд, шифо мебахшад. Мавизро бо орди боқило ва зира кӯфта гузошта банданд, ва- рами хояҳоро таҳлил медиҳад. Хӯрдани мавиз ба одамони гарммизоҷ зарар до- рад—дар ин ҳолат сиканҷабин бихӯранд ё оби меваҳои турш бимаканд, ислоҳи зиён менамояд. Ба гурда ҳам зиён мерасонад — дар ин маврид челон бояд бихӯранд. Миқдори як бор хӯрдан аз мавиз дар як рӯз то 100 грамм аст. Ба ҷойи мавиз кишмишро истеъмол намо- янд, комилан раво мебошад. Мизоҷи тухми ангур дар дараҷаи якум хунук ва дар дуввум хушк аст. Агар инро бихӯранд, дарунро мебандад, меъдаи тармизоҷ ва рӯдаҳоро қувват мебах- шад. Мавизи камшираю камгӯшт дарунро мебандад ва шикамро қувват мебахшад, вале хунро месӯзонад. Дар ин гуна зарарҳояш тухми

чилмангӯштак (семизут) бо- яд бихӯранд, то ки зиёнашро ба ислоҳ оварад. Ба гур- да агар зарар кунад, челон бояд хӯрд. Мавизи бетухмро, ки кишмиш меноманд, беҳтари- наш сабзранги он аст ва носараи он сиёҳаш мебошад. Кишмиш нозуктар аз мавиз аст, ғизо дар он бисёр мебошад. Агар инро бихӯранд, қуввати боҳ мебахшад. Оберо, ки дар он кишмиш як шабонарӯз тар кар- да ё кишмиш дар он ҷӯшонида шуда бошад, бо қанди сафед қивом карда бихӯранд, сурфаро шифо мебах- шад, узвҳои даруни синаро аз моддаҳои бегона пок ме- кунад, овозро соф мегардонад. Агар инро бо заъфарон ва зардаи тухми мурғ кӯф- та гузошта банданд, пучакро мекафонад ва сахтиҳоро таҳлил медиҳад — дар ин бобат давои беҳамто мебо- шад. Агар кишмишро бо сабир кӯфта, ба сар бимоланд, качалиро (калярaро) шифо мебахшад. Дар дигар бо- бат хислати мавизи аз тухм ҷудо кардашударо дорад. 647 Инро ҳам бисёр бихӯранд, хунро месӯзонад. Дар ҳо- лати зиён карданаш сиканҷабин бихӯранд ва ё оби меваҳои турш бимаканд, ислоҳи зарар менамояд. 282. Равғани зайтун Мурод аз ин равғани зайтуни хӯрокӣ аст. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: 65 грамм равғани зай- тунро бо 300 грамм оби гарм ё оби ҷав биёшоманд, дарунро башиддат меронад, дарди узвҳои бадан ва ир- қуннасо (радикулит)- ро шифо мебахшад; агар инро бо шароб ва оби гарм биёшоманд, қулинҷро, ки дард ва варами рӯдаи ғафс аст ва дарди рӯдаҳоро дафъ меку- над, кирмҳои меъдаро хориҷ месозад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад, арақ меоварад, пешобро меронад; дардҳои буғумҳо, иркуннасо, дарди сурин ва ғайраҳоро ба ибро меоварад. Агар равғани зайтун хӯрда қай кунанд, заҳрҳоро аз бадан дафъ месозад. Бо равғани зайтун нимгарм ҳуқна (клизма) ку- нанд, қулинҷи варамӣ ва гиреҳӣ, дарди миён, дарди буғумҳо ва иркуннасоро шифо мебахшад Агар инро бимоланд, дардҳоеро, ки сабабашон мод- даҳои хунукмизоҷ ва аз хунукӣ бошанд, таскин меди- ҳад. Миқдори як бор хӯрдани аз равғани зайтун дар як рӯз то 35 грамм аст. Агар баъд аз кашида шудани равғани зайтун шаш сол бигузарад, онро равғани зайтуни қадим меноманд, вале баъзеҳо инро баъд аз шаш моҳ гуфтаанд. Ба ин мафҳум илова намоем, ки дар қуттиҳои ба мамлакати мо аз мамлакатҳои гуногун овардашудаашон тару то- загии мӯҳлати онро шаш моҳ гуфтаанд. Мизоҷи равғани зайтуни қадим гармтар аз навъи нави он аст. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, моддаҳои ғализро таҳлил медиҳад, дарун ва башарaро мулоим мекунад, хислати давоҳоро ислоҳ менамояд ва қувват- ҳои ногувори онҳоро заиф мегардонад, шах шудани узвҳои баданро манъ мекунад, зарари сарморо дафъ месозад. Агар инро ба чашм кашанд, чашмро қувват мебах- 648 шад; гули чашмро, ки тунук бошад, шилпуқӣ ва қӯту- ри чашмро дафъ мекунад. Ин равған дар бобати дафъ кардани зардоби дар гавҳараки чашм

фуромада ба ҷойи қадҳ (бахури марям) кор фармуда мешавад, ки он низ дафъкунандаи зардоби сӯрохи гавҳарак аст. Ин равғанро гарм карда ба ҷойи каждумгазида би- моланд. дардашро таскин медиҳад. Равғани зайтуни навро доғ кунанд, то ба нисф ра- сад, баробари равғани зайтуни қадим мегардад. Агар равғани зайтун аз ҳафт сол бигузарад, қувва- ти шифобахшии он беҳтар аз равғани баласон мегар- дад. Ин равған ҳарчанд кӯҳнатар шавад, қавитар ме- гардад. Қуввати равғани зайтун то чор ҳазор сол бо- қӣ мемонад. Чун равғани зайтунро бо ҳамвазни он об биҷӯшо- нанд, то об бухор шуда равад ва ҳамчунин то шаст маротиба оби нав андохта биҷӯшонанд, баъд он рав- ғанро то нисфаш мондан доғ кунанд, ки инро дар мар- табаи шифобахшӣ баландтар аз равғани баласон до- нистаанд ва инро аз асрори аҷиба шуморидаанд. Он чӣ равғанро аз самари норасидаи зайтун ги- ранд, онро зайт-ул-анфоқ меноманд. Беҳтарини он он аст, ки ба ғайри сӯзон ва бидуни тезӣ бошад. Мизоҷи ин мӯътадил дар гарміву сардӣ, бо қувва- ти қабзият аст. Ва ба қавли баъзеҳо мизоҷаш дар да- раҷаи якум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, баданро фарбеҳ мегардонад, милки дандон ва худи дандонро мустаҳкам мекунад, узвҳои баданро қувват мебахшад, барои меъда форам ва мувофиқ аст; ахлотро (хун, бал- ғам, сафро ва савдоро) соф мекунад, гиреҳҳои баданро мекушояд, бадбӯйиро барҳам медиҳад, дамидани арақи баданро манъ менамояд, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад, пешоби барзиёдро ислоҳ мена- мояд. Шустаи онро бихӯранд, ба дарди асабҳо ва мод- даҳои гарммизоҷ мувофиқ аст, ранги рухсорро неку мегардонад. Чун 77 грамми онро бо ҳамон миқдор асал, бо 25 грамм шилми мустако ва 25 грамм равғани сиёҳдона дар ҳаммом се рӯз пайи ҳам биёшоманд ва дар он рӯз- ҳо оби хунук нанӯшанд, аз тамоми иллатҳои сардми- зоҷ: карахтӣ, фолиҷ, каҷ шудани рӯй ва ғайраи бемо- риҳо наҷот меёбанд ва шаҳвати боҳи пирони садсоларо ба ҳаракат меоварад, яъне барқарор месозад. 649 Равғане, ки аз зайтуни бӯйгирифта кашида бо- шанд, хӯрданаш дар бадан моддаҳои мурдор ва хо- риш пайдо мекунад. Дар ин ҳолат шарбати бунафша биёшоманд, ислоҳи зарар менамояд. Равғани зайтуни даштиро дар хосиятҳои тиббӣ мо- нанди равғани гулисурх медонанд. Ин навъи равғани зайтунро бихӯранд, моддаҳои рех- та ва равоншавандаро радд ва узвҳои баданро сард мегардонад, сиёҳии мӯйро нигоҳ медорад ва рехтани онро манъ мекунад, дандони ҷунбонакро мустаҳкам ме- гардонад, намегузорад, ки ба забончаи ҳалқ рутубат- ҳо, ки ба он сустӣ меоваранд, рехта шаванд, рафтани хунро аз милки дандон манъ менамояд. Тарзи тайёр кардани ин равған дар замони қадим чунин буд. Самари зайтунро ҷамъ карда ба офтоб ме- гузоштанд ё дар зарфе ба танӯри тафсон мемонданд, то ки пажмурда ва мулоим гардад. Баъд онро кӯфта, бо роҳи фишурдан равғанашро меситониданд ё ин, ки дар об

меҷӯшониданд, то бипазад. Баъд молида, соф карда, аз нав то обаш бухор шуда рафтан меҷӯшони- данд. Эҳтиёт мекарданд дар вақти ҷӯшидан равған доғ нагардад. 283. Шакар Ин оби найшакар аст, ки ҷӯшонида, ба қивом расонида, баъд хушк мекунанд — шакар мегардад. Агар инро аз оби найшакари сафед тайёр намоянд, шакараш сафед ва аз оби найшакари сурх бигиранд, шакараш сурх мегардад. Агар аз шакар қанди сафед тайёр кунанд, онро дар тиб набиз ва агар набот созанд, онро шакари сулай- монӣ мегӯянд. Мизоҷи шакари сафед дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум хушк аст. Мизоҷи шакари сурх дар охири дараҷаи дуввум гарм ва дар охири якум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, дарун, ҳалқ, узвҳои даруни сина ва шушро мулоим ва инчу- нин узвҳои мазкурро аз рутубатҳо пок мекунад, бо ин восита ба ҷоҳои дур ва чуқури бадан нуфуз менамояд ба зудӣ; барои қувват додан ба рӯҳҳои ҳайвонӣ, наф- сонӣ ва табиӣ, илова бар ин ба ҷигар, таҳлил додани бодҳои рӯдаҳо, қувват додан барои боҳ (пушти ка- мар), пайдо кардани хуни солим, мустаҳкам сохтани 650 асабҳову устухонҳо, манъи пирӣ ва дафъ кардани мод- даҳои савдовӣ, инчунин бемориҳои савдовӣ ва ғизо додан барои беморон давои зуд таъсиркунанда аст. 25 грамм шакарро бо оби гарм ва равғани бодо- ми ширин бихӯранд, барои гирифтагии овоз даво мебошад, иллати қулинҷро шифо мебахшад; бо ду мисли он равғани гов, ки 50 грамм аст, ки нимгарм бошад, би- хӯранд, барои дарди ноф ва гиреҳи дарун дармон ме- гардад ва занонеро, ки қобилаи ҳайз дидан бошанд, пок мегардонад, душвор шошиданро ислоҳ мекунад. Ҳар рӯз 25 грамм наботро, ки як пора-як пора ба даҳан гирифта об кунонида фурӯ баранд, сурфа, дағалии овоз, дарди узвҳои даруни сина, ларзак, дилтапак (дилбозӣ)-ро, ки аз бисёрии мубошарат бошад, дафъ мекунад. Агар ин миқдор наботро бо оби гарм биё- шоманд, барои гирифтагии овоз, ки сабабаш назлаҳо бошад, шифо мебахшад ва агар инро бардавом бихӯ- ранд, сурфаро дафъ мекунад. Аз набот ҷуллоб ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Наботи сафед як килограмм бо се килограмм гулоб якҷо дар оташи мулоим меҷӯшонанд, кафкашро мебардоранд ва соф менамоянду то ба нисф расидан боз меҷӯшонанд. Баъд 3,5 грамм заъфаронро бо гулоб сойи- да, дохил менамоянду дар зарфе нигоҳ доранд, вақти ҳоҷат ба кор баранд. Ҷуллоби наботро бо гулоб ва оби хунук биёшоманд, барои ибтидои табҳои сӯзон даво мешавад. Агар ҷул- лобро бо гулоб ва дигар давоҳои хушбӯй хӯриш дода ё батанҳоӣ бо оби нимгарм барои беморон ба қадри ҳоҷат бихӯронанд, агар тезтаъм бошад, нафъ меку- над, зеро ки ин поккунандаи бадан аст. Агар бо мас- каи нав биёшоманд, хислати поккунандагиаш зиёда ме- гардад, решҳоро аз рим пок мегардонад; барои хори- дани пилкҳои чашм бо набот, қанди сафеди сахт қӯ- тури пилк ва гули чашм ва инчунин гӯшти зоидӣ, яъне гӯшти ҳароми онро дафъ мекунад; агар

бо на- бот ва марворид бихӯранд, шилпуқӣ ва қӯтури чашм- ро нест месозад. Набот ё шакарро кӯфта, бо гӯгирд, қатрон (дёготь), сандаруси кӯфта ва навшодир даромехта гузошта бан- данд, шукуфаи пӯст, пес, доғи сафеди пӯст ва дигар доғҳоро аз пӯсти бадан дафъ мекунад. Кӯфтаи қанди сафед ва наботро бипошанд, хуне- ро, ки аз узви қатъшуда ва ҷароҳат равон бошад, боз- 651 меистонад ва гӯшти ҳаром ва мурдори ҷароҳатро дур карда, гӯшти солим мерӯёнад. Наботро сӯхта, дудашро ба машом бигиранд, зу- комро дафъ мекунад, бастагии сӯрохи биниро меку- шояд. Вале истеъмоли набот, қанд ва шакар ба дарун ба беморони сил, исҳол, дарди рӯдаҳо ва касони сафро- вимизоҷ зарар дорад, хусусан, ки ҳангоми гурусна бу- дани шикам бихӯранд; дар одамони тармизоҷ агар бал- ғам ва рутубат дар бадани онҳо зиёд бошад, дарди сар мекунад. Аммо соҳибони ин мизоҷ бо равған ва туршӣ истеъмол намоянд, зиёнаш бисёртар аст. Агар шакар, қанд ва набот хеле кӯҳна шуда бошад, модда- ҳои фоиданоки баданро мурдор мегардонад ва хунро месӯзонад. Дар вақти зиён карданаш бодоми ширин, шири навдӯшида, туршиҳо, оби анорҳо, оби биҳӣ ва коҳу истеъмол намоянд, ислоҳ менамояд. Миқдори хӯрдан аз ин дар як рӯз то 100 грамм аст. 284. Замбӯруғи танаи дарахт Ин дар реша ва танаҳои дарахтони пӯсида ва кун- даҳои боқимонда монанди замбӯруғ мерӯяд, ки ду навъ аст: нар ва мода, бо рангҳои гуногун. Таъмаш бо ширинӣ, тезӣ ва талхӣ ва қабзиятнокӣ мебошад. Навъи нараш андак сахттар аст назар ба модаи он, кулӯла, бо табақот, ки гӯё яклухт аст ба хилофи мо- даи он. Қувваташ то чор сол боқӣ мемонад. Беҳтарин ва дар тиб истеъмолшавандаи он қисми модаи сафеди сабуквазни табақадор, ҳамвор ва мулоими он аст, ва- ле ғайри кулӯла, ки қитъаҳои он бузург ва зуд реза- шаванда мебошад ва бо андак сойидан аз ҳам пошида мегардад — ин фоидабахш аст. Агар он чӣ ба хилофи ин бошад, барои табобат намешояд. Қисмҳои зард ва сурхи он ба заҳрнокӣ наздик аст ва сиёҳи он заҳрнок— ва ҳамаи ин навъҳояш истеъмол намегарданд. Шарти истеъмоли қисми модаи сафеди он чунин аст, ки ба ордбезак ё ғирбол бимоланд, қисми сабук ва мулоимат аз он мегузарад, вале қисми заҳрноки он, ки сахттар аст, нагузашта мемонад. Инро намекӯ- банд, зеро ки агар бикӯбанд, қисмҳои заҳрнокаш, ки ба шакли нохуни бурида аст, низ дохил мегарданд. Дар бобати мизоҷаш қавлҳои бисёр ва гуногун 652 мавҷуданд. Баъзеҳо гарм ва хушк донистаанд, баъзе- хо сард ва тар мегӯянд. Вале Абӯалӣ ибни Сино дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум хушк бо ҷавҳари ҳавоӣ, обӣ, хокии латиф гуфтааст. Хислатҳои шифобахши он: инро бихӯранд, балғаму савдову сафрои ба ҳам омехтаро бо исҳол дафъ меку- над, ахлоти ғафсро рақиқ (суюқ) мегардонад, модда- ҳои ғализи часпакро меканад, бодҳои ғализ ва варам- ҳои сахтро таҳлил медиҳад; қулинҷро ҳар навъ, ки бо- шад, мекушояд; гиреҳҳои баданро, хусусан гиреҳи

ҷи- гар ва гурдаро мекушояд, давоҳои исҳоловарро ба ҷо- ҳои дури бадан мерасонад; моддаҳоро аз ҷоҳои дур ва чуқури бадан мекашад, пешоб ва ҳайзро равон ме- кунад; чарбии мушакҳо, заҳрҳои ҷонварони газида ва ошомидашуда ва давоҳои заҳрнокро аз бадан дафъ ме- кунад; асаб, дил ва майнаро бағоят қавӣ мегардонад, фавран фараҳ мебахшад, ахлоти мурдорро ба ислоҳ меоварад, табҳои балғамиро шифо мебахшад ва дар ин хислатҳо бе ҳеҷ гуна зарар ва некоқибат мебошад. Ошомидани он барои дарди сари аз сардӣ ва аз зи- ёд шудани балғам суратгирифта, ки кӯҳна шуда бо- шад ва барои дарди нимсар даво мебошад. Агар инро бо ҳалилаи кобулӣ бихӯранд, бухорҳои дар бадан пай- дошударо нест мекунад ва агар бо решаи чукрӣ (ревоч) бихӯранд, назлаҳоро манъ мегардонад. Агар инро дар майи пухтагӣ ҷӯшонида, бо он моеъ ғарғара кунанд, варами ҳалқ ва мушакҳои онро таҳ- лил медиҳад, дандон ва милки онро мустаҳкам мегар- донад; агар бо ин моеъ нимгарм ҳуқна кунанд, назлаи вабоиро ба ибро меоварад. 1,75 грамми инро бо об бихӯранд, хун қай кардан ва хунравиро аз узвҳои даруни сина манъ мекунад; 3,5 граммашро бо арпабодиён биёшоманд, дамкӯтаҳӣ ва ростнафасро шифо мебахшад; ҳамин миқдори онро бо қивоми оби решаи ширинбия бихӯранд, дарди узв- ҳои даруни сина, сурфаи кӯҳнаи сарди балғамӣ, зиқ- ун-нафас (тангии нафас) ва душвории онро шифо ме- бахшад; бо шароби мусаллас бихӯранд, захми шушро дафъ мекунад. Аз 3,5 то 4,5 грамми онро бо решаи ревоч (чукрӣ) бихӯранд, бемориҳои ҷигар, меъда ва турш шудани та- омро дар меъда даво мешавад; ин миқдорро бо сикан- ҷабин (сиркоасал) биёшоманд, барои зардпарвини аз гиреҳҳои маҷроҳои моддаҳо суратгирифта бошад ва 653 агарчи сабабаш дар сипурз бошад, шифо мебахшад; ин миқдори онро бо талхшувоқ даромехта, бо асал маъ- ҷун сохта, яъне сиришта, бардавом бихӯранд, истис- қои гӯштӣ ва обиро шифо мебахшад; агар бо арпабо- диён бихӯранд, дардҳои ботиниро таскин медиҳад, санг- ҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад; бо асал бихӯранд, барои қулинҷ (колит) шифо мебах- шад, инчунин тамоми навъҳои бодро тит ва пароканда мегардонад. Агар инро дар об ҷӯшонида, бо он об нимгарм ҳуқна (клизма) кунанд, қулинҷро мекушояд, варам ва захмҳои рӯдаҳоро ба ибро меоварад. Хойидани он батанҳоӣ ва фурӯ бурдани оби он неку- давоест барои дарди меъда, оруғи турш ва истодани таом дар сари меъда дармон мешавад 3,5 грамми онро бо шаҳдоб (асалоб), агар бемор таб дошта бошад, барои бо исҳол дафъ кардани бал- ғаму сафрову савдои бо ҳам омехта, гудохтани хилти ғализ ва берун кашидани онҳо аз ҷоҳои дури бадан, равон кардани пешоб ва ҳайз, дафъ кардани дарди рӯдаҳо ва бӯғмаи бачадон (инчунин таҳлил додани боди бачадон) даво мешавад, вале агар бемор таб на- дошта бошад, бо шаҳдоб ва сабир (алоэ) низ бихӯ- ранд, буғмашавии бачадон ва

захми онро шифо ме- бахшад; агар бо камтар хояи сагобӣ биёшоманд, ҳамаи навъҳои қулинҷ ва иловус (дард ва варами рӯда- ҳои борик)-ро шифо мебахшад; бо решаи ревоч бихӯ- ранд, сангҳои гурдаро майда карда мерезонад. Агар инро бо парпӣ ё бо ҷадвор бихӯранд, ҳамаи намудҳои варамро таҳлил медиҳад. Аз 1,75 то 3,5 грамми онро бо сиканҷабин сиришта бимоланд, дардҳои буғумҳо аз ирқуннасо (радикулит)- ро дафъ мекунад, инчунин никрис (подагра), дарди буғумҳо, бемориҳои асаб ва табҳои доимиро бо сабир (алоэ) даромехта бимоланд, ба ибро меоварад. Аз 3,5 то 7 грамми онро бо шароб бихӯранд, барои газидани мор ва дигар ҷонварони заҳрнок тарёқ ме- бошад, инчунин ба ҷойи газида батакрор гузошта бан- данд ҳам, чунин таъсирро дорост. Агар ин замбӯруғро бо худ доранд, каждум намегазад. 0,8 грамми онро бихӯранд, ранги рухсорро неку ме- гардонад. Ҳамаи намудҳои дигари ин замбӯруғ зарарнок аст, ки ба дарди гулӯи хафакунанда, ғамгинӣ ва бемори- 654 ҳои шуш гирифтор карда мекушад. Ва агар онҳоро хӯрда бошанд, давояш хӯрдани хояи сагобӣ, оби гарм нӯшида қай кардан, инчунин шири навдӯшида нӯши- да, қай кардан ва ғайра аст. Ба ҷойи ин ду баробари вазни ин зарпечак истеъмол намоянд, раво мебошад. 285. Сабӯс Дар тиб асосан сабӯси орди гандум истифода ме- шавад ва банудрат сабӯси орди донҳои дигарро низ кор мефармоянд. Мизоҷи сабӯси орди гандум дар гармӣ камтар аз орди гандум, вале хушктар аз он аст, хуллас, дар дараҷаи якум гарм ва хушк мебошад. Хислатҳои шифобахши он: сабӯси орди гандумро дар сирко як шаб тар карда, баъд тафсонда бухорашро ба машом бикашанд, зукомро дафъ мекунад. Сабӯси орди гандумро дар об бо шакар, асал ва равғани бодоми ширин ҷӯшонида ва он обро ҷуръа- ҷуръа биёшоманд, узвҳои даруни сина ва шикамро му- лоим мекунад, барои дафъ кардани хуни ҷамъшуда бо қай мадад мерасонад; дағалии узвҳои даруни сина, сурфаи кӯҳна, дамкӯтаҳӣ ва бодҳои ғализро дафъ ме- кунад, инчунин барои одамони камқуввати аз беморӣ навхеста ғизо мешавад. Аз сабӯси орди гандум нон пухта бихӯранд, қабзи- ятовар аст, рутубатҳои зиёдатии меъдаро хушк меку- над. Ин сабӯсро дар шароб пухта гузошта банданд, дар- ди пистонро таскин медиҳад ва варами онро, ки аз шах шудани шир сурат гирифта бошад, таҳлил меди- ҳад. Сабӯсро дар оби барги турб пухта гузошта бан- данд, дарди газидани каждумро таскин медиҳад. Са- бӯсро бо намак дар об пухта ё сабӯси хушкро бо на- мак якҷо кӯфта гузошта банданд, газидани мори афъӣ ва каждумро шифо мебахшад, бодҳо ва варамҳои сард- ро таҳлил медиҳад. Сабӯсро бо сирко ва асал пухта гузошта банданд, ҷӯшишҳои мӯрчагазакро, ки даван- да бошанд, қӯтури решгашта, шукуфаи пӯст ва варам- ҳои гармро шифо мебахшад. Сабӯсро дар сирко як шаб тар карда, баъд гузошта 655 банданд, ҷамра (карбункул)-ро, ки реши мӯҳлик аст. даво

мешавад. Агар сабӯсро бо андак намак тафсони- да, дар халтача ҷо дода, гармбандӣ кунанд ва вақте, ки сард шуд, бо халтачаи дигар гармбандӣ намоянд, варамҳои бодиро таҳлил медиҳад ва дардҳои гуногун- ро низ сокин мекунад. Сабӯси орди ҷавро дар об ҷӯшонида, он обро кам- кам ва бардавом бирезанд, барои хориш ва шаро (ал- лергия) даво мешавад. Сабӯси орди наскро сӯзонида, дудашро ба машом кашанд, ҳангоми хоб дар ҷогаҳ шошиданро шифо ме- бахшад, шапуш ва ришкро дафъ мекунад. Сабӯси орди боқилоро дуд кунанд, гули дарахтонро аз рехтан манъ менамояд. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-278-285#278

Канзи шифо. Давоҳои наботӣ ва беҷон 286-296 286. Нишоиста 287. Шакари янтоқ 288. Мисвок 289. Қатод ДАВОҲОИ БЕҶОН 290. Хок 291. Гили бӯта 292. Ақиқ 293. Сулаймонӣ 294. Елими пӯсти ҳайвонот 295. Нуқра 296. Сандарус 286. Нишоиста Тайёр намудани ин чунин аст. Гандумро дар об то бӯйи бад пайдо кардан тар мекунанд. Ин вақт пӯсти он аз мағзаш ҷудо мегардад. Баъд ҳамаи онро бо чангол мемоланд, мағзаш аз пӯст ҷудо мегардад, яъне мағзи он аз даруни пӯсташ берун меояд. Баъд онро аз ширахалта мегузаронанд, суфлашро мепартоянд ва аз ширахалта гузаштаашро то муддате таҳшин гаштан мегузоранд, вақте ки тамоман таҳшин шуд, оби боло- яшро рехта мепартоянд ва таҳшинашро қурсҳо сохта, дар офтоб хушк мекунанд. Баъд ба истеъмол меди- ҳанд. Беҳтарини нишоистаҳо сафеди нав ва софи сиёҳ нагаштаи он аст. Мизоҷи ин дар охири дараҷаи аввал сард ва хушк аст, вале баъзеҳо сард ва тар донистаанд. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бо давоҳои чашм ҳамроҳ намоянд, хислатҳои номанзури онҳоро ис- лоҳ менамояд ва он доруро ба чашм кашанд, чашмро қавӣ мегардонад, захмҳои чашмро хушк мекунад, қӯ- тури ин узвро шифо мебахшад ва моддаҳои ғайрии ба чашм рехташавандаро манъ месозад. Нишоистаро дар шири занон ё дар сафедаи тухми мурғ ҳал карда, ба чашм кашанд, сӯзиши ин узвро таскин медиҳад, дарди чашмро сиҳат мекунад ва шах- шӯлии пилкҳои чашмро мулоим мегардонад. Нишоистаро бо набот ё бо равғани бодоми ширин пухта, нимгарм бихӯранд, хун қай карданро манъ ме- кунад; дағалии ҳалқ, сурфаи гарм, дарди узвҳои да- 656 руни сина ва силро шифо мебахшад, хуни бавосир ва ҳайзро қатъ мекунад. Агар инро бо наски бирёнкар- да пухта бихӯранд, исҳолро мебандад. Аз нишоиста ҳарира (кисель) тайёр карда бихӯранд, моддаҳои ғайриро, ки ба узвҳои даруни сина фурӯд меоянд, аз фуромадан манъ мекунад. Нишоистаро бо чарбии буз ба ин тариқ, ки бояд як вазн нишоистаро бо чор баробар вазни он об ва чарбии буз хуб бипазанду бихӯранд, аз ҳад зиёдати амали давои исҳоловарро дафъ мекунад, харошида шудани сатҳи даруни рӯда- ҳоро шифо мебахшад.

Нишоистаро дар оби гарм ҳал карда, бо он ҳуқна кунанд, захмҳои сатҳи даруни рӯдаҳоро ба ибро мео- варад. Нишоистаро бо сирко хамир сохта гузошта банданд, дарди гулӯро шифо мебахшад ва варамҳои гармро таҳлил медиҳад. Нишоистаро бо шароб даромехта бимоланд, барои газидани мори афъӣ даво мешавад. Нишоиста ҳамчун ғизо камқувват аст. Вале бисёр хӯрдани нишоиста маниро кам мекунад, дар узвҳои бадан гиреҳҳо пайдо мекунад, дер ҳазм мешавад ва мегӯянд, ки моддаи савдоро ба амал мео- варад. Давои ин зарарҳояш ширинихо ва қаранфули гардан хӯрдан аст. Ба ҷойи ин биринҷи шустагӣ ва гар- ди осиёро истеъмол кунанд, раво мебошад. Миқдори як бор хӯрдан аз нишоиста дар як рӯз аз 4,5 то 70 грамм аст. 287. Шакари янтоқ Ин шабнамест, ки бар гиёҳи шутурхор, яъне янтоқ дар ноҳияҳои Хуросон, сарзаминҳои мобайни дарёҳои Ому ва Сир, Гурҷистон, Туркманистон ва Ҳамадон ме- нишинад ва монанди резаҳои набот шах мегардад. Таъ- маш ширин аст. Беҳтарини он нав ва аз баргу хори гиёҳаш ҷудо кардашудаи он аст. Шохҳои шакарбори онро бурида ҷамъ намуда, ба суфра ва дастархонҳо метаконанд, то он, ки шакараш ҷудо гардад. Баъд аз хору баргу хошок пок сохта истеъмол мекунанд. Агар ба шоху баргу хори янтоқ часпида монад ва дар вақ- ти таконидан ҷудо нагардад, он гоҳ онро ба об андох- та меҷӯшонанду полида, аз хасу хошок пок намуда, бо 657 ҷӯши бисёр ғафс мегардонанд ва дар офтоб мехуш- конанд. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва тар аст. Хис- лати поккунандагиаш аз шакар зиёдтар мебошад. Хислатҳои шифобахши он: ошомидани он дарунро мулоим мекунад, хилти (моддаи) сафроро ба осонӣ хориҷ менамояд; барои сурфа, дарди узвҳои даруни си- на, бечо (беҳузур) шудани дил ва табҳои гарм даво мебошад, ташнагиро мешиканад; агар инро бо оби панир биёшоманд, ахлоти сӯхтаро аз бадан дафъ меку- над; бо оби ҷав бо мудовамат бихӯранд, ахлоти гар- ми тезро аз бадан ихроҷ менамояд. Агар инро бо ши- ри навдӯшида бихӯранд ва бо он мудовамат намоянд, боҳро (пушти камарро) бармеангезад ба ин тариқ, ки 25 грамми онро бо 150 грамм шири говмеш (буйвол) биёшоманд. Ин шакари янтоқро бо оби зира биёшоманд, қа- роқули шикамро, ки бо таби сабук бошад, дафъ ме- кунад. Вале инро барои бемориҳои таби сахт, нағзак (гу- лак), сурхича (қизамуқ), исҳоли хунин, бавосир, хун пешоб кардан истеъмол намекунанд,— ҳамин тавр Абу- алӣ ибни Сино муайян кардааст. Миқдори як бор хӯрдан аз шакари янтоқ дар як рӯз аз 15 то 30 грамм аст. 288. Мисвок Ин буттаи даштӣ ва кӯҳии маълум мебошад. Бар- гаш сербари дароз, сабз, хушранг, анбӯҳ; чӯбаш муло- им. Ин растанӣ хазон намекунад, хорнок ва бехор низ мешавад. Гулаш сурхтоб, самараш ба андозаи нахӯд дар хӯша, ҳангоми хом будан каме талхтаъми бо тун- ҷии бисёр, сабз, вале дар охир баъди расидан баъзе- аш сурх, сафед ва баъзе бунафш мегардад, баъд си- ёҳ

мешавад, андак ширинӣ, талхӣ, тунҷӣ ва тезӣ пайдо мекунад. Тухми саҳроияш майда мешавад, вале хӯшаи самари кӯҳиаш назар ба саҳроӣ калонтар, самараш бетухм, бирасад таъмаш андак ширин, тунҷ ва тез мегардад, вале дар баъзе мавзеъҳо самараш тухмдор ва ширинтар, бузургтар мерӯяд, ки баъзе мардум онро мехӯранд. Ба қавли табиб Бағдодӣ мизоҷи буттааш хушк, са- 658 мараш дар гармӣ ва хушкӣ мӯътадил, вале табиб Антокӣ мизоҷи инро дар дараҷаи дуввум гарм ва дар саввум хушк, аммо муаллифи китоби «Тӯҳфат-ул-мӯъ- минин» ҳаким Муҳаммад Мӯъмин дар дараҷаи аввал гарм ва дар охири дуввум хушк донистааст. Хислатҳои шифобахши он: хусусияти поккунан- дагӣ дорад, таҳлилдиҳандаи варамҳо ва модда- ҳои ғафси бадан, гиреҳҳоро мекушояд, барои дафъ кардани рутубатҳои часпак ва бодҳои ғафс даво мебошад, назлаҳоро мебандад, меъдаро қувват меди- ҳад, исҳолро манъ мекунад, варами бачадонро мегардонад, бавосирро дафъ мекунад, душвор шошиданро ис- лоҳ месозад, хичакро аз моддаҳои нодаркор ва зарар- нок пок мегардонад; обила, донаҳои ба сар бароянда ва решгарданда, инчунин саромос ва мӯрчагазакро ши- фо мебахшад, дардҳоро таскин медиҳад, милки дан- донро мустаҳкам менамояд. Баргашро кӯфта гузошта банданд, варамҳоро таҳ- лил медиҳад, назлаҳоро аз фуромадан манъ мекунад, саромос ва мӯрчагазакро дафъ месозад. Агар самари инро дар равғани зайтун пухта гузошта банданд, дард- ҳои бачадонро таскин ва варами онро таҳлил медиҳад, бавосирро нест мекунад ва барои решҳои сар фоида дорад. Самарашро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, душвор шошиданро осон мекунад ва хичакро аз мод- даҳои зарарнок пок месозад, меъдаро қувват мебах- шад ва исҳолро мебандад. Инчунин тухмашро дар об ҷӯш дода он обро бинӯшанд низ, ҳамчунин меъдаро қавӣ мегардонад ва исҳолро дафъ мекунад. Бо чӯби он мисвок кунанд, яъне чӯби онро ба дан- дон бимоланд, дандонро аз чирк пок ва милкашро мустаҳкам мегардонад ва агар аз ҳад зиёд мисвок ку- нанд, дар забончаи ҳалқ ҷӯшишҳо пайдо мекунад ва агар онро ба дарун истеъмол намоянд, сатҳи даруни рӯдаҳоро мехарошад. Ин қабил зарари онро катиро бихӯранд, ислоҳ мекунад. Миқдори як бор ошомидан аз обе, ки дар он мис- вок ҷӯшонида шуда бошад, дар як рӯз то 150 грамм ва аз тухмаш то 10,5 грамм аст. Муаллифи китоби «Дастур-ул-атиббо» ва дигар та- бибони машҳур гуфтаанд, ки баргаш барои қӯтур, ма- хав, бавосир ва мурдор шудани хун фоида дорад. Самари мисвок талх аст ва агар инро бихӯранд 659 балғамро дафъ мекунад ва агар балғаму сафро мур- дор гарданд, ба ислоҳ меоварад; барои сӯзиши узвҳо, истисқо (водянка), варамҳо, махав. табҳои гарм ва резонидани кирмҳои меъда ва рӯдаҳо (ҳатто кирми ка- дудона) даво мебошад. 289. Қатод Ин буттаи даштии пурхор аст ва хорҳояш нӯгтез, вале пояаш бехор мебошад. Шутур онро

намехӯрад, аммо маҳз дар соле беборон, ки гиёҳҳои дигар нарӯ- янд, шутур маҷбур аст, ки бихӯрад ва тӯъмаи худ на- мояд. Ва агар чорпоён чаро карда онро бихӯранд, фар- беҳ мегарданд. Гулаш зардтоб ва дар он порчаҳои сурх-ранг ҳаст, меваи он аз гулаш берун меояд ва рангаш монанди донаки хурмо мебошад. Катиро шилми ҳамин бутта, ки аз самараш мегиранд ва ё танаи пояшро бо теғ тарошида ё чок намуда, монанди афюн шилмаш- ро берун медамонанд. Дурусттараш баъди тарошидан шилмаш аз он ҷоҳои захминаш берун медамад. Ин рас- таниро болишти ошиқон ҳам меноманд, ба забони ру-сӣ астрагал мегӯяндаш, дар сарзаминҳои мамлакати мо бисёр аст. Мизоҷи гиёҳаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст ва ба қавли муаллифи «Ихтиёроти бадеӣ» гарм ва тар аст. Хислатҳои шифобахши он: оби инро бинӯ- шанд, барои сурфа, зиқ-ун-нафас (бронхиальная аст- ма) ва захми шуш (сил) дармон мешавад. Оби инро бо сирко ва асал даромехта бимоланд, доғи сафеди пӯст ва дигар доғҳои пӯстро дафъ меку- над. Решаи ин растанӣ равғандор аст, ки худи тарашро бидуни равған оташ диҳанд, монанди машъал месӯзад. Шилми ин буттаро, ки катиро меноманд, рангаш са- фед ва сиёҳ мешавад. Беҳтарини он сафеди соф, ҳам- вор ва таъмаш моил ба ширини он аст, навъи сиёҳаш бекора мебошад. Мизоҷи шилмаш, яъне катиро дар гармӣ ва сардӣ мӯътадил мебошад ва дар дараҷаи якум тар ва инчу- нин серрутубат аст. Вале ба қавли баъзеҳо мизоҷаш дар дараҷаи якум хунук ва хушк мебошад, ки хушки- аш камтар аз сардии он аст. Вале баъзеҳо гарм ва тар гуфтаанд, инчунин баъзеҳо мураккаб-ул-қувват донис- таанд. 660 Хислатҳои шифобахши он: Хусусиятҳои тиббии он: часпонанда, камтар хушк ҳам мекунад, тезии давоҳоро мешиканад, хунро ҳам ғафс мегардонад, сахтиҳои узв- ҳои баданро мулоим менамояд, шасти ахлот ва сӯзиши онҳо пас менишонад, инчунин тезии давоҳои ошоми- даниро дар рӯдаҳо кам мекунад ва таъсири шифобах- шии он давоҳоро зиёда мегардонад бинобар хосияти часпандагӣ доштанаш. Агар инро бо луоб ва давоҳои дигари муносиб да-ромехта ба чашм кашанд, дард, захм ва обилаҳои чашмро шифо мебахшад. Катироро бо шири хар ва ё бо шири навдӯшида бихӯранд, хун қай карданро хоҳ аз меъда бошад, хоҳ аз узвҳои даруни сина ва дигар ҷоҳои дарун, қатъ ме- кунад; барои сурфа, дағалии узвҳои даруни сина ва ҳалқ, захми шуш ва гирифтагии овоз дармон мешавад. Агар катироро бо асал сиришта, ҳаб ё қурс сохта, дар даҳан нигоҳ доранду обашро фурӯ баранд, барои ҳа- маи иллатҳои узвҳои даруни сина дармон мешавад. Агар инро бо давоҳои муносиб биёшоманд, рӯдаҳо- ро қувват мебахшад ва инчунин захм ва сӯзиши онҳо- ро дафъ мекунад, дарди гурда ва хичакро таскин ме- диҳад, захми хичак ва роҳҳои пешобро сиҳат меку- над, инчунин сӯзиши пешобро, ки сӯзок низ меноманд, дафъ месозад, ҳоли давоҳои захрнокро ислоҳ медиҳад ва мегӯянд,

ки моддаи сафро ва балғамро, ки часпак бошад, бо исҳол дафъ мекунад. Агар инро бо мағзи ҳар гуна бодоми бепӯст бо му- довамат бихӯранд ва ё баробари вазни он шакар ва хоҳ аз ин таркиб нишоиста тайёр карда биёшоманд, ба- данро бағоят фарбеҳ мекунад, хусусан баъд аз он ши- реро, ки дар он норгил (ҷавзи ҳиндӣ) ҷӯшонида шуда бошад, бинӯшанд, зуд ва зиёда таъсир дорад. Ин шилмро бимоланд, барои дафъ кардани доғи кунҷидак, нарм гардонидани пӯст, дафъи шахшӯлии он ва кафидани лаб дармон мешавад. Агар инро бо сирко сиришта бимоланд, барои дафъ кардани доғи сафеди пӯст ва пес дору мешавад; бо луобҳо даромехта бимо- ланд, тарқидани мӯйҳоро ислоҳ мекунад. Агар инро бо гӯгирд сиришта гузошта банданд, ба- рои қӯтур, решҳои хӯранда, вале агар бо давоҳои му- носиб даромехта гузошта банданд, барои аксари захм- ҳои аз гармӣ ва сардӣ суратгирифта дору мешавад. Вале истеъмоли катиро ба дарун ба қисми поёни 661 бадан зарар дорад. Агар зиён кунад, арпабодиён бихӯ- ранд, ислоҳаш медиҳад. Миқдори як бор хӯрдан аз катиро дар як рӯз аз 3,5 то 17,5 грамм аст. Ба ҷойи ин барои часпонидани решҳо ва ғайраҳо шилми бодомҳоро бихӯранд ва барои мулоим кардани сахтиҳо ва ғафс гардонидани моддаҳо тухми кадуро истеъмол намоянд, ҷоиз аст. Бехи ин буттаро, яъне қатодро бикӯбанд, ҳангоме ки хушк бошад, бо сирко ба доғи сафеди пӯст бимо- ланд, онро дафъ мекунад. ДАВОҲОИ БЕҶОН 290. Хок Беҳтарини хокҳо хоки холис аст, яъне таркиби он шӯра, рег ва гӯгирд надошта бошад ва аз ҷоҳои обаш ширин бошад. Латифтарини хокҳо он аст, ки аз оби ширини равон таҳшин гашта бошад. Мизоҷи хоки холис мутлақан сард ва хушк аст. Ва- ле дар таркиби хок намак ва гӯгирд бошанд, хоки об- ҳои талх, инчунин хоки оби баҳрҳои шӯр ва уқёнус- ҳо албатта дар мизоҷ гарм ва хушканд. Хислатҳои шифобахши он: ҳамаи навъҳои хокро би- хӯранд, бимоланд ва гузошта банданд, қабз, хушк ва поккунандаи пӯст аст; банд ва манъкунандаи исҳол, таҳлилдиҳандаи варамҳо, таскиндиҳандаи тафс ва гар- мии мақъад; агар узвҳо аз бисёрии савор ва ҳара- катҳои бисёр ва шадид сусту нотавон гашта бошанд, қувват мебахшад. Хоки холисро бихӯранд, барои иллати сил, хун қай кардан ва харошида шудани сатҳи даруни рӯдаҳо дармон мешавад, заҳрҳои ҷонваронро аз бадан дафъ мекунад. Ин хоки холисро дар об ҳал карда, бо он ҳуқна ку- нанд, харошида шудани даруни рӯдаҳоро шифо ме- бахшад. Ва агар онро лой карда бимоланд заҳри афъ- иро дафъ мекунад ва газидани саги девонаро шифо ме- бахшад. Хокро бо сирко ва равғани гулисурх хамир сохта бимоланд, варами гармро таҳлил медиҳад. 662 Хокеро, ки муддати тавил офтоб бар он тобида бошад, бимоланд, барои истисқо (водянка) дору меша- вад, узвҳои сусту нотавонгашта ва лоғарро ба ислоҳ меоварад. Агар инро бо сирко сиришта бимоланд, га- занди ҷонварони заҳрнокро дафъ мекунад. Бо

он хок сарро бишӯянд, сарро аз чирк пок мегардонад, мӯйро мустаҳкам ва дароз мекунад. Хокеро, ки оташи бисёр дида бошад монанди хо- ки оташдон, бисёр хушккунанда ва поккунандаи ба- шара аст, доғи сафеди пӯстро дафъ мекунад, инчунин дағалии ҷоҳои бадан ва хоришро нест менамояд. Инро бо сирко хамир карда гузошта банданд, газидани зан- бӯрро шифо мебахшад. Агар инро бо мумравған си- ришта гузошта банданд, ханозер (хукгардан) ва сах- тиҳоро таҳлил медиҳад. Хоки танӯрро бо намак ва сирко сиришта бимо- ланд, качалии (каляраи) сари кӯдаконро дафъ ме- гардонад. Хоке, ки муддати дароз дар намак монда бошад ва зарфи гиле, ки дар он намак мегузоранд, барои таҳлил додани варамҳои сард, кафонидани пучакҳо ва чиртак- ҳо доруи хубест. Агар ин қабил хокро бо пешоби буз ё шутур, ё гов хамир сохта гузошта банданд, истисқоро шифо мебахшад. Коҳгилро бо сирко хамир сохта гу- зошта банданд, барои газидани каждум ва ҷонвароии дигар дору мебошад, варамҳои гармро таҳлил меди- ҳад. Чун ба коҳгил гулоб бипошанду бибӯянд, дил ва майнаро қавӣ мегардонад, дилтапакро дафъ мекунад, иллати беҳушшавӣ ва тафси ин узвҳоро ислоҳ меди- ҳад. Коҳгилро бо гулоб, арақи говзабон ва дигар арақ- хо хамир сохта, як шабонарӯз дар тобистон болояшро пӯшида бигузоранду баъд бо анбиқ аз он арақ каши- да, аз он арақ биёшоманд, дилро қавӣ мегардонад дилтапак (дилбозӣ) ва сустии меъдаи гармро беан- доза фоида дорад. Молидан ва гузошта бастани хоки таҳшини наҳрҳои обашон ширин, узвҳоро қавӣ мегардонад ва варамҳои кӯҳнаро таҳлил медиҳад; сусту нотавон ва лоғарии аъзоро, ки аз бисёр рафтани хун ва хун қай кардан сурат гирифта бошад, шифо мебахшад Хоки чорраҳаро гузошта банданд, решҳоро хушк ва аз рим пок мегардонад. Агар инро бимоланд ё гузош- 663 та банданд, узвҳои сустгаштаро мустаҳкам месозад, ба истисқо нафъ дорад. Инро дар замонҳои қадим ба таркиби баъзе маъ- ҷунҳо дохил менамуданд. 291. Гили бӯта Ин хокест сафедранг, мулоим, часпак ва андак чарб аст. Он рагҳои хоки холиси часпак аст. Мизоҷаш хунук ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар бо ин сарро би- шӯянд, мӯйро аз чирк пок мегардонад. Агар инро бипошанд, гузошта банданд ва бимоланд, барои захмҳои кӯҳна, пучак ва чиртакҳо, таҳлил до- дани варамҳои гарм ва таскин додани дарди онҳо дар- мон мешавад. 292. Ақиқ Инро дар як қатор маҳалҳо тоҷикон ҳақиқ ҳам ме- гӯянд. Ақиқ санги қиматбаҳоест маълум ва кони он дар мулки Яман ва дар Канбоят бештар, инчунин дар соҳили баҳри Рум (Византия) низ мебошад. Беҳтарини он яманӣ аст, ки соф ва шаффоф бошад. Фарқи миёни ақиқи яманӣ ва ғайриямонӣ дар он аст, ки ақиқи яма- нӣ сахт мебошад баръакси ғайриямании он ва бо рангҳои гуногун аст: сурх, зард, сафед, сиёҳ (ҳар яки аз инҳо рангин, нимранг, сурх, ҷигарӣ, соф, шаффоф, нософ, ало, сангранг, қабатдор). Ҳар якеи онҳо ҳанго- ми аз конаш

баровардан камранг мебошанд. Қитъа- ҳои, соф, шаффоф, инчунин беҷирми онро ҷудо карда, меҷӯшонанд, сонӣ рангин мегардад. Тариқи ҷӯшонида- наш чунин аст, ки деги калони сафолӣ ё мисиро, ки баланд бошад, то ба гардан дар он чӯбҳо мечинанду даруни дегро то нисфаш об меандозанд. Қитъаҳои ақиқро бар он чӯбҳо мечинанду сари дегро маҳкам баста, аз таги он оташи мулоим меафрӯзанд, ки бухо- роти гарм ба он қитъаҳо бирасад. Касоне, ки ин амал- ро баҷо меоваранд, назди худ одамони қарорӣ до- ранд, то ки онҳо барои рангин кардани ақиқ дастёрӣ намоянд. Баъд аз рангин шуданаш, қитъаҳои ақиқро бароварда, тарошида, суфта, ба ҳар шакл ва намуде, 664 ки хоҳанд, медароранд. Он чӣ аз онҳо бисёр ранги- ни софи шаффофи барроқи якранг бошад, бисёр хуб аст. Барои давоҳо, ангуштаринӣ қисми бисёр сурх, шаффоф ва барроқи онро сарачин мекунанд. Баъд зард ва он чӣ дар ҷирми он шаклҳои монанди шохи дарахтон ё сурати кӯҳпорае бошад, онро ҳаҷарӣ (сангӣ) меноманд. Он чӣ қабат бар қабат бошад, ҳар яке- ро ба ранги ҳамон қисм метарошанд, ки қабатҳои он яке аз болои дигаре мебошад, онро ҷазъ (бомшакл) меноманд. Он чӣ ба паҳноӣ бурида бошанд, ки дар сатҳи рӯйи он хатҳои гирдшакл ва ё ғайри гирдак бо- шанд, онро ҳаҷари (санги) сулаймонӣ ва ба тоҷикӣ бобоғӯрӣ меноманд. Ин навъи охирин аксар сахттар мебошад назар ба хелҳои дигари он. Аксар санги мӯҳ- раро аз ҳамин навъаш месозанд. Мизоҷи ақиқ дар дараҷаи дуввум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: як грамм ақиқи маҳин- сойидаро батанҳоӣ ё бо шарбати себ биёшоманд, дил- ро қувват мебахшад ва дилтапак (дилбозӣ)-ро дафъ мекунад: ин миқдорро батанҳоӣ бихӯранд, хун қай кар- дан ва хунравиро аз ҳар узве, ки бошад, хусусан хуни ҳайзро, ки бо ҳеҷ даво наистода бошад, манъ меку- над. Агар ин миқдор ақиқро бо асал ё бо ҷадвор бихӯ- ранд, гиреҳи ҷигарро мекушояд; бо тухми гулихайрӣ ё бо шибит ва ё бо ҷадвор бихӯранд, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Инро маҳин ос карда ё бо дигар давоҳои чашм даромехта, чун сурма ба чашм кашанд, чашмро қувват медиҳад ва даруни милки чашмро неку мегардонад. Ақиқи сӯхтаро ос карда батанҳоӣ ё бо марворид, ё бо марҷон ба дандон бимоланд, дандонҳои ҷунбонак ва милки онро мустаҳкам мекунад, рафтани хунро аз буни дандон манъ месозад ва чирки онро нест мегар- донад. Агар ақиқро бо худ овезанд, шиддати ғазабро тас- кин медиҳад ва хунравиро аз ҳар узве, ки бошад, манъ месозад, хусусан барои ҳайзи ҳамешаравон дору мебо- шад. Агар ангуштари ақиқро ба даст бипӯшанд (бигузо- ранд), дилтапакро дафъ мекунад, дар назари душман ҳайбатнок мегарданд ва аз дарди узвҳои даруни си- на эмин мемонанд. Нақл аст, ки чун ақиқро бо мушк, кофур ва рав- 665 ғани зайтун сойида, ба рӯ ва мӯйи худ биноланду назди султон ва амирону амалдорон раванд, азиз ва гиромӣ мегарданд, маҳбуби ҳамаи халқ мешаванд, чунонки

мардуми аҷам фирӯзаро ба фол неку медонанд. Истеъмоли ақиқ ба дарун барои гурда зарар до- рад — давояш катиро хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз ақиқ дар як рӯз то 1,75 грамм аст. Ва ба ҷойи ин марҷонро истеъмол намоянд, раво мебошад. 293. Сулаймонӣ Инро ба тоҷикӣ дафошшикана ва ба забони русӣ сулема мегӯянд. Ин чизест маснӯӣ (сунъӣ) сахт, ки аз симоб ва марги муш тайёр мекунанд ба ин тариқ: дар таносуби симоб 306 грамм ва марги муш 25,5 грамм—ҳар дуро бисёр маҳин ос карда, бо воситаи гармӣ додаи бухо- рашро шах карда мегиранд. Беҳтаринаш ба ранг са- феди он аст, низ ба рангҳои дигар ҳам мешавад. Мизоҷаш дар дараҷаи чорум гарм ва хушк ва ин заҳри қотил аст. Хислатҳои шифобахши он: инро ба марҳамҳо до- хил менамоянд, ки хусусияти дафъ кардани гӯшти ҳа- ром дорад. Агар бихӯранд, ҳалок мегардонад. Давои инро хӯрдагон шири навдӯшида, шӯрбо ва васма хӯр- да, пай дар пай қай кардан аст. Аз аломатҳои касе, ки инро хӯрда бошад: бехобӣ, беҳушӣ, кӯр шудан, ҷӯшиши хун ва қайкунӣ аст. Илоҷ ва давои инро хӯрдагон тадбири занҷарф, симоб ва марги муш хӯрдагон аст. Вале алҳол навъи сурхи онро камтар дар арақ ҳал карда, рӯзе аз он қатрае дар як пиёла шир чаконида мехӯранд низ. Аз ҷумла муаллифи ин сатрҳо — ман ҳам соли 1952 ним ҳаби (таблеткаи) сурхи онро дар ним литр арақ ҳал карда, аз он арақ ҳар рӯз як қошуқи ошӣ истеъмол карда будам. 294. Елими пӯсти ҳайвонот Тариқи тайёр карданаш чунин аст. Пӯсти ҳайвонот- ро дар об то муҳарро шудан меҷӯшонанд. Баъд мегузоранд, то он ки дурдааш таҳшин гардад. Инро соф 666 намуда аз нав меҷӯшонанд ва боз барои ҷудо гаштани таҳшинаш мегузоранд. Ин амалро якчанд такрор ме- намоянд, то он ки дигар дурда таҳшин нагардад. Сонӣ он миқдор ҷӯш медиҳанд, ки ғафс шавад. Аз оташ фу- рӯд оварда, дар офтоб чандон мекованд, ки ғализ ва қобили бо корд буридан гардад. Пас порча-порча бу- рида, хушк менамоянд. Дар вақти ҳоҷат миқдори му- айян ва зарури онро дар оби гарм дар оташ то об шилмак гаштанаш меҷӯшонанд. Баъд ҳар чизеро, ки часпониданӣ бошанд, мечаспонанд. Беҳтарини елимҳо аз пӯсти гови покиза тайёр карда мешавад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хусусиятҳои ин часпо- нанда ва хушккунанда мебошад. Агар инро бимоланд, захм, ширинча ва обилаҳои кӯҳнаи сарро шифо мебахшад. Елимро дар об ҳал карда батанҳоӣ ё бо сирко да- ромехта бинӯшанд, аз узвҳои даруни сина хун қай кар- дан ва захми шушро даво мебошад. Елимро бо асал даромехта гузошта банданд, вара- ми захмҳоро мегардонад, ҷароҳатҳоро ба ҳам оварда сиҳат мекунад, устухони шикастаро бо ҳам часпонида мустаҳкам мегардонад ва устухони беҷошударо ба ҷо- яш устувор месозад; ҷурраи обиро, яъне даббаеро, ки аз фуромадани об ба хояҳо сурат гирифта бошад, ши- фо мебахшад; агар инро бо об

даромехта гузошта бан- данд, сӯхтагии оташро ба ибро меоварад ва обила кар- дани онро манъ мекунад. Елимро бо зардчӯба, ғӯраи сарв ва сирко сиришта, барои ҷурра, ки аз даридани пардаи шикам ва фуро- мадани рӯдаҳо, агар нав бошад, то муддате бибандан- ду накушоянд, шифо мебахшад, варами захмҳоро ме- гардонад, ҷароҳатҳоро ба ҳам оварда сиҳат мекунад. Агар инро бо мозу ва ғӯраи сарв сиришта бибанданд, барои дабба, ки аз даридани пардаи шикам ва аз фу- ромадани об ба хояҳо бошад, даво мешавад; бо сирко даромехта гузошта банданд, қӯтури пӯстхезак ва ил- лати пӯстпартоӣ, шукуфаи пӯст, донача ва ширинчаҳои сар, доғи сафеди пӯст ва песро дафъ мекунад ва ин- чунин доғҳои дигари пӯстро дур менамояд, башарарo пок мегардонад. Чун елимро гудохта, пашми харгӯшро ба он олон- да, ба ҷароҳатҳое, ки хун аз онҳо равон бошад, гузо- ранд, хунро манъ мекунад; инро ба сӯхтагии оташ гу- 667 зошта банданд, дард ва сӯзиши онро таскин медиҳад, инчунин намегузорад, ки обила кунад. Елими пӯсти ҳайвониро сӯхта, маҳин сойида, чун сурма ба чашм кашанд, пурра таъсири тӯтиёро соҳиб мебошад. 295. Нуқра Маълум аст, ки ин аз фулузоти асил ҳисоб меёбад. Ранги нуқраи соф ба сафедӣ моил аст балки сафед мебошад. Мизоҷаш дар дараҷаи якум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хусусияти фараҳбахши- аш ба ёқут наздик аст, барои молихулиё, девонагӣ ва васвос дору мешавад. Инро бо мили нуқра ба чашм кашанд, гули тунуки чашмро дафъ мекунад, чашмро қувват мебахшад. Аз дами сӯҳон баромадаи онро бо пиёзаки сафеди саломалек бихӯранд, бӯйи бади даҳанро дафъ мекунад, рутубатҳои часпаки бадбӯ ва балғамро мекашад. Нуқраи аз дами сӯҳон баромадаи онро бардавом бихӯранд, дамкӯтаҳӣ, сурфа, дилтапак (дилбозӣ), тар- сончакӣ ва дигар бемориҳои дилро шифо мебахшад; бо ҷадвор бихӯранд, меъда ва ҷигарро қавӣ месозад, ру- тубатҳоро кашида берун мекунад, барои истисқо ва ил- латҳои сипурз дору мешавад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад, душвор шошиданро осон ме- кунад. Аз дами сӯҳон баромадаи инро бо симоби куштагӣ ҳал карда бимоланд, бавосирро дафъ мекунад ва агар ин маҳлулро ба қӯтур ва хориш бимоланд, шифо ме- бахшад. Аз дами сӯҳон баромадаи нуқраро гузошта банданд, варамҳоро таҳлил медиҳад. Истеъмоли нуқра ба дарун барои рӯдаҳо зарар до- рад. Ин зарарашро катиро бихӯранд, ислоҳ мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз нуқра дар як рӯз аз 0,5 то 1,75 грамм аст. Яке аз хислатҳои нуқра он аст, ки аз бухор ва бӯйи гӯгирд ва инчунин бо он якҷо гузошта шавад, сиёҳ ме- гардад. Агар ин тавр ҳодис шавад, бо намак бишӯянд, пок мегардад. 668 Таом ва шаробро дар зарфҳои нуқра биёшоманд, фараҳ меоварад. Агар аз ҷоми нуқра шароб нӯшанд, зуд мастӣ мео- варад. 296. Сандарус Ин чизест монанди каҳрабо ва аз ҷинси он аст. Ран- гаш зард, баъзе порчаҳои он

сурхранг, аз каҳрабо ре- затар, дар равғани кунҷид ба оташ гузоранд, гудохта мегардад. Равғани машҳур, ки наққошон истифода ме- кунанд ва мутахассисони Ҳиндустон сохта, ба ҳарир мемоланд ва аз он мумҷома месозанд, аз ҳамин аст. Сандарус зоҳиран шилми дарахте мебошад, ки маълум нест. Дида мешавад, ки дар мағзи онҳо кирмҳои майда ва мӯрчаҳо ҳастанд. Аз ин маълум аст, ки дар вақти нав ва рақиқ (суюқ) будани ин шилм он ҷонва- рон дар он ғӯтида ва баъди шах шудани шилм ҳамон тавр мондаанд. Ин ҳам далели он аст, ки сандарус аз қабили шилм аст. Сандарус чор навъ мебошад: 1. Он, ки беруни он зард ва дарунаш сурхи барроқ (ялаққосӣ); 2. Он, ки зарди камранг, бисёр суст, яъне мулоим. 3. Он, ки моил ба кабудӣ ва суст. 4. Он, ки рангаш сиёҳ ва са- буки сахт. Қисми якумаш беҳтарини ҳамаи он аст. Хубтарин сандарус он аст, ки монанди каҳрабо коҳро ба худ бикашад. Қуввати он то 20 сол боқӣ мемонад. Ин аз давоҳои волоқадр ба ҳисоб меравад. Фарқи мо- байни сандарус ва каҳраборо муайян кардан бисёр душвор аст. Зеро ки ин низ коҳро монанди каҳрабо ба худ мекашад. Вале фарқаш дар ҳамин аст, ки из аз каҳрабо сусттар аст ва чун ба оташ андозанд, аз ин бӯйи бад, яъне бӯйи шохи ҳайвони сӯхта меояд ва аз сӯхтаи каҳрабо бӯйи оби мустако шамида мешавад. Ди- гар он, ки аз каҳрабо бӯйи оби лиму меояд, хусусан, ки бимоланд ва гарм кунанд, ин бӯй зиёдтар зоҳир мегардад. Таъми сандарус андак талх мебошад, вале каҳрабо талхӣ надорад. Қуввати хасро ба худ каши- дан дар сандарус камтар аз каҳрабост. Мизоҷи сандарус дар дараҷаи дуввум гарм ва дар саввум хушк аст ва ба қавле дар якум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро ос карда бихӯранд, рутубатҳои зиёдатии майна ва дигар узвҳоро хушк 669 мегардонад; хун қай кардан ва хунравиро аз ҳамаи узвҳо хоҳ аз дарун бошад, хоҳ аз берун, манъ меку- над; исҳоли хунинро шифо мебахшад, балғамро аз меъ- да ва рӯдаҳо канда дафъ менамояд, кирмҳои ин ҳар ду узвҳо, ҳатто кирми кадудонаро мекушад, пешоб ва ҳайзро равон месозад: агар асаб аз зиёд шудани балғам, сардӣ ва рутубат суст ва нотавон шуда бошад, ислоҳ мекунад; дилтапак (дилбозӣ), васвос, дамкӯтаҳӣ, зиқ- ун-нафаси балғамӣ, табҳои давоӣ, бемориҳои сипурз, бавосир ва исҳоли кӯҳнаро шифо мебахшад. Инро бо сиканҷабин якҷо бо мудовамат бихӯранд, фарбеҳиро дафъ мекунад, арақ карданро манъ месозад, қуввати баданро нигоҳ медорад — бинобар ҳамин гӯштингирҳо инро мехӯранд. Агар инро бо шаҳдоб (асалоб) биёшоманд, хуни ҳайз ва пешобро меронад. Сандарусро бо сирко ё сиканҷабин ва ё бо ҳар ду якбора биёшоманд, бачаи занони ҳомиларо аз шикам башиддат меафтонад. Агар сандарусро бо асал даромехта ба чашм кашанд, гули чашм ва захми онро дафъ мекунад, доғ- ҳои аз ҳар захм ё реш боқимонда ва шилпуқиро си- ҳат мекунад. Чун сандарусро сойида, ба ҷигари

гӯсфанд ё оҳу по- шида, дар рӯйи оташ кабоб кунанд ва оберо, ки аз он барояд, ба чашм кашанд, шабкӯриро дафъ мекунад. Ин обро дар гӯш чаконанд, дарди онро таскин меди- ҳад, гаронии гӯшро бартараф мекунад. Ин обро бо равғани зайтун ё бо равғани гулисурх даромехта бича- конанд, ҷароҳати даруни онро ба ҳам меоварад. Сандарусро бо шакар якҷо сӯхта, дудашро биги- ранд, зуком ва бавосирро қатъ мекунад, носурро, ки захми кӯҳнаи лоилоҷ аст, хушк мекунад, яъне сиҳат мебахшад. Агар сандаруси кӯфтаро ба дандон бимоланд, дар- ди ин узвро таскин медиҳад ва дандони ҷунбонакро мустаҳкам месозад, инчунин решҳои милки дандонро сиҳат мекунад. Кӯфтаи инро бипошанд, ҷароҳатҳоро ба ҳам оварда сиҳат мебахшад. Агар инро дар равғани бодоми ширин ҷӯшонида ба қивом ованранду бимоланд, кафидани ҳар узверо, ки бошад, шифо мебахшад. Ва агар бо равғани гулисурх қивом карда муттасил бимоланд, кафидани гӯштҳои 670 дасту поҳоро сиҳат мекунад; бо қатрон (дёготь) да- ромехта бимоланд, шукуфаи пӯстро шифо мебахшад. Агар сойидаи сандарусро занҳои ҳомила аз таг бар- доранд, бачаи онҳоро аз шикам меафтонад. Дар ди- гар хислатҳо монанди каҳрабо аст. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-naboti-va-bejon-286-296#286

Канзи шифо. Давоҳои беҷон 297-303 297. Каҳрабо 298. Об 299. Намак 300. Мис 301. Нефт 302. Навшодир 303. Ҳаво 297. Каҳрабо Ин ҳам монанди сандарус шилми дарахтест, ки ҳан- гоми гарм шудан хасҳои майдаро ба худ мекашад. Агар сандарусро бисӯзанд, бӯйи бад, яъне бӯйи шохи ҳайвон аз он шамида мешавад. Каҳраборо чун бо даст бимо- ланд, бӯйи оби лиму аз он дарёфта мегардад. Санда- рус назар ба каҳрабо мулоимтар ва бӯйи оби лиму аз он намеояд, вале каҳрабо сахт аст. Вақте ки каҳрабо- ро бисӯзанд, бӯйи мустако аз он ба машом мерасад. Мизоҷи каҳрабо дар гармиву сардӣ мӯътадил аст ва дар дараҷаи дуввум хушк, ба қавли баъзеҳо дар дараҷаи якум хунук аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро ос карда би- хӯранд, назлаҳо ва хуни биниро манъ мекунад ва на- мегузорад, ки аз майна ба шуш рутубат резон шавад: Худашро танҳо бихӯранд, хун қай карданро аз узвҳои даруни сина ва шуш қатъ мекунад. 2,25 грамми онро бо оби хунук биёшоманд, низ хунеро, ки аз даридан ё канда шудани раге аз рагҳои узвҳои даруни сина меомада бошад, мебандад. Ин миқдорро бо гулоб ё бо об биёшоманд, дилтапак (дилбозӣ)-ро, ки аз бисёр ҷамъ шудани сафро ва вобастагии дил ба меъда бошад, ши- фо мебахшад. Хӯрдани ин қай ва исҳоли хунинро дафъ мекунад ва моддаҳои зарарнокро аз рехта шудан ба меъда манъ менамояд; хунравиро аз мақъад, бавосир, бачадон, ҷигар, роҳҳои пешоб ва ҳатто хуни ҳайзро ҳам

банд мегардонад; барои зардпарвин, сӯзиши пешоб (сӯзок), сустии меъда ва гурда даво мешавад, санги хичакро майда карда мерезонад. Агар инро бо мустако бихӯ- ранд, меъдаро қувват мебахшад, душвор шошиданро дафъ мекунад, барои исҳоли дамодам даво мешавад. Каҳраборо ос карда, бо сабир (алоэ) даромехта бимоланд, донаи бавосирро меафтонад. Сойидаи каҳраборо бипошанд, хунашро баста ва да- ҳани ҷароҳатҳоро ба ҳам меоварад. Сойидаи инро бо 671 об сиришта бимоланд, сӯхтагии оташро шифо мебах- шад, ҷоҳои латхӯрдаи баданро ислоҳ медиҳад, узвҳои шикастаро ба ҳам мепайвандад. Агар инро бо мӯрд, даромехта бимоланд, арақи одамони заифро қатъ ме- созад. Агар каҳраборо бо худ овезанд, хуни биниро манъ мекунад, дил ва меъдаро қувват мебахшад; дар меъда ҳазм наёфта дафъ гаштани таомро ислоҳ мекунад. Агар каҳраборо бо худ доранд, хавф, тоун ва зард- парвинро дафъ мекунад, бачаи занони ҳомиларо аз афтодан нигоҳ медорад. Мегӯянд, ки хӯрдани каҳрабо ба сар зарар дорад, агар инро аз ҳад зиёд истеъмол намоянд, дарди сар мекунад. Давои ин зиёнаш бунафша хӯрдан аст. Миқдори як бор хӯрдан аз каҳрабо дар як рӯз 2,25 грамм аст. Ба ҷойи каҳрабо сандарусро истифода баранд, ра- вост. Равғани каҳраборо бо оби райҳони гӯши муш биё- шоманд, саръ (припадка), сакта (мурда барин беҳара- кат мондан) ва фолиҷро, ки шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ мебошад, бомуваффақият шифо мебахшад. Агар ин равғанро бимоланд, тоун ва ҷингак шуда- ни аъзоро шифо мебахшад. Ва агар бо равғани савса- ни кӯҳӣ ё бо равғани пиёзи ансул даромехта бимоланд,, низ фолиҷро ба ибро меоварад. Равғани инро бо оби бӯймодарони дуруштбарг би- хӯранд, душвории зойиданро осон мекунад. Агар ин равғанро бибӯянд ва бинӯшанд, хафа (бӯғма) шудани гулӯгоҳи бачадонро, ки беҳушӣ меоварад, шифо ме- бахшад; бо оби коснӣ бинӯшанд, зардпарвинро дафъ мекунад; барои равон кардани ҳайзи бандшуда бо оби бӯймодарони дуруштбарг меошоманд ва ин низ барои ислоҳи душвории шошидан шифо мебахшад; бо шароб бинӯшанд, хун қай карданро манъ мекунад. Агар ин равғанро бо оби арпабодиён даромехта ба чашм бикашанд, чашмро пурқувват месозад. Инро бо оби барги зуф даромехта, дар даҳан гардонанд, дарди дандонро таскин медиҳад. Як роҳи тайёр кардани равғани каҳрабо чунин аст. Ҳар қадар, ки хоҳанд, каҳраборо кӯфта, баробари ваз- ни он сангрезаи кӯфтагиро ҳамроҳ намуда, дар шишаи гарданхам дар оташ муқаттар (дистилляция) меку- нанд. Баъд ба он сирко биёмезанду боз муқаттар на- 672 моянд, яъне аз тагаш оташ расонида, онро ба бухор табдил дода, дар даруни каҷи шиша, ки дар миёни оби хунук бошад ва бухори сирко, ки дар он ҷо сард гашта, ба қатраҳо табдил меёбаду он қатраҳо меча- канд. Дар таҳти он шишаи гарданкаҷ равған мемонад. Ин роҳи осони гирифтани равғани каҳрабост ва дар ин амал равған бисёр ҳосил

мегардад, масалан, аз 250 грамм каҳрабо 125 грамм равған гирифта мешавад. Навъи дигари гирифтани равғани он ин тавр аст. Каҳраборо кӯфта, чанд рӯз дар шароб тар мекунанд. Баъд онро ба шишаи гарданкаҷ андохта, бо ҳамон усуле, ки дар боло гуфтем, муқаттар мекунанд. Он чӣ аз бухори он ба гардани хунуки шиша расида, қатраҳо гашта мечакад, ба рӯй меояд ва он чӣ ба қатраҳо таб- дил наёфтааст, дар таги он мемонад. Он чиро, ки му- қаттар нагашта бошад, дуввумбора аз тагаш оташ до да, муқаттар мекунанд, то он ки ҳамаи чизҳои ғайри- аш бухороб гашта парида раваду равғани матлуб дар таги колба (шиша)-и гарданкаҷ қарор монад. Ин роҳи беҳтар ва осонтарини усули тақтири равғани он аст ва дар ин амал равған бештар ҳосил мегардад, масалан, аз 250 грамм каҳрабо 125 грамм равғани он ҳосил ме- шавад. Ин равған ҳамаи бемориҳои вобаста ба майна ва асабҳо, аз ҷумла: саръ, ҷингак шудани аъзо, карахтӣ ва фолиҷро шифо мебахшад. Миқдори як бор хӯрдан аз ин равған дар як рӯз аз як то ду қатра аст. 298. Об Моҳияти об ва хизмати он дар табиат, ҳаёти раста- ниҳо, ҳайвонот, аз ҷумла дар узвҳои бадани инсон ба мо маълум ва равшан аст. 1. Оби баҳр. Таъмаш талху шӯру тунд аст. Мизоҷи ин об гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ин об хусусияти покку- нандагӣ ва таҳлилдиҳандагӣ дорад, моддаҳоро аз да- рун ба рӯйи пӯст мекашад, сафро ва балғамро бо ис- ҳол дафъ мекунад, рутубатҳои нодаркори баданро хушк мегардонад, вале хунро вайрон мекунад. Инро гарм карда, кам- кам ва бардавом бирезанд, дарди асабҳоро таскин медиҳад, ҷоҳои аз сармо кафи- 673 даро ба ибро меоварад; хориш, қӯтур ва шукуфаи пӯст- ро шифо мебахшад. Сари качали (кали)-ро бо ин об бо мудовамат бишӯянд, сиҳат мекунад. Дар ин об даромада нишинанд, заҳри мор ва каж- думро аз бадан дафъ мекунад, бемориҳои аз сардӣ су- ратгирифта ва истисқоро шифо мебахшад. Вале оби баҳр ба меъда зарар дорад, дарунро ме- бандад, сатҳи даруни рӯдаҳоро мехарошад ва захмин мекунад, ба сӯзиши пешоб (сӯзок) гирифтор менамо- яд. Давои ҳамаи ин зарарҳояш шӯрбои гӯшти мурғ, моҳишӯрбо, ғизоҳои тари равғандор, шилми бодомҳо ва ғайра хӯрдан аст. 2. Оби гарм. Мизоҷи ҳамаи обҳои гарм моил ба гармӣ ва хушкӣ мебошад. Хислатҳои шифобахши онҳо: хусусияти башиддат таҳлилдиҳандагӣ доранд, қабзиятовар, вале пайдо шу- дани шупушро манъ мекунанд. Камтареро аз онҳо бинӯшанд, қайро манъ мекунад. Масалан, оби зокдор барои хун қай кардан, хунравӣ аз бавосир, моддаҳои бо ҳайз равоншаванда ва ғайраро фоида дорад. Агар обҳои гармро бисёр бинӯшанд. бағоят зарар дорад ва табҳоро дар бадан ба хурӯш меоварад. Агар ин обҳо зарар кунанд, низ шӯрбои гӯшти мурғ, моҳишӯрбо, ғизоҳои тари равғандор, шилми бодомҳо ва ғайра хӯрдан даркор аст. 3. Оби хокистар. Ин обест, ки хокистарро дар об ҷӯшонида, се-чор бор таҳшин карда, оби софи онро бигиранд, ҳамин оби

софи хокистар ба шумор меравад. Мизоҷи оби хокистар вобаста ба асли дарахт, гиёҳ ва самари он аст. Яъне хокистарро аз дарахт ва гиёҳ- ҳои гарммизоҷ ҳосил карда бошанд, мизоҷаш гарм ме- гардад ва ғайра. Хислатҳои шифобахши он: хусусиятҳои умумии он: поккунанда, бадбӯсозанда ва несткунандаи чиркҳо (дар ин бобат беҳтар аз собун аст). Оби хокистари бисёр софро ба миқдори 2,25 грамм бинӯшанд, даруни шикамро дағал мегардонад, вале қа- сабаи шуш (роҳи нафас) ва меъдаро аз моддаҳои час- пак пок месозад; қай, беҳузур (бечо) шудани дил ва исҳолро манъ мекунад. 674 Ҳангоми инро нӯшидан дарунро дағал гардонад, да- вояш равғани бодоми ширин хӯрдан аст. 12,5 грамм аз оби софи хокистар бинӯшанд, хуни дар шикам шахшударо таҳлил медиҳад, яъне мегудо- зад ва заҳри ғундаро аз бадан дафъ мекунад. Оби хокистарро кам-кам ва бардавом бирезанд, ба- рои фолиҷ ва дарди асаб дору мешавад. Бо оби хокистар ҳуқна (клизма) кунанд, захми рӯ- даҳоро шифо мебахшад. Агар ин обро ба захмҳо бимоланд ё бичаконанд, гӯшти ҳароми онҳоро хӯрда нест мекунад ва захмҳоро хушк мегардонад. 4. Оби гӯгирднок, яъне обе, ки аз конҳои гӯгирд низ бармеояд. Мизоҷи ин об гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: бо ин об бишӯянд, бемо- риҳои савдовӣ ва раддии бадфиоли монанди: қӯтур, шукуфаи пӯст, доғи сафеди пӯст, пӯстпартоӣ, дарди буғумҳои аз сардӣ суратгирифта, шах шудани асабҳо, бодҳои хунук, ҷароҳати ҷонварони даррандагазида, ширинча ва качалӣ (каляра); дардҳои ҷигар, бачадон, зону ва монанди инҳоро шифо мебахшад Зарарҳояш: агар инро бинӯшанд, чашм, меъда ва рӯдаҳоро заиф мегардонад, ҷигарро гарм мекунад. Да- вои ҳамаи ин зарарҳояш шӯрбои равғандор, чизҳои тармизоҷ ва хунукмизоҷ ошомидан аст. 5. Оби маъдан, яъне обе, ки аз конҳои фулузот барояд, монанди: кони мис, оҳан, сурб (қӯрғошим) қалъагӣ ва монанди инҳо. Мизоҷи ҳар як аз ин обҳо ба мизоҷи маъданаш наз- дик аст. Хислатҳои шифобахши он: агар ин обро, ки хоҳ аз маъданаш барояд ё миси тафсонро дар об хунук карда бошанд, дар даҳан гардонанд, ҷӯшиши (пухтани) да- ҳанро шифо мебахшад, варами забончаи ҳалқро таҳ- лил медиҳад. Агар инро нимгарм дар гӯш чаконанд, дарди гӯшро сокин менамояд. Бо ин об баданро бишӯ- янд, мизоҷи вайроншударо ислоҳ мекунад ва узвҳои сустгаштаи баданро қувват мебахшад Вале агар инро бинӯшанд, хатарнок аст ва ба узв- ҳои дохили бадан зарар дорад. Оби оҳанро, ки хоҳ аз конаш барояд ё оҳани таф- сонро дар он хунук карда бошанд, бинӯшанд, барои бемориҳои сипурз ва истисқо (водянка) шифо мебах- 675 шад, иштиҳоро қавӣ мегардонад, қуввати боҳро (пуш- ти камарро) афзун месозад ва барои аксари бемориҳои сардмизоҷ фоида дорад. Агар бо ин об худро шустушӯ диҳанд, низ иллатҳои мазкурро, ки дар оби гӯгирд овардем, шифо мебахшад. Оби расос, яъне обе, ки аз кони

сурб ва қалъагӣ барояд ё он обест, ки сурби (қӯрғошими) гудохта ва қалъагии тафсонро дар он андозанд — ин зарарнок аст: иллати қулинҷ (колит)-ро пайдо мекунад, пешобро ме- бандад ва зарари оби сурб зиёда аз оби қалъагӣ ме- бошад. Оби тилло ва оби нуқраро бинӯшанд, дил, майна, меъда, ҷигар ва боҳро қувват мебахшад, бемориҳои молихулиё, дилтапак (дилбозӣ)-ро дафъ мекунад, ба- рои ба ҳаракат овардани олати мардӣ мадад мерасо- над, дарунро мебандад. Хуллас, обҳои маъданӣ пайдокунандаи душвории шошидан аст. 6. Оби шӯр, яъне намакоб. Ин об хоҳ аз конаш барояд, хоҳ дар оби ширин на- мак андохта, шӯр гардонанд ва хоҳ аз чашмаи шӯр ба- рояд. Мизоҷи оби шӯр гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: зарарҳои ин ба зиёнҳои оби баҳр наздик аст, ки дар боло зикр ёфт. Фоидаҳояш: дастбаҳол хуб исҳоловар, вале агар инро бардавом бинӯшанд, қабзият меоварад, зеро хусу- сияти рутубатҳоро ба худ кашандагӣ дорад. Давои ин зарарҳояш ширинихо, чизҳои чарбнок хӯр- дан аст ва инчунин бо орди ҷави тафсонида даромех- тан, ях ва хоки холис андохтан аст. 299. Намак Ин чизест, ки барои лазиз гардонидан ба ғайр аз ширинихо ба таомҳо меандозанд ё мепошанд, дар об гудохта мегардад. Намак низ ба шакли санг ҳам дорад, ки онро намаксанг меноманд ва инчунин ғайр аз сангин ҳам вуҷуд дорад. Мизоҷи намаки талх дар дараҷаи дуввум гарм ва дар саввум хушк аст. Мегӯянд, ки ин намак барои одамони сардмизоҷ ва ҳазми таом, барои дафъ кардани гаронии меъда фои- 676 да дорад, гиреҳи ҷигар ва сипурзро мекушояд, кирм- ҳои меъда ва рӯдаҳоро мекушад, оруғ меоварад, бод- ҳоро дафъ мекунад. Ба одамони гарммизоҷ барои гур- да ва хичак зарарнок аст, исҳол меоварад, маниро ра- қиқ мегардонад. Давои ин зарарҳояш бо равғани то- заи гов ва бо равғани буз истеъмол кардан аст. Мизоҷи намаки таом дар охири дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Агар намак чӣ қадар талхтар бо- шад, мизоҷаш ҳамон қадар гармтар мегардад. Хислатҳои шифобахши он: Хусусиятҳои умумии ҳа- маи намакҳо: балғам, савдо ва сафроро бо исҳол дафъ мекунад, рутубатҳои часпакро нест менамояд, гиреҳҳои баданро мекушояд, дар меъда ҳазм ёфтани таомро таъмин мекунад, вайрон шудани таомро манъ месозад, иштиҳо меоварад, ранги рухсорро неку мегардонад, хислати бади ғизоҳои сардмизоҷро ислоҳ мекунад, ма- заи таомҳоро неку ва форам мегардонад. Намаки сафеди софи шаффофро бо сирко сиришта бимоланд, ширинча ва шукуфаи пӯст ва бо сабир (алоэ) сиришта бимоланд, назлаҳоро дафъ мекунад. Ин гуна намакро ос карда, чун сурма ба чашм ка- шанд, шилпуқӣ, гули чашм ва пардаи дудмонанди ба чашм афтодаро дафъ мекунад, чашмро равшан мегар- донад. Ин намакро бо марворид даромехта бимоланд, чир- ки дандонро нест мекунад. Намакобро дар даҳан гардонанд, милки дандонро мустаҳкам мекунад ва баъд аз кандани дандон рафта- ни хуни онро манъ

менамояд. Хусусан намаки сӯхта дар ин бобат беҳтар аст. Агар инро дар сирко ҳал карда, он сиркоро дар даҳан гардонанд, ҳамин гуна таъсирро дорад. Намаки софи барроқ ва намаки нефтиро, ки сиёҳ- ранг аст ва навъҳои дигари инро бихӯранд, балғами часпакро аз узвҳои даруни сина меканад. Намаки неф- тиро бо асал ва сирко даромехта бихӯранд, дарди гу- лӯ ва варами забончаи ҳалқро шифо мебахшад. Намаки нефтиро хӯрда қай кунанд, барои исҳоли хунин бағоят фоида мебахшад. Инро бо сиканҷабин (сиркоасал) даромехта бихӯранд, меъдаро аз чизҳои зарарнок ва зиёдатӣ пок мегардонад. Ҳар як навъи намакро бихӯранд, балғам, савдо ва зардобро бо исҳол дафъ мекунад, рутубатҳои часпакро хориҷ менамояд, гиреҳҳои узвҳои баданро мекушояд, 677 иллати дар меъда ҳазм наёфта хориҷ шудани таомро ба ислоҳ меоварад, вайрон шудани таомро дар меъда манъ мекунад, иштиҳоро бармеангезад, рӯдаҳоро шус- тушӯ медиҳад ва барои аз ҷоҳои дур ва чуқури бадан дафъ кардани моддаи савдо мадад мерасонад, бадҳаз- мии таомро нест ва пайдо шудани иллати махавро манъ мекунад, хусусан намаки нефтӣ дар манъ карда- ни иллати махав беҳтар аст. Намаки сафеди соф ва барроқ барои дардҳои меъдаи сардмизоҷ давои ху- бест. Агар инро бо сиканҷабин бихӯранд, истисқо (во- дянка) ва бемориҳои савдовӣ, инчунин балғамиро ши- фо мебахшад, гиреҳҳои узвҳоро мекушояд. Агар инро бо давоҳои исҳоловар бихӯранд, ахлоти балғамӣ ва сав- довиро канда, аз бадан хориҷ мегардонад, гиреҳҳоро мекушояд. Намаки сафедро бо пудинаи кӯҳӣ (кийикӯтӣ), равған ва хамири нон даромехта гузошта банданд, варамҳои балғамии хояҳоро таҳлил медиҳад. Агар намаки са- федро бо пудинаи кӯфтагӣ, бангидевона ва асал сириш- та гузошта банданд, захм ва решҳои закарро шифо ме- бахшад. Намаки сӯхтагиро бо тухми зағир якҷо кӯфта гу- зошта банданд, заҳри каждумро аз бадан дафъ меку- над. Агар инро бо пудинаи кӯҳӣ гузошта банданд, заҳ- ри афъиро дур месозад, бо равғани зайтун кӯфта гу- зошта банданд, чунин таъсирро дорад; бо пудинаи кӯ- ҳӣ ва равғани гов даромехта гузошта банданд ҳам, таъсири заҳри афъиро мешиканад. Ин намакро бо каф- ки собун сиришта гузошта банданд, варами бодӣ ва балғамиро таҳлил медиҳад; бо пудинаи кӯҳӣ ва асал— барои варамҳои балғамӣ дору мебошад; бо хоки оташ- дон ва асал даромехта гузошта банданд, хуни дар та- ги пӯст шахшударо таҳлил медиҳад, яъне мегудозад, инчунин варамҳои балғамӣ ва оби ба ягон узв фуро- мадаро пароканда мегардонад; бо хамиртуруш даро- мехта гузошта банданд, пучак ва чиртакҳоро мепазо- над; бо асал ва равғани зайтун даромехта бибанданд, низ пучак ва чиртакҳоро мекафонад. Намакро бо равғани зайтун сиришта бимоланд, ба- рои хориш, қӯтур, захми обила ва махав; бо ҳино кӯф- та бимоланд, барои милкаки нохун дору мешавад; бо асал ва пудина сиришта

бимоланд, мӯрчагазакро аз паҳн гаштан манъ мекунад; бо равғани зайтун ва сир- ко даромехта бимоланд, хориши балғамиро дафъ ме- 678 кунад ба шарте, ки он узвро ба оташ наздик доранд, то арақ кунад. Бо намакоб мӯрчагазак, реши хӯранда ва дигар ҷӯ- шишҳои баданро бишӯянд, ҳамаи онҳоро дафъ меку- над. Ва бо он шустушӯ кунанд, ранги рухсорро неку мегардонад, иркуннасо (радикулит)-ро даво мебошад. Намакро бо равғани зайтун сиришта бимоланд, сӯхтагии оташро шифо мебахшад ва намегузорад, ки обила кунад. Чун намакро маҳин ос карда, бо равғани зайтун си- ришта, латтаро ба он олонда, ба ҷойи хунгирифта ё хат- на кардашуда ва ғайри он гузоранд, рафтани хунро ба зудӣ мебандад. Намакро бо равғани зайтун ва ғайри он, зифт ва асал сиришта гузошта банданд, нотавон гаштани му- шакҳо, кӯфтагии аъзо, бечо шудан ва аз ҷойи худ ба- дар рафтани устухон— ҳамаашро шифо мебахшад. Агар инро бо орди гандум даромехта бибанданд, печи- ши асабро ислоҳ мекунад; бо равғани зайтун сиришта гузошта банданд, мондагиро дафъ мекунад. Намакро тафсонида гузошта банданд, дардҳоеро, ки аз сардӣ, аз балғам ва аз бод бошанд, таскин медиҳад; инчунин бо ҳазориспанд, бо сабӯси гандум ва бо би- ринҷи кӯфтагӣ даромехта, гармбандӣ кунанд, низ ҳа- мин фоидаро дорад. Вале хӯрдани намак ба майнаи гарммизоҷ зиён ме- кунад, чашмро торик мегардонад, хориши баданро ба амал меоварад, инчунин ба одамони нимҷон зарар до- рад. Давои ҳамаи ин зарарҳояш кокутӣ, чарбиҳо ва чизҳои сардмизоҷи тар хӯрдан аст. Яке аз хислатҳои озмудашудаи намак он аст, ки чун 10,5 грамм намакро дар вақти бурҷҳои фалакии Ақраб ва Саратон аз уфуқ баромадан дар хонаи бемор ба оташ гузоранд, агар намаки тафсида баъд аз ҷастан майл ба даруни хона кунад, яъне ба тарафи даруни хона бичаҳад, он бемор шифо меёбад ва агар ба сӯйи берун майл кунад, шифо намеёбад. 300. Мис Ин аз фулузот аст ва ранги миси соф сурхтоб ме- бошад. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. 679 Хислатҳои шифобахши он: чун мисро чанд рӯз дар сирко бигузоранд, баъд он сиркоро бо ҳино хамир сохта гузошта банданд, назла ва сурфаро манъ меку- над, инчунин мӯйро аз рехтан нигоҳ медорад. Агар инро ба чашм кашанд, чашмро тез ва сахтии пилкҳоро дафъ мекунад. Чун мӯйро бо минқош (мӯчинак)-и ҳафтҷӯш бика- нанд, вай дигар намерӯяд. Маҳлули мисро бо шаҳдоб (асалоб) биёшоманд, зардобро аз бадан бо исҳол дафъ мекунад, инчунин ис- тисқо (водянка)-ро, ки дар ҳолати ибтидо бошад, ши- фо мебахшад. Ва ҳам бардавом молиданаш низ ҳамин таъсирро дорад. Мисро сойида бихӯранд, қайро бармеангезад. 2,25 грамми онро бихӯранд, обияти истисқоро бе ҳеҷ гуна азият дафъ мекунад. Резаҳои майдаи мисро бо дудае, ки дар пушти дег ва ғайра ҷоҳо часпида мебошад ва оби лиму якҷо кар- да, занҳо аз таг бардоранд, ҳомила шуданро манъ ме- кунад. Мисро сойида,

батанҳой ё бо равғани гов, ё бо шири навдӯшида батакрор биёшоманду қай кунанд, заҳрнок- шавиро аз хӯрдани афюн дафъ мекунад. Вале чизҳои турш, маҳсулоти ширӣ, гӯштҳо, чиз- ҳои намакин, талх ё чарбро дар зарфи миси қалъагӣ нодавонида муддати дароз монда бошанд, бихӯранд, бисёр зарарнок аст, инчунин дар зарфи қалъагӣ да- вонда, ҳам муддати дароз нигоҳ дошта шуда бошанд, бихӯранд, зиён мекунад. Аз ҳама бадтар аст агар мо- ҳии бирёнкарда гармогарм дар зарфи миси болояш пӯшида шаб монда бошад, хеле зарарнок мебошад, зе- ро ки ин ҷо занги зарарнокаш ба он мечаспад. Худи занги мис заҳр аст. Давои ин зарараш шири навдӯши- да хӯрда, қай кардан аст ва шӯрбои равғандор, ки об- гӯшт меноманд, хӯрдан аст. Миси ношустаро бо асал сиришта бимоланд, решҳои раддии бадфиол ва давандаро шифо мебахшад, гӯшти ҳароми захмҳоро мехӯрад. Миси шустаро бимоланд, ҷароҳатро ба ҳам меоварад. Агар ин миси шустаро бо асал сиришта бимоланд, решҳои ба ҳам якшаванда ва баданҳои сахтро ба иброо меоварад, барои қӯтур ва хо- риш шифо мебахшад, варамҳоро таҳлил медиҳад, сус- тӣ ва мондагии аъзоро дафъ мекунад. Оберо, ки дар зарфи мис дар офтоб гарм шуда бо- 680 шад, истеъмол кардан ё бо он шустушӯ кардан иллати песро ба амал меоварад, хусусан он обро батакрор ис- теъмол намоянд, ин иллат сурат мегирад. 301. Нефт Ин рутубати равғании тундбӯй аст, ки аз қаъри баъзе заминҳо монанди зифт ва қир нӯшида бармеояд. Нефт ду навъ мебошад: сиёҳ ва сафед. Сафеди он беҳтар ва латифтар аст ва аз сабаби латофаташ зуд ба ҳаво омехта мегардад. Вале нефти сиёҳ ба он ан- доза латиф нест, балки фақат бо тақтир (дистилля- ция) сафед мегардад. Мизоҷи нефт дар дараҷаи чорум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: нефт ҳамчун даво аз ак- сари равғанҳо қавитар аст. Агар инро бинӯшанд ва би- моланд, гиреҳҳоро мекушояд, зуд таъсирбахш аст, гу- дозандаи сахтиҳо ва давои ҳамаи бемориҳои аз сардӣ баамаломада мебошад. Нефтро бимоланд, кач шудани рӯй, фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ), ларзак, кузоз (столб- няк), карахтӣ, суст ва нотавон шудани аъзо ва аксари дард ва иллатҳои дигари сард ва тармизоҷро шифо ме- бахшад; бодҳоро пароканда мекунад, яъне таҳлил ме- диҳад, дарди буғумҳо ва монанди инҳоро ба иброо мео- варад. Агар инро дар чашм бикашанд ё бимоланд, фурома- дани зардобро ба даруни гавҳараки чашм шифо мебах- шад ва гули чашмро нест мекунад. Инро нимгарм дар гӯш чаконанд, карии гӯш ва бодҳои даруни онро, ки садоҳои гуногунро ба амал ме- оварад, дафъ мекунад. Нефтро бихӯранд, сурфаи кӯҳна, зуднафасӣ, дам- кӯтаҳӣ, зиқ-ун-нафас, хун қай кардан ва бавосирро ши- фо мебахшад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад, кирмҳои меъда ва мақъадро хориҷ мекунад, бодҳои узвҳои даруни шикамро таҳлил медиҳад. дарди рӯдаҳоро сокин мекунад ва сӯзиши пешоб (сӯзок)-ро сиҳат мекунад. Пахта ё

латтаро ба нефт олонда, занҳо аз таг бар- доранд, хунукии бачадонро барҳам медиҳад ва хафа (бӯғма) шудани гулӯгоҳи онро, ки беҳушӣ меоварад шифо мебахшад. 681 Нефти сафедро бимоланд, карии ҳайвонотро дафъ мекунад. Истеъмоли нефт барои одамони гарммизоҷ зарар дорад, дарди сар мекунад — давои ин зиёнаш сирко ошомидан аст; ба шуш ҳам зиён мекунад— дар ин ҳо- лат катиро бихӯранд, зарараш ислоҳ меёбад. Миқдори як бор ошомидан аз нефти сафед дар як рӯз аз 1 то 2,25 грамм ва аз сиёҳи он то 4,5 грамм аст. Хоҳ сафед ва хоҳ сиёҳи онро бихӯранд, ҳамаи навъ- ҳои заҳрро аз бадан дафъ мекунад. 302. Навшодир Ин моддаи сахти маълум ва монанди шӯра ва намак сафед аст. Мизоҷаш дар охири дараҷаи саввум гарм ва дар аввали дараҷаи саввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: навшодирро маҳин ос карда, чун сурма ба чашм кашанд, захми онро ба ҳам меоварад обравии чашмро, ки аз хунукӣ бошад, дафъ мекунад. Агар инро дар оби судоб ҳал карда, бо он об ғар- ғара кунанд, зулуки дар ҳалқ часпидаро дафъ мена- мояд. Агар навшодирро бихӯранд, чирк ва рими узвҳои даруни синаро дафъ мекунад. Чун инро бимоланд, дарди гулӯро шифо мебахшад Навшодирро бо мисли он саргини инсон якҷо намуда, дар оташ гарм карда, муқаттари бухори онро ҳосил намуда, аз он моеъ 4,5 грамм бинӯшанд, тамоми заҳр- ҳои қотилро аз бадан дафъ мекунад, ки инро аз асрори махфӣ шуморидандӣ. Хӯрдани навшодир сипурзро ба дараҷае пок мегар- донад, ки ҳатто ёфтани он душвор мегардад Хоҳ инро гузошта банданд ва хоҳ бипошанд, решҳо- ро хушк мекунад ва хунравиро аз ҷароҳатҳо манъ ме- намояд, инчунин онҳоро аз риму чирк пок месозад. Навшодирро бо равғани тухми мурғ сиришта бимо- ланд, песро дафъ мекунад: агар бо асал даромехта би- моланд, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи риш ва сар мӯй мерӯёнад, ширинчаро шифо мебахшад ва агар бо равғани кунҷид сиришта бимоланд, қӯтурро дафъ месозад. 682 Навшодирро дар об андохта, он зарфро дар ҷойи намнок гузоранд, вай ҳал мешавад, ё бо сирко ҳал ку- нанд, ё батакрор онро дуд кунанд, мор ва дигар ҷонва- рони зарарнок аз он макон мегурезанд. Чун маҳлули онро ба коғазе молида, он коғазро ба атрофи худ гузоранд, ҷонварони зарарнок наздик намеоянд. Вале 10,5 грамм навшодирро агар бихӯранд, узвҳои дарунро чок-чок ва бурида-бурида гардонида меку- шад. Давои ин зиёнаш шир нӯшида, равған, қайла ва дигар чизҳои чарб хӯрда қай кардан аст. 303. Ҳаво Ин калимаи арабӣ мебошад ва ба тоҷикӣ бод мено- манд, ки маълум аст: воситаи нафаси тамоми ҷонварон ва наботот аст. Ҳаво роҳатбахши рӯҳи ҳайвонӣ, ки ман- бааш дар дил мақом дорад, ки агар вай, яъне ҳаво, лаҳзае ба рӯҳи ҳайвонӣ нарасад, он рӯҳ беҳаракат ва хомӯш мегардад. Инчунин ҳаво боиси нашъунамои ҳай- вонот ва наботот аст. Мизоҷи ҳаво ба авзои ҷирмҳои фалакӣ вобаста мебошад. Масалан, агар Офтоб дар бурҷҳои фалаки шимолӣ

бошад, мизоҷи ҳаво гарм мегардад. Ҳамчунин ҳангоми ҳукмронӣ ва подшоҳии яке аз сайёраҳои гарм низ ҳаво гарм мешавад. Ва ҳангоми поён рафтани Оф- тоб аз авҷи фалаки шимолӣ ё мавзеъ ба баҳр ҳам- ҷавор бошад, мизоҷи ҳаво сард мешавад. Ҳангоми то- биши Офтоб ҳавои сарзаминҳои гарм, кӯҳсорҳои сангӣ ва хушк мизоҷаш гарм ва хушк мебошад. Дар сарза- минҳои мобайни баҳру уқёнус ва ҷазираҳо ҳангоми боридани борон ҳавояш мизоҷи тар ба худ пайдо ме- кунад. Боди сабо, ки аз ҷониби машриқ то ба минтақаи шимол вазад, дар мизоҷ гарм ва хушк аст. Боди ши- мол, ки аз тарафи шимол то минтақаи мағриб вазад, мизоҷаш сард ва хушк аст. Боди ғарб, ки аз ғарб то минтақаи Суҳайл (Каноп — ин ситораи дар бузурги дараҷаи якумдошта дар осмони ҷануб) вазад, мизо- ҷаш сард ва тар мебошад. Боди ҷануб, ки аз минтақаи Суҳайл вазад, мизоҷаш гарм ва тар, инчунин мураккаб аз инҳо ва мураккаб аз кайфиятҳои чоргона (гармӣ, сардӣ, хушкӣ, тарӣ) аст. 683 Хислатҳои шифобахши он: боди сабо, яъне боди шарқӣ несткунандаи балғам, хушккунандаи рутубатҳои зиёдатӣ, кушояндаи гиреҳҳои узвҳои бадан аст; барои ҳазми таом ёрӣ мерасонад, назлаҳоро мебандад, қувва- ти дофиаи узвҳои баданро зиёда мегардонад; ҳоли ба- ди одамони тармизоҷро ислоҳ менамояд; барои бемори- ҳои сарди тармизоҷи монанди: истисқо, фолиҷ, каҷ шу- дани рӯй ва ғайраҳо нафъ дорад. Вале ин бод ба ода- мони гарммизоҷ, баданҳои хушк ва бемориҳои сафровӣ зарар дорад; хориш, қӯтур, ҷингак шудани аъзо ва мо- нанди инҳоро пайдо мекунад. Боди шимол аъзои баданро мустаҳкам мегардонад, сустии бадан ва лоҳасиро манъ месозад, узв ва ҳисҳои баданро қувват мебахшад, фикр ва фаҳмро бурро ме- гардонад, ҳазмро осон мекунад, рангро соф ва ботаро- ват месозад. Вале ин бод ба одамони сурфа, зиқ-ун-на- фас (астма)-и хушк ва бавосирдошта зарар дорад, ин- чунин боиси афтодани бача аз шиками занони ҳомила мегардад, зойиданро душвор мегардонад ва монанди ин- хо. Боди ғарбӣ зидди хислатҳои боди сабо дорад. Боди ҷануб зидди хислатҳои боди шимол дорад. Агар бод мураккаб аз инҳо бошад, барои иллатҳои мураккаб фоида дорад. Ҳар як бод ислоҳи зарари боди муқобил менамояд, агар дигар кардани ҷойи зиндагонӣ мумкин бошад, ба ин, агарчи муваққатан бошад, риоя бояд кард. Бӯйидани пиёз, сир (чеснок), сирко, зардчӯба, анбар, лодан, қатрон, мӯмиё, уди ҳиндӣ, қуст, кундур, санда- рус, каҳрабо, пӯсти анорҳо, сукк (давои мураккаби бӯё), заъфарон, пиёзаки сафеди саломалек, самари ар- ча, сандал, самари газ, зарованди дароз, ҷадвор, ҷа- милак — инҳо ё он чӣ аз инҳо муяссар гардад, инчу- нин дуд кардани инҳо ва газ; хӯрдани пиёз, сир, сирко, наъно, зардчӯба, ҳилтит (шилми болдирғон); овехта- ни пиёзи ансул ба дари хона, пошидани сирко ба дару девор ва фарши хона ва имконпазир аз он хона берун наравад ва агар дар зарурат берун рафтанӣ шаванд, биниро бо

латтаи сирко ва сир олуда бибанданд ва зуд баргарданд — бо вуҷуди ин тадбирҳо бояд, ки аз хӯр- дани меваҳои тар ва шир парҳез намоянд, инчунин аз ҷимоъ, ҳаммом кардан ва ташнагӣ худдорӣ кунанд, оби бисёр хунук нанӯшанд ва дар он чӣ бихӯранд, пиёз ва сир дохил намоянд, ғизоҳои турши беравған 684 тановул кунанд, ширинӣ мутлақан нахӯранд, аз хӯр- дани гӯштҳои ҳайвоноти он диёр агар тавонанд, худ- дорӣ кунанд ва агар нашавад, ҳаддалимкон бисёр кам бихӯранд; аз тарёкҳо тарёқи форуқ (тарёқи афюн), ҷадвори бунафш —ҳар як, ки мавҷуд бошад, батакрор бихӯранд, бисёр хуб аст.
Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-bejon-297-303#297

Канзи шифо. Давоҳои беҷон 304-310 304. Ёқут 305. Шӯра 306. Хишти пухта 307. Мӯмиё 308. Гӯгирд 309. Сафол 310. Оҳан 304. Ёқут Ин аз сангҳои нодир ва гаронбаҳо мебошад. Инро аз кон ва маъдан ҳосил мекунанд, дар ҳаҷм гуногун мебошад; калон, миёна ва реза. Рангҳояш ҳам гуногун аст: сурх, зард, кабуд, сабз, пуштӣ ва сафед. Ва ҳар яке аз инҳо рангин, миёна ва камранг мешавад. Беҳ- тарини ҳамааш ёқути руммонӣ (сурхи хушранги оби анор), обдор ва сахти шаффофи он аст. Вале навъҳои кабуд, ҳаворанг, сурмаранг, лоҷвардӣ ва пуштии он камёб мебошад. Лаъл ҳам як навъи ёқути сурх аст. Беҳтарини ҳар як намудаш он аст, ки сахти соф, шаф- фофи якранг бошад. Ёқут аз ҳамаи сангҳо сахттар аст ва дар сахтӣ баъд аз алмос мақом дорад. Ҳарчанд дар ҳаҷм калонтар бошад, қиматтар мегардад. Навъи кабудаш сахттар назар ба сурхи он, сурхаш аз зарди он ва пуштиаш дар сахтӣ ба сурх наздиктар аст, вале сафеди он аз ҳама мулоимтар ва дар конаш хом ва ноқис мондааст. Ранги ёқут аз равған молидан тира мегардад. Мизоҷаш дар гарміву сардӣ мӯътадил аст ва дар дараҷаи дуввум хушк мебошад. Зардаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст, кабудаш дар дараҷаи якум гарм ва дар саввум хушк аст, навъи сафедаш дар гар- миву сардӣ мӯътадил ва дар аввали дараҷаи дуввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: 3,5 грамми онро биёшо- манд, саръ, васвос, дилтапак (дилбозӣ), тоун (чума), шах шудани хун дар дарун, хунравӣ ва заҳрҳоро дафъ мекунад; ҳавои вабоиро табдил медиҳад, хунро соф мегардонад, ҳарорати модарзодии баданро нигоҳ медорад; қувватҳои баданро, ки қуввати нафсонӣ (қувва- ти рӯҳӣ), қуввати ҳайвонӣ (қуввати ҷисмонӣ) ва қувва- ти табиӣ мебошанд, устувор медорад. Агар ангуштари онро ба даст бипӯшанд, ҳоҷатҳо иҷро мегарданд, зара- ри барқ ва тоунро дафъ мекунад. Агар ёқутро дар да- 685 ҳан нигоҳ доранд, бадбӯйии ин узвро нест мекунад, таш- нагиро мешиканад, дилро қавӣ мегардонад, фараҳ ва нишот меоварад. Ёқутро ба худ овезанд, чашми бад намерасад, аз офати тоун эмин мешаванд, ҳавои вабоиро тағйир мо- диҳад; ба

иллатҳои васвос, саръ ва дилтапак гирифтор намегардонад, дар назари мардум бошукӯҳ метобанд, низ хунравиро қатъ мекунад ва хуни шахшударо ме- гудозад, гуфтаанд. Ёқутро чун сурма ба чашм кашанд, нури чашмро қавӣ мегардонад ва саломатии ин узвро нигоҳ медо- рад. Миқдори як бор хӯрдан аз ёқут дар як рӯз аз 0,19 то 0,5 грамм аст. 305. Шӯра Ин чизе мебошад, ки мо дар заминҳои шӯразор мебинем, рангаш монанди қирав аст. Агар намии замини шӯразор тамоман кам, яъне қоқ гардад, он гоҳ хокаш ба ранги сиёҳ метобад. Дар вақти қадим ана ҳамон хоки шӯразорро дар об ҷӯшонида, оби софи онро ба ҷойи салқин мегузоштанд. Шӯрааш монанди намак шах шуда, дар рӯйи об қарор меёфт; ё монанди қилҳои сафед, ё мисли намаки реза мегашт. Онро ҷудо карда истифода мебурданд; ҳам дарк корҳои тиббӣ ва ҳам барои тайёр кардани борут. Ин боз як навъи дигар ҳам дорад, ки онро шӯраи қаламӣ мегӯянд. Тайёр кардани ин чунин аст. Оби софи шӯра ҷӯшонидашударо дубора мечӯшонанду хунук меку- нанд. Шӯраи аз ин баста борик-борики дарозак аст, ғафсӣ ва дарозиаш ними чӯби гӯгирд барин, вале ан- дак нӯгтез аст. Ана ҳаминро шӯраи қаламӣ меноманд. Алҳол шӯраро дар замони мо селитра мегӯянд — ҳа- мон селитрае, ки ҳамчун нурии минералӣ ба заминҳои зироат мепошиданд. Мизоҷаш дар охири дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, ги- реҳҳои дар рагҳо ва дар дигар ҷоҳои дохили бадан пайдошударо мекушояд, баданро аз балғам аз римҳо пок мекунад. Хусусияти поккунандагӣ ва инчунин да- рунро поккунандагии он аз намак ва танакор қавитар аст. Барои иллатҳои сипурз ва дарди миён фоида до- 686 рад. Агар инро бо шакар бихӯранд, пешоби бандшудае, ки бо ҳеҷ як даво кушода нагашта бошад, ба зудӣ ра- вон мегардонад. Барои ин бояд, ки шӯра як грамм ва шакар 7 грамм бошад. Боз як намуди табобати пешо- би бандгашта аз ҳамин иборат аст, ки агар каси пешобаш бандшуда 4,5 грамм шӯраи қаламиро бо 9 грамм хардал (горчица) бо он миқдор об, ки ба як дафъа нӯшида тавонад, биёшомад, ҳамон соат пешобаш кушо- да мегардад. Миқдори як бор хӯрдан аз шӯра дар як рӯз то 1,75 грамм аст. Вале хӯрдани ин ба сурхрӯда (сурхной) ва гурда зарар мекунад. Дар ин гуна зарарҳояш асал ё катиро бихӯранд, зиёнаш ислоҳ мегардад. 306. Хишти пухта Ин ду хел аст: сафед ва сурх. Қисми сафеди хиш- ти пухта он аст, ки онро дар кӯраи оҳакпазӣ мепазанд. Қисми дуввум хишти сурх аст, ки онро дар хумдони хиштпазӣ мепазанд ба ин тариқ. Як қабат ҳезуми хушк ё саргини хушки гов ва ғайра гузошта, аз болои он хишти хоми хушкро пай мечинанд. Аз рӯйи он боз ҳезум меандозанд ва бар болои он боз хишт пай чида ва ҳамин тариқ чанд қабат, ки хоҳанд, ҳамчунин таҳ бар таҳ сохта, ҳезумҳоро оташ медиҳанд, то ки ҳезум батамом бисӯзад ва ҳамаи хиштҳо пухта гарданд. Мизоҷи ин дар дараҷаи дуввум гарм ва дар чорум хушк аст.

Хислатҳои шифобахши он: хишти пухтаи сафедро, ки об нарасида бошад, дар оташ монанди ахгар сурх кунанд ва баъд онро ба он миқдор об андозанд, ки об ба ҷӯш ояд. Сонӣ чодаре ё кампале бар сар гирифта, сарро ба бухори он бидоранд, то он ки арақ ояд. Ин барои дур кардани моддаҳои зарарноки майна, ки сард- мизоҷ бошанд, назлаҳои кӯҳна, ки касро ҳамеша бемо- рӣ медоранд, инчунин дарди сари дерина — барои ҳа- мааш давои бемисл мебошад, ки ин дар муддати аср- ҳои дароз озмуда шудааст. Агар ин хиштро бо намак якҷо кӯфта, бо сирко хамир карда гузошта банданд, сабӯсаки сарро нест мекунад. Ин хишти пухтаи обнадидаро ё порчаеро аз он, ху- сусан, ки сафед бошад, дар оташ гарм карда, қадаре об ё шароб ба он пошида, дар миёни як намад ё кӯр- 687 паи пахтадор печонида, ба узве, ки аз сардӣ ё аз зиёд гаштани моддаҳои хунукмизоҷ газак гирифта ё аз бод пайдо кардан дард мекарда бошад ва ё ба мав- зеи бавосире, ки дарди шадид дошта бошад, гармбан- дӣ кунанд, он узв арақ меоварад, бо ин восита модда- ҳои сардмизоҷи онро дафъ мегардонад, дарди шадиди онро таскин медиҳад ва худи бавосирро гудохта нест мекунад. Агар онро кӯфта, бо оби ғӯраи ангур хамир карда гузошта банданд, дона ва обилаҳои дар пӯст пайдошударо шифо мебахшад ва намегузорад, ки дигар ба беруни пӯст зада бароянд. Агар инро бо саргини тари гов хамир карда, ба варамҳо, доначаҳои беранги дар пӯсти бадан пайдошаванда, истисқо (водянка)-и обӣ, истисқои гӯштӣ ва сустии ҷигар, ки касро аз кору- бор бозмедорад, гузошта банданд, шифо мебахшад. Хишти пухтаро кӯфта, ба ҷароҳатҳо бипошанд, ху- нашро аз рафтан манъ мекунад. Ҳар гуна хишти пух- таро, ки оташ бар он нарасида бошад, гарм карда, ни- шастгоҳи худро бар болояш бидоранд, исҳолро, ки аз зиёд гаштани рутубат бошад ё дар натиҷаи афзудани боди сардмизоҷ сурат гирифта бошад, ё бавосири дард- нок пайдо шуда бошад, таскин медиҳад. Агар ба он хишти гарм равғани гулисурх бирезанд, таъсираш зуд- тар зоҳир мегардад. Чун ду хишти пухтаи обнадидаро ба ҳамдигар бимоланд ва гардеро, ки аз ин сойиш пай- до шуда бошад, ба узве, ки аз сардӣ дард кунад ва ва- рамида бошад, аввал асал бар он молида, баъд он гардро аз рӯяш бипошанду дар офтоб нишинанд, дард ва варами онро дафъ мекунад. Табибони ҳозиқ инро озмуданд, ки агар хишти пух- таро реза карда, дар дӯғи гов андозанду як шаб ҳамон тавр гузоранд, пагоҳӣ он дӯғро соф намуда бинӯшанд, захми кӯҳнаи сиҳатнашавандаро шифо мебахшад. Аз хишти пухта равған ҳам тайёр мекунанд. Ин равғанро бинобар манфаати баланд ва бисёр дошта- наш равғани муборак ҳам меноманд. Санъати тайёр кардани ин равған ба ин тариқ. Хишти пухтаи сурхи обнадидаро ба андозаи санҷид реза-реза мекунанд. Баъд онро дар оташ сурх гардонида, ба даруни равға- ни зайтун меандозанд, то он ки равғанро ба худ ҷазб кунад. Сонӣ онро аз равған берун

оварда, кӯфта, дар колбае, ки гили бӯта андуда шуда бошад, пур меку- нанд. Дар гулӯи колба нахи зағирпоя ё лифи канаф ҷо мекунанд. Баъд дар як табақи фулузӣ, ки миёнаҷойи 688 табақ барои гулӯи колба сӯрох дошта бошад, колбаро сарозер гулӯи онро ба сӯрохи табақ ҷо мекунанду ба зери даҳани колба қиферо мегузоранд ва дар зери қиф зарферо ҷо медиҳанд. Баъд дар табақ аз атроф ва бо- лои колба ангишт гузошта, оташ медиҳанд. Аз гармии оташ дар колба кӯфтаи хишт тафсида, равғанро берун медиҳад ва дар гулӯи колба равған аз нах гузашта софшавон ба даҳани қиф мечакад ва аз қиф ба зарфи поёнӣ меояд. Мизоҷи ин равған бағоят гарм аст, зуд таъсирку- нанда, таҳлилдиҳандаи варамҳо ва парокандакунандаи моддаҳои зарарнок дар бадан мебошад ва арақ мео- варад. Агар аз он 4,5 грамм бихӯранд, сангҳои хичакро майда карда мерезонад, пешобро равон мекунад на та- моми бемориҳои аз сардӣ суратгирифтаи хичакро нафъ дорад, кирмҳои дар меъда ва рӯдаҳо пайдошударо ме- кушад; барои дарди аз хунукӣ баамаломадаи рӯдаҳо, бод ва боднокшавии ботинӣ ва зоҳирӣ давои хубест. Қуввати захрҳоро, аз ҷумла заҳри каждумро мешика- над. Ба миқдори дар боло гуфта бихӯранд, барои ил- латҳои фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ), кач шудани рӯй, ларзак, карахтӣ, нотавон гаштани узвҳо, иркуннасо (радикулит) ва дарди буғумҳо шифо мебахшад, инчунин хуни дар ягон ҷойи бадан шахшуда- ро мегудозад. Агар ин равғанро ба чашм кашанд, аз боло фуро- мадани зардобро, ки гавҳараки чашмро тира мегардо- над ва соҳибаш аз ин кӯр мешавад, дафъ мекунад ва дар ин амал бемисл аст. Агар ба он равған пахтаеро олонда ба даруни мақъад бардоранд, хуни бавосирро, ки банд шуда бошад, мекушояд, донаи бавосирро ме- афтонад, кирмҳои рӯдаи ростро мерезонад. Агар ҳамин тавр пахтаро ба ин равған тар карда занҳо аз таг бар- доранд, ҳайзи бандшудаи онҳоро мекушояд, бачаро аз шиками ҳомила меафтонад, хоҳ мурда бошад ё зинда, инчунин ҳамроҳаки (ёраки) тифлро низ зуд берун ме- оварад. Агар ин равғанро ба пушти сар бимоланд, нисён (фаромӯшхотирӣ)-ро шифо мебахшад. Ин рав- ғанро дар бинӣ чаконанд, бемории саръ (припадка) ва нисёнро сиҳат мебахшад. Агар инро ба дандонҳо би- моланд, кирми дандонро мекушад, дардашро ҳам тас- кин медиҳад, инчунин ба решҳои бадфиол бимоланд, онҳоро дафъ мекунад. Ҳар рӯз аз ин равған ба миқдори 4.5 грамм бихӯ- 689 ранд, иллати саръро нест мекунад. Ва чанд қатра аз ин то чанд рӯз ба даруни бинӣ бичаконанд, низ аз ил- лати саръ наҷот меёбанд. Агар инро ба даруни бинӣ кашанд, барои фолиҷ фоида дорад. Агар инро дар гӯш чаконанд, гаронии гӯшро бартараф менамояд. Инак, агар инро дар бинӣ бикашанд, бемориҳои аз сардӣ ба- амаломадаи бинӣ ва майнаро сиҳат мебахшад. Аммо ин равғанро бесабаб хӯрдан ҷоиз нест. Зеро ба меъда зарар дорад, дар ин ҳолат сирко нӯшида ис- лоҳ метавон кард. 307.

Мӯмиё Ин калима аслан юнонӣ буда, маъноях баданро аз бадиҳо нигоҳдоранда мебошад. Баъд ин калима ба халқҳои форсизабон гузашта ва онҳо ба охири ин ка- лима «И»-и масдарӣ илова намуда «мӯмиёӣ» гуфтанд. Дар тибби қадим низ ҳамин тавр номида шудааст. Ва- ле дар забони тоҷикӣ шакли юнониаш устувор монда- аст. Ин чизест, ки аз ҷисмҳои кӯҳӣ, яъне аз мағзи санг дамида ва гоҳо ба обҳои мағзикӯҳӣ ҳамроҳ шуда, та- ровиш мекунад, гоҳе дар мағораҳо, зери кӯҳпораҳо ва шикофу тарқишҳои кӯҳ, ки ҷонварон расида наметаво- нанд, сип-сиёҳ ҷамъ ва хушк шуда мемонад. Дар баъзе мавзеъҳои кӯҳистон мӯмиё ба рӯ медамад. Он дамида- ҳоро ҷонварони гуногун ёфта мехӯранд Дарҳол дару- ни онҳоро меронад ва мӯмиёи хӯрдаашон ба онҳо хис- латҳои шифобахши худро дода, дар ҳамон ҷо бо сар- гин якҷо хориҷ мегардад ва баъд монанди саргини муш шах ва ҷамъ гашта мемонад. Инро маҳсули таккаи бу- зи кӯҳӣ гуфтан ва ғайра гумон кардан тамоман беасос аст. Арабҳо инро «арақ-ул-ҷибол», яъне арақи кӯҳсор меноманд. Одамони кордон ҳамаи инро ҷамъ карда мӯ- миё тайёр мекунанд. Хубтарин мӯмиё аз ҷоҳое, ки ҷонварон расида на- тавонанд ва дар минтақаҳои сардтар мебошанд, гириф та, баъд тайёр карда мешавад. Аз он чӣ, ки монанди саргини муш бошад, тайёр намоянд, он дараҷа аълоси- фат намешавад. Тариқи тайёр кардани мӯмиёи ҳақиқӣ ин тавр аст. Мӯмиёи хоми кӯҳиро ҳар яке ба миқдори санҷид реза- реза карда, дар оби нимгарм тар мекунаду бар боло- 690 яш дока пӯшида, ҳашт ё даҳ рӯз мегузоранд. Дар ин муддат ҳамаи ҷавҳари мӯмиё чун қанд ҳал гашта, ба таркиби об мегузарад ва чизҳои нодаркораш хуб таҳ- шин мешавад. Баъд он обро ба зарфи дигар мерезанду дар ҷойи бодваз ва ё ба офтоб мегузоранд. Обаш ба- тадриҷ бухоршавон парида, мӯмиёи холис дар таги зарф ба қивом мерасад. Агар он оберо, ки мӯмиёи хом- ро тар мекунанд, ақаллан то чил дараҷа гарм кунанд, ҷавҳари пурқимати нозукаш парида меравад — аз ин мӯмиёи аълосифат тайёр намегардад. Имтиҳони мӯмиёи волосифат ин тавр аст. Як миқ- дореро аз он дар миёни ду ангушти даст бигиранд, мӯ- миёи хушк ва шах худ аз худ мулоим мегардад. Имти- ҳони дуввум он аст, ки пойи мурғ ё хурӯсро шикаста, ба он донаи биринҷ барин аз мӯмиё мехӯронанд. Агар дар муддати як шабонарӯз пояш сиҳат ёбад, мӯмиёи холис аст. Имтиҳони саввум чунин аст, ки ҷигари гӯс- фанди нав кушташударо бо пораи най чок карда, ба он чок мӯмиёро мемоланд. Агар аз ин кор чоки ҷигар ба ҳам бичаспад, мӯмиёи волосифат аст. Вале баъзе одамони қаллоб мӯмиёи хомро аз кӯҳ ёфта, ба он панҷ-шаш тор мӯйи бузро часпонида, «мӯми- ёи такагӣ» гӯён ба нархи қимат мефурӯшанд ё чизи дигарро, мутаассифона, бо унвони мӯмиё пул мекунанд. Ин, албатта, дар навбати аввал фиребгарист! Ранги мӯмиёи аълосифат сип- сиёҳи барроқ ва таъ- маш талхи форам мебошад. Мӯмиёи ҳақиқӣ бӯйи бад ва

нохуш надорад, балки андак бӯйи нефтӣ аз он шамида мешавад. Мӯмиё қуввати шифобахши худро то чил сол нигоҳ медорад ва баъд бекора мегардад. Мизоҷи мӯмиё дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани мӯмиё рӯҳ ва дилро қавӣ мегардонад, фараҳ мебахшад, моддаҳои ху- нукмизоҷи дар бадан бударо пароканда мегардонад, ба узвҳои дохилӣ ва берунӣ қувват мебахшад, рутубат- ҳои нодаркори баданро хушк мекунад, ҳамаи қувват- ҳои баданро нигоҳ медорад; агар моддаҳои ғафс мав- ҷуд бошанд, онҳоро рақиқ (суюқ) мегардонад, зуд таъ- сир мекунад, гиреҳҳои баданро мекушояд, узвҳои до- хилиро аз моддаҳои зарарнок пок месозад; барои ҳик- как (ҳиқичоқ), фолиҷ, ларзак ва каҷ шудани рӯ даво мешавад, ҳар гуна заҳрҳоро аз бадан дафъ мекунад; дарди меъда ва дарди дилро шифо мебахшад, меъда- 691 ро мустаҳкам менамояд; гулӯгоҳи бачадони занҳо бӯғ- ма шуда бошад, мекушояд ва ҳамаи бемориҳоеро, ки аз хунукӣ бошанд, шифо мебахшад; иллати хун қай кардан, ҷароҳати хичак, беихтиёр равон шудани пе- шоб, махави нав саршуда, филпо ва гаронии забонро даво мешавад; аз газидани каждум озор расида бо- шад, онро дафъ мекунад, варамҳои хунук ва мулоим- ро таҳлил медиҳад, устухони шикастаро ба ҳам мечас- понад, зарб хӯрданро (хоҳ майна бичалакад ё ҷойи ди- гар лат хӯрад) нафъ дорад. Баробари як вазни ҷави онро бо оби райҳони гӯши муш бихӯранд, барои дарди сари аз хунукӣ суратги- рифта, дарди нимсар, саръ, чарх задани сар, каҷ шу- дани рӯй, фолиҷ, суст ва нотавон мондани ягон узв да- во мешавад. Ба вазни ду ҷави онро бо обе, ки дар он кокутӣ ва чоқулаи кӯҳӣ ҷӯшонида шуда бошад, бинӯ- шанд, дуру дароз ва бемаврид сахт хобиданро ба ис- лоҳ меоварад. Ба вазни як ҷави онро бо обе, ки дар он райҳони гӯши муш ҷӯшонида шуда бошад, бихӯранд, бимоланд, дар бинӣ бирезанд ва дар гӯш бичаконанд, инчунин ба ҷойи оби он райҳон ҷӯшёфта равғани савсани сафед даромехта, дар гӯшу бинӣ бичаконанд, дардҳои кӯҳнаи сарро, ки аз хунукӣ бошанд, инчунин боди майна ва хунукии мағзи сарро шифо мебахшад. Миқдори як ҷа- ви мӯмиёро дар равғани зайтун ва асал ҳал карда, дар бинӣ ва гӯш бичаконанд, бодҳои дар майна ҷамъ- шударо пароканда мекунад. Дар омади гап, гирифтани равғани савсани сафед чунин аст. Масалан, ним литр равғани кунҷиди навро дар зарфи шиша рехта, даруни он равғанро аз гули савсани сафед пур намуда, ба офтоб мегузоранд. Дар муддати панҷ-шаш рӯз рангу бӯй ва қуввати гул ба равған мегузарад. Гулро фишурда дур намуда, аз нав гули дигар меандозанд ва ҳоказо, то панҷ-шаш навбат гулро дигар карда, баъд равғанро соф карда мегиран- ду нигоҳ медоранд. Миқдори як биринҷ мӯмиёро бо обе, ки дар он ка- рафс ҷӯшонида шуда бошад, андохта, ба инҳо зираи сиёҳ дохил карда биёшоманд, барои каҷ шудани рӯй дору мешавад. Чоряк грамми онро бо обе, ки дар он кокутӣ

ҷӯшонида шуда бошад, биёшоманд, иллати лар- закро дафъ мекунад. Миқдори як биринҷи онро дар равғани гулисурх ҳал карда, нимгарм дар гӯш чако- 692 нанд ё фатиларо дар он тар карда ба даруни гӯш гузо- ранд, гаронии гӯш, реш, захм ва омадани римро аз он шифо мебахшад. Табиби машҳур Аристотолис гуфта- аст, ки мӯмиёро дар равғани бенамаки хук ҳал карда, дар гӯш чаконанд, кариро, ҳатто кари модарзодро ши- фо мебахшад. Инро бо кофур ё бо оби райҳони гӯши муш даромехта, ба даруни бинӣ чаконанд, хуни бини- ро манъ мекунад, инчунин дигар бемориҳои биниро шифо мебахшад. Миқдори як биринҷ мӯмиёро дар рав- ғани сир ҳал карда, дар бинӣ чаконанд, чарх задани сарро нест мекунад. Мӯмиёро бо асал даромехта, ба забон бимоланд, лукнати забонро ислоҳ мекунад ва гаронии онро дафъ месозад. Миқдори як ҷави онро бо шири хар бихӯранд, илла- ти хун қай карданро дафъ мекунад, инчунин хуни би- ниро ҳам манъ менамояд ва агар дар бинӣ чаконанд, низ хуни биниро мебандад. Донаи ҷав барин мӯмиёро бо сиканҷабин ё бо оби наъно биёшоманд, дарди шадиди гулӯро, ки аз ҷамъ шудани хун дар он ҷо ба амал омада бошад, дафъ мекунад. 0,2 грамм мӯмиёро бо ширинии тут бихӯранд, дард ва варами ҳалқумро шифо мебахшад. Миқдори як биринҷи онро бо оби челон ё бо оби сагпистон, ё бо оби ҷав, ё бо оби решаи бепӯсти ширинбия биёшоманд, барои дарди гулӯ, ки сабабаш ҷамъ шудани хун бо- шад, дармон мешавад. Миқдори як биринҷи онро бо оби сагпистон ё бо оби ҷав се рӯз пайдарҳам ба дили наҳор бихӯранд, сурфаро нест мегардонад. 0,2 грамми онро бо оби наъно бихӯранд, дилтапак (дилбозӣ)-ро, ки сабабаш ҷамъ шудани моддаҳои хунукмизоҷ дар дил бошад, нафъ дорад. 0,2 грамм мӯмиёро бо обе, ки дар он зираи сиёҳ ҷӯшонида шуда бошад, бихӯранд, беҳузур (бечо) шу- дани дил, дилтапак, сустӣ ва қароқури меъда ва бод- нокшавии шикамро, ки сабабаш зиёд шудани балғам бошад, шифо мебахшад ва рутубати зарарноки сари меъдаро хушк мекунад; узвҳои даруни сина ва меъда зарб хӯрда бошанд, дармон мегардад. Миқдори як би- ринҷи онро бо обе, ки дар он зираи сиёҳ ё тухми ка- рафс ҷӯшонида шуда бошад, бихӯранд, дарди сипурзро ба ибро меоварад. Миқдори як биринҷи онро бо оби кашнизи тар ё бо оби решаи кавар бихӯранд, дард, пурбод ва бузург гаштани сипурзро ислоҳ мекунад. 693 0,2 грамми онро бо оби карафси тар ё бо пӯсти решаи кавар бихӯранд, варами ҷанинро шифо мебахшад. 0,2 грамми онро бо шири навдӯшида бихӯранд ё бо камтар шакар фурӯ баранд, барои захм ва дардҳои сӯрохи закару хичак дору мешавад. Ҳар ҳафта як мар- таба ба миқдори ду биринҷи онро бо равғани гов би- хӯранд, боди бавосирро, ки дарди дар ҳама ҷоҳои ши- кам даврзананда мебошад, шифо мебахшад, инчунин дардҳои меъдаро низ дафъ мекунад. Камтареро аз мӯмиё бо орди гандум хамир карда, дар сӯрохи пушт бардоранд, барои касоне, ки барои

нигоҳ доштани пешоби худ сабр надоранд ва касонеро, ки пешобашон беихтиёр равон мегардад, дармон меша- вад. Инчунин камтар мӯмиёро бо равғани зайтун даро- мехта, дар сӯрохи пушт бардоранд, чакмезак ва бесаб- риро дар пешоб кардан сиҳат мебахшад, инчунин сус- тии мақъадро (кӯтанро) дар соҳибаш ҳангоми мубоша- рат баробари хориҷ гаштани манӣ саргинаш ҳам бар- меояд, шифо медиҳад. Ҳаким Муҳаммади Закариё нақл кардааст, ки ка- серо маниаш харҷ шуда бошад, хоҳад ки ба зудӣ ба ҳоли аслиаш баргардад, дар вақти ҳаракати мубоша- рат ҳангоми хориҷ шудани маниаш миқдори ду ҷави мӯмиёро дар 17,5 грамм асали сафед ҳал карда бихӯ- рад, агар он кас гарммизоҷ бошад, бо шарбатҳои ху- нукмизоҷ биёшомад, аз нав ҳоли аслиаш барқарор ме- гардад. 0,5 ё 0,7 грамм мӯмиёро дар равғани гулисурх ё дар се адад зардаи тухми мурғ ҳал карда бихӯрад, барои дарди буғумҳо, бечо шудани буғумҳо, лат хӯрдани му- шак ва асаб, даридан ва канда шудани асаб, шикаста- ни устухон, чалакидани майна ва монанди инҳо даво мешавад. Инчунин хӯрдани он бо шароби соф барои бе- морӣ ва офатҳои мазкур шифо мебахшад. Барои ҷаро- ҳат ва захмҳои кӯҳна ва носур ба вазни 0,5 грамми онро бо 3,5 грамм равғани обкардаи хук ва ин миқдор мӯмиёро бо равғани зайтун даромехта, аз рӯ бимоланд, шифо мебахшад. Барои иллатҳои ботинӣ ва лат хӯр- данҳо 0,5 грамм мӯмиёро дар равғани гулисурх ё рав- ғани кунҷид ҳал карда бимоланд, нафъ дорад. Агар ба касе тир зада ё ягон ҷойи бадан чок шуда бошад, ба он ҷо бимоланд ва аз дарун низ бихӯранд, сиҳат ме- гардонад. 0,25 грамми онро бо обе, ки дар он зарпе- чак ҷӯшонида шуда бошад, ҳафт рӯз пайдарҳам бихӯ- 694 ранд, доғи нави пес, махави нав ва филпоро шифо ме- бахшад. 0,2 грамми онро бо равғани гов биёмезанду бимоланд, заҳри каждумро аз бадан дафъ мекунад. 0,2 грамми онро бо қанди сафед ё ҳамин миқдорашро бо оби кашнизи тар бихӯранд, газанди заҳрҳоро бартараф менамояд. Миқдори ду биринҷи онро бо оби пудинаи кӯҳӣ (кийикӯтӣ) бинӯшанд, низ таъсири ҳамаи заҳрҳо- ро аз бадан дафъ мекунад. Ҳар рӯз ба дили наҳор ним ё як соат пеш аз ноши- то ба миқдори донаи биринҷи онро бихӯранд, аз вара- ми ҷигар наҷот меёбанд. 308. Гӯгирд Ин калимаи қадими тоҷикӣ мебошад. Баъдтар ба сабаби пайдо гаштани гӯгирди оташзада инро олтингӯ- гирд ва хомгӯгирд ҳам номидан гирифтанд, инро ба за- бони арабӣ кибрит мегӯянд ва ба русӣ сера мехонанд. Гӯгирд чор навъ аст: сафед, зард, сурх ва сиёҳ. Сурхи он шаффоф, софи барроқ ва дар кони худ ҳангоми шаб монанди ахгар медурахшад. Кони ин дар Ҳурмузи Форс ва дар ҷазираҳои Уммон аст. Ҳакими асри якуми милод Ҷолинус навиштааст, ки гӯгирдро аз конҳои чуқур берун меоваранд ки он сурх, зард, сафед ва сиёҳ мебошад. Навъи зардаш моил ба сабзист — онро сабеӣ, сафедашро гӯгирди форсӣ ва мо- ил ба кабудиро гӯгирди тира

мемонанд. Беҳтарини ҳа- ма сурхи пурнури он аст, ки соф ва сахт бошад. Мизоҷаш дар охири дараҷаи саввум гарм ва хушк аст, бо вуҷуди ин дараҷаи гармиаш аз хушкии он зиёд- тар мебошад. Хислатҳои шифобахши он: агар кӯфтаи инро бо зардаи тухми нимбирён (нимпухта) даромехта бихӯ- ранд, зуком, назла ва сурфаи тарро шифо мебахшад, аз узвҳои даруни сина ва шуш рим ва балғамро хориҷ мегардонад, зардпарвин ва заҳрҳоро аз бадан дафъ мекунад. Худашро танҳо ё бо об ва ё бо давоҳои муносиб биёшоманд, зардпарвинро шифо мебахшад, ҳайзи банд- шударо мекушояд, инчунин бар зидди заҳрҳо тарёқ мебошад. Кӯфтаи онро бипошанд, низ зарари заҳри ҷонваронро дафъ мекунад. Як миқдор гӯгирд, ним вазни он шилми бодомро бо 695 ҷуғрот сиришта бимоланд, ширинча, захмҳои сар, шу- куфаи пӯст ва қӯтури тарро шифо мебахшад. Кӯфтаи гӯгирдро дар бинӣ бирезанд, барои иллати саръ (припадка), сакта (мурда барин беҳаракат мон- дан) ва дарди нимсар даво мешавад. Агар дуди онро ба ҷоҳои даркории бадан бигиранд, дарди сарро дафъ мекунад, назла ва зукомро мебан- дад, карии гӯшро шифо мебахшад, бачаро аз шиками занони ҳомила меафтонад (дар ин бобат хусусан навъи сурхи онро дуд кунанд, беҳтар аст). Гӯгирдро бо равғани тухми арча даромехта, ба да- руни гӯш чаконанд, карии гӯш ва гаронии онро дафъ мекунад. Гӯгирдро бо асал, пешоб ё бо оби даҳан сиришта бимоланд, газидани ҷонварони заҳрнокро шифо мебах- шад; инро бо шилми санавбар даромехта бимоланд, заҳри каждумро аз бадан дафъ мекунад, инчунин бо сирко омехта бимоланд, барои газидани каждум даво мебошад. Гӯгирдро дар тухми мурғи нимпухта ё тухми ним- бирён даромехта бихӯранд, ҳамаи навъҳои қӯтури тар ва хоришҳои баданро дафъ мекунад. Агар инро бо оқирқирҳо, асал ва сирко сиришта бимоланд, барои иллати махав ва ҷӯшишҳои савдовӣ бо як аҷобате таъсир мебахшад; бо сирко сиришта би- моланд, барои доғи сафеди пӯст даво мебошад; бо ҳи- но даромехта бимоланд, шукуфаи пӯстро шифо мебах- шад; бо хояи сагобӣ даромехта гузошта банданд, сах- тиҳоро таҳлил медиҳад, яъне мегудозад. Агар инро сойида, бар бадан бипошанд, аракро қатъ мекунад ва агар бар рӯй бипошанд, онро сафед мегар- донад. Инро дуд кунанд, ҷонварони заҳрнок аз он ҷо мегу- резанд, вале мӯйро сафед мекунад. Агар бо ин бишӯ- янд, хоришро дафъ мекунад. Вале хӯрдани гӯгирд ба меъда зарар дорад. Давои ин зиёнаш катиро ва шири навдӯшида хӯрдан аст. Ба майна ҳам зарар дорад — дар ин маврид бунафша ва шакар бихӯранд, ислоҳи зарари он менамояд. Миқдори як бор хӯрдан аз гӯгирд дар як рӯз аз 1 то 4,5 грамм аст. Аз гӯгирд равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ: 1. Гӯгирди зардро маҳин кӯфта, дар чор баробари он равғани дунба даромехта, як пора карбосро ба он 696 олонда, фатила сохта, онро оташ гиронида, бар рӯйи тахта сарозер биёвезанд ва ба тагаш зарфи

мисие гу- зоранд. Ҳар чӣ аз ин фатилаи сӯзон бичакад — ҳамон равғани гӯгирд аст. Агар инро бимоланд, ширинча, қӯ- тур, шукуфаи пӯст, хориш ва ҳамаи дардҳои баданро, ки аз сардӣ бошанд, дафъ мекунад. 2. Тариқи дигари гирифтани равғани гӯгирд. Гӯгир- ди зарди софро як миқдор гирифта, бо ним вазни он рег сойида, дар колбаи гарданкаҷ меандозанд, ки онро ба рӯяш гили бӯта молида бошанд. Баъд онро бо ота- ши мулоими баробарҳарорат, яъне якзайл гармидиҳан- да тафсонидан даркор аст, то ки гӯгирд аз ҷойи худ боло хезад ва аз гардани каҷи шиша дар давоми ду шабонарӯз берун бичакад. Сонӣ ҳамаи чакидаи онро бардошта, дар шиша нигоҳ медоранд — ҳамин равғани гӯгирд аст, ки вақти ҳоҷат ба кор мебаранд. Ин равған дору мебошад барои бемориҳои сарди бадбӯ, ҳамаи табҳои бадбӯ, таби дурӯздармиёнгиран- да, бемориҳои балғамии доимӣ, тоунҳо (чума), захмҳо, ҷароҳатҳо, бавосир, пӯсидани милки дандон, захмҳои даруни даҳан; бемориҳои меъда, ҷигар, сипурз, бача- дон, хичак ва буғумҳо шифо мебахшад. Ва хӯрда ме- шавад миқдори камакак аз ин равған бо оби давоҳои муносиб: аз барои таби дурӯздармиён бо обе, ки дар он говзабон ҷӯшонида шуда бошад; барои тоун бо обе, ки дар он турб ҷӯшонида шуда бошад; барои гум шудани шаҳват, яъне барҳам хӯрдани хислати мардӣ бо оби талхшувоқ; барои дарди меъда ва қулинҷ бо оби пу- дина; барои сардии ҷигар ва истисқо (водянка) бо оби савсани кӯҳӣ; барои гиреҳ ва дарди сипурз бо обе, ки дар он кавар ҷӯшонида шуда бошад; барои оташак (сифилис) бо оби шоҳитара; барои ихроҷ кардани кирмҳои меъда ва рӯдаҳо бо оби талхшувоқ; барои дарди бачадон бо обе, ки дар он бобунаи говчашм ҷӯ- шонида шуда бошад ва барои пешоби бандшуда бо шароб мехӯранд. Ва ба решҳои хабиса молида меша- вад. 309. Сафол Ин зарфест маълум, ки аз гили пухта ва маҳсули кулол мебошад. Мизоҷаш бисёр хушк аст ва бо андак гармӣ. Хислатҳои шифобахши он: ҳамаи навъҳои онро 697 кӯфта гузошта банданд, варамҳои мулоимро таҳлил медиҳад, захмҳои узвҳои хушкмизоҷро, ки монанди: ғузруф (тағояк) ва барои даридани пӯсти бадан даво мешавад. Сафоли навро кӯфта, бо марҳамҳо даромехта гузошта банданд, ҷароҳатҳоро ба ҳам оварда сиҳат ме- бахшад; бо сирко хамир сохта гузошта банданд, хо- риш, ҷӯшишҳо, пучак, решҳои сар, кӯтур ва ниқрис (подагра)-ро шифо мебахшад; бо мумравған сиришта гузошта банданд, варамҳои кӯҳнаро таҳлил медиҳад, ханозер (хукгардан) ва ғуддаҳоро дафъ мекунад. Сафоли чиниро маҳин кӯфта, ба чашм кашанд, гу- ли чашми табақаи қарнияро дафъ менамояд. Агар ин кӯфтаро ба дандон бимоланд, онро аз доғҳои гуногун пок мекунад, милки дандонро мустаҳкам мегардонад ва омадани хунро аз он қатъ месозад Сафол ба узвҳои мағзи сар зарар дорад — дар ин маврид равғани бунафша ва равғани нилуфар зиёни он- ро ислоҳ мекунад. Сафолеро, ки дар он муддати дароз намак нигоҳ дошта бошанд ё

сафолпораҳоеро, ки аз даруни намак ёфта бошанд, инчунин сангрезаҳоеро, ки аз даруни на- мак ёфта бошанд, ос карда бимоланд ё гузошта бан- данд, варамҳои нарми сардро, ки дар ҳар узве ба ҳам расида бошанд, хушк мекунад, инчунин онро маҳин ос карда, чун сурма ба чашм бикашанд, обравии чашмро ислоҳ мекунад. 310. Оҳан Ин фулузи машҳур аст. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар саввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: оби оҳантофтаро, яъне оберо, ки оҳангарон оҳан ё фӯлоди тафсонро дар он сард мекунанд, биёшоманд, боҳро бағоят қувват ме бахшад, дарунро мебандад, ҷароҳати рӯдаҳоро ба ибро меоварад, бавосирро дафъ мекунад, варами сипурзро таҳлил медиҳад, меъдаро қавӣ мегардонад, беихтиёр равон гаштани пешобро ислоҳ медиҳад, дарди мақъад- ро таскин медиҳад, зарари саги девона газидаро дафъ менамояд; зардии ранги рухсораро мебарад, исҳолро манъ месозад; дилтапак (дилбозӣ), истисқо (водянка), сустии ҷигар, заифии меъда ва исҳоли хунин дору ме- шавад, ки хубтарин аст. Агар оҳани тафсонро дар дӯғ 698 сард карда, он дӯғро бинӯшанд, барои бемориҳои ис- ҳоли хунин, бечо равон шудани ҳайз, хунравиҳо аз поё- ни бадан ва иллатҳои мақъад қавитар аз оби оҳанга- рон аст. Оҳансоваро дар шаробе, ки заҳролуд бошад, биян- дозанд, заҳрро аз он шароб ба худ ҷазб мекунад ва дигар асари заҳр дар он намемонад. Соваҳои оҳанро дар сирко ҷӯшонида, он сиркоро нимгарм дар гӯш ча- конанд, омадани римро аз он қатъ мекунад ва иллати гӯшро сиҳат мебахшад, агарчи кӯҳна ҳам шуда бошад. Хӯрдани оҳан шикамро ба дард меоварад, даҳанро хушк мекунад, дарди сар медиҳад. Дар ин ҳолатҳои рӯйдода шири тозадӯшида бинӯшанд, ислоҳи зарар ме- намояд. Муфассалтар: http://zarowadk.ru/kanzi-shifo-davohoi-bejon-304-310#304

Канзи шифо. Давоҳои бечон 311-322 311. Рими оҳан 312. Сурма 313. Тӯтиё 314. Даҳанифаранг 315. Зар 316. Қалъаӣ 317. Сурб 318. Хокистар 319. Пар 320. Зоки сафед 321. Зоки сурх 322. Зоки зард 311. Рими оҳан Инро чирки оҳан низ меноманд, ин чизест, дар вақ- ти гудохтани оҳан ё сахт тафсонидан аз он ҷудо ва дар таги кӯра шах шуда мемонад. Инро дажғоли оҳан ҳам мегӯянд ва ба русӣ шлак мехонанд. Ин беҳтарини римҳои фулузот аст. Инро дар сирко парварда, яъне як шабонарӯз дар он тар карда, баъд хушк намуда, шус- та ва хеле маҳин ос карда сонӣ истеъмол мекунанд. Дар ос кардани он ҳар чӣ қадар бисёр бикӯшанд, ҳа- мон қадар сифатноктар мегардад. Вале агар барои бе- мориҳои чашм ва гӯш истифода карданаш лозим бо- шад, бояд ки бе сирко бошад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва дар саввум хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: ин доруи бисёр қавӣ мебошад, хусусияти хушккунандагӣ дорад. Агар бихӯ- занд, меъда, дил ва майнаро пуркувват мегардонад, хунравиҳои гуногун ва бечо равон шудани ҳайзро манъ

менамояд, инчунин ҳомила шуданро манъ месозад; ба- восир ва бемориҳои сипурзи тармизоҷро даво мешавад, рутубатҳои дохилиро хушк мегардонад, захми рӯдаҳо ва хичакро шифо мебахшад, сустии мақъадро ислоҳ мекунад, беихтиёр равон шудани пешобро ба ибро ме- оварад, варамҳоро таҳлил медиҳад. Сойидаи инро чун сурма ба чашм кашанд, дағалии пилкҳои чашмро ислоҳ менамояд. Инро бо об даромех- та, дар гӯш чаконанд, гӯшро аз чирк пок мекунад. 699 Вале бо асал даромехта бихӯранд, овозро соф ме- гардонад. Ним граммашро бо зардаи тухми мурғ би- хӯранд, қуввати боҳи одамони тармизоҷро ба ҳаракат меоварад ва инчунин аз хислати мардӣ маҳрум гашта бошанд, аз нав барқарор мекунад. Агар инро бо сикан- ҷабин бихӯранд, азият ва газанди давоҳои қаттолро нест месозад; бо шароби кӯҳна бихӯранд, хуни равони бавосирро қатъ мекунад. Пашмпораеро ба он олонда, занҳо аз таг бардо- ранд, хунравиро аз бачадон қатъ мегардонад. Худи инро батанҳоӣ гузошта банданд, варамҳои гармро таҳлил медиҳад, шири дар пистон шахшударо мегудозад ва равон мекунад. Чун инро бист бор бо обу асал бисоянд, хушк ку- нанд, баъд дар равғани зайтун ба миқдоре, ки се ан- гушт аз он боло бошад, биҷӯшонанд ба ҳадде, ки се- яки равған аз доғ парида равад. Баъд онро бо тухми индов ва асал даромехта лесиданӣ созанду ҳар рӯз ду бор ангуштпеч гирифта тановул намоянд, барои соф кардани овоз, некуии ранги рухсор, дафъ кардани мод- даҳои нодаркори бадан давои бемисл аст. Ё ки чун бо равғани зайтун биҷӯшонанду бо асал даромехта, ҳар рӯз кам-кам аз он бихӯранд, низ овозро соф ва ранги рӯйро неку мегардонад. Вале хӯрдани рими оҳан ба шуш зарар дорад. Дар ин маврид катиро ё асал бихӯранд, зиёнаш ислоҳ ме- гардад. Миқдори як бор хӯрдан аз рими оҳан дар як рӯз аз 0,5 то 1 грамм аст. Зиёда аз ин ба дарун истеъмо- лаш ҷоиз нест. Зеро оқибатҳои бадро ба амал меова- рад. 312. Сурма Маълум, ки инро аз кон пайдо мекунанд. Санги сурмаро маҳин ос карда месӯзонанд ва баъд онро дар об андохта шустушӯй медиҳанд. Сурмаи шустагӣ ба- рои даво латифтар ва форамтар мегардад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум сард ва дар саввум хушк аст. Ба қавли Абӯалӣ ибни Сино мизоҷи ин дар дараҷаи якум хунук ва дар дуввум хушк аст. Вале Ха- ким Муҳаммад бинни Ҳасан гуфтааст ки сард ва хушк дар дараҷаи чаҳорум мебошад. Хислатҳои шифобахши он: сурмаро ба дарун бануд- 700 рат истеъмол мекунанд. Зеро агар бихӯранд, овозро мегирад, ба узвҳои даруни сина ва шуш, инчунин ба буғумҳо зарар дорад. Агар инро бисёртар бихӯранд, қотил аст. Сурмаро ба чашм кашанд, саломатии чашмро ни- гоҳ медорад, асабҳои ин узвро қавӣ мегардонад, би- ноии пиронро меафзояд, инчунин ҳарорат, рутубат ва хирми чашмро дафъ мекунад, захмашро шифо мебах- шад. Барои дарди сар, хунравӣ аз ҳар ҷойи бадан, ки бошад, барои пок намудани рими решҳо ва нест кар- дани гӯшти

ҳароми онҳо, қатъ кардани ҷараёни ҳайз ва ба ҳам оварда сиҳат кардани реши мақъад, ба ҳам часпонидани даҳани ҷароҳатҳо ва куштани шупуш да- во мешавад. Инро бо андак мушки сойида даромехта, ба чашм кашанд, биноии чашм ва асабҳои онро қувват мебах- шад, хирмашро ҳам нест мекунад. Агар бо марворид, саргини калтакалос ва наботи сафед даромехта, ба чашм кашанд, пардаи бар он афтодаеро, ки чашмро торик мегардонад ва инчунин гули чашмро дафъ ме- намояд. Агар инро бо татуми сойида якҷо карда ба чашм кашанд, обравӣ ва қӯтури чашмро ислоҳ месо- зад. Чун иқлимиё ва сурма — ҳар дуро баробарвазн гирифта, нарм ва маҳин сойида, бо асали кафкгириф- таи рақиқ (суюқ) даромехта, ба чашм кашанд, дар- ди сарро ба иброо меоварад ба шарте, ки агар сар аз тарафи рост дард мекарда бошад, ба чашми рост ва агар тарафи чапи сар дардманд бошад, ба чашми чап мекашанд, вале агар дард дар ҳар ду ҷониб бошад — ба ҳар дуи чашм. Акнун дар омади гап, мафҳумеро муайян намоем. Иқлимиё — ин моддаест, ки дар вақти гудохтани тилло ва нуқра ҳамчун чирк ва рими фулузоти дигар ба рӯйи нуқра ва тиллои гудохташуда бармеояд. Агар сурмаро бо оби кашнизи тар ҳамроҳ карда, хусусан ба он каме кофур низ илова намуда, дар ав- вали бемории нағзак (гулак) ва сурхича (қизомуқ) ба чашм кашанд, намегузорад, ки обилаи онҳо дар даруни чашм пайдо шаванд, низ ҳарорат ва рутубати чашмро дафъ мекунад, захмашро низ шифо мебахшад. Анорро бо пӯсташ кӯфта, обашро фишурда гирифта, сурмаро бо ҳамин оби анор ё бо оби татум даромехта, ба чашм кашанд, ҳамаи бемориҳои номбаршудаи чашмро шифо мебахшад. Инчунин сурмаро бо оби чизҳои номбурда 701 даромехта, ба беруни чашм ва таги он, ба параҳои би- нӣ, лаб, гӯш, таги ҳалқум ва ба сина бимоланд, наме- гузорад, ки донаҳои обила дар он ҷоҳо пайдо гарданд ва шарташ чунин аст, ки батакрор бояд молид. Ва агар донаҳои нағзак пайдо шуда бошанд, сурмаро бо оби барги кашнизи тар, андак кофур ва каме гулоб даро- мехта бимоланд, он донаҳоро дафъ мекунад. Сурмаро ба пешонӣ ва нисфи сар гузошта банданд, хуни биниро, ки аз пардаҳои мағзи сар меомада бо- шад, қатъ мекунад. Агар сурмаро батанҳоӣ ба захмҳои қарнияи чашм бипошанд, онҳоро хушк мекунад ва сиҳат мебахшад, инчунин ба захмҳои ҷоҳои дигар ҳам даво мешавад. Аммо баъд аз сиҳат ёфтани захм дар он ҷо доғи сур- ма боқӣ мемонад. (Қарния — ин сиёҳии чашм аст, дар баъзеҳо қарния кабуд ё гӯсфандӣ ҳам мешавад). Сурмаро занҳо аз таг бардоранд, сахтии бачадонро, ки дар тибби ҳозира ноболиғии бачадон (неразвитость матки) меноманд, мулоим мекунад ва ҷараёни хуни ҳайзро қатъ месозад. Нозукии хосеро дар хусуси сурма маълум намоем, ки барои сурмаро пок ва форам кардан онро месӯ- зонанд. Ҳангоми сӯхтан дар таркибаш қисмҳои гӯгирд ва нефт, ки ҷой гирифта бошанд, дафъ мегарданд. Сӯхтани сурма ба

ин тариқ аст. Санги сурмаро мисли донаҳои нахӯд ва писта реза-реза мекунанду ба чарбии буз печонида, ба оташ мегузоранд, то он, ки аз он аланга зоҳир гардад, вале набояд бисёр сӯзад. Баъд онро дар шароб ё дар гулоб, ё дар шири хар андохта, хунук месозанду сонӣ ос мекунанд. Баъди ҳамаи ин амал онро мешӯянд. Баъди ҳамаи ин коркардҳо сурма барои истеъмол тайёр мегардад. Тариқи дигари сӯхтанаш ин тавр аст. Санги сурмаро чун гуфтаи боло реза-реза карда, бо равғани гов хамир сохта, дар оташ месӯзонанд, то шӯълавар гар- даду дудаш бартараф равад. Акнун сурмаро баъд аз сӯхтан шустан даркор, ки шустанаш чунин аст. Онро маҳин кӯфта, дар зарфе об бар рӯйи он мерезанду барҳам мезананд, яъне меко- ванд. Баъд ҳамон тавр мегузоранд, то таҳшин гардад. Ва оби онро, ки қисмҳои гӯгирдӣ омехта аст, дур ме- намоянд. Боз як бор ин амалро такрор мекунанд. Чун аз он, ки қисмҳои гӯгирдиаш нест шуданд, хотирҷамъ шаванд, пас онро мартабаи дигар дар об ос мекунан- 702 ду баъд дар пиёла андохта мекованд. Он чӣ сурмаи омехта ба об аст, дар пиёлаи дигар рехта, он чи таг- нишин аст, бори дигар сойида, чун пешина шуста ва бар рӯйи таҳшинаш боз об рехта, аз нав мекованд. Баъд аз кофтан чизҳои ба об омехта гаштаро бар болои оби пешина рехта, ба таҳшин боз об дохил карда, чун пе- шина ос кардан мегиранд, то он вақт, ки дар таҳти пи- ёла ба ғайр аз моддаи сангӣ ва регӣ ҳеҷ чиз боқӣ на- монад. Баъд онҳоро партофта, обҳоро, ки сурма дош- танд, то таҳшин гаштан мегузоранд. Баъди таҳшин шу- дан обҳоро рехта дур карда, таҳшинро дар зарфе ан- дохта, аз болои он ягон матои нафис мепартоянду ҳамон тавр мегузоранд, то он, ки хушк шавад. Ин хушк- шуда сурмаи тайёр аст. 313. Тӯтиё Асли ин калима тоҷикӣ — дудиё мебошад, вале дар таъсири забони арабӣ монда тӯтиё гаштааст. Тариқи гирифтани тӯтиё чунин аст: 1. Вақти сурбро аз маъданаш бароварда, ҳангоми гудохтан кӯраи оташдони онро дутабақа месозанд. Қабати якум ҷоест, ки оташ меафрӯзанд. Ба дарозии як ваҷаб аз лойи часпак қаламҳо сохта, хушкони- да, дар намакоб тар сохта, аз нав хушк карда, сонӣ дар табақаи дуввуми кӯраи сурбгудозӣ, яъне бар бо- лои кӯра ин қаламҳоро чапу рост монанди чалипо болои ҳам мегузоранд. Баъд дар кӯра ба рӯйи ангишт сурби хомро гузошта оташ меафрӯзанд, то сурби хо- лис гудохта ва ҷудо гардад. Дар натиҷаи бисёр гудох- тани сурб дуди он аз кӯра хеста, ба он қаламҳои ги- лии барҳӯрда мечаспад ва ҷамъу шах мегардад. Вақ- те ки миқдори муайяни дуда ба он қаламҳо бичаспад, он қаламҳоро берун оварда, дудаашро тарошида мегиранд. Ин дударо тӯтиёи кирмонӣ меноманд. Баъд он- ро ос карда, монанди шустани сурма дар оби оҳак ме- шӯянду истифода мебаранд. 2. Тӯтиёи сабз, ки тӯтиёи ҳиндӣ мебошад, ба ин усул тайёр карда мешавад. Мисро бо зоки сафед якҷо сӯх- та тӯтиёи ҳиндиро ҳосил мекунанд. Ин дар бемориҳои чашм

назар ба тӯтиёи якум камтар ба кор меравад. Дар бемориҳои чашм аксар тӯтиёи кирмониро истеъ- мол мекунанд. 703 Мизоҷи тӯтиёи кирмонӣ ба қавли Ҷолинус дар да- раҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст ва шустааш сардтар дар мизоҷ мебошад. Мизоҷи тӯтиёи ҳиндӣ гарм ва хушк дар дараҷаи чорум мебошад. Хислатҳои шифобахши тӯтиёи кирмонӣ: ин аз беҳ- тарин давоҳои чашм аст. Агар инро чун сурма ба чашм кашанд, рӯҳи чашмро қавӣ мегардонад ва саломатии чашмро нигоҳ медорад, инчунин намегузорад, ки мод- даҳои зарарнок аз боло ба чашм фурӯд оянд. По- шиданаш барои решҳои чашм, бинӣ, закар, зери ноф, мақъад, саратони решгашта ва захмҳои дигар узвҳо дору мешавад; захм, ҷароҳат ва решҳои хӯрандаро си- ҳат мегардонад; ба зери бағал бимоланд бӯйи бади он ҷоро дафъ мекунад. Агар инро бо равғани гулисурх хамир карда бимоланд, захмҳои асабро шифо мебах- шад; агар бихӯранд, хун қай карданро манъ мекунад, меъдаи сустро ба ислоҳ меоварад. Хӯрдани ин захм- ҳои ботиниро шифо мебахшад ва барои захмҳои зо- ҳирӣ гузошта банданд, онҳоро ба ибро меоварад. Пахта ё матои нафисро ба тӯтиёи кирмонӣ олонда, ба сӯрохи закар гузаронанд, захми роҳи пешобро, ки сӯзок ном дорад, сиҳат мекунад. Агар инро занҳо аз таг бардоранд, рутубати беҷо равонро аз бачадон қатъ мегардонад. Вале хӯрдани тӯтиёи кирмонӣ дар узвҳои бадан ги- реҳҳо пайдо мекунад. Ин хосияти бади он бо воситаи асал хӯрдан ислоҳ меёбад. Миқдори як бор хӯрдан аз тӯтиёи кирмонӣ то 2,25 грамм аст. Хислатҳои тӯтиёи ҳиндӣ: ин заҳр аст, бинобар ҳа- мин инро ба дарун истеъмол намекунанд. 314. Даҳанифаранг Ин чизи маълум аст, ки ба русӣ медный купорос меноманд. Рангаш сабзи тира. Мизоҷаш дар дараҷаи чорум гарм ва хушк аст. Ҳа- маи давоҳо, ки мизоҷи дараҷаи чорум дошта бошанд, аз ҷумла даҳанифаранг ҳам хислати заҳрнокӣ доранд Бинобар ҳамин инро ба дарун банудрат истеъмол ме- кунанд. Хислатҳои шифобахши он: 1,75 грамми онро кӯфта бихӯранд, заҳрхӯрдагонро аз марг наҷот медиҳад. Ин 704 миқдор даҳанифарангро бо оби лиму сойида, каси аф- юнхӯрда бихӯрад, қай мекунад ва ом заҳр бо қай дафъ мегардад. Инро маҳз барои дафъ кардани заҳр аз ба- дан хӯрдан мумкин аст. Дар дигар ҳолатҳо бихӯрад, мекушад. Аз ин агар заҳролуд гарданд, илоҷпазир нест Ҳатто инро дар даҳан нигоҳ дошта, оби онро фурӯ бурдан ҳам заҳри қотил аст. Инро сойида, бо оби судоб даромехта, дар бинӣ би- резанд, иллати саръ (припадка)-ро шифо мебахшад. Агар инро бо мушки суда даромехта, се рӯз пайдар- ҳам бо воситаи найча ба даруни бинӣ пуф кунанд, низ ҳамин гуна таъсир дорад. Сойидаи инро чун сурма ба чашм кашанд, чашмро пурқувват мегардонад, гули ба ин узв афтодаро дафъ мекунад. Яке аз хислатҳои аҷоиби даҳанифаранг чунин аст, ки чун инро ос карда ба чашми ҳайвонот бикашанд, пешоби бандшудаи ононро мекушояд. Инро бо сирко сиришта бимоланд,

шукуфаи пӯст, ширинчаи савдовӣ дар сар ва дар узвҳои дигар бударо шифо мебахшад доғи сафеди пӯст, пес ва азияти каждумгазидаро дафъ мекунад. 315. Зар Инро тилло ҳам мениманд, ки номи дуввумаш аз за- бони ҳиндӣ ба тоҷикӣ гузаштааст. Зарро дар намуди холис дарёфт мекунанд, аз рег- ҳои дарёҳо ҷудо карда мегиранд ва инчунин аз тар- киби сангҳо ҷудо карда ҳосил менамоянд Мизоҷаш мӯътадил аст, каме моил ба гармӣ ва ан- дак рутубати табиӣ дорад. Хислатҳои шифобахши он: агар инро бихӯранд, мод- даҳои ғафси дар бадан бударо рақиқ мегардонад, дил ва майнаро қувват мебахшад; ҳарорати табиии баданро, яъне гармии модарзодиро устувор медорад; фикрро қа- вӣ ва фаросат (фаҳм)-ро тез мекунад; барои бемори- ҳои дил, майна, ҷигар, меъда, заҳра, сипурз, гурда, хичак, бачадон, боҳ, бемориҳои сафровӣ ва савдовии монанди: дилтапак (дилбозӣ), васвос, тарсончакӣ, ваҳ- мак, ғам, ҳузн, девонагӣ, саръ, чарх задани сар, сустии меъда ва ҷигар, зардпарвин, бавосирҳои гуногун, сус- тии гурда давои хуб мебошад, баданро фарбеҳ месозад ва барои иллати махав доруст. 705 Зари холисро бо марворид дар оби турунҷ ҳал кар- да бихӯранд, барои бемориҳои дар боло зикрёфта даво мешавад, инчунин рафтани дарун, исҳоли хунин ва махавро дафъ мекунад. Тиллоро бо навшодир ҳал карда бихӯранд, заҳрро аз бадан хориҷ мегардонад ва қуввати боқимондаи он- ро дар бадан мешиканад. Аз тилло мили сурма бисозанд, чашмро қавӣ ме- гардонад, дарди чашмро манъ мекунад. Агар ин милро ба чашм кашанд, ғафсӣ ва дағалии пилкҳои чашмро ислоҳ мекунад, гул ва пардаи ба чашм афтодаро дафъ мекунад, кабудии зери чашмро мебардорад. Дар сӯро- хии (раги) чашм, ки аз он об ва хирм муттасил баро- мада меистанд, тиллоро пур намоянд он иллатро дафъ мекунад. Зарро бимоланд, дарди дандонро таскин медиҳад. Онро дар даҳан нигоҳ доранд, бӯйи бади даҳанро дафъ мекунад. Ордаки онро бипошанд, решҳои хӯрандаро сиҳат мебахшад. Оберо, ки муттасил тиллои тафсонро дар он сард карда бошанд, бинӯшанд, ҳарорати модарзоди бадан, дил ва меъдаро қавӣ мегардонад, исҳолро манъ ме- кунад. Ҳалли тиллоро бимоланд, фолиҷро шифо мебахшад, варамҳоро таҳлил медиҳад, ба ҷоҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад, иркуннасо (ради- кулит)-ро ба ибро меоварад, доғҳои сафеди пӯст ва песро дафъ мекунад. Аз зар ангуштар сохта, дар ангушт бидоранд, мил- каки нохунро шифо мебахшад, саръ (припадка)-и тиф- лон ва дардҳои гуногуни буғумҳоро дафъ мекунад. Зари холисро ба гардани тифлон овезанд, дар вақ- ти хоб тарсидани онҳоро дафъ мекунад ва умуман тар- сончакии онҳоро ба ибро меоварад. Вале Ҳаким Яшо- вус ин хосиятро ба донаи санги он, ки ба қадри тухми хардал (горчица) бағоят сахт буда, дар кони тилло мешавад, мансуб донистааст ва ба зери холис. Доштани тилло ва нигоҳ кардан бар он сурур ме- бахшад, андӯҳро дур мекунад, дилро

қувват медиҳад, хандон мегардонад. Чун гӯшро бо сӯзани тилло сӯрох кунанд, ҳеҷ вақт он сӯрохӣ баста намегардад. Ба қавле зарро хӯрдан ба хичак ва узвҳои пешоб зарар дорад, агар ин тавр асар кунад, барои ислоҳи 706 зиёнаш асал, мушк, кастона ва самари мӯрд бояд би- хӯранд. Вале аксари ҳакимонро эътиқод он аст, ки ас- ло зарар надорад. Чун тиллоро маҳин ос намоянд, то дар дохили он чизи дигар, хусусан давои заҳрнок мавҷуд набошад, баъд бихӯранд, боиси ҳифзи сиҳат ва дароз шудани умр мегардад, ҳамаи бемориҳои савдовиро дафъ месо- зад— дар ин амал ҳеҷ чиз ба ин баробар гашта наме- тавонад. Миқдори як бор хӯрдан аз тилло дар як рӯз аз 0,19 то 0,38 ва ҳатто то 0,5 грамм равост. Чун тифлонро дар зарфи тилло шир, таом, шароб ва дору бидиҳанд, зуд забонашон баромада ба сухан меоянд, фарбеҳ, пурдил ва далер мегарданд ва аз саръи тифлона эмин мешаванд. Агар зангӯлачаи зарин ба пойи боз ё ба гарданаш биёвезанд, он боз дар шикор далер ва гиро мегардад. Тиллоро ба шакли ҳалила сохта, дар вақти хоб ва бедори беморони тарсончакии кӯҳнадошта, хаёлотгӯйи савдовӣ дар даҳан нигоҳ доранд, аз ин иллатҳо халос меёбанд. 316. Қалъаӣ Ин фулузи маълум аст, рангаш сафед, аз оҳан нармтар ва аз сурб сахттар аст. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум сард, хушккунанда бо ҷавҳари тар аст. Хислатҳои шифобахши он: инро ба дарун истеъмол кардан ҷоиз нест, зеро кушанда мебошад. Агар қалъаиро чун сурма ба чашм кашанд, сурхии чашм, обравӣ ва дағалии пилкҳои онро дафъ меку- над. Агар инро бо оби кашнизи тар, оби барги коснии тар, оби барги зуф, оби ғӯраи ангур, оби сагангур ва монанди инҳо, ки сардмизоҷ бошанд, ҳар як батанҳоӣ ё бо ҳамаи инҳо сойида бимоланд, ё бо равғани гулисурх сойида бимоланд, барои банд кардани назла, ба сарато- ни решгашта, варами мақъад, қӯтур, бавосир, ҷароҳат- ҳои пистон, бачадон, закар, сурхбод ва варамҳои гарм- ро шифо мебахшад. Агар инро бо шароб сойида бимо- ланд, барои дарди асаб ва варамҳои мураккаб дору мешавад. Агар сафҳаи, яъне варақи онро ба ханозер, асабҳои шахшуда ва печидани онҳо бибанданд, шифо 707 мебахшад ва агар бар камар бибанданд, шаҳвати ҷи- моъро сокин мекунад, агар ҳаминаш матлуб бошад. Қалъаиро бо равған чарб карда бигузоранд, то ран- ги он ба равған гузарад, ин равғани ранггирифтаро ба ҳар оҳан, ки бимоланд, ҳаргиз дигар рангро намека- над. Агар аз ин ангуштар сохта, ба ангушт гузоранд, ба- данро лоғар мегардонад. Агар қалъаиро ба дарахти самарнок биёвезанд, меваашро аз рехтан нигоҳ медо- рад. Аз қалъаӣ мил сохта, дар гӯши касе, ки симоб рех- та бошанд, бигузоранд симобро ба худ часпонида бе- рун меоварад. 317. Сурб Инро дар як қатор маҳалҳо тоҷикон аз ӯзбекӣ ги- рифта қӯрғошим ҳам мегӯянд. Сурб фулузи нарми зудгудоз аст, рангаш ба сиёҳи хокистарӣ моил мебо- шад. Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум сард ва тар аст. Хислатҳои

шифобахши он: агар инро бо равғани гу- лисурх ё бо оби барги коснии тар, ё оби барги зуф, ё оби барги тугмачагул, ё оби сагангур, ё оби ғӯраи ан- гур ва ё бо оби кашнизи тар сойида, батакрор ба сара- тони решгашта бимоланд, шифо мебахшад; ба варам- ҳо бимоланд, онҳоро таҳлил медиҳад, ба захм ва дардҳои пайвандҳо бимоланд, шифо мебахшад. Сурбро ба кафи даст молида, кафро сиёҳ гардони- да, сиёҳии онро бо обҳои гиёҳҳои номбаршуда бишӯянду он оби шустаро ба чашм бимоланд, дарди чашм, сӯзиш ва қӯтури чашмро дарҳол сокин мекунад. Чун сурбро бишӯянд ба ҳадде, ки сиёҳии он аз рӯ- яш зидуда гардад, баъд онро ба чашм кашанд, реши бадфиол ва раддии чашмро дафъ мекунад. Агар онро сойида бипошанд, ҷароҳатҳоро ба ҳам оварда сиҳат ме- бахшад, хуни равонро манъ мекунад; ба қӯтур ва пу- чакҳо бимоланд, низ фоида дорад. 31 грамми онро бар миён бибанданд, иҳтиломро, яъне ҳангоми хоб шайтонӣ шуданро манъ мекунад. Агар сафҳаи (варақи) онро ба ғуддаҳо, ханозер гу- зошта банданд, онҳоро таҳлил медиҳад, асабҳои печ- хӯрдаро рост мегардонад, варамҳоро пас мегардонад. 708 Чун ҷавони сиҳат ва дар камоли қувват 31 грамм ё 52 грамм ва ё 63 грамми онро бар камари худ то 4—5 рӯз бибандад, бинобар шиддати сардии мизоҷ ва хуш- кии мизоҷаш, шаҳвати мардии онро тамоман нест ме- гардонад, яъне аз хислати мардиаш маҳрум мегардо- над. 17,5 грамми онро дар зери болини касе дафн ку- нанд, ки худаш надонад, хобҳои парешон мебинад. 25 грамми онро сафҳа карда, дар кӯзаи обнадида андохта, вақте ки сайёраи Зуҳал дар баландии фалак бошад, дар миёни дарахтон дафн кунанд, дарахтонро аз ҳамаи офатҳо манъ месозад. 318. Хокистар Ин маълум аст, ки ҷисмҳо сӯхта мисли хок мегарданд. Хокистар аз ҳар ҷисме, ки бошад, хосияташ ба он мансуб аст, яъне аз чӯби ток бошад, хокистари ток, аз чӯби тут бошад, хокистари тут ва ғайра меноманд. Беҳтарини хокистарҳо аз чӯби дарахти солхӯрда ҳо- силгаштаи он аст. Мизоҷаш хушки моил ба ҳарорат. Мизоҷи хокиста- ри ҳар ҷисм ба асл-— худи он вобаста аст. Хислатҳои шифобахши он: хокистарро бо сирко ха- мир сохта гузошта банданд, байзаро, ки дарди тамоми сар ва муттасилгиранда ва дарди нимсарро шифо ме- бахшад, варамҳоро таҳлил медиҳад, ҷонварони заҳрнок ва саги девона газида бошанд, дору мешавад. 1,75 грамми онро бо об биёшоманд, захм ва ҷаро- ҳати гурдаро шифо мебахшад, сангҳои гурда ва хичак- ро майда карда мерезонад. Чун бо натрун (танакори арманӣ, яъне танакори сурх) ва сирко сиришта, ба гӯшти зоиди пӯсти хояҳо гузошта банданд, онро дафъ мекунад; бо равғани зай- тун ё равғани кӯҳна ва асал хамир карда гузошта бан- данд, даридани мушакҳо, суст ва нотавон гаштани пай- вандҳо ва шах шудани асабҳоро ба ибро меоварад. Истеъмоли хокистар ба дарун барои шуш зарар до- рад— дар ин ҳолат катиро бояд хӯрд, ки ислоҳи зарар намояд. Миқдори як бор хӯрдан аз хокистар дар як рӯз го 1,75

грамм аст. 1. Хокистари най. 709 Тариқи тайёр кардани ин хокистар чунин аст: поя ва баргҳои онро қима карда, дар кӯзача, ки аз рӯяш гили бӯта молида бошанд, андохта, дар оташи танӯр гузоранд ва баъд аз як соат бароваранд. Баъди ху- нук шуданаш онро ос карда истеъмол намоянд. Мизоҷи хокистари най дар дараҷаи дуввум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: агар инро биёшоманд, душвории зойиданро осон мекунад. 0,5 грамм хокистари барги найро бо об биёшоманд, гиреҳи талхадонро ме- кушояд. Хӯрдани хокистари най ба шуш зарар дорад—дар ин ҳолат сиканҷабин (сиркоасал) биёшоманд, ислоҳи зарар менамояд. 319. Пар Яъне пари парандаҳост. Хислатҳои шифобахши он: ҳар як навъ парро сӯхта бипошанд, захмҳоро ба ҳам оварда сиҳат мебахшад. Мӯйи бисёр маҳин ва нарми бозро, ки кажак мено- манд, ба ҷойи мӯйи харгӯш метавон истифода кард. Чун бехи парҳои калони парандагонро, ки сафед ва миёнхолӣ аст, сӯхта, дар об шуста, хушк карда, бо во- ситаи найча ба даруни бинӣ пуф кунанд хуни биниро, ки бо ҳеҷ як даво банд нагашта бошад манъ мекунад ва инчунин ба ҳамаи хунравиҳо аз дарун фоидаи бе- мисл дорад. 320. Зоки сафед Ин чизи сафеди монанди намаксанг аст. Зоки са- федро ба забони ӯзбекӣ аччиқтош (яъне санги турш) мегӯянд, дар ҳақиқат таъмаш турш аст ки аз конаш гирифта мешавад. Агар ягон матоъро ранг кардани бо- шанд, аввал дар об ин зокро ҳал карда, он матоъро дар ин маҳлул тар намуда ва хушконида баъд дар оби рангин андозанд, ҳамаи ҷояш баробар ва ҳамвор ранг мегирад. Мизоҷаш дар аввали дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: аз 1,2 то 1,75 грамм зоки сафедро кӯфта, ду баробари ин наботи сафедро кӯфта—ҳар дуро даромехта, каф зада бихӯранд ва аз 710 болояш 400 грамм шири гови навдӯшида ва ҳамин миқ- дор об даромехта, ба дили наҳор бинӯшанд (агар ин миқдор обу ширро ба як дафъа нӯшида натавонанд, дар чанд дафъа биёшоманд), аз чизҳои турш, боднок ва гӯшт парҳез намоянд ва ин амалро то ҳафт рӯз пайдарҳам такрор кунанд, захмҳои гурда, хичак ва сӯрохи закар- ро дафъ мекунад, инчунин бодҳои ин узвҳоро таҳлил медиҳад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда ме- резонад. Чун ду ҳисса зоки сафед ва як ҳисса иқлимиёро бо сирко сойида, дар зарфи сафолин, дар фасли тобистон чил рӯз дар зери саргини асп гӯр кунанд, бағоят тунд ва поккунанда мегардад. Агар инро бимоланд, гули чашмро, ки бисёр ғафс бошад ва нохунаки чашмро дафъ мекунад, гӯшти ҳароми захмҳоро мехӯрад —дар ин қисматҳо давои бемисл аст. Зокро сӯхта, чун сурма ба чашм кашанд, гӯшаҳои чашмро аз хирм пок мекунад; агар инро бо асал си- ришта кашанд, ғафсӣ ва дағалии пилки чашмро ислоҳ менамояд. Агар инро бо воситаи найча ба даруни бинӣ пуф кунанд, хуни биниро манъ месозад. Инро бо оби пиёзи гандано ё бо мумравған хамир сохта, ба тораки сар бардавом бимоланд, хӯраи даруни

даҳанро, ки гӯштҳои ком ва ҷоҳои дигари даруни даҳанро мехӯ- рад, шифо мебахшад. Баъзе табибон инро бо шароб хамир сохта тайёр мекунанд ва молидани ин барои қӯтур давои аҷибест. Зокро ос карда, бо оби кашниз сиришта бимоланд, сурхбод, салъа (жировик), қӯтур ва хоришро даво ме- шавад ва захмҳои тарро карахш мебандонад. Зоки сафедро кӯфта бипошанд, барои решҳои рад- дӣ, хунравӣ аз ҳамаи узвҳо, варами буни дандон ва мушакҳои ҳалқ даво мешавад. Кӯфтаи инро бо оби гандано даромехта, занҳо аз таг бардоранд, рафтани хунро аз бачадон манъ ме- кунад. Зоки сафедро кӯфта, бо асал хамир сохта, фатила- ро ба он олонда, дар гӯш гузоранд, захми даруни гӯш- ро шифо мебахшад ва даруни онро аз риму чирк пок мекунад ва агар дар носурҳо гузоранд, инчунин дар мақъад, ки бавосир дошта бошад, бардоранд, фоида ме- бахшад. Камтареро аз зоки сафед дар оби борон ё оби му- қаттар ҳал карда, дар чашм чаконанд, чашмро пок ва 711 пардаеро, ки чашмро торик мекунад, агар тунук бо- шад, дафъ мекунад, инчунин гули чашмро ҳам дур месозад. 321. Зоки сурх Ин қисмест аз зоки сафед, вале рангаш моил ба сурхӣ мебошад, ковокиҳои бисёр дорад. Абӯалӣ ибни Сино дар «Алқонун»-и худ гуфтааст, ки табибони пеш аз мо гузашта ва табибони даврони мо таҷрибаҳо кардаанд, ки агар 3,5 грамм зоки сурх- ро, ки зоки балхӣ меноманд, бихӯранд, мӯйи сафедро ре- зонида, ба ҷояш мӯйи сиёҳ мерӯёнад. Ин амалро фақат касони қавибадани тармизоҷ бардошт карда метаво- нанд, зеро ин хеле қавӣ мебошад. 322. Зоки зард Зоки зард беҳтарин навъест дар байни зокҳо ва беҳ- тарини зоки зард тиллоранги он аст, ки дурахшанда бошад. Мизоҷаш дар дараҷаи саввум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: инро биёшоманд, ҳамаи навъҳои кирми меъдаро мерезонад, варам ва сахтии сипурзро таҳлил медиҳад. Ҳар як намуди зокро дар сирко ҳал карда, бо он ғарғара намоянд, зулуки дар ҳалқ часпидаро дафъ ме- кунад. Чун ду ҳисса аз зоки зард ва як ҳисса иқлимиё— ҳар дуро бо сирко сойида, дар зарфи сафол мавсими тобистон чил рӯз дар офтоб гузоранд ё дар зимистон ҳамин муддат дар саргини асп гӯр кунанд, бағоят тунд ва поккунанда мегардад. Агар инро ба чашм кашанд, пардаи сафеди ғафси ба чашм афтода ва нохунаки ин узвро дафъ менамояд ва агар ба захмҳо бимоланд, гӯшти ҳароми онҳоро хӯрда нест мекунад. Миқдори як бор хӯрдан аз зоки зард, ки бехатар бошад, то 0,5 грамм аст ва аз ин зиёдаш хатарнок аст. Агар инро зиёд хӯрда бошанд, илоҷаш шири нав- дӯшида хӯрда қай кардан, равғани маска хӯрдан ва ширинӣ истеъмол кардан аст. 712